ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2020. №7

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО
НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2020. №7

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2020. No.7

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2020

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин Исмоилов — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Шамсулло Исмоилович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ
– 2020. – №7. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).© ДМТ, 2020

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	*Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло	*Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучарзода Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2020. – №7. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.
Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**
Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.
Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2020

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Yusufzoda Nosirjon Salimi — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Khorkashev Sakhidod — *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Nazarzoda Saifiddin — *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Ismoilov Shamsullo Ismoilovich — *Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*

Abdullozoda Masrur Akhmad — *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*

Abdusattorov Abdushukur — *Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*

Kucharzoda Alamkhon — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Saidov Khalimdzhon Azizovich — *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*

Mamadnazarov Abdusalom — *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*

Murodov Murod — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*

Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna — *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*

Khodzhaev Davlatbek — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*

Dustov Khamrokhon Dzhumaevich — *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2020. – №7. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2020

УДК:491.0

ПРЕЗИДЕНТ- ҲОМИИ ЗАБОН

Исмоилов Ш.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Истиқлолияти миллию давлатӣ дар Тоҷикистон дар бобати таъмини рушду такомули меъёрҳои солими забон, бахусус забони давлатӣ, имкониятҳои хеле зиёд фароҳам овард, ки ин имкониятҳо бо ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омаданд. Президенти маҳбуби Тоҷикистон забони миллии тоҷик, хосса шохаи меъёрии онро, ки шиносномаи миллати тоҷик дар шинохти тоҷикони ҷаҳон маҳсуб меёбад, ҳамчун воситаи асосии сарҷамъӣ, ҳамоиш, иттиҳоду иттифоқи тамоми мардум ва қавму қабилаҳои тоҷикзабони олам мешиносад ва ба сифати як омили барҷастаю пайвандгари тамаддунҳо ва иброзгари андешаҳои миллӣ эҳтиром мекунад. Ин аст, ки ӯ дар ҳама баромад ва суханроиҳои хеш ба муносибати Рӯзи забон ва дигар ҷамъомадҳои фарҳангӣ ба забони миллии тоҷик ҳамчун нишонаи давлатдорӣ ва ҳастию пойдории миллати тоҷик, ҳамчун як рукни асосию пуриқтидори арзишҳои миллӣ арҷ мегузорад ва ворисони онро ба ҳифозати суннатҳою анъанаҳои таърихӣ ва ривоҷ додани заминаҳои рушди дохилии он аз ҳисоби захираҳои пурмояву пуршумори забони зиндаи халқ дар пояи забони давлатӣ раҳнамун месозад. Ана ҳамин сиёсати оқилонаву дурандешонаи Сарвари давлат буд, ки забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ дар даврони Истиқлол ба таври озод дар умури сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маърифатии мардуми кишвар мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт.

Дар такя бо далелҳои таърих Ҷаноби олӣ борҳо дар ҷаласаҳои ҳукуматӣ, давлатӣ, фарҳангӣ ва дигар ҷамъомадҳои расмию ғайрирасмӣ, суҳбатҳои фардӣ бо аҳли зиё дар мавриди сафарҳои кории худ ба минтақаҳои алоҳидаи кишвар таъкид ба амал меоранд, ки замони истиқлол ин марҳилаи навини рушду нумуи забони давлатии Тоҷикистон аст. Бинобар ин, моро лозим меояд, ки талош варзем, то вай дар тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти мардуми тоҷик, аз ҷумла дар соҳаҳои сиёсату иқтисодиёт, бахши фарҳанг, илму маориф, коргузорию қонунгузорӣ, робитаҳои дипломатӣ, тиҷорат, васоити ахбор ва амсоли инҳо бо ҳама имконоти дохилӣ ва арзишҳои миллие, ки дар ниҳод мепарварад, фаъол буда бошад. Самимият, муҳаббат ва эҳтироми зиёде, ки Президенти муҳтарам ба забони давлатӣ доранд, дар ҳама табрикот, суханрониву баромадҳо, суҳбатҳои оддиву муқаррариашон бахшида ба Рӯзи забон барҷаста эҳсос мешавад, ки ин, албатта, нишоне аз арҷ гузоштани эшон ба ин сармояи пуарзиши меросӣ ва фарҳанги миллати тоҷик - забони модарии тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Таҳти назари Президент қарор доштани раванди таълими забони давлатӣ дар муассисаҳои оливу таҳсилоти ҳамагонӣ, коллеҷу литсейҳо ва бо фармони махсус аз 26 июли соли 2007 Соли забони тоҷикӣ эълон карда шудани соли 2008 аз ҷониби Сарвари давлат далели дигари арҷ гузоштани ӯ ба забони давлатӣ мебошад.

Ҷаноби олӣ хуб медонанд, ки поя ва решаҳои асосии забони давлатӣ аз ҷӯяҳои мусаффову мубаррои забони зиндаи халқ, ки дорои ганҷест шойгон, об мехӯранд. Аз ин рӯ, борҳо аҳли зиё, махсусан олимони риштаи забоншиносиро ботаъкид водор месозанд, ки нисбат ба «тақдир»-и лаҳҷаҳои маҳаллӣ, ки онҳо таҳдоби басо устувору ноҷунбони забони меъёрӣ шинохта мешаванд, бепарвою бетафовут набошанд. Эшон пайваста дастур медиҳанд, ки муҳаққиқон маводи лаҳҷаҳоро бо ҳама ҷузъиёти решашиносию овошиносӣ, калимасозию калимабандӣ гаштаю баргашта ба тадқиқ гиранд ва аз ин ганҷдони пурганҷ «дурдонаҳо»-и умдаву зубда ва мувофиқу меъёрзебро чида-чида ба ихтиёри забони меъёр вогузоранд, то ки ба ин восита ҷойҳои холӣ ва нимхолии луғат ва грамматикаи забони адабӣ пурраву мукаммал ва меъёрҳои он суфтаву рехта гарданд. Ба ин муносибат дар суханронии хеш бахшида ба Рӯзи забон 22 июли соли 2008 чунин гуфта буданд: « Чи тавре ки медонем, лаҳҷаҳо яке аз муҳимтарин манбаъҳои такмили забон буда, адибони гузашта ва муосири мо ҳамеша бо истифода аз захираи ин ганҷина луғату истилоҳоти фаровонеро ба забони меъёр ворид карданд. Аз ин рӯ, забоншиносон ва лаҳҷашиносон бояд ин сарчашмаи бебаҳоро мавриди омӯзишу баррасии ҷиддӣ қарор диҳанд ва забони адабиро аз ҳисоби дурдонаҳои он такмил диҳанд ва ғанӣ гардонанд» [4, с.51].

Президенти кишвар сухани худро доир ба асолат ва аҳаммияти захиравию мондагории лаҳҷаҳои маҳаллӣ ва хусусияти таърихию бунёдӣ доштани онҳо боз ҳам давом дода, дар идомаи суҳбат ин тавр мегӯянд: «Бо итминон метавон гуфт, ки дар лаҳҷаҳо намунаҳои хуби калимаҳои куҳани дорои собиқаи хаттӣ кам нестанд ва онҳоро бо муқоиса ва истифода аз осори тоҷикии дарии даврони Сомониён ва асрҳои баъдӣ бояд дубора ба забони меъёр ворид сохт, то забон аз ҳар нигоҳ бо асолати таърихии хеш

иртибот пайдо намояд» [4, с.52]. Воқеан, андешае, ки Ҷаноби олӣ зимни баррасӣ, диду боздид ва натиҷагирӣ аз маводи ғаноманду арзишманди лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба миён мегузоранд, вусъатбахши нуқтаи назари устоди хирадманд С.Айнӣ оид ба арзишҳои волои миллию маънавии гӯйишҳои тоҷикист. С.Айнӣ менависад: «Дар забонҳои маҳаллӣ (лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар назар аст - Ш.И.) баъзе калимаҳое ҳастанд, ки классиконаанд, бо вуҷуди дар як маҳал зинда будани он гуна калимаҳо онҳо ба дараҷае классиконаанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимаи мурда» мепиндоранд ва ба архаизм медароранд. Чунончи, «гусел» дар Ленинобод дар байни авоми бесавод кор фармуда мешавад. Аммо бухороиён дар ҷойи ин калима «узод»-ро кор мефармоянд. Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст» [1, с.235].

Пешвои миллат мавқеи меҳварӣ доштани лаҳҷаҳои маҳаллиро дар тараққиёту такомулоти забони порсии дарӣ дар асрҳои VIII-IX ёдрас намуда, қайд мекунанд, ки «Маҳз дар оғози давраи ташаккули забони дарӣ дар минтақаи таърихии Хуросону Мовароуннаҳр ҳамин забонҳо ва лаҳҷаҳои шарқии эронӣ нақши муҳим ва муассир бозидаанд. Аз ин рӯ, асолати маҳаллии гуфтори тоҷикиро, ки таърихан дар ҳамин минтақа шакл гирифтааст, ҳифз бояд кард» [4, с.52]. Чунон ки маълум мешавад, Президенти муҳтарам ҳифзи асолати маҳаллии нутқи тоҷикиро дар омӯзишу истифодаи маводи таърихии лаҳҷаҳои ҳавзаи Мовароуннаҳру Хуросон мебинанд, ки ин, дар ҳақиқат, дуруст аст. Зеро хамирмояи забони порсӣ, ё порсии дарӣ дар асрҳои VIII-IX маҳз аз орду оби лаҳҷаҳои ҳамин ҳавзаҳои ҷуғрофӣ сиришта шуда буд. Аз ин рӯ, ӯ тарафдори он аст, ки бо вуҷуди ҳама гуна бархӯрдҳои забонию фарҳангӣ ва радду бадали вожаҳо миёни забони тоҷикӣ бо дигар забонҳои хешу бегона бояд хусусиятҳои миллии забони тоҷикӣ дар талаффуз, луғат, калимасозию калимабандӣ, оҳангнокӣ, ҷумлаороию суханпардозии суннатию таърихияш нигоҳ дошта шавад. Чунки ин забон бо ҳама лаҳҷаҳои хурду бузурги худ дар вақташ бо тамоми дороӣ, ғановат, асолат ва ҳувияти миллию маърифатие, ки дошт, дар як ареали ниҳоят васеи ҷуғрофӣ - аз соҳилҳои баҳри Миёназамин то доманакӯҳҳои Ҳимолой, гузашта аз он, аз ҳавзаи Дунай то қаламрави таърихии Ҳинд ба ҳайси забони байналмилалӣ барои халқу халқият ва қавму қабилаҳои гуногун ҳамчун забони корӣ - ҳуҷҷатнигорӣ, воситаи муоширату мубориза ва таълифи асарҳои илмию бадеӣ хизмат кардааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паёми табрикотии худ ба муносибати Рӯзи забон 21-уми июли соли 2009 оид ба тавсеаи мақомот ва такомулоти забони давлатӣ, мавҷуд будани тамоми имконоти моддӣ ва ҳуқуқии он дар ҷумҳурӣ арзи ақида намуда, ҳамзамон роҳбарони сохторҳои масъули татбиқи Қонуни забон ва аҳли зиёи кишварро вазифадор сохтанд, ки «… бо истифода аз осори гаронбаҳои гузаштагон ва забони зиндаи халқ (шеваю лаҳҷаҳо - Ш.И.) ба забони миллӣ неруву тавони тоза бахшида, беҳтарин намунаи забони адабиро дар хизмати ҷомеаи имрӯза ва наслҳои оянда қарор диҳанд» [4, с.59-60]. Чи тавре ки мебинем, дар ҳама баромадҳои худ Президенти Тоҷикистон таҳким ва рушду нумуи меъёрҳои забони адабии тоҷикро дар омӯхтани осори гаронбаҳои классикони адабиёт ва дар иртибот ба ин хуб омӯхтану донистани имкониятҳои луғавию дастурии лаҳҷаҳои маҳаллӣ (забони зиндаи халқ), истифодаи огоҳонаву оқилона аз захираи пурмаводи онҳо мебинад, ки ин диди ӯ, дар ҳақиқат, дорои ҷанбаи ҳам назарӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Воқеан, лаҳҷаҳо, ки умри ниҳоят тӯлонӣ дошта, аз қаъри асрҳо ибтидо мегиранд ва дар ҳама давру замон манбаи ғизобахши забони адабии хаттӣ ҳисоб меёбанд, ба қавли устод С.Айнӣ «анбори холинашавандаи моли хом»-ро мемонанд, ки аз он анбор гулчин намудани дурдонаҳои пурдурахш ва аз нав ба меъёр даровардани онҳо вазифаи олимони лаҳҷашинос ва аҳли қалам мебошад. Ба ин маънӣ устод С.Айнӣ мегӯянд: «Дар забони зиндаи халқи тоҷик чунин хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошанд. Вазифаи мо нависандагон ана ҳамон дурдонаҳоро ёфта, ба омма туҳфа кардан аст…» [1, с.237]. Ҷаноби олӣ дорои ҳамин гуна иқтидор ва тавонмандӣ будани лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, дар баъзе маврид чун забони мустақил соҳиби имконоти васеи луғавию дастурӣ ва хат будани онҳоро таъкид карда, дар суханронии хеш бахшида ба Рӯзи забон 5 октябри соли 2010 чунин нигоштаанд: «Ҳатто куҳантарин тарҷумаи «Қуръон», ки дастнависи он бо номи «Қуръони Қудс» маъруф аст, дар асри ҳашт бо яке аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ навишта шудааст» [4, с.68].

Мусаллам аст, ки забонҳои дорои меъёр дар ареалҳои хурду бузурги ҷуғрофӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ дар такя ба пояҳои устувори лаҳҷаҳои сернуфус ва бонуфузи маҳаллӣ - лаҳҷаҳое, ки, дар ҳақиқат, метавонанд муттако бошанд, эҳтиёҷоти фарҳангиву маърифатӣ ва иҷтимоиву сиёсии мардуми марзҳои нисбатан хурду бузурги ҷуғрофиро таъмин месозанд, ба зуҳур меоянд. Аз ҷумла забони муосири тоҷик, ки ибтидои ташаккул ва рушди босуръати он ба давраи ҳукуматдории Сомониҳо, балки пештар аз он, рост меояд, аз як тараф, аз забони мурдаистодаи паҳлавӣ сарчашма гирифта бошад, аз дигар тараф, аз лаҳҷаҳои маҳаллии ҳамон давр, ки дар ду соҳили рӯди Омӯ - дар сарзамини

Хуросону Мовароуннаҳр ба гунаи ҷазира ва нимҷазира паҳн гашта, баъдтар бо тақозои замон дар атрофи маркази давлати Сомониҳо - шаҳри Бухоро тамаркуз ёфта буданд, маншаъ гирифтааст. Ҳамин ҳодисаро Сарвари давлат бо мизони хирад дақиқу амиқ баркашидаву санҷида, зимнан менависанд, ки «Баъд аз густариши дини мубини ислом дар манотиқи Хуросону Мовароуннаҳр забони тоҷикӣ бар пояи забони паҳлавӣ ва забонҳову лаҳҷаҳои дигари маҳаллии ин сарзамин шакл гирифта, дар аҳди Сомониён ба мақоми забони расмии давлатдории тоҷикон расидааст» [4, с.68]. Метавон қайд кард, ки забони тоҷикӣ, ё худ порсии дарӣ бо шеваю лаҳҷаҳои худ ҳанӯз дар асрҳои VI-VII, аллакай, дар роҳи рушд қарор гирифта, имконияти ташаккулу таҳаввул пайдо карда буд, аммо ҳуҷумҳои пай дар пайи лашкари беҳисоби араб ба сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр, хунхориву манфиатҷӯии ғосибон дар ин ҳавзаи таърихӣ-ҷуғрофӣ буҳрони сиёсиро ба миён оварда, ки ин забон якбора ба сангарҳову садамаҳои ниҳоят сангин мувоҷеҳ гардид. Бо вуҷуди ин, дар набардҳои сиёсӣ ва муборизаҳои шадид бо забони абарқудрати арабӣ, забони тоҷикӣ бо ҳама шохаҳои хурду бузурги лаҳҷавии худ тавонист, ки бо ин забон на танҳо муқовимату истодагарӣ кунад, балки имконе муҳайё созад, ки захираи луғат ва сохтори грамматикиашро аз ҳисоби вожаҳою истилоҳоти он ҳар чӣ бештар такмил бубахшад. Ҳамин лаҳзаҳои пурэҳсоси таърихиро ҷаноби Президент бисёр босароҳат ба риштаи тасвир кашидаанд: «Дар замони истилои араб тозиён басо кӯшиданд, ки забони дариро аз байн бубаранд. Ғосибони араб ба ин хотир матнҳои авестоӣ ва маъбадҳоро несту нобуд ва забони паҳлавиро буғӣ карданд. Онҳо хона ба хона, деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр гашта, тоҷикони бомаърифатро сар буриданд ва бо зарби шамшер кеши моро саркӯб карда, оини худро ҷорӣ намуданд. Осори хатти сосонӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, дарӣ ва суғдиро оташ зада, хирадмандони тоҷикро қатли ом ва овораву саргардони мулкҳои бегона карданд. Умуман, аз беху бун нест кардани фарҳанги як миллат, бахусус забони вай, хосси ҷаҳолати истилогарон аст. Аҷнабиёни истлогар маҳз ба ҳамин восита ба мақсадҳои дуни худ расида метавонанд. Зеро забон барҷастатарин ва гӯётарин поя, шиноснома ва нишони бақои ҳар як халқу миллат аст» [3, с.5].

Бояд гуфт, ки, дар ҳақиқат, иқтидори захиравии лаҳҷаҳои тоҷикӣ хеле зиёд аст, ки инро Ҷаноби олӣ гаштаю баргашта таъкид мекунанд ва ҳам маслиҳат медиҳанд, ки аз ин хазинаи дарбаста муҳаққиқон мебояд вожаҳои меъёрзеби тоҷикиро гулчин намуда, ба фонди фаъоли забони меъёрӣ ворид созанд. Воқеан, лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар ҳама давру замон забони адабиро поя мегузоранд, вале иртиботи худро аз он ҳеҷ гоҳ намекананд ва, то вақте ки ҳастии худро дар арсаи фарҳанги миллии соҳибони хеш нигоҳ дошта метавонанд, ба забони адабӣ мавод медиҳанд. Ин раванди бардавом миёни забони адабӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ асрҳо боз идома дорад. Дар ҳақиқат, ин суннати воқеию таърихиест, ки миёни дигар забонҳову лаҳҷаҳои олам низ пайваста давом мекунад. Аммо паҳлуи дигари масъаларо мебояд ба ҳисоб гирифт, ки муносибат ва додугирифти забони адабию лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар ин самт яктарафа давом намеёбад, балки тарафайн сурат мегирад. Ин чунин маънӣ дорад, ки дар мавридҳои муайян забони адабӣ низ маводи ба худаш нолозим ва ё зиёдатиро ҷудо карда, як-як ба фонди захиравии лаҳҷаҳо ҳавола месозад. Дар ин бобат Президент мегӯянд: «Дар ташаккули забони тоҷикии муосир аз захира ва сарвати забонамон, ки дар асоси мероси гузаштагон, бахусус осори аҳди сомониён, дарҷ гардидаанд, бояд бештару хубтар истифода кард. Чунки дар ин давраи ташаккули забон унсурҳои забонҳои маҳаллии мардуми Суғду Бохтар ва дар маҷмӯъ, дигар минтақаҳои таърихии тоҷикон нақши асосӣ доранд. Ин унсурҳои забонӣ имрӯз низ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳамчун сарвати нодири забон зинда буда, ҳар кадоми онҳо ҳаққи дубора ба забони адабӣ ворид шуданро доранд» [4, с.73].

Аҳли қалам, мутахассисони соҳаи илм ва мураттибони фарҳангҳои гуногун аз ганҷдони пурганҷи лаҳҷаҳо, ки ин ганҷдон, ба таъбири устод С.Айнӣ «холинашаванда» аст, пайваста истифода ба амал меоранд. Ин амал, албатта, ба хотири рушд додану мукаммал сохтани меъёрҳои солими забони адабист, ки дар вақташ С.Айнӣ ба ин дастур дода буд. Вале дар ин бобат, ба назари мо, як навъ тааммул мебояд, зеро на ҳама унсурҳои лаҳҷавӣ сазовори пазириш ва шоистаи қабул буда метавонанд. Зеро танҳо вожаҳо ва таркибу ибораҳоеро метавон пазируфт, ки аз нигоҳи маънӣ, услуб, образнокӣ ва обуранги бадеӣ меъёрбоб буда бошанд, дар забони адабӣ синоним надошта бошанд, ё дошта бошанд ҳам, бо онҳо ҳамсангӣ карда тавонанд, ё аз онҳо боло истанд. Ана ҳамин масъала дар маърази таваҷҷуҳи Ҷаноби олӣ қарор гирифт. Ин буд, ки дар суханронии худ дар маҷлиси ботантана ба ифтихори ёздаҳумин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳаштуми сентябри соли 2002 гуфта буданд: «Дуруст аст, ки устод Айнӣ лаҳҷаю шеваҳои гуногунро як манбаи ғанӣ гардидани забони адабӣ шуморидааст. Ва мо бояд аз лаҳҷаҳо дурдонаҳо пайдо кунем ва дастраси умум гардонем. Вале ин ҳаргиз маънии поймол кардани меъёрҳои забони адабиро, ки дар давоми садсолаҳо ташаккул ёфта, сайқал хӯрдаанд ва бори адабиёти ҳазорсолаи классикии моро кашидаанд, надорад» [4, с.94].

Имрӯзҳо як масъалаи хеле муҳимме, ки аҳли илм сари он дар андеша қарор доранд, пайдо намудан ва ё ҳеҷ набошад, сохтани истилоҳоти фаъол ва ба ин восита ривоҷ бахшидани услуби илмии забони адабии тоҷик мебошад. Дар ҳақиқат, истилоҳоти умумибашарӣ дар риштаи илм аз унсурҳои хеле муҳим ва зарур ҳисоб меёбанд, аммо дар баробари ин, дар мавриде ки забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ меистад, месазад, ки теъдод ва нуфузи истилоҳоти худӣ дар таркиби он бештар буда бошад. Мо бояд дар ҳама соҳаҳои илм, қатъи назар аз бахши тадқиқ, истилоҳоти худиву худсохти тоҷикӣ дошта бошем, ки ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои фонетикӣ, калимасозӣ ва грамматикии худи забонамон сохтаву рехта шуда бошанд. Дар вақташ устод А. Деҳотӣ мақолае навишта буд бо номи «Дар хусуси имло, истилоҳ ва забони китобии тоҷикӣ», ки дар он омадааст: «…дар илмҳои табиӣ (монанди ҳайвонот ва наботот) ва ҳамчунин дар хоҷагӣ, дар луғат ва кор ном ва истилоҳоте ҳастанд, ки ҳанӯз ба забони тоҷикӣ (забони адабӣ дар назар аст - Ш.И.) надаромада бошанд ҳам, дар забони зиндаи халқ мавҷуд мебошанд. Инҳоро ба зудӣ ғун дошта, ба майдон бароварда, аз ҳозир сар карда, ба қадри имкон ва зарурат дар истилоҳоти илмӣ ва адабӣ кор фармудан лозим аст» [2, с.321]. А. Деҳотӣ ба ин масъала бо як назари хеле ҷиддӣ ва масъулияти том муносибат карда, зимни интихоби истилоҳот, дуруст ёфтану тибқи қоида ба истифода додани онҳо ҳамеша ба забони зиндаи халқ такя мекард ва кӯшиш менамуд, ки тозагӣ, равонӣ ва сохтори грамматикии истилоҳот дар чорчӯбаи меъёрҳои солими забони адабии тоҷик сурат гирад. Дар ин бобат чунин менависад: «Ба фикри ман, «истилоҳотро аз забони халқ гирем»- гуфтан дуруст нест, чаро ки мувофиқи гуфтугӯи халқ **аэроплан**ро- **айропилон**, **болшевик**ро -**балшивек** бояд нависем. Дар ин сурат истилоҳот хунук менамояд. Бояд мо ин гуна истилоҳоти сиёсӣ ва асбобҳои техникавиро аз забони аврупоиён гирем. Масалан, онҳо **кооператив, комсомол**, **трамвай** мегӯянд. Вале луғат ва истилоҳоти дигарро аз забони кӯҳистониён (лаҳҷаҳои тоҷикони кӯҳистон - Ш.И.) гирем, хубтар мешавад. Чунончи, мо **кафш**ро-**кауш, масхи**ро- **маҳсӣ**, **чироғ**ро- **чароғ** мегӯем, ки тамоман нодуруст аст. Аммо онҳо ҳамоно ҳолати аслии калимаҳо (кафш, масхӣ, чироғ)-ро кор мефармоянд» [2, с.315]. Ин мавзӯъ, ки дар забоншиносии тоҷик то ҳол ҳалли пурраю ҳамаҷонибаи худро наёфтааст, аз назари дурбин ва тафаккури дурандешу пешбари Президенти муҳтарами кишвар берун намондааст. Ин аст, ки ӯ дар баромади навбатии худ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ 4 октябри соли 2019 оид ба истилоҳот, махсусан танзиму ҳамгунсозии истилоҳоти миллӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни илм ва ба ин восита ба вуҷуд овардану аз ҳар ҷиҳат пурқувват намудани забони илм, ба табиати забони тоҷикӣ ва рӯҳи азалии он мувофиқ сохтани истилоҳоти иқтибосӣ ва ғайра ибрози назар намуда, дар поёнтари суханронии хеш, ки он дар шакли мақолаи алоҳида таҳти унвони «Забони тоҷикӣ меросбари забонҳои бостонии ориёист» дар рӯзномаи «Садои мардум» аз чоп баромад, афзудаанд, ки «Дар раванди таҳияи дастурҳои истилоҳсозӣ ба лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ, ки ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд, бояд таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад» [5, с.2]. Ин таъкиди Ҷаноби олӣ, ки онро дар мавриди тадқиқи лаҳҷаҳо метавон як навъ дастури раҳнамо қабул кард, аз он дарак медиҳад, ки эшон ғамхорона ва бурдборона чунин як кори азимеро дар риштаи баҳси забоншиносӣ анҷом дода истодаанд, ки онро дар вақташ устод С.Айнӣ, А.Деҳотӣ ва ба инҳо монад боз дигар абармардони майдони илми поядори тоҷик натавонистанд муваффақона анҷом бубахшанд. Пешвои миллат дар ин бобат андешаи худро бо назардошти ғановат, пурборӣ ва тавонмандии захираи лаҳҷаҳои маҳаллӣ боз ҳам идома дода, поёнтари мақола менависанд, ки «Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон ҳазор калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмоли умум берун мондаанд» [5, с.2]. Дар ҳақиқат, аз фонди захиравии лаҳҷаҳои тоҷикӣ, ки ин фонд дар муддати ҳазорҳо сол пур шуда, суфтаю рехта ва серсоҳа гардидааст, калима ва таркибу ибораҳоеро метавон пайдо кард, ки дорои имконияти васеъ ва хусусиятҳои хос буда, вазифаҳои мушаххаси лексикӣ ва грамматикию услубиро ба ҷо меоранд. Ана ҳамин дороии фаровон ва имкониятҳои захиравии шеваю лаҳҷаҳои забонамонро, ки дар ҳавзаҳои Омӯю Сир, Вахшу Зарафшон, Хингобу Сурхоб, Ёхсую Кофарниҳон, Сурхандарёю Қашқадарё, Фарғона ва шохобҳои хурду калони онҳо густариш ёфтаанд ва бунсолаву решадор ҳисоб меёбанд, ба инобат гирифта, муҳаққиқони бахши забоншиносӣ ва фолклоршиносиро ботаъкид водор месозанд, ки ҳар чӣ метавонанд бештару беҳтар ба гирд овардани маводи гаронбаҳо ва шоистаю лоиқи лаҳҷаҳои маҳаллӣ пардозанд ва аз он ҷо вожаҳои умдаю зубда ва полудаю истилоҳбобро чида-чида, аз ғалбери тафаккур гузаронида ба меъёр дароранд: «Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни тадқиқоту ҷустучӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷик ворид намоянд» [5, с.2].

Ба ин тариқ, чунон ки равшан мегардад, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи рушд ва танзими меъёрҳои солими забони адабии муосири тоҷик, ки ҳоло мақоми шоистаи давлатӣ дорад,

ғамхорона муносибат намуда, лаҳҷаҳои маҳаллии забони тоҷикиро, ки на танҳо дар марзи имрӯзаи Тоҷикистон, балки дар ҳавзаҳои таърихии зисти қавму қабилаҳои мардуми тоҷик берун аз ҷумҳурӣ интишор доранд, дар ин бобат аз манбаъҳои муттако медонанд. Ҳарчанд ки ҳастанд баъзе ашхоси ноогоҳ ва бехабар аз асолату пойдории лаҳҷаҳо, ки имконияти захиравии онҳоро дар рушду такомули меъёрҳои солими забони адабии тоҷик, аллакай, анҷомёфта меҳисобанд. Хизмати боз ҳам шоистаю босазои Сарвари давлат аст, ки дар иртибот ба ин сиёсати хирадмандонаи хеш андешаи ҷомеаро оид ба арзишҳои волои забонӣ, иқтидору имконоти воқеии лаҳҷаҳои тоҷикӣ зимни пур намудани ҷойҳои холии луғати забони давлатии Тоҷикистон ва пурқуввату мукаммал сохтани он дар шароити кунунии соҳибистиқлолию давлатдории тоҷикон, на танҳо бедор, балки парвариш кардаву такмил дода истодаанд.

Дар ҳақиқат, лаҳҷаҳои тоҷикӣ пуриқтидоранд. Онҳо дорои таркиби луғавии ниҳоят бой ва системаи овозию сохти устувори грамматикӣ буда, дар ҳавзаҳои алоҳидаи ҷуғрофии на танҳо Тоҷикистон, инчунин дар минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳуриҳои ба мо ҳамсояи Ӯзбекистон, Қирғизистон, Афғонистон, Чин, Қазоқистон ва ғайра, ки тоҷикон аз аҳолии ватандор ва бумию таърихии он ҳавзаҳо мебошанд, паҳну парешон гашта, чун воситаи муошират ва мубодилаи афкор хизмати гурӯҳҳои хурд-хурди аҳолиро ба ҷо меоранд. Президенти муҳтарами Тоҷикистон ҳамин имконияти фаровони онҳоро ба ҳисоб гирифта, аҳли тадқикро водор месозанд, ки аз фонди захиравии лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳар чӣ зудтар калимаю истилоҳоти мувофиқу муносибро гирд оварда, ба ихтиёри забони давлатӣ диҳанд. Ин аз як тараф, омили инкишоф додани фонди меъёрҳои забони адабии тоҷик бошад, аз дигар тараф, як роҳи ҳифозати унсурҳои лаҳҷавии лаҳҷаҳои тоҷикони берун аз марзи Тоҷикистон аст, зеро онҳо ҳоло таҳти фишору тазъиқи бисёр шадиди забонҳои бонуфузи бегона қарор гирифтаанд, ки ин хатари ниҳоят ҷиддиест дар бобати инқироз ёфтану батадриҷ аз байн рафтани онҳо. Ана ҳамин ҷиҳати масъала Ҷаноби олиро ором намегузорад. Аз ин рӯ, пайваста дастур медиҳанд, ки меъёрҳои забони давлатӣ ҳар чӣ бештар аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи захираи эҳтиётии забони адабиёти классикӣ ва забони зиндаи халқ-шохаҳои лаҳҷавии он, ки вожаҳои ноби тоҷикиро хеле зиёд дар худ захира кардаанд, такмил дода шаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб / С.Айнӣ. - Душанбе, 1974. – 238 с.
2. Деҳотӣ, А. Куллиёт. Ҷ.5 / А. Деҳотӣ. - Душанбе, 1966. - 471 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих / Раҳмон, Эмомалӣ. - Душанбе, 1997. - 133 с.
4. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон. - Душанбе, 2011. - 207 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Забони тоҷикӣ меросбари забонҳои бостонии ориёист // Садои мардум. - Душанбе, 5.11.2019. - 4 с.

ПРЕЗИДЕНТ - ҲОМИИ ЗАБОН

Дар ин мақола сухан аз таваҷҷуҳ ва ғамхории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати танзим ва такмил бахшидани таркиби луғавӣ ва боби истилоҳоти забони давлатии Тоҷикистон аз ҳисоби унсурҳои суфтаву корхӯрдаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба миён оварда шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон лаҳҷаҳои маҳаллиро ба сифати як манбаи муттако ва ғаноманди забони давлатӣ мешиносанд. Аз ин рӯ, дар ҳама ҷаласаву ҷамъомадҳои фарҳангӣ, ки бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ ҳамасола баргузор мегарданд ва дар ҳама гуна вохӯриву суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо аҳли зиё, хусусан бо олимону адибон, ходимони давлативу ҳукуматӣ, ровиёни ахбор, рӯзноманигорон, фаъолони бахши маориф таъкид мекунанд, ки рушди забони давлатӣ ва солиму бегазанд нигоҳ доштани меъёрҳои онро ҳамчун масъалаи муҳимми инкишофи фарҳанги миллӣ ҳамеша таҳти назорат қарор диҳанд. Дар иртибот ба ин, Сарвари давлат водор месозанд, ки бояд зиёён кӯшиш намоянд, то ки захираи луғавии забони давлатӣ ва бахши истилоҳоти онро бештар аз ҳисоби унсурҳои сирф тоҷикӣ, бахусус калимаву таркибҳое, ки бо тақозои рӯйдодҳои пурпечу пурошӯби давр аз ҷараёни нутқи ҷории умум берун уфтода, асрҳо боз дар ареалҳои хурд-хурди ҷуғрофӣ, дар фонди луғавии лаҳҷаҳои алоҳида, дар маҳалҳо ва нутқи ашхоси ҷудогона ҷо-ҷо маҳфуз мондаанд, мукаммал созанд.

Калидвожаҳо: Президент, Пешво, Асосгузор, сулҳ, ваҳдат, Рӯзи забон, лаҳҷа, шева, диалект, луғат, грамматика, воҳиди нутқ, истилоҳ, ганҷина, пурфайз, бостон, забони зинда, меъёр, осори адибон, фарҳанг, маърифат, сайқал, рушд, сосонӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, паҳлавӣ, дарӣ, форсӣ, тоҷикӣ.

ПРЕЗИДЕНТ-ЗАЩИТНИК ЯЗЫКА

В данной статье речь идёт о заслугах Основателя мира и согласия таджиков, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в обеспечении развития лексики и терминологического пласта словарного состава государственного языка Таджикистана на базе пригодного, работоспособного материала местных говоров. Автор отмечает, что Президент Таджикистана Эмомали Рахмон считает местные говоры одним из богатейших источников обогащения государственного языка. И поэтому на всех мероприятиях и культурных собраниях, посвященных Дню государственного языка, а также на всех встречах с учеными, поэтами, писателями, журналистами, работниками просвещении он предупреждает, что развитие государственного языка и оберегание его нормы, как одна из основных проблем развития национальной культуры, должно быть постоянно в центре их внимания и наблюдения. Глава государства обязывает интеллигенцию Республики Таджикистан собирать те лучшие и пригодные диалектные слова, которые в течение многих веков использовались в творчестве

классических литераторов в качестве нормы литературного языка, но постепенно потеряли свое общеупотребительное значение и в настоящее время как лексические диалектизмы встречаются только в речи местных жителей малых и узких географических ареалов. Это даёт возможность обогащения лексико-грамматических норм и терминологического пласта словарного состава современного таджикского литературного языка как государственного языка.

Ключевые слова: Президент, Основатель, Лидер, мир, единство, День языка, говор, наречие, диалект, лексика, грамматика, термин, норма, культура, развития, сокровищница, античный, живой язык, знание, блеск, сасанидский, согдийский, бактрийский, хорезмийский, пехлевийский, дари, персидский, таджикский.

PRESIDENT-DEFENDER OF THE LANGUAGE

This article is about the merit of the Founder of peace and unity of the Tajiks, Leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in ensuring the development of vocabulary and terminological formation of the vocabulary of the state language of Tajikistan based on suitable, workable, polished materials of local dialects. The author notes that the President of Tajikistan Emomali Rahmon reads local dialects as one of the richest sources of enrichment of the state language. And therefore in all events and cultural meetings dedicated to the day of State language, as well as in all meetings with scientists, poets, writers, journalists, employees of enlightment warns, that the development of the state language and to save its norms as one of the main problems of development of national culture must be constantly in the center of their attention and observation. The head of state obliges the intelligentsia of the Republic of Tajikistan to collect those best and suitable dialect words that for many centuries were used in the works of classical writers as the norms of the literary language, but gradually lost their common features and at present as lexical dialectics are found only in the speech of local residents of small and narrow geographical areas. This makes it possible to enrich the lexical and grammatical norms and terminological layer of the vocabulary of the modern Tajik literary language as the state language.

Key words: President, Founder, Leader, peace, unity, language day, dialect, vocabulary, grammar, term, norm, culture, development, Treasury, ancient, living language, knowledge, brilliance, Sasanian, sagdian, Bactrian, Khorezm, Pahlavi, dari, Persian, Tajik.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исмоилов Шамсулло*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улугзода, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва таъмини идоракунии иттилоотӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Телефон: **(+992) 988-98-36-23**

Сведения об авторе: ***Исмоилов Шамсулло*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и обеспечения информационная управления. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Телефон: **(+992) 988-98-36-23**

I**nformation about the author:** ***Ismoilov Shamsullo*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzod, doctor of Philology, Professor of the Department of Tajik language and information management. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6.Tel.: **(+992) 988-98-36-23**

УДК:491.550

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ДАСТУРНАВИСИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Назарзода Сайфиддин
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ

Забони тоҷикӣ ба ҳайси яке аз забонҳои қадимтарини бохати дунё дорои қоидаҳои дастурии устуворе буда, ба ақидаи устод Айнӣ «грамматикаи сахтҷон»-и он аз даврои оғозин то ба имрӯз меъёру қоидаҳои худро дар ҳолати устувор нигоҳ дошта омадааст. Дастур дар забони тоҷикӣ маънои «қоида, қонун, равиш»-ро дошта, аз садаи XIX ба маънои «грамматика» ба кор рафтааст. Аз рӯйи бархе маълумотҳо аввалин шахсе, ки ин вожаро ба маънои маҷмӯи қоидаҳои забон корбаст намудааст, Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ мебошад, ки рисолаи худро дар бораи сохтор ва сохтмони забони форсӣ «Дастури сухан» (1868) номгузорӣ намуд. Дастурнависӣ ҳадафҳои худро дорад. Дастури меъёрӣ дастурест, ки дар он муаллифон зимни пажӯҳиш ва ҷамъоварии маводи забонӣ кӯшиш мекунанд, ки ҳангоми тафсири қоидаҳои дастурии забон оид ба қоидаҳои меъёрӣ ё ғайримеъёрӣ дар асоси намунаҳо аз осори насриву назмӣ масъалагузорӣ намоянд.

Асоси забонии қоидаҳои дастурии забон осори насрӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар намунаҳои назмӣ гоҳ-гоҳ берун баромадан аз қоидаҳои маъмулии забон дида мешавад, ки бар асоси қоидаҳои шеър ё хости худи шоир сурат гирифта, ба меъёри дастурӣ носозгор мебошанд. Ин носозгузорӣ боиси тахаллуф дар меъёрҳои забонӣ шуда барои муайян кардани меъёрҳои мушаххас ва қоидаҳои муайяни дастурӣ мушкилӣ эҷод мекунад.

Муаллифони дастурҳои тавсифӣ дар таҳияи дастур, пеш аз ҳама, ба сабту нишон додани тамоми қоидаҳои забонӣ даст зада, онҳоро ба таври мукаммал дар дастури забон ҷамъоварӣ менамоянд. Онҳо қоидаҳои меъёрии забонро, пеш аз ҳама, ба таври воқеӣ (он чӣ дар забон ҳаст) баррасӣ намуда, қоидаҳоро ба меъёриву ғайримеъёрӣ ва ё пазируфтаниву нопазируфтанӣ ҷудо намекунанд, яъне аз байни ин қоидаҳо ҳаққи интихоб карданро надоранд. Дастури омӯзишӣ ё таълимӣ шакли дастуриест, ки барои омӯзиши забони модарӣ ба хотири афзоиши дониши забонии соҳибзабонон аз забони модарии худ

ё аз худ кардани як забони хориҷӣ таҳия мегардад. Ин гуна дастурҳо метавонанд гуногунҳадаф буда, бахшҳои алоҳидаи дастури як забонро дарбар гирифта, ба таври даврагӣ (синф ба синф, сол ба сол) таҳия шаванд. Онҳо ҳадаф ва мақсадҳои таълимӣ дошта, дар онҳо танҳо қоидаҳои меъёрии пазируфтании забон таълим дода мешаванд. Дар забони мо додани маълумот дар бораи хусусиятҳои сарфиву наҳвии забон аз овардани баъзе қоидаву меъёрҳои дастурӣ дар китобҳои ба фалсафаву арӯзу қофия ва фарҳангнигорӣ бахшидашуда оғоз гардид. Ҳарчанд мавзӯъҳои асосии ин гуна асарҳо масъалаҳои калому арӯз ва тарзи навишт (иншо) буданд, вале дар лобалои онҳо бобҳо ё бахшҳои алоҳидае дар бораи сохтори забон, иштиқоқи вожаҳо, решашиносии онҳо, сабку услуби навишт дида мешуданд. Дар асарҳои Абӯалӣ ибни Сино, Қайси Розӣ, Насируддини Тусӣ ва бисёре аз бузургони илму адаб дар давраи классикии рушди забони мо афкори забоншиносӣ дарҷ гардидааст, ки бархе аз онҳоро метавон ба бахши дастур ё қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ ихтисос дод.

Асарҳои «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва «Меъёр-ул-ашъор»-у «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ ва чанде аз осори бузургони илму адаби мо, ки оид ба хусусиятҳои дастурӣ маълумоти муфиде пешниҳод кардаанд, барои навиштани асарҳои алоҳидае оид ба сохтори забони тоҷикӣ маводи фаровоне додаанд. Як бахши дигар ва асосие, ки минбаъд ҳамчун асос барои дастурнависӣ хидмати босазое кардаанд, фарҳангҳои забони тоҷикӣ ба шакли классикии онҳо мебошанд. Дар пешгуфторҳои фарҳангҳои тафсирие чун «Муаййид-ул-фузало»-и Мавлоно Муҳаммад ибни Шайхи Лоди Деҳлавӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҷамолиддин Ҳусайни Инҷӯи Шерозӣ, «Бурҳони Қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусейни Халафи Табрези оид ба дастури забон, сарф ва иштиқоқпазирии калимаҳо маълумоти фаровон оварда шудаанд. Минбаъд бо рушди ҷомеа ва забон дар даврааҳои гуногуни таърихӣ дастурҳои зиёде пайдо шуданд, ки як бахши нисбатан қадимии онҳо бо суннати дастурнависии арабӣ ва қисмати аз лиҳози таърихиву замонӣ баъдтари онҳо бо анъанаи дастурнависии аврупоӣ навишта шудаанд.

Дар Тоҷикистон навиштани дастурҳои таълимӣ ҳанӯз аз ибтидои садаи бист бо таъсиси муассисаҳои таълимии сифатан нави даврони шӯравӣ оғоз гардид. Ҳарчанд дар охири давраи ҳукмронии амирони Бухоро дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои ҷадид таҳия шуданд, ки хусусиятҳои хосси худро дошта, аз рӯйи барномаҳои муайяни таълимӣ тартиб дода мешуданд. Барномаи таълимие, ки бахши ибтидоии ин мактабҳоро фаро мегирифт, шомили чунин фанҳои таълимӣ буданд. Дар шуъбаи аввал – алифбо, хониш, Ҳафтяк, хат ва имло, азёдкунӣ; дар шуъбаи дуюм – «Ҳафтяк», дарси хониш, асоси эътиқодоти мусулмонӣ, суҳбат; дар шуъбаи сеюм – Каломи шариф, ақоиди Ислом, таърих, ҳисоб, хати имло, азёдкунӣ, суҳбат; дар шуъбаи чорум – Қуръон, таълими русумоти динӣ, таърихи Ислом, забони арабӣ, ҷуғрофиё, ҳисоб, иншо, азёдкунӣ ва суҳбат; дар шуъбаи панҷум – Қуръон, фиқҳ, русумоти динӣ, ҳисоб, ҷуғрофиё, мухтасари табиат, ҳадис, суҳбат [6]. Дар ҳамин давра бо сабки нав дастурҳои таълимии «Роҳбари халқ» (А. Мунзим), «Тартил-ул-Қуръон », «Таҳзиб-ус-сибиён» (С.Айнӣ) пайдо шуданд, ки барои таълим дар мактабҳои усули нав пешбинӣ шуда буданд. Баъд аз барқарор шудани Ҳукумати Шӯравӣ дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистону Узбекистон, нахуст аз ҳама, дастурҳои таълимии забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таълимӣ пайдо шуданд, ки зарурати замони нав буд. Аз ҷумла, «Қоидаҳои забони тоҷикӣ (Сарф ва наҳв)»- и Абдурауфи Фитрати Бухороӣ (1930), Дастури сарфу наҳвии Саидризо Ализода, дастурҳои таълимии дигар, ки солҳои 1927-1939 ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони русӣ чоп шудаанд. Оҳиста-оҳиста бо саъю кӯшиши пажӯҳишгарони забони тоҷикӣ Расторгуева В.С., Сухарева О.А., Соколова В.С., Л.Бузургзода, Ниёзмуҳаммедов Б. дар бахшҳои овошиносӣ ва сарф, наҳви забони тоҷикӣ пажӯҳишҳои илмии замонавӣ пайдо мешаванд. Ҳамин тариқ, пайдо шудани дастурҳои илмии забони тоҷикӣ дар солҳои 1941-1942 («Грамматикаи забони тоҷикӣ» муаллифон Л. Бузургзода ва Б. Ниёзмуҳаммадов, «Фонетикаи забони адабии тоҷик» Л. Бузургзода (1940), «Фонетика таджикского языка» муаллиф Соколова В.С. (1949)) ва як силсила рисолаҳои дигар роҳро барои таҳияи дастури мукаммалтари илмии забони тоҷикӣ ҳамвор сохт. Бояд гуфт, ки дар ибтидои солҳои 50-уми садаи гузашта бо аз чоп баромадани мақолаи устод С. Айнӣ «Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик» (1952) дар партави асари И.В. Сталин «Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ» (1951) ба ислоҳоту гузаронидани таҷрибаҳо дар дастурнависии забони тоҷикӣ хотима дода шуда, тавре устод Айнӣ менависад: «Ин кор дар амал грамматикаи сахтҷонро бо зӯрӣ (бо режими аракчеевӣ) кушта партофта, ба ҷойи он грамматикаи аз ҷумлаи вайрони бегона гирифташударо ба тарзи сунъӣ даровардан буд» [1, с.70]. Устод Айнӣ барои исботи фикру ақидаи хеш аз ин асари И.В. Сталин чунин намуна меорад: «Аммо асосҳои сохти грамматикӣ дар муддати хеле дурудароз дар як ҳол бокӣ мемонанд, чунки онҳо чунон ки таърих нишон медиҳад, метавонанд, ки дар зарфи чандин давра бо муваффақият хизмати ҷамъиятро ба ҷо ованд» [1, с.67]. Дар ҷойи дигар ба Шавкат Ниёзӣ муроҷиат намуда боз ҳам устувор мондани сохтори дастурии забонро таъкид менамояд: «Агар Шавкат Ниёзӣ асари

доҳиёнаи рафиқ Сталин – «Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ»-ро пухта меомӯхт ва аз он ҷо, аз фонди асосии луғат ҳам дарозумртар будани грамматикаро ёд мегирифт, ба ин гуна хатоҳо намеафтод, балки забони халқи тоҷик ва адабиёти классикии тоҷикро тадқиқ карда, ҳазор сол боз тағйир наёфтани асосҳои грамматикии забони тоҷикро ба гуфтаҳои рафиқ Сталин мисол меовард…» [1, с.67-68]. Ӯ дар бораи масъалаҳои забоншиносӣ ва махсусан имлои забони адабӣ чунин ибрози назар кардааст: «… гурӯҳи дигар забони адабии ҳазорсолаи тоҷикро бо ҳамаи меросҳои адабиаш тамоман инкор карда мехостанд дар асоси забони кӯчагӣ забони «нави адабӣ» созанд ва ба он «забони нав» грамматикаи аҷибу ғарибе ҳам тартиб диҳанд. Яке аз ин ҳуҷумҳои «чап», ки вайро режими аракчеевӣ номидан мумкин аст, дар соли 1937, 1938, 1939 ташкил ёфта буд. Лоиҳанависони ин ҳуҷум дар зери пардаи «забонро ба халқ наздик кардан» мехостанд, ки бо грамматикаи қисман нав як «забони нави адабӣ» созанд [1, с.69-70]. Ҳамин тариқ соли 1956 аввалин бор ҷилди якуми китоби дарсии забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо номи «Грамматикаи забони тоҷикӣ» аз чоп баромад. Ин асар аз бахшҳои овошиносиву сарфу наҳв иборат буда, дар он нахустин бор ба ҷойи низоми ҳаштсадонокии забон низоми шашсадонокӣ ҷорӣ карда шуд. Аслан низоми ҳаштсадонокӣ низоми вазни шеъри тоҷикиро ба тартиб меовард ва он аз оғози ташаккули забони тоҷикӣ риоя мегардид. Соли 1973 китоби дарсии «Забони адабии тоҷик» чоп мегардад. Он соли 1982 бо таҳриру такмил дар ду ҷилд аз нав нашр шуд. Дар он бори аввал масъалаҳои овошиносӣ, вожагон, сарф ва наҳви забони тоҷикӣ дар як низоми муайяни илмиву методӣ баррасӣ карда шудааст.

Дастоварди асосии охири солҳои 80-уми садаи XX ба нашр расидани асари ҷамъбастии забоншиносони тоҷик “Грамматикаи академӣ” ё дурусттараш «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (1985-1989) мебошад, ки аз ду ҷилд ва се китоб иборат буд.

Ин грамматика давраи рушди дастурнависии забони тоҷикиро дар замони шӯравӣ ҷамъбаст намуда, мувофиқ бо рӯҳияи замони шӯравӣ ва бо тақлид ба дастурнависии забони русӣ таҳия шудааст. Дар таҳияи он мураттибон заҳмати зиёде ба харҷ дода, натиҷаҳои илмии бунёдӣ ба даст овардаанд. Худи муаллифон оид ба истифода кардани таҷрибаи забоншиносии рус чунин менависанд: «Грамматикаи тасвирии нормативии забони русӣ соли 1952-1954 ва грамматикаи нави академии забони русӣ, ки сазовори мукофоти давлатии СССР гардид, соли 1982 чоп шуд. Муаллифон ва муҳаррирон бозёфтҳои илмии забоншиносони тоҷик таҷриба ва комёбиҳои илми забоншиносии советиро ба қадри имкон истифода карданд» [2, с.3]. Аз таҳияи «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» қариб 35 сол мегузарад. Дар ин муддат забони тоҷикӣ ва сохтори дастурии он бо шарофати Истиқлол ба асли худ баргашт. Қоидаву меъёрҳои сунъии забон, ки мувофиқи талаботи замони шӯравӣ ба дастури забон ворид шуда буданд, аҳаммияти худро гум карда моли таърих гардиданд. Аз тарафи дигар, ин грамматика «Дар асоси материали фаровони забони адабии ҳозираи тоҷик таълиф ёфтааст» ва вазифаи «Грамматикаи академӣ» ҳаматарафа шарҳу эзоҳ додани ҳодисаҳои грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад.

Бинобар ин, зарурати таҳияи дастури нави забони тоҷикӣ талаби замон аст. Он бояд на танҳо вазъи имрӯзаи дастури забонро тасвир кунад, балки вобаста ба талаботи замони Истиқлол қоидаҳо ва меъёрҳои дастуриро аз лиҳози таърихӣ бо нишон додани хусусиятҳои хосси онҳо аз давраи пайдоиш, такомул, ташаккул ва тағйироти шаклии онҳо то имрӯз инъикос намояд. Инчунин, дар ин муддат дар таркиби истилоҳоти забоншиносӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омада, ҷойи истилоҳоти русиву байналмилалиро, ки ба таври фаровон ба тариқи ҳамгунсозӣ ба забони мо бор шуда буданд, истилоҳоти аслан тоҷикӣ гирифта истодааст. Танҳо, ба таври мисол истилоҳҳои фонетика – овошиносӣ, морфология – сарф, синтаксис – наҳв, суффикс – пасванд, префикс – пешванд, аффиксатсия – вандпазирӣ, грамматика – дастур, материал – мавод намунаи равшани ба таври бунёдӣ тағйир ёфтани истилоҳҳои забоншиносӣ мебошад. Дастури забони тоҷикӣ танҳо фарогири қисмати суннатии дастур – сарфу наҳв намебошад. Он бояд бахшҳои вожагон, вожашиносӣ, ибораҳои рехтаи фразеологӣ, матншиносӣ ва шояд таърихи дастурнависиро фаро гирад. Яъне, навиштани дастури ҷомеи забони тоҷикӣ дар назар дошта шавад, ки фарогири тамоми ҷанбаҳои дастурнависӣ бошад.

Хулоса, масъалаҳои баҳсталабу баҳсбарангез дар дастури забони адабӣ моро водор месозад, ки барои таҷдиди назар ба ин масъалаи бисёр муҳимми забонишиносии тоҷик бикӯшем. Ин кор танҳо бо таҳияи дастур аз тарафи як - ё ду муҳаққиқ муайяну ҷамъбаст намешавад. Ҳадди ақал дар қаламрави забоншиносии тоҷик ин масъала, пеш аз ҳама, дар байни худи забоншиносон ҳамчун ихтисосмандони ин риштa баррасӣ шавад. Масъалаҳое, ки мавриди ғавру баррасӣ қарор мегиранд ба таври умумӣ ва пешакӣ чунинанд:

1. Ҳамгунсозии истилоҳоти забоншиносӣ. Ин масъала бо бархӯрди забоншиносии суннатӣ бо сохторгароӣ ва вуҷуд доштани истилоҳоти гуногун барои ифодаи як мафҳум ба як масъалаи бисёр муҳимму мубрам табдил ёфтааст: грамматика – дастур...

2. Масъалаи номгузорӣ ва ҷобаҷогузории ҳиссаҳои нутқ. Дар масъалаи номгузорӣ ба ақидаи мо дастурнависии тоҷик, ки таҳти таъсири забоншиносии рус ё сохторгароёнаи рус қарор доштанд, нисбатан мушаххастар рафтор кардаанд. Масалан, шумора – теъдод, зарф – қайд ва ғайра. Дар масъалаи ҷобаҷогузории ҳиссаҳои нутқ дар забоншиносии суннатӣ 9 ҳиссаи нутқ (исм, сифат, замир, сифати нисбӣ, адад (шумора), феъл, қайд (зарф), пешояндҳо, нидо) мавҷуд буданд. Дар забоншиносии тоҷик даҳ ҳиссаи нутқ (исм, сифат, шумора, феъл, ҷонишин, зарф, сифати феълӣ, ҳиссачаҳо, пайвандакҳо, нидо) мавҷуд аст, ки аз нобасомонӣ дар он хабар медиҳад.

3. Дар дохили худи сарфу наҳви суннатӣ ва сарфу наҳви имрӯзӣ аз ба кадом бахш дахл доштани баъзе категорияҳои дастурӣ то фарқ дар шумораи баъзеи онҳо тафовут дида мешавад. Ин тафовутро дар омӯхтани ибораҳо дар дохили сарф (бо исмҳо якҷоя омӯхтани ибораҳо) ва ба бахши наҳв дохил намудани онҳо дар дастури сохторгароӣ мушоҳида менамоем [7, с.35-40].

Ҳамин тариқ, бо сабабҳои гуногун байни мардуми тоҷикзабон (марзбандиҳои давлативу сиёсӣ, тағйири алифбо, гусастагӣ ва пайдо шудани ноошноӣ ба дастурҳои суннатӣ, пешравиву тақлид ба назарияҳои забоншиносии рус ва тақсимбандии дастур (овошиносӣ, маъношиносӣ, сарф, наҳв) дар асоси ин назарияҳо, таҳияи грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик дар асоси забони тоҷикии асри XX ва ғ.) дар дастурнависӣ (на танҳо) тафовуту фарқиятҳо пайдо шудааст. Бинобар ин, зарурати таҳияи «Дастури забони тоҷикӣ» масъалаи мубрами илми забоншиносии тоҷик гардида, ки дар таҳияи он бояд аз осори фаровони давраи пешин имрӯз намунагирӣ шуда, табақабандии дастур дар асоси меъёрҳои илмии санҷидашуда сурат гирифта, таҷрибаи фаровони дастурнависии суннатӣ бо истифода аз таҷрибаҳои ҷаҳонии дастурнависӣ асоси фаъолияти илмӣ гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик / С.Айнӣ // Мунтахаби асарҳои илмӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. – С.70.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Муҳаррирони масъул: Ш.Рустамов, Р. Ғафоров. (иборат аз 3 ҷилд). - Душанбе, 1982-86.
3. Д. Хоҷаев. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Хоҷаев Д. - Душанбе, 2013.
4. Мирзо Ҳасани Султон. Куҳантарин дастури забони форсии тоҷикӣ дар сарзамини Чин / Султон, Мирзо Ҳасан. – Душанбе, 2018. – С.35-37.
5. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор / Нисорӣ, Хоҷа Ҳасан. – Душанбе, 1998. – С.10.
6. Раҷабов З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик / З.Раҷабов. – Сталинобод, 1959.
7. Шарифова Ф. Ҳамгунсозии дастур ва истилоҳоти забоншиносӣ / Ф.Шарифова // Масъалаҳои вожагузинӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ-форсӣ (маводи конференсияи байналмилалӣ). - Душанбе, 2015. – С.88-103.

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ДАСТУРНАВИСИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дастурнависӣ дар забони тоҷикӣ анъанаи дерина дорад. Дар тӯли таърих дастурҳои забони зиёде таълиф шудаанд. Охирин дастоварди забоншиносони тоҷик доир ба дастурнависӣ «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» мебошад, ки аз таҳияи он 35 сол мегузарад. Дар ин муддат забони тоҷикӣ ва сохтори дастурии он бо шарофати Истиқлол ба асли худ баргашт. Қоидаву меъёрҳои сунъии забон, ки мувофиқи талаботи замони шӯравӣ ба дастури забон ворид шуда буданд, аҳаммияти худро гум карда моли таърих гардиданд. Аз тарафи дигар, ин грамматика «Дар асоси материали фаровони забони адабии ҳозираи тоҷик таълиф ёфтааст» ва вазифаи «Грамматикаи академӣ» ҳаматарафа шарҳу эзоҳ додани ҳодисаҳои грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад. Бинобар ин, зарурати таҳияи дастури нави забони тоҷикӣ талаби замон аст. Он бояд на танҳо вазъи имрӯзаи дастури забонро тасвир кунад, балки вобаста ба талаботи замони Истиқлол қоидаҳо ва меъёрҳои дастуриро аз лиҳози таърихӣ бо нишон додани хусусиятҳои хосси онҳо аз давраи пайдоиш, такомул, ташаккул ва тағйироти шаклии онҳо то имрӯз инъикос намояд. Инчунин, дар ин муддат дар таркиби истилоҳоти забоншиносӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омада, ҷойи истилоҳоти русиву байналмилалиро, ки ба таври фаровон ба тариқи ҳамгунсозӣ ба забони мо бор шуда буданд, истилоҳоти аслан тоҷикӣ гирифта истодааст. Бинобар ин, таҳияи дастури забони тоҷикӣ дар асоси талаботи вазъи имрӯзаи забони тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳимтарини илми забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, дастурнависӣ, истилоҳот, забоншиносӣ, ҳамгунсозӣ, пайдоиш, ташаккул.

АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОСТАВЛЕНИЯ ГРАММАТИКИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Составление грамматики таджикского языка имеет древнюю традицию. В различные периоды истории написано множество разнообразных грамматик. Последним достижением таджикских языковедов является «Грамматика современного таджикского литературного языка», от времени составление которой прошло 35 лет. За этот период таджикский язык и его структурная характеристика претерпели изменения и как бы возвратился в свое первоначальное состояние. Правила и искусственные нормы, которые соответственно требованиям советского периода были внедрены в грамматику языка, потеряли свое значение и канули в историю. С другой стороны, эта грамматика составлена в соответствии с доступными материалами, и задачей «академической грамматики» является исследование грамматического состояния современного литературного языка. В этой связи составление новой академической грамматики таджикского языка является необходимостью сегодняшней действительности. Эта грамматика должна не только отражать современное состояние языка, но и в соответствии с требованиями периода Независимости также раскрыть исторические особенности нормативных аспектов языка с момента появления, становления, формирования и их структурных модификаций. Помимо этого, в этот период во всей терминосистеме языка произошли значительные изменения, и вместо русских и международных

терминологических единиц и слов, которые обильно посредством навязанной унификации были внедрены в таджикский язык, вошли термины, в основном, исконно таджикского происхождения. В этой связи, составление грамматики таджикского языка в соответствии с требованиями сегодняшних реалий таджикского языка можно считать одной из насущных задач таджикского языкознания.

Ключевые слова: таджикский язык, составление грамматики, термины, языкознание, унификация, появление, становление.

MANUSCRIPTSAND TAJIK LANGUAGE

The manuscript of the Tajik language has an ancient tradition. Many language manuscripts were writtenin the historical period. The manuscript “Grammar of the modern Tajik literary language” is the latest achievement of the Tajik linguists, from which 35 years have passed. During this period, thanks to Independence the Tajik language and its structural precept returned to its original state. Rules and artificial norms, which, according to the requirements of the Soviet period, were introduced into the prescriptions of the language, lost their meaning and turned into historical values. On the other hand, this grammar “Written in accordance with the available materials of the modern literary Tajik language” and the task of “academic grammar” is to comment on and propose the grammatical events of the modern literary language. In this regard, drawing up a new precept of the Tajik language is a necessity of today's realities. This preceptshould not only reflect the installation of the modern language, but also, in accordance with the requirements of the period of Independence, also reflect the rules and regulations from a historical point of view with the reflection of special components from the moment of appearance, perfection, formation and their structural change to the present day. Also, during this period, significant changes took place in the structure of linguistic corrections, and instead of Russian and international changes, which were abundantly introduced into our language through unification, changes are assigned mainly of a Tajik character. In this regard, the preparation of the installation of the Tajik language in accordance with the requirements of today's realities of the Tajik language is one of the most important issues in the science of linguistics of the Tajik language.

Key words: Tajik language, grammar compilation, terms, linguistics, unification, appearance, formation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назарзода Сайфиддин*** - Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. Тел.: **(+992) 985-62-44-44**

Сведения об авторе: ***Назарзода Сайфиддин*** – Институт языка и литературы им.А.Рудаки НАНТ, заведующий отдел культурологии и терминологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. Тел.: **(+992) 985-62-44-44**

Information about the author: ***Nazarzoda Sayfiddin*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Head of the Department of Cultural Studies and Terminology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Tel .: **(+992) 985-62-44-44**

УДК:491.55

ШИНОХТИ СИФАТ ДАР ДАСТУРҲОИ СУННАТӢ ВА МУОСИР

Шарипова Ф.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳамгунсозии дастурҳои забон яке аз масоили муҳим дар илми забоншиносии Тоҷикистону Эрон ва Афғонистон мебошад ва ин кори саҳл ва дурӯза нест. Дар илми забоншиносии ҳар се кишвар мебояд ҳамгунсозии шинохту радабандии воҳидҳои забоншиносӣ аз рӯйи меъёрҳои ягона роҳандозӣ шавад. Гурӯҳбандӣ ва меъёри таснифот дар дастурҳои ҳар се кишвар мутафовитанд ва боиси он шудаанд, дар илми сарфи тоҷикӣ вожаҳо аз рӯйи вижагиҳои луғавӣ-грамматикиашон ба 10 ҳиссаи нутқ ва форсӣ ба 9 ҳиссаи нутқ ва вожаҳои исмиро дар забони форсӣ ба 23 гуна ва дар забони тоҷикӣ ба 17 гуна ҷудо кардаанд [12; 13].

Далел ва авомили пайдоиши қавоиди дастурии забон мавҷудияти осори хаттӣ мебошад, ки дар доираи меъёрҳои муайяни имло навишта шудаанд. Пас метавон гуфт, ки эрониён ҳанӯз аз замони шакли катибаӣ гирифтани нутқи навишторӣ аз қавонини забон, ки низоми таркибӣ (флективӣ) дошт огоҳ буданд. Аз ҷумла, дар забонҳои эронии бостон шакли тасрифии сифат ва гунаҳои он, амсоли maθišta baγānām “бузургтарин бағон” ё мавҷудияти пасванди сифатсози aina форсии бостон ва -aena авестоӣ, ки сурати таҳаввулёфтаи он пасванди -ин аст ба монанди: drvaena “чӯбин”, zaranaena “заррин”. Ба ғайр аз ин, сифатҳои қиёсие мавҷуд буданд, ки онҳоро муҳаққиқон сифати самоӣ гуфтаанд:

Авестоӣ	форсии бостон	форсии миёна
Masyah	*maθyah	Mēh
Kasyah	*kaθyah	Kēh

Аз лиҳози назариявӣ ба масоили дастури забон донишмандон дар асрҳои миёна таваҷҷуҳ кардаанд. Ин буд, ки аввалин масоили дастурии забони форсӣ дар асарҳои улуми фалсафиву мантиқ, балоғию арӯз ва дастурҳо барои котибону муншиёну дабирон омадааст. Бинобар гуфтаи Раҳнамои Хуррамӣ таърихи дастурнависии забони форсӣ се

марҳиларо аз сар гузаронидааст: 1) тарҳи мақулаҳо зимни дастури забони форсӣ зимни илми қофия" ва арӯз; 2) "мабоҳиси марбут ба забони форсӣ дар муқаддимаи фарҳангҳо"; 3) интишори аввалин дастурҳои забони форсӣ чун "Сарфу наҳв"-и Муҳаммад Каримхони Кирмонӣ, Ҳабиби Исфаҳонӣ [15, с.33-35]. Аммо ин назарияҳои донишмандон орӣ аз иштибоҳу ағлот набуданд. Нисбати дастурнависон ду эрод матраҳ шудааст – яке арабгароӣ ва ворид кардани мафоҳими дастури забони арабӣ дар форсӣ ва ин шева дар Ҳинд ривоҷ доштааст ва дувум "таъсирпазирӣ аз қавоиди забонҳои фарангӣ" [15]. Ин равишу гаравиш дар дастурҳои муосири форсии Эрону Тоҷикистону Афғонистон низ ба назар мерасад.

1.Шинохти сифат дар дастурҳои суннатӣ. Сифат дар китобҳои улуми балоғӣ бевосита ҳамчун воҳиди дастурӣ наомада, балки зимни баррасии ҳуруфи қофия омадааст. Аз ҷумла, дар "Ал-муъҷам"-и Шамси Қайси Розӣ истилоҳи сифат дар унвони фаслҳои "Ҳарфи сифат" омадааст: ... Ва ҳарфи ا дар охир маънии иттисоф (сифат) диҳад, чунон ки зебо, шикебо [10, с.169]. "Ва он ـه-у ـا- у аст, ки дар авохири баъзе асомӣ (номҳо) маънии сифат диҳад, чунон ки обдор, тобдору ҷондор". Ва он ـا-у ـن-е аст, ки дар авохири афъол маънии иттисоф диҳад ба сифоте монандаи афъол, чунон ки хандон, гирён, афтон, хезон [10, с.182].

Шамси Қайс бархе аз пасвандҳои сифатсозро бо шарҳу тавзеҳи аҷзои вожаҳои сифатӣ овардааст: Ва ҳарфи ҷамъ чун мавсул бувад ва ه -и баёни ҳаракот маънии лаёқату мушобаҳат диҳад, чунон ки мардона, шоҳона" [10, с.188]. Ва он ه-е, ки дар авохири сиғаи мозӣ фоидаи иттисоф (сифат) диҳад бад-он феъл, ки омада, рафта ва наздик ба ҳамин маънӣ якрӯза, яксола, кушта, афтода [10, с.199]. Пасванди сифатсози -ваш ҳарфи мушобаҳат "дар авохири асоме фоидаи маънии мушобаҳат диҳад, чунон ки ҳурваш, подшоҳваш...; ى - ва ن- дар авохири асмоъ маънии тахсиси моҳияти чизе диҳад ба баъзе аз сифот, чунон ки заррину симину панҷумину ҳафтумин ва дар баъзе сифат – дарафзоянд, чунон ки ғамгину шӯхгин; ва он س -у ـا-у ـن аст, ки дар авохири асмоъ фоидаи мушобаҳат диҳад, чунон ки мардумсон, дигарсон; ва дар авохири асмою сифот (пасванди -кор) маънии ситоиш диҳад: созгор, ёдгор, рӯзгор [10, с.180-190]".

Дар дебочаи луғатномаҳои "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ", "Фарҳанги Рашидӣ" ва "Бурҳони қотеъ" зимни овардани вижагиҳои дастурии калимаҳо ишорае ба вожаҳои мансуб ба сифат омадаанд: "калимоте, ки ифодаи маънии худовандӣ ва соҳибӣ намоянд, яке -манд аст, ҳамчу: хирадманду донишманд; ...калимоте, ки маънии шабеҳ ва монанд бахшад... ва дигаре -сон ва дигаре -ваш; ва калимоте, ки маънии лаёқат бахшад, яке -вор аст ҳамчу шоҳвор ва дигаре -на (ба фатҳи ن) шоҳона; ва калимоте, ки маънии иттисоф ба чизе диҳад, яке -нок аст, ҳамчу ғамнок ва дигаре -гин ҳамчу шармгин; калимоте, ки аз он ранг ва лавн тавон фаҳмид...; дигаре -фом: анбарфом, дигаре -гун: гандумгун" [3, с.30-31; 18]. Дар "Чаҳор гулзор" сифат "дар тақсими изофат" зимни шарҳи мавқеи он дар ибора омадааст: "Ва ҳар гоҳ музофилайҳ ва сифат муқаддам бар музоф ва мавсуф бошад, охири ҳарфи ҳардуро мавқуф хонанд ва ин қоидаро маҳмул бар қалб гӯянд" [9, с.51]. Намунаи сифатҳо дар изофати мавсуфӣ омадааст: хонаи бечароғ, сухани дурушт, дӯсти нодон [9, с.51].

2. Таъриф ва таснифи сифат дар дастурҳои муосир. Дар дастурҳои муосири Эрону Афғонистону Тоҷикистон ҳамгунӣ дар шинохт ва таснифоти сифатҳо ба навъҳо дида намешавад, зеро аз дастурҳо зери таъсири грамматикаи арабиву суннатӣ ва қисми дигар ба равиши дастурҳои муосири аврупову русӣ таҳия шудаанд.

2.1. Навъҳои сифат дар дастури забони арабӣ. Барои ошкор кардани таъсири дастурҳои арабӣ ба дастурҳои суннатӣ назари иҷмолие ба дастури забони арабӣ мекунем. Сифат ва мавсуф **дар забони арабӣ** исм ё сифат ва васфшаванда мебошад. Дар забони арабӣ сифату мавсуф бо роҳи сарфи онҳо алоқаманд мешаванд. Сифат калимаест, ки хусусиятҳои исмро шарҳ медиҳад: ҳашт – ثَمِينٌ, бузург -كَبِيرٌ [7, с.1175].

Дар грамматикаи забони арабӣ ба гурӯҳи вожаҳои сифатӣ чунин навъҳои сифат дохил мешаванд. **Исмҳои муштақ** (беруншаванда аз феъл ва дигар исмҳо) – исми фоил, сифати мушаббаҳа ба исми фоил, исми мафъул, вазнҳои муболиға ва исми тафзил, чунончи: حاضِرٌ- ҳозир, муассир -فَعّالٌ ، сурх-أحمرٌ ، гиромитар - اكرَمُ [7, с.1176].

Исми фоил исмест, ки нисбат ба кӣ ва чӣ воқеъшавии феълро далолат мекунад: зананда –ضَارِبٌ, бахшанда, азиз - مُكرِمٌ، قاض-ҳукмкунанда, анҷомдиҳанда (7, с.1149). Ба қавли Омулӣ "Исми фоил сиғаест муштақ аз феъл аз барои шахсе, ки маънии феъл бад-ӯ қоим бошад..." [13, с.48].

Исми мафъул аз феъли маълум гирифта шуда, маънои феъли номаълумро ифода мекунад ва нисбат ба чӣ воқешавии феълро далолат мекунад: устувор -مَشيدٌ, сурмакашида-كَحيلٌ ، умеддошта – مَرجُوٌّ, писандида –مَرضِى , гуфташуда – مَقوُل [13, с.50]. "Исми мафъул,-мегӯяд Омулӣ, сиғате аст, муштақ аз феъл аз барои шахсе, ки он феъл бад-ӯ воқеъ бошад..." [13, с.48]. Дар грамматикаи забони арабӣ сифати мушаббаҳа исми сифатиест, ки "муштақ бошад аз феъли лозим аз барои шахсе, ки он феъл бад-ӯ қоим бошад", яъне барои

кӣ анҷомёбии феълро далолат мекунад: حسن، حكيم [11, с.48; 7]. Ин навъи сифатҳо аз феъли сеҳарфаи муҷарради лозим сохта шудаанд. Агар феъл ба вазни فَعِلَ омада бошад, пас сифатҳои мушаббаҳи он дар шакли зерин" меоянд:طَرِبَ – طَرِبٌ - хушӣ، сурх- -سَمِرَ، حَمِرَ- اَسمَرُ احمَرُ - гандумгун, қаҳвагӣ.

Исми тафзил (исми бартаршуморӣ) бар вазни اَفعَلُ омада, бартарии сифати чизеро аз дигаре мефаҳмонад: الشَّمسُ أكبرُ مِنَ الأرضِ - Офтоб аз замин калонтар аст [7, с.1151-1152].

Вазнҳои муболиға сифатҳоеанд, ки ба маънои исми фоил омада, зиёд будани сифатеро дар исм (мавсуф) далолат мекунанд ва танҳо аз феълҳои сеҳарфа сохта мешаванд ва маъмултарин вазнҳои онҳо аз ин қарор аст: он ки атри бисёр ба қор барад- مِفعِيل – مِعطيرٌ , меҳрубон- رحيم -فعيل ، бисёр иқдомкунанда - مِقدام-مِفعَال, манъкунанда- فعَّالٌ -مَنَّاع [7, с.1152].

2.2. Таъриф ва таснифи сифат дар дастурҳои Эрон. Дар охири асри XIX якчанд дастури забони форсӣ таҳия шуданд, ки дар онҳо унсурҳои дастурҳои суннатӣ ва муосири аврупоӣ ҷой доштанд. Бар асоси дастурҳои гузашта - «Сарфу наҳви форсӣ» ба қалами Ҳоҷӣ Муҳаммад Карими Кирмонӣ (қарни XIX), «Дастури сухан дар забони форсӣ»-и (соли таълиф 1870 м.) Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ, «Анҷуманорои Носирӣ» таълифи Ризоқулихони Ҳидоят (соли таълиф-1901) ва натиҷагириҳои муҳаққиқ Маҳинбону Санеъ сифат дар аввалин дастурҳои форсӣ чунин таъриф ва тақсимбандӣ шудааст: "Сифат калимаест, ки бар ҳолат ва чигунагии исм далолат кунад" [20, с.297]. Навъҳои сифат дар китоби мазкур ба ин қарор аст: **сифати мутлақ** он аст, ки мавсуферо бидуни қайд васф кунанд, чун дарахти сабз... ва метавонад ҷомид ё муштақ бошад; **сифати ҷомид** он аст, ки аз калимаи дигар гирифта нашуда бошад, монанди бад, сафед; сифати фоилӣ он аст, ки бар кунандаи коре ё дорандаи сифате далолат кунад, чун гӯянда, хандон, гӯё; **сифати тафзилӣ** он аст, ки аз ду мавсуф, ки дар сифате муштараканд, якеро бар дигаре бартарӣ ва афзунӣ диҳад: бузургтар; **сифати олӣ** он аст, ки аз чанд мавсуф, ки дар сифате якеро бар дигарон бартарӣ ва афзунӣ диҳад: бузургтарин; **сифати нисбӣ** он аст, касе ё чизеро ба касе ё ҷойе нисбат диҳад ва аломаташ -ӣ, -ин, ина, -гон ва -а дар поёни исм аст [20, с.298-299]. Дар бораи фарқи байни сифату қайд омадааст: "Сифат исмро васф мекунад ва қайд маъмулан феълро"]20, с.313].

Дар "Дастури ҷомеи форсӣ", ки бар асоси чандин дастурҳои форсӣ таҳия шудааст, "китоби аввал – исм" ва "китоби дувум сифат" аст. Сифат дар китоби мазкур чунин таъриф шудааст: "Сифатҳо калимаҳое ҳастанд, ки тавсиф мекунанд исмҳоеро ё калимаҳои дигаре, ки ба ҷойи исм истеъмол мешаванд, ҳақиқати мафҳуми сифат бидуни вуҷуди мавсуф ва чудо аз мавсуф мумкин аст" [24, с.288]. Ба ин гурӯҳ тамоми сифот ва вожаҳое, ки далолат бар ранг ё андоза ё таркибу шаклу шумора ё ҳолате намоянд. Бинобар ин, истеъмоли сифат бидуни мавсуф набояд маънӣ дошта бошад, вале дар забони форсӣ бештар сифатҳо бо исм муштараканд, яъне баъзе сифатҳо ҳам далолат бар зоти шайъ мекунанд ва ҳам дар айни ҳол як сифат ё ҳолату чигунагии он шайъеро, яъне чун як сифатро дар ҷумлае монанди исм ба кор барем ва муқаррароти исм бар он ҷорӣ бошад, дар ин сурат исме аст, ки далолат бар сифате низ мекунад ва бад-ин мулоҳиза сифоти баситро дар форсӣ исми сифат ё исми сифатӣ низ номидаанд.

Дар забони форсӣ ва дар бештари забонҳои ориёӣ ё ҳиндуаврупоӣ бисёре аз исмҳо бо сифат муштарак мебошанд ё баръакс бисёре аз сифатҳо бо исм муштарак ҳастанд, дар забони арабӣ бошад, сифатҳоро навъе аз исм мешуморанд ва дар зери қисмати исм табақабандӣ мекунанд [24]. Барои намуна Ҳумоюнфаррух калимаҳои сахту сустро меорад, ки ба қавли ӯ "дар мисраи аввал исм ва дар мисраи дувум сифат аст":

Хоҳӣ, ки **сахту сусти** ҷаҳон бар ту нагзарад,
Бигзар зи аҳди **сусту** суханҳои **сахти** хеш (Ҳофизи Шерозӣ).

Сифат дар забони форсӣ "аз ҳайси сохтмон" се навъ аст: **ҷомид, муштақ, мураккаб**. **Сифати ҷомид** он аст, ки "дар сурати аслии калима тағйироте роҳ наёфта, каму зиёдӣ дар сохтмони онҳо дида намешавад ва зоҳиран аҷзоъ надорад ва мураккаб нест ва маълум ва зоҳир нест, ки аз калимаи дигар муштақ ё мураккаб шуда бошад: озод, баланд, хом, чар, сабз, лоғар" [24, с.290]. Сифатҳое, ки бо исм муштарак нестанд: ҷудо, гуворо ва онҳое, ки бо қайд муштараканд: фаровон, берун, ошкоро, ниҳон, дуру наздик (24, с.292). Дар китоб сифатҳои ададӣ, "ки маъмулан дар ҷулуи мавсуф, яъне маъдуд дар оянд:

Зи авнаш дар иноят **чор унсур**,
Зи сайраш бо саодат **ҳафт кишвар** (Анварӣ)" [24, с.303].

Сифоти муштақ дар китоби "Дастури ҷомеъи забони форсӣ" ба се қисм тасниф шудааст: 1) муштақ аз исм, 2) муштақ аз феъл, 3) муштақ аз сифат.

Сифоти муштақ аз исм се қисм аст: аз исм бо афзудани пасванди -ин, чун анбарин, оҳанин; аз аъдоди тартибӣ, чун дувум, садум, панҷумин, нахустин; сифоте, ки бо афзудани -ӣ ба охири исм сохта мешавад. Сифоти муштақ аз феъл **исми фоил** аст, чун сӯзанда, диҳанда; дигар исми мафъул аст, чун хаста, хушкида, кӯфта; сифоти муштақ аз феъл сифати мушаббаҳ аст: доно, бино, шикебо, гӯё; қисми чаҳорум аз сифатҳои муштақ аз

феъл сифати ҳолия аст, ки онро исми ҳолия ё исми ҳол низ гӯянд: хандон, афтон, хиромон. Дар қисми “сифоти мураккаб” равиши сохтани сифатҳо бо пасвандҳои сифатсоз, ба воситаи пайвастани ду ва зиёда калимаҳо омадааст [24]. Дар “Дастури забони форсӣ (панҷ устод)”- сифат “калимаест, ки ҳолат ва чигунагии чизе ё касеро бирасонад ва аҳсоми он аз ин қарор аст: сифати фоилӣ, сифати мафъулӣ, сифати тафзилӣ, сифати нисбӣ. “**Сифати фоилӣ** он аст, ки бар кунандаи кор ё дорандаи маънӣ далолат кунад ва аломати он иборат аст аз -анда дар поёни феъли амр дар меояд: пурсанда, хоҳанда; -آن: хоҳон, пурсон; -ا (о) дар поёни феъли амр: шикебо, хоно, ҷӯё; -ار ғолибан дар охири феъл мозӣ (гузашта) меояд: харидор, хостор; -گار бештар дар охири феъли мозӣ ва амр меояд: офаридгор, омӯзгор; -кор аксаран дар охири исми маънӣ меояд: ситамкор, фаромӯшкор; -گر дар охири исми маънӣ меояд: ромишгар, хунёгар; сифати фоилӣ, ки ба -انده мунтаҳо мешавад: раванда, хонанда [14, с.5-6].

“**Сифати мафъулӣ** бар он чӣ феъл бар ӯ воқеъ шуда бошад, далолат мекунад... ва аломати он ـه моқабли мафтӯҳ аст, ки дар охири феъли мозӣ дарояд: бурда, хонда, олуда ... ва таркиб – хоколуд ё бо таъхири сифат ва ҳазфи –да ояд: паноҳпарвар, дастпарвар [14, с.63].

Сифати тафзилӣ он аст, ки дар охири лафзи -тар афзуда шавад ва муфоди он тарҷеҳи мавсуф аст: гӯяндатар, мардтар, бартар. Сифати тафзилӣ ба яке аз се тариқ истеъмол мешавад: бо аз (тадбир андак аз лашкар бисёр муфидтар аст), бо ки (дониш беҳтар, ки мол), бо изофа (тавонотари мардум касе аст, ки доноии ӯ фузунтар бошад). “Ва ҳар гоҳ бихоҳанд сифати тафзилиро изофа кунанд -ин дар охири он меоваранд: бузургтарини шуарои Эрон Фирдавсӣ аст” [16, с.67].

“**Сифати нисбӣ**, он аст, ки нисбат ба чизе ё маҳаллеро бирасонад ва он иборат аст аз: -ӣ осмонӣ, порсӣ; -ин дар охири асмо: сафолин, чӯбин ва гоҳе бо ин адотро бо –а ҷамъ карда, дар охири калима дароваранд: булӯрина, пашмина” [16, с.68].

Ҷузъҳои сифатҳои мураккаб, ки онҳоро сифати таркибӣ ҳам ном бурдаанд, чунин тафсир шудаанд: “Сифоте, ки аз таркиби ду исм ва адоте ба ҳусул ояд, мураккаб ё сифати таркибӣ хонанд ва аҳсоми он ба қарори зайл аст” [14, с.69]: 1) таркиби ташбеҳӣ аз вачҳи шабеҳ ҳосил шавад: сарвқад, мушкмӯй, гулранг; 2) таркиби ду исм бидуни адот: ҷафопеша, ҳунарпеша; 3) таркиби ду исм ба изофаи адот: найза ба даст; 4) таркиби исм бо адот ва онро аҳсоми бисёр аст аз ин қарор: б+исм: баном, бихрад, банафрин (ин қисм дар назми қадим мутадовил аст ва акнун ҷуз дар чанд калима маъмул нест, 71); таркиби бо ва исм: бошаҳомат, бошуур; -ҳам: ҳамқадам, ҳамнишаст, ҳамкор, ҳамдил; -но/на: ночор, номард, номзад; -бе ва исм: беҳуш, бедониш, бекор; -манд бо исм: ҳунарманд, сарватманд; -вар бо исм: ҳунарвар, донишвар, ҷонвар; исм бо -нок бештар ифодаи маънии иллат ва офат кунад: дарднок, саҳмнок; бимнок. “Ҳар калимаеро, ки дорои маънии васфӣ бошад ва дар забони порсии кунунӣ барои он иштиқоқ ё таркибе дар тасаввур наёяд “сифати самоӣ” хонанд: нек, баланд, зишт, танг. Сифат пеш аз мавсуф ва баъд аз мавсуф меояд” [24, с.73].

Дар “Дастури забони форсӣ”-и таҳиянамудаи устоди Донишгоҳи Табрез Хайёмпур таърифи сифат аз дигар дастурҳои форсӣ қайд мекунад: “Сифат калимаест, ки барои муқайяд сохтани исм вазъ шуда бошад ва ба иборати дигар барои баёни чигунагии исм бошад” [15, с.46]. Сифат дар ин китоб бар панҷ қисм тасниф шудааст: **сифати мутлақ, сифати ишора** (ҷонишинҳои ишоратӣ), **сифати шумора** (адад), **сифати истифҳом** (ҷонишинҳои саволӣ), **сифати ибҳом** (ҷонишинҳои чанд, фалон) [15].

Сифати мутлақ, ки бар ду қисм аст – **самоӣ ва қиёсӣ**. Сифати қиёсӣ ба чунин навъҳо ҷудо карда шудааст: сифати фоилӣ, сифати мафъулӣ, сифати нисбӣ, сифати таркибӣ (мураккаб), сифати тафзилӣ, сифати олӣ [15, с.50-53].

2.3. Таъриф ва таснифи сифат дар дастурҳои Тоҷикистон. Дар аввалин грамматикаҳои забони тоҷикӣ якрангӣ ва ҳамгунӣ дар шинохту таснифи вожаҳои сифатӣ ба назар намерасад. Дар дастурҳои мазкур таъсиру равиши дастурҳои суннатӣ мушоҳида мешавад. Чунончи Абдуррауфи Фитрат дар китоби “Қоидаҳои забони тоҷик”, ки ба равиши грамматикаҳои навин ва бо “маълумоте, ки аз асарҳои устод профессор Бертелс ва рафиқ Зеҳнӣ ва дигар рафиқон” гирифта буд, сифатро чунин таъриф мекунад: “Калимае аст, ки ҳолат ва чигунагии чизро мефаҳмонад” [8, с.68]. Дар қисми калимасозӣ муаллиф зимни тафсири пасванду пешвандҳои сифатсоз бархе аз навъҳои сифатҳоро меорад, чун **сифати фоилӣ**: гузашта, бархоста, расида, омӯзгор; **сифати мафъулӣ:** гуфта, пухта, кушода; **сифати дорӣ** – боадл, ғамнок, доно; **сифати нигаҳдорӣ**: дарбон, боғбон; **сифати нисбатдор**: рӯякӣ, аспакӣ; **сифати ҳамроҳӣ**: ҳамовоз, ҳамхона; **сифати коркуни фоилӣ**: раванда, паранда; **сифати монандӣ**: маҳваш, шеросо, девонавор; **сифати нодорӣ**: беақл, бекоғаз [8, с.65-66]. Навъҳои сифатҳои сохта ба монанди сифатҳои дорӣ, нигаҳдорӣ, нисбатдор, ҳамроҳӣ дар дигар дастурҳо ҷой надоранд. Дар муқоиса ба китоби Фитрат Саидризо Ализода, ки “сарфу наҳви тоҷикиро татбиқан ба забони адабии форсӣ, вале ба шеваи миёна тартиб” додааст, сифат ва навъҳои он шарҳу тафсири муфассал шудааст. Ба қавли Ализода “Сифат

калимае аст, ки ҳолат ва чигунагии касе ва ё чизеро фаҳмонад” ва навъҳои он аз чунин қарор аст: **сифати самоъӣ** калимаест, ки аслан сифат бошад: калон, нек;... агар бо афзудани лафзе аз исм сохта бошад **сифати қиёсӣ** гӯянд: бекор, хирадманд, ғамгин, бахтиёр; **сифати фоилӣ** пеша ва санъати одамро фаҳмонад: омӯзгор, ошпаз, гилкор, саройбон, самоворчӣ [1, с.32]; **сифати нисбӣ** касе ва чизеро ба ҷое ва ё ба чизе нисбат диҳад: самарқандӣ, чармин; мардона, ройгон, якрӯза, думоҳа; **сифати ташбеҳӣ** “касе ё чизеро ба касе ва чизе монанд” мекунад; **сифати алвония** – ранги чизеро ифода мекунад: сиёҳфом, лолагун [1, с.34]. Сифатҳои муштақ аз феъл ба чунин дастабандӣ шудаанд: **исми фоъил** бо афзудани лафзи -анда ба охири моддаи феъл сохта мешавад: гӯянда, шаванда; **исми мафъул** аз масдари феъл аз роҳи ихтисори -ан ва афзудани -а сохта мешавад: гуфта, шунида; **сифати ҳол** бо афзудани лафзи -он ба охири моддаи феъл ташкил ёбад: гирён, хандон; **сифати муболиға** бо афзудани лафзи -ор ба охири масдар ташкил мешавад: парастор, хостор; **сифати мушаббаҳ** бо афзудани як алиф ба охири моддаи феъл ҳосил мешавад: доно, бино [1, с.33].

Дар грамматикаи забони тоҷикӣ “сифат аломат ва чигунагии предметро мефаҳмонад” таъриф шудааст ва хусусиятҳои сифат номбар шудаанд: 1) семантикаи махсус (аломат ва хусусияти предметро ифода мегунад); 2) дараҷаҳои муқоиса (қиёсию олӣ); 3) вандҳои махсуси калимасоз; 4) сифат дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда ва хабар меояд [4, с.132].

2.4. Таъриф ва таснифи сифат дар грамматикаҳои Афғонистон. Дар дастурҳои забони дарии дар Афғонистон интишорёфта мисли дастурҳои забони форсии Эрон дар боби шинохти сифат, таснифоти он аз рӯйи вижагиҳои луғавиву грамматикӣ якрангӣ дида намешавад. Чунончи, дар китоби “Забони форсӣ”-и М. Жубил сифат бо қайд якҷоя баррасӣ шуда, навъҳои **сифати фоилӣ, мафъулӣ, тафзилӣ, олӣ, нисбӣ, сифоти таркибӣ** тавзеҳ ёфтаанд [20]. Дар дастури таҳиянамудаи М.Ғазнавӣ дар баробари дараҷаҳои қиёсии сифати тафзиливу олӣ сифати оддӣ низ омадааст. Таърифи сифат дар ин китоб ба тариқи зайл аст: “Сифат вожае аст, ки ба исм афзуда мешавад то кайфият ва чигунагии онро баён кунад, монанди: лаби майгун, зулфи расо” [21, с.44]. Дастури Аҳмадёсини Фарҳорӣ бо номи “Дастури забони дарӣ” нисбат ба дигар дастурҳо муфассалтар аст ва фасли сифат дар он пурмуҳтавотар буда, сифат аз рӯйи сохту ифодаи маъноҳои қиёсӣ шарҳи муфассал шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар дастури зерин равиши шинохту таснифи сифат дар дастурҳои суннатӣ ва муосир ба назар мерасад. Муаллиф анвои сифатро “аз назари муқоиса” бо таърифу шавоҳид бар онҳо овардааст: **сифати мутлақ** сифатест, ки “дар охири он лафзи -тар ё -тарин вуҷуд надошта бошад, монанди хурд, бузург; **сифати мутасовӣ**... ба василаи нишонае дар миёни ду мавсуф он сифат тасовӣ ва баробарии он сифатро дар онҳо бирасонад: ба андозае, мисли, ҳамон гуна” [22, с.122]. **Сифати фоилӣ, сифати мушабаҳ ва сифати мафъулӣ** бо ҳамин навъи таснифи сифатҳо дар дастурҳои суннатӣ ва сифати тафзилӣ (қиёсӣ), олӣ ва нисбӣ ба дастурҳои муосир ҳамгун ҳастанд. Анвои сифатҳоро А.Фарҳорӣ ба чаҳор даста тақсим кардааст: **сифати ҷомид** сифатест, ки дар он решаи феъл ва масдари мураккам вуҷуд надошта бошад: кӯчак, бузург, сифати муштақ, ки яке аз аҷзои он решаи феъл ва масдари мураккам бошад: парастанда, харидор; **сифати сода** вожаест, ки фақат як ҷузъ дошта бошад, монанди рост, дурӯғ, хуб (яъне бо сифати ҷомид як хел аст); **сифати мураккаб** – сифатест, ки беш аз як ҷузъ дошта бошад: сангдил, забондароз [22, с.129]. Бояд гуфт, ки муаллиф бист равиши сохтмони сифати мураккабро бо шарҳу эзоҳу шавоҳид овардааст. Ба қавли А.Фарҳорӣ “сифат аз назари маънӣ шаш навъ аст”: сифати тавсифӣ, ки ҳолат ё чигунагӣ ё яке аз хусусиёти исм аст: намакин, туруш, ганҷина, динӣ; сифати ишоратӣ –“ҳар гоҳ калимоти ин, он, ҳамину ҳамон пеш аз исм биёянд: ин дарахт; сифати пурсишӣ – “ҳар гоҳ калимаҳои кадом, чӣ, чанд, чандумин, чӣ гуна... ва амсоли инҳо қабл аз исме ояду пурсише матраҳ кунад: **кадом** китобро харидӣ?”; **сифати мубҳам** калимаҳои ҳар, ҳеҷ, чанд, ҳама мебошанд, ки пеш аз исм меояд: чанд китоб харидам; **сифати тааҷҷуб** бо калимаҳои чӣ, аҷаб, чӣ гуна, чӣ тавр пеш аз исм омада, таҳсину тааҷҷубро баён мекунад: чӣ марди шуҷоъе, чӣ зани ботақвое [22, с.131-133]. Гунаи сифатҳои ададии аслию тартибӣ ва касрию тавзеҳӣ ба воситаи шумораҳо ифода меёбанд: панҷ рӯз, дарси ҳаштум, панҷ дар сад хона, шогирдон чаҳор-чаҳор вориди майдон шуданд [22, с.139-140]. Инчунин, муаллиф мавъеи сифат, мутобиқати сифат ва мавсуф, қавоиди навиштори сифат, шинохти сифат, пайвастани ی-и накара ба сифату мавсуф марзи истеъмоли сифатро овардааст [20]. Андешаҳои ҷолиб ва қобили қабулро дар мавриди корбурди ی –и накара меорад: “ی –и накара махсуси мавсуф аст ва аз қадим низ чунин будааст: Дарвеше муҷаррад ба гӯшае нишаста буд (“Гулистон”-и Саъдӣ)”. Вале дар навиштаҳои имрӯз ағлаб пасванд бо сифат қарор мегирад, монанди “Зани ҷавонеро дидам” [22, с.143]. Аз ин ду шева он ҷо ки (-е) бо мавсуф мепайвандад, дуруст аст, зеро агар ی –и накара ба сифат пайванд диҳем, ағлаб дучори иштибоҳ мешавем. Дар “Дастури забони муосири дарӣ”-и М.Саъидӣ сифат ба равиши грамматикаҳои аврупоӣ таърифу тасниф шудааст: “Сифат калимаест, ки чигунагӣ ва ҳолати исмро баён мекунад ва маънои онро маҳдудтар, мушаххастар ва ошкортар мегардонад” [18, с.128]. Саъидӣ вожаҳои

сифатиро аз лиҳози сохт ба **сода, мураккаб ва муштақ** ва аз назари маъно сифати васфиро ба се шаклу дараҷа – **оддӣ, тафзилӣ ва олӣ, сифати пурсишӣ** (чӣ гуна, чӣ тавр, чӣ сон) ва **сифати нисбӣ** таснифот мекунад. Инчунин, вожаҳои “бисёр, хеле, комилан, ки шиддати қайди феълро баён мекунад, ба сифати исм низ шиддат мебахшад: бисёр зебо” [18, с.130-131].

3. Таъриф ва таснифи сифат дар грамматикаҳои забони форсии аз ҷониби эроншиносони ғарбӣ таҳияшуда. Таҳияи дастурҳои забони форсӣ дар аввали асри XIX – замони оғози тадриси забону адабиёти форсӣ дар донишгоҳҳо шурӯъ шудааст. Аз ҷумлаи ин китобҳо китоби Е.Э. Бертелс “Грамматикаи забони форсӣ” (Грамматика персидского языка, 1926) мебошад, ки боби III он Сифат (Прилагательное) унвон дошта**,** сухан дар он аз мавқеи сифат нисбат ба мавсуф ва вижагии корбурди он ва воситаҳои ифодаи дараҷаҳои қиёсии сифат меравад [2, с.29-31]. Лазар низ дар китоби “Дастури забони форсии муосир” (Grammaire du person contemporan, 1957) мисли Е.Э. Бертелс дараҷаҳои сифат ва мавқеъву корбурди онро дар матн тавзеҳ медиҳад. Дар баробари ин Лазар андешаҳои ҷолиберо дар мавриди корбурди сифат меорад, ки дар аксари дастурҳо нукоти зайл ҷой надоранд. Чунончи “ҳар сифате метавонад ба иқтизои маънӣ ба унвони қайди ҳолат ба кор равад..., метавон ин навъ вожаҳоро “сифат-қайд” номид. Мисол: ҳаракати тунд – тунд ҳарф мезанад, рафтори оқилона – оқилона ҷавоб дод” [23, с.107]. Ё дар ҷойи дигар Лазар қайд мекунад “барои бархе аз суратҳои тафзилӣ дар форсии муосир сифати одӣ вуҷуд надорад. Мисол: бартар. Мумкин аст пеш аз сифати тафзилӣ як қайд барои тавсиф ояд: хеле бузургтар... Дар бештари маворид ҳарфи изофаи **аз** бо мутаммими сифати тафзилӣ меояд: Ин китоб **аз он қадимтар** аст. Сифати тафзилӣ бидуни мутаммим ба кор равад, ағлаб танҳо маънии таъкид аз он мустафод мешавад: Оқо зудтар биё! Сифати олии мутлақ ба василаи қайдҳои монанди хеле бисёр, зиёд... баён мешавад: масъалаи фавқулода муҳим” [23, с.110-111].

4.Ҷадвали таснифоти сифат дар дастурҳои забони форсиву дариву тоҷикӣ аз рӯйи шинохт, сохту ифодаи маъно ба чунин сурат аст:

№	Истилоҳоти забоншиносии Суннатӣ	Истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ	Эзоҳ, дар кадом дастурҳо зикраш рафтааст
1	**Сифат**	Сифат	
2	сифати мутлақ	сифати аслӣ	М.Санеъ, Хайёмпур, Фарҳорӣ
3	Сифати ҷомид	Сифати сода	М.Санеъ, Ҳумоюнфаррух, Фарҳорӣ
4	**Сифати фоилӣ** он аст, ки баркунандаи кор ё дорандаи маънӣ далолат кунад ва аломати он иборат аст аз -نده дар поёни феъли амр дар меояд: пурсанда, хоҳанда; -ان: хоҳон, пурсон; ا-(о) дар поёни феъли амр: шикебо, хоно, ҷӯё; -ار ғолибан дар охири феъл мозӣ (гузашта) меояд: харидор, хостор; -گار бештар дар охири феъли мозӣ ва амр меояд: офаридгор, омӯзгор; -кор аксаран дар охири исми маънӣ меояд: ситамкор, фаромӯшкор; -گر дар охири исми маънӣ меояд: ромишгар, хунёгар; сифати фоилӣ ки ба -نده мунтаҳо мешавад: раванда, хонанда.	Сифати феълӣ сифати сохта	М.Санеъ, Ҳумоюнфаррух, Дастури панҷ устод, Жубил, Фарҳорӣ, Чунин гурӯҳи сифатҳоро Фитрат сифати коркуни фоилӣ номидааст. Фитрат ва Ализода чунин вожаҳоро ҳам ба сифати фоилӣ нисбат медиҳанд: омӯзгор, гунаҳгор, заргар, оҳангар;
5.	“**Сифати мафъулӣ** бар он чӣ феъл бар ӯ воқеъ шуда бошад, далолат мекунад... ва аломати он ه моқабли мафтӯҳ аст, ки дар охири феъли мозӣ дарояд: бурда, хонда, олуда ... ва тар таркиб – хоколуд ё бо таъхири сифат ва ҳазфи –да ояд: паноҳпарвар, дастпарвар		Ҳумоюнфаррух, Дастури панҷ устод, Жубил, Фарҳорӣ
6	**Сифати тафзилӣ** он аст, ки дар охири лафзи –тар афзуда шавад ва муфоди он тарҷеҳи мавсуф аст	Сифати дараҷаи муқоисавӣ	М.Санеъ, Дастури панҷ устод, грамматикаи забони арабӣ, Жубил, Фарҳорӣ, Саидӣ
7	Сифати олӣ	Сифати дараҷаи олӣ	М.Санеъ, Жубил, Ғазнавӣ, Фарҳорӣ, Саидӣ
8	сифати дороӣ – боадл, ғамнок, доно;	Сифати сохта	Ин навъи сифат танҳо дар китоби Фитрат

			омадааст
9	сифати нигаҳдорӣ: дарбон, боғбон;		Ин навъи сифат танҳо дар китоби Фитрат омадааст
10	сифати нисбатдор: рӯякӣ, аспакӣ;		Ин навъи сифат танҳо дар китоби Фитрат аст
11	сифати ҳамроҳӣ: ҳамовоз, ҳамхона;		Ин навъи сифат танҳо дар китоби Фитрат омадааст
12	сифати монандӣ: маҳваш, шеросо, девонавор;		Ин навъи сифат танҳо дар китоби Фитрат омадааст
13	сифати нодорӣ: беақл, бекоғаз		Ин навъи сифат танҳо дар китоби Фитрат омадааст
14	**сифати самоъӣ** калимаест, ки аслан сифат бошад: калон, нек;		С.Ализода, Дастури панҷ устод, Хаёмпур
15	**сифати қиёсӣ** бо афзудани лафзе аз исм сохта бошад: бекор, хирадманд, ғамгин, бахтиёр;		С.Ализода, Хаёмпур, Ғазнавӣ, Фархорӣ, Саидӣ
16	**сифати нисбӣ** касе ва чизеро ба ҷое ва ё ба чизе нисбат диҳад: самарқандӣ, чармин; мардона, ройгон, якрӯза, думоҳа;	Сифати нисбӣ	С.Ализода, Дастури панҷ устод, фархорӣ
17	**сифати ташбеҳӣ** “касе ё чизеро ба касе ва чизе монанд” мекунад;		С.Ализода
18	**сифати алвония** – ранги чизеро ифода мекунад: сиёҳфом, лолагун.		С.Ализода
19	**сифати ҳол** бо афзудани лафзи -он ба охири моддаи феъл ташкил ёбад: гирён, хандон;		С.Ализода
20	**сифати муболиға** бо афзудани лафзи – ор ба охири масдар ташкил мешавад: парастор, хостор;		С.Ализода
21	**сифати мушаббаҳ** бо афзудани як алиф ба охири моддаи феъл ҳосил мешавад: доно, бино.	–	С.Ализод, Фархорӣ Дар грамматикаи забони арабӣ сифати мушаббаҳа (Сулаймонов)
22	**сифати мураккаб ё сифати таркибӣ**, ки аз таркиби ду исм ва адоте ба ҳусул ояд	Сифати мураккаб	Дастури панҷ, Ҳумоюнфаррух, Жубил
23	**исми фоил** исмест, ки нисбат ба кӣ ва чӣ воқеъшавии феълро далолат мекунад: зананда –ضَارِبٌ, бахшанда, азиз - قاضٍ، مُكرِمٌ- ҳукмкунанда, анҷомдиҳанда		Дар грамматикаҳои забони арабӣ (Сулаймонов), Омулӣ, Ҳумоюнфаррух
24	**исми мафъул** аз феъли маълум гирифта шуда, маънои феъли номаълумро ифода мекунад ва нисбат ба чӣ воқешавии феълро далолат мекунад: устувор -مَشيدٌ, сурмакашида- كَحيلٌ ، умеддошта – مَرجُوٌّ, писандида –مَرضِي , гуфташуда – مَقوُل		Дар грамматикаҳои забони арабӣ (Сулаймонов), Омулӣ, Ҳумоюнфаррух
25	Вазнҳои муболиға сифатҳоеанд, ки ба маънои исми фоил омада, зиёд будани сифатеро дар исм (мавсуф) далолат карда: меҳрубон- رحيم		Дар грамматикаи забони арабӣ
26	**Сифоти муштақ:** 1) муштақ аз исм, 2) муштақ аз феъл, 3) муштақ аз сифат.		Ҳумоюнфаррух, Фархорӣ, Саидӣ
27	Сифати ададӣ /сифати шумора	Шумора	Ҳумоюнфаррух, Хаёмпур
28	сифати ишора	ҷонишинҳои ишоратӣ	Хаёмпур
29	сифати истифҳом	ҷонишинҳои саволӣ	Хаёмпур
30	сифати ибҳом	ҷонишинҳои чанд, фалон	Хаёмпур
31	сифати одӣ		Ғазнавӣ, Саидӣ
32	сифати тавсифӣ	Сифатҳои аслӣ	Фархорӣ

		ва нисбӣ	
33	сифати ишоратӣ	ҷонишинҳои ишоратӣ	Фархорӣ, Саидӣ
34	сифати пурсишӣ	ҷонишинҳои саволӣ	Фархорӣ
35	сифати мубҳам	ҷонишинҳои таъйинӣ ва манфӣ	Фархорӣ
36	сифати тааҷҷуб бо калимаҳои чӣ, аҷаб, чӣ гуна, чӣ тавр пеш аз исм омада, таҳсину тааҷҷубро баён мекунад: чӣ марди шуҷоъе, чӣ зани ботақвое	ҷонишинҳои саволӣ	Фархорӣ
37	сифатҳои ададии аслию тартибӣ ва касрию тавзеҳӣ	Шумораҳои миқдориву тартибӣ	Фархорӣ

5.Натиҷагирӣ. Дар маҷмӯъ шинохт, таърифу таснифи сифат мувофиқи дастурҳо ба чунин қарор аст:

Сифатҳо калимаҳое ҳастанд, ки “чигунагии предмет” [4] ва касе ё чизеро, “ки ба исм афзуда мешавад, баён мекунад, то кайфият ва чигунагии он маълум шавад” ва ба ҳолат ва чигунагии исм далолат кунад [15; 16; 20; 24]. Сифат дар грамматикаҳои тоҷикӣ аз рӯйи маъно ва таркиб ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: **сифати аслӣ (қиёсӣ, олӣ) ва сифати нисбӣ** [4]. Дар дастурҳои форсӣ сифат чунин гурӯҳбандӣ шудааст: **сифати фоилӣ, сифати мафъулӣ, сифати тафзилӣ, сифати нисбӣ** [16]. Дар таснифоти сифат ба навъҳо ва сохти онҳо дар “Дастури панҷ устод” ва “Грамматикаи забони адабии тоҷик” ҳамгуниҳо дида мешаванд. Чунончи, дараҷаи қиёсии сифат ва ҷузъҳои сифати мураккаб як хел шарҳу тавзеҳ шудаанд. Аксари дастурҳо дараҷаҳои сифатро овардаанд.Аз ҷиҳати сохмон сифатҳоро ба сода (ҷомид/одӣ), сохта (муштақ аз исм, сифат, феъл), мураккаб (таркибӣ/мураккаб) ҷудо кардаанд. Бархе аз сифатҳоро бо қайд муштарак медонанд ва бархе аз онҳо ба иқтизои қайд меояд, аммо “сифат исмро васф мекунад ва қайд маъмулан феълро”. Дар бархе аз дастурҳои суннатӣ ва муосир шумораҳо ва бархе аз ҷонишинҳоро ҳам ба сифатҳо мансуб донистаанд [15; 22; 24]. Дар пайравӣ ба дастурҳои арабӣ сифати фоилро – исми фоил ва сифати мафъулро – исми мафъул номидаанд [1; 22].

Дар дастурҳои суннатӣ –йо-и накарароро “махсуси мавсуф аст” донистаанд ва ин равиш мантиқан дуруст аст.Дар маҷмӯъ, тибқи дастурҳои суннативу муосири (ниг. ба ҷадвал) Эрону Афғонистон сифатро ба 36 навъ ва дар грамматикаи забони тоҷикӣ ба 8 навъ тасниф кардаанд.

Барои ҳамгун сохтани таърифу таснифи воҳидҳои морфологӣ, аз ҷумла сифат бояд меъёрҳои шинохти ҳиссаҳои нутқ дар ҳар се забон – тоҷикиву форсиву дарӣ як бошад ва майлу гаравиш ба дастурҳои арабиву аврупоӣ камтар шавад, зеро маводи таҳқиқ забони навишториву гуфторӣ ва мероси беш аз ҳазорсолаи адабӣ аст, ки дар асоси сохти маъмулӣ ва меъёришудаи онҳо мебояд қавоиди забон бунёд ёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода, С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С.Ализода. - Душанбе, 2006. - 79 с.
2. Бертельс, Е.Э. Грамматика персидского языка / Е.Э. Бертельс. – Ленинград, 1926. – 63 с.
3. Бурҳон, М. Бурҳони қотеъ.Ҷ.1. / М.Бурҳон. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.І. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
5. Грамматика современного русского литературного языка / Под ред. Н.Ю.Шведовой. – М.: Наука, 1970. – 767 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе: Ирфон, 1970. - 266 с.
7. Сулаймонов, С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / С.Сулаймонов. - Душанбе: Эр-Граф, 2005. – 1202 с.
8. Фитрат, А. Қоидаҳои забони тоҷик / А.Фитрат. – Душанбе: Сино, 2009. – 127 с.
9. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор Гулзор / Нисорӣ, Хоҷа Ҳасани. - Душанбе, 1998. – 116 с.
10. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам / Розӣ, Шамси Қайс. - Душанбе, 1991. – 463 с.
11. Шарипова Ф. Ҳамгунсозии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ / Ф. Шарипова // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои вожагузинӣ ва истилоҳот дар забони тоҷикиву форсӣ”. - Душанбе, 2015. - С.88-103.
12. Шарипова Ф. Исм ва аксоми он бар асоси назарияҳои суннатии забоншиносӣ / Ф. Шарипова // Паёми ДМТ, 2017. - №4/5. - С.47-53.

31. شمس الدین محمد بن محمود آملی.نفاس الفنون. 1ج.- تهران: انتشارات اسلامیه،1381.- 595ص.
41. خرمی ذ. گستره دستورپژوهی زبان فارسی در ایران و شبه قاره (هند و پاکستان).- تهران،1385..194ص.
51. خیامپور ع. دستور زبان فارسی.- تبریز،1344.- 193ص.
61. دستور زبان فارسی.(پنج استاد).- تهران:ناهید،1378.-311ص.
71. زبان فارسی.- تهران.- 1371.-341ص.
81. ژوبل م. زبان فارسی.کابل،1383.-383ص..
91. سعیدی م. دستور ربان معاصر دری.-کابل،1391.-209ص.
02. صنیع م.سیری در دستور زبان فارسی.نخستین دستورنویسان

12. غزنوی م. دستور زبان دری.- کابول،1380.-135ص.
22. فرخاری ا. دستور زبان دری.- کابل،1388.-284ص.
32. لازر ژ. دستور زبان فارسی معاصر.- تهران،1393.- 334ص.
24. همایونفرّخ ع. دستور جامع زبان فارسی.- تهران،1336.-1142ص.

ШИНОХТИ СИФАТ ДАР ДАСТУРҲОИ СУННАТӢ ВА МУОСИР

Дар мақолаи мазкур сухан дар боби шинохти сифат дар дастурҳои суннатӣ, таъриф ва таснифи сифат дар грамматикаҳои муосири Тоҷикистону Эрону Афғонистон, таъриф ва таснифи сифат дар грамматикаҳои забони форсии аз ҷониби эроншиносони ғарбӣ таҳияшуда меравад. Муқоисаи таърифу таснифи сифат дар грамматикаҳои гуногун нишон дод, ки шинохту гурӯҳбандии онҳо фарқ мекунад: сифат дар грамматикаҳои тоҷикӣ аз рӯйи маъно ва таркиб ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад – сифати аслӣ (қиёсӣ, олӣ) ва сифати нисбӣ; дар дастурҳои форсӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешавад: сифати фоилӣ, сифати мафъулӣ, сифати тафзилӣ, сифати нисбӣ. Дар дастурҳои забони дарии Афғонистон мисли дастурҳои забони форсии Эрон дар боби шинохти сифат, таснифоти он аз рӯйи вижагиҳои луғавию грамматикӣ якрангӣ дида намешавад Дар таснифоти сифат ба навъҳо ва сохти онҳо дар “Дастури панҷ устод” ва “Грамматикаи забони адабии тоҷик” ҳамгуниҳо дида мешаванд. Чунончи, дараҷаи қиёсии сифат ва ҷузъҳои сифати мураккаб як хел шарҳу тавзеҳ шудаанд. Аксари дастурҳо дараҷаҳои сифатро овардаанд. Аз ҷиҳати сохтмон сифатҳоро ба сода (ҷомид/одӣ), сохта (муштақ аз исм, сифат, феъл), мураккаб (таркибӣ/мураккаб) ҷудо кардаанд. Дар дастурҳои суннатӣ ва Эрону Афғонистон сифатро ба 36 навъ ва дар грамматикаи забони тоҷикӣ ба 8 навъ тасниф кардаанд.

Калидвожаҳо: сифат, навъҳои сифат, шинохти сифат, грамматикаҳои забони тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ.

РАСПОЗНАВАНИЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНОГО В ТРАДИЦИОННЫХ И СОВРЕМЕННЫХ ГРАММАТИКАХ

В данной статье речь идет о распознавании прилагательных в традиционных грамматиках, определении и их разделании на виды в современных грамматиках Таджикистана, Ирана и Афганистана и в персидских грамматиках, созданных зарубежными иранистами. Сравнение определения и подразделания прилагательных в различных грамматиках показало, что интерпретация и разделение данной части речи в таджикском, парси и дари языках имеют различия: прилагательное по значению и составу в таджикском языке подразделяются на две группы: качественные (аслї) и относительные (нисбї); в персидских грамматиках прилагательные делятся на прямые (сифати фоилї), косвенные (сифати мафъулї), сравнительные (сифати тафзилї), относительные (сифати нисбї). В грамматиках языка дари Афганистана, как и в персидских грамматиках Ирана, не наблюдается единства в плане определения и подразделения прилагательных по их лексико-грамматическим свойствам. В книгах “Грамматики пяти профессоров” и “Грамматике таджикского литературного языка” наблюдаются сходства. К примеру, степени сравнения прилагательных и составы сложных прилагательных интерпретированы одинаково. Почти во всех грамматиках даны степени прилагательных. По строению прилагательные подразделили на простые, производные, сложные виды. В грамматиках Ирана и Афганистана наблюдаются 36 разновидностей прилагательных, а в таджикской грамматике 8 разновидностей.

Ключевые слова: прилагательное, виды прилагательных, распознавание прилагательного, грамматики таджикского, персидского и дари языков.

THE RECOGNITION OF ADJECTIVES IN TRADITIONAL AND MODERN GRAMMARS

This article deals with the recognition of an adjective in traditional grammars, the definition and their division into types in modern grammars of Tajikistan, Iran and Afghanistan and in Persian grammars created by foreign Iranians. Comparison of the definition and subdivision of adjectives in different grammars showed that the interpretation and separation of this part of speech in Tajik, Parsi and Dari languages have differences: the adjectives according to their meaning and composition in Tajik language are divided into two groups: qualitative (asli) and relative (nisbi); in Persian grammars, adjectives are divided into direct (sifati foilї), indirect (sifati maf'ulї), comparative (sifati tafzilї), relative (sifati nisbї). In the grammars of the Dari language of Afghanistan, as in Persian grammars of Iran, there is no unity in terms of the definition and division of the adjectives according to their lexical and grammatical properties. There are similarities in the books “Grammar of five professors” and “Grammar of the Tajik literary language”. For example, the degrees of comparison of adjectives and the composition of complex adjectives are interpreted in the same way. Almost all grammars own their degrees of adjectives. By structure, adjectives were divided into simple, derivative, complex types. There are 36 varieties of adjectives in the grammars of Iran and Afghanistan, and 8 varieties in the Tajik grammar.

Key words: adjective, types of adjectives, adjective recognition, grammar of Tajik, Persian and Dari languages.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипова Фарангис Худоиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Farangis@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-62-46-54**

Сведения об авторе: ***Шарипова Фарангис Худоиевна*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Farangis@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-62-46-54**

Information about the author: ***Sharipova Farangis Khudoievna*** – Tajik national university, doctor of philology, professor of the department of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Farangis@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-62-46-54**

УДК: 491.155:491.550

МАНЗУМАҲОИ НАҲВӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ВА ФОРСУ ТОҶИК

Исмонов К.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи забоншиносии араб ва форсу тоҷик дар баробари асарҳои насрии таълифию таснифӣ ва шарҳу мустадракоте, ки ба мавзӯоти сарфию наҳвӣ ва луғавӣ бахшида шудаанд, боз осори манзуме ба мерос мондааст, ки мавзӯоти мазкурро фаро мегирад. Дар забоншиносӣ аз ин гуна осор бо истилоҳоти мухталиф, аз қабили манзумаҳои наҳвӣ, мутуни шеърии наҳвӣ ва шеърҳои омӯзишӣ ёд менамоянд. Ҳатто донишмандони арабу форс дар баробари шеъри ғиноиву тамсилӣ ва қисасӣ навъи шеъри таълимӣ-омӯзиширо ёдовар мешаванд, ки дар таърихи чи адабиёти араб ва чи адабиёти форсу тоҷик, аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор мебошад [14, с.354].

Омӯзиши пайдоиш ва ташаккули манзумаҳои наҳвӣ дар забонҳои арабӣ ва форсии тоҷикӣ нишон дод, ки донишмандони гузаштаи араб ва форсу тоҷик на фақат қоидаҳои сарфию наҳвӣ ва луғавӣ, балки ҳама гуна илмҳои замони худро ба риштаи назм кашида будаанд. Ҳамин аст, ки дар адабиёти араб манзумаҳои зиёде дида мешавад, ки дар он илмҳои ситорашиносӣ, риёзиёт, тиб, луғат ва ғ. ба назм дароварда шудаанд. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар робита ба манзумаҳои таълимӣ, хусусан манзумаҳои наҳвӣ бо забони арабӣ таҳқиқоти зиёди бунёдие анҷом ёфтааст, ки дар шакли мақола ва монографияҳои илмӣ рӯйи чоп омадаанд. Инчунин, бо забони форсӣ низ дар мақолаҳои илмӣ манзумаҳои таълимӣ-наҳвии арабӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Вале дар арабшиносии тоҷик на фақат масъалаи мазкур ҳанӯз пажӯҳиш нашудааст, балки манзумаҳои наҳвӣ аз доираи дарсӣ-мутолиотӣ канора мондаанд.

Нуктае, ки дар мавриди шеърҳои омӯзишӣ байни донишмандон ихтилофи назарро ба бор овардааст, ин асолат ва ё дахил будани ин навъи адабӣ дар адабиёти араб мебошад. Аз ҷумла, таъкид мешавад, ки юнониён ба ин гуна навъи адабӣ аз замони дури таърих ошноӣ доштанд ва шояд нахустин миллате бошанд, ки дар онҳо шеърҳои таълимӣ ба майдон омада бошад. Чунончи шоири юнонӣ Ҳазиюд, ки дар асри VIII пеш аз мелод зиндагӣ намудааст, чанд қасидае эҷод намудааст, ки дар баробари шеърияти баланд доштан боз фарогири мавзӯоти илмии он замон будааст [11, с.34]. Дар ҳоле ки бархе аз донишмандони дигар вуруди ин гунаи шеъриро ба адабиёти араб аз адабиёти Ҳинд мешуморанд: «Ҳиндиён ба шеъру назм таваҷҷуҳи зиёде доштаанд, то ҷойе ки Берунӣ аз ин ки онҳо қоидаҳои риёзиву фалакро ба назм кашидаанд, шиква намудааст. Зеро ба таваҷҷуҳ ба талаботи назму шеър аз забти бархе қоидаҳо берун шудаанд» [2, с.263-264]. Вале Шавқӣ Зайф шеъри таълимиро сирф зодаи зеҳни арабӣ мешуморад. Чунончи, ба таъкиди мавсуф «маҳз дар авоили асри дувуми ҳичрӣ шоирони араб дар баробари бо шеър баён намудани андешаву эҳсосоти худ, инчунин, шеъргунаҳоеро дар баҳри рачз ба хотири таълими забон эҷод менамуданд. Аз ин рӯ, арҷузаҳои уммавиро метавон нахустин зуҳури шеъри таълимӣ дар забони арабӣ шуморид» [17, с.319]. Воқеан, печидагӣ дар асолат ё дахилии манзумаҳои таълимӣ дар забони арабӣ айни ҳамон печидагӣ дар асолат ва дахилии наҳви арабӣ мебошад. Таҳлили пайдоиш ва ташаккули манзумаҳо дар забони арабӣ нишон медиҳад, ки ба майдон омадани манзума дар ин ё он соҳаи илм ба асрҳои гуногун бармегардад. Масалан, таърихи эҷоди бархе манзумаҳои фалакшиносӣ ба асри ҷоҳилӣ бармегардад. Инчунин, дар асри аввали ҳичрӣ шоҳиди он мешавем, ки Холид ибни Язид (ваф.704 м.) девоне бо номи «Фирдавс-ул-ҳикма» бо фарогирии 2300 байт тадвин намудааст, ки истилоҳоту муаммоҳои гуногуни кимиёвиро дар бар мегирад. Дар ҳоле ки манзумаҳои математикӣ танҳо вақте ба майдон омаданд, ки донишмандони арабу мусулмон бад-ин илм даст ёфтанду дар ин ҷода ба дастовардҳои тоза ноил гаштанд ва ин ба асри VI / XII дувоздаҳи милодӣ рост меояд [16, с.29].

Бад-ин тартиб, сар аз асрҳои миёна таълифи манзумаҳои илмӣ дар ҳама риштаҳо ба майдон омад ва аз ҷониби донишмандону устодон тарафдории хубе ҳам ёфт, чаро ки чунин равиш кори таълимро хеле осон менамуд. Чунончи шогирд манзумаро аз ёд мекард ва устод ба таври бояду шояд ба шарҳи он мепардохт. Чунин равиш баъдтар дар Аврупо дубора роиҷ гашт, аз ҷумла аз асри XVII то нимаҳои асри XIX китоби манзуме бо забони форонсавӣ дар мактабҳо тадрис мешуд. Вале воқеият ин аст, ки ин равиш дар забонҳои аврупоӣ ба монанди забони арабӣ шуҳрат касб накард. Чи тавре ишора шуд, дар асрҳои миёна қариб ҳама илмҳоро донишмандон ба назм мекашиданд, аз ҷумла дар илми тиб низ чандин манзума ба майдон омад, ки машҳуртарини он манзумаи Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки дар таърих бинобар дар баҳри рачз суруда шуданаш бо номи «ал-Урҷузат-ут-тиббия» машҳур аст [3, с.1]. Бад-ин тартиб, манзумаи наҳвӣ яке аз равишҳои осоннамоии наҳв ба шумор меравад, чаро ки баъд аз Сибавайҳ ба гунае шеваи таълифи асарҳои илмӣ тағйир ёфт ва наҳвиён аз китоби дарсӣ-таълимӣ дида, асари худро ба китобӣ илмӣ-

пажӯҳишӣ наздик менамуданд. Ҳамин буд, ки дар ин марҳила фарогирии наҳви арабӣ мушкил гашт ва нахуст онҳо ба ихтисорнамоии қоидаҳои наҳвӣ пардохтанд ва бо меҳвари баҳс қарор додани омил ва маъмули наҳвӣ китоб тасниф менамуданд. Чунончи наҳвиён, аз қабили Ибни Ҷинниву Ибни Молик ва Ибни Ҳишом бо назардошти арабиомӯзон аз таснифи асарҳои мушкилфаҳм даст кашида ба тадвини китобҳои осонфаҳм пардохтанд [7, с.284]. Гузашта аз ин, пайдоиш ва рушду ташаккули манзумаҳои наҳвӣ ба мисли бамайдоноиву такомули наҳв ва илмҳои дигари забоншиносӣ, аз қабили фарҳангнигорӣ хусусияти таълимӣ доштааст [5, с.15]. Аз ин рӯ, ба назм кашидани наҳви арабиро низ метавон яке аз марҳилаҳои таълимии наҳви арабӣ ба қалам дод. Дар ҳоле ки густариши сурудани манзумаҳои таълимӣ, аз ҷумла манзумаҳои наҳвӣ бо иллатҳои дигаре низ бармегардад. Ба таъкиди бархе пажӯҳишгарон сурудани бисёре аз ин гуна манзумаҳо «ҷанбаҳои супоришӣ дорад ва дӯстону ошноён ва сарварон аз соҳиби асар хостаанд, онро бисарояд… Абунасри Фороҳӣ китоби худро ба фармони Низомулмулк Ҳасан - вазири Баҳромшоҳ сурудааст. Ин мавзӯъ нишон медиҳад, ки танҳо тамоюли шахсии гӯянда надошта, авомили сонавия низ муассир будааст. Ин манзумаҳо на танҳо мавриди таваҷҷуҳи шоирон ва табақоти илмии ҷомеа буда, амирон низ ба онҳо гароиш доштаанд. Чунончи, Носири Хисрав «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и худро, ки шарҳи қасидаи илмӣ-омӯзишии Абулҳайсам аст, ба хоҳиши Айнуддавла Абулмаолӣ Алӣ ибни Ҳорис, амири Бадахшон, нигоштааст» [8, с.7].

Аввалин манзумаи наҳвӣ дар забоншиносии араб. Дар мавриди нахустин манзумаи наҳвӣ дар адабиёти араб ихтилофи назар вуҷуд дорад. Масалан, дар адабиёти араб ин нукта машҳур аст, ки асрҳои V-VI ҳичрӣ таваҷҷуҳ ба тадвини китобҳои таълимии наҳвӣ ва эҷодиёти манзумаҳои наҳвӣ зиёд шуда [9, с.93], Яҳё ибни Муътӣ аз зумраи пешоҳангон дар кашидани масоили наҳвӣ ба назм мебошад, дар ҳоле ки мавсуф аз асосгузорони ин равия нест, балки ӯ нахустин нафарест, ки манзумаҳои наҳвиро дар ҳазор байт гирдоварӣ намудааст. Ба таъбири дигар, Ибни Муътӣ аввалин наҳвиест, ки калимаи «алфия» (ҳазора)-ро ишора ба ҳазор байт будани манзумааш истифода кардааст [18, с.13] [бо забони арабӣ]. Пажӯҳишҳои ахири донишмандони араб ба ин нукта таъкид месозад, ки дар эҷоди манзумаи наҳвӣ низ Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ пешоҳанг аст ва манзумаи наҳвии ӯ дар 293 байт аз ҷониби Аҳмад Афифӣ таҳлилу таҳқиқ ва ба нашр расидааст [12]. Мавриди зикр аст, ки асари мазкури Халил ибни Аҳмад дар байни донишмандони гузаштаву муосир ношинохта бошад ҳам, вале ишорае, ки дар китоби «Муқаддима фи-н-наҳв»-и Халфи Аҳмар шудааст, нисбати онро ба Халил ибни Аҳмад таъйид месозад. Чунончи, Халфи Аҳмар дар «Боби ҳуруфи насақ» (пайвандакҳо) мегӯяд: «Ҳуруфи насақ (пайвандакҳо), ки ҳарфҳои атф низ номида мешаванд, панҷтоянд ва онҳоро Халил ибни Аҳмад дар қасидаи наҳвияш овардааст, ки чунинанд:

Фансиқ ва сил билвови қавлака куллаҳу,
Ва било ва сумма ва ав, фалайсат тасъубу.
Алфоу носиқатун казолика индано,
Ва сабилуҳо раҳб-ул-мазоҳиби мушъабу [13, с.85-86].

(Тарҷума: Ҳама сухани худро бо вов, ло, сумма ва ав бипайванд. Инчунин, фо назди мо пайвандсоз аст, ҳарчанд дар он ихтилофи назар аст).

Вале бархе пажӯҳишгарони араб нисбати ин манзумаро ба Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ба ин далел рад менамоянд, ки дар ин манзума истилоҳоте корбурд шудааст, ки на дар замони Халил ибни Аҳмад шуҳрат доштаанд ва на дар мактаби забоншиносии Басрӣ мавриди қабул будаанд. Гузашта аз ин, оғози манзумасароиро на ба аввали асри II ҳичрӣ, балки ба охири асри мазкур марбут дониста, аз Абуусмони Мозанӣ (ваф.247 ҳ.) ҳамчун аввалин нафаре ёд менамоянд, ки аз ӯ ин гуна манзумаҳо ривоят шудааст [15, с.17].

Арзиши илмӣ-адабии манзумаҳои наҳвӣ. Дар робита ба арзиши илмӣ-адабии манзумаҳои наҳвӣ байни аҳли адаб ихтилофи назар вуҷуд дорад. Чунончи донишмандони муосири араб манзумаҳои таълимиро ҳарчанд дур аз шурути шеър ва бадеият шуморанд ҳам, вале барои омӯзиши ҳар гуна илм, хусусан қавоиди забонӣ онро падидаи нек мешуморанд [9, с.93], чаро ки ҳифзи шеър ва дар хотир доштани он дар муқоиса осонтар буда, тағйиру таҳриф дар он метавонад баръало маълум бошад. Дар ҳоле ки Шафеии Кадканӣ пайдоиш ва ташаккули ин навъи адабиро бархоста аз инҳитоти адабӣ ба қалам медиҳад: «Яке аз дигар адворе, ки барои шеъри таълимӣ шинохтаанд, даврони инҳитоти ҷавомеъ аст. Вақте халоқият ва ибтикори ҳунарӣ дар ҷомеае бимирад, ҳунармандону шоиронаш ба кори назми мухталиф мепардозанд, зеро илм, таърих ё адабро мавзӯи омодае барои ҷилва додани истеъдоди назми худ ташхис медиҳанд ва санъат ҷойи илҳомро мегирад» [6]. Аслан, ба назмдарории илмҳо нафароне рӯ меоварданд, ки дар баробари пештоз будан дар улуми замони худ, инчунин, табъи хуби шоирӣ доштанд. Ҳамин аст, ки донишмандон шартгузорӣ менамуданд, ки маҳз нафаре метавонад илмеро ба риштаи назм кашад, ки ороста ба ду сифат бошад: а) илми мавриди назарро бо тамоми нозукиҳояш донад; б) тавоноии эҷоди назмро ба хубӣ дошта бошад [16, с.30]. Воқеан,

вақте рӯзгору осори эҷодкорони манзумаҳои илмиро сафҳагардонӣ менамоем, ба ин воқеият мерасем, ки онҳо аз шоирӣ дида, дар илми дар назм матраҳшуда дасти бештар доранд. Ҳамин аст, ки манзумаҳои наҳвӣ на аз тарафи шоирон, балки бевосита аз тарафи наҳвиён-забоншиносон эҷод гаштаанд. Таҳлили манзумаҳои наҳвӣ дар таърихи забоншиносии араб нишон медиҳад, ки воқеан манзумаҳои наҳвӣ таҳаввулотеро дар омӯзиши қавоиди арабӣ ба бор овардаанд. Чунончи, манзумасароёни наҳвӣ кӯшидаанд, то ба қадри вусъат аз овардани ихтилофи назарҳо ва андешаҳои зидду нақизи мактабҳои забоншиносии араб худдорӣ намоянд ва маҳз ҳамон таъриферо ба назм ованд, ки ба дарди забономӯз мехӯрад. Илова ба ин, дар манзумаҳои наҳвӣ то ҷое қоидаҳои грамматикӣ аз нигоҳи забонӣ таҳлилу баррасӣ мешаванд ва фалсафагароиву мантиқсароӣ дар онҳо ба назар намерасад. Ҳамзамон бо ин, манзумаҳои наҳвӣ муҷиби ба майдон омадани бузургтарин шарҳҳои грамматикии арабӣ гардиданд, ки дар адабиёти араб аз ҷойгоҳи волои илмӣ бархӯрдоранд. Ҳамин вижагиҳои манзумаҳои наҳвист, ки, чи дар гузашта ва чи имрӯз, ҳамчун китобҳои дарсии омӯзиши сарфу наҳв мавриди истифода қарор гирифтаанд. Қобили қайд аст, ки бештари манзумаҳои наҳвӣ, хусусан, «Алфияҳо»-и Ибни Ҳоҷибу Ибни Муътӣ, Ибни Молику Суютӣ ва дигарон маҳз дар баҳри раҷаз суруда шудаанд, чаро ки баҳри мазкур озодӣ ва осонии бештаре нисбат ба дигар баҳрҳо барои эҷоди манзумаҳо фароҳам меоварад.

Манзумаҳои наҳвӣ дар забоншиносии форсу тоҷик. Донишмандони гузаштаи форсу тоҷик дар ташаккулу густариши забоншиносии араб нақши муътараф доранд. Чунончи, онҳо набоғати забонии худро маҳз дар мавриди сарфу наҳв ва луғату балоғати араб нишон дода, андешаҳои хешро оид ба он ба забони арабӣ тадвин намудаанд. Дар ин росто «Фавоид-уз-зиёия»-и Абдурраҳмони Ҷомиро метавон ёдовар шуд, ки «ҳанӯз аз замони муаллифаш ба баъд дар доираҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр, хусусан дар мадрасаҳои Бухоро ҳамчун муҳимтарин китоб дар омӯзиши грамматикаи забони арабӣ ҷойгоҳи хоссаеро касб менамояд» [4, с.229]. Ошноии комили донишмандони гузаштаи араб ба қавоид ва луғоти арабӣ муҷиб гаштааст, то дар эҷоди манзумаҳои таълимӣ, бавижа манзумаҳои наҳвӣ аз худ мероси арзандае гузоранд. Чунончи, тибқи пажӯҳишҳо то охири асри Х шумораи донишмандоне, ки қавоиди наҳвиро дар ҳавзаҳои илмии сарзамини араб бо забони арабӣ ба назм кашидаанд, ба 105 нафар ва шумораи манзумаҳо ба 139 манзума мерасад [15, с.63]. Ин дар ҳолест, ки то имрӯз донишмандони араб ба назмдарории қоидаҳои наҳвию сарфӣ машғуланд, илова бар он ки дар баробари донишмандони арабу арабзабон боз дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр манзумаҳои наҳвӣ-сарфии зиёде эҷод гаштааст. Аз баррасии мавзӯи мавриди баҳс маълум мегардад, ки дар зери таъсири манзумаҳои илмӣ-таълимии забони арабӣ дар забони форсии тоҷикӣ низ манзумаҳои арзишманде дар заминаҳои мухталифи илмӣ, аз қабили сарфу наҳв, бадеъу арӯз, тиббу луғат ва ғ. ба майдон омад. Ба мисли манзумаҳои арабӣ дар манзумаҳои форсии тоҷикӣ низ аз шеър дида ба назм тамоюли бештар дошта, аз нигоҳи мухтавову ҳадаф ва чигунагии баён дар гурӯҳҳои мухталифе ҷой мегиранд. Масалан, дар бархе манзумаҳои форсии тоҷикӣ танҳо ба як мавзӯъ, бархе дигар ба чандин мавзӯот аз илмҳои гуногун пардохта мешавад, дар ҳоле ки бархе манзумаҳо ба чандин илм бахшида шуда бошанд ҳам, вале дар байни онҳо ба як илм афзалияти бештар дода шудааст [8, с.2].

Ҳарчанд дар гузашта дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр ва баъдтар дар марказҳои тоҷикии арабшиносӣ манзумаҳои наҳвӣ шуҳрати кофӣ надошта бошанд ҳам, вале омӯзиши ин мавзӯъ нишон медиҳад, ки қаламкашони форсу тоҷик дар таърих манзумаҳои зиёди наҳвӣ аз худ ба ёдгор гузоштаанд. Чунончи, соҳибони мақолаи «Манзумаҳои наҳвӣ дар Эрон» аз 71 манзумае ёд намудаанд, ки ба риштаи назмкашии машҳуртарин китобҳои наҳвии арабӣ аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик дар асрҳои гуногун ишора месозанд. Тибқи ин пажӯҳиш донишмандони форсу тоҷик китобҳои «Авомил»-и Ҷурҷонӣ, «Муфассал»-и Замахшарӣ, «Муғни-юл-лабиб»-и Ибни Ҳишом ва ғайраро ба назм даровардаанд. Вале аз ин шумора бисёр қисмати каме ба забони форсии тоҷикӣ суруда шудааст [10, с.186]. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки аз Абдурраҳмони Ҷомӣ манзумае бо номи «Сарф-ул-лисон» ба мерос мондааст, ки дар он қоидаҳои сарфии забони арабӣ бо забони тоҷикӣ оварда шудааст, ки абёте аз он ин гуна аст:

Ҳар куҷо гардад исму феъл падид,
Аз муҷаррад бурун мадону мазид.
Чист донӣ муҷаррад он калима,
Ки ҳуруфаш бувад усули ҳама.
Ҳарчи ҳарфе бар он бар асл афзуд,
Дар ҳисоби мазид хоҳад буд [1, с.13].

Хулоса, манзумаҳои наҳвӣ дар таърихи забоншиносии араб ва форсу тоҷик аз ҷойгоҳи волои илмӣ бархӯрдор буда, ба марҳилаи сифатан нав гузаштани омӯзиш ва баррасии масоили наҳвию сарфӣ ва балоғию луғавии забони арабӣ ишора мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Сарф-ул-лисон / Ҷомӣ, Абдурраҳмон. – Душанбе: Сомон-граф, 2020. – 64 с.
2. Аҳмад Амин. Зуҳа-л-ислом / Амин, Аҳмад. – Мактабат-ул-усра, 1997. - Ҷ.1. – 431 с. [бо забони арабӣ].
3. Ибни Сино. Ал-Урҷузат-ут-тиббия: таҳқиқ ва тарҷума ба фаронсавӣ аз ҷониби Ҷон Ҷой ва Абдулқодир Нуриддин. – Порис, 1956. – 99 с. [бо забони арабӣ].
4. Исмонов К.Б. Абдураҳмони Ҷомӣ ва «Фавоид-уз-зиёия»-и ӯ / К.Б. Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - №2. – С.228-233.
5. Исмонов К.Б. Бозтоби андешаҳои забоншиносӣ дар нахустин фарҳангномаҳои форсии тоҷикӣ (дар мисоли «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ва «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ) / К.Б. Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - №2. – С.15-19.
6. Кадканӣ М.Ш. Анвои адабӣ ва шеъри форсӣ / М.Ш. Кадканӣ. (Аз гуфтугӯ бо донишҷӯёни Донишсарои олии Теҳрон дар 1350 ҳ.) [http://shafieikadkani.blog.ir/1391/11/25/anva_adabi санаи мурочиат 10.11.2020].
7. Мамдуҳ Абдурраҳмон. Ал-Манзумат-ун-наҳвия: диросатун таҳлилия / Абдурраҳмон, Мамдуҳ. – Искандария: Матбаъату Ёсу, 2000. – 374 с. [бо забони арабӣ].
8. Маҳдӣ Диҳромӣ. Манзумаҳои илмӣ-омӯзишӣ дар адабиёти форсӣ ва баррасии сайру муҳтавои он (то қарни 9) / Диҳромӣ, Маҳдӣ // Ҷусторҳои навини адабӣ. Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишӣ. - Шумораи 195, Зимистони 1395. – С.1-22 [бо забони форсӣ].
9. Маҳмуд Фаҳмӣ Ҳиҷозӣ. Усусу илм-ил-луғат-ил-арабия / Ҳиҷозӣ, Маҳмуд Фаҳмӣ. - ал-Қоҳира: Дор-ус-сақофат ли-т-тибоати ва-н-нашр, 2003. – 321 с. [бо забони арабӣ].
10. Муҷтабо Умронипур. Манзумаҳои наҳвӣ дар Эрон / Умронипур, Муҷтабо, Ғ.Ризоӣ. – Маҷаллаи оинаи мерос, 1394. - №59. – С. 169-187. [бо забони форсӣ].
11. Саид Муртазо Ҳусайнӣ. Муқаддимае бар манзумот (шеъри таълимӣ)-и асри аббосӣ / Ҳусайнӣ, Саид Муртазо. Нашрияи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ. – 1388. - №25. – С.33-53. [бо забони форсӣ].
12. Халил ибни Аҳмад Фароҳидӣ. Ал-Манзумат-ун-наҳвия / Фароҳидӣ, Халил ибни Аҳмад. - Диросату ва таҳқиқу Аҳмад Афифӣ. – Умон, 2000. – 233 с. [бо забони арабӣ].
13. Халф ал-Аҳмар. Муқаддиматун фи-н-наҳв / ал-Аҳмар, Халф: таҳқиқу Иззиддин ат-Танухӣ. – Димишқ, 1961. – 123 с.
14. Ҳадора М.М. Иттиҷоҳот-уш-шеър-ил-арабӣ фи-л-қарн-ис-сонӣ / Ҳадора, М.М. – ал-Қоҳира: Дор-ул-маориф, 1963. – 681. [бо забони арабӣ].
15. Ҳассон ибни Абдуллоҳ Алғулаймон. Ал-Манзумот-ун-наҳвия ва асаруҳо фи таълим-ин-наҳв / Алғулаймон, Ҳассон ибни Абдуллоҳ. – Бидуни сол ва ҷойи нашр. – 112 с.
16. Ҷалол Шавқӣ. Ал-Улум-ул-ақлия фи-л-манзумот-ил-арабия: диросатун васоиқиятун ва нусус / Шавқӣ, Ҷалол. – ал-Кувайт, 1999. – 934 с. [бо забони арабӣ].
17. Шавқӣ Зайф. Ат-Татаввуру ва-т-тағаддуд фи-шеър-ил-умавӣ / Зайф, Шавқӣ. – Дор-ул-маориф, табъи ҳаштум. – 338 с.
18. Яҳё ибни Абдулмуътӣ. Ад-Дуррат-ул-алфия (Алфияту Ибни Муътӣ) / Яҳё ибни Абдулмуътӣ. Забатаҳо ва қаддама лаҳо Сулаймон Иброҳим ал-Булкаймӣ. – ал-Қоҳира: Дору-л-фазила, 2019. – 80 с. [бо забони арабӣ].

МАНЗУМАҲОИ НАҲВӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ВА ФОРСУ ТОҶИК

Мақола ба баррасии манзумаҳои наҳвӣ дар таърихи забоншиносии араб ва форсу тоҷик бахшида шудааст. Аз пажӯҳиши масъала маълум мегардад, ки ба майдон омадани манзумаҳои наҳвӣ, пеш аз ҳама, ба хотири таълими қоидаҳои сарфию наҳвӣ будааст, чаро ки, аз як тараф, ҳифзи шеър/назм осонтар аст ва, аз тарафи дигар, шеър/назм бисёр кам мавриди тағйиру таҳриф қарор мегирад. Пажӯҳиш нишон медиҳад, ки ҳарчанд дар забоншиносии араб нахустин манзумаи наҳвӣ ба Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ тааллуқ доштаву таърихи баназмкашии қоидаҳои наҳвӣ ба таърихи тадвини насрии он тавъам бошад ҳам, вале давраи ташаккули он бо эҷод шудани «Алфияҳо»-и наҳвӣ сурат гирифтааст, ки он ба асрҳои V-VI ҳичрӣ рост меояд. Арзиши асосии манзумаҳои наҳвиро донишмандон дар корбурди густардаву осони онҳо дар омӯзиши қоидаҳои сарфию наҳвӣ мешуморанд. Дар мақола ишора мегардад, ки донишмандони форсу тоҷик дар гузашта китобҳои наҳвии зиёдеро ба назм кашидаанд, ки шумораи онҳо имрӯз аз 70 бештар аст. Қисмати бештари манзумаҳои наҳвии донишмандони форсу тоҷик бо забони арабӣ эҷод гаштаанд, вале дар таърихи наҳву сарфи забони арабӣ шуҳрати зиёде касб накардаанд.

Калидвожаҳо: манзумаи наҳвӣ, забони арабӣ, забоншиносӣ, форсу тоҷик, таълим, сарфу наҳв.

ДИДАКТИЧЕСКИЕ ПОЭМЫ О ГРАММАТИКЕ В АРАБСКОМ И ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

Статья посвящена дидактическим поэмам о грамматике в арабском и персидско-таджикском языкознании. Проведенное исследование показало, что цель написания дидактических поэм о грамматике заключалась, прежде всего, в должном преподавании грамматических правил, исходя из того, что, с одной стороны, освоение стихов легче, с другой стороны, стихи исторически крайне редко подвергаются изменениям и искажению. Исследование показало, что первая дидактическая поэма о грамматике на арабском языке принадлежит перу Халила ибн Ахмада Фарахиди, и по времени совпадает с изложением первых грамматических правил в прозе, однако эпоха наибольшего развития дидактических поэм о грамматике приходится на V-VIвека по хиджре, когда были написаны поэмы под названием «Алфия». По мнению ученых, главная ценность дидактических поэм о грамматике заключается в легкости их освоения, что послужило их широкому применению при преподавании грамматических правил. В статье указывается, что в средние века персидско-таджикские ученые перенесли множество книг по грамматике на язык поэзии, количество которых достигает более 70 наименований. Однако большинство написанных персидско-таджикскими учеными дидактических поэм о грамматике арабского языка исторически не получили широкого распространения в арабском мире и языкознании.

Ключевые слова: дидактические поэмы о грамматике, арабский язык, языкознание, персидско-таджикский язык, преподавание, обучение, грамматика.

SYNTAX VERSES IN ARABIC AND FARSI-TAJIKI LINGUISTICS

The article deals with Syntax verses in the history of Arabic and Farsi-Tajiki linguistics. As It comes out from the research of the issue, the appearance of the syntax verses, first of all, is for the teaching of morphology and syntax, becauseon the one hand, to learn poem/verse is easer and on the other hand, poem/verse changes hardly / very little. The

research shows that the first syntax verse belongs to Khalil ibni Ahmadi Farohidi in Arabic linguistics and the history of verse writing of syntax rules are closely connected to the history of its compilation, but its formation and development related to the creation of “Alfiya”, which coincides to the 5-6 centuries. The linguists consider the main worth of syntax verses in the study of morphology and syntax rules. The article shows that the Farsi-Tajiki scholars formerly wrote many syntax books, their numbers of which are more than 70 up to the present. The most part of the syntax verses of Farsi-Tajiki scholars are created in Arabic language, but didn`t gain a lot of fame in the history of Arabic language.
Key words: syntax verse, Arabic language, linguistics, Farsi-Tajiki language, education, syntax and morphology.

Маълумотнома оид ба муаллиф: ***Исмонов Карометулло Бадридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Сведения об авторе: ***Исмонов Карометулло Бадридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about author: ***Ismonov Karomatullo Badridinovich*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Tel.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК:398.9(491.550:42)

МУҚОИСАИ ХУСУСИЯТҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ЗАБОНҲОИ ВАХОНӢ ВА АНГЛИСӢ (дар мисоли соматизмҳо)

Матробиён С.Қ., Парвоева Н.З.
Институти забон ва адабиёти номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ,
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Зарбулмасалу мақолҳое, ки дар он узвҳои бадани инсон (ҷузъҳои соматикӣ) мавқеи муайянро касб мекунанд, дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ гурӯҳи калонеро ташкил мекунанд. Вазифаи асосии онҳо ифода намудани хусусиятҳои таъсирбахшӣ, ҳолатҳои рӯҳӣ ва мақоми шахсии инсон дар ҷомеа мебошад. Дар забонҳои таҳқиқшаванда зарбулмасалҳое мавҷуданд, ки тасвирҳои шабеҳи узвҳои бадани инсонро нишон медиҳанд. Дар баробари ин, дар зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ баъзе мавзӯъҳое вомехӯранд, ки онҳо дар забони англисӣ вуҷуд надоранд, аммо аз нигоҳи хусусиятҳои семантикии худ ба ҳам алоқамандии маъноӣ доранд, ки ҳангоми таҳлили муқоисавии ин ду забон ошкор гардид. Инсон ҳамчун шахсият дорои ҳиссиёт ва эҳсосоти олие мебошад, ки онҳо тавассути узвҳои ҳис ва қисмҳои бадани ӯ дарк мешаванд. Аз ин рӯ, мавқеъгирӣ намудан ва дарки олами атроф тавассути бадани худ ба инсон осонтар аст. Яъне, инсон олами кӯчаке ҳаст, ки махсусияти олами бузургро дар худ инъикос мекунад ва он дар унсурҳои забонӣ ифода меёбад. Дар робита ба умумият доштани ҳодисаву ҳолатҳои олами беруна, оламе, ки гирду атрофи моро иҳота намудааст, бо вазифаҳои бадани инсон, ки дар илми забоншиносӣ бо номи соматизмҳо маълуманд, бо лексемаҳои соматикӣ ифода меёбад.

Лексикаи соматикӣ (аз юнонӣ «soma»-«бадан») яке аз гурӯҳҳои луғавие дар ҳар як забон мебошад, ки мавзӯи асосии таҳқиқоти муқоисавӣ-таърихӣ ва луғатшиносии забоншиносони ватаниву хориҷӣ маҳсуб мешавад. Одатан, ин лексикаро дар низоми луғатшиносии ҳар як забон аз нигоҳи мавзӯъбандӣ аввалин шуда ба мавзӯъҳо ҷудо мекунанд. Гузашта аз ин, таҳти мафҳуми лексикаи соматикӣ воҳидҳоеро мефаҳманд, ки бо ҷузъҳои таркибӣ ё вожаҳои мустақили ифодакунандаи номи қисматҳои бадани инсону ҳайвонот ифода меёбанд. Дар охирҳои асри XX ва оғози асри XXI забоншиносон бо кӯшиши ёфтани роҳҳои ҳалли масъалаи иртибототи байнифарҳангӣ ва ҳамзамон, таҳқиқу омӯзиши таркиби луғавии забон таваҷҷуҳи хоссаро маҳз ба таҳияи луғатҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои соматикӣ равона мекунанд. Ҳамин тавр, аз нимаи дувуми садаи XX истилоҳи «соматикӣ» дар таҳқиқи вожаҳое фаъол корбурд мешаванд, ки ҳамаи он чизи ба бадани инсон ё ҳайвон мансубро ифода мекунад. Рағбати таҳқиқоти соматизмҳо аз ҷониби забоншиносон аз он сабаб афзун гардид, ки инсон раванди шинохти худро чун шахсият аз эҳсосот оғоз намуда, тавассути муқоисаи узвҳои ҳис ва қисмҳои бадан ӯ ҷаҳони иҳотанамудаи худро дарк мекунад.

«Инсон худнамогар, – менависад В.Г. Гак дар яке аз корҳои охирини хеш, – ӯ дар худ маркази коинотро мебинад ва дунёро бо айнияти худ тасвир мекунад» [1, с.702]. Маълум аст, ки дар забони кулли миллатҳо чунин қисмҳои бадани инсон, ба мисли *сар, чашм, гӯш, лаб, даҳон, забон, дил, даст, пой* ва ғайра номи ҷудогонаи худро доранд. Бинобар ин, соматизмҳо дар худ мафҳуму муносибатҳоеро нишон медиҳанд, ки бо онҳо ибрози андеша ва нутқ кардани инсон гуворотар аст. Соматизмҳо миқдори бузурги фаҳмиш ва

муносибатҳоеро дороянд, ки дар ҳар кадоми онҳо ҷамъияти инсонӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Албатта, ҳеҷ чиз мисли забон амиқ ва пурра махсусияту гуногуншаклии ин ё он халқро инъикос карда наметавонад. Аз ин рӯ, манзараи олами дар инсон мавҷудбуда, ба дараҷаи маъмул бо низоми забон муайян карда мешавад. Зарбулмасалҳо, мақолҳо ва дигар ҳикматҳои хушобуранг ҳамчун воҳидҳои иртиботии махсуси афкори умумӣ барои тамоми инсоният баён мегарданд ва ҳамзамон, хусусияти ҷаҳондонии ҳар як узви ҷомеаро таъкид мекунанд. Аз назари забоншиносӣ лексикаи соматикиро полисемияҳое ташкил медиҳанд, ки аз нигоҳи мавқеи истеъмол ва инкишофашон аз ҳам фарқ мекунанд.

Лексикаи соматикӣ як низоми мукаммале маҳсуб меёбад, ки дорои миқдори муайяни вожаҳои худ буда, барои ифодаи таркиби мушаххаси воҳидҳои луғавӣ таъйин гардидааст.

Инсон ҳамеша ҳар як чизи навро бо худ муқоиса карда, ба худ шабеҳ медиҳад ва онро ҳатто андоза мекунанд. Аз ҷумла, дар замонҳои қадим одамон баъзе қисмҳои бадани худро ҳангоми муқоисаву ҳамчении ягон ашё корбурд мекарданд ва ин, табиатан, дар нутқи инсонҳо инъикос меёфт. Дар зер мо ҳар як ҷузъи бадани инсон (соматизмҳо)-ро дар алоҳидагӣ ҳангоми истифода дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ ба таври муқоиса дида мебароем.

ҷузъи *sar/ head (cap)*- Ҷузъи соматикии sar/head (cap), ки яке аз узвҳои муҳимтарини бадани инсон маҳсуб мешавад, дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ хеле серистифода мебошад. Сар, ки дар он мағзи инсон ҷойгир аст, барои равандҳои ақлонии инсон ва ҳолату вазъи ӯ ҷавоб медиҳад. Зикр бояд кард, ки барои ифодаи «сар» дар забони вахонӣ низ бо вожаи «*sar*» истифода мешавад. Ҷузъи *cap* ба маънои аввалини худ дар зарбулмасалҳои вахонӣ, чун дар зарбулмасалҳои забони англисӣ, бештар истифода бурда мешавад. Зеро фикр амалкарди асосии сар маҳсуб мешавад ва дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ *cap* сифати инсонро ифода мекунад, ки ба зеҳну ақл алоқамандӣ дорад. Масалан, хушфаҳмӣ, зиракӣ ё бефаҳмӣ (беақлӣ), нодонӣ. Мисол: дар мақоли *too much knowledge makes'the head bald* [10, с.12] [*маҳтул.* аз бисёр хондан сар кал мешавад]; *cə i sarn bu sar baf* [9, с.153] *two heads are better than one* [*маҳтул.* аз як сар ду сар беҳтар]. Яъне барои тақвияти фикр, барои маслиҳати муфид нисбат аз як кас фикри ду кас беҳтар. Дар забони вахонӣ мақоли *sə хə sarzuri хăk* [*маҳтул.* бо сарзӯрӣ (яъне зӯрбазӯр) чизеро ё кореро кардан] дар гуфтори мардум бештар мустаъмал аст. Мақоли мазкур ба маънои ягон корро на бо ақлу заковат, балки бо қувваи зӯру бозу ичро кардан корбуд мешавад.

Зарбулмасалу мақолҳое мавҷуданд, ки танҳо хосси забони вахонӣ буда, дар он хусусиятҳои этникии соҳибзабонон инъикос меёбад*: kal sarər pыšk bana* [9, с.109] [*маҳтул.* барои сари кал *pыšk* (як навъ алаф) баҳона аст]; *хы sari rand, хы ziki nəy* [9, с.110] [*маҳтул.* сарашро медиҳаду забонашро не]; *kal хы sarər tыbib* [9, с.109] [*маҳтул.* кал табиби сари худ бошад]. Зарбулмасали мазкур дар забони тоҷикӣ низ маълум буда, он ба маънои, “агар касе саҳван ичрои кореро ба каси ноуҳдабаро, ба кори худ дармонда супориданӣ бошад, ба ӯ номувофиқ будани супориш бо ин зарбулмасал хотирнишон карда мешавад ва ё касе аз уҳдаи ичрои коре набаромадани худро бо ин зарбулмасал тасдиқ менамояд” [8, с.171].

Дар зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ head «сар» ҳамчун қисми асосии бадан, хусусияти анъанавии ҷамъияти англисиро муайян мекунад. Дар асоси он дараҷаи муносибатҳои иҷтимоии шахсиятҳо, пеш аз ҳама, мавҷудияти пешвои рӯҳониро тахмин мекунанд. Дар фарҳанги англисӣ чунин сифати инсон аҳаммияти калон дорад, чунки он бо эҳсосоти амиқи ахлоқии инсон алоқаманд аст. Дар зарбулмасалу мақолҳои англисзабонон ҳолатҳое, мавҷуданд, ки вожаи *cap* дар худ тобиши манфӣ дорад: *little wit in the head makes much work for the feet* [10, с.161] [*маъно.* каллаи бемағз ба пой оромӣ намедиҳад]; *idle head is a box for the wind* [*маъно.* каллаи бемағз – каду]. Дар байни мардуми водии Вахон зарбулмасалу мақолҳои марбут ба мавзӯи зикршуда аксарият иқтибос аз забони тоҷикӣ мебошанд: *калла дар китф майна аз он дарбадар* (яъне, одамоне, ки саводи кам доранд); *кал фузуле шавад, чу ёфт кулоҳ* (одами нобакор ҳамин, ки айбаш андак пӯшида шуд, забондарозӣ сар мекунад); *кал ҳам заду кӯр ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад* (касе агар аз худ кеҳтарро сарзаниш кунад, ба ӯ ба тариқи истеҳзо ин зарбулмасалро мегӯяд).

Ҷузъи *sar//head* ба ғайр аз маънои аввалаш, метавонад, инчунин, ба маъноҳои хиради инсон, шууру сифати ӯ ва хусусиятҳои ахлоқӣ, ҳамчунин, оғози (сари) ягон чиз ё ҳодисаву воқеа ҳам дар зарбулмасалу мақолҳои забонашон муқоисашаванда истифода ёбад*: somebody is not the only pebble on the beach* [10, с.233] [*маъно.* сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре]; *fault confessed is half redressed* [10, с.112] [*маъно.* сари хамро шамшер намебурад]; *no cross, no crown* [10, с.224] [*маъно.* Сарро, ки буриданд, ба ҳоли мӯяш намегирянд];**ҷузъи dast // hand (даст) -** Даст яке аз узвҳои дигари муҳимми инсон аст, ки онро дар тӯли ҳаёт ҳамроҳӣ мекунад. Вазифаҳои дастро дар зиндагии инсон бо рақам шуморидан ғайри имкон аст, вале дар робита ба нақше, ки он дар зиндагӣ дорад, зарбулмасалу мақолҳои зиёд дар тамоми забонҳо эҷод гардидааст. Воҳидҳои соматикии

даст дар зарбулмасалу мақоли халқҳои вахонзабону англисзабон хеле васеъ инъикос ёфтааст. Дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ бо ёрии ҷузъи *даст//hand*, пеш аз ҳама, фаъолияти меҳнатии инсон ҳамчун одати ҳамарӯза инъикос меёбад. *i dast, dasti dgarər qwat* [9, с.113] [*маҳтул.* як даст қувваи дасти дигар]; *ar kuy dast yaw ўašər qrib* [9, с.111] [*маҳтул.* дасти ҳар кас ба даҳони худаш наздик] *near is my coat, but nearer is my shirt* [9, с.133]; *cə i dastən sdo nənəwəzd* [9, с.111] [*маъно.* аз як даст садо намебарояд]; you can't clap with one hand] [10, с.55]. Зарбулмасали зер, ки бо унсури *даст* истифода шудааст, танҳо хосси мардуми водии Вахон мебошанд: *žə dast cə gurən uč* [9, с.112] [*маҳтул.* дастам аз қабр боло]. Яъне, дар тафаккури мардуми вахонизабон, он ки мемирад, чашмҳояш пӯшида ва дасту пояш бояд рост бошад. Агар мурдае чашмаш пӯшида нашавад, мегӯянд, ки ӯ касеро интизор аст. Аммо дар зарбулмасали *žə dast cə gurən uč* [дастам аз қабр боло] - ро шахсе мегӯяд, ки ӯ аз касе, хусусан наздикони худ, норизо бошад. Яъне, вақти мурдан дасташ хам намехӯрад. Инчунин, зарбулмасалу мақолҳое, ки танҳо хосси мардуми водии Вахон ҳастанд: *žə dast də ti doman* [*маҳтул.* дасти ману домани ту]; *i dast dasti dgarər qwat* [*маъно.* як даст ба дасти дигар қувват]. Дар зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ *hand (даст*) бештар аз ҳама, муваффақияти корро ифода мекунад: *handful of trade is a handful of gold* [9, с.249] [*маъно.* ҳунарманд хор намешавад]*; many hands make light work* [9, с.133] [*маъно.* ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт]. Дар зарбулмасалҳои забони англисӣ баъзан беилтифотии махсус нисбати одамони кунҷков бо ёрии ҷузъи *hand (*даст) инъикос меёбад: *Put not your hand between the bark and the tree* [10, с.176] [*маъно.* лагади харро хар мебардорад]. Ғайр аз ин, дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ бо ҷузъи *hand (даст)* мушкилоти гум кардани боварӣ ва имконияти рафтори хоинӣ аз ҷониби шахси наздик инъикос меёбад, ки аз паҳншавии хоинӣ, махсусан, байни одамони наздик хабар медиҳанд: *give him an inch and he'll take an ell* [10, с.132**]** [*маъно.* даст додем аз оринҷ гирифтанд]; *hand that gives, gathers* [10, с.132] [*маъно.* дасти диҳанда бало]. Дар забони англисӣ hand (даст) метавонад ягон хел сифати мусбати инсониро ифода кунад. Масалан, поквиҷдонӣ ё самимиятро: *a clean hand wants no washing* [10, с.120] [*маъно.* дасти тоза муҳточи шустан нест]. Сангдилӣ, фориғболӣ ва бепарвоӣ дар забони англисӣ нуқсони аз ҳама бузурги инсон маҳсуб мешавад: *worse than a bloody hand is a hard heart* [10, с.223] [*маъно.* дасти хунрез, бадтар аз дили бераҳм аст]. Дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ бо ёрии ҷузъи hand (даст) муқоисаи афзалият доштани чизи дар дасти худи шахс буда бо ашёи дар даст набуда ва ё аз каси дигар бештар ба назар мерасад: *a gift in the hand is better than two promises* [10, с.41] [*маъно.* аз дунбаи нася шуши нақд беҳ]; *a sparrow in your hand is better than a pigeon on the roof* [10, с.252] [*маъно.* чумчуқи дар даст буда беҳ аз лайлаки дар ҳаво]**.** Зарбулмасалу мақолҳо дар ҳар ду забони муқоисашаванда: *cə i dastən sdo nənыwəzd; scratch my back and I'll scratch yours* [10, с.57] [*маъно.* аз як даст садо намебарояд]*; i dast, dasti dəgarər qwat; one hand washes the other (and both the face* [10, с.56] [*маъно.* қарсак аз ду даст].

Зарбулмасалу мақолҳое, ки дар забони вахонӣ истифода мешаванд, бештар иқтибос аз забони тоҷикӣ мебошанд ва муодили онҳоро метавон дар забони англисӣ дарёфт кард: *give a clown a finger and he'll take an ell* [10, с.132] [*маъно.* даст додем аз оринҷ, даст гирифтанд]; *king have arms* [*маъно.* дасти бой дароз]; *hand that gives gathers* [10, с.132] [*маъно.* дасти диҳанда боло]; *many hands make light work* [*маъно.* дасти кӯп дар хишова]; *near is my coat, but nearer is my shirt* [*маъно.* дасти ҳар кас ба даҳони худаш наздик]; *you never know till what you can do till try* [10, с.133] [*маъно.* даст кор мекунаду чашм метарсад]; *wash your dirty linen at home* [10, с.133] [*маъно.* даст шиканад даруни остин]; *all covet, all lose* [*маъно.* даҳ ангушта ба даҳанат андозӣ, даҳонат медарад]. Ҳамин тавр, дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ бо ёрии ҷузъҳои *даст//hand* фаъолияти меҳнатии инсон чун одату анъанаи ҳамарӯза инъикос меёбад. Дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ *hand(даст)* муваффақияти корро ифода мекунад, ки ин дар забони вахонӣ низ на ҳамчун уҳдадорӣ, балки чун шароити одии зиндагӣ фаҳмида мешавад. Дар олами тасвири вахонизабонон муносибати мусбати инсон ба меҳнат баён мегардад ва диққати махсус ба нақши даст дар фаъолияти ҳаётии инсон дода шудааст. Аммо дар баробари он муносибати манфии одамон бо меҳнат низ тавассути ҷузъи даст ифода меёбад. *Yaw dast xoli skam dam* [9, с.113] [*маҳтул.* даст ба пушт мондан], яъне аз уҳдаи ягон кор набаромадан; *хъы dast tər kosai tar nədingak* [9, с.114] [*маҳтул.* дастонро ба косаи тар назадан]; *хъы dasti ba craker nərand* [*маҳтул.* дастонро барои бӯса намедиҳад]; *сы nokas yarken хы dasti ba carət nezd* [*маҳтул.* аз кори нокас дастҳоятро бӯса куну шин]; *vrыtən yi dast də grivon iw də tbaq* [*маҳтул.* як дасти бародар, агар дар гиребон бошад, дигараш дар табақ аст]*; yi dastən yi sdo* [*маҳтул.* аз як даст як садо мебарояд]; *хə vdəki də хъы dastən kur crak* [*маҳтул.* роҳи худро бо дастони худ вайрон кардан].

ҷузъи pzыv // heart (дил) - Дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ pzыv// heart (дил*)* узви асосӣ ва марказии инсон маҳсуб мешавад. Олами ботинии инсон

ҳамеша ба дил нигаронида шудааст ва «майдони» дил ончунон фарох аст, ки як олами бузург метавонад дар он ғунҷад. Дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ соматизми мазкур, беш аз ҳама, чунин эҳсосу ҳаяҷони инсониро ба мисли хурсандӣ, муҳаббат, дилсӯзӣ ғуссаву сӯг ва ғайра ифода мекунад. Дар зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ ҳамин сифатҳои инсонӣ баръало инъикос ёфтаанд: *pzɨv ki cə ϑit, cə kur čəžmən yašk nəwəzd* [9, с.111] [*маҳтул.* агар дил бисӯзад, аз чашми кӯр ҳам ашк мерезад]: *pzɨv xašt, pɨd rəšt* [9, с.111] [*маҳтул.* дил мекашаду пой меравад]; *хъы pzɨv bɨ ṣəyton mərand* [*маҳтул.* дилро ба шайтон надех]; *ṣək xalg pzɨv šɨw* [9, с.114] [*маҳтул.* дили одами бад сиёҳ аст]; *yavi pzɨviš iw* [*маҳтул.* дилашон як будааст]: *xalg pzɨv xalgər dorɨw* [*маҳтул.* дили одам ба одам дору аст]; *šak xalg хъы šakiγī cə dišt pzɨv kaft* [9, с.114] [*маҳтул.* одами бад агар бадиашро мефаҳмад дилаш мекафад]. Дар зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ низ ифодаҳои маҷозии соматизми мазкур муайян карда шудаанд. *«happy heart»* дили хуш, *«warm heart»*- дили гарм, *«ligth heart»*- дили равшан сифати (мусбати) шахс, накукорӣ, самимияти одамро ифода мекунад. *A light heart lives long* [10, с.129] [*маъно.* дили кушод умри дароз мебинад]*; a light heart makes light work* [*маҳтул.* дил кушод бошад, ҳар кор осон мегардад]; *blithe heart makes a blooming visage* [*маҳтул.* дили пок рӯҳи нуронӣ дорад].

Дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ *«дил»* сарчашмаи неру ва мардонагист: *to a brave heart, nothing is impossible* [*маҳтул.* барои дили шуҷоъ ҳама кор саҳл аст]; *idle folks lack no exuses* [10, с.72] [*маъно.* дили нохоҳам, узри бисёр]; *he that all men will please shall never find ease* [10, с.136] [*маъно.* дили раҳмин ҳамеша ғамгин]; *he had needed by times that would please everybody* [10, с.136] [*маъно.* дили ҳамаро гирифта намешавад (ё ин ки ёфтан душвор)].

Барои *«дил»*-и англисӣ чунин сифатҳо аз қабили ҷасур, ғайратманд ва ирода ҳатмӣ маҳсуб меёбанд. Дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ соматизми pzɨv//«heart» метавонад бо оташи ботинии инсон муқоиса шавад, ки дар худ бадқасдӣ, бим ва зарбаро дорост*: cə ǰoni dilən gap dingak* [*маҳтул.* аз дилу ҷон гап задан]**; the heart that once truly loves never forgets** [*маҳтул.* агар аз таҳти дил дӯст дорӣ, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳӣ кард].

ҷузъи mis // nose (бинӣ)- Дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ *mis//nose(бинӣ)* кам дучор шавад ҳам, вале ҳисси кунҷковии инсонро ҳамчун ҷанбаи манфии хислати инсон инъикос намояд: *хъы misi dɨ kɨli yark mə di* [*маҳтул.* ба ҳар кор бинӣ нахалон]; *don't borrow another's nose to breathe with* [*маҳтул.* ба ҳар кор бинӣ нахалон]; *he that has a great nose thinks everybody is speaking of it* [*маҳтул.* ҳар касе, ки бинии дароз дорад, хаёл мекунад, ки ҳама дар бораи вай гап мезананд].

Дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ оид ба бинӣ метавонад чунин сифатҳои инсон, аз қабили худдорӣ инъикос гардад. Масалан, дар ҷӯши ғазаб инсон мехоҳад касеро ба танг оварад: *don't cut off your nose spite your face* [10, с.175] [*маҳтул.* қаҳрат омад, биниятро газ].

ҷузъи čəẓm // eyes (чашм) - Ба туфайли чашм инсон амалан ҳамаи иттилоотро доир ба объектҳои олами беруна мегирад ва маҳз чашмон абзори асосии дарки воқеияти иҳотакунанда маҳсуб мешаванд. Ҷузъи *čəẓm (чашм)* дар ифодаи маъноии нахустини худ дар зурбулмасалҳои вахонӣ бар тафовут аз зарбулмасалҳои англисӣ доим истифода намешавад: *dur sətkət čəžm mərz* [9, с.112] [*маҳтул.* шиками серу чашми гурусна]; *čəẓm tər vədək* [*маҳтул.* чашм ба роҳ чор будан]. Чашм ин оинаи дил аст ва ҳолатҳои гуногуни рӯҳии инсонро нишон медиҳад: *the eyes are the window of the soul* [10, с.251]. [*маъно.* чашм оинаи дил аст].

Дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ ва англисӣ бо *čəẓm // eyes(чашм)* муҳокимаи зеботи берунӣ инъикос мешавад. Оинаи дил ҳолатҳои гуногуни рӯҳии инсонро нишон медиҳад: *to cry with one eye and laugh with the other* [10, с.52] [*маъно.* бо як чашм гиря бо дигараш ханда ё бо чашм гирёну бо дил хандон]; *send (carry) owls to Athens* [10, с.250] [чашма пеши дарё бурдан]; *love is blind* [10, с.158]; [*маъно.* чашми дилдода кӯр аст]; *man ever knows what he can do till he tries* [10, с.251] [*маъно.* чашми одам оҳуву дастонаш шер]; *what the eye doesn't see, the heart doesn't grieve over* [10, с.195] [*маҳтул.* набинаму насӯзам].

Дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ, вақте ки дар чашмашон муҳаббати инсон инъикос меёбад, дар ҳақиқат, зебо шуморида мешавад: *beauty lies in lover's eyes* [10, с.177] [*маҳтул.* дар чашми ошиқ чеҳра зебо нест, балки ишқ зебост].

ҷузъҳои ɣaṣ//mouth (даҳон) **ва zik // tongue** (забон)- Зарбулмасалу мақолҳое, ки хосси забони вахонӣ ҳастанд: *zik bi cətxon* [*маҳтул.* забон устухон надорад [9, с.113]; *čiz ki də pzɨv nast, tər zik nəwizit*[9, с.114] [*маҳтул.* Чизе, ки дар дил нест, ба забон намеояд].

Зарбулмасалу мақолҳо дар забони муқоисашаванда: *tɨrdɨt ɣaš wədrak nəwost* [3, с.113] *// pigs grant about everything and nothing* [10, с.124] [*маъно.* дарвозаи шаҳрро бастан мумкин, даҳони бадгӯйро не]; *čiz ki də pzɨv cəy tər ɣaṣˇwizit* [9, с.113] *// what the heart thinks the tongue speaks* [10, с.125] [*маъно.* дар дил буда ба забон меояд].

Зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ, ки дар забони вахонӣ пурра истифода бурда мешаванд ва муодили онҳо дар забони англисӣ: *he that talks much lies much* [10, с.76] [*маъно.*

бало ба одам аз забон аст]; *a fool's tongue runs before his wit* [10, с.120] [*маъно.* одами аҳмақро забонаш пеш аз сараш кор мекунад]; *the tongue is not steel, yet it cuts* [10, с.43] [*маъно.* аз захми забон захми табар беҳ]; *wine is in, truth is out* [*маъно.* дар вақти ҳушёрӣ дар зеҳн аст, дар мастӣ дар забон]; *keep your mouth shut ahd your ears open* [10, с.261] [даҳонатро пӯш, гӯшҳоятро кушода мон, кам гӯю бисёр шунав]; *fool's tongue is long enough to cut his own throat* [10, с.102] [*маъно.* булбул аз забонаш дар банд аст]. Зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ, ки муодили худро дар забони англисӣ надоранд: *ti zik ti dəšman* [9, с.115] [*маҳтул.* забонат душманат аст]; *хə sari rand хə ziki nəy* [9, с.116] [*маҳтул.* сарашро медиҳад, забонашро не]; *dəzd xalg zik kыt* [9, с.115] [*маҳтул.* забони дузд кӯтоҳ аст]; *ti zbun mur* [*маҳтул.* забонат баста шавад]**;** *ti zik i qloč* [*маҳтул.* забонат дароз]**;** *ti zik ta gur* [*маҳтул.* забонат дар гӯр]; *zik bi ustuxon* [9, с.109] [*маҳтул.* забон устухон надорад].

Зарбулмасалу мақолҳои зер дар забони англисӣ имрӯз ҳам дар истифода қарор доранд: *tongue ever turns to the aching tooth* [10, с.245] [*маъно.* ҳар кас аз дарди худ менолад]; *tongue breaks bone, through itself has none* [10, с.150] [*маъно.* забон лаҳми гӯшт]; *tongue is not steel, yet it cuts* [10, с.43] [*маъно.* аз захми забон захми табар беҳ]; *tongue of idle person is never idle* [10, с.109] [*маъно.* дар гап паҳлавон, дар кор ҳайрон].

Албатта, ҳар як миллату халқ таърихи худ ва фарҳанги худро дорад, ки асрҳо ё ин ки ҳатто ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтаанд ва асосан, беназирии ҳар як миллат маҳз дар забони вай таҷассум меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гак В.Г. Языковые преобразования / В.Г. Гак. - Москва, 1998. – 702 с.
2. Жуков, В.П. Пословица / В.П. Жуков // Лингвистический энциклопедический словарь; под ред. В.Н. Ярцевой. – М.: Советская энциклопедия, 1990. – С.389.
3. Стеблин-Каменский И.М. Языки Восточного Гиндукуша. Ваханский Язык / И.М. Стеблин-Каменский. - Москва, 1976. – 670 с.
4. Пахалина Т.Н. Ваханский язык / Т.Н. Пахалина. – Масква, 1975. – 342 с.
5. Калонтаров Я.И. Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими / Я.И. Калонтаров. - Душанбе, 1965. - 534 с.
6. Стеблин-Каменский И.М. Этимологический словарь ваханского языка / И.М Стеблин-Каменский. - Санкт-Петербург, 1999. – 480 с.
7. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ / М. Фозилов. – Душанбе, 1975. – 367 с.
8. М. Фозилов. Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо / М. Фозилов. - Душанбе, 1973. – 510 с.
9. Матробиён С. ВУҲ диёр ганҷ. Ганҷи Вахонзамин. Маҷмӯаи осори мардумӣ / С. Матробиён. - Душанбе, 2015. – 159 с.
10. 10.Субҳинисо Б. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ - англисӣ – русӣ / Б. Субҳинисо. Хуҷанд, -2016.-417с.
11. Мюллер, В.К. Большой англо-русский, русско-английский словарь / В.К. Мюллер. – М.: ООО Дом Славянской книги, 2007. – 958 с.

МУҚОИСАИ ХУСУСИЯТҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ЗАБОНҲОИ ВАХОНӢ ВА АНГЛИСӢ

(дар мисоли соматизмҳо)

Соматизмҳо миқдори бузурги фаҳмиш ва муносибатҳоеро дороянд, ки дар ҳар кадоми онҳо ҷамъияти инсонӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Албатта, ҳеҷ чиз мисли забон амиқ ва пурра махсусияту гуногуншаклии ин ё он халқро инъикос карда наметавонад. Аз ин рӯ, манзараи олами дар инсон мавҷудбуда, ба дараҷаи маъмул бо низоми забон муайян карда мешавад. Зарбулмасалҳо, мақолҳо ва дигар ҳикматҳои хушобуранг ҳамчун воҳидҳои иртиботии махсуси афкори умумӣ барои тамоми инсоният баён мегардад ва ҳамзамон, хусусияти ҷаҳондонии ҳар як узви ҷомеаро таъкид мекунанд. Аз назари забоншиносӣ лексикаи соматикиро полисемияҳое ташкил медиҳанд, ки аз нигоҳи мавқеи истеъмол ва инкишофашон аз ҳам фарқ мекунанд. Инсон ҳамеша ҳар як чизи навро бо худ муқоиса карда, ба худ шабеҳ медиҳад ва онро ҳатто андоза мекунад. Аз ҷумла, дар замонҳои қадим одамон баъзе қисмҳои бадани худро ҳангоми муқоисаву ченкунии ягон ашё корбурд мекарданд ва ин, табиатан, дар нутқи инсонҳо инъикос меёфт. Дар боло мо ҳар як ҷузъи бадани инсон (соматизмҳо)-ро дар алоҳидагӣ ҳангоми истифода дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ ба таври муқоиса дида баромадем. Зарбулмасалу мақолҳое, ки дар он узвҳои бадани инсон (ҷузъҳои соматикӣ) мавқеи муайянро касб мекунанд, дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ гурӯҳи калонеро ташкил мекунанд. Вазифаи асосии онҳо ифода намудани хусусиятҳои таъсирбахшӣ, ҳолатҳои рӯҳӣ ва мақоми шахсии инсон дар ҷомеа мебошад. Дар забонҳои таҳқиқшаванда зарбулмасалҳое мавҷуданд, ки тасвирҳои шабеҳи узвҳои бадани инсонро нишон медиҳанд. Дар баробари ин, якчанд зарбулмасалу мақолҳоеро дар забони вахонӣ вомехӯрем, ки онҳо дар забони англисӣ вуҷуд надоранд, аммо аз нигоҳи хусусиятҳои семантикии худ ба ҳам алоқамандии маъноӣ доранд, ки дар вақти таҳлили муқоисавии ин ду забон ошкор гардид. Инсон ҳамчун шахсият дорои ҳиссиёт ва эҳсосоти олие мебошад, ки онҳо тавассути узвҳои ҳис ва қисмҳои бадани ӯ дарк мешаванд.

Калидвожа: хусусиятҳои этнолингвистӣ, таҳлили семантикӣ, ҷузъи сар, гӯш, даст, чашм, даҳон.

СРАВНЕНИЕ ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ СПЕЦИФИКИ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК ВАХАНСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

(соматические примеры)

Соматизмы имеют большое значение и важны для каждого человека. Конечно, независимо от того, какой это язык весь спектр специфичности и разнообразия нации не могут быть отражены в них. Поэтому образ человека определяется как стандартная языковая система. Пословицы и поговорки, статьи и другие юмористические

особенности представляют собой особую единицу коммуникации для всего человечества, и в то же время подчеркивают характер каждого члена сообщества. С лингвистической точки зрения соматическая лексика многозначна, она отличается с точки зрения употребления и развития. Свойство человека всегда сравнивать все друг с другом, отождествляя себя и делая еще больше сравнений. В частности, в древние времена люди использовали некоторые части своего тела для сравнения и сопоставления с чем-либо, и это естественно отражалось в человеческой речи. Ниже мы проанализировали каждый компонент человеческого тела в отдельности и сравнили соматические пословицы и поговорки в ваханском и английском языках. Пословицы и поговорки, которые принадлежат человеческому телу (часть человеческого тела), составляют большую группу в ваханском и английском языках. Их главная задача - выразить особенности психологического и личностного характера в обществе. Существуют проверенные методы, которые показывают похожие изображения человеческого тела. В то же время в ваханском языке есть некоторые пословицы и поговорки, которые мы не видим в английском языке, но с точки зрения их соматических особенностей, они имеют отношение к сравнительному анализу этих двух языков. Человек как личность обладает большими эмоциями и эмоциональной чувствительностью, которые воспринимаются посредством различных чувств частей тела.

Ключевые слова: этнолингвистическая специфика, семантический анализ, часть головы, уши, руки, глаза, рот.

ETHNO-LINGUISTIC SPECIFICITY COMPARISON OF PROVERBS AND SAYINGS IN THE WAKHANI AND ENGLISH LANGUAGES

(in somatic examples)

Somatisms have a great deal of understanding and attitudes, which are important in every human being. Of course, no matter what the exact language and the full range of specificity and diversity of the nation cannot be reflected. Therefore, the image of the human being in the universe is defined as a standard language system. Proverb sayings, articles and other humorous features as a special communication unit for all mankind, and at the same time emphasize the character of each member of the community. From the linguistic perspective, the semantic lexis forms a polysemy, which differ from their point of view of consumption and development. The human body always compares everything with each other, identifying itself and making it even larger. In particular, in the ancient times, people used some of their bodies to compare and contrast something, and that was naturally reflected in human speech. Below we analyzed each component of the human body in a separate way and compared the somatic proverbs and sayings of Wakhi and English languages. Proverb and sayings which belong to the human body (partial of human body) form a large group in Wakhani and English languages. Their main task is to express the features of the effectiveness, psychological and personal character in the society. There are proven methods that show similar images of the human body. At the same time, there are some proverb and sayings in Wakhani language that we cannot see in English, but in terms of their somantic specificity, have connection with the comparative analysis of these two languages. The human being as a person has great emotions and emotional sensitivity which they perceive through the senses of the body and parts of his body.

Key words: ethno-linguistic specificity, semantic analysis, parts of head, ears, hands, eyes, mouth.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Матробиён С.Қ.*** - Институти забон ва адабиёти номи Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21. E-mail: **s.matrobov@mail.ru.** Тел.: (**+992) 227-59-25**

Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна **–** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторанти Ph.D кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. E-mail: **nurjahon-0591@mail.ru.** Тел.: **(+992) 934-64-00-91**

Сведения об авторах: ***Матробиён С.К.*** - Института языка, и литературы им. А. Рудакї НАНТ, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **s.matrobov@mail.ru.** Тел.: (+**992) 227-59-25**

Парвоева Нурджахон Зармастовна - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзаде, докторант Ph.D кафедры общего языкознания и сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **nurjahon-0591@mail.ru.** Тел.: **(+992) 934-64-00-91**

Information about the authors: ***Matrobiyon S.K.*** - Institute of language and literature. A. Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **s.matrobov@mail.ru.** Tel.: (+**992) 227-59-25**

Parvoeva Nurjahon Zarmastovna **–** Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzada, doctorate Ph.D of the department of General Linguistic and Typology. **Address:** 734019, , Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **nurjahon-0591@mail.ru.** Tel.: **(+992) 934-64-00-91**

УДК:401

МАЪНОИ ЗАБОНӢ ВА НАВЪҲОИ ОН

Дӯстов Ҳ.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки системаи маъноии ҳар як забонро шохаи маъношиносии он меомӯзад. Дар ин замина маъношиносӣ на танҳо системаи маъноии калимаҳои забон, балки маъноҳои гуногуни дигар воҳидҳои забон, аз қабили ибораҳои озоду устувор, ҷумла ва навъҳои гуногуни онро низ таҳқиқ мекунад. Агар ба таърихи пайдоиши илми семантика таваҷҷуҳ намоем, пас, маълум мегардад, ки истилоҳи **семантика** аввалин бор дар илми забоншиносӣ соли 1897 аз ҷониби забоншиноси фаронсавӣ Мишел Бреалем истифода шудааст [11, с.5]. Дар адабиёти илмӣ истилоҳи дигар – семасиология низ истифода мешавад, ки он яке аз шохаҳои забоншиносӣ мебошад. “Ин соҳаи илми

забоншиносӣ қонуниятҳои мавҷудият ва инкишофи маъноҳои калимаҳоро, робитаи байни маъноҳоро, муносибатҳои онҳоро бо ҳамдигар, бо мафҳумҳо, номҳо ва олами эҳсосоту майлҳои иродавии инсон чун як системаи муназзам меомӯзад" [9, с.7]. Дар сарчашмаҳои илмӣ баъзан истилоҳи **семантика** бо **семасиология** омехта карда мешавад, ки ин ҳолат, ба андешаи мо, боиси гуногунфаҳмии истилоҳоти мазкур гардидааст. Таъкидан қайд менамоем, ки семасиология як шохаи забоншиносӣ буда, ба омӯзиши маъноҳо (мундариҷа, паҳлуҳои дохилӣ)-и воҳидҳои забон сарукор дорад. Илм дар хусуси маъноҳои забонӣ – семантика бошад, маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, фразеологӣ, ифодаҳои нутқ ё шаклҳои грамматикиро меомӯзад [2, с.400-401]. Ба таври дигар, доираи омӯзиш ва таҳқиқи семасиология нисбат ба семантика фаррохтар буда, он метавонад аз ҳудуди калима берун барояд. Масъалаҳои маъно, алоқаи миёни маъно ва мафҳуми ифодашаванда, мутобиқати забон, тафаккур ва воқеият диққати олимони соҳаро ҳам дар замони антиқа, ҳам дар давраи асрҳои миёна ва ҳам дар замони муосир ҷалб намуда буд. Вале бояд ба инобат гирифт, ки то асри XIX масъалаҳои маъно, асосан, ҳамчун ҷузъи илмҳои фалсафа, мантиқ, грамматика, суханварӣ ва луғатнигории амалӣ омӯхта мешуданд. Метавон гуфт, ки баъд аз асри XIX масъалаи маъно ҳамчун мавзӯи омӯзиши илми забоншиносӣ ва яке аз унсурҳои ҷудонопазири он ҷудо шуда, таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқонро соҳиб гардид. Ҳамин тавр, мавзӯи омӯзиши маъношиносӣ ҳамчун илми мустақил маъноҳои гуногуни воҳидҳои забон ва робитаҳои миёни онҳо мебошад.

Маъноҳои забонӣ, дар маҷмӯъ, системаи маъноҳои воҳидҳои забонро ташкил медиҳанд, ки миёни ҳам робитаҳои ногусастанӣ доранд. Муайян намудани алоқа ва муносибатҳои миёни маъноҳо яке аз масъалаҳои марказии маъношиносӣ мебошад. Дар ин замина маъноҳои забонӣ яке аз дигаре сар зада, дар мавридҳои алоҳида бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Масалан, таҳлили маъноҳои луғавию грамматикӣ, эҳсосотию баҳодиҳӣ ва модалию ишоратӣ дар ҳудуди калима исбот месозад, ки ин навъи маъноҳои забонӣ дар калима паҳлуҳои мухталифи мундариҷаи маъноии онро инъикос намуда, яке ба мавҷудияти дигаре боис мегардад. Системаи маъноии ҳар як забон дар заминаи махсусиятҳои хосси овозиву талаффузӣ ва истеъмолии он инкишоф ёфта, баъдан бо воҳидҳои забонии ҷудогона ифода мегардад. Масалан, дар атрофи калима таъйин намудани маъноҳои луғавӣ ва калимасозию морфологӣ, дар мавриди ибораву ҷумла бошад муқаррар сохтани маъноҳои наҳвӣ, дар мавриди воҳиди фразеологӣ баррасӣ кардани маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ, модалӣ ва ишоратӣ имконият медиҳанд, ки нишонаҳои маъноии воҳидҳои мазкур дар ҳудуди сохториву истеъмолии онҳо муайян гардад. Аз ин ҷост, ки маъноҳои алоқаманди ҳар як воҳиди забонӣ дар доираи аломатҳои фарқкунандаи онҳо омӯхта мешаванд.

Дар забоншиносии муосир доир ба маънои забонӣ ва навъҳои он ақидаҳои гуногун мавҷуд буда, мутахассисони соҳа нисбат ба ин масъала муносибати гуногун доранд. Масалан, агар намояндагони мактаби америкоии дескриптивҳо масъалаҳои денотат, денотатсия, референт, сигнификатсия, десигнат, десигнатсия, консепт, консептуалият ва ба инҳо монандро пешниҳод карда бошанд, дар забоншиносии даврони шӯравӣ истилоҳоти мазкур бо ифодаҳои одии мундариҷаи маъноии воҳиди забон ва унсурҳои мафҳумӣ, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ, образнок, фардӣ, услубӣ ва ғайра тақсим карда шудаанд. Мо низ дар пайравӣ ба дигар забоншиносони ватанӣ таснифоти забоншиносии замони шӯравиро ҷонибдорӣ намуда, баррасии илмиро дар асоси он ба роҳ мемонем.

Аз рӯйи ин масъала дар забоншиносии рус вобаста ба маъно ва навъҳои он назарияҳои илмӣ хеле барвақт рӯйи кор омадаанд, ки бештари онҳо дар атрофи маъноҳои гуногуни калима (маънои луғавӣ, грамматикӣ, фразеологӣ ва ғайра) баҳс мекунанд. Масалан, мувофиқи ақидаи забоншиноси рус Д.Н. Шмелев: «Масъалаи табиати маъно дар забон ҳамоно мураккаб боқӣ мемонад. Истилоҳи «маъно» дар забоншиносӣ бисёрсамта мебошад. Аз ин рӯ, дар мавриди муносибати маъно бо мафҳум ва маъно бо ашё миёни муҳаққиқон ягонагии ақида дида намешавад» [14, с.69]. Ба андешаи забоншиноси мазкур, маънои калима то он замон вуҷуд дорад, ки он дар худ бевосита олами воқеиро инъикос мекунад. Вале тағйиротҳои маъноие, ки дар забон падид меоянд, на ҳама вақт дар худ инъикоси бевоситаи ин дигаргуниҳоро, ки дар олами воқеӣ сурат гирифтаанд, фаро мегиранд. Аввалан, калимаҳои зиёд бо мурури замон маънои худро тағйир медиҳанд. Дуюм, барои ифодаи як қатор ҳодисаву ашёҳо ба ҷойи як калима калимаҳои дигар истифода мешаванд, ҳол он ки дар ин ҳодиса ва ашёҳо тағйиротҳои ҷиддӣ рӯй намедиҳанд.

Масалан, вақте ки дар олами воқеӣ ашёву ҳодисаҳои нав ба вуҷуд меоянд, барои ифодаи онҳо калимаҳои нав, ё калимаҳои куҳна бо маъноҳои нав истифода мешаванд. Акнун суоле ба миён меояд, ки бо чӣ сабаб барои ифодаи ҳамон ашёҳо калимаҳои навро ба кор мебаранд? Барои чӣ маънои калимаҳо бо гузашти вақт тағйир меёбад, дар ҳоле ки дар ашёву ҳодисаҳои ифодакунандаи ҳамон маъноҳо ягон дигаргуние ба назар намерасад? [14, с.49]. Д.Н. Шмелев маънои калимаро дар таркиби воҳиди фразеологӣ ҳамчун маънои

вобастаи фразеологӣ маънидод мекунад, ки он дар заминаи истеъмоли маҷозии он ба вуҷуд меояд. Қайд мекунад, ки калима дар таркиби ифодаи рехта бо маънои нав зуҳур мекунад ва ин маъно берун аз доираи воҳиди фразеологӣ вуҷуд дошта наметавонад [14].

Муҳаққиқи дигари рус М.Л. Васильев бошад, дар хусуси маънои забонӣ ва алоқаи он бо мафҳум чунин қайд мекунад: “Маъно (значение) – ин унсури аломати забон мебошад, ки дар шуури мо ҳақиқати олами воқеӣ ва мафҳумҳои ба онҳо вобастаро инъикос мекунад. Миёни маъно ва мафҳум алоқамандии ниҳоят мураккаб ҷойгир аст, ки мувофиқи қоидаҳои муайян танзим мешавад. Аз ин рӯ, маънои лингвистӣ бояд ҳамчунин усулҳои истифодаи маъноҳоро барои тавлиди ин ё он мафҳум ифода кунад [3, с.18-21]. Ба қавли олими барҷастаи рус Ю.Д. Апресян, зери мафҳуми маъно дар бештари ҳолатҳо маълумот дар бораи гурӯҳи ашёҳои ифодаёбанда бо хусусиятҳои умумӣ фаҳмида мешавад. Ӯ зикр менамояд, ки маънои аломати забонӣ мафҳуми содаро нисбат ба ашё, хусусиятҳо, амал, ҷараён ва воқеаву ҳодисаҳо инъикос мекунад. Ба таври умумӣ, забоншинос Ю.Д. Апресян маъноро ҷузъи муҳимми фаъолияти забонии инсон дониста, калимаро ҳамчун ифодакунандаи он дар меҳвари воҳидҳои забон медонад. Ба ақидаи ӯ, калима, ки маъноро мефаҳмонад, дар созмони ибораву ҷумла ба таври васеъ истифода мешавад. Барқарор намудани муносибатҳои мухталифи маъноӣ дар ҷумла ва матнҳои алоҳида аз истифодаи бамавриди калимаҳои забон сарчашма мегирад [1].

Муҳаққиқи бевоситаи мушкилоти маъно ва мазмуни калима ҳамчун воҳиди марказии забон С.Д. Кацнелсон чунин қайд кардааст: "Маънои калимаҳо ба мисли мафҳумҳо ба шакли махсуси инъикоси воқеият - ҷамъбасткунӣ ва муҷаррадгардонӣ (абстраксия) такя мекунанд. Дар асоси калима ва мафҳумҳо ҳамеша ҷамъбасткунӣ меистад, яъне инъикоси ҳамон унсури умумӣ, доимӣ ва устувор, ки дар гуногунрангӣ ва тағйирёбандагии мунтазами ҳодисаҳо ниҳон аст" [7]. Забоншинос Л.А. Новиков бошад, маънои луғавӣ ва грамматикии калимаҳоро дар шакли қатори амудӣ ва уфуқӣ нишон дода, таъкид мекунад, ки дар маънои луғавӣ хусусиятҳои маъноии калима аз нуқтаи назари ифодаи шайъии онҳо фаҳмида мешавад. Дар қатори уфуқӣ бошад, хусусиятҳои маъноии калимаҳо бо қолабҳои сохтории онҳо умумият пайдо мекунанд. Ба ин қолабҳо бошад, граммемаҳо, шаклҳои гуногуни морфологӣ, ки ҷузъҳои категорияҳои морфологӣ мебошанд, дохил мешаванд [11]. Аксарияти забоншиносони дигари замони шӯравӣ чунин таснифотро бо номҳои парадигматика ва синтагматика қабул намуда, муносибатҳоеро, ки аз онҳо падид омадаанд, бо номҳои муносибатҳои парадигматикӣ ва синтагмавӣ пешниҳод намудаанд.

Шохаи маъношиносии забоншиносӣ маъноҳои воҳидҳои забон, аз ҷумла, морфемаҳо, калимаҳо, ибораҳо, фразеологизмҳо ва ҷумлаҳоро меомӯзад. Воҳидҳои мазкур метавонанд вобаста ба хусусиятҳои луғавӣ, фразеологӣ ва грамматикии худ мавриди санҷиши маъноӣ қарор гиранд. Масалан, маънои луғавӣ ва грамматикӣ ҷиҳатҳои сифатан фарқкунанда ва гуногунии хусусиятҳои забонии воҳидҳои забонро нишон медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки маънои грамматикӣ инъикоси хосиятҳои на як ашё, балки гурӯҳи муайяни шайъҳо буда (масалан, ҷамъи грамматикии исмҳо, ки ба ашёҳои алоҳида хос аст), онҳоро дар шакли умумиятдодашуда ҷамъбаст мекунад. Маънои луғавии калимаҳо дараҷаи на он қадар баланди муҷаррадиро ифода карда, асосан, воқеиятро (ашё ва хосиятҳои онҳоро) инъикос мекунанд. Ҳамин тавр, маънои грамматикӣ ва луғавӣ ба таври гуногун дар қабатҳои алоҳида хусусиятҳои мухталифи калимаҳоро дар шакли ниҳоят муҷаррад ва мушаххас ифода менамояд [11, с.8]. Яъне, маънои луғавӣ бевосита ба ашё ва ҳодисаҳои воқеӣ робита дорад ва онро тасаввур кардан мумкин аст. Дар маънои грамматикӣ бошад, дараҷаи баланди муҷаррадгардонии ҳодисаҳо дида мешавад. Масалан, маънои исм, сифат ё шумора будан, ки дар гурӯҳи калони калимаҳои забон ифода шудааст, натиҷаи ҳамин гуна ҷамъбасткунии тафаккури инсон аст. Албатта, дар маънои сирф луғавӣ раванди ҷамъбасткунӣ ва умумиятдиҳӣ низ мушоҳида мешавад, вале он ба дараҷаи баланди абстраксияи грамматикӣ намерасад. Дар хусуси маънои забонӣ, мавқеъ ва сохтори маъноҳои калима муҳаққиқи дигар И.А. Стернин низ қайдҳои муҳимми илмиро пешниҳод намудааст. Ӯ баррасии масъалаи сохтори маънои забониро бо масъалаи таъйини дараҷаи ифодаи муносибатҳои зинавии воҳидҳои забон сахт алоқаманд медонад. Қайд менамояд, ки таҳқиқи ин масъала маъношиносонро ба хулосае овардааст, ки ҷудошавандагӣ яке аз ҷиҳатҳои асосии фарқкунандаи маънои забонӣ ба ҳисоб меравад [13].

Ӯ ҳамчунин мафҳумҳои сема (қисми хурдтарини маънои луғавӣ) ва семема (ҳама навъҳои маънои луғавӣ, маъноҳои алоҳидаи калимаи сермаъно)-ро дар таҳлили маъноии калима нишон дода, зикр менамояд, ки дар семасиология қабати махсуси таҳлили калима – семӣ дар нисбати таҳлили анъанавии семемагӣ ба вуҷуд омадааст. Семасиологияи семӣ айни замон наметавонад ҳамчун шохаи мустақил эътироф шавад, дар ҳоле ки дар семасиологияи семемагӣ, аллакай, истилоҳоти зиёде ба вуҷуд омадаанд (калима, варианти луғавӣ-маъноӣ, лексема, семема, семантема, полисемия, синонимия, метафора, метонимия,

синекдоха ва ғайра) [13, с.36-37]. Таснифоти ҳиссаҳои маънои луғавии калима ва дар ин замина нишон додани назарияҳои алоҳидаи илмӣ аз ҷониби забоншиноси мазкур бори дигар исбот месозад, ки маънои луғавии калима падидаи мураккаби системаи маъноии забон ба ҳисоб меравад. Таъкид мегардад, ки "Мафҳуми "қисми семантикӣ" гуфта, онро дар назар доранд, ки навъҳои он маънои луғавии калимаро ба вуҷуд овардаанд. Зери мафҳуми қисми семантикӣ ҷузъи ҷудошавандаи маънои луғавӣ дар назар дошта мешавад, ки аз маъно хурдтар мебошад. Чунин дарки қисми семантикӣ барои ҷузъҳои гуногун умумӣ ба ҳисоб меравад" [13, с.40]. Доир ба сохтори маънои луғавӣ И.А. Стернин мавҷудияти се назарияро пешниҳод месозад: "Ақидаи якум аз якхела будани маънои луғавӣ сар зада, дар сохтори он қисмҳои семантикии дараҷаи мураккабро ҷудо мекунад. Дар доираи ин ҷараён ҳама маъно ба қисмҳои семантикии хурд (микроқисмҳо) ҷудо мешаванд.

Ҷараёни дуюм аз якхела набудани маънои луғавӣ сар мезанад. Дар баробари ин, дар маъно "қисмҳои семантикӣ" ва дараҷаҳои гуногуни муносибат ҷудо карда мешаванд, ки хусусиятҳои гуногуни маълумотро, ки ба воситаи калима ифода меёбанд, инъикос мекунанд. Дар ин замина маънои луғавӣ сараввал ба қисмҳои калон – макроқисмҳо ҷудо мешавад, ки махсусияти хосси маънои калимаро муайян мекунанд ва баъдан дар таркиби макроқисмҳо микроқисмҳо - семаҳо ҷудо карда мешаванд. Ҷараёни сеюмро метавон назариявӣ номид. Ҷонибдорони ҷараёни мазкур дар маъно қабатҳои гуногунро ҷудо мекунанд, ки самтҳои мухталифи маъно, зоҳиршавии гуногуни маъноро дар системаи забон ё нутқ инъикос менамоянд. Ҷанбаҳои мухталифи маъно ҷудо карда мешаванд, аз қабили сигнификативӣ, денотативӣ, луғавӣ, грамматикӣ, коннотативӣ, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ, прагматикӣ, сохторӣ, синтагматикӣ, мундариҷавӣ ва ғайра [13, с.40-41].

Олимони забоншиноси Донишгоҳи давлатии Майкопи Федератсияи Россия Л.П. Пазова ва И.В. Щербашина низ дар хусуси маънои калима, маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ ақидаҳои ҷолиб баён намудаанд. Ба назари онҳо, "маънои калима – ин категорияи мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, дар системаи луғавии забон мавқеи марказиро ишғол мекунад. Савол дар хусуси он ки маънои калима чист яке аз масъалаҳои муҳим, нисбатан мушкил ва баҳсноки на танҳо илми забоншиносӣ, балки дигар илмҳо низ маҳсуб меёбад. Миёни муҳаққиқон танҳо дар масъалаи он ки калима, аз як тараф, маъноҳои луғавии худро дорад (ҷанбаи семантикӣ) ва, аз ҷониби дигар, он ҳамчун воҳиди шаклгирифтаи грамматикӣ маҷмӯи маъноҳои грамматикиро соҳиб аст, баҳсу мунозираҳо ба назар намерасанд" [12]. Онҳо маънои луғавиро мувофиқати сабтшудаи маҷмӯи овозӣ ва ашё, хусусият, ҷараён ва ҳодисаҳои воқеии ба тавассути онҳо ифодашаванда дар шуури одамон дониста, маънои грамматикиро мундариҷаи забонии абстракти воҳиди грамматикӣ меҳисобанд, ки дар забон ифодаи доимӣ дошта, ба калима ҳамчун ҳиссаи нутқи муайян хос аст. Яъне, маънои грамматикӣ инфиродӣ нест, зеро он ба як гурӯҳи калимаҳое мансуб аст, ки аз рӯйи умумияти хусусиятҳои морфологӣ ва вазифаҳои синтаксисӣ муттаҳид шудаанд [12].

Забоншиносон М.Х. Шхапацева ва Л.М. Пазова бошанд, дар бораи маънои луғавӣ, маънои грамматикӣ ва шакли грамматикии калима сухан ронда, дар заминаи таҳлили назарияҳои пешқадами олимон кӯшиш намудаанд, ки моҳияти маънои грамммматикӣ ва шакли грамматикии калимаро равшан созанд. Зикр мешавад, ки маънои грамматикӣ – маънои забонии умумиятдодашуда ва ғайривоқеӣ мебошад, ки ба калимаҳо, ибораҳо ва таркибҳои синтаксисӣ хос буда, дар забон ифодаи доимии худро дорад. Ба нишонаҳои асосии маънои грамматикӣ инҳоро дохил намудаанд: умумиятдодашуда, ҳатмӣ будан, ба гурӯҳи муайяни калимаҳо дахл доштан, типӣ кунонидан (типизированость), ки бо усулҳои муаяйн қатъӣ ифода меёбад [15]. Онҳо маънои луғавии калимаро маънои хоссаи он дониста, маънои грамматикиро ҳамчун маънои умумии калима маънидод кардаанд. Таъкид месозанд, ки калима метавонад дар худ ягонагии маъноҳои луғавӣ ва грамматикиро фаро гирад [15]. Дар баробари забоншиносии рус, ки дар он моҳияти маънои забонӣ ва навъҳои он хеле дақиқ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд, дар забоншиносии тоҷик низ кӯшишҳои муайян намудани маъно ва мундариҷаи он аз ҷониби забоншиносони алоҳида ба анҷом расидааст.

Дар забоншиносии тоҷик таърифи мукаммал ва илмии маъно, ҳамчунин навъҳои маъноии калима аз ҷониби Ҳ. Маҷидов анҷом дода шудааст. Профессор Ҳ. Маҷидов маъноҳои луғавии калимаҳоро инъикоси бевоситаи шайъҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳои ҳаёти объективӣ ва муносибатҳои мухталифи байни онҳо медонад. «Онҳо дар навбати аввал шайъҳо, хосиятҳо ва амалу равандҳои дигари он шайъҳоро акс мекунанд, ифодаи бевоситаи ин шайъҳо, ҳодисаҳо ва муносибатҳои гуногуни байни онҳо дар шуури соҳибони забон мебошанд» [9]. Мавсуф дар таснифоти худ маънои луғавии калимаро ба маъноҳои озод ва устувор ҷудо намуда, ба маънои озоди калима навъҳои маънои мафҳумӣ, эҳсосотӣ, модалӣ ва ишоратиро дохил мекунад [9, с.20]. Назарияи профессор Ҳ.

Маҷидовро дар мавриди маънои грамматикӣ метавон ҳамчун ҷамъбасти назарияҳои охирини забоншиносии тоҷик дар ин бобат ба қалам дод. Устод маънои грамматикиро ба маънои луғавии калима сахт алоқаманд дониста, таъкид медорад, ки: «Маъноҳои грамматикии калимаҳо ифодаи хосиятҳои умумиятдодашудаи шайъҳо, аломатҳо, амалу равишҳо ва муносибатҳои мухталифи байни шайъу ҳодисаҳои дар калимаҳо ҷамъбастшуда мебошанд. Онҳо натиҷаи муҷаррадшавии унсурҳо ва робитаҳои байни ин унсурҳои забон мебошанд, ки дар арзи чандин садсолаҳои мавҷудияти худ шаклу сурати ҳозираашонро гирифтаанд. Маъноҳои грамматикӣ бо ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ алоқамандии бевосита надоранд. Онҳо бо шайъҳои ҳаёти воқеӣ, хосиятҳо ва робитаҳои байни онҳо ба тавассути маъноҳои луғавии калима алоқаманд мешаванд» [9, с.29]. Ӯ маънои грамматикиро ба маъноҳои морфологӣ, калимасоз ва синтаксисӣ ҷудо карда, иброз медорад, ки ҳар яке аз ин навъи маънои грамматикӣ гурӯҳҳои махсуси маъноҳои хурдро, ки на танҳо ҳамчун маъноҳои абстрактӣ, балки ҳамчун категорияҳои ҷудогона ва муносибат баррасӣ мешаванд, фаро мегирад [8, с.109].

Ҳамчунин профессор Ҳ. Маҷидов, ки яке аз асосгузорони шохаи фразеологияи тоҷик мебошад, дар мавриди маънои фразеологӣ низ андешаҳои ҷолиби илмӣ баён намудааст. Ӯ маънои фразеологиро навъи махсуси маънои забонӣ ном бурда, онро дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ баррасӣ мекунад. Таъкид мекунад, ки "маънои фразеологӣ аз ҳама гуна маъноҳои забонӣ – луғавӣ, морфологӣ, калимасоз, синтаксисӣ фарқ карда, маънои нотакрори забонро ташкил медиҳад. Он ҳодисаҳои олами воқеиро бештар дар сурати олуда бо образҳо, эҳсосот, баҳодиҳиҳо ва ифоданокӣ номбар мекунад» [10, с.4].

Дар китоби дигари худ зери унвони "Системаи фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ", ки бевосита ҷамъбасти назарияҳои охирини забоншиносони ватаниву хориҷӣ дар самти масъалаҳои фразеологияи забони тоҷикӣ мебошад, профессор Ҳ. Маҷидов маънои фразеологиро унсури муҳимми воҳиди фразеологӣ таъкид менамояд ва онро маъное медонад, ки ба аломати фразеологӣ нигаронида шудааст. "Маънои фразеологӣ, ки сифатан аз дигар навъҳои маъноҳо фарқ мекунад, на танҳо аз ҷиҳати ташаккули мундариҷаи худ, балки аз ҷиҳати таносуб бо маъноҳои дигари системаи маъноии забон ва аз рӯйи истифодаи худ қонуниятҳои муайянро соҳиб аст" [8, с.106]. Ҷамъбасти назарияҳои навтарин дар хусуси маънои эҳсосотӣ низ ба қалами профессор Ҳ. Маҷидов тааллуқ дорад. Ӯ маънои эҳсосотиро як навъи маънои озоди луғавӣ дониста, асоси зуҳури онро дар калима ифодаи қабатҳои гуногуни эҳсосотии соҳибони забон медонад. Ин қабатҳо метавонанд дар ду шакл: мусбат ва манфӣ баён гарданд: "Маънои луғавии эҳсосотӣ, ки анвои мухталифи ҳаяҷону эҳсосоти инсониро ифода кардааст, мумкин аст, дар шакли холис, бе олоиши унсури мафҳумӣ низ зоҳир шавад. Масалан, калимаҳои **аҳсан, ҳайф, ҳайҳот, лаббай, сабил, зормонда, тирмизак, ҳарина, маҳмадоно, шайтон, хаппак** ва амсоли инҳо ифодагари ҳамин гуна маъноҳо мебошанд. Дар ин гуна калимаҳо эҳсосоти мухталиф, аз қабили шодӣ, нафрат, райъ, изтироб бе иловаи ягон олоиши маъноии дигар ифодаи мушаххаси худро ёфтаанд" [9, с.21].

Аз ин бармеояд, ки маънои эҳсосотӣ муносибати мушаххаси гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда буда, дар заминаи он гӯянда метавонад ба фикри баёншуда муносибати худро дар шакли баҳодиҳӣ низ ифода кунад. Маълум аст, ки гӯянда наметавонад дар як вақт ду навъи муносибат ё эҳсосотро истифода барад, аз ин рӯ, ифодаи саривақтӣ ва бамавриди ин ё он навъи эҳсосот дар калима ё воҳиди фразеологӣ метавонад ба пуробуранг баромадани он сабаб гардад. Муҳаққиқи маънои феъл дар забони адабии тоҷикӣ Гулназарова Ж. таҳлили ҷузъии маънои калимаро дар муайян намудани моҳияти маъно ва алоқамандии миёни унсурҳои он муҳим арзёбӣ карда, таъкид медорад, ки ин амал бо усули таҳлили ҷузъӣ сурат мегирад. "Маъно сохторе мебошад, ки аз унсурҳои гуногун иборат аст. Таҳлили ин унсурҳои маъно бо роҳҳои муайян амалӣ карда мешавад. Усули таҳлили ҷузъӣ имкон медиҳад, ки маънои воҳидҳои забонӣ амиқтар омӯхта ва муайян карда шуда, мувофиқи ҳолати онҳо дар система ё сохтор системанокӣ ва алоқамандии маъноии онҳо нишон дода шавад. Ҳадафи усули таҳлили ҷузъӣ муайян кардани воҳидҳои маъноӣ дар доираи маънои луғавии ин воҳидҳо, хусусиятҳо ва сохтори онҳо мебошад. Ҳангоми гузаронидани таҳлили ҷузъӣ моҳият, асоси маъно ва аломат пайдо шуда, хусусият ва сифати як ҳиссаи воқеият маълум мегардад, ки бо калима ё вариантҳои луғавӣ-маъноии онҳо ифода ёфтаанд" [4, с.9].

Гулназарова Ж. дар хусуси моҳияти маънои луғавӣ чунин андеша дорад: «Мафҳуми «маънои луғавӣ» ҳамчун ҳодисаи дусамта фаҳмида мешавад. Яъне, аз як ҷиҳат мавқеи калима дар системаи луғавии забон (муносибатҳои парадигматикӣ ва синтагматикии калима) фаҳмида мешавад ва, аз ҷониби дигар, алоқамандии калима бо мафҳум ва ашёҳо дар назар дошта мешавад [5, с.3]. Ӯ ҳамчунин дар мавриди маъноҳои грамматикӣ, услубӣ, коннотативӣ, денотативӣ, сигнификативӣ, эҳсосотӣ, калимасоз ва ғайра маълумоти ҷолиб пешниҳод намудааст. Мувофиқи таҳлилҳои ӯ маънои луғавӣ ва грамматикии калима дар

ҳамбастагӣ вуҷуд дошта, дар ин миён нақши маънои луғавӣ асосӣ аст. “Маънои луғавӣ дар системаи маъноӣ дар дараҷаи аввал аст. Маънои грамматикӣ ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати ифода мавқеи муайян дорад ва метавонад аз маънои луғавӣ ҷудо бошад” [4, с.12]. Ба назари мо, таҳлили мазкур исботи худро боз дар он ёфтааст, ки аз қадим маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ ба таври ҷудогона омӯхта шуда, бобҳои алоҳидаи луғат ва грамматикаро ташкил медиҳанд. Мавсуф маънои луғавиро аломати фардии калима дониста, маънои калимасозро мансуби калимаҳои аслӣ медонад. Ҳамчунин таъкид мегардад, ки маънои калимасоз метавонад маъноҳои грамматикии гуногунро ба вуҷуд орад, зеро он ба сохтори калима таъсир мерасонад ва дар ин замина метавонад калимаи мансуби як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ гузарад. “Маънои луғавии калима аломати инфиродии он аст. Ин хусусияти калима на танҳо аз калимаҳое, ки ба дигар ҳиссаҳои нутқ тааллуқ доранд, фарқ мекунад, балки дар дохили калимаҳои ҳамон ҳиссаҳои нутқ низ фарқиятҳо дорад. Мундариҷаи калима ба ғайр аз маънои луғавӣ боз маънои калимасоз (деривационный) низ дорад. Ин навъи маъно ба хусусиятҳои грамматикии калима таъсир расонда, ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳои нутқ ба назар гирифта мешавад [4, с.12].

Дар хусуси маънои эҳсосотӣ баҳс намуда, забоншиноси мазкур онро ба маънои коннотативӣ мансуб медонад. Қайд мегардад, ки ифодаи эҳсосоти гуногуни соҳибзабон ба тавассути калимаҳо дар забон амри воқеӣ буда, дар заминаи он маънои баҳодиҳӣ низ ба назар мерасад. “Бояд қайд намуд, ки эҳсосот ҳамчунин бо маънои баҳодиҳӣ низ робитаи зич дорад ва аз ин рӯ, маънои мазкур аксар вақт ҳамчун маънои эҳсосотӣ-баҳодиҳӣ ёд мешавад. Вобаста ба ин махсусият ақидае мавҷуд аст, ки семантикаи баҳодиҳӣ хусусияти денотативӣ дорад ва маъноҳои эҳсосотӣ дар он махсусияти ифоданокиро (экспрессивиро) инъикос мекунанд ва ин холат на танҳо маънои баҳодиҳиро аз мавқеи денотативӣ берун намекунад, балки сабаби афзоиши маънои прагматикӣ дар заминаи маънои денотативӣ мегардад” [4, с.32]. Дар тақвияти назарияи овардашуда метавон зикр намуд, ки унсури баҳодиҳӣ бештар бо маънои модалӣ меояд. Агар маънои эҳсосотӣ тобиши модалӣ гирад, дар ин маврид оҳанги баҳодиҳиро низ ифода карда метавонад. Гулназарова Ж. маънои эҳсосотиро ҳамчунин ба воҳиди фразеологӣ мансуб дониста, онро яке аз нишонаҳои маъноии ин навъи воҳидҳои забон медонад. “Хусусияти дигари маънои эҳсосотӣ дар он аст, ки он дар воҳидҳои фразеологӣ мавҷуд аст ва ин маъно ифоданокии (экспрессивность) ҷузъҳои воҳидҳои фразеологиро зеб медиҳад, яъне ба пуробурангӣ (красочность) маънои эҳсосотӣ илова карда мешавад” [4, с.31-32].

Қайдҳои ҷолиб дар хусуси маънои луғавӣ ва грамматикии калима ҳамчунин аз ҷониби забоншиносон Кабиров М. ва Чориев Т. ба қайд гирифта шудааст. Онҳо дар идомаи назарияҳои илмии дигар забоншиносон маънои дастурии калимаро ба маънои луғавии он алоқаманд дониста, мафҳумро ба маънои луғавӣ баробар донистаанд. “Ҳар як калимаи мустақилмаъно дорои маънои луғавӣ ва дастурӣ мебошад. Маънои дастурии калима ба маънои луғавии он алоқаи зич дорад. Муносибати байни маҷмӯи овоз, предмет ё ҳодиса, ки тафаккури мо онро ба ин восита муқаррар месозад, мафҳуми калимаро ташкил менамояд, ки онро маънои луғавии калима меноманд. Маънои луғавии калима маънои аслии калима мебошад. Ифодакунандаи маънои луғавӣ калима буда, он ба мафҳуми ҷудогонаи предмет, ҳодиса ва муносибати воқеият марбут мебошад” [6, с.15].

Ба назари инҷониб, маънои луғавӣ ва мафҳумро дар калима баробар ҳисобидан аз ҷониби мутахассисони мазкур то андозае ба ҳақиқати илмии масъала созгор нест, зеро маънои луғавӣ дар калима ин инъикоси бевосита ва бавоситаи ашё, ҳодисаву воқеа дар шакли овозии муайян буда, мафҳум, асосан, дониши моро дар бораи ҳамон шайъу ҳодисаҳо ташкил медиҳад. “Мафҳум ин дониши инсонӣ дар хусуси шайъ, ҳодиса, воқеаҳои ҳаёти объективӣ ва аломату хосиятҳои онҳо мебошад. Дар мафҳумҳо ҷиҳатҳои умумӣ, хосиятҳои якхелаи шайъҳо, ҳодисаҳо ва воқеаҳо, ки ҳамчун эҳсосот, идрок ва тасаввуроти ҷудогона гирд оварда шудаанд, ҷамъбаст мегарданд” [9, с.25].

Агар маъно ба воситаи шакли овозии калима вуҷуд дошта бошад, пас, мафҳум ифодаи худро дар калима меёбад. Яъне мафҳумҳои олами воқеӣ мустақилона вуҷуд доранд ва ифодаи онҳо дар шакли калимаи овозӣ ҳодисаи табиист. Калима мафҳумро номбар мекунад, вале маънои луғавӣ бошад, инъикоси ҳамон мафҳум аст.

Қайдҳои забоншиносони мазкур дар атрофи маънои дастурӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ин навъи маъно дар системаи маъноии дилхоҳ забон мавқеи муайян дорад ва он, асосан, бо ёрии шаклҳои грамматикии калима ба миён меояд. Ба қавли онҳо “маънои дастурии калима чунин маънои муҷаррадест, ки дар асоси муносибати парадигмӣ ва алоқаи синтагматикии (синтагма – пайдарҳамии воҳидҳои забонист, ки дар ҷараёни нутқ сурат гирифтаанд, ё ки пораи яклухти овозию маъноист дар ҷараёни нутқ: алоқаи синтагматикӣ – алоқаи байни воҳидҳоли забон) калима зоҳир мегардад. Маъное, ки ба маънои луғавии калима илова шуда, муносибатҳои гуногун – муносибати ба калимаҳои дигар, ба шахси фоил, муносибати гӯянда ба фикри гуфташуда ва монанди инҳоро ифода

мекунад, маънои дастурӣ мебошад. Калима одатан дорои якчанд маънои дастурӣ мебошад. Чунончи, калимаи **рафтӣ** ҳамчун феъл дорои маънои дастурии шахсу шумора, замон, сиға ва намуд мебошад» [6, с.15-16]. Ҳамчунин таъкид мегардад, ки ифодаи маънои дастурӣ (тарзи ифодаи дастурии он) бо худи маъноҳои ифодашаванда алоқаи ногусастанӣ дорад. Шакли дастурӣ дар дохили парадигма вобаста ба вазъият якчанд тобиши маъноӣ дошта метавонад. Дар сурати мавҷуд будани ин гуна тобишҳои маъноӣ шакли калима имконияти транспозитсия (истифодаи воҳидҳои забон ба вазифаи дигари муайяни наҳвӣ) пайдо мекунад, яъне дар матн як шакли калима аз як доираи маънои дастурӣ ба доираи дигари он мегузарад» [6, с.18]. Ба назари мо, дар ин ҳолат муҳаққиқон ҳодисаҳои забон ва нутқро бо ҳам омехта кардаанд, ки ин ҳолат як андоза гуногунандеширо ба вуҷуд овардааст.

Маълум мегардад, ки маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, эҳсосотӣ, фразеологӣ ва ғайра аз ҷумлаи маъноҳои маъмул дар системаи маъноии забон буда, аз рӯйи тарзи ифода, доираи фарогирӣ ва инъикоси мафҳум аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар маънои луғавӣ ва грамматикӣ миёни ҳам алоқаи бавосита дошта бошанд, маънои фразеологиро калима танҳо дар таркиби воҳиди фразеологӣ соҳиб мешавад. Доираи истифодаи маънои фразеологӣ маҳдуд буда, он бо тобишҳои иловагии маъноӣ зоҳир мегардад. Маъноҳои мазкур ҳамчунин бо дараҷаи ифодаи мафҳум аз якдигар фарқ карда, яке онро дар шакли холис ва мушаххас, дигаре дар шакли муҷаррад ва умумӣ ва сеюмӣ омехта бо тобишҳои эҳсосотиву баҳодиҳӣ ва образнок ифода мекунанд.

Ҳамин тариқ, маънои забонӣ бо фарогирии навъҳои гуногуни маъно ба ҳама сатҳҳои илми забоншиносӣ дахл дошта, ҳамчун мафҳуми илмӣ системаи маъноҳо, сохтор, вазифа ва алоқамандии миёни онҳоро ҳангоми баррасии воҳидҳои забон меомӯзад. Аз таҳлилу баррасии маводи илмӣ бармеояд, ки ин мавзӯъ масъалаи доманадор буда, то ҳол дар атрофи он баҳсҳои илмӣ зиёданд. Танҳо он чиз мусаллам аст, ки имрӯз маънои забонӣ ҳамчун предмети омӯзиши шохаи махсуси забоншиносӣ – семасиология қарор гирифтааст ва дар доираи воҳидҳои муайяни забон ва нутқ баррасӣ мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Апресян Ю.Д. Лексическая семантика. Синонимические средства языка / Ю.Д. Апресян. - Москва: Наука, 1974. – 368 с.
2. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. – М., 1966. – С.400-401.
3. Васильев М.Л. Семантика русского глагола / М.Л. Васильев. – Москва: Высшая школа, 1981. – 184 с.
4. Гулназарова Ж. Семантитка глагола в таджикском литературном языке (на примере художественного наследия Абдуррахмона Джами): авт. на соиск. док. фил. наук / Ж. Гулназарова. – Душанбе, 2020. – 48 с.
5. Гулназарова Ж. Таснифоти маъноии феъл дар «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / Ж.Гулназарова. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 168 с.
6. Кабиров М. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Сарф / М.Кабиров, Т.Чориев. – Тошканд, 2017. – 524 с.
7. Кацнельсон С.Д. Содержание слова, значение и обозначение / С.Д. Кацнельсон. - М.: Наука, 1965. - 110 с.
8. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе: Девастич, 2006. – 406 с.
9. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷилди I. –Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 243 с.
10. Маҷидов Ҳ. Мушкилоти фразеологияи тоҷик: омилҳо ва самтҳои тадқиқ / Ҳ. Маҷидов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2016. - №4/4 (206). – С.3-7.
11. Новиков Л.А. Семантика русского языка / Л.А. Новиков. – Москва: Высшая школа, 1982. – 272 с.
12. Пазова Л.П., Щербашина И.В. К вопросу о соотношении в слове лексического и грамматичекого значений / Л.П. Пазова, И.В. Щербашина // Вестник Майкопского государственного университета, 2012.
13. Стернин И.А. Лексическое значение слова в речи / И.А. Стернин. – Воронеж: Изд-во Воронежского ун-та, 1985. – 171 с.
14. Шмелев Д.Н. Очерки по семасиологии русского языка / Д.Н. Шмелев. – Москва: Просвещение, 1964. – 244 с.
15. Шхапацева М.Х., Пазова Л.М. Грамматическая форма и грамматическое значение слова / М.Х. Шхапацева, Л.М. Пазова // Концепт. – 2014. – С. 1-6.

МАЪНОИ ЗАБОНӢ ВА НАВЪҲОИ ОН

Дар мақолаи мазкур маънои забонӣ, моҳият ва навъҳои он, аз қабили маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, фразеологӣ, калимасоз, эҳсосотӣ ва ғайра мавриди таҳлили обзорӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар заминаи таҳлили назарияҳои олимони русу тоҷик ба хулосае меояд, ки маънои забонӣ ва табиати он аз ҳодисаҳои мураккаб буда, дар давраҳои гуногун аз ҷониби забоншиносон ба тарзҳои мухталиф маънидод шудааст. Хусусан, дар атрофи таснифоти маънои забонӣ ба навъҳои гуногун миёни забоншиносони ватаниву хориҷӣ то ҳол ягонагии ақида дида намешавад. Агар гурӯҳе маънои луғавию грамматикиро дар ҳамбастагӣ бо якдигар таҳлил кунанд, қисмати дигар онҳоро ба таври алоҳида моли бахшҳои гуногуни забоншиносӣ медонанд. Маънои луғавиро маънои асосии калима дониста, онҳо маънои грамматикиро ҳамчун маънои дуюмдараҷа маънидод мекунанд. Дар хусуси маънои эҳсосотиву калимасоз низ дар миёни олимони соҳа гуногунандешиҳо мавҷуд аст. Бархе маънои эҳсосотиро бо маънои баҳодиҳӣ омехта карда, маънои калимасозро дар доираи калимаҳои сохта баррасӣ мекунанд. Танҳо он чиз мусаллам аст, ки намояндагони мактабҳои мухталифи забоншиносӣ маъноро як ҷузъи ҳатмии воҳиди забон медонанд ва онро бештар дар доираи калима таҳлил мекунанд. Калимаро ҳамчун аломати забонӣ барои ифодаи маъно қабул намуда, аксарияти онҳо робитаи миёни аломат ва маъноро хеле мустаҳкам ва саривақтӣ арзёбӣ мекунанд.

Калидвожаҳо: маъно, маънои забонӣ, аломат, маънои луғавӣ, маънои грамматикӣ, маънои эҳсосотӣ, калимасоз, баҳодиҳӣ.

ЯЗЫКОВОЕ ЗНАЧЕНИЕ И ЕГО РАЗНОВИДНОСТИ

В данной статье рассматривается языковое значение, его особенности и разновидности, такие как лексические, грамматические, фразеологические, словообразовательные, эмоциональные значения и т.д., которые анализируются в обзорном плане. Автор, анализируя теории русских и таджикских ученых, приходит к выводу, что языковое значения по своей природе является сложным, и в разное время имело противоречивые объяснения. Особенно, в отношении образования языковых значений разными способами со стороны отечественных и зарубежных языковедов до сих пор имеются противоречивые мнения. Если одна группа ученых рассматривает грамматическое и лексическое значение как единое целое, то другая группа ученых - в отдельности друг от друга, как разные раздели языкознания. Они рассматривают лексическое значение как основное, а грамматическое значение как второстепенное. В отношении словообразовательного и эмоционального значений в ученой среде также существуют разные мнения. Некоторые из них считают, что эмоциональное значение - это и есть оценивающее значение, а словообразовательное значение рассматривают в рамках составных слов. Известно только то, что представители различных языковедческих школ объясняют значение как одну из важнейших характеристик языковых единиц и анализируют его в составе слов. Они понимают слова как языковой знак для обозначения значения и большинство из них видят крепкую связь между знаком и значением.

Ключевые слова: значение, языковое значение, признак, лексическое значение, грамматическое значение, эмоциональное значение, словообразовательное, оценочное.

LINGUISTIC MEANING AND ITS VARIETIES

This articleis devoted to theanalyzesthe linguistic meaning, its features and varieties, such as lexical, grammatical, phraseological, derivational, emotional meanings. The author, analyzing the theory of Russian and Tajik scientists, comes to the conclusion that linguistic meanings are complex in nature and at different times had a contradictory explanation from the side of linguists. There are still conflicting opinions around the compilation of linguistic meanings in different ways in domestic and foreign linguists. If one group of scientists consider the grammatical and lexical meaning as a single whole, then another group of scientists consider this issue separately from each other, as different parts of linguistics. They consider lexical meaning as primary and grammatical meaning as secondary. There are also different opinions regarding word-formation and emotional meanings in the academic environment. Some of them believe that the emotional meaning is the evaluative meaning, and the derivational meaning is considered within the framework of compound words. It is only known that representatives of various linguistic schools explain meaning as one of the most important linguistic units and analyze it in the composition of words. They accept words as a linguistic sign to denote meaning and most of them prefer a strong connection between sign and meaning.

Key words: meaning, linguistic meaning, sign, lexical meaning, grammatical meaning, emotional meaning, word-formation, evaluative.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мудири кафедраи забони адабиии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-41-84-80**

Сведения об авторе: ***Дустов Хамрохон Джумаевич*** – Таджикский национальный университет, заведующий кафедрой таджикского современного литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-41-84-80**

Information about the author: ***Dustov Hamrokhon Jumayevich*** – Tajik National University, head of the department of modern tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-41-84-80**

УДК:44

ХУСУСИЯТҲОИ ГЕНДЕРИИ ТОҶИКОН ДАР МУҚОИСА БО ҶОМЕАИ ХАЛҚИ РУС

Камолова С.Ҷ.
Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии Москва дар шаҳри Душанбе

Дар замони имрӯза мушкилоти марказӣ дар ҳаёти ҷомеаи тоҷикон, ҳамоҳангӣ дар оилаҳои ҷавон ва дар муносибатҳои одамон, таҳаммулпазирии мутақобила, ҳамдигарфаҳмӣ байни ҷавонону калонсолон, мардон ва занон ба миён омадааст. Дар натиҷаи таҳия нагардидани ин масъалаи ҳалталаб ва нофаҳмии ҷинсиятҳои биологию иҷтимоӣ, дар ҷомеаи тоҷикон оилаҳои нопурра, муноқишаҳои оилавӣ ва унсурҳои маҳалгароӣ ба назар мерасанд. Баҳри ҳаллу фасл намудани мушкилоти пешомада, нақши на он қадар муҳимро омӯзиши рафтори суханронии мардон ва занон дарбар гирифта, дар ин раванд дараҷаҳои гуногуни сатҳи забондонии онҳо ба инобат гирифта мешаванд. Бояд қайд намуд, ки нутқи ҳар як шахс унсурҳои муҳимми миллию фарҳангии ба худ хос дошта, аҳёнан аз фарҳанги дигар миллат фарқ мекунад. О. Эсперсен қайд менамояд, ки муқоисаи истилоҳоти “ҷинс” ва “гендер” нишон дод, ки ҷинс хусусиятҳои биологиро ифода карда, тибқи он инсон ба категорияҳои “мард” ва “зан” ҷудо мешавад ва гендер бошад, ба сифатҳои иҷтимоӣ-психологӣ тақсим карда шуда, дар навбати худ он одамонро ба "мард", "зан" ва "гермафродҳо" (яъне, вақте ки хусусиятҳои ҳарду ҷинс омехта мешаванд) ҷудо

менамояд ва вобаста ба мансубияти онҳо ба яке аз ин гурӯҳҳо, рафтори онҳоро муайян мекунад [1, с.89].

Таҳлили сарчашмаҳои бадастомада оид ба мавзӯи таҳқиқот нишон дод, ки мафҳуми “гендер” бо роҳҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Ба ақидаи антропологҳо гендер як падидаи фарҳангӣ ва таърихан нисбӣ буда, ба ақидаи дигарон бошад, «маҷмӯи нақшҳои иҷтимоии мардон ва занон» ба шумор меравад. А.В. Кирилина дар омилҳои гендерӣ сабаби мухталифиятро на дар ҳолатҳои табиӣ, балки дар нақши иҷтимоию фарҳангӣ доштани онҳо мебинад. Олими зикргардида дар он фикр аст, ки "зан" ва "мард" ҷузъҳои биологии аз табиат пайдошуда мебошанд, ки аз ҳамдигар бо ҷинси биологии худ фарқ мекунанд, вале мафҳуми “мардона” ва “занона” бо муҳити ҷамъиятӣ алоқамандии зич дошта, аз ҷиҳати рамзҳои фарҳангии гендериашон аз ҳам тафовут доранд, ки бо мурури тағйир ёфтани ҷомеа ва фарҳанги инсоният, ин мафҳумҳо низ мазмунан шакли дигарро мегиранд [3, с.128]. Инкишофи шахсият аз он вобастагӣ дорад, ки вақте шахс дар ҷомеае зиндагӣ кунад, ки одамони дигар ва арзишҳои фарҳангии аз ҷониби онҳо эҷодшударо ба худ қабул намояд. Фарқияти рафтори инфиродии ҳар як афрод дар мансубият доштанаш ба ягон гурӯҳи муайяни қавмӣ, мазҳабӣ вобастагӣ дорад. Онро бояд дар назар дошт, ки инсон ҳангоми таваллуд ёфтанаш бо хусусиятҳои генетикӣ аз рамзи рафтори ҷамъиятӣ хабардор нест. Аз ин сабаб, аз ҳама ҷараёни муҳимтарин дар ташаккули инсоният, раванди азхудкунии фарҳангу тамаддуни миллии халқияти худаш ба шумор меравад. Муносибатҳои зиндагӣ аз рӯйи хусусиятҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва этникӣ ба хислатҳои ташаккули рафтори гендерии инсон таъсир мерасонанд.

Хусусиятҳои миллӣ ва хислатҳои онҳо дар ҳаёти оилавӣ нисбат ба дигар соҳаҳои зиндагӣ хеле устувор мебошанд. Таъсири оила ва хулқу рафтори аъзоҳои он дар миёни халқи тоҷик тӯли чандин солҳо хусусияти тағйирнопазирии худро дошт. Зодгоҳ, маъво ва хонавода поягузори ташаккули хусусияти гендерӣ ба ҳисоб рафта, дар шуури одамон психологияи миллиро ҷой намудааст. Мувофиқи гуфтаҳои Е.И. Трафимова муҳимтарин механизмҳои танзимкунандаи ҷомеа дониш, малака, урфу одатҳо, анъанаҳо ва расму оинҳо мебошанд, ки дар тӯли асрҳо ташаккул ёфтаанд [7, с.198]. Таваҷҷуҳи зиёд дар оилаҳои тоҷик ба инкишофи ҷисмонӣ, устувории равонии шахс, малака ва маҳоратҳои корӣ, идеалҳои устувори ахлоқӣ ва эстетикӣ равона карда шудааст. Ҳамаи ин ба таҳияи стереотипе, ки ба талаботи "шахси идеалӣ" ҷавобгӯ аст ва ба хусусиятҳои иқлимӣ ва иҷтимоии минтақа ба ҳадди аксар мутобиқ карда шудааст, мусоидат менамояд. Тадриҷан ташаккули системаҳои мухталифи таҳсилот ва шаклҳои гуногуни тарбияи писарон ва духтарон дар алоҳидагӣ пешбинӣ мешуданд. Тафовути ташаккули рафтори ҷинсии кӯдакон на танҳо дар меҳнат, балки дар тарбияи ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва эстетикии онҳо низ ба чашм мерасид.

Мушоҳидаҳо оид ба рафтори нутқи мардона дар муҳити этникии тоҷикон ва халқияти рус аз он шаҳодат медиҳанд, ки мардон ба таври пайдарпай шарҳ додани рӯйдодҳоро хеле писанд медонанд. Дар суҳбати мардон ва муколамаҳои онҳо нозирон ва муҳаққиқон, пайдарпайии суҳбатро дар пешниҳоди рӯйдодҳои воқеӣ мушоҳида намуданд. Махсусан, мушоҳидаи суҳбати мардон дар гурӯҳ аз он далолат мекард, ки онҳо суханро бо навбат ба якдигар медоданд ва нисбати ҳамдигар бо ҳурмату иззат таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд. Ғайр аз ин, нозирон ба хулосае омаданд, ки мардон дар пурсидани маълумот нисбат ба занон фаъолтаранд, ба саволҳо майл доранд ва дар гуфтугӯи дигарон бо шӯру шавқ фаъолона иштирок мекунанд. Занони тоҷик чунин сифатҳои мусбиро, ба монанди назокати муомилавӣ дар муроҷиат бо ҳамсуҳбат, маҳдудият дар истифодаи алфози қабеҳ, таҳқир ва дар талаффузашон интонатсияи пастро доро мебошанд. Хислатҳои асосии занони рус бошад дилкушодӣ, суботкорӣ, ҳамдардӣ, фурӯтанӣ, адолатпешагӣ, устуворӣ ва ғайраҳо ҳастанд. Дар хислати халқияти рус ғурурӣ ва риёкорӣ тавсиф намешавад. Зан ба таври анъанавӣ ба тарбияи фарзандон сару кор дошта, дар ҷомеа таъсири мусбии худро дорад, аз ин рӯ, гуфтораш бештар фарҳангӣ ва аз меъёрҳои адабӣ воқиф мебошад.

Мардон, тавре ки қайд кардем, бо зуҳуроти зиёдтар шудани зеҳни нутқ, ки ҳассосияти ҷисмонӣ ва ақлиро дарбар мегирад, тавсиф меёбанд. Онҳо одатан таҳқирро бештар истифода мебаранд, ки ин гуна воҳидҳои луғавӣ дуршавӣ аз меъёрҳои адабӣ эътироф шудаанд [4, с.88]. Дар фарҳанги қавмии тоҷик ва рус зани намунавӣ (идеалӣ) хислатҳои зеринро дар бар мегирад:- малакаи изҳор намудани иззату икром, эҳтиром нисбати волидайн, хусусан бо суханҳои гарму меҳрубонона ҳангоми зиёфат додан;- қобилияти тарбияи фарзанд бо усулҳои дурусте, ки онҳоро ба инсонҳои нек табдил медиҳад ва бар манфиати ҷомеа тайёр месозад;- қобилияти рӯзгордорӣ доштан, қалби оила будан, маъвои хонаводаро парасторӣ ва муҳофизат кардан;- риояи вафодории оилавӣ;- риояи тозагии бадан, намуди эстетикӣ;- қобилияти эҳтиром кардани шавҳараш, меҳмондӯстӣ;- хонуми хонагӣ будан, дуруст идора кардани хонавода;- хӯрокро хуб пухта (бомазза) кардан;- дар зиёфат хоксор будан, хушмуомила, эҳтиром зоҳир намудан;- бо

фарҳанг ва маҳдудият сухан рондан, эҳтиром ба меҳмонон, одамони калонсол ва гиромӣ;- ҳайвоноти хонагиро нигоҳубин кардан, бо ҳамсоягон дар сулҳ ва дӯстӣ будан.

Зани намунавиро (идеалӣ) метавон бо дигар сифатҳои баланд баҳо дод, ки миқдори хислатҳои номбаршударо зиёд ва мукаммал созад. Ба марди намунавӣ (идеалӣ) бошад сифатҳои зеринро дохил кардан мумкин аст:

- дар дӯстӣ вафодорӣ;
- дар баҳсҳо устуворӣ, эътимод;
- дар таълим фикрҳои амиқ;
- дар қудрат ҳилагар набудан;
- дар кор маҳорат, самаранокӣ;
- дар суханронӣ ҳикмат;
-дар суҳбатҳо эҳтиром ва хушмуомилагӣ;
- дар ҳаёти ҳаррӯза таъмин кардани оила бо ҳама чизҳои зарурӣ, саробон будан;
- дар тарбияи фарзанд таълиму тарбия додан [11, с.106-108].

Аммо, ин хусусиятҳои зикрёфта рамзи як марди воқеиро маҳдуд карда наметавонанд. Ин сифатҳои тасвирёфта метавонанд марди идеалиро чун инсони воқеӣ, падари меҳрубон ва беҳтарин ҳамсафари ҳаёт нишон диҳанд. Албатта, ин ҳама хислату сифатҳои тавсифшуда ба рафтори суханронии писарон ва духтарони оилаи тоҷик таъсири худро мерасонад. Дар гузашта ба мардҳо таълим дода мешуд, ки ба корҳои хона машғул шаванд, модар, хоҳарон, пиронсолонро нигоҳубин кунанд, шарафи оила ва оиларо ҳифз карда тавонанд. Ба духтарон аз давраи аввали кӯдакӣ рафтору кирдори муносиб ба ҷинсияти онҳо таълими дуруст дода мешуд

Оилаҳои тоҷик дар тарбияи духтарон бештар инкишофи чунин хислатҳо, чун хоксорӣ, фурӯтанӣ, некукорӣ, хушмуомилагӣ, итоаткорӣ ва бодиққатиро равнақ медиҳанд. Ба онҳо таълим дода мешавад, ки худро ҳангоми муомила ором, ботаҳаммул гиранд ва махусусан худдориро нигоҳ доранд. Ин хислатҳо ва сифатҳои дар боло номбаршуда ба рафтори суханронии занона хеле таъсир мерасонанд, ки дар натиҷа воҳидҳои луғавии гендерӣ ё ибораҳои фразеологӣ ба миён меоянд, ки танҳо хосси занҳо мебошанд: ***Духтари нагз ҷойи ду писарро мегирад. -Хорошая дочь двух сыновей стоит; Мардро мард мекардагӣ ҳам зан. — Мужчину мужчиной делает жена; Зани нагз айби шавҳарашро мепӯшад ва шарафи онро афзун менамояд. - Хорошая жена скрывает недостатки мужа и преувеличивает его достоинства; Зани нагз — гули хона. - Хорошая жена-счастье; Зани нек дар хона ноз асту ганҷ - Хорошая жена в доме - и счастье, и сокровище*** *[12, с.64-68].*

Дар суханронии занон аксар вақт метавон шубҳанокиро дар бораи ҳаққонияти гуфторашон шунид: ***Роҳи зан бо фикр. - Дорога женщины раздумье***. Дар гуфтори мардон одатан калимаҳои ***аниқ, барости, Худо занад, ки, рости гап, бедуруг***ро пай бурдан мумкин аст. Ин аз он гувоҳ медиҳад, ки мардон бештар дар фикру ақидаашон устувор буда, ба суханҳои худ итминон доранд, вале нутқи мардон, мутаассифона, аз калимаҳои дағал ва қабеҳ иборат мебошад. Мушоҳидаҳои нутқ нишон доданд, ки:- занони тоҷик ба гуфтори ҳамсуҳбатонашон диққати бештар медиҳанд;- мардон дар дурустии фикру ақида ва мулоҳизаҳои худ эътимоди бештар доранд;- занон ба саҳви сухан роҳ дода, ба ислоҳи иштибоҳҳояшон майл надоранд;- барои баёни сухани ахбори номуайяндошта занҳо одатан ҷонишинҳои номуайянии ***фалон, бисмадон, фалонӣ, бисмадонӣ***, ***баъзе, ягон, кадом, чандин, якчанд, андак, чандеро*** истифода менамоянд.

Барои муайян кардани хусусиятҳои рафтори суханронии мардон ва занон, мо назарсанҷӣ ва пурсиши донишҷӯёнро баргузор кардем. Барои ин 23 нафар донишҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро интихоб намудем. Ба саволи "Оё шумо дар суханронии худ сухани қабеҳ (қасам хӯрда) истифода мекунед?" - аз 23 нафар, 20 нафар писарон ҷавоби мусбӣ доданд. Аз духтарон бошад, баръакс, ҷавоби манфӣ ба миён омад. Тибқи таҳқиқот маълум шуд, ки тоҷикон вожаҳои номуайянӣ ё ҷонишинҳои номуайяниро кам истифода мебаранд. Ғайр аз ин, ин намуди тадқиқот моро ба хулосаҳои зерин оварад:

1. Занони тоҷик бештар ба чунин эътироз ва гапгардониҳо моил ҳастанд: ***Наход ки..., Чува охир..., (Чаро) будаст, ки....*** Занони рус низ айнан чунин аксуламалҳои эътирозиро истифода менамоянд: ***Разве? Правда что ли? Ну и что так, неужели, к сожалению, за что?, Почему же? Так сказать, каким же образом?.***

2. Суханронии занони тоҷик гуногунтарз ва эҳсосӣ буда, дар он метавон чунин нидоҳоро пай бурд:. ***Э, вой!, Оббо! Наход! Э, қоил! Э, бало!*** Чунин нидоҳои забони тоҷикӣ дар забони русӣ аналог ё муодил надоранд. Новобаста аз ин, занҳои рус низ эҳсосотӣ буда, ин гуна нидоҳоро метавонанд истифода баранд: ***ох, ой, пли, ух, фу, фи, ага, ах, апчхи, батюшки, браво, господи, ишь ты, боже ж ты мой, о чёрт, ни фига себе! ай молодца!, молодец!, молодчина!, да ну ты брось, да ну как же оно так вышло-то вот, при!.***

3.Занон нисбат ба мардон ҳангоми фармондиҳӣ хоҳишҳои муроҷиатомезро бештар истифода мебаранд: ***шояд инаш дуруст, ин хел шавад не-ми? - может быть так лучше, давайте попробуем*** *[6, с.258]*.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, хулоса баровардан мумкин аст, ки хусусиятҳои фарқияти гендерӣ дар забоншиносии тоҷик на танҳо бо фарқиятҳои биологӣ, балки эҳтимолан ба шароити этникӣ ва иҷтимоии ташаккули шахсият асос ёфтааст. Ҳамчун объекти омӯзиш, самти лингвокултурологӣ муайян кард, ки забон бо фарҳанг дар зуҳуроти ҷамъиятӣ алоқамандии зич дорад. Ин илм маданияти забоншиносӣ, салоҳияти фарҳангӣ ва забонии аъзоёни ҳар як гурӯҳи этникиро таҳлил намуда, тафаккури онҳоро дар ҷомеа ҳамчун як гурӯҳи мушаххаси забоншиносӣ ва фарҳангӣ меомӯзад. Истилоҳи ҷамъиятии "гендер" имрӯз ҳамчун объекти таҳқиқоти илмӣ махсусан муҳим аст. Ҳар як шахс чун мард ва зан нақши гендериро мебозад. Пас дар асоси онҳо тасаввуроти умумӣ дар бораи хусусиятҳои рафтори гендерӣ, стереотипҳои гендерӣ дар шуури ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд. Тафовути иҷтимоӣ, заминаи фарҳангии таҳсилот ва сатҳи дониши илмӣ, сертификатсияи забон ва ҷанбаҳои дигар ба стереотипҳои ҳаёти инсон дахл доранд. Дар робита бо вазифаҳои тағйирёбандаи зан дар ҷомеа, шаклҳои дур шудан аз сатҳи стереотипҳои гендерӣ дар сатҳи фаъолияти суханронӣ ба вуҷуд омада истодааст.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқоту таҳлилҳои бадастомада аён гашт, ки муносибатҳои гендерии тоҷикон вобаста ба фарҳанги миллии он алоқамандии зич дошта, аз муносибатҳои гендерии ҷомеаи рус на он қадар фарқ дорад. Фарқият танҳо дар нутқи занон дида мешавад, зеро мавқеи зан дар ҷомеаи рус нисбат ба фарҳанги тоҷик фарқияти назаррас дорад. Дар натиҷа онро метавон қайд намуд, ки фарқияти амиқи муносибатҳои гендерии тоҷикон ва русҳо танҳо аз тафаккур ва фарҳанги миллии одамон вобастагӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Есперсен О. Философия грамматики / О. Есперсен; пер. с англ. В.В. Пассека и С.П. Сафроновой; под ред. и с предисл. Б.А. Ильиша. - М.: Изд-во иностранной литературы, 1958.
2. Карташкова Ф.И., Ганина В.В., Гудкова О.Н. Невербальные компоненты коммуникации, отражающие эмоции мужчин и женщин / Ф.И. Карташкова, В.В. Ганина, О.Н. Гудкова // Тендер: язык, культура, коммуникация. - М.: МГЛУ, 2002. - С.280.
3. Кирилина А.В. Развитие тендерных исследований в лингвистике / А.В. Кирилина // Филологические науки. - 2003. - № 5. - С.310.
4. Лакофф Р. Язык и место женщины / Р.Лакофф // Тендерные исследования. - Харьков, 2000. - № 5. - С.340.
5. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. - Душанбе, 2006.
6. Танен Д. Ты меня не понимаешь (Почему мужчины и женщины не понимают друг друга) / Д.Танен. - М.: Персей АСТ, 1996. - С.353.
7. Трофимова Е.И. О концептуальных понятиях и терминах в тендерных исследованиях и феминистской теории / Е.И. Трофимова // Женщина в российском обществе. - 2000. - № 4. – С.32-39.
8. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Ҷ.I. - 802 с.
9. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Ҷ.II. - 803 с.
10. Халеева И.И. Тендер в теории и практике обучения межъязыковой коммуникации / И.И. Халеева // Тендер: язык, культура, коммуникация: Доклады Первой Международной конференции. - М., 2001. - С.7-11.
11. Халеева И.И. Тендер в теории и практике обучения межъязыковой коммуникации / И.И. Халеева // Тендер: язык, культура, коммуникация: Тез. I международ, конференции. - М., 1999. - С.106-108.
12. Шодиев Р. Таърихи таҳқиқоти масоили гендерӣ дар лингвистика / Р.Шодиев // Гендер: Забон ва адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2001. - С.64-68.
13. Caiazza Amy. Mothers and Soldiers: Gender, Citizenship, and Civil Society in Contemporary Russia / Amy Caiazza. - L. and N.Y., Routledge, 2002. – 192 p.
14. Tannen D. You just don't understand: Women and men in conversation / D.Tannen. - New York, 1990.

ХУСУСИЯТҲОИ ГЕНДЕРИИ ТОҶИКОН ДАР МУҚОИСА БО ҶОМЕАИ ХАЛҚИ РУС

Мақолаи мазкур марбут ба фарқияти хусусиятҳои гендерии мардуми тоҷик ва рус буда, муқоисаи воҳидҳои луғавиро дар асоси рафтори суханронии мардон ва занон таҳлил менамояд. Инчунин, дар мақола муқоисаи истилоҳоти "ҷинс" ва "гендер" нишон дода шуд, ки ҷинс хусусиятҳои биологиро ифода карда, тибқи он инсон ба категорияҳои "мард" ва "зан" ҷудо мешавад ва гендер бошад, ба сифатҳои иҷтимоӣ-психологӣ тақсим карда шуда, дар навбати худ он одамонро ба "мард", "зан" ва "гермафродҳо" (яъне, вақте ки хусусиятҳои ҳарду ҷинс омехта мешаванд) ҷудо менамояд ва вобаста ба мансубияти онҳо ба яке аз ин гурӯҳҳо, рафтори онҳоро муайян мекунад. Мушоҳидаҳо оид ба рафтори нутқи мардона дар муҳити этникии тоҷикон ва халқияти рус аз он шаҳодат медиҳанд, ки мардон ба таври пайдарпай шарҳ додани рӯйдодҳоро хеле писанд медонанд. Дар суҳбати мардон ва муколамаҳои онҳо нозирон ва муҳаққиқон, пайдарпайии суҳбатро дар пешниҳоди рӯйдодҳои воқеӣ мушоҳида намуданд. Махсусан, мушоҳидаи суҳбати мардон дар гурӯҳ аз он далолат мекард, ки онҳо суханро бо навбат ба якдигар медоданд ва нисбати ҳамдигар бо ҳурмату иззат таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд. Суханронии занони тоҷик гуногунтарз ва эҳсосӣ буда, дар он метавон нидоҳоро пай бурд. Занон нисбат ба мардон ҳангоми фармондиҳӣ хоҳишҳои муроҷиатомезро бештар истифода мебаранд. Инчунин дар мақола зикр мегардад, ки фарқияти амиқи муносибатҳои гендерии тоҷикон ва русҳо танҳо аз тафаккур ва фарҳанги миллии одамон вобастагӣ дорад.

Калидвожаҳо: хусусиятҳои гендерӣ, халки тоҷик, халқи рус, занон, мардон, муошират, хислатҳои занона, хислату хусусиятҳои мардона, омилҳои гендерӣ, рафтори суханронии ҷинсҳо.

ГЕНДЕРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ У ТАДЖИКОВ В СРАВНЕНИИ С РУССКИМ ОБЩЕСТВОМ

В данной статье раскрываются особенности гендерных различий у таджиков в сравнении с русским обществом, а также на основе речевого поведения мужчин и женщин, дается сопоставление лексических единиц. В статье также проведен сравнительный анализ терминов «пол» и «гендер», в котором «пол» определяя биологические свойства человека, подразделяет его на категории «мужчина» и «женщина», а «гендер», распределяя на социально-психологические качества, делит людей на «мужчин», «женщин» и «гермафродитов» (т. е. когда свойства обоих полов смешаны) и в зависимости от их принадлежности к одной из этих групп, определяет их поведение. Наблюдения за речевым поведением мужчины в этнической среде таджиков и русского народа свидетельствуют о том, что мужчины предпочитают последовательно рассказывать трактовку событий. В беседах и диалогах мужчин, при описании реальных событий, исследователи наблюдали последовательность разговоров. Наблюдение за разговорами мужчин в группе показало, что в ходе беседы мужчины разговаривали, проявляя уважение друг к другу, то есть по очереди, это свидетельствует о том, что мужчинами больше соблюдаются нормы этического поведения. Разговоры таджикских женщин весьма разнообразны и эмоциональны, они чаще сопровождаются междометиями. Женщины, в отличие от мужчин, в своих приказаниях чаще всего обращаются с просьбой. В статье также отмечается, что основные различия гендерных отношений у таджиков и у русских определяются в зависимости от мировоззрения и национальной культуры каждого народа.

Ключевые слова: гендерные особенности, таджики, русские, женщины, мужчины, общение, женские черты характера, мужские черты характера, гендерные факторы, гендерное речевое поведение.

GENDER PECULIARITIES OF TAJIKS IN COMPARISON WITH RUSSIAN SOCIETY

This article reveals the features of gender differences among Tajiks in comparison with Russian society, as well as on the basis of the speech behavior of men and women, and examines the comparison of lexical units. The article also shows a comparative analysis of the terms “sex” and “gender”, in which “gender”, determining the biological properties of a person, subdivides him into the categories “man” and “woman”, and “gender”, distributing into socio-psychological qualities, divides people into "Men", "women" and "hermaphrodites" (ie, when the properties of both sexes are mixed) and, depending on their belonging to one of these groups, determines their behavior. Observations of the verbal behavior of men in the ethnic environment of the Tajiks and the Russian people indicate that men prefer to consistently tell the interpretation of events. In the conversations and dialogues of men, when describing real events, the researchers observed a sequence of conversations. Observation of the conversations of men in the group showed that during the conversation, the men talked showing respect for each other, that is, taking turns, this indicates that men are more observing the norms of ethical behavior. Conversations of Tajik women are very diverse and emotional, they are often accompanied by interjections. Women, unlike men, most often make requests in their orders. The article also notes that the main differences in gender relations between Tajiks and Russians are determined depending on the worldview and national culture of each nation.

Key words: gender characteristics, Tajiks, Russians, women, men, communication, female character traits, male character traits, gender factors, gender speech behavior.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Камолова Сабоҳат*** – Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии Москва дар шаҳри Душанбе, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо ва илмҳои гуманитарӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Назаршоев, 7. E-mail: **sabokhat1970@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97; (+992 37) 222-20-00**

Сведения об авторе: ***Камолова Сабохат*** - Филиал Национального исследовательского технологического университета «МИСиС», кандидат филологических наук, доцент кафедры языков и гуманитарных наук. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Назаршоева, 7. E-mail: **sabokhat1970@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97; (+992 37) 222-20-00**

Information about the author: ***Kamolova Sabokhat*** – Branch of the National Research Technological University "MISiS", candidate of philological sciencies, senior lecturer of the Department of Languages and Humanitarian sciences. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nazarshoeva Str., 7. E-mail: **sabokhat1970@mail.ru.** Tel.: **(+992) 900-00-70-97; (+992 37) 222-20-00**

УДК:491.550

МАВҚЕИ КОРБУРДИ ҶУМЛАҲОИ АМРӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир)

Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумла воҳиди асосии нутқ аст, ки мубодилаи афкор тавассути он сурат мегирад. Ҳангоми мубодилаи афкор мақсади гӯянда тавассути оҳанг ифода мегардад ва ба навъҳои зерин ҷудо мешавад:ҷумлаҳои хабарӣ (ҳикоягӣ);ҷумлаҳои саволӣ;ҷумлаҳои амрӣ;Ҷумлаҳои хитобӣ. Ҷумлаҳои амрӣ як навъи ҷумлаҳои сода маҳсуб меёбанд. Аз баррасии сарчашмаҳо маълум гардид, ки дар забоншиносии тоҷик то солҳои ҳафтодум ҳангоми таснифоти ҷумлаҳои сода зикр нагардидааст. Масалан, дар “Грамматики забони тоҷикӣ” [1947; 1956; 1961] дар бораи ҷумлаҳои содаи саволӣ, ҳикоягӣ ва хабарӣ маълумот дода шуда, ҷумлаи содаи амрӣ ишора нагардидааст. Таснифоти ҷумлаҳои сода дар асарҳои Б. Ниёзмуҳаммадов “Ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ” [1956] ва “Ҷумлаҳои сода

дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [1960] аз ҷиҳати оҳангнокӣ ва ифодаи мақсад гуногун сурат гирифтааст. Мавсуф дар асари соли 1956 навиштааш ҷумлаҳои содаро ба се гурӯҳ: саволӣ, ҳикоягӣ ва амрӣ ва дар таҳқиқоти 1960 анҷомдодааш ба ҳикоягӣ, саволӣ ва хитобӣ ҷудо намудааст. Барои далел дар ҳар ду таснифот як матнро ҳам ба ҷумлаҳои амрӣ ва ҳам ба хитобӣ мисол овардааст [ниг. 1956, 8; 1960, 97]. Қисми мисолҳои овардаи муаллиф доир ба ҷумлаҳои хитобӣ дар китоби “Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [1960] ба ҷумлаҳои амрӣ мансуб аст. Чунончи: Ба ин сӯ нигоҳ кун! Чашмонатро пӯш-гӯён фарёд мекашид. Инро хуб хонда, ҳамаашро ба дафтарат кӯчон, пагоҳ ба ман нишон медиҳӣ.

Муҳаққиқ С.А. Арзуманов дар китоби “Забони тоҷикӣ” [1951] ҷумлаҳои содаро ба чор гурӯҳ: саволӣ, ҳикоягӣ, хитобӣ ва амрӣ ҷудо намуда, маълумот додааст [1951, 54] Дар як сарчашма [Грамматики забони тоҷикӣ, 1960; 1961] мавҷудияти ҷумлаҳои амрӣ ишора шудааст, дар сарчашмаи дигар [ГЗАХТ, 1986] мукаммалтар шарҳ ёфта, бо роҳи воситаи ифода ва тобишҳои маъноии он зикр гардидааст. Забоншинос Б. Ниёзмуҳаммадов дар китоби “Ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ” ҷумлаҳои содаро аз ҷиҳати мақсаду оҳанг тасниф намуда, бар мавриди ҷумлаҳои амрӣ низ ибрози андеша намудааст. Сабаби рух додани чунин ҳолат дар он аст, ки доир ба таснифоти ҷумлаҳои сода мухталифандешӣ мавҷуд буд.Дар китобҳои синтаксиси “Забони тоҷикӣ” барои синфҳои 7-8 нашри 1974 ҷумлаи амрӣ зикр нагардида, аммо дар нашрҳои минбаъда [1976, 24; 1979, 21; 1981, 21; 1982,21] доир ба ҷумлаҳои амрӣ маълумот дода шуда, роҳҳои ифодаи он зикр нагардидааст. Дар ин китобҳои дарсӣ маълумот якранг, яъне такрор аст.

Дар забоншиносии рус низ доир ба ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ, хитобӣ, саволӣ ва амрӣ асару мақолаҳои ҷудогона навишта шудаанд. Дар ин самт хизмати В.В. Виноградов назаррас аст. Дар “Грамматикаи забони русӣ” чунин хусусиятҳои ҷумлаҳои амрӣ таъкид гардидааст: бо шакли сиғаи амрӣ ифода ёфтани маънои амр, хабари он ҳам ба шахси дуюм ва ҳам ба якум дололат мекунад; маънои амр бо ҷумлаҳои масдарии амрӣ ифода мегардад; интонатсия нақши созгор дорад [1954, 364-367].Забоншинос М.Н. Қосимова мавҷудияти ҷумлаҳои амриро дар насри асри Х ишора намудааст. Баъдан дар китобҳои дарсӣ ва таълимии минбаъда ҷумлаи амрӣ дар қатори ҷумлаҳои саволӣ, ҳикоягӣ, хитобӣ пурра таълим дода мешуд.Ҳангоми баррасии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс, умумишахс, бешахс, унвонӣ муҳаққиқон М. Норматов ва Ш. Рашидов дар бобати ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахси амрӣ, умумишахси амрӣ ишора карда, бо сиғаи амрӣ ифода гардидани онҳоро шарҳ додаанд. Маълумоти муфассал ва саҳеҳ дар китоби “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” дода шудааст, ки ин боби наҳв ба қалами Ш. Рустамов мансуб аст. Таърифи ба ин ҷумла додашуда муфассал мебошад: “Ҷумлаҳои амрӣ фармон ва супоришро мефаҳмонанд, маънои даъват, хоҳиш, илтимос ва маслиҳат низ бо ҷумлаи амрӣ ифода мешавад. Ба кадоме аз ин маъниҳо омадани ҷумлаҳои амриро вазъияти нутқ ва матн нишон медиҳад. Феъли ҷумлаҳои амрӣ бо феъли фармоиш ифода меёбад, ки он ба сиғаи амрӣ баробар аст. ... хабари ҷумлаҳои амрӣ ҳамчун қоида бо сиғаи амрии феъл ифода мешавад. Дар ин гуна ҷумлаҳо сухан ба шахси дуюм нигаронида мешавад, ки он асосан иҷрокунандаи супориш ва амру фармон аст” [1986, 215, 216]. Дар ин асар 11 роҳу воситаҳои ифодаи тобишҳои маъноии ҷумлаҳои амрӣ шарҳ ёфтааст, ки ҷолибанд. Ҳарчанд дар китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълими пешин маълумот дода шуда буданд, тамоми махсусиятҳои ин навъи ҷумлаи содаро пурра дар бар намегирифт. Дар солҳои аввали садаи бисту якум ҷумлаҳои амрӣ аз ҷониби забоншинос М. Абдураҳмонова таҳлилу баррасӣ гардид. Муҳаққиқ монографияашро соли 2010 бо унвони “Ҷумлаҳои амрӣ дар забони адабии тоҷикӣ” ба нашр расонид, ки ин асар аз се боб иборат буда, дар боби аввал воситаҳои ифодаи ҷумлаҳои амрӣ баррасӣ гардидааст. Мавсуф ба воситаи сиғаи амрӣ, феъл, ҳиссачаҳо, нидо ифода ёфтани ҷумлаҳои амриро шарҳ додааст. Боби дуюм ба сохтори грамматикии ҷумлаҳои амрӣ бахшида шудааст. Боби сеюм “Раванди нутқ дар ифодаи амр” ном дошта, водоркунӣ, навъ ва вазифаҳои он баррасӣ гардидааст. Ин асар чун сарчашмаи муҳим дар бораи ҷумлаҳои амрӣ маълумот медиҳад. Дар ифодаи ҷумлаҳои амрӣ нақши оҳанг барҷаста аст, чунон ки профессор Т. Хаскашов хусусиятҳои махсуси оҳанги гуфторро таъкид карда, қайд мекунад: “Оҳанги ангезиш ё амр барои фразаҳое хос мебошад, ки гӯянда ба воситаи онҳо шунавандаро тавассути навъҳои гуногуни амр (амр, фармон, илтимос, хоҳиш, маслиҳат ва ғ.) ба иҷрои коре бармеангезонад, водор мекунад [1989, 87-88]”. М. Абдураҳмонова ҳамин ақидаро тақвият дода, чунин зикр намудааст: “Оҳанги ангезиш дар се типи ҷумлаҳо равшантар зоҳир мешавад:

1. Ҷумлаҳои амрие, ки хабари онҳо бо шакли сиғаи амрии феъл ифода мешавад:

-Чароғро даргиронда деҳ-гуфт Ашӯр...

2. Ҷумлаҳои амрие, ки дар онҳо барои ифодаи амр ҳиссачаҳо ва феълҳои ифодакунандаи маъноҳои иродавӣ ба кор бурда мешаванд:

Бигзор, Наимшоҳ духтарашро ба Восеъ никоҳ карда диҳад;

2. Ҷумлаҳои яккалимагӣ ва нопурраи амрӣ: Тезтар! Хомӯш! Бас! Марҳамат як пиёла чой [2010, 21-22]”.

Забоншинос Б. Камолиддинов умумият ва фарқияти ҷумлаҳои амриро чунин шарҳ медиҳад: Ҷумлаҳои амрӣ аз як ҷиҳат ба ҷумлаҳои саволӣ наздикӣ доранд: дар ҷумлаҳои саволии аслӣ гӯянда мақсади худро ба тариқи пурсиш ифода карда сомеъро ба ҷавоб додан водор намояд, дар ҷумлаҳои амрӣ ҳам гӯянда шунавандаро ба иҷрои амале водор мекунад. Дар забон тарзу воситаҳои водоркунӣ гуногунанд [2010, 22]. Ҷумлаҳои амрӣ тобишҳои гуногуни зиёди маъноӣ доранд, ки дар матн маълум мегардад. Дар маводи гирдовардаи мо чунин тобишҳои маъноӣ мушоҳида гардид:

1. Амр ва супориш. Амру супоришро ифода мекунад: Ту ҳам ба касе нафаҳмон (СА. Ё. С. 26); Бедонаро аввал ягон ҳафта парвариш кунед (СУ. В. С. 12); – Ҳоҷиқул аз бедонаҳо якта зӯрашро биёр, як ҷанг андохта бинем канӣ (СУ. В. С. 13); – Ба гапи мардҳо қатӣ нашав! (СУ. В. С. 83); Ӯ гуноҳ надорад, озодаш кунед (СУ. В. С. 96); Калимаи шаҳодататро хон канӣ, бинам, медонӣ ё не (СУ. В. С. 109); – Мана, Восеъ, ҳаққи якрӯзаатро гир (СУ. В. С. 109). Сиғаи амр гоҳо бо пасванди шаклсози “би” меояд, ки ба маънои амр оҳанги қатъият мебахшад: Оҳистатар, оҳистатар биғелонед! Нозим, ту андак-андак бардошта биғелон (СУ. В. С. 22); – Бигир шарм накун, насибат будааст (СУ. В. С. 76).

2. Таъкиди матлабро ифода мекунад: – Ба ӯ даст накобед, ӯ бегуноҳ аст! (СУ. В. С. 111); – Кӯрнамакӣ накун! Дирӯза ошро аз ёдат набарор! (СА. Ё. С. 37); – Оварда додани табақро аз хотир фаромӯш накунед! – гуфт (СА. СМ. С. 39).

3. Маънои даъват. Маънои даъват дар дохили матн нисбат ба ҷумла барҷаста ва ҷолиб ифода меёбад: – Фуқаро, бихез, ғазот бикун! Теғ ба даст бигир. Теғ наёбӣ – таёқ бигир. Табару теша бигир. Аз золим қасос бигир. Аз ин бад ҳар шаб ба Сурсақова нигоҳ кунед. Аломатро, ки дидед тайёр шавед. Хоб бошед – бедор шавед. Бедор бошед – савор шавед. Ба ғазот бархезед!. (СУ. В. С. 111).

4. Нияту орзу: Илоҳӣ тӯйи фарзандонатонро бинед! (СА. Ё. С. 25); – Илоҳӣ ҳамаатон мударрис шавед, муфтӣ шавед, аълам шавед, охун шавед, раис шавед, қозӣ шавед ва қозикалон шавед!… – гӯён дуо кард (СА. Ё. С. 31); - «Тӯраҷон, хайр кунед, илоҳӣ зиёрататон қабул шавад! Илоҳӣ Ҳазрати Баҳоваддин дастгири шумо шаванд! Илоҳӣ ҷаҳонгир шавед!» гӯён кафи дастҳои чиркини пурзахми худро қариб ба риши ӯ мерасониданд, аз бару остинаш мекашиданд. (СУ. В. С. 266).

5.Маслиҳату насиҳат: Ягон духтари бечораро ёфта, хонадор шав. Ҷуфти говро кор фармуда деҳқонӣ кун (С.А.).

6. Илтимос: – Бардоред, инҳоро гирифта баред! (СА. Ё. С. 21); – Наравед, нишинед! (СА. Ё. С. 111); - Ба ин кас як табақ оши сергӯшту равған кашед, ба рӯяш якто нони тафтон пӯшонда диҳед! (СА. МС. С. 39); – Марҳамат кунед, як пиёла чой хӯред! (СА.МС. С.71); – Андак аз болотар хонед! – мегуфт (СА. МС. С. 72).

7.Таскину тасалло: – Биё, гузар, оби рӯд аз буҷулаки поят намеояд, натарс! – гуфт. (СА. Ё. С. 39); Ором шав, духтарҷон осуда бош (РҶ.Ш. 78).

8. Навозиш ва ғамхорӣ: – Додар, илоҳӣ ҳазорсола шавӣ, намурӣ! (СА. Ё. С. 89); (СУ. В. С. 111); (СУ. В. С. 111).

9. Таклиф: – Ба ман пагоҳонӣ як дона гули навшукуфтаи хушбӯй биёр! – Ба ҳисоби абераш як хӯрок гулқанд марҳамат кунед! – гуфт (СА. МС. С. 24).

Аз таҳлили маводи гирдоварда ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Аз баррасии мисолҳои гирдоварда маълум мешавад, ки дар ифодаи маънои амр на танҳо сиғаи амрӣ, балки шаклҳои гуногуни сиғаҳои дигар низ ба кор бурда мешаванд. Дар ин сурат амру фармоиш бо тобишҳои хоҳиш, илтимос ва ғайра ифода меёбад. Тобишҳои гуногуни маънои амр дар ҷумлаҳои амрӣ матлабро муассир ифода мекунад.

2. Дар ифодаи ҷумлаҳои амрӣ сиғаи амрии феъл, оҳанг, баъзан сиғаи хабарӣ, ки ба маънои амр меояд, ҳиссачаҳои модалӣ-иродавӣ роли муҳим мебозанд.

3. Яке аз вазифаҳои асосии ҷумлаҳои амрӣ водоркунӣ буда, гӯянда тавассути он иҷрои амалеро талаб мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳмонова М. Ҷумлаҳои амрӣ дар забони тоҷикӣ / М.Абдураҳмонова. - Душанбе, 2010. – 179 с.
2. Арзуманов С., Нестеренко С. Zaboni tojiki: Учебник таджикского языка для взрослых / С.Арзуманов, С. Нестеренко. - Сталинобод, 1938. – 384 с.
3. Арзуманов С.Д. Забони тоҷикӣ. Учебник таджикского языка для взрослых / С.Д. Арзуманов. - Душанбе, 1951. – 120 с.
4. Виноградов В.В. Некоторые задачи изучения синтаксиса простого предложения / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания. - 1954. - №1. - С.24.
5. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Сталинобод, 1956. – 98 с.
6. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 171 с.

7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. - Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. – 368 с.
8. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Барои студентони факултетҳои филологии мактабҳои олӣ. - Душанбе: Ирфон, 1970. – 167 с.
9. Забони адабии ҳозираи тоҷик.Синтаксис. Қ.2. Барои мактабҳои олӣ. Нашри 2-юм. - Душанбе: Ирфон, 1984. – 321 с.
10. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. - Душанбе, 2010. – 231 с.
11. Қосимова М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри Х1 / М.Н. Қосимова. - Душанбе: Ирфон, 1976. – 215 с.
12. Ниёзмуҳаммадов Б. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Б.Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1960. – 112 с.
13. Норматов М. Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба / М.Норматов, Ш.Рашидов. - Душанбе: Маориф, 1988. – 152 с.
14. Норматов М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Норматов. - Душанбе, 2000. – 234 с.

МАВҚЕИ КОРБУРДИ ҶУМЛАҲОИ АМРӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир)

Забон ҳамчун воситаи иртибот функсияҳои интиқоли иттилоотро иҷро намуда, инчунин фаъолияти муштараки одамонро бо воситаи таъсиррасонии шахсии забонӣ ба рафтори онҳо бо ҳам мутобиқ мегардонад. Яке аз воситаҳои чунин таъсиррасонӣ интиқоли маънии изҳори иродат мебошад, ки воситаи асосии ифодаи он конструксияҳои омирона (императивӣ) мебошанд, ки аз рӯи семантикаи худ бо ҳолати иртиботӣ ва иштирокчиёни амали нуткӣ зич алоқаманданд. Дар мақолаи мазкур муаллиф махсусияти функсионалии ҷумлаҳои амриро дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Инчунин аксари усулҳои ифодаи ангеза бо ёрии ҷумлаҳои амрӣ дар забони тоҷикӣ баррасӣ гардидааст, чунки ин ҷумлаҳо ангезаро барои амалкунӣ бо мақсади иҷрои хоҳиш, фармоиш, хоҳиш, иҷозат, маслиҳати гӯянда ифода менамоянд. Инчунин воситаҳои забонии татбиқи категорияи ангеза, аз ҷумла ҷумлаҳои амрӣ, объекти таҳқиқот гардидаанд. Аз таҳлили маводи гирдоварда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар ифодаи маънои амр на танҳо сиғаи амрӣ, балки шаклҳои гуногуни сиғаҳои дигар низ ба кор бурда мешаванд. Дар ин сурат амру фармоиш бо тобишҳои хоҳиш, илтимос ва ғайра ифода меёбад. Тобишҳои гуногуни маънои амр дар ҷумлаҳои амрӣ матлабро муассир ифода мекунад.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои амрӣ, забони тоҷикӣ, насри бадеӣ, адабиёти муосири тоҷик, шакл ва семантика, хусусияти асосии фарқкунандаи ҷумлаҳои амрӣ.

МЕСТО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПОВЕЛИТЕЛЬНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
(на материалах художественной прозы современной литературы)

Язык как средство коммуникации не только выполняет функции передачи информации, но и координирует совместную деятельность людей посредством различного речевого воздействия на их поведение. Одним из способов такого воздействия является передача значения волеизъявления, основным средством выражения которого являются императивные конструкции, по своей семантике тесно связанные с коммуникативной ситуацией и участниками речевого акта. В данной статье автором рассматриваются функциональные особенности повелительных предложений таджикского языка на материалах художественной прозы современной таджикской литературы. Также рассматривается большинство способов выражения побуждения с помощью повелительных предложений в таджиксом языке, так как эти предложения выражают побуждение к действию с целью выполнения желания, приказания, просьбы, разрешения, совета говорящего. Объектом исследования стали языковые средства реализации категории побуждения, в частности, повелительное предложение. Данная работа выполнена в рамках грамматики, синтаксиса, лингвистики текста, семантики с применением когнитивно-дискурсивного подхода и посвящена изучению различных типов повелительных предложений как сложных образований.

Ключевые слова: повелительные предложения, таджикский язык, художественная проза, современная таджикская литература, форма и семантика, основные отличительные черты повелительных предложений.

PLACE OF USE OF LANDING PROPOSALS IN TAJIK LANGUAGE
(based on materials of fiction of modern literature)

Language as a means of communication not only performs the functions of transmitting information, but also coordinates the joint activities of people through various speech influences on their behavior. One of the methods of such influence is the transmission of the meaning of the expression of will, the main means of expression of which are imperative constructions, which in their semantics are closely related to the communicative situation and participants in the speech act. In this article, the author examines the functional features of the imperative sentences of the Tajik language on the materials of fictional prose of modern Tajik literature. Most of the ways of expressing motivation with the help of imperative sentences in the Tajik language are also considered, since these sentences express a motivation for action in order to fulfill the desire, order, request, permission, advice of the speaker. The object of the research was the linguistic means of realizing the category of motivation, in particular, the imperative sentence. This work is carried out within the framework of grammar, syntax, text linguistics, semantics with the use of a cognitive-discursive approach and is devoted to the study of various types of imperative sentences as complex formations.

Key words: imperative sentences, the Tajik language, fiction, modern Tajik literature, form and semantics, the main distinctive features of imperative sentences.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК:301.153(575.3:470)

ШАРҲИ ИЗОФАТ ДАР ЛУҒАТИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ»

Додаров О.
Коллеҷи муҳандисию техникии ноҳияи Нуробод

Дар луғати «Ҳафт қулзум» мисли илми сарф оид ба наҳв фасли алоҳидае ҷудо карда нашудааст, аммо бисёр қайду тавзеҳоте дар фаслу бобҳои дигар ба чашм мерасанд, ки масоили марбути наҳвро дар бар мегиранд. Масалан, яке аз мавзӯъҳое, ки ба сурати густарда матраҳ шудааст ва арзиши баланди забоншиносӣ дорад, изофат мебошад. Мавзӯи изофат дар забоншиносии муосири тоҷик низ яке аз муҳимтарин масъалаҳои наҳв маҳсуб меёбад, чаро ки бандаки изофӣ барои алоқаи ибораҳои изофӣ, чи ибораҳои изофии озод ва чи ибораҳои изофии маҷозӣ ё фразеологӣ, воситаи муҳимми алоқа ба шумор меравад. Ғайр аз ин, як хели муайянкунандаҳо, яъне муайянкунандаҳои изофӣ, ҳамчун аъзои ҷумла, ба воситаи бандаки изофӣ алоқаи наҳвӣ пайдо мекунанд. Аз ин ҷост, таҳқиқи изофат дар забоншиносии муосири тоҷик диққати бисёр муҳаққиқонро ҷалб намудааст. Масалан, оид ба нақши ин воситаи алоқаи муайянкунандаҳо дар рисолаи забоншиноси маъруфи тоҷик профессор Д.Т. Тоҷиев «Способы связи определение с определяемым в современном таджикском литературном языке» (Сталинобод, 1955) маълумоти муфассал ва муҳим оварда шудааст. Доир ба бандаки изофӣ ва вазифаҳои грамматикии он асари забоншинос А. Халилов бо номи «Вазифаҳои грамматикии бандаки изофӣ (и) дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (Душанбе, 1969) ва оид ба ибораҳои изофии фразеологӣ асари Д.Т. Тоҷиев, А. Халилов ва С. Хушенова «Изафетное фразеологические единицы в таджикском языке» (Душанбе, 1967) ба табъ расидаанд.

Чунон ки мебинем, мавзӯи изофат чи дар гузашта ва чи имрӯз аз муҳимтарин масоили илми наҳв будааст.

«Ҳафт қулзум» луғати тафсирӣ буда, дар асри XIX аз ҷониби донишманди улуми адабӣ Ғозиуддин Бодшоҳи Ғозӣ таълиф шудааст. Сохтор, номи бобу фаслҳо дар ин луғат тамоман аз фарҳангҳои пешин ва баъдинае, ки пас аз ин фарҳанг навишта шудаанд, фарқ дорад. Фарҳанг аз ҳафт қулзум таркиб ёфтааст, ки «қулзум» дар фарҳанг ба маънии ҷилд аст. Мураттиби фарҳанг дар аснои таснифи маводи фарҳанг ба бобу фаслҳо ва зерфаслҳо номи онҳоро маҷозан баҳр, наҳр, рӯд, ҷӯй, дарё, соҳилу маъбар, поёб, обгир, заврақ, ҷиҳоз, сафина ва мавҷа номидааст. Бояд таъкид кард, ки масоили марбут ба асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ, асосан, дар қулзуми ҳафтуми луғат матраҳ шудааст. Сохтори қулзуми ҳафтум, яъне ҷилди охири луғат, ин тариқ аст: шаш баҳр, ҳафт соҳил, бисту ҳашт маъбар (ҷойи убур), ду саду ҳафтоду шаш заврақ, сездаҳ поёб (пастоб), ҳафт обгир, ёздаҳ рӯд, се ҷиҳоз (киштии бузург), сӣ мавҷа ва бисту чаҳор сафина (киштӣ).

Дар қулзуми ҳафтум мисли осори илмии ба улуми сегонаи адабӣ бахшидашуда оид ба лексика, грамматика, навъҳои адабӣ (назму наср), санъатҳои лафзию маънавӣ, арӯз ва қофия шарҳу тавзеҳоти муфиде оварда шудааст, ки аз диди илми филологияи муосир аҳаммияти калони назарию амалӣ доранд. Ҳоло мо дар бораи муҳтаво, аҳаммияти назарию амалӣ ва то чӣ андоза ба назари имрӯз мувофиқат кардани шарҳи муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» оид ба як мавзӯъ – изофат, дар забони форсии тоҷикӣ изҳори андеша менамоем.

Шинохти изофат ҳамчун ҳодисаи муҳимми наҳвӣ дар таърихи афкори забоншиносии форсии тоҷикӣ дорои таърихи хеле қадим аст. Дар луғату фарҳангҳои тафсирии пешин, осори ба улуми сегонаи адабӣ бахшидаи донишмандони гузашта ҳамеша ба изофат ва нақши он дар ташкили воҳидҳои наҳв таваҷҷуҳ шудааст. Мутаассифона, дар забоншиносии аҳди Шӯравии тоҷик ҳангоми таҳқиқи изофат он ҳама шарҳу тавзеҳоте, ки дар осори илмии забоншиносии гузаштаи тоҷик мавҷуд буданд, истифода ё нақди забоншиносӣ нашудааст. Профессор Д. Хоҷаев дар як мақолае, бо исми «Мафҳуми изофат аз назари профессор Д. Тоҷиев ва муқоисаи он ба шарҳи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ» дар китоби «Инсони комил ва олими фозил» (Душанбе, 2015) чунин қазоват менамояд: «Мавзӯи изофат дар таърихи афкори забоншиносии мо шинохти хеле қадим дошта бошад ҳам, дар таърихи афкори забоншиносии давраи нав, яъне ибтидои асри XX то имрӯз қадимтарин манбаъ оид ба ин мавзӯъ луғати муътабари «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпуриро донистаанд» [10, с.65].

Дар ҳақиқат, дар ду рисолаи илмие, ки ба таҳқиқи бандаки изофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик иртибот доранд, қадимтарин манбаъҳое, ки ишора шудаанд, ба асри XIX

мутааллиқанд, ҳол он ки таърихи таҳқиқи изофат ба асрҳои X-XIII рост меояд. Дар осори асри миёна ин воситаи алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда бо номи изофат ва ҳарфи изофат ёд мешавад. Махсусан, изофат ва ибораҳои изофӣ тавассути бандаки изофӣ сурат гирифта, дар рисолаи таълимии Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба таври густарда ва равшану возеҳ шарҳ дода шудааст. Дар забоншиносии навини тоҷикӣ аввалин таҳқиқи ҷиддӣ ва муфассалу бунёдӣ оид ба бандаки изофӣ чун воситаи асосии алоқаи изофии наҳвӣ аз тарафи забоншиноси нозукбаён, наҳвшиноси маъруф, профессор Д. Тоҷиев навишта шудааст, ки натиҷаи рисолаи номзадии ӯ мебошад. Ин асар ба сифати рисолаи номзадӣ соли 1951 дар Донишгоҳи Санкт-Петербург дифоъ гардида, соли 1955 дар Тоҷикистон чоп шудааст. Профессор Д. Тоҷиев дар ин китоб, ки бо забони русӣ, бо номи «Способы связи определение с определяемым в современном таджикском литературном языке» (Сталинобод, 1955) чоп мешавад, шаклгирии изофатро ба давраи миёнаи забони тоҷикӣ аз ҷонишини ишоратию нисбии hуа медонад. Устоди шодравон, профессор Д. Тоҷиев таҳқиқи ин мавзӯъро аз охирҳои асри XIX, саҳеҳтар, аз китоби «Краткая грамматика новоперсидского языка»-и К. Залеман ва А.А. Жуковский (СПБ - 1890) медонад ва идомаи онро баъдтар дар таҳқиқи А.А. Семёнов (М.,1900) П.Е. Кузнецов (1915), И.И. Зарубин (1926) баррасӣ менамояд. Вале ин забоншиноси маъруф, чунон ки таъкид шуд, ба манбаъҳои қадими забоншиносӣ ишорае накардааст. Ба назари мо, ин иллат ба талаботи он замон иртибот дошт. Ҳарчанд профессор Д. Тоҷиев ба манбаъҳои классикии забоншиносии форсии тоҷикӣ ишораҳо надорад, аммо ҳамчунон ки профессор Д. Хоҷаев таъкид менамояд, аз ҳамаи он таҳқиқоте, ки дар бораи вазифаҳои дастурии изофат муҳаққиқони забоншиносии давраи нави тоҷик ба табъ расонидаанд, мукаммалтару аз диди забоншиносӣ асосноку ба назарияи забоншиносии классикӣ наздиктар таснифоти профессор Д.Т. Тоҷиев мебошад [10, с.68].

Дарвоқеъ, гурӯҳбандие, ки профессор Д.Т. Тоҷиев аз рӯйи ифодаи муайянкунанда дар алоқаи изофӣ бо муайяншаванда гузаронидааст, мантиқан ба таснифоти изофат дар таълифоти донишмандони пешин мувофиқат дорад. Асари дигаре, ки ба таҳқиқи бандаки изофӣ бахшида шудаасту моҳиятан ҳамон шарҳу тавзеҳоти изофати классикиро фаро мегирад, «Вазифаҳои бандаки изофӣ (и) дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (Душанбе, 1969)-и забоншинос А. Халилов мебошад. Муаллифи ин рисола дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқшаванда чунин ибрози андеша кардааст: «Мазмуни мухтасари маълумоти доир ба изофат додаи луғати мазкур (муаллиф «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммади Ромпуриро дар назар дорад) ҳамаи тобишҳои синтаксисии муайянкунандаи изофиро дар бар гирифта наметавонад» [9, с.7].

Ин эроди муҳаққиқ, ба назари мо, таъкиди ду нуктаро ба миён меорад: аввал ин, ки маълумоти муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» шарҳи меъёрии луғат аст, дуюм ин, ки ҳамон шарҳи додаи муаллиф асоситарин вазифаҳои бандаки изофиро фаро гирифтааст ва он ҳама вазифаҳои фаръие, ки муҳаққиқ дар назар дорад, ба вазифаҳои асосие, ки мураттиби луғат нишон додааст, ворид мешаванд.

Шарҳи изофат дар фасли поёби дувоздаҳуми қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум» оварда шудааст. Мураттиби луғат дар шарҳи изофат нахуст ба донишманде бо исми Имом Ҳиравӣ ва рисолаи ӯ (мутаассифона, унвони рисоларо зикр накардааст) ишора намуда, чунин таъкид менамояд: «Имом Ҳиравӣ дар рисолаи худ навишта: Агар музофилайҳ баёни музоф бошад, изофати баёния хонанд, чун «рӯзи ҷумъа» ва «дарахти арок», ки ҷумъа баёни рӯз ва арок тафсири дарахт воқеъ шуда ва инро изофати ом ба хос низ гӯянд. Ва агар музоф мушаббаҳ ба музофилайҳ бошад, онро изофати ташбеҳӣ номанд ва ташбеҳиро васфӣ низ гӯянд, чунончи нойи гулу ва табли шикам ва сандуқи сина, яъне гулу, ки ҳамчу ной аст ва шикам, ки монанди табл аст ва сина, ки монанди сандуқ аст ва фарши бод ва дояи абр аз ин қабил аст. Ва агар баёния ташбеҳӣ набошад, пас агар мулобасат дар миёни музоф ва музофилайҳ исботи музоф ва музофилайҳро ҳақиқат бошад, чунончи: хонаи Зайд, аспи Амр онро изофати ҳақиқӣ номанд. Ва агар маҳз эътиборе бошад, изофати маҷозӣ ва истиора номанд, чунончи: сари ҳуш ва қадами фикр. Пас, сар ва қадам барои ҳуш ва фикр маҳз ба эътибори мутакаллим аст, ба ин маънӣ, ки ҳуш ва фикрро шахси соҳиби сару қадам мулоҳиза намуда ва ин қисм тахайюлоти шеърро бисёр мебошад» [4, с.34].

Тавре ки аз иқтибоси фавқ бармеояд, муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» дар тавзеҳи изофат ё ба истилоҳи имрӯз муайянкунандаҳои изофӣ ба Имом Ҳиравӣ такя карда, онро аз рӯйи ифодаи муайяншавандаю муайянкунанда, муносибати маъноию дастурӣ, пеш аз ҳама, ба чаҳор навъ ҷудо кардааст: якум, изофати баёния ё изофати ом ба хос; дуюм, изофати ташбеҳӣ; сеюм, изофати ҳақиқӣ; чаҳорум, изофати маҷозӣ ва истиора.

Се гурӯҳи аввал ҳам дар асарҳои таҳқиқӣ ва ҳам китобҳои таълимии имрӯз ҷудо карда мешавад, аммо навъи чаҳорум – изофати маҷозӣ ё истиора ҳамчун гурӯҳи алоҳида ҷудо карда намешавад.

Дар забоншиносии муосири тоҷик муайянкунандаҳои изофии сифатӣ ба се навъ: сифати аслӣ, нисбӣ ва сифати феълӣ ҷудо карда мешаванд. Дар луғати «Ҳафт қулзум» муайянкунандаи сифати аслӣ бо номи таркиби тавсифӣ ҷудо карда шуда, ибораҳои изофии зерин: марди хушрав, ҷомаи лаълфом, аспи хушрафтор, марди салим, табъи бад мисол оварда шудаанд. Агар ин анвои изофатро дар шакли нақша тасвир кунем, чунин аст:



Пас аз ин, муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» муаяйнкунандаи изофӣ (ба истилоҳи ӯ «изофат»)- ро ба 18 навъ ҷудо кардааст, чунончи:

1). Тамликӣ: ганҷи Қорун, боғи Шадод, қалъаи шоҳ, ҳавлии вазир; 2). Тахсисӣ: ёри ман, диёри ту, дӯсти ман, душмани ту; 3). Тавзеҳӣ: шаҳри Ироқ, хитаи Табрез, салтанати Рум; 4). Тавсифӣ: моҳи тобон, офтоби дурахшон, аспи тезрафтор, шутури борбардор, марди оқил; 5). Табйинӣ: лавҳи симин, ангуштарини зарин, деги мис, нони ҷавин; 6). Ташбеҳӣ: аспи кӯҳ, савори коҳ, рӯйи гул, зулфи сунбул; 7). Маҷозӣ: сақои нил, фароши бод, камони абрӯ; 8). Зарфӣ: оби дарё, ҳавои саҳро, бурудати зимистон, сокини бозор; 9). Фоилӣ: кушандаи ҷон, сӯзандаи дил, нӯшандаи шароб, хӯрандаи кабоб; 10). Мафъулӣ: куштаи ишқ, сӯхтаи оташ; 11). Ҷузъ ба кул: барги дарахт; 12). Алоқӣ: чокари подшоҳ; 13). Фоил ба феъл: марди гуноҳ; 14). Замон бо замон: соати рӯз; 15). Макон бо макон; дарвозаи хона; 16). Молик бо мулк: оғои фалон; 17). Феъл бо фоил: гуноҳи ман.

Таснифоти фавқ, чунонки мебинем, нозуктарин ҷилоҳои маъноии муайянкунандаю муайяншавандаи забони адабии тоҷикро фаро мегирад ва барои назария ва амалияи ин мавзӯи муҳимми наҳвӣ аҳаммияти калон дорад. Бисёр наҷиб аст, ки ҳамон чаҳор навъи изофате, ки мураттиби луғати «Ҳафт қулзум» ҷудо кардааст, дар таснифоти Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (донишманди асри XVI) низ дида мешавад, чунончи: 1). Изофати баёнӣ: рӯзи ҷумъа; 2). Изофати мавсуфӣ: сухани дурушт, мардуми қобил; 3). Изофати ташбеҳӣ: кӯҳи ҳилм, баҳри илм; 4). Изофати истиора: канори ҷаҳон, чашми осмон.

Як бартарии шарҳи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ин аст, ки ӯ изофати баёниро дар навбати худ ба ҳафт хел ҷудо кардааст:

1). Изофати баёнии мутакаллим: писари ман, падари ман, сари ман;
2). Изофати баёнии мутакаллими маалғайр: саломи мо, паёми мо;
3). Изофати баёнии мухотаб: писари ту, падари ту, сари ту;
4). Изофати баёнии мушорунилайҳ: писари ӯ, падари ӯ, сари ӯ;
5). Изофати баёнии истифҳом: вақти хӯрдан, ҳангоми нишастан;
6). Изофати баёнии тахсисӣ: дарахти анор, байти Саъдӣ;
7). Изофати баёнии музоф ва музофунилайҳ: аспи Зайд.

Аз диди забоншиносии муосир ба истиснои навъи шашум дигар анвои ин гурӯҳ ба муайянкунандаҳои изофии соҳибӣ мансубанд.

Боз як бартарии таснифоти Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар он аст, ки ӯ изофати мавсуфӣ (муайянкунандаҳои изофии сифатиро) ба ҳафт гурӯҳ ҷудо намудааст, ки хеле ҷолибу омӯзанда аст. Таваҷҷуҳ шавад:

1). Изофати мавсуфии муҷаррад: мардуми қобил қавми дуруст; 2). Изофати мавсуфии нафӣ: мардуми беҳунар, мурғи бепар, маҷлиси бешароб; 3). Изофати мавсуфии баёни ҳол: ёри ширингуфтор, аспи тезрафтор, писари саодатниҳод; 4). Изофати мавсуфии таркибӣ: а) мураккаб аз исму сиғаи амр: марди суханчин, ёри дилнишин; б) мураккаб аз исму калимоте, ки маънии фоил диҳад: фарзанди саодатманд, олими парҳезгор; 5). Изофати мавсуфии ташбеҳӣ: мардуми сангдил, ёри паричеҳра; 6). Изофати мавсуфии нафии таркибӣ: писари носаодатманд, ёри номеҳрубон; 7). Изофати мавсуфии сифатайн: соҳиби мушфиқи меҳрубон. Шарҳу тавзеҳоти Хоҷа Ҳасани Нисориро ба он хотир овардем, ки дар таърихи таҳқиқи мавзӯи изофат (муайянкунандаҳои изофӣ) аз ҳама мукаммалтар, саҳеҳу

равшантар маълумоти ҳамин донишманд буда, ба фаҳмишу шинохти имрӯзи ин мавзӯъ хеле наздик аст. Дар ин бобат профессор Д. Хоҷаев чунин менигорад: «Бояд як нуктаро таъкид кард, ки аз ҳамаи он таҳқиқоте, ки дар бораи вазифаҳои дастурии изофат муҳаққиқони забоншиносии давраи нави тоҷик ба табъ расонидаанд, мукаммалтару аз диди забоншиносӣ асосноку ба назари забоншиносии классикӣ, аз ҷумла, низоми пешниҳодкардаи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ наздиктар таснифоти профессор Д. Тоҷиев мебошад» [10, с.68]. Профессор Д. Хоҷаев барои тасдиқи хулосааш таснифоти профессор Д.Т. Тоҷиевро бо чунин тарз бозгӯ кардааст, ки ҷолиби диққат мебошад: «Профессор Д.Т. Тоҷиев аввал изофатро ба се хел ҷудо мекунад: 1). Сифатӣ: гули сурх; 2). Соҳибӣ: китоби Аҳмад; 3). Баёнӣ: Ҳайрати шоир.

Профессор Д.Т. Тоҷиев изофати сифатиро дар навбати худ ба се навъ тасниф кардааст: 1). Изофати сифати тавсифӣ: хонаи калон, дарахти сабз; 2). Изофати сифати нисбӣ: дарвозаи оҳанин, либоси бачагона; 3). Изофати сифати феълӣ: дарсҳои гузашта, шогирди хондагӣ. Изофати соҳибиро профессор Д.Т. Тоҷиев ба чаҳор хел ҷудо намудааст: 1). Изофати мансубият: китоби талаба; 2). Изофати субъект: (фоил): хондани ҳофиз, омадани Аҳмад; 3). Изофати объект (мафъул): хондани китоб, чидани пахта; 4). Изофати ҳолӣ: сайри ширбадан, сафари Москва. Изофати баёнӣ дар таълифи профессор Д.Т. Тоҷиев ба се навъ ҷудо карда шудааст: 1). Изофате, ки номи рӯзномаю маҷалла, китобу рисола, иншоотҳо, номҳои географӣ сохтааст: «Паёми Душанбе», маҷаллаи «Садои Шарқ», романи «Одамони ҷовид», қишлоқи «Гулистон», дарёи Вахш, шаҳри Душанбе; 2). Изофате, ки барои алоқаи ҷузъҳои ифодаҳои муносибати хешу таборӣ, муроҷиат хизмат мекунанд: акаи Олим, амаки Мирзо, тағои Холмат, апаи Зебӣ; 3). Изофате, ки унвону дараҷа, пешаву машғулиятро мефаҳмонад: Лоиқи шоир, Шарифови профессор, Раҳимови майор, Каримови муаллим, Нозими дуредгар, Абдуллои кулол, Қодири найчӣ [10, с.69].

Ба ҳамин тариқ, аз баррасии мавзӯи изофат (муайянкунандаҳои изофӣ) дар луғати «Ҳафт қулзум» маълум гардид, ки дар маҷмӯъ муаллифи ин луғат низ мисли муаллифи «Чаҳор гулзор» аввал изофатро ба чаҳор гурӯҳи аслӣ ҷудо карда, сипас, онҳоро ба гурӯҳҳои зиёди фаръӣ тасниф намудааст. Фарқ танҳо дар ин аст, ки муаллифи «Чаҳор гулзор» Хоҷа Ҳасани Нисорӣ изофати соҳибиро дар гурӯҳи аслии баёнӣ овардааст ва муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» бошад, изофати мавсуфӣ (сифатӣ)-ро дар гурӯҳи фаръӣ нишон додааст.

Як вижагии манбаъҳои классикӣ дар ин аст, ки дар онҳо ибораҳои изофии маҷозӣ ё истиоравӣ дар гурӯҳи аслии изофат оварда шудааст, аммо дар таҳқиқоти забоншиносии муосир ин гурӯҳ ба воҳидҳои фразеологии маҷозӣ мансуб дониста мешавад. Аз ин нигоҳ, дар таҳқиқи бунёдии профессор Д.Т. Тоҷиев «Воситаҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (Сталинобод, 1955) бо исми муайянкунандаи изофии маҷозӣ ё истиора гурӯҳи алоҳида ҷудо карда нашудааст.

Таҳқиқу баррасии манбаъҳои таърихии омӯзиши мавзӯи изофат, аз ҷумла, шарҳу тавзеҳи он дар луғати «Ҳафт қулзум» барои такмилу таҷдиди назар шудани анвои муайянкунандаҳои изофӣ ва ибораҳои изофӣ дар забони адабии тоҷик маводи фаровоне дода метавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода, С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С.Ализода. – Душанбе, 2006. –79 с.
2. Воҷид Алихон. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун / Алихон, Воҷид. – Нувалкушур, 1389 ҳ. – 556 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Нашри академӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 1989. – 220 с.
4. Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ. Ҳафт қулзум. Қулзуми ҳафтум / Ғозӣ, Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи. – Лакҳнав, 1822. – С.34-35.
5. Залеман, К.Г. Краткая грамматика новоперсидского языка / К.Г. Залеман, В.А. Жуковский. – СПб., 1890. – 111 с.
6. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсиддин, Муҳаммад. Иборат аз се ҷилд. Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
7. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсиддин, Муҳаммад. Иборат аз се ҷилд. Ҷ.2. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
8. Таджиев, Д.Т. Способы связи определение с определяемым в современном таджикском литературном языке / Д.Т. Таджиев. – Сталинабад, 1955. – 58 с.
9. Халилов, А. Вазифаҳои грамматикии бандаки изофӣ (и) дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А.Халилов. – Душанбе, 1969. – 123 с.
10. Хоҷаев, Д. Мафҳуми изофат аз назари профессор Д.Т.Тоҷиев ва муқоисаи он ба шарҳи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ / Д.Хоҷаев // Инсони комил ва олими фозил. – Душанбе, 2015. – С.65-73.
11. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 344 с.
12. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор / Нисорӣ, Хоҷа Ҳасан. – Душанбе, 1998. – 116 с.
13. Хушенова С. Изафетное фразеологические единицы в таджикском языке / С. Хушенова. – Душанбе, 1967. – 163 с.

ШАРҲИ ИЗОФАТ ДАР ЛУҒАТИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ»

Мақола ба масъалаи изофат дар «Ҳафт қулзум»-и Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ бахшида шуда, таҳлилу назарҳои муаллифи китобро дар муқоиса бо дигар забоншиносони шинохтаи асримиёнагӣ, монанди Имом Ҳиравӣ ва Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, масъалагузорӣ намудааст. Инчунин, муаллиф дар баробари масъалагузорӣ кардани изофат дар китоби «Ҳафт қулзум», назару дидгоҳҳои забоншиносони шӯравӣ ва муосири тоҷик, монанди Д.Т. Тоҷиев, А.Халилов, С. Хушенова ва Д.Хоҷаевро низ дар ин самт баррасӣ намудааст. Муаллиф дар мақола аз он ёдовар мешавад, ки масъалагузории донишмандони классики форсу тоҷик, монанди муаллифи «Ҳафт қулзум», дар таҳқиқоти забоншиносони шӯравии тоҷик сарфи назар шудааст. Муаллифи мақола бартарии манбаъҳои классикиро аз осори таҳқиқотии имрӯза дар мавриди изофат дар он мебинад, ки дар осори забоншиносони классики тоҷик ибораҳои изофии маҷозӣ ё истиоравӣ дар гурӯҳи аслии изофат оварда шудааст, аммо дар таҳқиқоти забоншиносии муосир ин гурӯҳ ба воҳидҳои фразеологии маҷозӣ мансуб дониста мешавад. Муаллиф гуфтаи худро бо мисол овардани асари таҳқиқотии профессор Тоҷиев Д.Т. «Воситаҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» асоснок мекунад. Дар охир муаллифи мақола ба хулосае меояд, ки китоби «Ҳафт қулзум»-и Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ барои такмилу таҷдиди назари навъҳои муайянкунанда ва ибораҳои изофӣ ҳамчун манбаи муътамад хизмат карда метавонад.

Калидвожаҳо: «Ҳафт қулзум», Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ, Имом Ҳиравӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, изофат, забоншиносии асримиёнагӣ, забоншиносии даврои нав.

ТОЛКОВАНИЕ ИЗАФЕТА В СЛОВАРЕ «ХАФТ КУЛЬЗУМ»

Статья посвящена рассмотрению и толкованию изафета в толковом словаре «Хафт кульзум», а также анализу взглядов автора словаря с другими известными средневековыми лингвистами такими как Имам Хирави и Ходжа Хасан Нисари. Также автор статьи наряду с рассмотрением изафета в толковом словаре «Хафт кульзум», подверг рассмотрению мнения советских исследователей таких как Д.Т. Тоджиев, А.Халилов, С. Хушенова и Д.Ходжаев в данном направлении. Автор статьи также указывает на то, в исследованиях советских таджикских лингвистов не были приняты во внимание труды персидско-таджикских ученых таких как автор книги «Хафт кульзум» Гозиуддин Мухаммед Бодшох. Автор статьи видит превосходство классических источников над наследием сегодняшних исследований относительно темы изафета в том, что в наследии таджикских лингвистов-классиков изафетные метафорические или аллегорические словосочетания приведены в группе подлинных изафетов, но в исследованиях современных лингвистов данная группа изафетов соотносятся к метафорическим фразеологическим единицам. Автор статьи свои доводы потверждает с приведением примеров из исследовательской работы профессора Тоджиева Д.Т. «Средства связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке». В конце автор статьи приходит к выводу о том, что книга «Хафт кульзум» Гозиуддина Хайдара Бодшохи Гози может служит достоверным источником для усовершенствования и преобразования типов определения и изафетных словосочетаний.

Ключевые слова: «Хафт кульзум», Гозиуддин Хайдар Бодшохи Гози, Имам Хирави, Ходжа Хасан Нисари, изафет, средневековое языкознание, современное языкознание.

INTERPRETATION OF IZAFET IN THE DICTIONARY "HAFT KULZUM"

The article is devoted to the consideration and interpretation of izafet in the explanatory dictionary "Haft kulzum", as well as the analysis of the views of the author of the dictionary with other famous medieval linguists such as Imam Hiravi and Khoja Hasan Nisari. Also, the author of the article, along with the consideration of izafet in the explanatory dictionary "Haft kulzum", examined the opinions of Soviet researchers such as D.T. Todzhiev, A. Khalilov, S. Khushenova and D. Khojaev in this direction. The author of the article also points out that the studies of Soviet Tajik linguists did not take into account the works of Persian-Tajik scientists such as the author of the book "Haft Kulzum" Goziuddin Muhammad Bodshokh. The author of the article sees the superiority of classical sources over the legacy of today's research on the topic of izafet in the fact that in the heritage of Tajik linguists-classics izafet metaphorical or allegorical phrases are given in the group of genuine izafet, but in the studies of modern linguists this group of izafet is related to metaphorical phraseological units. The author of the article confirms his arguments with examples from the research work of Professor D.Todzhiev. "Means of communication of the definition with the defined in the modern Tajik literary language." At the end, the author of the article comes to the conclusion that the book "Haft kulzum" by Goziuddin Haidar Bodshohi Gozi can serve as a reliable source for improving and transforming the types of definition and izafet phrases.

Key words:"Haft kulzum", Goziuddin Haydar Bodshohi Gozi, Imam Khirawi, Khoja Hasan Nisari, izafet, medieval linguistics, modern linguistics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додаров Оятулло*** – Коллечи муҳандисӣ-техникии н. Нуробод, номзади илмҳои филологӣ, директор. **Суроға:**737450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Нуробод.
Тел.: (**+992) 918-67-94-41**

Сведения об авторе: ***Додаров Оятулло*** **-** Инженерно-технический колледж района Нуробод, кандидат филологических наук, директор. **Адрес:** 737450, Республика Таджикистан, район Нурабад.
Тел.: (**+992) 918-67-94-41**

Information about the author: ***Dodarov Oyatullo*** **-** Engineering College of the Nurobod District, Candidate of Philological Sciences, Director. **Address:** 737450, Republic of Tajikistan, Nurabad district. Tel.: **(+992) 918-67-94-41**

УДК:491.71-3

ПАЖӮҲИШИ РЕШАШИНОСИИ НОМВОЖАИ ПУШИНГ

Шодиев Р.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз масоили муҳим дар шинохти номҳои ҷуғрофӣ ин таҳқиқи решашиносӣ ё этимологии онҳо мебошад. Барои анҷоми ин марҳилаи таҳқиқи номҳои таърихӣ лозим аст, то ин номҳо дар осори хаттӣ дарёфт ва мавриди таҳлили лингвистӣ қарор дода шаванд. Танҳо бо роҳи ташхиси илмӣ бо истифода аз манобеи забонӣ, бавижа забонҳои маҳаллии ҳамон манотиқ метавон дар мавриди решашиносии онҳо қазоват кард. Бештари ин номҳои таърихӣ аз нигоҳи решашиносӣ ё маъно ва мансубияти забонӣ маълум ё мафҳум нестанд.

Номҳои таърихӣ метавонанд дар осори забонҳои дигар мутобиқи савтиёти он забонҳо навишта шаванд ва ё дар манобеи бегона дар чанд шакли навишт сабт шаванд. Дар ҳар маврид, боз ҳам мансубияти номи маҳал ба кадоме аз забонҳои он манотиқ танҳо аз роҳи муқоисаи таърихӣ ва лингвистии ин ном метавонад муқаррар карда шавад.

Шарҳи этимологӣ ва таърихии номҳои ҷуғрофӣ ва ё номвожаҳо асосан аз нимаи дувуми садаи ХХ оғоз меёбад. Таҳқиқи муқоисавӣ – таърихии номҳои ҷуғрофӣ дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ дар марказҳои гуногуни забоншиносӣ амалӣ гардида ва ин раванд дар ҳама ҷумҳуриҳо дар сатҳи академӣ ва донишгоҳӣ ба роҳ монда шуда буд, ки таълифоти фаровони дар бахши топонимия ва микротопонимия то ба имрӯз анҷомёфта далели ин гуфтаҳост. Яке аз манбаи муҳим дар таърихи қавмҳову халқиятҳо ва миллатҳои хурду бузург дар баробари осори хаттӣ номҳои ҷуғрофӣ, бавижа номҳои бостонии шаҳрҳову ноҳияҳо ва кӯҳҳову рӯдҳо ва ҳама номҳои вобаста ба маҳал (топонимия) маҳсуб мешавад. Номҳои ҷуғрофӣ маводи арзишмандеро дар бахши луғати даврaҳои гуногуни рушди забонҳои сарзаминҳои таърихии буду боши сокинони ҳар марзу бум ба мерос овардаанд. Бештари номҳои ҷуғрофӣ дар осори забонҳои эронии бостон, миёна ва нав дар мисоли китоби Авесто, сангнавиштаҳои форсии бостон, осори форсии миёна, портӣ, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, сакоӣ, манобеи юнонӣ, чинӣ ва осори таърихиву ҷуғрофии даврони исломӣ дарҷ гардида, тавассути ин ҳама суннати навиштории эронӣ ва ғайриэронӣ то ба имрӯз нигаҳдорӣ шудаанд. Ин ҳама осор дар шинохт ва таҳқиқи номвожаҳои асили эронӣ, бавижа манотиқи шарқи Эронзамин аҳаммияти таърихиву лингвистӣ ва экстралингвистӣ доранд.

Номҳои таърихии ориёӣ ё эронии бостон, бинобар бахшҳои Авесто, аз ҷумла Ардвисур-Яшт, Ābān-Яшт, Тиштр-Яшт, Миҳр-Яшт, ҳамчунин, бахши нахусти Вандидād, ки аслан марбут ба шарқи Эрон мебошанд, дар шинохти топонимҳои таърихӣ хеле муҳим арзёбӣ мегарданд. Аммо, мутаассифона, бештари номҳои ҷуғрофии дар ин Яштҳо ёдшуда, ҳатто ба таври тахмин низ муайян карда нашудаанд. Такрори номҳои авестоӣ дар сарзаминҳои чандин кишварҳо метавонад далели чигунагии масири буду боши мардумони ҳиндуэронӣ ва эронӣ ҳангоми муҳоҷирати онҳо дар тӯли таърих ба воситаи Осиёи Миёна ба самти ҷануб буда бошад. Дар иртибот ба бархе номҳои ҷуғрофии авестоӣ В.И. Бушков дар як пажӯҳиши хеш нукоти ҷолиберо дар мавриди такрори як номи ҷуғрофӣ дар чанд кишвар ироа доштааст, ки яке аз онҳо ба дарёчаи Пишина дар Авесто ва такрори он дар чанд сарзамини дигар марбут аст. В.И. Бушков чунин менигорад: «Некоторые соображения можно высказать лишь в отношении оз. Пишина (стих 37), потому что такое же название имеют две исторические области в Белуджистане. Одна область с одноименным центром находится в восточном Иране, другая-в Пакистане на пути Кветта-Кандагар. Как будет сказано ниже, эти наименования могут свидетельствовать об этнонимической основе топонима, оставленного в процессе передвижения индо-иранских племен через Среднюю Азию на юг. Предположительно, с этим топонимом можно сопоставить и название старинного таджикского селения Пушинг (Дангаринский район), непереводимое с таджикского языка» [Бушков 1998, 61]. Бояд тазаккур дод, ки Пишинг (Pišing) (авестоӣ Pišinah), дар паҳлавӣ Pēšānsah ё Pēšānsa-номи дарёча (кӯл) ва дашт аст. Дар «Бундаҳишн» (бахши 29, банди 11) омада, ки Пешонса (Pēšānsa) ба Кобулистон аст (Bn. 197-6; 198-11) [Bahār 1345, 145]. Бинобар Яшти 5 (банди 37) дашти Пишинаҳ (= Pišinah) дар минтақае бо номи Пишина ҷойгир аст. Пишин номи дара низ будааст. Дашти Пишин ба ривояте дар Зобулистон дар ҷанубӣ Ғазна шарқи Қандаҳор қарор дорад. «Дашти Пишин дашти басо паҳне аст. Бештар аз 50 км паҳнои он ва 80 км дарозои он аст ва дорои чарогоҳҳои бисёр марғуб мебошад. Мардуми он ҷо ба парвариши гӯсфанд мепардозанд ва галаву рамаи фаровон доранд» [Дар бораи тафсилоти он ниг.: Дӯстхоҳ, пайваст ба тарҷумаи Авесто1375, 960-961].

Гунаҳои овоӣ ва ё савтиёти номи авестоии Pišinah тӯли ҳазорсолаҳо дар сарзаминҳои таърихии буду боши мардумони шарқии эронӣ дорои чунин вариантҳо будааст, ки яке аз онҳо дар минтақаи Хатлон, дар ноҳияи Данғара Пушинг аст. Эҳтимол меравад, ки гунаҳои баъдии номи авестоии Pišinah дар ин сарзаминҳои ориёии шарқӣ бо таъсири забонҳои маҳаллии ҳар кадоме аз ин манотиқ сурат гирифтааст. Дар матни паҳлавии «Шаҳристонҳои Эрон» (Šahrestānhā ī Ērān) аз шаҳристони Пушанг (Pūšang) ёд шуда, ки он дар ин матн дар зикри шаҳристонҳо пас аз Ҳирот (Harāi) ва қабл аз шаҳристони Тӯс (Tūs) зикр гардидааст. Ба таври намуна: Šahrestān ī Pūšan(g) Šāpuhr ī Ardašīrān kard uš pad Pūšang puhl(ē) vizār kard. “Шаҳристони Пушанг Шопури Ардашерон кард ва ӯ ба Пушанг пуле устувор кард” [JamaspAsana 1897, 19; Nyberg 1974, 162].

Ҳамчунон ки аз суннати хаттии паҳлавӣ бармеояд, бинои шаҳри Пушангро ба Шопури I (241-272 м.) нисбат додаанд. Ин шаҳр дар сарзамине ба ҳамин ном аз вилояти Ҳирот бунёд гардидааст [Пигулевская 1988, 228]. Ин шаҳристон дар суннати хаттии сосонӣ дар шакли Pūšang, дар манобеи арабӣ بوشنگ فوشنگ،ва дар шарқи Эронзамин бинобар суннати шифоҳӣ Pūšing ба кор рафтааст, ки ин ҳама гунаҳои як номи муштарак дар манотиқи шарқу ғарби сарзамини таърихии мардумони эронӣ ё ориёӣ маҳсуб мешаванд. Ҳамчунин پوشنگноми қариёест мобайни Қандаҳор ва Мултон [Бурҳони Қотеъ, ҷ.1, 428]. Дар Истахрӣ بوشنگ(Bušang) муарраби он بوشنج= فوشنج(209, 213, 215, 222, 224) ва дар Мақдисӣ پوشنگ(443, 448) – муҳимтарин навоҳии Ҳирот муаррифӣ шудааст. Ҳамчунон ки муаллиф овардааст, агар чунин муқоиса дуруст бошад, пас, ин роҳи муҳоҷирати қабилаи ориёии Пишинро нишон медиҳад.

Инчунин, номвожаи Пушинг метавонад аз номи растании буттаии – пуш ва инг – фаровонӣ ба маънои ҷойи пушзор ояд. Дар ҳақиқат, дар Пушинг ва деҳоти гирду атрофи он ин бутта зиёд вомехӯрад ва бештар барои ҳезум ва аловӣ зиёд истифода мешавад. Истилоҳи мардумии пушзанӣ, яъне ба ҷамъоварии ҳезуми пуш рафтан хеле дар байни мардум маъмул аст. Дар асотири эронӣ Пашанг падари Афросиёб мебошад. Баъзе муҳаққиқон номи ин маҳалро ба номи падари Афросиёб иртибот дода, тахмин мекунанд, ки номи Пашанг, падари Афросиёб ба ин маҳал иртибот дорад.

Табдили номи кӯҳи авестоии Манушаҳ (Manušah) баъдан ба кӯҳи Манас (номи қаҳрамони достони мардуми қирғиз) низ зери таъсири забони мардумони дигари дар ин минтақа сокиншуда сурат гирифтааст. В.И. Бушков дар мавриди номи кӯҳи Манушаҳ дуруст қазоват кардааст: «Превращение Мануши и Манас (имя героя киргизского эпоса) логически обусловлено и подчиняется общим законам трансформации топонимов под влиянием языков новых групп населения, объяснявшего старые, часто непонятные названия по созвучию, смысловому соответствию или же калькируя их на своем языке» [Бушков 1998, 64].Дурустии ин андешаро метавон дар тағйири номҳои таърихии ҷуғрофии дигари Ворорӯд (Мовароуннаҳр), аз ҷумла номи Чоч (Čāč), муарраби он Шош (šāš) ба Тош (бо замимаи kand (= туркӣ kent), яъне Тошканд//Тошкент (= шаҳри сангӣ) дар забони туркӣ мисол овард. Мардумони баъдан ба сарзаминҳои таърихии Суғду Бохтар воридшуда бархе аз номҳои куҳани манотиқи мазкурро, ки барои онҳо ошно набудаанд, ба забони худ мутобиқ сохта ва дар заминаи забони хеш ривоятҳо бофтаанд, ки ин аз асл ва бунёди таърихии номҳо хеле дур мебошад.

Дар манотиқи таърихии зисти мардумони ориёӣ тағйири чанде аз номҳо ё топонимҳои дигар низ ба мушоҳида мерасад, ки яке аз онҳо Ушида (дар Авесто) ва Уш (Ош) – номи шаҳр дар шарқи водии Фарғона, дар наздики кӯҳи Тахти Сулаймон дар Мақдисӣ – (с.69, 392,499) اوشмаҳсуб мешавад. [Дар бораи чунин номҳои авестоӣ ва тағйири онҳо дар шаклҳои дигар ниг.: Бушков 1998, 64-67].

Хулоса, пажӯҳиши решашиносӣ ва таърихии номвожаҳои ҷуғрофии куҳан, ки дар номи мавзеъҳои ҷуғрофии сарзаминҳои ориётабор боқӣ мондаанд, барои муайян кардани решаҳои асили номҳои ҷуғрофӣ ва аз нав мавриди истифода қарор додани онҳо аҳаммияти амалӣ ва назарӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бурҳони қотеъ. Таълифи Муҳаммад Ҳусайн бини Халафи Табрезӣ, мутахаллис ба Бурҳон; бо эҳтимоми М.Муин. - Теҳрон, 1342/1963. - Ҷ.2. - 1216 с.; - Ҷ.3. - 1923 с.
2. Бушков В.И. К проблеме топонимии авестийских гимнов / В.И. Бушков // Этнографическое обозрение. - №1, январь-февраль 1998. - С.60-69.
3. Пигулевская Н. Города Ирана в раннем средневековье / Н.Пигулевская. – Тегеран, 1368 (=1988). – 540 с.
4. Avistā. Kuhantarin surudahā va matnhā – ye irānī. – Gozāreš va pazuheš-e J. Dustxāh. Entešārāt-e Murvārid. - Tehrān, 1375. - 1206 s. (Баргардон ба алифбои кириллии тоҷикӣ: Авесто. Таҳияи М. Диловар). - Душанбе, 2001. - 791 с.
5. Bahār M. Vāženāma-ye Bundahiš. Entešārāt-e Bunyad-e farhang-e Iran / M.Bahār. - Tehrān, 1345. - 505 s.
6. Istaxri A. Masālik va mamālik. Be kušiš-e Iraj Afšār. Bungāh-e tarjome va našre ketāb / A.Istaxri. - Tehrān, 1961. - 334 s.
7. Jamasp – Asana J.M. Pahlavi texts. I. – Bombay, 1897. - 48 с.

8. Maqdisi A. Ahsan at-taqāsim. Širkate muallifān va mutarjemān-e Irān / A.Maqdisi. - Tehran, 1361. - Ҷ.2. - 810 s.
9. Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi. Pt.2 / H.S. Nyberg. - Wiesbaden, 1974. - 284 c.

ПАЖӮҲИШИ РЕШАШИНОСИИ НОМВОЖАИ ПУШИНГ

Дар мақола номвожаи Пушинг тибқи осори хаттии давраи бостон мавриди таҳлили таърихиву лингвистӣ қарор гирифтааст. Номвожаҳои куҳан ва таърихии сарзамини Хатлон мисли дигар манотиқи таърихӣ аз намунаи луғати забонҳо ва лаҳҷаҳои маҳаллии ин марзу бум дониста мешаванд. Номҳои ҷуғрофии таърихӣ дар ин сарзамин далели чигунагии вазъи забонӣ ва этнолингвистӣ аз даврони дури таърих то бад-ин сӯ мебошад. Дар ин пажӯҳиш ба масоили такрори решаи номвожаҳо дар сарзаминҳои дигари зисти мардумони ориёӣ ё эронинажод, бавижа манотиқи шарқи Ориё таваҷҷуҳ сурат гирифтааст. Номвожаҳои таърихӣ, ки аз замонҳои хеле қадим ба мерос мондаанд, дар омӯзиши таърихи забонҳои ҳар сарзамин якҷо бо осори хаттии давраҳои таърихӣ нақши муҳим доранд. Ҳамчунин, номвожаҳои таърихӣ дар баробари далели муҳимми лингвистӣ дорои арзиши этнолингвистӣ низ мебошанд. Ин пажӯҳиш дар мисоли номвожаи таърихии Пушинг яке аз намунаҳо дар арзиши номҳои куҳани ҷуғрофӣ барои забонҳо ва лаҳҷаҳои сарзамини Хатлон дониста мешавад.

Калидвожаҳо: Пушинг, номҳои ҷуғрофӣ, таҳлили лингвистӣ, шаклҳои таърихӣ, вижагиҳои овоӣ, этнолингвистӣ, решашиносӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ЭТИМОЛОГИИ ТОПОНИМА ПУШИНГ

В этой статье топоним Пушинг анализируется с исторической и лингвистической точек зрения в соответствии с письменным наследием античности. Древние и исторические названия Хатлонских земель, как и других исторических регионов, считаются образцом словаря местных языков и диалектов этой земли. Исторические географические названия в этой стране свидетельствуют о языковой и этнолингвистической ситуации с древнейших времен до наших дней. Исследование сосредоточено на дублировании именных корней в наименованиях других земель, населенных ариями или иранцами, особенно в восточно-арийском регионе. Исторические топонимы, унаследованные с очень древних времен, играют важную роль в изучении истории языков каждой страны, наряду с письменным наследием определенного исторического периода. Наравне с важными лингвистическими свидетельствами они также имеют этнолингвистическую ценность. Данное исследование на примере исторического названия «Пушинг» считается одним из значимых примеров древних географических наименований для языков и диалектов Хатлона.

Ключевые слова: Пушинг, географические названия, лингвистический анализ, исторические формы, фонетические особенности, этнолингвистика, этимология.

INVESTIGATION ETHYMOLOGY OF TOPONYM "PUSHING"

This article analyzes the toponymal "Pushing» from a historical and linguistic point of view in accordance with the written heritage of antiquity. The ancient and historical names of Khatlon lands, as well as other historical regions, are considered an example of the vocabulary of the local languages and dialects of this land. The names of historical places in this country give evidence to the linguistic and ethnolinguistic situation from ancient times to the present day. The investigation focuses on the duplication of nominal roots in the names of other lands inhabited by Aryans or Iranians, especially in the eastern Aryan region. Historical places' names, inherited from very ancient times, play an important role in the study of the history of the languages of each country, along with the written heritage of a particular historical period. Along with important linguistic evidence, they also have ethnolinguistic value. This author considers the most significant examples of ancient geographical names for the languages and dialects of Khatlon, especially «Pushing".

Key words: Pushing, place names, linguistic analysis, historical forms, phonetic features, ethnolinguistic, etymology.

Маълумотнома дар бораи муаллиф: ***Шодиев Рустам*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru**. Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Сведения об авторе: ***Шодиев Рустам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru**. Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Information about the author: ***Shodiev Rustam*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, the docent of the department of Iranian philology of the faculty of Asian and European Languages. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru**. Tel.: **(+992) 919-27-07-91**

УДК:491.550.681

СЛЕНГИ КОМПЮТЕРӢ – ҚАБАТИ НАВИ ЛЕКСИКА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ОН

Ғафуров З.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар натиҷаи инқилоби илмӣ-техникӣ системаи беназиру навоваронаи иртибот, яъне Интернет ба вуҷуд омада, ба низоми мухобирот ва муболилаи иттилоот дигаргуниҳои комилан навро ба миён овард. Ҳамакнун талабот ба Интернет ба як омили зарурии иртиботи умумӣ дар тамоми соҳаҳо ва махсусан дар соҳаи илм, техника ва иқтисодиёт табдил ёфтааст. Дар робита бо ин дар солҳои 60-уми асри гузашта дар ИМА ҳамчун шабакаи тақрибавии иттилоотӣ арзи ҳастӣ карда, баъдтар

Интернет зуд дар ҳамаи намудҳои фаъолияти инсонҳо густариш пайдо кард ва як шохроҳи маҷозии бузурги иттилоотиро ташкил дод, ки он дар як муддати кӯтоҳ тамоми ҷаҳонро фаро гирифт. Нахустин e-mail дар соли 1972 аз ҷониби олимони ҳамкори соҳаи физика, ки системаи ягонаи компютерӣ дар низоми фаъолият онҳоро муттаҳид мекард, мавриди татбиқ қарор дода шуд. Интернетро дар шакли имрӯзаи он метавон, ҳамчун омехтаи телевизион, рӯзнома, маҷаллаҳо, сарчашмаи иттилоот тасаввур кард, ки он дорои имкониятҳои густурда ва иқтидори беназир аст, ки барои дастрас намудани маълумот аз тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон дар муддати кӯтоҳтарин имконият фароҳам меорад [2, с.35].

Мақсад ва муҳтавои мақолаи мазкур дар омӯзиши роҳҳо ва даврaҳои ташаккулёбии сленги компютерӣ таҷассум ёфта, онро чун як қабати нави лексика дар мисоли забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ таҳлил ва баррасӣ менамояд. Нахустин компютерҳо дар ибтидои солҳои 50-уми асри XX ба вуҷуд омаданд ва баробари такомули онҳо одамоне, ки бо онҳо кор мекарданд, захираи калони луғавиро соҳиб шуданд, ки имрӯз ҳам барои теъдоди зиёди одамон маълум аст [3, с.89]. Вале ин замони то оғози давраи компютери инфиродӣ буд, яъне то соли 1988 ва, албатта, ин гурӯҳи махсуси луғавӣ танҳо ба мутахассисон шинос буд. Дар охири солҳои 1980-уми асри XX (ин давраи нави инқилоби компютерӣ буд) лексикаи компютерӣ ва калимаҳои нави ба он иловашуда аз доираи корбурди махсус баромада дастраси ҳамагон мегардад. Истилоҳоти нав аз лексикаи маҳдуди барномасозон ва ихтироъкорони техникаи компютерӣ ба гурӯҳи калимаҳои умумиистеъмол дохил шудаанд. Баробари ин падида боз як раванди аз нуқтаи назари забоншиносӣ маъмул ва қонунӣ, яъне ташаккули сленги махсуси компютерӣ, сурат мегирад. Таркиби луғавии забон нисбатан серҳаракат ва ба тағйироти худи воҳидҳои тағйирпазиру созандаи забон ҳассос мебошад. Тағйироти қариб бетанаффуси таркиби луғавӣ, ки дар он робитаи мустақим ва бевосита бо соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ инъикос меёбад, дар илова гардидани миқдори зиёди калимаю ифодаҳои нав зоҳир мегардад [1, с.257].

Дар бораи пайдоиши воҳидҳои нави луғавӣ сухан ронда, зикри чунин ҳодиса, ба мисли сленги компютерӣ зарур аст, ки онро метавон ҳамчун инқилоби забонӣ ва ё ҳамчун неруи бузурги вайронкунандаи системаи забон баррасӣ кард. Сленг усули махсуси ифодаи муносибат ба ҳодисаҳо ва таҳаввулоти рушди ҷомеа ба шумор меравад [8, с.26]. Аз нуқтаи назари рушди забони англисӣ дар системаи Интернетро пайдоиши воҳидҳои нави луғавӣ дар шароити муошарати электронӣ, ки бо ёрии роҳҳои анъанавии калимасозӣ: пешвандӣ, пасвандӣ ва ғайра ба вуҷуд омадаанд, зикр кардан зарур аст. Дар байни калимаҳои нави бештар серистеъмол калимаҳои мураккаб, ки аз калимаҳои ҷудогона сохта шудаанд, бештар ба назар мерасанд: *mouse (mouseclick), web (webmail, www), click (one-click), net (netnews, usenet), hot (hotmail, hotlink), bug (BugNet)*. Инчунин калимаҳое, ки бо пешванди “***e-***“ сохта шудаанд, низ серистеъмоланд: ***e-*** (email, e-books), ***cyber-*** (cyberspace, cyberculture), ***hyper-*** (hypertext, hyperlink).

Ба мисли забони меъёрии англисӣ, калимаҳои нав метавонанд, бо роҳи гузариши калима аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ бидуни тағйироти сохтори морфологӣ сохта шаванд: *a mouse - to mouse; a click - to click.* Кӯшиш ба сарфаҷӯйии забонӣ, бахусус зарурат ба воситаи муошарати электронӣ, истифодаи самараноки методи ихтисора ташаккули воҳидҳои навоворонаро талаб менамояд. Бинобар ин, имрӯз дар забони барномаҳо, дар мукотиботи электронӣ ва умуман дар сабту қайд ва ҳифзу интиқоли иттилоот тавассути технологияи муосири иттилоотӣ аз ихтисораҳо хеле зиёд ва ба таври самаранок истифода мебаранд. Дар ин росто кор то ҷое расида, ки дар мактубҳо ва мукотибаҳои гуногуни электронӣ низ мардум ин аббревиатураҳоро хеле хуб мешиносанду зиёд истифода мебаранд: *ASAP – as soon as possible, Bbfn – bye bye for now, ISP – Internet Service Provider, bbl – be back Later, b4 – before, cfc – call for comments, cm – call me, cu – see you, cul – see you later, dk – don’t know, dur? – Do you remember, f2f – face to face, gr8 – great, ruok - are you OK, thx – thanks* ва монанди инҳо аз қабили чунин воҳидҳои луғавии мансуб ба иттилооти рақамиву электронӣ аст, ки на танҳо дар забони англисӣ, балки дар дигар забонҳо ва аз ҷумла дар забони тоҷикӣ низ истифода мешавад. Мавриди зикр аст, ки ин ихтисора ва истилоҳҳо дар забони тоҷикӣ дар мавридҳои ҷудогона бидуни тарҷума истифода мешаванд ва ҳамчунин аз тарафи хонандагони дигар онҳо ба осонӣ фаҳмида мешаванд.

Сленги компютериро бештар донишҷӯён ва хонандагон истифода мебаранд ва миқдори калимаҳои истифодашаванда аз сатҳи донистани компютер ва истифодаи он вобаста аст: *hard disk drive - диски сахт (жестяк), RW memory - хотираи фаврӣ (оперативка), data processing machine - протсессор (проц), megabyte - мегабайт (метр), gigabyte – гигабайт (гектар), email - суроғаи электронӣ (мыло), Internet Common Questions - ICQ (асока), ID - истифодабарандаи компютер (юзер), hacker - шахсе, ки компютерро хуб медонад, инчунин қулфшикани барномаҳо (хакер)*.

Сленги аз ҳама нофаҳмо ва маҳдудистифодаро, ки дар байни барномасозон мушоҳида мешавад, аз мисолҳои зерин метавон пай бурд: *“To create a website, you need to install a **local server** on your computer, preferably an **Apache** with **pkhp5**, a **dreamviver**, and after creating a **dynamic page**, upload it to the **host**”.– “Барои сохтани сайт дар компи худ аз **серваки** корӣ насб кардан лозим аст ва хубтар аст, ки агар он **апач с пхп5**, **дримвивер** бошад ва пас аз эҷод кардани **саҳифаи динамикӣ** онро дар **хост** боргузорӣ кардан зарур аст”. - “Чтобы создать сайт, нужно установить себе на комп **локальный сервак**, желательно **апач с пхп5**, **дримвивер**, и после создания **динамической странички** выгрузить на **хост**”.*

Ҳамин ҷумла бо забони адабии тоҷикӣ ин тавр садо медиҳад: - *Барои он ки сомона сохта шавад, лозим аст, дар компютер барномаи ёрирасон, беҳтараш барнома бо номи Apache, ки бо забони барномасозии php, нусхаи 5 кор мекунад ва барномаи Macromedia Dreamweaver- ро насб кард ва баъди сохтани саҳифаҳо онҳоро ба хостинг ворид бояд кард.* Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳар ду муодили ин ҷумла барои истифодабарандагони оддӣ, яъне шахсони ғайр аз барномасозони компютер комилан фаҳмо нестанд. Ҳамзамон дар байни мутахассисони соҳа ба ҷойи варианти адабии ин ҷумла, ки дар боло оварда шуд, бештар варианти аввали он, ки шакли нисбатан оддӣ ва омиёна дорад, бештар маъмул аст. Бояд тазаккур дод, ки сленги компютерӣ дар забони тоҷикӣ, аллакай, 20 сол вуҷуд дорад ва пайваста инкишоф меёбад, бо воҳидҳои нави забонӣ пурра мегардад; нақш ва ҷойгоҳи сленг дар фарҳанги муосири нутқ яксон нест ва фаҳмиши амиқтарро талаб мекунад [7, с.106-108].

Роҳҳо ва тарзҳои пайдоиши сленги компютерӣ хеле гуногунанд, вале ҳамаи онҳо ба ин натиҷа меоранд, ки калимаи англисӣ барои истифодаи доимӣ созгор аст. Методҳои асосии ташаккули сленг ва лексикаи бештари мавҷудаи компютерӣ аз инҳо иборатанд:

1. Калка (иқтибоси пурра). Ҳар як овози вожаи иқтибосӣ овози мувофиқро дар забони тоҷикӣ тибқи қонунҳои фонетикӣ иваз мекунад: мисолҳои калимаҳое, ки пурра аз забони англисӣ иқтибос шудаанд: device – девайс, hard drive – хард.

2. Калкаи нопурра (асосҳои иқтибосшуда). Истилоҳи англисӣ дар ихтиёри грамматикаи забони тоҷикӣ ва русӣ қарор мегирад ва ба қоидаҳои он итоат мекунад. Масалан, исмҳо морфемаҳои падежиро қабул мекунанд: *application – барномаи татбиқӣ (аппликуха) – апликух**у** **(в.п.),** апликух**и** **(р.п.).*** Пасвандҳо ва бандакҳо ба феъл илова мешаванд: *to connect – тавассути компютер пайваст шудан (коннектиться), to programm – – программакунонӣ, ба барномасозӣ машғул шудан (програмить), to click – клавишаҳои мушакро пахш кардан (кликать).*

3. Тарҷума. Тарҷума бо ду тарзи маъмул сурат мегирад. Тарзи якум – тарҷумаи калимаҳо бо истифодаи калимаҳои муътадили дар забони тоҷикӣ мавҷудбуда, ки дар ин маврид ин калимаҳо соҳиби маънои нав бо обуранги услубии паст мегарданд: *Windows – тоқча (форочка), virus –мавҷудоти зинда, usrer’s manual – алифбо, to delete — тоза кардан (сносить), to read from disk - кӯшиши хондани маълумот аз дискҳои бад (пилить диск), to seek smth on disk –хишир-хишир кардан (шуршать).* Ба ин гурӯҳ танҳо он калимаҳое мансубанд, ки онҳо пештар маъноҳои сленгӣ надоштанд. Тарзи дуюм – инҳо истилоҳоте мебошанд, ки тарҷумаи сленгии худро бо роҳи истифодаи лексикаи гурӯҳҳои дигари касбӣ соҳиб шудаанд. Дар натиҷаи ин, маънои калима то андозае тағйир меёбад ва барои сленги компютерӣ маънои махсусро соҳиб мешавад. Бештар вақт калимаҳо ва ифодаҳо аз сленги ҷавонон дучор меоянд: incorrect program – барномаи нодуруст (глюкало), streamer – стример (морфон), microassembler – микроассемблер (макрушник), to connect tow computers – барои пайваст кардани компютерҳои эвакуаторӣ (шлангировать). Масалан, дар бораи компютери Pentium – 200 мегӯянд: “Аробаи нав бо муҳаррики дусадум”. - “Модная тачка с двухсотым мотором”.

4. Омонимияи фонетикӣ. Ин метод бар асоси мувофиқати шаклии калимаҳои умумиистеъмоли аз ҷиҳати хусусиятҳои луғавӣ мутафовит ва истилоҳоти компютерии англисӣ қарор мегирад: *jumper – ҷаҳиш (джемпер // жемпир).* Дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ин калима аз нигоҳи талаффуз ба вожаи джемпер ва жемпир ҳамталаффуз шудааст, ки барномасозон онро гоҳ-гоҳ истифода мекунанд. Мисоли дигар: *button – тугма (батон).* Бо фарқ аз забони англисӣ дар забони русӣ ва тоҷикӣ ин калима низ бо вожаи “батон” ба маънои як навъи нон ҳамгунталаффуз буда, ин низ дар забони барномасозон истифода мешавад ва ин низ боис ба эҷоди як омоними нав шуда метавонад. Бо ҳамин тартиб метавон мушоҳида кард, ки калимаҳо тавассути гузариш аз забони англисӣ ба русӣ ва тоҷикӣ боиси ташаккули як навъи омонимҳо шуда истодаанд. Калимае, ки ба сленг мегузарад тамоман маънои навро касб мекунад ва он ба ҳеҷ ваҷҳ ба маънои умумиистеъмолии он алоқаманд нест. Масалан, Laser printer – принтери лазерӣ (лазерь). Ҳамин тавр калимае, ки дар забони умумихалқии рус маънои номи мардонаи ***Лазерро*** ифода мекунад, дар сленги компютерӣ тамоман маънои навро соҳиб шудааст. Чунин калимаҳо як бозии махсуси овозҳо ба шумор меравад. Дар сленги компютерӣ баъзе равандҳо ва тағйирот мушоҳида мешаванд. Дар давраи ҳозира луғати ин қабати лексика

миқдори зиёди калимаҳоро фаро мегирад. Аз ин рӯ, метавон, силсилаҳои гунаи сленги синонимиро ҷудо кард: *computer – комп, компухтер, (қуттӣ, банка, тачка, аппарат, мошин); to hack – шикастан (кандан, қисм кардан), hard drive – диски сахт (винт, хорд, хардрайв, бердан)*. Албатта, ҳар қадар калима умумиистеъмол бошад, ҳамон қадар он бештар муродиф дорад. Онҳо, имкон дорад, барои он сохта шудаанд, ки дараҷаи донистани забони англисӣ аз ҷониби одамон яксон нест.

Сленги компютерӣ аз доштани навъҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ ҳам орӣ нест. Дар байни онҳо ҳам воҳидҳои фразеологии феълӣ ва ҳам воҳидҳои фразеологии исмӣ мавҷуданд: *press buttons - бо мушак кор кардан, дар забони русӣ - жать батоны, glitch error - ислоҳи хатоҳо дар барнома, дар забони русӣ - глюк полировать, Ctrl-Alt-Del - баромадан бо клавишаҳо, бо ангуштон ишора кардан, дар забони русӣ - трёхпальцевый салют, refresh - иваз намудани системаи амалиёт, дар забони русӣ - ветер перемен.*

Ба мақсади ошкор кардани сабабҳои мутобиқшавии калимаҳои “комрютерӣ”- и забони англисӣ дар забони тоҷикӣ ва русӣ, ба таври васеъ паҳн шудани калимаҳои касбии забони англисӣ дар забони тоҷикӣ дар байни ҷавонон назарпурсӣ гузаронида шуд. Ба онҳо пешниҳод шуд, ки ба панҷ саволе ҷавоб диҳанд, ки сатҳи донистани забони англисӣ, донистан, фаҳмиш ва сатҳи истифодаи истилоҳоти компютерии паҳнгардида муайян карда шавад, инчунин муайян карда шавад, ки оё мутобиқшавии истилоҳоти компютерӣ ба қоидаҳои забони тоҷикӣ сурат мегирад. Маълум гардид, ки 90% посухдиҳандагон истилоҳоти компютериро медонанд ва дар нутқи худ истифода мебаранд. Маҳз ҳамин одамон барои муошрати байни ҷавонон истилоҳоти компютериро бо истифода аз қоидаҳои забони тоҷикӣ ва ихтисоркунии дар он қабулшуда мутобиқ месозанд.

Калимаҳои касбии компютерӣ дар раванди иқтибосшавӣ ва истифода дар нутқ тағйир меёбанд ва мутобиқшавии онҳо, ки барои соҳибони забони тоҷикӣ ва русӣ созгор аст, сурат мегирад. Имрӯз аз забони мутахассисони ин соҳа чунин ифодаҳоро, ба мисли “зависат кардам”, “маҳкам шудам”, “кашол шудам”, “клава (клавиатура) барахлит кардан” (клавиатура нағз кор намекунад) шунидан мумкин аст. Сленги компютерӣ бо суръат инкишоф меёбад, ки сабаби ин пешрафти босуръати технологияҳои компютерӣ ба шумор меравад. Бисёр калимаҳо аз сленги компютерӣ ба қатори истилоҳоти расмӣ мегузаранд. Онҳо на танҳо дар нутқи шифоҳӣ, дар ҳуҷҷатҳои сершумори электронӣ, мактубҳо ва конференсияҳо дар фазои маҷозӣ ба кор бурда мешаванд, балки онҳоро метавон, дар интишорот ҳам дучор омад, бисёр вақт онҳо дар нашрияҳои маъруфи компютерӣ истифода мешаванд. Ба таври хеле фаровон онҳоро метавон, дар маҷаллаҳои ба бозиҳои компютерӣ бахшидашуда мушоҳида кард. Масалан: *“А монстры там **стрейфятся** не хуже любого **думера**” (Ҳаюлоҳо дар он ҷо аз ҳар гуна **бозингар** дар **тирпарронӣ** бадтар мавқеъгирӣ намекунанд)*. Бисёре аз калимаҳои сленги компютерӣ ба хусусияти гуфтугӯйӣ, обуранги дағали омиёнаи худ, ки хосси сленги ҷавонон аст, фарқ мекунанд, зеро дар байни мутахассисони соҳаи компютер ҷавонон хеле зиёданд. Донистани калимаҳои асосии сленги компютерӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар байни мутахассисон муошират намоем, дар ин маврид “чайник” (навкор) будани мо ба назар намерасад.

Ҳамин тавр, сленги компютерӣ системаи жаргонии одамони ҷавон мебошад ва ҳатто ба забони адабӣ ворид шуда, баробари лексикаи махсуси касбии барномасозон ва маъмурони системаҳо амал менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Виноградов В.В. Лексикология и лексикография. Избранные труды / В.В. Виноградов. - М., 1977. – 310 с.
2. Володарская В.В. Языковая изменчивость: лингвистические и экстралингвистические аспекты. Инновационные процессы в современном английском языке / В.В. Володарская // Вопросы филологии. - 2004. - №2 (17). - С.35-51.
3. Дорожкина В.П. Английский язык для математиков / В.П. Дорожкина. - М.: Изд-во МГУ, 2006. – 411 с.
4. Журнал «Весь компьютерный мир». - 1996. - № 2.
5. Журнал «Мир ПК». – 1997. - № 7.
6. Лихолитов П.В. Компьютерный жаргон / П.В. Лихолитов // Русская речь. - М., 1997. - № 3.
7. Пеллих И.В. Молодёжный сленг как социальная разновидность речи / И.В. Пеллих // Вестник АГУ. Сер. Филология и искусствоведение. - Майкоп, 2008. - Вып.1. - С.106-108.
8. Рустамова А.А. Современный молодёжный сленг и особенности его функционирования (на материале речи студентов Республики Адыгея: автореф… дис. фил… наук / А.А. Рустамова. - Майкоп: Изд-во АГУ, 2006. - 26 с.
9. Смирнов Ф.О. Искусство общения в Интернет. Краткое руководство / Ф.О. Смирнов (Научно-популярное издание). - М.: Издательский дом Вильямс, 2006.
10. UnderLight // Навигатор игрового мира – март 2009.

СЛЕНГИ КОМПЮТЕРӢ – ҚАБАТИ НАВИ ЛЕКСИКА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ОН

Мақолаи мазкур марбут ба пайдоиш ва ташаккули қабати нави лексикӣ, яъне сленги компютерӣ буда, дар он сабаби пешрафти босуръати технологияҳои компютерӣ дарҷ гаштааст. Бисёр калимаҳо аз сленги компютерӣ ба қатори истилоҳоти расмӣ мегузаранд. Онҳо на танҳо дар нутқи шифоҳӣ, дар ҳуҷҷатҳои

сершумори электронӣ, мактубҳо ва конференсияҳо дар фазои маҷозӣ ба кор бурда мешаванд, балки онҳоро метавон, дар интишорот ҳам дучор омад, бисёр вақт онҳо дар нашрияҳои маъруфи компютерӣ истифода мешаванд. Дар мақола инчунин роҳҳо ва тарзҳои пайдоиши сленги компютерӣ нишон дода шудааст, ки онҳо калка, калкаи нопурра, тарҷума, омонимияи фонетикӣ ва ғайраҳо мебошанд. Дар мақола қайд карда шудааст, ки бештари сленгҳои компютерӣ бо роҳи калка ва нимкалка аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ баргардон мешаванд. Ҳар як овози вожаи иқтибосӣ овози мувофикро дар забони тоҷикӣ тибқи қонунҳои фонетикӣ иваз мекунад: мисолҳои калимаҳое, ки пурра аз забони англисӣ иқтибос шудаанд, ба мисли: device – девайс, hard drive – хард. Калкаи нопурра бошад, истилоҳи англисӣ дар ихтиёри грамматикаи забони тоҷикӣ ва русӣ қарор мегирад ва ба қоидаҳои он итоат мекунад. Инчунин, дар мақола қайд шудааст, ки сленги компютерӣ системаи жаргонии одамони ҷавон мебошад ва ҳатто ба забони адабӣ ворид шуда, баробари лексикаи махсуси касбии барномасозон ва маъмурони системаҳо амал менамояд.

Калидвожаҳо: истилоҳ, сленг, сленги компютерӣ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, забони русӣ, калимаҳои мураккаб, ихтисораҳо, калка, нимкалка, омонимияи фонетикӣ, тарҷума.

КОМПЬЮТЕРНЫЙ СЛЕНГ - НОВЫЙ ЛЕКСИЧЕСКИЙ СЛОЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И СПОСОБЫ ЕГО ФОРМИРОВАНИЯ

В статье рассматривается возникновение и формирование нового лексического слоя - компьютерного сленга, который объясняет причины стремительного развития компьютерных технологий. Многие слова переходят из компьютерного сленга в серию официальных терминов. Они используются не только в устной речи, в многочисленных электронных документах, письмах и на конференциях в киберпространстве, но их также можно найти в публикациях. Часто их можно встретить в популярных компьютерных публикациях. В статье также показаны пути и способы возникновения компьютерного сленга, которые называются калька, неполная калька, перевод, фонетическая омонимия. В статье отмечается, что большинство компьютерных сленгов переводятся с английского на таджикский язык путем кальки и полукальки. Каждый звук процитированного слова заменяет соответствующий звук в таджикском языке по фонетическим правилам: примеры слов, которые полностью цитируются от английского device - device, hard drive - hard. Неполная калька, английский термин находится в распоряжении грамматики таджикского и русского языков и подчиняется ее правилам. В статье также отмечается, что компьютерный сленг - это сленговая система для молодых людей, он даже входит в литературный язык и действует вместе со специализированной лексикой профессиональных программистов и системных администраторов.

Ключевые слова: терминология, сленг, компьютерный сленг, английский язык, таджикский язык, русский язык, сложные слова, сокращения, калька, полукалька, фонетическая омонимия, перевод.

COMPUTER SLANG - A NEW LEXIC LAYER OF THE TAJIK LANGUAGE AND METHODS OF ITS FORMATION

The article examines the emergence and formation of a new lexical layer - the computer vision, which explains the reasons for the rapid development of computer technology. Many words move from a computer vision to a series of official terms. They are used not only in speech, in numerous electronic documents, letters and conferences in cyberspace, but they can also be found in publications. They can often be found in popular computer publications. The article also shows the ways and means of the appearance of a computer vision, one of which is called loan translation, incomplete loan translation, translation, phonetic homonymy. The article notes that most of the computer slangs are translated from English into Tajik by loan translating and half-loan translating. Each sound of the quoted word replaces the corresponding sound in the Tajik language according to phonetic rules: examples of words that are fully quoted from English device - device, hard drive - hard. Incomplete loan translating, the English term is at the disposal of the grammar of the Tajik and Russian languages and is subject to its rules. For example, nouns take case morphemes: appendix аппликухи. The article also notes that the computer slang is a slang system for young people, it is even included in the literary language and operates along with the specialized vocabulary of professional programmers and system administrators.

Key words: terminology, slang, computer slang, English, Tajik, Russian, compound words, abbreviations, loan translation, half loan translation, phonetic homonymy, translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гафуров Зоир Саъдуллоевич*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, муаллими калони кафедраи филологияи англис. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6.
E-mail: **gafurovzoir112233@gmail.com.** Тел.: **(+992) 988-88-51-59**

Сведения об авторе: ***Гафуров Зоир Саъдуллоевич*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, старший преподаватель кафедры английской филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **gafurovzoir112233@gmail.com.** Тел.: **(+992) 988-88-51-59**

Information about the author*: Gafurov Zoir Sadulloevich* – Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, senior lecturer of the Department of English Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **gafurovzoir112233@gmail.com.** Tel.: **(+992) 988**

УДК: 491.550+42

АСОСНОККУНИИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ВОЖА-ҶУМЛАҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТОР

Исматуллоева П.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар пажӯҳиши мавриди назар тавсифи умумии вожа-ҷумлаҳо, ҷанбаҳои назариявии масъалаи мазкур, тавсифи умумии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои қиёсшаванда, намудҳои вожа-ҷумлаҳо аз рӯйи муҳтаво ва оҳанги талаффуз ироа гардида, сохтори вожа-ҷумлаҳо муайян гардида, вижагиҳои грамматикии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои қиёсшаванда баррасӣ шуда, таҳлили сохторию семантикии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои гуногунсохтор роҳандозӣ мегардад. Вожа-ҷумлаҳо ва ҷумлаҳои унвонӣ ба ғайр аз ифодаи тасдиқ ва инкор, инчунин метавонанд тобиши саволӣ ва отифаҳои гуногунро ифода намоянд. Вожа-ҷумлаҳо ба саволҳо ҷавоб намешаванд, чунки аз рӯйи сохтор устувор буда, ба ҷузъҳо тақсим намешаванд. Онҳо бештар ба услуби нутқи гуфтугӯӣ хос мебошанд ва бо як вожа ифода мешаванд. Ҷумлаҳои беаъзо бо гурӯҳҳои муайяни вожаҳо ифода мешаванд. Чунончи, дар забони тоҷикӣ:- бо ҳиссачаҳо; **ҳа (yes, да), хо (yah, ладно), оре (of course, конечно), бале (certainly, несомненно), на (no, не), не (not, нет);**

- бо нидоҳо; **офарин (awesome, браво), марҳабо (welcome, пожалуйста);**
- бо сифатҳои ҷонишинӣ: **ҳеҷ (nothing, ничего), хуб (good, хорошо), хуш (well, приятно);**
- бо вожаҳои модалӣ: **хайр (ok, добро!), майлаш (well, ладно), раҳмат (thanks, спасибо);**
- сохтаҳои пайваста: **ба ҷонам (with pleasure, с удовольствием), ҳеҷ гап не (never mind, ничего особенного).**

Вожа-ҷумлаҳо ҳамчунин аз дигар ҷумлаҳои гуногуншакл бо он фарқ мекунанд, ки онҳо бо як вожа ифода мешаванд, инҳо аз қабили ҷумлаҳои унвонӣ, вокативӣ ва генетивӣ мебошанд. Дар ҳамин боб бо ёрии мисолҳо муаллифи таҳқиқот кӯшиш мекунад, фарқияти вожа-ҷумлаҳоро аз ҷумлаҳои зикршуда нишон диҳад. Аломатҳои хосси вожаҳо тамомӣ, мумтозӣ ва бозталаффузи онҳо дар нутқ мебошад. Дар вожа сохторҳои зеринро фарқ мекунанд: маҷмӯаи аз ҷиҳати фонетикӣ муташаккили падидаҳои овозӣ, ки қишри овозии вожаро ба вуҷуд меорад, сохтори морфологӣ (маҷмӯаи морфемаҳо), семантикӣ (маҷмӯаи маъниҳои вожаҳо). Маънои луғавӣ ва маънои грамматикии вожаҳоро фарқ мекунанд. Вожа дар асоси аломатҳои семантикӣ ва грамматикии худ ба ин ё он ҳиссаи нутқ мансуб буда, дар таркиби худ маънои грамматикии пешакӣ муқарраргардида тавассути системаи забони мазкурро ифода мекунад. Дар маъноҳои вожаҳо натиҷаҳои фаъолияти маърифатии инсонҳо сабт мегарданд. Дар маъниҳои вожаҳо мафҳумҳо ташаккул, ифода ва интиқол меёбанд. Аз лиҳози сохторӣ, вожа метавонад аз якчанд морфема иборат бошад, ки онҳо бо мустақилӣ ва бозталаффузи озодона фарқ мекунанд. Вожа масолеҳи сохтмонӣ барои ҷумлаҳое мебошад, ки метавонанд аз як вожа таркиб ёбанд (масалан: *“Диққат!” “Attention!” “Внимание!”*), дар тафовут аз он ки иттилоотро ифода намекунад.

Муносибати системавӣ ба забон дар омӯзиши вожаҳо вазифаҳои навинро матраҳ намуд: таърифи вожа ҳамчун воҳиди забон, меъёрҳои ҷудокунии он, омӯхтани ҷиҳати муҳтавоии вожа, методҳои таҳлили он; пажӯҳиши системаноки вожагон (лексика); омӯзиши вожаҳо дар забон, нутқ ва дар матн. Ҷудокунии вожаҳо ҳамчун воҳидҳои забон ва нутқ басо душвор аст. Душвории муайян кардани меъёрҳои ягона барои ҳамаи вожаҳо ва вожаҳои ҳамаи забонҳо забоншиносонро водор сохт, ки ақидаи маъмул нисбат ба вожаро ҳамчун воҳиди асосии забон бозбинӣ намоянд. Дар он назарияҳои сохторгароие, ки мафҳуми ҳиссаҳои нутқро қабул надоранд, вожа ҳамчун маҷмӯи шаклҳои муттаҳидкунанда аз рӯйи маънӣ баррасӣ мегардад: чунончи, “быстрота”, “быстро” шаклҳои як вожа мебошанд. Аз сӯйи дигар, ҳангоми ҷудокунии ҳудуди забон ва нутқ истилоҳи «вожа» танҳо ба яке аз ин мафҳумҳо нисбат хоҳад дошт; муқобилгузорӣ ба миён меояд: «вожа» дар забон - «синтагма», дар нутқ ё «морфема» дар забон - «вожа» дар нутқ.

Дар матнҳои бештар ба услуби гуфтугӯӣ, махсусан ба муколама ва монолог шабоҳатдошта метавон ба ҷумлаҳое дучор омад, ки аз як вожа ва сохтаҳои устувори унвонии ба ҷузъҳои алоҳида ва ҷумлаҳо ҷудонашаванда иборат мебошанд. Тамоми маънӣ ва муҳтавои чунин ҷумлаҳо андешаро тасдиқ ё инкор намуда, ба розигӣ ё норозигӣ далолат мекунанд, инчунин муносибатҳои гуногуни модалӣ ва отифавиро нисбат ба андешаи пешина ифода менамоянд. Ҷумлаҳои ифодакунандаи тасдиқ ва инкор, асосан аз воситаҳои ёридиҳанда, аз қабили ҳиссачаҳои **“*ҳа*”** ва **“*не*”** - ро дар забони тоҷикӣ истифода мебаранд. Дар ҷумлаҳои ифодакунандаи розигӣ ё норозигӣ ва муносибатҳои модалӣ-отифавӣ калимаҳои модалӣ, ҳиссачаҳо ва нидо корбаст мешаванд. Ин гуна ҷумлаҳо дар забоншиносӣ вожа-ҷумлаҳо ё ки ҷумлаҳои беаъзо номида мешаванд.

Бад-ин тартиб, вожа-ҷумлаҳо аз лиҳози синтаксисӣ ба ҷузъҳо тақсим намешаванд, ҳамчунин ҷузъиёти онҳоро наметавон аъзои ҷумла ҳисоб намуд. Вожа-ҷумлаҳо аз рӯйи

сохтор вазифаи ҳеҷ як аъзои ҷумла - на сараъзо ва на аъзои пайравро иҷро намекунанд. Сарфи назар аз ин, дар таркиби онҳо метавонанд калимаҳои модалӣ, ҳиссачаҳои тасдиқию маҳдудӣ истифода шаванд**:** ***(албатта, (of course-конечно), дуруст, (exactly-правильно), рост (right-правда), бешубҳа (certainly-несоменно), наход (really-неужели), танҳо (only-только), ҳатто (even-даже)*** ва ғайра.

Ғайр аз ин, ҷумлаҳои нопурраро, ки ҳангоми муколама бо як вожа ифода мешаванд, ба ҳеҷ вақҳ, набояд бо вожа-ҷумлаҳо айният дод. Қайд кардан зарур аст, ки вожа-ҷумлаҳо ва ҷумлаҳои унвонӣ, ки ҳамчунин метавонанд, аксаран бо як вожа ифода шаванд, аз ҳамдигар фарқ мекунанд, зеро ҷумлаи унвонӣ ба яке аз сараъзоҳои ҷумла, ба мубтадо тааллуқ дорад, ғайр аз ин, онҳо дар ҷумла сарбории синтаксисӣ доранд.

Илова бар он, қайд кардан бамаврид аст, ки вожа-ҷумлаҳо аз ҷумлаҳои ба ном вокативӣ ва генетивӣ ҳам тафовут доранд. Ҷумлаҳои вокативӣ ва генетивӣ аз рӯйи таркиб ба вожа-ҷумлаҳо монандӣ дошта бошанд ҳам, аммо аз онҳо аз лиҳози муҳтаво ва тарзи ифодаи худ фарқ мекунанд. Ҷумлаҳои вокативӣ чизеро тасдиқ ва инкор намекунанд, онҳо розигӣ ва норозигиро баён намекунанд. Ин ҷумлаҳо ашё ва номҳоро бозгӯ намуда, ифодакунандаи тобишҳои гуногуни отифавӣ мебошанд. Ҷумлаҳои вокативиро ба шумори ҷумлаҳои яктаркиба шомил намудан нодуруст аст, зеро онҳо ба мисли вожа-ҷумлаҳо ба саволҳо ҷавоб намешаванд ва наметавонанд аъзои ҷумла бошанд. Ин гуна ҷумлаҳо дар забони тоҷикӣ хеле зиёд дучор меоянд.

Ҳамин тавр, вожа-ҷумлаҳо бо хусусиятҳои хосси худ аз ҷумлаҳои вокативӣ ва генетивӣ, вожаҳои тақлиди овозӣ, ки зоҳиран ба вожа-ҷумлаҳо монандӣ доранд, қатъиян фарқ мекунанд. Тавре ки қаблан хотирнишон гардид, вожа-ҷумлаҳо дорои сохтори вижа буда, ба ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба тааллуқ надоранд. Ба сабаби он, ки вожа-ҷумлаҳо, асосан ба аъзо тақсим намешаванд, бинобар ин, наметавонанд ба номи ашё далолат намоянд. Вожа-ҷумлаҳо, асосан дар нутқҳои муколамавӣ ва монологӣ корбаст мешаванд, зеро онҳо бештар ба услуби нутқи гуфтугӯӣ хос мебошанд. Вожа-ҷумлаҳо аз рӯйи ифодаи муҳтаво ва оҳанги талаффуз ба 5 намуд тақсим мешаванд:

1. Вожа-ҷумлаҳои тасдиқӣ. Дар ин намуди вожа-ҷумлаҳо гӯянда ба саволи ин ё он шахс ё ҷавоби тасдиқӣ медиҳад, ё розӣ будани худро ба ақидаи касе ифода менамояд. Вожа-ҷумлаҳои тасдиқӣ, асосан бо лаҳни нарму ором талаффуз мешаванд, онҳо инчунин метавонанд тобишҳои гуногуни модалӣ ва отифавиро қабул намоянд. Масалан: **–** ***Оре, Бесси, ман бо фаронсавӣ мехонам ва менависам.***

– Дӯхтудӯзу тӯрбофиро ҳам метавонед?

– Метавонам *[6, с.88].*

– Да, Бесси, я читаю и говорю по-французски.

– И умеете вышивать и шить?

– Умею *[8, с.89].*

Тавре ки дида мешавад, дар забони тоҷикӣ феълҳо бо дарназардошти тааллуқ доштан ба шахсон бидуни корбурди ҷонишинҳои алоҳида нақши вожа-ҷумлаҳоро иҷро мекунанд, чунки бандакҳои феълӣ мансубияти амалро ба ин ё он шахс муайян мекунанд. Сохтори истифодаи вожа-ҷумлаҳо дар забони русӣ ба забони тоҷикӣ мутобиқат дорад. Аммо дар забони англисӣ феъл дар ҷумла бо ҷонишини алоҳида корбаст мегардад, ки он дар мисоли зерин дида мешавад:

– "Yes, Bessie, I can both read it and speak it."

– "And you can work on muslin and canvas?"

– I can *[8, с.63].*

2. Вожа-ҷумлаҳои инкорӣ. Дар вожа-ҷумлаҳои инкорӣ гӯянда ба саволҳои додашуда ба маънои инкор посух мегӯяд, ё ки фикри касеро инкор мекунад, инчунин норозигии худро ба андешаи ин ё он шахс ифода менамояд. Ба мисли вожа-ҷумлаҳои тасдиқӣ вожа-ҷумлаҳои инкорӣ ҳам метавонанд тобишҳои гуногуни модалӣ ва отифавиро қабул намоянд. Вожа-ҷумлаҳои инкорӣ воситаҳои ёридиҳандаеро аз қабили ҳиссачаҳои инкории ***«не», «на»*** ва вожаю ибораҳои ***"багумон, нодуруст, барғалат, нофаҳмо,"*** инчунин ҷонишинҳои инкории ***"ҳеҷ, ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ кадом, ҳеҷ кӯҷо"*** ба кор мебаранд**.** Бояд қайд намуд, ки агар дар муколама ҳиссачаҳои инкорӣ бо ҷумлаҳои нопурра ҳамроҳ бошанд, он гоҳ онҳо на вазифаи вожа-ҷумлаҳо, балки танҳо вазифаҳои худро ҳамчун ҳиссачаҳои инкорӣ иҷро мекунанд.

3. Вожа-ҷумлаҳои саволӣ. Вожа-ҷумлаҳои саволӣ бо ёрии вожаҳои дорои тобиши саволӣ ***"ҳа, хуб, хуш, хайр"*** ва ҳиссачаҳои саволии ***«наход, наход ки, чӣ, а»*** ва ғайра ифода гардида, инчунин метавонанд тобишҳои гуногуни модалӣ ва отифавиро қабул намоянд.

Тобишҳои иловагии маъноӣ, тавре ки қаблан хотирнишон шуда буд, бо ёрии оҳанги талаффуз имконпазир мегардад.

4. Вожа-ҷумлаҳои нидоӣ. Вожа-ҷумлаҳои нидоӣ бо ёрии нидоҳои отифавии***"а, у, ваҳ, бо, оббо, ҳайҳот, офарин, боракалло, ура, афсӯс, сад афсӯс"*** ва бо кумаки нидоҳои амрӣ

сохта мешаванд. Тобишҳои отифавӣ ва амрии вожа-ҷумлаҳои нидоӣ бо ёрии оҳанги талаффуз имконпазир мегардад.

5. Вожа-ҷумлаҳои хусусӣ. Вожа-ҷумлаҳои хусусӣ ифодакунандаи ҷанбаи вижа мебошанд. Онҳо аз рӯйи маънӣ ин ё он фикрро тасдиқ ё инкор мекунанд, ҳарчанд, ки худи онҳо аз ифодаи розигӣ маҳрум буда, танҳо ба табрик, ташвиқ, фарҳанги муошират ва падидаҳои шабеҳи он далолат мекунанд. Вожа-ҷумлаҳои хусусӣ дар аксарияти ҳолатҳо ҳамроҳ бо муроҷиат дар раванди муколамаҳо ва суҳбатҳои дӯстона истифода мешаванд. Масалан, ҳангоми вохӯрии ду нафар афрод ё ошноён: **– Салом! – Салом.**

Вожа-ҷумлаҳоро аз рӯйи сохтор метавон ба чор гурӯҳ тақсим намуд:

1. Вожа-ҷумлаҳои содда. Вожа-ҷумлаҳои содда танҳо аз як калима иборатанд. Онҳо бо ёрии ҳиссачаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ, вожаҳои модалӣ ва нидоҳо ифода мешаванд.

2. Вожа-ҷумлаҳои сохта. Баъзе ибораҳо дар ҷумла баёнгари фарҳанги инсон мебошанд ва ба вазифаи вожа-ҷумлаҳо ба кор мераванд.

3. Вожа-ҷумлаҳои такрорӣ. Гоҳе вожа-ҷумлаҳои тасдиқӣ, инкорӣ, саволӣ, хитобӣ ва хусусӣ такрор мешаванд, дар натиҷаи он муҳтавои онҳо бештар боварибахш ва таъсиррасон мегарданд.

4. Вожа-ҷумлаҳои тафсилӣ. Баъзе вақтҳо вожа-ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ муродифҳоро қабул мекунанд, ки онҳоро тафсил медиҳанд. Дар ин ҳолат муҳтавои вожа-ҷумлаҳо аҳаммият ва нуфузи бештар пайдо мекунанд. Вожа-муродифҳои тавзеҳотӣ бо таркиби вожа-ҷумлаҳо омехта шуда, маънии ягонаро ифода мекунанд ва дар ин ҳол ба ҷузъҳои таркибӣ тақсим мешаванд.

Дар нутқи гуфтугӯӣ вожа-ҷумлаҳо метавонанд танҳо дар намуди муколама, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ дучор шаванд. Ифодашавии вожа-ҷумлаҳо дар намуди муродифҳо ва мутазодҳои пай дар пай, аз як тараф, услуби хеле ихтисорёфтаи нутқро таъмин намуда, бо ҳамин вижагии ин услубро исбот намояд, аз сӯйи дигар, тасаввуротро дар бораи дар баъзе ҳолатҳо истифодаи ҳамзамони фикри духӯраи гӯянда эҷод менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Рубинчик, Ю.А. Забони муосири форсӣ / Ю.А. Рубинчик. – М.: Изд. Восточная литература, 1960. – 234 с.
2. Салимов Р.Д. Сохтор ва семантикаи ҷумлаҳои яктаркиба дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ / Р.Д. Салимов. – Душанбе; РТСУ, 2010. – 399 с.
3. Poustma H.A. A grammer of late Modern English / H.A. Poustma. – Noordhoff groningem, 1966. – 234 p.
4. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 1, 2./ С. Айнӣ. – Душанбе, 1962. – 414 с.
5. Шарлотта, Бронте. Ҷен Эйр (роман) / Бронте Шарлотта. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 412 с.
6. Шарлотта Бронте. Джейн Эйр (роман) / Бронте Шарлотта (Аз англисӣ тарҷумаи В. Станевич). – Москва: Издательство "Правда", 1988. – 258 с.
7. Ҷалил, Р. Одамони ҷовид / Р. Ҷалил. – Душанбе, 1978. – 338 с.
8. Charlote Bronte. Eyre J. – Oxford University Press, 2000. – 118 p.
9. Oscar Wilde. Plays / Wilde Oscar. - Foreign languages publishing house Moscow. – 1961. – 359 с.

АСОСНОККУНИИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ВОЖА-ҶУМЛАҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТОР

Дар мақолаи мазкур бори аввал масъалаҳои сохтор ва семантикаи вожа-ҷумлаҳо аз лиҳози забоншиносии типологӣ ва қиёсӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шудааст. Илова бар он, нахустин маротиба мақоми мақулавии (категориалӣ) вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ошкор ва исбот карда шуда, таҳлили сохторию семантикӣ ва амалкардии воҳиди забонии номбурда аз лиҳози системаи байнизабонӣ ва дохилизабонӣ амалӣ гардидааст. Тавсифи вижагиҳои сохторию семантикии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ роҳандозӣ гардида, дар асоси он таснифи сохторию семантикии гурӯҳи воҳидҳои синтаксисии мазкур пешниҳод шудааст. Аҳаммияти таҳқиқот, ҳамчунин дар такмили консепсияи илмӣ оид ба ҷанбаи системавӣ доштани вожа-ҷумлаҳо дар забон аст. Натиҷаҳои пажӯҳиш ба густариши минбаъдаи тасаввурот дар бораи сохтор, семантика ва амалкарди вожа-ҷумлаҳо дар системаҳои забонҳои муқоисашаванда мусоидат намуда, инчунин имкон медиҳад, ки дар ҳаллу фасли проблемаҳои умумии семантикаи забоншиносӣ, забоншиносии сохторӣ ва амалкардӣ саҳмгузор бошад.

Калидвожаҳо: грамматика, семантика, ҷумлаҳои хабарӣ, ҷумлаҳои инкорӣ, ҷанба, адресат, хусусиятҳо, сиға.

ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ВИДОВ СЛОВ В СОПОСТАВЛЯЕМЫХ ЯЗЫКАХ

В настоящей статье проведено научно-обоснованное исследование по установлению специфики функционирования и структуры слов-предложений и номинативных предложений в языке. В этом плане впервые вопросы структуры и семантики слов-предложений подвергаются монографическому исследованию в современном таджикском языкознании в плане типологического и сопоставительного языкознания. Наряду с этим, впервые выявлен и доказан категориальный статус слов-предложений в таджикском, английском и русском языках и реализован структурный и функционально-семантический анализ данной языковой единицы в плане её межъязыковой и внутриязыковой системы. Проведено подробное описание структурных и семантических особенностей слов-предложений в таджикском, английском и русском языках и на основе этого предложена структурно-семантическая классификация данной категории синтаксических единиц. Данное исследование способствует в дальнейшей разработке общей теории и методики сопоставительного и типологического изучения слов-предложений в разноструктурных языках. Важность исследования заключается также в совершенствовании научной концепции о системном характере слов-предложений в языке. Результаты исследования содействуют дальнейшему углублению представлений о структуре, семантике и функционировании слов-предложений в

системах сравниваемых языков, а также позволят внести определенный вклад в решение общих проблем лингвистической семантики, структурной и функциональной лингвистики.

Ключевые слова: грамматика, семантика, утвердительные предложения, отрицательные предложения, аспект, адресат, особенности, наклонение.

COMMON CHARACTERISTICS OF TYPES OF WORDS IN COMPARATIVE LANGUAGES

It is carried out the scientifically grounded research on establishment of specificity of functioning and structure of words-sentences and nominative sentences in language. In this regard, for the first time the questions of structure and semantics of words-sentences are subjected to monographic research in modern Tajik linguistics in terms of typological and comparative linguistics. At the same time, for the first time the categorical status of word-sentences in Tajik, English and Russian languages is revealed and proved, and the structural and functional-semantic analysis of this language unit in terms of its intra-linguistic system is realized. A detailed description of the structural and semantic features of the words-sentences in the Tajik, English and Russian languages and on the basis of this proposed structural and semantic classification of this category of syntactic units. This study contributes to the further development of the General theory and methodology of comparative and typological study of word sentences in different languages. The importance of the study is also to improve the scientific concept of the systemic nature of words and sentences in the language. The results of the study contribute to the further deepening of ideas about the structure, semantics and functioning of word-sentences in the systems of compared languages, as well as contribute to the solution of common problems of linguistic semantics, structural and functional linguistics.

Key words: imperative, grammar, semantics, affirmative sentences, negative sentences, aspect, addressee, features, inclination.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исматуллоева Парвина*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 903-02-45-85**

Сведения об авторе: ***Исматуллоева Парвина*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 903-02-45-85**

Information about the author: ***Ismatulloeva Parvina*** - Tajik National University, assistant of the Department of English language. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. Tel.: **(+992) 903-02-45-85**

УДК: 4И(Англ)

ТАҲЛИЛИ ВОҲИДҲОИ СОМАТИКӢ ДАР ТАРКИБИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ, АНГЛИСӢ ВА РОҲУ УСУЛҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО

Каҳҳоров Ш.Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Донистани зарбулмасал ва мақолҳои (минбаъд *паремия*) ин ё он миллат ба дарк намудани тарзи ҳаёт, зисту зиндагонӣ, ғояву афкори онҳо ва дар умум ба забони онҳо мусоидат менамояд, зеро дар онҳо таҷрибаи халқ, тасаввурот ва фаҳмиши онҳо, фарҳангу маданияти онҳо таърихан мунъакис гаштааст. Паремия нутқи шахсро ғайриоддӣ, хушобуранг, дилчасп ва баргузида мегардонад. Лексикаҳои соматикӣ, ки яке аз қисматҳои асосии паремия ба ҳисоб мераванд, таваҷҷуҳи ҳам паремиологҳо ва ҳам забоншиносонро ба худ ҷалб намудаанд. Роҷеъ ба масъалаи мазкур аз ҷониби олимони тоҷик як қатор дастовардҳо ба илми забоншиносии тоҷик ворид гаштаанд, ки ба таври пурра ва амиқ ҳалли худро наёфтаанд. Илова бар ин, лексикаҳои соматикӣ дар таркиби паремия то ҳол дар илми забоншиносии тоҷик дида баромада нашудааст, ки мубрамияти мавзӯъ ва мақсади асосии мақолаи мазкурро ташкил медиҳад. Мо дар таркиби паремия таҳқиқоти миқдорӣ (оморӣ)-и лексикаҳои соматикиро гузаронида, зиёда аз 4000 зарбулмасалҳои тоҷикӣ ва 2000 зарбулмасалҳои англисиро корбарӣ намудем. Объекти асосии таҳқиқоти мазкур ҷилдҳои I, II ва III-и "Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ"-и М.Фозилов [9] ва "The Oxford Dictionary of Proverbs" [10] ба ҳисоб меравад.

Аввалин маротиба ин истилоҳро олими эстонӣ Ф.О. Вакк ҷорӣ намудааст. Ӯ ба хулосае омадааст, ки "соматизмҳо яке аз қадимтарин шохаи фразеология ба ҳисоб рафта, қисмати серистеъмолтарини лексикаҳои ҳамаи забони ҷаҳонро ташкил медиҳанд" [2, с.23]. Ҳамин тавр, аз нимаи дуюми қарни XX, истилоҳи "соматика" дар таҳқиқи лексикаҳои ифодагари узвҳои инсон ва ё ҳайвон истифода бурда мешавад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки аввалин маротиба ин истилоҳро олими бузурги тоҷик Маҳкамова М. соли 1976 дар илми забоншиносии тоҷик истифода намудааст. Ҳамчунин олими дигари мо Азимова М.Н. низ дар ин раванд саҳми бузурги худро гузоштаанд, ки кори илмии муҳаққиқ "Таҳлили муқоисавии лексикаи соматикӣ ва фразеологияи забони тоҷикӣ ва англисӣ" мебошад [1, с.19]. Лексикаи соматикӣ (аз калимаи юнонӣ «soma» - «тана») - яке аз гурӯҳҳои барҷастаи лексикаи умумиҷаҳонӣ буда, объекти маъмултарини таҳқиқот дар асарҳои муқоисавию таърихӣ, забоншиносии ҳам

ватанӣ ва ҳам хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки дар системаи лексикиву мавзӯии ҳамаи забонҳои ҷаҳон ҳамчун масъалаи аввалиндараҷа махсус таъриф карда мешавад.

Лексикаҳои соматикӣ чунин воҳидҳое мебошанд, ки ҷузъҳои онҳо калимаҳои номгӯи узвҳои бадани инсон ва бадани ҳайвонот ба ҳисоб мераванд. Онҳо маъноҳои монандӣ, хислату хусусияти шахс, тарзи иҷрои кору бор, эҳсосот ва семантикаи мухталифро ба худ касб намудаанд.Дар робита бо хусусиятҳои семантикии ибораҳои устувори соматикӣ якчанд гурӯҳҳои луғавию семантикӣ, ба монанди: хусусият, вазъияти ҷисмонӣ, вазъияти ҳиссӣ, муносибат, хусусиятҳои сифатии инсон, фаъолияти фикрӣ, тасвир, амал ва кирдори инсон, вазъияти иҷтимоӣ, дараҷаи дурӣ аз объект мавҷуданд. Ҳамаи лексикаҳои соматикӣ вобаста аз хусусияти вазифаи объект ба чунин гурӯҳҳои зерин, ки дар кори Р.Ю. Мугу оварда шудааст, ҷудо мешаванд [6, с.81-82]:

1) лексикаҳои сомонимӣ (аз калимаи юн. soma - тана + onim - номгӯй) барои ифодаи узвҳои зоҳирии танаи инсон хизмат мекунанд (сар - ***head,*** бинӣ - ***nose,*** чашм - ***eye*** ва ғ.): *Забон дар даҳон посбони сар аст* - ***A wise head has a close mouth to it;*** *Дарди сар камтар беҳтар* - ***A crown is no cure for the headache****; Девор муш дорад, муш гӯш* - ***Small pitchers have long ears****; Аз дида (чашм) дур, аз дил дур* - ***Far from eye, far from heart;*** *Касе, ки айби туро пеши чашм бингорад, бибӯс, дидаи ӯро, ки бар ту ҳақ дорад* - ***A friend's eye is a good mirror.*** Тавре ки аз мисолҳои зикргардида бармеояд, зарбулмасалҳои ин ду забон аз ҷиҳати семантика ба ҳам муодили тайёр мебошанд, яъне он лексикаҳои соматикие, ки дар таркиби зарбулмасалҳои забони тоҷикӣ дарҷ гардидаанд, дар паремияҳои забони англисӣ низ вомехӯранд. Гурӯҳи мазкур ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ нисбат ба дигар гурӯҳҳо гурӯҳи сермаҳсултарин ба ҳисоб меравад.

2) лексикаҳои остеонимӣ (аз калимаи юн. osteon - устухон), ки барои ифодаи устухони танаи инсон ва пайвастшавии онҳо хизмат менамоянд (устухони тағояк - ***endochondral bone,*** раг, пай - ***tendon*** ва ғ.): *Саги устухонхӯрда андеша дорад* - ***A good dog deserves a good bone****; Ба раги мурда нештар назананд* - ***Let the dead bury their head****, Шикастаустухон донад баҳои мӯмиёиро* - ***Health is not valued till sickness comes.*** Чунин лексикаҳоро дар таркиби зарбулмасалҳои англисӣ баррасӣ менамоем: ***A joke breaks no bones; An old man is a bed full bones.*** Ҳам дар таркиби паремияҳои тоҷикӣ ва ҳам англисӣ чунин лексикаҳо хеле кам ба назар мерасанд.

3) лексикаҳои спланхнонимӣ (аз калимаи юн. splanchna - узвҳои дохилӣ), ки барои ифодаи узвҳои дохилии танаи инсон хизмат мекунанд (дил - ***heart,*** гурда - ***kidney,*** ҷигар - ***liver*** ва ғ.): *Дар дил мадда, дар лаб ханда* - ***A honey tongue, a heart of gall****; Забони сурх сари сабз медиҳад барбод* - ***An ill tongue may do much;*** *Забони ту зиёни туст, маҷрӯҳаш кун аз дандон* - ***A fool's tongue is long enough to cut his own throat.*** Чунин лексикаҳоро дар таркиби зарбулмасалҳои англисӣ баррасӣ менамоем: ***Changing of words is the lightening of hearts; Distance makes the heart grow fonder; They are both of the same kidneys; Cheat me in the price, but not in the gut.*** Чунин лексикаҳо низ дар таркиби паремияҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ ба таври кофӣ ба чашм мерасанд. Лексикаи сермаҳсултарини ин гурӯҳ дар ҳарду забони муқоисашаванда лексикаи дил - ***heart*** ба ҳисоб меравад.

4) лексикаҳои ангионимӣ (аз калимаи юн. angeion - раг), ки барои ифодаи системаи хунгарди организми инсон хизмат мекунанд (раги варид - ***vein,*** раги хурдтарин - ***capillary,*** раги шараён - ***artery*** ва ғ.): *Реши бадро доруи бад ёфт раг* - ***An eye for an eye, and a tooth for a tooth, tit for tat.*** Ҳангоми омӯзиш дар таркиби паремияҳои забони англисӣ лексикаҳои гурӯҳи мазкур мушоҳида нашуданд.

5) лексикаҳои сенсонимӣ (аз калимаи юн. sensus - ҳиссиёт), ки барои ифодаи узвҳои ҳиссиёти организми инсон хизмат мекунанд (қувваи шомма - ***sense of smell,*** сомеа - ***hearing,*** ламс - ***touch,*** зоиқа - ***taste,*** басират - ***eyesight,*** кайфият - ***emotion,*** гувоҳии дил - ***intuition*** ва ғ.): *Гапро кобӣ, гап мебарояд, партовро кобӣ - бӯй* - ***The more you stir, the worst it stinks;*** *Шунидан кай бувад монанди дидан?* - ***Seeing is believing;*** *Гувоҳи рӯбоҳ - думаш* - ***Every bird is known by its feathers.*** Мисолҳои англисиро роҷеъ ба гурӯҳи мазкур баррасӣ менамоем: ***Hindsight is always twenty-twenty; A rose by any other name would smell as sweet; Be silent, or speak something worth hearing; One touch of nature makes the whole world kin.*** Лексикаҳои гурӯҳи мазкур низ дар таркиби паремияҳои ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам англисӣ мавқеи хосса доранд. Ҳиссиёт дар ҷараёни инкишоф ва тарбияи инсон ба вуҷуд омада, ба кор бурда мешавад. Онҳо арзишҳои ҳама гуна падидаҳо, ашёҳо, воқеаҳо ва рӯйдодҳоро барои шахс, ҷаҳони ботинӣ, эҳтиёҷот ва далелу бурҳонҳои ӯро инъикос менамоянд.

6) лексикаҳое, ки беморӣ, дард ва касалиро ифода менамоянд ва дар организми инсон пайдо мешаванд (тапиши дил - ***heart attack,*** зуком - ***influenza,*** саратон - ***cancer*** ва ғ.): *Дарди ҳар кас дар дили худаш аст* [8, с.68] - ***Every heart has its own ache;*** *Дарди сар камтар беҳ(тар)* - ***A crown is no cure for the headache.*** Мисоли англисиро баррасӣ менамоем: ***Love and cough cannot be hidden.*** Ин гурӯҳи лексикаҳо низ дар таркиби зарбулмасалҳо хеле нодир ба назар мерасанд.

Маълумотҳои бадастомада басомади истифодаи ин ё он лексикаи соматикиро дар фарҳанги забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ нишон медиҳад. Ҳамин тавр, сермаҳсултарин лексикаҳои соматикӣ дар таркиби паремия дар феҳристи зерин дида мешавад: сар, калла - ***head*** (тоҷ. 3,4%, анг. 1,8%)**,** даст - ***hand, arm*** (тоҷ. 3,5%, анг. 2,8%)**,** дил, қалб - ***heart*** (тоҷ. 3,1%, анг. 1,7%)**,** пой - ***foot, leg*** (тоҷ. 1,3%, анг. 1,6%)**,** чашм, дида - ***eye*** (тоҷ. 1,6%, анг. 1,5%)**,** забон - ***tongue*** (тоҷ. 1%, анг. 1,4%)**,** даҳон - ***mouth*** (тоҷ. 0,7%, анг. 1%)**,** пушт - ***back*** (тоҷ. 0,5%, анг. 0,6 %)**,** гардан - ***neck*** (тоҷ. 0,4%, анг. 0,1 %)**,** шикам - ***belly*** (тоҷ. 0,4%, анг. 0,1 %)**,** гӯш - ***ear*** (тоҷ. 0,4%, анг. 0,3 %), мушт - ***fist*** (тоҷ. 0,5%, анг. - %)**,** риш - ***beard*** (тоҷ. 0,3%, анг. - %), бинӣ - ***nose*** (тоҷ. -, анг. 0,6 %) ва ғ.Воҳидҳои соматикӣ дар таркиби паремияҳои тоҷикӣ ва англисӣ гурӯҳи сермаҳсултарин ва ҷаззоб ба ҳисоб мераванд. Тибқи таҳқиқи миқдории гузаронидаи мо, ки яке аз ҷанбаҳои кори имрӯзаи мо ба ҳисоб меравад, басомади истифодаи воҳидҳои соматикӣ дар таркиби паремияи забони тоҷикӣ 17%-ро ташкил дода, дар паремияи забони англисӣ бошад, қариб 13,6%-ро ташкил медиҳад.

Барои таҳлил намудани маводҳои бадастомада мо мазмун ва муҳтавои лексикаҳои соматикии сермаҳсултарини ин ду забони муқоисашавандаро дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ [7] ва англисӣ [11] омӯхтем ва тобишҳои иловагии маъноии ин лексикаҳои соматикиро дар таркиби паремия ошкор намудем.Бояд қайд намуд, ки ба хотири тафовут доштани дарки эҳсосот дар мардум, лексикаҳои соматикии онҳо низ аз ҷиҳати имову ишора, қиёфасозӣ ва ғ. фарқ мекунанд.

Cap, яке аз узвҳои муҳимтарини танаи инсон ба ҳисоб меравад, чунки он ҷараёни ақлонии инсон ва ҳолати онро идора менамояд. Дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ мо чунин таърифотро, ки лексикаи ***cap-head***-ро таъриф менамояд, пайдо намудем:

Cap: **1)** узви бадани инсон ва ҳайвон, ки мағз, чашм, гӯш, бинӣ ва даҳон дар он қарор дорад, калла; **2)** оғоз, аввал, ибтидо; асос; **3)** болои чизе; рӯйи чизе; **4)** нӯги чизе, қисми интиҳои чизе (ришта, сӯзан, чӯб ва ғ.); **5)** *маҷ,*. фикру андеша; қасду ирода; **6)** нӯг; **7)** раис, сардор; **8)** хӯша; **9)** *маҷ*. майл, рағбат, ҳавас ва ғ. [7, с.193-194] .

Head: **1)** The part of the human body which contains the organs of hearing, seeing, tasting and smelling; **2)** A chief; a principal person; a leader; a commander; **3)** The first place; the place of honor, or of command; **4)** Countenance; presence; **5)** Understanding; faculties of the mind; **6)** Face; front; forepart; **7)** The top of a thing; **7)** The brain; **8)** The principal source of a stream; **9)** Power; armed force; **10)** Liberty; freedom from restraint and etc. [11, p.2109].

Дар радифи паремия лексикаи соматикии ***cap-head*** метавонад ба маънои киноя истифода бурда шавад. Азбаски фикр вазифаи асосии сар ба ҳисоб меравад, дар паремияҳои тоҷикӣ ва англисӣ ***cap*** ва ***head*** сифатҳои инсонро, ки бо зеҳн, ақл, хирад вобастагӣ дорад, масалан, зиракӣ, фаросат, хушфаҳмӣ, девонагӣ, аҳмақӣ, беақлиро ифода менамоянд. Дар паремияҳое, ки ба таври киноя сохта шудаанд, ***cap*** ва ***head*** махзани ақли инсон ба ҳисоб меравад. Мисол: *Сари бад - дар балои бад; Сар, ки бемағз бувад, нағзии дастор чӣ суд?; Сари фатиларо чарб мебояд кард; Сари ҳақ сангин аст;* англисӣ: ***Two heads are better than one; You can't put a wise head on young shoulders; A scald head is soon broken.***

Дар ҷараёни омӯзиш мо ошкор намудем, ки дар паремияҳои забони англисӣ лексикаи ***head*** бо маънои соматикӣ бо чунин сифатҳо: ***bald-кал, wise-оқил, scald-сӯхта, idle-бемағз, old-пир*** ишора карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки чунин сифатҳоро дар паремияҳои тоҷикӣ низ метавон дарёфт. Мо инчунин ҳолатҳоеро баррасӣ намудем, ки мансубияти лексикаи соматикии мазкур дар он дарҷ ёфтааст: *man's head - сари инсон, мард (1), smb's head - сари касе, head of a dog/an ass/a pike - сари саг, хар, шӯртан (1): A fool may chance to put something into a wise* ***man's head;*** *Better be the* ***head of an ass****, than the tail of a horse;* Дар паремияҳои тоҷикӣ таркибҳои: *сари маймун, сари хар, сари дарвеш, сари бача, сари шамшер* ва ғ. дарҷ гардидаанд: *Балои тавила ба* ***сари маймун*** *аст; Вақти зарурат чу намонад гурез, Даст бигирад* ***сари шамшери*** *тез.*

Паремияҳое дарёфт шуданд, ки дар он сар инчунин муносибатҳои инсониро ифода менамояд: Масалан: *Сарбурида беҳтар аз парбурида; Ду сар ба як кулоҳ намегунҷад; Як сар бало сар, ду сар мардона сар;* англисӣ: *Each head is a different judgement.* Дар паремияҳои мазкур "сар" ҳамчун муродифи инсон ба кор бурда шудааст.

Дар паремияи тоҷикӣ ҷузъи ***cap*** метавонад ҳушёриро нишон диҳад. Сар, ҳамчун ҳамоҳангсози амалҳо, бояд барои натиҷа ва оқибатҳои он "масъул" бошад: Масалан: *Сар бори дигар зи тан нарӯяд, на най аст* [9, с.40]; *Сар гардад ранҷур чу афсар ду шуд* [9, с.44].

Паремияҳои англисӣ метавонанд вазъиятҳои ҳаррӯзаро инъикос намоянд. Масалан: ***Fish begins to stink at the head.*** Дар ин сурат, мо метавонем аҳаммияти роҳбариро дар манзараи ҷаҳони англисӣ, вақте ки тафриқаи ягон гурӯҳ бо одамони дорои обрӯву эътибор ва қудрат оғоз меёбад, мушоҳида намоем. Дар манзараи ҷаҳони англисӣ дарки сар ҳамчун қисми асосии бадан дар давраи қадимаи англисӣ, ки пешвоён ва куҳансолон, аллакай, вуҷуд доштанд, пайдо шудааст, ки хусусияти анъанавии ҷамъияти англисро муайян месозад. Дар забони тоҷикӣ муодили зарбулмасали мазкур вуҷуд дорад: *Моҳӣ аз сар ганда гардад, не зи дум* [9, с.303].

Ҳамин тавр, паремияҳои зикршударо омӯхта истода, хулоса баровардан мумкин аст, ки бисёр зарбулмасалҳои забони англисӣ бо зарбулмасалҳои тоҷикӣ мувофиқат менамоянд. Мо ошкор намудем, ки дар забони тоҷикӣ паремия бо лексикаи соматикии ***сар*** назар ба англисӣ ***head*** бисёртар мебошад.

Унсури луғавии "***даст*** ва ***hand***" дар таркиби зарбулмасалҳои ҳам англисӣ ва ҳам тоҷикӣ фаровон истифода шудааст. Чуноне ки мо медонем, "даст" номи узви асосии бадани инсон аст. Қариб ҳама кору фаъолияти инсон тавассути даст ба сомон расонида мешавад. Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин семантикаҳои он нишон дода шудааст: 1. узви бадани инсон аз шона то нӯги ангуштон; каф ва панҷаи даст, яд; 2. *маҷ.* ҷавр, бедод, тааддӣ; 3. сӯй, тараф, ҷониб; 4. дафъа, карат, бор; навбат (дар қиморбозӣ) [7, с.422]. Дар "Фарҳанги Webster" 21 тафсири лексикаи "даст" дода шудааст [11, с.2079].

Дар ҷараёни омӯзиш мо ошкор намудем, ки дар паремияҳои забони англисӣ лексикаи ***hand/дасm*** бо маънои соматикӣ бо чунин сифатҳо: ***cold*** (2) - хунук, ***steady*** (2) - устувор, ***broken*** (2) - шикаста, ***gentle*** (1) - нозук, ***clean*** (1) - тоза, ***iron*** (1) - оҳанин, ***left*** (2) - чап, ***right*** (2) - рост ишора карда мешавад.

Дар таркиби як қатор паремияҳои тоҷикӣ лексикаи "даст" ба маънои киноя истифода мешавад. Мисол: *Дасти беҳунар кафчаи гадоӣ; Даст болои даст бисёр аст; Даст аз даст муборактар бувад.* Дар ин мисолҳо лексикаи соматикии мазкур рамзи инсонро ифода намуда, инчунин, ӯ як сифати муайянеро касб менамояд.

Дар паремияҳои тоҷикӣ ва англисӣ фаъолияти меҳнатии инсон ҳамчун як чизи муқаррарӣ, рӯзмарра тавассути қисматҳои ***дасm/hand*** инъикос меёбад. Дар манзараи ҷаҳони англисӣ лексикаи ***hand*** аксар вақт рамзи комёбиҳои меҳнат мебошад: ***Many hands make light work; All hands on deck -*** *Бароед! Ҳама ба боло! (барои кори ҳашар).* Дар манзараи ҷаҳони тоҷикӣ меҳнат на ҳамчун уҳдадорӣ, балки чун шароити зиндагӣ дарк карда мешавад. Мисол: *Даст агар дар кор машғул аст, по осуда аст; То дастат наҷунбад, даҳонат намеҷунбад.*

Дӯстӣ барои мардуми тоҷик аз қадимулайём хос аст. Одамон дар натиҷаи тамоюли шабеҳи арзиш ва тарзи зиндагӣ дӯстӣ карданро шурӯъ менамоянд ва ин ҳақиқати муҳим ба муносибати инсон марбут аст. Дар идроку шуури мардуми тоҷик ва англис маҳз лексикаи соматикии ***дасm/hand*** ин ҷиҳатро тасвир менамояд. Мисол: *Чу дасте натонӣ газидан бибӯс!* Муодили англисии зарбулмасали мазкур: ***Kiss the hand that you cannot bite.***

Чун ду даст, ки дар ягон намуди кор ба ҳам кумак мерасонанд, инсон низ кумаки беғаразонаи мутақобили худро ба дилхоҳ шахс дареғ намедорад: *Даст дастро мешӯяд, об хунро; Аз як даст садо намебарояд; Дастак ба як даст натвон зад ва ос ба як санг натвон кард;* англисӣ: ***You can't clap with one hand; One hand may wash the other, but both the face.***

Ҳам дар паремияи тоҷикӣ ва ҳам англисӣ бо лексикаи ***дасm/hand*** масъалаҳои вайрон намудани садоқат, вафодорӣ ва имконияти рафтору кирдори хоинона аз ҷониби шахси наздик дарҷ меёбад, ки аз васеъ паҳн будани хиёнат, махсусан байни хешу табор шаҳодат медиҳад: ***Дасте, ки натавон бурид, бояд бӯсид; Many kiss the hand they wish to cut off.***

Мо паремияҳои тоҷикӣ ва англисиро бо воҳидҳои соматикии ***дасm/hand*** таҳлил намудем. ***Даст,*** ки тӯли тамоми ҳаёти инсон бо ӯ мебошад, аз рӯйи семантика бо чунин зуҳуротҳо: меҳнат, муносибати байни одамон, сифатҳои инсонӣ, камбудӣ, нуқсон, ҳаёт ва ғ. вобастагии зич дорад. Дар як қатор паремияҳо лексикаи соматикии мазкур ба маънои киноя ва истиора истифода мешавад.Маълум аст, ки лексикаи ***дил/heart*** узви асосии танаи инсон ба шумор рафта, фаъолияти тамоми узвҳои организми инсонро бо маводи ғизоӣ ва оксиген таъмин мекунад. Аз ин рӯ, як қатор зарбулмасал ва мақолҳоеро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавон вохӯрд, ки дар таркиби худ воҳиди луғавии "дил" доранд. Ин гуна зарбулмасалҳо маъноҳои гуногунро ифода намуда, ба шахс нигаронида шудаанд.

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин семантикаҳои ***"дил"*** нишон дода шудааст: 1. узви марказии низоми гардиши хуни одам ва ҳайвон, ки ҳаракати хунро идора мекунад, қалб; 2. *маҷ.* марказ, васат, миён, дарун; 3. замир; хотир, ботин; 4. *маҷ.* майл, хоҳиш ҳавас; азму ирода, ният; 5. *кит., маҷ.* ҷуръат; далерӣ, ҷасорат [7, с.446]. Дар "Фарҳанги Webster" тафсири лексикаи ***"heart"*** чунин дода шудааст: 1. A muscular viscus, which is the primary organ of the blood's motion in an animal body , situated in the thorax . From this organ all the arteries arise, and in it all tlie veins terminate; 2. The inner part of any thing; the middle part or interior; as the heart of a country, kingdom or empire; the heart of a town; the heart of a tree; 3. The chief part; the vital part ; the vigorous orefficacious part [11, с.2116].

Аз семантикаи лексикаи ***дил/heart*** бармеояд, ки шабоҳати семантикӣ дар забонҳои муқоисашаванда вуҷуд дорад. Дар ҷараёни омӯзиш мо ошкор намудем, ки дар паремияҳои забони англисӣ лексикаи ***heart/дил*** бо маънои соматикӣ бо чунин сифатҳо: ***warm*** (2) - гарм, ***good*** (1) - хуб, ***happy*** (2) - хурсанд, ***sad*** (1) - ғамгин, ***stout*** (2) - ҷасур ишора карда мешавад. Мо инчунин ҳолатҳоеро баррасӣ намудем, ки мансубияти лексикаи соматикии мазкур дар он дарҷ ёфтааст: ***fool's heart*** (1) - дили аҳмақ, ***lion's heart*** (1) - дили шер, ***lord's heart*** (1) - дили

подшоҳ, ***man's heart*** (1) - дили инсон. Дар мисолҳои тоҷикӣ бо сифатҳои: *шикаста - broken*, *бераҳм - cruel*, *хуш - merry*, *сӯхта - burnt, торик- dark* ва таркибҳои: *дили ошиқ, дили мусофир, дили дӯстон* ва ғ. дарҷ гардидаанд.

Дар як қатор паремияҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ лексикаи ***дил/heart*** ба маънои маҷозӣ барои таҳвили сифати шахс истифода мешавад. Масалан, дар мисолҳои тоҷикӣ: ***дили шикаста*** ба шахси маъюс, қалби ранҷида, гирифтори андуҳ гуфта мешавад; ***дили хуш*** - хушу хурсанд; ***дили сиёҳ*** - дили одами бадкор, бадният; ***дили сӯхта*** - ба касе ё чизе тараҳҳум кардан, шафқат кардан ба касе ва ғ. Дар паремияҳои забони англисӣ низ маънои маҷозии лексикаи соматикии мазкур мунъакис гаштааст: ***happy heart*** - рӯҳияи инсонро нишон медиҳад; ***warm heart, light heart*** - сифатҳои мусбии он, ба монанди меҳрубонӣ, садоқат, аммо ***faint heart*** - сифати беэътимодӣ, сустиродагии шахсро мефаҳмонад; ***heart of wax*** бепарвоии шахсро нисбат ба рӯйдод ва ягон ҳодисаи нохуш нишон медиҳад.

Дар паремияи тоҷикӣ, вақте ки шахс зуҳури ақлро рад менамояд, дил ба худ аломати манфиро касб менамояд: *Дил агар бо забон набошад ёр, ҳар чи гӯяд забон, бувад бекор.* Дар забони англисӣ муодили ин зарбулмасал мавҷуд аст: ***What the heart thinks the tongue speaks.***

Мардуми тоҷик мепиндоранд, ки беҳдошти инсон аз рӯҳи ӯ вобастагӣ дорад ва барои ҳамин таассуроти рӯҳӣ, эҳсосоти манфӣ, ки ба саломатии инсон таъсир мерасонад, дар паремия дарҷ ёфтааст: *Дил зи пур гуфтан бимирад дар бадан, гарчи гуфтан-ш буд дурри Адан; Дил дилро мехӯрад ва дарди дил ҷигарро; Дили тангам балои ҷонам; Дил сӯзад аз чашми кӯр об мерезад.* Бо ҳамин семантика зарбулмасали англисиро баррасӣ менамоем: ***Two things prolong thy life, a quiet heart and a loving wife.*** Дар паремияи тоҷикӣ, инчунин бо лексикаи ***дил*** сияҳдарунии инсонро нишон медиҳанд. Гурӯҳи инсонҳое мавҷуданд, ки гуфтаашон бо амалашон мувофиқат намекунад. Мисол: *Бар забон тасбеҳу дар дил гову хар, инчунин тасбеҳ кай дорад асар.* Дар паремияҳои англисӣ бо лексикаи ***heart*** ҳиссиёти муассири ғаму андуҳ тавассути сифати ***broken*** - шикаста, пора-пора тасвир меёбад. Мисол: ***A broken heart mends quickly when repair; Nobody dies of a broken heart.***

Ҳиссиёти шодмонӣ дар паремияҳои англисӣ тавассути лексикаи ***heart*** таҳвил карда мешавад: ***A light heart lives long; A light heart makes light work; Blithe heart makes a blooming visage.*** Дар паремияи англисӣ муносибат нисбат ба ҳисси амиқ, чун садоқат, ихлос дар тамоми вазъият, махсусан ҳангоми муроҷиат ба Худо ифшо мегардад. Мисол: ***If your heart is in your prayer, God will know.*** Дар паремияи англисӣ тавассути соматикаи ***heart*** чунин хислати инсон, ба монанди далерӣ, ҷасурӣ дарҷ мегардад. Дил масдари қувва ва мардонагӣ ба шумор меравад. Чунин хислатҳо, ба монанди: қатъӣ будан, диловарӣ ва озодӣ барои ***"дили англис"*** хос аст. Мувофиқи ақидаи онҳо шахси ҷасур, нотарс ва далер ҳамеша ба комёбӣ муваффақ мегардад: ***Nothing is impossible to a brave heart; A stout heart crushes ill luck.***

Воқеан ҳам, дар паремияи англисӣ тарси дил маломат ёфта, тамасхур карда мешавад: ***Faint heart sleeps alone; Faint heart never won fair lady.***

Инчунин дил ҷойи умдаи ишқ, дилсӯзӣ, порсоӣ ба шумор меравад. Муҳаббат дар паремияҳои тоҷикӣ бо ҷузъи дил худро ҳамчун меҳри маънавӣ, ҳиссиёти идоранашаванда, амиқ ва қавию муассир нишон медиҳад. Мисол: *Хушрӯӣ калиди дилҳост; Як ёр басанда кун, чун як дил дорӣ; Рӯйи зебо марҳами дилҳои хаста асту калиди дарҳои баста; Даст ба кору дил ба ёр; Дил бешиқ, ишқ бе рашк нест.*Таҳлилҳои зикргардида ба мо мусоидат менамоянд, ки чунин хулосабандӣ намоем. Дар паремияи забонҳои муқоисашаванда бештар узвҳои зоҳирии танаи инсон - ***cap-head***, ***рӯй-face*** (ва қисматҳои таркибии он - ***бинӣ-nose, чашм-eye, даҳон-mouth, гӯш-ear***) - аз як тараф ва аз тарафи дигар, дасту по - ***hand*** and ***foot*** дарҷ ёфтаанд.Зарбулмасал ва мақолҳо ва тарҷумаи онҳоро таҳлил намуда истода, мо ошкор намудем, ки аксарияти зарбулмасал ва мақолҳои омӯхташуда мувофиқатҳои тарҷумавии зеринро доранд:

1. ***Зарбулмасал ва мақолҳои <u>муодил</u>***: *Ранги рухсор хабар медиҳад аз сирри замир* - ***A beautiful/good face is a silent/letter of recommendation;*** *Ба даҳони пӯшида пашша намедарояд* - ***A close mouth catches no flies;*** *Бо шир андарун шуда, бо ҷон бадар равад* - ***What is bred in the bone will not go out of the flesh.***

2. ***Зарбулмасал ва мақолҳои <u>вариантдор</u>:*** *Берун карру фар, дарун хаси тар* - ***A fair face may hide a foul heart;*** *Саги намакшинос беҳтар аз одами намакношинос аст* - ***A good dog deserves a good bone;*** *Тезии дарафш - дар сари дарафш* - ***A green wound is soon healed;*** *Пулдорро кабобу бепулро дуди кабоб* - ***A heavy purse makes (gives to) a light heart;*** *Дар дил мадда, дар лаб ханда* - ***A honey tongue, a heart of gall.***

3. ***Зарбулмасал ва мақолҳои <u>калка</u> (тарҷумаи ҳарф ба ҳарф):*** *Аз дида (чашм) дур, аз дил дур* - ***Far from eye, far from heart;*** *Як сар хуб, аммо дуто хубтар* - ***Two heads are better than one;*** *Гунҷишк дар даст беҳ, ки бозе дар ҳаво* - ***A sparrow in hand is worth a pheasant that flies by.***

4. ***Тарҷумаи тазодӣ***: *Занонро нест чизе беҳтар аз шӯй-* ***A black man is a jewel in a fair woman's eye;*** *Ба ҷангҷоли зану шӯ остонаи хона механдад-* ***A woman's blow never gave a black eye;*** *Ҳаргиз сари девона нагардид сапед -* ***An idle head is a box for the wind.***

5. ***Тарҷумаи тасвирӣ:*** *Ҷарроҳи хуб бояд чашмони тез, дили боқувват ва дастони нозук дошта бошад -* ***A good surgeon must have an eagle's eye, a lion's heart, and a lady's hand.*** Дар мисоли мазкур, чи тавре ки маълум аст, чашми тезро ба чашми уқоб, дили боқувватро ба дили шер ва дастони нозукро ба дастони зан нисбат додаанд.

Пас аз баррасӣ намудани роҳу усулҳои тарҷумаи лексикаҳои соматикӣ дар таркиби паремияҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ ба хулосае оамадан мумкин аст, ки аксарияти паремияҳо тавассути панҷ роҳу усул: зарбулмасалҳои муодил, зарбулмасалҳои вариантдор, калка, тарҷумаи тасвирӣ ва тарҷумаи тазодӣ (антонимӣ) тарҷума мешаванд.

Хусусият ва вазифаҳои мусовии қисматҳои танаи инсон мушобеҳан дар фразеологияи ин ду забони муқоисашаванда мушоҳида мешаванд. Лексикаҳои соматикӣ бо семантикаи худ ба тавсифи симои инсон ва фаъолияти ӯ ирсол карда мешаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова М.Н. Сопоставительный анализ соматической лексики и фразеологии таджикского и английского языков: автореф... дис. канд… фил. наук / М.Н. Азимова. – Душанбе, 1980. - 19 с.
2. Вакк Ф.О. Соматическая фразеология в современном эстонском языке: автореф... дис. канд... фил. наук / Ф.О. Вакк. - Тарту, 1964. - 22 с.
3. Ворошилова С.О. Соматизмы в английской и русской паремиологических картинах мира / С.О. Ворошилова. / Екатеринбург, 2016. - 85 с.
4. Калонтаров Я.И. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва муқоисаи ӯзбекии онҳо / Я.И. Калонтаров. - Душанбе: Дониш, 1969. - 435 с.
5. Кунин А.В. Большой англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. – Москва: Русский язык, 1984. - 944 с.
6. Мугу Р.Ю. Полисемантизм соматической лексики (на материале немецкого и русского языков) / Р.Ю. Мугу. – 2003. - 174 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2015. – Ҷ.I. - 950 с.; - Ҷ.II. - 1095 с.
8. Фозилов М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ / М.Фозилов. – Душанбе: Дониш, 1976. - 374 с.
9. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Иборат аз се ҷилд / М.Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1975. - 367с.; - 1977 – 584 с.; - 2014 - 640 с.
10. Jennifer Speake. The Oxford Dictionary of Proverbs. Fifth Edition / Speake Jennifer. – New York: Oxford, 2008. - 625 p.
11. Noah Webster. An American dictionary / Webster Noah. - New York: published by S. Converse, 1828. - 4939 p.

ТАҲЛИЛИ ВОҲИДҲОИ СОМАТИКӢ ДАР ТАРКИБИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ, АНГЛИСӢ ВА РОҲУ УСУЛҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО

Мақолаи мазкур ба мавзӯи воҳидҳои соматикӣ дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию англисӣ ва якчанд роҳу усулҳои тарҷумаи онҳо бахшида шудааст. Мақола таҳлил ва ҷамъбасти воҳидҳои соматикии забони тоҷикӣ ва англисиро вобаста ба хусусияти вазифаи объект, ки дар кори Р.Ю. Мугу оварда шудааст, дида мебарояд. Мақсад аз иншо намудани мақолаи мазкур дар он аст, ки хусусиятҳои истифода, вазифа ва ифшо намудани роҳу усулҳои тарҷумаи онҳо муайян карда шавад. Муҳимтаринаш он аст, ки таҳлили миқдории воҳидҳои соматикӣ дар таркиби паремияи ин ду забони муқоисашаванда гузаронида шудааст, ки мо бо боварии комил тасдиқ карда метавонем, ки воҳидҳои соматикӣ дар таркиби паремияҳои англисӣ нисбат ба тоҷикӣ 3,4% кам истифода мешаванд. Дар мақола панҷ намуди роҳу усули тарҷумаи зарбулмасал ва мақолҳое, ки дар таркибашон воҳидҳои соматикӣ доранд, оварда шудааст. Таҳлили тарҷумавӣ гузаронида, мо муқаррар намудем, ки зарбулмасал ва мақолҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ тавассути панҷ роҳу усул тарҷума мешаванд: зарбулмасалҳои муодил, вариантдор ва калка, инчунин тавассути тарҷумаи тасвирӣ ва тарҷумаи тазодӣ. Боиси зикр аст, ки роҳу усулҳои тарҷумаи дар боло зикргардида қатъӣ намебошанд, чунки мо танҳо ҷиҳатҳои муҳимми таҳвилро нишон додем. Бояд ҳолатҳои навбатиро қайд намуд, ки ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам англисӣ як қатор зарбулмасалҳое мавҷуданд, ки муодил ва варианти ҳамдигар мебошанд. Дар забонҳои муқоисашаванда дар қисмати воҳидҳои соматикӣ бештар қисматҳои танаи зоҳирии инсон - ***cap-head***, ***рӯй-face*** (ва қисматҳои таркибии он - ***бинӣ-nose, чашм-eye, даҳон-mouth, гӯш-ear***) - аз як тараф, ва аз тарафи дигар, дасту по - ***hand*** and ***foot*** оварда шудаанд. Мушоҳидаҳо оид ба воҳидҳои соматикии таркиби зарбулмасал ва мақолҳо нишон медиҳанд, ки ҳам дар паремияи тоҷикӣ ва ҳам англисӣ лексикаҳои соматикии ***cap-head, даст-hand*** ва ***дил-heart*** серистеъмолтарин ба ҳисоб мераванд.

Калидвожаҳо: зарбулмасалҳо, мақолҳо, воҳидҳои соматикӣ, таснифи воҳидҳои соматикӣ, сар, даст, дил, таҳлили миқдорӣ, роҳу усулҳои тарҷума.

АНАЛИЗ СОМАТИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В СОСТАВЕ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕВОДА

Данная статья посвящена соматическим выражениям в составе паремий в таджикском и английском языках и способам их перевода. Статья представляет собой анализ и обобщение соматических выражений в таджикском и английском языках в зависимости от характера объекта номинации, приведенных в работе Р.Ю. Мугу. Наша основная цель заключается в том, чтобы выявить особенности их использования, их функции и найти способы их перевода. Наиболее важным представляется количественный анализ соматических единиц в составе паремий этих двух сопоставляемых языков, что позволяет нам заключить, что соматические лексемы используются в английских паремиях на 3,4% меньше, чем в таджикских. В статье приводятся пять способов приёма перевода паремий, в составе которых используются соматические единицы. Проведя переводческий анализ, мы выявили, что большинство пословиц и поговорок таджикского и английского языков переводятся пятью способами:

эквивалентные, аналогичные и калькированные пословицы, а также описательным и антонимическим переводом. Важно отметить, что приведенные выше методы перевода не являются окончательными, потому мы только попытались показать наиболее важные моменты трансформации. Необходимо подчеркнуть, что как в таджикском, так и в английском языках существует ряд паремий, которые являются эквивалентными и вариантными друг другу. В большинстве случаев, в сопоставляемых языков активные компоненты соматических единиц представляют собой внешние части тела человека - ***сар-head, рӯй-face*** (и составные его части - ***бинӣ-nose, чашм-eye, даҳон-mouth, гӯш-ear***) - с одной стороны, а с другой стороны приведены, дасту по - ***hand*** and ***foot.*** Наблюдение над соматическими единицами, использующимися в составе пословиц и поговорок, приводит к результату, что как в таджикских, так и в английских паремиях слова ***сар-head, даст-hand*** и ***дил-heart*** являются самыми употребительными соматизмами.

Ключевые слова: пословицы, поговорки, соматические единицы, классификация соматических единиц, голова, рука, сердце, количественный анализ, способы перевода.

THE ANALYSIS OF SOMATIC UNITS IN THE PROVERBS AND SAYINGS OF THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES AND THE METHODS OF THEIR TRANSLATION

This article is devoted to the subject of the somatic units in the Tajik and English proverbs and some methods of their translation. The article presents the analysis and generalization of the somatic units in the Tajik and English languages depending on the character of the object of the nomination in R.U.Mugu's work. Our main goal is to identify the features of their usage, functions and find out the ways of their translation. The most important is the quantitative analysis of the somatic units in the proverbs and sayings of these two compared languages, and we can confirm that somatic words in English are used by 3.4% less than in Tajik. There are five ways of the translation of proverbs in which somatic units are used. Having translation analysis, we identified that the majority of the Tajik and English proverbs and sayings are translated with five methods: equivalent, analogue and calque or loan translation as well as descriptive and antonymic translations. It is important to note that the above mentioned methods of translation are not complete, because we only tried to explain the most important moments of transformation. It is necessary to emphasize that there is a number of proverbs both in the Tajik and in the English languages to be equivalents and variants to each other. In most cases, the active components of somatic units in the comparative languages are outward parts of human body - ***сар-head***, ***рӯй-face*** (and the components of its parts - ***бинӣ-nose, чашм-eye, даҳон-mouth, гӯш-ear***) - on one hand, and on the other hand are given, дасту по - ***hand*** and ***foot.*** Observation of the somatic units used in the Tajik and English proverbs indicates that the most frequently used words both in the Tajik and in the English languages are ***сар-head, даст-hand*** and ***дил-heart***.

Key words: proverbs, sayings, somatic units, classification of somatic units, head, hand, heart, quantitative analysis, methods of translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каҳҳоров Шодимурод Рустамович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, аспиранти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбекова, 1. E-mail: **ssodimurodova@gmail.com.** Тел.: **(+992) 92-909-44-00**

Сведения об авторе: ***Каххоров Шодимурод Рустамович*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, аспирант кафедры фонетики и лексикологии английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **ssodimurodova@gmail.com.** Тел.: **(+992) 92-909-44-00**

Information about the author: ***Qahhorov Shodimurod Rustamovich*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, a post-graduate student of Phonetics and Lexicology Department английского языка. **Address:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **ssodimurodova@gmail.com.** Tel.: **(+992) 92-909-44-00**

УДК:4.001.01

МАФОҲИМИ ХОНАҚОҲ, ЗОВИЯ ВА РАБОТИ НАЗДИ МУТАСАВВИФИН

Сироҷиддин Зиёӣ
Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Баррасии маъноӣ. Вожаи хонақоҳ дар «Фарҳанги адабиёти форсӣ»-и Заҳро Хонларӣ чунин маънӣ шудааст: «Ҷойгоҳе, ки соликонро барои расидан ба мақоми воқеии тасаввуф ва ирфон иршод мекунад ва мутасаввифа дар он ҷо ба риёзат ва ибодат мепардозанд» [2, с.191]. Ҳамакнун «Фарҳанги Амид» чунин тавзеҳ кардааст: «Хонақоҳ муарраби хонагоҳ, маҳалли иҷтимоии дарвешон, ҷое, ки машоих ва дарвешон ба сар бибаранд ва ибодат кунанд, хонақа низ мегӯянд. Ва низ дар робита ба хонагоҳ мегӯяд: мураккаб аз хона ва гоҳ, хона, саро, ҷое, ки машоих ва дарвешон ба сар баранд. Хонагоҳ низ гуфта шудааст» [5, с.418]. Ҳамчунон дар мавриди калимаи работ гуфтааст: «Ришта ва он чӣ ки бо он чизеро ба чизи дигар бибанданд ва пайванд бидиҳанд, ришташо ва пайҳое, ки устухонҳои баданро ба ҳам пайванд медиҳад. Ва низ ба маънии меҳмонсаро, корвонсаро, корвонсаройи миёни роҳ ва хонақоҳ, ҷойҳое, ки барои фуқаро ва бенавоён сохта шавад» [5, с.520]. Дар мавриди вожаи зовия нигоштааст: "Кунҷ, гӯша, карона, маҷозан ба маънии маҳалли хилват ва хонақоҳ, ибодатгоҳи зоҳидон ва сӯфиён" [5, с.549].

Ба ҳамин минвол дар "Фарҳанги Муин" омадааст: "Хонақоҳ, хонагоҳ, хонақа, хонага, хонасаро, маҳалле, ки дарвешон ва муршидон дар он сукунат кунанд ва русуму

одоби тасаввуфро иҷро намоянд” [8, с.1393]. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонии Саҷҷодӣ монанди Заҳро ва Амид навиштааст: “Хонақоҳ маҳалле, ки дарвешон дар он гирд оянд ва зикри Худой гӯянд” [3, с.339]. Ҳамчунин дар мавриди вожаи работ навиштааст: “Номи умумии қароргоҳҳои низомӣ дар марзҳои қаламрави ислом, барои дафъи ҳамалоти куффор, ё пешравӣ ба хоки онон, работ ба тадриҷ дар мамолики исломӣ ба зовия ва хонақоҳ итлоқ шуда, ба сурати маркази таҷаммӯи сӯфиён даромад. Ин вожа дар одоби ирфонӣ киноя аз дунёст, ки чун работи ду дар, халқ аз даре ба дарун оянд ва аз дари дигар берун раванд” [3, с.408].

Пайдоиши хонақоҳ. Дар мавриди пайдоиши хонақоҳ назариёти мухталиф ироа шудааст. Аз ҷумла бархе аз пешвоёни сӯфия гуфтаанд: «Хонақоҳ аз нигоҳи баъзе аз шабоҳатҳо бо суфае дорад, ки дар замони паёмбари бузургвори ислом ва ҳангоми ҳиҷраташон аз Маккаи мукаррама ба Мадинаи мунаввара асоси он гузошта шудааст, ки болои он ёрон, асҳоби паёмбар ва муҳоҷироне, ки хона ва кошонае дар он шаҳр надоштанд зист мекарданд, ба ибодат ва азкор мепардохтанд. Лизо асоси хонақоҳро аз ҳамон сада бояд донист. Бад ин манзур, ки дар хонақоҳҳо низ сӯфиён ва дарвешон гирди ҳам омада, ба зикру ибодат мепардозанд. Иддае биноан ва асосан хонақоҳро аз ҳудуди қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ дар билоди исломӣ гуфтаанд. Магар, аз баъзе ривоёт чунин бармеояд, ки сӯфия муддатҳо пеш аз ин таърих (дар Фаластин) хонақоҳ доштаанд. Фирқаи каромия дар гузашта, ки бештар дар Хуросон дида шуда, дар Байнаннаҳрайн, Табаристон ва дар ғарби Байтулмуқаддас, низ зист доштаанд, ҳама дорои хонақоҳҳо будаанд.

Дар садаи панҷуми ҳиҷрии қамарӣ ва пас аз он тавонгарон ва ашхоси хайрандеш ба бинои хонақоҳҳо таваҷҷуҳ ва эҳтимоми зиёд ба харҷ додаанд. Хонақоҳ дар ин сада, минҳайси як ниҳоди ақидатӣ буд, вале баъдҳо ба хотири қудратталабӣ ва оғози сиёсӣ низ аз он маконҳо истифода ба амал омад. Ҳамчунон сӯфиёни бузург ва мутанаффуз барои ин ниҳодҳо ва зистан дар он қавоиде вазъ карданд, аз ҷумла шайх Абӯсаид даҳ қоидаро барои хонақоҳҳо гузошта буд, ки бархе онҳо кунун ҳам ва беш иҷро мегардад. Дар нимаи дувуми садаи панҷуми ҳиҷрии қамарӣ аксари соликони хонақоҳҳо бо салотину шоҳон чун: ғазнавиҳо, салҷуқиҳо ва дастгоҳи хилофати Аббосиҳо ҳампаймон шуданд, то аз як тараф мабонии сӯфиёнаи хонақоҳиро ривоҷ диҳанд ва аз тарафе ҳам боиси тавсеаи ин ҳукуматҳо шуд. Дар садаҳои пасин таъсиси хонақоҳҳо аз марзҳои исломӣ гузашт, ҳатто ба Ҳинд низ расид. Аз ин рӯ, ду тариқаи сӯфиёна, яъне чиштия ва сӯҳравардия дар хоки Ҳинд тавассути муҳоҷирон шакл гирифт. Онҳо хонақоҳҳои бузурге дар Ҳинд сохтанд. Ин хонақоҳҳо дар он сарзамин нисбат ба соири ҷойҳо ба шукуфоии бештаре расид, ки то кунун ҳам идома дорад» [1, с.222-223].

Сохтмони хонақоҳ. Бештари хонақоҳҳои аввалия сода буда, монанди хона ё масҷид сохта мешуда. Ҳарчанд хонақоҳҳои Осиёи Марказӣ ва Ҳинд дорои бинои хишти пухта бо тазйини гачбарӣ ва кошикорӣ, ки аксар бо манораҳо сохта мешуданд. Аммо дар минтақаи Анталия (Онотулӣ) дар қарни ҳафтуми қамарӣ хонақоҳҳо густариши бештар ёфтанд. Ва маъмулан илова бар саҳн ва ҳуҷраҳо, дорои маҳалли бузурги иҷтимоии гунбаддор барои пазироии мусофирон ва соликон, ошпазхона ва гоҳе ҳам китобхона буданд. Албатта, ин гуна сохтор дар хонақоҳҳои Осиёи марказӣ ва Чин низ вуҷуд доштааст [9, с.87].

Одоби хонақоҳ. Яке аз одоби хонақоҳ он буда, к иду гурӯҳ, яке муқимон ва дигаре мусофирон, дар он будубош метавонистанд. Ҳамчунон сӯфиён агар дар хонақоҳе қасди иқомат медоштанд, кӯшиш менамуданд, то пеш аз аср ба он ҷо бирасанд, агар аср фаро мерасид, онон наметавонистанд ба манзили мақсуд бирасанд. Он гоҳ шабро ба масҷид ва ё ҷойи дигаре сипарӣ мекарданд. Фардои он рӯз бояд пеш аз намози аср худро ба он ҷо мерасониданд. Дар нахуст барои таҳнияти хонақоҳ монанди масҷид ду ракъат намоз мегузориданд, пас аз итмоми намоз бо аҳли хонақоҳ мусофаҳа мекарданд. Мусофир агар бештар аз се рӯз он ҷо қасди иқомат менамуд, он гоҳ аз тарафи шайх ё муршид барояш вазифае муқаррар мегардид ва пас аз се рӯз ба иҷозаи аҳли хонақоҳ метавонист аз он ҷо берун равад [6, с.159].

Ин нукта низ қобили ёдкард аст, ки ҳар як аз хонақоҳҳо шайхе дошта, ки бар аҳволи зоҳиру ботини дарвешони он ҷо назорат мекарда. Гузашта аз сӯфиёне, ки ба таври доим дар он сокин буданд, теъдоди мусофирон, мутаносиб бо вусъати хонақоҳ ва оидоти авқофи он буда, чаро ки аксари дарвешон ва сӯфиёни мусофир барои муддати маҳдуд ва гоҳ ҳам барои зиёрати шайхи хонақоҳ вориди он ҷо мешудаанд. Албатта, барои ҳар як аз муқим ва мусофир одоби вижае ҷиҳати ҳузур дар хонақоҳ вуҷуд дошта, ки риояти он аз тарафи аҳли хонақоҳ зарурӣ пиндошта мешудааст [1, с.223].

Дар асари талозуми шариат ва тариқат таълифи Муҳаммади Закариё оварда шудааст: «Касоне, ки аз ҳама аввалтар хонақоҳ сохтанд, муридони Абдулвоҳид бинни Зайд буданд ва Абдулвоҳид бинни Зайд аз хулафои Ҳасани Басрӣ буд» [7, с.37].

Зовия. Баъдҳо хонақоҳнишинӣ ба шимол ва мағриби Африқо низ сироят кард, вале дар он навоҳӣ хонақоҳро зовия меномиданд. Албатта, зовия низ ба маънои гӯша, маҳалли хилват ва ибодат дар мутуни назм ва насри адабиёти мо зиёд ба кор рафтааст. Аммо дар

Африқо ба маънои хоссе ба кор мерафтааст. Дар он навоҳӣ мурод аз зовия иборат аз бақияи як тан аз машоих ва авлиё буда, ки шомили меҳроб ва маҳалле барои тиловати Қуръон ва эътикоф зи Эрон ва ҳамонгуна боғчае буда барои тадфини муридони шайх. Машоихи зовия ва муридони онҳо дар билоди шимолт Африқо нуфуз ва қудрати фавқулода доштаанд [1, с.225].

Работ. Работ низ бо хонақоҳ пайвандӣ доштааст. Дар таърихи ислом работ номи умумии қароргоҳҳои марзӣ ё сарҳадоти исломӣ буда, гурӯҳе дар онҳо муаззаф будаанд, ки агар аз сӯйи душманон ва мушрикон тааррузе сурат гирад, онро дафъ кунанд. Аҳли работ, ки дарвоқеъ, сарҳаднишин будаанд, онон мусулмонони довталабе будаанд, ки худро вақфи (وقف) ҳифзи дифоъ аз ислом карда буданд. Работ аз назари шакл иборат будааст аз як қалъаи мухтасар ва кӯчак бо як бурҷи нигаҳбонӣ. Дар мароҷеъи исломӣ ба ин гуна работҳо бисёр ишора шудааст. Баъдҳо бо султаи ҳукуматҳои исломӣ камтар зарурати ҳамла ва ё дифоъ дида мешуда, биноан работнишинӣ ҳам аз ҷиҳати омодагӣ барои ҷиҳод ва ҳам бинобар душвориҳо ва маҳрум будани сокинони он нуқоти дурафтода, назди мусалмонон унвони ибодатгоҳ пайдо кард ва бо мурури замон ин калима мутародифи хонақоҳ ва зовия гардид. Ба вижа дар мамолики исломӣ работҳо ҳамчун хонақоҳ ба сурати маркази таҷаммуъи сӯфиён ва дарвешон даромад.

Ба нақл аз таърихи адабиёт дар Эрон, асари Забеҳулло Сафо: «Сӯфия дар қарни чаҳорум ва оғози қарни панҷум бар асари зуҳд, некурафторӣ ва низоми хонақоҳҳо мавриди таваҷҷуҳи бисёр қарор гирифта буданд. Чунонки дар шаҳрҳои Хуросон, Эрон ва Форс дастаҳои бузурге аз онон дар хонақоҳҳо ба сар мебурданд ва миёни оммаи мардум нуфуз доштанд» [4, с.206].

Натиҷагирӣ. Аз хулосаи ин пажӯҳиши кӯтоҳ натиҷа чунин мешавад, ки хонақоҳ, работ ва зовия, ҳар се вожа дар мурури айём ба як мафҳум ба кор бурда шуда ва мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар нахуст, ҳадаф аз сохтмони ин гуна биноҳо (хонақоҳҳо) то ҳадде назар бар ин буда, мусофирон ва сӯфиёне, кис афар дар шаҳрҳо ва манотиқи мухталифи ҷаҳон анҷом медоданд, бояд дар тӯли замони гардишгарӣ ва сафарашон паноҳгоҳ ва таъоме барояшон муҳайё буда бошад. Заро дар он рӯзгор ба даст овардани ғизо дар маҳал ва макон имконпазир набуд. Ногуфта намонад, ки ин гуна гардишгарӣ ва сафар ҷузви муътақидоти сӯфия буд. Эҷоб мекард, онҳо аз шаҳрҳо ва манотиқи мухталиф ба ҳам бипайванданд, то дар ин маҳалҳо табодули афкор, алоқа вар обита байни онҳо саҳл ва осон баркарор шуда битавонад. Аз ин рӯ, ашхосе, ки ин гуна биноҳоро бино мекарданд, мардумони хайрандеш буданд, дар зимн эътиқоде ба машоих ва сӯфия доштанд. Бар илова, масорифи хонақоҳҳо аз авоиди муқуфоти бузургон ва некукорон таҳия ва тадорук дида мешуд. Ва аммо ба мурури замон ин маҳал ва манотиқ низ аз газанди сиёсатҷӯён ба дур намонад, зеро дар нахуст хонақоҳҳо маҳалли сукунати дарвешон ва масокин буд, вале ин маконҳо ҳам дар давраи Ғазнавиён, салҷуқиён ва баъзе аз қудратҳои дигар барои таблиғи ҳокимияти қудратҳои сиёсӣ ба кор гирифта шуд. Инҳирофоте низ дар он ҷойҳо рахна кард. Чунонки маъруф аст, бадилу тақаллуби ҳар чизи боарзиш дар бозор ёфт мешавад, ҳамонгуна сӯфиёни бадил ва мунҳариф маконҳо ва ҷойҳои покизаро чун зари нохолис олуда сохта, арзишмандӣ ва сафои онҳоро аз байн бурданд. Лизо мардум нисбат ба он маҳаллу маконҳо ва аҳли он ҷо шубҳа пайдо намуданд, ки ин амр сабаби аз равнақ афтодани хонақоҳҳо гардид. Бо ин ҳама, мавҷудияти хонақоҳҳо дар атрофу акнофи шаҳрҳо дида мешавад, аммо на бо он мушаххасот ва вижагиҳои гузаштаашон.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳалабӣ, Алӣ Асғар. Мабонии ирфон ва аҳволи орифон. – Теҳрон: Асотир, 1385.
2. Хонларӣ, Заҳро. Фарҳанги адабиёти форсӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1366. – Чопи савум.
3. Саҷодӣ, Саидҷаъфар. Фараҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ. – теҳрон, 1383.
4. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Теҳрон: фирдавс, 1385. – Чопи ҳафтдаҳум.
5. Амид, Ҳасан. Фарҳанги Амид. Се ҷилд. – Теҳрон: Фирдавс, 1389.
6. قوىم، عبدالقوىم. **سرى دراديبات عرفانى**. كابل: سعىى, 1391.
7. . كاندهلوى، محمدزكرىا**تلازم شريعت وطريقت**،ترجمۀ احمد فهىم. كابل: سعدى كتابخانه, 1386.
8. معىن، محمد. **فرهنگ فارسى متوسط، سه جلدى**. تهران: امىركبىى, 1363.
9. نوربخش، جواد. **فرهنگ نوربخش**. ج 8، تهران: خانقاه نعمت الله ى, 1377.

МАФОҲИМИ ХОНАҚОҲ, ЗОВИЯ ВА РАБОТ НАЗДИ МУТАСАВВИФИН

Дар мақола муаллиф мафҳуми калимаҳои хонақоҳ, работ ва зовияро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаст. Дар масири роҳҳо ба фосилаҳои муайяну мушаххас корвонсароҳо ва маконҳои будубош тавассути ашхоси хайрхоҳ ва иродатманд, дарвешон фароҳам мегардид, то дарвешон ва соликон, ки масирҳои тӯлониро тай менамуданд ва ба манзили мақсуд намерасиданд, пас эҷоб мекарданд, шабонгоҳро дар он маҳаллҳо бигузаронанд, то нону обе барои хеш дастёб намоянд. Бад ин манзур маконҳое ба ном хонақоҳ, работ ва зовия дар билоди мухталиф эҷод гардида буд. Албатта, ин гуна хонақоҳҳо ва маҳаллҳо бештар мухтас ба соликон ва дарвешон гуфта шудааст. Ба гувоҳи таърих, пештар ин хонақоҳҳо дар Осиёи Марказӣ ва бахусус дар мамолики исломӣ ҳастӣ доштааст, ки то кунун ҳам дар кишварҳое чун: Афғонистон, Эрон,

Мовароуннаҳр, Туркия, Ҳиндустон ва соири мамолик ба назар мерасад. Аммо бо таассуф бояд гуфт баъзеи ин маконҳо дар асари ҳаводиси рӯзгор аз байн рафта ва теъдоде ҳам бо меъмориҳои бостонӣ ва муосираш побарҷо боқӣ мондааст. Ҳадаф аз таҳқиқи ин мақола шиносоӣ ва муаррифии хонақоҳ, работ ва зовия мебошад. Биноан, дар ин мақола рӯйи мафоҳими хонақоҳ, работ ва зовия ва иртибот миёни онҳо ба баҳс ва баррасии бештаре пардохта мешавад, лазо алоқамандон дар робита ба мавзӯи нигошташуда, огоҳии муносиб ба даст хоҳанд овард.

Калидвожаҳо: хонақоҳ, работ, зовия, мафоҳим, мутасаввифин.

.

ПОНЯТИЕ СЛОВ ОБИТЕЛЬ, КЕЛЬЕ И КАРАВАНСАРАЙ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МИСТИЦИЗМА

В данной статье автором подвергаются рассмотрению и изучению понятие слов обитель, келье и каравансарай с точки зрения представителей мистицизма. Неразрывно связанное с нашими представлениями и литературой о Востоке, слова караван-сарай, келье, обитель » являются одной из наиболее сложных архитектурных и географических реальностей. Принимая во внимание разнообразность функционального назначения и их многочисленные лексикографические варианты, их заимствование и использование различными цивилизациями, представляется абсолютно необходимым проведение исследования относительно данных слов, их вариантов в различных культурах. В наше время караван-сараи, как и в прошлом, могли бы вновь играть важную роль в развитии торговли как структуры общения людей и средства передачи знаний, так как такие места являются местом обмена интеллектуальными и материальными ценностями и символами и свидетельствами истории и культурного разнообразия. Архитектура таких построений свидетельствует о сферах влияния цивилизаций, при которых они были созданы и распространились на огромные территории. Необходимость создания таких сооружений вдоль древних путей обменов между Востоком и Западом объясняет их большое количество и качество архитектурных решений. Именно, поэтому, они составляют сегодня весьма важную часть наследия, общего для большинства стран, через которые проходили торговые пути, разделяющие пейзаж на расстоянии однодневного перехода каравана. Их внутренняя структура наглядно отражает традиционную социально-экономическую систему исторических центров поселений, развитию которых способствовала караванная торговля.

Ключевые слова: каравансарай - постоялый двор, келье, обитель, понятие, мистики.

THE CONCEPT OF THE WORDS RESIDENT, CELLI AND CARAVANSARAY FROM THE POINT OF VIEW OF MYSTICISM

In this article, the author examines and studies the concept of the words cloister, cell and caravanserai from the point of view of representatives of mysticism. Inseparably linked with our ideas and literature about the East, the words caravanserai, cell, cloister "are one of the most complex architectural and geographical realities. Taking into account the diversity of the functional purpose and their numerous lexicographic variants, their borrowing and use by different civilizations, it seems absolutely necessary to conduct research on these words, their variants in different cultures. In our time, caravanserais, as in the past, could again play an important role in the development of trade as a structure of communication between people and a means of transferring knowledge, since such places are a place for the exchange of intellectual and material values and symbols and evidence of history and cultural diversity. The architecture of such structures testifies to the spheres of influence of civilizations, in which they were created and spread over vast territories. The need to create such structures along the ancient routes of exchange between East and West explains their large number and quality of architectural solutions. That is why, today, they constitute a very important part of the heritage common to most countries, through which trade routes passed, dividing the landscape at a distance of one day's caravan crossing. Their internal structure clearly reflects the traditional socio-economic system of historical settlement centers, the development of which was facilitated by the caravan trade.

Key words: caravanserai - inn, cell, abode, concept, mystics..

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сироҷиддин Зиёӣ*** – Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, омӯзгор. **Суроға:** Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ноҳияи савуми шаҳри Мазори Шарифи вилояти Балхи Афғонистон. E-mail: **serajeddinziaee@gmail.com.** Tel.: **+93 (0) 707 501 891**

Сведения об авторе: ***Сироджиддин Зиёи*** **–** Университет Балх Исламской Республики Афгинистан, преподаватель. **Адрес:** Исламская Республика Афганистан, третий район города Мазар Шариф провинции Балх. E-mail: **serajeddinziaee@gmail.com.** Tel.: **+93 (0) 707 501 891**

Information about the author: ***Sirojiddin Ziyoi*** **-** Balkh University of the Islamic Republic of Afghanistan, lecturer. Address: Islamic Republic of Afghanistan, third district of Mazar Sharif city, Balkh province. E-mail: **serajeddinziaee@gmail.com.** Tel .: **+93 (0) 707 501 891**

УДК:413.11

ТАҲЛИЛИ ПАЙДОИШИ МИКРОТОПОНИМҲО АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ АҚИДАҲОИ АСОТИРӢ

Сафарқулова Ш.
Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров

Дар вақти тадқиқот маълум гардид, ки микротопонимҳо ноҳияи дурдасти Ғунд якхела набуда, гурӯҳи калони онҳо ба номи мифологӣ, яъне асотирӣ дучор мешаванд. Бисёр нақлу ривоятҳо ба шарҳу тафсири ҳодисаҳои таърихӣ, дину оин, касбу машғулият ва дигар паҳлуҳои ҳаёт гирд омадаанд.Таҳлили асотирӣ асосан дар ҳудуди ВМКБ аз ҷониби Н.Шакармамадов (2005), Насрадиншоев А.(2005), Булбулшоев У. (2010),

Шохуморов А. (1997), Офаридаев Н.(1991), Додихудоев Р.Х. (1975) ва дигарон ба анҷом расонида шудааст.Оиди ин масъала олимон фикрҳои зиёдро баён намудаанд.

Аз ҷумла: «Асотиру ривоят ва нақл ба назарам, ба мисли чанде аз жанрҳои эҷодиёти бадеии лафзӣ, бавижа, зарбулмасалу мақол ва рубоию дубайтӣ бо баъзе хусусиятҳои бадеӣ ва усулу тарзи инъикоси ҳодисаҳои зиндагӣ, аз як тараф, ба ҳам алоқаи зич дошта бошанд, аз ҷониби дигар, байни онҳо тафовути назаррас низ вуҷуд доранд» [5, с.6-7]. Дар ин бора ақидаи дигаре низ вуҷуд дорад «Бисёре аз топонимҳо, ки то замони мо расидаанд, ба шарофати асотирҳои шифоҳӣ боқӣ мондаанд. Афсонаҳо хабарҳо аз насл ба насл гузашта, мумкин маънии аввалияи худро аз даст додаанд, лекин ин номҳои ҷуғрофӣ то замони мо ҳифз шудаанд» [1, с.35].

Оиди ин масъала дар ноҳияи дурдасти Мурғоб низ маводи лозимӣ гирд оварда шудааст.“Аз ҷумла таърихи Суман ва Ориф” [2, с.105]. Мардуми мо бештар ба таҳлили асотирӣ такя карда, микротопонимия ва топонимҳои хар як деҳаро аз рӯйи он маънидод мекунанд. Аз қадимулайём калонсолон тавонистанд ривоятҳои халқиро ҳамчун мерос аз насл ба насл боқӣ гузоранд ва то ҳол баъзе аз одамон ба ин гуна маълумотҳо боварии комил доранд. Ин намуди маълумот то ҳол моҳияти худро аз даст надодааст.

Дар ин мақола микротопонимҳои Водии Ғунд аз ҷиҳати сохт, таърих ва ривоят мавриди таҳлили қарор дода, шудааст. Аз ҷумла, Шаҳмори Сафед - ин микоротопоним аз ҷиҳати сохт таркибӣ буда, аз “*Šah*”-шоҳ “*mor”*-мор “I”-бандаки изофӣ, *“safed*”-ранги сафед иборат аст.“Ҳоҷиён барои бурдани моли Мавло озими пирхона (дар Ҳиндустон) мешаванд. Аз Шуҷанд ҳам як нафар ҳамрои онҳо фиристода, гуфтанд, ки рафта арзи онҳоро пеши парвардигор (аз набудани об) гӯяд. Баъд онҳо ба пирхона рафта мерасанд. Дар он ҷо ҳукм шуд, ки бо худ Шаҳмори Сафед гирифта баранд. Баъд онро дар кӯлвор андохта овардаанд. Омада-омада дар ҳамин Бомак расидаанд.

Чун ҳочиёни дигар рафтанд, он мард фикр кардааст: “Бинам-чӣ, шояд ин мурда бошад, онро куҷо барам?” баробари кушодани даҳани кӯлвор ин (Шаҳмори Сафед) парида, дохили ковокии шаҳи Бомак гардид, ки аз он ҷо чашма баромад. Он мард кӯлворашро бо саргини вай гирифта назди бедзор омада, фикр кард, ки “Шаҳмори сафедро аз даст додаму саргинаш барои ман чӣ лозим аст?”. Баъд саргинашро гирифта, дар назди бедҳо холӣ кард, ки дар ин ҷо ҳам чашма баромад” [5, с.218]. Ин чашма, ҳақиқатан, дар деҳаи Бидурд ҷойгир аст, ки оби тоза ва мусаффо дорад. Агар аз дур назари кас ба он меафтад, он, дар ҳақиқат, чун мори сафед ба назар метобад, ки бо садои форам ва дилнишине аз болои кӯҳ ба соҳили дарё равона аст. Дар ин деҳаи хурдак оби дигаре низ ба номи “Оби хобовар”мавҷуд аст, ки он ҳам таърихи худро дорад.

Оби хобовар - аз ҷиҳати сохт таркибӣ буда, аз *“ob”* - об, “i”, - бандаки изофӣ, “*xob”*-хоб, “*ovar*” - овардан таркиб ёфтааст”**.**

Дар деҳаи Бидурд як дараи танг аст. Он ҷо сафед сел ном ҷой аст. Рӯзе як шикорчӣ бо саги худ ба шикор меравад. Ба ҳамин сафед сел мерасад, мебинад, ки аз таги санги калон оби зулол ҷорӣ аст. Шикорчӣ дар чашма дасту рӯй шуста, каме аз оби он ҷо менӯшад. Ҳамин замон ӯро хоб мебарад. Аз хоб хеста, боз каме аз он об менӯшад. Ӯро боз хоб мебарад. Се рӯз гаҳ дар хобу гаҳ бедор буда, сагаш ӯро посбонӣ мекард.

Як ҳафта расо шикорчӣ дар ҳамин ҷо мемонад. Баъд барои ковтукови шикорчӣ аз қишлоқ одамон меоянд. Аз байни онҳо ҳам як кас омада, назди чашма нишаста, аз он об менӯшад ва ӯро низ ҳамон замон хоб мебарад. Баъд мефаҳманд, ки ҳамин об хобовар будааст. Пас, ҳар дуро хоболуд ба қишлоқ мебаранд [5, с.214]. Дар ҳақиқат, ин хели об вуҷуд надорад, ки аз нӯшидани он шахсро хоб мебарад. Аммо чунин чашмаи хурде вуҷуд дорад. Ин қиссаро мумкин аз рӯйи номашон маънидод кардаанд, вале ин танҳо як афсона аст, ки аз ҳақиқат дур аст. Доир ба этимологияи топоними Boɤev - олимон ва сокинон нуқтаи назари якхела надоранд. “Топонимикаи *Boɤev* аз рӯйи таҳлили асотирӣ чунин маънидод шудааст. Калимаи *Boɤev* аз калимаи тоҷикии боғ набуда, аз калимаи русии “*baga*” -худо ва “*ev*” -шакли -ҳо мебошад. Ё ба таври дигар агар гӯем, он парастиши худоён аст” [6, с.14-18]. Вале аз гуфтаи калонсолон деҳаи Боғев замони пеш як боғи калон будааст. “Þoɤ” -боғ ва *“ev*” -шакли ҷамъ – яъне боғҳо. Ва барои ҳамин чунин топонимияро доро шудааст. Дар асл номвожаи Boɤev - калимаи сода буда аз “*Boɤ*” -боғ ва “*ev*” -суффикс (Боғҳо) иборат аст. Ин деҳаи калон дар худ бисёр ҷойҳои ҳайратангезе дорад, ки ҳар яки онҳо дорои таърих ва ривоятҳои хос мебошанд.

Аз ҷумла: Parzād- Piro soland ik di zulik joyand ye kūdak ba dunyo yaϑč. ўu disga xušruy kūdak vuδj har čay cawinč lůvji id paribuc. Dijaten ik joy nom Parizod δoδj. Parzād - калимаи мураккаб буда, аз ду калима “Pari”-парӣ ва “zād”-зоидан иборат аст.

Parzād – ривояте аст, ки дар ин мавзеи хурдакак навзоде ба дунё омадааст. Ин тифли навзод чунон зебо буд, ки ҳама ӯро паризод мегуфтанд. Барои ҳамин ин мавзеъ соҳиби чунин ном шудааст.

Як кӯҳе дорад ки номаш *“Kûi Nido” мебошад*, ки он ҳам калимаи мураккаб буда, аз ду калима Kûi- кӯҳ, ва Nido- ҳимоятгар иборат аст. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи “нидо” чунин маънидод шудааст. “нидо-бонг, фарёд, хитоб, овоз” омадааст [4, с.852].

Ривояте мавҷуд аст, ки як марде ҳар рӯз болои кӯҳ баромада, бонг мезад ва мардумро дар майдон ҷамъ мекард ва онҳоро сари вақт ба намоз даъват мекард.

Tar qiśloqi Boɤev ye žīr az δarand ar čay tar wam ca čost wird disga divest ide yamti go ɤinik nisc. Qaribdi yaden ā ɤinik best.

Микротопонимияи *Баржир* - калимаи мураккаб буда, аз *“Bar”* - *menna, “žir”* - санг иборат аст.

Баржир – номи санг. Аз гуфтаи сокинони деҳа ин санг дар худ рози нуҳуфтае дорад. Аз дур агар нигоҳ кунанд, ба чашм чунин мерасад, ки гӯё болои ин санг зане бошад. Агар наздик биёянд, он зан нопадид мешавад. Ин санг аз ҷиҳати шакл аз дигар сангҳо фарқ мекунад. Ӯ як санги ҳамвор аст ва болояш санги дигар шабеи зан аст. Дар забонҳои помирӣ дар бисёр мавридҳо калимаи “*Δůʒiʒ*” - ро ба маънои дӯшидан истифода мекунанд. Дар забони вахонӣ “*Δůʒiʒ*” ро “Δic” мегӯянд. “Δic *deɤn, Δict - дӯшидан перф. δeẋt, плюскв. δeẋtu, δeẋtk. Мо ин топонимро муқоиса мекунем:”шуғн δuʒ-dauča,руш., хуф δuz-,cap-δewʒ-, δawʒ, мдж., йид. Iuž-Iuɤd-dauč,duxta,осет-дусуп, dugd (др.up.dauk-, dauč-ИЭСОЯ) пар. Δuč-dauč - дӯшидан, ки аз шакли он пайдо шудааст, ишк.δeś-, сангл.δeś-, перс-duś, duxta, duśid, тач.d дӯшидан-доитъ* [7, с.163].

Δůʒiʒ-puẋta nům qiśloqi Manemand. Qadim davrayanden disga naqli čud guyo ik pi di puẋtānd parienen niscin vic.Yamard naxčir mis dis lap vuδj.Ar xab parienen ik dam daẋtand wef naxčiren δûўj.

Δůʒiʒ -Ин мавзеъ дар деҳаи Манем дар баландӣ ҷойгир аст. Ин як ҷойи хеле ҳамвор аст. Қиссае аст, ки дар ин дашт гӯё париҳо зиндагӣ мекарданд. Дар болои кӯҳи назди *δůʒiʒ* оҳувони зиёде мечариданд. Вақте ки бегоҳ мешуд онҳо ба ин дашт меомаданд ва париҳо онҳоро медӯшиданд. Аз ин сабаб, ин дашт ба худ номи *δůʒiʒ* гирифтааст. *Δůʒiʒ*-дӯшидан.

Калимаи “*Pitfůnj”* калимаи мураккаб буда, аз “*Pit*”ва “*fůnj*” иборат аст. Эътимолан пайдоши *Pitfůnj* аз феъли забони шуғнонии “Pitůf” буда, маънояш ҷамъ шудан ё болои ҳам гузошта шудан мебошад. Оиди номвожаи “Питфонч” чунин ривоят вуҷуд дорад.

“Дар Питфонч ном ҷойи хушманзара остоне воқеъ аст. Он ба мисли пистони авратина аст: аз як тарафаш равған ва аз тарафи дигар шир мешоридааст. Дар даврааи қадим гӯё дар тагаш косаҳои сангин вуҷуд доштаанд. Як ятими бечора чӯпон будааст. Ӯ хизматгори бой будааст. Рӯзе барои чаро аз паси мол рафтааст. Дар дасташ як пораи нони арзанӣ доштааст. Ба он ҷо рафта чашмаро мебинад ва нонро бо ширу равған мехӯрад. Ба ҳамин минвол ҳар рӯз аз он ширу равған тановул мекунад. Дар давоми чанд рӯз чунон боқувват ва фарбеҳ шудааст, ки бой дар тааҷҷуб мондааст. Баъд ҷанҷол бардоштааст, ки “ту он ҷо чӣ мехӯрӣ, ки ин қадар фарбеҳ шудӣ” гуфтааст. “ман фақат нони арзанӣ мехӯрам”. Бой дар ғазаб шудааст. Ва ӯро лагадкӯб мекунад, ки асли гапро фаҳмад. Аз тарс ба ӯ гуфтааст, ки дар он ҷо як остон аст, ки аз як пистонаш шир ва аз пистони дигар равған мешорад. Пагоҳи рӯзи дигар бой бо чӯпон кӯзаҳоро гирифта, назди остон меравад. Он ҷоро бо муъҷизааш дида, афсӯс мехӯрад, ки кӯзаи кам овардааст. Ӯ кӯзаҳои сангинро низ бардошта, ба хонааш бурданӣ шудааст. Кӯзаҳояшро таги шир ва равған гузошта будааст, ки онҳо хушк гаштаанд. Ҳозир ҳам дар ҳамон остон осори равған боқӣ аст. Он сағира боз ба нони арзанӣ зор мондааст” [5, с.288].

Микротопонимияи Хӯninbar - низ калимаи мураккаб буда, аз – *Xunin* - хун ва *bar* – теппа иборат аст. Ин мавзеъ дар деҳаи Сижд ҷойгир аст ва чунин ривоят дорад:

Хӯninbar-ye biland joy Sižd and. Ye ruz ginik yamva naɤjistat čarxa wam δid. Wam xun guyo fukaϑ joy tixirm sud. Yamard fukaδ xunin sud. Dijaten ik di joy nom xuninbar δoδj.

Рӯзе зане аз ин ҷо мегузарад. Ногаҳон аз болои кӯҳ сангпорае ғелида он занро мезанад. Гӯё хуни зан пош мехӯрад ва тамоми гирду атрофро хунолуд мекунад ва он ҷо ба худ ранги сурхро мегирад. Агар аз дур он ҷоро тамошо мекунанд он ба назар сурх менамояд. Аз гуфтаи сокинон бармеояд, ки солҳои пеш дар ин мавзеъ, дар ҳақиқат, чунин ҳодиса рух дода буд. Ва ин қисса воқеият дорад.

Микротопонимияи “Бибизайнаб” - дорои чунин ривоят аст. “Бибизайнаб - ба гуфти мардум Бибизайнаб хоҳари Шоҳабдулло буда, як зани хушрӯй, хушрафтор ва покдоман будааст. Ин зан аз авлоди “Саидҳо”, ки дар он давра авлоди шарифтарин ҳисоб меёфт, будааст. Замони пеш қишлоқи Сижд об надоштааст. Бибизайнаб шаби ҷумъа ба назди санги калоне, ки болотар аз қишлоқ барҷой аст, рафта, ба худо зориву тавалло мекунад, ки мардуми қишлоқро аз об таъмин кунад. Пагоҳи рӯзи дигар мардум мебинад, ки аз зери санг ду чашма шоридаанд. Чашмаҳо аз ду тарафи санг мешориданд. Ҳоло ҳам ин чашмаҳо вуҷуд доранд. Мардум он санг ва чашмаҳоро ба номи Бибизайнаб мондаанд ва ба онҳо чун остон саҷда мекунанд. Сиждиён имрӯз ҳам заминашонро аз ҳамон чашмаҳо обёрӣ мекунанд”. [5, с.225].

Pi Vuž ye žīr wam nom Rušt žir. Disga qissa wamand. Piro solen guyo ik dam žirti arʁdal barjoy vic. Mardum yamva xab mis narjidow xoj δuyj. Ar čaў yamva ca narjiδj ā arʁdali wef xuj. Ye ruz ye čorik yamva narjiδj xu žiri zoxč δoδji wam arʁdal magzard. Wam arʁdal kal suδj xun xu wam žirard tuyj. Bad wam žir rang suδj ruśt xu wam rang nabeδ. Dijaten bad wam nom Rusht žir δoδj.

Муқоса мекунем: Дар забони вахонӣ *"žir"(санг)- ро "ɣar-мегӯянд.* Дар худи забони шуғнонӣ бошад, калимаи *-žir, руш-žer, хуф-žaer, рош-žir, сар-žer, язг-ʁar(каменъ)* истифода мебаранд. Калимаи *ruśt (сурх)- ро* бошад дар забони вахонӣ *-sekr-карсный мегӯянд; дар-шуғн -ruśt, руш- raśt сар-рыśt, язг- ruśt, ишк-sъrx, мдж-serx" истифода мекунанд [7, с.321-186].*

Rusht žir-номи санге, ки дар деҳаи Вуж ҷойгир аст. Қиссае аст, ки замони пеш дар болои ин санг аждаҳое зиндагӣ мекардааст. Одамон аз пеши ин санг аз тарс гузашта наметавонистанд. Агар касе аз он ҷо мегузашт, туъмаи аждаҳо мешуд. Рӯзе аз он ҷо хӯҷаи Хизр мегузарад ва сангеро гирифта, ба сари он аждаҳо мезанад. Сари аждаҳо хун мешавад ва он хун ба болои ин санг мерезад. Санг ба худ ранги сурхро мегирад ва он ранг дигар шуста намешавад. То ҳол ҳам сурхии он санг вуҷуд дорад. Аз ҳамин сабаб, ин сангро санги сурх мегӯянд. Rusht-сурх, zir-санг. Санги сурх дар дохилаш санги дигаре ба номи *boyxeẋtak*-дорад. Ин санг гӯё ранги тағора аст, ки аждаҳо он ҷо сарашро мешуст. Ин санг ранги зард дошта, чуқур ва равғанин аст. boyxeẋt-тағора ва ак-суффикс.

*boyxeẋta*k - калимаи мураккаб буда, аз ду калима "*boyxeẋt*" - номи санг ва суффикси "ak" иборат аст ва чунин ривоятро дорост: *ye calik žir ar dam Rusht žir darun. ā žir tar toϑč lap mўnand vic. Y arʁdali guyo xu kal aram zinoδj.*

Микротопонимияи ɣundak - калимаи содда буда, аз як реша "ɣund" ғунд доштан ва суффикси "*ak*"-иборат буда, чунин қисса дорад. *ɣundak -id ye joy pi qiśloqi Patxůr. ɣundak ye čorik nўm vuδj. Yu ye ruz yoδd ik pidi qiśloq. Čost ye čorik gal xu zamin čeriʒ kixt. ɣundak az wi lůvd ku sa ẋac va birezum. Yu čoriki ačaϑ tar wi naniʁuẋč. Yui vo duium piδak lůvj ku sa ẋac va birezum. Yu čorik bad suδ pis ẋac. Azam yaϑč wi ẋajen zimaδ darun ʁarq sic. At wi čorikand wi darakaδ nist.*

ɣundak – номи мавзеи хурдакаке, ки дар деҳаи Патхур ҷойгир аст ва чунин ривоят дорад. Gundak-номи як марди мусофир, ки ба ин деҳа омада, мардеро мебинад, ки заминро шудгор мекард. Марди мусофир аз он обро талаб мекунад. Мард машғули кор буд ва ба мусофир диққат надод. Мард дубора дархости об кард. Билохира мард барои овардани об меравад ва ҳангоми баргашт мебинад, ки барзаговон бо испор даруни замин ғарқ мешудаанд ва ҳамон мард нопадид мегардад.

*Дар забони вахонӣ ɣundak-ро ɣer*tetk-мегӯянд, ки он ба маънои ҷамъ кардан (собиратъ) рост меояд. Эҳтимолан, ин топоним аз калимаи "*ɣund*", яъне ҷамъ кардан ё ғун доштан меояд [7, с.186]. Микротопонимияи Bewafojingal бошад, калимаи мураккаб буда, аз "Bewafo" -калимаи арабӣ ва "jingal" -калимаи тоҷикӣ (ҷангал) иборат аст. *Bewafojingal - dijat dam lůvenide ar cůnd čiden yamand ca mizj waδen werůn sic. Mardum bad majbur suδj az di joyen tic.*

Bewafojingal - дар ҷамоати Ванқалъа ҷойгир аст ва сабаби чунин ном гирифтани ҷангал дар он аст, ки ҳарчанд ки он ҷо хона месохтанд ҳама вайрона мешудаанд. Одамон маҷбур шудаанд, ин манзили истиқоматии худро тарк намоянд. Jinga-ҷангал, Bewafo-бевафо. Дар ҷамоати Wanqala бошад, ривояту асотир кам ба назар мерасад. Фақат як санге ба номи balotax, ки он ҳам калимаи мураккаб буда, аз "balo" -бало ва "tax" -санг иборат аст. *Pi Wanqala ye žir wam nўm balotax. Wam žirnd wam rang ter vuδj. Mardum wam xezva narjidow ẋoj δerč. Arčay xab yamva canarjiδj araqmaf sadoi ẋuδj.*

balotax – ин санг низ марбут ба ҳамин деҳа буда, ранги сиёҳ дорад. Мардумони таҳҷоӣ гӯё шаб ҳангоми гузаштан ҳар гуна садо мешуниданд. Барои ҳамин ин санг соҳиби чунин ном шудааст. Balo-žir-санг.

"Lomyon - дар Имом ном қишлоқе кӯҳе аст, ки онро Ломиён мегӯянд. Кӯҳ аз дур хеле аҷиб менамояд. Дувоздаҳ хел ранг: сурх, сабз, ҷигарӣ, зард ва ғайра дорад. Аз ин кӯҳ ҳафт чашмаи мусаффо ҷорианд. Онҳо дар поёни кӯҳ бо ҳам пайваста, як рӯди калонро ташкил медиҳанд. Ривояте аст, ки Имом Муҳаммади Боқир дар ҳамин кӯҳ худро аз душманон пинҳон кардааст. То солҳои наздик ба сокинони деҳа агар ягон мушкилӣ пеш меомад, рӯяшонро ҷониби он кӯҳ гардонида ба худо илтиҷо мекарданд, ки мушкилашонро осон гардонад. Дар рӯзҳои баҳор ва тобистон ҳангоми сероб шудани рӯд вай сангҳои ҳархеларо ба поён меоварад. Мардум ин сангҳоро барои табобати баъзе касалиҳо истифода мебаранд. Агар касе пояш дард ё варам кунад, сангро дар об тар карда, ба ҷойи дард ва ё варам гузоранд, дуруст мешавад. Ва ё агар синаи зане дард кунад вай ҳам сангро барои табобат истифода мебарад. Чунин тарзи табобат ҳоло ҳам вуҷуд дорад [5, с.218].

А Д А Б И Ё Т

1. Булбулшоев У.Т. Микротопонимия долины Шахдары в этнолингвистическом освещении / У.Т. Булбулшоев. - Санкт-Петербург, 2005. – 151 с.
2. Насрадиншоев А. Микротопонимияи Помири Шарқӣ / А.Насрадиншоев. – Душанбе, 2005. - 122 с.
3. Офаридаев Н. Микоротопонимия Ванджа и Дарваза / Н.Офаридаев. – Душанбе, 1991. - 175 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: Советская энцеклопедия, 1969. - 941 с.
5. Шакармамадов Н. Фолклор Помир. Ҷ.2 / Н.Шакармамадов. - Душанбе, 2005.
6. Шохуморов А. Памир-страна Ариев / А.Шохуморов. - Душанбе, 1997.
7. Стеблин-Каменский И.М. Этимологический словарь Ваханского языка / И.М. Стеблин-Каменский. - Санкт-Петербург, 1999. – 478 с.
8. Хасанов Х. Х. Историко-топонимическая схема Средней Азии // Ономастика Востока (Исследования и материалы). М., 1969. С. 156-160.
9. Хромов А. Л. Тюркские названия в микротопонимии Ягноба // Известия академии наук Таджикиской ССР. Душанбе, 1967. С. 78-81
10. Хромов А. Л. Очерки по топонимии и микротопонимии Таджикистана. Вып. 1. Душанбе, 1975.

ТАҲЛИЛИ ПАЙДОИШИ МИКРОТОПОНИМҲО АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ АҚИДАҲОИ АСОТИРӢ

Микротопонимияи водии Ғунд дар асарҳои ба топонимияи фазои забони помирӣ бахшидашуда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таҳқиқи лингвистии микротопонимияи водии Ғунд имконият медиҳад, ки баъзе равандҳои забони шуғнониро дар ин минтақа пайгирӣ намоем. Ошкорсозӣ ва таҳлили қабатҳои муносибатҳои забонӣ ва алоқаҳо метавонад ба махсусияти рушди муносибатҳои забонӣ бо дигар халқиятҳои ин минтақа равшанӣ меандозад. Мақсад ва вазифаи таҳқиқоти мазкур таҳлили этнолингвистии микротопонимия мебошад, ки барои онҳо вазни калони хосиси унсури минтақавӣ хос мебошад. Микротопонимҳо дар ҳошияи маҳдуд ба миён меоянд, ки он маҷмӯи номгӯйҳо мебошад. Микротопонимия ва топонимия, аз ду қабати номгӯи ҷуғрофӣ иборат мебошанд. составляют два яруса географических названий. Микротопонимҳоро метавон қабати поёнии оддӣ номгузорӣ намуд. Дар мақола таҳлили пайдоиши микротопонимҳо аз нуқтаи назари ақидаҳои асотирӣ анҷом дода шудааст. Маълум мешавад, ки микротопонимия дар водии Ғунд бештар аз рӯйи нақлу ривоятҳо, яъне асотирӣ маънидод мешавад. Мардумон аз замонҳои қадим бештар ба маъноҳои асотирӣ диққат дода, ба он боварии комил зоҳир менамуданд, ки гӯё пайдоиши топонимҳо аз рӯйи ин асотирҳо мебошанд. Лекин тадқиқот нишон медиҳанд, ки онҳо аз решаҳои қадим ташаккул ёфта, таркиби худро дигар кардаанд.

Калидвожаҳо: микротопонимияи водии Ғунд, таҳқиқи лингвистии микротопонимияи водии Ғунд, топонимияи фазои забони помирӣ, маъноҳои асотирӣ, пайдоиши топонимҳо.

АНАЛИЗ ОБРАЗОВАНИЯ МИКРОТОПОНИМОВ С МИФОЛОГИЧЕСКОЙ ТОЧКИ ЗРЕНИЯ

Микротопонимия Гундской долины проанализировано в трудах, посвященных топонимии памирского языкового ареала. Лингвистическое исследование микротопонимии Гундской долины позволяет проследить некоторые процессы развития шугнанского языка в этом регионе. Выявление и анализ языковых пластов может прояснить особенности развития языковых отношений и контактов с другими народностями данного региона. Целью и задачей исследования является этнолингвистический анализ микротопонимии, для которых свойственен больший удельный вес региональных элементов, большая тесная спаянность элементов системы по сравнению с топонимами. Микротопонимы возникают и функционируют в узком контексте, которым является набор наименований. Микротопонимия и собственно топонимия, составляют два яруса географических названий. Микротопонимы можно назвать низшим, простейшим ярусом. В статье автором произведен анализ образования микротопонимов с мифологической точки зрения. Как выяснилосъ микротопонимия в Гундской долине в болъшинстве своем образовалисъ из древних преданий. Люди испокон веков обращали внимание на разные устные предания, и верили в них. Иследования показывают, что эти микротопонимы имеют древние корни, и в современом языке подверглисъ некоторым изменениям.

Ключевые слова: Микротопонимия Гундской долины, лингвистическое исследование микротопонимии Гундской долины, топонимия языкового пространства памирского языка, мистические значения, образование топонимов.

ANALYSIS OF THE FORMATION OF MICROTOPONYMS FROM A MYTHOLOGICAL POINT OF VIEW

The microtoponymy of the Gund Valley is analyzed in works devoted to the toponymy of the Pamir linguistic area. A linguistic study of the microtoponymy of the Gund Valley allows us to trace some of the development of the Shugnan language in this region. The identification and analysis of linguistic layers can clarify the peculiarities of the development of linguistic relations and contacts with other peoples of the region. The aim and task of the research is ethnolinguistic analysis of microtoponyms, which are characterized by a greater proportion of regional elements, a greater close cohesion of the system's elements in comparison with toponyms. Microtoponyms arise and function in a narrow context, which is a set of names, Microtoponyms and place names proper, make up two tiers of geographical names. Microtoponyms can be called the lowest, simplest tier. In the article, the author analyzes the formation of microtoonyms from a mythological point of view. As it was found out, microtoponyms in the Gund Valley in their majority were formed from ancient legends. People from time immemorial paid attention to various oral traditions, and believed in them. Studies show that these microtoponyms have ancient roots, and have undergone some changes in the modern language.

Keywords: story, ancient, spring, stone, story, mythical.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафаркулова Шарифамо Юсуфшоевна*** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, докторанти Ph.D-и шуъбаи забонҳои помирӣ. **Суроға:** 736002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч. Холдорова, 1. Тел.: (**+992) 938-24-21-74**

Сведения об авторе: ***Сафаркулова Шарифамо Юсуфшоевна*** - Институт гуманитарных наук им. академика Б. Искандарова Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D отдела памирских языков. **Адрес:** 736002, Республики Таджикистан, г.Хорог, ул. Холдорова, 1. Тел.: (**+992) 938-24-21-74**

Information about the author: ***Safarqulova Sharifamo Usufshoevna*** - Institute of Humanities named after Academician B. Iskandarov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Ph.D students отдела памирских языков. **Address:** 736002, Republic of Tajikistan, Khorog, Kholdorova, Str., 1. Tel.: **(+992) 938-24-21-74**

УДК:811.161.1:811.111:82-1

ОИД БА ҲУСНИ ТАРҶУМАИ БАЪЗЕ РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ БА ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА АНГЛИСӢ БО ТАВАҶҶУҲ БА СОХТОРҲОИ СИНТАКСИСӢ

Соҳибназарова Ҳ.Т., Саидова Д.М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ки адабиёти миллии ҳар як халқ дар робита бо адабиёти халқҳои дигар рушд меёбад ва дар ин равобити адабӣ тарҷума нақши бориз дорад. Тарҷумашиносони барҷастаи фарҳангу адабиёт роҷеъ ба аҳаммияти тарҷума дар ҳаёти адабӣ асарҳои ҷолиб офаридаанд ва имрӯзҳо низ оид ба паҳлуҳои гуногуни тарҷума дар ҳаёти адабии ин ё он халқ дар муқоиса бо халқҳои дигар тадқиқоти муфид ба назар мерасанд. Ба ақидаи шоири барҷастаи Олмон И. Бехер «адабиёти бадеиро бе адабиёти тарҷумавии хуб тасаввур кардан имконнопазир аст». Маҳз тавассути тарҷума осори оламшумули Фирдавсию Сино, Саъдию Ҷомӣ ва дигарон муаррифгари фарҳангу тамаддун ва адабиёти бадеии мардуми форсу тоҷик гардид, ки рубоиёти Хайём низ аз зумраи онҳост. Азбаски ба тарҷумаи русию англисии рубоиёти У.Хайём бисёре аз мутарҷимон даст задаанд, бинобар ин, мо тадқиқоти худро атрофи тарҷумаҳои баъзе аз тарҷумонони барҷаста, аз қабили тарҷумаҳои русии В.Державин, Н.Стрижков ва тарҷумаҳои англисии Свами Говинда ва Эдвард Фистҷералд ва дигарон ба анҷом расонидем.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур масъалаи то кадом андоза ба матни асл наздик будани тарҷума ва хусусияти интиқоли образҳо бо таваҷҷуҳ ба ибораҳои синтаксисӣ аз як забон ба забони дигар маҳсуб меёбад. Мавриди зикр аст, ки мазмуни баланди фалсафӣ ва сабку услуби воло доштани рубоиёти У.Хайём диққати шоирон, мутарҷимони бомаҳорати хориҷию ватанӣ ва донандагони адабиёти ҷаҳониро ба худ ҷалб кардааст. Мазмуни баландро доро будан ва бо як услуби хос иншо гардидани рубоиёти ӯ тақозо мекунад, ки адиб - тарҷумон аз дарки мазмуни фалсафидоштаи рубоиёти ӯ барояд. Умуман, барои дарки мазмуни асарҳои назмӣ тарҷумаи низоми сохторҳои синтаксисӣ нақши бориз дорад, зеро ҳангоми интиқол ҳатто мазмуни нодурусти як калима ё ибора метавонад муҳтавои нусхаи тарҷумавиро аз матни асл дур барад. Аз ин рӯ, низоми муҳимми объектҳои дохили ҷумла ва робитаи онҳо бо ҳам, ки системаро ташкил медиҳанд, яке хусусиятҳои зарурӣ маҳсуб меёбанд [6, с.182]. Ломтев Т.П. бошад, низоми равобити ҷузъҳои ҷумларо ба ҳам муҳим арзёбӣ мекунад [3, с.126], яъне аз ин бармеояд, ки ҳамаи ҷузъҳои дохили ҷумла ба ҳам робитаи зич доранд ва дар сурати интиқоли нодурусти он занҷири низоми сохтори синтаксисӣ коста мегардад.

Ҳамин тавр, омӯзиши бонизоми забон аз равобити дуҷонибаи ҳатмии ҷузъҳои гуногуни он аз қабили алоқаҳои трансформатсионии сохторҳои синтаксисии забон, воҳидҳои синтаксисӣ - лексикӣ ва ташаккули ҷумла бо мақсади барқарор намудани робита сарчашма мегирад [4, с.227], ки инро ҳангоми таҳлили асарҳои тарҷумавии мутарҷимон дида мебароем:

Матни асл:

Афсӯс, ки номаи ҷавонӣ тай шуд,
В-ин тозабаҳори зиндагонӣ дай шуд.
Он мурғи тараб, ки номи ӯ буд шабоб,
Фарёд, надонам, ки кай омад, кай шуд? [5, с.278].

Матни тарҷумавии русии Г. Плисетский:

Книга жизни перелистана - жаль!
От весны; от веселья осталась печаль.
Юность – птица: не помню, когда прилетела
И когда унеслась легкокрылая, вдаль [11, с.62].

Матни тарҷумавии англисии С. Говинда:

Finis! the Song of youth has couplets few,
These rosy blossoms all have lost their hue;
That bird of joy which they have named as youth,
We know not when it came and where it flew [5, с.278].

Матни тарҷумавии англисии Э. Фистҷералд:

Alas, that Spring should vanish with the Rose!
That Youth's sweet-scanted Manuscript should close!

The Nightingale that in the Branches sang,
Ah, whence, and whither flown again, who knows! [11, с.62].

Албатта, гарчанде тарҷумаи русӣ ва англисии рубоии мазкур мазмун ва муҳтавои матни аслро дода тавонад ҳам, вале баъзе мафҳумҳое, ки тарҷумон ҳангоми тарҷума овардааст, ба нусхаи аслӣ аз ҷиҳати сохтори синтаксисӣ мувофиқат намекунанд. Масалан, ибораи «номаи ҷавонӣ» дар тарҷумаҳои русӣ ва англисӣ мазмунан нодуруст интиқол ёфтааст: «Номаи зиндагонӣ»-«Книга жизни», «Song of youth» ва «Manuscript».

Мафҳуми «юность - птица», ки дар мисраи сеюми матни русӣ ва рубоии якуми англисӣ омадааст, гӯиё сохторан ифодагари як мисраи комили матни асл «Он мурғи тараб, ки номи ӯ буд шабоб» бошад ва ибораи «мурғи тараб» дар ин мисраъ бе тарҷума мемонад, ҳол он ки ибораи мазкур мазмуни «птица веселья, беспечальная птица»-ро дорад. Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки калимаҳои русии «печаль»-ғаму ғусса, андуҳ, «легкокрылая»-тезпарвоз, «вдаль»-дурӣ ва мафҳумҳои англисии «rosy blossoms, hue, nightingale, in the Branches sang» дар матни асл вуҷуд надоранд.

Мисраи дуюми матни асл «В-ин тозабаҳори зиндагонӣ дай шуд» дар асари тарҷумавии забони русӣ муҳтавои комили матни аслро дода метавонад, гарчанде дар ин мираъ калимаи «дай» ба маънои зимистон, сардӣ, хазонрезӣ омада бошад ҳам, он ҷо тарҷумон пас аз «хуррамию шодмонӣ» - «ғаму андуҳ»-ро ифода кардааст. Дар тарҷумаи англисии аз ҷониби С. Говинда анҷомдодашуда бошад, танҳо мисраи мазкур назар ба забони русӣ ба забони тоҷикӣ монандтар аст, яъне вай «These rosy blossoms all have lost their hue» - «баҳори шодмонӣ хазон шудан» тарҷума шудааст, ки ҳам мазмуну муҳтаво ва ҳам сохтори матни аслро ифода карда метавонад. Мисраи мазкур дар тарҷумаи Э.Фитсҷералд «That Youth's sweet-scanted Manuscript should close!» омадааст, ки ба мазмуни нусхаи асл умуман монанд нест ва мафҳумҳои «Youth's sweet»-«ширинҳои ҷавонӣ», «scanted»-«маҳдуд шудан, ба охир расидан», «Manuscript»-«дастнавис, нусхаи дастнавис» ва «close»-«маҳкам шудан» дар ин мисраи нусхаи аслӣ мушоҳида нашаванд ҳам, мазмуни мисраи мазкур ба мазмуни мисраи аввал каме мувофиқат мекунад. Пас, аз ин бармеояд, ки тарҷумон ҳангоми тарҷума шояд барои нигоҳ доштани вазну радиф ва қофия ҷойи мисраҳоро ба пуррагӣ иваз кардааст.

Дар мисраи сеюми матни асл ибораи «мурғи тараб» дар тарҷумаи англисии аз тарафи Э.Фитсҷералд анҷомдодашуда ба маънои «булбул» омадааст, ки мазмуни матни аслро на он қадар хуб дода метавонад. Мисраи мазкур аз ҷониби Свами Говинда хеле хуб тарҷума карда шудааст, ки ҳам мазмун ва ҳам сохтори матни аслро пурра ифода карда метавонад, яъне ибораи «мурғи тараб»-«bird of joy» ва «шабоб» - «youth» тарҷума карда шудаанд. Пас аз таҳлили матни асл ва матни тарҷумавии забони русӣ бармеояд, ки матни тарҷумавии забони англисии аз ҷониби Свами Говинда тарҷумашуда хеле хуб баромада, дар заминаи забони форсӣ анҷом дода шудааст.

Мисоли дигар:

Нокарда гунаҳ дар ин ҷаҳон кист? Бигӯ.
В-он кас, ки гунаҳ накард чун зист? Бигӯ.
Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,
Пас фарқ миёни ману ту чист? Бигӯ [11, с.342].

Тарҷумаи Н.Стрижков:

Кто на свете не мечен грехами, скажи?
Мы безгрешны ли господи, сами скажи?
Зло совершу ты мне злом воздаёшь неизменно,
Значит, разница нет между нами, скажи! [7].

Тарҷумаи Г. Плисетский:

Кто, живя на земле, не грешил? Отвечай!
Ну, а кто не грешил – разве жил? Отвечай!
Чем ты лучше меня, если мне в наказанье
Ты ответное зло совершил? Отвечай! [11, с.342].

Тарҷумаи С.Говинда:

Is there a sinless man on earth below?
And how can we live here and sinless go?
I sin and fail, but can Thy kindness fail?
I`m evil, could Thy Grace be even so? [5, с.701].

Аз муҳтавои матни асл бармеояд, ки рубоии мазкур маънии баланди фалсафӣ дорад ва мутарҷими рус Н. Стрижков аз дарки маънии баланди он оҷиз мондааст. Гарчанде мисраи аввали рубоии матни тарҷумавӣ мукаммал тарҷума шуда бошад ҳам, мисраи дуюм «Мы безгрешны ли господи, сам скажи?» умуман маънои мисраи матни асл «В-он кас, ки гунаҳ накард чун зист? Бигӯ»- ро дода наметавонад, ки ин беихтиёр диққати хонандаро ҷалб мекунад. Аммо дар матни тарҷумавии русии дуюм қисман мазмун ва мундариҷаи матни асл ба матни тарҷумавӣ мувофиқ аст, аммо дар қисмати дуюми ҷумла, ки оҳанги

саволӣ дорад, каме номувофиқатӣ мушоҳида карда мешавад. Ҷумлаи саволии «чун зист?» ба забони русӣ «разве жил?» (оё зист?) тарҷума шудааст, ки аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба матни асл мувофиқ нест. Қисмати мазкур бояд «как жил?» тарҷума карда мешуд. Мисраҳои сеюму чорум пурра мазмуни матни аслро дода тавонанд ҳам, сохторан аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд, ки ин хосси тарҷумаи назм аст. Дар тарҷумаи англисӣ мазмуну муҳтаво ба нусхаи аслӣ каме монанд аст, танҳо аз рӯйи сохтор байни ду матн айнияти комил вуҷуд дошта наметавонад, чунки сохтори матни аслӣ дар шакли ҳикоягӣ ва матни тарҷумавӣ дар шакли саволӣ ифода ёфтаанд. Гарчанде мисраи аввал мазмунан ба нусхаи асл мувофиқат кунад ҳам, сохтори он дар забони англисӣ каме фарқ мекунад. Ҷумлаи мазкур аз рӯйи сохтор бояд тариқи саволгузории махсус сохта мешуд, чунки дар матни асл калимаи махсуси «кист» истифода бурда шуда, ҷумлаи англисӣ бошад, тариқи саволгузории умумӣ асос ёфтааст. Мисраи дуюм бошад, таҳтуллафз тарҷума шуда, мазмуни нусхаи аслиро дода наметавонад, чунки дар он ҷо мафҳуми «чун зист» ба забони англисӣ «how can we live»- «чӣ хел мо зиста метавонем» тарҷума шудааст. Мисраҳои сеюму чорум муҳтавои забони мабдаъро дода наметавонанд.

Мисоли дигар:

Онон, ки муҳити фазлу одоб шуданд,
Дар кашфи улум шамъи асҳоб шуданд.
Раҳ з-ин шаби торик набурданд бурун,
Гуфтанд фасонаеву дар хоб шуданд [11, с.257].

Тарҷумаи В.Державин:

Те, кто украсили познанья небосклон,
Взойдя светилами для мира и времён.
Не расточили тьму глубокой этой ночи,
Сказку сказали нам и погрузились в сон [8].

Тарҷумаи Н.Стрижков:

Тот, кто в мире великим пролил мудрецом,
Кто в познании истины спорил с творцом.
Он, как все, в этой тёмной ночи заблудился,
Тешил баснями нас и уснул вечным сном [7].

Тарҷумаи Свами Говинда:

Belletrists filled themselves with learned lore,
In friend's assemblies what a light they bore!
But could not step outside this shady night,
They spun a yarn, and then – began to snore [11, с.607].

Тарҷумаи Э. Фитсҷералд:

The Revelations of Devout and Learn'd
Who rose before us, and as Prophet burn'd,
Are all but Stories, which, awoke from Sleep
They told their comrades and to sleep return'd [11, с.54].

Маънои мисраи аввали рубоӣ дар ду тарҷумаи русӣ мукаммал интиқол дода нашудааст. Тарҷумаи В.Державин «Те, кто украсили познанья небосклон» ва Н. Стрижкин «Тот, кто в мире великим пролил мудрецом» диққатҷалбкунандаанд. Мисраи аввали рубоӣ дар тарҷумаи В.Державин умуман ифода наёфта, тарҷумон яку якбора аз мисраи дуюм шурӯъ кардааст. Дар тарҷумаи ифодаи «муҳити фазлу одоб шуданд» Н.Стрижков низ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ шудааст. Образи «мудрец» -шахси доно, донишманд, ки дар мисраи аввали матни ӯ омадааст, дар нусхаи асл вуҷуд надорад ва дар мисраи дуюм мафҳуми «истина» вомехӯрад ва он дар нусхаи асл ба ҷойи маънои «улум» ифода шудааст. Ин мафҳум мазмуни нусхаи аслро дода наметавонад: «наука»- «улум» (шакли ҷамъи калимаи илм)-, «истина»-«ҳақиқат, ҳақ, ростӣ» [1, с.541; с.365].

Бояд тазаккур дод, ки тарҷумаи мисраи аввал аз ҷониби Н.Стрижков ба шахси сеюми шумораи танҳо (он) -«тот кто» равона шудани амалро ифода мекунад, на ба шахси сеюми шумораи ҷамъ, яъне сохтор ва мазмуни матни асл аз нусхаи тарҷумавӣ фарқ мекунад. Гарчанде мисраи мазкур аз ҷониби В.Державин пурра интиқол наёфта бошад ҳам, калимаи мазкур «Те кто…»-«Онон ки…» дуруст тарҷума карда шудааст.

Мазмуни мисраи аввал дар ду тарҷумаи англисӣ низ ба талаботи риояи қонуну қоидаҳои назарияи тарҷума ҷавобгӯ нест. Масалан, дар мисраи аввали тарҷумаи С.Говинда ба ҷойи «онон» калимаи «Belletrists» истифода шудааст, ки маънои «носир, нависанда»- ро дорад. Дар тарҷумаи Э.Фитсҷералд бошад, ба ҷойи калимаи мазкур мафҳумҳои «The Revelations of Devout and Learn'd» омадааст, ки умуман нусхаи аслиро иваз карда наметавонанд. Дар мисраи дуюми рубоиҳои мазкур мутарҷимон умуман аз мазмуни матни асл дур рафтаанд ва дар онҳо калимаю ибораҳои «friend's assemblies», «rose» «before us», «Prophet» ва «burn'd»- ро вохӯрдан мумкин аст, ки дар нусхаи аслӣ вуҷуд надоранд. Дар мисраи сеюм дар тарҷумаи Н.Стрижков феъли «заблудиться»- «роҳ

гум кардан, гумроҳ шудан» [1, с.263] ва «тёмная ночь»- «шаби торик» хеле хуб интиқол ёфтаанд, ки инро дар тарҷумаи В.Державин мушоҳида кардан мумкин нест. Вай калимаи «глубокий»-ро дар ибораи «глубокой этой ночи» ифода намудааст, ки калимаи мазкур умуман дигар маъноро дорост.

Мисраи сеюми рубоӣ дар тарҷумаи С. Говинда ба мазмуни нусхаи асл пурра мутобиқат мекунад ва дар тарҷумаи Э.Фитсҷералд бошад, умуман ин мафҳум вуҷуд надорад. Мисраи чоруми рубоии мазкур аз ҷониби В.Державин хеле хуб тарҷума шудааст, чунки дар он калимаи «фасона», яъне афсона ба мазмуни «сказка» омадааст: «Сказку сказали нам и погрузились в сон». Мафҳуми мазкур бошад, аз ҷониби Н.Стрижков чун «басня»-«масал» тарҷума карда шуда, ба мазмуни матни асл мувофиқат намекунад.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки калимаи мазкур дар матни асл дар шакли ҷамъ «фасона» омадааст. Дар забони англисӣ мисраи чорум дар тарҷумаи Э.Фитсҷералд назар ба тарҷумаи С.Говинда беҳтар буда, муҳтавои нусхаи аслиро то андозае дода метавонад, танҳо дар он мафҳуми «Гуфтанд фасонае» нодуруст интиқол шуда, ба ҷойи он «They told their comrades» омадааст. Дар тарҷумаи С.Говинда ба ҷойи ибораи «фасона» -«tails» калимаи «yarn»-«ҳикоя» ва ба ҷойи «хоб рафтан»-«to sleep» калимаи «to snore»-муддате хобидан, дар хоб мондан омадааст, ки ин мазмуни асари тарҷумавиро коста гардонида, аз матни асл дур мебарад. Ҳол он ки калимаи «хобидан» дар мисраи мазкур маънои «абадӣ хоб рафтан», «мурдан»-ро ифода мекунад. Ҳамин тариқ, аз таҳлил бармеояд, ки дар муқоиса бо тарҷумаи Н.Стрижков тарҷумаи В.Державин хеле хуб баромадааст, гарчанде баъзе камбудиҳои услубию грамматикиро дар он мушоҳида кардан мумкин аст. Дар забони англисӣ, дар муқоисаи ду тарҷума аз нигоҳи мо камбудиҳои услубию грамматикӣ ба чашм мерасанд. Чи тавре ки қайд кардем, тарҷумон ҳангоми тарҷумаи матни асл бояд хусусиятҳои забонии матни тарҷумашавандаро ба инобат гирад. Умуман, ҳангоми тарҷума баъзе мафҳумҳое мавҷуданд, ки дар дигар забон муодили худро надоранд ва дар рубоиёти У.Хайём ин калимаҳоро вохӯрдан мумкин аст. Инро дар тарҷумаи рубоии зерин дида мебароем:

Гӯянд: “Махӯр бода ба Шаъбон, на равост,
На низ Раҷаб, ки он маҳи хоси Худост”.
Шаъбону Раҷаб маҳи Худоянду Расул,
Мо май Рамазон хӯрем, ки он маҳи хоссаи мост [11, с.137].

Тарҷумаи Д.Седих:

Нам говорят: «Не пей вина в Шабан,-
В Раджаб закрой и спрячь подальше жбан-
То месяцы Аллаха и Пророка».
Так буду пить в свой месяц – Рамазан [Ҳамон ҷо].

Тарҷумаи англисӣ:

Tis wrong, according to the strict Koran,
To drink in Rajab, likewise in Sha`ban,
God and the Prophet claim those months as theirs;
Was Ramadan then made for thirsty man? [Ҳамон ҷо].

Ҳангоми тарҷумаи рубоии мазкур тобиши миллии калима-реалияҳои он нигоҳ дошта шуда, бо усули транскрипсия ва транслитератсия тарҷума карда шудаанд.

Дар мисраи аввал «Гӯянд: Махӯр бода ба Шаъбон, на равост» калимаи «Шаъбон» дар матни тарҷумашудаи русӣ ва англисӣ интиқоли худро дуруст ёфтааст. Мисраи аввал дар матни русӣ аз ҷиҳати мазмун ва сохтор пурра ба нусхаи аслӣ мувофиқат мекунад, вале дар тарҷумаи англисӣ инро мушоҳида кардан ғайриимкон аст, чунки мисраи матни англисӣ мазмунан тарҷума шуда, сохторан ба матни асл мувофиқат намекунад.

Мисраҳои дуюми матнҳои тарҷумавӣ мазмунан аз рӯйи радифу қофия интиқол ёфта шуда бошанд ҳам, муҳтавои нусхаи аслиро дода наметавонанд. Гарчанде дар мисраҳои сеюми тарҷумашуда калимаҳои “Шаъбону Раҷаб” интиқол нашуда бошанд ҳам, онҳоро мафҳумҳои “То месяцы” ва “those months” пурра иваз намуда метавонанд.

Мисраи чоруми рубоии мазкур дар матни русӣ аз ҷиҳати сохтор чун ҷумлаи нопурра тарҷума шудааст, ки муҳтавои онро аз мисраи якум барқарор кардан мумкин аст. Дар мисраи мазкур калимаи “май” - “вино” ба ҳодисаи эллипсис дучор шудааст, ки дар матни тарҷумавӣ дар мисраи аввал омадааст, яъне онро чунин метавон ифода намуд: “Так буду пить ***вина*** в свой месяц – Рамазан. Мисраи чоруми матни англисӣ ҳам аз ҷиҳати сохтор ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа умуман ба нусхаи аслӣ мувофиқат намекунад. Агар мисраи чоруми нусхаи аслӣ оҳанги ҳикоягӣ дошта бошад, мисраи чоруми нусхаи тарҷума оҳанги саволӣ дорад ва мафҳуми “thirsty man” дар матни асл ва нусхаи тарҷумашудаи забони русӣ умуман вуҷуд надорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки тарҷумон мазмуни калимаи “хосса”-ро дуруст дарк накардааст.Ҳамин тариқ, таҳлилҳо дар доираи се забони мавриди назар нишон доданд, ки тарҷумаи манзума яке аз равандҳои мураккабтарин маҳсуб ёфта, дар баъзе ҳолатҳо тарҷумонро ба мушкилӣ рӯ ба рӯ месозад.

Ҳамаи рубоиҳои мазкур, ки ба ду забон тарҷума шудаанд, мазмунан ба ҳам мувофиқат мекунанд, вале дар онҳо номувофиқатии сохториро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин номувофиқатиҳои сохторӣ ба муҳтавои матни тарҷумавӣ таъсири манфӣ расонида наметавонанд, зеро дар тарҷумаи назм интиқоли муҳтаво, мазмуну мундариҷа, образҳо ва хусусияти эмотсионалии асар муҳим аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Арзуманов, С.Д. Русско-таджикский словарь / С.Д. Арзуманов. [Под. ред. М.С. Асимова]. - М.: Рус. яз., 1985. - 1280 с.
2. Алесина Н.М. Теория и практика перевода / Н.М. Алесина. - Киев, 1993. – 156 с.
3. Ломтев, Т.П. О методах объективного анализа грамматических средств языка / Т.П. Ломтев // Вестник МГУ. Филология. - 1957. № 2. – С.120-125.
4. Матезиус, В.О системном грамматическом анализе / В. Матезиус // Пражский лингвистический кружок. - М., 1967. - 134 с.
5. Одинаев, Ё. Умари Хайём ва рубоиёти ӯ аз назари С. Говинда / Ё.Одинаев. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 942 с.
6. Солнцев, В.М. Язык как системно-структурное образование / В. М. Солнцев. - М., 1971. - 178 с.
7. Хайям, О. Рубаи / О. Хайям; пер. Н.Стрижкова. – Ташкент, 1980. - 64 с.
8. Хайям, О. Рубаи / О. Хайям; пер. В.Державина. – Ташкент, 1971. - 304 с.
9. Хайём. 100 Рубоӣ [А.Абдуманонов]. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 130 с.
10. Хайям, О. Рубаи [Раим Фархади]. – Ташкент, 1980.
11. Хайям, О. «Рубаи». Сборник стихов, русск. яз., тадж.яз., перс. яз., англ. яз. - Душанбе: Литературный фонд С. Айни, - Рязань: Издательский дом Айни, - Орёл: Издательский Дом «ОРЛИК», 2019. - 428 с.

ОИД БА ҲУСНИ ТАРҶУМАИ БАЪЗЕ РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ БА ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА АНГЛИСӢ БО ТАВАҶҶУҲ БА СОХТОРҲОИ СИНТАКСИСӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи равобити адабии байни халқу миллатҳо бахшида шуда, дар он дар бораи нақши бориз доштани тарҷумаю тарҷумашиносӣ ва умуман, тарҷумаи матнҳои назмӣ бо таваҷҷуҳ ба сохторҳои синтаксисӣ сухан меравад. Ҳамчунин дар он дар бораи асарҳои офаридаи тарҷумашиносони барҷастаи фарҳангу адабиёт роҷеъ ба аҳаммияти тарҷума дар ҳаёти адабӣ ва оид ба аҳаммияти сохторҳои гуногуни синтаксисӣ ҳангоми тарҷумаи асарҳои назмӣ тадқиқоти муфид ба назар мерасанд. Лозим ба ёдоварист, ки тавассути тарҷума осори оламшумули адибони форсу тоҷик ва дигар халқиятҳо муаррифгари фарҳангу тамаддун ва адабиёти бадеӣ гардид, ки рубоиёти Хайём низ аз зумраи онҳост. Азбаски ба тарҷумаи русию англисии рубоиёти У.Хайём бисёре аз мутарҷимон даст задаанд, бинобар ин, тадқиқоти мазкур атрофи тарҷумаҳои баъзе аз тарҷумонони барҷаста, аз қабили тарҷумаҳои русии В.Державин, Н.Стрижков ва тарҷумаҳои англисии Свами Говинда ва Эдвард Фистҷералд ва дигарон ба анҷом расонида шудааст. Дар мақолаи мазкур масъалаи то кадом андоза ба матни асл наздик будани тарҷума ва хусусияти интиқоли образҳо бо таваҷҷуҳ ба ибораҳои синтаксисӣ аз як забон ба забони дигар гуфта шудааст. Тадқиқотҳои ба дастомада нишон доданд, ки барои дарки мазмуни асарҳои назмӣ тарҷумаи низоми сохторҳои синтаксисӣ нақши бориз дорад, зеро ҳангоми интиқол ҳатто мазмуни нодурусти як калима ё ибора метавонад муҳтавои нусхаи тарҷумавиро аз матни асл дур барад, яъне аз ин бармеояд, ки ҳамаи ҷузъҳои дохили ҷумла ба ҳам робитаи зич доранд ва дар сурати интиқоли нодурусти он занҷири низоми сохтори синтаксисӣ коста мегардад.

Калидвожаҳо: сохтори синтаксисӣ, тарҷума, рубоӣ, нусхаи асл, матни тарҷумавӣ, мазмун, адабиёти бадеӣ.

О ПЕРЕВОДЕ НЕКОТОРЫХ РУБАИ-СТИХОВ ОМАРА ХАЙЯМА НА РУССКИЙ И АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫКИ С УПОРОМ НА СИНТАКСИЧЕСКИЕ СТРУКТУРЫ

Статья посвящена проблеме литературных взаимоотношений между народами и в ней фокусируется роль перевода и переводоведения и, в частности, перевода поэтических текстов с упором на синтаксические конструкции. В ней также рассматриваются произведения известных переводоведов о роли перевода в поэтическом творчестве и системе синтаксических структур во время перевода поэтических текстов. Следует отметить, что благодаря переводу всемирно известные произведения персидско-таджикских писателей вошли в мировую художественную литературу, в числе которых оказались и рубаи Омара Хайяма. Русско-английским переводом рубаи Омара Хайяма занимались многие переводчики и в этом исследовании были представлены переводы таких ведущих переводчиков, как В. Державина и Н. Стрижкова, Свами Говинда и Эдварда Фицджеральда. В данной статье рассматривается вопрос о том, насколько близок текст перевода с оригиналом и как передается перевод, сосредоточенный на синтаксических конструкциях, с одного языка на другой. Проведенные исследования показали, что для понимания смысла переведенных поэтических текстов, перевод синтаксические конструкции играют важную роль, поскольку при неправильном переводе даже одного слова можно навредить содержанию перевода, соотнесенного с текстом оригинала. И это объясняется тем, что все части в структуре предложения взаимосвязаны, и в случае неправильной передачи содержания текста-оригинала цепочка синтаксической структуры будет разорвана.

Ключевые слова: синтаксическая структура, перевод, рубаи, оригинал, перевод текста, содержание, художественная литература.

ON THE TRANSLATION OF SOME RUBAI VERSES BY OMAR KHAYYAM INTO RUSSIAN AND ENGLISH, IN TERMS OF SYNTACTIC STRUCTURES

This article deals with the problem of literary relationship between nations and focuses on the role of translation and the theory of translation and in general the translation of poetic texts in terms of syntactic constructions. It should be noted that through translation, the world-famous works of Persian-Tajik writers entered the world literature, including Omar Khayyam`s rubai. Russian-English translation of the rubai of Omar Khayyam was carried out by many translators and there were presented translations of leading translators such as V. Derzhavin and N. Strizhkov, Swami Govind and Edward Fitzgerald in this research. There are also consider the question of how close the text of the translation to the original and

how the translation, which focuses on syntactic constructions transmitting from one language to another. Studies have shown that in order to understand the meaning of translated poetic texts, syntactic constructions play an important role, since even a word can be translated incorrectly and can damage the content of the translation correlated with the original text. Thus, we can come to the conclusion that all the parts of the sentence structure are connected and if the contents of the original text are incorrectly transferred, the main of the syntactic structures will be lost.

Key words: syntactic structure, translation, rubai, source language, target language, semantic, fiction.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. E-mail: **havas3001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 937-00-04-37**
Саидова Дилфуза Мустафоевна - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи филологияи англис. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. E-mail: **saidova-dilfuza@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 933-35-15-55**

Сведения об авторах: ***Сохибназарова Хавасмох Тиллоевна*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, к.ф.н., доцент, заведующая кафедрой сопоставительного языкознания и теории перевода. **Адрес:** 734019, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **havas3001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 937-00-04-37**
Саидова Дилфуза Мустафоевна - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, старший преподаватель кафедры английской филологии. **Адрес:** 734019, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **saidova-dilfuza@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 933-35-15-55**

Information about the authors: ***Sohibnazarova Havasmoh Tilloevna*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, Associate Professor and the head of the comparative linguistics and the theory of translation department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **havas3001@mail.ru.** Tel.: **(+992) 937-00-04-37**
Saidova Dilfuza Mustafoevna - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, Senior teacher of the English philology department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **saidova-dilfuza@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 933-35-15-55**

УДК: 801.316.3

ЭТИМОЛОГИЯИ НОМИ ОҲАН ВА ВОЖАҲОИ БА ОН ИРТИБОТДОШТАИ БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Оҳан яке аз металлҳои паҳншудаи қишри замин буда, асосан дар намуди пайваст ба дигар унсурҳо дучор мегардад. Дар намуди озод сафеди нуқратоб аст, вале хусусияти дар ҳаво оксид шудан, боиси ранги сиёҳ ва дар намӣ аввал зард ва баъд ҷигарранг гаштани сатҳи боло ва бо мурури вақт хӯрдагардии он мегардад, хусусан дар хоки нам тез нобуд мешавад. Аз ин сабаб, дар тӯли таърих асбобу ҷиҳозҳои қадимаи оҳанӣ кам ҳифз мондаанд. Ин металл 6 -7 % -и қишр ва массаи асосии қабатҳои дохилии заминро ташкил медиҳад. Оҳани холис дар замин аҳён-аҳён вомехӯрад, аз миқдори муайяни металли никели таркиби он, пайдоиши кайҳонӣ-метеоритӣ доштани онро тахмин мекунанд. Арз доранд, ки инсон ба оҳан нисбат ба тилло, нуқра ва мис дертар шинос шудааст ва дар аввал аз оҳани метеоритӣ истифода менамуд. Қадимтарин маснуотҳо, бозёфтҳои аз оҳани метеориотӣ сохташударо дар Эрон (ҳазораи 6-5 пеш аз милод), Ироқ (ҳазораи 5 пеш аз милод) ва Мисри қадим (ҳазораи 4 пеш аз милод) қайд кардаанд. Нисбати ҳиндуҳои Амрикоӣ ва эскимосҳои Амрикои Шимолӣ овардаанд, ки онҳо то кашфи ин қитъа гарчанд ба оҳани заминӣ шинос набуданд, вале усули коркарди оҳани метиоритиро медонистанд. Истеҳсоли оҳан аз маъданҳоро нахуст ба аҳли Мисри Қадим ва Байнаннаҳрайн, дар аввали ҳазораи 2 то милод нисбат медиҳанд. Дар Ҳиндустон истеҳсолро миёнаи ҳазораи 2, дар Қафқоз, Осиёи Хурд ва Юнони қадим охирҳои ҳазораи 2 ва дар Хитой нимаи миёнаи ҳазораи як медонанд. Бархе нахуст истеҳсоли оҳанро ба яке аз халқияти қадимаи Осиёи Хурд - хеттҳо нисбат медиҳанд [13, с.79]. Паҳншавии маснуотҳои оҳанӣ дар Юнонро давраи ҳамосаҳои Гомер (асрҳои IX-VI то милод) овардаанд ва зикр кардаанд, ки номи оҳан дар “Илиада” ду маротиба ёд гашта, вале дар “Одиссея” хеле зиёд дучор мегардад. Китобҳои муқаддаси будоиён аз ҷумла Ригведа, ки ба асрҳои XIII-XII то милод рост меояд, оиди оҳангудозӣ дар Ҳиндустони қадим маълумот дорад. Даврае Ҳиндустон бо истеҳсоли оҳан ва ашёҳои филизии нақшу нигордоштаи худ овоза доштааст. Дар таърих хусусан аз корду шамшерҳои босифати ҳиндуён ёд мекунанд. Дар Деҳлии Ҳиндустон манораи оҳании массааш 6.5т бо баландии 7.5м ва бо қутри 42см мавҷуд аст, ки соли 415 милодӣ, ба шарафи шоҳ Чандра Гупта, аз оҳани тозаи 99,72 % бунёд ёфтааст ва он то ин муддат, заррае ҳам занг назада беосеб пойбарҷост. Ин

муҷассама аз санъати баланди коркард ва истеҳсоли оҳан дар аввали асрҳои миёнаи Ҳиндустон гувоҳӣ медиҳад, ки то ҳол сеҳри он пеши муҳаққиқин нокушуда аст.

Дар замони қадим яке аз марказҳои истеҳсоли оҳан будани давлати Урартуи Қавқозро низ қайд намудаанд. Нишон медиҳанд, ки пешрафти давлати Урарту хусусан, дар давраи шоҳигарии Сардури II (асри VIII то милод) ва Русса II (асри VII то милод) ба ҳадди баланд мерасад. Ривоҷ ёфтани металлгудозӣ, истеҳсоли асбобҳои филизии гуногун, аз ҷумла асбобҳои коркарди замин, боиси заминкушоӣ ва боз ҳам равнақ ёфтани минтақа гаштааст. Дар он даврон Урарту ба давлатҳои ҳамсоя, ҳатто ба Суриёю Юнон металл интиқол медодааст [4, с.516, 524]. Зикр кардаанд, ки филизгарони урартуӣ усули истеҳсолии Эрониёнро омӯхта яроқу ҷиҳозҳои ҷангӣ, ба монанди шамшер, найзаву ҷавшанҳо истеҳсол менамуданд, ки бо сифати устувории баланди худ фарқ мекарданд ва ба ин мавҷудияти конҳои зиёди филизот, аз ҷумла оҳан, ки кӯҳҳои атрофи Арманистон аз он бой будаанд, имкон медодааст. Вале дар истеҳсоли филизҳо Ассуриҳо беҳамто будаанд [11, с.99]. Дар асрҳои IX-VIII то милод аз истеҳсоли зиёди оҳан ассуриҳо пӯлодро дар сохтани чархи аробаҳо низ истифода менамудаанд.

Аҳли эронзамин - форсҳо низ барвақт ба оҳан ва пӯлод шинос буданд. Оиди филизот ва оҳан ривоятҳои Готии дар китобҳои оини зардуштӣ Авасто ва Бундаҳишн дарҷ ёфта, ки пайдоиши ниҳоят қадима доранд, баёнгари ҳол мебошанд. Тибқи яке аз ривоёт, гӯё филизҳо аз тани нахустинсон Говмард (Каюмарс) пайдо шуда, аввалин ҷуфти ба металл шиносшуда Мешӣ ва Мешона будаанд, онҳо дар санг оҳанро ошкор намуда, бо тасфи оташ ҷудо ва аз он табар сохта бошанд. Ҷое низ овардаанд, ки дар лаҳзаи растохез, фариштаи Арияман бо оташ кулли металлҳоро мегудозад, тамоми таллу теппаҳо, рӯйи замин пур аз металли гудохта шуда чун дарё ҷорӣ мегардад, одамонро ба мавҷи худ мегирад, онҳое, ки бегуноҳанд гудохтаи металл чун гармии шири навдӯшида ва ба гунаҳкорон чун оташи сӯзон таъсир мекунад ва ба тамом одамони бадхислат, зулму найранг ва ҳатто Аҳриман низ сӯхта нобуд мегардад [14, с.149].

Дар байни ҳафт металлҳои аз даврони қадим маълум буда, оҳан сахтарин ба шумор меравад. Инсон, албатта, баъд аз шиносоӣ ба хосияти сахтӣ, гудохташавӣ ва аз кӯфтан пазируфтани дигар шакл, онро барои сохтани асбобу анҷоми рӯзгор, олоти коркарди замин ва яроқ истифода бурдааст. Маълум аст, ки қадимтарин яроқҳои филизӣ корд, шамшер, найза ва табарҳои ҷангӣ буданд. Дар ҷанг, албатта, аз қадимулайём он халқияте пирӯз мегашт, ки ҷуз миқдори сипоҳ, дорои силоҳи аз металли сахт истеҳсолшуда ва ҷиҳози ҷангии мукаммал бошад. Шояд соҳиб будан ба оҳан, пӯлод ва ба роҳ мондани истеҳсоли зиёди онҳо, ба халқи форс имкон додааст, ки дар нимаи ҳазораи якуми пеш аз милод қариб тамоми Осиё, қисми шимолии қитъаи Африқо ва ҳатто давлати мутараққии Юнони қадимро зери тасарруфи худ дарорад. Ва шояд нахуст истеҳсоли оҳан дар Байнаннаҳран ва Эронзамин сурат гирифтааст ва аз он ҷо асбобу анҷомҳои оҳанӣ баъд ба Мисри Қадим оварда шуда бошанд, зеро давраи оҳанро дар Миср, асри XII-и то милод медонанд. Дар забони яке аз халқияти қадим ассуриҳо, оҳанро “парцилу” гуфтан шояд бесабаб набуда, дар алоқа ба номи халқи форс, сокинони Эронзамин, пайдо шуда бошад. Овардаанд, ки вожаи “парцилу”-и ассуриҳо дар финикӣ шакли “перциллиум”-ро гирифта ва он дар асрҳои XI-X то милод ба забонҳои аҳли сарзаминҳои атрофи Баҳри Миёназамин роҳ ёфта, дар забони этруссӣ шакли “фарс”-ро пазируфтааст. Аз гунаи этруссӣ лотинии “феррум” эҳё шудааст, ки дар забони аҳли Рими Қадим, то асрҳои V то милод дар гардиш буда ва аз он гунаҳои франсавии “Le fer” ва итолиёвии муосири “ferro” меросанд [13].

Дар байни тамоми филизот, нақши оҳан дар пешрафти тамаддун, тараққиёти ҷамоаи инсонӣ калон аст. Истеҳсоли асбобу анҷомҳои рӯзгор, воситаҳои коркарди замин, истеҳсолот, нақлиёт ва ғ. то ҳол маҳз аз ин металл вобаста аст. Яъне, оҳан ва хӯлаҳои он дар тамоми соҳаҳои ҳаёт истифода мегардад ва он металли ҷангу муҳориба, косибию кишоварзӣ, меҳнат ва рӯзгор мебошад. Оиди нақши оҳан дар ҳаёти инсон ва рушди истеҳсолот муаррихи англис Энгелс менависад: “Оҳан аз байни тамоми ашёҳо, ки инсон истифода намудааст, муҳимтарин дар таърихи ҳаёти он мебошад. Оҳан имкон додааст, ки коркарди васеи замин таъмин гардад, заминҳои сахт ва ҷангалзор ба замини корам табдил ёбад. Вай ба ҳунарманд чунин асбобҳои тез ва сахтро дод, ки на ягон санг ва дигар металли маълуми он замон надодааст” [6, с.138]. Бесабаб нест, ки муҳаққиқон, таърихнигорон даврaҳои рушди ҷамоаи инсониро дар асоси истифодаи олоти меҳнат ва маводи бунёдии онҳо гурӯҳбандӣ намуда, давраи васеи истеҳсол ва паҳншавии асбобҳои оҳанисохтро, ки такондиҳандаи рушди ҳаёт буд, “давраи оҳан” номидаанд. Этимологияи номи оҳан дар забонҳои гуногуни қадим, таърихи шиносоии онҳоро ба ин навъи филиз нишон медиҳад. Аз таҳлили номи оҳан дар забонҳои мухталиф, муҳаққиқон муайян намудаанд, ки баъзе халқиятҳо ба он чун металли аз кайҳон афтида шинос гаштаанд. Дар Мисри қадим оҳанро “би-ни-пет” мегуфтаанд, ки маънои онро *маъдани кайҳонӣ* тавзеҳ додаанд. Оҳанро дар забони армании қадим ва муосир “еркат” оварда онро аз *кайҳон афтида* маънибардорӣ намуаанд. Байни баъзе халқҳо, аз ҷумла арманиҳо афсонаву

ривоятҳое мавҷуданд, ки гӯё фариштаҳо баҳри кумак ба инсон, гунаҳои асбобҳои металлӣ: корд, плуг, табар ва ғ.-ро партофта бошанд. Пайдоиши ин ривоятҳоро аз он медонанд, ки инсони қадим дар аввал аз оҳани кайҳонӣ истифода кардааст. Дар давраи шоҳигарии якуми давлати Ур, дар Байнаннаҳрайн номи оҳанро "анбар" оварда, онро низ бо маънои *оҳани кайҳонӣ* зикр кардаанд. Бархе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки ҳиндуаврупоиҳо дар арафаи паҳнгардӣ, ҳичрат ба сарзаминҳои дигар, дар остонаи асри металл қарор доштанд ва шуғли асосии онҳо чорводорию кишоварзӣ буд, баҳри далел номи ҳиндуаврупоии металл "aios", лотинии "aes" - *бринҷӣ* ва ҳиндуи қадимаи "ayas"- *оҳан* ва решаи ҳиндуаврупоии "ar" бо маънии "*шудгор кардан"*- ро гувоҳ меоранд [11, с.39]. Номи юнони қадимии оҳан, "σίδηρος"- ро бо калимаи лотинии – "сидерус (Sidereus)" бо маънои *ситорагӣ* ҳамрадиф медонанд. Забоншиноси машҳури франсавӣ А.Майе номи оҳанро дар забонҳои мухталиф: дар ҳиндуи қадим "ayah", авастоӣ "ауō", юнонӣ "σίδηρος", лотинӣ "ferrum", германию готӣ "eisarn", исландии қадим "isarn", немисии қадим "Isarn" ва дар келтию ирландии қадим "iarn" нишон дода, қайд кардааст, ки муҳаққиқони забонҳои ҳиндуаврупоӣ аз гуногун будани номи оҳан дар забонҳо, ба он номи умумии ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуэронӣ интихоб накардаанд [5, с.709; 7, с.404].

Дар Авасто номи оҳан ва калимаҳои ба он иртиботдошта, зиёд дучор мегарданд. Дар "Фарҳанги вожаҳои авастоӣ" калимаҳои "ayańh" - *оҳан*, "ayańha" - *оҳанин, занҷир* ва ибораи "ayańhu zasta" бо ду маънӣ, *оҳаниндаст* ва *афзори оҳанӣ* тавзеҳ ёфтаанд [15]. Оҳани обу тоб додашудаистодаро дар авастоӣ "xᵛaēna ayah" ва дар паҳлавӣ "xwen-āhan" мегуфтаанд, ки маънои *"металли аз тасф сурхшуда"*- ро доштааст [14, с.149]. Оҳанро дар забонҳои муосири англисӣ "iron", франсузӣ "fer" ва дар немисӣ "Eisen" мегӯянд, ки онҳо низ шабеҳияти сохторӣ надоранд. Пажӯҳишгарон пайдоиши калимаи немисии "Eisen" ва англисии "iron"- ро аз забони келтӣ медонанд. Баъзе таҳлилгарон немисии "Eisen"- ро аз келтии "isara", бо маънои *сахт, устувор* тавзеҳ додаанд. Ҳоло номи байналхалқии оҳан, гунаи лотинии "Ferrum" қабул шуда, он бо гунаҳои дар баъзе забонҳои романӣ буда ҳамреша аст. Бархе эҳтимол доранд, ки он ба калимаи юнонӣ-лотинии "fars" бо маънои *сахт будан* ва санскритии "bhars" *сахтшаванда* дар иртибот аст [10, с.70]. Дар забони лотинӣ дар радифи номи умумии оҳан "ferrum", барои ифодаи пӯлод, ки он ҳосилаи оҳан аст, вожаи "chalybs"- ро истифода мебаранд. Бархе ин вожаро аз номи халқияти халибҳо, ки дар назди соҳилҳои Баҳри Сиёҳ зист доштаанд, баргирифта медонанд. Инчунин, дар ин забон барои ифодаи пӯлод, калимаи "acies" низ истифода меёфтааст, ки бо маънои луғавии *тез, буранда* маънидод кардаанд ва он бо чунин шаклу маъно дар забони юнонии қадим низ дучор мегаштааст (Ин ҷо бояд хотиррасон намуд, ки вожаи "acies" ба авастоии "āśu, asu" бо маънои "тез" ҳамреша аст. Дар авастоӣ ин вожа, ҳам барои ифодаи ҳаракат-шитоб ва ҳам тез, буранда, корд ва шамшер низ корбаст ёфтааст).

Таҳлили сохтори вожаҳои ифодагари оҳан ва филизот дар забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ, дар равобит ба маънои онҳо нишон медиҳанд, ки дар аксар реша ҷузъи "ar" ва гунаҳои дигари он "er, ur, ir, ау" маҳсуб меёбанд ва ин гуногуншаклӣ натиҷаи қонуни фонетикии шаклбадалкунӣ мебошад. Маълум аст, ки фонемаҳои сонории вожаҳо ҳангоми иқтибос вобаста ба фонетикаи забони интиқолдиҳанда ва қабулкунанда қобили табдил ҳам ҳастанд. Хусусан, фонемаи "r" осон, қобили табдил ба фонемаҳои "l", "у" ва ҳатто "n"- ро дорад. Бояд қайд кард, ки фонетикаи забонҳо бо тадриҷ рушд ёфтаанд ва на ҳама фонемаҳо дар як вақт вориди забон шудаанд. Масалан, дар забони чиноӣ фонемаи "r" мавҷуд нест, дар калимаҳои иқтибосӣ онро "l" ово мекунанд, япониҳо бошанд, баръакс. Дар "Бурҳони қотеъ" нисбати вожаи "ар" овардаанд: **ар** арраи дуредгарӣ бошад; ва мухаффафи агар ҳам ҳаст; ва ба туркӣ мардро гӯянд, ки муқобили зан аст [3, с.75]. Решаи мавриди таҳқиқ 'ar' ва гунаҳои дигари он бисёрмаъно буда, дар вожаҳои аз қадим ҳифзмондаи забонҳои гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ, асосан маъниҳои зеринро ифода доранд: 1.*сахт, қавӣ, устувор;* 2. *металл, оҳан;* 3. *маҳкам, баста;* 4. *замин, майдон, хок, хока* ва ғ. (Вожаи 'ар' шояд, аввал бо маънии сахт, мустаҳкам пайдо шуда, баъд барои металлҳо ва оҳан, ки маводи сахт маҳсуб меёбанд, вожаи хос гаштааст). Илова бар ин, бояд тазаккур дод, ки дар калимаҳое, ки ҷузъи 'ra'-и таркиби онҳо ба 'ar' бадал гаштаанд, чунин шакли тағйир низ дар таърих дучор мегардад, маъноҳои '*роҳ, ҳаракат, кардан, ба самте рафтан'* ва инчунин '*ранг, ҷило, равшанӣ'*-ро низ ифода кардааст.

Такя бар овардаҳои боло, як қатор калимаҳои забонҳои қадим: ҳиндуи қадим, авастоӣ ва лотинӣ, ки иртибот ба металлро доранд, мавриди таҳлил қарор медиҳем. Масалан, металли нуқра дар форсии қадим 'ardata', дар авастоии 'ərəzata', дар ҳиндуи қадим 'rajata', дар лотинӣ 'argentum' мебошад. Аз сохтори ин калимаҳо маълум аст, ки онҳо аз ду реша бунёд ёфтаанд. Решаи дуюмро дар ин калимаҳо ҷузъҳои 'data, zata, jata, gen' ташкил медиҳанд, ки ҳамагон маънои '*тавлидкунанда, зоянда'*-ро доранд. Ҷузъи якум 'ar', ба маънои *металл* буда, ҷузъи 'ra'-и гунаи ҳиндуи қадим *маънои нур, ҷило*ро дорад. Яъне, маънои номи нуқра дар ҳиндуи қадим *нурдиҳанда, ҷилодиҳанда, дурахшанда* аст, дар

алоқа ба ин маъно бояд қайд кард, ки нуқра аз ҷиҳати ҷилову дурахш байни металлҳо ҷойи аввалро ишғол мекунад. Гунаҳои дигари овардашуда бошанд, маънои ‘*тавлидкунандаи металлҳо’*-ро доранд. Аз таърихи алхимияи қадим маълум аст, ки замоне дар илм назарияи ба ҳам табдилёбии металлҳоро талқин менамуданд ва модари тамоми металлҳоро симоб медонистанд. Симобро бошад шакли моеи нуқра пиндоштанд ва аз ин рӯ, номи симоб дар баъзе забонҳо, аз ҷумла дар тоҷикӣ-форсӣ низ маънои нуқраи моеъро дорад. Дар адабиёт муаллифи ин назария Арасту дониста мешавад, шояд ин ақида ба юнониён аз форси қадим интиқол ёфта бошад, ки номи нуқра дар ин забон низ маънои ‘*зояндаи металл’*-ро дорад. Ин ақида то дер дар алхимияи Шарқ тарафдорони худро дошт. Дар китоби «Аҷоибнома» (Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот)-и Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Аҳмади Тӯсӣ, ки яке аз асарҳои энсиклопедии асри XII маҳсуб меёбад, чунин оварда шудааст: ‘Ва гӯянд ҳазор сол ба зиъбақ (симоб) бигзарад, расос (сурб) гардад ва ҳазор сол ба расос бигзарад, сим гардад ва ҳазор сол ба сим бигзарад, зар гардад’ [8, с.145].

Шарқшиноси шинохта В.И. Абаев вожаи осетинии ‘ærzæt’- ро, ки дар ин забон маънои ‘*маъдан’*-ро дорад, бо калимаҳои иронии ‘arzata’, авастоии ‘ərəzata’, форсии қадими ‘ardata’ ва инчунин бо армании ‘arc’at’, лотинии ‘argentum’, ирландии ‘argat’ ва юнонии ‘ἀργυρος (аргурос)’, ки нуқраро мегӯянд, ҳамзот медонад ва эҳтимол дорад ин калима аввал дар осетинӣ ба маънои маъданҳои нуқрадошта корбаст ёфта, баъдтар барои ифодаи ҳама гуна маъданҳо истифода шуда бошад. Боз қайд мекунад, ки бархе онро бо вожаи форсии ‘arziz’, ки сурбро мегӯянд, дар иртибот донистаанд [1, с.187]. Дар осетинӣ маънои ‘*маъдан’*-ро касб кардани вожаи ‘ærzæt’, ки он дар таърих аз гунаи ‘ærzæta’ шаклгирифта мебошад, далели худро дорад, зеро кулли металлҳо зодаи маъданҳо мебошанд, яъне аз таркиби маъданҳо ҷудо карда мешаванд. Дар забони арабӣ бошад бо калимаи ‘маъдан’, ки луғоти хосси он забон аст, ба ҷуз маъдан, металлро низ ифода мекунанд ва шояд калимаи арабии ‘маъдан’ бо маънии дуюм, русии ‘металл’, ки зодаи ‘metallum’-и лотинӣ мебошад ва тоҷикии ‘метин’ низ пайванди ҳам бошанд. Роҷеъ ба вожаи ‘метин’ забоншиноси тоҷик Ҳасанзода А. зикр мекунад, ки аз ҷумлаи қадимтарин унсури луғавии эронасл буда, онро фарҳангнигорон асосан бо маънои олоти сангтарошӣ ё кӯҳканӣ тавзеҳ додаанд. Дар ин асос аз овардаҳои (Фарҳанги Рашидӣ) ‘каланди чоҳков, олоти оҳанин, ки сангтарошон бад-он санг тарошанд ва онро «каланд» низ гӯянд; каланд бошад, ки ба он кӯҳ кананд (Туҳфатул аҳбоб); мехест оҳанӣ, ки бад он дар санг шикоф андозанд (Ғиёс-ул-луғот), ёдрас мешавад [12]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи метинро бо маънои ‘кӯбаи оҳании нӯлғафс, ки бо он санг мешикананд ё аз кӯҳ маъдан мекананд; зоғнӯл’ овардаанд [9, с.791].

Вожаи дигаре бо ҷузъи ‘ар’, лотинии ‘arma’ бо маънои яроқ (ҳамагуна яроқ, корд, шамшер ва ғ.) мебошад. Ин аносири луғавӣ аз рӯйи қавоиди калимасозии забонҳои қадим, аз ҷузъҳои ‘ар’ ва ‘ма’ сохтор гирифта, ҷузъи ‘ма’ ва гунаи дигари он ‘на’ дар вожаҳои забонҳои қадими Шарқ, чун аффикси сифатсоз хизмат мекунад ва инчунин ишора ба маводу ҷисм дорад (Нигаред ба ин чанд вожаҳои тоҷикӣ-форсии пашм, чарм, гарм, тухм, ки аз гунаҳои пашма, чарма, гарма, таухма шакл гирифтаанд).Ҷузъи ‘ар’ бошад, ифодагари металл, оҳан ва сифати сахт мебошад, яъне ‘arma’ маънои *филизӣ* ва ё аз *оҳан сохташударо* дорад. Ин вожа, шояд барои ифодаи ҳамагуна олоти филизӣ ва маводу ашёҳои сахту устувор корбаст меёфт. Вожаи лотинии ‘арма’ бо маънои яроқ, дар забони англисӣ шакли ‘arm’-ро гирифтааст, ки дар ин забон ба ҷузъ маънои яроқ ва калимаҳои ба он иртиботдошта, инчунин барои ифодаи даст (узви пуркувват ва устувор) низ корбаст гардидааст. Ё ки калимаҳои дигари ин забон ‘ars, artis’ дар аввал бо маънои ҳунармандӣ дониста мешудааст, шояд ҳунари оҳангарӣ буда ва баъд маънои санъатро низ ба худ касб карда бошад. Вожаҳои дигар: арматур, ки ифодагари маводи филизии сохтмонӣ аст ва армадилл, ки ҳайвони зиреҳпӯш (броненосец)- ро мегӯянд ва дар радифи онҳо, тоҷикии ‘арра’, ‘ароба’ низ шояд алоқа ба филиз дошта бошанд.

Нисбати номи немисии оҳан - ‘Eisen’, ки онро аз келтии ‘isara’, бо маънои *сахт, устувор* ва гунаи лотинии ‘Ferrum’- ро, ки бо калимаи юнонӣ-лотинии ‘fars’ бо маънои *сахт будан* дар иртибот донистаанд, ҳаминро мебояд гуфт, ки муҳаққиқон дуруст муайян кардаанд, зеро оҳан дар байни металлҳои дунёи қадим сахтарин маҳсуб меёфт. Дар ин вожаҳо низ ҷузъи умумӣ, ишора ба маънои *сахтӣ* дошта, ҷузъи ‘ар’ мебошад. Вожаи ‘анбар’ -и забони аҳли давлати Ур (Байнаннаҳрайн), бо маънои металли кайҳонӣ фаҳмидан, шояд аз он сар зада бошад, ки бехабар аз қавоиди шаклбадалкунӣ, онро аз ҷузъҳои ‘анб, анеба (кайҳон)’ ва ‘ар - (металл)’ ташкилёфта дониста бошанд, вале боэътимод мебояд гуфт, ки он этимологияи дигар дорад, натиҷаи бадалгардии маъмули таърихии овои ‘р’ ба ‘н’ буда, аз вожаи ‘арбара’ бо маънои ‘*чизи сахт, тани сахт*’ шаклгирифта мебошад. Чунин шаклбадалкунии калимаҳоро дар забони қадимаи арабӣ (давраи то исломӣ) низ дучор омадан мумкин аст ва ин ҳодиса дар забонҳои гурӯҳи семӣ

аз тарафи Майзел мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст [2, с.263]. Барои тасдиқ аз забонҳои қадим метавон мисолҳои бисёре овард ва ин ҷо танҳо бо як шоҳид, шаклгири вожаи русии ‘день (den)’ ва англисии ‘day’ - рӯзро, аз гунаи дар забонҳо ҳифз намондаи ‘дара’ бо маънои *тавлиди равшанӣ*, ки он дар забони ҳиндуи қадим ‘dina’ бо маънии *рӯз* аст, пеш меорем. Ин калимаҳо низ натиҷаи бадалшавии овои ‘р’ ба ‘н’ ва ‘й’ мебошанд. (Ҷузъи ‘ra’ гунаҳои дигари он ‘rao, ro, ru’ бо маъниҳои *равшанӣ, ҷило* ва ҷузъҳои ‘da, do, za, zo ja’ бо маъноҳои ‘*тавлид, офаридан, додан’* мероси забонҳои қадиманд).

Даврaҳои аввал аз тиллову нуқра пуразриш будани оҳан ва баъдтар истеҳсоли зиёди он, паҳн гаштани ҷиҳозҳои филизӣ, афзалияти сахтиву устувории онҳо, албатта, боис гаштааст, ки номи оҳан ба таркиби ному топонимҳо ва этнонимҳо ворид гардад. Дар аксар топонимҳои аз қадим ҳифзшуда номи макон ба маводе, ки аз он сарзамин дастрас мегардад, тавъам аст ва шояд номи Арран низ аз он қабил бошад. Дар луғот нисбати топоними ‘Аррон’ овардаанд: “номи вилоятест дар Озорбойҷон, ки он ҷо зару нуқра аст” [3, с.76]. Топонимҳои Иран, шакли куҳани он Аран, Арон ва Ироқ (Арак, Урак) низ равобит ба оҳан доранд, бояд хотиррасон намуд, ки дар сохтори топонимҳои аз қадим ҳифз монда, ҷузъи ‘ак’ ишора ба макон дорад. Аз маънои ин топонимҳо метавон ҳадс зад, ки нахуст истеҳсоли оҳан дар давлатҳои ҳавзаи Байнаннаҳрайн, аз ҷумла дар давлати Ур ва сарзаминҳои форснишин шурӯъ гаштааст. Дар даврaҳои баъдина истеҳсоли оҳан ва пӯлоди хушсифат дар Димишқ ба роҳ монда шуда буд (номи Димишқ дар китоби муқаддаси насрониён Библия борҳо ёдовар шудааст) ва ин металл аз ин ҷо ба дигар манотиқҳо интиқол карда мешуд ва замоне Димишқ, ки дар забонҳои Ғарб номи яке аз гунаи хушсифаттарини пӯлодро ‘дамаск’ мегӯянд ва худи номи Димишқро низ чунин ном мебаранд (Ҳоло навъи пӯлоди дамаск асосан дар истеҳсоли яроқҳо истифода мегардад). Димишқро маркази ҳунари оҳангарӣ медонистанд. Мувофиқи баъзе осорҳои хаттӣ дар наздикии Димишқ кӯҳе мавҷуд будааст, ки дорои оҳани худрӯй бо омехтагии 1 % карбон ва 8-9 % волфрам будааст ва ин барои рушди металлкоркунӣ имкон додааст. Дар Димишқ император Диоклетан дар охири асри III милодӣ фармон додааст, ки устохонаи истеҳсоли яроқ-силоҳ созанд. Баъд аз ин, қариб 1000 сол Димишқ маркази истеҳсол ва савдои асбобҳои хушсифати филизии Дунёи қадим будааст. Аз рӯйи гуфти баъзе муҳаққиқон дар Димишқ то асри XIV яроқҳои хубтарини дунё истеҳсол мегаштааст [13, с.220].

Инчунин, метавон вожаи англисии ‘iron (aiən)’-ро, ки оҳан, пӯлод ва аксар асбобҳои аз оҳансохташударо ифода дорад ва дар талаффуз шабеҳи гунаи форсии қадими ауаńh мебошад, овард. Дар вожаҳои авастоии ‘xᵛaēna ayah’ ва паҳлавӣ ‘xwen-āhan’, ки ба маънои ‘металли аз тасф сурхшуда’ тавзеҳ ёфтаанд, калимаи ‘xᵛaēna’-и авастоӣ ва ‘xwen’-и паҳлавӣ маънои *ранги хунӣ*, яъне сурхро доранд. Аз шабеҳияти сохти вожаи авастоии ифодагари оҳан ба гунаи ҳиндуи қадим маълум мегардад, ки онҳо як решаи муштарак доранд ва гунаи авастоии ‘ayah’ дар давраи пойдории забони паҳлавӣ баъд шакли ‘āhan (оҳан)’-ро гирифтааст. Гунаи паҳлавӣ зодаи гунаи авастоӣ мебошад. Нахустшакли вожаи оҳанро ‘ара, арон’ метавон этимол кард, ки он бо чунин равиш: ara, aran > ayah, ауаńh > āhan, ohan (оҳан) дар таърих тағйири сохт кардааст ва ба сохтори вожаҳои овардашуда овои ‘ҳ’ чун маҳинкунандаи талаффуз (ин ҳодиса дар калимаҳои забони ҳиндуи қадим ва форсии паҳлавӣ маъмул аст) ва ‘н’ аз тахфифи ҷузъи ‘на’ ба сифати аффикси сифатсоз ворид шудааст.

Вожаи забони тоҷикӣ-форсии ‘пӯлод (pūlād)’ низ паҳншуда ва бо гунаҳои дар забонҳои дигар буда: паҳлавии ‘pūlāvat’, арабии ‘fūlād’, сурёии ‘pld’, туркии ‘bulat’, муғулии ‘bolot, bold’, гурҷии ‘poladi’, чечении ‘bolat’ ҳамзот аст. Дар забони осетинӣ низ гунаи ‘bolat’-ро дорад ва овардаанд, ки аз bolat барои аспҳо наъл омода месозанд. Ин вожа дар шакли ‘булат’ ба забони русию украинӣ низ иқтибос гаштааст. В.И. Абаев гунаи осетинӣ, русӣ ва дар бархе гурӯҳи славянӣ бударо тавассути забони туркӣ иқтибосшуда медонад. Муқоисаи сохтори ин вожаҳо ба андешае меоварад, ки гунаи нахустро “пӯлата” донем, ки дар он реша ҷузъи “пӯл, пӯла” буда, бо пайваст шудан бо суффикси сифати феълии ‘-ат, -ата’ маънои *кӯфташуда, обутобддодашуда, кӯфташавандаро* мегирад. Дар фарҳанг вожаи пӯла бо маъниҳои зерин оварда шудааст: 1. *кӯфташуда, шикаста, аз зарб мулоимшуда*; пӯла кардан - *зада маҷақ кардан*. 2. *пухта мулоим шудани чизе* [9, Ҷ.2, с.133]. Аз ин рӯ, маънои луғавии вожаи ‘пӯлод’-ро метавон *кӯфташуда, пӯхташуда, обутобёфта* эҳтимол кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка: Т.1. / В. И. Абаев. - М.-Л.: Изд. акад. наук СССР, 1958. – 655 с.
2. Белова А.Г. Этимологический словарь древнеарабской лексики (на материале избранных текстов доисламской поэзии) / А.Г. Белова. - М.: Институт востоковедения РАН, 2012. - 284 с.
3. Бурҳон, М. Бурҳони қотеъ.Ҷ.1. / М.Бурҳон. - Душанбе, 1993. - 416 с.
4. Всемирная история. Т.1. - М.: Полит. литература, 1956. - 747 с.

5. Гамкрелидзе Т.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы / Т.В. Гамкрелидзе, Вяч.Вс. Иванов; с предисловием Р.О. Якобсона. Кн. 2. - Тбилиси, изд. Тбилисского Университета, 1984. – 1328 с.
6. Маркс К. Сочинения / К.Маркс, Ф.Энгельс. Т. XVII. - Ч.1. - С. 138.
7. Мейне А. Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков / А.Мейне; пер. Д.Кудрявского: под ред. Р.Шор. - М.-Л., 1938. – 510 с.
8. Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Аҳмади Тӯсӣ. Аҷоибнома (Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот) / Зери назари С.Назарзода. – Душанбе: Эр-граф, 2016. - 604 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1, 2. – Душанбе: Адиб, 2008. – 950 с.; - 945 с.
10. Фигуровский Н.А. Открытие элементов и происхождение их названий / Н.А. Фигуровский. - М.: Наука, 1970. – 207 с.
11. Фрай Р. Наследие Ирана / Р.Фрай; под ред. М.А. Дандамаева; пер. с анг. В.А. Ливщица и Е.В. Зеймаля. - М.: Вост. лит., 2002. – 463 с.
12. Ҳасанов А. Лаҳҷашиносии таърихӣ / А. Ҳасанов. – Хуҷанд, 2014. – 175 с.
13. Черноусов П.И. Металлургия железа в истории цивилизации / П.И. Черноусов, В.М. Мапельман, О.В. Голубев. - М.: МИСиС, 2005.
14. Чунакова О.М. Пехлевийский словарь, зороастрийских терминов, мифических персонажей и мифологических символов / О.М. Чунакова; отв. ред. М.Н. Боголюбов. – М.: Восточная литература РАН, 2004. - 286 с.
15. Bahrami E. Dictionary of the Avesta / E.Bahrami, F.Joneydi. – Iran: Balkh, 2000.

ЭТИМОЛОГИЯИ НОМИ ОҲАН ВА ВОЖАҲОИ БА ОН ИРТИБОТДОШТАИ БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Дар мақола аз таърихи истеҳсол ва истифодаи оҳан, номи он дар забонҳои қадим ва нуқтаи назари муаллиф оид ба этимологияи вожаҳои ‘оҳан’, ‘пӯлод’ ва баъзе калимаҳои ифодагари маводу предметҳои фулузӣ дар забонҳои мухталифи хонаводаи ҳиндуаврупоӣ оварда шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили номи металлҳо ва оҳан дар забонҳои қадим, нишон медиҳад, ки решаи умумии ифодагари металлҳо ва оҳан ҷузъи ‘ар’ ва гунаҳои дигаре, ки он дар таърих пазируфтааст, ҷузъҳои ‘ир, ер’ мебошад. Қайд мекунад, ки ин ҷузъҳо дар калимаҳо гуногунмаъно буда, маъноҳои 1. сахт, мустаҳкам, 2. металл, оҳан; 3. маҳкам, баста; 4. замин, майдон, хок, хока ва ғ. доранд. Аз рӯйи муқоисаи сохти вожаи авастоии ифодагари оҳан ба гунаи ҳиндуи қадим, решаи муштарак доштани онҳоро зикр карда, гунаи паҳлавии ‘āhan (оҳан)’- ро зодаи гунаи авастоии ‘ayah, ayaṅh’ медонад. Нахустшакли вожаи оҳанро ‘ара, арон’ эҳтимол карда, асос ба қонунияти фонетикии бадалгардии овозҳо (‘r (р)’ ба ‘y (й)’), бо чунин равиш: ara, aran> ayah, ayaṅh >āhan, ohan дар таърих шаклгирии вожаи оҳанро нишон додааст. Калимаи ‘пӯлод’-ро аз гунаи ‘пӯлата’, реша ҷузъи ‘пӯл, пӯла’, бо пайваст гардидани суффикси сифати феълии ‘-ат, -ата’ бунёд ёфта, бо маънои луғавии ‘кӯфташуда, обутобдодашуда, кӯфташаванда’ тавзеҳ додааст. Инчунин, муаллиф эҳтимол дорад, ки топонимҳои зиёде чун Аррон, Эрон (Иран), Ироқ ва ғ. низ ба номи металл ва оҳан дар иртиботанд ва ин мавзеъҳо дар гузашта маркази коркарди оҳан ва дигар филизҳо маҳсуб меёфтанд.

Калимаҳои калидӣ: этимология, семасиология, топонимика, забонҳои қадим, металл, оҳан, пӯлод, маъдан, шаклбадалкунии вожаҳо.

ОБ ЭТИМОЛОГИИ НАЗВАНИЯ ‘ЖЕЛЕЗО’ И СЛОВ, СВЯЗАННЫХ С НИМ В РАЗНЫХ ЯЗЫКАХ

В статье, опираясь на историю металлургии и названия металлов, в частности, название железа, рассматривается этимология слов, выражающих железо и ряд железных предметов в некоторых языках индоевропейской семьи. Автор на основе результатов анализа названий ‘металл’, ‘железо’ и ‘сталь’ в некоторых древних языках, таких как древнеперсидский, авестийский, латинский и др., показывает, что в них корнем является часть ‘ар’ и другие его формы ‘ир, ер’. Отмечается, что указанные морфемы многозначны, в словах, унаследованных из древности, они имеют значение: 1.твёрдость, крепкость; 2. металл, железо; 3. закрытый, связанный; 4. земля, площадь, песок, порошок и т.д. Сравнивая морфологию слов, выражающих железо в древнеиндийском и авестийском языках, указано, что они имеют единый корень и отмечаются, что пехлавийская форма ‘āhan (оњан)’ была формирована из авестийского слова ‘ayah, ayaṅh’. На основе фонетических законов формоизменения, возможности перехода фонемы ‘r’ на ‘y’, самой архаичной формой признается ‘ара, арон’ и показывается схема исторического формирования таджикского слова ‘оњан’: ara, aran> ayah, ayaṅh >āhan, ohan. Автор также показывает, что архаичной формой таджикского слова ‘пӯлод (pūlād)’- ‘сталь’ должно быть слово ‘pōlata (пӯлата)’, состоящее из корня ‘pōl, pōla’ и суффикса причастия ‘-at, -ata’ с буквальным значением ‘кованый, закалённый’. Также автор связывает названия некоторых древних топонимов, в том числе Аррон, (Иран), Ирак и др., с названием металла и железа, так как эти местности были центром выработки и производства металлов и металлических изделий, в том числе железных.

Ключевые слова: этимология, семасиология, топонимика, древние языки, металл, железо, булат (сталь), формоизменения слов.

ON THE ETYMOLOGY OF THE NAME ‘IRON’ AND THE WORDS RELATED WITH IT IN DIFFERENT LANGUAGES

Based on the history of metallurgy and the names of metals, in particular, the name of iron, the article discusses the etymology of words expressing iron and a number of iron objects in some languages of the Indo-European family. Based on the results of the analysis of the names “metal”, “iron” and “steel” in some ancient languages, such as Old Persian, Avestan, Latin, etc., the author shows that the root of these words is part of “ar” and its other forms “ir”, “ep”. It is noted that these morphemes are polysemic in the words inherited from antiquity, and have the following meanings: 1. hardness, strength; 2. metal, iron; 3. closed, connected; 4. land, area, sand, powder, etc. Comparing the morphology of words expressing iron in the ancient Indian and Avestan languages, it is indicated that they have a single root. And it is noted that the Pahlavian form “āhan (ohan)” was formed from the Avestan word “ayah, ayaṅh”. Based on the phonetic laws of form-change, the possibility of transition of the phoneme “r” to “y”, the most archaeological form is recognized as “ara, aron” and the scheme of historical formation of the Tajik word “ohan” is shown: ara, aran > ayah, ayaṅh >āhan, ohan. The author also shows that the archaic form of the Tajik word “pulod (pūlād)” – “steel” should be the word “pōlata (pulata)” consisting of the root “pōl, pōla” and the suffix of participle “-at, -ata” with the literal meaning “forged, hardened”. The author also connects the names of some ancient toponyms, including Arron, (Iran), Iraq and others, with the name of metal and iron, since these areas were centers of production and processing of metals and metal products, including iron.

Key words: etymology, semasiology, toponymy, ancient languages, metal, iron, damask steel (steel), word-formations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тухтасунов Обиддин*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, дотсенти кафедраи химияи органикии амалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Сведения об авторе: ***Тухтасунов Обиддин*** – Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, доцент кафедры органической и прикладной химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Information about the author: ***Tukhtasunov Obiddin*** - Khujand State University named after B. Gafurov, associate Professor of organic and applied chemistry. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlonbekova 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-764-33-32**

УДК:413.11.4

ПАРАМЕТРҲОИ КОГНИТИВИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ВА ИДИОМАНОКИИ ОНҲО

Фатоев А.Т.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Тавре ки Р.В. Ежкова қайд мекунад, раванди ташаккули гунаҳои луғавӣ-семантикии ибораҳои феълӣ зери таъсири маҷмӯии се омили асосӣ қарор дорад: 1) сермаъноии феъл, ки ба таркиби лексемаи таркибии ибораи феълӣ дохил мешавад; 2) низоми маъноҳои ҷузъи дуюм (постпозитив); 3) гунаҳои дигаре, ки дар онҳо ибораи феълӣ истифода мешаванд [1, с.18]. Дар ин таҳқиқот мо он ҳолатро ба назар мегирем, ки воситаҳои дуюмдараҷаи номгӯйи амал (ки ба онҳо ибораҳои феълии мавриди таҳлил дохил мешаванд), аз ҳисоби азнавсозии сифатӣ ва миқдории сохтори асосӣ ташкил меёбанд, ки дар ин воҳидҳои фразеологӣ феъл ба ҳисоб меравад. Азбаски постверби ба сохтори ибораҳои мавриди омӯзиш дохилшаванда дар ҳамроҳ кардани тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ ба семантикаи асоси феълии ба параметрҳои маконӣ-замонӣ, ҷузъиёти вазъӣ ва ҳоказо дахлдошта нақши муҳим дорад, ғайр аз маҷмӯи воҳидҳои фразеологӣ барои таҳлил асосёбии когнитивии феълҳо, ки дар худ заминаи ибораҳои феълӣ марбутаро таҷассум мекунанд фаро гирифта шуданд. Барои таҳлил ҳамон гунаҳои луғавӣ-семантикии феълҳо ва воҳидҳои фразеологие интихоб карда шуданд, ки дар онҳо мувофиқати референсия ба қайд гирифта шуд. Муқоисаи муфассали асосёбии когнитивии ибораҳои феълӣ ва асосҳои феълии онҳо имконият медиҳанд, он тавсифоти наве муқаррар карда шавад, ки дар ҷамъбаст дар натиҷаи якҷоя кардани постверб ба феъли асосӣ барои сохтани ибораи феълӣ пайдо мешавад.

Дар аксар ҳолатҳо дар натиҷаи якҷояшавии семантикии поствербҳо ва феълҳои асосӣ тағйирёбии соҳаи референсияи ибораҳои феълӣ дар муқоиса бо соҳаи референсияи феълҳои ибтидоӣ ба амал меояд. Масалан:

1) амали ҷисмонии мақсаднок =>фаъолияти нутқӣ: *dust*– 2. to put dust, etc. on something; *dust off*– 2. to scold (somebody);

2) вайрон кардан: =>ҳаракат: *eat*– 2. to destroy, as if by eating; *eat up –A*. **naut.** to cover (a distance) quickly;

3) тағйирёбии ҳолат => шакли ҳастӣ ва фаъол будан: *eke*– to add to or increase; *eke out*– to make (a supply of something) last, as by adding to it; have to live on (a poor income);

4) тағйирёбии ҳолат =>ҳаракат: *fade*– 2. (fig.) to disappear or die gradually; *fade back* – to move back, clear of a group of players, in order to pass the ball forward;

5) амали мақсаднок => фаъолияти фикрӣ: *feel* – 10. to try to find by touching; search for; *feel out*– to try to discover the opinion of (somebody);

6) биниш/назарандозӣ =>фаъолияти фикрӣ/нутқӣ: *look* –1. to use one's eyes; turn the eyes in some direction; try to see; *look about*– 2. to make enquiries before choosing ва ғайраҳо.

Аммо, чунин ҳодисаро наметавон қонуният ҳисоб кард, чунки дар байни ибораҳои феълӣ он намуди феълҳо кам нестанд, ки дар онҳо дар соҳаи референсия дар муқоиса бо феълҳои асосӣ тағйирот ба амал намеояд:

1) тағйирёбии ҳолат: *fair*–2. (of the weather) to clear; *fair up*– (of weather) to become brighter;

2) фаъолияти нутқӣ: *falter*– 2. to speak in a hesitating way, or with a broken *voice; falter out*– to speak (something) in an uncertain manner;

3) фаъолияти фикрӣ: *figure*- 4. to work with figures; do problems in arithmetic; *figure out* -1. to calculate (something);

4) ҳаракат: *bat* -to flutter, as a hawk; *bat around*- 1. to hurry from place to place in tiring manner ва ғайраҳо.

Ин мисолҳо бо мушоҳидаҳои Н.Н. Скоморошенко [2, с.11-14] мутобиқат мекунанд, ки тибқи онҳо маънои луғавии феъл ва пасоянд (бо истилоҳи Н.Н. Скоморошенко) метавонад ё бетағйир боқӣ монад ва ё қобилияти тағйирёбиро, умуман, дар сохтори семантикии мувофиқат доро мебошад. Масалан, *enter – enter up.* Бинобар тағйирёбии семантикӣ феъли ҳаракат аз як маъно маҳрум мешавад: феъли ибтидоии ҳаракати *enter* (come or goin to) дар мувофиқат бо пасоянди up ин маъноро гум мекунад ва ба феъли «ғайриҳаракат» табдил меёбад, ки тафсири луғатнигории он – «to record (something)» мебошад. Ба ин навъи тамоюлоти семантикӣ чандин феълҳо ва ҷузъҳои онҳо мансуб мебошанд: *follow – follow up* (to act further on (something), *trip – trip out* (to experience the bad effects of a mind – changing drug).

Эҳтимол аст, яъне вақте ки феъли «ғайриҳаракат» маънои «ҳаракат»-ро мегирад. Масалан, *mooch – mooch about.* Феъли ибтидоии *mooch* маънои «to play truant; to act or live as a wanderer or vagrant» дорад, яъне феъли «ҳаракат» нест. Феъл бо постверби *about* якҷоя шуда маънои навро мегирад ва комплекси семантикии ҳосилшуда ибораи феълии ифодакунандаи ҳаракат мегардад: *mooch about* – to wander without aim, activity, orinterest (around a place). Натиҷаҳои дар боло номбаршуда дар мушоҳидаҳои Н.Н. Амосова ҳам тасдиқи худро ёфтаанд. Тибқи ақидаи ӯ мувофиқати феъл бо постпозитив (истилоҳи Н.Н. Амосова) метавонад як навъ душакла бошад: 1) воҳиди матни тағйирёбанда, ки дар он феъл маънои луғавии худро тағйир намедиҳад, постпозитив танҳо ба он баъзе таърифҳоро ворид мекунад. (*to come – to come in; to eat – to eat up);*

2) воҳиди матни доимӣ, ки маънои пурраро соҳиб мебошад, дар он маънои худи феъл ва постпозитив дар ҳолати заифӣ баромад мекунанд *(to fall out* «ба ҳар тараф пош хӯрдан», *to bring up* «тарбия кардан»). Се маънои постпозитивҳо қайд карда мешавад:

1) роҳнамоӣ (самтро нишон додан) *(to come back, to wander about);*

2) намудӣ *(to sit – to sit down, to speak – to speak out);*

3) пурзӯркунанда *(to end up, to lay down, to hush up)* [3, с.231-232].

Маълум аст, ки тибқи ин нуқтаи назар он ибораҳои феълие, ки соҳаи онҳо дар муқоиса бо феъли ибтидоӣ тағйир меёбанд, ба воҳидҳои матни доимӣ мансуб буда, он воҳидҳои фразеологие, ки соҳаи референсияи онҳо тағйир намеёбад, ба воҳидҳои матни тағйирёбанда дохил мешаванд.

Пайвастшавии семантикии поствербҳо бо феълҳо ба тавсифоти референтии миқдории ибораҳои феълӣ таъсир мерасонанд. Дар як қатор ҳолатҳо метавон мураккабгардии референсияро мушоҳида кард:

1) *lobby* – to influence the members of a law – making body (як амал) =>*lobby through* – to reach or obtain (something such as a law) by political action (ду амал);

2) *log* – to write (something) in a log (як амал) *log up* – 2. to gain; record (something such as a victory) (ду амал);

3) *mete* – to give (як амал) => *mete out* – to give; make decisions about and see that people receive (something such as reward or punishment, esp. justice) (се амал);

4) *beg* – to ask humbly (something not material) (як амал) => *beg off* – to (cause to) to be excused (ду ҳолат) ва ғайраҳо.

Ҳолатҳои сершуморе дида мешаванд, ки дар асосҳои когнитивии ибораҳои феълӣ дар муқоиса бо феълҳои монанд содашавии референсияҳо ба назар мерасанд:

1) *loose* – 1. to unfasten; set free; release (се амал) *loose off* – 2. to express (a loud sound) (як амал);

2) *make* – 1. to construct; manufacture; bring into existence; build; get ready for use; prepare or arrange; compose; think out (нуҳ амал) => *make up* –1.to put a surface on (a road) (як амал);

3) *mark* – 4. to distinguish; characterize; accompany; be a feature of (се амал ва як ҳолат) =>*mark up* – 3. to charge (something such as alcohol) to somebody's account (як амал);

4) *be* – to exist, happen, etc (ду ҳолат):=> *be over* – 1. to arrive at someone's home (як амал) ва ғайраҳо.

Баъзан ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки дар натиҷаи пайвастшавии феъл бо постверб дар асоси когнитивии ибораи феълӣ ҳаҷми тавсифоти нисбӣ назар ба феъли асосӣ зиёд ба назар мерасад. Масалан:

1) *board* – 2. To supply with meals; getmeals (се аломат: ғайриҳудуднокӣ + серҳаракатӣ + самтнокии субъектӣ-объектӣ) =>*boardin – 2.* to take meals at one's lodging or place of work (чаҳор аломат: ғайриҳудуднокӣ + серҳаракатӣ + самтнокии субъектӣ + ҷойи амал);

2) *fade* – 2. (fig.) to disappear or diegradually (се аломат: ҳудуднокӣ + серҳаракатӣ +самтнокии субъектӣ) =>*fade back*- to move back, clear of a group of players, in order to pass

the ball forward (чаҳор аломат: ҳудуднокӣ + серҳаракатӣ + самтнокии субъектӣ + самти амал);

3) *fend* – 1. to defend oneself from, as: to fend off a blow (се аломат: ҳудуднокӣ + серҳаракатӣ + самтнокии объектӣ) *fendoff — 1.* to push (something or somebody) away (чаҳор аломат: ҳудуднокӣ + серҳаракатӣ + самтнокии объектӣ + самти амал);

4) *fire* – 1. to shoot (agun); cause (an explosive) to go off (се аломат: ҳудуднокӣ + серҳаракатӣ + самтнокии субъектӣ-объектӣ) =>*fire away* ~ 4. to begin, esp. to speak; talk actively or ask questions (чаҳор аломат: ҳудуднокӣ + серҳаракатӣ + самтнокии субъектӣ + давраи амал);

5) *lock* – to fasten (a door, box, etc.) with a lock (се аломат: ҳудуднокӣ + серҳаракатӣ + самтнокии объектӣ) *lock out – 2.* to prevent (workmen) from entering a place of work until a disagreement is settled as the employers want it (чаҳор аломат: ҳудуднокӣ + серҳаракатӣ + самтнокии объектӣ + ҷойи амал) ва ғайраҳо.

Таҳлили мавриди назари ибораҳои феълии навъи *give up, take in, let on* имконият медиҳад, ки таъсири маънои намудии поствербҳо назорат карда шавад. Тавре ки Н.Н. Амосова қайд мекунад, муайянкунии намудии феъли ҳосилкунандаи постпозитив дар он ифода меёбад, ки постпозитив қобилият дорад бо роҳи феъли ғайриҳудудиро бо ҳудудӣ табдил додан ё баръакс, хосияти намудии феълро тағйир диҳад. Постпозитив метавонад он далелро қайд намояд, ки ҳудуди дохилӣ дар феъл бартараф карда шудааст (*to write away)* ё баръакс идеяи ҳудуди амал дар ин ҳолат маълум аст (*to cry out, to write down, to eat up)* [3, с.245-247]. Инро Ҷ. Хитон низ тасдиқ карда, дар қатори вазифаҳои дигари ҳиссачаҳои баъдифеълӣ илова намудани тобиши пурраи маъноиро чудо менамояд (a sense of completion): *Let me finish this off before I leave* [4, с.45]. Пас, амалкарди якҷояи семантикии феъли асосӣ ва постверб дар якчанд ҳолатҳо натиҷаи тағйирёбии тавсифоти муҳимми ибораи феълии сохташавандаро дар муқоиса бо намуди ибтидоии феъл дорад. Масалан:

1) ғайриҳудуднокӣ/ҳудуднокӣ: *ebb* – 2. (fig.) to grow faint or weak; *ebb away* – to become less strong; fade; gradually go away;

2) ғайриҳудуднокӣ => ҳудуднокӣ: *fiddle* – 2. to waste time; do useless things; make aimless movements; *fiddle away* – 2. to waste (time or money);

3) ҳудуднокӣ => ғайриҳудуднокӣ: *lock* – to fasten (a door, box, etc.) with a lock; *lock in*–2. to surround (something);

4) ҳудуднокӣ => ғайриҳудуднокӣ: *blaze* – 1. to (begin to) burn with a bright flame; *blaze away* – 2. to shoot rapidly and continuously (at somebody or something) ва ғайраҳо.

Муқаррар кардани ин ё он намуди феъл боиси мушкилӣ мегардад, чунки як қисми феълҳо шарҳи дурангаи ҷанбаҳои онҳоро пешбинӣ мекунанд. Дар байни ибораҳои феълӣ, инчунин, метавон ҳолатҳоеро мушоҳида кард, ки ҳаҷми тавсифоти шарҳии онҳо аз ҳаҷми тавсифоти шарҳии феълҳои асосӣ дар натиҷаи таъсири семантикаи постверб зиёдтар мебошанд. Масалан:

1) *explain* – to give or be the reason for; account for (мавҷуд набудани аломатҳои шарҳӣ) *explain away* – to account for (something wrong, a difficulty, etc.); give an excuse for (something), esp. in order to avoid blame (се аломат: мақсад + баҳо + мансубияти объектӣ);

2) *feed* – 3. to supply with material; keep filled (мавҷуд набудани аломатҳо) => *feed back* – to return (something such as information) to somebody or something where it started (ду аломат: мансубияти субъектӣ-объектӣ + мансубияти вазъӣ);

3) *ferret* – 2. to make a careful search for; try to find (намерение) => *ferret out* – to discover (something such as information) by searching (се аломат: усул + мансубияти объектӣ + мансубияти вазъӣ);

4) *live* – to make or become lively (каузатсия) => *liven up* – to (cause to) become more interesting, active, or cheerful (ду аломат: каузатсия + шиддатнокӣ);

5) *moon* –1.to move or look about in an idle or aimless way (усул) *moon about* – to seem or behave unhappily, often because of love (усул + сабаб) ва ғайраҳо.

Дар рафти таҳлили сохтори семантикии ибораҳои феълӣ ва феълҳои асосии онҳо кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки мавҷудияти вобастагии байни параметрҳои асоси когнитивии ибораи феълӣ ва дараҷаи идиоматинокии он аниқ карда шавад. Тавре ки маълум аст, истиора ва киноя ҳамчун ҳодисаи забонӣ дар асоси идиоматинокӣ қарор доранд. Онҳо низ дар дериватсияи семантикӣ дар доираи як ё якчанд калима нақши бориз доранд, чунки гунаи нави луғавӣ-семантикӣ аксар вақт дар асоси монандии даркӣ ва наздикӣ бо феъли ибтидоӣ сохта мешавад. Тавре ки О. Буйнова нишон медиҳад, инкишофи маънои истиоравии калима ҳамон вақт ҷой дорад, ки агар маънои калима барои фаро гирифтани далелҳои нав ва олами атроф дароз карда шавад [5, с.114]. Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки дараҷаи баланди идиоматинокӣ дар бисёр ҳолатҳо он ибораҳои феълиеро ҳамроҳӣ мекунад, ки дар онҳо дар натиҷаи таъсири семантикаи поствербҳо соҳаи

референсия дар муқоиса бо феъли асосии ибтидоӣ сифатан тағйир ёфтааст. Ба ақидаи мо, дар марҳилаи ташаккули ибораҳои феълӣ тафаккури инсонӣ кӯшиш кардааст, ки ҳар чӣ бештар аломатҳои фрагменти мушаххаси ҳақиқати феъл ва зарфдоштаро фаро гирифта ва фаҳмонида, барои тавсеа ва пурра кардани соҳаҳои аз ибтидо маҳдуди ифодаи феъли ибтидоӣ бо ёрии иттиҳодияҳо аз рӯйи монандӣ ва наздикӣ дараҷаи баланди образнокиро мавриди истифода қарор диҳад. Образнокии баланд, ки аксар вақт бо мушкилфаҳмӣ ва алоқаи гумшудаи маънои ибораи феълии азнавсохташуда бо маънои феъли ибтидоӣ тавсиф меёбад, барои пайдоиши идиоматинокӣ мусоидат мекунад. Тибқи ақидаи Д. Болинҷер, «ибораи феълӣ ин дарвозаи истиора мебошад» (a floodgate of metaphor) [6, с.457].

Ибораи феълии *edge out*, ки дорои дараҷаи баланди идиоматинокӣ мебошад, маънои «to put (somebody) out of place»- ро дорад, ки бо маънои феъли асосии *edge* мутаносиб аст 2. to move, or cause to move, slowly and carefully, гарчанде вайрон бошад ҳам, бо охирӣ алоқаи образноки ба киноя асосёфтаро нигоҳ медорад. Агар феъли асосии алоҳида гирифташуда соҳаи референсияи «ҳаракат»- ро дошта бошад, он гоҳ ибораи феълӣ, аллакай, ба «тамоси иҷтимоӣ» ишора мекунад. Ибораи *back away* (2. to be unwilling to consider an idea) ҳам дорои хосияти баланди идиоматинокӣ мебошад ва дар фарқият аз феъли асосии *back* (1. to go or cause to go back), ки соҳаи референсияи он «ҳаракат» аст, соҳаи референсияи «фаъолияти фикрӣ»- ро дорад. Ин фарқияти калон дар тавсифоти референтӣ наметавонад ба идиоматинокии ибораи феълии сохташуда бетаъсир бошад. Ибораи феълии *bite back,* ки маънои «2. to control; prevent (something) from being expressed»- ро дорад, низ ҳамин тавр аст. Дар ин маъно танҳо алоқаи образноки норавшан бо маънои феъли ибтидоии *bite* – 1. to cut, crush, or seize (something) with the teeth мушоҳида мегардад. Пайвастшавии семантикии ин феъл бо постверб доираи аввалини ифодакунии онро васеъ намуд – «амали ҷисмонии мақсаднок» ва дар ибораи феълии марбута соҳаи референсия «фаъолияти нутқӣ» гардид. Феъли *bang* (to make a sharp loud noise or noises) ва ибораи феълии *bang away* (to work very hard or with determined effort) ҳам мутаносибан аз рӯйи соҳаи референсияи худ «амали мақсаднок» ва «намудҳои ҳастӣ ва фаъолияти ҳаётӣ» ниҳоят фарқ мекунанд.

Ибораи феълии *load up* (2. to fill (somebody or oneself) with information, sometimes imaginary) низ аз рӯйи идиоматинокии баланд фарқ мекунад. Маънои он бо маънои феъли асосии *load* – 1. to put a load or burden on or into шабоҳат дорад, чунки алоқаи ассотсиавии байни денотатҳои ин феълҳо, аммо соҳаи референсияи онҳо мутаносибан «фаъолияти фикрӣ» ва «амали мақсаднок» мувофиқат намекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ежкова Р.В. Лексико-семантическое словообразование английских фразовых глаголов в современном английском языке / Р.В. Ежкова. – Донецк, 1986. – 18 с.
2. Скоморощенко Б.А. Сводимость языков мира, учёт специфики конкретного языка, предназначенность языков мира / Б.А. Скоморощенко. - М., 1976. – С.11-14.
3. Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии / Н.Н. Амосова. - ЛГУ, 1963. – С.231-232.
4. Heaton J.B. Prepositions and Adverbial Particles / J.B. Heaton. – Longmans, 1965. - P.45.
5. Buinova O. The Metaphoric Extension of the Word's Meaning in the Development of its Semantic Structure / O. Buinova // Язык. Культура. Деятельность: Восток – Запад: Тез. докл. 2-й междунар. науч. конф. – Набережные Челны, 1999. – Том 2. – С.114.
6. Bolinger D. The Phrasal Verb in English / D.Bolinger. – Cambridge: Massachusetts, 1971. – P.457.

ПАРАМЕТРҲОИ КОГНИТИВИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ВА ИДИОМАНОКИИ ОНҲО

Дар мақола муаллиф раванди ташаккули гунаҳои луғавӣ-семантикии ибораҳои феълиро, ки зери таъсири маҷмӯии се омили асосӣ: 1) сермаъноии феъл, ки ба таркиби лексемаи таркибии ибораи феълӣ дохил мешавад; 2) низоми маъноҳои ҷузъи дуюм (постпозитив); 3) гунаҳои дигаре, ки дар онҳо ибораи феълӣ истифода мешавад, қарор дорад, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар ин таҳқиқот муаллиф ҳолатеро ба назар гирифтааст, ки воситаҳои дуюмдараҷаи номгӯйи амал (ки ба онҳо ибораҳои феълии мавриди таҳлил дохил мешаванд), аз ҳисоби азнавсозии сифатӣ ва миқдории сохтори асосӣ ташкил меёбанд, ки дар ин воҳидҳои фразеологӣ феъл ба ҳисоб меравад. Муаллиф бо овардани мисолҳо аксари ҳолатҳоро, ки дар натиҷаи якҷояшавии семантикии поствербҳо ва феълҳои асосӣ, тағйирёбии соҳаи референсияи ибораҳои феълӣ дар муқоиса бо соҳаи референсияи феълҳои ибтидоӣ ба амал меояд, овардааст. Масалан: Амали ҷисмонии мақсаднок =>фаъолияти нутқӣ: *dust*– 2. to put dust, etc. on something; *dust off*– 2. to scold (somebody). Инчунин, қайд менамояд, ки чунин ҳодисаро наметавон қонуният ҳисоб кард, чунки дар байни ибораҳои феълӣ он намуди феълҳо кам нестанд, ки дар онҳо дар соҳаи референсия дар муқоиса бо феълҳои асосӣ тағйирот ба амал намеояд. Масалан: тағйирёбии ҳолат: *fair*–2. (of the weather) to clear; *fair up*– (of weather) to become brighter.

Калидвожаҳо: сермаъноии феъл, гунаҳо, воситаҳо, сохтори асосӣ, дохилшаванда, тағйироти миқдорӣ, референсия, тавсифот, феълҳои асосӣ.

КОГНИТИВНЫЕ ПАРАМЕТРЫ ГЛАГОЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ И ИХ ИДИОМАТИЧНОСТЬ

В данной статье автор подверг анализу и рассмотрению процесс становления логико-семантических видов глагольных словосочетаний, который осуществляются под влиянием трех основных факторов: 1) многозначность глагола, которая относится к составу лексем глагольного словосочетания; 2) система значений второго параметра

(постпозитив); 3) другие виды, в которых используются глагольные словосочетания. В данном исследовании автор учитывает то обстоятельство, что второстепенные способы наименований действия (к ним относится анализ глагольных словосочетаний), за счёт новой качественной и количественной постройки основной структуры, относящейся к фразеологическим единицам глагола. Автор приводит примеры случаев семантического соединения поствеберов и главных глаголов, в которых происходит изменения сферы референции глагольных словосочетаний в сравнении со сферй референции начальных глаголов. Например. Физическое целенаправленное действие =>речевая деятельность: *dust*– 2. to put dust, etc. on something; *dust off*– 2. to scold (somebody). Также отмечает, что подобные случаи не могут считаться правилом, потому что между глагольными словосочетаниями такие глаголы встречаются нередко, в них не происходит изменения в сфере референции в сравнении с основными глаголами. Например, изменение обстоятельства: *fair*–2. (of the weather) to clear; *fair up*– (of weather) to become brighter;

Ключевые слова: многозначность глагола, способ, основная структура, абитуриент, количественное изменение, референция, характеристика, основные глаголы.

COGNITIVE PARAMETERS OF VERBS AND THEIR IDIOMS

In this article, the author analyzed and considered the process of formation of logical-semantic types of verb phrases, which are carried out under the influence of three main factors: 1) the polysemy of the verb, which refers to the composition of the lexeme of the composition of the verb phrase; 2) the system of values of the second parameter (postpositive); 3) other types that use verb phrases in them. In this study, the author takes into account the fact that the secondary ways of naming actions (these include the analysis of verb phrases), due to the new qualitative and quantitative construction of the main structure, related to the phraseological units of the verb. The author gives examples of most cases of the semantic connection of post weber and main verbs, in which the sphere of reference of verb phrases changes in comparison with the sphere of reference of initial verbs. For example. Physical purposeful action => speech activity: dust– 2. to put dust, etc. on something; dust off– 2. to scold (somebody). He also notes that such cases cannot be considered a rule, because between verb phrases such verbs are not rare, which do not change in them in the sphere of reference in comparison with the main verbs. For example. Change of circumstance: fair – 2. (of the weather) to clear; fair up– (of weather) to become brighter.

Key words: polysemy of a verb, method, basic structure, applicant, quantitative change, reference, characteristic, basic verbs.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Фатоев Аминҷон Тоирҷонович*** **–** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Адрес:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. Тел**.: (+992) 918-24-05-23**

Сведения об авторе: ***Фатоев Аминджон Тоирджонович*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, старший преподаватель кафедры языкознания и сопоставительной типологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 918-24-05-23**

Information about the author: ***Fatoev Aminjon Toirjonovich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Senior Lecturer, Department of Linguistics and Comparative Typology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov st., 16. Tel **.: (+992) 918-24-05-23**

УДК:412.1

ИФОДАИ ҶУЗЪҲОИ ДОХИЛИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТАВСИФӢ БО ҲИССАҲОИ НУТҚ

Убайдуллоева М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои фразеологии тавсифӣ дар баробари дигар навъҳои ифодаҳои рехта қабати махсуси захираи фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ҳарчанд мавзӯи мазкур то ин замон мавриди таваҷҷуҳи хоссаи муҳаққиқони ватанӣ қарор нагирифтааст, вале қайдҳои алоҳидаро метавон дар нигоштаҳои илмии забоншиносони рус ва хориҷӣ дарёфт [4, 5, 7]. Дар хусуси ВФТ, ки дар забоншиносии муосир онҳоро бештар дар шакли перефраза истифода мебаранд, дар забоншиносии даврои нав таълифотҳои судманди илмӣ рӯйи кор омадаанд. Дар онҳо мафҳуми илмии перефраза, моҳият ва вазифаи он дар созмони ифодаҳои тавсифӣ таҳлил шудаанд. Масалан, таъкид мешавад, ки “Тасвиру тавсиф ин роҳи муаррифӣ аст, ки бо истифода аз ибораҳои мураккаб чизи оддиро тавсиф мекунад. Ҳеҷ кас шубҳа надорад, ки периферия ба баланд шудани нутқ мусоидат мекунад” [7, с.8]. Ё ин ки Квинтилян чунин меорад: “Калимае, ки бо як ё ҳадди аққал якчанд калима ифода мешавад, онро “перефраза”-тавсиф меноманд” [4, с.224]. Дар ин ҳолат ӯ калимаеро дар назар дорад, ки аз ягон ҷиҳат бо калимаи дигар мавриди шарҳу тафсир қарор мегирад.

Аз таҳлилу баррасии асару мақолаҳои ба тавсифоти фразеологӣ бахшидашуда бармеояд, ки олимон тавсифро ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ маҳаки асосии ташаккули воҳидҳои фразеологии тавсифӣ медонанд ва ин навъи фразеологизмҳоро бештар дар забони асарҳои бадеӣ ҷустуҷӯ мекунанд. Аз ин рӯ, мо низ тасмим гирифтем, ки дар доираи мақолаи алоҳида ифодаи ҷузъҳои таркибии ифодаҳои рехтаи тавсифиро бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ муайян намоем. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки воҳидҳои фразеологии тавсифӣ бо воҳидҳои озоди наҳвӣ робитаи зич доранд. Онҳо, асосан, дар заминаи

ибораҳои изофии синтаксисӣ ба вуҷуд меоянд. Асоси фразеологизмҳои тавсифиро қолабҳои муайяни наҳвии забон, ки дар тӯли асрҳо шакл гирифтаанд, ташкил медиҳанд ва аз рӯйи ин қолабҳо воҳидҳои фразеологии нави тавсифӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан: **одами ғалатӣ**, ишора ба "одами хушсурат ва дорои рафтори ғайриоддӣ", **осмони сард** "ҳавои хунук"**, ноомади кор** "бебарорӣ", **ҳамадони гузаро** "шахси донотарош", **таки гап** "мақсади сухан" ва ғайра: Ӯ раисро дида, хушҳолона табассум карду аммо чизе нагуфт. **Одами ғалатӣ** будааст ин Наимҷон [11, с.17]. Баъзе донаҳо баробари афтодан худро бо ҳубоби нозуки зебое мепӯшиданд, гӯё мехостанд, ки пас аз саёҳати дуру дароз дар **осмони сард** дар ин ҷо ба худ манзил сохта, ором гиранд [11, с.25]. Раис аз **ноомади кор** зиқ шуда, мешӯрид, ба ҳама сахт – сахт гап мезад [11, с.35]. Ба замми ин худро хирадманди пуртамкин ва **ҳамадони гузаро** метарошаду агар ба гап дарояд, бо чунон оҳанге ҳарф мезанад, ки гӯё ба шумо аз ганҷинаи адонашавандаи донишҳояш аз рӯйи лутф эҳсон мекунад [11, с.53]. Ман ҳам **таки гапро** сарфаҳм рафта, илова намудам... [11, с.39].

Воҳидҳои фразеологии тавсифӣ ба мисли дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ таркиби доимии ҷузъҳои худро доранд. Ҳарчанд заминаи пайдоиши онҳо ибораҳои изофии наҳвӣ бошанд ҳам, вале қолаби рехта, устувории ҷойи ҷузъҳо ва хира будани алоқаи зиндаи грамматикӣ дар миёни унсурҳои онҳо ин навъи воҳидҳои фразеологиро ба сифати воҳиди яклухти забонӣ муаррифӣ мекунанд. Чунончи, **одами соғ** "шахси солимақл", **садқаи сар** "хайр, садақа кардан" **дами беғам "**истироҳат кардан", **Боми ҷаҳон** ишора ба "минтақаи баландкӯҳи Помир" ва монанди инҳо:

Кадом **одами соғ** нимишабӣ чормағзафшонӣ кардааст [15, с.99]. Биё, маро пеши он ноинсоф бубар, зормондаи планаш талаб мекарда мебошад, **садқаи сарат**, ман ҷонама медиҳам, ту, ҷӯра назди янгаам рафта, чорта **дами беғам** зан [11, с.126]. **Боми Ҷаҳон** бояд аз худи ҷаҳон фарқе дошта бошад [11, с.172]. Тавре зикр намудем, дар созмони қолабҳои воҳидҳои фразеологии тавсифӣ, асосан, ибораҳои изофии наҳвӣ иштирок мекунанд, ки онро метавон дар шакли устувор ибораи фразеологӣ номид. Ибораи фразеологӣ воҳиди забонии дар шакли тайёр истеҳсолшаванда мебошад, ки аз ду ва зиёда ҷузъҳо таркиб ёфта, маъно ва сохтори устувор дорад. "Ҷиҳати муҳимми ибораҳои фразеологӣ чун ҳамаи хелҳои воҳидҳои фразеологӣ дар устувории таркиби лексикӣ ва ифодаи маънои яклухти онҳо зоҳир мешавад. Ибораҳои фразеологӣ баръакси ибораҳои синтаксисӣ дар қолаби воҳидҳои рехтаи забон як мафҳуми бутунро ифода мекунанд [9, с.41-42].

Мушоҳидаҳои шогирдонаи мо нишон доданд, ки воҳидҳои фразеологии тавсифӣ танҳо дар доираи як қолаб сохта мешаванд. Ин қолаб қолаби маъмули ибораҳои изофӣ буда, он бо калимаҳои мансуби ҳиссаҳои гуногуни нутқ пур карда мешавад. Ба монанди ибораҳои изофии наҳвӣ ифодаҳои рехтаи тавсифӣ низ дар қолаби мазкур бо ҳиссаҳои мухталифи нутқ сурат мегиранд. Ин гуна воҳидҳои фразеологӣ бештар дар қолабҳои (исм+бандаки изофӣ+исм), (исм+бандаки изофӣ+сифат) ва (исм+бандаки изофӣ+сифати феълӣ) шакл мегиранд. Масалан, **теғи нигоҳ, мурғи посӯхта, одами нобоб, чеҳраи кушод** ва ғайра: Тез хонду бо адоват **теғи нигоҳ** ҷониби пирамард афканда, бо тундӣ пурсид... [18, с.80]. Модараш чун **мурғи посӯхта** ба чор сӯ медавид [15, с.138]. – Ӯро нағз мешиносам. **Одами нобоб**: берӯ, густох, виҷдонаш соле дувоздаҳ моҳ набошад ҳам, ҳафт-ҳашт моҳ дар хоб [11, с.121]. Маро бо **чеҳраи кушод** пешвоз гирифта гуфт... [11, с.121]. Тавре зикр шуд, ҷузъҳои дохилии воҳидҳои фразеологии тавсифӣ бо ҳиссаҳои номии нутқ: исм, сифат, сифати феълӣ ифода меёбанд, ки онҳо бо ёрии бандаки изофӣ бо ҳам алоқаманд мегарданд. Фарқ байни ибораҳои номии озод ва ибораҳои тавсифии фразеологӣ дар он аст, ки маънои ягонаи ибораҳои устувор бештар дар заминаи маҷозонидани маънои калимаҳои таркибӣ сурат мегирад.

Воҳидҳои фразеологии тавсифӣ дар қолаби исм+бандаки изофӣ+исм. Дар чунин қолаби воҳидҳои фразеологии тавсифӣ навъҳои гуногуни исм нақши асосӣ доранд. Ин падида табиӣ буда, ба он нисбат аст, ки исм ҳамчун ифодакунандаи номи шайъ ба шарҳу тафсири аломати муайян ниёз дорад. "Исм ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, предмет ва мафҳумҳои предметонидашударо ифода менамояд. Исм ҳамчун гурӯҳи луғавию грамматикии калимаҳо номи предметҳои конкрет, ҷонварон, қисмҳои моеъ, ҳодисаҳои олами табиӣ, мафҳумҳои абстрактро дар бар мегирад. Маънои предметии исм маҳз дар он ифода меёбад, ки танҳо исм предметҳои конкретро мефаҳмонад. Дар ин гуна мавридҳо маънои луғавию грамматикии исм ба ҳам мувофиқат мекунад, предметро мефаҳмонад» [3, с.4]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шаклгирии қолаби зикршуда бештар исмҳои ифодакунандаи номи ашёҳои ғайришахс, узвҳои бадан ва ғайра фаъоланд. Онҳо метавонанд дар вазифаи ҷузъи якум ва дуюми воҳиди фразеологии тавсифӣ истифода шаванд. Ба монанди **риштаи умед** ба маънои "умед, боварӣ", **ғарқи хаёл** "фикри зиёд кардан", **гули хӯрок** "хӯроки беҳтарин", **ҷони гап** "асоси сухан", **оташи ғазаб** "алангаи ҷаҳл, қаҳру ғазаб", **бори рӯзғор** "вазнинии зиндагӣ", **ғубори дил** "ғаму андуҳ":

Риштаи умеди Усто Анвар канда шуд [15, с.147]. Шабе **ғарқи хаёл** менишастааст, ки посбонон занеро ба хайма овардаанд [11, с.342]. Ҳарчанд ки **гули хӯрокро** ба ӯ медоданд,

ҳеҷ гӯшт намегирифт, қад намеёзонд [18, с.72]. – **Ҷони гапро** ёфтӣ, хоҳарам [11, с.204]. Аз ин талху пичинг **оташи ғазаби** пирамард аланга гирифт [15, с.75]. Пас, бояд ки **бори рӯзғора** баробар кашем [15, с.83]. Ва бо як тир се нишон мезанам, ҳам ҷумак мехарам, ҳам ҳавои тоза хӯрда, **ғубори дил** мебарорам [15, с.83]. Бояд зикр намуд, ки дар ин гуна тавсифоти фразеологӣ ҷузъи якум маънои фразеологиро соҳиб шуда, ҷузъи дуюм бо маънои луғавии худ истифода мешавад. Дар мисолҳои боло калимаҳои **ришта, ғарқ, гул, ҷон, оташ, бор** ва **ғубор**, ки ба вазифаи ҷузъи якум омадаанд, ҳамин аломатро доранд.

Воҳидҳои фразеологии тавсифӣ дар қолаби исм+бандаки изофӣ+сифат. Воҳидҳои фразеологии тавсифӣ аз рӯйи қолаби зикршуда дар забони тоҷикӣ яке аз қолабҳои маъмул мебошад. Ин ҳодиса табиӣ буда, ба он нисбат аст, ки ҳар як ашё аломати хосси худро дорад, ки мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад. Дар илми забоншиносӣ аломати шайъро бо истилоҳи сифат ном мебаранд ва онро ҳамчун унсури муайянкунандаи хусусияти ашё қабул намудаанд. Масалан, дар китоби “Забони адабии ҳозираи тоҷик” сифатро чунин таъриф додаанд: “Сифат ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, аломат, хосият ва чигунагии предмет ва ё ба он аз ягон ҷиҳат алоқамандро ифода мекунад. Сифат бо исм алоқаи ҷудонашаванда дошта, худи предмети грамматикиро не, балки хосият, вазъият, нисбат ва ҳолату чигунагии предметро дарбар мегирад» [3, с.42]. Чунин навъи тавсифҳои фразеологӣ сермаҳсул буда, истифодаи навъҳои гуногуни исм ва сифатро ба сифати унсурҳои таркибии бавуҷудорандаи воҳидҳои фразеологии тавсифӣ асоснок мекунад.

Дар ҳолати таҳлили хусусиятҳои зоҳирӣ ва дохилии ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологии тавсифии қолаби мазкур маълум мегардад, ки сохтори зоҳирии онҳо дорои хусусиятҳое мебошанд, ки объекти мавриди назарро аз ягон ҷиҳат тавсиф мекунанд (масалан, ранг, бӯй, мазза, ҳолати ҷисмонӣ ва ғайра). Масалан, дар ифодаи тавсифии **одами нобоб** ба маънои “инсоне, ки қобили қабул нест”, ки дар ин ҷо аз рӯйи мансубияти морфологӣ унсури **одам** – исм, ҷузъи **и** – бандаки изофӣ ва калимаи **нобоб** – сифат мебошанд. Ё ин ки дар ифодаи **муҳити бемазза** ба маънои “ҷое, ки одамони бемаърифат ҷамъ шудаанд”. Дар ин ҷо низ калимаи **муҳит** – исм, унсури **и** – бандаки изофӣ ва калимаи **бемазза** – сифат буда, маънои маҷозӣ дорад. Ҳамин хусусиятро дар ифодаҳои **дашноми обдор** ба маънои “сухани қабеҳ”, **сари қоқ** “шахси танҳо, бекас” **ваъдаи пуч** “ваъдаи дурӯғин” ва **оҳи сабук** “сабук шудан” низ дучор шудан мумкин аст. Чунончи:

Ман мегӯям, ки фарз кардем, ягон каси ману ту барин солхӯрда, бо мурури замон ба таъсири ягон хел... чӣ мегӯянд... **муҳити бемазза** афтода, хислати бахилӣ пайдо кунад, садқаи сар мегӯию мемонӣ [11, с.146]. – То хеле роҳ **дашномҳои обдори** модари Зӯҳро ба гӯш мерасид [11, с.259]. Як **сари қоқаш** монд [15, с.71]. – Сағираи бекас, на падару модар дораму на хешу табор, - оби дида рехт Аҷик ва бо **ваъдаҳои пучи** рангин дили пиразанро ба даст оварду гирифтори домаш кард [15, с.72]. Анвар **оҳи сабук** кашид [15, с.165].

Воҳидҳои фразеологии тавсифӣ дар қолаби исм+бандаки изофӣ+ сифати феълӣ. Сифати феълӣ объект ва зуҳуроти воқеиятро ифода мекунад, аммо дар вазифаи номинативӣ он ҳамеша ба табиати номгузории калима такя мекунад. “Шакли феълие, ки амал ё ҳолати ба ягон шахсу предмет алоқамандро ҳамчун аломати он дар яке аз замонҳо мефаҳмонад, сифати феълӣ ном дорад. Сифатҳои феълӣ чун феъл хусусиятҳои алоҳидаи грамматикӣ доранд” [3, с.332]. Ин навъи воҳидҳои фразеологии тавсифӣ бо ҷузъи тобеи сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ нисбат ба дигар қолабҳо камтар ба назар мерасанд. Аз қабили **димоғи сӯхта** бо ифодаи маънои “табъи хира”, **мурғи посӯхта** “ранҷкашида” **чормағзи дандоншикан** ишора ба “устувор будан, берун аз доираи имконият”, **одами пухтагӣ** “одами кордон, ботаҷриба” ва монанди инҳо:

Вале бегоҳи 19 сентябр Ҳайдарҷон аз саҳро бо ҳавоси парешон ва **димоғи сӯхта** баргашт [11, с.233]. **Мурғи посӯхта** барин саҳро ба саҳро, кӯча ба кӯча медавӣ [11, с.473]. Вале Ҳамадон барин маризон барои ӯ **чормағзи дандоншикананд** [11, с.297]. Аммо **одами** чашмаш **пухтагия** дар ин замона кӣ гӯш мекунад? [11, с.348].

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки ҷузъҳои дохилии воҳидҳои фразеологии тавсифӣ бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ сурат мегиранд ва мо онҳоро дар заминаи се қолаб муайян намудем. Қолабҳои мазкур, ки ҳиссаҳои гуногуни нутқро ҳамчун унсурҳои таркибии воҳидҳои фразеологии тавсифӣ фаро мегиранд, дар асоси қолаби изофии наҳвӣ ба вуҷуд омадаанд. Ба вазифаи ҷузъи асосӣ ва дуюми ин навъи воҳидҳои фразеологӣ бештар исмҳои гуногун, сифат ва сифати феълӣ истифода мешаванд. Агар дар гурӯҳи якум ҷузъи аввал маънои фразеологӣ касб кунад, дар қолабҳои дуюму сеюм ин масъулиятро ҷузъи дуюми ифода бар дӯш дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова, М. Воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар шарҳи муқоисавӣ-типологӣ / М. Азимова. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 180 с.
2. Дустов, Ҳ.Ҷ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Ҷ. Дустов. – Душанбе, 2014. – 186 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1973. – 450 с.

4. Квинтилиан // Античные теории языка и стиля / под общ. ред. О.М. Фрейденберг. – Л.: ОГИЗ-Соцэкгиз, 1926. – С.224-225.
5. Кунин, А.В. Английская фразеология: теоретический курс / А.В. Кунин. – М.: Высшая школа, 1970. – 342 с.
6. Ларин, Б.А. Очерки по фразеологии / Б.А. Ларин // Очерки по лексикологии, фразеологии и стилистике. – Л., 1956. – С.200-201.
7. Лыскова, Т.В. Субстантивные перифразы в современном публицистическом дискурсе. Дисс... канд. филол. наук / Т.В. Лыскова. – Киров, 2012. – 244 с.
8. Маджидов, Х. Ибораҳои фразеологии феълӣ дар забони тоҷикӣ / Х. Маджидов // Мактаби советӣ. – 1967. - №10. – С.45-48.
9. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 409 с.
10. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов,. – Душанбе, 1982. – 104 с.
11. Муҳаммадиев, Ф. Асарҳои мунтахаб / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – Ҷ.1. – 556 с.
12. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ. Фарҳанги фразеологӣ / Мураттиб М. Фозилов. – Душанбе, 1963. – Ҷ.1. – 952 с.
13. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ. Фарҳанги фразеологӣ / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Ҷ.2. – 802 с.
14. Фразеологический словарь русского языка / Под ред. А.И. Молоткова. – М., 1978. – 543 с.
15. Шералӣ, М. Чеҳраи модар / М. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 408 с.
16. Языкознание: Большой энциклопедический словарь. – М., 1998. – 682 с.

ИФОДАИ ҶУЗЪҲОИ ДОХИЛИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТАВСИФӢ БО ҲИССАҲОИ НУТҚ

Дар мақолаи мазкур ифодаи ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологии тавсифӣ бо ҳиссаҳои нутқ баррасӣ шудааст. Воҳидҳои фразеологии тавсифӣ қабати махсуси таркиби фразеологии забони тоҷикиро ташкил дода, қонуниятҳои хосси шаклгирӣ ва инкишофи худро доранд. Дар илми забоншиносӣ сабабҳои пайдоишу инкишофи воҳидҳои фразеологӣ, аз ҷумла воҳидҳои фразеологии тавсифӣ ба таври гуногун маънидод карда мешаванд. Таҳлили сохтории воҳидҳои фразеологии тавсифии забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар қисми муайяни онҳо устувории мутлақ ба назар мерасад ва ин устувории таркиби онҳо яке аз аломатҳои барҷастаи ин навъи ифодаҳои рехта ба шумор меравад. Маълум мегардад, ки дилхоҳ воҳиди фразеологии тавсифӣ дар заминаи қолаби изофии ибора шакл гирифта, калимаҳои дохилии он вобаста ба ҳамин қолаб дар ҳамнишинӣ ва алоқаи махсуси ашё бо аломати хосси он истифода мешаванд. Ифодаи калимаҳои дохилии тавсифҳои фразеологӣ бештар ба тавассути исм, сифат ва сифати феълӣ сурат мегиранд. Дар мавқеъҳои гуногун ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологии тавсифӣ метавонанд маънои фразеологӣ касб кунанд.

Калидвожаҳо: воҳиди фразеологии тавсифӣ, ҳиссаи нутқ, маънои фразеологӣ, сохтор, калимаҳои дохилӣ, исм, сифат, сифати феълӣ.

ВЫРАЖЕНИЕ ВНУТРЕННИХ КОМПОНЕНТОВ ОПИСАТЕЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ С ПОМОЩЬЮ ЧАСТЕЙ РЕЧИ

В данной статье рассматривается выражение компонентов описательных фразеологизмов (перифраз) частями речи. Описательные фразеологизмы образуют особый пласт фразеологической структуры таджикского языка и имеют свои специфические закономерности формирования и развития. В лингвистике причины появления и развития фразеологизмов, в том числе описательных фразеологизмов, трактуются по-разному. Структурный анализ описательных фразеологизмов таджикского языка показывает, что в определенной части в них наблюдается абсолютная устойчивость, и эта стабильность их состава является одной из выдающихся черт этого типа выражения. Получается, что любые описательные фразеологизмы (перифразы) формируются на основе изафетной формы фразы, а её внутренние слова используются в сочетании этой рамки, и в особой связи объекта с его конкретным знаком. Выражение внутренних слов фразеологизмов чаще всего происходит через существительные, прилагательные и причастия. В различных ситуациях компоненты описательных фразеологизмов могут приобретать фразеологическое значение.

Ключевые слова: описательные фразеологизмы, часть речи, фразеологическое значение, структура, внутренние слова, существительное, прилагательное, причастие.

EXPRESSION OF INTERNAL COMPONENTS OF DESCRIPTIVE PHRASEOLOGICAL UNITS USING PARTS OF SPEECH

This article discusses the expression of components of descriptive phraseologisms by the parts of speech. Descriptive phraseologisms form a special layer of the phraseological structure of the Tajik language and have their own patterns of formation and development. In linguistics, the reasons for the appearance and development of phraseologisms, including descriptive phraseologisms, are interpreted in different ways. Structural analysis of descriptive phraseologisms of the Tajik language shows that in a certain part of them there is absolute stability, and this stability of their composition is one of the outstanding features of this type of expression. It turns out that any descriptive phraseologism is formed on the basis of an additional form of a phrase, and its internal words are used in connection with this template in combination and in special connection of the object with its specific sign. The expression of internal words of phraseologisms most often occurs through nouns, adjectives and adverb. In different positions, components of descriptive phraseologisms can acquire phraseological significance.

Key words: descriptive phraseologism, part of speech, phraseological meaning, structure, internal words, noun, adjective, adverb.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант Ph.D-и кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mavzunakhon@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-970-75-57**

Сведения об авторе: ***Убайдуллаева Мавзунахон Азамовна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **mavzunakhon@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-970-75-57**

Information about the author: ***Ubaidullaeva Mavzunakhon Azamovna*** - Tajik National University, doctoral Ph.D department of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mavzunakhon@list.ru.** Tel.: **(+992) 92-970-75-57**

УДК:42:491.550

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ВАЛЕНТНОКИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Оқилова Х.Ф.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Омӯзиши муфассали калима ҳамчун воҳиди асосии забон вазифаи муҳимми забошиносӣ ба шумор меравад. Нақши асосиро дар ҳалли ин масъала назарияи валентнокӣ дорост. Дар замони муосир назарияи валентнокӣ ҳамчун муҳимтарин соҳаи синтаксис ташаккул ёфтааст. Он дар тадқиқотҳои муайянкунандаи алоқаҳо, мувофиқати калимаҳо, сохтори ҷумла, ки пеш аз ҳама, бо феъл ифода мегардад, васеъ истифода мешавад. Имрӯз дар самти тадқиқоти валентнокии феъл дар коркарди назарияҳо оиди валентнокӣ, принсипҳои таснифоти феъл, муайянсозии мувофиқати валентнокӣ бо маънои феъл забоншиносон ба комёбиҳои назаррас ноил шудаанд. Бо вуҷуди ин, дар атрофи тадқиқи масъалаҳои назарияи валентнокӣ, муносибати категорияи валентнокӣ бо категорияи грамматикӣ баҳсҳои доманадор ҷой дорад. Барои ҳалли ин муаммо идомаи тадқиқи валентнокӣ ҳамчун унсури асосии забон муҳим аст. Ҳадафи асосии интихоби мавзӯи мазкур, пеш аз ҳама, омӯзиши хусусиятҳои валентнокии ҳиссаҳои гуногуни нутқ, бахусус, феъл ки ба масъалаҳои мубрами лингвистика тааллуқ дорад, мебошад. Валентнокӣ ба ҳамаи калимаҳо хос аст, аммо қонунияти алоқаҳо ва мувофиқати калимаҳо, пеш аз ҳама, дар таркиби калимаҳои предикативӣ дида мешавад. Ба ақидаи С.Д. Катнелсон «хусусиятҳои валентнокии предикат, ки дар ҷумла ташаккул меёбад ва барои истифодаи воҳидҳои калима роҳ мекушояд» [4, с.22].

Бори аввал мафҳуми валентнокӣ аз ҷониби Л.Тенер соли 1934 ба илми забоншиносӣ ворид карда шуд. Л.Тенер ҳангоми омӯзиши структураи ҷумла унсурҳои асосии ташаккулдиҳандаи онро дар симои феъл, исм, сифат ва зарф муайян мекунад. Тенер унсурҳои муайяннамудаашро ҳамчун ҷузъҳои забонии дар атрофи феъл муттаҳидшаванда номидааст. Дар чунин ҳолат ҷумла метавонад аз якчанд ҷузъҳо иборат бошад [9, с.326].

Тақиқоти Л.Фурке «Тартиби унсурҳои ҷумла дар забонҳои қадимаи олмонӣ», ки соли 1939 анҷом ёфтааст, аз бисёр ҷиҳат бо хулосаҳои Тенер шабоҳат дорад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ақидаи ҳардуи муҳаққиқ дар хусуси дар меҳвари аксарияти забонҳои аврупоӣ қарор доштани феъл бо унсурҳояш мувофиқати пурра дорад [8, с.10]. Дар асари «Структураи синтаксисӣ»-и Л.Тенер валентнокӣ ҳамчун «иқтидори идоракунии феъл аз болои якчанд унсурҳо» маънидод карда шудааст [9, с.115]. Дар баён унсурҳои низомии маъмули забонӣ риоя карда мешавад: Мубтадо иштирокчии якум, пуркунандаи бевосита - дуюм, пуркунандаи бавосита – сеюм.

Гелбиг ва дигар забоншиносон, ки ба тадқиқи масъалаи валентнокӣ машғул ҳастанд, се намуди валентнокиро муқаррар кардаанд:

1. **Валентнокии мантиқӣ.** Валентнокии мантиқӣ баёни унсурҳои забонӣ ва мантиқӣ мебошад. Зери мафҳуми валентнокии мантиқӣ омиле дар назар дошта мешавад, ки мувофиқати воқеиятро бо унсурҳои муайянкунандаи он ифода менамояд.
2. **Валентнокии семантикӣ.** Дар валентнокии семантикӣ воҳидҳои муайяни матн бо аломатҳои мушаххаси маънодор, ифодакунандаи аломату хусусиятҳои мафҳумҳо пур карда мешавад.
3. **Валентнокии синтаксисӣ.** Валентнокии синтаксисӣ пуррасозии ҳатмии «фазои холӣ»-ро бо миқдори муайяни калимаҳо талаб менамояд. Тасрифи валентнокӣ ба намудҳои мантиқӣ, семантикӣ ва синтаксисӣ бо назардошти табиату хусусияти феъл ба миён омадааст. Зеро феъл имконияти бештари қабули валентҳоро доро мебошад. Аз ин рӯ, дар замони муосир тадқиқи валентнокии феъл таваҷҷуҳи олимони зиёдро ба сӯйи худ кашидааст. Бо вуҷуди ин, масъалаи омӯзиши валентнокии ҳиссаҳои дигари нутқ низ сарфи назар карда намешавад. Барои дарки дурусти моҳияти валентнокӣ омӯзиши мафҳуми актант зарур аст. Актант - ифодаи забонии унсури фикр, пуркунандаи валентнокии калимаи пердикатӣ мебошад. Истилоҳи актант соли 1959 аз ҷониби Л.Тенер барои ифодаи иштирокчии фаъоли ҳолат, иҷрокунандаи амал пешниҳод карда шудааст.

Мафҳуми валентнокӣ дар илми забоншиноси нисбатан нав мебошад. Валентнокӣ бештар ба феъл тааллуқ дорад, масалан, феълҳое мавҷуд аст, ки барои тавассути онҳо ҷумлаи аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст сохтан танҳо як унсур лозим аст. Барои феълҳои дигар як унсур имкон намедиҳад, ки ҷумлаи аз ҷиҳати мантиқ ва услуб дуруст сохта шавад. Масалан дар забони англисӣ:

To sleep,to visit,to entrust.

Дар забони тоҷикӣ:

Хоб рафтан, аёдат кардан, бовар кардан.

Ин феълҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо ду унсур ифода карда шудаанд.

A child, he his friend, Susan her baby a nurse.

Хусусиятҳои асосии феълҳои валентнокии мазкур дар он аст, ки тавассути онҳо ҷумлаҳои аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст ва ифодакунандаи фикри том сохта мешавад.

Масалан:

1. Achild is sleeping.

Кӯдак хоб рафта истодааст.

2. He is visiting his friend.

Ӯ дӯсташро аёдат карда истодааст.

Susan entrusted her baby a nurse.

Сузан кӯдаки худро ба доя бовар кардааст.

Дар ҳолати риоя накардани қоидаҳои валентнокӣ, яъне дар радифи феъл нагузоштани унсурҳои асосии гуфтор ҷумлаи нопурра ва аз ҷиҳати грамматики нодуруст сохта мешавад.

He is visiting

Ӯ аёдат карда истодааст (киро?).

Susan entrusted.

Сузан боварӣ дорад (ба кӣ? киро?).

Дар чунин ҳолат барои сохтани ҷумлаи аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст дар радифи феъл гузоштани унсурҳои зарурие, ки бевосита феъл талаб менамояд, муҳим аст [6, с.247].

Аз рӯйи назарияи валентнокии Л.Тенер феълҳо ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Феълҳои валентнокиашон маҳдуд (бевалента):

to drizzle, to rain, snow, freeze.

2. Феълҳои яквалента:

to doze, to travel, bark, blink, cough, faint.

3. Феълҳои дувалента:

4. Феълҳои севалента:

to say, to tell.

Дар грамматикаи анъанавӣ муқаррароти мушаххас оиди феълҳои севалента вуҷуд надорад. Ин чунин феълҳое мебошад, ки дар он се иштирокчӣ дида мешавад. Масалан: to say, to give, to present.

Л. Тенер, инчунин, ба ҳолате ишора менамояд, ки на ҳамаи иштирокчиён ҳамаи валентҳои феълро иҷро менамоянд.

The boy is reading.

The boy is reading a book.

Й. Эрбен таснифоти махсуси худро пешниҳод намудааст. Вай валентнокии ҷумларо ба чор гурӯҳ ҷудо сохтааст:

1. Феъли яквалента: The woman is napping.

2. Феъли дувалента: The cat caught a mouse.

3. Феъли севалента: The mother teaches her daughter to sew.

4. Феъли чорвалента: The father is writing a letter to his son with the pen.

Г. Гелбиг андешаи муҳаққиқонро тақвият бахшида зикр намудааст, ки дар замони муосир масъалаи дорои фазои холии муайян будани феъл, ки тавассути валентнокӣ пур карда мешавад, исботи худро ёфтааст [2, с.73].

Дар илми забоншиносӣ таснифоти гуногуни валентнокии феъл мавҷуд аст. Аз назари мо таснифоти нисбатан мукаммал, ки аз ҷониби олимони бештар низ эътироф гаштааст, чунин мебошад:

• **Феълҳои бевалента**. Феълҳое, ки актант қабул карда наметавонанд ё умуман валент надоранд ва дар грамматикаи анъанавӣ ҳамчун феълҳои бешахс маъмул мебошанд. Набудани актантҳо дар феълҳои бешахс дар ҳодисаҳое, ки бидуни иштироки актантҳо сурат мегирад, ифода мегардад. Масалан: Борон борид.

• **Феълҳои яквалента**. Феълҳое, ки як актант доранд ва дар грамматикаи анъанавӣ онро бо номи феълҳои монда зикр менамоянд. Феълҳои якактанта феълҳои тарзи амал ва ҳолат мебошанд. Дар феълҳои якактанта муайян намудани мақоми актанти ягона, ки он якум аст ё дуюм мушкил мебошад. Хусусан, барои таҳлил мушкилии асосиро ҳолатҳои метеорологӣ ба миён меорад. Одатан, актанти ягона актанти дуюм мешавад на якум.

Инчунин, ҳолатҳое ба назар мерасад, ки дар феълҳои якактанта яктанти ягона актанти сеюм мешавад.

• **Феълҳои дувалента ва севалента.** Феълҳои дувалента дар грамматикаи анъанавӣ бо номи феълҳои гузаранда маъмул мебошанд. Аммо дар грамматикаи анъанавӣ мафҳуми ифодакунандаи феълҳои севалента вуҷуд надорад. Онҳо бо феълҳои дувалента зери мафҳуми умумии гузаранда омезиш ёфтаанд. Агар амал мавҷудияти ду актантро талаб намояд, мо метавонем, онро аз бисёр ҷиҳат, масалан, вобаста ба самти ҳаракат, ки амал иҷро мегардад ва аз як актант ба актанти дигар мегузарад, таҳлил намоем. Структураи синтаксисии ин шакл чунин аст:

Subject + Verb + Object (S-V-O),

Subject + Verb + Predicative (S-V-P), Subject + V + Indirect Object + Object, Subject + V + Object + Indirect Object, Subject + V + Object + Predicative.

Дар боби мазкур намунаи ҷумлаҳо бо мисоли феъли taste дида баромада мешавад, хусусиятҳои синтаксисии он ва валентнокии он таҳлил мегардад. Ҳангоми таҳлили ҷумла феъли taste ва хусусияти валентнокии он тавсиф карда мешавад.

The food tastes good. – Дар ҳолати мазкур taste феъли яквалента мебошад, зеро ҷумларо пайваст месозад. Унсури пайвасткунии феъл бо сифат ифода гардидааст.

`I HAVE tasted eggs, certainly,' said Alice, who was a very truthful child; `but little girls eat eggs quite as much as serpents do, you know.' (Alice in Wonderland). – Дар мисоли мазкур феъли taste дар ҳолати сусти инерсия қарор дорад, инчунин, ба худ як актантро, ки бо исм ифода мегардад, ҳамроҳ месозад.

It was pasty, bitter, and I think we tasted it with something like a melba toast. Феъл хосияти бисёрвалентӣ дорад, зеро якчанд унсурҳоро алоқаманд месозад. Структураи ин ҷумла чунин аст: S+V+Direct Object+Inderect Object.

I know it tastes like water. Феъли taste дар ин ҷо хосияти ғайрифаъолро ифода месозад. Дар ҳолати мазкур дувалента аст, зеро ба худ пайвандак ва исмро ҳамроҳ месозад. He has tasted the frustration of defeat. – феъл ба сифати унсури асоси баромад мекунад ва бандакро ифода намекунад. Структураи ҷумла чунин аст: S+V+Direct Object+Direct Object. Ду актантро алоқаманд мегардонад ва ба ин васила бисёрвалента маҳсуб меёбад.

She said there was garlic in the sauce, but I couldn’t't really taste it. – феъл бандак набуда, ба худ танҳо як актант, ки амали баитмомрасидаро ифода мекунад, ҳамроҳ месозад.

Have you ever tasted anything so delicious? - феъл амалро ифода мекунад, актантҳо бо ҷонишин ва сифат ифода гардидаанд. Феъл севалента мебошад.

She offered to taste the wine - феъли асосии ҷумла маҳсуб намеёбад, ба сифати масдар баромад мекунад, як актант қабул менамояд ва яквалента мебошад.

She talked about the day when she first tasted the joy of flying - актантҳои бо исм ифодагардидаро алоқаманд месозад. Бисёрвалента мебошад.

The waiter poured some wine for him to taste - ба сифати масдар баромад мекунад ва актантҳоро алоқаманд намесозад.

The air tastes of the nearer north - феъли асосии ҷумла маҳсуб меёбад, актантҳои бо исм ва сифат ифодагардидаро алоқаманд месозад.

I disliked the smell of the apples, but tasted them one later - актантҳои феъли мазкур бо ҷонишин ва зарф ифода гардидааст. Феъл амали мустақилро ифода менамояд ва бисёрвалента мебошад.

First time I began to taste lemons I was so frustrated of their taste - Taste ба таркиби хабари таркибӣ дохил шуда феъли асосии ҷумла мебошад.

The root vegetables tastes slightly of lemon - актантҳо аз зарф ва исм, ки ба сифати пуркунанда баромад менамоянд, иборат мебошанд. Бисёрвалента аст.

We tasted wines last night – актантҳо бо сифат ва исм ифода гардида, дар ҷумла ба сифати ҳоли замон омадаанд. Феъли бисёрвалента мебошад.

But for you, rebels, look to taste the due

Meet for rebellion and such acts as yours (Shakespeare) – актантҳо бо феъл ва исм ифода гардидаанд. Феъл бисёрвалента аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абрамов, Б. А. Синтаксические потенции глагола / Б.А. Абрамов // Филологические науки. - 1966. - № 3. - С.34-44.
2. Беляева, Т.М. Словообразовательная валентность глагольных основ в английском языке / Т. М. Беляева. - М., 1979. – 264 с.
3. Кацнельсон, С.Д. О грамматической категории / С.Д. Кацнельсон. – Л.: Вестник Ленинградского университета, 1948 – 132 с.
4. Кацнельсон, С.Д. К понятию типов валентности / С.Д. Кацнельсон // Вопросы языкознания. - 1987. - № 3. - С.20-32.
5. Колобова, Л.С. Валентность глаголов в сопоставлении с валентностью отглагольных существительных / Л.С. Колобова. - М., 1983. – 233 с.

6. Король, Т. В. Валентность как лингвистическое понятие / Т.В. Король. – М.: ЛГУ им. Петра Стучки, 1972. – 384 с.
7. Лейкина, Б.М. Некоторые аспекты характеристик валентностей / Б.М. Лейкина. - М.: Высшая школа, 1961. – 295 с.
8. Плунгян, В.А. Введение в грамматическую семантику: грамматические значения и грамматические системы языков мира / В.А. Плунгян. - М.: Издательство РГГУ, 2011. - 672 с.
9. Теньер, Л. Основы структурного синтаксиса / Л. Теньер. – М.: Прогресс, 1988. – 656 с.
10. Филичева, Н.И. Понятие синтаксической валентности в работах зарубежных лингвистов / Н.И. Филичева. - М.: Вопросы языкознания, 1967. – 385 с.
11. Allerton, D.J. Valency and Valency Grammar. Encyclopedia of Language and Linguistics / D.J. Allerton. - Oxford: Pergamon, 1994. – P.324.
12. Herbst, T. A proposal for a valency dictionary of English / T. Herbst. - Amsterdam, 1987. – P.233.
13. Jespersen, O. Modern English Grammar on Historical Principles. Part II: Syntax / O. Jespersen. - Heidelberg, 1914. – P.342.
14. Matthews, P.H. Grammatical theory in the United States from Bloomfield to Chomsky / P.H. Matthews. - Cambridge, 1993. – P.432.

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ВАЛЕНТНОКИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф хусусиятҳои асосии валентнокии феълро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор додаст. Омӯзиши муфассали калима ҳамчун воҳиди асосии забон вазифаи муҳимми забошиносӣ ба шумор меравад. Нақши асосиро дар ҳалли ин масъала назарияи валентнокӣ дорост. Дар замони муосир назарияи валентнокӣ ҳамчун муҳимтарин соҳаи синтаксис ташаккул ёфтааст. Он дар тадқиқотҳои муайянкунандаи алоқаҳо, мувофиқати калимаҳо, сохтори ҷумла, ки пеш аз ҳама, бо феъл ифода мегардад, васеъ истифода мешавад. Имрӯз дар самти тадқиқоти валентнокии феъл дар коркарди назарияҳо оиди валентнокӣ, принсипҳои таснифоти феъл, муайянсозии мувофиқати валентнокӣ бо маънои феъл забоншиносон ба комёбиҳои назаррас ноил шудаанд. Бо вуҷуди ин, дар атрофи тадқиқи масъалаҳои назарияи валентнокӣ, муносибати категорияи валентнокӣ бо категорияи грамматикӣ баҳсҳои доманадор ҷой дорад. Барои ҳалли ин муаммо идомаи тадқиқи валентнокӣ ҳамчун унсури асосии забон муҳим аст. Ҳадафи асосии интихоби мавзӯи мазкур, пеш аз ҳама, омӯзиши хусусиятҳои валентнокии ҳиссаҳои гуногуни нутқ, бахусус, феъл ки ба масъалаҳои мубрами лингвистика тааллуқ дорад, мебошад.

Калидвожаҳо: феъл, валентнокии феъл, назарияи валентнокӣ, муайянсозии мувофиқати валентнокӣ, категорияи валентнокӣ бо категорияи грамматикӣ.

ОСНОВНЫЕ СВОЙСТВА ВАЛЕНТНОСТИ ГЛАГОЛА В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автором подвергнуто исследованию основные свойства валентности глагола в английском и таджикском языках. Подробное изучение слова как основной единицы языка является важнейшей задачей языкознания. Основную роль в решении данного вопроса играет теория валентности. В современный период теория валентности формировалась как важнейшая отрасль синтаксиса. Она очень широко используется во время исследований при определении связей, соответствия слов, структуры предложения, строения предложения, которая прежде всего, выражается глаголом. Сегодня языковеды в направлении исследования валентности глагола при разработке теорий относительно валентности, принципов классификации глаголов, определения соответствия валентности со значением глагола достигли видимых результатов. Несмотря на это, вокруг исследования проблем теории валентности, отношений категории валентности с грамматической категорией возникают продолжительные споры. Для решения данной дилеммы очень важно исследование валентности как основного элемента языка. Основной целью выбора данной темы, прежде всего, является изучение валентных свойств различных частей речи, в особенности глагола, который является одной из актуальных проблем лингвистики.

Ключевые слова: глагол, валентность глагола, теория валентности, определение соответствия валентности, категория валентности и грамматическая категория.

BASIC PROPERTIES OF VERB VALENCE IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

In this article, the author has examined the basic properties of the valency of the verb in English and Tajik. A detailed study of the word as the basic unit of language is the most important task of linguistics. The main role in solving this issue is played by the theory of valence. In the modern period, the theory of valence was formed as the most important branch of syntax. It is very widely used during research in determining connections, word correspondence, sentence structure, sentence structure, which is primarily expressed by a verb. Today, linguists in the direction of studying the valency of the verb in the development of theories regarding valency, the principles of classification of verbs, determining the correspondence of valency with the meaning of the verb have achieved visible results. Despite this, there are long disputes around the study of the problems of the theory of valence, the relationship of the category of valency with the grammatical category. To solve this dilemma, it is very important to study valency as the main element of the language. The main goal of choosing this topic, first of all, is to study the valence properties of various parts of speech, in particular the verb, which is one of the topical problems of linguistics.

Key words: verb, valency of a verb, theory of valence, definition of correspondence of valency, category of valency and grammatical category

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Оқилова Хуршедабону Фхозовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, докторанти факултети забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1.

Сведения об авторе: ***Окилова Хуршедабону Фхозовна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, докторант факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, пр. Мавлонбекова 1

Information about the author: ***Okilova Khurshedabonu Fhozovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurova, doctoral student of the Faculty of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov ave. 1

УДК:491.550-56

ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР «САМАКИ АЙЁР»

Шарифова Г.Ш.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Насри ривоятӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик мавқеи калон дорад. Ба таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеии он зиёда аз даҳ нафар олимони соҳибтаҷрибаи ватаниву хориҷӣ пардохтаанд, вале масъалаҳои забону услуби баёни он ҳанӯз омӯхта нашудааст. Ду рисолаи номзадӣ ба дифоъ расидаанд, яке ба ономастика, дигаре ба қолабҳои калимасозии “Самаки айёр” ҳамчун манбаи таърихи забон (асри Х11) бахшида шудаанд, ки далел аз нокифоягии омӯзиши забону услуби насри ривоятӣ мебошад. Таҳқиқи масъалаҳои луғавӣ, фразеологӣ ва сарфу наҳви насри ривоятӣ, ки аз забони адабӣ тафовутҳо дорад, мунтазири таваҷҷуҳи забоншиносон мебошад.

Воҳидҳои фразеологӣ аз масъалаҳои мубрами насри ривоятӣ ба шумор мераванд, зеро онҳо, аз як тараф, дар адабиёти ривоятӣ аз унсурҳои муҳим ва муассири нутқ ба шумор раванд, аз тарафи дигар, дар насри ривоятӣ, ки ҷавҳараш панду андарз аст, дар ҷамъбасту хулосаи ҳодисот ва рафтори қаҳрамонҳо чун воситаи асосӣ хидмат кардаанд. Яъне, таҳқиқи ВФ на танҳо барои муайян кардани яке аз паҳлуҳои забону услуб, балки дар кушодани хусусиятҳои ғоявию бадеии асар низ мусоидат менамоянд. Таҳқиқи ВФ-и забони як шохаи муҳимми адабиёти нафиса - насри ривоятӣ барои омӯзиши ҳарҷонибаи назария ва амалияи таъбиршиносии форсӣ-тоҷикӣ муҳим буда, барои тадқиқоти минбаъдаи ин воҳиди забон имкониятҳои тоза ба вуҷуд меорад. Захираи ғаноманд ва нотакрори ВФ насри ривоятиро дар назари муҳаққиқони соҳа аён карда, неруи онҳоро ба ҳалли масъалаҳои ВФ, ҳамчунин ба қазияҳои дигари забону услуби насри ривоятӣ равона месозад. Ба шинохти ВФ- и гуфтугӯӣ ҳамчун яке аз ҷанбаҳои алоҳидаи таъбиршиносӣ ва заминаи методологии таҳқиқ забону услуби асарҳо, дар ҳалли масъалаҳои услубиёти фразеологӣ ва тарҷумаи бадеӣ хидмат менамоянд.

Воҳидҳои фразеологӣ аз таркибҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳо иборатанд. Ин категорияҳои забонӣ фарогири тамоми воҳидҳои фразеологӣ мебошанд, чунин таҷрибаи таснифот ва тадқиқот дар забоншиносии чи тоҷик ва чи рус вуҷуд дорад ва ба мақсад мувофиқ будани он собит гаштааст. Чунончи, рисолаи доктории Р.Саидов “Фразеологияи назми халқии тоҷик” (дар асоси “Гӯруғлӣ, рубоӣ ва дубайтиҳо”) дар ҳамин замина анҷом дода шудааст. Худи муаллиф матлаби хешро чунин изҳор кардааст: “Мо кӯшиш намудем, ки кори тадқиқотии худро махсус ба таҳлили фразеологияи назми халқӣ, ки аз таркибҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои фразеологӣ иборатанд, бахшем” [3, с.27]. Дар забон пас аз таркиб ибора мавқеи муҳим дорад. Ибора аз таркиб ҳам аз ҷиҳати сохтор ва ҳам аз лиҳози мазмун фарқ мекунад. Тафовути сохтории онҳо ин аст, ки таркиб аз калимаи мустақилмаъно ва калимаи номустақил иборат аст ва аз ду ё зиёда калимаи наздикмаъно (синонимӣ ё антонимӣ) тавассути пайвандаки пайвасткунандаи «–у» («-ву», «-ю») сохта мешавад, аммо барои ибора мавҷудияти камаш ду калимаи мустақилмаънои аз лиҳози маъно ва воситаҳои грамматикӣ алоқаманд ҳатмист. Фарқи маъноии ин ду воҳиди забон аз он иборат аст, ки таркиб як мафҳуми умумиро ифода менамояд, ибора бошад, мафҳуми мураккабро, зеро ҷузъҳои ибора ҳар яке маънои комил ва мустақили худро нигоҳ медоранд, дар натиҷаи бо ҳам омадани ду маънои мустақил мафҳуми мураккаб ба амал меояд. Сониян, ибора дар забоншиносии тоҷик хеле мукаммал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, ба ҷуз асарҳои таълимӣ дар бораи ҳар хели ибора асарҳои алоҳидаи монографӣ таълиф гаштаанд ва метавон гуфт, ки ин масъала ба дараҷаи муайян ҳалли худро ёфтааст. Ин андеша ҳам ба ибораҳои озод (синтаксисӣ) ва ҳам ба ибораҳои фразеологӣ тааллуқ дорад. Дар пажӯҳиши мавриди назар сухан аз ибораҳои фразеологӣ меравад. Ибораҳои фразеологии «Самаки айёр» чун ҷузъи забони адабии тоҷик ба қоидаву қонуниятҳои маъноиву услубӣ ва сохтори забони тоҷикӣ тобеъ мебошанд. Онҳо аз ҷиҳати хусусиятҳои семантикӣ, услубӣ ва сохторӣ аз забони адабии ҳозира тафовути калон надоранд. Бахусус, оид ба ҷиҳатҳои сохторӣ ва услубӣ фарқ хеле кам ба назар мерасад. Вале тафовут дар хосияти маъноӣ зиёд аст, ки ҳамаи ин дар рафти таҳлили маводи ин мақола аён хоҳад шуд.

1. Ибораҳои фразеологии номӣ. Дар асар ибораҳои фразеологии изофии исмӣ мавқеи калон дошта, онҳо аксар ифодакунандаи мафҳумҳои предметианд. Ибораҳои фразеологии исмиро аз рӯйи муносибати ҷузъҳояшон ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст:

1.1. Ибораҳои фразеологии номии тамсилаи исму исм. Инҳо ибораҳоеанд, ки бо ёрии бандаки изофӣ аз ду исм фароҳам омада, дар заминаи маҷоз маъно ва эҳсосоти гуногунро ифода менамоянд. Дар мисолҳои зерин эҳсосот ва муносибати мусбати гӯянда нисбат ба объекти гуфтор баён шудааст:

Нодираи замон ва маҳбубаи ҷаҳон – киноя аз маҳбубаи зебост: Эй шоҳи хубон, ба наврӯзӣ аз барои ту канизаке харидаам ва парвардаам, ки *нодираи замон* ва *соҳираи ҷаҳон* аст [4, с.44].

Гавҳари шабчароғ – киноя аз гавҳари қиматбаҳо (ба маънои аслии вожа: гавҳари шабонгаҳ равшанидиҳанда): Даҳ дона *гавҳари шабчароғ* ба бозу баста дошт, онҳоро ба ходим дод [5, с.73].

Хотуни замона – «хотун» лафзи муғулист: зан, кадбону. Дар мисоли зер ба маънои малика: Бархезед ва худро бар вай арза кунед, то агар шуморо бихарад, *хотуни замона* гардед. Ин маънӣ бо ибораи «хотуни занон» низ баён гаштааст: Аз камтарин канизакон ба *хотуни занон* Абондухт… [4, с.781].

Ба мисли ҳамин ибораҳои исмии дигар низ ба маъноҳои маҷозӣ ба кор рафтаанд, амсоли *зангии шаб* [4, с.731] – торикӣ; *рӯшноии дида* [4, с.23] – падар; *боғи висол* [5, с.48] – васл; *адаби меҳмондорӣ* [4, с.18] – низоми меҳмондорӣ; *дасти санъатгарӣ* [4, с.16] – ҳунар, маҳорат.

1.2. Ибораҳои фразеологии номии тамсилаи исму сифат. Пас аз ибораҳои исмӣ бо тамсилаи исм+бандак+исм аз ҷиҳати теъдод ибораҳои исмӣ бо як ҷузъи сифат аз рӯйи тамсилаи исм+бандак+сифат мавқеъ доранд. Дар ин маврид ҷузъи дуюм (сифат) ҷузъи аввал (исм)-ро аз ягон ҷиҳат равшан месозад ва ин ду калима дар як қолаб устувор гардида, маънои дигар ҳосил мекунанд. Аз он ҷумла, исми «сарв» якҷоя бо сифатҳои аслӣ дар шакли ибора маънои маҷозӣ мегирад, амсоли: «*сарви хиромон*» - маҳбубаи зебою хушрафтор: Хуршедшоҳ нигоҳ кард, моҳе дид, ки аз андарун бадар омад, чун *сарве хиромон* [4, с.38]. Ҳамчунин, бо исми «сарв» ибораҳои дигар сохта шудаанд: «сарви сухангӯ (й)»: Ман он *сарви сухангӯям*, ки масъалаи хоҳарам буд [4, с.682]; - Биё ва бигӯ, ки *сарви сухангӯй* кист ва нишони вай чист? [4, с.39].

Ибораҳои исмӣ бо ёрии сифатҳои нисбӣ низ сохта мешаванд, амсоли «ҳури биҳиштӣ»: Чун *ҳури биҳиштӣ* меомад хиромон [4, с.38]; «шаби зулмонӣ»: Ва он силоҳи кори Сомон буд, ки *шаби зулмонӣ* пой дар ҷаҳон ниҳод ва олам аз дасти равандагон биситад [4, с.431]. Баъзе сифатҳои нисбӣ хосси услуби адабии китобӣ буда, аз вожаҳои қадимаву таърихӣ ё арабисохт фароҳам омада, ҳамҷоя бо ҷузъи исмӣ ибораи рехтаи китобиро ба вуҷуд овардаанд. Масалан, дар ибораи «камари каёнӣ» сифати «каёнӣ» аз «кай»- лақаб ё ҷузъи номи подшоҳони бузурги силсилаи Сосонӣ, амсоли Кайқубод, Кайковус, Кайхисрав, Кайлӯҳросп гирифта шуда, маҷозан ҳамҷоя маънои миёнбанди қиматбаҳоро дорад: Сипас*, камари каёниро*, ки ба андозаи хироҷи дунё арзиш дошт ва танҳо он камар, ки Самаки айёр дар сояи Қоф пас аз куштани Канголаи зангӣ бардошта буд, баробар буд???… [5, с.73]. Ё ин ки дар «коргоҳи ламязолӣ» вожаи арабии «ламязол» маънои безавол, абадӣ, ҷовидониро дорад, «коргоҳ» - маҷозан дунё; мазмуни умумии ибора дунёи ҷовидона мебошад: Қазои азалӣ аз *коргоҳи лоязолӣ* нозил гашту меҳру шафқате аз вай дар дили Сурӯқ афканд [5, с.867].

1.3. Ибораҳои фразеологии номии серҷузъа. Ибораҳои исмии серҷузъае низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ибораҳои исмии мураккаб номидан мумкин аст, зеро бар ду ибора замина доранд. Масалан, ибораи «алами рӯзи равшан»*- ро ҷудо кардан мумкин аст: «алами рӯз» ва «рӯзи равшан», инчунин дар «чатри шаби сиёҳ» «чатри шаб» ва «шаби сиёҳ»: Ин бигуфт, то мебуданд, то *алами рӯзи равшан* бозлоданд ва *чатри шаби сиёҳ* баркашиданд ва рӯйи олам сиёҳӣ гирифт [4, с.80].

Вале матлаби гӯянда ва мантиқи калом ба ибораи исмии сеҷузъа асос ёфтааст.

Дар ҷумла сухан аз фарорасии шаб меравад, дар асар поёни шаб – расидани рӯз низ бо ёрии ҳамин гуна ибора – «оинаи чархи ҷаҳоннамой» ифода гаштааст: Гурӯҳе, ки дар он шаҳр пароканда буданд, то он соат, ки фалак *оинаи чархи ҷаҳоннамой* пайдо кард, миқдори чорсад мард ба ёрии эшон омада буданд, бо силоҳи тамому обу нони фаровон [4, с.84].

Дар «Самаки аёйр» тамсилаи дигари ибораҳои исмӣ низ мавҷуданд, ки онҳо ба таври ҷуфт ё чида бо ёрии пайвандаки пайвасткунандаи паиҳам корбаст шудаанд, амсоли «аждаҳои дамону шери жаён»: - Эй шоҳ, ӯ то башар аст, ки *аждаҳои дамону шери жаён аст* [5, с.159]; «*Шаҳбози шоҳиву ҳумои давлат* дар дом овардам» [4, с.490].

2. Ибораҳои фразеологии феълӣ. Дар «Самаки айёр» бештари ибораҳои фразеологиро ибораҳои рехтаи феълӣ ташкил менамоянд. Ин ҳолат аз табиати забони тоҷикӣ бармеояд, яъне дар забон умуман ибораҳои фразеологии феълӣ зиёданд, шояд аз ин сабаб бошад, ки онҳо ифодакунандаи ҳолат ва амаланд ва чунонки мусаллам аст, фаъолияти инсон бештар тавассути зикри амал ифода меёбад, ки доираи васеи семантикиро фаро мегирад.

Азбаски мавзӯи «Самаки айёр» қаҳрамонист, дар асар аксари ибораҳои фразеологии феълӣ ба мавзӯи ҷанг ва мафҳумҳои ба он алоқаманд нигаронида шудаанд, ки онҳоро ба гурӯҳҳо ё доираҳои семантикӣ ҷудо кардан мумкин аст.

*Алам-ливо, байрақ

2.1. Ибораҳои фразеологии феълии ифодакунандаи оғози ҷанг. Оғози ҷанг тавассути ибораи кӯтоҳи фразеологии феълӣ дар қолаби ҷумлаи содаи якторакиба баён ёфтааст, чунончи, «ба якдигар даромадан»: *Ба якдигар даромаданд* [5, с.260]; «ба ҷанг камар бастан»: Бидонад, ки мани фарзанд *ба ҷанг камар бастам*, бо ишон, чунон ки маълум аст [4, с.244]; «панҷа дарафкандан»: Ҷоду нест, аммо шунидам, ки бо ҷодувон *панҷа дарафкандааст* ва бар ишон зиёдат омаду Сайҳонаи ҷодуро бо чанд марду шогирди вай бикушт [4, с.837]; Бисёр аз ҳар гуна, чунонки медонӣ, бо ӯ кӯшидем ва бо ӯ *панҷа дарафкандем* [4, с.445]; Бояд ки дар майдон ойӣ ва бо мардон *панҷа дарафканӣ*, ки мардии ту дар майдон аст [4, с.445]. Инчунин, «асб дар майдон ҷаҳонидан»: Кова ӯро низ бикушт, ки аз лашкари Куранг паҳлавоне буд, номи ӯ Осмона, *асб дар майдон ҷаҳонид* [5, с.680]: «сипоҳ рӯй бар майдон ниҳодан»: *Сипоҳ рӯй бар майдон ниҳод* [5, с.710]. «Камарбанди касе баргирифтан» - бо касе ба ҷанг даромадан: … то як бор Айлоқ тунд гаштӣ, даромад ва камарбанди Ҳурмузи Кел баргирифт ва қувват кард ва ӯро аз зин баргирифт ва неши куҳан зини ӯро бозгирифт [4, с.260]: «даст дар камарбанди якдигар задан»: Ҳар ду *даст бар камарбанди якдигар заданд* [5, с.447].

Қаринаи мисоли боло «даст дар камари якдигар задан»: -Эй шоҳзода, агар хоҳӣ, то пиёда ҷанг кунем ва замона *даст дар камари якдигар занем,* ки доди мардӣ дар пушти аспон бидодем [4, с.254]. Ибораҳои «ба майдон омадан», «ба майдон рафтан» низ киноя аз оғози ҷанг аст: -Эй Қизилмалик, *дар майдон ой*, то захми теғи мардон бинӣ! [4, с.259]; -Ҳанӯз аз ранҷи роҳ наосуда аз баҳри ман *дар майдон рафт* [4, с.275]; Ба иқболи шоҳ *дар майдон хоҳам рафтан* [4, с.304]; «асб дар майдон ҷаҳонидан»: Дайлами Кӯҳ хидмат кард ва *асб дар майдон ҷаҳонид* [4, с.594]; Ин бигуфт ва маҳмез бар обгоҳи асб зад ва *асб дар майдон ҷаҳонид* [4, с.588]. Дар байни муродифоти ибораҳои фразеологии феълии асар серистеъмолтаринаш «найза бар найзаи якдигар афкандан» мебошад: Ин бигуфтанд ва *найза бар найзаи якдигар афканд* [4, с.259]; Пас, ҳар ду *найза* бар найзаи ҳамдигар афканд ва бисёр бо дам бикӯшиданд, то Кӯҳёр найза аз даст биандохт ва теғи ҳиндӣ аз ҷуфт ҷудо кард ва бо Самангон даромад, ки ӯро теғе занад [4, с.352]. (Инчунин ин ибораро дар саҳифаҳои 4, с.354, 367; 5, с.260, 274 вохӯрдан мумкин аст). Қатъ кардани ҷанг низ бо ёрии ибораҳои фразеологии феълӣ баён гаштааст: «дари ҷанг дарбастан» ва қаринаи он «дари ҷанг барбастан» дар ҷумлаҳои зерин*: Дари ҷанг дарбастанд* [4, с.374]; Чунонки ишон *дари ҷанг дарбаста буданд* ба таъзияти Фаррухрӯз, мо низ *дари ҷанг барбандем* ба таъзияти Сиёҳабр [4, с.436]. Ба маънои анҷоми ҷанг «табли осоиш бизадан» омадааст, ки ибораи рехтаю возеҳ аст ва ба яке аз амалҳои воқеии майдондорӣ асос ёфтааст. Муродифҳои «табл», «кӯс»-у дамома, ки вожаҳои адабии мутантананд, дар мавриди ифодаи хомӯш шудани оташи ҷанг ба кор нарафтаанд, мисолҳо: Сипоҳ *табли осоиш бизаданд* [4, с.254]; Бифармуд, то *табли осоиш бизананд* (4, с.269); -Ду навбат *табли осоиш бизада* буданд [4, с.213].

2.2. Ибораҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми мурдан. Дар доираи семантикии ҷанг яке аз мафҳумҳои асосӣ мурдан аст, ки дар «Самаки айёр» бо роҳу воситаҳои гуногун баён гаштааст. Ин маънӣ ба ҷуз воҳидҳои луғавӣ бо маънои аслӣ (мурдан, фавтидан, вафот кардан, нобуд шудан ва ғайра) бештар зимни маъноҳои маҷозӣ баён мегардад, зеро маҷоз ҳамеша баёнро образнок ва муассир мегардонад, дар ифодаи эҳсос ва муносибати гӯянда ё нависанда ба объекти сухан мусоидат дорад. Он ба маънои кӯчидаи калима асос меёбад. Масалан, маънои аслии феъли «рафтан» аз ҷое ба ҷое ҳаракат кардан аст, дар ҳамин замина он доираи истеъмолии худро васеъ карда маънои маҷозӣ гирифта, дар байни соҳибзабонон ба ҳамин маъно маъмул шудааст: «рафтан» маънои аз дунё рафтанро дорад: Чунон пиндоштанд ҳамагон, ки вай бихоҳад рафтан [7, с.303]. Вале маънои мазкур дар шакли ибора возеҳтар мегардад – аз дунё (олам, гетӣ, даҳр) рафтан. Аз байни чунин имкониятҳо ифодаи «аз дунё рафтан» серистеъмол буда, ба услуби гуфтугӯӣ мутобиқ мебошад. Мисолҳо: Пас, ҳар чӣ ба хурдӣ ман додӣ, шароб дар он мекардӣ, то ҳафтсола шудам, ки падарам аз *дунё бирафт* [5, с.145]; Моро маълум аст, ки паҳлавони шоҳон, то падари вай *аз дунё бирафт*, дар миёни кор намеояд [4, с.360]. Бояд, ки чун ман *аз дунё биравам*, шумо дар бар маниҳед, ки занонед [5, с.565]. [Инч. 5, с.571, 710]. Бо феъли «рафтан» ибораи дигар – «дар хок рафтан» корбаст шудааст: Аммо чаҳор сол аст, то теғи кин дар ниём нарафтааст ва сад ҳазор сар *дар хок рафт* ба сабаби Маҳпарӣ [4, с.438]. Дар ҳамаи мисолҳои боло дар таркиби ибораи фразеологии феълӣ калима – меҳвар вожаи «рафтан» аст, вале, албатта, доираи истеъмоли он бо ҳамин вазифа маҳдуд нест, он бо маъноҳои аслӣ ва маҷозӣ дар бисёр мавридҳои дигар ҳам истифода мегардад.

Ибораи «ризо ба қазо додан» дар услуби китобӣ аз калимаҳои ҳамқофия фароҳам омадааст: Агар он рӯз Куланголро ёре будӣ ё силоҳу афзоре, ё роҳи гурезе доштӣ, шаҳрро мекушодӣ, лекин дар тангно афтода буд ва *ризо ба қазо дод* [5, с.32].

Қазо ё сарнавишти инсон аз фармоиши Офаридгор аст, ибораи рехтаи «фармон ёфтан» ба маънои фавтидан ба ҳамин маънӣ асос ёфтааст: Баъд аз ду сол модарам *фармон ёфт* [4, с.145]. Мафҳуми мурдан дар мисолҳои ҷудогона тавассути ибораҳои дигар низ

баён гаштааст, ки дар забони адабии ҳозира низ роиҷ аст, ба мисли «паймонаи умр пур гаштан»: Кист ӯро, ки *паймонаи умр пур гашт,* бахт аз ӯ даррамид? (4, с.122); «димор аз рӯзгор даровардан»: Акнун дар лаҳзае, ки гумон мекунӣ, ки хасмро дафъ кардаӣ ва *димор аз рӯзгораш баровардаӣ*, то панҷоҳ ҳазор мард бозомадаам [5, с.43]; «сар биниҳодан»: Ё *сар биниҳам* ё бародар аз банд берун ниҳам [4, с.129]; «ба ҳалок афкандан»: -Эй шоҳ, он ҳаромзодаи Сиёҳабр, ки Фаррухрӯзро аз майдон бибурду *ба ҳалок афканд*, ба дараи Кӯҳи Сиёҳ хоҳад рафтан… [4, с.421]; «ҳалоки касе баромадан»: -Эй Касинус, ин зар ба ту бахшидам ва метарсам, ки маро дарсупорӣ ва *ҳалоки ман барояд* [5, с.466].

Баъзе аз ибораҳои фразеологии ифодакунандаи фавтидан хосси «Самаки айёр» мебошад, амсоли «боқии нафас аз касе ҷудо шудан»: …худ ниммурда буду *боқии нафас аз вай ҷудо шуд* ва баъд аз он, то сиёҳ буд, ба «Дилафрӯзи мутриб» шароб нахӯрд (4, с.52).

Ибораи маҷозии «дари хазонаи вуҷуд шикаста шуд» дар мавриде гуфта шудааст, ки яке аз қаҳрамонҳои мусбати асар Моҳпарӣ баъд аз падид омадани кӯдак (ҳангоми тавлид) вафот кард: -Аюҳалвазир*, дари хизонаи вуҷуд шикаста* шуд ва ҷавҳар нест гашт [4, с.496].

Дар «Самаки айёр» ду-се ибораи ҳаммаъно паиҳам чида шуда меоянд ва ба гуфтор тақвият мебахшанд: Сабаб ин буд, ки ӯро аҷал расида буд ва *номаи умри ӯ дарнавишта буданд*, то теғи ӯ баста шуд ва агар на ҳазор чун Бартос на марди Шерчангол буданд [5, с.215]; …Рӯзе Марзбоншоҳ бемор шуд ва чанд рӯзе беморӣ шиддат ёфт ва заъфи пирӣ ҳам ба он даст ба даст дод ва ба Марзбоншоҳ пирӯз шуданд ва *амонаш надоданд* ва ӯ *риштаи амал аз ҷаҳон бурид* ва *ҷон ба ҷонофарин таслим* кард [5, с.61]; Агар Гулбӯй равад, ман ҳалок мешавам, Борс надодан ва дар роҳаш *ҷон супоридан* беҳ аз додану дар ҳасрататаш *ҷон додан* [5, с.220]. Вобаста ба тасвири амалиёти паҳлавонон, нишон додани хислат ва ҳолатҳои рӯҳии онҳо як қатор ибораҳои фразеологии феълӣ ба кор бурда шудаанд, ки онҳо дар забони адабии ҳозира дар ин шаклу мазмун маъмул нестанд, ба мисли:

Заҳра надоштан – тарсу будан, ҷуръат надоштан; акси далерӣ: -Эй фурӯмоя, ҳеҷ кас дар олам *заҳраи онро надорад*, ки бар дари ин ҳуҷра бигузарад [4, с.47]; … ва *заҳра надоштанд*, ки дар сарои касе раванд, то бар дари гармоба бирасанд [4, с.537]; Макӯқар писари Шервона аст ва ошиқи духтари шоҳ аст ва аз бими шоҳ *заҳра надошт* [4, с.117].

Маънои тарс, ҳарос тавассути ибораи рехтаи дигар низ баён гаштааст: «тароқутуруқ дар касе афтодан»: Чун касе, ки месӯзад, *тароқутуруқ дар вай афтод*, чунонки ҳамагон меҳаросиданд [4, с.626]. Тарақотуруқ дар касе афтодан киноя аз сахт ҳаросидан зимни ифодаи ҳолат – ба ларза омадани ҷисми инсон ба миён омадааст, ки ин мазмун дар қаринаи дигари таъбири мазкур равшантар аст: Чун Арманшоҳу Қизилмалик ин аҳвол маълум карданд, ба худ биларзиданду *тароқутуруқ* дар аъзои ишон *афтод* [4, с.301].

Дар «Самаки айёр» мазмун ва мафҳумҳои дигар, ки ба тасвири доираи васеи воқеаҳо ва нишон додани хислат ва амалиёти қаҳрамонон бахшида шудаанд, ба воситаи ибораҳои фразеологии феълӣ ба қалам дода шудаанд, чунончи: *Заминро намоз бурдан* – аз рӯйи итоат ва тавозӯъ дар назди касе сар фуруд овардан: Пас, як рӯз бомдод ба қоида пеши падар омад ва *заминро намоз бурд* ва шарти хидмат ба ҷо оварду… [4, с.29]; Пас, иттифоқи эзидӣ, як рӯз шоҳзода ба хидмати падар омад ва шарт ба ҷой оварду ва дар вақти бозгаштан *заминро намоз бурд* … [4, с.18]. Маънои таъзиму эҳтиром тавассути ибораи рехтаи дигар – «замин бӯса додан» - баён гаштааст: Хуршедшоҳ пеши падар *замин бӯса дод* ва гуфт… [4, с.29].

Ҳамин тариқ, ибораҳои фразеологии «Самаки айёр» ба номӣ ва феълӣ қисмат мешаванд. Ибораҳои номӣ аз лиҳози сохтор ва вазифаҳои услубӣ аз забони адабии ҳозира фарқи зиёд надоранд, аммо аз рӯйи маъно тафовутҳо ба назар мерасанд. Қисме аз онҳо дар асоси санъати талмеҳ бар номи шахсиятҳои таърихӣ ва воқеаҳои ривоятӣ асос ёфтаанд. Аз ибораҳои номӣ навъи исмӣ маъмул аст, ки аз исму исм ва исму сифат фароҳам омадаанд. Дар асар ибораҳои номии серҷузъа низ дар вазифаҳои муайяни маъноиву услубӣ корбаст шудааст.

Дар «Самаки айёр» қисмати зиёдро ибораҳои фразеологии феълӣ ташкил менамоянд. Ибораҳои фразеологии феълӣ, ки аз ду то ҳашт калима созмон ёфтаанд, дар шаклҳои танҳо, ҷуфт ва силсилавӣ бо мақсадҳои муайяни услубӣ истифода шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. Қ.1 / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1989. – 117 с.
2. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Забоншиносӣ / Н.Маъсумӣ. - Душанбе: Ирфон, 1980. - 394 с.
3. Саидов Р. Фразеологияи назми халқии тоҷик: рисола… докт. илмҳои филол / Р.Саидов. - 1995. – 296 с.
4. Самаки айёр. Кит.1. - Душанбе: Сарред. илмии Энсик. миллии тоҷик, 2007. - 882 с.
5. Самаки айёр. Кит.2. - Душанбе: Сарред. илмии Энсик. миллии тоҷик, 2008. – 973 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Маскав: Сов.энсик-дия, 1969. - Ҷ.1. - 951 с.; - Ҷ.2. - 949 с.
7. Ҳусейнов Х. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Х.Ҳусейнов, К.Шукурова. - Душанбе: Маориф, 1983. - 255 с.
8. Ҳошимов С. Луғатнигорӣ / С.Ҳошимов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2004. – 79 с.
9. Шарипова Г.Ш. Фразеологические единицы в «Самаки айяр»: автореф. дисс… канд. филол. наук / Г.Ш. Шарипова. – Душанбе, 2013. – 23 с.

10. Шербоев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ / С.Шербоев. - Душанбе, 2014. - 458 с.

ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР «САМАКИ АЙЁР»

Дар мақола махсусиятҳои забонӣ ва услубии намунаи волои насри ривоятӣ «Самаки айёр» ва истифодабарии воҳидҳои фразеологӣ дар он баррасӣ гардидаанд. Насри ривоятӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик мавқеи калон дорад, ба таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеии он зиёда аз даҳ нафар олимони соҳибтаҷрибаи ватаниву хориҷӣ пардохтаанд, вале масъалаҳои забону услуби баёни он ҳанӯз омӯхта нашудааст. Воҳидҳои фразеологӣ аз масъалаҳои мубрами насри ривоятӣ ба шумор мераванд, зеро онҳо, аз як тараф, дар адабиёти ривоятӣ аз унсурҳои муҳим ва муассири нутқ ба шумор раванд, аз тарафи дигар, дар насри ривоятӣ, ки ҷавҳараш панду андарз аст, дар ҷамъбасту хулосаи ҳодисот ва рафтори қаҳрамонҳо чун воситаи асосӣ хидмат кардаанд. Яъне, таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ на танҳо барои муайян кардани яке аз паҳлуҳои забону услуб, балки дар кушодани хусусиятҳои ғоявию бадеии асар низ мусоидат доранд. Муаллиф қайд менамояд, ки таҳқиқи воҳидҳои фразеологии забони як шохаи муҳимми адабиёти нафиса - насри ривоятӣ барои омӯзиши ҳарҷонибаи назария ва амалияи таъбиршиносии форсӣ-тоҷикӣ муҳим буда, барои тадқиқоти минбаъдаи ин воҳиди забон имкониятҳои тоза ба вуҷуд меорад.

Калидвожаҳо: романи «Самаки айёр», омӯзиши забон ва услуб, махсусияти морфологии забони асар, махсусияти калимасозӣ, махсусияти амаликунии воҳидҳои фразеологӣ дар насри ривоятии «Самаки айёр».

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ В «САМАКИ АЙАР»

В данной статье автором рассматриваются языковые и стилистические особенности уникального образца народной прозы «Самаки айар» и использование фразеологических единиц в данном произведении. Повествовательная литература, именуемая в таджикской филологии «насри ривояти», как уникальный феномен традиционной таджикско-персидской литературы, не раз становилась предметом научного изыскания отечественных и зарубежных ученых, однако проблема изучения ее языкового своеобразия, транслирующего специфические черты языковой природы этих образцов словесной культуры, до сих пор нуждается в углубленном исследовании. В связи с этим научная интерпретация языковых и стилистических особенностей, в том числе, специфики функционирования фразеологических единиц в повествовательной прозе, характеризующейся высокой частотностью употребления устойчивых конструкций, считается одним из важных направлений современной таджикской лингвистики. Автор отмечает, что проблема изучения лексических, морфологических и синтаксических особенностей, а также специфики функционирования фразеологических единиц в повествовательной прозе «Самаки айар» ожидают своего научного изучения и осмысления.

Ключевые слова: роман «Самаки айар», изучение языка и стиля, морфологические особенности языка произведения, особенности словообразования, специфика функционирования фразеологических единиц в повествовательной прозе «Самаки айар».

PHRASELOGICAL UNITS IN THE NOVEL "SAMAKI AYAR"

In this article, the author examines the linguistic and stylistic features of the unique sample of folk prose "Samaki ayar" and the use of phraseological units in this work. Narrative literature, referred to in Tajik philology as "nasri rivoyati", as a unique phenomenon of traditional Tajik-Persian literature, has repeatedly become the subject of scientific research by domestic and foreign scientists, but the problem of its study of linguistic originality, translating the specific features of the linguistic nature of these samples of verbal culture, to still needs in-depth research. In this regard, the scientific interpretation of linguistic and stylistic features, in particular, the specifics of the functioning of phraseological units in narrative prose, characterized by a high frequency of the use of stable constructions, is considered one of the important areas of modern Tajik linguistics. The author notes that the problem of studying lexical, morphological and syntactic features, as well as the specifics of the functioning of phraseological units in the narrative prose "Samaki ayar" awaits a scientific look and understanding.

Key words: the novel "Samaki ayar", the study of the language and style, the morphological features of the language of the work, the features of word formation, the specificity of the functioning of phraseological units in the narrative prose "Samaki ayar".

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифова Гулчеҳра Шарифбаевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсент. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. Мавлонбеков, 1. Тел.: **(+992) 93-872-80-00**

Сведения об авторе: ***Шарифова Гулчехра Шарифбаевна*** – Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. Тел.: **(+992) 93-872-80-00**

Information about the author: ***Sharifova Gulchera Sharifbaevna*** **--** Khujand State University named after academician B. Gafurova, candidate of philological sciences, associate professor. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlonbekova, 1. Tel.: **(+992) 93-872-80-00**

УДК: 491.550

ДОИР БА КОРБУРДИ ЯГОНАИ ИСТИЛОҲОТИ ЭТНОЛИНГВИСТИКА ВА ШЕВАШИНОСӢ

Матробиён С.Қ., Шердилова С.Ф.
Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ,
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар забоншиносии муосир бо ҳам барҳӯрд мекунанд, робитаи забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва шевашиносӣ маҳсуб меёбад. Дар забоншиносии қавмӣ низ лексикаи шеваҳо, лаҳҷаҳо, гӯйишҳо, ки аз назари ҳудудӣ ва доираи паҳншавиашон аз якдигар фарқ мекунанд, таҳқиқ мешаванд. Истилоҳоти этнографизмҳо дар забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва диалектизмҳо дар шевашиносӣ мавриди таҳқиқ қарор доранд, ки барои муҳаққиқон ин равшан аст. Вале он чи мо дар мақола мавриди таҳлил қарор медиҳем, ин корбурди гуногуни истилоҳҳои *шева*, *лаҳҷа* ва *гӯйиш* ё *гӯйишвора* дар шевашиносии тоҷик мебошанд. Маҳз ҳамин якнавохт ва ҳамгун набудани истилоҳҳои болозикр кори муҳаққиқони забоншиносии қавмиро низ дучанд мураккаб намудааст. Этнолингвисти рус Герд А.С. қайд мекунад, ки «Агар масъалаи сохтори дохилӣ, қонунияти амалкард ва таҳаввулоти забон дар ин ё он ҳолати (ё вазъи: М.С.) забонӣ мавзӯи асосии забоншиносӣ бошад, пас вазифаи асосии этнолингвистика таҳлили иртиботи мутақобилаи байни навъҳои гуногуни ҳолатҳои забонӣ ва этносҳо ва гурӯҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Масалан, аз як тараф, қавмҳое (русҳо, англисҳо, фаронсавиҳо ва ғ.) мавҷуданд, ки аз тамоми ҳолатҳои забонӣ бархӯрдоранд. Аз тарафи дигар, дар ҷаҳон қавмҳое кам нестанд, ки забонашон шакли хаттӣ надоранд, аммо дорои системаи муайяни шеваҳо ва нутқи касбӣ мебошанд» [1, с.18]. Аз ин хотир, дуруст корбурд шудани истилоҳоти шевашиносӣ бевосита ба забоншиносии қавмӣ низ дар таҳқиқоти лексика таъсири мусбӣ мерасонад.

Шеваҳои забони тоҷикӣ, ки ба лаҳҷаю гӯйишҳои алоҳида ҷудо мешаванд, яке аз сарчашмаҳои асосии рушди таркиби луғавии забони адабии тоҷик ва таҳкурсии он ба шумор мераванд, зеро онҳо бо ҳаёт ва таърихи халқи тоҷик алоқаи ногусастанӣ доранд. Забони адабӣ ҷойи холигии таркиби луғавии худро ҳамеша аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи шеваҳо пурра мекунад, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам ривоҷ дорад. Ин як воситаи асосии ба меъёрҳои солим табдил ёфтани воҳидҳои шевагӣ дар забони адабист. Дар луғати лаҳҷаҳо, ба қавли Ф.П. Филин, “таърихи чандинасраи халқ инъикос ёфтааст” [6, с.52]. Воқеан, таърихи забон ва урфу одатҳои миллӣ дар шеваю лаҳҷаҳо бештару беҳтар маҳфуз мондаанд. Вале дар шевашиносии тоҷик масъалаи лексикаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ аз назари этнолингвистӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст.

Ҳарчанд омӯзиши шеваҳои забони тоҷикӣ аз солҳои пеш аз Инқилоб (1917) оғоз шуда бошад ҳам, аммо баъд аз нашри асари И.И. Зарубин бо номи «Рисолае дар бораи лаҳҷаи яҳудиёни Самарқанд» дар соли 1928 ва китоби «Ахбороти мухтасари баъзе хусусиятҳои шеваҳои тоҷикӣ» аз ҷониби М.С. Андреев дар соли 1930 шевашиносӣ дар забоншиносии тоҷик маъруфият пайдо кард ва таваҷҷуҳ ба омӯзиши шеваю лаҷаҳои алоҳида бештар гардид. Шевашиноси тоҷик М. Эшниёзов дар дар ин бора чунин менигорад: «Хусусиятҳои маҳаллии забон дар қатори намудҳои материалҳои маданияти моддӣ ва маънавии халқ ҳамчун яке аз хусусиятҳои алоҳидаи ин ё он гурӯҳи этникӣ муайян карда мешуданд. Аз ин рӯ, бо ин равия то соли 1929 оид ба омӯхтани баъзе лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ материалҳои ҷудогона ва иҷмолӣ гирд овардаанд» [11, с.6].

Чуноне ки маълум аст, дар солҳои 30-юми асри XX инкишофи пурмавҷи сохтмони сотсиалистӣ ва тараққиёти босуръати маданӣ дар Тоҷикистон оғоз ёфт ва ворид намудани истилоҳоти наве, ки дар забони адабии тоҷикӣ мавҷуд набуданд, ба як амри маъмулӣ даромад. Дар «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ», ки соли 1936 қабул гардида буд, ба таври қатъӣ сохтани ҳаргуна истилоҳот манъ карда шуда буд: «… бояд ба муқобили ба забон дароварда шудани архаизмҳо (суханҳои қадими аз истифода баромада) ва бо роҳи сунъӣ дар забони тоҷикӣ дуруст карда шудани терминҳоеро, ки маънои ҳақиқии мафҳумро намедиҳанд ва бар муқобили ташаббуси иваз кардани термини оммафаҳми аз забонҳои дигар гирифташуда, ба калимаҳо бо роҳи сунъӣ ва сохта дар терминологияи тоҷикӣ дароварда шудагӣ мебошад, мубориза бурда шавад».

Аз ин рӯ, истилоҳоти илмие, ки ба забони тоҷикӣ ворид мешуд, аксар вақт дар ҳамон шакл қабул мегардид. Ҳамин ҳолат нисбати истилоҳоти шевашиносӣ низ даст ёфта буд.

Истилоҳи «диалектология» ҳамчун номи фан ва соҳаи забоншиносӣ дар забони тоҷикӣ корбаст мешуд. Дар фарҳангҳои тафсирӣ ва соҳавии забони тоҷикӣ вожаи «диалектология» ҳамчун моддаи луғавӣ сабт ёфта, шарҳ дода шудааст. Дар «Луғати терминҳои забоншиносӣ», ки аз ҷониби Х.Ҳусейнов, К.Шукурова таълиф шудааст, *диалект* ҳамчун *лаҳҷа, шева* шарҳ дода шудааст ва истилоҳҳои шевашиносӣ ба қадре

тафсир ёфта, байни *диалект*, *шева* ва *лаҳҷа* тафовут гузоштаанд: «Диалект аз ҷиҳати доираи ҳудуди паҳншавиаш ба шеваю лаҳҷаҳо ҷудо мешавад. Шева, мумкин аст, танҳо дар ҳудуди як деҳа паҳн бошад, аммо лаҳҷа метавонад доираи чандин шеваҳоро дар бар гирад. Шева танҳо бо мафҳуми ҳудуд (территория) алоқаманд аст. Диалект шеваю лаҳҷаро дар якҷоягӣ ифода карда метавонад… Диалекти территориявӣ (шеваи маҳал, шеваи вилоят). Шевае, ки дар ҳудуди муайян паҳн шудааст» [10, с.42]. Ҳамзамон дар луғати мазкур истилоҳи *диалектизм* тафсир ёфта, муаллифон 8 намуди онро шарҳ додаанд. Инчунин, вожаи «диалектология» чунин баён шудааст: «диалектология (юн. dialektos – шева, лаҳҷа+ logs – мафҳуми илм). Қисми забоншиносӣ, ки ба омӯхтани шеваю лаҳҷаҳои ин ё он забон машғул аст» [10, с.43]. Дар «Луғати терминҳои забоншиносӣ» вожаи «лаҳҷа» чунин тафсир ёфтааст: «лаҳҷа – забони мубодилаи мардумони ягон ҳудуди муайян, ки интишори васеъ надорад» [10, с.112]. Вожаи «шева»: «ниг. Диалект. Нутқи ба аҳолии як маҳал ё якчанд маҳал хоссе, ки дар ҳудуди ин ё он забон дар лексика, фонетика ва грамматика (бештар дар фонетикаю лексика) хусусиятҳои фарқкунанда доранд» [10, с.212]. Шевашиносӣ (ниг. Диалектология). Қисми забоншиносӣ, ки ба омӯхтани шеваю лаҳҷаҳо машғул аст [10, с.212].

Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» вожаҳои «лаҳҷа ва шева» ба таври зерин шарҳ дода шудаанд: «лаҳҷа – *ниг.* шевашиносӣ» [12, с.609], «шева – қисми калонтари забони маҳаллӣ. Гурӯҳҳои лаҳҷаҳоеро фаро мегирад, ки баробари фарқҳои ҷузъӣ хусусиятҳои умумӣ низ доранд. Калимаҳои шева ва лаҳҷа дар адабиёти илмӣ то солҳои 70 ҳамчун муродиф бетафовут ба ҷойи ҳамдигар истифода мешуданд. Ҳоло фарқи истилоҳии онҳо таъйин шудааст. Лаҳҷа мафҳуми танг, шохаи хурд. Шева мафҳуми васеъ, маҷмӯи чанд шохаеро, ки аломатҳои якхела доранд, ифода мекунанд… Ба омӯзиши шева ва лаҳҷаҳо илми шевашиносӣ машғул аст» [с.125-126: мақолаи Р. Ғаффоров]. «… шевашиносӣ – диалектология, як қисми забоншиносист, ки лаҳҷа ва шеваҳои маҳаллии забонро меомӯзад» [12, с.128]. Инчунин, дар асари энсиклопедии мазкур вожаи «диалектизм» шарҳ дода шудааст: «диалектизмҳо – ҷиҳатҳои махсуси ягон лаҳҷа (диалект), ки дар забони адабии китобӣ акс меёбанд. Диалектизмҳо панҷ хел мешаванд: а) фонетикӣ; б) грамматикӣ; в) калимасозӣ; г) лексикӣ; д) таърихӣ …» [12, с.279].

Ҷиҳати инъикоси чигунагии истилоҳоти шевашиносӣ мо ба фарҳангҳои тарҷумавӣ таваҷҷуҳ намудем. Дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (1986) вожаи «диалектология» чунин тарҷума шудааст: «диалектология *ж. лигв.* диалектология, лаҳҷашиносӣ» [2, с.214] ва вожаи «диалект» ҳамчунин: «диалект – лаҳҷа, шева, диалект» тарҷума шудааст [2, с.213]. Калимаҳои «говор» ва «наречие» ба таври зайл тарҷума шудаанд: «говор – *лингв.* шева; лаҳҷа» [2, с.178]; «наречие – *лингв.* лаҳҷа; шева» [2, с.533]. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (2004; 2005) вожаҳои «шевашиносӣ» ҳамчун «диалектология» ва «шева» «наречие; говор; диалект» тарҷума шудаанд [8, с.412-413]. Ҳамзамон, вожаи «лаҳҷа» ҳамчун «говор; наречие; диалект», «лаҳҷашиносӣ» «диалектология» [8, с.317] ва «гӯйиш» «наречие; говор» [8, с.157] тарҷума шудааст. Аз фарҳангҳои мазкур маълум гардид, ки аз сабаби дар соҳаи шевашиносии тоҷик дақиқ набудани ҳудуди истилоҳии шева, лаҳҷа ва гӯйиш, дар шаклҳои гуногун тарҷума шудаанд.

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» Алиасғари Шеърдӯст истилоҳи «гӯйишшиносӣ»-ро корбурд намуда, зикр намудааст, ки «гӯйишшиносӣ яке аз шохаҳои муҳимми илми забоншиносист, ки пешинаи тӯлонӣ дорад» [7, с.3] ва дар қисмати муқаддимаи Фарҳанг мураттибон танҳо истилоҳҳои «лаҳҷашиносӣ» ва «лаҳҷашинос»-ро истифода намуда, боре ҳам вожаи «шевашиносӣ»-ро зикр накардаанд. Танҳо ҳангоми таснифоти забони гуфторӣ тоҷикӣ ба шеваҳо (4 шева) ва лаҳҷаҳо ҷудо шудани забони тоҷикиро таъкид намуда, ҳамчунин ба чор лаҳҷа ҷудо шудани шеваи ҷанубии забони тоҷикиро вобаста ба таснифоти В.С. Расторгуева зикр намудаанд. Ҳамчунин, ҷудошавии лаҳҷаҳоро шоха номидаанд, яъне ҳар як лаҳҷа дар навбати худ метавонад ба шохаҳо ҷудо шаванд. Дар шевашиносии рус забони гуфторӣ тасниф шуда, истилоҳоти марбут ба таснифот дар мавриди худ истифода мешаванд. Забоншиноси рус А.С. Малахов дар китоби худ «Русская диалектология: теория и практика» (2013) истилоҳҳои зеринро корбурд намудааст (барои исботи фикр иқтибосро айнан бе тарҷума меоварем): «**Говор** – самая мелкая, далее неделимая единица диалектного членения… По ряду особенностей говоры можно объединить в ***группу говоров***. **Наречие** – основные исторически сложившиеся разновидности данного языка; совокупности групп говоров, объединенных общими языковыми признаками и в то же время представляющих собой лишь часть языка …» [3, с.5]. О.И. Блинова дар асараш «Русская диалектология» (1984) доир ба таснифоти **забони шевагӣ** (диалектный язык) сухан ронда, таъкид мекунад, ки забони шевагӣ низ як навъи забони миллӣ буда, дар навбати худ метавонад чунин тасниф шавад (айнан): «**Говор** – предельная далее неделимая единица диалектная языка характеризующаяся единством всех элементов языковой структуры… В одном населённом пункте может быть несколько говоров… Несколько говоров имущих значительную общность элементов структуры,

составляют **группу говоров**, или **диалект**; диалекты с общностью многих черт объединяют в **наречия**» [3, с.5]. Мақсад аз зикри айнани иқтибосот ин нишон додани истифодаи истилоҳоти шевашиносӣ дар забоншиносии рус буд. Аз рӯйи иқтибосот маълум гардид, ки дар забоншиносии рус як ҳудуди муайяни истифодаи ин истилоҳот мавҷуд аст ва дар кори муҳаққиқон гуногунфикрӣ дар истифодаи истилоҳҳои мазкур дида намешавад.

Дар асарҳои ба шевашиносии тоҷик бахшидашудаи забоншиносоне, ки бо забони тоҷикӣ таълиф шудааст, мавқеи истилоҳҳои шевашиносӣ ***гӯйиш, лаҳҷа, шева*** дуруст муайян нашудааст. Ҳарчанд хатти сарҳади истифодаи истилоҳҳои лаҳҷа ва шева дар мақолаи энсиклопедии Р. Ғаффоров дуруст кашида шудааст, аммо дар корҳои илмии баъдина ин таснифот ба назар гирифта нашуда, муҳаққиқон ин истилоҳҳоро дар забони тоҷикӣ ба тарзҳои гуногун истифода бурдаанд. Ҳарчанд бархе аз муҳаққиқон дар робита ба истифодаи ин истилоҳҳо назари дуруст доранд, вале агар аз истилоҳи ягона корбурд мекарданд, мушкилот дар ин раванд ба вуҷуд намеомад.

Шевашиноси тоҷик М. Эшниёзов дар дастури таълимии худ «Машғулиятҳои амалӣ ва шевашиносии тоҷик» (1969) дар аввал истилоҳи «шевашиносӣ»-ро истифода кардааст. Аммо баъдан дастури дигари таълимии худро бо номи «Диалектологияи тоҷик» (қисм 1, 1977, қисм 2, 1979, қисм 3, 1986) ба табъ мерасонад. Дар ин асараш ҳарчанд истилоҳи «диалект»-ро истифода бурдааст, аммо дар баробари он, истилоҳи «шева»-ро низ корбурд намудааст. Вале истилоҳи мазкурро зиёдтар дар шакли ҷамъ «шеваҳо» навишта, зимни он лаҳҷаҳо (дар асоси таснифоти Р.Ғаффоров) дар назар дошта шудааст. Муаллифи мазкур соли 1996 китоберо таҳти унвони «Лаҳҷашиносӣ» чоп мекунад, ки истилоҳҳои «шевашиносӣ» ва «лаҳҷашиносӣ»-ро ҳамчун муродиф истифода кардааст. Дар ҳамин асар муаллиф доир ба мавриди истифодаи истилоҳҳои **шева** ва **лаҳҷа** ақидаи худро ба таври зер баён намудааст: «Дар забоншиносии тоҷик истилоҳҳои шеваю лаҳҷа мафҳум ва маъноҳои алоҳида доранд. Дар шевашиносӣ воҳиди аз ҳама хурдтарин намуди забонро, ки ба дигар қисмҳо ҷудо намешавад, шева меноманд. Лафзе, ки дар заминаи иттифоқи гурӯҳи алоҳидаи шеваҳо ташаккул ёфта, аломатҳои умумӣ дорад ва дар айни замон бо аломатҳои ҷуфтгонаи худ аз гурӯҳи дигар каму беш фарқ мекунанд, лаҳҷа номида мешавад. Лаҳҷа поя ё намуди асосии таърихан ташаккулёфтаи ин ё он забон ба шумор меравад».

Дар мақолаҳо ва асарҳои муҳаққиқон ба мисли Л.Бузургзода («Чорбайтҳои халқӣ ва хусусиятҳои шеваи Конибодом» (мақола, 1941)), Б.Ниёзмуҳаммадов («Як назар ба таърихи шевашиносии тоҷик» (мақола, 1960); «Программаи шевашиносии тоҷик» (1970)), Р.Ғаффоров («Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1979)), Ғ.Ҷӯраев («Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1979), «Назаре ба ҷараёни имрӯзаи шеваҳои тоҷикӣ» (мақола, 1975), С.Атобуллоев («Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1984)), М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев («Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ. Лаҳҷаҳои ҷанубӣ» (1997)), Д.Ҳомидов («Шевашиносии тоҷик (васоити таълим)» (2006)) ва дигарон истилоҳи «шева» ба маънои «диалект» ва шевашиносӣ ҳамчун диалектология истифода шудааст. Дар асарҳои бархе аз муҳаққиқон шева ба маънои лаҳҷа ва гӯйиш истифода шудааст. Масалан, Ҷ.Мурватов («Маълумоти мухтасар дар бораи шеваи Файзобод» (мақола, 1967), «Шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон» (1974)), Х.Ҳамроқулов («Шеваҳои тоҷикони райони Бойсун» (1961)), О.Ҷалолов («Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон» (1971)), С.Қурбонов («Ибораҳои номӣ дар шеваи Бойсун» (2003)), А.Ҳасанов («Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XII дар гӯйиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ)» (2003)) ва ғ.

Ҳамин тавр, таҳлилҳои боло нишон доданд, ки дар шевашиносии тоҷик корбурди истилоҳоти ягона мавҷуд набуда, бо шаклҳои гуногун истилоҳҳои **шева, лаҳҷа ва гӯйиш** истифода шудаанд. Мо дар ин мақола тасмим гирифтем, ки ба таснифоти муҳаққиқи забоншинос С.Қ. Матробиён, ки дар китоби «Муқаддимаи забоншиносӣ» (дар дасти чоп) истилоҳоти шевашиносиро гурӯҳбандӣ намудааст, пайравӣ намуда, дар шакли зер истифода намоем:- **гӯйиш** – хурдтарин воҳиди шевашиносӣ, ки дигар ба қисматҳо тақсим намешавад;- **лаҳҷа** – воҳиди шевашиносӣ, ки чанд гӯйишро дар бар мегирад; - **шева** – калонтарин воҳиди шевашиносӣ, ки аз гурӯҳи лаҳҷаҳо ташкил меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Герд А.С. Введение в этнолингвистику: Курс лекций и хрестоматия / А.С. Герд. – СПб.: Изд-во С.-Петерб.ун-та, 2005. – 457 с.
2. Луғати русӣ тоҷикӣ. – М., 1985. – 1250 с.
3. Малахов А.С. Русская диалектология теория и практика. / А.С.Малахов. – Душанбе, 2013. – 234 с.
4. Розенфелд А.З. Таджикско-русский диалектний словар (юго восточный Таджикистан). Словарь / А.З. Розенфелд. – Л., 1982. – 239 с.
5. Русская диалектология. – М., 1972. – 208 с.
6. Филин. Ф.П. Проект словаря русских народных говоров. Монография / Ф.П. Филин.–М. Л., 1961.– 230. с.
7. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш, 2017. – 670 с.
8. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 2004. – 460 с.
9. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Ҷ.2. - Душанбе: Дониш, 2005. – 461 с.

10. Ҳусейнов Х. Луғати терминҳои забоншиносӣ. / Х.Ҳусейнов, К.Шукурова. – Душанбе: Маориф, 1983. – 256 с.
11. Эшниёзов М. Диалектологияи тоҷик. Қисми 2. Китоби дарсӣ / М.Эшниёзов. – Душанбе, 1979. - 134 с.
12. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.2. – Душанбе, 1980. – 634 с.

ДОИР БА КОРБУРДИ ЯГОНАИ ИСТИЛОҲОТИ ЭТНОЛИНГВИСТИКА ВА ШЕВАШИНОСӢ

Масъалаи фаъолияти забон дар ҷомеа, истифодаи он дар миёни гурӯҳҳои гуногуни этникӣ, аҳолии ҳавзаҳои мухталифи ҷуғрофӣ, минтақаҳову кишварҳои алоҳидаи олам аз масоил ва ҷанбаҳои басо муҳимми этнолингвистика ба ҳисоб меравад. Этнолингвистика (забоншиносии қавмӣ) дар иртибот бо самтҳои илмии мардумшиносӣ, фалсафаву фарҳанг, ҷомеашиносиву равоншиносӣ ва амсоли инҳо метавонад дар муайян намудани мафҳумҳои гуногуни марбут ба ҷомеаи этникӣ, этносҳо (қавмҳо), халқият, миллат, гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳии шахс саҳм дошта бошад. Азбаски этнолингвистика як соҳаи миёнрав байни илмҳои забоншиносӣ, мардумшиносӣ ва ҷомеашиносӣ қарор дорад, табиист, ки масъалаҳои тадқиқи онро боздид аз масоили марбут ба забони инсон, қонунҳои рушди дохилии он, сохтори забон, шаклҳои гуногун, вазифа ва омилҳои зуҳуроти забон дар ҷомеа низ ташкил медиҳад. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар забоншиносии муосир бо ҳам бархӯрд мекунанд, робитаи забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва шевашиносӣ маҳсуб меёбад. Дар забоншиносии қавмӣ низ лексикаи шеваҳо, лаҳҷаҳо, гӯйишҳо, ки аз назари ҳудудӣ ва доираи паҳншавиашон аз якдигар фарқ мекунанд, таҳқиқ мешаванд. Истилоҳоти этнографизмҳо дар забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва диалектизмҳо дар шевашиносӣ мавриди таҳқиқ қарор доранд, ки барои муҳаққиқон ин равшан аст. Вале он чи мо дар мақола мавриди таҳлил қарор медиҳем, ин корбурди гуногуни истилоҳҳои *шева*, *лаҳҷа* ва *гӯйиш* ё *гӯйишвора* дар шевашиносии тоҷик мебошанд. Маҳз ҳамин якнавохт ва ҳамгун набудани истилоҳҳои болозикр кори муҳаққиқони забоншиносии қавмиро низ дучанд мураккаб намудааст.

Калидвожаҳо: этнолингвистика, шевашиносӣ, шева, лаҳҷа, гӯйиш, гӯйишвора, истилоҳот, этнографизм, диалектизм, шеваҳои забони тоҷикӣ, таснифоти муҳаққиқон.

О ЕДИНОМ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ И ДИАЛЕКТОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ

Проблема функционирования языка в обществе, его использования различными этническими группами, населением разных географических кругов, других регионов и стран мира рассматривается как важнейший вопрос и аспект этнолингвистики. Этнолингвистика (родоплеменная лингвистика) во взаимосвязи с научными направлениями этнографии, философии и культуры, социологии и психологии и др. способна внести свой вклад в определение различных смыслов этнического общества, этносов (племен), наций, социальных групп населения, национального самосознания. Поскольку этнолингвистика является промежуточной областью между лингвистической наукой, этнографией безусловно необходимо обсуждать ее исследовательские проблемы, которые содержат проблемы, связанные с человеческим языком, законами его развития, структурой языка, различными типами, функциями и факторами возникновения языка в мире. Одной из важных проблем, которые противоречат друг другу в современной лингвистике является соотношение племенной лингвистики (этнолингвистики) и диалектологии. В лингвистике племен будет исследоваться также лексика диалектов, которые отличаются от взгляда на территорию и круга их распространения. Термины этнографизмы в племенной лингвистике (этнолингвистике) и диалектизма в диалектологии исследуются, что ясно для исследователей. Однако мы собираемся проанализировать использование различных терминов («шева», «лахджа» и «гуйш» или «гуйшвора») в таджикской диалектологии. А именно из-за того, что упомянутые термины не однообразны и не похожи, это затрудняет изучение племенных лингвистов.

Ключевые слово:этнолингвистика, диалектология, диалект, говор, наречие, термин, этнографизмы, диалектизма, таджикские диалекты, классификация исследователей.

ON SINGLE USAGE OF ETHNOLINGUISTIC AND DIALECTOLOGY TERMINOLOGY

The problem of language function in society, it’s usage among various ethnic groups, the population of different geographical circles, other world regions and countries is considered as the most important issues and aspect of ethnolinguistic. Ethnolinguistic (tribal linguistic) in r elation with the science directions of ethnography, philosophy and culture, sociology and psychology and etc. is able to contribute in identifying different meanings of ethnic society, ethnos (tribes), nations, social groups of population, national and self-consciousness. Since ethnolinguistic is as an intermediary field among the science of linguistic, ethnography, certainly, its research problems have to discuss which contain the problems related to human language, its development laws, language structure, different types, function and the factors of language appearance in the society. One of the important problems that clashes with each other in the modern linguistic is the relation of tribal linguistic (ethnolinguistic) and dialectology. In tribal linguistic also dialects and dialects’ lexica, which differ from the glance of territory and their circle of expansion will be researched. Ethnographisms terms in tribal linguistic (ethnolinguistic) and dialectisms in dialectology are under research that is clear for the researchers. However, what we are going to analyze is the usage of different terms («sheva», «lahja» and «guish» or «guishvora») in Tajik dialectology. Namely, because of the mentioned terms which are not monotonous and similar, it makes the study of the tribal linguistic researchers more complicated.

Key words: ethnolinguistic, dialectology, dialect, terminology, Ethnographisms, dialectisms, the Tajik dialects, researcher’s classifications.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Матробиён С.Қ.*** - Институти забон ва адабиёти номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21. E-mail: **s.matrobov@mail.ru.** Тел.: (**+992) 227-59-25**

Шердилова Сурайё Фармонбековна – Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, аспирант, мутахассиси «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф». **Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч.Ленин, 12. E-mail: **ssherdilova@Bk.Ru.** Тел.: **+(992) 934-02-77-88**

Сведения об авторах: ***Матробиён С.К.*** - Институт языка, и литературы им. Абуабдуллоха Рудаки НАНТ, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **s.matrobov@mail.ru.** Тел.: (**+992) 227-59-25**

Шердилова Сурайё Фармонбековна - Хорогский государственный университет им. М.Назаршоева, аспирант, специалист управления учебы и методической работы «Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования». **Адрес:** 736000, Республика Таджикистан, г.Хорог, ул.Ленина 12. E-mail: **ssherdilova@Bk.Ru.** Тел.: **+(992) 934-02-77-88**

Information about the authors: ***Matrobiyon S.K.*** - Institute of Language and Literature named after Abuabdulloh Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **s.matrobov@mail.ru.** Tel.: (+**992) 227-59-25**
Sherdilova Surayo Farmonbekovna - Khorog State University named after M.Nazarshoeva, a post graduate, a specialist of department of training method work of state department Republican institute of professional development in education. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog, Lenin Str., 12. E-mail: **ssherdilova@Bk.Ru.** Tel.: **(+992) 934-02-77-88**

УДК:408.5

ХУСУСИЯТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ БАЙНИ СИФАТИ ФЕЪЛИИ 1 ВА ГЕРУНДИЙ

Ибрагимова Р.А. Усмонова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Дар забони англисӣ вожаҳое ба назар мерасанд, ки бо морфемаи *-ing* ифода ёфтаанд. Ба қатори ин вожаҳо дар забони англисӣ сифати феълӣ *(Participle 1),* герундий ва исми феълӣ дохил мешаванд. Сифати феълӣ ва герундий ба гурӯҳи феълҳои тасрифнашаванда дохил мешаванд. Феълҳои тасрифнашаванда бандак қабул намекунанд, шахсу шумора надоранд, яъне ба *кӣ (киҳо)* ё ба *чӣ (чиҳо)* тааллуқ доштани амал ё ҳолати зикршавандаро ифода намекунанд [5, с.127]. Масъалаи вожаҳои бо *–ing* ифодаёфтаи забони англисӣ диққати бисёр забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Роҷеъ ба ин мавзӯъ забоншиносони маъруфи рус, ба монанди Ю.Д. Аперсян [1], А.И. Смирнитский [3], Л.С. Бархурдаров [2] ва забоншиносони тоҷик ба монанди Т. Таджиев [4], М.Б. Шаҳобова [6] тадқиқотҳои илмӣ бурдаанд.

Шаклҳои феълие, ки тавассути морфемаи *«-ing»* ифода ёфтаанд, шарҳу баёни гуногун доранд. Ба гурӯҳи шаклҳои ғайритасрифии феъл, ки бо *–ing* ифода ёфтаанд, герундий ва сифати феълии I дохил мешаванд. Оид ба номгузорӣ кардани ин шаклҳои феълӣ байни забоншиносон гуногунфикрӣ ба назар мерасад. Баъзе англисшиносон онҳоро чун як шакли ғайритасрифии феъл ҳисобида, *«-ing - form»* номгузорӣ кардаанд [2, с.59]. Гурӯҳи дигари забоншиносон [3, с.98] шакли феълии мазкурро чун воҳиди грамматикӣ-сифати феълии 1 ва герундий ном гирифтаанд. Бояд қайд намуд, ки сабаби мухталифии ақоид ба табиати гуногуни ин шаклҳои феълӣ вобаста мебошад. Барои исбот намудани ақидаи мазкур ба маводҳои забонӣ рӯ меорем:

1. *Your <u>coming</u> has done him good.*
2. *He was interrupted while <u>doing</u> it [8, с.68].*

Дар мисолҳои болоӣ вожаҳое, ки бо морфемаи *–ing* ифода ёфтаанд *(coming, doing),* ҳам аз нуқтаи назари маъно ва ҳам аз нуқтаи назари грамматика чун герундий амал кардаанд. Ё худ ба мисоли дигар таваҷҷуҳ намоед:

The evening before their return to Paris he was sitting on the terrace with his mother, listening to the monotoning screaming of cicadas, enjoying the cool night breeze [7, с.88].

Дар ин мисол шаш калима бо морфемаи *«-ing»* ифода ёфтааст. Дар ин ҷо мо бештар диққати худро ба *sitting ва listening* равона месозем. Вожаи *«sitting»* аз ду морфема *(sit ва -ing)* таркиб ёфтааст ва дар он морфемаи решагии *«sit»* номи амалро ифода карда истодааст ва морфемаи флективии *«-ing»* ба морфемаи решагӣ тақвият бахшида истодааст. Дар ин ҷо *sitting* якҷоя бо феъли ёвари *«is»* маънои ҳудуди феъли давомдорро ифода карда истодааст ва мутаносибан он сифати феълии I ба ҳисоб меравад. Калимаи *«listening»* низ дар ин ҷумла ҳолати рӯҳии субъектро ҳангоми иҷрои амал мефаҳмонад ва вазифаи синтаксисии ҳоли тарзи амалро ифода карда истодааст. Ин калима низ сифати феълии I мебошад. Аз мисолҳои болоӣ бармеояд, ки герундий зоҳиран ба сифати феълии I монанд аст. Лекин бояд қайд намуд, ки байни онҳо тафовутҳои куллӣ ба назар мерасанд.

Сифати феълии I – хосияти сифатро дорад. Баъзан чун зарф амал мекунад. Дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии муайянкунанда, ҳол ва хабар меояд. Бори дигар қайд бояд кард, ки сифати феълии I аз асоси масдар тавассути морфемаи *«– ing»* сохта мешавад: *writing, taking, stopping*. Ин шакли феълӣ зоҳиран бо герундий як хел аст. Вале онҳо дар забони қадими англисӣ аз ҳам фарқ мекарданд: асосан исми феълӣ, ки сонитар ба герундий табдил ёфтааст, пасванди *«– ing», «-ung»* доштааст. Он пасвандҳои забони англисӣ дар асрҳои миёна ба *«– ing»* мубаддал шудаанд. Сифати феълии якум бошад, дар забони қадими англисӣ пасванди *“ende”* доштааст, ки он дертар ба пасванди *“- inge”* иваз карда шудааст. Дар натиҷа ин ду шакли ғайритасрифии феъл ба ҳам монандии зоҳирӣ пайдо кардаанд.

Сифати феълии якум мисли феъл маънои амалро ифода мекунад:*Feeling tired, Jude sat down on one of the sofas [12, с.96].*

The rising moon was whitening the paddock beside the road [8, с.102].

Сифати феълии I чун феъл пуркунанда ва ҳол қабул мекунад:*He could see apple blossoms covering the orchard [11, с.97] (пуркунанда).*

The capitain walked up and down looking straight before him [8, с.113] (ҳол).

Чун феъл сифати феълии I шаклҳои перфектӣ ва ғайриперфектӣ дорад: *writing – having written*. Он инчунин мисли феъл шакли фоил ва мафъулро дорост: *writing – being written, having written – having been written.*

Дар баробари ин сифати феълии I дорои баъзе хосиятҳои сифат мебошад.

Сифати феълии якум дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии муайянкунанда меояд. Вай метавонад пеш ё баъд аз муайяншаванда ҷой гирад:*It was a very cold day, with cutting blasts (вазиш) of wind [9, с.112]* (муайянкунандаи препозитивӣ).

The fresh morning air flowing through my open window cooled me [8, с.68]. (муайянкунандаи постпозитивӣ).

Сифати феълии I дар ҳолате ба вазифаи муайянкунандаи препозитивӣ меояд, ки агар вай баъд аз худ калима ё таркибҳои ба он тобеъ надошта бошад:*Florence hurried away in the advancing morning [9, с.79].*Аммо дар ҳолате, ки сифати феълии I калимаҳои ба худ тобеъро дошта бошад, он ҳатман баъди муайяншаванда ҷойгир мешавад:*The man standing behind the counter picked the camera [8, с.94].* (муайянкунандаи постпозитивӣ).

Сифати феълии якум зарфвор дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии ҳол меояд:*Rising he went to the window [11, с.114].*

Being of a nervous temperament she trembled at her enterprise [12, с.67].

Clara sat in the cool parlour reading [10, с.54].

Чуноне ки дар боло қайд шуд, сифати феълии I дорои хосиятҳои феъл низ мебошад.

1) Он дорои категорияи тарз аст. Мисол:

а) Hearing this I determined to go to the house at once [8, с.59].

б) The handle being turned cautiously he looked out [11, с.117].

2) Он шаклҳои перфект ва ғайриперфект дорад. Мисол:

а) Passing into the ante-room, he sat down on the edge of a chair [11, с.120].

б) Having taken the key from the lock, she led the way upstairs [12, с.87].

Сифати феълии I инчунин барои сохтани шаклҳои давомдори феъл истифода шуда, вазифаи синтаксисии як қисми хабарро адо мекунад:

They were living here at that time [12, с.90].

He picked up the book he had been reading [10, с.60].

Шакли фоили сифати феълии I аз асоси масдар ва пасванди «– ing» ташаккул меёбад:

1) *The valley was full of corn, brightening in the sun [12, с.95].*

Шакли мафъули сифати феълии I бошад, бо ёрии феъли ёридиҳандаи *“be + ing + Participle II”* –и ягон феъли калимамаъно созмон меёбад:

2) *The house door being opened, she went in before Tom [9, с.85].*

Ҳар ду шакл, яъне фоил ва мафъули сифати феълӣ дар ҷумла бо ягон исм ё ҷонишин аз ҷиҳати маъно алоқамандӣ дорад. Дар мисолҳои болоӣ дар ҷумлаи аввал сифати феълии *I brightening* бо калимаи *“corn”* алоқаи грамматикӣ дорад. Дар ҷумлаи дуюм сифати феълии *I being opened* бо калимаи *“door”* дар алоқаи грамматикӣ қарор дорад.

Барои тақвият додан ба гуфтаҳои болоӣ боз мисолҳо меорем:

1) He listened to his uncle talking to him, looking into his uncle’s eyes [13, с.98].

2) Dessie nodded approvingly, her spirits being risen by the news [11, с.101].

Дар ҷумлаи якум *“talking”* ба амали *“uncle” (амак)* ва *looking* ба амали *“He”* далолат менамояд, вале дар ҷумлаи дуюм *“being risen”* бо *“spirits”* алоқаи грамматикӣ дорад ва амали *“being risen”* фаъолияти *“spirits”* намебошад. *“Spirits being risen” – «рӯҳи бардошташуда»* тарҷума шуда истодааст. Дар ин ҷо рӯҳ худ бардошта намешавад, онро чизе бардоштааст, ки бо калимаи махсус қайд гардидааст. Он чиз *«хушхабар» (news)* аст.

Шаклҳои ғайриперфектии сифати феълии I аз асоси масдар ва пасванди *«– ing»* сохта мешавад: *writing, showing, doing, being* ва ғ.Шакли перфектӣ бошад аз феъли ёридиҳандаи *have + ing+ Participle II* – и феъли мустақилмаъно ташаккул меёбад: having written, having shown, *having done, having been* ва ғ. [5, с.127].

Мисол:*1) Crossing the street to catch his bus, he saw him drive [10, с.87].*

2) At last having seen all that he came out again at the door [11, с.98].

Дар ҷумлаҳои болои *“crossing”* шакли ғайриперфектии сифати феълии I ба шумор меравад. Дар ҷумлаи якум ғайр аз амали *“crossing” (гузашта истода)* боз амали дигаре *(saw)* ба назар мерасад ва ҳар дуи он амал ҳамзамон воқеъ гардидааст: *аз кӯча гузашта истода ӯро дид.* Бояд зикр намуд, ки шакли ғайриперфектӣ маҳз ба амали ҳамзамон ё ба амали паиҳам далолат менамояд.

“Having seen” шакли перфектии сифати феълии I мебошад. Дар ҷумлаи дуюм ҳам ду амал ба назар мерасад: *having seen ва came out.* Амали якум *(having seen)* аз амали дуюм *(came out)* пештар ба вуқӯъ омадааст. Мутаносибан шакли перфектии сифати феълии I амали қаблиро ифода менамояд.

Шакли перфект метавонад тарзи мафъулӣ дошта бошад:*That business having been performed he occupied himself with other matters [10, с.90].*

Герундий ба забони англисӣ хос буда, он низ чун сифати феълии якум аз асоси масдар тавассути пасванди – *ing* сохта мешавад: *reading, writing, living* ва ғ.

Герундий шакли ғайритасрифии феъл ба шумор меравад ва феъли духӯра аст, зеро он хосиятҳои ҳам исм ва ҳам феълро дорад. Бояд қайд кард, ки духӯрагии герундий аз рӯйи вазифаи синтаксисии он дар ҷумла мушоҳида мешавад. Ба ғайр аз ин, шаклҳои грамматикии герундий низ нишондиҳандаи хосияти духӯрагии он аст.

Хосияти исмии герундий ин мафҳуми предметро ифода кардани он мебошад. Дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии мубтадо, пуркунанда ва қисми номии хабар меояд.

1) Avoiding difficulties is not my method [8, с.97] (мубтадо).

2) Reading French is easier than speaking it [7, с.114] (мубтадо).

3) He denied having been here [13, с.120] (пуркунанда).

4) He liked living with the other children in the boarding house [11, с.120] (пуркунанда).

5) His first job was getting her tea [8, с.123] (қисми номии хабар).

Герундий низ чун исм бо пешоянд омада метавонад:

After buying a book or two he could not even afford himself a fire [12, с.67].

You prevent him from spending his own money [13, с.114] (пуркунанда).

Боз як хосияти герундий дар он аст, ки пеш аз вай пешоянди of омада метавонад ва дар ин ҳолат он чун муайянкунанда хизмат мекунад:

There was no possibility of taking a walk that day [10, с.97].

Герундий чун феъл маънои амалро ифода менамояд:

I have no objection to hearing your story [10, с.112].

Герундий ба монанди феъл бо пуркунандаи бевосита ё бавосита омада метавонад:

I was awakened by hearing my own name [9, с.95].

And without waiting for her answer he turned and left us [7, с.76].

Герундий метавонад ҳол низ қабул кунад:

By travelling slowly we reached the ranch in safety [13, с.89].

I don’t like your going out at ten o’clock [7, с.80].

Хосияти дигари феълии герундий дар он зоҳир мешавад, ки вай шаклҳои фоил ва мафъул дорад: шакли фоилии герундий аз асоси масдар бо ёрии пасванди – *ing* сохта мешавад ва шакли мафъулии он аз феъли ёвари *“be”* + *ing* + *Participle II- и* феъли мустақилмаъно таркиб меёбад: *writing (фоил) – being written* (мафъул) [5, с.230].Он шаклҳои перфект ва ғайриперфект дорад: шакли ғайриперфектии герундий аз асоси масдар ва пасванди *“-ing”* сохта мешавад: *writing, showing.*Шакли перфектӣ аз феъли ёвари *“have* + *ing*+ *Participle II”* - и феъли мустақилмаъно ташаккул меёбад: *having written, having shown.*

Ҳамин тавр, агар роҷеъ ба фарқи байни сифати феълӣ ва герундий маълумот диҳем, зеро чунин нуқтаҳоро қайд бояд кард:Сифати феълӣ хосияти сифат, вале герундий аломатҳои исмро дорост. Бинобар он, сифати феълии *I* дар ҷумла тавассути алоқаи ҳамроҳӣ вазифаи муайянкунандаро иҷро карда метавонад. Вале герундий дар ин вазифа бо исм тавассути пешоянд алоқаманд мешавад:*Had she any young man courting her in the parish? [9, с.14].*

Дар ин мисол *«courting»* сифати феълист, ки ба исми *«man»* муайянкунанда шуда омадааст ва *«courting»* ба забони тоҷикӣ чун сифати феълӣ тарҷума мешавад:Оё дар ин қаламрав ӯ ягон ҷавонмарди ишқварзӣ мекарда дорад?

Дар мисоли *«I have not been given an opportunity of expressing my views [9, с.58]»* вожаи *«expressing»* герундий мебошад ва бо муайяншавандаи худ бо пешоянди *«of»* алоқаманд гардидааст. Ба забони тоҷикӣ *«expressing»* чун масдар тарҷума мешавад: Ба ман ягон имконияти ифода кардани ақидаамро фароҳам наоварданд.

2. Сифати феълии I ҳаргиз ба дигар вожаҳо тавассути пешоянд алоқаманд намешавад, ҳол он ки герундий ин имкониятро дорад:*After buying a book or two he could not even efford himself a fire [9, с.59].*

Дар ин мисол *“buying”* ҳамроҳи пешоянди *“after”* омада, вазифаи синтаксисии ҳолро иҷро кардааст. *Participle I* дар ин вазифа пешоянд қабул намекунад:*Turning the handle cautiously, he looked out [10, с.51]. – Ӯ эҳтиёткорона дастакро гардонида ба берун нигоҳ кард.*

Дар ин ҷумла *“turning”* бе ягон пешоянд омадааст ва вазифаи ҳоли замонро иҷро намудааст. Дар ин ҳолат пешоянду герундий ба забони тоҷикӣ тавассути пешоянду масдар тарҷума карда мешавад: *after buying a book or two – баъди харидани як ё ду китоб.* Сифати

феълӣ дар вазифаи ҳол ба забони тоҷикӣ ба воситаи сифати феълии қаблият ифода мегардад: *turning the handle – дастакро тоб дода.*

3. Герундий метавонад бо ҷонишини соҳибӣ ё исм дар падежи соҳибӣ ҳамроҳ ояд, ҳол он ки *Participle I* ин имкониятро надорад. Мисол: *We went towards the twinkling lights of the town [9, c.161].* Дар ин мисол *"twinkling"* сифати феълии I асту бе ҷонишини соҳибӣ ё исми *«- 's»* дошта омадааст.

"At first I was in daily dread of his taking my education in hand again, or of Miss Murdstone's devoting herself to it» [9, c.111].

Дар ин ҷумла вожаи *"taking"* чун герундий ҳамроҳи ҷонишини *«his»* омадааст. Ҳамчунин герундийи *«devoting»* бо исми *«Miss Murdistone»* тавассути *«- 's»* алоқаманд гардидааст. Дар чунин ҳолат герундий бо масдар, вале сифати феълии I тавассути сифати феълии забони тоҷикӣ тарҷума мешавад*: twinkling lights – равшаниҳои милт-милт карда истода* (сифати феълӣ); *his taking my education in hand – таҳсилоти маро ба уҳда гирифтани ӯ; Miss Murdstone's devoting herself to it – худро ба ин кор бахшидани хонум Мӯрдстоун.*

А Д А Б И Ё Т

1. Аперсян Ю.Д. Лексическая семантика: синонимические средства языка / Ю.Д. Аперсян. – М., 1974. – 366 с.
2. Бархударов Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка / Л.С. Бархударов. – М., 1975.
3. Смирницкий А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. - М.: Изд-во лит. иностр.яз., 1959. – 440 с.
4. Таджиев Д. Причастие в современном таджикском литературном языке / Д.Таджиев // Очерки по грамматике таджикского языка. Вып. V. - Сталинабад, 1954. – 124 с.
5. Усмонов К. Морфологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К.Усмонов. - Хуҷанд, 2016. – 214 с.
6. Шахобова М.Б. Опыт сопостовительного исследования строя таджикского и английского языков / М.Б. Шахобова. – Душанбе 1985.
7. Bannit A. The grand Babilon Hotel / A.Bannit. – Lnd., 1963.
8. Christie A. Sparkling cyanide / A. Christie. – Lnd., 1979.
9. Dickens Ch. A tale of two cities / Ch. Dickens. - London, 1859. – 238 p.
10. Dickens Ch. Domby and son. In "readings from English literature" / Ch. Dickens. - M., 1972.
11. Galsworthy J. A modern comedy / J.Galsworthy. - M., 1956.
12. Hardy Th. Far from the madding crowd / Th.Hardy. -Lnd., 1967.-308p.
13. Hemingway E.A. Farewell to Arms / E.A. Hemingway. – M., 1972.

ХУСУСИЯТҲОИ ФАРҚКУНАНДА БАЙНИ СИФАТИ ФЕЪЛИИ 1 ВА ГЕРУНДИЙ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои фарққунандаи байни сифати феълии I ва герундий мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Сифати феълӣ ва герундий ба гурӯҳи феълҳои тасрифнашаванда дохил мешаванд. Герундий зоҳиран ба сифати феълии I монанд аст. Лекин бояд қайд намуд, ки байни онҳо тафовутҳои куллӣ ба назар мерасанд. Сифати феълии I – хосияти сифатро дошта, баъзан чун зарф амал мекунад. Дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии муайянкунанда, ҳол ва хабар меояд. Герундий шакли ғайритасрифии феъл ба шумор меравад ва феъли духӯра аст, зеро он хосиятҳои ҳам исм ва ҳам феълро дорад. Бояд қайд кард, ки духӯрагии герундий аз рӯйи вазифаи синтаксисии он дар ҷумла мушоҳида мешавад. Сифати феълии I дар ҷумла тавассути алоқаи ҳамроҳӣ вазифаи муайянкунандаро иҷро карда метавонад. Вале герундий дар ин вазифа бо исм омада, тавассути пешоянд алоқаманд мешавад. Сифати феълии I ҳаргиз ба дигар вожаҳо тавассути пешоянд алоқаманд намешавад, ҳол он ки герундий ин имкониятро дорад. Герундий метавонад бо ҷонишини соҳибӣ ё исм дар падежи соҳибӣ ҳамроҳ ояд, ҳол он ки *Participle I* ин имкониятро надорад.

Калидвожаҳо: сифати феълии I, герундий, масдар, перфект, ғайриперфект, шаклҳои тасрифшаванда, шаклҳои тасрифнашаванда морфема.

ОТЛИЧИТЕЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРИЧАСТИЯ I И ГЕРУНДИЯ

В статье были рассмотрены и проанализированы отличительные особенности причастия I и герундия в сопоставляемых языках. Причастие I и герундий относятся к неличным формам глагола. Герундий внешне похож на причастие I. Но следует отметить, что между ними есть различия. Причастие I имеет особенности прилагательного и иногда выступает в качестве наречия. В предложении причастие выступает в качестве определения, обстоятельства и сказуемого. Считаясь неличной формой глагола герундий имеет двоякую характеристику, поскольку обладает как свойствами существительного, так и глагола. Следует отметить, что двойственность герундия определяется его синтаксической функцией в предложении. Причастие I вместе с сочинительной синтаксической связью может выполнять функцию определения в предложении. Однако герундий в данной функции употребляется с существительным и соединяется с помощью предлога. Причастие I никогда не соединяется с другими словами с помощью предлога, однако такое функционирование свойственно герундию. Герундий может функционировать вместе с притяжательным местоимением или существительным в притяжательном падеже в предложении, но причастие I не может иметь такую возможность. Причастие I никогда не соединяется с другими словами с помощью предлога, однако такое функционирование свойственно герундию.

Ключевые слова: причастие I, герундий, инфинитив, перфект, неперфект, неличные формы глагола, личные формы глагола, морфема.

DISTINCTIVE FEATURES OF PARTICIPATION I AND GERUND

The article considered and analyzed the distinctive features of the participle I and the gerund in the compared languages. The participle I and the gerund refer to the non-finite forms of the verb. The gerund looks like the participle I. But it should be noted that there are differences between them. The participle I has the peculiarities of the adjective and the adverb. In the sentence, the participle acts as an attribute, an adverbial modifier and a predicative. As a non-finite form of

the verb, the gerund has a twofold characteristic, since it has the properties of a noun and a verb. It should be noted that the nominal characteristic of the gerund is determined by its syntactic function in the sentence. The gerund can function with a possessive pronoun or a possessive noun in the sentence, but the participle I cannot function like that. The participle I is not connected with other words by means of prepositions. The gerund can be connected by means of prepositions.

Key words: Participle I, gerund, infinitive, perfect, non-perfect, finite forms of the verbs, non-finite form of the verb, morpheme.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ибрагимова Рано Абдушукуровна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсенти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбеков, 1. E-mail: **rano1977@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-755-62-66**
Усмонова Муҳайё Носировна – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсенти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбеков, 1. E-mail: **usmonova1901@mail.ru** Тел.: **(+992) 93-523-88-44**

Сведения об авторах: ***Ибрагимова Рано Абдушукуровна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доцент кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Мавлянбекова, 1. E-mail: **rano1977@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-755-62-66**
Усмонова Мухайё Носировна – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доцент кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Мавлянбекова, 1. E-mail**: usmonova1901@mail.ru** Тел.: **(+992) 93-523-88-44**

Information about the authors: ***Ibragimova Rano Abdushukurovna*** – Khujand State University named after academician B.Gafurov, Assosiate Professor, Department of Translation and English Grammar. **Address:** 735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **rano1977@list.ru** Tel.: **(+992) 92-755-62-66**
Usmonova Muhayo Nosirovna – Khujand State University named after academician B.Gafurov, Assosiate Professor, Department of Translation and English Grammar. **Address:** 735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **usmonova1901@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-523-88-44**

УДК:44:491.155

ОМИЛҲОИ ВОРИДШАВИИ ИҚТИБОСОТИ ФАРОНСАВӢ БА ЗАБОНИ ФОРСӢ ВА СОХТИ ТИПОЛОГИИ ОНҲО

Ҷумаев Т.Б., Назиров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи иқтибос тасмим гирифтем аз навиштаҳои олимони варзидаи забоншинос истифода намоем, ки гуфтаҳои онҳо дар рушду нумуи забон мақоми хоссе доранд. Забонҳо ба ҳам робитаи хешӣ доранд ва вожаҳоро аз ҳамдигарро вом мегиранд. Мавзӯи иқтибос доманадор буда, аз ҳар як пажӯҳишгар тақозо менамояд, ба таври нозуксанҷона аз маводҳои илмии олимон ва сарчашмаҳои зарурӣ истифода бурда, сари ин мавзӯъ андешаронӣ намояд. «Дар рафти тадқиқотҳои илмӣ ба мо маълум гардид, ки дар Эрон ва Фаронса оид ба калимаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ дар забони форсӣ ва баръакси ҳол корҳои зиёде карда шуда, ҳатто дар ин самт аз ҷониби баъзе олимон луғатҳои калимаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ дар забони форсӣ ва аз форсӣ ба фаронсавӣ ба табъ расидаанд» [4, с.57]. Аксарияти олимон аз ҷумла Фаршивард М, Виноградов В.В., Блумфилд Л., Шанбезода Х.Ҷ., Бердиева Т. ва чанде дигарон дар мавриди вожа ва вожаҳои иқтибосӣ мақолаҳои илмӣ интишор намудаанд.

Ҳамзамон, чи тавре ки Шамбезода Х.Ҷ. зикр менамояд, «барои механизми пайдоиш ва раванди инкишофи системаи забон - чизи аз ҳама муҳим назорат кардани ҷараёни забонҳо дар давраи дигаргуншавии босуръати муҳити забонӣ, аз ҷумла тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ мебошад» [3, с.6]. Айни ҳол ба мо зарур аст, ки омилҳои таъсирбахши воридшавии калимаҳои фаронсавиро дар забони форсӣ дида бароем. Мувофиқи андешаи Фаршивард М. панҷ омили асосии босуръат ворид шудани калимаҳои фаронсавӣ дар забони форсии муосир мавҷуд мебошад. «1. Мутахассисони забоншинос, фарҳангнигорони варзидаи имрӯзаи Эрон таҳсилоти олии хешро дар донишгоҳҳои олии мамолики Аврупо, махсусан дар Фаронсаву Белгия гирифтаанд. Маҳз дар даврони шоҳигарии Каҷар мавҷи хеле зиёди тарҷумаҳо аз фаронсавӣ ба форсӣ сурат гирифт ва вожаҳои фаронсавӣ, мустақиман вориди ин забон гардиданд. Шаҳодати ин гуфтаҳо китоби «Саргузашти Ҳоҷи Бобои Исфаҳонӣ»-и нависандаи фаронсавӣ Муриэ Ж., ки аз ҷониби Мирзо Ҳабиб Достони Бени бо тахаллуси Исфаҳонӣ тарҷума гардидааст ба шумор меравад. Тарҷумаи мазкур яке аз шоҳкориҳо дар адабиёти Эрон ба шумор меравад, ки дар ибтидои асри XX нашр гардидаст. Кори Мирзо Ҳабиб на танҳо тарҷума буда, балки як намунаи баланди эҷодӣ ба ҳисоб рафта, дар таърихи адабиёти муосири Эрон як фазои навро кушод. 2. Миқдори зиёди қонунҳои соҳаи ҳуқуқ ва маъмурӣ мустақиман аз қонунномаи мардуми Фаронса тарҷума ва иқтибос шудаанд. 3. Таълим додани забони фаронсавӣ дар коллеҷу мактабҳои Эрон. 4. Бартарияти фарҳанг ва илми Фаронса дар Аврупо ва ҷаҳон. 5. Синтагмаҳои забони фаронсавӣ ва форсӣ бо ҳам хеле шабоҳат доранд;

махсусан тартиби исм ва пуркунанда» [5, с.45]. Мо айни замон чунин монандиро дар мисолҳои зерин дида мебароем.

Транскрипсия	**Франсавӣ**	**Форсӣ**
Mavadd-e avvalieh	Matières premières	Маводи аввалия
Tchechmân-e âbi	Yeux bleus	Чашмони обӣ

Аз нуқтаи назари типологӣ маҷмӯи истилоҳ ва ифодаҳои аз забони фаронсавӣ тарҷумашуда, ба чанд навъ тақсим мешаванд.

1. Иқтибос. Калимаҳо ба забони форсӣ бидуни тағйири морфологию семантикӣ ворид гардидаанд.

Вомгирӣ бештар дар калимаҳову мафҳумҳои соҳаи илм ва технология ба назар мерасад. Аз сабаби вуҷуд надоштани ин калимаҳо дар забони иқтибосгиранда онҳо ба забони иқтибосгиранда бидуни тарҷума ворид гардиданд, вале ба қоидаву қонунҳои ҳамон забон мувофиқ шуданд. Махсусан, шакли талаффузи худро дар забони дигар иваз намуданд, ба монанди: *autobous*- отобус (l'autobus) ; *télévision- телвизиюн* (la télévision). Баъзан ду ва ё се морфема бидуни тағйир, мустақиман иқтибос шуданд:

Транскрипсия	**Калимаи фаронсавӣ**	**Калимаи форсӣ**
Kârt-e vizit	Carte de visite	Корти визит
Kârt postâl	Carte postale	Корт постал
Rob do châmr	Robe de chambre	Роб до шамр
Orkestr samfonik	Orchestre symphonique	Оркестри самфоник

2. Вожаҳои гибрид - калимаҳое мебошанд, ки як қисматашон фаронсавӣ ва қисмати дигарашон форсӣ мебошанд.

Атомӣ	Atomique Пасванди «ique» баъзан вакт ба «*i*» мубаддал мегардад, ки ин пасванди нисбӣ дар забони форсӣ мебошад.	*Atomi*
Бомборон	Bombardement	*Bombârân*

Баъзе ибораҳои мураккабе ҳастанд, ки қисман фаронсавӣ ва қисман форсӣ мебошанд. Дар ҷадвали зерин морфемаҳои зеринро (бо хати сиёҳи ғафс) нишон медиҳем.

Конференси сарон	conférence des chefs	***Konferâns**-e sarân*
Горди милли	garde nationale	***Gârd**-e melli*

3- Калка - ҳарфоҳарф (тарҷумаи таҳтуллафз). Калка ин як навъ тарҷумае мебошад, ки ҳамон элементҳои забони асл ба тариқи калима ба калима дар забони иқтибосгиранда тарҷума мешаванд. Мо чунин намунаро дар ҷадвали зерин дида мебароем, ки шаҳодати ин гуфтаҳо мебошад.

Râh-e âhan	Chemin de fer	Роҳи оҳан
Noght-e nazar	Point de vue	Нуқтаи назар
Tcherâ ke na ?	Pourquoi pas ?	Чаро ки на?

Баъзе феълҳои забони фаронсавӣ, ҳангоми иқтибос шудан ба забони форсӣ дар худ феълҳои ёридиҳандаро соҳиб шудаанд, ки онҳоро дар ҷадвали зерин дида мебароем:

Mekâniz-e kardan	Mécaniser	Механизи кардан
Diâliz kardan	Dialyser	Диализ кардан
Elektroliz kardan	Électrolyser	Электролиз кардан

Баъзан вақт тарҷумонҳо ё забоншиносон феълҳои номуносиб ва ё нодуруст месозанд, ба монанди: *barghidan*, барқидан (électriser), *diyâlizidan*, диялизидан (dialyser), *oxsâidan*, оксаидан (oxyder), ки инҳо шабоҳат ба феълҳои *fahmidan- фаҳмидан* (comprendre), *хостан* (vouloir) доранд. «Дар самти иқтибос яке аз корҳои тадқиқотии забоншиноси фаронсавӣ Луи Деруа «L'emprunt linguistique» назаррас буда, доир ба падидаи иқтибосии лингвистӣ таҳлил ба анҷом расонида, мафҳуми иқтибосро барои инкишофи лексикаи забони фаронсавӣ қайд менамояд» [2, с.18]. Аксарияти забоншиносон аз ҷумла, Р.А. Будагов, А.А. Реформатский, Ж. Вандриес [1937], Б. Пизани [1955], А. Мартине [Martinet 1967] ва чанде дигарон тарҷумаи ҳарфоҳарфро ба иқтибос нисбат медиҳанд. Яъне, ба иқтибос на танҳо калимаҳои иқтибосгардида, балки сохтори морфологӣ ва семантикии онҳо низ дохил мешаванд. Ба ин вобаста дар лексикология «калка» бештар вақт яке аз намудҳои иқтибос шуморида мешавад.Баъзеи дигари забоншиносон (Л.П. Ефремов, И.И. Ревзин, В.Ю. Розенцвейг ва дигарон) ҷараёни «калка ва иқтибос»-ро комилан xbpb дигар мешуморанд.

Хулоса, зимни баррасии ин мавзӯъ маълум гардид, ки калимаҳо ва ибораҳо бо роҳҳои мухталиф вориди забонҳо мегарданд ва ҷойҳои холигии забонро пурра менамоянд. Маълум шуд, ки аксарияти калимаҳо бо роҳи тарҷума намудани китобҳо, ки дар таркиби луғавии забони тарҷумашаванда вуҷуд надоранд ва ё тавассути қайдҳои сайёҳон вориди забон мегарданд.

А Д А Б И Ё Т
1. Виноградов, В.В. Избранные труды: Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов. – М., 1977. – 312 с.
2. Джумаев, Т.Б. Персидские заимствования в персидском языке: дис. канд. филол. наук: 10.02.19 / Т.Б. Джумаев. – Душанбе, 2018. – 180 с.
3. Шамбезода, Х.Дж. Развитие лексики шугнанского языка как результат языковых контактов и многоязычия шугнанцев / Х.Дж. Шамбезода. – Душанбе, 2006. – 109 с.
4. Ҷумаев, Т. Назаре ба калимаҳои иқтибосшудаи забони фаронсавӣ дар забони тоҷикӣ-форсӣ / Т. Ҷумаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. - Душанбе: Сино, 2019. - №4. - С.57-62.
5. Dubois J., Lagagner R., La nouvelle grammaire du francais, Paris : -2004, Larousse.
6. Farshid Vard K. Dastur-e mofassal-e emruz baroye-zabonšenosi-ye jadid (grammaire détaillée d'aujourd'hui selon la linguistique moderne) (2éme éd.) / K. Farshid Vard. – Téhéran: Sokhan, 2005.
7. Garric H. Introduction à la linguistique / H.Garric. – Paris: Hachette, 2007.
8. Larousse P. Le Petit Larousse illustré / P. Larousse. – Paris: Larousse, 2004.
9. Le Robert. Dictionnaire de la langue francaise. - Paris: Hachete, 2005. - 2467 p.

ОМИЛҲОИ ВОРИДШАВИИ ИҚТИБОСОТИ ФАРОНСАВӢ БА ЗАБОНИ ФОРСӢ ВА СОХТИ ТИПОЛОГИИ ОНҲО

Дар мақолаи мазкур омилҳои асосии воридшавии калимаҳои забони фаронсавӣ ба забони форсӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Омилҳои ворид гардидани вожаҳои забони фаронсавӣ низ нишон дода шудааст. Мисолҳои мушаххас дар асоси тарҷумаи китобҳои тарҷумашуда ба забони форсӣ сурат гирифтаанд, ки дар тарҷума вожаву ибораҳо ва тариқи калка вориди гардидани баъзе ибораҳо аз забони фаронсавӣ ба забони форсӣ, мавриди пажӯҳиш фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон дар кор аз луғатҳои этимологӣ, ки дар он решаи асосии калимаҳои ғайрро нишон медиҳад, мавриди истифода қарор мегирад. Дар мақолаи мазкур ҷиҳати нигоҳдошти фонетикию овозии вожаҳои иқтибосшуда ва ба қонуну қоидаҳои забони иқтибосгиранда ва мутобиқ шудани онҳо низ сухан меравад. Ҳангоми баррасии ин мавзӯъ ба мо муяссар гардид, ки ба чанд асарҳои олимони забоншиносӣ тоҷику форс, фаронсавию сарчашмаҳои интернетӣ такя намоем. Бар замми ин, дар асоси далелҳои илмӣ имкониятҳои грамматикии иқтибосоти забони фаронсавӣ дар сохтани калимаҳои нави форсӣ мушаххас гардиданд. Зикр кардан ба маврид аст, ки калимаҳои иқтибосшудаи забони фаронсавӣ таърихи дуру дароз дошта, то ба ҳол хусусияти аслии худро аз даст надодаанд.

Калидвожаҳо: муқоиса, забон, категория, калимаҳои иқтибосӣ, тарҷума, калимаҳои аслӣ, хусусиятҳои типологӣ, калимаҳои архаистӣ, феъл, семантика, калка, гибрид.

ФАКТОРЫ ПРОНИКНОВЕНИЯ ЗАИМСТВОВАННЫХ ФРАНЦУЗСКИХ СЛОВ В ПЕРСИДСКИЙ ЯЗЫК И ИХ ТИПОЛОГИЧЕСКАЯ СТРУКТУРА

В статье рассмотрены вопросы французских заимствованных слов в персидском языке и способы их передачи с учетом адаптации этих слов в этих языках. То есть в данной статье было указаны факторы проникновения заимствованных французских слов в персидский язык. Мы использовали научные книги языковедов и перевод книги французских писателей, которые были переведены на персидский язык. Также в статье мы использовали этимологические персидско-французские и французско-персидские словари, из которых мы выбрали заимствованные слова и даже фонетические особенности заимствованных слов. В этой статье одновременно мы также использовали научные труды и научные статьи отечественных и французских языковедов и материалы интернета. Наряду с этим, на основе достоверных языковых фактов, научных источников были определены грамматические возможности французских заимствованных слов в образовании новых слов в персидском языке. При этом отмечается, что французские заимствованные слова имеют свою длительную историю и до сих пор они смогли сохранять свои определенные исконные особенности.

Ключевые слова: сопоставление, язык, категория, заимствованные слова, перевод, исконные слова, типологические особенности, архаистические слова, глагол, семантика, калька, гибрид.

THE FACTORS OF BORROWING FRENCH WORDS IN PERSIAN LANGUAGE

In present article the issues of derivation french and persian languages were taken into consideration and based on it the ways and means of derivation and the borrowing words especially of french language in persian languages have been researched. In this article has shone the road to inter in the French borrowing words in persian language. We used the articles and scientific books of linguist and the frenche books wiche are translated in Persian language. Also we used some etymological dictionary of persian- french and french –persian languagues, which we choosed the etymological words and the pronunciation every words from there. In these article we used concurrently from scientific works and scientific articles of our linguistes and french linguists and from internets derivation. Along with this, based on reliable linguistic facts and scientific sources, were determined grammatic possibilities of French language words in persian. It is noted that the phonemographical features of persian borrowings in the french language have their long history and so far they have been able to preserve certain of their original features.

Key words: comparison, language, category, borrowed words, translation, typological features original words, ancients words, verb, semantics, vellum, hybrid.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҷумаев Тӯйчибой Боқиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.** Тел.: **(+992) 919-83-70-73**

Назиров Шаҳриёр - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **nazirov.1995@bk.ru.** Тел.: **(+992) 901-44-41-45**

Сведения об авторах: ***Джумаев Туйчибой Бокиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков, факультета языков Азии и Европы.

Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.** Тел.: **(+992) 919-83-70-73**
Назиров Шахриёр - Таджикский национальный университет, асисстент кафедры иностранных языков факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **nazirov.1995@bk.ru.** Тел.: **(+992) 901-44-41-45**

Information about the authors: ***Jumaev Tuychiboy Bokievich*** - Tajik National University, candidate of philogical science, french teacher of department of foreign languages, the faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.** Tel.: **(+992) 919-83-70-73**
Nazirov Shahriyor - Tajik National University, french teacher of department of foreign languages, the faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **nazirov.1995@bk.ru.** Tel.: **(+992) 901-44-41-45**

УДК:491.550 (09)

ИСМҲОИ ХОССИ МАНСУБИ НОМУ ЛАҚАБ ВА ТАХАЛЛУС ДАР «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»

Сафаров Х.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ

Таҳқиқи биёрҷанбаи ному лақаб ва тахаллусу номҳои ифтихорӣ аз нимаи аввали солҳои 70-уми асри гузашта ибтидо гирифта, дар ин боб асару мақолаҳои зиёде то кунун ба табъ расидаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Босворт К.Э. дар асараш «Лақабгузории салотини Ғазнавӣ» [1971] дар бобати таърихи лақабҳо ва лақабгузории даврааи Ғазнавиён кори таҳқиқотӣ анҷом дода, паҳлуҳои зиёди масъалаи мазкурро шарҳ додааст [Босворт, 1971].

Муҳаққиқони тоҷик О.Ғафуров дар ин маврид дар асарҳояш «Рассказы об именах» (1968), «Лев и Кипарис» (1971), «Шарҳи исму лақабҳо» (1981), «Имя и история» (1987), Ш. Ҳайдаров «Луғати чандомади антропонимҳои тоҷикони райони Ашт» (1986), ҷанбаҳои мухталифи бахши лақабгузориву номҳои ифтихориро дар асрҳои миёна таҳқиқ намудаанд. Ҳамчунин саҳми муҳаққиқи дигари тоҷик А. Қаландаров низ дар ин ҷода назаррас аст. Ӯ дар як мақолааш «Мавқеи услубии ному лақаб» (1974) роҷеъ ба ному лақаби қаҳрамонҳои осори бадеии устод С. Айнӣ масоили лақабгузориро пайгирӣ намуда, кори таҳқиқотӣ анҷом додааст. Дар замони истиқлол роҷеъ ба ин мавзӯъ муҳаққиқони тоҷик, чун Р. Шоев «Ономастика «Самаки айёр»» (1996), С. Абодуллоева «Ономастикаи «Форснома»-и Ибни Балхӣ» (2003) ва «Ономастикон суфийской поэзии: структурный, семантический и функциональной аспекты (на материале произведений Абульмаджа Санаи, Фаридаддина Аттара и Джаладиддина Балхи)» (2017), Э.А. Давлатов ««Қасас-ул-анбиё» ва баъзе масъалаҳои ономастикаи он» (2017), Ф.Т. Давлатова «Лингвистическое исследование антропонимии «Таърихи Табари» Балъами» (2019), С.Х. Қурбонмамадов «Семантико-стилистические особенности поэтонимии «Шахнаме» Абулка- сыма Фирдоуси» (2014), Д.Ф. Майнусов «Антропонимы «Шахнаме» Абул- касима Фирдавси (лингвистический аспект)» (2013), Ҷ. Темиров «Таҳқиқи таърихию забоншиносии антропонимияи «Ҳазору як шаб»» (2018), Ш. Ҳайдарӣ «Луғати басомади номҳои тоҷикони вилояти Хатлон» (2007) ва монанди инҳо рисолаҳои илмии худро таълиф намуда, андешаҳои муфиди худро доир ба мавзӯи мавриди баррасӣ қароргирифта баён доштаанд.

Мавриди қайд аст, ки «масоили мазкур дорои ҷанбаҳои шавқангез буда, дар аснои омӯзиш масъалаҳои зиёди ҳаёти мардум, шахсият, фарҳангу тамаддун ва дигар паҳлуҳои ҳаёти эшон ошкор мегарданд. Гарчанде як зумра муҳаққиқон дар ин мавзӯъ таҳқиқот анҷом додаанд, ҳанӯз ҳам он дар маҷрои муаяйни худ дароварда нашудааст, яъне то кунун лақабҳои қаҳрамон (персонаж)-ҳои ягон асари насри ривоятӣ ва адабию бадеӣ мавриди омӯзишу пайгирӣ қарор дода нашудааст» [Давлатов, 2017, 34]. Бо ин далел мо рӯ овардем ба баррасии ному лақабҳои ифтихории асари таърихии «Таърихи Байҳақӣ», ки дар ин асар ному лақабҳои зиёди динӣ ва таърихӣ мавҷуданд. Дар «Таърихи Байҳақӣ» корбасти лақабҳо (тахаллус ва ё номҳои ифтихорӣ) монанди дигар қабатҳои луғавӣ мавқеи асосиро касб менамоянд. Таҳқиқ ва омӯзиши лақабҳо монанди дигар исмҳои хос кори саҳл набуда, таърихи ниҳоят куҳанро моликанд. Барои хуб дарк намудан бобати шарҳ ва тафсири онҳо аз нигоҳи забонӣ бояд ба таҳқиқи амиқ ва дар мизони андеша нозукбинона баркашидани онҳо саъй намоем. Аз эҳтимол дур нест, ки таҳлил ва баррасии ин қабати онимҳо андешаи хонандаро бобати омӯзиши номҳои ифтихорӣ (тахаллус, лақаб) дар «Таърихи Байҳақӣ», махсусан унвон гузоштан ба он калимаи **«лақаб»** парешон менамояд, зеро дар айни замон калимаи лақаб дар андешаи мардум ҳамчун мафҳуми манфӣ дарҷ ёфтааст. «Бештари мардум лақабро танҳо мафҳуме медонанд, ки барои симои нозеб, хислати нохуб ва рафтору кирдори бад доштани инсон ба он нисбат дода ва ба ин васила онро мавриди

мазоҳу тамасхур қарор медиҳанд, аммо дар асл ин тавр нест. Лақаб ҳамчун номи иловагӣ дар баробари мавҷуд будани хислатҳои манфӣ, инчунин бояд ба хислат, рафтор, ҳунар, куният ва монанди инҳо барин афъоли ҳамида ба кас гузошта шавад ва онро ҳеҷ гоҳ набояд воситаи тамасхуру мазоҳи инсон баҳо бидиҳем» [Давлатзода, 2017, с. 56]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи лақабро «…Номи иловагие, ки ба кас аз рӯйи сифати нек ё бад, ё аз рӯйи рафтораш дода мешавад; унвон…» маънидод гардида, гуфтаҳои болоро возеҳ месозад [ФЗТ, Ҷ.1, с.125-127].

Дар «Таърихи Байҳақӣ» ному лақабҳо ба қабати исмҳои хос шомил гардида, аслан ба хазинаи калимаҳои маъмулии забон мутааллиқанд. Забоншинос Р. Шоев дар таҳқиқи худ лақабҳоро аз нигоҳи истеъмол ва баромад ба ду қисмати асосӣ тасниф намудааст: а) лақабҳое, ки аз байни халқ мебароянд; б) лақабҳои ифтихорие, ки аз тарафи зимомдорон тақдим карда мешуданд» [Шоев, 2016, 46]. Инчунин, муаллиф бобати пайдоиш ва зуҳури суннати лақабгузории гурӯҳи дуюм ишора карда мегӯяд, ки «Лақабҳои гурӯҳи дуюм дар забони тоҷикӣ ҳанӯз аз асрҳо IX маъмуланд ва идомаи он хеле тӯлонист» [Шоев, 2017, 46]. Пас аз гуфтаҳои эшон хулоса намудан мумкин аст, ки гурӯҳи аввали лақабҳо таърихи тӯлонитаре доштааст, зеро маълум аст, ки пайдо шудани санъати лақабгузории ифтихорӣ, ки ҳамчун расм ва анъаноти давлатӣ дар замони салтанати Аморати Бухоро бесабаб нест. Албатта, он дар заминаи суннати аввали лақабгузорӣ пайдо гардидааст, зеро маълум аст, ки ягон сохт, ҷараён ва омилеро бе заминаи муайян дар ҳавои хушку холӣ созмон додан ғайриимкон аст. Дар асари «Таърихи Байҳақӣ» ному лақабҳо аз ҷониби муаллифон интихоб нашуда, ҳар як қаҳрамони ривоятҳо ҳангоми адои салтанат ва рисолати хеш дар замони зиндагиаш аз ҷониби қавму миллатҳо соҳиби лақабҳои хос гардидааст. Ному лақабҳои дар асар мавриди корбурд қарор гирифтаро аз нигоҳи муҳтавояшон ба чунин зергурӯҳҳо тасниф намудан мумкин аст:

-Номи чеҳраҳои динӣ: *Алӣ, Абдуллоҳ* [127, 476, 525, 536]*†, Аёз [45, 127, 239], *Ҳоҷиб* [128], *Ҳасирӣ* [271, 274, 463], *Абдус* [103, 105, 131, 132, 133, 134, 135, 136, 139, 231, 233, 282, 283, 287, 288, 289, 290, 305, 361, 362, 372, 382, 384, 402, 403, 404, 405, 413, 430, 478], Уқайлӣ [97, 413], Абунасри Масъуд [47], Аттобӣ [104], Аҳмади Ҳасан [56, 78], Аттор [32], *Абдулқосими Ҳаршӣ* [122], *Али ибни Мусо-ар-Ризо* [187, 188, 189], *Аюб* [253], *Абулаббос* [253, 705, 707], *Абуҳанифа* [253], *Абусулаймони Довуд ибни Юнус* [254], *Алавӣ* [256,392,455,495,496], *ал-Қоим* [340] (имом), *Абулқосими Хазонӣ* [409], *Абусаъид Масъуд* [410], *Абулҳасани Абулҷалил* [284, 299, 504, 508, 529, 629, 636, 645, 648, 656, 660, 663, 675, 681, 699], *Абуусмони Исмоил* [516], *Абдураҳмони Собунӣ* [516], *Абдуллоҳи Порсӣ* [541], *Алии Мӯсо-ар-Ризо* [571] (машҳур бо номи имом), *Абубакри Сиддиқ* [243, 246], *Абоссиён* [8, 18, 28, 187, 235, 340, 420, 454, 702], *Бусодиқи Таббонӣ* [20, 254, 266], *Буритагин* [21, 580, 590, 602, 628, 698], *Бунаср* [22, 191, 192, 194, 195, 198, 252, 293, 299, 311, 312, 325, 326, 340, 345, 346, 347, 363, 370, 383, 384, 387, 396, 403, 404, 405, 407, 408, 411, 429, 430, 431, 438, 445, 462, 473, 504, 514, 520, 527, 534, 551, 570, 574, 576, 580, 629, 631, 635, 644], *Бумуҳаммад Алавӣ* [84], *Бубакр Исҳоқи Маҳамшодӣ* (яке аз пешвоёни дин) [84], *Буиброҳим* [86], *Бумуҳаммади Ҳошимӣ* (саидҳо (авлоди пайғамбар) [90], *Булҳасани Уқайлӣ* [106, 129, 130, 131, 132, 177, 179, 209, 384, 407, 437], *Буиброҳими Қошнӣ* [205], *Булаббос* [253], *Буюсуфи Яқуби Ансорӣ* [253], *Булаббоси Таббонӣ* [254], *Буҳанифа* [254, 329, 420] (яке аз мазҳабҳо), *Бусолеҳи Таббонӣ* [264], *Булқосим Алии Нукӣ* [308, 325, 521, 534] (падари хоҷа Бунаср), *Бомиён* [314], *Бани Ҳошим* [340], *Биамриллоҳ* [359], *Бубакри Сулаймонӣ* [409], *Бурон* [419], *Бусаҳли Исмоил* [497, 660], *Бунасри Исмоил* [497], Довуд [505, 524, 602, 640, 653, 663,681,686,690], *Зайнаб* [335*], Имом Абуҳанифа* [253], *Иброҳим* [267, 418, 420, 423, 579, 584], *Исо* [103, 113, 295, 376, 670], *Калимак* [332] (лақаби Мусо Пайёмбар), *Калим* [421, 424] (пайғамбар Мусо калимагӯ), *Луқмон* [674], *Маъмун* [19, 75, 80, 81, 185, 186, 187, 188, 189, 218, 461], *Муҳаммад* [46, 207, 252, 254, 262, 275, 301, 328, 350, 355, 357, 449, 509, 524 , 534, 696], *Мустафо* [48, 144, 150] , *Муҳаммади Мустафо* [314, 376, 669, 702], *Мусии Имрон* [672] (Имрон номи падари Мусо), *Одам* [36, 143, 144, 252, 722], *Оли Бармак* [75, 454, 455, 460, 461], *Оли Бӯя* [87, 88, 316, 317, 346, 432, 433, 488], *Паямбар* [334], *Хоҷаи Бузург* [20, 289, 300, 311, 321, 322, 324, 336, 338, 343, 344 ,345, 346, 347, 349, 365, 383, 385, 387, 403, 404, 405, 431, 435, 437, 440, 441, 443, 461, 468, 474, 477, 479, 496, 502, 513, 523-695], Хоҷа Алии Микойил [63, 210, 239, 299, 341, 344, 345, 350], Ҳорунуррашид [20, 74, 231, 247, 248, 253, 454, 455, 457, 461], Ҳоҷиби Ғозӣ [73, 184, 185, 186, 189], Ҳусейни Алӣ (манзур Ҳусайн ибни Алӣ) [237, 243], Эзид [17, 28, 46, 53, 54, 55, 57, 58, 59, 76, 77, 81, 84, 85, 87, 98, 99, 101, 103, 111, 142, 143, 144, 145, 148, 149, 154, 159, 166, 175, 176, 177, 178, 179, 180, 181, 182-352] ва ғ.

-Ному лақаби шоҳону шоҳзодагон: *Амир Юсуф* [19, 157, 158, 294, 300, 301, 302, 303, 305], *Амири Лайс* [20, 261, 347, 651], *Амир Муҳаммад* [62, 63, 75, 158, 161, 231, 252, 301, 302,

†. Таърихи Байҳақӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2011. - Минбаъд саҳифаҳои ҳамин асар дар қавсайн оварда мешаванд.

325…], *ал-Қодир* [63, 89], *Амири Мозӣ* [200, 201, 235, 515, 520], *Амир Ҷалолуддавла Муҳаммад* (подшоҳ) [117], *Амир Алии Қариб* [45, 46, 57, 94, 96, 101] (подшоҳ), *Азудудавла Амир Абуяқуб Юсуф ибни Носируддини Сабуктагин* [45, 63, 114], *Амир Абуаҳмад Муҳаммад (подшоҳ) [45, 47], Амир Масъуд (подшоҳ), Амир Маҳмуд (подшоҳ), Ардашери Порсӣ (шоҳ), Абушуҷоъ Фаррухзод (подшоҳ), Амир Мавдуд (подшоҳ), Амир Абдурашид (подшоҳ), Амир Ҳасанак (подшоҳ), Асмоъ (шоҳдухтар, духтари халифаи Абубакр), Абдулмалики Марвон (подшоҳ, халифа), Азизуддавла Фанохусрав (подшоҳ), Азд (подшоҳ), Амирнасри Насрӣ (подшоҳ), Абдулазиз ибни Нӯҳ ибни Насрӣ Сомонӣ (подшоҳ), Амир Разӣ (подшоҳ), Амир Сабуктагин (подшоҳ), Амири Одил Сабуктагин (подшоҳ), Абулҳориси Мансур (шоҳзода), Бӯя (унвони шоҳаншоҳ доштан), Баҳроми Гӯр (шоҳаншоҳи Сосонӣ), Багротагин (шоҳзода), Бусаҳли Ҳамадонӣ (шоҳзода, султонзода), Искандари Румӣ (подшоҳ), Кисрои Нушервон (шоҳи Сосониён), Кисро (шоҳ), Кисро Парвиз (яъне Хусрави Парвиз охирин шоҳи Сосонӣ), Мусотагин (шоҳзода), Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ (шоҳзода, Наср (шоҳзода), Нушервон (подшоҳ), Оли Сомон (подшоҳ, сулола), Писари Коку (шоҳзода), Рофеъи Лайси Насри Сайёр (шоҳ), Сомониён (подшоҳ, сулола), Хандон (писари Шоҳ) (шоҳзода), Ҳурра Зайнаб (шоҳдухтар) (шоҳзода), Ҳусайни Алии Микойил (шоҳзода) ва ғ.;*

Номи сарлашкар ва ҷанговарон: Аҳмади Янолтагин (сарлашкар), Арслонҷозиб (ҷанговар), Алии Абдуллоҳ (лашкаркаш), Абунаҷми Айёз (лашкаркаш), Алӣ Мангитирок (лашкаркаш), Ашнос ва Афшин - (сарлашкарон), Арслони Самарқандӣ (лашкарӣ), Абдурразоқи Муставфӣ (лашкарӣ), Аҳмад Хизлонӣ (лашкарӣ), Буқӣ (муҳофизи лашкар, дидбон), Багтуғдӣ (сарлашкар), Багтагини Ҳоҷиб (сарлашкар), Бумуслим (сарлашкар), Баҳроми Нақиб (сарлашкар, сардори чанд нафар низомӣ), Буҷаъфари Зиёдӣ (сарлашкар, сипоҳсолори машҳури Сомонӣ), Бобаки Хурамдин (сарлашкар, ҷанговар), Буалии Симҷур (сипоҳсолори Сомониён), Буаҳмади Таклӣ (сипоҳсолор), Булфатҳи Домғонӣ (сипоҳсолор), Ғозӣ (лашкаркаш), Ғозии Ҳоҷиб (сипоҳсолори Хуросон), Илмангу (сарлашкар), Илиг (сарлашкар), Кӯктош (сарлашкар), Қизилу, Буқаву, Кӯктош (се нафар аз пешвоёни Туркманҳо, ки ба хидмати дарбори Ғазнин омада буданд), Рустами Достон (сарлашкар), Ҳоҷиб Багтагин (лашкар, ҷанговар) ва ғ.;

Номи аъёну ашрофзодагон: Арёруқи Ҳоҷиб (ашроф), Абулҳасани Уқайлӣ (аъёну ашроф), Абдурразоқ (ашрофзода), Амир Алоуддавла (аъёну ашроф), Азудуддавла Юсуф (ашрофзода), Алӣ (аъёну ашроф), Алавиён (ашрофзода), Алӣ Исои Моҳон (ашрофзода), Албтагин (аъёну ашроф), Абӯаҳмад (аъёну ашроф), Маҳмуди Ҳоҷиб (ашрофзода), Масъуди Рахузӣ (ашрофзода), Оли Таббониён (ашрофзода), Хоҷа Абулфараҷ (ашрофзода), Шаҳрогиму Мардовез (ашрофони дарбор), Янолтагин (аъёну ашроф) ва ғ.;

-Номи умаро ва вузаро: Аҳмади Ҳасан (вазир), Абулқосими Раҳҳол (амир), Абулаббоси Исфаройинӣ (вазир), Аҳмади Микойил (амир), Амр (амир), Абулҳасан Алӣ ибн-ал-Фурот (вазир), Аҳмади Туғон (вазир), Балъамӣ (вазири Сомониён), Бӯалии Чағонӣ (амири Чағониён ва Хуросон), Бузургмеҳр (ҳокими донишманд), Юсуф (амирзода), Яҳё (вазири шоҳ) ва ғ.;

-Номҳои ҳокимон, волиён ва дигар амалдорони давр: Аҳмади Таштдор (амалдор), Аҳмади Арслон (амалдор), Аҳмади Ҷомадор (амалдор), ал-Анборирасб (амалдор), Аҳмад ибни Абидовуд (амалдор), Абулҳориси Форигун (амалдор), Аҳмади Буносири Муставфӣ (амалдори давр), Алии Табақотив (амалдор), Абдуллоҳ ал-Ҳасирӣ (амалдор), Абу (амалдор), Амирак (амалдор), Артагин (амалдор), Азизи Бушанҷӣ (амалдори дарбор), Абулҳасани Дилшод (амалдори давр), Авкор (амалдор), Буғрохон (ҳокими Исфиҷоб), Бойтузиён (номи волии Буст, ки ба дасти Сабуктагин сарнагун шуд), Билготагин (волии Бағлону Тахористон), Бокалиҷор (ҳокими Гургон), Бӯисҳоқи Собӣ (шахси амалдори олии молия), Булфазли Сурии Муътаз (шахси амалдори олии молия), Бӯнасри Мутавваъии Завзанӣ (ҳоким), Лашкархон (волӣ), Музаффари Тоҳир (мансабдор, амалдор), Музаффар (ҳоким), Майта (номи яке аз муқаддамони артиш (номи мансаби ҳарбӣ)), Симҷуриён (ҳоким), Хумортоши Ҳоҷиб (мансабдори дарбор), Халаф (ҳокими Систон), Ҳасани Сулаймон (ҳокими Рай), Ҷандӣ (яке аз мансаб- дорони Сомониён), Шоҳмалик (Шоҳмалик ҳокими шаҳри Ҷунд, ки Хоразмро аз дасти фарзандони Олтунтош кашида гирифт), Яғонтагин (ҳоким) ва ғ.;

-Номи уламову шуаро ва удабо: Абӯнасри ибни Мушкон (олим) [7, 10, 11, 12, 16, 20, 21, 24], Абулмалики Муставфӣ (донишманд) [258], Абӯрайҳони Берунӣ (олим, файласуф) [24, 34], Арасту (олими юнонӣ) [141], Алавии Зайнабӣ (шоир) [176, 372], Абулқосим (шоир) [256, 257, 267, 268, 326, 349, 373], Абулатоҳия (шоир) [292], Асҷадӣ (шоир) [335], Абӯрайҳон (олим) [703, 704, 706, 708], Бубакри Ҳасирӣ (олими илми фиқҳ) [147, 210, 211, 212, 213, 214, 215, …264, 409], Бусаъид (нависанда) [52, 53, 99, 175, 176, 530, 631], Бӯалии Исҳоқ (шоири араб) [108], Бусоламӣ (адиб ва устоди Масъуд, ки Абусоламӣ ном дошт) [158], Булфазли Байҳақӣ (нависанда) [197, 214, 215, 219, 222, 236, 247, 248], Бутоҳири Таббонӣ (олими дин (ҳанафимазҳаб) [252, 266], Буюсуф (донишманд, соҳиби фатво) [254], Бусолеҳ (олими илми фиқҳ) [254], Бухтур (шоири араб) [324, 638], Буҳанифаи Искофӣ (фақеҳ ва донишманд) [328,

420, 670], Булқосими Домғонӣ (донишманд) [371], Булаббоси Забӣ (шоир) [633], Бунувос Абунувос (шоири маъруфи арабзабон) [633], Бутаммом (шоири араб) [703], Бубакри Мубашшир (донишманд) [551], Донишманд Набийа (донишманд) [54, 309], Добшалим (олим) [424], Қозӣ Абулҳайс (донишманд) [254], Лабибии шоир (соли таваллуд ва вафот номаълум, аз шоирони рӯзгори Ғазнавиён аст, ки бештар дар Чағониён зиндагӣ ва эҷод кардааст) [118], Мусъадӣ (Масъадӣ) (нависанда) [106, 362, 370, 371, 375], Маҳмуди Варақ (нависанда, шоир) [315], Музаффари Бихрад (донишманд) [325], Масъуди Муҳаммади Лайс (донишманд) [402, 527, 552, 679], Масъуди Розӣ (шоир) [628], Маъруфи Балхӣ (шоир) [502], Оли Аббос (шоир) [251], Писари Румӣ (шоир) [104, 406], Рӯдакӣ (шоир) [104, 293, 406, 633], Собӣ (шоир) [451], Собит ибни Қурра (олими бузурги нуҷум, риёзиёт, ҳандаса ва мантиқ, соҳиби таълифоти зиёд аст) [706], Сулӣ (донишманд) [637], Судайф (шоир) [251], Сахрӣ (донишманд, нависанда) [705, 706], Унсурӣ (шоир) [328, 335, 427, 714], Фаррухӣ (шоир) [335], Хоҷа Абдурраззоқ (нависанда) [197, 207, 238, 659, 694, 699], Хоҷа Булҳасани Касир (олим) [252], Хоҷа Абӯмансури Саъолибӣ (шоир) [706], Хоҷа Бусаъд Абдулғаффор (нависанда) [155], Ҳоҷиб (донишманд) [273, 294, 327, 371, 383, 510, 530, 570], Ҳутайъа (шоир) [294], Ҳаким Саноӣ (шоир) [132], Ҳасирии Надим (донишманд) [94], Ҷолинус (донишманд) [19, 150], Ҷаъфари Мударриси Содиқӣ (олим) [40], Шоҳмансури Шоҳмирзо (олим) [42], Яҳё Хитоб (донишманд) [140] ва ғ.;

-Номи асотирӣ ва китобҳои муқаддас: Абдурраҳмони Қаввол (асотирӣ, ривояткунанда) [50, 115, 119, 120, 500], Абулқосими Ҳасирӣ (асотирӣ, ривояткунанда) [271, 274, 463], Алпнома (асар) [141], Забур (китобе, ки онро ба яке аз Пайғамбарон Довуд нисбат медиҳанд) [357], Инҷил (номи китоб) [357], Фазли Робеъ (достон) [19, 75] ва ғ.;

-**Номи чашнҳо:** Меҳргон [20, 21, 22, 327, 383, 444, 526, 561, 580, 582, 628], Наврӯз [21, 22, 54, 114, 430, 646] ва ғ.

-Номҳои занона: Асмоъ (шоҳдухтар) (духтари халифаи Абӯбакр) [243], Ҳурра Зайнаб (шоҳдухтар) [251], Айёз (зани султон) [318], Абдуллоҳи Қаротагин (солор) [322, 660, 675], Абулмузаффари Микойил (хизматгори дарборӣ) [413], Андалеб (зане, ки дар дарбор сарояндагӣ мекунад) [465], Ҳасани Меҳргон (зани хирадманд) [286], Ҳурра (номи ҳасани Меҳргон) [286, 713], Ҳоҷибону (хизматгори дарбори Хоразмшоҳ) [363], Шоҳхотун (зани шоҳ) [464], Шаҳрогим [491, 493, 495] ва ғ.

Дар шаклгирӣ ва ифодаи номи одамони соҳаи мухталифи асар вожаҳое мавҷуданд, ки онҳо ишора ба касбу ҳунар ё ягон аломати зоҳирӣ мекунанд, ки онҳоро лақаб, тахаллус ё номи мустаор гуфтан мумкин аст. Ба ин гурӯҳ вожаҳои алӣ, ҳоҷиб, амир, мир, абӯ, ҳоҷа, хотун, кисро, каён, сомон ва монанди инҳоро шомил кардан мумкин аст. Ҳоло шарҳи чанде аз онҳоро мувофиқи ахбори қиссаҳои асар ва маълумоти сарчашмаҳо меоварем ва таҳлил мекунем:

Алавӣ **علوی** ишора ба авлоди Алӣ (р) буда, ҳамчунин пайравон ва тарафдорони Алӣ (р)-ро низ бо ҳамин ном ёд мекунанд [ФТЗТ, 59]. Бо унвони Алӣ ному унвонҳои мустаор ва тахаллуси зиёд дар асар ба назар мерасанд, ки ишора ба ҳамин маъноянд.

Ҳоҷиб вожаи арабӣ буда (حاجب), дорои чандин маъност ва яке аз маъноҳои ин вожа парда, чодар аст. Маънои дигари ин калима дарбон, пардадор буда, дар асари «Таърихи Байҳақӣ» ба ҳамин маънӣ чун лақаб омадааст.

Амир вожаи ифодагари шоҳ, султон буда, мутааллиқи забони арабист (امر یر). Маънои луғавии ин вожа амрдиҳанда, фармондиҳанда; ҳукмраво буда, дар осори таърихӣ лақаби ҳукмронони Осиёи Миёна ва Афғонистон аст: Амир Насруллоҳ, Амир Музаффар, Амир Олимхон ва ғ.

Мир низ вожаи арабӣ (مـ یر) буда, шакли кӯтоҳшудаи амир аст. Маънои таърихии ин вожа далолат ба лақаби сайидҳо низ мекунад. Маънии дигари ин вожа ҳокими ягон вилоят (дар тақсимоти маъмурии аморати Бухоро) буда, ҳамчунин мансаби маъмурию ҳарбӣ дар хониҳои Бухоро, ки чун қоида сардори дастае таъйин мешуд: мири асас, мири шаб (ё миршаб), мири шикор, ҳокими шаҳр, раиси шаҳр, фаҳмида мешавад.

Абу ҷузъи арабӣ **(**ابو ( )ال) буда, маънои падарро дар забони арабӣ дорад. Ҳамчунин, дар забони арабӣ ҳамчун ҷузъи якуми калимаҳои мураккаб маънои соҳибро дорад: Абӯабдуллоҳ, Абулфазл ва ғ.

Хоҷа (خواجه) вожаи тоҷикии таърихӣ буда, ба маънии бузург, соҳиб, соҳибкор, хӯҷаин далолат мекунад. Ҳамчунин, ин вожа мансуб ба насли хоҷагон аст. Ин вожа чун лақаб аз замони Сомониён маъмул гардида, ба маънои бузург, сарвар далолат мекард ва ба тадриҷ дар шакли хӯҷа ба маънои маҷозии авлоди пайғамбар мавриди корбурд қарор мегирад. Вожаи русии **“хозянин”** ва **“хозяйство”** аз ҳамин калима шакл гирифта, ба маънои хоҷагӣ ва хӯҷаин истифода мешавад. Маънои дигари хоҷагӣ хонавода аст, ки тавсеа ёфтани ин вожаро далолат мекунад.

Хотун (خاتـ ون) вожаи туркӣ-ӯзбекӣ буда, маънои хонум, бону, кадбонуро дорад. Ин вожа пас аз омадани туркҳо ба сарзамини мо падид омадааст. Дар асар вожаи хотун

ҳамчун вожаи ифодагари занони шоҳ омадааст.

Кисро (کسری) вожаи мазкур шакли арабишудаи Хусрав аст, ки ин вожа маънои шоҳро ифода мекунад. Маънои дигари Кисро лақаби Хисрави Анӯшервон буда, таърихан лақаби подшоҳони Сосониён баъд аз Хисрави Анӯшервон аст.

Каён (کیان) ҷамъи **кай** буда, унвони подшоҳони Эрони қадим (саромадашон Кайқубод), ки тибқи маълумоти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ баъди Пешдодиён (ба ақидае дар ҳудуди асрҳои IX-VIII то м.) ҳукм рондаанд. Ин вожа дар шакли **каёнӣ (کیانی)** мансуб ба Каён аст.

Искандари Румӣ номи подшоҳи Юнон аст. Дар асар чунин мисол аст: «Искандари румиро пурсиданд: «Диёри Машриқу Мағриб ба чӣ гирифтӣ, ки мулуки пешинро хазоин ва умру лашкар беш аз ин будааст ва чунин фатҳе муяссар нашуд?» [66]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин вожа чунин шарҳу эзоҳ ёфтааст: Искандар ю-а.1. сир, саримсоқ. Барои исбот байте аз «Шоҳнома»-и Фирдавсии бузург оварда шудааст: Гиёҳе, ки сӯзандаи ком буд, Ба Рум-андар Искандараш ном буд. 2. Номи яке аз подшоҳони Юнони қадим. Искандари Мақдунӣ, маъруф ба Искандари Зулқарнайн. Далел аз Шоҳин: Сурма шуд гарди суми тавсани ту қайсарро, Аз ғубори дарат Искандару Ҳоқонро тоҷ. [Фзт, Ҷ. 1. С. 493].

Аз нуқтаи назари этимологияи илмӣ, Искандар, ки имрӯз фақат ифодагари номи шахс аст, дар забони порсии миёна дар шакли **Alaksandar** ифода ёфта, номи шоҳи Юнон аст ва аз ҷузъҳои **aleco** «ёрӣ кардан» ва **andros, ander** «мард, одам» буда, маънои «ёвар, марди ёридиҳанда»-ро дорад. Арабҳо ин номи таърихиро чун **al-Ksandr> al-Skandr>al-Sikandar** қабул кардаанд. Ҷузъи **al**-артикли ифодакунандаи исмҳо + Sikandar – номи шахс хонда шуд. Форсҳо, ки исмҳои арабиро бе артикл талаффуз мекарданд, чун Александрро дар шакли Искандар қабул карданд. Дар забони форсии тоҷикӣ вожаи мазкур хеле фаъол буда, чандин номи асарҳои бадеӣ бо ҳамин ном дар таърихи адабиётамон иншо гардидааст, ки муаллифон дар он асарҳо бо номи Искандар шоҳи одилро тасвир кардаанд.

Нӯшеравон/Nūšeravān. Дорои равони осебнопазир, дорои равони ҷовидон. Баҳампайваста аз вожаи авастоии «anauša (анауша)» - «бемарг, ҷовидон» ва «равон», аз вожаи авастоии «urvan (урван)» ва дар забони паҳлавӣ «rauvān-рауван» ва дар порсии навин «ravān-равон»-ро ифода мекунад. Дар таърихи фарҳанги мо ин ном ҳамчун унвони шахси доно, шоҳи одил ва халқпарвар ифода ёфта, дар асари «Таърихи Байҳақӣ» низ ба ҳамин маънӣ омадааст.

Сомон (سامان) маъниҳои тартиб, интизом, ба сомон батартиб, мунтазам, дурустро ифода карда, ҳамчунин молу мулк, дороӣ, асбобу ускуна ва макон, маҳал, ҷойро низ мефаҳмонад. Дар таркиби ифодаҳои маҷозӣ ба шаклҳои **бо сару сомон батартиб** (сариштакор, осуда), **ба сомон шудан** (ба назму интизом даромадан, осуда гардидан), **бе сару сомон шудан** (назму тартиби худро гум кардан, бесариштa шудан, бехонаю ҷой шудан) низ далолат мекунад.

Хонум//Хоним (خانم) вожаи туркӣ-муғулӣ буда, бар ифодаи унвони эҳтиромӣ, ки ба номи занон илова карда ё вақти муроҷиат ба онон гуфта мешавад, меояд.

Хоҷасарой (خواجه سرای) вожаи куҳнашудаи тоҷикӣ буда, ба маънои навкар, маҳрам, хизматгор дар ҳарами подшоҳ ва амиронро мефаҳмонад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки «омӯзиш ва пайдоиши лақабҳо масъалаи мураккаб ва душвору баҳсбарангез буда, ҳар як лақаб дар алоҳидагӣ тадқиқоти махсуси илмиро тақозо менамояд. Дар асл лақаб дар назари кас он қадар чизи муҳим наменамояд, вале лақаб чигунагии шахсро беҳтар аз номаш ифода мекунад» [Давлатов 2017, 67].

Хулоса, баррасии масъалаи мазкур доманаи фарох дошта, ҳанӯз ҳам масъалаи камтаҳқиқшуда маҳсуб меёбад. Анҷоми чунин таҳқиқҳо дар равшан намудани паҳлуҳои дигари масъала метавонанд дахл намоянд. Таҳлил ва омӯзиши масъалаи боло дар заминаи ақалли сарчашмаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва фарҳангу луғатҳои тафсирӣ анҷом дода шудаанд. Аз рӯйи маълумоти маводи ин асар аксари номҳои овардаи муаллифи асар дар тӯли таърих ба тағйироту таҳаввулот дучор гардида, бо баъзе шакливазкунии зоҳирӣ то замони мо расидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абодуллоева, С. Ономастикаи «Форснома»-и Ибни Балхӣ. Рисолаи номзадӣ / С. Абодуллоева. – Душанбе, 2003. – 168 с.
2. Абодуллоева, С. Ономастикон суфийской поэзии: структурный, семантический и функциональной аспекты (на материале произведений Абульмаджа Санаи, Фаридаддина Аттара и Джаладиддина Балхи)»: автореф…докт... дисс... / С. Абодуллоева. – Душанбе, 2017. – 48 с.
3. Ғафуров О. Тафсири мухтасари номҳои чуғрофӣ / О.Ғафуров. - Душанбе: Маориф, 1983. - 144 с.
4. Давлатов Э.А. «Қасас-ул-анбиё» ва баъзе масъалаҳои ономастикаи он / Э.А. Давлатов. - Душанбе, 2017. - 112 с.
5. Давлатова Ф.Т. Лингвистическое исследование антропонимии «Таърихи Табари» Балъами: автореф… канд… дисс… / Ф.Т. Давлатов. - Душанбе, 2019. – 24 с.

6. Курбонмамадов С.Х. Семантико-стилистические особенности поэто- нимии «Шахнаме» Абулкасыма Фирдоуси: автореф… дис.… канд… филол… наук. / С.Х. Курбонмамадов. – Душанбе, 2014. – 26 с.
7. Майнусов Д.Ф. Антропонимы «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси (лингвистический аспект): автореф… дис.… канд… филол… наук. / Д.Ф. Майнусов. – Душанбе, 2013. – 27 с.
8. Самарқандӣ Я.Н. Фарҳанги номҳои форсӣ-тоҷикӣ / Я.Н. Самарқандӣ. - Душанбе, 2012. - 367 с.
9. Темуров Ҷ. Таҳқиқи таърихию забоншиносии антропонимияи «Ҳазору як шаб» / Ҷ. Темуров. – Душанбе, 2018. – 24 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - Ҷ.1. - 996 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - Ҷ.2. - 1095 с.
12. Ҳайдаров Ш. Луғати чандомади антропонимҳои тоҷикони райони Ашт / Ш. Ҳайдаров. – Душанбе: Дониш, 1986. – 225 с.
13. Ҳайдарӣ Ш. Луғати басомади номҳои тоҷикони вилояти Хатлон / Ш. Ҳайдарӣ. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 474 с.
14. Ҳомидов Д.Р. Топонимия водии Кешрӯд / Д.Р. Ҳомидов (таҳлили таърихию забоншиносӣ). (Нашри дувум). – Душанбе: Маориф, 2014. - 168 с.
15. Ҳомидов Д.Р. Забони тоҷикӣ ва номшиносӣ / Д.Р. Ҳомидов. - Душанбе: Маориф, 2018. - 210 с.
16. Шодиев М. Лингвистический анализ топонимов произведений С. Айнӣ / канд…дисс... / М. Шодиев. – Душанбе, 1994. – 191 с.
17. Шоев Р. Ономастика «Самаки айёр»: автореф…канд…дисс… / Р. Шоев. – Душанбе, 1996. – 23 с.

ИСМҲОИ ХОССИ МАНСУБИ НОМУ ЛАҚАБ ВА ТАХАЛЛУС ДАР «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»

Дар мақолаи мазкур таҳқиқи биёрҷанбаи ному лақаб ва тахаллусу номҳои ифтихорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мусаллам аст, ки аз нимаи аввали солҳои 70-уми асри гузашта таҳқиқи ин мавзӯъ дар забоншиносӣ ибтидо гирифта, дар ин боб асару мақолаҳои зиёде то кунун ба табъ расидаанд. Дар «Таърихи Байҳақӣ» корбасти лақабҳо (тахаллус ва ё номҳои ифтихорӣ) монанди дигар қабатҳои луғавӣ мавқеи асосиро касб менамоянд. Таҳқиқ ва омӯзиши лақабҳо монанди дигар исмҳои хос кори саҳл набуда, таърихи ниҳоят куҳанро моликанд ва ному лақабҳо ба қабати исмҳои хос шомил гардида, аслан ба хазинаи калимаҳои маъмулии забон мутааллиқанд. Ному лақабҳои дар асар мавриди корбурд қарор гирифтаро аз нигоҳи муҳтавояшон ба чунин зергурӯҳҳо тасниф намудан мумкин аст: номи чеҳраҳои динӣ, ному лақаби шоҳону шоҳзодагон, номи сарлашкар ва ҷанговарон, номи аъёну ашрофзодагон, номи умаро ва вузаро, номи ҳокимон, волиён ва дигар амалдорони давр, номи уламову шуаро ва удабо, номи асотирӣ ва китобҳои муқаддас, номи ҷашнҳо, номҳои занона ва монанди инҳо. Баррасии масъалаи мазкур доманаи фарох дошта, ҳанӯз ҳам масъалаи камтаҳқиқшуда маҳсуб меёбад. Анҷоми чунин таҳқиқҳо дар равшан намудани паҳлуҳои дигари масъала метавонанд дахл намоянд. Таҳлил ва омӯзиши масъалаи боло дар заминаи ақалли сарчашмаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва фарҳангу луғатҳои тафсирӣ анҷом дода шудаанд. Аз рӯйи маълумоти маводи ин асар аксари номҳои овардаи муаллифи асар дар тӯли таърих ба тағйироту таҳаввулот дучор гардида, бо баъзе шакливазкунии зоҳирӣ то замони мо расидаанд.

Калидвожаҳо: ном, лақаб, мустаор, забон, сохтор, маъно, маҷозӣ, аслӣ, луғавӣ, тобиш, рисола, осор, омӯзиш, пайдоиш, рушд, инкишоф, таърихи забон, оним, уламо, шоҳон, удабо ва ғ.

СОБСТВЕННЫЕ ИМЕНА СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ ОТНОСИТЕЛЬНО ИМЁН, ПРОЗВИЩ И ЛИТЕРАТУРНЫХ ПСЕВДОНИМОВ В «ИСТОРИИ БАЙХАКИ»

В данной статье автором проведено многоаспектное исследование имен, прозвищ и литературных псевдонимов на примере произведения “История Байхаки”. Отрадно то, что с первой половины 70-ых годов прошлого столетия берет свое начало исследование данной темы и относительно ее были проведены исследования и написаны многочисленные статьи. В произведении «История Байхаки » использование прозвищ, литературных псевдонимов и почетных имен на равне с другими словарными пластами занимкет особе место. Исследование и изучение прозвищ как и других собственных имен существительных является трудоемкой работой и имея давнюю историю имена и прозвища как и другие собственные имена существительных входят в сокровищницу общепринятых слов языка. Имена и прозвища используемые в данном произведении с точки зрения их содержания можно классифицировать на такие подгруппы: имена религиозных представителей, имена и прозвища царей и принцев, имена главнокомандующих и военных, имена знатей, имена эмиров и везирей, имена правителей, наместников и других правителей эпохи, имена ученых и литераторов, мистические имена и названия священных книг, названия праздников, женские имена и т.п.. Данная тема имеет широкий спектр исследования и до сих пор считается малоисследованной. Завершение таких исследований имеет важное значение в освещении различных сторон данной проблематики. Анализ и изучение указанной в статье проблемы завершено на основе научно-исследовательских первоисточников, словарей и толковых словарей. По данным сведений произведения “История Байхаки”большинство имен приведенных автором в процессе истории подвергались изменениям эволюции и с некоторыми внешними изменениями дошли до наших времен.

Ключевые слова: имя, прозвище, псевдоним, язык, структура, значение, метафорический, подлинный, словарный, оттенок, , трактат, произведение, изучение, образование, развитие, развитие, история языка, оним, ученые, цари, литераторы.

SPECIAL NAMES OF NON-NAMES, NON-NAMES AND LITERARY PSEUDONYMS IN THE "HISTORY OF BAIKHAKI"

In this article, the author has carried out a multifaceted study of names, nicknames and literary pseudonyms using the example of the work “The History of Bayhaki”. It is gratifying that from the first half of the 70s of the last century, the study of this topic began and about it, research was carried out and numerous articles were written. The use of nicknames, literary pseudonyms and honorary names on an equal footing with other vocabulary layers occupies a special place in the work "The History of Baykhaki". The study and study of nicknames as well as other proper nouns is a laborious work and having a long history of names and nicknames, like other proper nouns, are included in the treasury of common words of the language. The names and nicknames used in this work from the point of view of their content can be classified into the following subgroups: the names of religious representatives, the names and nicknames of kings and princes, the names of commanders-in-chief and military, the names of nobles, the names of emirs and viziers, the names of rulers, governors and other rulers of the era , names of scientists and writers, mystical names and titles of sacred books, names of holidays,

female names, etc. This topic has a wide range of research and is still considered poorly researched. Completion of such studies is important in highlighting various aspects of this issue. The analysis and study of the problem indicated in the article is completed on the basis of scientific research primary sources, dictionaries and explanatory dictionaries. According to the information of the work "The History of Bayhaki", most of the names given by the author in the course of history have undergone evolutionary changes and with some external changes have come down to our times.

Key words: name, nickname, pseudonym, language, structure, meaning, metaphorical, genuine, vocabulary, shade, treatise, work, study, education, development, development, history of language, onym, scientists, kings, writers.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафаров Хурсанд*** **–** Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, аспирант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. Тел.: **(+992) 93-812-95-65**

Сведения об авторе: ***Сафаров Хурсанд*** - Институт языка и литературы им. Абуабдуллоха Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 21. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. Телефон: **(+992) 93-812-95-65**

Information about the author: ***Safarov Khursand*** **-** Institute of Language and Literature named after Abuabdulloh Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, postgraduate student. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 21. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 21. Phone: **(+992) 93-812-95-65**

УДК: 492.7.09:491.155

АҲАМИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ФАРҲАНГНИГОРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ВА ФОРСУ ТОҶИК

Солиҳов Н.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фарҳангнигорӣ ба таълифи луғатномаҳо гуфта мешавад. Ин равандест, ки ҳам марбут ба падидаҳои қобили мушоҳидаи вожагон аст ва ҳам марбут ба маҷмӯе аз усули назарии вожашиносӣ, ки аз тариқи онҳо метавон вожагонро баррасӣ кард [6, с.245-260]. Фарҳангнигорӣ, дар воқеъ як равиши хоссаи илмӣ аст, ки барои таҳия ва танзими фарҳанги вожаҳо мавриди истифода қарор мегирад. Фарҳанги вожаҳо худ китобест, ки вожагони як забонро ҳамроҳ бо маънии онҳо, чун фарҳангҳои якзабона ё муодили онҳо аз қабили ду ё чандзабона ба сурати алифбоӣ тақдим месозад ва дар баробари онҳо иттилооти мавриди ниёзи вожагон, муштараконти маъноӣ ва созгориро афзон менамояд [2, с.283]. Ба ибораи дигар фарҳангнигорӣ феҳристе аз вожаҳост, ки маъмулан бо тартиби алифбо мураттаб гардида, роҷеъ ба маъно, талаффуз, тарзи навишт ва муодили онҳо маълумот медиҳад [9, с.108].

Аммо ҳадаф аз "вожагон" маҷмӯи калимаҳои фаъол ва ғайрифаъолест, ки дар як замон арзи вуҷуд доранд ва мавзӯи аслии илми "вожашиносӣ"-и он забонро ташкил медиҳанд. Баррасиҳо ва пажӯҳишҳое, ки дар бораи калимаҳо, маънии онҳо, таҳаввулот, тағйироти шаклӣ ва маъноии онҳо дар тӯли замон ва хулоса дар бораи равобити онҳо бо якдигар шакл гирифта, ҳама дастовардҳои илми вожашиносӣ аст, ки муҳимтарин василаи фаъолияти фарҳангнигор низ мегардад. Ба ибораи дигар, меъёр ва андозаи воқеияти вуҷудии ҳар вожа, чигунагии истифодаи он дар замонҳои гузашта ва ҳозира аст. Пас, як фарҳанги ростин бояд битавонад ҳамаи ин калимаҳоро дар шароити бисёр гуногуни онҳо ва дар замони ҳозира ё дар масири таърих сабт намояд ва илова бар ин, ки китоби сарчашма мегардад, аз лиҳози омӯзишӣ низ бархӯрдор бошад. Аммо дарки чунин фарҳанге, ки танҳо дар хотираҳо мавҷуд аст, ҳанӯз муяссар нагардида аз орзуҳои башар аст.

Дар кори фарҳангнависии илмӣ нахуст бояд дид, бо чи чиз ва чи касоне сарукор дорем. Ба таври куллӣ василаи фаъолият вожа аст ва касоне, ки фарҳанг бар эшон навишта мешавад, мухотибони мо ҳастанд. Пас, фарҳангнавис пеш аз ҳар чиз бояд ин ду мавзӯъро хуб бишносад. Мухотибон ҳамон паёмгирандагон ҳастанд, бинобар ин, фарҳангнавис наметавонад нисбат ба чигунагии ироаи паём ва чигунагии дарёфти он аз сӯйи мухотибон бетафовут бошад. Инак, мулоҳиза мешавад, ки фарҳангнависӣ яке аз шохаҳои корбурди вобаста ба забоншиносӣ аст, ки илова бар маҳорат ва истеъдод ба дастовардҳои забоншиносӣ ҳам ниёзманд аст. Бинобар ин, ҳарчи илми забоншиносӣ аз ҷумла забони арабӣ равнақ ёбад, фаъолияти фарҳангнависӣ ҳам тибқи он амиқтару борвартар хоҳад шуд.

Забоншиносон фарҳангнависиро аз ҷиҳате ба ду гурӯҳи "ҳамзамонӣ" ва "таърихӣ" тақсим кардаанд, ки дар ҳар гурӯҳ кор ба шеваи гуногун амалӣ шуда, дар натиҷа навъҳои бисёр мухталифи фарҳанг дар андозаҳо ва шаклҳои гуногун ба вуҷуд омадааст, ки вазъияти ҳар як тибқи аҳдофи фарҳангнавис муайян карда мешавад. Аҳдофи фарҳангнависро низ баномарезии забонии кишваре, ки фарҳангнавис аз он бархостааст,

муайян месозад [2, с.284]. Фарҳангнависӣ дар тӯли замон ба воситаву имконоти мавҷуд дар ҷомеа вобаста буда, таҳаввулоти гуногунеро сипарӣ намудааст. Дар бештари анъанаҳои фарҳангнависӣ аз ҷумла дар миёни арабҳо, форсҳо ва дар забони санскрит бисёре аз нишонаҳои қадимаи осори вобаста ба фарҳангнависии қолабӣ бо вазну баҳри шеърӣ доранд. Барои мисол дар суннати санскрит важаҳои мутародиф, ки ба сурати мавзӯӣ мураттаб шуда буд ва дар даврони таҳаввул ва тавсеаи гуфтор қабл аз савод ва оғози таҳаввул дар навиштан ривоҷ дошт, аз ин қолаб барҳӯрдор аст. Дар ибтидо, ки китоб набуд он аз насл ба насл ба сурати шифоҳӣ мунтақил мешуд ва барои осон ба хотир гирифтан ва ҳифз кардан инконоти ёдоварандае монанди ритм, вазн, қофия ва шояд навъи мусиқӣ дар он ғунҷонида мешуд [11, с.7-14]. Фарҳангнигориро метавон ҳадди ақал аз се нуқтаи назар мавриди таваҷҷуҳ қарор дод:

1. Касби фарҳангнигорон.
2. Назария ё маҷмӯаи усулӣ, ки фарогири ин фаъолият аст.
3. Фаъолиятҳои амалии марбут ба таҳияи фарҳанг.

Ин се нуқтаи назар бо ҳам хело наздик ва вобастаанд. Дар мақоми якум таъкиди фарҳангнигорӣ ба омӯзиш, вижагӣ ва сохтори фарҳангнигорон машғулият ва касб аст. Дар мақоми назария таъкиди фарҳангнигорӣ бар усуле аст, ки фарогири таълиф ва вероиши як фарҳанг бар он устувор мебошад. Баъзе аз ин усул моҳияти вожашиносона доранд, монанди тавсифи вожагон ба унвони як кул ва ҳамчунин таърифи вожа, ки ҳамаи ин усул аз ҳавзаи тавлиди китоб маншаъ мегирад. Дар мақоми фаъолиятҳои амалӣ фарҳангнигорӣ ба таълиф ва вероиши амалии вожаномаҳо бо таъкид бар марҳилаҳои мухталифи сохти он гуфта мешавад. Ба назар мерасад, ки раванди таълиф ва усуле, ки тадвини фарҳанг бар он устувор аст, ҷудонопазир мебошанд [8, с.354-356]. Албатта, марз миёни фаъолиятҳои амалӣ ва илмии фарҳангнигорӣ вуҷуд дорад ва анҷуманҳои мухталифе дар сатҳи ҷаҳон шакл гирифтаанд, то ба унвони пуле байни падидоварандагони вожаномаҳо ва фарҳангнигорони илмӣ амал кунанд.

Фарҳангнигорӣ бахше аз забоншиносӣ тасаввур мешавад [1, с.11], ки иштибоҳ аст. Ҳол он, ки фарҳангнигорӣ худ соҳаи мустақил аст. Соҳае, ки талошҳояш бо назарияҳо ва фаъолиятҳои улуми иттилоърасонӣ, адабиёт, нашр, фалсафа, забоншиносии таърихию татбиқӣ ва амалӣ шакл гирифта равшан мешавад [11, с.11-14].

Бархе аз донишмандон бар ин назаранд, ки фарҳангнигориро метавон муодили вожашиносии амалӣ донист, зеро фарҳангнигор бояд бидонад, вожа чист ва чи чиз бояд дар тавсиф ва таърифи як вожа ҷой дода шавад. Дар натиҷа метавон тасаввур кард, ки ҳар кори фарҳангнигорона ҳадди ақал то ҳудуде назарияҳои забоншиносиро ба сурати сареҳ ё зимнӣ ба кор мегирад. Ба унвони мисол дар вожашиносӣ ба вожаҳои муродиф ва якнавохт (омоним) таваҷҷуҳи хосса мешавад. Ин мавзӯъ мавриди таваҷҷуҳи хосси фарҳангнигорон ҳам қарор дорад, аз ин назар шояд битавон фарҳангнигориро вожашиносии амалӣ таъбир кард. Албатта, ҳамон тавр, ки фарҳангнигорӣ аз таҳқиқотҳои назарии вожашиносӣ истифода мекунад, метавонад бар ин назарияҳо таъсири мутақобил низ дошта бошад ва ба полоиши онҳо кумак расонад. Танҳо вожашиносӣ ба унвони бахше аз забоншиносӣ нест, ки барои фарҳангнигорӣ чорчӯби назарӣ фароҳам месозад, барои мисол забоншиносии иҷтимоӣ низ на танҳо дар баррасӣ ва интихоби тафовутҳои забоние, ки бояд дар фарҳанг истифода шавад ва ё дар иттилооте, ки дар бораи маонии мутафовит фарогири сабк ва ё тафовутҳои маъноӣ, ки дар корбурди калима дар мавқеият ва заминаи хос низ бояд ғунҷонида шавад, таъсир дорад [8, с.354-356]. Барои он ки фарҳангнигор тавонад дар баҳрабарӣ аз қолаби забон муваффақ бошад, ночор аст, ки нахуст тибқи аҳдофи хеш шеваномае барои ҳадафу мароми худ фароҳам созад, зеро ҳар як навъи фарҳанг қолаби хосси худро дорад. Аз ин рӯ, бо ёрии шеванома метавон муайян кард, ки чӣ гуна вожагони худро фароҳам оварда, онҳоро арзёбӣ намуд. Бешубҳа, яке аз ҷиддитарин пурсишҳо дар фарҳангнависии муосир он аст, ки "фарҳанг чӣ гуна таҳия мешавад?" Фарҳангнавис бояд асосан вазъияту сарнавишти маҷмӯи вожаҳои забони мавриди назарро дар пайкараи забон аз назари овошиносӣ, наҳв ва маъно сабт намояд, то усули фарҳангнависӣ ва ниёзҳои онро фаро гирифта бошад. Пеш аз ҳар амал тавсифи комили вожашиносии ду забон назди муаллиф фароҳам бошад, то вожагонро бо риояи ҳамаҷониба ба ойинҳои тарҷума ба кор гирад. Аз он ҷо ки ин гуна пажӯҳишҳои илмӣ дар тавсифи ду забон камтар анҷом ёфтааст, ночор кори фарҳангнигор бисёр душвор мешавад, зеро ӯ инак наметавонад ба осонӣ система интихоб намояд, ки ниёзи мухотибонашро дар шакли беҳтар бароварад. Масалан, бояд муайян шавад, ки гузиниш ва ироаи калимаҳо дар чӣ механизме қарор гирифтааст, агар як калима тарзи навишти гуногун дорад, авлавиятро ба кадом тарши навишт дод ва бо бақияи тарзи навишт чӣ гуна бояд барҳӯрд кард, ки дар дастраси хонанда низ қарор бигирад? Оё агар калима чандин талаффуз дошта бошад, чӣ гуна бо чӣ абзоре бояд онҳоро арзёбӣ намуд? Ин душвориҳо боиси он гардидааст, ки бархе аз кишварҳо бавижа онҳое, ки дар кори забоншиносӣ пешрафт доштаанд, мавзӯи фарҳангнависиро бисёр ҷиддӣ бигиранд ва ҳатто марказҳое барои тарбияи мутахассис

барпо кунанд, то ба чаҳор саволи аслӣ дар ин ҷода посухи кофӣ бидиҳанд, ки ин саволҳо аз ин қароранд: а) чӣ касе фарҳанг таҳия мекунад?, б) чӣ гуна фарҳанге таҳия мекунад?, в) чӣ гуна фарҳанги худро омода месозад?, г) барои чӣ касе фарҳанг таҳия месозад? [2, с.285].

Тадвини фарҳанг асосан фаъолияти амалӣ аст, ки дар робита ба андозаи таваҷҷуҳи башар ба иртиботи навишторӣ таърихи қадима дорад [6, с.245-260]. Ба назар мерасад, ки нахустин талошҳо оид ба таҳияи вожагон феҳристи кӯтоҳ аз вожаҳои аккадӣ дар сарзамини Байнаннаҳрайн бошад, ки марбут ба қарни ҳафтуми пеш аз мелод аст. Чиниҳо, юнониҳо ва ошуриҳо низ пешгомони таълифи фарҳангномаҳо ҳастанд ва алалхусус, чиниҳо пешгомтар аз ҳама будаанд ва гумон меравад, ки онҳо қарнҳо пеш аз мелод бо фарҳанги вожаҳо ошноӣ доштаанд. Ошуриҳо ҳам дар ҳудуди қарни ҳафтуми қабл аз мелод ба далели тарс аз нобуд шудани забонашон луғатномаҳоеро бар хиштҳои пухта тадвин намуда, дар китобхонаҳо нигоҳдорӣ мекарданд. Юнониҳо низ луғатномаҳоеро таълиф карданд, ки шомили тафсир ва тавзеҳи баъзе аз вожаҳои китобҳои Афлотун будааст. Ба зарурати кӯтоҳ кардани мавзӯи таҳқиқ танҳо ба баъзе масоили фарҳангнигории ҷаҳони араб, Ғарб ва форсу тоҷик пардохта мешавад.

Арабҳо дар кори таълифи вожанома пешгомтар аз аврупоиҳо ҳастанд, зеро нахустин фарҳанги забони арабӣ дар қарни ҳаштуми мелодӣ таълиф шуд, дар ҳоле ки аввалин фарҳанги луғавӣ дар Аврупо дар қарни XVII ба риштаи таҳрир даромад. Ин бад-он маънӣ аст, ки мусулмонон IX қарн қабл аз таълифи нахустин фарҳанги забони англисӣ ва ҳудуди V қарн қабл аз зуҳури аввалин фарҳанги забони лотинӣ луғатнома таълиф карда буданд. Фарҳангнигории вожаҳои арабиро метавон ба се давраи таърихӣ баррасӣ кард.

Дар давраи нахустин, ки аз охирҳои қарни аввал то охирҳои қарни дуюми ҳичриро фаро мегирад, забоншиносон вожаҳои арабиро аз тариқи арабҳои саҳронишин ва ё муҳоҷирони шаҳрҳо, ки забонашон бо ғайри арабҳо омезиш наёфта буд, дарёфт мекарданд. Дар ин марҳила ҳадафи забоншиносон сирфан ҷамъоварии вожаҳо бидуни тартиб ва танзими хос ва фақат бо мақсади пешгирӣ аз вуруди вожаҳои бегона ба забони арабӣ буд. Аз боризтарин таълифоти ин давра китобҳои алфози нодир ва камёбе чун «Китоб-ун-наводир»-и Абузайди Ансорӣ аст.

Дар давраи дуюм вожаҳо дар қолаби рисолаҳои кучак ва пароканда тадвин ва танзим шудаанд, дар қолабе, ки ҳар рисола маҷмӯае аз вожаҳое буд, ки бо якдигар иртиботи муайяне доштанд, монанди «Рисолаи мусалласот»-и Қутруб, ки ин асар маҷмӯи вожаҳоест дар се ҳолати эъробгузорӣ ба се маъно ифода меёбад.

Давраи сеюм давраи тадвини вожаҳои умумӣ бо истифода аз низоми муайян аст. Вуҷуди фарҳангҳои луғавӣ бо коркардҳои мухталиф, монанди фарҳангҳои луғавӣ, фарҳангҳои луғати вожаҳои нодир, аздод, фарҳангҳои луғоти ҳамза, фарҳангҳои решаи луғат ва ҳамчунин вуҷуди мактабҳои фарҳангнигорӣ, монанди мактаби Халил, Бармакӣ ва Ҷавҳарӣ аз нишонаҳои таваҷҷуҳ ба фарҳангнависӣ дар ҷаҳони ислом ва араб аст. Дар посух ба ниёзҳои ҷадид аз нимаи қарни XIX фарҳангҳои дигаре бо такя ба фарҳангҳои қадим, аммо мутобиқ бо замон таълиф гардиданд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба «Муҳит-ул-муҳит»-и Бутрус ал-Бустунӣ (Бейрут 1870) ва «Акраб-ул-маворид»-и Саид Хурии Шартунӣ (Бейрут 1889) ишора кард. Дар қарни XX ҳам фарҳангҳои дигаре монанди «ал-Мунҷид фи-л-луға» тавассути Луис Маълуф (чопи аввал 1907) ва «ал-Бустон»-и Абдуллоҳи Бустонӣ (Бейрут 1930) таълиф гардид. «Муъҷам-ал-васит» ҳам, ки масъулияти тадвини он бар уҳдаи Фарҳангистони забони арабии Миср қарор гирифт, бори нахустин дар соли 1960 дар ду ҷилд мунташир шуд. Кори нигориши фарҳанги таърихии забони арабӣ ҳам тавассути ховаршиноси олмонӣ Фишер (1970), дар Академияи забони арабии Миср анҷом шуд. Дар сарзамини Эрон таҳаввулоти забон ва тағйири хатти форсӣ дар оғози Ислом дар кори фарҳангнависӣ таъсири зиёде дошт. Муҳаммад Муин дар муқаддимаи фарҳанги худ менависад: «Шавоҳиде дар даст аст, ки аз авосити қарни панҷуми ҳичрӣ талошҳое дар амри фарҳангнависӣ ба забони навини форсӣ анҷом гирифта». Ӯ дар ин маврид аз рисолаи Абуҳафси Суғдӣ ва «Тафосир фи луғат-ил-фурс»-и Шарафуззамон Қатрон ибни Мансури Армадӣ ном мебарад, ки ҳеҷ кадом дар даст нест. Қадимтарин фарҳанги мавҷуди забони форсӣ луғатномаи Асадии Тӯсӣ марбут ба қарни панҷуми ҳичрӣ аст. Аз қарни ҳаштуми ҳичрӣ шоҳиди зуҳури фарҳангҳои форсии мухталифи дигаре ҳастем, ки танҳо ба зикри баъзе аз онҳо таваққуф мекунем: «Сиҳоҳ-ул-фурс» (728 ҳ.), «Маҷмаъ-ул-фурс» (1008 ҳ.), «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони Қотеъ» (1062), «Фарҳанги Нафисӣ» (1344) ва монанди он. Аз шомилтарин фарҳангҳои форсӣ бояд ба «Луғатномаи Деҳхудо» таълифи Алиакбари Деҳхудо ишора кард, ки интишори нахустин давраи он дар соли 1335 ш. оғоз шуд ва чопи дуюми давраи ҷадид дар 15 ҷилд ва як ҷилди муқаддима дар таърихи 1377 зери назари донишгоҳи Теҳрон мунташир гардид. Ҳамчунин, аз фарҳангҳои ҷомеи якзабона метавон ба фарҳанги Муин (дар 6 ҷилд, соли 1342) ва фарҳанги бузурги сухан (дар 8 ҷилд, соли 1381) ишора намуд [7, с.36-43].

Фарҳангҳои дузабонаи гуногуне низ дар Эрон нашр шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба «Фарҳанги донишгоҳии англисӣ-форсӣ»-и Ориёнпур дар 5 ҷилд (1342-1344),

«Фарҳанги бузурги англисӣ-форсӣ»-и Ҳим дар 2 ҷилд (1354) ва «Фарҳанги муосири ҳазораи англисӣ-форсӣ» дар 2 ҷилд (1379) ишора кард.

Анъанаи фарҳангнигорӣ дар Ғарб дар миёни Юнониён оғоз шуд. Ҳарчанд то замоне ки забон дучори тағйироти зиёде нашуда буд, таъриф ва тафсири зиёде мавриди ниёз набуд. Собиқаи таҳияи феҳристҳои дузабона, ки маншаи эҷоди фарҳангҳои дузабона дар Ғарб гардид, ба аввалҳои асрҳои миёна бармегардад ва марбут ба навиштани тавзеҳи вожаҳои мушкил дар нусхаҳои хаттӣ аст. Нахустин вожаномаи дузабона, ки ба сурати чопӣ мунташир гардид, «Вожаномаи фаронсавӣ-англисӣ» буд, ки дар соли 1480 ва бидуни унвон барои истифодаи мусофирон дар Англия тавассути Вилям Кокстоун аз чоп баромад. Ихтирои чоп сабаби пайдоиши ҷунбуҷӯши фарогир дар фарҳангнигории забонҳои мухталиф шуд. Дар оғози қарни XVII нахустин вожанома ба сурати гурӯҳӣ таълиф шуд. Таълифи фарҳангҳои чандзабона низ асосан дар қарни XVII падид омад, ки рушди онҳо ғолибан аз тавсеаи тиҷорат ва ирсоли мубаллиғони мазҳабӣ ба атрофии ҷаҳон унвон мешуд. Аз муҳимтарин фарҳангҳои ин давра метавон ба китоби луғати «Роберт Ковдри» дар соли 1604 ишора кард. Анъанаи ғолиб дар фарҳангнигорӣ дар ин давра суннати нигориши «вожаҳои мушкил» дар фарҳангҳо буд, ки ин шева то як қарн идома ёфт. Дар қарни XVIII дар фарҳангнигорӣ самти ҷадиде падид омад ва ин амр бештар аз ёфтаҳои забоншиносии муқоисавӣ буд. Дар ин давра нигориши нахустин вожаномаҳои таърихӣ шурӯъ гардида, суннати фарҳангнигории «вожаҳои мушкил» матрук шуд. Фарҳангҳое бо калимаҳои бештар ва маонии равшан нигошта шуд, аз ҷумлаи онҳо «Фарҳанги Ҷон Кирсӣ» аст, ки дар соли 1702 мунташир шуд. Натанли Били фарҳангнависи машҳури англис, ки дар ҷамъоварии калимаҳо шеваи хоссе ихтироъ кард ва хусусиятҳои решашиносӣ, ҳиҷобандӣ ва ғайраро дар фарҳангнигорӣ ривоҷ дод, нахустин фарҳанги худро дар ин қарн (соли 1721) ба чоп расонид. Аммо машҳуртарин фарҳангнигори қарни XVIII Самуэл Ҷонсони англис аст, ки фарҳанги ҷомеи худро дар соли 1755 бо номи «Dictionary of English Language» («Фарҳанги забони англисӣ») дар ду ҷилд бо ҳудуди 50 000 калима нашр кард. Бузургии ин фарҳанг дар фарогири 118 000 шоҳид ва ривоятест, ки дар тавзеҳи вожаҳо зикр гардидааст.

Фарҳангнависи қарни XIX бо номи Нвом Вистер - фарҳангнависи америкоӣ - омезиш ёфтааст. Ӯ зарурати нигориши фарҳангеро бо вижагиҳо ва масоили забонии хосси кишвари худ эҳсос кард ва дар соли 1828 нахустин ҷилди ин фарҳангро бо теъдоди 75 000 вожа ба чоп расонд. Нимаи дуюми қарни XIX шоҳиди талоши азиме аз сӯйи фарҳангнигорони англис барои тадвини вожаномаи таърихӣ бо усули илмии фарҳангнигорӣ буд. Натиҷаи ин талош фарҳанге буд, ки нахустин бахши он дар соли 1882 зери чоп рафт. Ин фарҳанг дар соли 1933 дар 12 ҷилд бо унвони «Фарҳанги англисии Оксфорд» таҷдиди чоп шуд.

Аз фарҳангҳои муҳимми дигари америкоии қарни XIX метавон ба фарҳанги Вистер дар соли 1846 бо унвони «A Universal and Critical Dictionary of English Language» («*Фарҳанги шомил ва интиқодии забони англисӣ*») ишора кард. Дар поёни ин қарн, яъне солҳои 1889-1891 бо унвони «The Century Dictionary» («*Фарҳанги аср*») дар 24 бахш мунташир шуд. Чопи фарҳанги машҳури Лорус ҳам бо вижагии хос доштани тасвирҳо ва тавзеҳоти доиратулмаорифии ин қарн аз соли 1856 шурӯъ шуд [7, с.36-43; 8, с.354-356; 10: XVIII, 277-286]. Дар аввалҳои қарни XX ҳамчунон, ки «Фарҳанги Оксфорд» комил мешавад, нашри донишгоҳии Оксфорд «Фарҳанги фишурдаи Оксфорд»-ро дар соли 1907 чоп кард, ки борҳо таҷдиди чоп шуд. Фарҳангҳои қарни XX он қадар зиёд ва мухталиф ҳастанд, ки дар ин мавзӯъ ҷой намегирад, аммо ривоҷи тадвини фарҳангҳо дар миқёси мухталиф монанди кисагӣ ва ҳамчунин бар асоси мухотаб, монанди фарҳангҳои донишгоҳӣ, мактабӣ ва ё дар форматҳои мухталиф марбут ба ин давра аст. Дар таълифи фарҳангҳо илова бар вуҷуди андешаҳои куллӣ, монанди ҷомеият ва санадият усул ва қоидаҳо дар амал мавриди тавоҷҷуҳ қарор мегирад. Ҳортман 5 усули куллии забоншиносиро, ки ба таври хос шомили фарҳангнигорӣ нест, аммо ба он марбут аст, чунин арзёбӣ мекунад:

1. Фарҳангнигорӣ ба таърифу тавсифи вожаҳои як ё чанд забон мепардозад.
2. Воҳиди бунёдин дар тадвини фарҳанг "воҳиди вожгонӣ", яъне таркиби сурат ва маъност.
3. Фарҳангҳо ё тамоми вожагони як забон (ё чанд забон)-ро тавсиф мекунанд ё ба тавсифи як ё чандин ҷанбаи он машғул мешаванд.
4. Дар тадвини фарҳанг бояд фарозабонро барои таҷзия, таҳлил ва ироаи иттилоот ба кор гирифт.
5. Ангезаи таълифи тамоми фарҳангҳо ниёзҳои вожгонии истифодакунандае аст, ки фарҳанг дар хидмати ӯ қарор мегирад ва фарҳангҳо тибқи ҳамин ниёзҳо қазоват карда мешаванд [6, с.245-260].

Аммо бахше аз завобити амалии тадвини фарҳангҳо марбут ба сохтори калон, яъне формати дастёбӣ ба вожанома ба таври куллӣ аст. Низоми дастрас дар танзими калимаҳо

низоми алифбоӣ аст, ки ба унвони сохтори аслии дастёбӣ ба вожанома мавриди истифода қарор мегирад. Ҳарчанд шеваҳои дигари муназзам кардани вожаҳо, монанди танзим бар асоси мавзӯъ, таърих ва басомад ҳам вуҷуд дорад. Масоили марбут ба аҷзои муқаддамотӣ, монанди дебоча, роҳнамои истифодабар, ҳамчунин аҷзои мобайнӣ, монанди ҷадвалҳо, аксҳо ва аҷзои ниҳоӣ, монанди феҳристи номҳо, вазнҳо, андозаҳо, ихтисорот ва ғайра низ бахше аз сохтори калон аст. Сохтори хурд ба формати калима, чигунагии таҳия ва ироаи иттилооти як вожа ва муносиб будани сохтори баҳс дар як вожа барои нафъи корбар марбут мешавад. Фарҳангнависон дар танзими сохтори хурд ду гурӯҳи завобитро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд:

1. Қоидаи умумӣ. Ҳадаф аз ин, меъёрҳо ва қоидаҳое аст, ки маъмулан дар фарҳангнависии забонҳои мухталиф ба манзури таҳияи вожаномае истинод дорад ва интихоби сохтори муносиб барои ироаи иттилоот мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Ин равандҳо асосан иборатанд, аз: а) таъйини фарҳанг аз назари умумӣ ё тахассусӣ, ҳаҷми вожагоне, ки қарор аст дар фарҳанг ҷой дода шавад ва доманаи фарҳанг аз назари мизони иттилооте, ки зери ҳар калима меояд; б) калимаҳо ва калимаҳои калидӣ аз назари навъҳои вожаҳо, шакли калимаҳои калидӣ, шакли навишти вожаҳо, талаффуз ва вижагиҳои дастурӣ; в) равиши ироаи муодилҳо ва созмондиҳии таърифҳо, монанди чигунагии сатҳбандии муодилҳо бар асоси тафовути маъно, чигунагии ҷудо кардани муодилҳои номуносиб дар як ҳавзаи маъноӣ, чигунагии ғунҷонидани иттилооти решашиносӣ ва дастурӣ, чигунагии корбурди рамзҳо ва нишонаҳои ихтисорӣ барои нишон додани навъҳои иттилоот; г) чигунагии ғунҷонидани нигаришҳои ҷомеа дар фарҳангнигорӣ.

2. Қоидаи хос. Ҳадаф аз ин ҳолатҳое аст, ки ба моҳияти вижа ва шеваи сохтор ва рушди вожагон ва навъҳои вожаҳои воридотӣ ва ориятии як забони хос марбут мешавад. Ба унвони мисол, дар фарҳангнависии форсӣ лозим аст, то ҳадде ба масоили марбут ба ривоҷи вожаҳои арабӣ таваҷҷуҳ шавад ва ё дар англисӣ вуруди вожаҳо аз ҳамаи забонҳо ба он сабаб шуда, масоили марбут ба решашиносӣ, имло ва талаффузи вожаҳо дар фарҳангнигорӣ дорои аҳаммияти зиёде бошад [4, с.37-43; 6, с.36-43].

Таълиф ва таҳияи фарҳанг шомили фаъолиятҳои мухталифе аст, ки баъзе аз онҳо мустақиман боиси тавлиди вожанома шуда, баъзеи дигар ҷанбаи заминасозӣ ва омода кардани шароитро доранд. Фаъолиятҳои муқаддамотии нигориши фарҳанг ба баррасии бозор ва вижагиҳои он, тарроҳии сохтори куллӣ, омӯзиш ва бозомӯзии коркунон ва ғайра марбут мешавад, ки ғолибан ба иллати таваҷҷуҳи зиёд ба марҳилаҳои аслии сохти фарҳанг, яъне ҷамъоварии иттилоот, вероиш ва интишори ин фаъолиятҳои муқаддимавӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор намегирад.

Гирдоварии иттилоот шомили ҳама роҳбурдҳо ва санъатест, ки барои ҷамъоварии иттилооти лозим ҷиҳати тадвини фарҳанг ба кор рафта, шомили мавзӯоти зерин аст:

1. Таҳияи файлҳои истинодӣ.

2. Тадвини сохтор ё маҷмӯи матнҳо, ки ба василаи он метавон вижагиҳои корбурди як забон ё тафовутҳои забониро мустанад кард.

3. Нусхабардорӣ аз ҳамаи вожаномаҳо ва истифода аз таҳқиқоти соҳавӣ.

Албатта, имрӯз бо истифода аз компютер ва дастрасии сареъ ба матнҳои электронӣ кор босуръат анҷом мешавад. Истифода аз комютер ноширонро низ ба таҳияи ин навъи пойгоҳҳои иттилоотӣ пеш бурдааст, то онҳо тавонанд дар таълифи фарҳангҳо аз он истифода намоянд. Ин пойгоҳҳо ду хел мешаванд: а) пойгоҳҳои иттилоотии манобеи забон; б) пойгоҳҳои иттилоотии калимаҳо. Пойгоҳҳои иттилоотии манобеи забон ба унвони пойгоҳи мустанадсозии вожаҳои фарҳанг мавриди истифода қарор мегиранд ва дар шакли матлуб аз маҷмӯаи архивҳои матнӣ ва истинодии хос аз маҷмӯаи манобеъ мунташиршуда ташкил мешаванд. Пойгоҳҳои гурӯҳи дуюм, яъне пойгоҳҳои иттилооти калимаҳо шомили калимаҳои калидӣ, маъноӣ ва таърифҳо ва дигар категорияҳои иттилоотӣ чун талаффуз ва корбурди вожа аст. Муҳимтарин марҳилаи раванди фарҳангнигорӣ навиштан ва вероиши калимаҳо дар пойгоҳи иттилоотии калимаҳост. Фарҳангнигорон дар ин кор аз кумаки мушовирони ҳирфаӣ, ҳунарӣ ва гурӯҳҳои мушовара баҳра мебаранд ва метавонанд аз назарияҳои онҳо дар хусуси маънӣ ва корбурди вожаҳо, бахусус дар ҳавзаи тахассусӣ истифода кунанд. Қабл аз вероиши ниҳоӣ вероиши муқаддимавӣ дар асар анҷом меёбад. Дар ин марҳила дар мавриди сохтор ва формати фарҳанг тасмимоти хосса пазируфта мешавад, яъне оё маъноҳо бар асоси тартиби замонӣ мураттаб шавад, ё бар асоси басомади истифодаи маъниҳои нав. Веросторон метавонанд, бар асоси манобеи бузурги мавҷуд аз роҳи барномаҳои вожанамо қазовати корбаронро ҳам дар ҳавзаи тафовути маъно ва ҳам дар хусуси коркарди истифода бисанҷанд.

Марҳилаи ниҳоии раванди сохти вожаномаҳо таълиф, тақсим, харидор ва фурӯши фарҳангномаҳо мебошад. Рақобат байни муассисаҳои нашриётӣ барои нашр ва теъдоди фурӯши вожаномаҳо дар ҳамаи бозорҳои ҷаҳонӣ вуҷуд дорад, ки гоҳо танҳо бартарии ҳунарӣ ва ороишӣ дар ҷалби тиҷорати вожаномаҳо ба мушоҳида мерасад [11, с.7-14].

Зарурати ба расмият шинохта шудани фарҳангнигорӣ ба унвони як соҳаи илмӣ сабаби шаклгирии омӯзишҳои касбӣ дар чорчӯби барномаҳои донишгоҳӣ шудааст. Ҳар рӯз теъдоди бештари донишгоҳҳо дар посух ба ниёзи бозор ба ироаи даврахое перомуни қоидаҳои фарҳангнигорӣ умуман дар сатҳи коршиноси роҳнамо мепардозанд. Дар Африқо, Австралия, Чин ва Ҳиндустон барномаҳои тахассусӣ дар заминаи назария ва амали таълифи фарҳангҳо ва истифода аз онҳо ироа мешаванд. Вижагиҳои навоваронаи баъзе аз ин даврахо ин аст, ки донишҷӯ метавонад бо гузаронидани бахше аз даврои тахассусӣ худ дар маҳалли кор таҷрибаи мустақим касб намояд. Сарфасли ин барномаҳо гуногун аст, аммо эҳтимолан шомили ҷанбаҳои забоншиносӣ дар омӯзиш ва баррасии забонҳои хос, алалхусус таҳлили вожагон ва равишҳои таҳқиқ дар илмҳои иҷтимоӣ хоҳад буд. Ҳамаи ин ҷанбаҳо мумкин аст, мавзӯъҳое назири таърихи таҳаввул ва анъанаҳои фарҳангнигорӣ ва усули вероишу таҳияи онро фаро гирад. Нақши омили инсонӣ дар омӯзиш набояд сарфи назар карда шавад. Дар ҷаҳони имрӯз фарҳангнигор илова бар ниёз ба омӯзиши умумӣ бояд шахси бофаросат, ҷустуҷӯгар ва дақиқ буда, дар заминаи масоили вобаста ба забон истеъдоди фитрӣ дошта бошад, ки дар натиҷа омӯзишҳои тахассусӣ боиси шукуфо шудани ин вижагиҳо ва тарбияи мутахассисони фарҳангнигорӣ мешавад.

Фарҳангнигорони ҷаҳон дар шароити ҳозира дар доираи анҷуманҳо ва конфронсҳои тахассусӣ гирд омадаанд, то аз роҳи баргузории муназзами конфронсҳо дар сатҳи давлатӣ ва байналмилалӣ, ташкили семинарҳо, курсҳои омӯзишӣ ва интишори иттилооти илмӣ ба рушди фарҳангнигорӣ ба унвони соҳаи мустақил мусоидат намоянд. Аз ҷумлаи ин ташкилотҳо метавон ба "Анҷумани фарҳангнигорони Ҳинд" (1975), "Анҷумани фарҳангнигорони Амрикои Шимолӣ" (1975), "Анҷумани фарҳангнигорони Аврупо" (1983) ва амсоли инҳо ишора намуд [11, с.7-14].

Дар даврони муосир дигар вожаи "фарҳанг" танҳо маҷмӯе аз вожаҳои гирдомада ва мураттабгардида нест, балки он набардест аз ҳазорон нуктаи ошкору ниҳон дар мавриди маонӣ, сохт ва корбурди вожагони забон ва муаррифи онҳо аз ҷанбаҳои мухталиф ва ба шеваҳое мебошад, ки дар ҷомеа ва мавқеиятҳои мухталифи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва адабӣ ба кор меравад. Истифода аз фарҳанги вожаҳо имрӯз танҳо барои маъношиносӣ ба кор намеравад, балки барои шинохти манзуре, ки суханварони як забон аз корбурди вожае дар матн ё гуфтор доранд, низ мавриди истифода қарор мегирад. Бинобар ин, барои фарҳангнавис кофӣ нест, ки дар заминаи адабиёт, забоншиносӣ ва фалсафа коршинос бошад, балки бояд бо усул ва шеваҳои илмии фарҳангнависӣ низ ошноии кофӣ дошта бошад [7, с.16-18]. Ҳадафи фарҳангнависӣ тадвини фарҳанг ё вожанома аст, ки дар они воҳид мавзӯи фарҳангнигории назарӣ ва кори амалии фарҳангнигорӣ аст. Омилҳои мухталифе дар зарурати нигориши анвои фарҳангҳо муассир ҳастанд, аз ҷумла таърифи "вожаҳои мушкил", ки дар торихчаи фарҳангнигорӣ аз нахустин ангезаҳо будааст. Имрӯза низ ин амр яке аз истифодаҳои шинохта аз фарҳангҳо ва вожаномаҳои умумӣ аст ва баъзе вожаномаҳои тахассусӣ дар посух ба ин ниёз тадвин мешаванд. Омили дигаре ҳамчун талаққӣ ва идғоми фарҳангҳо, ки бештар шомили муҳоҷиратҳо, ҷангҳо, ҳокимияти бегонагон, фаъолияти мубаллиғони мазҳабӣ ва ғайра аст, ки дар асри ҳозир густариши робитаҳои ҷаҳонӣ ва тахассусӣ шудани илмҳо зарурати тадвини фарҳангҳои дузабона, чандзабона ва тахассусиро ҷудонопазир кардааст. Аз сӯйи дигар, падидаи адами қатъияти забонӣ, нопойдорӣ ва бесуботии хусусиятҳои маъноӣ ва корбурди луғатҳо ва ин воқеият, ки вожаҳои як забон ҳамзамон дархӯри таҳаввулоти замонӣ, маконӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳатто сиёсӣ мешаванд, ба гунае, ки на танҳо маъно, балки корбурди онҳо низ дучори таҳаввул мешавад, заруратеро барои бознигарии пайваста дар фарҳангҳо ва тадвини фарҳангҳои нав эҷод мекунад.

Аз соли 1970 ҷараёни фарҳангнигорӣ дучори таҳаввулот гардид, зеро ноширон саъй мекунанд, ниёзҳои фазояндаи асри забони огоҳиро посух бидиҳанд. Ба унвони мисол дар забони англисӣ вероишҳо ва заминаҳое барои фарҳангҳои шинохта ва машҳур падид омада, бештари ноширон ба таълифи ниҳонии фарҳангҳои умумӣ шурӯъ кардаанд. Ҳамчунин, тадвини вожаномаҳои тахассусӣ дар заминаҳои мухталиф ривоҷ ёфта, бори нахуст вожагони гуфторӣ роҳи худро ба фарҳангҳо боз кардааст. Соли 1980 дар фарҳангнигорӣ солест, ки дар он корбурди компютер сабаб шуд, то шеваю тавони фарҳангнигорӣ ба таври бунёдӣ тағйир ёбад. Дигар даврони кори ёддоштбардорӣ ва муназзам кардани барга (картотека)-ҳо ба сурати анъана поён ёфта, дар оянда иттилоот дар диск ва дар қолаби пойгоҳҳои азими иттилооти забонӣ хоҳад буд, ки ба таври муназзам рӯзмарра шуда, ба гунае ки метавон фарҳангҳои ҷадид дар андозаи дилхоҳ ва доманаи мавриди назарро дар муддати муайян таҳия намуд.

Акнун барномаҳои махсус дастрас аст, ки бо кумаки он метавон аз роҳи пурсишҳои вижа ба иттилооти мавриди ниёз даст ёфт. Батадриҷ дастрасӣ ба фарҳангҳои бузурги компютерӣ дар идораҳо ва манзилҳо падид меояд, ба гунае ки дигар зарур нест, ки барои ёфтани маънои як вожа ба фарҳанги болои ҷевон мурочиат кард [8, с.354-356]. Таҳаввулоти фарҳангнигории форсу тоҷик низ аз он чи дар ҷаҳон мегузарад, таъсир

пазируфтааст, вале фарҳангнигорони форсу тоҷик бо мушкилоти набудани ганҷинаи вожагон, вуҷуд надоштани назарияи умумии фарҳангнигорӣ, набудани дастури хатти меъёр ва вуҷуд надоштани манобеи ғании решашиносӣ рӯбарӯ ҳастанд, ки ҳамаи ин роҳнамои фарҳангнигор аст ва бо набуди онҳо фарҳангнигор гӯё дар фазои холӣ ҳаракат мекунад [3, с.11-15].

Хулласи калом, яке аз усулҳое, ки дар фарҳангнигории даврони муосир пешрафт кардааст, таваҷҷуҳ ба назари корбар аст. Корбарон бо далелҳои мухталиф аз фарҳангҳо истифода мекунанд. Аммо дар гузашта фарҳангнигорон бар замми саъй дар посух ба ниёзи гурӯҳҳои бузурги корбарон дар посух ба ниёзҳои алоҳидаи гурӯҳҳои хурд таваҷҷуҳи андак доштанд ва аз ин ҳақиқат ғофил буданд, ки корбарон бар асоси ниёзашон дар робита ба заминаи мавриди истифодаашон аз фарҳанг тафовут доранд. Дар даврони муосир барои шинохти вижагиҳои истифодакунандагон заминаҳои мухталифи истифода аз фарҳанг ва коркарди он дар шароити мухталифи истифода ва маҳоратҳои мавриди ниёзи пажӯҳишҳои корбар анҷом гирифтааст. Ёфтаҳои ин пажӯҳишҳо дар Академияҳои забонии мухталифи ҷаҳон иттилооти арзишманде барои ғунҷонидани назари корбар дар мафҳум ва тарҳи фарҳангҳо фароҳам месозад. Дар шароити кунунӣ шоҳиди афзоиши омӯзишҳо дар самти истифода аз фарҳангҳо дар қолаби афзудани даврае бо унвони "маҳоратҳои вожаномавӣ" дар сарфаслҳои дарсии мактабҳо ва ҳамчунин "омӯзишҳои маҳоратҳои вожаномавӣ" дар сарфаслҳои барномаҳои муаллим дар баъзе кишварҳо ҳастем, ки ҳама ифодагари ёфтаҳои пажӯҳишист.

А Д А Б И Ё Т

1. Исмонов К.Б. Андешаҳои забоншиносӣ дар нахустин фарҳангномаи арабӣ-«Китоб-ул-айн» / К.Б. Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе, 2020. - №3. – С.11-15.
2. **آذرنوش، آذرتاش. فرهنگ معاصر عربي – فارسي بر اساس فرهنگ عربي – انگليسي هانس ور. تهران: نشر ني، 1379.**
3. **انوري، حسن. فرهنگ بزرگ سخن. تهران: سخن، 1381.**
4. **حق‌شناس، علي‌محمد. سامعي، حسين؛ و انتخابي، نرگس. فرهنگ معاصر هزاره (انگليسي - فارسي). تهران: فرهنگ معاصر، 1379.**
5. **دايرة المعارف كتابداری و اطلاع‌رسانی، http://portal.nlai.ir/daka نوشته سيمين نيازی، فهرست مقولات ف // فرهنگ نگاري.**
6. **هارتمن، ر.ر.ك. مباني نظري و عملي تدوين فرهنگ. ترجمه حسن هاشمي ميناباد. فرهنگ. ص 245-260.**
7. **وثوقي، حسين. واژه‌شناسي و فرهنگ‌نگاري در زبان فارسي. تهران: مركز بازشناسي اسلام و ايران (باز)، 1382.**
8. Amvela, Etienneza. Lexicography and Lexixology. Encyclopedia of Language Teaching and Learning / Etienneza Amvela. - PP.354-356.
9. Dictionaries. The Cambridge Encyclopedia of Language. - PP.108-118.
10. Dictionaries. The New Encylopedia Brittanica. - Vol.18. - PP.277-286.
11. Hartman, R.R.K. Dictionary of Lexicography / R.R.K. Hartman, James Gregory. - London: Routleage, 1998.

АҲАМИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ФАРҲАНГНИГОРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ВА ФОРСУ ТОҶИК

Фарҳангнигорӣ, дарвоқеъ як равиши хоссаи илмӣ аст, ки барои таҳия ва танзими фарҳанги вожаҳо мавриди истифода қарор мегирад. Фарҳанги вожаҳо худ китобест, ки вожагони як забонро ҳамроҳ бо маънии онҳо ба сурати алифбоӣ тадқим месозад ва дар баробари онҳо иттилооти мавриди ниёзи вожагон, муштаракоти маъноӣ ва созгориро афзун менамояд. Фарҳангнависӣ яке аз шохаҳои корбурди вобаста ба забоншиносӣ аст, ки илова бар маҳорат ва истеъдод ба дастовардҳои забоншиносӣ ҳам ниёзманд аст. Фарҳангнависӣ дар тӯли замон ба воситаву имконоти мавҷуд дар ҷомеа вобаста буда, таҳаввулоти гуногунеро сипарӣ намудааст. Дар бештари анъанаҳои фарҳангнависӣ, аз ҷумла дар миёни арабҳо, форсҳо вуҷуд доранд. Тадвини фарҳанг асосан фаъолияти амалӣ аст, ки дар робита ба андозаи таваҷҷуҳи башар таърихи қадима дорад. Ба назар мерасад, ки нахустин талошҳо оид ба таҳияи вожагон феҳристи кӯтоҳ аз вожаҳои аккадӣ дар сарзамини Байнаннаҳрайн мебошад, ки марбут ба қарни VII пеш аз мелод аст. Чиниҳо, юнониҳо ва ошӯриҳо низ пешгомони таълифи фарҳангномаҳо ҳастанд ва гумон меравад, ки онҳо қарнҳо пеш аз мелод бо фарҳанги вожаҳо ошноӣ доштаанд. Арабҳо дар кори таълифи вожанома пешгомтар аз аврупоиҳо ҳастанд, зеро нахустин фарҳанги забони арабӣ дар қарни VIII мелодӣ таълиф шудааст, дар ҳоле ки аввалин фарҳанги луғавӣ дар Аврупо дар қарни XVII ба риштаи таҳрир даромад. Қадимтарин фарҳанги мавҷуди забони форсӣ луғатномаи Асадии Тӯсӣ марбут ба қарни V ҳичрӣ аст. Аз қарни VIII ҳичрӣ инҷониб фарҳангҳои форсии мухталифе таълиф гардиданд, ки танҳо ба зикри баъзе аз онҳо ба таҳқиқи худ хотима мебахшем: «Сиҳоҳ-ул-фурс», «Маҷмаъ-ул-фурс», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони Қотеъ», «Фарҳанги Нафисӣ» ва аз шомилтарин фарҳангҳои форсӣ метавон ба «Луғатномаи Деҳхудо» таълифи Алиакбари Деҳхудо низ ишора намуд.

Калидвожаҳо: фарҳангнигорӣ, калима, фарҳангнавис, забоншиносӣ, вожашиносии амалӣ, вожаҳои муродиф, вожаҳои якнавохт, забоншиносии иҷтимоӣ, овошиносӣ, усули фарҳангнависӣ.

ЗНАЧЕНИЕ И НЕОБХОДИМОСТЬ ЛЕКСИКОГРАФИИ В АРАБСКОМ И ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

Лексикография, по сути, является уникальным научным подходом, который используется для развития и регулирования словарных слов. Сам словарь представляет собой книгу, которая представляет слова языка вместе с их значениями в алфавитном порядке, и в то же время предоставляет информацию о потребностях слов, семантических общностей и согласованности. Словарная письменность является одной из ветвей лингвистики, которая, помимо навыков и талантов, также требует лингвистических достижений. За прошедшие годы Словарная письменность претерпела различные изменения в зависимости от средств и возможностей, имеющихся в обществе. Существует много словарных традиций, в том числе среди арабов, персов. Развитие лексикографии – это в основном практическая деятельность, которая имеет давнюю историю с точки зрения степени человеческого интереса. Похоже, что первые попытки разработать словари предоставляют собой краткий список аккадских слов в земле Месопотамии, начиная с седьмого века до нашей эры. Китайцы, греки и ассирийцы также были вовлечены в написание словарей и считается, что они были знакомы с культурой слов за столетия до нашей эры. Арабы

являются европейцами в составлении словаря, так как первый арабский словарь был написан в восьмом веке нашей эры, а первая лексическая культура в Европе возникла в семнадцатом веке. Самый древний из существующих персидских словарей – это словарь Асади Туси, датируемый пятым веком нашей эры. С восьмого века хиджры были написаны различные персидские словари, некоторыми из которых мы закончим наше изучение: “Сахех–ул–фурс”, “Маджмаъ–ул–фурс”, “Фарханги Джахонгири”, “Бурхони котеъ”, “Фарханги Нафиси” и один из наиболее распространённых персидских словарей можно назвать “Словарь Деххудо” Алиакбара Деххудо.

Ключевые слова: лексикография, слово, лексикограф, лингвистика, практическая лексикография, синонимы, односложные слова, социальная лингвистика, фонетика, методы лексикографии.

THE IMPORTANCE AND NEED OF LEXICOGRAPHY IN ARABIC-TAJIK LINGUISTIC

Lexicography is one of the special scientific methods which is used in preparing the dictionary of terms. The dictionary of terms is the book which presents the terms of a language with their meaning and adds necessary information, with related meanings to it. Lexicography is a part of linguistic which requires talent and linguistic experience. Lexicography depends on the progress of society and during a long time it gained different shapes and improvements. Preparing dictionaries is mainly a practical work which has an ancient history. It seems the first attempts of writing dictionaries were akkadi dictionaries in Mesopotamia which belongs to VII BC. Chinese, Greeks, Ashurs, are the initiators of lexicography too. It seems they knew the methods of lexicography some centuries BC. Arabs are one step ahead in writing dictionaries than European because the first Arabic dictionary was written in 8th century. The ancient dictionary of Persian language is the book of Asadii Tusi which belongs to 5th century of hijrah. Later in 8th century many other dictionaries appeared such as: “Sihoh ul-furs”, “Majma’ ul-Furs”, “Farhangi jahongiri” “Burhoni Qote’” “Farhangi Nafisi”. And can mention “Lughatnomai Dehkhudo” by Aliakbari Dehkhudo as one of the popular Persian dictionaries.

Key words: Lexicography, word, lexicographer, linguistic, practical terminology, synonyms , monotonic terms, social linguistic, phonetic, method of lexicography.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Солиҳов Наҷмиддин Ҳамдамович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **najmiddin83@bk.ru.** Тел.: **(+992) 93-527-84-28**

Сведения об авторе: ***Солихов Наджмидин Хамдамович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **najmiddin83@bk.ru.** Тел.: **(+992) 93-527-84-28**

Information about the author: ***Solihov Najmiddin Hamdamovich*** **–** Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **najmiddin83@bk.ru.** Тел.: **(+992) 93-527-84-28**

УДК: 891.550-8:892.7.09

ТАҲАВВУЛИ МАЪНОИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР “ЁДДОШТҲО”-И С. АЙНӢ

Саломов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иқтибосгузинӣ як падидаи роиҷ дар байни забонҳо маҳсуб шуда, ҳамчаворӣ, робитаҳои тиҷорӣ, фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ, кишваркушоӣ ва, умуман, ҳама гуна бархӯрду равобит метавонад сабаби ворид гардидани вожаҳо ва ё унсурҳои як забон ба забони дигар гардад. Далели раднашавандаи ин падидаро мо метавонем миёни забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ мушоҳида намоем, ки дар ростои иқтибосгузинӣ робитаи ногусастанӣ дошта, ҳар пажӯҳандаро мабҳут менамояд [3, с.46]. Доир ба ҷанбаҳои гуногуни иқтибосоти арабӣ дар забоншиносии ватаниву хориҷӣ пажӯҳишҳои арзишманд анҷом пазируфтааст. Вале таҳаввулоти маъноии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ мавриди пажӯҳиши ҷомеъ қарор нагирифтааст. Дар мақола саъй карда мешавад, то дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ таҳаввулоти маъноии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шуда, қонуниятҳои забонии онҳо берун кашида шавад. Воқеияти таърихӣ аст, ки забони арабӣ дар рушду камоли ҷузъу кулли забони тоҷикӣ мақоме дорад, ки таҳқиқи он назарияву амалияи забоншиносии моро боз ҳам пуразриш менамояд [2, с.5]. Иқтибосоти арабие, ки дар тӯли таърихи зиёда аз 1200 - солаи забони форсии тоҷикӣ ба фонди луғавии он дохил гардида, ба он ғановат бахшидаанд, табиист, ки дучори тағйироти фонетикӣ, морфологӣ ва семантикӣ гардида, ба қонуниятҳои забони тоҷикӣ мутобиқат пайдо намудаанд. «Ҳамаи шаклҳои иқтибосёфта ба қонуну қоидаҳои грамматикии забони тоҷикӣ тобеъ шуданд ва дар баробари ин, маъно ва категорияи баъзе аз онҳо тағйир ёфтан гирифт» [5, с.178].

Тағйири маъноӣ замоне рух медиҳад, ки вожае, ки замоне ба мафҳум ё эҳсоси хос вобаста буд, дигар иртиботи худ бо онро аз даст бидиҳад. Ин воҳид мумкин аст, ки куллан маънои худро аз даст бидиҳад ё ин ки эҳсоси ҷадидеро муҷиб шавад [9, с.56]. Такя ба ин қонуният як бахши умдаи иқтибосоти арабӣ баъди ворид шудан ба забони тоҷикӣ маъниҳои иловагӣ касб кардаанд ва ё маънои худро пурра тағйир додаанд, мисли раҳмат, қасд, барқ, таҳсил, мулоим, қоил, тақаллуб, суҳбат, касофат, маслух, ифлос, маҷлис ва ғайра. Ба таъбири дигар, вожа дар таърихи зиндагии ҷомеа ҳамеша бори маъноии

[semantic load] мушаххасеро ба дӯш намекашад, балки ҳаммонанди зарфест, ки дар масири таҳаввули ҷомеа пайваста муҳтавои он тағйир мекунад ё ба маънои он афзуда мешавад [13, с.306]. Гузашта аз ин, сермаъноии иқтибос дар забони иқтибосгиранда далели равшани он аст, ки калимаи иқтибосӣ роҳи дуру дарози таърихӣ аз лаҳзаи дохилшавӣ ба ҳайати забони нав то собиту устувор дар он ҷо гардидан ва дар баробари калимаҳои асили забони иқтибосгиранда мавриди истифода қарор гирифтанро тай кардааст. Аз баррасии иқтибосоти арабӣ ба забони форсии тоҷикӣ маълум мешавад, ки онҳо бо ду роҳ ворид гардидаанд: 1) шифоҳӣ, яъне аз роҳи бархӯрди бевосита бо мардуми арабзабон; 2) хаттӣ, яъне аз роҳи дин, тарҷумаи осори адабӣ ва илмию фалсафӣ. Таҳлили таҳаввулоти вожаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки иқтибосоте, ки аз роҳи шифоҳӣ вориди забони форсии тоҷикӣ гардидаанд, бештар ба тағйироти сохторию маъноӣ дучор шудаанд. Таҳқиқи семантикии иқтибосоти арабӣ дар “Ёддоштҳо” нишон дод, ки онҳоро аз назари маъно ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардан ба мақсад мувофиқ аст:

1) Иқтибосоти арабие, ки дар забони тоҷикӣ дучори таҳаввули маъноӣ нагардидаанд. Шумораи ин гуна вожаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ хеле зиёд аст.

Ба ақидаи бархе аз донишмандон сабаби ворид шудани ин иқтибосот ба забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, дар набудани он мафҳумҳо дар ин забон мебошад, вале дар бархе маврид вуҷуди муодили форсии тоҷикии онҳо низ монеи чунин вуруд нагаштааст. Хусусан, «аз қарни аввал то қарни панҷум ба далели осори наср ва назме, ки дар даст аст, танҳо луғоте, ки форсӣ надошта ва луғоти идории арабӣ ва баъзе мутародифот, ки дар нигориш ба кор меомада ё ба дарди қавофии шеър мехӯрда ва ё луғоти кӯтоҳ ва фасеҳи арабӣ, ки дар баробари он луғоти дароз ва ғайри фасеҳи форсӣ будааст, дохили адабиёти форсӣ шуд» [10, с.297].

Дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ калимаҳои иқтибосии *одам, ризқ, саҳифа, либос, сулҳ, талаб, тартиб, байт, вақт, ватан, ҳалол, ҳаром, давлат, илм, амир ва ғазал* намунаи иқтибосоти арабиест, ки дар забони тоҷикӣ дучори таҳаввулоти маъноӣ нагардида, далолат ба мафҳуме мекунанд, ки дар забони арабӣ доранд.

2) Иқтибосоти арабие, ки маънои семантикии худро дар забони тоҷикӣ васеъ кардаанд, бад-ин маъно, ки чизе аз маънои пешини худ накоста, балки бар он мафҳуме ҷадидтар афзудааст [11, с.99]. Миқдори иқтибосоти арабие, ки дар забони форсии тоҷикӣ маънои худро васеъ намудаанд, дар муқоиса ба дигар иқтибосот камтар мебошад.

Падидаи сермаъно гардидани иқтибосот дар забони иқтибосгиранда нишондиҳандаи дараҷаи баланди азхудшавӣ ва мутобиқат дар забони иқтибосгиранда мебошад [4, с.33-37], чаро ки маҳз дар натиҷаи аз даст додани баъзе вижагиҳо [-и зоҳирӣ]-и фарқкунандаи худ, калима имкон пайдо мекунад, то маънои худро васеъ созад [8, с.245].

Намунаи иқтибосоти арабие, ки дар забони тоҷикӣ маънои худро васеъ кардаанд, дар мисоли «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ аз ин қарор аст: Калимаи ***«маҷнун»*** дар забони арабӣ исми мафъул буда, ба *маънои «девона», «ошуфта» ва «бехирад»* меояд. Дар забони тоҷикӣ маънои худро васеъ намуда, дар баробари маъноҳои мазкур ба маънои *«ошиқ»* низ истифода мегардад.

Калимаи ***«зикр»*** дар арабӣ масдар буда, маънои *«ёд кардан», «ёддошт», «ситоиш»* ва ғайраро ифода мекунад, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ илова бар маъноҳои баёншуда, инчунин, ба маънои *«тасбеҳ» ва «бозгӯӣ номҳо ва сифоти Худо»* меояд: *Дар айни замон инҳо, вақте ки ман зикр гӯям, вазифаи тасбеҳиро ба ҷо меоранд,*…..[1, с.328].

Калимаи ***«манзур»*** дар забони арабӣ исми мафъул буда, ба маънои *«дидашуда», «намоён», «чашмандоз»* ва ғайра аст, дар забони тоҷикӣ маънои иловагии *«ҳадаф», «пешниҳод»*-ро касб намудааст: *– Қатъи назар аз ҳамаи инҳо Айнӣ он касе нест, ки шеъри ӯ дар қатори шоирони замон манзури мо гардад.*

Калимаи ***«раҳмат»*** дар арабӣ масдар буда, ба маънои ***«****меҳрубонӣ кардан», «дилсӯзӣ», «бахшидан»* ва ғайра меояд. Дар забони тоҷикӣ бошад, инчунин ба маънои ***«****сипос»* низ истифода мешавад: – Бар падаратон раҳмат! – гуфт [1, с.379].

Калимаи ***«таҷовуз»*** дар арабӣ масдар буда, ба маънои *«гузаштан», «зиёдаравӣ», «аз андоза беруншавӣ»* ва ғайра меояд. Дар забони тоҷикӣ илова бар маъноҳои зикршуда, инчунин, маънои *«дастдарозӣ кардан ба номуси касе»*-ро низ баён мекунад: *Дар он вақт, албатта, арбоб ин ҳолати имомро нисбат ба худ ва духтари худ таҷовузи ҷиноятқорона шумурда...* [1, с.358].

Калимаи ***«таҳорат»*** дар забони арабӣ масдар буда, ба маънои *«покӣ», «покизагӣ», «покдоманӣ»* меояд. Дар забони тоҷикӣ ба маънои *«вузӯ»* низ истифода мешавад: *Аммо ӯ нисбат ба синнаш боқувват буд, рӯзе як-ду бор ба рӯйи ҳавлӣ мебаромад, таҳорат мекард* [1, с.41].

Калимаи ***«қавл»*** дар забони арабӣ масдар буда, ба маънои «*гуфтан», «сухан», «гуфтор»* меояд. Дар забони тоҷикӣ дар баробари ин маъниҳо, инчунин, ба маънои *«аҳду паймон»* низ меояд: *Акаам қавл дод, ки минбаъд ба хонаи қозиҳо наравад* [1, с.94].

3) Иқтибосоти арабие, ки маъноҳои семантикии худро дар забони тоҷикӣ танг кардаанд, бад-ин гуна ки бахше аз мафҳуми умумии худро аз даст дода, ба маънои хостар далолат мекунанд ва ба истилоҳ дучори тангшавии маъноӣ ё худ тахсиси маъноӣ гардидаанд. «Тангшавии маънои калима дар забон, ки онро Иброҳим Анис тахсиси маъноӣ мегӯяд, бар акси васеъшавии маънои калима буда, ҳангоме рух медиҳад, ки хусусиятҳои фарқкунандаи калима бештар гардад» [8, с.246].

Намунаи иқтибосоти арабие, ки дар забони тоҷикӣ маънои семантикии худро танг намудаанд, дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ чунин аст: Калимаи ***«рӯҳонӣ»*** дар забони арабӣ ба маънои *«фарди маънавигаро», «мансуб ба рӯҳ»* аст, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ ба маънои *«олими динӣ», «диндор»* меояд: *Рӯҳониён барои пешаварони ҳар пеша қоидаю қонуне навишта, номи онро «Рисола» мондаанд* [1, с.388].

Калимаи ***«қорӣ»*** дар забони арабӣ исми фоъил буда, ба маънои *«хонанда», «азбаркунанда»* аст, дар забони тоҷикӣ доираи маъноии худро танг намуда, бештар ба маънои *«хонандаи Қуръон» ва «ҳофизи Қуръон»* меояд: *Падари Аҳмад-махдум ӯро ба мактаби гузараш дода, ният доштааст, ки ба ӯ Қуръонро ҳифз кунонда, қорӣ кунад* [1, с.283].

Калимаи **«баҳс»** дар забони арабӣ масдар буда, ба маънои *«баррасӣ», «пажӯҳиш», «ковиш»* меояд. Дар забони тоҷикӣ маънои худро танг намуда, ба маънои *«мубоҳиса», «гуфтугузори таҳқиқомез дар атрофи чизе»* меояд: *дар байни худ гуфтугузор ва баҳсу ҷавобҳо карда рӯзҳои бисёреро гузаронидаанд*… [1, с.507].

Калимаи «*ваъз*» дар забони арабӣ ба маънои «насиҳат, панд гуфтан» аст. Дар забони тоҷикӣ дучори тахсисӣ маъноӣ гардида, ба маънои «насиҳати динӣ» меояд: *Мавзӯи ваъзу насиҳати шайх «васвасаи шайтонӣ» буд* [1, с.590].

4) Иқтибосоти арабие, ки дар забони тоҷикӣ маънои нав касб намуда, аз маънои аслии худ дур шудаанд. Бархе иқтибосот дар забони тоҷикӣ ба гунае дучори таҳаввули маъноӣ гардидаанд, бад-ин маъно, ки маънои семантикии онҳо аз маъноияшон дар забони арабӣ фосила гирифтааст.

Ба ибораи дигар, ин иқтибосот дар забони тоҷикӣ дучори инҳирофи маъноӣ гардида, бори маъноии комилан навро ба дӯш гирифта, «дар маънои комилан мутафовит ва мухталиф аз маънои аввалияш дар арабӣ ба кор гирифта шудааст» [11, с.97].

Намунаи иқтибосоте, ки дар забони тоҷикӣ дучори таҳаввули маъноӣ гардидаанд, дар мисоли *"Ёддоштҳо"* аз ин қарор мебошад: Калимаи ***"мулоим"****,* ки маънои аслии он дар забони арабӣ *"созгор, мувофиқ, дархӯр* ва *муносиб"* мебошад, дар забони тоҷикӣ маънои изофии *"нарм"*-ро касб кардааст: *"Ман дастони мулоими ӯро нарм-нармак мемолидам"* [1, с.246].

Калимаи ***"қоил"*** дар забони арабӣ исми фоъил [сифати феълии тарзи фоъилӣ] буда, ба маънои "*гӯянда*" меояд, дар ҳоле дар забони тоҷикӣ ба маънои *"эътироф кардан"*, *"иқрор шудан"*, *"пазируфтан"* ва ҳатто изҳори *"тааҷҷуб"* ва *"шигифтӣ"* аз чизе меояд: *"… Акаҳоят ҳунари туро дида қоил мешаванд"* [1, с.12].

Калимаи ***"маҷлис"*** чун исми замону макон дар забони арабӣ ба маънои *"ҷойи нишаст"* ва *"вақти нишаст"* меояд, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ ба маънои *"анҷуман"* ва *"ҷаласа"* меояд: *"Ин маҷлис, то соати дуи баъди ними шаб дароз кашид"* [1, с.266].

Калимаи ***"суҳбат"*** дар забони арабӣ ба маънии *"ҳамроҳӣ"*, *"бо касе будан"* меояд, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ маънои изофии *"бо якдигар гуфтугӯ ва суҳбат"* карданро касб кардааст: *"Ман дар натиҷаи ин суҳбат донистам, ки дар замони мо ҳам шоир шудан мумкин будааст"* [1, с.72].

Калимаи ***"ҳавсала"*** аслан ба маънои *"меъдаи паранда"* аст, дар ҳоле дар забони тоҷикӣ ба маънои *"хоҳиш", "рағбат", "тобу тавон"* меояд: *"Ман имшаб ба ҳикоягӯи ҳавсала надорам"* [1, с.34].

Калимаи тааҷҷубии ***"ҳайф"*** дар забони арабӣ ба маънои *"зулм", "ҷабру ситам"* аст, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ ба маънои *"дареғ ва афсӯс"* меояд: *"… ҳайф, ки имрӯз дар бозор харидор нест"* [1, с.212].

Калимаи ***"оид"*** дар арабӣ ба маънои *"бозгарданда" "бозоянда"* омада, дар тоҷикӣ маънои модалии иловагии *"дар бораи…", "вобаста ба…"*- ро касб кардааст: *"Ҳошияи Қутбӣ" шарҳи "Шамсия" аст, ки ба илми мантиқ оид аст"* [1, с.139].

Дар ин ҷода калимаҳои иқтибосии зиёдеро аз матни *"Ёддоштҳо"* мисли: ***"касофат"***- дар арабӣ ба маънои *"зичӣ", "ҷафсӣ"* ва *"анбуҳӣ"* буда, дар тоҷикӣ ба маънои *"чиркинӣ"*ва *"палидӣ"* омадааст; ***"тақсир"***- дар арабӣ *"кӯтоҳӣ"*, *"танбалӣ", "сустӣ"*, дар тоҷикӣ - *"эҳтиром ва арҷ"* нисбат ба аҳли рӯҳоният; ***"таъна"*** дар арабӣ - *"як бор задан"* бо корд ва ё бо найза, дар тоҷикӣ ба маънои "*сарзаниш, мазаммат, маломат";* "***гайрат***" дар арабӣ ба маънои *"рашк"* дар тоҷикӣ - *"ҷидду ҷаҳд"*, *"кӯшиш"* дучор омадан мумкин аст.

Калимаи ***"маслух"*** дар арабӣ ба маънои *"пӯстканда"* дар тоҷикӣ - "лоғар" меояд: *"Ӯ як хари маслухро пеш андохта меомад, …"* [1, с.211]; ***"мумсик"*** дар арабӣ ба маънои *"қапанда"*, "доштаистода" дар тоҷикӣ - "хасис", "камдаст" меояд; ***"мадҳуш"*** дар арабӣ

«*саргашта, саргардон, мутаҳайир»* дар тоҷикӣ - *“аз ҳуш рафтан*”; *“**ифлос**”* дар арабӣ - *“варшикастагӣ” [банкрот], “тангдастӣ”* ва *“бенавоӣ”*, дар тоҷикӣ ба маънои *“чиркинӣ”, “палидӣ”* меояд: *“Хандақ аз хун ва ифлосӣ қариб пур шудааст”* [1, с.203]; *”**раъно**”* дар арабӣ - *“худбин, худоро, нодон”* дар тоҷикӣ - *“хушандом”, “хушқаду қомат”; “**нақл**”* дар арабӣ - *“ҷойивазкунӣ”, “тағйири макон”* дар тоҷикӣ *“ҳикоя, ривоят кардан”; “**анъана**”* дар арабӣ - *“*ривоят, ҳикоя, хурофот ва таассуб” дар тоҷикӣ - *“урфу одат”*; *“**атвор**”* дар арабӣ - *“андоза, ҳад; давр, вазъ”* дар тоҷикӣ *“роҳу равиш”*: *“Албатта, рангу рӯйи онҳо ва феълу атворашон оддӣ набуд”* [1, с.217]; *“**маърака**”* дар арабӣ - *“задухӯрд”, “набард”, “корзор”* дар тоҷикӣ - *“чорабинӣ”*, *“ҷашн”, “меҳмонӣ”*: *“Баъд аз тамом шудани маъракаи маддоҳӣ ду маддоҳбача бо як пешхон дар он чойхона пайдо шуданд”* [1, с.82]; *“**ҳурмат**”* дар арабӣ - *“манъ будан, мамнӯият”* дар тоҷикӣ - *“эҳтиром, арҷ”*, “***насия***”- дар арабӣ ба маънои фаромӯш кардан, дар тоҷикӣ чизеро ба орият додан; “***қабат**”* дар арабӣ дар ин шакл нест, вале дар тоҷикӣ ба маънои *ошёна ё бахши* болои чизе меояд, “***истиқомат***” дар арабӣ – *“*ростӣ, дурустӣ*“*, дар тоҷикӣ бошад ба маънои *“*зиндагӣ кардан*“* ва ғайра.

Илова ба ин ҳама, дар забони тоҷикӣ аз баъзе иқтибосоти арабӣ ва мувофиқ ба қавоиди дастурӣ ва авзони арабӣ калимаҳое сохта шудааст, ки дар забони арабӣ корбурд надоранд. Масалан, дар забони тоҷикӣ калимаҳои зерин: *муваффақият, моликият, тамомият, ҷиддият, ҳокимият, маҷбурият ва машғулият* сохта шудааст, ки аз нигоҳи сохтор баробар бо масдарҳои синоӣ [исмҳои аломат] – и арабӣ мебошад. Инчунин, дар натиҷаи қиёси нодуруст дар забони тоҷикӣ баъзе иқтибосот бар вазнҳое ҳамл шудаанд, ки дар забони арабӣ бо он вазнҳо ба кор нарафтаанд: *назорат, ақаллан, фалокат, асабонӣ, кофирӣ, муҳлатӣ, баёния, нашрия, ҳифозат, аксаран* ва ғайра.

Дар баробари ин, дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ таркиби арабие вуҷуд доранд, ки хосси забони тоҷикӣ мебошанд ва дар забони арабӣ вуҷуд надоранд: *ғарибмазор, дарсфаҳмӣ, собитқадам, софқалб, масҷидшакл, шеърфаҳм, рамузфаҳм, савобталабӣ, соҳибнуфуз, тарҷимаиҳолӣ, хотирҷамъ, шарикдарс, ҳозирҷавоб, соҳибдавлат* ва ғайра. Ин таркиботро метавон аз ихтирооти забони тоҷикӣ ном бурд, чаро ки онҳо танҳо аз назари асл ва реша метавонанд арабӣ бошанд, вале дар корбурди маъноӣ онҳо ба забони тоҷикӣ хоссанд.

Аз таҳқиқи боло чунин натиҷагирӣ метавон кард:

1) Иқтибосоте, ки аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ дар тӯли зиёда аз 1200 сол ворид гардидаанд, бархе аз роҳи осори хаттии бадеӣ ва илмӣ ва бархе дигар тариқи шифоҳӣ ворид гардидаанд.

2) Иқтибосоти воридгардида бо он ки шакли сирф арабии худро нигоҳ доштаанд, бо таъсири забони тоҷикӣ ба тағйироти фонетикӣ, грамматикӣ ва маъноӣ дучор гардида, бо ин восита фонди луғавии забони тоҷикиро бойтар гардонидаанд.

3) Таҳлили лингвистии иқтибосот нишон дод, ки иқтибосоти арабӣ ба қонуниятҳои дастурии забони тоҷикӣ мутобиқ гардида, дар калимасозии он дар таркибҳои омехта фаъолона иштирок карда, қудрати сухан ва истилоҳофаринии онро бештар ва нерумандтар сохтаанд.

4) Таҳқиқи тағйироти маъноии иқтибосоти арабӣ нишон дод, ки забон чун падидаи иҷтимоӣ ва василаи муошират байни инсонҳо бо тағйири вазъу шароит ва омилҳои дигари иҷтимоӣ дар як ҷо шах нашуда, бо тақозои замон ва равандҳои иҷтимоии ҷомеа маъниҳои нав ба худ касб менамояд.

5) Таҳқиқи семантикии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ нишон дод, ки аз назари таҳаввули маъноӣ онҳо ба чор гурӯҳ тақсим шудаанд, ки иборатанд аз иқтибосоти арабие, ки маънои худро дар забони тоҷикӣ тағйир надодаанд; иқтибосоти арабие, ки маънои худро дар забони тоҷикӣ васеъ намудаанд; иқтибосоти арабие, ки дар забони тоҷикӣ маънои худро танг кардаанд ва иқтибосоти арабие, ки дар забони тоҷикӣ маънои худро пурра иваз намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [чаҳор қисм] / С.Айнӣ. - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. - 680 с.
2. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. Калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ / Т.Бердиева. – Душанбе, 1991. – 128 с.
3. Исмонов К. Мафъули мутлақ дар осори забоншиносони арабу аҷам ва мушкилоти тарҷумаи он дар забони тоҷикӣ / К.Исмонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. - №1 [84]. – С.46-49.
4. Крисын Л.П. Иноязычные слова в современном русском языке / Л.П. Крисын. – М.: Наука, 1968. - 208 с.
5. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Адиб, 2005. – 294 с.
6. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ / С.Сулаймонӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2005. - 1046 с.
7. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ тоҷикӣ / С.Сулаймонӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 2005. – 1202 с.
8. أحمد مختار عمر. علم الدلالة. – القاهرة، 2005. -297 ص.
9. ادریس امینی، شهریار نیازی . ماهیت و پیامدهای تحول معنایی واژگان عربی در زبان فارسی . جستارهای زبانی، دوره ششم، خرداد و تیر 1394 شماره 2، ص. 53-76 .
10. بهار: محمّد تقی بهار. سبك شناسي يا تاريخ تطور نثر فارسي. جلد 1. – تهران، 1375.

11. حیات عامری. واموازه های عربی در فارسی، بررسی تحولات آوایی و معنای . فصلنامه مطالعات تطبیقی فارسی – عربی. سال 1، شماره 2، 1395. ص. 87-104.
12. عمید: حسن عمید. فرهنگ عمید . – تهران، 1379. – 1254 ص.
13. مهری باقری. مقدمات زبانشناسی. – تبریز،1371ه.- 365 ص.

ТАҲАВВУЛИ МАЪНОИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР “ЁДДОШТҲО”-И С. АЙНӢ

Мақола ба шарҳу тавзеҳи иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ ва тағйироту дигаргуниҳои онҳо дар ин забон бахшида шудааст. Ба таъкиди муаллифи мақола, аслан, аз як забон ба забони дигар маҳз калимаҳое вом гирифта мешаванд, ки барои он забон наванд ва ниёзи иқтибосгузинии онҳо вуҷуд дорад. Вале иқтибосгузинии забони тоҷикӣ аз забони арабӣ ба ин қонуният маҳдуд нагашта, боз калимаҳое вом гирифта шудаанд, ки дар забони тоҷикӣ муодили пурраи худро доранд. Аз таҳлили дар мақола анҷомшуда бармеояд, ки тақдири вомвожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ якранг набудааст. Чунончи таҳқиқи семантикии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ нишон дод, ки аз назари таҳаввули маъноӣ онҳо ба чор гурӯҳ тақсим шудаанд, ки иборатанд аз иқтибосоти арабие, ки маънои худро дар забони тоҷикӣ тағйир надодаанд; иқтибосоти арабие, ки маънои худро дар забони тоҷикӣ васеъ намудаанд; иқтибосоти арабие, ки дар забони тоҷикӣ маънои худро танг кардаанд ва иқтибосоти арабие, ки дар забони тоҷикӣ маънои худро пурра иваз намудаанд. Дар мақола боз ишора ба он таркибҳое шудааст, ки дар забони тоҷикӣ бо истифода аз калимоту қоидаҳои дастурии забони арабӣ сохта шудаанд, дар ҳоле ки барои арабҳо номафҳуму бегонаанд. Таркибҳои *собитқадам, масҷидшакл, рамузфаҳм, хотирҷамъ, шарикдарс, ҳозирҷавоб* ҳамагӣ бо калимаҳои арабӣ, вале тоҷиконанд.

Калидвожаҳо: таҳаввули маъноӣ, забони арабӣ, забони тоҷикӣ, лафз, иқтибосот, мутародифот, семантика.

СМЫСЛОВЫЕ ИЗМЕНЕНИЯ АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В «ВОСПОМИНАНИИ» С. АЙНИ

Статья посвящена разъяснению арабских заимствований, смысловым изменениям и эволюции их понятийной составляющей в таджикском языке. Как утверждает автор, в основном язык заимствует из другого языка те слова, которые для него новые и существует необходимость в выборе новых определений. Однако заимствования арабских слов таджикским языком не ограничились этой закономерностью, также были заимствованы слова и термины, которые имели синонимы в таджикском языке. Проведенный семантический анализ арабских заимствований в таджикском языке показал, что эти заимствования не однотипны и по смысловому применению их можно разделить на четыре группы: арабские заимствования, которые в таджикском языке сохранили своё понятие; арабские заимствования, которые в таджикском языке расширили своё понятие; арабские заимствования, которые в таджикском языке сузили свой смысл; арабские заимствования, которые в таджикском языке полностью сменили свое понятие. В статье также указаны словообразования, которые в таджикском языке построены с использованием арабских слов и опираясь на инструкции арабского языка, такие как *собитқадам, масҷидшакл, рамузфаҳм, хотирҷамъ, шарикдарс, ҳозирҷавоб* однако смысл этих слов непонятен самим арабам.

Ключевые слова: смысловые изменения, арабский язык, таджикский язык, слово, заимствования, синонимы, семантика.

SEMANTIC CHANGES OF ARABIC BORROWINGS IN AINI`S ‘REMINISCES’

The article deals with interpretation and explanation of Arabic borrowings and their changes in Tajik language. According to article`s author, the words which borrows from one language into another are very necessary for this language and their borrowings are possible. But borrowings from Arabic into Tajik are not limited to this rule and other words are borrowed into Tajik which do have their own equivalents in this language. As a result of the analysis in the article, it comes out that the number of Arabic borrowings are not the same in Tajik language. As the semantic research of Arabic borrowings in Tajik, shows that they are divided into four groups according to their semantic changes. They consist of: Arabic words that did not change their meanings in Tajik language; Arabic words that widened their meaning in Tajik language; Arabic words that limited their meaning in Tajik language; Arabic words that changed their meaning fully in Tajik language. In this article, expressions are referred to in Tajik language, which used the words and rules of Arabic grammar, whereas they are unknown for Arabs. The words *собитқадам, масҷидшакл, рамузфаҳм, хотирҷамъ, шарикдарс, ҳозирҷавоб*, all are Arabic, but with Tajik shapes and meanings.

Key words: semantic change, Arabic language, Tajik language, word, borrowings, synonyms, semantics.

Маълумотнома дар бораи муаллиф: ***Саломов Аскар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 919-45-61-61**

Сведения об авторе: ***Саломов Аскар*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-45-61-61**

Information about the author: ***Salomov Askar*** - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-45-61-61**

УДК:491.550

РОҲҲОИ ИФОДАИ ХАБАРҲОИ НОМӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар асоси маводи насри муосир)

Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забоншиносии тоҷик доир ба хабар ва омӯзиши он, ҳамчун сараъзои ҷумла, аз аввалҳои қарни XXI сар карда, дар китобу дастурҳои таълимӣ маълумотҳо дода шудаанд. Дар аввалин китоби таълимӣ “Сарфу наҳви забони тоҷикӣ” (1926), ки ба қалами С.Ализода мансуб аст, доир ба хабар маълумот дода шуда, аз исм, сифат, замир, адад ва масдар ифода ёфтани мубтадо зикр гардидааст [1, с.82].

Хабарҳо аз ҷиҳати нисбати сарфӣ ба гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: феълӣ ва номӣ. Дар мақолаи мазкур танҳо роҳҳои ифодаи хабар дар асоси маводи насри бадеии муосир баррасӣ мегардад. Хабарҳои номӣ бо ҳиссаҳои номии нутқ ва масдару сифати феълӣ ифода мешаванд, онҳо аломати мубтадоро нишон медиҳанд. Хабарҳои номӣ нисбат ба мубтадо хусусияти муайянкунандагӣ зоҳир мекунанд ва онҳо хосият ва аломати мубтадоро вобаста ба замон далолат мекунанд. Ҷузъи номии хабарҳои номӣ дорои маънои луғавӣ буда, маънои грамматикии хабар (шахс, шумора, замон)- ро бандакҳои хабарӣ ва феълҳои ёвар ифода мекунанд. Хабарҳои номӣ дар шакли холис, яъне бе бандаки хабарӣ ва феълҳои ёвар омада метавонанд, ки дар ин маврид онҳо замони ҳозираро мефаҳмонанд. Як хусусияти фарқкунандаи хабарҳои номӣ аз хабарҳои феълӣ дар он аст, ки хабарҳои номӣ агар асосашон исм ё ҷонишин бошад, баёния мегиранд: Ҳар сол рӯзи якуми моҳи Навсард сари соли суғдӣ-**Наврӯз буд** (СУ. РС.С. 47); Ӯ моро дар диёри худамон **ғариб кард**, **бехонумон кард.** Ба вазифаи хабар ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада метавонанд. Хабар бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода мегардад:

1.Ифодаи хабар бо исм. Исмҳо дар вазифаи хабар ҳолат, вазъият ва аломати мубтадоро нишон медиҳанд. Дар ифодаи аломати мубтадо хабари исмӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: ба гурӯҳи якум исмҳое дохил мешаванд, ки бе эзоҳдиҳанда ҳам аломати мубтадоро мефаҳмонанд. Гурӯҳи дуюмро исмҳое ташкил мекунанд, ки ҳамеша эзоҳдиҳанда мегиранд. Азбаски аломати тавсифии мубтадоро ҷузъи номии хабар ифода карда метавонад, бе бандаки хабарӣ низ меояд.

Хабари исмӣ бе бандаки хабарӣ замони ҳозира ва аломати бардавоми мубтадоро ифода менамояд. Чунончи: Охири ханда-**гиря** (Зарбулмасал); Мулло ҷорӯби **дастархон** (Зарбулмасал); Бадномии ишқ **номдорист**! (БФ. ДМ. С. 23); Саломея - ту **тоҷикӣ** (БФ. ДМ. С.107);

Ба вазифаи ҷузъи феълии хабарҳои номӣ феълҳои ёвари будан, шудан, ба шумор рафтан, гардидан, намудан меоянд: Ӯ одами хуб буд. Гӯгирд дар кӯҳистон чизи **камёб ва гаронбаҳое буд** (СУ.В. С. 33); «Тӯраи валиаҳд ҳокими мо, соҳиби молу ҷони мо, ҳам соҳиби нангу номуси мо мебошад (СУ.В. С. 33); Ин ҷо яке аз муқаддасоти кӯҳистониён – **мазори** Хоҷа Балҷувон **мебошад**. (СУ.В. С. 407); Ба ҳоким беҳурматӣ кардан ба подшоҳ беҳурматӣ кардан **гуноҳи** азим **мебошад** (СУ.В. С. 411); Ин пул ягона гузаргоҳе аз водии Ҳисор ба кӯҳистони Кӯлобу Балҷувон мебошад (СУ.В. С. 443); Як сӣ нафар деҳқону чӯпон дар ҳавлии беруни арбоб **ҳозир гардиданд** (СУ.В. С. 67); Дилҳо ҳама **мафтуни** рӯйи зебо **гардиданд** (СУ.В. С. 96); Ғоратгарони хирқапӯш морвор ҳар кадоме ба кунҷе хазида, **аз назар ғоиб гардиданд** (СУ.В. С. 121); Як маҳал дар кӯчаи калон як гурӯҳ саворони босавлату салобат, дар танашон ҷомаҳои рангоранги гаронбаҳо ва дар миёнҳошон шофу шамшери ба камарбандҳои қуббадори зарнигору нуқракӯб ҳамоил **пайдо гардидан**д (СУ.В. С. 151); Мусофирон бархоста, лингаҳошонро ба китфҳошон гирифта **раҳакӣ шуданд** (СУ.В. С. 126); Дар субҳидам доду фарёди Хайрӣ ва модари ӯро шунида ҳамсояҳо **ҷамъ шуданд** (СУ.В. С. 182); Бо ҳамроҳии се нафар мардикори дигар дарави як қитъаи калони ғалларо баҳо карда гирифта, ба кор **шурӯъ намуданд** (СУ.В. С. 198); Ҳамватанони мусофир ба якдигар саргузаштҳои аламноки худро нақл карда **дарду ҳасрат менамуданд** (СУ.В. С. 221). Як хусусияти фарқкунандаи хабарҳои исмӣ аз дигар хабарҳои номӣ дар он аст, ки нисбат ба субъект муносибатҳои гуногунро ифода мекунад. Чунончи: мақсад, мансубият, муносибати хешутабаровӣ, сарчашма ё пайдоиши предмет, доро будан ё набудан ба чизе, макони предмет, номи предмет, касбу машғулият, монанд кардан ба чизе ва ғ.: Бофандагии падарам фақат барои пӯшок ва кӯрпа-болиши хонавода буда, чархиосиётарошиаш **барои фурӯш буд** (СА.Ё.С. 17); Сулолаи манғитиён – охирин сулолаи феодалӣ дар **Бухорост** (СА.Ё.С. 495); Касби асосии аҳолии ин деҳа **деҳқонӣ буд** (СА.Ё.С.10); Дар канори ҷанубии он рӯд **як ҷӯйчаи** осиё **буд** (СА.Ё.С. 33); Ин санг мисли синаҳои ҷанговарон аст (Сорбон); Дар он солҳо ман, аллакай, **духтари қадрас будам** (БФ, Пеш.шаб.а. С. 10).

2. Ифодаи ҳабар бо сифат. Сифат серистеъмолтарин ҳиссаи нутқест, ки ба вазифаи хабар меояд, чунки он аломати предметро мефаҳмонад ва ба хабар шудан бештар имконият дорад. Аммо дар ин вазифа ҳамаи навъҳои сифат якранг истифода намешаванд. Сифатҳо нисбат ба исмҳо ва ҳиссаҳои дигари нутқ ба вазифаи хабар дар шакли холис бештар меоянд. Инчунин, бандакҳои хабарӣ, феълҳои ёвари будан, шудан, гардидан, намудан, ба шумор рафтан, ҳаст дар ифодаи хабар бо сифат ёрӣ мерасонанд: Ин мард дар зиндагӣ ҳам ҳатман тамаъкору гадотабъ ва **савдогармизоҷ будагист** (БФ. Пеш.а.а. С. 16); Замини киштзор монанди **регзор ғежонак набуд** (СА. Ё. С. 41); Вай ба як тарзи асроромез ва хавфангез **сокиту ором мебошад** (СУ.В. С. 407); Ба ман аз бачагон дида баррагон ва бузғолагони навзод **ҳунармандтар намуданд** (СА. Ё. С. 40); Кулчаҳои ширмол ва ҳалвоҳои зарҳалпеч **хеле дилкаш менамуданд** (СА. Ё. С. 40); Заминҳо аз кишт монда **нокорам гардиданд** (СА. Ё. С. 40); Аз ҷамоат боз садоҳо **баланд шуданд** (СА. Ё. С. 96).

Сифатҳои дараҷаи оддӣ дар вазифаи хабар хеле серистеъмол мебошад ва он агар ба замони ҳозира ишора намояд, ҳам дар шакли холис ва ҳам бо бандакҳои хабарӣ меояд. Бе бандаки хабарӣ омадани сифати дараҷаи оддӣ ҳодисаи муқаррарӣ аст, зеро он дар ин мавриҳ аломати предметро нишон медиҳад. Чунончи: Ҳама ҷо **орому тинҷӣ** (ҶИ. ДО. С. 73); Лаънатии Кали Қурбон **масту аласт** (ҶИ. ДО. С. 154); Даруни хона ва ошхона **торик ва хомӯш** (ҶИ. ДО. С. 154); Ҳаво хушк (ҶИ. ДО. С. 171); Худҳошон **афсурда ва беҳол** (ҶИ. ДО. С. 173 Бой аз омада рафтани табиб хеле **рӯҳбаланд ва хурсанд шуда буд** (ҶИ. ДО. С. 160); Овози ғафси равғанӣ, ҳаракатҳояш **асабиёна ва дағал буданд** (ҶИ. ДО. С. 137); Меҳмонхона ва рӯйи суфаро барои домод ва ҷӯраҳои домод ва меҳмонони дигар ороста буданд (ҶИ. ДО. С. 144); Асо аҷаб бачаи **меҳрубон ва хушфеъл аст** (ҶИ. ДО. С. 145); Ғаниҷонбой ва ҳамроҳонаш андаке сархуш, **хурсанду шод буданд** (ҶИ. ДО. С. 151); Он рӯз Абдурраҳмони миршаб хеле **парешонҳол ва оташин буд** (ҶИ. ДО. С. 155); Ака Махсум, марди миёнақад ва газгӯшт, бо чашмони сиёҳ ва шӯх, бо лабу даҳони ҳамеша ба табассум моил, хушгуфтор ва ситорагарм буд (ҶИ. ДО. С. 173); Қори Усмон марди шоирмизоҷ, ширинсухан, мақолдон ва хушгап буд (ҶИ. ДО. С. 174).

Сифат ба вазифаи хабар бо бандаки хабарии шахси сеюми танҳо ҳамчун ҳиссаи ёридиҳанда истифода мегардад: Маҳри духтари нододанӣ **вазнин аст** (СА. Ё. С. 58); Аз ҳама чиз одам зӯр аст (СА. Ё. С. 75); Қурбонниёз **боҷасорати** оқил аст (СА. Ё. С. 98); Гули сафед ба рӯйи Қутбия ойтӯтем **ҳамранг аст** (СА. Ё. С. 117); Хати ман **бад аст** (СА. Ё. С. 117).

3.Ифодаи хабар бо шумора. Шумора нисбат ба исм ва сифат ба вазифаи хабар камтар истифода мешавад. Дар ин вазифа шумораҳои аслии миқдорӣ ва шумораи тартибӣ истифода мешаванд. Шумораҳои миқдорӣ дар ин вазифа бештар нумератив мегиранд: Монанди ин коркун дар байни ҳашарчиён **10 нафари дигар ҳаст** (СА. Ё. С. 110);

Дар забони тоҷикӣ шумораҳо дар асарҳои бадеӣ ба вазифаи хабар кам меоянд, онҳо бештар дар зарбулмасалу мақолҳо мушоҳида мегарданд: Ду понздаҳ-**як сӣ** (Зарбулмасал).

Шумораҳо бе ёридиҳанда низ ба вазифаи хабар меоянд: Ин **як** (ҶИ. ДО. С. 182).

Дар ифодаи хабар бо шумора феълҳои ёридиҳандаи будан, гардидан, шудан, ҳисоб ёфтан, намудан истифода мегарданд, ки феъли ёвари будан нисбатан серистеъмолтар аст: Ягона фарзанди ман буда, ҳозир 5-сола аст (СА. Ё. С. 40); Дар асл решаи калимаи "шеър" ва "шуур" **як аст** (СА. Ё. С. 136); Қарзи калонам **50 танга аст** (СА. Ё. С. 26); Яке аз онҳо ду таноб (ним гектар) буд (СА. Ё. С. 45); Яке бе девор ва дигаре **як таноб буд** (СА. Ё. С. 45); Бари ин ҳавлӣ аз ғарб ба шарқ тахминан **150 метр буд** (СА. Ё. С. 50); Ду нафар аз саркардагонаш бо хони Қарахитоиён забон **як карданд** (СА. Т. С. 18); Ихтилоф ва набудани ягонагӣ дар байни саркардагони лашкари Султон Муҳаммад **як маразе буд** (СА. Т. С. 28); Дар фикр ва дар ақидаашон дар ҳаққи одамон ҳам ҳар ду **як буданд** (СА. Ё. С. 84).

4.Ифода ёфтани хабар бо ҷонишин. Дар вазифаи ҷузъи асосии хабарҳои номӣ ҷонишинҳои шахсӣ, саволӣ, ишоратӣ ва номуайянӣ бештар истифода мешаванд. Дар шакли холис ба вазифаи хабар асосан ҷонишинҳои саволӣ меоянд.

Дар маводи гирдовардаи мо ҷонишинҳои саволӣ асосан дар нутқи муколамавӣ истифода шудаанд, ки ин хосси услуби бадеӣ аст: Одами аз бом гурехтагӣ **кӣ буд**? (ҶИ. ДО. С. 185); Номат **чӣ**? (ҶИ. ДО. С. 185); Кору борҳо **чӣ тавр**? (ҶИ. ДО. С. 190); Соҳибаш **кӣ**? (ҶИ. ДО. С. 211); Ҳусну ҷамолаш ба мо **чӣ** (ҶИ. ДО. С. 200); Хонадонаш **чӣ тавр аст?** (ҶИ. ДО. С. 217).

Ҷонишинҳо ба вазифаи хабар бо ёрии бандакҳои хабарӣ ва феъли ёвари будан меоянд: – "Одамони девсор" киҳоянд, ки аз онҳо тарсидан **дарқор будааст**? (СА. Ё. С. 70); – Хуб, гуноҳи Шарофзода **чӣ будааст?** (БФ.П.аз. арӯсӣ с. 34); Ӯ кист... (БФ. П.аз. арӯсӣ, С. 82); – Сухани ёфтагит **ҳамин аст**? (БФ.П.аз. арӯсӣ с. 48); Ман кистам ва чӣ **кораам?** (БФ.П.аз. арӯсӣ с. 114); Шумо духтари **кӣ**? (БФ.П.аз. арӯсӣ с. 140).

Дар маводи гирдовардаи мо ҷонишинҳои саволӣ ва ишоратӣ бештар ба вазифаи хабар истифода гардидаанд. Ба ин вазифа аз хелҳои ҷонишин асосан ҷонишинҳои саволии

чӣ?, чӣ тавр?, чӣ хел? ҷонишинҳои ишоратии ҳамин, ин тавр, чунин, ин ва ҷонишини манфии ҳеҷ бо бандаки хабарии шахси сеюми танҳо- аст ва феъл омадаанд: Барои ҳамин айши худро талх кардан **чӣ зарур аст**?.. (БФ.П.аз. арӯсӣ с. 40); “Ку он дили ҳассосу орзупарвари ту, он – ҳама афкори равшану донишу маърифатро **чӣ шуд**?!” (БФ.П.аз. арӯсӣ с. 34); Ман дигар ба шумо **чӣ гӯям?..** (БФ.П.аз. арӯсӣ с. 36); Мо сарҳисобамонро **чӣ хел меёбем**?! (БФ. П.аз. арӯсӣ, С. 82); Аммо аз бахшидану набахшидани ман чӣ суд? (БФ.П.аз. арӯсӣ с. 37); – Хуб, ҳосил чӣ тавр шуд? ! (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 59); Раиси мо ҳам аз ҳамин **хелаш буд**! (БФ. П.аз. арӯсӣ, С. 60); Сабаби носозиамон **ҳамин аст (**БФ. П.аз. арӯсӣ, С. 79); Хайрияти кор, **ин тавр нашуд** (БФ. П.аз. арӯсӣ, С. 82); Теғи чашмони хурд-хурдаш ба ман **чунин намуданд** (БФ. П.аз. арӯсӣ, С. 82); Арзам **ҳамин аст** (ҶИ. ДО. С. 147); Вазифаи мо ва шумо **ин аст** (ҶИ. ДО. С. 222); Дар ин деҳа меваи сардарахтӣ гӯё **ҳеҷ набуд** (СА. Ё. С. 11); Хатои ман дар ин буд (СА. Ё. С. 32); – Замон дигар шуд, одамон дигар шуданд... (БФ. П.аз. арӯсӣ, С. 79); Ному насабашон **чӣ**?.. (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 116); Оча, мазаи асал **чӣ хел аст?** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 124).

5.Сифати феълӣ. Сифати феълӣ ҳамчун хабар аломати бардавоми мубтадоро нишон медиҳад. Вай дар ин вазифа дар шакли холис ва инчунин, бо бандаки хабарӣ ва феълҳои ёвар истифода мешавад. Сифатҳои феълии замони гузашта ва оянда дар вазифаи хабар бештар дучор мешаванд: Дар ҳақиқат, мӯйсараш монанди зиндониёни даври амирӣ баланд расида, то пешонӣ ва буни гарданаш фуромадагӣ буд (СА. Ё. С. 14); Гиребонҳо **даридагӣ** (ҶИ. ДО. С. 173); Дасту пой ва сару рӯйҳо **харошида шудагӣ** (ҶИ. ДО. С. 155); Ин ҷӯйро ман **сохтагӣ**! (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 58); Ана, нигар, аз таҳи зов санг **чиндагӣ**... (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 58). Хабарҳои бо сифати феълӣ ифодашуда бо феъли ёвари будан зиёд истифода мешаванд, ки ин, пеш аз ҳама, ба услуби нигориши нависанда вобаста аст ва он ба услуби муошират хос аст: Акаам бо ман дар як ҷо **хобида буд** (СА. Ё. С. 17); Дар пойгаҳи меҳмонхона як дӯкони бофандагӣ **шинондагӣ буд** (СА. Ё. С. 17); Дар рӯйи ҳавлӣ – дар байни ду ошхона як деги калони мис ***шинондагӣ буд*** (СА. Ё. С. 19);

“Сифати феълӣ яке аз шаклҳои тасрифнашавандаи феъл буда, бештар аломати предметро ифода мекунад. Дар ҳолати ҳамин хусусиятро нигоҳ доштан сифати феълӣ ба вазифаи хабари номӣ меояд. Ин гуна хабарҳо ба амалу ҳолати предмети сухан далолат накарда, балки аломати онро вобаста ба замон ва ё замону шахсу шумора ифода мекунанд. Сифати феълӣ дар шакли холис ба вазифаи хабари ҷумла омада бошад, аломати мубтадоро вобаста ба замон ифода мекунад” [Норматов. 2015, 56]. Чунони: Дар пешониам ҳамин балонусха **навиштагӣ** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 142); Абдулаҳадхон-тӯра аз шароби ноб сархуш дар базмҳои ӯрда бо ҳамроҳии дастаи созандаву сарояндагон танбӯр навохта, **дилхушӣ карда нишастагӣ** буд (СУ. В. С. 12); Восеъ дар адир ба як қитъа замин гандуми баҳорӣ **коштагӣ буд** (СУ. В. С. 17); Вай аз ин ҷо ниҳоят **дур рафтагӣ** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 214).

6. **Ифодаи хабар бо масдар**. Масдар дар мавриди ба вазифаи хабар омадан хусусияти номӣ зоҳир карда, ҳамчун исм бандакҳои хабарӣ қабул мекунад, бо феълҳои ёвар ва ҷонишинҳо дар шакли таркиб воқеъ мегардад. Ба вазифаи хабар масдарҳо кам истеъмол мегарданд: Рӯҳи исёнкори Исломро сари вақт **ҷилавгирӣ кардан мехост** (БФ. Ғ.С. 101). Падар ба аҳли оила боз чанд маслиҳату таъйиноти дигар доду аз ҷо бархоста тадоруки сафарро **соз кардан гирифт** (БФ. Ғ.С. 104). Боз бештар қадру эътибор ёфтан мехостанд. Падар мавқею мақоми худро **устувор кардан мехост**. (БФ. Ғ.С. 118). Мақсади шумоён халқро давлатманд кардан не, баръакс, ҳамаро хонабардӯш сохта, ба давлати Русия мутеъ кардан аст (БФ. Ғ.С. 152). Фақат ба умеди худо **зиндагӣ кардан лозим** (БФ. Ғ.С. 101).

7. Ифодаи хабар бо феъли ҳол. Хабарҳое, ки бо феъли ҳол ифода ёфтаанд, ҳолати субъектро нишон медиҳанд. Феъли ҳол дар шакли холис, инчунин бо феълҳои ёридиҳанда (шудан, гардидан) ҳамчун предикатив истеъмол мегардад. Дар ин вазифа феъли ёвари шудан серистеъмол аст: Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ барои ҳамин мақсад бо сесад ҳазор савор ба тарафи Ироқ **равон шуд** (СА. Т. С. 17). Темурмалик ба тарафи кӯҳистони Консой нигоҳ карда равон шуд (СА. Т. С. 86); Гулшан тарсону **ҳаросон шуд** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 217); Толиб чору ночор ҳамроҳи Назокат **равон шуд**. (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 229).

Феъли ёвари гардидан ба ин вазифа камистеъмол аст: Гулшан дигар ба ҷониби ронандаю мошин беэътино аз пиёдагард ба сӯйи истгоҳ равон гашт (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 223); Дили мани шашсола аз оҳи ӯ **ларзон мегашт** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 58).

Аз баррасии мисолҳо маълум гардид, ки феъли ёвари будан низ дар шакли тасрифӣ бо феъли ҳол ба вазифаи хабар омадааст: Гулъизор дар даруни хона **гирён буд** (СУ. В. С. 304); – Аз гуфтани номи он маъшуқаи меҳрубон ва ба қавли ту "номеҳрубон" ман аз тарс дар ҷавоб **тарсону ларзон будам** (СА. Ё. С. 454); Шумо офтоби ман, монанди офтоб ҳамеша ба рӯям **хандон бошед**... (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 376).

8.**Ифодаи хабар бо зарф.** Бояд қайд кард, ки зарф ҳам ба вазифаи хабар меояд, аммо на ҳамаи зарфҳо ба вазифаи хабар омада метавонанд. Аз таҳлили мисолҳои гирдомада маълум гардид, ки ба ин вазифа бештар зарфҳои миқдор истифода мегарданд: Хизмати

бойро аз пештара ҳам хубтар, **бисёртар мекардааст** (СА. Ё. С.5 7); Умуман дар Соқтаре, ки деҳаи "девбандон" ва дуохонон буд, афсонаҳои дев, ҷин ва аждаҳо **бисёр буд** (СА. Ё. С. 67); Дар тӯй, албатта, харҷи талабаҳо бо дараҷаи намоён **зиёда мегардид** (СА. Ё. С. 261); Ҳамон сол дар Зарафшон аввал об кам шуд (СА. Ё. С. 83); Чаро ҳосили хуб умри ӯро **кам мекарда бошад?"** (СА. Ё. С. 221); Харҷи дарсаркунӣ дар пеши домуллоҳои кунҷакӣ (ду гурӯҳи аввали дарсгӯён) бисёр **кам буд** (СА. Ё. С. 259); Сабилмондаи пиёз дарди сарамро зиёд кард. (СА. Ё. С. 290); Тааҷҷуби шунавандагон торафт **зиёд мешуд** (СА. Ё. С. 346); Харҳо бо ин ҳаракати худ ба сари таомфурӯшон он балоеро, ки аспҳои сипоҳиён оварда буданд, **барзиёд карда меоварданд**.

Зарфи мақсад ва тарзи амал: Аллакай, замини ба киштзор табдил додаи амаки Патапат хеле қафо монд (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 58); Дина дар Ховалинг Бозорро нохост зад (СУ.В. С. 350); Дар он миён прокурори район ҳам ҳозир будаст (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 105).

9. **Ифодаи хабар бо воҳидҳои фразеологӣ.** Воҳидҳои фразеологӣ як ҳиссаи калони бойигарӣ ва намоёнгари ҳусну таровати ба худ хосси забони миллӣ ба шумор меравад. Бештарини онҳоро халқ офаридааст. Ибораҳои фразеологиро тағйир додан мумкин нест, чунки таркиби онҳо устуворанд. Аз ин рӯ, онҳо дар ҷумла ҳамчун як аъзо истифода мегарданд. Дар маводи гирдовардаи мо мушоҳида шуд, ки ба вазифаи хабар воҳидҳои фразеологӣ зиёд истифода гардидаанд. Дар асарҳои бадеӣ истифодаи воҳидҳои фразеологӣ мавқеи хос доранд. Нависандагон барои муассир ва образнок баён намудани матлаб воҳидҳои фразеологиро ба кор мебаранд. Ба вазифаи хабар асосан ибораҳои фразеологии феълӣ корбаст мешаванд. Чунончи: чашм дӯхтан, суханро дуто кардан, аз дунё гузаштан, дилсахтӣ кардан, даст задан, дарун-дарун сӯхтан, даҳон накушодан, даҳони касеро бастан, пушти по задан, сухани обдор задан, таноби касеро кашидан, кафгир ба таги дег бархӯрдан, курта-курта гӯшт гирифтан ва ғ.: Сипас, духтар асари ашкро аз чашму рӯяш номаълум пок карду оҳи пурдарде кашид ва оҳиста ба чашми ман **чашм дӯхт** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 116); Ба қавли Шукуфа мардуми ин деҳа **сухани** раисро ҳаргиз **дуто намекардаанд** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 78); Падарам соли шасту ҳаштум **аз дунё даргузашт**. (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 116); Вай ба ҳамаи аҳли хонадон дилсахтӣ мекард (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 124); Дар ҳамон айём ту ба луқмаи ҳаром даҳан олудӣ ва дигар ба кори ҳалол **даст задан натавонистӣ** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 124);. Ҳамин оҷизӣ ва нотавонӣ маро муддатҳо **дарун-дарун месӯхт** (БФ.П.аз. арӯсӣ); Солҳои аввал аз ин ҳол ёрои ба **касе даҳан кушодан надоштам** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 125);. Ана, бо ҳамин як сухан онҳо **даҳони** маро умрбод **баста буданд**. (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 125);. Онҳо расму одатро **пушти по заданд** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 125);. Фарзандонамро менигаристаму ба ҳолашон **дилам месӯхт** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 127); Ман ҳам паст наомадам, ду-се **сухани обдор гуфтам:** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 129); Мо вай катӣ гапзанон мекунем, **танобашро сахтакак мекашем** (БФ.П.аз арӯсӣ, С. 130); Бо ҳамин, мутлақан, **кафгират ба таҳи дег бархӯрд** (БФ.П.аз. арӯсӣ, С. 137); Ман аз фараҳ ва шодмонӣ **курта-курта гӯшт мегирифтам** (БФ.П.аз арӯсӣ, С. 152).

Аз баррасии маводи гирдомада ба чунин хулоса омадем, ки қариб ҳамаи ҳиссаҳои нутқ ба вазифаи хабар омада метавонанд, вале корбасти онҳо якранг нест, асосан, қисмати зиёди феълҳои тасрифӣ меоянд. Инчунин, ҳиссаҳои номии нутқ, феълҳои ғайритасрифӣ ва воҳидҳои фразеологӣ низ ба вазифаи хабар истифода гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода С.. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ; муҳаррири масъул профессор Д.Хоҷаев / С.Ализода. – Душанбе, 2010. – 186 с.
2. Белошапкова А.В. Современный русский язык. Синтаксис / А.В. Белошапкова. - М.: Выс. шк., 1977. – 248 с.
3. Бузургзода Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ. Барои хонандагони омӯзишгоҳҳои ғоибона / Л. Бузургзода. - Сталинобод, 1942. - С.36-55.
4. Виноградов В.В. 1955. С. 412. Основные вопросы синтаксиса предложения / В.В. Виноградов // Вопросы грамматического строя. – М.: Изд-во АН СССР, 1955. – 412 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. - Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. – 368 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қ.2. Барои мактабҳои олӣ. Нашри 2-юм. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 321 с.
7. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. - Душанбе, 2010. – 231 с.
8. Норматов М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Норматов. - Душанбе, 2000. – 234 с.
9. Норматов М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик. (Васоити таълим барои донишҷӯён) / М.Норматов. - Душанбе: Маатбуот, 2001. – 184 с.
10. Норматов М. Таҳлили синтаксисӣ ва навъҳои он (Дастури таълим барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва муаллимони забон ва адабиёти мактабҳои таҳсилоти умумӣ) / М.Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 148 с.

РОҲҲОИ ИФОДАИ ХАБАРҲОИ НОМӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар асоси маводи насри муосир)

Мақола ба баррасии роҳҳои ифодаи хабарҳои номӣ дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи насри муосир бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар забоншиносии тоҷик доир ба хабар ва омӯзиши он, ҳамчун сараъзои ҷумла, аз аввалҳои қарни XXI сар карда, дар китобу дастурҳои таълимӣ маълумотҳо дода шудаанд. Аз баррасии маводи гирдомада муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд ки қариб ҳамаи ҳиссаҳои нутқ ба вазифаи хабар омада метавонанд, вале корбасти онҳо якранг нест, асосан, қисмати зиёди феълҳои тасрифӣ меоянд. Инчунин, ҳиссаҳои номии нутқ, феълҳои ғайритасрифӣ ва воҳидҳои фразеологӣ низ ба вазифаи хабар истифода гардидаанд. Муаллиф ба он ишорат менамояд, ки хабарҳо аз ҷиҳати нисбати сарфӣ ба гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: феълӣ ва номӣ. Дар мақолаи мазкур танҳо роҳҳои ифодаи хабар дар асоси маводи насри бадеии муосир баррасӣ мегардад. Хабарҳои номӣ бо ҳиссаҳои номии нутқ ва масдару сифати феълӣ ифода мешаванд, онҳо аломати мубтадоро нишон медиҳанд. Хабарҳои номӣ нисбат ба мубтадо хусусияти муайянкунандагӣ зоҳир мекунанд ва онҳо хосият ва аломати мубтадоро вобаста ба замон далолат мекунанд.

Калидвожаҳо: хабарҳои номӣ, маънои луғавӣ, маънои грамматикии хабар (шахс, шумора, замон), бандакҳои хабарӣ ва феълҳои ёвар, хусусияти фарқкунандаи хабарҳои номӣ аз хабарҳои феълӣ.

ПУТИ ВЫРАЖЕНИЯ ИМЕННЫХ СКАЗУЕМЫХ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
(на основе материалов современной прозы)

В статье автор рассматривает пути выражения именных сказуемых в таджикском языке на основе материалов современной прозы. Автор отмечает, что в таджикском языкознании с начала XXI в учебниках и учебных пособиях приведена информация относительно сказумых и их изучения как главного члена предложения. Изучая собранный материал по данной тематике автор статьи приходит к выводу о том, что почти все части речи могут быть обозначены сказуемым, но их применение неодинаково и почти все они спрягаются. Также именные части речи, неспрягаемы глаголы и фразеологические единицы могуть быть использованы в роли сказуемого. Автор также отмечает, что сказуемые по своей морфологической принадлежности подразделяются на две большие группы: глагольные и именные. В статье рассмотрены только пути выражения сказуемого на основе материалов современной прозы Составное именное сказуемое складывается, как правило, из двух компонентов: глагола-связки и именной части, выраженной любой частью речи, кроме глагола в форме инфинитива. Именная часть сказуемых может быть выражена разными частями речи, в особенности существительными.

Ключевые слова: именные сказуемые, словарное значение, грамматическое значение, сказуемого (лицо, число, время), глагольное окончание и вспомогательные глаголы, отличительные свойства именных глаголов и предикативов.

WAYS OF EXPRESSION OF NOMINAL TELLING IN THE TAJIK LANGUAGE
(based on materials of modern prose)

In the article, the author examines the ways of expressing nominal predicates in the Tajik language on the basis of materials of modern prose. The author notes that in Tajik linguistics from the beginning of the 21st century, textbooks and textbooks provide information on the predicates and their study as the main member of the sentence. Studying the collected material on this topic, the author of the article comes to the conclusion that almost all parts of speech can be indicated by a predicate, but their application is not the same and almost all of them are conjugated. Also nominal parts of speech, non-conjugated verbs and phraseological units can be used in the role of a predicate. The author also notes that predicates are subdivided into two large groups according to their morphological affiliation: verbal and nominal. The article considers only the ways of expressing the predicate based on materials of modern prose.A compound nominal predicate usually consists of two components: a linking verb and a nominal part expressed by any part of speech, except for the verb in the infinitive form. The noun phrase of predicates can be expressed by different parts of speech, especially nouns.

Key words: nominal predicates, dictionary meaning, grammatical meaning, predicate (person, number, tense), verb ending and auxiliary verbs, distinctive properties of nominal verbs and predicatives.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК:44(03)

АНЪАНАИ ШАРҲНАВИСИИ ДАСТУРИ ЗАБОН ДАР ФАРҲАНГҲОИ ТАФСИРИИ ПЕШИН ВА АҲАМИЯТИ ЗАБОНШИНОСИИ ОНҲО

Додаров О.
Коллеҷи муҳандисию техникии ноҳияи Нуробод

Дар таърихи тамаддуни мардуми тоҷик аввалин донишҳои забоншиносӣ дар фарҳангномаҳо сабт шудааст. Аз ин ҷост, ки фарҳангҳо манбаи асосии нигоҳдошти афкори забоншиносӣ дар мардуми Шарқ маҳсуб меёбанд. Мувофиқи таҳқиқи муҳаққиқи таърихи забон профессор Д. Саймиддинов дар қадимтарин фарҳанги то замони мо расида «Фарҳанги авестоӣ ба паҳлавӣ» якҷо бо ташреҳи луғоту истилоҳот масоили грамматикаи забони авестоӣ низ баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ Д. Саймиддинов таъкид менамояд, ки «Нигорандаи луғат мухтасари грамматикаи забони «Авесто»-ро дар мисоли чанде аз категорияҳои морфологии ҷинсият, шумора, ҳолатҳо (падежҳо) ва тасрифи феъл ба форсии миёна ташреҳ намудааст. Аз ин рӯ, ин фарҳангро метавон нахустин намуна аз таърихи дастурнависӣ дар суннати аҳди сосонӣ номид» [14, с.62].

Шарҳи фавқ баёнгари он аст, ки шарҳнависии дастури забон, ки дар фарҳангҳои тафсирӣ ба чашм мерасанд, собиқаи таърихии қадим доштааст. Ин анъана дар замони хилофати араб чандин аср қатъ гардид, чаро ки забони таълим дар мадрасаҳо, забони илм забони арабӣ қарор гирифт. Баъдтар, яъне замоне, ки нуфузи хилофати араб дар сарзамини Хуросону Моваруннаҳри таърихӣ суст гардид, мардумони ин сарзамин ба эҳёи анъана ва рисолати хеш оҳиста-оҳиста шурӯъ карданд. Ин аст, ки аз асри Х сар карда баъзе шарҳи асосҳои дастури забони тоҷикӣ дар рисолаҳои арӯз, қофия, санъатҳои бадеӣ ва осори фалсафӣ пайдо мешаванд. Ин гуна қайдҳои дастури забони форсии тоҷикӣ дар «Эҳсоъул-ул-улум»-и Абӯнасри Форобӣ, «Донишнома»-и Абӯалӣ Сино, «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Зод-ул-мусофирин»-и Носири Хусрав, «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Меъёр-ул-ашъор», «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ дида мешавад. Дар асри XVI дастури меъёрии донишманди улуми адабӣ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ бо номи «Чаҳор гулзор» навишта мешавад, ки арзиши баланди таълимӣ ва илмӣ дорад. Дар ин самт боз шарҳу тавзеҳи боарзиш дар фарҳангҳои тафсирӣ чун анъана ба назар мерасад. Дар ин бобат муҳаққиқи таърихи афкори забоншиносии тоҷик, профессор Д. Хоҷаев чунин менигорад: «Фарҳангнависии тоҷик баробари инкишофу вусъати тоза пайдо кардани забони адабии тоҷик дар асрҳои IX-X ба миён омадааст. Забони тоҷикӣ, ки забони мардуми Моваруннаҳру Хуросони таърихӣ аст, дар замони ҳукумати Тоҳириён (828-873) ва Саффориён (873-903) дар баробари забони арабӣ дар дарбор нуфуз пайдо кард. Ин мақоми забони тоҷикӣ имконе фароҳам овард, ки суханварони бузурги тоҷик осори илмӣ, адабии ҳудро бо забони тоҷикӣ таълиф намоянд. Махсусан, дар замони Сомониён (903-999) ва Ғазнавиён (998-1059) забони тоҷикӣ қуввату тавоноияшро хеле зиёд намуд ва ҳамчун забони илму фарҳанг ба сӯйи сарзаминҳои дигар низ панҳ гардид. Дар он навоҳие, ки мардум ба гӯйишҳои маҳаллӣ сухан мегуфтанд, фаҳмиши осори адабии суханварони Моваруннаҳру Хуросон душвор гардид. Ана ҳамин зарурати воқеӣ таълифи фарҳангҳои тафсириро ба миён овард» [19, с.70]. Дар ҳақиқат, ҳамчунон ки профессор Д. Хоҷаев таъкид менамояд, ин анъана дар ҳамаи халқҳои қадими дорои осори хаттӣ мушоҳида мешавад. Масалан, дар Ҳиндустони қадим пайдоиши аввалин луғату дастурҳои таълимӣ барои дурусту беғалат хондану талаффуз кардани матни китоби ҳиндуҳо – «Ведҳо», вобаста будааст. Баъдтар дар натиҷаи ин дастовардҳо грамматикаи боарзиши Панини навишта мешавад. Ҳамин таҷрибаро арабҳо низ истифода кардаанд. Нахустин қайдҳои забоншиносӣ дар улуми асримиёнаи халқи тоҷик ва баҳсҳо дар атрофи масоили марбути забоншиносӣ низ луғатномаю фарҳангҳои тафсирӣ пайдо шудааст.

Дар таърихи фарҳангнигории форсии тоҷикӣ мувофиқи таҳқиқи донишмандони луғатшинос К.Г. Залеман, В. Капранов, Нафисӣ, Деҳхудо, Нақавӣ, С. Назарзода, А. Мамадназаров дар ҳудуди 160-300 адад луғату фарҳанг навишта шудаанд. Бояд гуфт, ки аз мавқеи баҳси мо, яъне аҳаммияти забоншиносӣ, ин фарҳангҳо ду хеланд: луғатҳое, ки муаллифони онҳо аз қисмати асосӣ, ки шарҳу эзоҳи вожаҳо мебошад, дар муқаддима ё замима рисолаи лексикӣ-грамматикиеро ҷо додаанд, ки қариб тамоми масъалаҳои асосҳои дастури забони форсӣ - тоҷикиро фаро мегиранд ва навъи дуюми он бошад, фарҳангҳое, ки рисолаи лексикӣ-грамматикӣ надоранд, аммо мураттибон ҳангоми шарҳи вожаҳо, махсусан, шарҳи этимологии онҳо бисёр хусусиятҳои дастурии онҳоро нишону муайян кардаанд.

«Ҳафт қулзум»-и Ғозиуддин Бодшоҳи Ғозӣ, ки соли 1815 дар Ҳиндустон навишта шудааст, ба гурӯҳи якуми луғату фарҳангҳои тафсирӣ дохил мешавад. Ин луғати орфографӣ буда, аз ҳафт қулзум (қулзум ба маънои рӯди бузург), яъне ҷилд иборат мебошад. Қулзуми ҳафтуми луғат, ки ҷилди охирони он маҳсуб меёбад, иборат аз шарҳу

эзоҳи лексикӣ-грамматикӣ ва поэтика аст. Муаллифи фарҳанг ҳангоми тақсими маводи луғат ба бобҳо, фаслҳо ва зерфаслҳо истилоҳоти соҳаи об ба мисли баҳр, наҳр, ҷӯй, дарё ва чашмаро ба кор бурдааст. Луғат шарҳу тавзеҳи 22309 моддаи луғавиро дар бар мегирад. Тартиби баҳрҳо ин тариқ аст, масалан, қулзуми ҳафтум, яъне ҷилди охирини китоб аз шаш баҳр иборат буда, он ба ҳафт соҳил, 28 маъбар (ҷое, ки аз болои об мегузаранд, гузаргоҳ), 276 варақ, 13 поёб (поёноб, пастоб) 7 обгир, 11 рӯд, 3 ҷиҳоз, 30 мавҷа ва 24 сафина тақсим мешавад. Дар ҳамин ҷилд доир ба лексика, грамматика, анвои адабӣ (назму наср), санъатҳои лафзию маънавӣ, арӯз ва қофия маълумот дода шудааст.

Дар ин фарҳанг тарзи дурусту талаффузу навишти вожаҳо низ нишон дода шудааст, чаро ки ин луғат барои форсизабонон ва ҳиндувоне таълиф шудааст, ки забони форсии тоҷикиро омӯхтан мехостанд. Чунон ки мебинем, луғати «Ҳафт қулзум» аз чанд ҷиҳат дорои аҳаммияти муҳим аст: якум – чун асари лексикографӣ захираи луғавии зиёди забони форсии тоҷикиро шарҳ бастааст; дуюм – аҳаммияти калони орфографӣ дорад; сеюм – дорои шарҳу тавзеҳи лексикию грамматикӣ буда, муҳимтарин мавзӯъ ва масоили асосҳои дастури забони форсии тоҷикиро муаллиф шарҳ додааст; чаҳорум – ин луғат анъанаи ҳамзамон шарҳи мухтасари масоили улуми сегонаи адабӣ (санъатҳои лафзию маънавӣ, арӯз ва қофия)-ро дар як асар якҷо бо луғату асосҳои дастури забон идома додааст. Умуман, «Ҳафт қулзум» бо муҳтаво ва сохтори худ аз луғатҳои пешини худ ва ҳамзамонаш тафовут дорад. Анъанаи шарҳи дастури забонро, ки ҳанӯз то аҳди ислом дар фарҳангҳо мушоҳида мешуд, бори нахуст дар муқаддима ва охирсухани фарҳанги «Муайид-ул-фузало» (1519)-и Мавлоно Муҳаммад ибни Шайх Лоди Деҳлавӣ мебинем. Муаллифи ин фарҳанг доир ба қоидаҳои сарфу наҳви тоҷикӣ маълумоти зарурӣ додааст. Донишманди луғатшинос В. Капранов дар иртибот ба ин масъала мегӯяд: «В предисловии (луғати «Адот-ул-фузало» дар назар аст) содержится неболшой экскурс лексико-грамматического характера» (В.А. Капранов. К истории таджикской лексикографии / Известия, Отдл. Обществ. Наук АН таджикской ССР. Вып.9, 1956 г.-с.87).

Фарҳанги дигаре, ки дар муқаддимаи он шарҳу тавзеҳоти лексикӣ-грамматикӣ дида мешавад, «Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ» мебошад. Ин луғат бо исми «Фарҳанги Иброҳимӣ» низ машҳур буда, соли 1466 мураттаб гардидааст. Дар муқаддимаи «Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ» низ ҳамон анъанаи фарҳангҳои гурӯҳи якум идома ёфтааст. Муаллиф дар муқаддимаи фарҳанг доир ба бисёр мавзӯъҳои асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ шарҳу тавзеҳоти муҳим овардааст ва он андешаҳои худро бо овардани мисолҳо аз ашъори шуаро собит сохтааст. Махсусан, қайду таъкиди муаллифи фарҳанг оид ба пасванди –ча, морфемаи –е, пасвандҳои ҷамъбандии –он ва –ҳо, изофат, масдар, бандакҳои феълию хабарӣ ва ғайра аз диди забоншиносии имрӯз ҳам арзиши баланд доранд.

Дигар фарҳанге, ки дар он ин анъана, яъне ба сурати очеркҳои лексикӣ-грамматикӣ шарҳ додани қоида ва қонунҳои забони форсии тоҷикӣ идома ва хеле такмил дода шудааст, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷӯ мебошад. Ин фарҳанг аз ҷиҳати сохту мазмун ва муҳтавои муқаддимааш аз фарҳангҳои дигар фарқ менамояд. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» мувофиқи теъдоди ҳарфҳои таҳаҷҷӣ (шумораи алифбои арабиасоси тоҷикӣ) аз 24 боб иборат буда, ба он чаҳор ҳарфи хосси тоҷикии (п, ч, ж, г) илова карда шудааст. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», асосан, лексикаи форсии тоҷикиро дар бар мегирад. Ҳарчанд муаллифи фарҳанг кӯшиши зиёд кардааст, аммо баъзе калимаҳое, ки ӯ тоҷикӣ пиндоштааст, аслан арабианд. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» соли 1608 навишта шудааст ва яке аз фарҳангҳои муътабари тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ҳоло мо дар бораи хусусиятҳои лексикографии ин фарҳанг аз ин зиёд ҳарф назада кӯшиш менамоем, ки арзиши забоншиносии онро мухтасаран баён намоем. «Фарҳангҳо, - таъкид менамояд профессор Д. Хоҷаев, дар инкишофи афкори забоншиносии классикӣ ва таҳаввули он нақши муҳим доштанд, зеро аксар назарияи забоншиносии тоҷик аз амалияи луғатсозӣ сар задааст» [19, с.70]. Дарвоқеъ, фарҳангҳо яке аз манбаъҳои нигоҳдошт, шаклгирӣ ва рушди афкори забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбанд ва аз ин нигоҳ, таҳлилу таҳқиқи фарҳангҳои пешин аҳаммияти калони назарӣ ва амалӣ дорад. Дар иртибот ба ин масъала муҳаққиқи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» Ҳ. Рауфов гуфтааст: «Рисолаи лексикӣ-грамматикии баъзе фарҳангҳо то ҳол бевосита омӯхта нашудааст. Вале дар адабиёти фарҳангшиносӣ дар ин хусус вобаста ба хусусияти ин ё он фарҳанг баъзе ишораҳо мавҷуданд» [13, с.42].

Фарҳанги дигаре, ки анъанаи шарҳи дастури забонро дар қисмати муқаддима ҷо додааст ва ба муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» дар ин бобат таъсири пурфайз гузоштааст, луғати «Бурҳони қотеъ» мебошад.

Фарҳанги «Бурҳони қотеъ» соли 1652 дар Ҳиндустон таълиф шудааст. Муаллифи луғат Муҳаммад Ҳусайн Халаф ат-Табрезӣ, мутахаллис ба Бурҳон дар назди худ мақсад мегузорад, ки тамоми вожаҳои форсӣ, паҳлавӣ, дарӣ, юнонӣ, сурёнӣ, румӣ, баъзе калимаҳои арабӣ, авестоӣ ва вожаҳои нодир, ифодаҳои идеоматикӣ ва метафорие, ки дар омезиш ба вожаҳои арабӣ дар забони форсӣ мустаъмаланд, ҷамъ оварад. Ҳалли ин мақсад

муаллифи фарҳангро аз корбурди усули анъанавии мураттабсозии фарҳанг боз медорад. Ин аст, ки муаллифи фарҳанг аз осори классикони адабиётамон намунаҳо намеорад. Мақсади асосии муаллифи фарҳанг шарҳи бисёр мухтасари маънии вожаҳо ва тарзи дурусти талаффузи онҳо будааст, чаро ки зарурати воқеӣ низ аз ҳамин ду чиз иборат мебошад. Аз мавқеи таҳқиқи мо арзиши баланди луғати «Бурҳони қотеъ» аз ин иборат аст, ки дар муқаддимаи ин луғат муаллиф бо номи «фоида» нуҳ мақола овардааст, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни илми забоншиносии тоҷик шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Албатта, баъзе аз ин тавзеҳот нав нестанд, зеро дар баъзе аз луғату фарҳангҳои пешин, чунонки ишора кардем, ин маълумотҳо дида мешаванд, аммо муаллифи «Бурҳони қотеъ» то андозае ба сурати муназзам он масъалаҳоро матраҳ намудааст. Дар фоидаи якум сухан аз шохаҳои забони форсӣ меравад ва муаллифи фарҳанг таъкид мекунад, ки забони форсӣ аз ҳафт хел ё гуна иборат мебошад, ки чаҳортои он забони матруканд (мурдаанд) ва онҳо забони ҳиравӣ, сакӣ, зобулистонӣ ва суғдӣ мебошанд. Се забони дигари он мутадовиланд, ки забони дарӣ, порсӣ ва паҳлавӣ ҳастанд. Пас аз ин, муаллифи «Бурҳони қотеъ» ҳар кадоме аз ин се забони мутадовилро шарҳ дода, хосияти хосси онҳоро таъкид менамояд, чунончи: «Дарӣ он аст, ки дар он нуқсоне набувад, ҳамчу «абрешим», «испед», «ишкам» ва «уштур», «бирав», «бигу», «бишнав» ва амсоли онҳо. Пас, «бирешим», «сапед», «шикам» ва «шутур», «дав», «гӯ», «шунав», дарӣ набошад.

Тавре ки аз шарҳи муаллиф бармеояд, ӯ нармӣ ва малеҳии забони дариро хосияти фарқкунандаи он аз дигар забонҳо дониста, аз хосиятҳои барҷастаи забони форсии дарӣ мебошад.Дар бораи забони паҳлавӣ муаллифи «Бурҳони қотеъ» ин тавр қазоват кардааст: «Ва паҳлавӣ мансуб аст ба Паҳлав, ки падари Порс ва писари Сом ибни Нуҳ бошад ва ин луғат аз забони ӯ мустафиз гашта. Ва баъзе гӯянд, ки мансуб аст ба Паҳла, он вилояти Рай ва Исфаҳон ва Диновар бошад, яъне забони мардуми он вилоят аст. Ва ҷамъе бар онанд, ки паҳлавӣ забони шаҳрӣ аст, ки паҳлав ба маънои шаҳр низ омадааст». Оид ба забони форсӣ чунин қайд мекунад: «Ва порсӣ забонеро гӯянд, ки дар вилояти Порс, дорулмулки Истахр аст, мардумон бад-он сухан кунанд. Ва баъд аз арабӣ забоне беҳтар аз форсӣ нест. Чи дар аҳодис низ мазкур аст, ки ҳазрати Расолатпаноҳ ва Амирулмуъмин ва аиммаи маъсумин саловотуллоҳи алайҳим аҷмаин ба порсӣ мутакаллим шуданд» [6, с.21].

Тавре аз иқтибос бармеояд, муаллифи «Бурҳони қотеъ» дар шарҳи масъалаи чигунагии забонҳои зинда ё мутадовили порсӣ, дарӣ ва паҳлавӣ, асосан ба нақлу ривоёт такя карда, ягон манбаи мушаххасро номбар накардааст. Айнан ҳамин маълумотро мо дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», ки пештар аз «Бурҳони қотеъ» таълиф шудааст, дида метавонем, муқоиса шавад: «Пӯшида намонад, ки забони порсӣ бар ҳафт гуна бошад, ки чаҳор аз ин матрук аст. Бидон, ки бад-он китобу нома натавон навишт ва шеър натавон гуфт ва он забони ҳиравӣ ва канзӣ ва зовулӣ ва суғдӣ буд. Ва аз ин забонҳои чаҳоргона дар байте, балки дар ғазале агар як калима биёваранд, раво бошад. Ва се забони дигар, ки бад-он китобу нома тавон навишт ва шеър тавон гуфт: аввал ба тариқи хусусӣ порсӣ бошад ва порсӣ забонеро гӯянд, ки дар билоди Порс, ки дорулмулки истахр аст, мардумон бад-он сухан кунанд ва Истахр аввал шаҳрест, ки Каюмарс бино карда ва дар аҳди Пешдодиён ба ғояти ободонӣ расида». Дуюм – дарӣ аст. Гурӯҳе дариро ба фасеҳ тадбир намудаанд ва низ гуфтаанд, ки ҳар луғате, ки дар он нуқсоне набошад, ин дарӣ бошад, масалан, ишкам ва шикам ва бирав ва рав ва бигӯ ва гӯ ва ишкам ва бирав ва бигӯ дарӣ бошад ва дигарҳо на ва баъзе гуфтаанд, ки дарӣ луғате бошад, ки суккони чанд шаҳр бад-он такаллум намоянд ва он шаҳрҳо – Балхи бумӣ ва Марви шаҳҷаҳон ва Бухоро буд ва дар китобе дидаам, ки дарӣ луғати мардуми Бадахшон аст… Ва инчунин низ ба назар мерасад, ки малоики осмони чаҳорум ба луғати дарӣ такаллум мекунанд ва аксар аз боби илму таҳқиқ бар онанд, ки биҳишт дар осмони чаҳорум воқеъ аст, ки бад-ин тақдир мебояд, ки забони аҳли биҳишт дарӣ бошад:

Гар чеҳраи ту бар қиблаи абдол нигоранд,
Хонанд ба намоз андар шеъри дарӣ абдол.

Сеюм – паҳлавӣ бувад ва Паҳлав номи падари Порс аст, ки ин луғат аз забони ӯ мустафиз гашта ва фирқае ба баён овардаанд, ки паҳлав мансуб ба Паҳла, он вилояти Рай ва Исфаҳон ва Диновар аст, яъне забони мардуми он вилоят аст. Ва ҷамъе бар онанд, ки паҳлавӣ забони шаҳрӣ аст, ки паҳлав ба маънои шаҳр низ омадааст» [6, с.163].

Ҳамон тавре ки аз муқоисаи ин ду фарҳанг дар шарҳи як мавзӯъ бармеояд, шарҳу тавзеҳи онҳо қариб, ки фарқ намекунанд. Маълум мешавад, ки муаллифи луғати «Бурҳони қотеъ» аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» пурра истифода бурда, маълумоти оид ба шохаҳо ё гунаҳои забони форсӣ додаи муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-ро бо андаке тағйиру иловаҳо ё ихтисор овардааст. Фарқ ин аст, ки муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ин шарҳу тавзеҳро зимни истилоҳи «ойин» овардааст, аммо муаллифи «Бурҳони қотеъ» истилоҳи фоидаро ба кор бурдааст. Барои ин ки ин матлаб, яъне шарҳу эзоҳи масоили марбут ба забоншиносӣ дар луғати «Бурҳони қотеъ» идомаи анъанаи шарҳи дастурии фарҳангҳои

пешин, аз ҷумла, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» аст, таъйин гардад, муқоисаи боз як мавзӯи дигар – имло ва шарҳи масъалаҳои ба он иртиботдоштаро зарур медонем.

Дар муқаддимаи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» бо исми «ойин» дувоздаҳ фасл оварда шудааст ва ойини ёздаҳум «Дар баёни тавсифи он чи котибро аз донистани он гурез нест» ва таърифи имло ном дорад дар ин ойин мураттиби фарҳанг пас аз баёни шарту талаботи кори нависанда ба таърифи имло ва қонунҳои он мепардозад, чунончи: «Бидон, ки имло дар урфи арбоби китобат иборат аст аз навиштани ҳуруфи муфрада ва мураккаба бар наҳҷе, ки асҳоби ин фан таъйин кардаанд» [6, с.198].

Чуноне ки профессор Д. Хоҷаев таъкид менамояд, ин таърифи бисёр мушаххас аз нигоҳи имрӯзи илми забоншиносӣ низ арзиши баланд дорад. Воқеан, чунин таърифи мушаххас дар ҳеҷ кадом китобу дастурҳои забони тоҷикӣ ва луғатҳои муосири тафсирию тарҷумавӣ ва имлоӣ дида намешавад. Риояи имлоро аз ҷониби аҳли китобат муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» шарти муҳим мешуморад ва таъкид менамояд: «Ва ин, ки мегӯянд, ки фалон имло дорад, мурод он бошад, ки китобаташ мувофиқи таъйини арбоби ин фан аст ва бе имло будан айби тамом аст, пас бар соҳибони китоб воҷиб ва лозим бошад, ки қавоиди имлоро аз хутути муътабара, ки дар имло навиштаанд ва кутубе, ки дар ин фан пардохтаанд, истинбот намоянд ё шахсе, ки муътамад алайҳи ин водӣ бошад, бипурсанд ва ба амал мақрун гардонанд, зеро ки баъзе аз ҳуруф ҳаст, ки наменависанд ва хонда мешавад ва баъзе менависанд ва хонда намешавад» [6, 190]. Муаллифи «Бурҳони қотеъ» қариб, ки бетағйир ин таърифи ба имло додаи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-ро дар фасли «фоидаи нуҳум» овардааст: «Ва имло дар урфи арбоби китобат иборат аст аз навиштани ҳуруфи муфрада ва мураккаба бар наҳҷе, ки асҳоби ин фан таъйин кардаанд» [6, с.217].

Чунонки аз муқоисаи таърифи имло дар ин ду луғате, ки дар як аср дар сарзамини Ҳиндустон таълиф шудаанд, бармеояд, фарқ танҳо дар ин аст, ки муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» таърифро ба феъли сиғаи амр – «бидон» шурӯъ кардааст ва он нақши сарҷумларо ҳазф намуда, ҷумлаҳои пайрави дараҷаро бо пайвандаки пайвасткунандаи «ва» оғоз кардааст. Бояд гуфт, ки ин таърифи имло танҳо дар ҳамин ду луғат айнан як хел омадааст, дар дигар луғатҳое, ки шарҳи дастури забони тоҷикӣ доранд, ба ин сурат вонахӯрд. Муаллифони дигар фарҳангҳо, аз ҷумла, «Фарҳанги Рашидӣ» гоҳо бо исми «фоида» бандеро меорад, ки оид ба имлои баъзе ҳарфҳо баҳс кардааст, чунончи: «Фоида. Моқабли «вов»-и маъруф ва «вов»-и маҷҳул, албатта, мазмум бошад ва моқабли «ё»-и маъруф ва «ё»-и маҷҳул, албатта, мақсур. Фоида. Дар имлои форсӣ баъд аз замма «вов» ва баъд аз касра «ё» ва баъд аз фатҳа «алиф» нависанд» [6, с.240-241].

Қисмати бештари шарҳи дастурии забони форсии тоҷикиро дар ин гурӯҳи фарҳангҳо калимасозии пешвандию пасвандӣ ташкил менамояд. Ин анъана ба сурати мушаххас аз донишманди улуми сегонаи адабӣ Шамси Қайси Розӣ шурӯъ гардидааст. Ин донишманди тавоно дар асари худ «ал-Муъҷам» вобаста ба илми қофия бисёр қолабҳои калимасозии пешвандию пасвандиро нишон додааст, ки ин хизмати Шамси Қайси Розӣ дар таҳқиқи бисёр боарзиши забоншиноси тоҷик, профессор Д. Хоҷаев хуб таҷассум ёфтааст. Профессор Д. Хоҷаев дар бораи хизматҳои Шамси Қайси Розӣ дар шаклгирӣ ва рушди таърихи афкори забоншиносии тоҷик чунин изҳори андеша менамояд: «Яке аз хизматҳои барҷастаи Шамси Қайси Розӣ ин аст, ки ӯ як қатор қолабҳои калимасозӣ ва қоидаҳои сарфии забони тоҷикиро (дариро) мухтасаран тавзеҳ додааст ва бо ин амали хеш ба таҳқиқи калимасозию сарфшиносии тоҷик дар асри XIII асос гузоштааст. Ӯ дар «Ал-муъҷам» бисёр қолабҳои калимасозиро бо пасвандҳо нишон додааст, ки имрӯз ҳам мустаъмаланд. Ҳарчанд ин маълумотҳо сирф шарҳи морфологӣ набошанд ҳам, барои таърихи илми забоншиносии классики тоҷик аҳаммияти бузурги назариявӣ доштанд. Ин асар чунонки худи муаллиф ҳам таъкид менамояд, дар асрҳои миёна ба сифати аввалин дастури забони тоҷикӣ дар бахши морфология ва хусусан калимасозӣ, хизмати шоиста кардааст ва барои таълифи рисолаҳои минбаъда аз дастури забони форсию тоҷикӣ замина гузоштааст» [19, с.134].

Дар ҳақиқат, чунонки аз таҳқиқи профессор Хоҷаев Д. бармеояд, Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам» дар маҷмӯъ 35 адад пасвандҳои калимасозу шаклсози исму сифатро бо тобишҳои маъноияшон шарҳ додааст, чунончи: -зор, -дор, -бор, -вар, -сар, -гар, -гор, -дон, -бон, -истон, -ор, -чӣ, -ӣ, -ҳо, -ак, -осо, -нок, -ин, -он, -ваш, -аш, -фом, -о, -манд, -ча, -гон, -он, -сон, -а, -ур, -иш, -гун, -ум, -гин, [19, с.138]. Бояд таъкид кард, ки ин анъанаи муаллифи «Ал-муъҷам» минбаъд дар ду самт идома ёфт: якум – дар осори ҳамгуни худаш, яъне осори ба улуми адабӣ бахшидашуда ва намунаи барҷастаи он – «Чаҳор гулзор»-и донишманди улуми адабии асри XVI Хоҷа Ҳасани Нисорӣ; дуюм – фарҳангҳои тафсирӣ, ки намунаи беҳтаринаш «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ» ва «Ҳафт қулзум» мебошад. Масалан, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар дастури таълимии барои мубтадиён (навомӯзон) бо исми «Чаҳор гулзор» таълиф намудааст, тибқи таҳқиқи профессор Д. Хоҷаев, дар дастури таълимии фавқ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар бораи як дасту пешванду пасванд ва миёнбандҳои забони тоҷикӣ, ба мисли: -зор, -манд, -вар, -ур, -гин, -нок, -бон, -

гор, -истон, -анда, -дон, -када, -ак, -ча, -иш, -ор, -гон, -ҳо, -ҷот, -ум, -а, -о-, -у-, би-, ма, на-, бо мисолҳои мушаххас маълумоти пурқимати дастурӣ додааст, ки аз диди имрӯзи илми забоншиносӣ хеле муфиду пуразришанд.

Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки махсусан ин гуна шарҳу тавзеҳоти калимасозӣ дар муқаддимаи як даста фарҳангҳои тафсирӣ ба сурати густарда мушоҳида мешавад. Масалан, дар се ойини «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ойини 8, 9, 10-ум оид ба калимасозӣ шарҳу тавзеҳоти зарурӣ оварда шудааст. Ойини ҳаштум «Дар зикри ҳуруфи калимоте, ки ба ҷиҳати ҳусн ва зинати калом биоваранд ва онро дар маънӣ мадхале набошад. Ғарази муаллиф пешвандҳои шаклсоз мебошад, ба мисли маар, бар, фаро, фуру, би, на (мар рӯҳи туро, бархост, фаро рафт, фаро пеши мард, фуру рафт, бигӯ, нагӯй)». Дарвоқеъ, ин пешвандҳо ё барои ҳусни гуфтор, ё таъкид, ё шакл додан оварда мешаванд.

Ойини нуҳум «Дар баёни калимоте, ки ба авохири асмо ва афъол ба ҷиҳати ҳусули маонии гуногун дароваранд ва бидуни таркиб ифодаи маънӣ накунад» ном дошта, муаллифи фарҳанг оид ба пасвандҳои калимасоз баҳс намуда, бо мисолҳои мушаххас кадом маъноҳоро ба вожаи сохта ворид намудани як даста пасвандҳоро нишон дода, онҳоро гурӯҳбандӣ кардааст, чунончи: калимоте, ки ифодаи маънии худованд менамоянд: -манд (хирадманд, донишманд); -гор (созгор, омӯзгор, хидматгор, ситамгор); -вар бо вови мафтуҳ (тоҷвар, ҳунарвар) ва гоҳ ин «вов»-ро ба ҷиҳати тахфиф сокин созанд ва гӯянд: ганҷур, ранҷур, муздур ва дастур. Калимоте, ки фоидаи маънии бисёрӣ ва анбуҳӣ диҳад: -лох, ҳамчу санглох ва девлох ва рӯдлох. Ва истеъмоли ин калима ба ғайри се маҳал дар ҷойи дигар ба назар нарасид. Ва санглох ва девлох дар шеър ва ғайри шеър бисёр дида шуда. Фаммо рӯдлох ба ғайр аз Ҷомосбнома ҷойи дигар ба назар дар наёмада; -сор, чунончи намаксор ва шохсор; -зор монанди гулзор ва лолазор ва сабзазор; -бор, мисли дарёбор, ҳиндбор ва рӯдбор; -истон, чун гулистон ва бӯстон ва сангистон [6, с.176]. Ба ҳамин тартиб муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» пасвандҳои калимасозро вобаста ба маънии воридкунандагӣ ба гурӯҳҳои зерин дастабандӣ кардааст:

1. Калимоте, ки маънии шабеҳ ва монанд бахшанд: -дес, -дас, -вон, -ван, -осо, -сон, -сор, -паш, -ваш;
2. Калимоте, ки фоидаи маънии фоилият диҳад: -гар, -он, -гор, -ор;
3. Калимоте, ки фоидаи маънии тасғир намояд: -ча, -ак;
4. Калимоте, ки фоидаи маънии иллат ва далел диҳад: «чи»-и мақсур, «ки»;
5. Калимоте, ки фоидаи … бахшад: -вор (шоҳвор, ҷомавор, номавор); -она (мардона, шоҳона, бузургона);
6. Калимоте, ки фоидаи маънои муҳофизат диҳад: -дор (пардадор, роҳдор, зардор, молдор); -бон (филбон, дарбон); -вон (уштурвон);
7. Калимоте, ки фоидаи маънои иттисоф ба чизе диҳад: -нок (ғамнок, саҳмнок, дарднок); -гин (шармгин, хашмгин);
8. Калимоте, ки муфиди маънои мусбат бошад: «ё»-и муфрад (анборӣ, хайбарӣ, ҳиравӣ, кошӣ); -ин (симин, заррин, оҳанин); -ҳо (яксола, якрӯза, якшаба, якмоҳа, дина, парерина, симина, заррина);
9. Калимоте, фоидаи маънии ранг ва лавн бошад: -пом, -фом ва –вом (мушкпом, анбарфом, гулвом); -гун ва -гуна (гандумгун ва сурхгуна);
10. Калимоте, ки маънии ҳосили масдар диҳад: -ор (рафтор, гуфтор, кирдор); -гӣ (бахшандагӣ, шармандагӣ).

Ойини даҳуми муқаддимаи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» низ иртибот дорад ба калимасозӣ. Дар ин ойин оид ба вазоифи дастурии «алиф», пасванди масдарсози –иш, «вов», «ҳо», «ё», «бо»-и зоид, пасвандҳои ҷамъбандии «-ҳо», «-он», «-гон» ва табдили баъзе ҳуруф сухан меравад.

Бояд гуфт, ки дар маҷмӯъ дар ин ду ойин асосҳои дастурии калимасозии забони тоҷикӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст, ки он маълумотҳо дар фарҳангҳои дигари тафсирӣ чун анъана идома ёфтааст. Ин анъана, асаосан, дар фарҳангҳои «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Анҷуманорои Носирӣ», «Ҳафт қулзум» идомаю густариш ёфтааст.

Масалан, дар «Бурҳони қотеъ» шарҳи калимасозӣ дар се «фоида», яъне фоидаи шашум, ҳафтум ва ҳаштум омадааст, ки аксар ҳамон маълумотҳоеанд, ки дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ба мушоҳида расид. Ба гунаи мисол шарҳи ин фарҳангро дар бораи вазоифи «алиф» меорем:

Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ	**Бурҳони қотеъ**
Бидон, ки алифоте, ки дар аввали калима бошад: аслӣ ва васлӣ. Аслӣ бар ду қисм аст: аввал он ки ба ҳеҷ ваҷҳ ҳазф нашояд намуд, чи ба ҳазфи он калима аз маънӣ биафтад, монанди алфанҷ ва алфаъда, ки баъд аз ҳазфи алиф лфанҷ, лфғада шавад, ки он ҳеҷ маънӣ намедиҳад.	Бибояд донист, ки «алифҳо»-е, ки дар авоили калимот аст, ба ду гуна бошад: яке аслӣ ва дигаре васлӣ. Ва аслӣ бар ду қисм аст: аввал он, ки онро ба ҳеҷ ваҷҳ ҳазф натавон кард, ҳамчу: анҷом ва андом ва монанди он, ки агар ҳазф кунанд, нҷом ва нҷом шавад ва он маънӣ надорад.

Дуюм он ки чун онро маҳзуф созанд, маънӣ ба ҳоли худ монад, чун устух(в)он ва афтон, ки баъд аз андохтани «алиф» стух(в)он ва ҳамон маънӣ бахшад, ки устухон ва афтон [20, с.178].	Ва дуюм он, ки чун онро маҳзуф созанд, ба ҳоли худ бимонад, ҳамчу: устухон ва уфтон, ки баъд аз ҳазф кардан ҳамон маънӣ бимонад [20, с.178].

Тавре ки аз муқоисаи фавқ бармеояд, муаллифи «Бурҳони қотеъ» аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ба таври фаровон истифода кардааст ва назароти худро ҷо-ҷо иброз доштааст. Боиси таъкиди махсус аст, ки дар таҷрибаи фарҳангнигории асри XVII Ҳинд анъанаи шарҳи дастури забон дар қисмати муқаддимаи луғат хеле ривоҷ меёбад, ғайр аз ду луғати муътабаре, ки намунаҳо аз онҳо ба тариқи муқоиса оварда шуд, боз як луғати дигар «Фарҳанги Рашидӣ» мебошад. Он солҳои 1653-54 таълиф шудааст ва баъд аз «Бурҳони қотеъ» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ба табъ расидааст. Муаллифи «Фарҳанги Рашидӣ» анъанаи муаллифони «Муайид-ул-фузало», «Адот-ул-фузало», «Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ», «Бурҳони қотеъ» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-ро идома дода, дар муқаддимаи луғат доир ба масоили фонетика, калимасозӣ маълумоти муфиде овардааст, ки имрӯз ҳам моҳияти худро нигоҳ доштааст. Як хусусияти фарқкунандаи ин луғат дар он аст, ки муаллиф дар қисмати «истиорот» ибораҳои идиоматикии фразеологиро овардааст, ки бисёр ҷолиб аст.

Муаллифи «Фарҳанги Рашидӣ» низ дар бораи ҳуруфи муфрадаи таҳаҷҷӣ, ба мисли «алиф», «бо», «пе», «то», «со», «ҷим», «чим», «ҳо», «дол», «зол», «ро», «зо», «жо», «син», «шин», ҳуруфи хосси арабӣ: «сод», «зод», «иткӣ», «изғӣ», «айн» ва ҳарфҳои «ғайн», «қоф», «гоф», «лом», «мим», «нун», «вов», «ё» ва вазоифи ин ҳуруф маълумот додааст. Пас аз ин, муаллиф дар бораи табдили ҳар як аз ҳуруфи бистучаҳоргона ба ҳарфи дигар дар баъзе луғат сухан ронда, мисли фарҳангҳои пешин ҳолоти табдили ҳуруфро бо мисолҳо нишон додааст. Дар «Фарҳанги Рашидӣ» низ оид ба хусусиятҳои шаклсозию маъноофарии пешванду пасвандҳо, пешоянду пайвандакҳо шарҳу тавзеҳ оварда шудааст.

Чун анъана дар боби калимасозӣ нахуст воситаҳои шаклсозро шарҳ додааст, чунончи: «Баёни калимоте, ки барои зиннат ва ҳусни калом ояранд ва дар маънӣ дахле надоранд». Дар ин баёния муаллифи луғат қолабҳои ифодаеро овардааст, ки аксаран имрӯз мустаъмал нестанд ва хосси замони муаллифанд. Дар бахши пасвандҳои калимасоз муаллифи «Фарҳанги Рашидӣ» низ мисли муаллифони фарҳангҳои пешин ҳамон тарзи анъанавии шарҳу тавзеҳотро ба кор бурдааст, чунончи: «Баёни калимоте, ки ифодаи маънии худовандӣ кунанд: -манд (мустаманд, арҷманд, оҳманд, озманд); -гор, (хидматгор, ситамгор, гунаҳгор); -вар (тоҷвар, ҳунарвар). Баёни калимоте, ки ифодаи маънии фоилият кунанд: -гар (косагар, шишагар); -он (хандон, гирён); -ор (харидор, фурӯхтор). Баёни калимоте, ки ифодаи анбуҳӣ ва бисёрӣ диҳад: -лох (санглох, девлох, рӯдлох); -сор (намаксор, кӯҳсор); зор- (лолазор, гулзор, корзор); -бор (дарбор, ҳиндбор, рӯдбор); -стон (гулистон, бӯстон). Дар баёни калимоте, ки ифодаи маънии монандӣ кунанд: -дес (холдес ва фархордес); -осо (шеросо, мардосо); -паш, -фаш, -ваш (шерпаш, шоҳфаш, моҳваш). Баёни калимоте, ки ифодаи тасғир кунанд: -ча (боғча, тоқча, кӯҳча); -ак (ғуломак, аспак). Баёни калимоте, ки маънии лаёқат бахшанд: -вор (шаҳвор, гӯшвор, ҷомавор, номавор); -она (мардона, шоҳона, бузургона). Дар ин ҷо як нуктаро бояд таъкид намуд, ки муаллифи «Фарҳанги Рашидӣ» дар ин қолаб бо чунин тарз ҷудо кардани тартиби калимаро саҳеҳтар медонад: шоҳ-он-а. У мегӯяд: «Таҳқиқ он аст, ки дар ин ҷо барои нисбат аст, ки ба калимаи «мардон» ва «шоҳон» мулҳақ шавад» [6, с.238]. Баёни калимоте, ки ифодаи муҳофизат кунанд: -дор (пардадор, роҳдор, зардор, молдор); -бон ва -вон (дарбон, қулфбон, уштурвон).

Баёни калимоте, ки ифодаи маънии иттисоф ба чизе кунанд: -нок (ғамнок, саҳмнок, дарднок); -гин (шармгин, хашмгин). Баёни калимоте, ки ифодаи маънии нисбат аст: «ё»-и муфрад (анбарӣ, чанбарӣ) ва ин мисли симин ва замин: «ҳо» (-а) (яксола, якрӯза, дина, фарзон). Баёни калимоте, ки маънии ҳосили масдар медиҳад: -гӣ (бахшандагӣ, шармандагӣ); -ор (рафтор, гуфтор, кирдор); -иш (омӯзиш, бахшиш). Дар баёни калимоте, ки ифодаи маънии зарфият қунад: -дон (қаламдон, сурмадон) [6, с.240]. Ба сурати хеле густарда аз ду фарҳанги истифодакардаи муаллифи «Фарҳанги Рашидӣ» ҳамин чиз низ равшан мегардад, ки дар шарҳи масъалаи имола истилоҳи фоида дар луғати «Бурҳони қотеъ» чун номи ҳар фасли марбут ба ин ё он мавзӯи шарҳшаванда оварда шудааст, истифода кардааст, чунончи: Фоида. Моқабли «вов»-и маъруф ва «вов»-и маҷҳул, албатта, мазмум бошад ва моқабли «ё»-и маъруф ва «ё»-и маҷҳул ё мақсур. Фоида дар имлои форсӣ баъд аз замма «вов» навишта ва баъд аз касра «ё» ва баъд аз фатҳа «алиф» нависанд [6, с.240-41].

Ба ҳамин тариқ, анъанаи шарҳи дастури забони форсии тоҷикӣ дар муқаддимаи фарҳангҳои тафсирӣ то ибтидои асри XX идома меёбад. Мо ин анъанаро дар чанде аз фарҳангҳои баъдӣ, ба мисли «Ҳафт қулзум»-и Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ (асри XIX) дида метавонем. Бояд гуфт, ки ин шарҳу тавзеҳоти дар муқаддимаи фарҳангҳои

тафсирӣ сабтгардида барои таҳияи дастурҳо аз забони форсии тоҷикӣ заминаи боэътимод гардида, барои шаклгирӣ ва рушди афкори забоншиносии тоҷик аҳаммияти муҳим доштанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С.Ализода. - Душанбе, 2006. - 79 с.
2. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1 / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. -Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
3. Воҷидалихон. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун. - Нувалкушур, 1389 ҳиҷрӣ. - 556 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.2. Нашри академӣ. - Душанбе, 1989. - 220 с.
5. Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ. Ҳафт қулзум / Ғозӣ, Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳ. - Лакҳнав, 1822. Қулзуми ҳафтум. – С.34-35.
6. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 2017. – 320 с.
7. Залеман К.Г., Жуковский В.А. Краткая грамматика новоперсидского языка / К.Г. Залеман, В.А. Жуковский. - СПБ, 1890. - 111 с.
8. Мамадназаров, А. Становление и развитие таджикский переводной лексикографии XX и начала XXI вв: автореф… дисс… докт. филол. наук / А.Мамадназаров. – Душанбе, 2013. – 46 с.
9. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1. / Ғиёсиддин Муҳаммад. - Душанбе, 1987. - 480 с.
10. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2 / Ғиёсиддин Муҳаммад. - Душанбе, 1988. - 416 с.
11. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо / С.Назарзода. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 371 с.
12. Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн. Куллиёт. Ҷ. 1. / Хусрав, Носир. - Душанбе, 1991. - С.5-220.
13. Раупов, Ҳ. Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс / Ҳ.Раупов. – Душанбе, 1972. – 191 с.
14. Саймиддинов, Д. Вожашиносии форсии миёна / Д.Саймиддинов. – Душанбе, 2001. – 310 с.
15. Саймиддинов, Д. Форсии бостон / Д.Саймиддинов. – Душанбе 2008. – 190 с.
16. Сулаймонов, С. Формирование терминологии таджикской философии / С.Сулаймонов. – Душанбе, 1977. – 96 с.
17. Тусӣ, Насируддин. Асос-ул-иқтибос / Насируддини Тусӣ. – Теҳрон, 1323 ҳиҷрӣ. – С.8-48.
18. Тусӣ, Насируддин. Меъёр-ул-ашъор / Насируддини Тусӣ. – Душанбе, 1992. – 152 с.
19. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 344 с.
20. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор / Нисорӣ, Хоҷа Ҳасан. - Душанбе, 1998. - 116 с.
21. Шамси Қайси Розӣ. Ал-Муъҷам / Розӣ, Шамси Қайс. – Душанбе, 1991. – 463 с.

АНЪАНАИ ШАРҲНАВИСИИ ДАСТУРИ ЗАБОН ДАР ФАРҲАНГҲОИ ТАФСИРИИ ПЕШИН ВА АҲАМИЯТИ ЗАБОНШИНОСИИ ОНҲО

Дар мақола муаллиф оид ба анъанаи шарҳнависи дастури забони тоҷикӣ дар фарҳангҳои тафсирии пешин изҳори назар кардааст. Ӯ фарҳангҳои тафсириро аз ин нуқтаи назар ба ду гурӯҳ дастабандӣ кардааст. Якум – фарҳангҳои тафсирие, ки шарҳи масоили дастури забони тоҷикӣ дар дохили фарҳанг оварда шудааст; дуюм – фарҳангҳои тафсирие, ки муҳимтарин масъалаҳои дастури забони тоҷикӣ дар муқаддимаи фарҳанг бо исми «ойин», «фоида» ва «ороиш» оварда шудаанд. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки анъанаи шарҳнависи дастури забони тоҷикиро дар асоси маводи фарҳангҳои тафсирии дастаи дуюм нишон бидиҳад. Ин анъана, яъне шарҳнависи масоили дастури забони дарии тоҷикӣ ба назари муаллифи мақола аз луғати тафсирии «Муайид-ул-фузало» шурӯъ гардида, то фарҳанги тафсирии «Ҳафт қулзум» идома ёфтааст. Ба ин хотир муаллиф шарҳи дастурии дар «Муайид-ул-фузало», «Адот-ул-фузало», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Анҷуманорои Носирӣ» ва «Ҳафт қулзум» овардаро, аз диди забоншиносии муосир баррасӣ намуда, арзиши онҳоро нишон додааст. Бояд гуфт, ки ин шарҳу тавзеҳоти дар муқаддимаи фарҳангҳои тафсирӣ сабтгардида барои таҳияи дастурҳо аз забони форсии тоҷикӣ заминаи боэътимод гардида, барои рушди минбаъдаи афкори забоншиносии муосири тоҷик аҳаммияти муҳим доранд.

Калидвожаҳо: дастур, фарҳанг, тафсир, анъана, забоншиносӣ, афкор, пешин, забон, калимасозӣ, луғат, сарф, наҳв, рушд, шаклгирӣ, таъсир, таърих.

ТРАДИЦИИ НАПИСАНИЯ КОММЕНТАРИЕВ К ГРАММАТИКЕ ЯЗЫКА В ТОЛКОВЫХ СЛОВАРЯХ И ИХ ЛИНГВИСТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ

В статье автор высказывает свое мнение относительно традиций написания комментариев к грамматике языка. Он со своей точки зрения разделяет толковый словарь на две группы. Первая группа – толковые словари, в которых комментарии к проблемам грамматики таджикского языка приведены в самом словаре; второе – толковые словари в которых важнейшие проблемы грамматики таджикского языка приведены в предисловии словаря под названием «традиция», «польза» и «оформление». Автор постарался показать традиции написания комментариев к грамматике таджикского языка на основе материалов второй группы источников толковых словарей. Данная традиция, то есть написание комментариев к проблемам грамматики таджикского языка и языка дари с точки зрения автора статьи началось с толкового словаря «Муайид-ул-фузало» и продолжалось до толкового словаря «Хафт кульзум». Поэтому, автор статьи рассматривая комментарии приведенные к грамматике языка в «Муайид-ул-фузало», «Адот-ул-фузало», «Фарханги Джахонгириї», «Бурхони котеъ», «Фарханги Рашиди», «Анджуманорои Носири» и ва «Хафт кульзум» с лингвистической точки зрения и указывает их ценность. Нужно отметить, что комментарии приведенные в предисловии толковых словарей являются достоверной основой для составления грамматики персидско-таджикского языка и будут иметважное значение для дальнейшего развития современной таджикской лингвистической мысли.

Ключевые слова: грамматика, культура, традиции, языкознание, мысль, словообразование, словарь моролоия, чсинтаксис, развитие, формообразование, влияние, история.

TRADITIONS OF WRITING COMMENTS ON THE GRAMMAR OF THE LANGUAGE IN INTERPRETING DICTIONARIES AND THEIR LINGUISTIC SIGNIFICANCE

In the article, the author expresses his opinion on the traditions of writing comments to the grammar of the language. From his point of view, he divides the explanatory dictionary into two groups. The first group - explanatory dictionaries, in which comments on the problems of the grammar of the Tajik language are given in the dictionary itself; second - explanatory dictionaries in which the most important problems of the grammar of the Tajik language are given in the preface of the dictionary under the name "tradition", "benefit" and "design". The author tried to show the traditions of writing comments on the grammar of the Tajik language based on the materials of the second group of sources of explanatory dictionaries. This tradition, that is, writing comments on the problems of grammar of the Tajik language and the Dari language from the point of view of the author of the article, began with the explanatory dictionary "Muayid-ul-fuzalo" and continued until the explanatory dictionary "Haft kulzum". Therefore, the author of the article, considering the comments given to the grammar of the language in "Muayid-ul-fuzalo", "Adot-ul-fuzalo", "Farhangi Jakhongiri", "Burhoni Kote", "Farhangi Rashidi", "Anjumanoroi Nosiri" and wa "Haft kulzum "from a linguistic point of view and indicates their value. It should be noted that the comments given in the preface of the explanatory dictionaries are a reliable basis for compiling the grammar of the Persian-Tajik language and will be important for the further development of modern Tajik linguistic thought.

Key words: grammar, culture, traditions, linguistics, thought, word formation, moroloy dictionary, syntax, development, form formation, influence, history.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додаров Оятулло*** – Коллеҷи муҳандисӣ-техникии н. Нуробод, номзади илмҳои филологӣ, директор. **Суроға:**737450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Нуробод.
Телефон: (**+992) 918-67-94-41**

Сведения об авторе: ***Додаров Оятулло*** **-** Инженерно-технический колледж района Нуробод, кандидат филологических наук, директор. **Адрес:** 737450, Республика Таджикистан, район Нурабад.
Телефон: (**+992) 918-67-94-41**

Information about the author: ***Dodarov Oyatullo*** **-** Engineering College of the Nurobod District, Candidate of Philological Sciences, Director. **Address:** 737450, Republic of Tajikistan, Nurabad district.
Tel.: **(+992) 918-67-94-41**

УДК:491.71

ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ СИНХРОННОГО ПЕРЕВОДА В ПРЕПОДАВАНИИ РУССКОГО ЯЗЫКА

Абдулазизова З.С., Рустамзода М.Р., Шамсудинова Р.
Таджикский государственный университет коммерции,
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава

Для Республики Таджикистан развитие науки и образования становятся неотъемлемым условием повышения конкурентоспособности экономической системы, способом занять достойное место на региональном и мировом уровнях, укрепить государственность и развивать национальные интересы. Кредитная система обучения - это такая образовательная система, которая направлена на повышение уровня самообразования и творческого усвоения знаний, выборности образовательной траектории в рамках регламентации учебного процесса и учета объема знаний в виде кредитов.

Актуальность этой проблемы становится очевидной в связи с тем, что Таджикистану нужны профессионально подготовленные специалисты – от рабочих специальностей до специалистов высшей научной квалификации – в соответствие с принятыми международными стандартами.

С приобретением статуса независимого государства республика Таджикистан нуждается в квалифицированных специалистах.

На данный момент в Республике Таджикистан функционируют множество посольств иностранных государств, международные организации, многоотраслевые предприятия, целью которых является сотрудничество с Таджикистаном в различных отраслях науки и техники, укрепление и развитие торгово-экономических отношений и т.д.

Следует отметить, что в XXI веке не только таджикистанцы, но и персоязычное население Ирана, Афганистана, Пакистана и Индии более чем прежде заинтересованы в изучении русского языка, так как авторитет России, а особенно научно-технические достижения этого великого государства, стали очевидны в мировом масштабе. Русский язык – это авторитетный язык международного, межгосударственного общения. Поэтому молодые специалисты не только гуманитарных, экономических, но и технических вузов должны уметь синхронно переводить с таджикского языка на русский язык и наоборот.

В современном языкознании все более широкое распространение получает синхронно-сопоставительный метод. Зародившись еще в XIX веке, он приобретает все большую популярность, прежде всего, среди лингвистов женевской и пражской школ, во Франции, США

и других странах, начиная с 30-х годов XX в., в советском языкознании и, главным образом, в последние десятилетия в таджикском языкознании.

Синхронно-сопоставительный перевод не соответствует калькированному переводу. (Например: словосочетание ***учебный отдел*** что? *отдел* (сущ.), какой? *учебный* (прилаг.) - переводится на таджикский язык как ***шуъбаи таълимӣ*** – это калькированный перевод, но, обращая внимание на законы и природу переводимого языка, т.е. таджикского, мы должны перевести ***шӯъбаи таълим.***

В практике переводческой и лексикографической работы, а также преподавания иностранных языков особые трудности представляют межъязыковые относительные синонимы сходного вида, а также межъязыковые омонимы и паронимы. Все эти семантически разнородные случаи объединяет то практическое обстоятельство, что слова, ассоциируемые и отождествляемые (благодаря сходству в плане выражения) в двух языках, в плане содержания или по употреблению не полностью соответствуют или даже полностью не соответствуют друг другу. Именно поэтому слова такого типа получили название «ложных друзей» переводчика. Данный термин закрепился в русской и таджикской лингвистической терминологии.

Учет «ложных друзей» переводчика особенно важен в различных видах перевода, при изучении диалогической и монологической речи, при исследовании поэтики, при освоении иностранных языков и т.д. Теоретическое значение такого исследования состоит в том, что оно дает возможность более глубоко раскрыть историю развития русского и таджикского языков и выявить такие особенности их грамматических структур, которые зачастую ускользают от внимания исследователей, изучавших каждый язык в отдельности. Практическое значение этой работы заключается в том, что она может служить основой для «Русско-таджикского и таджикско-русского словаря «Ложных друзей» переводчика с толкованием и примерами, предназначенными для широкой аудитории переводчиков, преподавателей, журналистов, студентов. Чтобы во время изучения или перевода какого-нибудь текста обратить внимание на законы и возможности переводимых языков. А также эта работа будет незаменима при написании учебников, разговорников, пособий по русскому языку для изучения русского языка таджикским населением во всем мире.

С первого взгляда может показаться, что «ложные друзья переводчика» способны вводить в заблуждение только людей, начинающих изучение языка и плохо владеющих им. В действительности дело обстоит наоборот: основная масса «ложных друзей» (за исключением немногих, наиболее наглядных случаев, преимущественно относящихся к омонимии) оказывается опасной именно для лиц, уверенно и практически удовлетворительно пользующихся языком, поэтому допускающих ложные отождествления отдельных элементов систем иностранного и родного языков. Так возникают многочисленные семантические кальки и случаи нарушений лексической сочетаемости или стилистического согласования не только в процессах пользования иностранной речью, но и при переводах на родной язык и даже в оригинальном слове, в употреблении родного языка. По «ложным друзьям» переводчика большую научно-исследовательскую работу провел украинский ученый, лингвист, доктор филологических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Украины, Заслуженный деятель науки и техники Украины Валерий Викторович Акуленко. Научные труды Акуленко В.В. посвящены общему и типологически-сравнительному языкознанию, функциональной лингвистике, германистике и славянистике. Украинский язык рассматривается Акуленко в связи с другими славянскими языками в европейско-американском языковом арсенале.

Синонимия – тип семантических отношений языковых единиц, заключающийся в полном или частичном совпадении их значений. Синонимия свойственна лексическим, фразеологическим, грамматическим, словообразовательным системам языка. Это характерное явление языков разных типов. Каждый язык имеет свой большой синонимический ряд и каждый синоним этого ряда имеет своё особенное значение. Как известно, язык является богатством народа. Это обусловлено тем, что язык является отражением менталитета каждой нации, народа. В языке отражается достижения, успехи, а также ограниченность, неудачи народа. Из этого следует, что переводимое слово на другой язык может быть только синонимом, а не точным переводом. Роль межъязыковых синонимов играют слова обоих языков, полностью или частично совпадающие по значению и употреблению (и, соответственно, являющиеся эквивалентами при переводе).

Полные межъязыковые синонимы - это такие синонимы, которые можно перевести дословно, так как они имеют только одно значение в сопоставляемых языках, общую реалию. Например, существительные *отец-падар, текст–матн, дарахт-дерево*; глаголы: *бегать-давидан, читать–хондан, писать-навиштан;* прилагательные: *белый-сафед, черный-сиёҳ, большой-калон*; числительные: *один-як, два-ду, три-се*; наречия: *близко-наздик, быстро-тез; местоимения: я-ман, ты-ту, мы-мо* и др.

Полными межъязыковыми синонимами могут быть не только слова, но и словосочетания, предложения, фразеологизмы. Например, *добро пожаловать-хуш омадед; здравствуйте – ассалом; спокойной ночи – хоби хуш; желаю удачи – комёбӣ хоҳонам.*При переводе надо обратить внимание не только на законы и природу переводимого языка, но и на жизнь, обряды, традиции и религию народа. То, что совершается в жизни, отражается в языке. Например, рассмотрим словосочетание: *будь здоров* и *пир шав*. В России при чихании говорят: *Будь здоров*. Это пожелание быть всегда здоровым. А таджикское словосчетание I *саломат бош* относится к официальному деловому стилю; II 1) *пир шав* относится к разговорному стилю, дословно переводится так: *стань старым*. Русскоязычные граждане недоумевают: «Как так, ведь говорят: «старость не радость», «под старость приходит слабость», «стареть не хочется». Как мы отмечали выше, в этом словосочетании: *Пир шав* отражается жизнь народа. Раньше семьи таджиков были многодетными. Многие дети умирали в младенчестве от болезней, в том числе инфекционных. Поэтому в словосочетании *пир шав* пожелание «Дай бог, чтоб ты дожил до старости», то есть не умер молодым. 2) *Пир шав – пири бодавлат шав,* обозначает пожелание счастливой и безбедной старости. Еще один пример из жизни. При прощании таджики желают друг другу «*Роҳи сафед*». А русские при прощании говорят: «*Счастливого пути*». Часто при разговоре мы можем услышать, как студенты желают друг другу: «Вас белый дорога». Конечно же, это является дословным переводом и грубой ошибкой.При переводе нужно подобрать и рассмотреть слово с точки зрения стилистики. Сравним русское слово *кончить.* Это глагол используется как в книжной, так и в разговорной речи. Слово *баста* является частицей и употребляется только в разговорной речи в значении *достаточно* и др. Эти слова относятся к разным стилистическим пластам. Аналогом слова *кончить* в таджикском языке является словосочетание *тамом кардан, адо кардан.* В таджикском языке эти слова тоже относятся к разным стилистическим пластам: *тамом кардан* (нейт.), *адо кардан* (разг.).

Рассмотрим русские глаголы *прийти* и *приехать*. Аналогом глагола *прийти* (идя (имеется в виду пешим ходом) достигнуть чего-н.) в таджикском языке является глагол *омадан.* Глагол *приехать* обозначает *прибыть, передвигаясь на чем-н*. (на поезде, на машине, на санях, на велосипеде), а в таджикском языке нет аналога этого слова. В этом случае переводчик должен перевести текст с этим словом, обращая внимание на контекст.Любопытно также рассмотрение словосочетания Зимний сад. В толковом словаре С.И. Ожегова [1, с.616] дается, что зимний сад-помещение в доме, обставленное живыми растениями и деревьями. В русско-таджикском словаре Арзуманова С. Д., Ахрори Х. А., Бегбуди М. [2, с. 324] Зимний сад переводится как боғи оинабандӣ (дословно это значит застеклённый сад). В Санкт-Петербурге находится знаменитый во всем мире Зимний сад. В таджикско-русском словаре под редакцией Саймиддинова [3] этого словосочетания нет, и не может быть, так как Таджикистан солнечная страна, здесь пользуются оранжереями, парниками, а Зимнего сада как такового нет.

Как известно, фразеологизмы - это устойчивые по составу и структуре и целостные по значению сочетания двух или более слов.Важным признаком фразеологизмов является метафоричность, образность. Фразеологизм рождается в языке не для называния предметов, признаков, действий, а для образно–эмоциональной их характеристики. Образуются фразеологизмы в результате метафорического переноса, переосмысления значений свободных словосочетаний. Например, фразеологическая единица «сматывать удочки» в значении поспешно уходить, отходить откуда–либо появилась в языке на основе метафорического переноса свободного словосочетания сматывать удочки в значении собирать рыболовные снасти, уходя с рыбной ловли [4].Приведем пример дословного перевода фразеологизмов: американка и россиянка летят в одном самолёте. Американка заметила, что потеряла серёжки. Американка попросила стюардессу перевести россиянке, что не она ли взяла ее сережки. Если взяла она, то пусть заплатит 200 долларов. На что россиянка ответила: «Здрасте, я ваша тетя!». Стюардесса переводит: «Россиянка говорит, что она ваша родственница». Американка удивилась и мыслит вслух: «Вроде у меня не было родственников в России. Ну, если так, пусть заплатит половину суммы». Россиянка ответила: «Хрен она получит». Стюардесса переводит американке: «Россиянка говорит, что вы получите за сережки фруктами и овощами».

Омонимы возникли в языке в результате исторических звуковых изменений. В языке произошли совпадения ранее различных по звучанию слов. Одинаковая внешняя форма слов (звуко-буквенная и грамматическая) позволяет говорить об омонимах как о словах двойниках. Например, в русском языке слово *ключ* (металлический стержень с особой комбинацией вырезов для отпирания и запирания замка и др.), *ключ* (вытекающий из земли источник, родник); *лавка* (длинная скамья) и *лавка* (небольшой магазин). В таджикском языке *хон* (хан, правитель и др.), *хон (*дастархан, скатерть), *хон* (от глагола читать II лицо, ед.ч. ту хон- ты читай) и *хон* (богатство); *часпак* (липкий, клейкий и др.) и *часпак* (разг.петля, шарнир (у окон).

Самая многочисленная, разнообразная и интересная группа – это межъязыковые лексические омонимы. К межъязыковым лексическим омонимам относятся слова двух

переводимых языков, которые совпадают друг с другом грамматически и фонетически, но не связаны по смыслу. Например, русское слово *сад* (участок земли, засаженный деревьями, кустами, цветами и др.), а таджикское слово *сад* (сто, сотня и др.); русское слово *раб* (в рабовладельческом обществе: человек, лишенный всех прав и средств производства, являющийся полной собственностью владельца-господина, распоряжающегося его трудом, жизнью и др.), а таджикское слово *раб* (б) (господин, владыка (эпитет бога) и др.); русское слово *рой* (стая летающих насекомых и др.), а таджикское слово *рой* (I мнение, суждение, взгляд; II раджа (князь в Индии);Под паронимами понимаются слова, имеющие словообразовательное (и следовательно, звуковое) сходство, т. е. паронимы–это однокоренные слова, например, русские слова *бродяжий* и *бродячий*, *горячка* и *горячность*, *дымный, дымовой* и *дымящийся, надеть* и *одеть*. Таджикские слова *алафзор* и *алафдор*, *нимрӯзӣ* и *нимрӯза*, *мақсад* и *мақсуд* являются паронимами.

Появление межъязыковой паронимии – это случайное сближение слов в звучании. К межъязыковой паронимии относятся слова сопоставляемых языков, не совсем сходные по форме, но которые могут привести в заблуждение носителей обоих языков, русского и таджикского, так как вызывают ложные ассоциации. Они похожи друг с другом при написании полностью или частично, но имеют совсем другие значения. Например, русское слово *Русь* (Россия) и таджикское слово *рус* (I русский человек; II твердый, незыблемый); русское слово *роет* (3 лицо.ед.ч.от глагола рыть) и таджикское слово *роёт* (мн.ч. от роят) знамена, флаги, штандарты); русское слово *парить* (подвергать действию пара (для очистки, истребления насекомых) и др.) и таджикское слово *парид* (3 лицо, ед.ч. от глагола паридан лететь); русское слово *наша* (мест.притяж. ж.р. принадлежащий нам, имеющий отношение к нам и др.) и таджикское слово *нашъа* (анаша, наркотик и др); русское слово *шарк* (разг. в значении скакать) и таджикское слово *шарқ* (восток и др).Приведем в пример рассказ жительницы северных районов Таджикистана.В 30-ые годы XX столетия в Таджикистан прибыли красноармейцы. Утром командир отряда вышел из палатки, которая находилась на берегу горной реки, и, взглянув на горы и речку, с восхищением сказал: «Хорошо». Подросток, услышав это, быстро привёл осла и начал его мыть. А мыть осла начал потому, что услышал: «Хара шу», то есть «Вымой осла». Через некоторое время командир воскликнул «Ну, хорошо!». Подросток, услышав это, пошел в кишлак и привёл девятерых ослов и начал их мыть. А мыть ослов начал потому, что услышал: «Нуҳ хара шу», то есть «Вымой 9-ых ослов». Через некоторое время командир воскликнул: «Да, хорошо!». Подросток, услышав, это пошел в кишлак и привёл еще одного и стало десять ослов и начал их мыть. А мыть ослов начал потому, что услышал: «Даҳ хара шу», то есть «Вымой 10-ых ослов».

Переводчики, преподаватели и студенты интересуются «ложными друзьями» переводчика, так как встречаются с трудностями при переводе. Можно использовать двуязычные словари. Конечно, в двуязычных словарях есть подробные описания слов, есть комментарии к переводимым словам, есть примеры, но очень сложно работать сразу с несколькими словарями одновременно.Русско - таджикский и таджикско - русский словарь «ложных друзей переводчика» будет настольной книгой переводчиков, лингвистов, преподавателей иностранных языков, журналистов, студентов и школьников, изучающих русский и таджикский языки. В этом словаре не только будут подробные описания слов, комментарии к ним, примеры, но и детальное исследование каждого слова, чтобы предотвратить ошибки при переводе и придерживаться главной мысли текста.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С.И. Ожегов; под редакцией д.ф.н., профессора Н.Ю. Шведовой. - М.: Русский язык, 1981. - 816 с.
2. Русско-таджикский словарь / С.Д.Арзуманов, Х.А.Ахрори, М. Бегбуди и другие; под ред. члена-кор. АН СССР М.С. Осими. – М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.
3. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ, зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д. Холматова, С. Каримов. – Д.: АИ ҶТ, 2006. — 784 с.
4. Шанский Н.М. Фразеология современного русского языка / Н.М. Шанский. - СПб.: Специальная литература, 1996. – 192 с. [электронный ресурс] – Режим доступа. – URL: https://www.rulit.me/books/frazeologiya-sovremennogo-russkogo-yazyka-read-391809-1.html (Дата обращения 12.10.2019 г.)
5. Шаповалова Е.Ю. Национально-культурный компонент в семантике субстантивного фразеологизма / Е.Ю. Шаповалова // Семантика языковых единиц: 4.2. Фразеологическая семантика. Словообразовательная семантика. – М., 1994. – С.91-94.
6. Шевченко А.К. Культура. История. Личность: Введение в философию поступка / А.К. Шевченко. – Киев, 1991.
7. Шингаров Г.Х. Эмоции и чувства как формы отражения действительности / Г.Х. Шингаров. – М., 1971.
8. Шмелев Д.Н. Современный русский язык. Лексика / Д.Н. Шмелев. – М.1977.

ҶАНБАҲОИ АСОСИИ ТАРҶУМАИ СИНХРОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ РУСӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди илм ва соҳаи маориф диққати зиёд дода мешавад. Низоми таҳсилоти кредитӣ баҳри беҳтар кардани сатҳи таълим ва худомӯзӣ имконияти васеъ фароҳам овардааст. Забони русӣ яке аз забонҳои

бонуфузи байналхалқӣ мебошад. Аз ин рӯ, донишҷӯёнро лозим аст, ки новобаста аз ихтисоси интихобнамудаашон забони русиро донанд. Дар вақти тарҷума кардан, надонистани мафҳумҳои синонимӣ, антонимӣ, паронимӣ ва фразеологизмҳои байнизабонӣ душвориҳои зиёдро ба вуҷуд меоранд. Ин гуна калимаҳоро «дӯстони ғалатандоз»-и тарҷумон номидаанд. Дар мақола шарҳу тавзеҳот ва намунаҳои гуногуни «дӯстони ғалатандоз»-и тарҷумон бо истифодаи намунаҳои забонҳои русӣ ва тоҷикӣ оварда шудаанд. Калимаҳои зиёде ҳастанд, ки дар тарҷума чун «дӯстони бардурӯғ»-и тарҷумон («ложные друзья» переводчика) мафҳуми ба он монандро ифода мекунанд. Аз ин рӯ, муаллиф дар шарҳу тавзеҳот ба намудҳои гуногуни «дӯстони бардурӯғ»-и тарҷумон, ҳам дар забони русӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ, бояд диққати махсус диҳад. Инчунин, фразеологизмҳои байнизабонӣ, воҳидҳои фразеологӣ, метафорикӣ, образнокии рамзӣ низ, бояд мавриди истифода қарор гиранд. Одатан, фразеологизмҳо – ибораҳои рехта, на барои номгузории ашё, аломат, амал, балки барои тавсифи рамзии эмотсионалии онҳо ба вуҷуд меоянд. Аҳаммияти ин кор барои тартиб додани фарҳангҳои русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русӣ бузург аст.

Калидвожаҳо: низоми таҳсили кредитӣ, Тоҷикистон, «дӯстони бардурӯғ»-и тарҷумон, тарҷумаи ҳамзамон, синонимҳои забонҳои гуногун, омонимҳо, паронимҳо, воҳидҳои фразеологӣ.

ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ СИНХРОННОГО ПЕРЕВОДА В ПРЕПОДАВАНИИ РУССКОГО ЯЗЫКА

Республика Таджикистан уделяет большое внимание развитию науки и образования, для того чтобы занять достойное место на мировом уровне. Кредитная система обучения направлена на повышение уровня образования и самообразования. Русский язык – это авторитетный язык международного, межгосударственного общения. Поэтому, чтобы стать высокопрофессиональными специалистами, студенты не только гуманитарных, экономических, но и технических вузов должны уметь синхронно переводить с таджикского языка на русский и наоборот. В практике переводческой работы, а также преподавании русского языка особые трудности представляют межъязыковые синонимы, омонимы и паронимы. Слова такого типа получили название «ложных друзей» переводчика. В статье даны разъяснения и примеры различных видов «ложных друзей» переводчика на примерах русского и таджикского языков.

Ключевые слова: кредитная система обучения, Таджикистан, «ложные друзья» переводчика, синхронный перевод.

MAIN ASPECTS OF SIMULTANEOUS TRANSLATION IN RUSSIAN LANGUAGE INSTRUCTIONS

Republic of Tajikistan specially emphasizes on education and science development in order to be recognized on global scale. The aim of the credit system is the improvement of education and self-study. Russian language is a well-respected language for international and intergovernmental communication. Therefore, in order to become highly skilled specialists not only students of humanitarian and economic but also technical higher education institution students have to be able to simultaneously translate from Tajik to Russian and vise versa. Interlanguage synonyms, homonyms and paronyms especially cause difficulties in translation and Russian language instructions. Such type of words are called “translator’s false friends”. Explanations and examples of different types of “translator’s false friends” from Russian and Tajik languages are given in the article.

Key words: Credit system education, Tajikistan, translator’s «false friends», simultaneous translation.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Абдулазизова З.С.*** – Донишкадаи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Деҳотӣ, ½. E-mail **zebo61@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-506-91-51**
Рустамзода М.Р. – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯч.Айнӣ 67. E-mail:**rafoat62@mail.ru.** Тел.: **(+992) 905-77-55-22**
Шамсудинова Р. - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯч.Айнӣ 67

Сведения об авторах: ***Абдулазизова З.С.*** - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Дехоти, ½. E-mail **zebo61@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-506-91-51**
Так, болгарские лингвисты А. Людсканов и А. Попович считают, что «качественные и точными являются только те переводы, которые осуществляют свою цель – предоставляют инвариантную информацию в сравнении с оригиналом и выполняют одинаковую функцию» [2, с.58]. В.Н. Комиссаров считает, что «эквивалентность перевода заключается в максимальной идентичности всех уровней содержания текстов оригинала и перевода» [4, с.30]. Более того, Комиссаров предлагает избавиться от ставшего ненужным при оценочной трактовке термина « эквивалентность». Некоторые авторы предлагают употреблять вместо термина «адекватный перевод» термин «полноценный перевод», имея в виду «исчерпывающую передачу смыслового содержания подлинника» [2, с.56]. Однако следует отметить, что перевод представляет собой специфический вид языковой деятельности, не исчерпывающийся навыками одноязычного речевого поведения. В процессе перевода происходит постоянная координация двух языковых систем и параллельных речевых действий на двух языках. Существуют переходные формы перевода: устно – письменная и письменно – устная. В первом случае оригинал является произносительным текстом, в то время как перевод осуществляется в письменной форме. Во втором процедура перевода осуществляется наоборот; переводчик получает письменный оригинал и должен передать его в устной форме.

Перевод можно также классифицировать с точки зрения тематических свойств и функционально – стилистических особенностей переводимого текста. Р. Якобсон предлагал

трехчленную классификацию перевода с учетом семиотических исследований (семиотика - от греческого semeion – знак, признак) наука, исследующая способы передачи информации). В своей статье “ On linguistic Aspects of Translation” он дал семиотическое определение перевода, указав на возможность выделения следующих трех его типов: 1) внутриязыковой перевод; 2) межъязыковой перевод; 3) межсемиотический перевод [7, с.56]. Первый тип рассматривается с позиции семиотических соответствий между элементами перевода – переформулирования. Второй активно изучается с точки зрения соответствия переводимого текста с оригиналом. Третий тип классификации Якобсона связан исключительно с семиотическими исследованиями перевода. При этом подходе напрашивается вывод, что эквивалентность может проявляться на разных уровнях в разных текстах. Функционально – стилевая типология текстов помогает выявить максимальные единицы письменной и устной речи, характеризуемые разным уровнем изложения. Научно – технические тексты требуют от переводчика высокой степени профессиональной компетенции в той области, где он работает. При переводе конкретная семантическая реализация слова постоянно сопоставляется со всей семантической структурой наиболее соответствующего ему слова, что позволяет переводчику подобрать наиболее точный семантический эквивалент, а в некоторых случаях обнаружить причину неожиданного семантического отклонения от оригинала. Только при достаточно верно определенной структурно – семантической эквивалентности разноуровневых единиц перевода научно – технического стиля можно добиться точного, адекватного перевода. Например: The current, which flows along wires, consists of moving electrons. (Электрический ток, текущий по проводу, состоит из движущихся электронов). The electrons move along the circuit because the e.m.f. drives them (Электроны двигаются вдоль цепи, так как ими управляет Э.Д.С.) [4, с.34].

Текст научно – технического характера типологически полностью противоположен всем текстам неофициального характера. Основной функцией таких текстов является информация, объединяющая все документальные - стили речи. Именно для текстов официального стиля более важно не то, как это сообщается, а то, что сообщается. В то время как для текстов художественного произведения более важно то, какими эмоциональными средствами передается содержание текста. В этом случае основной идеей таких текстов является эстетическое воздействие.

Большую трудность представляет выход на свободную ситуативную речь, с использованием лексических единиц научно – технического текста**. Механизм речи у** нормального человека формируется, основываясь на обеих системах – системе интеллекта и системе языка, т.е. психологически и лингвистически. Речь на иностранном языке требует образования в мозгу человека новой сложной системы стереотипов. Сознание того, что язык изучается в учебной обстановке, в неязыковой атмосфере, может быть большим препятствием в изучении иностранного языка. Только сознательная установка студентов на речемыслительную деятельность средствами иностранного языка может помочь преодолеть языковой барьер.

Специфическими особенностями диалогической речи является необходимость постоянного переключения с одной реплики на другую. Диалогическая речь всегда ситуативна. В отличие от монологической речи, диалогическая речь имеет обратную связь: в процессе диалогического общения осуществляется поочередно говорение и слушание. Для монологической речи характерно отсутствие замкнутого акта коммуникации. По словам Жинкина Н.И., для того, чтобы осуществить передачу информации в монологической речи и обеспечить адекватное восприятие ее слушателями, необходимо наличие следующих компонентов высказывания: мотивированность, обращенность, ситуативная обусловленность и эмоциональная окрашенность [2, с.21.]. Монологическая речь на основе научно – технического словарного запаса более сложна, по сравнению с диалогической. Она отличается развернутостью изложения мысли, логической последовательностью в передаче мыслей.

Обучение этим видам речевой деятельности в процессе работы по научно – техническим источникам представляет довольно большие трудности в связи с тем, что предполагает развитие не только языковых, но и научных знаний, умений и навыков. Это, прежде всего, касается расширения словарного запаса студентов. Семантизация лексических единиц и их запоминание, как правило, реализуется не в ходе практических занятий, а остается аспектом самостоятельной работы студентов. Работа над семантизацией и усвоением лексических единиц рассматривается как одно из основных звеньев обучения устной монологической и диалогической речи. Слова, которые человек употребляет, составляют его активный словарь. Слова, которые человек не употребляет, но узнает в тексте, понимает, составляют его пассивный словарь. Состав активного и пассивного словаря разных лиц зависит от их специальности, возраста, образования, общего культурного уровня и личностных качеств. Слова, относящиеся к пассивному словарю, имеют важное отличие от слов активного словаря. Чтобы точно понимать иноязычный текст или речь необходимо знать точное значение слова, превращая его из слов пассивного словаря в слово вашего активного словаря.

Процесс умения переводить тексты научно – технической тематики требует систематической работы над словарным запасом студентов. Семантико-стилистические грамматические характеристики слов в основном совпадают с толковыми словарями и охватывают лексическую макросистему языка. Однако словообразовательное строение слов в разных языках ведет к неверному отождествлению в процессе соприкосновения и сопоставления языков.

Для реализации этих целей обучение иностранному языку в вузе предполагает использование определенной технологии с учетом всего комплекса конкретных условий и возможностей каждого человека. Однако чтение специальной литературы, к сожалению, не всегда является фактором того, что студенты полностью овладели научной лексикой и способны свободно осуществлять монологическую и диалогическую речь. Основной вопрос заключается в следующем: как от предметно – урочной коммуникации перейти к естественному общению, как развивать способности общаться на иностранном языке на научные темы. Основное препятствие на пути к реальному иноязычному общению – это искусственность процесса обучения языку. В процессе изучения иностранного языка происходит перенастройка речевого двигательного анализатора, что выражается на методическом уровне в необходимости выработки у студентов скорректированных речевых умений и навыков. Задачей преподавателя является создание упражнений, максимально приближенных к реальным ситуациям общения.

Например, можно предложить диалоги на развитие не только устной речи, но на умение высказать свою точку зрения. Например:**Conversation 1. Physics as a basic science**

Student 1: Why do you say that of all the sciences, physics is basic?

Student 2: It is fundamental science because all other sciences use its principles in their own special fields. Without physics to help you, you cannot become a chemist, biologist, geologist, engineer, or doctor. Because physics takes up the study of matter and energy, two basic things in everyday life, it helps every scientist in his work, no matter what field he specializes in.

Student 1: It seems to me that the ancient Egyptians must have known a great deal about mechanics.

Student 2: Yes, of course. To my mind, they might have used some great ramps or inclined planes to raise the stones for the pyramids into place. After the pyramids were finished, slaves probably dug away the ramps to leave the monuments.

Student 3: Sorry for interrupting you. But. I have just been listening to your conversation. To my opinion, the Greeks made some outstanding discoveries in the field of mechanics too.

Student 1: Oh, yes, you are quite right. Over two thousand years ago, Archimedes discovered the laws governing floating bodies. Today, Archimedes' Principle is an accurate a statement of these laws.

Student 2: The Romans were the greatest engineers of the Ancient world too. They used many Greek ideas, but they had great practical building skill as well.

Student 3: I have read that some of the roads they built are still used today. Their great aqueducts brought water from streams sometimes sixty miles away from their cities.

Student 1: But the Romans did not spend their time experimenting in laboratories. They were extremely practical, and wanted results they could use immediately.

Student 2: Today, of course, we are living in a time when new discoveries in science are commonplace. Yet, each discovery is important to our future.

Student 3: As we see, physics contributes to almost every one, for that matter. In addition, it as physics that opened up the field nuclear studies to the atomic bomb.

Conversation 2. Consultation before examination

Teacher: We have seen that an electric current produces some effects. How are these effects groped?

Student 1: The heating, magnetic and chemical effects. Can you give any example of heating effect?

Teacher: Why not. Let us make an experiment with an electric circuit. It is required the small heating coil, ammeter, battery of 3 accumulators, key and rheostat all in series.

Student 2: The voltmeter is connected too between the terminals of the coil

Teacher: You are quite right. The voltmeter is an essential part of the circuit. The accumulators provide the driving force or voltage, the rheostat allows the proportion of the voltage applied to the coil to be varied. The voltmeter then measures this voltage.

Student 1: Ammeter shows fairly accuracy the current in amperes flowing through the coil.

Teacher: But how you can see the heating effect after all?

Student 1: Oh, it isn't difficult. Place the heating coil into the calorimeter and add enough water to cover it. Now close the circuit and at once start the stop clock and carefully stir the water and note the readings of the temperature.

Такого рода диалоги способствуют развитию свободной речи на иностранном языке. Во время беседы происходит замена искусственного произношения естественным, создаются благоприятные условия для поисков и нахождения необходимой лексики, синтаксических конструкций и стилистических особенностей речи, что предполагает использование усвоенных слов, грамматических правил для их закрепления. Языковой материал выходит за рамки учебных тем, вырабатывается и закрепляется нормальный темп речи, преодолевается барьер страха перед иноязычным окружением.

Таким образом, перевод научно – технического текста в корне отличается от перевода текста художественной литературы и требует координации с другими основными аспектами, как по отбору языковых единиц, так и по характеру работы над ним.

Выполнение всех условий изучения иностранного языка способствует развитию уровня профессиональной компетентности, а она, как известно, является главным показателем востребованности специалистов на мировом рынке труда.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абросимов А.Г. Информационно – образовательная среда учебного процесса в вузе / А.Г. Абросимов. – М., 2004.
2. Алхазишвили А.О. Психологические предпосылки активизации процесса обучения иностранному языку / А.О. Алхазишвили. – М., 1998.
3. Афзали М.К. Создание естественной речевой среды на «погружение» при обучении иностранным языкам / М.К. Афзали // Материалы научно – практической конференции «Проблемы перевода и его лингвистические аспекты» РТСУ. - Душанбе, 2014. – С.22-29.
4. Афзали М.К. Английский для студентов по специальности «Электроэнергетика и электротехника» / М.К. Афзали, Г.З. Махмадбекова, П.Р. Раджабов. - Душанбе, 2018. - 190 с.
5. Беляев Б.В. Очерки по психологии обучения иностранным языкам / Б.В. Беляев. М., 2001.
6. Виноградов В.В. История лингвистических учений / В.В. Виноградов. - М., 1978.
7. Жинкин Н.И. Механизмы преодоления межъязыковой интерференции / Н.И. Жинкин. - М., 2001.
8. Емельянов Е.А. Обучение переводу при обучении иностранному языку / Е.А. Емельянов // Вопросы преемственности обучения иностранным языкам в вузе. - М.,1998.
9. Комисаров В.Н. Проблемы перевода и интерпретации текста / В.Н. Комисаров. – М., 1990.
10. Леонтьев А.А. Психологические единицы и порождение речевого высказывания / А.А. Леонтьев. - М., 1999.
11. Нагорная В.А. Научная организация учебного процесса. Сб.ст. / В.А. Нагорная. – М., 2002.
12. Ольшанская Г.В. Теоретические проблемы билингвизма.- Лингвистика и методика обучению переводу / Г.В. Ольшанская. - М., 2001.
13. Солодуб Ю.П. Теория и практика перевода / Ю.П. Солодуб, Ф.Б. Альбрехт. - М.: Академия, 2005.
14. Riesel I.E. Theory and Practice interpretation / I.E. Riesel. - M., 1999.

ЭКВИВАЛЕНТНОКИИ СОХТОРӢ – СЕМАНТИКИИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ МАТНИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ

Дар мақола тавсифоти семантикӣ – услубӣ ва махсусияти матни илмӣ – техникӣ баррасӣ гардидааст. Муаллифон инчунин мафҳуми билингвизмро аз нуқтаи назари лингвистика, психология ва сотсиолингвистика муайян намудаанд. Механизми нутқи одами муқаррарӣ дар асоси ҳарду система – системаи зеҳн ва системаи забон ташаккул меёбад, яъне аз чиҳати психологӣ ва лингвистӣ. Нутқ бо забони хориҷӣ маълумотнокиро дар майнаи инсон бо системаи нави стереотипҳо талаб менамояд. Дарки он ки забон дар вазъи таълимӣ, фазои ғайризабонӣ омӯхта мешавад, монеаи бузург дар омӯзиши забони хориҷӣ мегардад. Муаллифон махсусияти услуби илмӣ-техникии нутқро таҳқиқ намудаанд. Чунин андешаронӣ шудааст, ки танҳо ҳангоми эквивалентнокии муайяни сохторӣ-семантикии воҳидҳои гуногунсатҳаи тарҷумаи услуби илмӣ-техникӣ метавон тарҷумаи муносибро ба даст овард..

Калидвожаҳо: билингвизм, нутқи мусоҳибавӣ, семантика, механизмҳои нутқӣ, тавсифоти семантикӣ-услубӣ, сотсиолингвистика, истилоот, рамзи забонӣ.

СТРУКТУРНО – СЕМАНТИЧЕСКАЯ ЭКВИВАЛЕНТНОСТЬ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОГО ТЕКСТА

В статье рассматриваются семантико – стилевые характеристики и особенности научно – технического текста. Авторами также определяется понятие билингвизма с точки зрения лингвистики, психологии и социолингвистики. Механизм речи у нормального человека формируется, основываясь на обеих системах – системе интеллекта и системе языка, т.е. психологически и лингвистически. Речь на иностранном языке требует образования в мозгу человека новой сложной системы стереотипов. Сознание того, что язык изучается в учебной обстановке, в неязыковой атмосфере, может быть большим препятствием в изучении иностранного языка. Авторами исследуются особенности научно – технического стиля речи. Высказано мнение, что только при достаточно верно определенной структурно – семантической эквивалентности разноуровневых единиц перевода научно – технического стиля можно добиться точного, адекватного перевода.

Ключевые слова: билингвизм, диалогическая речь, семантика, речевые механизмы, лексические единицы, семантико-стилистические характеристики, социолингвистика, термины, языковой код.

STRUCTURAL SEMANTICS OF THE EQUIVALENCY OF LEXICAL UNITS OF THE SCIENTIFIC AND TECHNICAL STYLE OF SPEECH

The present article concerns the issues of studying semantic and stylistics characteristics and peculiarities of scientific and technical style of speech. The authorssr defines bilingual notion by means of linguistics, psychology and sociolinguistics as well. The authors express their point of view on the system of language and the system of intellect, considering them to be different. Speech mechanisms of normal person are formed basing on two systems: the system of intellect and the system of language, i.e. psychologically and linguistically. Foreign language speech demands formation of new, complicated system of stereotypes in the brain of human being. The fact, that language is learnt in academic

atmosphere can cause a great obstruction in the course of language mastering. The authors analyze the peculiarities of scientific and technical style of speech. On the assumption of the authors' opinion, only correct definition of structural and semantic equivalency of translation various units of scientific and technical style of speech promote adequate interpretation.

Key words: bilinguals, dialogue speech, semantics, speech mechanisms, lexical units, semantic and stylistic characteristics, sociolinguistics, terms, language code.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Афзалӣ Маҳбуба Камоловна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Маҳмадбекова Г.З .- Филиали Институти миллии таҳқиқотии Москва дар шаҳри Душанбе, омӯзгори калон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 82.

Сведения об авторах: ***Афзали Махбуба Камоловна*** - Таджикский национальный университет, кандидат педагогических наук, доцент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки. 17.
Махмадбекова Г.З. **-** Филиал Национального исследовательского института в городе Душанбе, старший преподаватель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 82.

Information about authors: ***Afzali Makhbuba Kamolovna*** - Tajik National University, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.
Makhmadbekova G.Z. -Branch of the National Research Institute in the city of Dushanbe, senior teacher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Mirzo Tursunzade street, 82.

УДК: 008.1:891.550

ЧАНД АНОСИРИ ОБРАЗИ МУСБАТ ДАР ОЧЕРКИ МУОСИР

Имомзода М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар асари адабиёт мавқеъ ва ҷойгоҳи инсони нексиришт ҳамчун бозгӯкунандаи моҳияти ҳаёт ва ифодакунандаи ғояву фикри муайян қарнҳо боз маълум аст. Махсусан, принсипҳои тасвири инсон дар адабиёти муосири тоҷик аз бисёр ҷиҳатҳо ба заминаи адабиёти форсу тоҷик устувор аст. Ҳатто дар адабиёти даҳанакиву фолклор аксар унсурҳои алоҳидаи онро дидан мумкин аст, ки қаҳрамонҳои афсонавӣ низ чун намунаи пайравию идеал интихоб мегардиданд. Паҳлуҳои муносибати ҷамъиятии инсонро омӯхтану муоина карда тавонистан, ин, пеш аз ҳама, муносибати мустақиму бовармандонаи адиб ба ҳаёт мебошад. Дуруст аст, ки "донишҳои таърихӣ ба адиб имкон медиҳанд, ки дар офариниши симоҳо низ муваффақ бошад" [4, с.295] ва ба таври асоснок замони гузаштаву муосирро дар қиёсҳои мушаххас баррасиву таҳлил намояд. Дар гузаштаҳо низ адибону эҷодкорон дар меҳвари воқеияти иҳотакардашуда ҷузъиётеро гуфтану офаридан мехостанд, ки тараннуми оҳанги зиндагиро дошта бошанд. Бо рангорангиҳо образҳои намунаву қобили таваҷҷуҳро ба вуҷуд оварда, дар ин роҳ ба асноду фактҳои ҳаётӣ такя мекарданд ва сарфи назар аз маҳдудияти минбарҳои баён "санъаткорон мундариҷаи асарҳои худро аксар вақт бевосита аз ҳаёт гирифта, ба зиндагии мардум наздик менамуданд" [2, с.31]. Дар гузашта василаҳои нашру паҳн намудан ва минбарҳо хеле каму ночизу маҳдуд бошанд ҳам, вале бо шунидаву "нақлҳои аз забон ба забон", образҳои барҷаста хеле зуд дар байни мардум чун як идеал васф мегардиданд.

Дар асоси донишу ҷаҳонбиниҳои фарох ва маърифати асрӣ барҷаставу омӯзанда офаридани образҳо танҳо дар сурати дуруст дарк намудани набзи ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, ин ҷараён дар навбати аввал муносибати холисонаву мушаххаси муаллифонро ба воқеияти рӯз нишон медиҳад. Зиндагии инсон пур аз тазод аст ва дар меҳвари он фарде қарор мегирад, ки бо часпу талошҳо ҳама шебу фарозҳоро тай карда, қуллаи муродро фатҳ месозад ва ин фотеҳии ӯ дилгармиву умеди неки дигарон дар пайроҳаҳои печдарпечи ҳаёт мешавад. Ин унсур, қабл аз ҳама, нишондиҳандаи сатҳи маърифату ҷаҳонбинӣ, доираи ақоиди сиёсиву фалсафӣ ва дараҷаи идроку муносибати адиб ба шумор меравад, ки тавассути онҳо шебу фарози ҳаётро ташхис кардан мехоҳад. Барои нишон додани чунин рангорангиҳо муроҷиат ба қолабҳои жанриву истифода карда тавонистани ҷузъиёти рӯҳбахши рафтору пиндори қаҳрамонон яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад. Табиати ҳамагуна жанрҳои симоофар (очерк, повест, қисса, достон ва ғ.) ин аст, ки таҷаммӯи ҷузъиёти хурди назарногир як бахшу қисмати сужаро ба вуҷуд меоваранд ва ин резакориҳо тасвири судмандро дар шаклгирии образҳо таъмин менамоянд. Ҳукми қотеъ боз ҳам он аст, ки "...вазифа ва мақоми портретҳоро имкониятҳои жанрии асарҳо низ муайян мекунанд" [2, с.33]. Таваҷҷуҳи омма имрӯз ба жанрҳои хурди маҳдуддоира бештар аст ва ҳамин аст, ки дар жанрҳои хурд ҷузъҳои алоҳидаи симои зоҳирии персонажҳо бартарӣ пайдо мекунанд, ки ин ҷиҳат як паҳлуи заъф дар офаридани симои комил ҳам гардидааст. Ин ҷо дар назар дошта мешавад, ки дар як асари нисбатан маҳдуддоира ба дарозо таҳқиқ намудани ҷаҳони ботинии фард аз имкон берун аст.

Воситаҳои таъсирбахш гардонидани сухан бо роҳу тарзҳои гуногун дар заминаи рӯйдод ва мушоҳидаҳои воқеӣ ба вуҷуд омада, пайкари комили як симову чеҳраеро месозанд, ки дар ҷомеа ҷойгоҳу мақоми вижа дорад. Халлоқияти калому эҷоди адибони муваффақ дар таҷассуми образи барҷаста маънии бо хонанда дар иртиботи қавӣ қарор гирифтани муаллиферо дорад, ки бо сухани шавқовари худ фикри мавзунеро ба даричаи табъу завқи хонанда мувофиқ сохтааст. Қатъи назар аз пардози бадеии фикр дар роҳи бо тамоми аҷзо нишон додани образ, муаллиф аз факторҳои тарҷумаҳолӣ даст кашида наметавонад ва ин маънии ҳамқадами замон будани ӯро дорад. Дар баробари ин, образ дар адабиёту публитсистикаи як садсолаи охир ҳеҷ гоҳе аз мантиқи ҳаёт дур нагардидааст. Махсусан, бо назардошти тағйир ва таъсир ба шуури иҷтимоӣ образ дар асари воқеъгароёна "инъикоси фишурдаи объекти реалӣ" [1, с.182] ба ҳисоб рафта, аз муаллиф ҳунари ташхисгарии амиқро тақозо менамояд. Масалан, офаридани симои як нафар пешсафи корҳои сохтмонӣ дар нақб таҳқиқи даҳҳо паҳлуи объектро дарбар гирифта метавонад. Қиёсҳо бояд нишон диҳанд, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти ин сохтмон танҳо аз аҷзои мақбулу мусбат иборат намебошад. Ҳарчанд дар ин майдон ҳама худро садоқатманд нишон диҳанд ҳам, вале бунёди ҳаёти инсон ҳамин аст, ки агар бадӣ вуҷуд намедошт, ниёз ба некӣ ба миён намеомад. Дузду фиребгар ва худнамову муфтхӯр дар

ҳама ҷо вуҷуд дорад ва бунёди ин ҷаҳон бо ҳамин ҳикмат иртибот дорад, ки хайру шар ҳамеша дар муборизa мебошанд. Бе нишон додани чунин ҷузъиёт симои объект тира боқӣ мемонад ва муборизу фаъол будани як нафар дар зиндагии гӯё пурра муваффақона хеле камрӯҳ ба назар мерасад.

Дар шароити феълӣ интихоб барои хонанда ниҳоят зиёд аст ва наметавон бо умумигӯиҳову матни маълумотномашакл таҷассуми ҳақиқии образро таъмин карду диққати хонандаро ҷалб намуд. Муносибати ҷиддии нависанда ба воқеияти ҳаёт, ба майдон овардани образи намунаи ба аҳдофи умумии давлату ҷомеа мувофиқ, динамизми ҷолиби баёни фикр, натиҷагириҳои мантиқии фишурда, ба назар гирифтани муҳити фазои фарогири рӯз ва сатҳи баланди маърифату ҷаҳонбиниҳо боис мешавад, ки дар раванди ин рақобатҳо симои хотирмону мондагору намуна ба вуҷуд ояд. Ба олами тафаккуру эҳсосоти хонандаи имрӯза таъсир расонидану дар он таҳрике ба вуҷуд овардан вобастагии боз ҳам бештар ба сатҳи ҳунару идроки муаллифон дошта, дар ин роҳ содагиву суфтагии тасвир ва оммавияти андеша нақши бештари созгор дорад. Хосияти аслии адабиёту публитсистика тағйирпазирии мудовими он дониста мешавад, ки муроҷиат ба образҳои намунаро як навъ осон низ мегардонад. Шароити иҷтимоӣ, ки ба таври доимӣ дар як сатҳу қолаби устувору ноҷунбон қарор гирифта наметавонад, адиброводор менамояд, ки бештар ба таҳқиқи аҷзои мураккабу пурмуаммои ҳаёт (барҳӯрди объекту субъект) сару кор гирад. Ҳамин аст, ки ҷилои образ, пеш аз ҳама, ҳикояти андешаву афкори бевоситаи адиб нисбат ба таҳаввулоту дигаргуниҳои воқеии ҳаёт мешаванд.

Таҳқиқи образи публитсистӣ дар заминаи арзишдиҳии ғоявӣ (ақидатӣ) ҷараён пайдо карда, ҷанбаи неруманди маънавию ахлоқиро соҳиб аст. Оҳанги хитобаву даъват ва ҳукму тавзеҳу хулоса дар чунин образ муқаддам мебошад, ки ин ҷиҳат низ аз падидаҳои ҳунарии муаллифони очеркҳои матбуотӣ ба шумор меравад. Нависандаи очерк рухдоду навгонии воқеии ҳаёт ва набзи рӯзмарраи ҷомеаро ташхис намуда, рисолати бузурги идеологӣ ва ҳамзамон вазифаи муқаддасу нозуки тарбияи инсонро ба анҷом мерасонад. Табиист, ки дар меҳвари тасвирҳову афкори хулосабахши муаллиф инсони намунаву ибратомӯз қарор мегирад. Барҷаста нишон дода тавонистани ин образ танҳо ҳунари муошират қобилияти эҷодиро дарбар намегирад ва дар ин самт олами таҷрибаҳову мутолиаҳои пайваста боис мешавад, ки паҳноҳои васеи таҳқиқи ҷаҳони ботини шахс ба вуҷуд ояд. Мусаллам аст, ки аксари очеркнависонро зоҳири масъала бештар ҷалб намуда, корбасти якхелаву қолабиву обшустаи тасвир дар як хатти кашида (штрих) аҷзои таркибии образро ҳамаҷониба кашф карда наметавонанд. Ба андешаи нависандаи муваффақ Ф. Муҳаммадиев метавон ҷонибдор гашт, ки “очерки фотографӣ” [6, с.307] -ро як омили аслии норавшан боқӣ мондани дунёи ботинии қаҳрамон гуфта буд.

Табиист, ки очерк дар публитсистикаву адабиёт дар нишон додани ҳашамат ва моҳияту мантиқи фаъолияти инсон имкони зиёдтарро соҳиб мебошад. Дар очерки публитсистӣ анъанаи нисбатан номувофиқи қолабӣ ин танҳо дар як хатти кашидаи шинохти қаҳрамон (соҳаи фаъолият) қадам задани муаллиф ба шумор меравад. Албатта, воқиф гардидан аз кору шуғли берун аз фаъолияту пеша нисбатан заҳматталаб бошад ҳам, аммо ин ҷиҳат як ҷузъи амиқтари кашфи ботини қаҳрамон ба шумор меравад. Зеро исбот гардидааст, ки симои аксар қаҳрамонон дар моварои ҳаракату фаъолияти маъмулӣ муҳити нисбатан наву ачиб ба ҳисоб рафта, ҷанбаҳои бештари муассирӣ доранд. Дар баробари ин, ба вачҳи он ки “...аз портрети ботинӣ олами рӯҳӣ – психологии инсон фаҳмида мешавад” [5, с.103], имкони таҳқиқи ҷаҳони ботинии қаҳрамон ба муаллифоне даст медиҳад, ки аз уфуқҳои васеи таҳқиқу мушоҳида кор гирифта метавонанд. Зоҳири фардро муваффақона офаридан низ ҳунар аст ва маълум аст, ки “...симои зоҳирӣ аз ғановат ва покизагии дунёи ботинӣ далолат карда метавонад” [8, с.471]. Зоҳири симо бо ҷаҳони ботинӣ ҳамеша пайванди мантиқӣ дошта, дар натиҷа тинати фард кашф мегардад, ки он ҷанбаи ахлоқиву тарбиявии асарро таъмин менамояд.

Мункир наметавон гашт, ки очерки муосир ҳамчун шакли оҷили инъикоси набзи ҳаёт таҷаллии симоҳоро фавритар ба роҳ гузошта метавонад. Он нукта мавриди таъкид аст, ки дар очерк “таҳқиқи авзоъ ба инкишофи андеша тобеъ шуда” [9, с.238], маҳз дар чунин шакли пардоз симои инсони намунаву хотирмон ба вуҷуд меояд. Мусаллам аст, ки инак се даҳсола боз уфуқҳои фарогирии очерк тағйир ёфт ва дар ташаккулу таҳаввули он нашрияҳои алоҳида (“Адабиёт ва санъат”, “Садои Шарқ”, рӯзномаҳои “Ҷумҳурият”, “Садои мардум”, “Тоҷикистон”, “Омӯзгор” ва ғ.) нақши муҳим гузошта, ба ин васила дар ташаккули насри навин мусоидат кардаанд. Он чиз қатъи назар нест, ки ағлаби очеркҳо бо сифатбахшиҳои умумии қолабӣ симои намунаро ба вуҷуд оварда истодаанд, ки ин ҷиҳат дар ифода наёфтани ҳақиқати воқеии ҳаёт сабаб ҳам гардидааст. Яъне, таҳқиқ дар коргоҳи имрӯзаи очеркнависӣ сатҳӣ аст ва муаллифон танҳо бо пеш овардани маълумотҳову асноду далел иктифо менамоянд. Дар замони шӯравӣ нишон додани набзи сохтмонҳо рӯҳияи таассуротбахшу зинда дошт ва ин дар суратест, ки шумори феълии сохтмонҳо дар қиёс бо даврони гузашта ба маротиб бештар мебошад.

Адабиёту публитсистика тавассути образҳои намуна дар ҷомеа як рукни муҳимми тарбияву маънавиётро ба вуҷуд меоваранду онро пайваста устувор нигоҳ доштан мехоҳанд. Ин рисолат дар сурате анҷомёфта ба шумор меравад, ки агар муаллифи муваффақ дар ёфтани даричаи табъу завқи хонанда имкони бештар дошта бошад. Сужаи фаҳмо, ғановати забонӣ, ҷузъиёти ҷолиби тасвирӣ, ибораю ифодаҳои образнок, саҳнаҳои дилкашу зинда, ташбеҳу тавсифи боварбахш ва амсоли ин таҷаммӯест дар шаклгирии портрет, ки ҳамзамон як усули муваффақонаи вуруд ба олами афкори хонанда дониста мешавад. Ақидае, аллакай, маъмулгардида аст, ки аз рӯйи вазифаю мақом портрет бахши ҷудонопазири образи бадеӣ ва дар айни замон як қисми таркибии системаи образҳои асари бадеӣ ба шумор меравад. Аз мавқеи адабиётшинос А.Раҳмонзода метавон ҷонибдор гардид, ки истиқлолияти давлатӣ имкони дахолату дастрасии адибонро ба мавзӯоти гуногун бештар гардонид: “Истиқлолияти давлатӣ барои адибон озодии бештар дод, даричаи эҷоди онҳоро ба масъалаҳое, ки имкони дахолат кардан надоштанд, боз кард ва барои васеъ фаъолият карданашон шароити хубтар фароҳам овард” [7, с.142]. Барои адибони муваффақ дар масъалаи офариниши симо ташхиси муаммои бархӯрди «сирату сурати зебо ва зишту баднамо” [2, с.12] нисбатан суфтаву сода гардид. Ҷустуҷӯи образҳои намунаву барҷаста осон гашта бошад ҳам, аммо маҳорати диди санъаткор ба сурату сирати инсон боз ҳам чун як муаммо боқӣ мемонад, ки робитаи бештар ба касбияту таҷрибаи нависандагӣ дорад. Нависанда ҳангоми офариниши симо ҷузъҳои асосӣ ва заруриеро интихоб мекунад, ки ягон паҳлуи мазмуни ғояи образро ифода карда тавонад. Дарки ҳамаҷонибаи уфуқҳои ғоявии образ бошад, ин, пеш аз ҳама, таҳқиқи амиқи ҳамаҷонибаи ҳаёт аст, ки адиб худро ҳамқадами он мешуморад. Боз ҳам андешаи возеҳ он аст, ки агар дар офариниши симо муаллиф тавонад ба он аҳаммият диҳад, бояд ки “зоҳиру ботини инсон ба ҳам созгор бошанд” [2, с.21].

Бадеият дар асари публитсистӣ уфуқҳои беканору нопайдо надорад ва муаллиф дар меҳвари тахайюли маълум чизеро гуфтан мехоҳад, ки сурати воқеӣ дошта бошад. Масъалаи “асири воқеияти рӯз” [4, с.294] будани адиб водор менамояд, ки эҷодкор муошират замонӣ ва муносибати худро бо муҳити фарогир дар асоси ҷузъиёти (деталҳо) ҳақиқиву вуҷудошта шакл бахшад. Ба фаъол гаштани ин раванд бештар аз ҳама фаъол будани “ман”-и муаллифӣ (ноқил, ё ровии нақл) созгор меояд. Ин ҷиҳат дар рӯ задани ҳақиқатҳои зиндагӣ бештар мусоидат карда, муаллифро водор менамояд, ки ба ҷанбаи воқеъгароёнаи асар диққати бештар диҳад. Ҳамзамон дар чанд даҳсолаи охир образҳои реалие, ки дар ҳаракати онҳо хонанда зиндагии воқеии худро мебинад, ба маротиб афзуд. Андешаи А.Раҳмонзода дуруст аст, ки дар замони истиқлолият “персонажҳои мушоҳидакоре арзи ҳастӣ намуданд, ки пасту баландии рӯзгор, хислатҳои неку бади одамонро мушоҳида карда, дар монологҳои яковоза ва дуовозаи худ ба симои шахс ва атрофиёни ӯ баҳо медоданд” [7, с.142].

Ҳамин тариқ, образнокии сухан дар домани худ андешаҳои тоза, маҷрои фарохи таҳқиқ, ремаркаҳои мувофиқ ва ҷанбаи иҷтимоиро нигоҳ медорад, ки дар асоси он симои намунаву мусбат шакл пайдо мекунад. Дар заминаи бунёдкориҳои зиёду мудовим дар замони истиқлолият рухдоду навгониҳо бешуморанд ва табиист, ки дар меҳвари ин ҳама инсони созандаву бунёдкор қарор мегирад. Инъикоси ҷолиби масъала хоҳу нохоҳ дар маркази таваҷҷуҳи адибон қарор мегирад. Қонунияти маълум бояд он бошад, ки дар ин роҳ ҳашамати факт муаллифонро ғарқ насозад. Мусаллам аст, ки дарки моҳияту мантиқи рухдод ва кашфи ҷавҳари ботини қаҳрамон меҳвари аслии нишон додани воқеияти рӯзгор мегардад. Ҷузъиёти характери қаҳрамонро шакли мақбул бахшидану онро намо дода тавонистан, тантанаи афкору мароми дурбинонаи муаллифест, ки ба вуҷуд овардани идеали иҷтимоиро ҳадафу мароми худ қарор додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Гуревич, С.М. Газета: Вчера, сегодня, завтра: Учебное пособие для вузов / С.М. Гуревич. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 228 с.
2. Имомов, М. Маънавият ва нақши зоҳир / М. Имомов. – Душанбе, 2000. – 187 с.
3. Имомов, М. Хирмани андеша / М. Имомов. – Душанбе, 2009. – 127 с.
4. Қудбуддинов А.Ҳ. Нигоҳе ба мавзӯи ватандӯстӣ дар шеъри иҷтимоии Бозор Собир / А.Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. - №4/1(159). - С.292-296.
5. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари адабиётшиносӣ / Х.Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.
6. Муҳаммадиев, Ф. Асарҳои мунтахаб: очеркҳо, ҳикояҳо, қиссаҳо. Иборат аз 2 ҷ. / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1978. - Ҷ.1. – 555 с.
7. Раҳмонзода, А.А. Ҳаёт, адабиёт, воқеият. Китоби якум / А.А. Раҳмонзода. – Душанбе, 2019. – 388 с.
8. Сайфуллоев, А. Ҷону ҷаҳони наср / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 542 с.
9. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2000. – 256 с.

ЧАНД АНОСИРИ ОБРАЗИ МУСБАТ ДАР ОЧЕРКИ МУОСИР

Мақола ҷанбаи назариявӣ дошта, дар он бештар дар бораи масъалаҳои образи мусбат дар наср ва, махсусан, очерки муосир сухан меравад. Муаллифи мақола андеша дорад, ки муаммои образ дар адабиёт ва публитсистика марҳилаҳои тӯлонии таърихиро дарбар мегирад ва дар ҳама даврaҳо он як воситаи муайян кардани муносибати муаллиф ба воқеияти иҷтимоии рӯз аст. Адиб ҳамқадами замон аст ва барҷаставу

ҷолиб офаридани образҳо ба ӯ танҳо дар сурати амиқ дарк намудани набзи ҳаёти иҷтимоӣ даст медиҳад. Паҳлуи заъфи образ дар очеркҳои имрӯза бартарият пайдо кардани симои зоҳирии персонаж аст, ки хислати маълумотиву ҳисоботӣ олами ботинии фардро тира нишон медиҳад. Пардози бадеии фикр дар роҳи бо тамоми аҷзо нишон додани образ маънои онро надорад, ки муаллиф аз факторҳои тарҷумаҳолӣ истифода набарад. Танҳо чунин чузъиёти хронологӣ бояд як усули ёрирасон дар нишон додани воқеият истифода шавад. Ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз ҷилои равшани образ, пеш аз ҳама, ҳикояти андешаву афкори бевоситаи адиб нисбат ба таҳаввулоту дигаргуниҳои воқеии ҳаётанд. Махсусан, таҳқиқи образи публитсистӣ моҳияти амиқи идеологӣ дошта, бо назардошти оҳанги хитобаву даъват ва ҳукму тавзеҳу хулоса муайянкунандаи мавқеи муаллиф мегардад. Очерки муосир ҳамчун шакли очили инъикоси воқеият дар такя бо образҳои намуна рисолати тарбиявию ахлоқиро ба дӯш дошта, дар саҳифаҳои матбуот бештар инкишоф ёфта истодааст.

Калидвожаҳо: симо, сужа, тасвир, иҷтимоӣ, бадеият, ғоя, маърифат, ҷаҳонбинӣ, адиб, жанр, мушоҳида, воқеият.

НЕКОТОРЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ ПОЛОЖИТЕЛЬНОГО ОБРАЗА В СОВРЕМЕННОМ ОЧЕРКЕ

Статья носит теоретический характер и посвящена вопросам положительного образа в прозе и, в частности, в современных очерках. Автор статьи считает, что проблема образа в литературе и публицистике охватывает длительные исторические периоды и во все времена является средством определения отношения автора к социальным реалиям современности. Писатель идет в ногу со временем, и создание ярких и привлекательных образов поможет ему только в том случае, если он глубоко поймет ритм пульса общественной жизни. Слабость образа в сегодняшних очерках – преобладание внешнего образа персонажа, информативный и сообщающий характер которого затемняет внутренний мир личности. Художественное выражение мысли в виде показа изображения со всеми участниками не означает, что автор не использует факторы перевода. Только такие хронологические подробности следует использовать как вспомогательный метод, чтобы показать действительность. И в прошлом, и сегодня яркость изображения – это, прежде всего, рассказ о прямых мыслях и представлениях писателя о реальных переменах в жизни. В частности, исследование журналистского образа имеет глубокую идеологическую сущность и с учетом тона речи, призыва, суждения, объяснения и заключения определяет позицию автора. Современные очерки, как актуальная форма отражения действительности, основанная на образцовых образах, имеют воспитательную и нравственную задачу и развиваются в прессе.

Ключевые слова: образ, предмет, описание, социальный, искусство, идея, просвещение, мировоззрение, писатель, жанр, наблюдение, действительность.

SOME ELEMENTS OF A POSITIVE IMAGE IN A MODERN ESSAY

The article has a theoretical nature and is devoted to the issues of positive image in prose and, in particular, in modern essays. The author of the article believes that the problem of the image in literature and journalism covers long historical periods and at all times is a means of determining the author's attitude to the social realities of our time. The writer keeps up with the times, and the creation of bright and attractive images will help him only if he deeply understands the rhythm of the pulse of public life. The weakness of the image in today's essays is the predominance of the external image of the character, whose informative and communicating character obscures the inner world of the individual. Artistic expression of the idea in the form of showing an image with all participants does not mean that the author does not use translation factors. Only such chronological details should be used as an auxiliary method to show the reality. Both in the past and today, the brightness of the image is, first of all, a story about the writer's direct thoughts and ideas about real changes in life. In particular, the study of the journalistic image has a deep ideological essence and, taking into account the tone of speech, appeal, judgment, explanation and conclusion, determines the author's position. Modern essays, as an actual form of reflection of reality, based on exemplary images, have an educational and moral task and are developed in the press.

Key words: image, subject, description, social, art, idea, enlightenment, worldview, writer, genre, observation, reality.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор, академики АМИТ. **Суроға:** 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведения об автора: ***Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали*** – Таджикский национальный университет, профессор, академик НАНТ. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Imomzoda Muhammadyusuf Saydali*** - Tajik National University, professor, academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК:891.550 (09)

САЙРИ ТАЪРИХИИ ОБРАЗИ БАДЕИИ БАҲЛУЛ ДАР АДАБИЁТИ ФОРС - ТОҶИК

Абдусатторов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар баробари шахсиятҳои хеле маъруфи араб, аз қабили Қайс ибн Мулаввах, Лайло бинт Ахилий(я), Урва ибн Ҳузом, Афро бинт Иқол, Ҳотам ибни Абдуллоҳ ибн Саъд, ки ба образҳои бадеии қиссаву достонҳои манзуму мансури форс-тоҷик дар асрҳои XII-XIV табдил ёфтаанд, симоҳои таърихие монанди Ҷуҳо, Абулайно, Талҳа, Ашъаби Таммоъ, Қолиб-ус-Сахра, Уқайл, Баннони Туфайлӣ, Баҳлул ё Бухлул арзи вуҷуд кардаанд, ки сарчашмаи образҳои асарҳое, аз қабили "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ, "Илоҳинома"-и Шайх Аттор, "Маснавии маънавӣ"- и Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, "Латоиф-ут-тавоиф"- и Фахруддин Алии Сафӣ ва осори манзуму мансури дигар дар асрҳои XII-XIV ва даврахои минбаъдаи таърихи адабиёти форсизабон гардидаанд.

Баҳлул ё Бухлул аз ҷумлаи образҳои роиҷе дар радифи Ҷуҳо, Талҳак, Абулайно мебошад, ки дар осори ирфонии форс-тоҷик ва алалхусус, дар латоифи асрҳои XII-XV зиёд ба мушоҳида мерасад. Худи маънои луғавии вожаи "Баҳлул" (ё Бухлул) дар ҷилди якуми "Луғати арабӣ-русӣ"-и Баранов Х.К. чун "девона", "аҳмақ", (дурак), "масхарабоз", "базлагӯ" баён гардидааст [4, с.109]. Дар ҷилди якуми "Шарҳи истилоҳоти тасаввуф" бо такя ба "Луғатнома"-и Деҳхудо вожаи "Баҳлул" ба фатҳи аввал ба маънии марди хандарӯ ва некурӯ ва бузургтоифа маънидод шуда аз нигоҳи истилоҳи тасаввуф чун намояндаи он гурӯҳи сӯфиён дониста шудааст, ки онҳоро бо номи "Уқало-ул-маҷонин" мехондаанд [14, с.335]. Метавон маънои луғавӣ ва истилоҳии Баҳлул ё Бухлулро дар фарҳангҳо ва луғатномаҳои зиёди дигар низ пайгирӣ намуд, вале хулосаи маъно ҳамон хоҳад буд, ки бо такя ба ду маъхаз гуфта шуд. Бояд гуфт, ки дар таърихи фарҳанги исломӣ се Бухлул ва дар замонҳои гуногуну бо рисолатҳои гуногун арзи вуҷуд кардааст. Бухлули аввалӣ-Абувуҳайб ибни Амри Сайрафӣ ё Суфӣ мебошад, ки вафоташ соли 190 ҳичрӣ (806 мелодӣ) ба вуқӯъ афтода, замони зиндагиаш ба давраи ҳукмронии Маҳдии Аббосӣ то Ҳорунаррашид, яъне аз нимаи аввали қарни VIII то оғози қарни IX-ум ҷараён доштааст.

Бухлули дигар номи ҳафтаномаи ҳаҷвӣ-танқидист, ки ҳомӣ ва мурағғиби афкори ҳизби демократи Эрон буда, аз аввалҳои соли 1901 то 1923 нашр мешуд. Дар оғоз бо матолиби ҳаҷвӣ - интиқодӣ ва карикатураҳо бо сардабирии Шайх Алии Ироқӣ нашр мешуд ва дар солҳои охири фаъолияти худ бо мудирияти Маҳмуди Озодӣ чоп мешуд. Дар тамоми муддати фаъолияташ ин ҳафтанома аз серхаридортарин ва маҳбубтарин нашрияҳо будааст.

Баҳлули сеюм лақаби султони Деҳлӣ ва сарсилсилаи ҳукумати Лудиён дар шибҳи қораи Ҳинд аст, ки ҳукмронии ӯ дар Деҳлӣ аз соли 1440 оғоз ёфта, то охири умраш, яъне 1489 давом кардааст. Собиқаи иртиботи хонадони Лудиён бо дарбори Деҳлӣ аз замони ҳукмронии Фирӯзшоҳи Туғлукӣ оғоз меёбад, ки гурӯҳе аз Лудиён, аз ҷумла бобои Бухлул-Баҳром барои тиҷорат ба Ҳинд рафтуомад карда, сипас, бо ҳокими Мултон Малик Мардон, Султоншоҳ ва Амир Темур ва Хизрхони Лудӣ иртибот пайдо карда, ба зуди ҳокими Сарҳинд шуд ва роҳи ҳукуматро барои намояндагони хонаводаи Лудиён, аз ҷумла Бухлули Лудӣ дар Ҳинд ҳамвор карда буд.

Бухлуле, ки мавзӯи баҳси мақолаи ҳозир аст ва прототипи яке аз образҳои назму насри ахлоқӣ, ирфонӣ ва ҳаҷвии адабиёти араб ва форс-тоҷик маҳсуб мегардад, Абувуҳайб ибн Амр ас-Сайрафӣ ё ас-Суфӣ буда, соли 190 ҳичрии қамарии мувофиқ ба соли 806 мелодӣ дар шаҳри Куфа вафот кардааст. Тибқи маълумоти муаллифи "Фарҳанги форсӣ" Муҳаммад Муин замони зиндагии ин Баҳлул ба давраи ҳукмронии ду халифаи Аббосӣ – Маҳдӣ (солҳои ҳукмронӣ-158-169ҳ = 775-785м.) ва Ҳорунаррашид (ҳукмронӣ 164-187ҳ. = 786-809м.) мувофиқ меояд ва дар маъхазҳои адабӣ-таърихии арабӣ ва форсӣ аз қабили "Уқало-ул-маҷонин"-и Ҳасан ибни Муҳаммади Нишопурӣ, "ал-Баён ва-т-табйин"-и Ҷоҳиз, "Иқд ал-Фарид"-и Ибни Абди Раббиҳи, "Наср-уд-дурар"-и Обӣ, "Илоҳинома"-и Шайх Аттор, "Маснавии Маънави"-и Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ, "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ, "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ, "Баҳористон"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, "Латоиф-ут-тавоиф"-и Фахриддин Алии Сафӣ ва ғайра чун қаҳрамони воқеоти ҳамон давра тасвир гардидааст [9, с.305]. Ба қавли баъзе муҳаққиқон (С. Сайфуллоҳ. Симои Боҳоҷаи Одил) падари Баҳлул - Амру амаки халифа Ҳорунаррашид буда, фарзанди ӯ Абувуҳайб дар замони Ҳорун аз ҷумлаи фақеҳон ва шариатмадорони давлати Аббосиён ҳисоб меёфтааст. Дар адабиёти ахлоқӣ-ирфонии форс-тоҷик аз қабили "Илоҳинома"-и Аттор, "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ, "Бӯстон"-и Саъдӣ ва амсоли онҳо симои Баҳлул чун яке аз намояндагони тоифаи бузургони тасаввуф таҷассум ёфтааст, ки дар байни аҳли тасаввуф бо истилоҳи Баҳолил (ҷамъи Баҳлул) ё "Уқало-ул-маҷонин" маъруф мебошанд. Дар "Шарҳи истилоҳоти тасаввуф" бо истинод ба "Муқаддима"-и

Ибни Халдун "Уқало-ул-маҷонин" чун тоифаи махсуси Сӯфиён чунин муаррифӣ гардидаанд:

"Ҷамъе аз Сӯфиён мардуме баҳлулсифатанд, ки ба девонагон бештар шабеҳанд, вале дорои мақомот ва аҳволи сиддиқонанд ва зоҳиран худро мукаллаф намедонанд, вале дар ботин сахт устуворанд ва ахборе шигифту муғаййиботе аз онон зуҳур менамояд. Гурӯҳе аз фақеҳон, ки муътақиданд, вилоят бидуни ибодат муяссар нест, мункири имонанд". Аммо бояд гуфт, ки нуфузи нотиқаи имон монанди девонагон халал наёфтааст, аммо ақлеро, ки таклиф бад-он бастагӣ доранд, аз даст додаанд. Ин гурӯҳ дорои се сифати мутамайизанд, ки аз девонагон боз шинохта мешаванд: "Аввал он ки онҳо ба хилофи девонагон аҳли зикр ва ибодатанд, аммо на бо шурути дину мутобиқи усули шариат, чи онон ба қуюду таколифи шаръӣ побанд нестанд. Дувум он ки онҳо аз овони туфулият ба сифати аблаҳӣ муттаассифанд, ба хилофи девонагон, ки аввал мардуми оқиланд ва сипас, ба девонагӣ ва фасоди ақл мубтало мешаванд. Савум он ки тасарруфоте, ки дар хайру шар мекунанд ва аҷойибе аз онҳо ба зуҳур мерасад, монанди каромоти авлиёуллоҳ ва мардони комил, вале ин тасарруфот мавқуф бар касби иҷоза аз касе нест ба тавре, ки дар миёни сӯфиён роиҷ аст" [14, с.335-336]. Намунаи возеҳи тасвири образи Баҳлулро чун яке аз "Уқало-ул-маҷонин" дар "Илоҳинома"-и Шайх Фаридаддин Аттор ва дар "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мушоҳида менамоем. Дар ин асарҳо вай "олими орифи комил, кошиф аз латоифи асрор ва фунун Баҳлул ибни Амруи оқили одили кӯфии сӯфии (Сайруфии) маъруф ба маҷнун аз шогирдони баргузидаи Имом Содиқ(р) аст. У дар фунуни ҳикмат, маориф ва одоби исломӣ фарди такмилёфта ва дар радифи фатводиҳандагон мебошад" [12, с.146].

Аз ҷумла, дар "Маснавии маънавӣ" дар се маврид аз Баҳлул ёд карда мешавад. Дар мавриди аввал, ки сухан аз моҷарои байни Ҳорунаррашид ва Баҳлули девона меравад, нахуст дар "Илоҳинома"-и Шайх Аттор ва сипас, дар "Маснавии маънавӣ" чун ҳикояти тамсилӣ хидмат кардааст. Дар ин ҳикоят Баҳлул чун маҷнуни аз худ ворастае тасвир мегардад, вақти худро сарфи бозӣ бо кӯдакон карда ва халифаи замон Ҳорунро намешиносад ва ба таънаву таҳдидҳои Ҳорун нотарсона ҷавоб медиҳад. Таҳдидҳои Ҳорун ва ҷавоби Баҳлул чунин садо медиҳад:

"Бад-ӯ гуфто: -"Надонӣ эҳтиромам,
Ки мехонӣ ту бе ҳосил ба номам?
Намедонӣ маро, эй марди Маҷнун?
Ки бар хокат бирезам хун ҳамакнун.
Ҷавобаш дод марди пурмаонӣ,
Ки медонам ту ин неку тавонӣ.
Ки дар машриқ агар Золест боқӣ,
Ки бар санг оядаш пой иттифоқе.
В-агар ҷойе пуле бошад шикаста,
Ки гардонад бузеро пой баста.
Ту гар дар мағрибӣ, аз ту натарсанд.
Битарс, эй бехабар, к-аз ту битарсанд [8, с.18].

Оқибати моҷарои Ҳорун ва Баҳлули Маҷнун дар ин ҳикоят, ки асли он аз "Муҳозарот-ул-удабо"-и Роғиби Исфаҳонӣ ва "Уқало-ул-маҷонин"-и Абулқосим Ҳасани Нишопурӣ аст, бо он меанҷомад, ки Ҳорунаррашид аз Баҳлул панде дар масъалаи дунёву охират ва подшоҳу раъият гирифтан мехоҳад ва вақте ки ба ивази пандҳои Баҳлул халифа мехоҳад қарзҳои ӯро пардохт намояд, Баҳлул мегӯяд: -*На, эй Амиралмуъминин, қарз бо қарз адо карда намешавад, бозпас гардон ҳақро ба соҳибонаш ва қарзи худро аз гардан адо бикун. Ин худпарастист, ки ба ҳалокат ва ҷабру зулм меорад" [1, с.140].*

Дар ҷойи дигар дар дафтари сеюми "Маснавии маънавӣ" Баҳлул чун яке аз уқало-ул-маҷонин зуҳур мекунад, ки дар бораи ҳикмат ва моҳияти ҷаҳони офариниш ва асрори сунъи Офаридгор ба дарвеше суол медиҳад ва чунин ҷавоб мешунавад:

Гуфт: ин боре яқин шуд пеши ом,
Ки ҷаҳон дар амри Яздон аст ром.
Ҳеҷ барге дар наяфтад аз дарахт,
Бе қазову ҳукми он султони бахт.
Аз даҳон луқма нашуд сӯи гӯлу,
То нагӯяд луқмаро Ҳақ ки: удхулу!
Майлу рағбат, к-он зимоми одамист,
Ҷунбиши он роми амри он ғанист...
Ин қадар бишнав, ки чун куллии кор,
Менагардад ҷуз ба амри Кирдигор.
Чун қазои Ҳақ ризои банда шуд,
Ҳукми ӯро бандаи хоҳанда шуд.
Не такаллуф, не пайи музду савоб,

Балки табъи ӯ чунин шуд мустаҷоб [7, с.390].

Метавон гуфт, ки дар маъхазҳои адабӣ-таърихии арабӣ ва форсии таълифшуда дар қарнҳои X-XIV, аз қабили "Уқало-ул-маҷонин"-и Абулқосим Ҳасани Нишопурӣ, "ал-Баён ва-т-табйин"-и Ҷоҳиз, "Наср-уд-дурар"-и Обӣ, "Равзот-ул-ҷинон"-и Мирзо Муҳаммад Боқири Исфаҳонӣ, "Маҷолис-ул-муъминин"-и Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ, "Илоҳинома"-и Аттор, "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолуддини Балхӣ, "Бӯстон"-и Саъдӣ, чун яке аз намояндагони боризи тоифаи сӯфиён мусаммо ба "уқало-ул-маҷонин", дар қатори фақеҳони покдин ва шариатмадорони ростин тасвир гардидааст, ки мардумро насиҳату мавъизат намуда, ба ростиву дурустӣ дар умури диниву дунявӣ ҳидоят мекардааст. Аз ҷониби дигар, дар теъдоде аз асарҳои ба мавзӯоти диниву ирфонӣ бахшидашуда, монанди "Суффату-с-сафва"-и Ибни Ҷавзӣ, "Лисон-ул-мизон"-и Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, "Фувот-ул-вафиёт"-и Ибни Шокири Кутубӣ, "Маҷолис-ул-муъминин"-и Нуруллоҳи Шуштарӣ ва дигарон симои Баҳлули орифи оқили маҷнун омехта бо донишманди муҳаддис ва шогирду муриди Имом Содиқ (а) тасвир мешавад, ки дар дифоъ аз Имом Содиқ бо Абӯҳанифа мунозира менамояд. Умуман, аз асри XVII ба баъд Баҳлул дар адабиёти ташайюъ чун таҷассуми девонаи оқил, фақеҳу муҳаддис ва шариатмадор торафт бештар мақом пайдо мекунад. Дар асри XVIII Аббос Ҳусайнии Мусовии Маккӣ дар "Нузҳат-ул-ҷалис"ном асари худ илова ба ахбори мавҷудаи марбут ба Баҳлул қасидаеро мансуб ба номи ӯ сабт мекунад, ки "Қасидаи Баҳлулия" ё "Қасидаи Ибни Арус" ном дошта, гӯё далели бузургии Баҳлул дар тасаввуф будааст. Вале муҳтавои қасидаи мазкури иқтибоскардаи Ҳусайни Мусавии Маккӣ ба он далолат мекунад, ки бо лаҳни омиёна ва беҳунарона навишта шуда, ба замми ғолиб ҷаалист ва далели бузургии муаллифи худ буда наметавонад. Умуман, аз қарни XVII ба баъд, алалхусус, дар қарнҳои XIX-XX Баҳлул ба образи маҷмӯаҳои латоифи саргармкунанда ва танзу масхараомез табдил ёфта, боиси таълифу нашри китоби "Моҷароҳои Баҳлули оқил"-и Маҳмуди Мутадайин гардид. Соли 1362 Оқомирзо Алии Садр ҷилди дуюми онро дар Теҳрон омода ва чоп кард ва ниҳоят ҳаҷми ин китоб ба панҷ ҷилд расида, соли 1966 дар Теҳрон чоп карда шуд.

Ҳамин тавр, симои Баҳлул дар адабиёти араб ва назму насри форс-тоҷик аз асрҳои IX ба баъд нахуст чун намояндаи тоифаи сӯфиёни оқили девонамашраб ё уқало-ул-маҷонин ва баъдтар чун фақеҳу муҳаддис ва носеҳу воизи ҳулафову бузургони замони худ тасвир ёфта, тадриҷан дар асрҳои XVII-XX дар адабиёти форсии Эрон ӯ ба образи маъмули саргармкунанда ва ҳазлу танзомез табдил ёфтааст.

Бояд гуфт, ки образи Баҳлул чун қаҳрамони латоифи арабӣ ва форсӣ дар асрҳои X-XVI дар "Муҳозарот-ул-удабо"-и Роғиби Исфаҳонӣ, "ал-Иқд ул-фарид"-и Ибн Абди Раббиҳӣ, "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ, "Латоиф-ут-тавоиф"-и Фахриддин Алии Сафӣ ва амсоли онҳо мушоҳида карда мешавад. Мутолиаи "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки образи Баҳлул чун қаҳрамони латифаҳо то қарни XIV ҳанӯз ҳамрадифи Ҷуҳо, Талҳак, Абулайно дар насри бадеии форсӣ роиҷ нагашта будааст, зеро дар рисолаи Убайд танҳо як латифаи зайл ба назар мерасад, ки қаҳрамони он Баҳлул аст: *"Ҳорун ба Баҳлул гуфт: "Дӯсттарин мардумон назди ту кист?" Гуфт: "Он ки шикамамро сер созад". Гуфт: "Ман сер месозам! Пас маро дӯст хоҳӣ дошт ё на?" Гуфт: "Дӯстӣ насия намешавад" [10, с.162-163].*

Чунончи аз мазмуни иқтибоси мазкур маълум мегардад, симои Баҳлул дар латифаҳо на ҳамчун қаҳрамони динӣ-тасаввуфӣ, на ҳамчун фақеҳу воизу муҳаддису панду насиҳатгӯ, балки чун як қаҳрамони латифаҳои мардумӣ ҳақгӯву ҳақталош ва ҷонибдори ростиву дурустӣ мебошад. Аз ҷониби дигар, маълум мегардад, ки симои бадеии Баҳлул дар адабиёти бадеии форс-тоҷик, аз он ҷумла, дар латифаҳо дар асрҳои XIII-XIV ҳанӯз интишори зиёд надоштааст, зеро дар "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ, ки дар асоси маъхазҳои арабӣ ва форсии то асри XIV таълиф шудааст, танҳо як латифа ба назар мерасад, ки қаҳрамони он Баҳлул аст, дар ҳоле ки латифаҳое, ки қаҳрамони онҳо Ҷуҳо, Талҳа, Абулайно мебошанд, хеле зиёд мушоҳида мешаванд.

Ҳамчунин таҳлили латифаҳо бо ҳузури симои Баҳлул чун қаҳрамони марказӣ дар онҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аз асри XVI ба баъд дар насри бадеии форсӣ латифаҳо ва маҷмӯаҳои ҳикоёти саргармкунанда ва ҳаҷву танзомез интишори бештар пайдо кардааст. Далели ин мавҷудияти бештари латифаҳо дар "Латоиф-ут-тавоиф"-и Фахриддин Алии Сафӣ аст, ки қаҳрамони онҳо Баҳлул аст. Аз ҷумла, дар саҳифаи 316 ва 317 ду латифа, дар саҳифаи 318 ду латифа ва дар саҳифаи 321 ду латифа бо иштироки Баҳлул ба мушоҳида мерасад [13, с.316-321]. Аз ҷумлаи шаш латифа ба ширкати Баҳлул, ки дар "Латоиф-ут-тавоиф"-и Фахриддин Алии Сафӣ оварда шудааст, танҳо як латифа бо латифаи ягонаи дар "Рисолаи дилкушо" мавҷудбуда ҳаммазмун буда, дар чаҳор латифаи дигар Баҳлул оқили маҷнун, ҷасуру ҳозирҷавоб ва ҳақгӯю тундзабон аст ва хислатҳои қаҳрамонони латифаҳои халқиро фаро гирифтааст. Чунончи дар ҷавоби суханони халифа Ҳорунаррашид чунин тундгӯӣ мекунад: "*Рӯзе Ҳорун-ар-Рашид аз канори гӯристон мегузашт. Баҳлул ва Улайёни*

Маҷнунро дид, ки бо ҳам нишастаанду сухан мегӯянд. Хост, ки бо эшон мутоиба кунад. Бифармуд то ҳар дуро оварданд.

Гуфт:

-Ман имрӯз девона мекушам.

Ҷаллодро талаб кунед.

Филҳол ҳозир шуд бо шамшери кашида ва Улайёнро биншонд, ки гардан бизанад.

Гуфт:

-Эй Ҳорун чӣ мекунӣ?

Гуфт:

-Имрӯз девона мекушам.

Гуфт:

-Субҳоналлоҳ, мо дар ин шаҳр ду девона будем, ту севумӣ шудӣ. Ту моро бикушӣ, кӣ туро бикушад?" [13, с.316].

Дар латифаи дигар Баҳлул дар рӯбарӯи вазири халифа чунин ҳозирҷавобӣ мекунад:

"Рӯзе вазири халифа Баҳлулро гуфт*: -Дил хуш дор, ки халифа туро тарбият карду бар сари хуку хирс ҳоким гардонид.*

Баҳлул гуфт: -*Ин замон ҳозир худ бош ва қадам аз фармони ман берун манеҳ, ки раияти манӣ. Халифа ва аҳли маҷлис бихандиданду вазир мунфаил шуд" [13, с.318].*

Дар "Латоиф-ут-тавоиф" танҳо як латифае мавҷуд аст, ки дар он Баҳлул ба ҳайси фақеҳу муҳаддис ва донои аҳкоми дину шариат зуҳур мекунад. Латифа чунин аст: *"Ду кас бо ҳам мегуфтанд, ки Оиша гуфтааст, ки агар ман шаби қадрро дарёбам, гӯям ки:*

"Аллоҳумма иннани асъалукал офията".

Баҳлул гуфт:

-Нисфи дигари ин дуоро гузоштааст.

Гуфтанд:

-Он кадом аст?

Гуфт:

-"Ваззафару ало алҷамал", яъне он низ мехост, ки дар ҷанги "ҷамал" зафар ёбад" [13, с.321].

Ҳамин тавр, аз таҳлилу баррасии мухтасари сайри таърихии образи бадеии Баҳлул дар адабиёти араб ва форсу тоҷик чунин бармеояд, ки ин образ дар асрҳои IX-XII дар асоси шахсияти таърихии араб Абувуҳайб Буҳлул ибни Амри Сайрафӣ ё Суфӣ, ки дар асри VIII ва ибтидои асри IX зиндагӣ кардааст, дар маъхазҳои арабӣ аз қабили "Суффату-с-сафва"-и Ибни Ҷавзӣ, "Лисон-ул-мизон"-и Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, "Фувот-ул-вафиёт"-и Ибни Шокири Кутубӣ, "ал-Икд ал-фарид"-и Ибн Абди Раббиҳӣ, "ал-Баён ва-т-табйин"-и Ҷоҳиз, "Муҳозарот-ул-удабо"-и Роғиби Исфаҳонӣ, "Маҷолис-ул-муъминин"-и Нуруллоҳи Шуштарӣ, "Уқало-ул-маҷонин"-и Ҳасани Нишопурӣ ва амсоли онҳо ташаккул ёфта, аз қарни XII ба баъд дар асарҳои бадеӣ ва ирфонии форсӣ аз қабили "Илоҳинома"-и Шайх Аттор, "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолуддини Балхӣ, "Бӯстон"-и Саъдӣ, "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ, "Латоиф-ут-тавоиф"-и Фахруддин Алии Сафӣ ба ҳайси образи бадеӣ интиқол ёфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим ал-Ҳасан ибни Ҳабиб Нишопурӣ. Уқало-ул-маҷонин / Нишопурӣ, Абулқосим ал-Ҳасан ибни Ҳабиб. – Бейрут, 1408ҳ.-1987м. – С.139-160.
2. Амру ибн Баҳр ибни Абиусмон машҳур ба Ҷоҳиз. Ал-Баён ва-т-табйин. Дор ул- мактабат-ул-ҳикоя. - Бейрут, 1423ҳ. – Ҷ.1.
3. Аҳмад Нафисӣ. Ҳикоёти маснавӣ / Нафисӣ, Аҳмад. – Душанбе, 2005. – Ҷ.1. - 232 с.
4. Баранов. Н.К. Арабско-русский словарь. Кн.1. / Н.К. Баранов. – М., 1970. - 590 с.
5. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ / Зери назари Козими Мӯсавӣ. Ҷилди 13. – Теҳрон: Маркази доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, 1383 шамсӣ. - 756 с.
6. Ибни Абди Раббиҳӣ. ал-Икд ал-фарид. Дор-ул-кутуби-л-илмия. - Бейрут, 1404 ҳ. – Ҷ.7.
7. “Маснавии маънавии”-и Мавлоно Ҷалолиддин (машҳур ба Мавлавӣ) / Бо муқаддимаи устод Бадеуззамон Фурӯзонфар, дар асоси нусхаи тасҳеҳшудаи Ринолд Николсон. - Теҳрон: Интишороти Армуғон, чопи панҷум, 1384 ҳ. ш. - 1045 с.
8. Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳаққӣ. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / Ёҳаққӣ, Муҳаммад Ҷаъфар (Дар таҳия ва шарҳу тавзеҳот ва таълиқоти Рустами Ваҳҳоб). – Душанбе: Бухоро, 2014. - 748 с.
9. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ / Муин, Муҳаммад. – Теҳрон, 1360. – Ҷ.5.
10. Рисолаи дилкушо ба инзимоми рисолаҳои Таърифот, Сад панд ва Наводир-ул-амсол; таълифи Хоҷа Низомиддин Убайди Зоконӣ. (Тасҳеҳ, тарҷума ва тавзеҳи доктор Алиасғари Ҳалабӣ). – Теҳрон: Интишороти Асотир, чопи аввал, 1383ҳ. ш. - 376 с.
11. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон / Шерозӣ, Саъдӣ; бо кӯшиши С. Сидиқов. – Душанбе: Адиб, 1990. - 178 с.
12. Саъид Сайфуллоҳ. Симои Баҳлули оқил / Сайфуллоҳ, Саъид // Маҷаллаи " Фарҳанги кавсар". - Фарвардин, 1378ҳ. ш. - №25. – С.64-68.
13. Фахриддин Алии Сафӣ. Латоиф-ут-тавоиф / Сафӣ, Фахриддин Алӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. - 336 с.
14. Шарҳи истилоҳоти тасаввуф / Таълифи доктор Сайид Содиқи Гавҳарин. Ҷилди аввал, чопи аввал. - Теҳрон: Интишороти Заввор, 1379ҳ. ш. - 368 с.

САЙРИ ТАЪРИХИИ ОБРАЗИ БАДЕИИ БАҲЛУЛ ДАР АДАБИЁТИ ФОРС-ТОҶИК

Маълум аст, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккули образҳои бадеии назму насри классикии форс-тоҷик қиссаву ривоёт дар бораи шахсиятҳои таърихии араб маҳсуб мегардад. Дар мақолаи мазкур сайри мухтасари таърихи ташаккули яке аз образҳои назму насри классикии форс-тоҷик - Баҳлул ё Буҳлул, ки дар асоси шахсияти таърихӣ, яке аз муқаррабони дарбори Маҳдӣ ва Ҳорунаррашиди Аббосӣ - Абувуҳайб ибни Амри Сайрафӣ ё Суфӣ ташаккул ёфтааст, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳқиқи дар мақола анҷомёфта ба он далолат мекунад, ки замони зиндагии Абувуҳайб ба давраи ҳукмронии ду халифаи Аббосӣ - Маҳдӣ ва Ҳорунаррашид мувофиқ буда, ӯ соли 190 ҳиҷрӣ- қамарӣ (806 мелодӣ) дар Куфа вафот кардааст. Дар маҷмӯъ, аз таҳлилу баррасии мухтасари сайри таърихии образи бадеии Баҳлул дар адабиёти араб ва форсу тоҷик чунин бармеояд, ки ин образ дар асрҳои IX-XII дар асоси қиссаву ривоёти марбут ба шахсияти таърихии араб Абувуҳайб Баҳлул ибни Амри Сайрафи ё Суфӣ, ки дар асри VIII ва ибтидои асри IX зиндагӣ кардааст, дар маъхазҳои арабӣ, аз қабили "Саффату-с-сафва"-и Ибни Ҷавзӣ, "Лисон-ул-мизон"-и Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, "Фувот-ул-вафиёт"-и Ибни Шокири Кутубӣ, "ал-Икд ал-фарид"-и Ибн Абди Раббиҳӣ, "ал-Баён ва-т-табйин"-и Ҷоҳиз, "Муҳозарот-ул-удабо"-и Роғиби Исфаҳонӣ, "Маҷолис-ул-муъминин"-и Нуруллоҳи Шуштарӣ, "Уқало-ул-маҷонин"-и Ҳасани Нишопурӣ ва амсоли онҳо ташаккул ёфта, аз қарни XII ба баъд дар асарҳои бадеӣ ва ирфонии форсӣ, монанди "Илоҳинома"-и Шайх Аттор, "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ, "Бӯстон"-и Саъдӣ, "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ, "Латоиф-ут-тавоиф"-и Фахриддин Алии Сафӣ ба ҳайси образи бадеӣ интиқол ёфтааст.

Калидвожаҳо: Баҳлул, образ, адабиёт, ирфон, уқало-ул-маҷонин, танз, латифа, ташаккул, интиқол.

КРАТКИЙ ЭКСКУРС В ИСТОРИЮ СТАНОВЛЕНИЯ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ОБРАЗА БАХЛУЛА В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Как известно, одним из важних источников становления художественных образов классической персидско-таджикской поэзии и прозы являются рассказы и предания об арабских исторических личностях. В настоящей статье делается краткий экскурс в историю становления одного из образов персидско-таджикской классической поэзии и прозы Бахлула или Бухлула, формировавшегося на основе преданий об арабской исторической личности, Абувухайба ибн Амра Сайрафи или Суфи, проживавшего в период правления двух Аббасидских халифов-Махди и Харунаррашида. Результаты исследования, проведенного автором статьи свидетельствуют, что период жизни Абувухайба соответствует периоду правления халифа Махди и Харунаррашида, а год его смерти известен как 190 хиджри (806 год).В целом, анализ и исследование истории становления художественного образа Бахлула в арабской и персидско-таджикской литературах показывает, что этот образ в IX-XII веках появился на основе рассказов и преданий, отнощихся к арабской исторической личности VIII - начала IX века - Абувухайбу Бахлулу ибн Амру Сайрафи, или Суфи. Образ Бахлула возник в начале в арабских источниках, таких как "Саффату-с-сафва" Ибн ал Джавзи, "Лисан ал-мизан" Ибн Хаджара Аскалани, "ал-Байан ва-т-табйин" Джахиза, "Мухазарат ал-удаба" Рогиба Исфахани, "Укала-ал-Маджанин" Хасана Нишапури и с XII века был трансформирован в персидско-таджикских художественных и суфийских произведениях "Илохинома" Шайха Аттора, "Маснави Манави" Джалалиддина Балхи, "Бустан" Саади, "Рисалайе дилкушо" Убайда Зокони, "Латаиф ат-таваиф" Фахриддина Али Сафи и.т.д.

Ключевые слова: Бахлул, образ, литература, ирфон, укала ал-маджанин, юмор, анекдот, становление, трансформация.

A BRIEF EXCURSION IN THE HISTORY OF FORMATION OF THE ARTISTIC IMAGE OF BAHLUL IN PERSIAN-TAJIK LITERATURE

As you know, one of the important sources of the formation of artistic images of classical Persian-Tajik poetry and prose are stories and legends about Arab historical figures. This article makes a brief excursion into the history of the formation of one of the images of Persian-Tajik classical poetry and prose, Bahlul or Bukhlul, formed on the basis of legends about the Arab historical person, Abuvukhaib ibn Amra Sayrafi or Sufi, who lived during the reign of two Abbasid caliphs-Mahdi and Harunarrashid . The results of a study conducted by the author of the article indicate that the period of Abuvukhaib's life corresponds to the period of the reign of Caliph Mahdi and Khorunarrashid and the year of his death is known as 190 hijri (806) .In general, an analysis and study of the history of the formation of the artistic image of Bahlul in Arabic and Persian-Tajik literature shows that this image in the 9th-12th centuries appeared on the basis of the stories and traditions of the 8th century Arabian personality of the 8th century - Abuvuhaibu Bahlulu ibn Amru Sayrifi or Sufi. The image of Bahlul arose in the beginning in Arabic sources such as Saffatu-s-safva Ibn al-Jawzi, Lisan al-mizan Ibn Hajar Askalani, al-Bayan wa-t-tabyin Jahiz, Muhazarat al-udba Rogib Isfahani, "Ukala-al-Majanin" by Hasan Nishapuri and since the 12th century was transformed into Persian-Tajik art and Sufi works by "Ilohinoma" Shaikh Attor, "Masnavi Manawi" by Jalaliddin Balkhi, "Bustan" Uadi, "Risalaye Dilushoshi "Lataif at-tavaif" Fahriddin Ali Safi, etc.

Key words: Bahlul, image, literature, Irfon, Al-Majanin pointed out, humor, anecdote, formation, transformation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдусатторов Абдушукур*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Абдусатторов Абдушукур*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Сведения об авторе: ***Абдусатторов Абдушукур*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

УДК:891.550-31

ОБРАЗИ ШОҲИН ДАР АШЪОРИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Раҷабов Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи адабиёти форсизабон ва урдузабони Ҳинду Покистон ва адабиёти Эрону Тоҷикистон садҳо шоирон борҳо ҳоли пур шару шӯри чунин як парандаи хурдакак, вале бисёр хушхону хушнаво - булбулро, бо сарфи ҳунари шеъргӯиашон чун ошиқи шайдои гул ва меҳмони доимии боғу чаману гулистон тасвир намуда, бо ин васила эҳсоси ошиқиву вафодории худро нисбат ба дӯстдоштаашон, маҳбубаи маъмулан дастнорас боизтироб изҳор кардаанд. Дар адабиётҳои номбурда гумон аст шоире ёфт шавад, ки аз зебоиву нозукиву накҳати мафтункунандаи гул ва нолаву фиғони булбули зор сухан ногуфта, ё худро дар нақши булбули ошиқи гул надида бошад. Агар ба назми Ҳофизи Шерозӣ барин шоири ширинкалом нигарем, пас мебинем, ки тасвири гулу булбул беҳтарин ороиши ашъори ӯ шудаанд. Мисолҳои поёнӣ ин андешаро пурра тасдиқ мекунанд:

Фикри булбул ҳама он аст, ки гул шуд ёраш,
Гул дар андеша, ки чун ишва кунад дар кораш...
Булбул аз файзи гул омӯхт сухан в-арна набуд,
Ин ҳама қавлу ғазал таъбия дар минқораш [10, с.106].

Хуш буд лаби обу гулу сабзаву насрин,
Афсӯс, ки он ганҷи равон раҳгузарӣ буд.
Худро бикуш, эй булбул, аз ин рашк, ки гулро
Бо боди сабо вақти саҳар ҷилвагарӣ буд [10, с.96].

Ғуломқодир Гиромии Ҷоландҳарӣ (1856-1927), ки яке аз устодони тавонои назми форсӣ мебошад [3, с.76], барои беҳамто ва мафтункунанда нишон додани симои маҳбуба булбулу гулро зи маскани доимиашон берун кашидааст:

Он парӣ гар аз чаман гарми итоб ояд бурун,
Булбул аз гул, гул зи бӯ, бӯ аз гулоб ояд бурун [3, с.82].

Мисоли дигаре аз шоири маъруфи Эрон Адибулмамолики Амирӣ (1861-1917) низ ҷолиб менамояд, ки диди худро нисбат ба гулу булбул ин тавр гуфтааст:

“Намояд навгул андар шох ҷилва,
Навозад булбул андар боғ арған” [5, с.110].

Шоири шуҳратёру тозабаёни Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқбол (1877-1938), ки “...анъанаи шашасраи адабиёти форсизабони Ҳиндро бо сарфарозӣ идома дода бо ду забон шеър мегуфт ва тавонист, ки номи хешро бо ҳарфҳои заррин дар таърихи он ҷовидонӣ сабт гардонад” [4, с.10], ӯ низ тахмин карда наметавонист, ки бе тасвири гулу булбул, назми ошиқонаи пур аз эҳсос, мукаммалу зебо шуда, форам ба гӯш расида метавонад. Асри ХХ, тавре олими Ҳинд Саид Эҳтишом Ҳусейн зикр кардааст, дар адабиёти Ҳиндустон асри наср бошад ҳам, Иқбол барин шоироне ёфт шудаанд, ки барои ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми замона маҳз назмро ба кор бурдаанд [9, с.163]. Иқбол аз забони шоири дигаре гуфтааст: “Бӯйи гул ҳуд ба чаман роҳнамо шуд зи нахуст, В-арна булбул чӣ хабар дошт, ки гулзоре ҳаст” [7, с.384]. Гулу булбул - ин зинатҳои боғу чаман, боз зинату ҳусни ҳама навъҳои шеърианд. Муҳаммад Иқбол алоқамандии ногусастание, ки гулу булбул ва шоирон бо ҳам доранд, баръало эҳсос намуда, таъкид кардааст:

Синаи шоир тачаллизори ҳусн,
Хезад аз Синои ӯ анвори ҳусн.
Аз нигоҳаш хуб гардад хубтар,
Фитрат аз афсуни ӯ маҳбубтар.
Аз дамаш булбул наво омӯхтааст,
Ғозааш рухсори гул афрӯхтааст [7, с.35].

Дар олами назми адабиёти Шарқ, алалхусус адабиёти Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Покистон рӯ овардани шоирон ба гулу булбул воситаи санҷидашудае мебошад, ки ҳусни баёни ҳар як шоирро рангин намуда, зебоиву таъсирбахшии ашъори ошиқонаи ӯро ҳайратангез менамоянд. Муҳаммад Иқбол маҳз ҳаминро дар назар гирифта гуфтааст:

Дар баҳорон ҷӯши булбул дидаӣ?
Растахези ғунчаву гул дидаӣ?...
Баст қумрӣ ошён булбул парид,
Қатраи шабнам расиду бӯ рамид [7, с.117].

Чу булбул нолаи зоре надорӣ,
Ки дар тан ҷони бедоре надорӣ.

Дар ин гулшан, ки гулчинӣ ҳалол аст,
Ту захме аз сари хоре надорӣ [7, с.990] .

Ин матлаб низ дар зеҳни шоир сахт ҷойгир аст, ки инсон кадом хислату қудрате, ки надошта бошад, бояд барои иҷрои амале пайваста кӯшиш ба харҷ диҳад, то аз он муроде ҳосил шавад. Инсон бояд аз тариқи амали шоиста кӣ будани худро маълум ва ҷойгоҳи худро дақиқ нишон диҳад:

Булбул астӣ дар чаман парвоз кун.
Нағмае бо ҳамнавоён соз кун.
В-ар уқоб астӣ, таҳи дарё мазӣ,
Ҷуз ба хилватхонаи саҳро мазӣ [7, с.132].

Иқболшиноси рус Н.И. Пригарина мафумҳои истифоданамудаи Иқболро ба якчанд гурӯҳ ҷудо намудааст. Яке аз ин гурӯҳҳо “Лексикаи паранда” ном дорад ва дар он булбул аз лиҳози бештар истифода бурдан дар ҷойи аввал омадааст. Лекин Иқболро аз гулу булбул гуфтан маълум аст, ки ҳадаф аслан дигар чиз аст, ҳарчанд ки навои булбулу накҳати гул ӯро хушҳолу мафтун созанд ҳам. Вақте ки адиб таъсирбахшии сухани бадеиро мукаммалтар ва дар айни ҳол оҳанги онро нарму форамтар карданӣ мешавад, он гоҳ гулу булбул барин калимаҳои ба гӯш навозишбахшро бисёр моҳирона ба кор мебарад, тавре ки дар байти зер ба назар мерасад:

Рӯҳи худ дар сӯзи булбул дидаем,
Хуни одам дар раги гул дидаем [7, с.117].

Ё агар шоир ният дошта бошад, ки диққати инсони боғурури аз олами пурафсуни ӯро фаро гирифта бехабар, аз ҷойгоҳи хору аз дурӯзагии умри гул ноогоҳ ва нисбат ба зиндагии пурмуаммову пурасрори хеш бепарворо ба майдони андешаронӣ кашад:

Саҳар мегуфт булбул боғбонро:
-“Дар ин гил ҷуз ниҳоли ғам нагирад.
Ба пирӣ мерасад хори биёбон,
Вале гул чун ҷавон гардад, бимирад” [7, с.198].

Ин навъ мисолҳоро, ки шоир аз гулу булбул ёдовар шудааст, боз аз ашъори ба забонҳои форсӣ ва урду иншокардаи Муҳаммад Иқбол бисёр овардан мумкин аст. Аз ҷумла, яке аз шеърҳои ба забони урду навиштаи Аллома “Гули пажмурда” ном дорад, Ин бар хилофи ҳамаи он шоироне, ки ҳамеша гули зиндаро, тару тозаро ва ё ғунчаи ҳанӯз нашкуфтаро писанд дида, накҳату таровату зебоии ҳамонро тасвир мекунанд. Шеъри “Гули пажмурда” аз шаш байт, яъне дувоздаҳ мисраъ иборат аст. Дар мисолҳои болоӣ овардани номҳои гулу булбулро як дафъа ва дар як мисраъ мебинем, боқӣ фикри шоир бо ҷумлаҳои аз гулу булбул дур ва бе алоқамандии ошкоро бо гул зоҳир шудаанд. Дар шеъри “Гули пажмурда” бошад гул, ҳарчанд ки номи пажмурда, яъне ҳуснгумкарда ва ба касе нолозимро гирифтааст, лекин пурра тасвири ҳолу мақоми худро ёфтааст. Барои шоир гули пажмурдаро ба маънои пурраш гул гуфтан душвор аст, вале таъкид шудааст, ки замоне ҳамин гули ҳоло пажмурда зебу зинати боғу чаман буду аз пушти ҳусну накҳати мафтункунандаи худ ҷойгоҳи дигаре дошт :

Кис забан се эй, гули пажмурда туҷҳ ко гул каҳун?
Кис тараҳ туҷҳ ко таманае дили булбул каҳун?
Тҳӣ кабҳӣ мавҷи саба гавҳараҷунбан тера,
Нам тҳа саҳни гулистан мен гули хандан тера.
Тере эҳсас ка насими субҳ ко иқрар тҳа,
Бағ тере дам *се гӯя таблаи аттар тҳа* [6, с.83].

Бо кадом забон эй, гули пажмурда туро ман гул гӯям?
Чӣ сон туро таманнои дили булбул гӯям?
Замоне мавҷи сабо туро гавҳараҷунбон буд,
Номи ту дар саҳни гулистон гули хандон буд.
Насими субҳ аз эҳсоси ту дар иқрор буд,
Боғ аз накҳати ту гӯё таблаи аттор буд (тарҷумаи таҳтуллафзӣ).

Аз овардани ин мисолҳо ҳадафи мо ин нест, ки бо гулу булбул доимо ҳамнафас будани шоирон, аз ҷумла Муҳаммад Иқболро шоҳидӣ диҳем, мо, бо ин мисолҳо фақат ишора ба он карданием, ки Иқбол анъанаи бо гулу булбул ошноӣ доштани шоирони аз худ пешро риоя кардааст, вале на ҳамеша ба хотири васфи сӯзу гудози булбулу зебоӣ ва нозу карашмаву нозукиҳои гул. Адибро дар ҳар маврид ҳадаф фақат андешаеро бо ин васила қавитару таъсирбахш кардан асту бас. Шоир аз дигар парандаҳои осмони нилгун, аз ҷумла аз уқобу шаҳбоз низ ёдовар мешавад, мисле ки:

Ишқ тиннат мен фурӯмая наҳин мисли ҳавас,
Пари шаҳбаз се мумкин наҳин парвази магас [6, с.682].

Ишқ дар тинати худ нест фурӯмоя мисли ҳавас,

Нест мумкин бо пари шаҳбоз парвози магас.

Тамоман сози дигар аст, вақте ки Муҳаммад Иқбол шоҳин барин парандаеро барои ифодаи мақсадҳои худ истифода бурданӣ мешавад (Бояд ёдовар шавем, ки шоҳин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 парандаи сол эълон шуда буд). Муроҷиат кардан ба образи шоҳин ҳанӯз дар замони Фиръавнҳо мушоҳида шудааст. Дар асрҳои миёна низ ин образ дар асарҳои назмиву насрӣ мавқеи хос дошт. Адибон дар симои қаҳрамони худ агар чунин хислатҳоро ба мисли ҳушёрӣ, зиракӣ, шуҷоатмандӣ, далерӣ, нотарсӣ, чолокӣ ва мардонагиро диданӣ мешуданд, ӯро чун шоҳин тасвир менамуданд. Агар ашъори форсизабону урдузабони Муҳаммад Иқболро бо диққат нигоҳ кунем, зуд пай мебарем, ки яке аз образҳои дӯстдоштаи Аллома шоҳин мебошад. Метавон гуфт, ки маҳз шоҳин бо хислатҳои шоиста ва парвози хосса доштанаш андешаҳои шоирро мисли парвози худ бемислу ҷолиб кардааст. Шоир ҳатто вақте ки сифатҳои тайёраро баён кардани мешавад, онро танҳо чу шоҳину чун уқоб тасвир менамояд: “Ба парвоз шоҳин, ба ниру уқоб, Ба чашмаш зи Лоҳур то Форёб” [6, с.239]. Ба ин ҳолат рассомон низ эътибор дода, чун симои шоирро кашиданӣ мешаванд, дар ягон ҷое, маъмулан наздиктар ба чеҳраи ӯ, шоҳинро низ наққошӣ мекунанд. Образи шоҳин дар назми классикии адибони форсизабон, аз ҷумла шоирони форсизабони Ҳиндустон дар истифода буда, мавқеи хоссе дорад. Аз ҷумла, Амир Хусрав Деҳлавӣ чунин гуфтааст:

Дилам сайди ту бо сад гуна зорӣ,
Ту дар дунболи шоҳини шикорӣ.

Дар тасвири Соиб бошад, он чӣ баёнгари хислати асосии шоҳин, яъне хунрезӣ ҳамчун шеваи ошиқро асир кардани соҳибҷамолон, яъне маъшуқа омадааст:

Зи чашми пурфусуни дилбарон ғофил машав Соиб,
Ки шоҳин машқи хунрезӣ кунад дар чашм пӯшидан.

Муҳаммад Иқбол ба воситаи образи шоҳин чанд ҳунару хислату рафторро ба қалам додааст, ки онҳо аслан кирдорҳои шоистаи инсони комил мебошанд, гарчанде барои тасдиқи андешаҳои дигар низ ба кор рафтаанд. Дар замони зистани шоир – замони беш аз пеш авҷгирии муборизаи мардуми озодихоҳи Ҳинд адибони пешқадам баёни худшиносӣ, ватанхоҳӣ, далерӣ, шуҷоатмандӣ, ғурур ва мисли ин хислатҳоро дар офаридаҳои худ заруру арзишманд ва ҳатмӣ медонистанд. Медонистанд, ки агар мардуми мубориз чунин хислатҳоро дошта бошанд, ба ҳадафҳои олӣ расиданашон имконпазир мешавад. Шоир баръало ҳис менамуд, ки замони тасвири образҳои афсонавию асотирӣ, ки асрҳои аср дар адабиёт мавқеи асосӣ дошт, гузаштааст. Акнун замонест, ки бошандагони Ҳиндустони гирифтори истисмори аҷнабиён шуда, хислатҳои шоҳинро дошта бошанд. Иқбол дар ашъори худ аз образи паррандаҳо, тавре дар боло каме ишора шуд, фаровон истифода намудааст, лекин шоҳин барин парандаи донову зираку тезпарвозро зиёдтар завқи дидану тасвир кардан дорад:

Қабои зиндагонӣ чок то кай?
Чу мӯрон ошён дар хок то кай?
Ба парвоз ову шоҳинӣ биомӯз,
Талоши дона дар хошок то кай? [7, с.245].

Тоири доно намегардад асир,
Гарчи бошад доме аз тори ҳарир [7, с.581].

Дар ҷойи дигар вақте Иқбол аз уқоб барин парандаи баландпарвоз ёдовар мешавад, пӯшида намемонад, ки шоир чиро дар назар дораду ба кӣ ишора мекунад. Ишора боз ҳам ба ҳамон халқе, ки бо сабаби мутеъона сарфарории худ ин қадар дар пастиҳо ҷой гирифтааст, ки дидаву гуфтанаш нанг аст. Барои ин халқ ҷойи баландро муносиб ва арзанда дониста, даъват менамояд, ки вай дар баландиҳо зистанро ихтиёр кунад ва дар амали худ бояд ибрате боз ҳам аз шоҳин бигирад:

Ту уқобӣ, тоифи афлок шав,
Болу пар бикшову пок аз хок шав.
Дона-дона гавҳар аз хокаш бигир,
Сайд чун шоҳин зи афлокаш бигир [7, с.661].

Шоир дар фазо парвози садҳо парандаҳоро дидааст, ҳунари парвозу шикор кардани ҳар яке аз онҳоро медонад. Миёни онҳо ситоишро танҳо шоҳин меарзад гуфта, дар ҳар мавриди муносиб ҷойгоҳи дигар, ҷойгоҳи махсус доштани шоҳинро гӯшрас мекунад:

Каргасонро расму оин дигар аст,
Сатвати парвози шоҳин дигар аст [7, с.895].

Муҳаммад Иқбол аз замони огоҳона ба образи шоҳин барин парандаи чолоку зирак рӯ овардан, гӯшрас мекунад, ки ин қадар беандозаву беохир ба гулу булбулсароӣ машғулу саргардон шудани шоирон лозим нест. Агар сабабашро ҷустанӣ шавем, кофист ба ёд орем, ки мавзӯи неруманд шудану барои озодӣ мубориза бурдан, Муҳаммад Иқболро дар замони истилои англисҳо ва умуман аҷнабиёни ғасби Ҳиндустон карда, ҳеҷ гоҳе ором

нагузоштааст. Ҳолати ҳамонвақтаи мардуми Ҳиндустони мутеъшударо нигоҳ карда исбот карданӣ мешавад, ки ягон марҳамате аз ҷониби англисҳо нахоҳад шуд: **“**Туро, нодон, умеди ғамгусориҳо зи Афранг аст, Дили шоҳин насӯзад баҳри он мурғе, ки дар чанг аст**”** [7, с.325]. Барои ҳамин ҳам шоир ҳар мавриди муносибро истифода бурда, кӣ будану чӣ кор кардани ҳамватанони ғуломгаштаву беҳуқуқмондаи худро фаромӯш намекунад. Вай ба нерумандӣ махсус эътибор дода, мехоҳад, ки ҳамватанони муборизаш на танҳо ақли солиму иродаи қавӣ, балки боз бозуи қавӣ низ дошта бошанд:

Ақли худбин дигару ақли ҷаҳонбин дигар аст,
Боли булбул дигару бозуи шоҳин дигар аст [7, с.359].

Зери зулми аҷнабиён будани ҳамватанонашро шоир лаҳзае аз ёд намебарорад ва ба Худованд рӯ оварда ишора ба шоҳинии хеш мекунад ва барои неруманд шудану мубориза бурдан хислату қудрати бештареро мехоҳад доро бошад: “Шоҳини ман ба сайди палангон гузоштӣ, Ҳиммат баланду чанггул аз ин тезтар бидеҳ” [7, с.396]. Шоир бо нерумандӣ ва таҷрибаи зиёд дар фанни ғуломдорӣ доштани мусамликадорон шинос аст, барои ҳамин ҳам доимо ҳушёр буданро огоҳ мекунад:

Гирифтам ин ки чу шоҳин баландпарвозӣ,
Баҳуш бош, ки сайёди мо куҳандом аст [7, с.458].

Иқбол худро муаззаф мешуморад, ки барои баланд бардоштани рӯҳияи мардуми сарзамини Ҳиндустон бояд талошҳо кунад. Бо ин мақсад боз ҳамон шоҳинро ба майдон меорад, ки образи он чун воситаи беҳтарини ифодаи андешаҳои шоири мубориз хизмат мекунад:

Зиндагии сӯзу соз, беҳ зи сукуни давом,
Фохта шоҳин шавад аз тапиши зери дом...
Теғи дурахшандаӣ, ҷони ҷаҳоне гусил,
Ҷавҳари худро намо, ой бурун аз наём.
Бозуи шоҳин кушо, хуни тазарвон бирез,
Марг бувад бозро зистан андар куном [7, с.209].

Муҳаммад Иқбол таъкид мекунад, ки шоҳин худ бояд ҳемеша шоҳинзода буданашро фаромӯш накунад, қадри болу пар ва ҷойгаҳи худро бидонад, бо ҳамаи онҳое, ки дар як зинаву ҷой нишастан бо ӯ лоиқ нестанд ва дар асли худ аз шоҳинзодаҳо дуранд, суҳбату нишаст наорояд:

Аз наво бар ман қиёмат рафту кас огоҳ нест,
Пеши маҳфил ҷуз баму зеру мақому роҳ нест...
Ҷура шоҳинӣ, ба мурғони саро суҳбат магир,
Хезу болу пар кушо, парвози ту кӯтоҳ нест [7, с.479].

Шоир худ чи дар кишварҳои Шарқ ва чи дар кишварҳои Ғарб, ҳангоми сафарҳояш садҳо манзараҳои зебои чаманосо, боғҳои боҳашамат ва он ҷойҳо гулҳои рангоранги навшукуфтаро дидаасту хуб медонад, ки ин гуна гӯшаҳои хушнамуд чӣ гуна ҷойҳо мебошанд ва ишора ба он мекунад, ки боғу чаман барин мавзеъҳои босалиқа ороста ва аз гулҳои рангоранг пурнакҳат, аслан ҷойи нағмасароии булбулон аст:

Намояд он чӣ ҳаст ин водии гул?
Даруни лолаи оташ ба ҷон чист?
Ба чашми мо чаман як мавҷи ранг аст,
Кӣ медонад ба чашми булбулон чист? [7, с.218].

Аз ин ҷо, вай чаманро ҳарчанд зебову дилкаш бошад ҳам, барои зистани шоҳин барин паранда номуносиб мебинад ва тарс аз он дорад, ки чун шоҳин дар чаман барин ҷой маскан бигираду он ҷо барои доимӣ зистан бимонад, сифатҳои шоҳинии худро фаромӯш мекунаду хислатҳои бартаридоштаашро, ки қиматтарин дороии ӯ мебошаду бояд дигарон онҳоро тақлид кунанд, аз даст медиҳад:

Бурун з-ин гунбади дарбаста пайдо кардаам роҳе,
Ки аз андеша бартар мепарад оҳи саҳаргоҳӣ.
Ту, эй шоҳин, нишеман дар чаман кардӣ, аз он тарсам
Ҳавои ӯ ба боли ту диҳад парвози кӯтоҳе [7, с.492].

Иқболшинос Абдуллоҷон Ғаффоров дар китоби худ “Муҳаммад Иқбол” дар ду иқтибоси аз ашъори Иқбол овардааш [2, с.141-143] аз шоҳин ёдовар шудааст, вале таъкид нашудааст, ки образи шоҳин чӣ мақоме дар назми шоир дорад, ҳол он ки дар ашъори Муҳаммад Иқбол ҷой ва мақоми шоҳин аз ҳамаи дигар парандаҳо, аз ҷумла булбулу кабӯтару қумриву бозу ҳумову уқоб дида болотар меистад, барои ҳамин ҳам аз шоҳин ва шоҳинзодаҳо амалҳои шоиставу ғурурпарварро интизор аст. Ӯ ҳеҷ гоҳ намехоҳад, ки шоҳин дар манзили ноҷинсони номувофиқ макон гираду мабодо бар ивази хислатҳои танҳо ба шоҳинҳо хос буда, хислатҳои дигари нолоиқ ба ӯ ёр шаванд ва шоҳин аз эътибору азамати шоҳинӣ бенасиб гардад:

Ҳал нашуд ин маънии мушкил маро,
Шоҳин аз афлок бигрезад чаро?

Войи он шоҳин, ки шоҳинӣ накард,
Мурғаке аз чанги ӯ н-омад ба дард.
Дар куноме монд зору сарнагун,
Пар назад андар фазои нилгун [7, с.512].

Дар ҷойи дигар боз ҳамин гуна андешаи шоирро мебинем, ки сахттару қавитар садо додааст. Шоир дар хитоби худ ба шоири машҳури арабизабон Абул аъла-ал-Маарӣ (973-1057) афсӯс мехӯрад, ки ӯ шоҳин нашудааст:

Афсӯс, сад афсӯс, ки шаҳин на бана ту,
Декҳе на терӣ анкҳ не фитрат ке ишарат [6, с.487].

Афсӯс, сад афсӯс, ки шоҳин нашудӣ ту,
Чашмони ту надидаст ишораи фитрат.

Дар “Куллиёти урдуи Иқбол” дар бахши “Боли Ҷабраил” ба забони урду як шеъри ҷудогонае иборат аз нуҳ байт бо номи “Шоҳин” ҷой дода шудааст. Дар ин шеъри Иқбол шоҳин худ ҳамчун ситоишгари хислатҳои хеш дида мешавад. Ҳамон тавре ки Муҳаммад Иқбол боз ҳамчун Зиндаруд маълум аст, мо ҳақ дорем гӯем, ки ҳамон тавр ӯ боз худ шоҳин ҳам ҳаст. Ӯ ҳамон шоҳинест, ки одати баланд парвоз карданро дорад ва макони аслиаш осмони нилгуни беканор мебошад, на он маконе, ки кабку кафтар ва дигар ҷонварони пастпарвоз доранд:

Кия, мен не ус хакдан се кинара,
Ҷаҳан ризқ ка нам ҳе абу дана.
Биябан ки хилват хуш атӣ муҷҳ ко,
Азал се ҳе фитрат мерӣ раҳибана.
На баади баҳарӣ, на гулчин, на булбул,
На бемарии нағмаи ашиқана.
Хиябанон се ҳе парҳез лазим,
Адаен ҳейн ун ки баҳут дилбарана.
Ҳаваи биябан се ҳотӣ ҳе гармӣ,
Ҷаванмард ки зарбатӣ ғазияна.
Ҳумаму кабутар ка бҳука наҳин мейн,
Ки ҳе зиндагӣ баз кӣ заҳидана.
Ҷҳаптна, палатна, палаткар ҷҳаптна,
Лаҳу гарм ракҳне ка эк баҳана.
Йеҳ пураб, йеҳ паччҳам чакорон кӣ дуня,
Мера нилгун асман бекарана.
Паррандон кӣ дуня ка дарвеш ҳун мейн,
Ки шаҳин баната наҳин ошяна [6, с.495].

Чаро аз хокдон ман дар канорам
Дар он ҷое, ки ризқам обу дона.
Биёбони хилват хуш меояд маро,
Аз азал фитрати ман роҳибона.
На боди баҳорӣ, на гулчин, на булбул,
На бемории нағмаи ошиқона.
Аз хиёбонҳо бояд парҳез кард,
Агарчи доранд онҳо адои дилбарона.
Аз ҳавои биёбонҳо меояд гармӣ,
Ҷавонмардро забардастист ғозиёна.
Ман гурусна аз қумриву кабӯтар нестам,
Ки ин бозҳоро ҳаст зиндагӣ зоҳидона.
Дар ҳуҷум тоб хӯрдан ва тоб хӯрда ҳуҷум кардан
Барои нигаҳдории гармии хун ин як баҳона.
Ғарбу Шарқ ҳама дунёи кабкҳоянд,
Осмони нилгуни ман бекарона.
Ман дарвеши дунёи парандаҳоям,
Ки шоҳин намесозад ошёна.

Муҳаммад Иқбол аз ҷумлаи ҳамон адибони шинохтаи Ҳинду Покистон мебошад, ки аз таърихи фарҳанги ватани худ хуб огоҳ аст ва аз замонҳои қадим то асри ХХ ин сарзамин чи фарҳанге, чи ҳунаре ва чи тақдире насибаш шудааст, ба он адиб назари хос дошт ва ба худ савол медод, ки чаро мардуми як вақтҳо боғуруру соҳибқудрат ва замони тиллоиро аз сар гузаронда, имрӯз ғуломи аҷнабиён шудаанд? Муҳаммад Иқбол шоири инсондӯст буд. Дар маснавии “Асрори худӣ”, ки соли 1915 эҷод шудааст Иқбол “Баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист, То даридам пардаи асрори зист” гуфтааст, ки ин дараҷаи баланди инсондӯстии шоирро гувоҳ аст. “Муҳаббат ба инсон фикри асосии тамоми

эҷодиёти Иқбол мебошад”, зикр кардааст олими рус Никита Глебов [1, с.131]. Ҳамон инсоне, ки аз барояш шоир нолаҳо дорад, ҳамонро озод дидан мехоҳад ва даъват менамояд, ки вай мубориза барад. Аз ин ҷо чунин дилсӯзӣ ва раҳнамоии ӯ пеши назар меояд: “То ба кай чун ғунча мебошӣ хамӯш, Накҳати худро чу гул арзон фурӯш”. Инсони бехабару ноогоҳ ва аз сарвату дороиву неруи худ бегонашударо хабардор мекунад, ки:

Мурғи хушлаҳҷаву шоҳини шикорӣ аз туст,
Зиндагиро равиши нуриву норӣ аз туст.
Дили бедору кафи хоку тамошои ҷаҳон,
Сайри ин боғ ба шабгуна аморӣ аз туст.
Ҳама афкори ман аз туст – чӣ дар дил, чӣ дар лаб,
Гуҳар аз баҳр барорӣ, набарорӣ аз туст [7, с.426].

Барои адиб равшан аст, ки душман ба осонӣ даст боло намекунад, ба осонӣ ин сарзаминро тарк карданӣ нест. Аз ин ҷо, рӯ ба шоҳин овардани шоирро ҷойи тааҷҷуб нест. Ҳамин тариқ, Муҳаммад Иқбол ба хотири баёни андешаҳое, ки инсонро пурғайрату шердил ва ба неруи худ боварии комилдошта месозад, образи шоҳинро итихоб карда, ҳамватанонашро сарбаланду ғаюру тавоно ва соҳибғурур диданист. Дар зинаҳои баланди зиндагӣ ҷой гирифтану комилан озод будану фаъолияти ибратбахш доштани инсонро орзу менамояд, ки ин ҳам ишора ба ҷойгоҳи шоҳин аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Глебов Н., Сухочев А. Литература урду / Н.Глебов, А.Сухочев. - М., 1967. - 232 с.
2. Ғаффоров А. Муҳаммад Иқбол / А.Ғаффоров. - Душанбе, 1977. - 222 с.
3. Ғаффоров А. Назми форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XX ва асри XIX / А.Ғаффоров. - Душанбе, 1975. - 142 с.
4. Зиёзода Идибеки Ғозӣ. Муҳаммад Иқбол. Зиндагӣ, осор, ҷаҳонбинӣ, дин, фалсафа, тасаввуф / Ғозӣ, Зиёзода Идибек. - Душанбе, 2015. - 320 с.
5. Муллоаҳмадов М. Лирикаи Адибулмамолики Амирӣ / М.Муллоаҳмадов. - Душанбе, 1985. - 176 с.
6. Муҳаммад Иқбол. Куллиёти урду / Иқбол, Муҳаммад. - Лоҳур, 2000. - 756 с.
7. Муҳаммад Иқбол. Куллиёти форсӣ / Иқбол, Муҳаммад. - Лоҳур, 1981. - 1056 с.
8. Пригарина Н.И. Поэтика творчества Мухаммада Икбала / Н.И. Пригарина. - М., 1978. - 232 с.
9. Саид Эхтишом Хусейн. История литературы урду / Хусейн, Саид Эхтишом. - М., 1961. - 260 с.
10. Ҳофизи Шерозӣ. Ашъори гузида / Шерозӣ, Ҳофизи. - Душанбе, 1971. - 400 с.

ОБРАЗИ ШОҲИН ДАР АШЪОРИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Дар адабиёти форсизабон ва урдузабони Ҳинду Покистон садҳо шоирон борҳо зебоии гулу нолаи булбулро тасвир намуда, бо ин васила ошиқиву вафодории худро нисбат ба дӯстдоштаашон, маҳбубаи маъмулан дастнорас, изҳор кардаанд. Шоири шуҳратёри Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқбол (1877-1938) низ тахмин карда наметавонист, ки бе тасвири гулу булбул, назми ошиқонаи пур аз эҳсос, мукаммалу зебо шуда, форам ба гӯш расида метавонад. Адибро дар ҳар маврид ҳадаф фақат андешаеро бо ин васила қавитару таъсирбахш кардан асту бас. Лекин аз гулу булбул дида дар назди шоир қимати бештар шоҳин дорад. Муҳаммад Иқбол образи шоҳин барин парандаеро барои ифодаи мақсадҳои худ истифода бурданӣ мешавад. Муроҷиат кардан ба образи шоҳин ҳанӯз дар замони Фиръавнҳо мушоҳида шудааст. Дар асрҳои миёна низ ин образ дар асарҳои назмиву насрӣ мавқеи хос дошт. Адибон дар симои қаҳрамони худ, агар чунин хислатҳоро ба мисли ҳушёрӣ, зиракӣ, шуҷоатмандӣ, далерӣ, нотарсӣ, чолокӣ ва мардонагиро диданӣ мешуданд, ӯро ҳатман чун шоҳин тасвир менамуданд. Агар ашъори форсизабону урдузабони Муҳаммад Иқболро бо диққат нигоҳ кунем, маълум мешавад, ки яке аз образҳои дӯстдоштаи Аллома шоҳин мебошад. Метавон гуфт, маҳз шоҳин бо хислатҳои шоиста ва парвози хосса доштанаш диққати шоиронро ба худ ҷалб кардааст. Дар “Куллиёти урдуи Иқбол” дар бахши “Боли Ҷабраил” ба забони урду як шеъри ҷудогонае иборат аз нӯҳ байт бо номи “Шоҳин” ҷой дода шудааст, ки пурра ба ҳамин паранда бахшида шудааст. Ҳамин тариқ, Муҳаммад Иқбол ба хотири баёни андешаҳое, ки инсонро пурғайрату шердил ва ба неруи худ боварии комилдошта месозад, образи шоҳинро итихоб карда, ҳамватанонашро сарбаланду ғаюру тавоно ва озоду соҳибғурур диданист. Дар зинаҳои баланди зиндагӣ ҷойи гирифтану комилан озод будан ва мисли шоҳин фаъолияти ибратбахш доштани инсонро орзу менамояд.

Калидвожаҳо: Муҳаммад Иқбол, шоир, назм, шоҳин, гул, булбул, чаман, форсӣ, урду, куллиёт, далерӣ, аҷнабиён, парвоз, паранда, адабиёт, озодӣ, маҳбуба.

ОБРАЗ СОКОЛА В ПОЭЗИИ МУХАММАДА ИКБАЛА

В персоязычной и урдуязычной литературе Индии и Пакистана сотни поэтов неоднократно воспевали красоты цветка и страдания соловья. Они таким способом выражали свою любовь к возлюбленной, которая всегда, как правило, недоступна. Знаменитый поэт Индии и Пакистана Мухаммад Икбал (1877-1938) представить не мог, что без воспевания красоты цветка и страданий соловья, любовная лирика будет полноценной, красивой и приятной для слуха. Поэт считал, что таким способом усиливается сила воздействия стиха. Однако образ такой птицы, как сокол, больше привлекал поэта, чем роза и соловей. Образ сокола привлекал внимание поэтов еще при правлении Фараонов. В средние века также этот образ занимал особое место в поэзии и прозе. Когда поэты хотели видеть в своих героях такие качества, как смелость, бесстрашие, стремительность, ловкость, мужество и твердость характера, то их действия и качества изображали как качества сокола. Если внимательно рассмотреть поэзию Икбала на урду и персидском языках, то видим, что сокол является самым любимым образом поэта. Именно сокол своими достойными качествами и стремительным полетом привлекает внимание поэта. В “Куллиёт” урду Икбала в раздел “Крылья Джабраиля” включено одно стихотворение, состоявшее из девяти бейтов, под названием “Сокол”, которое полностью посвящено этой птице. Таким образом, Мухаммад Икбал, чтобы придать той или иной мысли более сильный тон и мощную выразительность, прибегает к образу сокола и, таким образом, он хочет видеть своих

соотечественников гордыми, сильными и независимыми. Он мечтал о том, чтобы у человека было достойное место в жизни, чтобы он был совершенно свободным в своей деятельности подобно соколу.

Ключевые слова: Мухаммад Икбал, поэт, поэзия, сокол, цветок, соловей, цветник, персидский, урду, куллият, бесстрашие, иноземцы, полёт, птица, литература, свобода, возлюбленная.

THE IMAGE OF A FALCON IN THE POETRY OF MUHAMMAD IQBAL

In the Persian-language and Urdu-language literature of India and Pakistan, hundreds of poets have repeatedly sung the beauty of the flower and the suffering of the nightingale. They are this way.they expressed their love for their beloved, who is always unavailable. The famous poet of India and Pakistan Muhammad Iqbal (1877-1938) could not imagine that without the chanting of the flower and the suffering of the nightingale, love lyrics would be complete, beautiful and pleasant to the ear. The poet believed that this way increases the power of the impact of the verse. However the image of such a bird as a Falcon attracted the poet more than the rose and the nightingale. The image of the falcon attracted the attention of poets during the reign of the Pharaons. In the middle ages, this image also occupied a special place in poetry and prose. When poets wanted to see in the face of their heroes such qualities as courage, fearlessness, speed, dexterity, courage and firmness of character, its action and quality as depicted as the quality of a falcon. If we look closely at Iqbal's poetry in Urdu and Persian, we see that the Falcon is the poet's favorite image. It is the Falcon with its worthy qualities and rapid flight that attracts the poet's attention. In the ” Kulliyat "-e Urdu Iqbal, in the section "Wing of Jabrayil” included one poem consisting of nine bayts called "Falcon", which is completely dedicated to this bird. Thus, Muhammad Iqbal, in order to convey a particular thought with a more forceful tone and powerful expressiveness, resorts to the image of a Falcon and in this way he wants to see his countrymen proud, strong and unassailable. He dreamed that a person would have a worthy place in life, that he would be completely free from instructive activities like a Falcon.

Key words: Muhammad Iqbal, poet, poetry, falcon, flower, nightingale, flower garden, persian, urdu, kulliyat, fearlessness, foreigners, flight, bird, literature, freedom, sweetheart.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҷабов Ҳабибулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Ҳинд. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Раджабов Хабибулло*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры индийской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Rajabov Khabibullo*** **-** Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Indian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК:891.550

ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ ВА УСУЛИ ЭҶОДИ КАЛОМИ БАДЕЪ

Тоиров У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз симоҳои машҳури адабӣ, бузургтарин шоири тоҷикзабони қаламрави Ҳиндустон - Яминуддин Абулҳасан Амир Хусрави Деҳлавӣ ба шумор меравад, ки дар асри XIII зиндагӣ ва эҷод кардааст. Хусрав соли 1253 дар Патёлии соҳили дарёи Ганг ба дунё омадааст. Номи ӯ Хусрав, лақабаш Яминуддин, кунияташ Абулҳасан, тахаллусҳояш дар аввал Султонӣ ва баъд Хусрав, Деҳлавӣ нисбати ӯ ба ҷойи зисташ аст. Вай дар овони 39-солагӣ унвони «амир»-ро мушарраф гардидааст. Гузаштагони Хусрав аслан аз шаҳри Кеш (Шаҳрисабзи кунунии вилояти Қашқадарёи Ӯзбекистон) буда, пас аз ҳамлаи муғулҳо ба Ҳиндустон муҳоҷират намудаанд. Падари шоир - Сайфуддин Маҳмуд аз қабилаи Лочин буда, то соли 1236 ба Ҳиндустон омадааст. Модари Хусрав - Давлатноз аз тоҷикони Деҳлист. Падари шоир соли 1261, ки он вақт Хусрав 8-сола будааст, дар яке аз муҳорибаҳои зиддимуғулӣ вафот мекунад ва модараш бошад, соли 1299 аз олам гузаштааст.

Амир Хусрав бо мадади бобои модариаш - Имодулмулк то овони 20-солагӣ ҳамаи илмҳои замонаашро: сарфу наҳв, калом, мантиқ, ҳикмат, таърих, муаммо, тафсир ва ғайраро фаро гирифта, ба улуми адабӣ ва хусусан ба илми шеър рағбати ниҳоят зиёд зоҳир менамояд. Поёни рӯзгори шоир дар Деҳлӣ сипарӣ шуда, Хусрави Деҳлавӣ 27-уми сентябри соли 1325 дар синни 72-солагӣ дар шаҳри Деҳлӣ аз олам гузаштааст ва оромгоҳи ӯ дар маҳаллаи Ғиёспури шаҳри мазкур аст.

Амир Хусрави Деҳлавӣ шоир, олим ва нависанда буда, дар шаклҳои назму наср мероси бое боқӣ гузоштааст. Инчунин, ӯ ба забони ҳиндӣ асар эҷод карда будааст. Хусрав забони арабиро низ дар сатҳи зарурӣ медонистааст, зеро «Гулистон»-и Саъдиро ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Миқдори осори ӯро фузун аз 50 адад қайд кардаанд. Аз ҷумлаи он осор: 5 девони ашъор: 1. «Туҳфат-ус-сиғар», 2. «Васат-ул-ҳаёт», 3. «Ғурат-ул- камол», 4. «Бақияи нақия», 5. «Ниҳоят-ул-камол»; «Хамса»: «Матлаъ-ул-анвор», «Ширин ва Хусрав», «Маҷнун ва Лайлӣ», «Ойинаи Искандарӣ», «Ҳашт биҳишт». Ӯ инчунин достонҳои «Қирон-ус-саъдайн» (аввалин достони шоир), «Мифтоҳ-ул-футуҳ» (достони дуюми Хусрав) се достони дигар дар мавзӯъҳои маҳаллӣ навиштааст, ки онҳо: «Дувалронӣ ва Хизрхон» (с.1316), «Нӯҳ сипеҳр» (с. 1318), «Туғулуқнома» (с. 1324) мебошанд. Достони

хурдҳаҷми «Аспнома» ва боз чунин достонҳои ҳаҷман хурди дигар низ таълиф кардааст.

Яке аз асарҳои илмии машҳури Хусрав «Эъҷози Хусравӣ» ё «Расоил-ул-эъҷоз» ном дошта, соли 1319 навишта шудааст. Асари мазкур дар Тоҷикистон низ бо саъй ва эҳтимоми профессор М. Маҳмудзода (2013) ба табъ расидааст.

«Расоил-ул-эъҷоз» («Эъҷози Хусравӣ») соли 1311 таълиф шуда, ҳаҷман хеле калон аст. Ин асар аз муқаддимаи хеле муфассал ва панҷ рисола иборат буда, ном ва тартиби рисолаҳо чунин аст:

Рисолаи аввалӣ. Дар муфрадот ва мураккабот, аз даҳ хат иборат аст.

Рисолаи сонӣ. Дар мураттибони мактубот, иборат аз даҳ хат.

Рисолаи солиса. Дар латоифи маснуот, иборат аз ду хат.

Рисолаи робиа. Дар бадоъи маънавӣ, иборат аз панҷ хат.

Рисолаи хомиса. Дар савобиқи муншоот, иборат аз шаш хат.

Аз гуфтаи муаллиф маълум мешавад, ки ӯ аз давраи ҷавонӣ ният доштааст, ки оид ба ҳунари суханварӣ китобе иншо намояд. Барои ҳамин ҳам вай кӯшидааст, ки тамоми нозукиҳои ин ҳунарро аз китоб ва рисолаҳои донишмандони гузаштаю муосираш пайваста биомӯзад ва, албатта, чуноне ки аз рӯйи ин китоб мебинед, омӯзиши доимии ӯ натиҷаҳои хуб додааст. «Эъҷози Хусравӣ» аз ҷиҳати сохт ва гузориши масъала аз китобҳои дигар фарқ мекунад.Ӯ дар муқаддимаи китоб дар хусуси нуҳ сабки форсӣ - тоҷикӣ ва сабки хосси худаш изҳори ақида намуда, нозукӣ ва роҳу равиши ҳар кадоми онро шарҳу тавзеҳ медиҳад. «Эъҷози Хусравӣ» аз ҷумлаи китобҳои таълимии адабиест, ки дар таърихи адабиёт бори аввал роҳҳои асосии эҷоди суханро дар забони форсӣ-тоҷикӣ муайян кардааст.Қимати асосии асар, пеш аз ҳама, дар он аст, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ роҳ ва тафовути суханро ба касбу кори мардум алоқаманд намуда, забони шифоҳӣ ва забони хаттиро аз ҳам ҷудо накарда, сабаби пайдоиши роҳу равишҳои услубиро дар шакли мавҷудияти онҳо медонад.

Хусрави Деҳлавӣ назарияи гуногунии услубҳоро бевосита ҷустуҷӯ накарда, пайдоиш ва такомули онҳоро ба касбу кор, ҳунар ва амали мардум вобаста менамояд. Масалан, ӯ доир ба роҳу равиши шайхон сухан ронда, ба чунин хулоса меояд: «Инак, ин тариқа (сулуки машоих-У.Т.) бар ду равиш аст: яке ибороти аҳли тамкин ва мақомот ва дигар калимоти асҳоби аҳвол ва ғалабот. Сухани аҳли тамкин чунонки сияр (рафторҳо) ва манозили тариқатро ба ибороте, ки хоссаи эшон (яъне шайхҳо-У.Т.) аст, дар баён оранд, ки чун соликро аз ваҳали (ботлоқи) тинат пой дар гил монда бошад, муқтадои (пешвои) пешқадам бар кадом наҳҷ (тарз) дастгириаш кунад, ки ӯ аз ин хоки пойгир халос ёбад ва ба мақоми асл расад. Чунон ки аз кутуби порсӣ китоби «Кашф-ул-маҳҷуб» аст ва « Сулук-ул- муридин» ва дигар кутуби равандагони мутақаддим ва мутаохир».

Аз ин тарзи баёни Хусрави Деҳлавӣ маълум мешавад, ки ӯ сабки гуфтору иншои сӯфиёнаро ба заминаҳои камолоти маънавӣ ва тарзи суханрониҳои пешвоёни аҳли тасаввуф алоқаманд менамояд.Дар мавриди шарҳу тавзеҳи услуби олимону мухаққиқон Амир Хусрав тарзи гуфтор ва таъсири сухани онҳоро чизи асосӣ мешуморад. Фақат назокату нафосати гуфтори донишманди дин ба шунаванда таъсири мусбат расонида метавонад. Дар ташреҳи тариқаи дуюм, ки «уламои таҳаққуқ» ном дорад, чунин мегӯяд: «Чунон бувад, ки шореъи (соҳиби) улум айни иборатро аз мавҷи табаҳҳури (таҳти дил) хеш ба чошнӣ (ҳаловат) об диҳад, ки дилҳои мурдаро зинда гардонад. Чунончи, кутуби порсии Мавлоно баҳрулмаъонӣ Муҳаммад Ғаззолист ва тарҷумаи «Эҳё» аз они имоми мутабаҳҳир (бисёр доно) Маҷдуддини Ҷоҷармӣ, салосати иборати он гӯӣ, ки ба як бор бирехтаанд ва латофати маъонӣ пиндорӣ ҳазор бор аз он лафзи гуҳарнисор бехтаанд».

Амир Хусрав сабки хосси худро дар он медонад, ки ҳар адиб аз ашъори дигарон тазмин набиёрад, балки худаш байте, қитъае эҷод кунад. Ва сабаби инро дар он мебинад, ки тазмини шеъри дигарон дар осори муаллиф ҳам дуруштиро ба вуҷуд меорад, ҳам аз камҳунарии ӯ дар таълиф шаҳодат медиҳад.Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи услуби (тариқаи) Амир Хусрав он будааст, ки дар байни осори насриаш абёти арабии худро тарзе биорад, ки «мушки холиси араб сандалии аҷамро бар таҳаҷҷӣ (ҳиҷо ба ҳиҷо хондан) тахлит (омехта) диҳад, ки тафриқ мумкин набувад «ва дар вай бӯйи фасоҳати араб дар машом натавонад буд, бӯ, ки ранге ба қабули порсиён сурат бандад».

Тафовути дигари услуби Амир Хусрав он аст, ки ӯ аз истифодаи санъатҳои лафзӣ даст мекашад. Ба ақидаи ӯ, санъатҳои лафзии тарсеъ, тавшеҳ, тасҳиф, таҷнис ва ғайра тарзи сухани маснуъро ба вуҷуд меорад, барои ҳамин аз онҳо дурӣ ҷустан лозим аст. Ӯ менависад: «Пеш аз ин дар тарзҳои маснуъ санъати лафзиро зевари иборат месохтанд ва овардани тарсеъю тавшеҳу тасҳифу таҷнисро коре шигарф (ҳайратовар) мепиндохтанд. Агарчи банда низ муросилоти (навиштаҷоти) қадими худро бисёр ҷой аз он хулал (абрешими нозук) ороише додааст, дар тарзи ин тарассул (навиштор) аз он ҳама авроқ муҳра барчида, ки ҳеч обгинаи (булӯри) лафзеро нигинаи айни иборат насозад, магар ҷое бар сабили нудрат (аз рӯйи иттифоқ ва тасодуф), ки лафзе ҷое маънавӣ нигоҳ тавонад дошт, чунон ки дар баъзе маҳал мино (шишае, ки рӯйи онро бо тилло ё нуқра наққошӣ

мекунанд) ном зумуррадро (санги гаронбаҳои сабзранг) равшан кунад. Назоиру амсоли ин баёни гавҳарин ин ҷо даре аз даричае намудор ёфт. Бокӣ қисми маснуъот мувашшаҳ ва муфассал пеши назари ноқидон хоҳад гузошт».Хулоса, Амир Хусрав сабки ҷадиди худро ба миён овард, ки дар айни замон, сабки ҳиндӣ ва сабки ом ҳам ҳаст. Худи ӯ мегӯяд: «Пас, тарзи мутарассилонро, ки мутақаддимон дар рикоъи (навиштаҷоти) хеш доди он тариқ додаанд ва муҳаққақ шуда, ки нусахи (нусхаҳои) он мумкин нагардад, ҳам ба мутарассилони қадим бозгузоштам:

В-андар паи он шудам, ки шакле созам,
К-аз хеш намунаи дигар пардозам».

Қимати дигари «Эъҷози Хусравӣ» ҳамчун китоби таълимӣ дар он аст, ки дар рисолаҳои сеюму чаҳоруми он масъалаҳои сабки шоирона мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Рисолаи сеюм «Фил-л-латоиф мин-ал- маснуъот» ном дошта, Амир Хусрав дар хусуси бисту ҳафт санъати бадеӣ, ки асосан дар наср истифода мешаванд, изҳори ақида менамояд.Аз мутолааи рисолаҳои сеюму чаҳорум маълум мешавад, ки мақсади асосии Амир Хусрав таҳқиқи санъатҳои бадеӣ набуда, ба санъатҳо чун падидаи ҳунари услубӣ менигарад ва он санъатҳои наве, ки ӯ ихтироъ кардааст (дурӯбинӣ, зурватайн, қалбуллисонайн, форсулараб, қатъулҳуруф, иттисолулҳуруф, мубодила, турраъсайн, арбаатулаҳраф, хамсаи муфрада, муъҷизатулалсана ва ашшифот, узлуллисон, тарҷуматуллафз, зимнуллафз, муаммиёт), низ натиҷаи машғулиятҳои муаллиф дар такмили сабки сухан будаанд.Аз ин бисту ҳафт санъат чордаҳтояш ихтирои худи ӯ буда, боқӣ муштараканд, яъне то Амир Хусрав мавриди истифодаи дигарон низ буданд (мисли ташбеҳ, саҷъ, мусаммат, муаммо, ибҳом, таҷнис, тасҳиф, қалб, руқато, хайфо, манқут ва ғайри манқут, тарсеъ, иштиқоқ).

Аз мулоҳизае, ки Амир Хусрав дар дебочаи рисолаи сеюм меорад, ба хубӣ маълум мешавад, ки ӯ дар эҷоди бадеъ хаёлро чизи асосӣ ҳисобида, аз санъатҳои лафзӣ даст кашидан мехоҳад.Дар ҳарфи аввали хатти аввали рисолаи сеюм Амир Хусрав санъати ибҳомро (пӯшида гуфтан) шарҳ дода, дар ҳарфи сеюм санъати тасҳиф, дар ҳарфҳои 4-9 санъатҳои қалб, хайфо, манқут ва ғайри манқут, тарсеъ, иштиқоқ, дар ҳарфи даҳум санъати мусаммат, дар ҳарфи ёздаҳум санъати саҷъ ва навъҳои он, дар ҳарфи дувоздаҳум муамморо тавҷеҳ додааст.

Азбаски Амир Хусрав ҳар як санъати бадеиро чун воситаи услубсоз медонад, назму насрро низ аз ҷумлаи санъатҳои бадеӣ дониста, онро **назмунаср** ном гузоштааст. Санъати назмунаср, ки Амир Хусрав ном гузоштааст, то замони ӯ вуҷуд дошт ва онро мувашшаҳи музамман меномиданд. Ин санъат чунон аст, ки шоир дар шеъри худ калимаҳои охири ҳар мисраъро ба ду ҳисса ҷудо карда, нисфи аввал қофияи шеър ва нисфи дуюми ҳамон калима ибтидои мисраи дуюмро ташкил медод. Ин навъи шеър - мувашшаҳ, асосан хосси шеъри арабӣ буда, баъзе шоирони форс-тоҷик онро ҳангоми ҳазлу шӯхӣ ва зарофатгӯӣ эҷод карданд.Амир Хусрав дар ин бора менависад: «Ин санъат, ки ҳам назм асту ҳам наср, ба ҷома монад, ки бофта бошанд ва набофта... дар ин намот (усул) пеш аз ин устод Сӯзанӣ руҳъа дарздӯз кардааст».Дар ҳақиқат, шоири асри XII-Сӯзании Самарқандӣ қасидае дорад, ки ба ҳамин тарз эҷод шудааст.

Чанд байти онро меорем:

Саъди дин мадҳи хоҷаи мустав-
Фӣ‡ шунидиву дар дил омад сав-
Дои он навтариқу кардӣ таҳ-
Син бар он вазни шеъру қофия мав-
Қуф§, то кард баҳри зикри ту хо-
Тири ман з-он насақ** мадеҳи ту мав-
Зун, зиҳӣ меҳтари сахт сухан-
Дои, ки н-овард сару ахтари дав-
Лати мардиву мардумӣ зи ако-
Бири Ахсекат, он ки маншаву†† мав-
Лидии аслофу‡‡ асли гавҳари по-
Ки ту аз хиттаи§§ вай асту зи ав-
Лоди деҳқони роғшод, ки Фар-
Ғониён чокаранду бандаву мав-
Лои*** гавҳари шарифи ту о-

‡ Муставфӣ - сардори аҳли девон, сармуҳосиб.
§ Мавқуф-вобасташуда, марбут.
** Насақ; - тартиб, қоида.
†† Манша - сарчашма, сабаб, боис.
‡‡ Аслоф - гузаштагон.
§§ Хитта - мамлакаг, хок, аамин.

Зодаро бандагӣ††† кунанд ба тав-
Ъу‡‡‡ ба рағбат ту тарбият зи ту ё-
Банд эшону мо ва аз ҳар қав –
Ме, ки дар олам асту бо вай ил-
Мест, дар ҳаққи ӯ ту ёбӣ тав –
Фиқи эҳсону муқримат§§§ чи ба тав-
Қеъи килкат, ки мушкро бо ко-
Фур**** нақш афканд чу бар рухи Ҷав-
Зо†††† сари зулфи ҳалқа-ҳалқа мар-
Ғулу‡‡‡‡ зарр асту симу атласи ик-
Суну§§§§ димётию***** атобию††††† тав-
Зиву‡‡‡‡‡ каттону лаққу фаршу аво-
Ниву дарёӣ, айшу умр ба рав-
Нақу тартибу дар мадеҳи ту фик-
Рат яке карда ба арӯзӣ зав-
Қе, ки то офарину мадҳи ту гӯ-
Янд аз ин навъ ё ба дигар нав-
Ъе, ки донанду ман бар ин сари маз-
Раъаму насркору назмдарав.

Чи тавре ки мебинед, калимаҳои **муставфӣ, савдо, таҳсин, мавқуф, хотир, мавзун, сухандон, давлат, акобир, мавлид, пок, авлод, фарғониёи, мавло, озода, тавъ, ёбанд, қавм, илмест, тавфиқ, даст, тавқеъ, кофур, ҷавзо, марғул, иксун, тавзив, авонӣ, равнақ, фитрат, завқ, гӯянд, навъ, мазраъро** ду нисф карда, ними онро ибтидои (рукни аввали мисраъи сонӣ) байт сохтаанд. Вазни ин шеър Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуфи аслам ё Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф буда, чунин тақтеъ мешавад:

Фоъилотун/ мафоъилун/ фаълун
-V--/V-V-/VV–

ё

фоъилотун/ мафоъилун/ фаълун
-V--/V-V-/ - -

Қофияҳои қасидаи боло аз ҷузвҳои *мустав, сав, мав, дав, мав, ав, тав, ҷав, рав, зав, нав, назмдарав* сохта шудаанд, ки решаи онҳо «-ав» буда, ҳарфи «в» равии муқайяд, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ ва худи қофия қофияи муқайяд мебошад.Аз ин чанд байти қасидаи Сӯзании Самарқандӣ маълум мешавад, ки қасидаи ӯ танҳо дар як вазн - Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф ё аслам гуфта шудааст. Амир Хусрав бошад, дар ин санъат шеърҳое гуфтааст, ки дар чанд вазн хондан мумкин аст.Ҳоло ду байт аз шеъри Амир Хусравро мисол меорем, ки дар баҳри Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф ё аслам эҷод шудааст:

Маҷлиси сомии азиз баро-
Дари махдуми бандапарвар то
Ҷудду в-ал саидулакобир в-ал
Фузало, мафхаруламосил до...

Дар ҳақиқат, ин навъи шеърро **назмунаср** номидани Амир Хусрав бесабаб нест, зеро ҳарфҳои калимаи як мисраъ ба мисраи дигар гузашта, шеърро ба наср наздик мекунад. Аз тарафи дигар, хусусиятҳои назмии шеър, яъне вазну қофия нигоҳ дошта мешавад.**Назмуннаср**, мувофиқи гуфтаи муаллифи “Эъҷози Хусравӣ” - Амир Хусрави Деҳлавӣ, дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеиро гӯянд. Назмуннаср чунон аст, ки шоир ё нависанда руқъае (номае) менависад, ки ҳам манзум асту ҳам мансур. Агар нома бо назм навишта шавад, матлабро дар асоси рукну зиҳофи баҳре тарзе ҷо ба ҷо мегузоранд, ки аз дойираи авзони баҳри интихобшуда берун наояд. Барои нигоҳ доштани ҳарфу ҳаракатҳои решаи қофия калимаҳои охири абётро тарзе ҷой медиҳанд, ки ҳарфу ҳаракоти қофия дар тамоми мисраъҳо ба ҳам мувофиқ оянд. Дар ин маврид калимаҳои

*** Мавло- ғулом, ғуломи ооодшуда.
††† Бандагӣ - итоат.
‡‡‡ Тавъ - хоҳиш, хавас.
§§§ Мукрим-сохибкадам.
**** Кофур - моддап хушбӯе, ки дар тиб кор мефармоянд.
†††† Ҷавзо - номи бурчест аз 12 бурҷи фалак.
‡‡‡‡ Марғул - печутобхӯрда, ҷингила.
§§§§ Иксун - як навъи шоҳӣ.
***** Димётӣ - як навъи шоҳӣ.
††††† Атобӣ - як навъи атлас.
‡‡‡‡‡ Тавзӣ - бофтаест аз ҷинси каттон, ки дар Туз (Тавз) - аз шаҳрҳои Аҳвоз мебофтанд.

охири мисраъҳоро ба ду қисм ҷудо карда, қисми дуюми онро дар аввали мисроъи дуюм, яъне дар **ибтидо** ҷой медиҳанд.

Мисоли назмуннаср дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

Аз ин ҷониб ҳама бо маркабу ақ-
Рабою дӯстону бандаю чо-
Кару колову рахт андар замон
Саломат мепӯему шукри Халло
мафоъӣлун/мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - -/v - - -/ v - -

Мисоли назмуннаср дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

К-аз мардуми дида рӯзу шаб ме-
Гӯему умедвор мебо-
Шем аз карамаш, ки неъмати ди-
Дор аз паси чанд гоҳ дарё...
мафъӯлу/мафоъилун/ фаъӯлун
- - v / v –v -/ v - -

Агар ҳамин матлабро ба тариқи наср бинависем, ҷумлаҳои зерин ба вуҷуд меояд: “Аз ин ҷониб ҳама бо маркабу акрабою дӯстону бандаю чокару колову рахт андар замон саломат мепӯем. Ва шукри Халлоқ аз мардуми дида рӯзу шаб мегӯему умедвор мебошем аз карамаш, ки неъмати дидор аз паси чанд гоҳ дарёбем”.

Дар мавриди вазни ҳар ду қитъаи боло мо ба фикри Амир Хусрави Деҳлавӣ розием, чунки калимаҳои ҳар ду қитъа тарзе эҷод шудааст, ки ҳангоми тақтеъи арӯзӣ вазни қитъаи якум Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (v - - -/ v - - -/ v - -) , вазни қитъаи дуюм Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф мешавад.Аммо дар мавриди ҳаракат ва ҳарфҳои решаи қофияҳо мо ба дурустии гуфтаҳои Амир Хусрави Деҳлавӣ розӣ шуда наметавонем, зеро дар ҳар ду қитъа ҳарфи асосии решаи қофия – равӣ вуҷуд надорад. Дар илми қофия ҳарфи охири решаи калимаро равӣ мегӯянд. Аммо Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ҳар ду қитъа ҳарфи “о”-и ”ъ” “ю” “Халло”-ю “мебо”-ю “дарё”-ро равӣ номидааст. Чи тавре ки мебинед, калимаҳои дар фавқ овардашуда ба ҷуз “дарё” дигаронаш маъние надоранд, барои ҳамин, ҳарфи “о”-ро равӣ номидан хилофи қоида мегардад.

Амир Хусрави Деҳлавӣ сабаби назмуннаср номидани ин санъатро чунин шарҳ медиҳад: “Ин санъат, ки ҳам назм асту ҳам наср, ба ҷомае монад, ки бофта бошанду ҳам набофта”.Ба қавли Амир Хусрави Деҳлавӣ, то замони ӯ шоири асрҳои XI-XII Сӯзании Самарқандӣ қасидае дар ҳамин санъат навишта будааст, аммо фақат дар як вазн (Хафифи мусаддаси махбуни аслам (-v - -/v –v -/ - -).Дар ҳақиқат, Амир Хусрави Деҳлавӣ дар санъати назмуннаср руқъае гуфтааст, ки дар 10 баҳри арӯз эҷод шудааст. Ин аст он назм:

1.Би-л-лаҳи татлаъу шиъра-с-самон ва насраҳо.
фоъилоту/муфтаъилун/фоъилоту/фоъилун
- v –v/ - v v-/- v - -/ - v –

Вазнаш: Муқтазаби мусаммани матвии макшуф.

2.Хафифи мусаддаси махбуни аслам:

Маҷлиси сомии азиз баро-
Дари махдуми бандапарвар, то-
ҷ-уд-дувал саййидулакобир в-ал-
Фузало, мафхар-ул-амосил во-
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълун
- v - -/ v –v -/ - -

3.Мутақориби мусаммани маҳзуф:

Ми тамкинану бандагӣ бо камо-
Ли шавқу тавозуъгарию ниё-
Змандӣ бихонад. Пас он гаҳ ба хо-
Тири худ муқаррар шиносад, ки мо-
фаъӯлун/фаъӯлун/фаъӯлун/фаъул
v - -/v - -/v - -/v -

4.Ҳазаҷи мусаддаси махзуф:

Аз ин ҷониб ҳама бо маркабу ақ-
Рабою дӯстону бандаю чо-
Кару колову рахт андар замон
Саломат мепӯему шукри Халло-
мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъӯлун
v - - -/v - - /v - -

5.Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

К-аз мардуми дида рӯзу шаб ме-
Гӯему умедвор мебо-

Шем аз карамаш, ки неъмати ди-
Дор аз паси чанд гоҳ дарё-
мафъӯлу/ мафоъилун/ фаъӯлун
- - v/ v -v -/ v - -

6.Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Бем. Хулосаи ғарази нома он
К-аз бас оҳанги шумо сӯйи но-
мафъӯлун/ муфтаъилун/ фоъилун
- - -/ - v v - / - v –
Кӯр чунин руқъа орост, Хуср-
Рав, ки ҳам он назм дуруст аст.
Муфтаъилун/муфтаъилун/фоъилун
-v v -/ - v v -/ - v ~

7.Рамали мусаддаси маҳзуф:

Санҷиши мавзуну ҳам насри мурат-
Таб фурӯ хону бубин в-он гаҳ ҷаво-
Бе навис. Инро, ки натвонад ба о-
лам касе ҷуз ту, ки ин фазлу ибо-
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун
- v - -/ - v - -/ - v –

8. Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф (ҳашви мисраъи дуюм- мушаас):

Рат кунад, ҷаҳд намояд ба таам-
Мул, ки ман даъвӣ кардам бо ё-
фоъилотун/ мафъӯлун/ фаълун
- v - -/ - - -/ - -
Рон. Умед аст, ки шарманда нагар-
дам. Дар ин даъвӣ аз иншои фаро-
ъилотун/ фаъилотун/ фаъилун
- v - -/ v v - -/ v v -

9. Баҳри Муҳдаси (Мутадорики) мусаммани солим:

Вони беҳадду андозаи он сухан-
Сози волои донои гӯёи мо.
фоъилун/ фоъилун/фоъилун/ фоъилун
- v -/- v -/- v -/- v -

10.Ҳазаҷи мусаммани мухталифуззиҳофот:

Иншо-ал-Лоҳу ваҳдаҳу. Аз баҳри иш-
мафъӯлун/фоъилун/ мафоъӣлун/фаъул
- - -/ -v -/ v - - -/ v -
Фоқ он чи хабарҳо, ки аз он ҷониб бо-
мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлун/фаъ
- - v/ v - -v/ v - - -/ -
шад, зуд ба зуд аз ин тараф бифристад,
мафъӯлу/мафоъилун/мафоъӣлун/фаъ
- - v/ v – v -/ v - - -/ -
То шод шавам. Хушдилит бод бақо.
Мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъул
- - v/ v - -v/ v - - v/ v-

Чор мисраи боло дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани садри байти аввал ахрам, ҳашви якуми мисраи якуми **аштар,** ҳашви дуюми мисраъҳои якуму дуюму сеюм **солим**, арӯзи байти якуму дуюм абтар ва садру ибтидои байти дуюм **ахраб**, ҳашви якуми мисраъҳои дуюму чорум ва ҳашви дуюми мисраи чорум **макфуф** буда, зарби байти аввал ва арӯзи байти сонӣ **абтар** мебошанд. Аз ҷиҳати авнои шеърӣ чор мисраи боло қитъа буда, аммо дар авзони рубоӣ, яъне дар шаҷараҳои ахраму (- - -) ахраб (- -v) эҷод карда шудааст.

Баъди овардани руқъаи манзуми боло Амир Хусрави Деҳлавӣ менависад: “Тариқи назм бидидӣ, тариқи наср бубин. Руқъа: би-л-Лаҳи татлаъу шиъра-с-сомон ва насраҳо. Маҷлиси сомии азиз, бародари махдуми бандапарвар, тоҷуддувал, саййидулакобир ва-л-фузало, мафхаруламосил, вомӣ тамкинуҳу, бандагӣ бо камоли шавқу тавозуъгарию ниёзмандӣ бихонад. Пас он гаҳ бо хотири худ муқаррар шиносад, ки мо аз ин ҷониб ҳама бо маркабу акрабою дӯстону бандаю чокару колову рахт андар замон саломат мепӯему шукри Халлоқ аз мардуми дида рӯзу шаб мегӯему умедвор мебошем аз карамаш, ки неъмати дидор аз паси чанд гоҳ дарёбем. Хулосаи ғарази нома он, ки аз бас оҳанги шумо сӯйи нокӯр чунин руқъа орост, Хусрав, ки ҳам он назм дуруст аст бо санҷиши мавзуну ҳам наср мураттаб фурӯ хону бубин в-он гоҳ ҷавобе навис. Инро, ки натвонад ба олам касе ҷуз ту, ки ин фазлу иборат кунад, ҷаҳд намояд ба тааммул, ки ман даъвӣ кардам ба ёрон. Умед

аст, ки шарманда нагардам. Дар ин даъвӣ аз иншои фаровони беҳадду андозаи ин сухансозӣ волои донои гӯёи мо, иншо-ал-Лоҳу ваҳдаҳу. Аз баҳри ишфоқ, он чи хабарҳо, ки аз он ҷониб бошад, зуд ба зуд аз ин тараф бифиристад, то шод шавам. Хушдилият бод бақо".Чи тавре ки аз ин номаи шоир мебинед, ҳунару истеъдоди Амир Хусрав беҳад баланд аст. Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик шоиреро намеёбад, ки дар илми бадеъ ба дараҷаи Амир Хусрав расида бошад.

Сабаби ба чоп омода кардани ин руқъаи (номаи) Амир Хусрави Деҳлавӣ ба хотири он аст, ки баъзе шоирони имрӯзаи адабиёти тоҷик бихонанд ва андаке таҳаммул ва андеша кунанд, ки байни шоирони адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик чӣ қадар тафовутҳои ҳунарӣ вуҷуд дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Эъҷози Хусравӣ ва мақоми он дар таърихи афкори адабии форсии тоҷикӣ / Нарзиқул, Мисбоҳиддин. – Д., 2009.
2. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор / Тӯсӣ, Насируддин; таҳияи Урватуллои Тоир, Мирзо Абдуллоев ва Раҳмуддини Ҷалол. – Д.: Ориёно, 1992.
3. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола / Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ; мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунанди чоп Х. Шарифов, У Тоиров. – Д.: Ирфон, 1996.
4. Сатторзода Абдунабӣ. Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ / Абдунабӣ, Сатторзода. – Д.: Адиб, 2011.
5. Тоиров У. Меъёр ва андозаҳои шеър / У.Тоиров. – Д., 2013.
6. Тоиров У. Каломи манзум / У.Тоиров ва дигарон. – Д., 2005.
7. Тоиров У. Шеъре агар ҳаст / У.Тоиров. – Д., 2017.
8. Тоиров У. Рӯдакӣ-офаридгори назми оламгир / У.Тоиров, С.Дурманова. – Д., 2013.
9. Тоиров У. Китобҳои таълимии адабӣ / У.Тоиров, М.Солеҳов. – Д., 2016.
10. Тоиров У. Поэтикаи "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ / У.Тоиров, М.Солеҳов.. – Д., 2019.

ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ ВА УСУЛИ ЭҶОДИ КАЛОМИ БАДЕЪ

Дар ин мақола муаллиф доир ба усули эҷод, алалхусус, доир ба роҳҳои эҷоди каломи Амир Хусрави Деҳлавӣ изҳори ақида мекунад. Мувофиқи гуфтаи муаллиф, Амир Хусрав пайдоиш ва такомули назарияи гуногунии услубҳоро ба касбу кор, ҳунар ва амали мардум вобаста медонад. Амир Хусрав сабки хосси худро дар он мебинад, ки ҳар адиб бояд аз ашъори дигарон тазмин набиёрад, балки худаш байте, қитъае эҷод кунад, зеро тазмини шеъри дигарон аз камҳунарии шоир дар таълиф шаҳодат медиҳад. Тафовути дигари услуби Амир Хусрав дар он зоҳир мегардад, ки вай аз истифодаи санъатҳои лафзии тарсеъ, тавшеҳ, тасҳиф, таҷнис ва ғайра дурӣ меҷӯяд. Хулоса, Амир Хусрав пайваста ҷустуҷӯ кард ва сабки нави худро ба миён оварад, ки дар айни замон, сабки ҳиндӣ ва сабки умум низ ҳаст. Ба ҳамин маънӣ, мегӯяд: В-андар пайи он шудам, ки шакле созам / К-аз хеш намунаи дигар пардозам. Амир Хусрав ба санъатҳои бадеӣ чун падидаи ҳунари услубӣ нигариста, чордаҳ санъати бадеи нав ихтироъ кардааст, ки дар мақола доир ба як санъати ӯ - назмуннаср изҳори ақида карда шудааст.

Калидвожаҳо: усули эҷод, роҳҳои эҷоди каломи Амир Хусрави Деҳлавӣ, пайдоиш ва такомули назарияи гуногунии услубҳо, тазмини шеъри дигарон, сабки ҳиндӣ ва сабки умум.

ХОСРАВ ДЕХЛАВИ И СТИЛЬ ЕГО ТВОРЕНИЯ

В данной статье речь идёт о стилях творения, в особенности, о путях творения поэзии Амира Хосрава Дехлави. В соответствии с мнением автора статьи, Амир Хусрав считает взаимосвязанным появление и усовершенствование разнообразия теорий стилей с профессией, мастерством и деянием народа. Амир Хосрав видит свой особый стиль творения в том, что каждый литератор в своих сочинениях не должен подражать другим поэтам, а наоборот должен сам творить что-то новое, так как подражение или включение в свое творение строк из наследия других поэтов свидетельствует о малоодаренности поэта. Другое стилевое различие поэзии Амира Хосрава Дехлави проявляется в том, что он удаляется от применения таких устных стилей как , тарсеъ – украшение художественной речи риторическими фигурами, тавшех, тасхиф – искажение текста, таджнис – уподобления и тп.. Можно констатировать, что Амир Хосрав находился в постоянном поиске и выявил свой новый стиль, который называется индийский стилем и говорит: Я последовал тому, чтобы создать нову форму/ и сотворить из себя новый пример. Амир Хосрав смотрел на художественные приёмы как на явления искусства манеры изложения и изобрел четырнадцать художественных стилей в поэзии, про которых и излагает свои мысли автор данной статьи.

Ключевые слова: стиль изложения, пути творения поэтики Амира Хосрава Дехлави, появление и развитие разнообразия стилей, подражание творениям других поэтов, индийский и общий стиль.

KHOSRAV DEHLAVI AND THE STYLE OF HIS CREATION

This article deals with the styles of creation, in particular, the ways of creating the poetry of Amir Khosraw Dehlavi. In accordance with the opinion of the author of the article, Amir Khusrav considers the emergence and improvement of a variety of theories of styles to be interconnected with the profession, skill and deed of the people. Amir Khosrav sees his own special style of creation in the fact that every writer in his works should not imitate other poets, but, on the contrary, should create something new himself, since the imitation or inclusion of lines from the heritage of other poets into his creation testifies to the poet's lack of talent. Another stylistic difference in the poetry of Amir Khosrav Dehlavi is manifested in the fact that he moves away from the use of such oral styles as, tarse '- decoration of artistic speech with rhetorical figures, tavsheh, taskhif - distortion of the text, tajnis - assimilation, etc. It can be stated that Amir Khosrav was in constant search and discovered my new style, which is called Indian style and says: I followed to create a new form / and create a new example of myself. Amir Khosrav looked at artistic devices as phenomena of art of manner of presentation and invented fourteen artistic styles in poetry, about which the author of this article expounds his thoughts.

Key words: style of presentation, ways of creation of poetics of Amir Khosrav Dehlavi, appearance and development of a variety of styles, imitation of works of other poets, Indian and general style.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тоиров Урватулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Toirov_42@mail.ru.** Тел.: **(+992) 905-55-99-00**

Сведение об авторе: ***Тоиров Урватулло*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Toirov_42@mail.ru.** Тел.: **(+992) 905-55-99-00**

Information about the authors: ***Toirov Urvatullo*** – Tajik National University, doctor of philology, professor department of the history of Tajik literature. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Toirov_42@mail.ru.** Тел.: **(+992) 905-55-99-00**

УДК:391.5 (575.3)

УСТУРАИ «КӮҲИ ҚОФ» ДАР ФОЛКЛОР ВА АДАБИЁТ

Равшан Раҳмонӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти гуфторӣ ва навиштории тоҷикон ва қавму миллатҳои гуногун роҷеъ ба кӯҳҳо, аз ҷумла кӯҳи Қоф, устура, ривоят ва афсонаҳое ҳастанд, ки бархе аз тариқи сарчашмаҳо ва баъзе аз тариқи гуфтори мардум то рӯзгори мо расидааст. Бахусус, баъзе воқеа ва ҳодисаҳои муҳимми устураҳо ва афсонаҳо, ки бо сеҳру ҷоду пайвастагӣ доранд, дар ҳамин кӯҳ ё дар пушти он ба поён мерасад. Кӯҳи Қоф ин қадар машҳур аст, ки дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя имрӯз ҳам мардум номи онро медонанд. Номи кӯҳи Қоф дар байни ниёгони гузаштаи мо низ дар замонҳои қадим машҳур буда, дар гурӯҳи забонҳои эронии қадим ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар забони паҳлавӣ дар шакли “kōf kapk / kōf kap”, дар арманӣ шакли “kap”, “kapk” будааст [11, с.172]. Мувофиқи шарҳи фарҳангҳо ин кӯҳи устурағ ва афсонавӣ гирдогирди оламро фаро гирифта, дар он тамоми махлуқоти аҷоибу ғароиби ғайриоддӣ мавҷуд аст. Ба гуфти бархе пажӯҳандагон кӯҳи Қоф пояи тамоми баландиҳои олам ва ҷойгоҳи эзади Меҳр буда, аз он ҷо равшанӣ дар ҷаҳон пахш мегардад. Тибқи гуфтаҳое кӯҳи Қоф ин ҳамон кӯҳи Албурз буда, ошёни Симурғ низ мебошад. Деҳхудо бо такя ба фарҳангҳо ва сарчашмаҳои пешин овардааст, ки кӯҳи Қоф «панҷсад фарсанг баландӣ дорад ва бештари он дар миёни об аст; ҳар субҳ, ки нури офтоб ба он расад, ранги он сабз мешавад; агар мунаккис шавад, рангаш кабуд ва ин бояд ғалат бошад» [4, с.15325].

Дар оини зардуштӣ, Саошйант (Саошйане, дар «Авесто» Саошйаш), ки ба маънии раҳонанда ва наҷотбахш омада, бар зидди неруҳои аҳриманӣ дар кӯҳи Албурз (авестоӣ: ҳара, ҳараити, Ҳараберезаити) мубориза мебарад [ниг.: 1, с.733].

Дар «Бундаҳиш» бахше аст зери унвони «Дар бораи чӣ гунагии кӯҳҳо», ки дар радифи кӯҳҳои дигар роҷеъ ба кӯҳи Қоф омадааст: «кӯҳи Қоф, ки капк аст» [11, с.71]. Дар ҳамин «Бундаҳиш» дар шарҳи кӯҳҳо ишорат шуда, ки: «кӯҳи Қоф аз ҳамон кӯҳи Абарсин растааст» [11, с.72]. Аз ин иттилоъ маълум мешавад, ки пеш аз ислом номи «кӯҳи Қоф» дар байни мардуми эронитабор вуҷуд доштааст. Бештари тафсиргарони Қуръон номи сураи панҷоҳро, ки «Қоф» аст, марбут ба ин кӯҳ медонанд. Дар сураи 78-ум «Набаъ», дар ояти ҳафтум омадааст: «Валҷиболу автодан» (Ва кӯҳҳоро – мехҳо!) [7, с.582]. Аз ин рӯ, тафсиргарон кӯҳи Қофро мехи замин мегӯянд.

Устод Айнӣ низ Қофро дар «Луғати нимтафсирии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» чунин шарҳ додааст: «Номи кӯҳе афсонагӣ, ки гӯё гирдогирди дунёро фаро гирифтааст ва дар паси вай махлуқоти аҷоиб ҳастанд» [3, с.520]. Шоир ва олими доғистонӣ Фатхула Джамалов (Фатхула Джамал), ки донандаи забон, адабиёт, фолклор ва фарҳанги мардуми Қафқоз аст, дар бораи вожаи «кавказ» чунин назар дорад, ки дар гӯйиши қадимии ориёиҳо шакли решаи вожаи «кавказ», аслан «кафкас», яъне «каф» ба маънои «қоф», «кас» ба маънои одам аст. Ба гуфти эшон мувофиқи устураи ориёиҳо гӯё кӯҳи Қоф маркази дунё аст ва ҳамчунин «Кавказ» ин ватани қадимии ориёиҳо мебошад. Дар фолклори мардуми эронитабор ва турктабор кӯҳи Қоф ҳамчун образи Қафқоз ба назар мерасад. Қоф гоҳе ҳамчун воситаи тасвири бадеии чун «Қафқоз» ва образи «Қирим» дида мешавад. Шоири англис Ҷорҷ Гордон Байрон (1788-1824) низ кӯҳи Қофро кӯҳи Қафқоз номидааст. Дар асотир ва афсонаҳои бошқирдҳо кӯҳи Қоф дар шакли «Каф-тау» омадааст. Дар фолклори аксари халқҳои Русия, Қафқоз ва Осиёи Марказӣ тасвири кӯҳи Қоф дида мешавад [ниг.: 5].

Ҳам дар байни мардум ва ҳам дар матнҳои устурағ ва афсонағ омадааст, ки осмон ба кӯҳи Қоф пайваст аст. Ҳатто ба тахмини бархе пажӯҳандагон дар паси ин кӯҳ дунёи дигар ҳасту халоиқи дигаре зиндагӣ мекунанд, ки теъдоди онҳоро фақат Худованд медонад. Ривояте ҳаст, ки гӯё офтоб низ аз як сари кӯҳи Қоф баромада, ба сари дигари он мешинад.

Дар бораи кӯҳи Қоф дар адабиёти гуфторӣ ва навиштарӣ ва фарҳанги мардуми тоҷик ва халқҳи дигар устура, афсона, ривоят ва сурудаҳои зиёде аст. Ҳамчунин, дар адабиёти тоҷикии форсӣ номи кӯҳи Қоф фаровон ба кор рафтааст. Аз ҷумла устод Рӯдакӣ гуфтааст:

Ин ғам, ки марост, кӯҳи Қоф аст, на ғам,
Ин дил, ки турост, санги хорост, на дил [ниг.: 8].

Аз ин байти Рӯдакӣ маълум мегардад, ки дар замони ӯ низ номи кӯҳи Қоф дар осори бадеӣ машҳур будааст. Машҳур будани ин кӯҳ боиси он гардидааст, ки ба ашъори шоирон роҳ биёбад. Дар ашъори шоирони даврони Сомониён ва даврони баъд кӯҳи Қоф ба назар мерасад. Фирдавсӣ, ки ҳамосарои беназир аст, дар мавридҳои муносиб дар «Шоҳнома» аз кӯҳи Қоф ёд намудааст:

Ҷу омадаш аз шаҳри Барбар гузар,
Сӯи кӯҳи Қоф омаду Бохтар [4, с.15325].

Мувофиқи шарҳи аксари луғатномаҳо, ҳамчунин тасвири устура ва афсонаҳои давраи исломии мардуми форсизабон кӯҳи Қоф риштакӯҳест, ки гирдогирди заминро иҳота намуда, канораҳои осмон ба он пайваст мебошад. Тибқи устураҳо ва афсонаҳо кӯҳи Қоф нигаҳдорандаи замин буда, агар он набошад, замин ҳамеша ба ҷунбиш меояд. Мувофиқи ривоятҳо кӯҳи Қоф аз санги қиматбаҳои зумради сабз бунёд шуда, ранги он низ зумрадгуна аст. Аксари муфассирини Қуръони маҷид сураи «Қоф»-ро вобаста ба ҳамин кӯҳ донистаанд, ки ҷойгоҳи қудурат ва қудсият гардидааст [ниг.: 7]. Бархе аз пажӯҳандагон бар он назаранд, ки он чи дар олами ислом дар бораи Қоф аст аз манбаи яҳудӣ сарчашма гирифтааст. Дар сарчашмаҳо ишорат шудааст, ки дар кӯҳи Қоф инсон зиндагонӣ намекунад. Тибқи матнҳои адабиёти гуфторӣ ва боварҳои мардумӣ, касе огоҳ нест, ки дар он тарафи кӯҳи Қоф чист. Дар баъзе устура ва афсонаҳо омадааст, ки дар он тарафи кӯҳ фариштагон аст. Дар бархе омадааст, ки кӯҳи Қоф диёри махлуқоти аҳриманӣ ба монанди парию аҷинаву албастиву девҳо аст. Ровиёни баъзе устураҳо гуфтаанд, ки кӯҳи Қоф макони тиллову нуқраву мушку анбар ва дигар чизҳои қиматбаҳо мебошад. Ҳамчунин дар бархе ривоятҳо ва достонҳои марбут ба Искандар омада, ки ӯ ба кӯҳи Қоф расида, дар гирди он кӯҳҳои хурди зиёдеро мебинад ва мепурсад: ин кӯҳҳои хурд чист? Ба саволи ӯ ҷавоб додаанд, ки рагу пайи замин буда, шаҳрҳо бо он пайванд мебошанд. Агар парвардигор бихоҳад, ки маконеро ба ҷунбиш оварад, ба кӯҳи Қоф фармон медиҳад, то раги он минтақаро бичунбонад. Гӯё дар канори кӯҳи Қоф ду шаҳр аст, ки яке Ҷобулқо, дигаре Ҷобулсо. Ин ду шаҳр ба ин кӯҳ пайваст мебошанд. Дар баъзе сарчашмаҳо кӯҳи Қофро ҳамон кӯҳи Албурз меҳисобанд [ниг.: 13, с.1115].

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ кӯҳи Қоф бештар ҳамчун сарҳади ҷаҳон, макони Симурғ ва Анқо тасвир ёфтааст, ки гӯё ин ду ҷонвари афсонавиро фақат дар он ҷо метавон пайдо кард. Ҳамчунин, дар осори аҳли тасаввуф кӯҳи Қоф чун макони Симурғи афсонавӣ тасвир шудааст. Бахусус орифони ошиқи Худо ин кӯҳро сарзамини дилҳо, макони Симурғи ҷонпарвар, ҳақиқати зиндагӣ ва ростии комил донистаанд. Аз ин рӯ, барои расидан ба муроди дили худ онҳо роҳи пурхатари дуру дарозро тай намуда, ба кӯҳи Қоф, ки макони орзуҳои онҳост мерасанд [ниг.: 4; 6; 13]. Аҳли тасаввуф, бахусус сӯфиён, кӯҳи Қофро сарзамини дил ва макони Симруғи ҷон ва ҳақиқат меҳисобанд. Ҷойи ростии мутлақро онҳо дар кӯҳи Қоф медонанд. Аз ин рӯ, аҳли тасаввуф дар ҷустори ин ҳақиқати ягона буда, кӯшиш менамоянд роҳҳои душвору пархатарро тай намуда, ба он бирасанд. Тавре ишорат намудаанд, кӯҳи Қоф дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ ба чанд маъно омадааст: аввал ба маънои аслӣ, гоҳе ба маънои ҷилвае аз ҷилваҳои илоҳӣ ва гоҳе ба ҳайси инсони комил [ниг.: 13, с.1115]. Дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор парандагон барои пайдо кардани Симурғи худ ба кӯҳи Қоф ҳаракат мекунанд:

Ҳаст моро подшоҳе бе хилоф,
Дар пайи кӯҳе, ки бошад кӯҳи Қоф,
Номи ӯ Симурғи султони туюр,
Ӯ ба мо наздику мо з-ӯ дури дур [6, с.284].

Тавре ки ишорат рафт, гӯё кӯҳи Қоф гирдогирди заминро фаро гирифтааст. Ба ин ҷиҳат, дар адабиёт гоҳе ҳамчун киноя таъбири «аз қоф то қоф» ба кор меравад, ки манзур тамоми олам аст. Ин маъно аз як канор то канори дигари ҷаҳон ё аз як сар то сари дигари оламро ифода менамояд. Дар ин бора Фирдавсӣ низ гуфтааст:

Ҷаҳон **қоф то қоф** пурнур кард,
Ба ҳар ҷо ки буд мотаме сур кард [4, с.15325].

Ё ки Соиби Табрезӣ чунин фармудааст:

Дар шакаристони файз мӯру Сулаймон якест,
Қоф то қофи ҷаҳон суфра кашидаст субҳ [4, с.15325].

Аз кӯҳи Қоф дар адабиёти навини тоҷикӣ, бахусус дар осори устод Айнӣ низ ёдоварӣ шудааст. Дар «Ёддоштҳо» ишорате аст, ки «Деви ҳафтсар» дар «кӯҳи Қоф» аз дасти Рустами Достон кушта мешавад [ниг.: 2].

Дар фолклори тоҷикон ва форсизабонон номи кӯҳи Қоф зиёд омадааст. Махсусан, дар афсонаҳо қаҳрамон дар ҷустуҷӯи дӯстдоштаи худ, ё иҷрои кадом кори мушкиле ба кӯҳи Қоф меравад. Ҳангоми ҷанг паҳлавонони достону афсонаҳо махлуқоти аҳримании ғайриинсониро таъқиб менамоянд, ки онҳо ба пушти кӯҳи Қоф мегурезанд. Дар афсонаи «Оинаи ҷаҳоннамо» қаҳрамони асар барои пайдо намудани чизҳои зерин ба пушти кӯҳи Қоф меравад: «куртаи доманаш чарх занаду остинаш қарс», «дарахте, ки як шохаш хандидан мегирад, якташ гиристан мегирад, аз як шохаш барф мебораду аз дигараш борон», «оинаи ҷаҳоннамо», «булбули гӯё». Пас аз талошҳо қаҳрамони афсона онҳоро аз дасти махлуқоти ғайриодӣ гирифта, ба макони худ бармегардад [ниг.: 9, с.68-78].

Тавре ки ишорат намудем, аз кӯҳи Қоф дар устура, афсона, ривоят, қисса ва достонҳои мардумӣ зиёд ёд шудааст. Ин кӯҳ дар адабиёти гуфторӣ маконе аст, ки дар он ҷо расидани пойи қадами инсон, ҳайвон номумкин буда, он ҷойи париҳо, девҳо, Анқо, Симурғ ва дигар неруҳои фавқуттабиӣ аст. Дар баъзе афсонаҳо омадааст, ки боғи Ирам ва макони париҳо низ дар ҳамин кӯҳ аст. Дар афсонаҳо Симурғ паҳлавонеро, ки бачаҳои вайро аз марг наҷот додааст, ба пушти хеш савор карда, ба кӯҳи Қоф мебарад. Аз ҷумла, дар афсонаҳои «Ҳазору як шаб» кӯҳи Қоф борҳо омадааст.

Дар силсилаи достонҳои ҳамосии «Гӯруғлӣ»-и тоҷикӣ ва ин навъ достонҳои («Гӯруғлӣ»)-и мардуми турктабор қаҳрамононӣ асосӣ Гӯруғлӣ ва Аваз ба асп ё дев савор шуда, ба кӯҳи Қоф мераванд. Гӯруғлӣ барои овардани баъзе дӯстдоштаҳои худ, ки нажодан аз париён ҳастанд ва макони онҳо дар кӯҳи Қоф аст, сафар карда онҳоро аз он ҷо бо худ меорад. Ҳамчунин макони баъзе паҳлвонони мағлубнашаванда низ кӯҳи Қоф аст.

Кӯҳи Қоф дар осори гуфтории мардуми Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон, Туркия, кишварҳои арабӣ, Қафқоз ва ҳамсоягони онҳо дида мешавад. Дар матнҳои фолклорӣ кӯҳи Қоф ҳатто ҳамчун шахсият тасвир гардидааст. Аз ҷумла, дар фолклори мардуми гурҷӣ Қоф номи қаҳрамони асотирӣ буда, бо дев бо рӯҳҳои бадкор, мубориза бурда, ба паҳлавони афсонавӣ табдил меёбад. Дар бархе афсона ва қиссаҳои тоҷикон ва форисзабонон кӯҳи Қофро дар Қафқоз медонанд. Дар байни мардум чунин зарбулмасале низ ҳаст, ки мегӯянд: «Овозаи (ё шуҳрати) фалон паҳлавон то Қоф рафтагӣ», яъне машҳури ҷаҳон гаштааст. Дар гуфтугӯи мардум, гоҳе дар афсонаҳо таъбирҳои зерин ба назар мерасад: «овозаи вай ба кӯҳи Қоф расида буд» ё ки «аз наъраи вай ҳатто кӯҳи Қоф ларзид».

Махлуқоти зарароварро ба мисли ҷин (ё аҷина), дев, парӣ, лашкар дар пушти кӯҳи Қоф зиндагӣ мекунанд. Тибқи устураҳо ва афсонаҳо лонаи Симурғ низ дар ҷойи дастнорас, дар болои кӯҳи Қоф аст, ки дар он ҷо аз ҳамаи ноамниҳо эмин мебошад [ниг.: 10].

Ҳамин тавр, кӯҳи Қоф маконе байни инсон ва олами ҷодугарию афсунгарӣ буда, дар осори гуфторӣ ва навиштории тоҷикон низ ҷойгоҳи вижае дорад. Номи кӯҳи Қоф дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон, то имрӯз дар байни мардум вуҷуд дошта, дар ёдҳо ҳамчун кӯҳи афсонавӣ боз мондааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. (Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ; таҳияи М.Диловар. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 794 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. Ёддоштҳо. Ҷ.6. / С.Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавлтоҷик, 1962. – 416 с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Ҷ.12. / С.Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 564+206 с.
4. Деҳхудо, А. Луғатнома. Ҷ.1-14. / А.Деҳхудо. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1372-1373 (=1993-1994). – 21149 с.
5. Джамалов Ф. Заратустра родился в Агуле / Ф. Джамалов [электронный ресурс]. URL: https://www.proza.ru/2013/05/30/1149 (дата обращения: 30.05.2013 г.)
6. Ёҳақӣ, М. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ (Таҳия бо шарҳу тавзеҳот ва талҳиқот Р.Ваҳҳоб) / М.Ёҳақӣ. – Душанбе, 2014. – 748 с.
7. Қуръони Карим. Матни асл ва тарҷума ба забони тоҷикӣ / Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М.Умаров. – Дашанбе: Ирфон, 2007. – 616 с.
8. Нуров А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ / А.Нуров. – Душанбе: Маориф, 1990. – 368 с.
9. Оинаи ҷаҳоннамо (Афсонаҳои халқи тоҷик) / Бозгӯянда: Р.Раҳмонӣ. Душанбе: Адиб, 2016. – 272 с.
10. Раҳмонӣ Р. Насри гуфтории тоҷикони Бухоро / Р.Раҳмонӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 336 с.
11. Фаранбағ Додагӣ. Бундаҳиш (Гузоранда: Меҳрдод Баҳор). –Теҳрон: Интишороти Тӯс, 1385. – 240 с.
12. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.1-9. / А.Фирдавсӣ. – Душанбе, 1987-1991.
13. Шарифӣ, М. Фарҳанги адабиёти форсӣ / М.Шарифӣ. – Теҳрон, 1387. – 1657 с.

УСТУРАИ «КӮҲИ ҚОФ» ДАР ФОЛКЛОР ВА АДАБИЁТ

Кӯҳи Қоф яке аз кӯҳҳое аст, ки дар бораи он дар устура, афсона ва ривоятҳои мардумӣ зиёд аст. Кӯҳи Қоф, дар паҳлавӣ дар шакли “kōf kapk / kōf kap”, дар арманӣ дар шакли “kap”, “kapk” омадааст. Мувофиқи устураҳои пешин ин кӯҳи афсонавӣ гирдогирди оламро фаро гирифта, дар он тамоми махлуқоти аҷоибу ғароиби ғайриоддӣ мавҷуданд. Ба гуфти бархе пажӯҳандагон кӯҳи Қоф пояи тамоми баландиҳои олам ва ҷойгоҳи эзади Меҳр буда, аз он ҷо равшанӣ дар ҷаҳон пахш мегардад. Баъзеҳо ин кӯҳро Албурз гуфтаанд, ки макони Симурғ мебошад. Ба тахмини бархе дар паси ин кӯҳ дунёи дигару халоиқи дигаре зиндагӣ мекунанд, ки теъдоди онҳоро фақат Худованд медонад. Ривояте ҳаст, ки гӯё офтоб низ аз як сари кӯҳи Қоф баромада, ба сари дигари он мешинад. Кӯҳи Қоф дар осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Аттор, Мавлоно, Хайём,

Айнӣ ва адибони зиёд омадааст. Кӯҳи Қоф дар осори гуфтории мардуми Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон, Туркия, кишварҳои арабӣ, Қафқоз ва ҳамсоягони онҳо низ дида мешавад. Дар матнҳои фолклорӣ кӯҳи Қоф ҳатто ҳамчун шахсият тасвир гардидааст. Аз ҷумла, дар фолклори мардуми гурҷӣ Қоф номи қаҳрамони асотирӣ буда, бо дев бо рӯҳҳои бадкор, муборизa бурда, ба паҳлавони афсонавӣ табдил меёбад. Дар бархе афсонаҳо ва қиссаҳои тоҷикон ва форисзабонон кӯҳи Қофро дар Қафқоз медонанд. Дар байни мардум чунин зарбулмасале низ ҳаст, ки мегӯянд: «Овоза (ё шуҳрати) фалон паҳлавон то Қоф рафтагӣ», яъне машҳури ҷаҳон гаштааст. Дар гуфтугӯи мардум, гоҳе дар афсонаҳо таъбирҳои зерин ба назар мерасад: «овозаи вай ба кӯҳи Қоф расида буд» ё ки «аз наъраи вай ҳатто кӯҳи Қоф ларзид». Ҳамин тавр, кӯҳи Қоф маконе байни инсон ва олами ҷодугарию афсунгарӣ буда, дар фолклор ва адабиёти тоҷикон низ ҷойгоҳи вижае дорад. Номи кӯҳи Қоф дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон, то имрӯз дар байни мардум вуҷуд дошта, дар ёдҳо ҳамчун кӯҳи афсонавӣ боз мондааст. Ин кӯҳ ҳам дар адабиёти гуфторӣ ва ҳам навишторӣ тасвир шуда, ки дар мақола ба онҳо ишорат шудааст.

Калидвожаҳо: адабиёт, фолклор, кӯҳи Қоф, Авесто, устура, афсона, Симурғ, мардум, матн, Тоҷикистон.

МИФ О «КУХИ КОФ» В ЛИТЕРАТУРЕ И ФОЛЬКЛОРЕ

Существует множество легенд, сказок и народных сказаний о горе «Коф». Гора «Коф» на пехлеви встречается как «kōf kapk / kōf kap», а в армянском как «kap», «kapk». Согласно старинным легендам, эта сказочная гора окружает мир со всех сторон и на ней живут всякие странные нереальные существа. Некоторые исследователи утверждают, что гора «Коф» является основанием всех высот мира и местом пребывания божества «Мехр», и оттуда распространяется свет по всему миру. А другие считают, что это гора «Альбурз», где обитает «Симург». Согласно утверждениям некоторых специалистов, за горой «Коф» существует другой мир с другими людьми, численность которых известна только Богу. Другая легенда гласит, что солнце восходит с одного конца горы «Коф» и садится в другом его конце. Гора «Коф» многократно упоминается в произведениях Рудаки, Фирдавси, Аттара, Мавлоно, Хайяма, Айни и др. Миф о "Кухи Коф" встречается также среди народов Центральной Азии, Индии, Пакистана, Афганистана, Ирана, Турции, арабских стран, Кавказа и их стран-соседок. В некоторых фольклорных текстах гора "Коф" даже персонализирована. Например, в грузинском фольклоре "Коф" является именем эпического героя, который сражается с дивом, со злыми духами и становится сказочным богатырём. В некоторых таджикских и персоязычных сказках и преданиях упоминается, что гора "Коф" находится на Кавказе. Есть даже такая поговорка среди народа: "слухи об этом богатыре дошли до Кофа", которая подчеркивает мировую известность данного богатыря. В сказках и народных сказаниях встречаются подобные выражения: "слухи о нем дошли до горы Коф" или "от его крика гора Коф содрогнулась". Таким образом, выяснилось, что гора Коф - это пространство между людьми и сказочным магическим миром, которая занимает особое место в таджикском фольклоре и литературе. Название горы Коф встречается в настоящее время во всех регионах Таджикистана. Таджикский народ помнит Коф как сказочную гору. Образ этой горы встречается и в устной, и в письменной литературе, что является объектом исследования данной статьи.

Ключевые слова: литература, фольклор, Кухи Коф, Авесто, миф, сказка, Симург, народ, текст, Таджикистан.

THE MYTH OF “KUHI QOF” IN LITERATURE AND FOLKLORE

There are many legends, tales and folktales about Mount “Qof”. Mount “Qof” in pahlavi is found as “kōf kapk / kōf kap”, and in Armenian as “kap”, “kapk”. According to ancient legends, this fabulous mountain surrounds the world from all sides and all sorts of strange unreal creatures live on it. Some researchers claim that Mount “Qof” is the foundation of all the heights of the world and the residence of the deity Mehr, where from light spreads all over the world. And others believe that it is Mount Alburz, where Simurg lives. According to some experts, beyond the Mount “Qof” there is another world with other people whose numbers are known only to God. Another legend says that the sun rises from one end of Mount “Qof” and sets at its other end. Mount “Qof” is repeatedly mentioned in the works of Rudaki, Firdavsi, Attar, Mavlono, Khayyam, Ayni and others. The myth of "Kuhi Qof" is also found among the peoples of Central Asia, India, Pakistan, Afghanistan, Iran, Turkey, the Arab countries, the Caucasus and their neighboring countries. In some folklore texts, the Mount Qof is even personalized. For example, in Georgian folklore, "Qof" is the name of an epic hero who fights with a Div, with evil spirits and becomes a fabulous hero. Some Tajik and Persian-language tales and traditions mention that the Mount Qof is located in the Caucasus. There is even such saying among the people: "rumors about this hero reached Qof", which emphasizes the world fame of this hero. In fairy tales and folk tales, similar expressions are found: "rumors about him reached the Mount Qof" or "from his cry, the Mount Qof shuddered". Thus, it turned out that the Mount Qof is the space between people and the fairy-tale magical world, which occupies a special place in Tajik folklore and literature. The name of the Mount Qof is found today in all regions of Tajikistan. Tajik people remember Qof as a fabulous mountain. The image of this mountain is found in both oral and written literature, which became the object of study of this article.

Key words: Literature, Folklore, Mount “Qof”, Avesta, The Myth, folktales, Simurgh, people, traditions, texts, Tajik.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Равшан Раҳмонӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 919-89-02-08**

Сведения об авторе: ***Равшан Рахмони*** – Таджикский национальный университет, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы филологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 919-89-02-08**

Information about the author: ***Ravshan Rahmoni*** - Tajik National University, Professor, Department of Theory and Contemporary Persian-Tajik Literature, Faculty of Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17 E-mail: **ravrahmon@mail.ru**. Tel.: **(+992) 919-89-02-08**

УДК:891.550

МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ МЕРОСИ АДАБӢ ВА ТАЪЙИН КАРДАНИ ҲУҚУҚИ ХАЛҚИ ТОҶИК БА МЕРОСИ КЛАССИКОН
(дар асоси мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик)

Маҳмадаминов А.С, Шарифзода Л.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳимтарин масъалаи баҳси арзиши мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик, ба назари мо, муносибати устод Айнӣ ба падидаҳои сиёсию фарҳангии адабиёти замони шӯравӣ ва дурбину воқеъбинона, муносибати эҳтиёткорона ва ҳадафмандонаи ӯ дар нисбати мафкураи шӯравӣ аст. Мукотиботи С. Айнӣ бо адибони тоҷик, ки бисёр масъала ва муаммоҳои то кунун норавшани таърихи адабиёти тоҷикро мекушоянд, то ҳол мавриди баҳси адабиётшиносӣ қарор нагирифтаанд. Бинобар ин, мо мақсад гузоштем, ки ин масъалаи мубоҳисавиро дар асоси мукотибаи С. Айнӣ, М. Турсунзода ва дигар адибон, то ҷое баррасӣ намоем. Масъалае, ки дар мукотиботи С. Айнӣ ва М. Турсунзода инъикос ёфтааст, ин масъалаи омӯзиши мероси адабӣ ва таъйин кардани ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси адабӣ ва илмии гузаштагони халқи худ мебошад. Мубориза барои таъмини ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик ба мероси адабии гузашта дар солҳои 40-ум ва ибтидои 50-уми асри XX дар мубориза бар зидди назарияи буржуазии «ҷараёни ягона» дар шароити мушаххаси таърихӣ ба зуҳур омада, дар таърихи адабиётшиносии муосири мо мухталиф арзёбӣ мегардад.Оид ба зарурат, аҳаммият ва дар айни ҳол андешаҳои зидду нақиз оид ба ин падида ва пайомадҳои он дар арзи 40-50 соли охир ҳарфҳои зиёде гуфта шудаанд. Масалан, дар замони шӯравӣ инҳоро назарияи марксистӣ-ленинӣ хонда, барои арзишдиҳии адабиёт ва мероси адабию илмӣ меъёри асосӣ ба шумор оварда, таърифу тавсиф мекарданд. Аммо дар замони бозсозӣ ва бахусус пас аз фурӯпошии давлати Шӯравӣ, онро ҳамчун масъалае, ки дар он солҳо сиёсатмадорони давр байни тоҷикону эрониён барпо карда буданд, яъне, дар зери тасарруфи қатъии ҳизби роҳбар даровардани меъёрҳои осори адабӣ ёд кардаву мазаммат ҳам мекунанд.

Дар ин маврид низ, агар мо аз ҳадди инсоф берун наравем, пас бояд ин масъаларо тарзе таҳлил намоем, ки ба шароити мушаххаси таърихии ҷомеаи шӯравӣ, аз як тараф ва шароити воқеиву рӯҳияи аҳли адаби тоҷик, хусусан муносибати одилонаю миллатдӯстонаи С. Айнӣ ва М. Турсунзода, аз ҷониби дигар ва ба дурбину мулоҳизакор ва амалгароии С. Айнӣ, мувофиқ бошад. Бахусус, ки дар шароити онвақтаи Тоҷикистон мардум, хусусан насли таълимгирандаи он замон аз осори классикони адабиёт кам баҳра доштанд ва ё ин мерос ба хатти нави роиҷи замон – кириллӣ вуҷуд надошт. Танҳо метавон китоби дастаҷамъонаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940)- ро ном гирифт, ки масъалаи тақсими меросӣ адабӣ ва ҳуқуқи халқи тоҷикро ба осори классикон, баъд аз шоҳасари С. Айнӣ – «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) васеътар ва бомуваффақияттар фаро гирифтааст. Ин асар аз тарафи ҳайати ходимони илмӣ ва адибон бо хатти лотинӣ дар зери роҳбарии С. Айнӣ ба чоп расидааст [13].Мақсади мо дар ин мақола масъалаи омӯзиши мероси адабӣ ва таъйин кардани ҳуқуқи халқи тоҷикро дар асоси мактубҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода баррасӣ намудан аст. Бо сабаби он ки муқаддимаи арзишманди тазкираи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ба ин масъала вокунишҳои илмию таърихӣ дорад ва аз муборизаҳои миллатдӯстонаи С. Айнӣ ва дурбину воқеъбинона амал кардани ӯ равшан гувоҳӣ медиҳад ва шаҳодати адабиётшиносон низ ин аст, ки ин сарсухан аз қалами устод Айнӣ ранг рабудааст, низ муроҷиат намудем.

Муқоисаи «Сарсухан»-и ин тазкира бо мактубҳои С. Айнӣ, ки оид ба ин масъала мулоҳизаҳои адиб дар ду номаи муфассал – яке ба унвони К. Айнӣ (9 марти соли 1949) ва дуюмӣ ба М. Турсунзода (14 апрели соли 1949) ва дар сеюмӣ зимнан ба М. Миршакар (29 апрели соли 1949) баён шудаанд, равшан шаҳодат медиҳад, ки ин муқаддима идеяҳои олии нависандаро инъикос намудааст. Ин номаҳои С. Айнӣ, мутаассифона, то кунун камтар таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ба худ ҷалб намудааст. Агар аз ду номаи аввалӣ адабиётшиносон К. Айнӣ, М. Шукуров, М. Раҷабӣ натиҷаҳои муҳимме бардошт карда бошанд ҳам, аз номаи сеюмӣ камтар баҳра бардошта шудааст ва ҷойе ҳам мавриди гуфтугӯ қарор дода нашудааст.Маълум аст, ки таърихи адабиёти нави тоҷикӣ, хусусан давраи аввали он, ки андешаҳои мо низ пайгири аҳдофи масъалаҳои адабиёти тоҷик дар ин замони пурихтилофи таърих аст, то ҳанӯз мавриди гуфтугӯи ҷиддии адабиётшиносон қарор нагирифтааст. Хусусан, муносибати нигилистонаи тарафдорони маданияти пролетарӣ, А.В. Луначарский (1875-1933) ва пайравони ӯ ба осори гузашта дар солҳои 20-уму 30-юми садаи XX қобили диққати махсус аст. Ҷомеаи шӯравӣ ин гуна муносибатҳои номуваҷҷаҳонаи сиёсатмадорон ва сӯиистифодаи шарқшиносон аз ин гуна муносибатҳоро зиёд ба рӯй дошт. Ҳатто дар Русия адибони машҳури ҷаҳонӣ А.С. Пушкин (1799-1837), Л.Н. Толстой (1828-1910), А.П. Чехов (1860-1904)-ро «зарарнок» ва барои ҷомеаи нав

зиёновар медонистанд. Ин муносибат дар Тоҷикистон боз ҳам сиёсӣ ва муғризона пеш мерафт. Баъд аз он ки бо супориши Комитети Марказии ИҶШС соли 1937 ба муносибати садумин соли фавти асосгузори адабиёти классикии русӣ А.С. Пушкин ҷашни пуртантанае баргузор гардид, синфиятгароии ҷомеа нармтар шуд. Ин гуна иқдоми давлатӣ муносибат ба гузаштагони миллати худро як андоза нарм намуда бошад ҳам, баъд аз Пленуми XII Иттифоқи нависандагони ИҶШС ва нутқе аз ҷониби А. Фадеев (декабри соли 1948) майдони андешаро васеътар намудааст. Вале ҳамоно масъалаи тақсимоти мероси адабии классикони адабиёт миёни тоҷикон ва эрониён дунбола мешудааст.

Баррасии иҷмолии муқоисавии матни сарсухани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» бо номаҳои фавқуззикри С. Айнӣ маълум менамоянд, ки С. Айнӣ то ҳадди имкон бо далоили таърихӣ ҳуқуқи қонунии халқи тоҷикро ба мероси гузаштагон, чи дар сарсухан ва чи дар номаҳояш таъйин карда, ҳар гуна садгузориҳои шарқшиносонро рад менамояд. Вале баъзан ба сиёсати замон низ маҷбуран мегаравад. Устод Айнӣ дар номаи худ, ки дар таърихи 14-уми апрели соли 1949 ба М. Турсунзода ирсол намудааст, мухотаби номаро дар масъалаи тақсими мероси адабӣ ва илмӣ ҳамсафи худ дониста, аз муборизаҳои солҳои 20-уми худ ёд намуда, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, бо «ҷӯшидани ин масъала» бағоят мутаваҷҷеҳ будани худро таъкид намуда, мегӯяд: «Акнун омадам ба масъалаи тақсими мероси адабӣ ва илмӣ. Бешубҳа, ба ҷӯшидани ин масъала аз ҳама зиёдтар ман шод мебошам. Зеро, ман дар солҳое дар болои ин масъала мубориза кардам, ки қариб танҳо будам. Дар он вақт маро дар ин масъала ҳам Икромуфҳо, Файзуллоҳхӯҷаҳо, ҳам югурдаки онҳо «левакҳо» (чаптарошҳо) мезаданд, аммо ман, ки кори худро мувофиқи роҳи партия медонистам, нотарсона муборизаи сахт бурдам, хушбахтона, дар охир муваффақ ҳам шудам. Баъд аз он ки Шумоён ба паҳлуи ман даромадетон (аз солҳои 32 сар карда), кори ман хеле сабук шуд» [11, с.87].Чунонки аз ин нигоштаи устод Айнӣ метавон пайхас намуд, бо таваҷҷуҳ ба ҷӯшидани масъалаи тақсими мероси адабӣ ӯ аз он ҷиҳат шод мебошад, ки акнун бисёре аз шарқшиносон «ҳамаи адабиёт ва осори санъат, ки дар ҳудуди тоҷикнишин (аз даврaҳои қадим то асри XX), яъне дар Осиёи Миёна, шимоли Афғонистон, Хуросон, то Дашти Кабири Эрон пайдо шудааст», мероси адабии тоҷикони имрӯза ҳисобиданд. С. Айнӣ дар номаи зикршуда меъёри доварии худро дар ин масъала таъкид намуда, мегӯяд: «Дар ин масъала то ҳол установкаи мо ин буд: онҳое, ки аз Осиёи Миёна ва Хуросон расидаанд, бешубҳа ва бе гуфтугӯ шоирони тоҷик ҳастанд ва ба онҳое, ки аз ғарбии Эрон расидаанд (монанди Саъдӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳофиз), унвони «форс-тоҷик» ё «тоҷик-форс»-ро дода, ба онҳо ҳам ҳақ доштани худро исбот мекардем» [11, с.88]. Ин таҷрибаро С. Айнӣ дар якҷоягӣ бо ҳайати таҳиягарони «Намунаҳои адабиёти тоҷик» асоснок намуда, ба илм ворид намуданд. Вале дар асл ин иқдоми осоне набудааст. Ба ин хотир, «Намунаҳои адабиёти тоҷик» бо меъёри таърихӣ ва илмии истилоҳи тоҷику форс бо мубориза ва ҷонбозиҳои С. Айнӣ ва ҷонибдоронаш нашр ва роиҷ шудааст. Бояд гуфт, ки ба ин истилоҳ шарқшиносони шинохтае, чун Е.Э. Бертелс, А.Н. Болдирев, ки дар таҳқиқу омӯзиши адабиёти тоҷикон саҳми назаррас гузоштаанд, зиддият нишон доданд. С. Айнӣ дар мактуби худ ба К. Айнӣ, аз таърихи 9 марти соли 1949, оид ба ин муносибати шарқшиносон мегӯяд: «Мо бо ин суханҳои бемантиқ гӯш надода кори худро давом додем: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Бӯалӣ Сино, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигаронро аз они худ гуфта, навишта баромадан гирифтем» [8, с.192]. Ба таври расмӣ, кушода ва бунёдӣ ин иқдоми худро дар сарсухани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ҳимоя карда, бисёр густарда, бо далелҳои илмӣ андешаи шарқшиносонро, ки бештар дарёи Амуро чун ҳудуд далели мутлақи марзӣ медонистанд, баҳс намуда, тақдири таърихии қавмҳо ва халқҳои форсизабонро дар асрҳои X – XV дар ҳар ду тарафи ин дарё дар якҷоягӣ, ба таъбири С. Айнӣ «дар як вақт дар як забон эҷодкори ягона адабиёт» [13, с.XIV] медонад. «Мо бо ҳамин тавр бо фикрҳои баъзе аз ҳамон шарқшиносон вомехӯрем, ки онҳо категорияҳои таърихии ба гурӯҳҳои этникӣ, қавмҳо ва халқҳо оид будагиро, бо мафҳуми танги географӣ иваз карданӣ мешаванд. Ин тавр шарқшиносон аз протсесси таърихии ба ҷойҳои гуногун сокиншавии халқи тоҷик, аз тақдири таърихии вай тамоман чашм пӯшида, майли онро доранд, ки ба қатори шоир ва нависандагони тоҷик ва ё ки ба қавли онҳо Осиёи Миёнагӣ, ҳамон шоир ва нависандагони форсизабонро дароваранд, ки онҳо дар хоки Тоҷикистони ҳозира, инчунин дар Бухоро ва Самарқанд **зоида** шуда бошанд ва дар ақидаи шарқшиносон, дарёи Ому **дар тамоми давраҳо** (ин ибора ва дигар калимаҳо дар матни аслии тазкира бо ранги сиёҳ равшантар карда шудаанд – А.М., Л.Ш.) як девори шикастнопазир шуда хизмат мекунад, ки гӯё вай як навъ садди чинӣ аст.

Магар, бо илм ҳеҷ алоқа надоштани ин гуна нуқтаи назари хилофи таърихро исбот кардан лозим аст?

Роли дарёи Ому чун **ҳудуд,** ҳаргиз мутлақ нест; ҳаргиз аз худи характери географӣ омада намебарояд, балки аз шароити тамоман конкретӣ ва таърихӣ, ки дар давраи муайян ба ҳам мерасад, омада мебарояд» [13, с.XIV].Чунонки аз ин сарсухан равшан мегардад, С. Айнӣ ҳанӯз соли 1940 ҳуқуқи қонунии халқи тоҷикро ба мероси гузашта собит ва таъйин

намудааст. Дар идома муаллифи сарсухан тақдири халқҳои тоҷику форсро дар асри X-XV на танҳо дар таъсиррасонӣ ба якдигар дониста, балки маҳз дар печдарпеч будани тақдири таърихии онҳо медонад, ки ба эҷод карда шудани адабиёти ягона оварда расонидааст [13, с.XIV]. Бо ҳамаи ин далелҳо дар офаридани ин адабиёт нақши тоҷиконро бо форсҳо дар баробарии печдарпеч дониста, ҳуқуқи халқи тоҷикро ба ин мероси ғановатманд камтар намедонад. Сипас, барои ҳалли дурусти ин масъала зарурати таърихии иқтизои ҷомеаро, ки иборат аз ҳувият ва худшиносии миллӣ буд, ба миён мегузорад ва мегӯяд: «Ин масъала ба воситаи таърих, ба воситаи **худшиносии халқи советии тоҷик** (таъкид аз мост – А. М., Л. Ш.) ҳал карда мешавад, на ин ки ба воситаи тафаккурот дар кабинетҳои академикӣ» [13, с.XVI].

Ин таъкиди С. Айнӣ хеле ҷолиб аст, зеро маҳз дар ҳамин давра худшиносӣ, ҳувияти миллӣ дар шуури мардуми тоҷик бо таъсири идеологияи коммунистӣ зуҳур кард, ки барои ин миллат, пеш аз ҳама, маънавияти миллӣ асосӣ буд. Аз ин ҷост, ки ҳамаи классикони адабиёти асрҳои X-XV-ро «монополияи Эрон дониста ва ҳуқуқи мероси онро танҳо ба Эрон тааллуқ додан ҳаргиз мумкин нест» [13, с.XV]. Ин ҷиҳатҳои таърихӣ, замонӣ ва миллиро ба назар гирифта, идеяи худро боз ҳам қувват дода, чунин пешниҳод менамояд: «Бинобар ҳамин, ҳудудҳои маконии этапи тооктябрии адабиёти тоҷикро муайян намуда истода, мо фикрҳои дар давраи асрҳои X-XV ва ду тарафи дарёи Ому ҷудо карда, ба парчаҳо тақсим намудани он адабиётро чун фикрҳои схоластикӣ, хилофи таърих ва сунъӣ гирифта дур мепартоем.Адабиёти ин давраи **классикиро** адабиёти **тоҷикӣ-форсӣ** номидан дурусттар мешавад. Ҳамаи симоҳои бузурги ин адабиёт – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ Сино, Хайём, Носири Хисрав, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Саъдӣ ва дигаронро халқи тоҷик ҳаргиз намехоҳад, ки танҳо ба адабиёти Эрон диҳад. Халқи тоҷик **ҳамаи** онҳоро шоирон ва нависандагони бузурги **худ** мешуморад» [13, с.XVI].

Чунонки таъкид рафт, ин иқдоми устод Айнӣ барои меросбарии фарҳангии форсизабонон дар шароити солҳои 40-ум ва ҳатто 50-уми асри XX бе душворӣ имконпазир набудааст. Ин иқдомро низ устод Айнӣ мисли соири ҷонбозиҳои худ бо пирӯзакорӣ ва дар сиёсат хеле дурбину холис ва ҳақиқатнигорона сомон додааст. Ин мулоҳизакорию амалгароии устод Айнӣ дар ин масъала, ки баъдан ранги сиёсӣ мегирад, дар мактуби ба М. Турсунзода фиристодааш, ба хубӣ аён мегардад. Аз ин мактуби С. Айнӣ ва ду мактуби дигари ӯ, ки ба К. Айнӣ ва М. Миршакар дар як сол дар фосилаи ду моҳ ирсол шудаанд, маълум мешавад, ки ҳатто то охири солҳои 40-ум низ ин масъала ҳамоно мавриди мунозираҳои шадид буда, мубориза ва саъю талоши саботкоронаи С. Айнӣ идома доштааст: «Ҳоло ҳам мо, – мегӯяд С. Айнӣ, – шоирони тоҷики аз Осиёи Миёна ва Хуросон расидаро бешубҳа ва бе ҳеҷ гуфтугӯ бо «унвони тоҷик» навишта, аз они худ медонем. Аммо ба шоирони ғарбии Эрон чӣ унвон дода, аз они худ кардани онҳоро, ё қисман ба онҳо ҳақ пайдо кардани худамонро надониста истодаам. Ман ҳеҷ розӣ шуда наметавонам, ки Саъдиву Убайди Зоконию Ҳофизро тамоман ба Эрон диҳем» [11, с.89]. Вобаста ба таъйини қонунии ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси гузашта, С. Айнӣ масъаларо фарохтар гирифта, шоирони Ҳиндустонро мавриди суол гузошта, пешниҳод менамояд: «Инчунин, шоирони Ҳиндустон низ мавриди суоланд. Ба фаҳми ман, он касоне, ки ба Ҳиндустон аз Осиёи Миёна рафтаанд (монанди Бадри Чочӣ) ва он касоне, ки бобоҳошон аз ин тараф рафта, худ «Ҳиндустонзо»-анд (монанди Бедил ва Хусрав) бояд аз они мо шаванд. Хусусан, Бедилро, ки бо вуҷуди услуби махсус пеш гирифтанаш, луғатҳои оммафаҳми кӯчагии тоҷикиро кор мефармояд, ба форсизабонони Ҳиндустон, ки забони ӯро бе луғати ҳинду намефаҳманд, додан дуруст нест» [11, с.89].

Ба ин масъалаҳо ҳамчун ба таърих ва раванди бавуҷудоии худшиносии халқи тоҷик ва таъйин намудани ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик муроҷиат намудани С. Айнӣ бесабаб набуд. Ҳамон навъе ки аз таърихи адабиёти шӯравии тоҷик маълум аст ва мо низ дар боло таъкид намудем, мубориза барои таъйини ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик ба мероси адабӣ ва илмии гузашта дар солҳои 40-ум ва 50-уми асри XX дар мубориза бар зидди назарияи космополитизм ва назарияи буржуазии «ҷараёни ягона» дорои аҳаммияти сиёсӣ ва адабӣ буд. Мавридаш аст, агар таъкид намоем, ки ба меъёрҳои марксистӣ муайян кардани таърихи маданият, санъат ва адабиёти халқҳои Шарқи шӯравӣ, аз ҷумла таъйини ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик ба мероси адабӣ баъд аз нутқи котиби генералии Иттифоқи нависандагони ИҶШС А. Фадеев густариш ёфтааст. Аз ҷумла мақолаи М. Турсунзодаро, ки бо таъсирпазирӣ аз ин нутқи А. Фадеев бо унвони «Барои вадандӯстии советӣ бар зидди панэронизм!» [22] ва мақолаи калонҳаҷми адабиётшинос А. Мирзоевро бо унвони «Оид ба мероси адабӣ (Як воқеаи муҳимми таърихӣ дар бораи масъалаи ҳаётии адабиёти мо)», ки ба чор масъалаи баҳсталаби таърихи адабиёти тоҷик нуқтаи назари муаллифро бо ҷанбаҳои таърихии мавзӯъ мунъакис намудааст, бояд зикр намуд. Мақолаҳои мазкур бо он ки ба қавли худи муаллифон муносибати «марксистона»-и онҳоро дар нисбати таърихи адабиёт ва маданияти халқи тоҷик муайян менамояд, дарёфтҳои илмие низ доранд, ки аз ҳар ҷиҳат қобили диққати махсусанд.

Чунонки аз ин руҷӯи мухтасар фаҳмида шуд, акнун масъалаи тақсими мероси адабӣ ва илмии гузашта бо назарияҳои космополитизм ба миён омада, аз истилоҳи пешниҳодшудаи «адабиёти форс-тоҷик» ранги сиёсӣ мечӯянд ва «ин термин куҳна шуда, умраш ба поён» [22, с.2] расидааст, гуфта андеша пеш меоранд. Набарду амалкардҳои холисонаи устод Айнӣ бо ин гуна муносибатҳо дар номаҳо равшан буда, идомаи муборизаҳои С. Айниро бозгӯ менамоянд. Ҳамин гуна муносибатҳост, ки С. Айнӣ ба М. Турсунзода муроҷиат намуда, мегӯяд: «Модом ки партия термини «форс-тоҷик»-ро (ҳарчанд барои шоирони ғарбии Эрон бошад ҳам) рад кардааст, барои ман як установкаи партиявӣ даркор аст, то ки ба ҳамон такя карда (албатта, бо далелҳои таърихӣ ва илмие, ки худ медонам) мақола нависам, то ки мо ба шоирони хубтарини ғарбии Эрон ҳам ҳақ пайдо кунем» [11, с.89]. Вобаста ба тақдири ин термин ва муносибати М. Турсунзода ба он метавон тазаккур намуд, ки мувофиқи мулоҳизаи ӯ дар мақолаи фавқуззикр, ҳуди ҳамон соли 1949 М. Турсунзода ин терминро сунъӣ ва нолозим донистааст [22, с.2], вале аз далели дигаре, ки дар ҳамин нома омадааст, аён аст, ки дар ҳамон сол С. Айнӣ маҳз аз М. Турсунзода бо машварат як «установкаи партиявӣ» барои асоснок кардани масъалаи таъйини ҳуқуқи халқи тоҷикро ба мероси классикон дархост мекунад. Дар идома С. Айнӣ аз мунозираҳои ба ин масъала дар доираҳои илмии Ленинград шуда гузашта, ки фарзандаш К. Айнӣ пайваста аз онҳо қиблагоҳашро ба воситаи мактуб огоҳ менамуд, ёд меорад ва ҳиссиёти худро чунин иброз менамояд: «Қисман мунозираҳои ба болои ин масъала дар Ленинград шударо шунидам. Аз он мунозираҳо ва мусоҳибаҳо ҳаминро ҳис кардам, ки ба баъзе шарқшиносони куҳна барҳам додани термини «форс-тоҷик» хеле дилчасп баромадааст ва дар мунозираҳо барои ба тоҷикон додани кадом яки классикҳо бисёр гап назада, унвони нутқи худро бо рад кардани термини мазкур зинат медиҳанд ва то охир бештарин ба болои ҳамин термин гап мезананд» [11, с.89]. Баъдан мазмуни мусоҳибаҳои хусусии онҳоро шарҳ дода, андешаи худро тақвият медиҳад: «Мусоҳибаҳои хусусии онҳо (шарқшиносон – А.М., Л.Ш.) боз ҳам аҷибтар аст. Масалан, дар як суҳбати хусусӣ Болдирев ба Климович гуфтааст, ки осиёимиёнагиҳо аз они тоҷикон шаванд, аз хуросониҳо монанди Фирдавсӣ ҳам аз они тоҷикон бошанд (ин ба хотири рафиқ Сталин – Айнӣ), аммо шоирони ғарбии Эрон тамоман аз они эрониён бошанд ва Камоли Хуҷандӣ ҳам ё ба Озарбойҷон, ё ки ба Эрон дода шавад (мазмунан)» [11, с.89]. Баъдан, С. Айнӣ дар миён андешаи шарқшинос Манаковро дар бораи Камоли Хуҷандӣ гузошта, ин мавзӯъро бар асоси ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва далелҳои ақлӣ ҳал карданӣ мешавад. Албатта, бояд гуфт, ки масъалаи муносибати Камоли Хуҷандӣ бо адабиёти тоҷик ва намояндаи адабиёти Эрон донистани ӯ ва ба тоторҳои Қипчоқ нисбат додани ин шоири тоҷик мавриди баҳси зиёд қарор гирифтааст.

Муносибати С. Айниро, ки дар ду номаи муфассалаш ба К. Айнӣ ва М. Турсунзода омадааст, метавон муайян намуд. М. Турсунзода низ дар ин масъала назари қобили диққати махсусе дорад, ки бинобар муҳим будани онҳо ва муборизаи М. Турсунзодаро дар масъалаи меросбарии тоҷикон ва соҳибони ин адабиёт будани онҳо, равшан менамояд, иҷмолан аз назар мегузаронем. Бояд қайд кард, ки нахустин шахсоне, ки ин масъаларо рушанӣ андохтаанд, ин таҳиякунандагони номаҳои зикршуда – С. Табаров ва Абдурраҳмони Абдуманнон мебошанд. Хидмати муҳаққиқони мазкурро махсус бояд қайд намоем, зеро маҳз бо кӯшиши онҳо номаҳои мазкур баргардон ва нашр гардидаанд.

Чунонки зикр намудем, муносибати С. Айнӣ оид ба ин масъала дар ду нома муфассал омадааст ва ӯ аз ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва далелҳои ақлӣ суд ҷуста, фикри шарқшинос Манаковро мазмунан оварда, мегӯяд: «Шарқшинос Манаков фикри дар болои Камоли Хуҷандӣ раҳравондаи худро ба «далели зерин» такя кунондааст: «модом ки Камол дар хурдсолӣ ба Эрон рафта, дар он ҷо тарбия ёфтааст, вай бояд ҳаққи ҳалоли эрониён шавад. Чунончи, Лоҳутӣ аз Эрон ба ин ҷо омада ва дар ин ҷо тарбияи коммунистӣ гирифта аз они тоҷикон шуданд, яъне бояд Камоли Хуҷандӣ бо Лоҳутӣ мубодила карда шавад» (мазмунан)» [11, с.89].

Аз ин мазмуни даъвои шарқшинос Манаков хуб метавон фаҳмид, ки масъала ба таври илмӣ гузошта нашуда, балки муносибати ғайриилмии ин гуна шарқшиносонро равшан менамояд. Ҳатто, онҳо шоирони гениалие, чун Камоли Хуҷандӣ ва А. Лоҳутиро ба мисли мол, ҳатто на чун табааи кишваре, мубодила карданӣ мешаванд. С. Айнӣ аз чунин масъалагузориҳои шарқшиносон дар ғазаб шуда онҳоро, ки ба илм – ба ҳақиқат содиқ нестанд, сахт танқид карда, мегӯяд: «Ман ин суҳбатҳоро шунида ҳам дар ғазаб шудам, ҳам хандаам гирифт. Бинед, ки ин бемантиқҳо, кӯтоҳфикрҳо, ки дар инҳо асосан ҳамон фикри куҳнаи эронпарастӣ ҳукмфармо аст, чӣ қадар хандаоварона гап мезананд» [11, с.89]. Баъдан, С. Айнӣ оид ба рӯзгори Камоли Хуҷандӣ як миқдор маълумоти шарҳиҳолӣ дода, масъалаи хуҷандиасл будани ӯро ба миён мегузорад ва дар ин ҷо тарбият ёфтан ва баъдан ба Самарқанд рафтану сипас муқими Табрез гардидани шоирро таъкид менамояд. Чунончи, С. Айнӣ менависад: «Аввал ин ки Камол дар хурдсолӣ ба Эрон рафта, дар он ҷо тарбия наёфтааст, балки ӯ тарбияи худро дар Хуҷанд ва Самарқанд гирифта,

баъд аз ба камол расидан, чунончи тазкиранависон менависанд, ба ҳаҷ рафта, дар бозгашти сафари ҳаҷ обу ҳавои Табрезро писандида, дар он ҷо мондааст» [11, с.89]. Албатта, рахти сафар барбастани Камол дар сарчашмаҳо, аз ҷумла дар тазкираи «Равзоту -л- ҷинон ва ҷанноту -л- ҷанон»-и Ҳофиз Ҳусайни Карбалоии Табрезӣ мухталиф зикр ёфтааст. Муаллифи тазкираи фавқуззикр сабаби аз Хуҷанд рахти сафар барбастани Камолро дар оиладорӣ ва дар шаби зифоф аз нози завҷаи ҷавонаш ранҷидани шоир донистааст [25, с.498], ки чандон боварибахш наменамояд. Ин маълумоти тазкираҳоро С. Айнӣ ишора намуда бошад ҳам, зимнан андешаи ҷиддиеро ба миён меорад, ки, мутаассифона, ин андеша аз назари камолшиносон дур мондааст. Ба андешаи С. Айнӣ, сабаби аслии роҳи мусофиратро пеш гирифтани Камол нооромию нобасомониҳои сахти Хуҷанд ва дар Мовароуннаҳр байни Темури Ланг ва амир Ҳусайн ҷанг рафтан мебошад. Чунончи, С. Айнӣ менависад: «Ба фикри шахсии ман, дар ҳамон вақтҳо (асри XIV – А.М., Л.Ш.) дар Мовароуннаҳр байни Темур ва Амир Ҳусайн ва боқимондагони муғулҳо ҷанги сахт мерафт, мамлакат безобита буд, бинобар ин, Камол дар Табрез мондааст ва баъд аз он ки дар он ҷо – ба обу ҳавои он ҷо одат кардааст, дар он ҷо доимӣ мондааст» [11, с.89-90]. Дар идомаи нома С. Айнӣ дар масъалаи дар калонсолӣ аз Мовароуннаҳр ба Эрон рафтани Камоли Хуҷандӣ ду далел меорад. Аз ҷумла дар ин хусусу ӯ мегӯяд: «Барои дар калонсолӣ аз Мовароуннаҳр рафтани Камол ду далел ҳаст, ки яке аз онҳо ҳуҷҷати таърихӣ аст: дар девони Камол дар баҳри «и» ғазале ҳаст, ки Камол он ғазалро дар Самарқанд гуфтааст ва он ғазал бо ин ду мисраъ тамом мешавад:

Гӯиям ҳар дам, ки берун шав зи шаҳри мо Камол.
Ин самарқандигариҳо бо хуҷандӣ то ба кай?

Дигар он ки дар Хуҷанд гузаре буд, ки номи вай «Хоҷа Камол» (ҳоло ҷойи он гузари гостинса мебошад). Агар Камол дар хурдсолӣ мерафт, ба номи вай гузареро намемонданд.

Далели дигар ақлӣ аст: албатта, як бачаи хурдсол ҳеҷ гоҳ ба сафари ҳаҷ намерафт, бояд барои ҳавас кардани сафари ҳаҷ одам бояд камаш 30-сола бошад» [11, с.90]. Баъди ин гуна далелҳо сухани устод Айнӣ оҳанги қаҳру ғазаб гирифта, андешаи фаръии шарқшиносонро дар масъалаи «мубодилаи Камол бо Лоҳутӣ» рад намуда, бо исрор ҳам ба К. Айнӣ ва ҳам ба М. Турсунзода, ки аввалӣ муқими Санкт-Петербург (дар он солҳо Ленинград) ва дувумӣ раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд, менависад: «Ман дар мактуби худ[§§§§§] дар бораи «мубодила кардани Камол бо Лоҳутӣ» гуфтам: «на Камол ва на Лоҳутӣ – на асири ҳарбӣ ҳастанд ва на ғуломи зархарид», ки он гуна шарқшиносон дар байни мо ва эрониён ҳакам шуда, ин ду нафарро дар бадали якдигар ба тарафайн супоранд ва «сулҳ барпо намоянд». Ин кори буржуазҳои дипломатӣ аст. Камол бе ҳеҷ гуна гуфтугӯ аз они мо аст. Лоҳутӣ бошанд, зиндаанд. Аз он кас пурсидан даркор аст, ки худро шоири Тоҷикистон мешуморад ё шоири Эрони феодалӣ. Ихтиёр ба худи он кас аст» [11, с.89].

Аз ин андешаҳои устод Айнӣ пайдост, ки баҳси шарқшиносон дар асоси омилҳои фаръӣ сурат гирифтааст ва С. Айнӣ низ бар муқобили ин гуна андешаҳо далелҳои таърихӣ ва ақлиро силоҳ қарор дода, ба рағми ин гуна андешаҳо мубориза бурдааст. Ва барои ҳалли ин гуна масъала ба М. Турсунзода мурочиат намуда, аз сӯиистифодаи шарқшиносон аз сиёсати замон ёд оварда, мегӯяд: «Ҳар масъалаеро, ки партия бо хирадмандии болшевикона ва бо дурандешии ленинона пеш мегузорад, даррав аз куҷо «сӯқақошуқҳо» ва «берунатозҳо» пайдо мешаванд ва аз фурсат фоида бурда, обро лой намуда моҳии матлаби худро сайд кардан мехоҳанд» [11, с.89]. Дар идома таъкидан мегӯяд: «Бинобар ин, дар ин гуна масъалаҳо бо бисёр эҳтиёт қадам мондан ва ҳушёрона ҳал кардан лозим аст» [11, с.89].

Ба ин гуфтаҳои С. Айнӣ нек нигарем, маълум мешавад, ки ӯ ба масъалаи хуҷандиасл будани Камоли Хуҷандӣ то андозае баҳои ҳаққонӣ дода, ба мардуми тоҷик мансуб будани эҷодиёти шоирро дар асоси чанд далел ба таври мушаххас муайян намудааст. С. Айнӣ дар қисмати аввали қавли худ ба масъалаи тақсими мероси адабӣ ва саҳми тоҷикон дар офаридани осори адабӣ, аз меъёрҳои фармудаи сиёсати замон берун намеравад, вале бо исрор ва як шуҷоати илмӣ ва адабӣ, ки хосси ӯст, масъаларо ҳал менамояд. Ба назари мо, ин тарзи муносибат ҳамчун такягоҳ донистани сиёсати замон бошад ҳам, иҷрои рисолати адиброо бо далелҳои муътамади илмию таърихие, ки устод Айнӣ бо онҳо мусаллаҳ буд, равшан менамояд. Албатта, акс ёфтани меъёрҳои фармудаи сиёсати шӯравӣ ва зиндагии шахсии С. Айнӣ, ки бисёр ба кӯнишҳои душманони миллати тоҷик рӯёрӯй мегашт, дар нигоштаҳояш, аз ҷумла номаҳои ӯ истисно шуда наметавонанд. Аз ин рӯ, метавон ҳукм кард, ки номаҳои мазкур бозгӯи он ҳақиқатест, ки дар боло гуфта шуд. «Установкаи партиявӣ» ё васеътар гӯем, «сиёсати марксизм-ленинизм» барои устод Айнӣ танҳо чун такягоҳи мафкуравӣ зарур омадааст. Аммо чунонки гуфтем, устод Айнӣ рисолати худро барои миллати тоҷик дар заминаи далелҳои илмию таърихӣ ва ниёзҳои ҷомеаи шӯравии

[§§§§§]Мактуби 9 марти соли 1949, ки ба унвони К. Айнӣ ирсол шудааст, дар назар аст – А.М., Л.Ш.

тоҷик анҷом додааст. Аз мактубҳо маълум мегардад, ки С. Айнӣ аз ҷузъитарин тағйироти сиёсати замон ва сӯиистифодаҳои шарқшиносон огоҳ гардида, суханҳои ба манфаати миллати тоҷик гуфташудаи роҳбарони сиёсӣ ва шарқшиносони ҳақиқатгӯро истифода намуда, андешаи беасоси баъзе шарқшиносонро ба тозиёнаи танқид мегирифтааст. Ҳатто чунин шудааст, ки С. Айнӣ иродаи профессорон Якубовский, Петрушевский, Боровков, Бернштам, Болдирев, Будагов ва дигаронро, ки дар маҷлисҳои Ленинград баён мегардиданд ва ба манфаати миллати тоҷиканд, ки ба воситаи К. Айнӣ ба устод Айнӣ маълум мешуданд, ба М. Миршакар ва М. Турсунзода маълум намудааст. Аз ҷумла, устод Айнӣ дар мактуби худ ба М. Миршакар, аз таърихи 29 апрели соли 1949, масъалаи мероси адабӣ ва мадании тоҷиконро дар пеш гузошта, ҳал кардани онро ба М. Миршакар ва М. Турсунзода мегузорад. Ӯ, аз ҷумла, дар ин бора менависад: «Маълум аст, ки ба муносибати масъалаи космополитҳо масъалаи мероси адабӣ ва мадании тоҷикон ба миён омад. Баъд аз маҷлисҳои маълуми дар Москва ташкил ёфтагӣ, чанд маҷлис дар Ленинград ҳам шуд. Дар маҷлисҳои Ленинград писари ман (К. Айнӣ – А.М., Л.Ш.) ҳам иштирок кардааст. Дар маҷлисҳои Ленинград қарор додаанд, ки (аз рӯйи мактуби писарам) «ҳамаи адабиёт ва осори санъат, ки дар ҳудуди тоҷикнишин (аз даврҳои қадим то ҳол), яъне дар Осиёи Миёна, шимоли Афғонистон, Хуросон, то Дашти Кабири Эрон пайдо шудааст, бояд мероси адабии тоҷикони имрӯза ҳисоб шавад. Аз он ҷо ки шоирони форсҳо – Ҳофиз ва Саъдӣ ба адабиёти тоҷикон таъсири бузург гузоштаанд, бояд дар таърихи адабиёти тоҷикон дохил шаванд, чунонки шоирони тоҷикон – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва шоирони дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ таъсири бузурги худро дар адабиёти форсҳо гузоштаанд ва ё чи тавре ки Низомии Ганҷавӣ дар адабиёти тоҷикон ва форсҳо» [1, с.15]. Ин қарордод аз нуқтаи назари профессорон Якубовский, Петрушевский, Боровков, Бернштам, Болдирев, Будагов...» [1, с.15]. Ҳақиқатан, ин адеша дар замони муборизаҳои синфӣ ва тарғиби андешаи нестангории миллӣ ва таърихӣ бурде буд. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ суханони профессор А.А. Фрейманро, ки дар ин гуна маҷлисҳо баён намудааст, зикр намуда, ӯро ҳамчун «ягона олими тоҷикшинос донистааст, ки танҳо ба илм – ба ҳақиқат дода шудааст» [1, с.16]. С. Айнӣ бо истифода аз мактуби фарзандаш – К. Айнӣ андешаи профессори мазкурро дар мавзӯи таърихи адабиёти тоҷик ва санъати тоҷикон оварда, ба М. Миршакар менависад: «Ӯ****** сухани худро аз «Авесто» сар карда, намунаҳои назм ва насрро оварда, онҳоро бо асарҳои Фирдавсӣ муқоиса кардааст ва ҳамаи онҳоро бо намунаҳои шеърҳои халқии тоҷик андоза карда нишон додааст ва исбот намудааст, ки ҳамаи онҳо аз они халқи тоҷик аст...» [1, с.15].

Ҳамин тавр, «установкаи партиявӣ» ё далелҳои илмию таърихии шарқшиносони ба илм содиқ ва ҳақиқатҷӯ барои устод Айнӣ чун такягоҳи мафкуравӣ ва далелҳои аз ҷониби дигарон низ собитшуда, қобили пазироиш аст. Барои устод Айнӣ «установкаи партиявӣ» ва андешаи шарқшиносони ҳақиқатҷӯ танҳо ба хотири ҳимояи манфиати миллии тоҷикон, дар ин маврид таъйини ҳуқуқи қонунии онҳо ба мероси арзишманди фарҳангию адабӣ буду халос. Ва ӯ тамоми умри ба истилоҳи маъруф баъдиинқилобии хешро барои он сарф кард, ки аз ин имконҳои замон ҳартарафа истифода карда, манфаатҳои халқи тоҷикро чӣ аз кунишҳои пантуркистон, чӣ аз дасти нигилистон ва чӣ аз вартаи баъзе шарқшиносони шӯравӣ, ки ҳудудҳои мероси адабии тоҷиконро бо хосту хоҳиши худ ва омилҳои фаръӣ ҳал карданӣ мешуданд, бо далелҳои қатъӣ дифоъ бикунад ва ба ин васила халқи ситамкашидаи тоҷик, хусусан ҷавонону наврасони замони шӯравиро, ки М. Турсунзода, М. Миршакар аз ҷумлаи онҳо буданд, дар рӯҳияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ тарбият намояд.

Акнун, муносибати М. Турсунзодаро оид ба масъалаи мероси адабӣ дида мебароем.

Муносибати М. Турсунзода оид ба масъалаи омӯзиши мероси адабӣ ва таъйини ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик ба мероси гузашта ҷолиби диққат буда, дар партави ду давраи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа қобили таҳқиқ аст. Дар адабиётшиносии мо оид ба афкори адабию танқидии М. Турсунзода ҳамчун суханвари мумтози асри ХХ дар таҳқиқоти адабиётшиносон Ю. Бобоев [4; 5; 6], А. Сайфуллоев [22, с.44-106], Х. Шарифов [26, с.105-113], Н. Салимов [16, с.21-26; 17, с.15-21] ва дигарон таъкид ва таҳлил шудааст. Хусусан, баъди солҳои 80-ум ва зуҳури падидаи бозсозию ошкорбаёнии М. Горбачёв афкори М. Турсунзода ҳамчун ситоянда ва тарғибгари ормонҳои шӯравӣ мавриди гуфтугӯи шадид қарор гирифт. Ин баҳсҳои адибону аҳли таҳқиқ то ҳанӯз мавриди таҳлили ҷиддии илмӣ қарор нагирифта бошанд ҳам, заминаи арзёбии моҳияти рӯзгору ҷойгоҳи осори М. Турсунзодаро аз диди нав бозгӯ менамоянд. Дар ин замина муҳаққиқ С. Аъзамзод кӯшишҳоеро барои нақди афкори М. Турсунзода дар мақолае зери унвони «Нақди афкори Мирзо Турсунзода ва ду марҳалаи муносибат ба мероси адабӣ» [3, с.85-102] сомон додааст, ки дар муайян намудани афкори адабиётшиносии М. Турсунзода кӯшиши хубест. Аз он ки доираи баҳси мақолаи мо дар ҳудуди номаҳои С. Айнӣ ва М.

****** Александр Фрейман Арнолдович (1879-1968) – эроншинос, узви пайвастаи АИ ИҶШС – А.М., Л.Ш.

Турсунзода маҳдуд мегардад, мо муносибати М. Турсунзодаро оид ба масъалаи пешгузошта дар асоси як нома ва аз рӯйи зарурат баъзе мақолаҳои ӯ таҳлил менамоем.

Чунонки гуфтем, охири солҳои 30-юм то охирҳои соли 40-ум садаи XX давраи сарнавиштсози омӯзиши мероси адабӣ ва исботу таъйини ҳуқуқи қонунии халқи тоҷикон ба мероси классикон аст. М. Турсунзода маҳз дар ҳамин давра ҳамчун пайрав ва идомадиҳандаи ормонҳои миллӣ ва муборизаҳои С. Айнӣ барои ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик ба мероси адабии классикони адабиёти худ, намоён мегардад. Чунонки таъкид рафт, яке аз натиҷаҳои миҳимми тадқиқи олимону донишмандони мо дар ин давра исботи шариконаи тоҷикону эрониён дар офаридани адабиёти форсӣ ва баробарии ҳаққу ҳуқуқи онҳо ба ин мерос ва дар ин ҷода истифодаи истилоҳи форс-тоҷик мебошад. Муносибати М. Турсунзода ба ин истилоҳ мухталиф буда, аз пазироиш то ба танқид ва дар охир боз тасдиқи ҳақиқати ин истилоҳ мерасад. Мувофиқи мулоҳизаҳо дар мақолаи «Барои ватандӯстии советӣ бар зидди панэронизм!» [21, с.1-4], М. Турсунзода бо он ки ба муносибати сохтакоронаи таърихнигорон иқрор мешавад ва зарурати таърихии ин истилоҳро таъкид менамояд, дар партави фармудаҳои роҳбари адибони шӯравӣ – А.А. Фадеев, ки дар масъалаи космополитизм ва тақсими мероси гузашта, инкори истилоҳи адабиёти «форс-тоҷик», «буридани эътирофи ягонагии таърихию фарҳангии халқҳои шӯравӣ (дар мисоли тоҷикон) бо эрониён» андеша баён намуда буд, ҳамовоз гардида, истилоҳи адабиёти «форс-тоҷик»-ро сунъӣ дониста, ба кор бурдани онро ҳеҷ лозим намедонад [21, с.2]. Вале баъдан, хусусан баъд аз фош шудани шахспарастии И.В. Сталин дар анҷумани XX Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шӯравӣ (1956) муносибати М. Турсунзода ба таърихи гузаштаи халқи худ, хосса ба мероси адабӣ тағйир ёфт. Аз ҷумла, дар нигоштаҳои М. Турсунзода баъди ин анҷуман мо мебинем, ки ӯ ин истилоҳро истифода менамояд [24, с.322]. Аммо, чунонки таъкид намудем, доманаи ин баҳсҳо тӯлонист. Бо вуҷуди ҳамаи ин мухолифатҳо М. Турсунзода идомадиҳандаи ормонҳои миллӣ ва муборизаҳои С. Айнӣ дар ин ва дигар пархошҳои замон боқӣ мемонад. Мо дар ин ҷо як мактуби М. Турсунзодаро, ки ба унвони А.Н. Болдирев, дар таърихи 31 декабри соли 1940, фиристода шудааст ва М. Турсунзодаро ҳамчун ҳамсаф ва идомагари вокунишҳои устод Айнӣ дар масъалаи ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон ба мероси адабии классикон равшан менамояд, дида мебароем.

Аз ин ҷиҳат, номаи мазкур қобили диққати махсус буда, муҳтавои он дар идомадиҳии рӯҳияи вокунишҳои С. Айнӣ, посдории нуфузи ӯ дар давраи кунишҳои шарқшиносон ва дар масъалаи дастёбии халқи тоҷик ба мероси адабӣ арзиши муҳимми таърихӣ ва адабӣ дорад. Аз ин нома, мисли номаҳои С. Айнӣ назари мухталифи ҷараёни илмию адабии замон дар масъалаи меросбарии тоҷикон ба адабиёти гузашта исбот мешавад. Номаи мазкур ҷавобӣ буда, эътирози М. Турсунзодаро ба иддаоҳои А.Н. Болдирев нишон медиҳад. Яъне, ҷавоби эътирозии М. Турсунзода ба мураттиби «Мунтахабот»-и Ҳофизи Шерозӣ маъхази муҳим ва шоёни диққати махсус аст, ки аз таърихи вокунишҳои адабии аҳли адаби тоҷик ва таъйини ҳуқуқ ва саҳми тоҷикон ба мероси адабии классикон аст. Ин маъхаз нақши М. Турсунзодаро дар масъалаи шинохти таърихи адабиёти тоҷик дар муқобили назарияпардозии расмии шарқшиносони рус ҳамчун як рӯйдоди муҳимми таърихӣ ва адабӣ собит менамояд.

Назар ба таҳқиқи ҷолиби таваҷҷуҳи адабиётшинос С. Табаров соли 1940 шуъбаи адабиёти бадеии бахши ленинградии Нашриёти давлатии Тоҷикистон «Мунтахабот»-и Ҳофизи Шерозиро (ба қавли С. Табаров «яке аз бузургтарин ғазалсароёни ҳамаи замонҳову халқҳо») дар таҳия ва сарсухани А.Н. Болдирев ба табъ мерасонд. Дар ин маҷмӯа 105 ғазал, 3 қитъа, 48 рубоии Ҳофизи Шерозиро ба чоп ҳозир намуда, дар муқаддимаи он маълумоти муфиде доир ба осори шоир овардааст. Аммо дар ин сарсухан муҳаққиқ оид ба баъзе лаҳзаҳои шарҳиҳолии Ҳофизи Шерозӣ ва робитаи ӯ бо шоири номвари муосири ӯ – Камоли Хуҷандӣ ба ягон-ягон носаҳеҳӣ ва иштибоҳот роҳ додааст. Ин боиси он мегардад, ки сарвари ҳамонвақтаи Нашриёти давлатии Тоҷикистон Ҳ. Неъматуллоев (1900-1975) «баъд аз гирифтани нусхаҳои сигналии маҷмӯаи шеърҳои Ҳофиз» як нусхаашро борои тақриз ба Союзи нависандагон мефиристад ва роҳбарони он «маҷмӯаро ба яке аз нависандагон супорида» аз ӯ тақризи хаттие мегирад. Назар ба тахмини С. Табаров кӣ будани он нависанда маълум нашудааст, вале аз охири ин нома ба С. Улуғзода мансуб будани он тақризро тахмин мекунад [27, с.31]. Ба назари мо, гумони матни ин тақризро бо чунин далелҳое, ки М. Турсунзода дар мактуби худ истифода намудааст, аз тарафи С. Айнӣ навиштан равшантар аст, зеро дар охири нома гуфта нашудааст, ки тақризнавис С. Улуғзода мебошад, балки мехонем «Агар ба Шумо, рафиқ Болдирев, лозим бошад, ба адрес (суроға – А.М., Л.Ш.)-и рафиқ Улуғзода ба Москва хат кунед, шояд вай аз ретсензия (тақриз – А.М., Л.Ш.)-и фиристодашуда шуморо огоҳ намояд» [27, с.31]. Дар асоси ин тақриз на раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, чунонки С. Табаров мегӯяд, балки аниқтараш раиси Кумитаи нави ташкилии Иттифоқи нависандагон М. Турсунзода, ки солҳои 1940-1944 роҳбарии онро ба уҳда дошт, бо имзои

директори нашриёт Ҳ. Неъматуллоев ба суроғаи А.Н. Болдирев ва нусхаи онро ба директори шуъбаи Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ленинград Зингер номаи ҷавобӣ ирсол намудааст. Яке аз натиҷаҳои муҳимми номаи М. Турсунзода дар он зоҳир мегардад, ки мураттиб А.Н. Болдирев ба маҷмӯа ва сарсухани он то андозае эродҳои М. Турсунзодаро ислоҳ кардааст. Таҳрири ин маҷмӯа ба устод Айнӣ вогузор шудааст. Танҳо баъди ин тағйироти ҷузъӣ ва таҳрири ҷиддӣ соли 1941 «Мунтахабот»-и Ҳофизи Шерозӣ ба табъ расид ва хонандаи тоҷик дар замони шӯравӣ бори нахуст ба таври васеъ бо намунаҳое аз ашъори ин шоири бузург шинос гардид.

Аввалин эроди М. Турсунзода ба А.Н. Болдирев оид ба забони муқаддимаи маҷмӯа аст. М. Турсунзода муайян менамояд, ки «сарсухани маҷмӯа бо забони вайрони тоҷикӣ навишта шуда, дар он ягон ҷумлаи дурустро пайдо кардан мумкин нест» [27, с.8]. Ба андешаи М. Турсунзода он «аввал ба забони русӣ навишта шуда, баъд ба таври механикӣ тарҷума карда шудааст» [27, с.8]. Воқеан, ин эроди М. Турсунзода асоснок буда, аз вазъи забони тоҷикӣ, ки тарҷумаи таҳтулафзии маводи русиро фаровон дар худ дошт, равшан шаҳодат медиҳад. Ҳатто устод Айниро ин ҳолат бисёр нигарон кардааст. Аз ин ҷост, ки оид ба ин масъала дар мактуби худ ба У. Раҳматзода, аз таърихи 2 апрели соли 1941, мегӯяд: «Ба ин гуна тарҷума ва таҳрирҳо на танҳо забони тарҷумаҳо, балки нависандагони ҷавон ва хонандагон ҳам вайрон хоҳад шуд» [1, с.16]. М. Турсунзода низ ин ҳолатро хуб дарк намуда, дар мисоли сарсухани ин маҷмӯа масъаларо пеш гузошта, бо диди хосси мунаққидӣ, бо камоли фасоҳату нуктасанҷӣ матлабро ҳал карданӣ мешавад ва ба сохти ҷумлаҳои сарсухан баҳо медиҳад: «Тарҷумон дар ин муқаддима кори механикиашро ҳам бисёр ноустуворона кор фармудааст. Дар ҷое, ки хишт бояд, чӯб ва дар ҷое, ки санг бояд, хоки хушк гузошта шудааст, яъне луғатҳоро дар ҷойи худ – дар баробари луғатҳои русӣ кор нафармудааст» [27, с.8]. Муаллифи нома ба масоили таърихи адабиёти тоҷик, хусусан баҳсҳои номуваҷҷаҳи шарқшиносон дар бораи Камоли Хуҷандӣ назари бориксанҷе дошта, андешаи А.Н. Болдиревро дар бораи «асосгузори адабиёти тоторҳои урдуи Қипчоқ» шинохтани Камоли Хуҷандӣ бо далелҳои илмӣ ва воқеӣ инкор мекунад. Чунонки дар таҳлили номаҳои С. Айнӣ оид ба масъалаи тақсими мероси гузашта дида шуд, дунболаи ин масъалаҳо то солҳои 50-уми асри XX кашол меёбад. М. Турсунзода андешаи баъзе шарқшиносон, ки Камоли Хуҷандиро шоири Эрон меҳисобиданд ёд оварда, дар ин муқаддима «асосгузори адабиёти тоторҳои урдуи Қипчоқ» донистани Камоли Хуҷандӣ ва ба тоторҳои Қипчоқ мансуб донистани Камолро, бо истеҳзо «кашфиёти нав» унвон медиҳад [27, с.8]. Аз ҷумла ӯ менависад: «Дар ин муқаддима Камол якбора ба тоторҳои Қипчоқ дода шудааст, ки на онҳо забони Камолро мефаҳманд ва на Камол забони онҳоро (Ин ҳам, албатта, кашфиёти нав аст?!)» [27, с.8].

С. Табаров дар тавзеҳи мухтасари худ ба ин нома иттилоъ медиҳад, ки андешаи номуваҷҷаҳи А.Н. Болдирев оид ба «асосгузори адабиёти тоторҳои урдуи Қипчоқ» будани Камоли Хуҷандӣ дар нусхаи таҳриршудаи маҷмӯа ислоҳ нашудааст [27, с.31].

М. Турсунзода ба сифати маълумот ду байти Камоли Хуҷандиро, ки дар сифати Сарой ва дилбарони он ҷо гуфта шудааст зикр намуда, асир афтидани шоирро ба Сарой – Дашти Қипчоқ аз тарафи Тухтамишхон мисол оварда, собит менамояд, ки Камол ба шоири Олтин Ӯрда – Сарой нисбате надорад. Ӯ мегӯяд: «Гуноҳи» Камоли Хуҷандӣ дар ин аст, ки ӯро Тухтамишхон дар вақти ҳуҷумаш ба Табрез (787 ҳ. / 1385 м. – А.М., Л.Ш.) асир карда, ба Олтин Ӯрда бурдааст. Ӯ ҳам дар он ҷо чанд шеър (албатта, дар забони тоҷикӣ) дар сифати Сарой ва хубони он ҷо гуфтааст» [27, с.8].

Нуктаи дигаре, ки аз назари М. Турсунзода пӯшида намондааст, ин аст, ки Шайх Камол маҳз дар Хуҷанд ба камол расида баъдан ба Эрон рафтааст. Чунончи, М. Турсунзода менависад: «Мо нағз медонем, ки эҷодиёти Камол дар худи Хуҷанд (пеш аз сафар карданаш) ба камол расида буд» [27, с.8]. Баъдан М. Турсунзода бо далели он ки то замонҳои наздик дар Ленинобод (ҳоло шаҳри Хуҷанд) маҳаллае бо номи Шайх Камол мавҷуд аст ва ҳар як сокини ин маҳалла нағз медонад, ки он дар куҷо ҷойгир аст, Камолро шоири тоҷик медонад. М. Турсунзода дар танқиду танбеҳи баъзе шарқшиносон навиштааст: «Фақат мо ҳайронем, ки халқи тоҷик бе ҳеҷ гуна далел ба ҳуқуқи классик доштан дар назди ду-се нафар одамон барои чӣ маҳрум шуда мондааст?» [27, с.31].

Ин таъкиди М. Турсунзода аз муборизаҳои ӯ ба рағми иддаоҳои баъзе мубаллиғони мафкуравӣ равшан шаҳодат медиҳад. М. Турсунзода далелҳои худро оид ба хуҷандиасл будани Шайх Камол дар асоси ашъори худи шоир идома дода, менависад: «Худи Камол ҳам дар вақти аз Хуҷанд ҳичрат карданаш бедарак нагуфтааст, ки:

Баъди сад қарн биҷӯянд, наёбанд Камол.
Булбуле чун ту хушилҳон ба чаманҳои Хуҷанд» [27, с.31].

Чунонки дар боло таъкид намудем, ҳамаи сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ аз Хуҷанд ба Самарқанд ва аз Самарқанд ба Табрез ва ҳудуди 10 сол дар Сарой дар асорат будани Камол ва баъдан боз ба Табрез баргаштану то охири умр дар он ҷо зистани шоир иттифоқи назар доранд.

Нуктаи дигаре, ки ба муносибат ва мушоираҳои хаттии Шайх Камол бо Ҳофизи Шерозӣ иртибот мегирад ва дар муқаддимаи маҷмӯаи фавқуззикр наомадааст ва М. Турсунзода онро қайд менамояд, мебошад. М. Турсунзода сифатҳои нодурусте, ки А.Н. Болдирев ба Камоли Хуҷандӣ нисбат додааст, интиқод карда, муносибати Камолро бо Ҳофиз ба мураттиби маҷмӯа маълум менамояд. «Шумо, – менависад М. Турсунзода, – дар муқаддима Камоли Хуҷандиро ҳамзамони Ҳофиз мешумореду ба ӯ як сифати нодурустеро ҳам, ки ба мавзӯъ дахл надорад, медиҳед. Аммо муносибати Камолро бо Ҳофиз мушоираҳоеро, ки дар байни ду устод ба воситаи мактуб шудааст, ҳеҷ қайд намекунед...» [27, с.31]. Воқеан, ҳунари шоирии Шайх Камолро ҳамасри ӯ – Ҳофизи Шерозӣ сутудааст. Ба шаҳодати тазкиранависон шоири бузурги муосири ӯ – Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ санъати ғазалсароии ӯро сутуда, «машраби ин бузургвор олист» гуфтааст [7, с.366]. Ин нуктаи нозук ва маълумоти шарҳиҳолӣ аз назари М. Турсунзода, ки аз айёми ҷавонӣ зеҳни худро асири шеърҳои ӯ гардонида ва донандаи хуби ашъори Хоҷа Ҳофиз ҳам буд, дур намондааст. С. Табаров дар тавзеҳи мухтасари худ ба номаи М. Турсунзода иттилоъ медиҳад, ки А.Н. Болдирев аз он «сифати нодурусте», ки ба Камоли Хуҷандӣ додааст, дар нусхаи таҳриршудаи маҷмӯа даст кашидааст [27, с.31]. Аммо дунболаи ин андешаро А.Н. Болдирев ба охир намерасонад. Чунонки дар боло гуфтем, устод Айнӣ дар охирҳои соли 40-ум дар ду номаи муфассал – яке ба унвони фарзандаш К. Айнӣ ва дигаре ба М. Турсунзода ба ин масъала изҳори ақида намудааст. Аз ҷумла устод Айнӣ дар мактуби худ ба фарзандаш К. Айнӣ, аз таърихи 9 марти соли 1949, менависад: «Як вақт (соли 1940 – А.М., Л.Ш.) рафиқ Болдируф Камоли Хуҷандиро «шоири Олтин Ӯрда» гуфта навишта баромада буд. Таклифи ҳозирааш†††††† ҳам аз ҳамон таклиф кам фарқ мекунад» [8, с.195]. Баъдан масъалаи дар ҷавонӣ аз Моваруннаҳр рафтани Камолро ба миён гузошта, бо далелҳои таърихӣ иддаои навбатии А.Н. Болдиревро рад мекунад ва бо хашмгинӣ мегӯяд: «Акнун куҷои ин одамро ба Озарбойҷон ё Эрон ва ё ин ки ба Олтин Ӯрда мебандем?!» [8, с.195]. Ҳамин тавр, М. Турсунзода низ бо вуҷуди дар замони ба истилоҳ ҳукумати сталинӣ ба иштибоҳ ва танқидҳои сиёсии аҳли адаб роҳ додан ва дар оянда як навъ бо таҳаввули тафаккури худ ба мероси адабии гузашта ва воқеияти замон пайрав ва идомадиҳандаи ормонҳои миллии тоҷикон ва муборизаҳои устодаш – Садриддин Айнӣ боқӣ мемонад, ки ин тарафи масъала дар адабиётшиносии мо таҳлили ҷиддӣ мехоҳад.

Дар номаҳо ҳам С. Айнӣ ва ҳам М. Турсунзода ҳарчи бештар ва ошкору ниҳон нуқсу заъфи фикрӣ, омилҳои фаръӣ ва номуваҷҷаҳию баҳсангезии шарқшиносонро қайд намуда, бо далелҳои таърихӣ ва илмӣ нодурустии онҳоро ошкор намудаанд. Чунонки аз дунболаи андешаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода мушоҳида шуд, онҳо ба фармудаҳои сиёсатмадорони давр ошкор ва ё пардапӯшона мегараванд, вале ҳамоно рисолати худро бо далелҳои илмию таърихӣ анҷом медиҳанд. Ин шеваи устодон С. Айнӣ ва М. Турсунзода, ки дар замони фармонфармоии шӯравӣ рӯйи кор омадаанд, усулан аз дидгоҳи завқу салиқа, меъёру талаботи сухансанҷии шӯравӣ лоиқи нақду таҳлиланд. Мо низ кӯшидем, то бузургии ин ду устоди суханро барои омӯзиши мероси адабӣ ва таъйини ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик ба осори классикон равшан намоем. Аз ин шева равшан мегардад, ки С. Айнӣ дар мушкилтарин вазъият ҳам дар масъалаи омӯзиши мероси адабӣ ва таъйин кардани ҳуқуқи халқи тоҷик ба классикону дигар намояндагони таърихи адабиёт дар мавқеи усулии илмӣ суботкорона устувор монда, ҳамеша аз манфиатҳои адабиёту фарҳанги миллии тоҷикон таърихан ва илман дифоъ намуда, адибону муҳаққиқон ва донишмандони дигар, аз ҷумла М. Турсунзодаро низ дар ҳамин рӯҳия тарбия ва ҳидоят кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аз мактубҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунандагон: Салоҳат Айнӣ ва Камол Айнӣ) // Шарқи сурх. – 1957. – № 4. – С.12-18.
2. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С.Айнӣ. – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
3. Аъзамзод, С. Нақди афкори Мирзо Турсунзода ва ду марҳалаи муносибат ба мероси адабӣ / С. Аъзамзод // Адабиёт ва маърифати нақд (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Хуҷанд: Анис, 2012. – С.85-102.
4. Бобоев, Ю. Мирзо Турсунзода – ҳаёт ва эҷодиёти ӯ / Ю.Бобоев. – Сталинобод: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1961. – 308 с.
5. Бобоев, Ю. Сипаҳсолори назм / Ю.Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 288 с.
6. Бобоев, Ю. Певец солнечных вершин / Ю.Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 328 с.
7. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкирату -ш- шуаро (Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммади Аббосӣ) / Самарқандӣ, Давлатшоҳ. – Теҳрон, 1337 ҳ. – 649 с.
8. Камолиддин Садриддинзода Айнӣ. Саҳми тоҷикон дар адаби форсӣ ва истилоҳи «форс-тоҷик» / Айнӣ, Камолиддин Садриддинзода // Бист гуфтор аз маънавият (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Адиб, 2004. – С.188-196.

†††††† Аз ин маълумоти С. Айнӣ бармеояд, ки мавзӯи «мубодилаи Камолро бо Лоҳутӣ» А. Н. Болдирев ба миён гузоштааст, ки аз ҷониби С. Айнӣ сахт танқид шудааст – А.М., Л.Ш.

9. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ (Тазкираи С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик») / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 212 с.
10. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ (Нашри дувум бо такмил ва иловаҳо) (Ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи тавзеҳот: Хуршеда Отахонова; бо сарсухани Муҳаммад Осимӣ). – Душанбе: Деваштич, 2003. – 140 с.
11. Мубодилаи Камол бо Лоҳутӣ (Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи шарҳи мухтасар: Абдурраҳмони Абдуманнон) // Садои Шарқ. – 1996. – №9-12. – С.87-90.
12. Набавӣ, А. Суханронии устод Садриддин Айнӣ дар Анҷумани якуми нависандагони шӯравӣ / А.Набавӣ // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 4 июн. – №23 (1786). – С.4.
13. Намунаҳои адабиёти тоҷик (Тартибдиҳандагон: Х. Мирзозода, Ҷ. Суҳайлӣ, Ҷ. Икромӣ, Лутфуллоева К., Бузургзода) (Дар зери таҳрири умумии С. Айнӣ, С. Улуғзода, А.П. Деҳотӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, И. Брагинский) (Консултант – А. Лоҳутӣ). – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1940. –30 с. + 604 с.
14. Рачабӣ, М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ / М.Рачабӣ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 208 с.
15. Сайфуллоев, А. Мирзо Турсунзода: Очерки ҳаёт ва эҷодиёти шоир / А.Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 464 с.
16. Салимов, Н. Мирзо Турсунзода ва масъалаи таҷдиди назар ба адабиёти шӯравии тоҷик / Н.Салимов // Шоири ватан (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – С.21-26.
17. Салимов, Н. Суханвари мумтоз / Н.Салимов // Маҷмӯаи мақолаҳо ба ифтихори 100-солагии М. Турсунзода. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2011. – С.15-21.
18. Турсунзода, М. Устоди муҳтарам Айнӣ (Мактуби М. Турсунзода ба С. Айнӣ аз таърихи 5 марти соли 1936) / М.Турсунзода // Бойгонии Осорхонаи адабии Садриддини Айнӣ, фонди 326, воҳиди маҳфузи 491/1.
19. Турсунзода, М. Устоди муҳтарам Айнӣ (Мактуби М. Турсунзода ба С. Айнӣ. Санаи таълифи нома зикр нашудааст).
20. Турсунзода, М. Устод Айнӣ! (Мактуби М. Турсунзода ба С. Айнӣ аз таърихи 19 феврали соли 1941).
21. Турсунзода, М. Ба муқобили космополитизм ва панэронизм / М.Турсунзода // Тоҷикистони сурх. – 1949. – 4 март.
22. Турсунзода, М. Барои ватандӯстии советӣ бар зидди панэронизм! / М.Турсунзода // Шарқи сурх. – 1949. – № 3. – С. 1-4.
23. Турсунзода, М. Устоди муҳтарам Айнӣ! (Мактуби М. Турсунзода ба С. Айнӣ аз таърихи 11 августи соли 1943) / М.Турсунзода // Бойгонии Осорхонаи адабии Садриддини Айнӣ, фонди 491, воҳиди маҳфузи 7.
24. Турсунзода, М. Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷилди 3. Осори адабӣ-танқидӣ (Мураттиб ва муаллифи эзоҳот Ю. Бобоев) / М.Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 432 с.
25. Ҳофиз Ҳусайни Карбалоии Табрезӣ. Равзату -л- ҷинон ва ҷанноту -л- ҷанон (Бо тасҳеҳ ва таълиқи Ҷаъфар Султон Алқуроӣ). Ҷузъи 1 / Табрезӣ, Ҳофиз Ҳусайни Карбалоӣ. – Теҳрон, 1344 ҳ. – 561 с.
26. Шарифов, Х. Суруди ватан / Х.Шарифов // Услуб ва камолоти сухан (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 105-113.
27. Як мактуби номатбӯи Турсунзода (Ба чоп ҳозиркунанда: Соҳиб Табаров) // Илм ва ҳаёт. – 1990. – № 8. – С. 8, 31.
28. Ятимов, С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт / С.Ятимов. –Душанбе: ҶДММ «Ганҷ нашриёт», 2019. – 248 с.

МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ МЕРОСИ АДАБӢ ВА ТАЪЙИН КАРДАНИ ҲУҚУҚИ ХАЛҚИ ТОҶИК БА МЕРОСИ КЛАССИКОН

(дар асоси мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик)

Мақолаи мазкур дар заминаи мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик ва баҳси ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси гузашта бахшида шуда, гуфтугӯҳои хаттии С. Айнӣ ва М. Турсунзодаро ҳамчун сарчашмаи муҳим ва далелҳои нав баррасӣ мекунад. Дар мақола муносибати субъективии як зумра шарқшиносон ва омилҳои фаръии тақсими мероси классикони адабиёти тоҷик, ки аз ҷониби онҳо пешниҳод мегардид ва мубоҳисаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода алорағми он кунишҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин нигошта таъкид мегардад, ки муҳимтарин масъалаи баҳси мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик, муносибати устод Айнӣ ба падидаҳои сиёсию фарҳангии адабиёти замони шӯравӣ ва дурбину мулоҳизакор, ҳақиқатнигор ва дар мавқеи илмӣ устувор будани ӯ дар нисбати мафкураи шӯравӣ аст. Хусусан, дар номаҳо ҳам С. Айнӣ ва ҳам М. Турсунзода ҳарчи бештар ва ошкору ниҳон нуқсу заъфи фикрӣ, омилҳои фаръӣ ва номуваҷҷаҳию баҳсангезии ақидаҳои беасоси як зумра шарқшиносонро муайян намуда, бо далелҳои таърихӣ ва илмӣ нодурустии андешаҳои онҳоро ошкор намудаанд. Чунонки аз мулоҳизаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода мушоҳида мегардад, онҳо вобаста ба вазъияти замон ба фармудаҳои сиёсатмадорони давр ошкор ва ё пардапӯшона мегараванд, вале ҳамоно рисолати худро бо далелҳои илмию таърихӣ анҷом медиҳанд.

Калидвожаҳо: мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик, тақсими мероси адабӣ, ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик ба мероси адабӣ, фармудаҳои сиёсатмадорон, баҳсҳои номуваҷҷаҳи шарқшиносон, заъфи фикрӣ, омилҳои фаръӣ, дурбину нозукрафтору чорагар, ормонҳои миллии тоҷикон, арзиши илмӣ ва амалии мукотиботи С. Айнӣ, аҳаммияти маърифатии мероси адабӣ ва фарҳангӣ.

ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ ЛИТЕРАТУРНОГО НАСЛЕДИЯ И ПРАВА ТАДЖИКСКОГО НАРОДА НА НАСЛЕДИЕ КЛАССИКОВ

(по материалам переписки С. Айни с таджикскими литераторами)

Данная статья посвящена вопросу о праве таджикского народа на богатое литературное наследие классиков персидско-таджикской литературы, отраженному в письмах устода Айни к Мирзо Турсунзаде. Эта переписка служит основанием для выявления новых фактов и комментариев касательно уяснения данного вопроса, а также показывает позицию устода Айни, яростного защитника национальной культуры таджиков. Основоположник современной таджикской литературы выступал против мнений некоторых советских востоковедов, которые разделяли таджикскую литературу от представителей классической литературы, живших в прошлом на нынешних территориях Ирана и Афганистана. Выводы и мысли Айни были научно обоснованы, он считал, что несмотря на ряд объективных причин и идеологических барьеров советского строя, нельзя лишить таджикский народ его права

на огромное наследие своих видных предков. В письмах Айни к Турсунзаде и в ответах Мирзо Турсунзаде своему наставнику открыто и достоверно подвергаются критике антинаучные и поверхностные суждения некоторых востоковедов, взявших за основу советскую идеологию.

Ключевые слова: переписка Айни с таджикскими литераторами, литературное наследие, политика, идеология, востоковеды, объективные факторы, нациальные идеалы, научная значимость писем Айни, познавательное значение лаитературно-культурного наследия.

ON THE ISSUE OF STUDYING LITERARY HERITAGE AND TAJIK NATION'S RIGHT TO INHERIT CLASSICAL LITERATURE
(based on the correspondence of S. Ayni with Tajik literary scholars)

This article discusses the issue of the Tajik people's right to inherit the rich classical Persian-Tajik literature, which is reflected in the letters of Sadriddin Ayni to Mirzo Tursunzoda. This correspondence reveals new facts and commentaries on clarifying current issue, and also shows the position of ustad Ayni - a fierce defender of the Tajik national culture. The founder of modern Tajik literature was not agree with the opinion of some Soviet orientalists, who separated Tajik literature from representatives of classical literature, who lived on the present territories of Iran and Afghanistan. Ayni's conclusions and thoughts were scientifically substantiated, he believed that despite a number of objective reasons and ideological barriers of the Soviet system, the Tajik people cannot be deprived of their right to a huge heritage of their prominent ancestors. In Sadriddin Ayni's letters to Tursunzoda and Mirzo Tursunzoda's answers to his mentor, the unscientific and superficial judgments of some orientalists, who took Soviet ideology as a basis in their researches are openly and reliably criticized.

Key words: Ayni's correspondence with Tajik literary scholars, literary heritage, politics, ideology, orientalists, objective factors, national ideals, the scientific significance of Ayni's letters, the cognitive significance of the literary and cultural heritage.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Маҳмадаминов Абдулҳай Саидович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17
Шарифзода Лутфулло Абдулло – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail:**sharifzodal@mail.ru.** Тел.: **+(992) 985-86-86-46**

Сведения об авторах: ***Махмадаминов Абдулхай Саидович*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Шарифзода Лутфулло Абдулло – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail:**sharifzodal@mail.ru.** Тел.: **+(992) 985-86-86-46**

Information about the authors: ***Mahmadaminov Abdulhai Saidovich*** – Tajik national University, doctor of Philology, Professor of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
Sharifzoda Lutfullo Abdullo - Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-86-86**

УДК: 14+82(575.2)

ИШҚИ ИРФОНӢ ДАР ҒАЗАЛИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Қодиров К.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ худованд ба ҳукми зоти худаш ишқ меварзад. Инсон ба хотири саъодати абадӣ дар ҷустуҷӯи худованд аст. Нақот, ки аз ҷониби худованд аст, аз ин рӯ, инсон худмеҳвар аст ва роҳи ишқ мечӯяд:

Ишқам ба ту иштибоҳ бошад,
Селоби рухам гувоҳ бошад.
Мурдему ба дил раҳе набурдем,
Ин роҳ чӣ гуна роҳ бошад …
Он дил, ки ба ишқ мубтало нест,
Зулматкадаи табоҳ бошад.
Ҷое ба ту арзи ҳол гӯям:
Он арсаи ҳашргоҳ бошад.
Дар кӯйи ту интизор мурдем,
Оё зи ту як нигоҳ бошад?
Ҳоҷӣ ба ҳама табоҳкорӣ,
Бо лутфи ту узрхоҳ бошад [7, с.312].

Ишқ худангехтае аст, ки чизи дигар онро барнаангехта аст. Ҳеҷ далеле барои ишқи худованд ҷуз зоти ӯ вуҷуд надорад. Ишқи инсон ба худованд бозтобе аст, ки ба инсон арзиш ва толеъ меоварад. Ишқ боби дӯстиро бо худованд мекушояд ва феъли худованд

сабаб мешавад, ки инсон ба ӯ ишқ биоварад. Ишқ худмеҳварест, ки сабаби имон овардани инсон ба худованд мегардад. Ишқ ба худованд ҷовидона аст, зеро мутлақ вуҷуд дорад.

Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дарунмояи ишқ ба зоти худованд яксон аст. Дарунмояи ишқ ҳаракати инсон ба сӯйи худованд аст – ишқ тариқи худованд ба сӯйи инсон аст. Ишқи инсон ба Худованд нақоти инсон – файзи худованд аст. Ишқ худмеҳвар аст, навъи шарифтарин ва равшантарин иброзу вуҷуди инсон аст, ишқ бодияи илоҳӣ ва ҷовидона аст:

Аз оташи шавқат ҷигари хаста кабоб аст,
Кошонаи чашмам чу қадаҳ дар таҳи об аст.
Аз муждаи дидори ту мижгони сафедам,
Равшантар аз ойинаи хур зери саҳоб аст.
То моҳи ту карда ба замин нурфишонӣ,
Дар пардаи гардун рухи хур бастаниқоб аст…
Хуш дор дар ин бодия, к-аз роҳ нагардӣ,
Ғӯлон ба фиребанду намудор сароб аст.
Дар баҳр кадом кушта фиканданд, ки имрӯз,
Чун ҷавҳари шамшер зиреҳ дар тани об аст.
Аз қомати хамгашта дигар ҳеҷ мапурсед,
Наъле ба раҳ аз қофилаи тезшитоб аст [7, с.283].

Ишқ азиз ва маҳбубе аст, ки Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо сабаби шоиста муштоқи он аст. Ишқ ба Худованд, дар ғазали шоир манзалаи шарти имон аст ва аз ин рӯ, имон чун ишқ тавсиа мешавад. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ сурати ишқ чун «воҳид» арзёбӣ мегардад, ки ишқи ҳамаи ашё аст. Агарчи ҳар ашё ишқе дорад, дар силсилаи маротиби кайҳонӣ дар мартабаи фаротар аст. Ишқ сабабе аст, ки инсон дар меъёри маънӣ аз пайвастагӣ ба ақл дастёб мегардад. Ишқ иштиёқи шадид ба як шудан ба Худо аст. Аз ин ҷо, дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ иттиҳод бо гароиши маънавӣ ва ҳолати равонӣ мушаххас мегардад. Ҳамаи анвоҳи ишқ сабаб мегардад, ки инсон дар ҳавзаҳои мухталиф муваффақият пайдо мекунад. Лутф аз ҷониби худованд ба инсон намуди маишати илоҳӣ аст. Аз ин ҷо, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чун ошиқ муштоқи маъшуқи худ аст, яъне муштоқи дидори маҳбуб аст:

Шуд чаман бишкуфта, эй шухи чаманоро, биё,
Меравад вақти тамошо, ҷилва сар то по, биё [7, с.282].

Аммо, баёни водии ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ комилан баёну рамз ва нигориши ирфонӣ аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ маконро каъба интихоб намудааст, яъне муқаддастарин нуқтаи рӯйи замин, ки хонаи тавҳид аст. Чуноне ки дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ даъват гардидааст, ӯ барои дидори маъшуқ, маъшуқе, ки ҳайрати дарки камол дорад ва байтулвисол аст, ба Каъба меравад:

Эй ақлҳо зи ҳайрати дарки камоли ту,
Бишкаста бол дар раҳи фикру хаёли ту.
Бас танг ҷост вусъати майдони коинот,
Дар пешгоҳи соҳати қудси ҷамоли ту…
Андар шитоб рӯзу шаб аз ҳар чи мераванд,
Нуҳ тавсанон зи даҳшати савти ҷамоли ту.
Бар моҳу хур, ки доимо ин нур медиҳанд,
Як партаве битофт зи шамъи ҷамоли ту…
Эй мунъиме, ки нотиқа з-эҳсон неъматат,
Лакнатзабон зи ҳайрату вомонда лоли ту.
Ҳоҷӣ ба тавфи Каъбаву Мино, ки меравад,
Он даргоҳест ин гадо созад суоли ту [7, с.329].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ роҳрӯйи водии ишқ аст, дар ҳар замоне ва дар ҳар маконе ғазали ҳакимона ва арзандаи худро ба сифати ахлоқи инсон бахшидааст. Инсон ҳар ҷое, ки ҳаст, агар одоб надошта бошад, ба манзили мақсуд намерасад. Инсон бояд нафси дарунии худро пок кунад, зеро риёзати нафс ва асари ӯ ба ишқ инсонро муяссар намесозад:

Эй ғофил аз фароғати болои бӯрё,
Махмал фурӯшу гир зи дебои бӯрё.
Пастӣ гузин, ки риштаи гарданкашӣ кашид,
Болои най ба домани саҳрои дунё.
Хоҳӣ, ки файзи машраби афтодагон кунӣ,
Чанде нишин ба гӯшаи танҳои бурё.
Панде шунав, ки лаззати дунё шикастан аст,
Бе кому лаб зи тӯтии гӯёи бурё…
Эй беадаб, ба гӯшаи афтодагон марав,
Ханҷар гирифтааст ҳама ҷои бӯрё.

Ҳоҷӣ, касе ҷавоҳири фазлат намехарад,
Ҳамчун сафолу пораи каҳнои бӯрё [7, с.329].

Лафзу маънии Қуръон ва ҳадис дар шаклҳои гуногун дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ тасвири неруманд ва дарозоҳангӣ дорад. Дар ғазали шоир ишора, иқтибос, таҳлили оёт, қисса ва тамсилҳои гуногун омадааст. Ғазали ӯ дар иборатпардозӣ дар меъёр аз ин ду сарчашма баҳраманд шудааст. Ба қавли Ҳофизи Шерозӣ – «ҳар чи кардам ҳама аз давлати Қуръон кардам» [1, с.12], барои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҳам ибрат аст. Ба ҳамин далел, ғазалаш ба вожаи оятӣ, мазмуне аз оёти карим ва аҳодиси маъсумин зиннат гирифтааст. Қироати Қуръон ва ҳифзи он аз нахустин воҷиботи ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аст. Ҳар ғазал аз дин, шарҳ ва луғат иншо гирифта то тазҳиби ахлоқӣ муроҷиат ёфтааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар оёти Қуръон тамсил ҷустааст ва одобу таълими онро дар ахлоқи инсон ошкор кардааст. Завқи Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар ҳифзи Қуръон, қироат ва тафҳими он чунон амиқ аст, ки ҳар калимаи ғазали ӯ ҳама оёт ва маънии он тавзеҳ ёфтааст. Ҳар калима бо рамз ба кор бурда мешавад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар ғазал Қуръонро дар маънӣ сурудааст:

Аз он рӯзе ба тавфи Каъбаат эҳтиром бастааст,
Ба лаббайки қабуле раҳнаварди кӯҳу пастастам.
Чунин мазмун ба лавҳи машҳадам хатти ғуборе кун,
Шаҳиди бегуноҳ астам, қатили бекасастастам.
Агар ибрат бувад ҳар зарраи хоке дар ин водӣ,
Ҳамон ойинаи Искандару ҷоми ҷамастастам.
Хиҷолатмашрабам з-ин туҳмати ҳастӣ, намедонам,
Чи шахсастам, чи кардастам, чи рафтастам, чи ҳастастам.
Чаро иғвои ғӯлони замин аз раҳ барорандам?
Ки роҳи ростӣ дар хотир аз аҳди аластастам.
Чу санги эътиборам нест дар мизони худбинӣ,
Басастам, гарчи пастастам, қадимӣ ҳақпарастастам.
Ғуборам лоиқи таҳқир набвад, Ҳоҷӣ, медонӣ,
Тавофи Каъба гаштастам, зи дори Тайба ҳастастам [7, с.354-355].

Маънӣ ва мафҳумҳои Қуръон аз тариқи ҷиҳати мухталиф дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ таъсири пинҳон ва ошкор гузоштааст. Маънои волои Қуръон ба шакли мустақим ё ғайри мустақим дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ анвои нурзод дорад. Ҳадис низ, ки «қавлу феъл ва тақрир» аст, ҳамин аҳкомро дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дорад ва лафзу маънои он, бо суратҳои гуногун таъсири неруманд дорад.

Дар сураи Бақараи Қуръон омадааст «… алиф, лом, мим», ки лафзу маънои ин китоби карим аст, ки Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ишқи худро ба онҳо иброз кардааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҳаққи худро ба Худованд исбот мекунад, талаби шармомези худро бо киноява ишора, бо истифода аз оёту ҳадис баён мекунад:

Бе рӯйи ту ҳар куҷо нишастем,
Бо тирагӣ чун Суҳо нишастем.
Гуфтӣ, ки чу маҳ барояд, оям,
Маҳ омаду рафту мо нишастем.
Саҳл аст ба мо, ту аҳл гардӣ,
Ойӣ бари марҳабо, нишастем.
Зоҳид бинишаст рӯ ба қибла,
Мо бар ҷиҳати шумо нишастем…
Ҳар ҷо, ки хироми ҷилваи ӯст,
Чун соя ба нақши но нишастем …[7, с.359-360].

Қуръон ва тафаҳҳумҳои он дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чунон амиқ суруда шудааст, ки ҳама маънии он таваҷҷуҳ ёфтааст. Калимаҳо бо рамз истифода гардидааст, зеро ориф тамоми оёт ва муҳтавои онро дарёфтааст.

Ҳамин маънии Қуръон як тариқ нест ва дар маъние вуҷуд дорад, ки саҳеҳ ва равшан аст ва қисми дигар думаънӣ ва якчандмаънӣ аст [1, с.16]. Ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ шаҳодати он аст, ки зоҳири латифи он мутобиқи маънӣ нест. Шоир донандаи ришгтаи илме аст, ки дар истилоҳ онро «мабодӣ» мегӯянд. Муҳимтарин паҳлуи ин илм донистани сарфу наҳв ё дастури забони арабӣ аст. Усули калом, илми ҷадал, ҳадис, қисас, анбиё ва чанд илми дигар хусусияти адабӣ, наҳву тасвири ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро ошиқонаву ирфонӣ намудааст:

Парирӯе, ки дил бастам ба гесӯи гиреҳгираш,
Гудозад ҷавҳари ойина аз тимсоли тасвираш.
Тавон ҷон бурдан аз он шаҳкамони шӯхи шангуле,
Ки баста ришгтаи рагҳои ҷон андар пари тираш.
Санавбар ҳамчу бод аз қоматаш таслим месозад,
Ба гардан обро бошад зи акси зулфи занҷираш.

Агарчи сурма дар вазъи сиёҳӣ шуҳрате дорад,
Ба мижгони қатори ӯ тавон фармуд таҳқираш…
Дарозӣ мекунад аз субҳи маҳшар эътибори ӯ,
Бузургӣ мекунад бар мулки ҷаннат қадри тавҳираш [7, с.262].

Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ шеваҳои тасвири Қуръон, тафсир бо нақл ё аҳодис ва тафсир бо ақл каломи арабӣ ва баёни он забонро донистани шоирро шаҳодат медиҳад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо ҳамин тартиб, дар ғазал ба хутбаҳои бузурги арабӣ ва нузули оёти Қуръонӣ таваҷҷуҳ мекунад, зеро назарияи азим дар боби ишқ Қуръон ва ҳадис аст: ҳадис андешаҳои мухталифро ба Қуръон меафзояд. Оёти қуръонӣ ва ҳадис, ки маънои ҳақиқии онҳо нишонгари ишқ ба худованд аст, аз тариқи имон иброз мешавад.

Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ анвоҳи истифодаи Қуръону ҳадис дар маъонӣ ва баён ташреҳ ёфтааст. Дар ғазали шоир маъонӣ ва баён барои баёни санъати адабӣ аз қабили истиора, маҷоз, ишора, талмеҳ, тамсил, иқтибос ва амсоли инҳо аз оёти қуръонӣ мисол овардан аст:

Ба мусҳафи рухсори ту хурдем қасамро,
Ҷуз мадди хаёлот накашам ҳеҷ рақамро.
Ҷон дар пайи савдои ту аз хеш чунон рафт,
Мушкил, ки қисмат барадаш хоби адамро… [7, с.259].

Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ зимни «сафар» нигошта шудааст: «сафар» ин ҳаракат аз ватан ба сӯйи мақсади хос, бо пушти сар гузоштани манзил аст. Яъне, барои рӯҳ маъонии ҳаракат аз ватан ба сӯйи мақсади хос ду мақсад: моддӣ ва маънавӣ аст:

То он бути танноз ба ман дар сухан омад,
Сад бор равон аз тану ҷон аз бадан омад.
Мо маҳви хаёли санами ҳурмисолем,
К-Озар зи рухаш бутшикану бутфикан омад.
Гуфтори ман лаззати шакаршиканӣ кард,
Мазмун бар он пистаи шакаршикан омад.
Аз ҷинси кудурат чи қадар буд ин ҷо,
Дар кулбаи ман боиси пинҳон шудан омад.
Эй маҳви тамошо, чи қадар ҳарзанигоҳӣ,
Як мижа тааммул, ки видои ватан омад… [7, с.314-315].

«Сафар» дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ низ чаҳоргона аст. Сафари аввал «аз халқ ба сӯйи Ҳақ» аст, ки дар ин ҳолат байни раҳраву ҳақиқати ӯ ҳиҷобу пардаҳо‡‡‡‡‡‡ вуҷуд доранд. Аслан ин ҳиҷобҳо се қисманд: ҳиҷобҳои зулмонӣ (нафсонӣ), ҳиҷобҳои нуронӣ ва ҳиҷобҳои нуронии ақлӣ:

… Назокатҳои ҳуснат аз савдои хат ҳувайдо шуд,
Физояд нури маҳ, ҳар гаҳ фитад дар шоми зулмонӣ.
Агар хоҳӣ, ки нури дидаи аҳли назар бошӣ,
Чу шамъ аз хештан бигзар, шавӣ то шахси нуронӣ [7, с.386].

Яъне, ҳар гоҳе, ки раҳрав (инсон) аз ин се мақом болотар меравад, ҳиҷобҳои сегона низ аз байн мераванд. Бо аз байн рафтани ҳиҷобҳо раҳрав (раҳрави ҷамоли ҷалил) ҳазрати Ҳақро назора карда аз зоти хеш фано меёбад:

Шаш ҷиҳат гар бингарӣ, қонуни ибрат дар навост,
Гӯш мебояд кунад фаҳме, ки ин ғулғул чарост.
Зери домони тағофул ҷумла сар печидаем,
В-арна хоби ин ҳама ибраткаши роҳи фаност.
Сурати мижгонкушоӣ рамзи баъс ангехта,
Ҷунбиши боди нафас бар нафҳаи машҳар гувост.
Пардаи сози зуҳури мо фаноовозааст,
Нестиро ҳуд далел аз рафтани савти садост [7, с.389].

Осору ҷустуҷӯи Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ буд, ки мероси ғаронбаҳои ирфонӣ дар ғазали ӯ ҷилва дорад, ки мақоми расидани раҳравро ба мақоми баланди инсоният ва ба комёб шудани инсон ба қудрати ҳазрати Ҳақ ва сайру сафари шаҳри ишқро дорад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ раҳрави ишқро ба сӯйи камол ҳидоят намудааст. Ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ранҷҳову дардҳоро, ки инсон (раҳрав) дар «сафари» душвори рӯҳонӣ устодона ва зебо баён намудааст, ки шарҳи матлаби он дар тасвир душвор аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ водии ишқро бо иродаи устувор шарҳ медиҳад ва онро душворбаён менамояд:

… Олами ҳастӣ барои хештан гум кардан аст,
Бар абас бошад таманнои халосӣ з-ин мағок.
Субҳ ҳамчу ман аз ин водӣ ба нокомӣ гузашт,

‡‡‡‡‡‡ Ҳар монеае, ки боиси қабули таҷаллии Ҳақ таъоло дар байни ошиқу маъшуқ аст, ҳиҷоб аст. Ҳар он чизе, ки касе ё чизеро аз назари раҳрав пинҳон мекунад, дар ирфон парда меноманд (ниг. Саидҷаъфар Саҷҷодӣ. Фарҳанги луғот ва истилоҳоту таъбироти ирфонӣ. – Теҳрон, 1370 ҳ.ш. – С. 167).

Як даме оҳе кашиду ҷайби ҳастӣ кард чок.
Суҳбати арбоби дунё нотавононро балост,
Синаи парвин зи меҳри чарх дорад иштибок …
Гавҳари дил дар тилисми обу гил гум гаштааст,
Дида гар равшан шавад, ойина аст аз занг пок.
Ҳар кас ин ҷо, Ҳоҷӣ, аз коре баландовоза аст,
Шуҳрати моро баландӣ доди хоҳи дарднок [7, с.343].

А Д А Б И Ё Т

1. Алӣ Асғар Ҳалабӣ. Таъсири Қуръон ва ҳадис дар адабиёти форсӣ / Ҳалабӣ, Алӣ Асғар. – Теҳрон, 1371 ҳ.ш. – 212 с.
2. Қодиров К., Муллоаҳмад М. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / К.Қодиров, М.Муллоаҳмад. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 256 с.
3. Қодиров К., Муллоаҳмад М. Ишқи илоҳӣ дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / К.Қодиров, М.Муллоаҳмад // Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ. – Душанбе, 2015. – 857 с.
4. Сайид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ / Саҷҷодӣ, Сайид Ҷаъфар. – Теҳрон, 1370 ҳ.ш. – 1001 с.
5. Саидмуҳаммад Ошно. Сухане дар боби ишқ / Ошно, Саидмуҳаммад // Кайҳони андеша. – Теҳрон, 1379. - №9. – С.47-49.
6. Саидаббос Ҳусайнӣ. Шарҳе бар сафари ишқ / Ҳусайнӣ, Саидаббос // Субҳи умед. – Теҳрон, 1381. - №41. – С.79-88.
7. Шамсиддин Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархони Ҷавҳарӣ. Ғазалистон. – Душанбе: Адиб, 2018. – 240 с.

ИШҚИ ИРФОНӢ ДАР ҒАЗАЛИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Ишқи ирфонӣ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҳамчун воситаи иртиботи инсон бо Худо таҷассум ёфтааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чун орифи роҳи тариқат, ба тавсифи ишқ пардохтааст ва ғазалро ба дараҷаи камол расонидааст. Ишқи ирфонӣ дар такомули ғазали ӯ нақши муҳим дорад. Ишқи ирфонии Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо шӯру шавқи худ василаи муҳимми таҷассуми андешаҳои ирфонӣ гаштааст. Дар ғазали ӯ байни ишқ ва Худо робитаи қавмии маънавӣ мушоҳида мешавад. Дар ин робита, дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мафҳум, истилоҳоту луғатҳо ба вуҷуд омадаанд. Рамзҳои мухталиф, ҳар кадом маънои ирфонӣ доранд ва бо маънии махсус истифода карда мешаванд.

Калидвожаҳо: Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ирфон, ишқ, ғазал, инсон, худованд, рамз, истилоҳот.

ИРФАНИЧЕСКАЯ ЛЮБОВЬ В ГАЗЕЛИ ХАДЖИ ХУСАЙНА КАНГУРТИ

Ирфаническая любовь в газели Хаджи Хусайна Кангурти выступает орбитой всякого ирфанического произведения. В газели Хаджи Хусайна Кангурти, «любовь», по существу, является тарикатом, и поэтому ирфаническая ориентация его газели имеет особое значение.Ирфаническая любовь Хаджи Хусайна Кангурти в этом процессе играет более важную роль, ибо ирфан в малой степени послужил развитию газели. В его газели между «любовью» и Богом образовалась духовная взаимосвязь. На этой почве в газели Хаджи Хусайна Кангурти присутствуют понятия, термины и лексика. Все аллегории имеют ирфаническое предназначение и выражают определенное значение. Целенаправленность таких аллегорий не вызывает никаких сомнений, ибо поэт при этом преследовал эффект восприятия их значения.

Ключевые слова: Хаджи Хусайна Кангурти, ирфан, любовь, газель, человек, Бог, термин, лексика.

IRFANICAL LOVE IN THE GAZELLE OF HADJI HUSAYN KANGURTI

Irfanical love in the gazelle of Hadji Husayn Kangurti is the orbit of any irfanical work. In the Hadji Husayn Kangurti gazelle, “love” is essentially a tariqat, and therefore the irfanical orientation of his gazelle is of particular importance. Hadji Husayn Kangurti’s irfanical love plays a more important role in this process, because irfan to a small extent served the development of the gazelle. In his gazelle between "love" and God formed a spiritual relationship. On this basis, concepts, terms and vocabulary appeared in the Hadji Husayn Kangurti gazelle. All allegories have an irfanical purpose and express a certain meaning. The purposefulness of such allegories is not in doubt, for the poet at the same time pursued the effect of perceiving their meaning.

Key words: Hadji Husayn Kangurti, Irfan, love, gazelle, man, God, term, vocabulary.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессори кафедраи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735041. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Сведения об авторе: ***Кодиров Каримжон*** – Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, доктор филологических наук, и.о. профессора кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735041, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Information about the author: ***Kodirov Karimjon*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Doctor of Philology, acting Professor of Tajik Literature. **Address:** 735041, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Ayni Str., 67. Tel.: **(+992) 985-47-66-69**

УДК: 891.550

НАФОСАТИ ХУШБАЁН ВА ТАСВИРИ АЗИЯТИ ТОҚАТФАРСОИ ИНСОН ДАР «МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ»-И ҲОҶӢ МУҲАММАД ҲАКИМХОН

Абдуллоев И.П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асари «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон ёдгории нодири таърихию адабӣ ба шумор рафта, саҳифаҳои норавшани таърихи нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX-и манотиқи Мовароуннаҳр ва умуман Осиёи Миёнаро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ба андешаи муаррихи шинохтаи тоҷик Аҳрор Мухторов дар «Мунтахаб-ут-таворих» тақрибан аз 30 асари таърихнигорону адибон ва эҷодиёти 20 адад шоироне, ки дар асрҳои X-XIX умр ба сар бурдаанд, истифода шудааст [12, с.21-49]. Тарзи дақиқи иқтибосоварӣ ҳанӯз дар қарни XIX ба расмият надаромада буд ва низоми антиплагиат ҳам фақат ба наздикӣ ҷорӣ гардид. Бо вуҷуди ин муаллиф дар поварақҳои бо дасти худ навиштааш аз «Таърихи Табарӣ», «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд истифода намуданашро нишон дода, воқеаҳои асри XVI- ро бошад аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (вараҳи 126) ва «Аҳсану-т-таворих»-и Ҳасанбек Расул (вараҳи 157) иқтибос меовард. Маълумотҳои марбут ба ҳодисаҳои асрҳои XVII-XVIII-ро аз «Таърихи Муқимхонӣ»-и Муҳаммадюсуфи Муншӣ истифода менамояд. Зинати назмии рисолаи таърихии ӯро бештар шеър ва маснавиҳои дӯсти наздик ва ҳамақидаи ӯ Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ороиш додааст. «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон асари таърихӣ бошад ҳам, муаллифи онро метавон адиби хушсухан, ҷуғрофиядон, донишманди осори бузурги адабию бадеӣ ва муҳаққиқи таълифотҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ ҳисобид. Ба қавли профессор Х.Шарифов анвои наср дар назари маъмулии адибони гузашта, соҳибони луғот ва сарчашмаҳои дигар дар баробари афсонаю достон, ҳикояю қисса, мақомаю масал, латифаю нома, инчунин таъриху сиярро [18] низ дар бар мегирад, ки метавон «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Мухаммад Ҳакимхонро ба таркиботи он ворид сохт. Дар «Мунтахаб-ут-таворих» намунаҳои насри мурсали мушкил ва умуман насри мусаҷҷаъро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ҳар саҳифаи китоби Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон ҳунари волои суханварию сухансириштии ӯро дида, бешубҳа аз донишманди закӣ ва соҳибзаковат будани ӯ огоҳ меёбем (Мисол: «он се шаҳзода гуле буданд, аз гулистони шаҳриёрӣ, ки ҳанӯз дуруст нашукуфта ба гирди орази он дурҷи салтанат хатти сабзаш нодамида» ё «он шаб шабе буд, ки аз шаби ҳиҷрони ошиқон дарозтару аз зулфи маҳвашон сиёҳтар» ва ғ.

Дар «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон даҳҳо масъалаҳое муҳокима мегарданд, ки ҳар кадоме аз онҳо мавзӯи алоҳидаи таҳқиқотӣ буда метавонанд. Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон бештар чаҳор масъаларо ҳар замон ёдрас мешавад: қимати ҷони инсон, бераҳмии зимомдорон, ташрифоти шахсии ӯ ба мавзеъҳои таърихӣ ва мавзӯи хиёнату бешарафии ҳокимон дар муносибат ба наздикон, хешу ақрабо ва хизматчиёни дарбор. Мавзӯи муҳаббати заминии инсон, ишқ ва вафодорӣ низ дар ҳар қиссаи таърихии ӯ ҷилваи хос дорад. Дар ин қиссаҳои таърихӣ инсон бо ҷумла мушкилиҳои рӯзгору зиндагиаш тасвир шуда, шарофатмандӣ, ҷавонмардӣ ва фурӯтанию хоксории ӯ ҳамчун ҷавҳари инсонияти ӯ ба саҳнаи баҳогузории хонанда гузошта мешавад. Ҳатто дар аъмоли бузургони дин, ҳакимон, суфию шаюх, амирону ҳокимони мулк ва сарлашкарон рафторҳои нописандро маҳкум намуда, оқибати ноҷои кори нолоиқи онҳоро таъкид мекунад. Барои Ҳакимхон шарафу дахлнопазирии инсон мавзӯи дарднок аст, зеро хонадони худи ӯ бар ивази хидматҳои содиқонааш ба хонҳои Қуқанд мубталои муҳоҷирати маҷбурӣ, озору азоби ғарибӣ қарор гирифтааст.

Асари мазкур таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиёдеро ҷалб кардааст ва ҳар муҳаққиқ аз мавқеи методологии хеш, аз лиҳози ҷаҳонбинӣ ва ё идеологияи ҳукмрони замонааш ин асарро таҳлил мекунад. Дар пайравӣ аз таърихнигории марксистӣ муҳаққиқ В.А. Ромодин зикр мекунад, ки Муҳаммад Ҳакимхон дар асари худ «Мунтахаб-ут-таворих» «аз доираи маъмулии таърихнависони дарборӣ, ки таърихро аксаран ва ё мутлақан ҳамчун фаъолияти шоҳон, лашкаркашон ва мансабдорони онҳо тасаввур мекарданд, берун набаромадааст» [14, с.559-560]. Мо таъкид мекунем, ки ҳарчанд дар асар раванди таърихӣ ва муқаррароҳои ҳуқуқию ахлоқӣ ба фаъолиятҳои рӯзмарра ва раъйи тасодуфии ҳокимон сахт алоқаманд гардонида шуда бошад ҳам, Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи қиёми тӯдаҳо, эътирози оммаи мардум, ки ба хотири ҳифзи диёр, покизагии дину оин ба шӯр меоянд, ҳикоят мекунад. Ин «балвоҳои ом» то ҳадде авҷ мегирифт, ки анбуҳи одамон хиргоҳи ҳокимон ва қалъаҳои онҳоро шикаста, ба ғорат бурда, низомҳои ноустувори сиёсию ҳарбиро ба шикаст мебурданд [11, с.42-43]. Аммо ин ҳаракатҳои халқӣ характери стихиявӣ дошта, сирф ба хотири иваз намудани ҳоким ё рондани амирони ғайрӣ нигаронида шуда буданд. Дар Мовароуннаҳри асри XIX ҳаракатҳои халқӣ ҳанӯз муташаккилона набуданд ва дар бораи шуури сиёсию синфии табақаҳои поёнӣ сухан

гуфтан ҷоиз нест. Асари мазкур таваҷҷуҳи таърихшиносон ва муҳаққиқони илму адаби русро ҷалб намудааст ва шарқшиноси шинохтаи россиягӣ О.О. Семенов ҳанӯз дар аввали асри XX ҷолибияти ин асарро эҳсос намуда, онро аз бозори Хуҷанд харидааст. Муҳаққиқи дигар П.П. Иванов гуногун будани матнҳои китоби «Мунтахаб-ут-таворих»-ро дар нусхаҳои тоҷикию ӯзбекӣ огоҳӣ дода, ғалат будани баъзе маълумотҳоро дар бораи ҳодисаҳои асри XIX таъкид намудааст [6, с.46-47]. Ба ин асар саёҳатчии машҳури рус Н.Д. Миклухо-Маклай ва муҳаққиқи аврупоӣ Ч.А. Стори низ диққат дода, онро намунаи хуби асари таҳқиқотӣ доир ба таърихи халқҳои Осиёи Миёна меҳисобанд [9, с.327]. Г.О. Кастигов доир ба шаш нусхаи дар Иттиҳоди Шӯравӣ маълум будаи ин асар, ки ҳамчун маъхазҳои нодири таърихии Осиёи Миёна [8, с.77-79] маҳсуб мешаванд, андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Ба ин асар ҳатто шарқшиноси маъруф В.В. Бартолд шинос будааст ва ӯ дастнависеро пайдо кардааст, ки ба набераи Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон тааллуқ доштааст Дар асари «Работы по отдельным проблемам истории Средней Азии» доир ба асари Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон дар саҳифаи 401 маълумот медиҳад [3, с.401]. Дар асари дигари худ «Очеркҳои доир ба таърихи Осиёи Миёна» П.П. Иванов маълумотҳои таърихиро аз китоби «Мунтахаб-ут-таворих» гирифта менависад, ки шаҳри Ҳуқанд миёнаҳои асри XIX 12 мадраса ва 8 ҳазор ҳавлӣ дошта, аз хазинаи давлат 40 ҳазор кас маош мегирифтааст [7, с.185]. Муҳаққиқи таърихи Қирғизистон В.М. Плоских низ аз осори Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон истифода бурдааст [13, с.140-143]. Танҳо як матлабро набояд фаромӯш сохт, ки асари Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон, пеш аз ҳама, ба хонандагони замони худ, хусусан ба амирону хонҳо, рӯҳониёну аҳли дарбор, зиёиёни вақт ва аҳли босаводи минтақаи Мовароуннаҳр нигаронида шудааст. Ӯ аз ҳузури хештан ҳар вақт огаҳӣ дода, барои ба ғазабу қаҳр наовардани амирон хештанро фақиру бечора, дармондаю ноилоҷ дар муқобили низоми давлатдории хонҳои хунрезу ҷоҳил тасвир месозад. Аз тобеияти мазҳабии худ зимни нақлҳояш дар бораи ҳичрати Маккаю Мадина ва ҷойҳои дигари муқаддас гувоҳӣ дода, аҳли ҳанафия буданашро таъкид мекунад. Фироқи Ватан, ҷозиб будани минтақаҳои зодгоҳ, зебоии табиати диёр низ аз диққати Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон дур намондааст. Хоксорию фурӯтании ватандорони ғариб, дарди ғарибӣ, ширинии мулоқот бо ҳамдиёрон дар муҳоҷират аз ҷониби Ҳакимхон хело таъсирнок баён мешавад.

Агар бодиққат ба «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон назар кунем, чунин баҳогузориҳое, ки он ҷо оқибати аъмоли ноҷо, зарар овардан ба инсони дигар ҳатман дар зиндагии ҳамон шахси зиёнкор ба оқибати нохуш хоҳад овард, мушоҳида мегардад. Таъйиноти инсон барои Муҳаммад Ҳакимхон ҳамчун мавҷуди соҳибхирад, зиндагиофарин, созанда ва бошарафу масъул ҷило медиҳад ва инсон муаззаф аст барои ҳар амалу кирдораш ҷавобгӯ бошад. Принсипи «Подоши амал» барои Муҳаммад Ҳакимхон қабул аст, ки мувофиқи ин принсип ҳодисаҳои дар саҳнаи таърих татбиқшаванда, як гирдобу гирдбоди давродавр чархзанандаест, ки ҳамаро боз ба ҷойи худ барқарор месозад. Барои Муҳаммад Ҳакимхон амали иҷронамудаи инсон бумеранги (гурзи каҷест, ки ба каси онро ҳаводода бармегардад) қафобаргаштаест, ки бо ибораи «Ҳар касе чизе кошт, ҳамонро хоҳад гирифт» баён мегардад. Дар аксари достонҳои шоирону қиссаҳои адибон, рисолаҳои олимони ҷомеашинос, хусусан файласуфон ин таҳлилу тафсирҳо мушоҳида мешаванд.

Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон донишманди адабиёт, илми фиқҳ ва муаррихест, ки бо тасвиру ташбеҳҳои равон асари таърихии хешро либоси бадеият пӯшонида, санъати баланди нависандагиро нишон медиҳад. Муҳаммад Ҳакимхон устоди тафсирҳои нозук ва хушгӯиҳои ширинбаён аст. Зарбулмасалҳои халқӣ ва истиораю маҷоз ҳамеша хамсафари суханпардозиҳои Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон ҳастанд. Тасвирҳои бадеии ӯ қобили таъкид ҳастанд, ки дар зарофат ва ғановати лафзӣ қобили таҳсинанд. Ӯ мисли ҳакимони юнонӣ ҳар ҷумлаи худро бо мисраи пандомезе ва ё хулосабарории мантиқие ба анҷом мерасонад. Метавон дар ашъори ӯ пайравӣ аз устоди бузурги сухан Саъдии Шерозиро мушоҳида намуд. Дар саҳифаҳои 12, 13, 62, 120-и китоби якум мо намунаҳои беҳтарини насри мусаҷҷаъро мебинем, ки аз зарофатгӯиҳои пурнафосати муаллиф гувоҳӣ медиҳанд: «Ҳама ангушти таҳайюр ба дандони тафаккур газиданд». Фоҷеаю мазҳака дар ҷараёни нақлгузориҳои Ҳакимхон паҳлуи ҳам қадам мезананд. Дар тафсири каллабур сохтани овозхони хушсадои танбӯрнавозе, ки барои ӯ ҷангу аскарӣ бегона аст, Ҳакимхон ҳокими Ҳуқандро, ки дар ҷанги Ӯротеппа барои нарасидани каламанори дилхоҳаш аз ҳисоби сар буридани асирони дарҷангафтода ин овозхони бечораро низ сар мебурад, чунин тасвир месозад: барои ин ҳоким «Овози хару нағмаи Довуд якест». Воқеан, бо амри подшоҳи рус рассоми машҳур В. Верещагин ба Осиёи миёна омада, ин даҳшати калламанорро ба расм мекашад, ки ҳоло дар сайтҳои интернет ба осонӣ пайдо кардан мумкин аст [5].

Фоҷиаи мардум, хусусан мардуми Ӯротеппаро нақл мекунад, ки гоҳ аз ҷониби амирони Бухоро ва гоҳ аз ҷониби хонҳои Ҳуқанд мубталои ғоратгарию тороҷ, асирию куштор қарор мегирифтанд, Истаравшани бостонӣ дар асри XIX гирифтори фоҷиаҳои

бемислу монанде будааст, ки сарнагун шудани хонигарии Қуқанд (нимаи дуюми асри XIX) ва ба ҳайати империяи Россия хамроҳ шудани ҳудуди он то андозае мардуми оддиро аз куштан ва тороҷҳои ҳамешагӣ раҳо сохт.

Зимни таҳлили асар ба мо ваҳшиёнати анҷомдодаи амирону хонҳои Бухорову Ҳуқанд нисбати мардуми Ӯротеппа хело равшан мегарданд, ки то ба ин ҳад расидани фалокати ҷангро бо тамоми ҷузъиёташ Ҳакимхон тасвир мекунад. Дар замони ҳукмронии Умархон аҳолии Ӯротеппа асир гирифта шуда, ба наздикии Ҳуҷанд бурда мешаванд. Ба онҳо иҷозаи хона сохтан намедиҳанд ва фақат дар хаймаҳо мезистанд. Чуноне А.Мухторов меависад: «Баъд аз ҳафт сол иҷозат шуд, ки ҳар як асир барои худ кулбае созад, то шаҳр бино шавад. Ба шаҳре, ки бунёд ёфт, номи Умархон дода шуд, ҳоло он «Шаҳри хон» [10, с.296] ном дорад. Муҳаммад Ҳакимхонро носозгориҳои таърихи инсоният он қадар ба нороҳатӣ меорад, ки дар ташреҳи бисёре аз фоҷиаҳои таърихӣ хомӯширо афзал дониста, дар тасвири баъзеи дигараш изҳори таассуф ва бонги ҳайронию тааҷҷубро боло мебардорад.

Чуноне зикр намудем, дар ҷараёни тасвири ҳодисаҳои фоҷиабор ва лаҳзаҳои азиятовари рӯзгори инсон Ҳакимхон аз зарбулмасалу истиораю маҷозҳо хело нишонрас истифода бурда, гуфтан мумкин аст ғановати забонии ниёгони моро ба ворисони илму адаби муосир мерасонад. Масалан, ноилоҷии инсони заифу камбағал, бечорагии одами нодору бадбахтро, ки мехоҳад соате ба сӯйи пирӯзӣ ва ғолибият қадам бигузорад, чунин тасвир месозад: «хаси сабуксайрро чӣ ёро, ки сари сел бениҳоят шавад ва хайли кабӯтарро чӣ тавоноӣ, ки ҳампанҷаи шоҳину шаҳбоз гардад». Ба ҳамин монанд дар саҳифаҳои баъдии китоби дуюм ҷумлаю ибораҳои пандомезу таълифотҳои ҷолибу ҷозибро истифода намуда, гоҳ аз шодию тараби инсонӣ ва гоҳ аз зарофати ақлу хиради инсонӣ нохун мезанад. Масалан: «аз дасти соқиёни гулъузор ҷомҳои бодаи хушгувор таҷарруъ фармуд»; «аз шунидани ин амри мустанкар сар дар хилватхонаи тахайюл фурӯ бурд»; «ангушти надомат ба дандон газид, дасти афсӯс ба ҳам судан гирифт»; «… хишт аз қолиб хестааст ва тир аз камон ҷастааст» ва «дафъи он кӯрботинони ҳаромнамаки маккор» ва ғ. Дар саҳифаҳои баъдии (саҳифаҳои 264 ва 273) ҷилди дуюми китоб чунин ибораҳои ширинбаёну тозаҳарфро метавон дид, ки аз ҳунари адабию қобилияти шоиронаи Ҳакимхон гувоҳӣ медиҳанд: «ба таноби ғамза ба нигоҳи карашма»; «ба каманди турраи тобдори хуршеди ҷаҳонтоб»; «зулфи мусалсал»; «ду абру ду соябони муанбар»; «аз даргоҳи Корсози банданавоз» ва ғ. Ин асар воқеан ҳам ёдгории нодири таърихию адабиест, ки саҳифаҳои норавшани гузаштаи халқҳои тоҷику ӯзбекро тасвир месозанд.

Агар ду ҷилд асари Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхонро бодиққат мутолиа намоед, ягона давраи зиндагонии ӯро, ки он ҷо табиати оламдӯсти ӯро ба тамкинию истироҳат овардааст, ин лаҳзаҳои нақли ӯ аз мусофирататаш ба Россия аст. Ӯ он ҷо ваҳшонияти асримиёнагиро не, балки пешрафту инкишофи босуръати давлат ва низоми муътадили ҳукуматдориро мебинад. Ӯ тафсилоти сафарашро ба Россия нақл намуда, эҳсоси миннатдории хешро аз ҳукамои Россия пинҳон намедорад. Ӯ аз низоми давлатдории русӣ ба ваҷд меояд ва раванди пешбурди хоҷагидории давлатии Россияро бо тафсил ва дақиқ таҳлил намуда, гӯё аз зимомдорони аблаҳи Моваруннаҳр тақозо мекунад, ки бинед ва омӯзед, вагарна оқибати сарнавишти шумо ва сарзамини Моваруннаҳр ба ҳеҷ хотима хоҳад ёфт. Навгониҳои императории Россия, ки ба хотири нигаҳдошти оромии кишварашон, осудагии мардумашон фарҳанги навинро интихоб кардаанд, сабақи ҳукуматдорӣ аст. Ин ҷо, яъне дар Россия ҳоким, пеш аз ҳама, инсони муқаррарӣ буда, таъйиноти инсонро, ҳифзи ҳаёти инсону шаҳрвандро дар ҷойи аввал мегузорад. Барои ҳокимони Моваруннаҳр ғуломӣ падидаи тағйирнопазир ва зуҳуроти аз азал таъйиншуда намоён гардидааст ва бидуни ҳеҷ як шарме аз Худованд инсонҳои асирафтодаро ба ғуломӣ мефурӯшанд ва ин низоми таҳқиромези сиёсиро комилан тарафдор ҳастанд ва барои побарҷой мондани он кӯшишҳо мекунанд.

Набояд фаромӯш сохт, ки ҳукумати мутлақаи Россия ҳаргиз намунаи ибрат ва шоёни тақлид нахоҳад буд, зеро дар қарни XIX он ҷо ҳанӯз низоми крепостноӣ ҳукмфармо буд ва инсони крепостной фақат ҳамчун як «ҷон», як «душ», яъне як ҷони зиндаи хидматгузоре тавсиф мешуду халос. Аммо деҳкони крепостной ба хар ҳол дар муқоиса ба ғулом каме мустақилият дошт ва ӯ мустақиман фурӯхта намешуд ва дар ҷараёни дарёфти ризқу рӯзиаш каме озодтар буд. Ба ҳар ҳол низоми крепостноӣ чун падидаи нофарҷом ва бадмоҳияте бо саъю кӯшиши озодандешони Россия ва иқдоми шоҳи дурбини вақт Александри дуюм соли 1861 комилан аз байн бурда мешавад.

Афзалияти фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсию иҷтимоии кишварҳои пешрафтаро дида, онҳоеро, ки иҷборан ватанро тарк кардаанд, ҳаргиз маҳкум намесозад, балки зарурияти бағарибӣ рафтани онҳоро таъкид мекунад. Ӯ дар ин масъала аз Саъдии Шерозӣ ёд мекунад, ки гуфтааст:

Саъдиё, ҳубби ватан гарчи саҳеҳ аст ва лек,
Натвон мурд ба сахтӣ, ки ман он ҷо зодам.

Ҳакимхон аз масалҳои қадим ва аз истиораҳои замонҳои гузашта фаровон истифода мебарад, ки онҳо ба сӯйи накӯкорию фараҳмандӣ ҳидоят намуда, хело мувофиқ истифода мешаванд ва гуфтан мумкин аст ӯ яке аз донишмандони тавонои ҳикмати пешиниён будааст. Дар мисоли зайл: «Ҳукамои пешин гуфтаанд, ҳамнишини нек мисли аттор аст, агар аз атри ӯ чизе ба ту нарасад, аммо аз роиҳааш баҳрамандӣ ҳосил ояд ва ҳамқарини беақли бад монанди кураи оҳангарон аст. Агар ба оташи ӯ насӯзӣ, аммо аз дуди ӯ мутааззӣ шавӣ». Ҳакимхон намунаи олии хоксорию фурӯтаниро нишон дода, шахсияти худро хело ҳам хоксор, фурӯтану дилогоҳ ба қалам медиҳад: «умр агар вафо кунад, каммияти хушхиром мехоҳад, ки аз ҳар гулистон бӯй бурда, дар хонаи майдони сухани мутлақу-л-инон миҳмиз кунад».

Хиёнат мавзӯест, ки Ҳакимхон дар ҳар қиссаю достони таърихӣ онро ёдрас мешавад. Аз хиёнати Расини вазир ҳарф мезанад, ки бо истифода аз ду сипоҳии Доро дар сафи қитол худи Доро ибни Доробро шамшер мезананд.

Ҳарчанд дар Мовароуннаҳр халқҳои гуногун зиндагӣ мекарданд, вале аксари онҳо тоҷикону ӯзбекон буданд, ки аз лиҳози фарқияти миллию мазҳабӣ камтар фарқ мекарданд. Онҳо худро мусулмон ва пайрави мазҳаби ҳанафӣ дониста, озодона бо ҳам хешигарӣ мекарданд ва фарқиятҳои забониро ҳаргиз монеаи робитаю ҳамнишиниашон намесохтанд. Ҳам ба забони туркии (чағатоӣ) Мовароуннаҳрӣ, ки баъдтар ӯзбекӣ ном мегирад шеъру ашъор меофариданд ва ҳамзамон, гуфтан мумкин аст аксар вақт ба забони дарии тоҷикӣ низ шеъру осори насрии худро эҷод мекарданд. Ба забони дарии тоҷикӣ шеър гуфтанро ҳатто хокимоне, ки пайванди онҳо ба Чингизу муғул мерасид, пешаи ифтихорӣ меҳисобиданд ва дар дарбори хонҳою амирон мунозираҳои шеърии онҳо шеваи тоҷикиюдарӣ буд. Ҳакимхон худ низ аз хонадони хонҳои Ҳуқанд буд ва чуноне мебинем, асари «Мунтахаб-ут-таворих»-ро ба забони тоҷикӣ менависад. Усули навишти ӯ хеле ҳам устокорона ва лафзи баёни ӯ қобили таҳсину офарин аст. Ӯ асари насрии худро гӯё бо назм месарояд. Лаҳни ширин, ҷумлапардозиҳои нозукадо, тарзи баёни гуворою хушоҳанг аз санъати баланди адабию шоиронааш гувоҳӣ медиҳанд.

Дар асар ба масъалаи қаҳрамонӣ ва баҳодурии ватандорони мовароуннаҳрӣ, яъне тоҷикону ӯзбекон диққати ҷиддӣ дода, бебокӣ ва нотарсию далерии ин мардумро дар майдонҳои ҷанг бо истилогарони қалмоқ нишон медиҳад. Қабилаҳои қалмоқ аз диёри Чин (шимолу шарқи Чин) ба ин ҷо ҳамлавар шуда, садсолаҳои зиёд ба хотири ба ҳайати салтанати Ҷунгар ҳамроҳ сохтани Мовароуннаҳр юришҳо ташкил мекарданд (қалмоқҳо аз гурӯҳи муғулҳои шарқӣ буданд, ки исломро қабул накардаанд. Ҳакимхон онҳоро чинӣ меҳисобад).

Дар асари «Мунтахаб-ут-таворих» муаллиф бисёр бодиққат аз сайру сафарҳои худ нақл мекунад ва хоссатан мавзеъҳои таърихиро, он ҷойҳоеро, ки дар достонҳо сабт шудаанд, зикр мекунад. Ӯ чун як ҷуғрофиядони шаҳир харитаи сафарҳояшро тартиб дода, ботафсил дар бораи иқлими кишварҳои тамошокардааш, феълу атвори сокинонаш нақл мекунад. Дар сафараш ба Туркия ӯ аз макони муҳорибаҳои Амир Темур ёд мекунад: «… гузорам ба мавзеи Турпоқ Қалъасӣ уфтод, ки дар айёми мозия ва номия Амир Темури соҳибқирон бо султони Рум Боязиди Элдурум муҳораба карда буд ва ҳоло дар ниҳояти харобӣ як рӯз он ҷо осудем». Ба вилояти Лоткия расиданашон ва баъдан мутаваҷҷеҳи Димашқ шуданашонро нақл мекунанд. Дар бораи деҳае мегӯянд, ки Қадифа ном дорад ва ғ.

Ин асари дуҷилда барои ҳар муҳаққиқ, чи муаррих, чи адабиётшиносу этнограф ва чи ҷомеашинос, маълумоти саҳеҳ дода, саҳифаҳои норавшани зиндагию рӯзгори гузаштагонамон-мардумони Мовароуннаҳрро равшан мегардонад. Аз мутафаккири қарни XIX мо наметавонем дақиқияти хронологӣ ва ё саҳеҳияти комили историографиро тақозо намоем. Ӯ дар қиёс ба зиёиён ва олимони замони худ дар мартабаи аввал буда, ҳар ҷумлае, ки иншо кардааст самимӣ ва оқилонаю дурбинона ба қалам додааст. Асари безаволи Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон на танҳо барои таҳқиқоти таърихшиносу адабиётшинос, этнограф ва муҳаққиқи ҷуғрофия, балки барои файласуфу сиёсатшинос низ маводи зарурии таҳқиқотӣ хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдукаримов Дж.А. Политическое положение Ура-тюбинского владения и Худжанда в начале XVIII - до 40-х гг. XIX (по материалам «Мунтахаб-ут-таворих» Мухаммада Хакимхана: автореф. дисс… канд. истор. Наук / Дж.А. Абдукаримов. - Душанбе, 2020 // https://tnu.tj/avtorefi/avtorefAbdukarimovJA.pdf
2. Аминов Ф. Инсон зуҳури комилтарин ирода: Артур Шопенгауэр ва Фридрих Нитсше / Ф.Аминов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 231 с.
3. Бартольд В.В. Работы по отдельным проблемам истории Средней Азии. Сочинения. Том 2. Ч.2. / В.В. Бартольд - М.: Наука, 1964. - 661 с.
4. Валидов А.З. Восточные рукописи в Ферганской области. Записки Восточн. отделения императорского русского археологического общества. Т. XXII, вып. III-IV / А.З. Валидов. - Петроград, 1915 // http:// www.orientalstudies.ru/rus/index.php?option=com_publications&Itemid=75&pub=9550
5. Верещагина В. «Апофеоз войны» / В.Верещагина // https://delo.kg/?p=7947

6. Иванов П.П. Восстание китай-кипчаков в Бухарском ханстве (1821-1825). Источники и опыт их исследования / П.П. Иванов // «Тр. Ин-та востоковедения АН СССР». Т.XXVII. - М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1937. - 131 с.
7. Иванов П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI – середина XIX в.) / П.П. Иванов. – М.: Издательство Восточной литературы, 1958. - 247 с.
8. Костыгова Г.И. Персидские и таджикские рукописи «Новой серии» в Государственной Публичной библиотеке им. М.Е. Салтыкова-Щедрина / Г.И. Костыгова // «Восточный сборник». Вып. 3. - М., 1972. С. 62; Костыгова Г. И. Источник для изучения истории культуры Средней Азии и Ирана / Г.И. Костыгова // Древность и средневековье народов Средней Азии. История и культура: Сб. статей. - М., 1978. - С. 77-79.
9. Миклухо-Маклая Н.Д. Описание персидских и таджикиских рукописей Ин-та востоковедения. Вып.3. / Н.Д.Миклухо-Маклая. - М.: Наука, 1964. - 600 с.
10. Мухторов А. Дильшод и ее место в истории общественной мысли таджикского народа в XIX в. / А.Мухторов. – Душанбе: Дониш, 1969. – 372 с.
11. Мухторов А. К истории народных восстаний в Бухарском ханстве в первой четверти XIX в. / А.Мухторов // «Изв. АН Тадж. ССР, Отд-ние обществ. наук». - 1963. - № 1 (32). - С.42-43.
12. Мухторов А. Очерк истории Ура-Тюбинского владения в XIX в. / / А.Мухторов; под ред. Б.И. Искандарова. - Душанбе, 1964. – 184 с.
13. Плоских В.М. Киргизы и Кокандское ханство / В.М. Плоских. – Фрунзе: Илим, 1977. – 368 с.
14. Ромодин В.А. Некоторые источники по истории Ферганы и Кокандского ханства (XVI-XIX вв.) в рукописных сборниках Ленинграда / В.А. Ромодин // Труды двадцать пятого международного конгресса востоковедов (Москва, 9-16 августа 1960 Г.) Том III. Заседания секций X, XI, XIII.; председатель ред. колл. Б.Г. Гафуров. – М.: Издательство восточной литературы, 1963. – 672 с.
15. Стори Ч.А. Персидская литература. Биобиблиографический обзор / Ч.А. Стори. - М.: Наука, 1972. – 694 с.
16. Муҳаммад Ҳакимхон, Ҳоҷӣ. Мунтахаб-ут-таворих. Китоби 1. / Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон. - Душанбе: Сино, 2020. - 384 с.
17. Муҳаммад Ҳакимхон, Ҳоҷӣ. Мунтахаб-ут-таворих. Китоби 2 / Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон. - Душанбе: Сино, 2020. - 410 с.
18. Шарифов Х. Назарияи наср дар адаби форси асрҳои 4-9 ҳичрӣ / Х.Шарифов. - Душанбе, 2014. - 320 с.
19. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ / Х.Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.

НАФОСАТИ ХУШБАЁН ВА ТАСВИРИ АЗИЯТИ ТОҚАТФАРСОИ ИНСОН ДАР «МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ»-И ҲОҶӢ МУҲАММАД ҲАКИМХОН

Мақола ба таҳқиқи комплексии асари таърихии муаррихи ҳуқандӣ, ходими фарҳангӣ-сиёсии қарни XIX Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон «Мунтахаб-ут-таворих» бахшида шудааст. Муаллифи мақола андеша дорад, ки «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон ёдгории нодири таърихӣ-адабӣ аст, ки саҳифаҳои норавшани таърихи сиёсӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тарзи ҳаёти халқҳои Осиёи Миёнаро дар асри XIX ошкор месозад. Дар мақола ҷиҳатҳои хос ва фарқиятноки асари таърихии Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон «Мунтахаб-ут-таворих», ки аз доираи нақлгузориҳои муқаррарии таърихӣ берун мебарояд, тавсиф мешавад. Метавон бо итминон гуфт, ки ин асар ҳамзамон асари беназири адабӣ, дастоварди нодири бадеию фарҳангии халқҳои Моваруннаҳр мебошад. Дар ин асар сабку усулҳои беҳтарини бадеӣ, салосату фасоҳат ва равонии забони шоир ва носир, фақеҳ ва илоҳиётшиноси соҳибмаълумот, донандаи барҷастаи ҳадис мушоҳида мешавад. Дар мақола моҳияти антропологии (инсонпарваронаи) таълимоти Муҳаммад Ҳакимхон нишон дода шуда, зикр мегардад, ки Ҳакимхон новобаста аз мақоми иҷтимоӣ ва беҳбудии моддии худ масъалаи шарофатмандии инсонро бардошта, даъват ба амал меорад, ки новобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва имкониятҳои моддӣ бояд ба инсон муносибати эҳтиромонаро изҳор дошт. Дар фаҳмиши муаллифи мақола Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон гуманисти бузурге аст, ки шарофатмандӣ, росткорӣ ва олиҳиммативу ҷавонмардии инсониро васф мекунад.

Калидвожаҳо: эҷодиёти насрӣ, насри мусаҷҷаъ, суханварӣ, ибораҳои маҷозӣ, ҳокимони худсар, шаъну эътибори инсонӣ, жанри тамсилӣ, вассофи зебоӣ, эҷодиёти таърихӣ-адабӣ.

ИЗЯЩНОЕ КРАСНОРЕЧИЕ И ИЗЛОЖЕНИЕ НЕВЫНОСИМОГО СТРАДАНИЯ ЧЕЛОВЕКА В КНИГЕ ХОДЖИ МУХАММАДА ХАКИМХАНА «МУНТАХАБ-УТ-ТАВАРИХ»

Статья посвящена комплексному исследованию исторического труда «Мунтахаб-ут-таварих», написанного кокандским историком и культурно-политическим деятелем Ходжи Мухаммада Хакимхана в середине XIX веке. Автор статьи считает, что «Мунтахаб-ут-таворих» Ходжи Мухаммада Хакимхана является редкостным историко-литературным памятником, в котором раскрываются неведомые и темные страницы политической истории, общественных отношений и жизненных укладов народов Средней Азии XIX века. В статье выделяются и описываются те характерные особенности исторического труда Ходжи Мухаммада Хакимхана «Мунтахаб-ут-таворих», которое выходит за рамки обычного исторического повествования. Можно с уверенностью сказать, что эта книга одновременно является уникальным литературным произведением, редким художественно-культурным достоянием народов Междуречье (между Амударьй и Сирдарьй XIX веке). В этом книге можно увидеть наилучшие художественные приемы, плавность и связность языка поэта и прозаика, образованного религиозного богослова и сунитского законоведа, блестящего знатока хадисов. В статье раскрывается антропологическая сущность воззрения Мухаммада Хакимхона, подчеркивается, что Хакимхон независимо от своего высокого социального положения и материального благополучия целенаправленно поднимает вопрос о величии человеческих достоинств, выдвигает уважительное отношение к человеку независимо от его социального положения и материального блдагосостояния. В понимании автора статьи Ходжи Муњаммад Хакимхан является великим гуманистом, который воспевает человеческое благородство, честность и великодушие людей.

Ключевые слова: прозаическое творчество, рифмованная проза, красноречие, метафорическое выражение, самоуправные правители, человеческое достоинство, аллегорический жанр, воспеватель красоты, историко-литературное творчество.

ELEGANT SPEAKING AND EXPRESSION OF THE UNBEELABLE SUFFERING OF A MAN IN THE BOOK OF KHOJI MUHAMMAD HAKIMKHAN "MUNTAHAB-UT-TAVARIKH"

The article is devoted to a comprehensive study of the historical work "Muntakhab-ut-tavarih", written by the Kokand historian and cultural and political figure Khoja Muhammad Hakimkhan in the middle of the 19th century. The author of the article believes that "Muntahab-ut-tavorikh" by Khoja Muhammad Hakimkhan is a rare historical and literary monument that reveals unknown and dark pages of political history, social relations and way of life of the peoples of Central Asia of the 19th century. The article highlights and describes those characteristic features of the historical work of Khoja Muhammad Hakimkhan "Muntahab-ut-tavorikh", which goes beyond the usual historical narrative. We can confidently say that this book is at the same time a unique literary work, a rare artistic and cultural heritage of the peoples of Mesopotamia (between the Amu Darya and Sirdarya in the 19th century). In this book you can see the best artistic techniques, the fluidity and coherence of the language of the poet and prose writer, an educated religious theologian and Sunni lawyer, a brilliant expert on hadiths. The article reveals the anthropological essence of the views of Muhammad Hakimkhon, emphasizes that Hakimkhon, regardless of his high social status and material well-being, purposefully raises the question of the greatness of human dignity, puts forward a respectful attitude towards a person regardless of his social status and material well-being. In the understanding of the author of the article, Khoja Muњammad Hakimkhan is a great humanist who praises human nobility, honesty and generosity of people.

Key words: prose, rhymed prose, eloquence, metaphorical expression, arbitrary rulers, human dignity, allegorical genre, praise of beauty, historical and literary creativity.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоев Исмоил Пиракович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 918-46-52-52**
Сведения об авторе: ***Абдуллоев Исмоил Пиракович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 918-46-52-52**

Information about the author: ***Abdulloev Ismoil Pirakovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 918-46-52-52**

УДК:398.23(089.3)

ЛАТОИФИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА ХУСУСИЁТИ СОХТОРИИ ОНҲО

Ғаффорзода Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ латифа ба ҳайси жанри адабӣ мақоми баландро доро мебошад. Худи эҷодиёти Убайд, аслан, бар латоиф ва ҳикоёти латиф бунёд ёфтааст. Латифа дар кутуби луғат дар маънии назокат омадааст [1, с.722]. Дар маънои истилоҳияш низ латифа иртибот бар маънои аслияш дорад, яъне сухани латиф ва ҳазломез, ки хотири ҳар шунавандаву хонандаро болидаву матбӯъ месозад. Дар адабиёти форсу тоҷик латифа ба ҳайси жанри адабӣ ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам дар адабиёти халқӣ-шифоҳӣ собиқан ривоҷ дошта, вусъату интишори зиёде дошт. Намунаҳои аввалини латоифи форсӣ дар адабиёти хаттиро муҳаққиқон дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” мебинанд. Чунонки муҳаққиқи аврупоӣ Дж. Дорри дар иртибот бо корбурди латоиф дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” қайд намуда ва адабиётшиноси тоҷик Салимов Н.Ю. низ онро таъкид ва тасбият намудааст, дар асари мазкур ҳудуди 2000 чистон, ҳикоя, мақома ва латоифи гуногунҳаҷм истифода гардидаанд, ки ин аз собиқаи қадими жанри латифа дар адабиёти хаттии форсу тоҷик шаҳодат медиҳад [6, с.35]. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик осори насрии Фаридуддини Аттор, Саъдии Шерозӣ, Муҳаммад Авфии Бухоройӣ, Убайди Зоконӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Фахруддин Алии Сафӣ ва монанди инҳоро метавон ном гирифт, ки дар ривоҷу равнақи латоифи форсӣ саҳми қобили таваҷҷуҳе бар ҷой гузоштаанд. Аз миёни адибони мазкур Саъдии Шерозӣ, Убайди Зоконӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алии Сафиро махсусан метавон таъкид кард, ки саҳми онон дар инкишофу таҳаввул ва ба авҷи тараққӣ даст ёфтани жанри латифа басо бузург аст.

Бояд зикр намуд, ки комилтарин, фасеҳтарин ва муассиртарин намунаҳои жанри латифа дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар “Гулистон”- и Шайх Саъдии Шерозӣ корбурд шудаанд, ки аксари муҳаққиқоне, ки роҷеъ ба насри форсӣ таҳқиқот бурдаанд, бар ин нукта ишорат намудаанд. Бо ин ки “Гулистон”- и Шайх Саъдӣ ҷуз аз латоиф, ҳамчунин, дарбаргирандаи жанрҳои дигаре амсоли ҳикоёт, амсол ва ғайраҳо мебошад, дар он латоифи зиёде низ истифода гардидаанд, ки аз ҳайси сабк ва мавзӯву мундариҷа аз дигар жанрҳо фарқияти нисбӣ доранд. Бар асари латоифи зиёд дар асари мазкур онро метавон ба ҳайси аввалин маҷмӯаи латоифи форсӣ эътироф намуд. Нақши Шайх Саъдӣ дар рушду инкишофи минбаъдаи латоифи форсӣ басо бузург аст, ба дараҷае ки аксари нависандагони пас аз Саъдӣ дар эҷоду таълифи осори марбут бар жанри латифа мадюни ҳунари латифапардозии вай мебошанд. Шайх Саъдӣ дар пайдоиши осори Убайди Зоконӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Фахруддин Алии Сафӣ – устодони жанри латифа ва дигар

устудони адаби порсӣ саҳми басо бузургро барҷой гузоштааст. Дар гузиниши сухани малеҳу латиф, сабки махсуси латифанигорӣ, услуби хосса, забони фасеҳу равон, нигариш ба авзои иҷтимоӣ ва дигар мавзӯъҳои марбут бар нигориши сухан дар осори адибони мазкур таъсири ҳунари Саъдӣ ба таври равшан эҳсос мешавад.

Аммо, бо вуҷуди хидматҳои Шайх Саъдӣ дар инкишофу таҳаввули латифа, жанри мазкур бо номи Убайди Зоконӣ пайванди ногусастанӣ дорад, зеро ҳар ҷо ки аз латифа ном мебаранд, дар сархатти латифагустарон номи Убайд қарор дорад. Бо ин ки ҳам қабл аз Убайди Зоконӣ ва ҳам баъд аз вай дар таърихи адабиёти форсӣ адибоне зиёде дар рушду инкишофи латифанигорӣ саҳми қобили таваҷҷуҳро бар ҷой гузоштаанд, мақому мартабаи Убайди Зоконӣ дар кулли таърихи насри классикии форсу тоҷик ба ҳайси бузургтарин ва ҳунармандтарин адиб дар пешрафти жанри латифа махсус аст, то он ҷо ки ӯ на танҳо дар адабиёти форсӣ, дар кулли адабиёти ҷаҳонӣ ба ҳайси латифапардозони тирози аввал шуҳрату эътибор дорад. Убайд дар жанри латифа соҳибсабк аст, ӯ халлоқи латоифест, ки бо махсусиятҳои забонӣ, тарзи баррасии мавзӯъ, лаҳни гуфтор, тезию тундии калом, бепарвоӣ нисбат ба нигаҳдошти эътидоли ахлоқии калом, истифодаи беназир аз танзу киноя, бепардагӣ дар тасвири мафоҳим ва мавзӯот, эҷоди ҳолоти гуногуни равониву ахлоқӣ ва дигар хусусиятҳо назири худро дар адаби форсӣ надорад. Лаҳну гуфтори латоифи Убайд дар имтизоҷ бо бепарвоии ӯ дар тасвири махсусоти зиндагонии иҷтимоӣ, убури эътидолоти одоби гуфтор, тарзҳову шаклҳои гуногуни тасвири хасисаҳои инсонӣ, махсусан аз боризтарин вижагиҳои сабкиву услубии осори насрии Убайд ба ҳисоб мераванд, ки дар “Гулистон”- и Шайх Саъдӣ, “Баҳористон”- и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва “Латоиф-ут-тавоиф”- Алии Сафӣ назири онҳо ё камтар дида мешаванд, ё вуҷуд надоранд. Хусусан, дар баёни ҳақиқии авзои даврон, интиқодоти сахт аз ҷомеа ва дар ғояти ракокату тундӣ ба кор бурдани танзҳову ҳазлиёт осори Убайд ҷилваи бештар дорад.

Дар осори насрии Убайд жанри латифа дар “Ахлоқ-ул-ашроф” ва рисолаи “Дилкушо”, ки ҳар ду ба гуфтаи Забеҳуллоҳи Сафо аз шоҳкориҳои вай ба ҳисоб мераванд [7, с.171], истифода гардидааст. Махсусан, рисолаи “Дилкушо”- ро метавон махзани латоифи форсӣ эътироф кард. Бо ин ки бо исми латоиф пас аз замони Убайд асари вижае таҳти унвони “Латоиф-ут-тавоиф” тавассути нависанди хушқареҳа Мавлоно Алии Сафӣ ба дунё оварда шуд, осори тайибии Убайди Зоконӣ, бавижа рисолаи “Дилкушо”- и вай бо доштани чандин хусусиёт, ки дар фавқ номашон рафта, аз асари мазкури Алии Сафӣ фарқият ва афзалияти назаррас дорад. Абдулҳусайни Зарринкӯб дар нигоҳ бар ҳаҷвиёту ҳазлиёт ва мутойибаҳои тунди беназир осори Убайдро дар қиёс бо “Латоиф-ут-тавоиф” дорои лутфу завқи дигар қаламдод кардааст [2, с.156]. Хусусан, танзҳои тунд ва ришхандҳои сахте, ки дар осори Убайд дида мешаванд, дар асари Алии Сафӣ нишоне аз онҳо ба назар намерасад. Сабки Убайд сабки танзҳои ракик ва тундгуфторӣ аст ва сабки Алии Сафӣ сабки мулоимат ва риояти таодул дар одоби гуфтор. Аз ҳамин дидгоҳ “Латоиф-ут-тавоиф” аз осори Убайд, ба вижа, аз рисолаи “Дилкушо” фосила пазируфта, бо “Гулистон” ва “Баҳористон” наздикӣ пайдо менамояд ва аз ҳамин дидгоҳ осори Убайд аз осори устодони фавқуззикр фарқият пайдо мекунад.

Як хусусиятро дар мавриди латоифи Убайд зикр кардан бамаврид аст, ки онҳо ба таври бисёр муҷаз ва мухтасар лаҳзае ва ҳолатеро аз ягон ҷиҳати иҷтимоӣ ҳикоят мекунанд. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки қудамо чунин навиштаҳои мансури хурдро ба унвони ҳикоят ном мегирифтанд. Худи Убайд ҳам, масалан, дар рисолаи “Дилкушо” ба ҳукми сарлавҳа чандин латоифи хешро ҳикоят ном гирифта ва ин далолат бар он мекунад, ки дар даврони ӯ ҳам, новобаста ба ҷиддияту ҳаҷви гуфтор, навиштаҳову ёддоштҳои хурд ба унвони ҳикоят ном гирифта мешуд. Аммо, ба ақидаи мо, ҳарчанд ки навиштаҳоеро амсоли латоифи Убайди Зоконӣ қудамо ҳикоёт унвон гузоштаанд, исми латифа ва, дар маҷмӯъ: латоиф бар онҳо мувофиқтар аст, бад-он асос, ки ҳарчанд онҳо аз ҳайси русуми нигориш ё тарзи иншо ба ҳикоёт алоқамандӣ доранд, аммо аз ҳайси мавзӯи ҳаҷвиву тайибӣ доштан ва нақли лаҳзаи хурде аз матолиби иҷтимоӣ ба латоиф бештар муносибат доранд. Бар хилофи ҳикоёти латиф ва ё латоифи Убайд, дар осори вай анвое аз наср дида мешаванд, ки бар асоси ҳам мундариҷаву шакл ва ҳам бунёни тафаккур иборат аз гуфторе муғоири ҳаҷву тамасхур мебошанд ва бештар бар жанри ҳикоят иртибот доранд, то бар латифаи холис ё ҳикоёти латиф. Хусусияти чунин ҳикоёт дар он инъикос мегардад, ки онҳо бештар рӯҳи нақливу ривоятӣ доранд, то латифапардозӣ ва агар дар ҳамчунин ҳикоёт ҳам суханони дорои лутфу ҳаҷв мавҷуд бошанд, онҳо ҷузъе аз онҳо мебошанд ва дар дохили як ҳикоят истифода гаштаанд. Бинобар ин, мо дар таҳқиқоти худ ҳикоёти нисбатан хурдеро, ки ҷанбаи тайибиву ҳаҷвии онҳо қиёсан зиёданд ва афкори тамасхуромезу ҳазломез бунёди онҳоро дар бар гирифтаанд, латифа ва онҳоеро, ки ҷанбаи нақл ва қиссаву ривоят дар онҳо бештар эҳсос мешавад, ба ҳайси ҳикоят ҳисоб намудем.

Латоифи Убайди Зоконӣ, чунонки қаблан зикр шуд, навъи ҳикоёти хурд ба ҳисоб мераванд, ки мавзӯи аслии мавриди тарҳи он баррасии лаҳзае аз зиндагонии инсонҳо дар фосилаи бисёр хурди ҳаёти онҳо ба василаи ҳаҷву ҳазл мебошад. Аммо, ин лаҳзаҳо

метавонанд ҳолоти гуногуни ҳаёти инсонро инъикос намоянд ва маҳдуд бар мавзӯи воҳид нестанд. Як фарқияти латоифи Убайд аз навиштаҷоти нисбатан дарози вай, яъне ҳикоёташ дар он муайян мегардад, ки муҳтаво ё сужети онҳо басо мухтасар аст. Адабиётшиноси тоҷик Салимов Н.Ю. ҳам, дар таҳқиқоти хеш марбут бар таҳаввул ва ташаккули анвои насри форсӣ мухтасарбаёнӣ дар латифаро яке аз вижагиҳои асосии он нишон додааст [6, с.35].

Латоифи Убайди Зоконiро аз ҷиҳати сохт метавон ба латоифи хурд ё кӯтоҳ ва латоифи калонҳаҷм ҷудо намуд. Вале, бояд зикр намуд, ки аксари ин латоифи калонҳаҷм низ дар қиёс бо соири латифаҳои дигар адибон аз ҳайси андоза хурд мебошанд. Латоифи хурд ва бузург, аслан, дар "Ахлоқ-ул-ашроф" ва рисолаи "Дилкушо"- и Убайд истифода шудаанд. Ҳарчанд намунаҳои латоифи хурдҳаҷм дар дигар осори Убайд ҳам дар дохили матни ҳикоёт ва пандномаҳо ба назар мерасанд, вале онҳо бештар дар ду асари фавқуззикр мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Латоифи хурдҳаҷми Убайд 4-5 ҷумла ва баъзан аз он зиёдтар ё камтарро дарбар мегиранд. Новобаста ба хурдии ҳаҷм, Убайд дар ин навъ латоифи худ тавониста, ки фикри асосӣ ва ҳадафи ниҳоии хешро, ки бастагӣ бо интиқоду тамасхури ҷомеаи вай доранд, баён намояд. Масалан, дар латифае, ки ба Атобак Салғаршоҳ ва Шайх Маҷдуддини Ҳамгар ихтисос ёфта, Убайд султони мазкурро тавассути шайхи мазбур бад-ин тариқ ба боди ҳазл кашидааст: "Атобак Салғаршоҳ қасабе мисрӣ ба Маҷдуддини Ҳамгар дод. Чанд ҷо "Ло илоҳа илаллоҳ" нақш карда буд. Магар нимдошт буд, ӯро хуш наёмад. Яке аз ҳозирон пурсид, ки "Муҳаммад расулуллоҳ" нанвиштаанд. Гуфт: "Ин дастор пеш аз замони Муҳаммад бофтаанд" [3, с.186]. Дар ин латифаи хурдҳаҷм муаллиф агар, аз як тараф, ишораи малеҳе бар бухлу имсоки султон намуда бошад, аз тарафи дигар, ба василаи яке аз ҳозирони маҷлиси султон танзи латифе ба вай намудааст.Басомади лаҳни гуфтор ва корбурди вожаҳо аз ҳайси арзишгузошти ахлоқӣ дар латоифи Убайд гуногунанд, баъзан дар онҳо одоби гуфтор риоят мешаванд ва нависанда дар тасвири ҳолоту матолиб одобситезӣ намекунад, чунонки намунае аз он дар боло зикр гардид; баъзан, баръакс, Убайд дар латоифи худ калимаҳову иборoти муғойири ахлоқи шоистаро мавриди истифода қарор медиҳад. Ин вожаҳову ибораҳои мазкур, баъзан, ба ҳадде дорои қабоҳат мебошанд, ки хориҷ аз доираи такроранд ва ёддошти онҳо номумкин аст. Аммо, зикр намудани ин хусусияти латоифи нависанда айни фурсат аст, ки дар ҳар ду маврид: ҳам дар риояти одоби гуфтор ва ҳам дар акси он, манзури Убайд аз латоифи худ ҳаҷву масхара ва ба интиқоди тунд кашидани авзои ҷомеаи худ аст. Латоифе, ки Убайд то ҳадде дар нигориши онҳо аз ҳайси одоби гуфтор эътидолситезӣ накардааст, дар осори вай қиёсан камтаранд. Дар ин қабил латоифи худ Убайд кӯшидааст, ки муносибати худро бо образҳои мавриди тамасхуру танқид қарордодааш бо лаҳни мулоимтар баён намояд. Аз ҷумла, дар латифае, ки ба Мавлоно Қутбуддини Шерозӣ ва Мавлоно Шамсуддини Убайдӣ бахшида, ҳамин хусусият ба назар мерасад ва дар он вожаҳову ибораҳои ношоист истифода нагардидаанд: "Мавлоно Қутбуддини Шерозиро оризае рӯй намуда буд. Мусҳиле бихӯрд. Мавлоно Шамсуддини Убайдӣ ба аёдати ӯ рафт. Гуфт: "Шунидам, ки дирӯз мусҳил хӯрда будӣ. Аз дӣ боз ба дуо машғул будам". Гуфт: "Аз дӣ боз аз шумо дуо буд ва аз мо иҷобат" [3, с.189]. Чунонки дида мешавад, дар латифаи мазкур лаҳни мулоим дар гуфтори муаллиф дида мешавад ва ӯ кӯшида, то дар муносибати ду образ вожаҳои қабеҳро, ки дар мавриди аксари образҳои латоифи хеш ба кор бурда, истифода нанамояд. Вале, бо ин тариқ ҳам, Убайд ба ҳадафи худ даст ёфтааст ва тавониста муносиботи душманона ва муғризонаи фозилону уламои давронашро нисбат бар якдигар ба василаи киноя ифшо намояд.

Убайд дар латоифи хурдҳаҷми хеш бо бакоргирии ҷумлаҳои бисёр кам тавониста нуктаҳои муҳимме аз ҷомеаи даврони худро ба боди интиқод бикашад. Дар ҳикоёти хурдҳаҷм Убайд ба тасвири мавзӯоти мухталиф кӯшида, авзои замонаи худро аз ҳар боб мекушояд. Як мавзӯе, ки Убайд дар ин қабил латоифи хеш бештар бар он муроҷиат намуда, мавзӯи таассуб аст, ки дар кулли осори адиб бад-он таваҷҷуҳ шудааст. Аз ҷумла, дар латифаи зер Убайд бо маҳорати фавқулода фазои мутаассибонаи давраи хешро дар мисоли мусулмон шудани тарсоӣ баррасӣ намудааст: "Тарсоие мусулмон шуда буд. Гирди шаҳр мегардониданд. Тарсоии дигар бад-ӯ расид. Гуфт: "Нек кардӣ, ки мусулмонон сахт андак буданд, ту низ мусулмон шудӣ" [3, с.190]. Дар латифаи мазкур ҳадафи муаллиф танқиди ақоиди мутаассибонае мебошад, ки фазои ҷомеаи вайро фаро гирифта, мудом боиси ихтилофи инсонҳо мегардад.

Тавассути латоифи кӯтоҳ Убайд афкори худро ба таври бисёр муҷаз ва муассир баён карда, бар хонандагони худ завқи баланди бадеӣ-эстетикӣ мебахшад. Аз ҷумла, дар ҳикояти поён Убайд ҷаҳолату нодонии хатибро бад-ин тариқ ифода намудааст: Шахсе аз хатиб пурсид, ки "Ва-с-самоъу зоту-л-ҳаббука" чӣ маънӣ дорад. Гуфт: "Ҳама кас донад, ки самоъ замин аст ва зот аз ин чизаке бошад ва ҳаббука на ман донам ва на ту ва на он кас, ки ин гуфтааст" [3, с.204]. Убайд дар латифаи мазкур на ин ки ба ҷаҳолати хатиб ишорат мекунад, ҳатто, бебаҳрагии вайро аз асосоти исломӣ бозгӯйӣ менамояд.

Дар латоифи кӯтоҳи Убайд дар бисёр маврид иҷозу мухтасаргӯйии сахт эҳсос мешавад. Убайд тавониста, ҳатто, дар ду ҷумла сухани латиферо арзёбӣ намояд ва мавзӯеро матраҳ намояд. Дар ҳикояти Хоҷа Шамсуддини Соҳибдевон ва паҳлавон Аваз ин гуфтаҳо ба субут мерасанд: “Хоҷа Шамсуддини Соҳибдевон паҳлавон Авазро гуфт: “Чун бошад, ки ҳазор динор ба ту бахшам”. Гуфт: “Хоҷа агар ақле дошта бошад, чунин кунад” [4, с.211]. Чунонки дида мешавад, Убайд дар ин латифаи кӯтоҳ тавассути посухи паҳлавон Аваз Шамсуддини Соҳибдевонро мавриди мазоҳ қарор медиҳад. Дар латифаи зер ҳам, ки мавзӯи он ба бисёрзании абнои рӯзгори адиб ихтисос ёфтааст, ҳунари муҷазгӯйии муаллиф ба таври возеҳ аён мегардад: “Пире пеши табиб рафт ва гуфт: “Се зан дорам ва гурдаву масона дард мекунад. Чӣ хӯрам, ки беҳ шавам?” Гуфт: “Лафзи нуҳ талоқ” [4, с.195]. Баъзан, мухтасаргӯйии Убайд ба ҳадди аълои худ мерасад, чунонки дар намунаи поён дар мисоли туфайлӣ: “Туфайлиро гуфтанд: “Иштиҳо дорӣ?” Гуфт: “Мани бечора худ дар ҷаҳон ҳамин дорам” [3, с.199].

Дар баробари риояти одоби гуфтор, дар латоифи Убайд намунаҳои зиёде бархӯрд мешаванд, ки аз нигоҳи арзишгузошти ахлоқӣ дорои қабоҳати зиёд мебошанд. Чунин латоиф агар қисмате аз муҳтавои “Ахлоқ-ул-ашроф”- ро фаро гиранд, қисмати аъзами рисолаи “Дилкушо”- ро дар бар мегиранд. Истифода аз латоифи дорои ҷанбаи қабоҳати гуфтор хосси сабки нависандагии Убайд мебошанд ва танҳо дар осори вай вомехӯранд. Дар латоифи мазкур Убайд бепарда оид ба бадкориҳову бадахлоқиҳои абнои рӯзгори худ сухан меронад ва нисбат бар намояндаи ҳеҷ табақае гузашт намекунад. Аммо, дар осори Убайд латоифе низ бархӯрд мешаванд, ки бо ин ки дар онҳо вожаҳои қабеҳ истифода нагардидаанд, аммо мазмуни онҳо ба қабоҳат мебарад. Дар чунин навъ латоиф Убайд ҳам авзои ҳокими иҷтимоиву ахлоқӣ ва ҳам мафкураи абнои рӯзгори худро ба таври муассире ифода карда, манзараи равшанеро аз тарзи зиндагонии онон матраҳ месозад. Аз ҷумла, дар латифаи поён, ки танзи сахте бар мафкураи абнои рӯзгор аст, Убайд назари ононро нисбат ба занон чунин баён кардааст: “Духтаре даҳсола бинандагонро чун бодоми пӯстканда бошад. Духтари понздаҳсола бозичаи бозигарон аст. Духтари бистсола худованди гӯшту чарбиву нармӣ бошад. Духтари сисола модари духтарону писарон бошад. Духтари чиҳилсола пирзане даргузаштагон бошад. Духтари панҷоҳсоларо бо корд бикушед. Ва духтари шастсола, нафрини Худо ва фариштагон ва мардумон бар вай бод!” [4, с.43]. Матни латоифи калонҳаҷми Убайд фарогири ҷумлаҳои зиёдтар – ҳудуди 10-20 ҷумла мебошанд ва вижагии сохтириву шаклӣ ва мазмуниву мундариҷавии ҳикоят дар онҳо бештар эҳсос мегардад. Аммо, вуҷуди лутфи сухан ва имтизоҷи он бо ҳазлу ҳаҷв бар ин навъ ҳикоёти адиб ҳайсияти латифаро мебахшанд. Ҳама қаҳрамонон ва персонажҳое, ки дар латоифи калонҳаҷми Убайд иштирок мекунанд, ҳамонҳое мебошанд, ки нависанда онҳоро дар латоифи хурди хеш мавриди истифода қарор додааст. Мавзӯоте ҳам, ки Убайд дар ин қабил латоифи худ корбаст карда, ҳамон мавзӯоте мебошанд, ки дар латоифи хурди вай баррасӣ гардидаанд: ишорат бар авзои ноҳинҷори иҷтимоиву иқтисодии даврон ва бадахлоқиву ҷаҳолати абнои рӯзгор. Дар латоифи калонҳаҷм низ Убайд ҳам лаҳну равиши муътадилро риоят карда, ҳам сахту тундро, яъне вай дар баёни матолиб ҳам одоби гуфторро риоят намудааст, ҳам дар ин маврид вожаҳову ибороти қабеҳро дар тарҳрезии ҷумлаҳо корбаст кардааст. Агар дар латоифи дорои бори манфӣ ё қабоҳат ҷанбаи ахлоқи ношоиста эҳсос шавад, дар латоифи муътадил, баръакс, ҷанбаи ахлоқӣ бештар ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар латифае, ки ба дарвеш ва духтарак бахшида шуда, Убайд дар ҳудуди 13 ҷумла ҳикояти латифу марғуберо роҷеъ ба вазъи касоди рӯзгори худ оварда ва ба василаи он бухлу имсоки абнои рӯзгори худро танқид намудааст: “Дарвеше ба дари хонае расид, порае нон хост. Духтараке дар хона буд, гуфт: “Нест”. Гуфт: “Қадре сирка”. Гуфт: “Надорем”. Гуфт: “Чӯбе ҳезум”. Гуфт: “Нест”. Гуфт: “Порае намак”. Гуфт: “Нест”. Гуфт: “Порае об”. Гуфт: “Надорем”. Гуфт: “Модарат куҷост?” Гуфт: “Ба таъзияти хешовандон рафтааст”. Гуфт: “Чунин ки ман ҳоли хонаи шумо мебинам, даҳ хешованди дигар мебояд, ки ба таъзияти шумо оянд” [3, с.191].

Дар латоифи калонҳаҷми Убайд мавзӯи ҳозирҷавобии ашхоси гуногун дар баробари бузургон мукаррар бархӯрд мешавад. Зоҳиран, ҳадафи муаллиф аз ин қабил латоиф киноят бар тангчашмӣ ва имсоки бузургони даврони худ ва, бад-ин васила, ба таҳрик даровардани раҳму шафқат ва, ниҳоятан, дар онон тарбият кардани сифати ҳотамӣ мебошад; зеро, чунонки аз аҳволи худи Убайд – ба ҳайси як марди фозили муқарраби дарборҳо дида мешавад, аҳли давлат дар даврони вай аксаран дур аз хайру сахо будаанд. Аз ҷумла, дар латифае, ки ба ҳозирҷавобии пири заиф дар баробари Султон Маҳмуд дида мешавад, Убайд кинояте бар давлатмардони замони хеш намудааст: “Султон пири заифро дид, ки пуштвораи хор мекашид. Ва бар ӯ раҳмат овард ва гуфт: “Эй пир, ду-се динор мехоҳӣ ё дарозгӯше, ё ду-се гӯсфанд, ё боғе, ки ба ту диҳам, то аз ин заҳмат халос ёбӣ”. Пир гуфт: “Эй султон, муддате аст, то дар орзуи онам, ки оқчае ду-се динор бар миён бандам ва бар дарозгӯше бинишинам ва ду-се гӯсфанд дар пеш кунам ва ба боғи худ равам

ва он ҷо бақияи умр ба давлати ту биёсоям. Султонро хуш омад, бифармуд, то чунон карданд” [3, с.200].

Латифаҳои калонҳаҷми Убайд, баъзан, аз ҳайси теъдод хурдтар ҳам бошанд, вале, тааддуди ҷумлаҳои сода дар дохили ҷумлаҳои мураккаб ҳаҷми онҳоро бузургтар мегардонад. Аз ҷумла, дар латифаи зер, бо он ки 5 ҷумлаи мураккаб истифода гардидаанд, аммо маҷмӯи ҷумлаҳои сода дар он 16-торо ташкил медиҳад: “Туркмоне бо яке даъвие дошт. Бастуе пур аз гаҷ кард ва порае равған дар сари он гудохт ва аз баҳри қозӣ ба ришват бурд. Қозӣ бастуи равған дид, тарафи туркмон гирифт. Қазия, чунонки хотири ӯ мехост, охир кард ва мактубе мусаҷҷал ба туркмон дод. Қозӣ баъд аз чанд рӯз, ки қазияи басту маълум кард, туркмонро бихонд ва гуфт: “Он мактуб биёр, ки саҳве дар он ҷо ҳаст, то ислоҳ кунам”. Туркмон гуфт: “Агар саҳве бошад, дар басту бошад ва, агар на, дар мактуб ҳеҷ саҳв нест” [4, с.195].Латоифи калонҳаҷме, ки аз ҳайси лаҳн ва риояти одоби гуфтор дорои бори манфиянд, қисмати аъзами мундариҷаи осори Убайдро ташкил медиҳанд. Бо ин ки ба ҳайси мисол овардани ин қабил латоифи Убайд бурун аз доираи имкон аст, қайд кардан бамаврид аст, ки маҳз ҳамин қабил латоифи адиб бори асосии ҳунари латифапардозӣ ва сабки вижаи ӯро ба вуҷуд меоваранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь. Около 42 000 слов / Х.К. Баранов. - Москва: Русский язык, 1984. - 942 с.
2. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз гузаштаи адабии Эрон. Мурурe бар насри форсӣ. Сайре дар шеъри форсӣ. Бо назаре бар адабиёти муосир / Абдулҳусайни Зарринкӯб. - Теҳрон: Ал-ҳудо, 1375. - 588 с.
3. Зоконӣ, Убайд. Осор / Убайди Зоконӣ: бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев. Академияи улуми Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон. Институти шарқшиносӣ. - Душанбе: Дониш, 1991. - 212 с.
4. Зоконӣ, Убайд. Рисолаи “Дилкушо”. Бо инзимоми рисолаҳои “Таърифот”, “Садпанд” ва “Наводир-ул-амсол” / Убайди Зоконӣ: тасҳеҳ ва тарҷума ва тавзеҳи Алиасғари Ҳалабӣ. - Теҳрон: Асотир, 1383 ҳ.ш. - 370 с.
5. Сайфутдинов, Б.Х. Жанровые и художественные особенности «Латоиф-ут-тавоиф» Фахриддина Али Сафи: автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.01.0 / Б.Х. Сайфутдинов. - Душанбе, 2004. - 22 с.
6. Салимов, Н.Ю. Зарождение и становление прозаических жанров в персидско-таджикской литературе средних веков (X-XII): автореф. дис. ... д-ра. филол. наук: 10.01.03 / Н.Ю. Салимов. - Душанбе, 2002. - 48 с.
7. Сафо, Забеҳулло. Нигарише бар латоиф ва танзи Убайди Зоконӣ / Забеҳулло Сафо // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон; гирдоварӣ ба кӯшиши Беҳрӯзи Соҳибихтиёр ва Ҳамид Боқирзода. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - Саҳ. 170-175.

ЛАТОИФИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА ХУСУСИЁТИ СОХТОРИИ ОНҲО

Тибқи нишондоди муаллифи мақола, латифа ба ҳайси жанри алоҳидаи насрӣ дар таърихи адабиёти классикӣ собиқаи куҳан дорад. Муҳаққиқон аввалин намунаҳои латоифи форсиро дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” дарёфтаанд. Намунаҳои комилтару муъҷазтари жанри латифа дар “Гулистон”- и Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, “Баҳористон”- и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, рисолаҳои “Ахлоқ-ул-ашроф” ва “Дилкушо” - и Мавлоно Низомуддин Убайди Зоконӣ ва “Латоиф-ут-тавоиф”- и Мавлоно Фахруддин Алии Сафӣ истифода шудаанд. Латоифи осори мазкур чи аз ҳайси сохтору шакл ва чи аз ҷиҳати мавзӯву мундариҷа аз беҳтарин намунаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик маҳсуб мешаванд. Аз осори фавқуззикр,- қайд менамояд муаллиф,- ду асари Убайди Зоконӣ - рисолаи “Дилкушо” ва “Ахлоқ-ул-ашроф”- ро бо вуҷуди хусусиятҳои фарқкунандае, ки доранд, метавон ба таври махсус ном гирифт. Латоифи дар ду асари мазкур истифодашуда асоситарин вижагии махсус бар жанри латифа, яъне ҳазлу ҳаҷвро доро мебошанд ва хонандагони худро ба хандаву болидарӯҳӣ водор менамоянд. Махсусан дар рисолаи “Дилкушо” латоифи зиёду гуногунмавзӯъ ва дилнишину таъсирбахш истифода шудаанд ва бо лаҳну сабки махсуси гуфтор ҷилваи махсус доранд. Чунонки муаллиф қайд менамояд, тундгуфторӣ, суханҳои ракику сахт ва корбурди қабоҳат дар баёни матлаб аз асоситарин вижагиҳои латифапардозии Убайд ба ҳисоб мераванд. Латоифи Убайд аз ҳайси сохтор хурд ё кӯтоҳ ва калонҳаҷм мешаванд. Дар латоифи хурдҳаҷм агар теъдоди ками ҷумлаҳо – 5-10 ҷумла истифода шуда бошанд, дар латоифи нисбатан бузург ҷумлаҳои бештар корбурд гардидаанд. Ҳам латоифи хурд ва ҳам калонҳаҷми Убайд бар асоси танзу киноят бунёд ёфтаанд ва машҳун аз лаҳни тунд ва гуфтори сахт мебошанд.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, латифа, ҳикоят, танзу киноя, сохтор, шакл, лаҳни тунд, одоби гуфтор, қабоҳат, мавзӯъ, ҳазл, ҳаҷв.

АНЕКДОТЫ УБАЙДА ЗОКОНИ И ИХ СТРУКТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

По словам автора статьи, анекдот – как отдельный прозаический жанр в истории таджикско-персидской литературы имеет древнюю прошлость. Первых примеров персидских анекдотов исследователи извлекли в старинном прозаическом источнике “Джавоме’-ул-хикоёт” (“Сборник рассказов”). Самых совершенных, изящных и лаконичных примеров анекдотов использованы в “Гулистан” (“Розовый сад”) Шейха Муслихеддин Саади Ширази, “Бахористон” (“Весенный сад”) Мавлоно Абдуррахман Джами, трактатах “Ахлок-уль-ашроф” (“Этика аристократов”) и “Дилкушо” (“Увеселительный трактат”) Низамеддин Убайда Зокони и “Латоиф-ут-тавоиф” (“Анекдоты разных слоев людей”) Фахруддин Али Сафи. Анекдоты вышеупомянутых произведений по своей структуре и содержании являются наилучшими образцами подобного жанра в персидско-таджикской классической литературы. Из вышеуказанных произведений, - отмечает автор,- наличием своим отличительным особенностьям ярко отделяются две трактаты Убайда Зокони. Анекдоты и шутки этих произведений обладают самыми основными стилистическими чертами, присущими данному жанру, такими как сатири и смеха. Особенно в трактат “Дилкушо” использованы разнообразные и многотемные изящные и привлекательные анекдоты, которые ярко отличаются своим тоном и стилем изложения. Как отмечает автор, резкость, острословие и использование вулгарных слов, словосочетаний и предложений являются основными характерными чертами в мастерстве Убайда при изложении

анекдотов. С точки зрения структуры анекдоты Убайда разделяются на мелких, сосотоящихся из 5-10 предложений и больших, охватывающихся около 10-15 и более предложений. И мелкие и большие анекдоты Убайда изложены на основе острых насмешок и намеков, покритых острыми и резкими словами.

Ключевые слова: Убайд Зокон, анекдот, рассказ, насмешка и намек, структура, грубый тон, вулгаризм, этика общения, тема, сатира, шутка.

АНЕКДОТЫ УБАЙДА ЗОКОНИ И ИХ СТРУКТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

По словам автора статьи, анекдот – как отдельный прозаический жанр в истории таджикско-персидской литературы имеет древнюю историю. Первые примеры персидских анекдотов исследователи извлекли в старинном прозаическом источнике “Джавоме’-ул-хикоёт” (“Сборник рассказов”). Самые совершенные, изящные и лаконичные примеры анекдотов использованы в “Гулистан” (“Розовый сад”) Шейха Муслихеддин Саади Ширази, “Бахористон” (“Весенный сад”) Мавлоно Абдуррахман Джами, трактатах “Ахлок-уль-ашроф” (“Этика аристократов”) и “Дилкушо” (“Увеселительный трактат”) Низамеддин Убайда Зокони и “Латоиф-ут-тавоиф” (“Анекдоты разных слоев людей”) Фахруддин Али Сафи. Анекдоты вышеупомянутых произведений по своей структуре и содержании являются наилучшими образцами подобного жанра в персидско-таджикской классической литературе. Из вышеуказанных произведений, - отмечает автор,- наличием своих отличительных особенностьей ярко выделяются два трактата Убайда Зокони. Анекдоты и шутки этих произведений обладают самыми основными стилистическими чертами, присущими данному жанру, такими как сатира и смех. Особенно в трактате “Дилкушо” использованы разнообразные и многотемные изящные и привлекательные анекдоты, которые ярко отличаются своим тоном и стилем изложения. Как отмечает автор, резкость, острословие и использование вулгарных слов, словосочетаний и предложений являются основными характерными чертами в мастерстве Убайда при изложении анекдотов. С точки зрения структуры, анекдоты Убайда разделяются на маленькие, состоящиеся из 5-10 предложений и большие, охватывающихся около 10-15 и более предложений. И маленькие и большие анекдоты Убайда изложены на основе острых насмешек и намеков, наполненных острыми и резкими словами.

Ключевые слова: Убайд Зокони, анекдот, рассказ, насмешка и намек, структура, грубый тон, вулгаризм, этика общения, тема, сатира, шутка.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғаффорзода Шоҳрух*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Сведения об авторе: ***Гаффорзода Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикского языка и литература. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforzoda Shohrukh*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, associate professor of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК:891.550

ДАСТХАТҲОИ ДЕВОНИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ АЗ "КИТОБХОНАИ БОЯЗИД"

Насриддинов Ф.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

"Китобхонаи Боязид" аз муҳимтарин ганҷинаҳои мероси хаттии Осиёи Сағир ба ҳисоб меравад. Китобхонаи мазкур ба султони усмонӣ Боязиди дуюм (ҳукм. 886-918/1481-1512) тааллуқ дошта, имрӯз дар ҷанбаи ҷомеи ӯ дар қисмати таърихию куҳани Истамбул қарор дорад. Дар ин ганҷина бештар аз панҷоҳ ҳазор дастхат ва васоиқи нодир маҳфуз мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки осори донишмандони тоҷик бахше аз мероси гаронбаҳои ин ганҷинаро ба худ ихтисос додаанд. Дастхатҳои девони Камоли Хуҷандӣ аз ҷумлаи чунин осор буда, дар байни мероси нафиси ин ганҷина аз дурахшандагии хосса бархӯрдоранд. Дар ин ганҷина ду дастхати девони Камоли Хуҷандӣ нигаҳдорӣ мешавад, ки ин ҷо ба нусхашиносии онҳо мепардозем.

1. Дастхати шумораи 16263. Дастхат комил буда, аз 207 варақ иборат аст. Матн дар 204 барг (1б-204б) китобат гардидааст. Навъи хат настаълиқ аст. Матн дар ҳар варақ дар ду сутуни маъмулан 13-сатрӣ навишта шудааст. Дастхат ҷадвалкашӣ шуда, аммо аз тазҳибкорӣ холист. Дар тарқима соли китобат 847/1443 сабт гардидааст. Он ҷо котиб аз худ ба сурати "Ҳоҷӣ Абулҳусайн" ёд намудааст (207б). Ислоҳу сабти алфозу иборот ва мисраву абёти афтода, ки дар ҳошия бо хатти котиб сурат гирифтааст, аз ин дарак медиҳад, ки нусха аз ҷониби котиб бозхонӣ шудааст. Шеваи имлои ҳарфҳои хосси забони форсӣ, бахусус "че" ва "гоф", ба шакли арабист. Дастхат рикоба дорад. Бо таваҷҷуҳ ба он метавон гуфт, ки дар матн афтодагӣ ба назар намерасад. Котиб нусхаи дигаре низ дар ихтиёр дошта, ки ваҷҳи дигаре аз мисраъро гоҳе дар ҳошия сабт менамояд (ниг. ғазали 275, 356 ва ғ.). Ашъор гоҳ-гоҳ ба тартиби ҳуруфи қофия оварда шудаанд. Байни ғазалҳо маъмулан бо ҷумлаи "Айзан лаҳу" ва "Ва лаҳу" фосилагузорӣ шудааст. Ҷумлаи дуоияи нахустин ба сурати "Алайҳи-р-раҳмату" аз ғазали 104 оғоз гардидааст. Аз муҳре, ки дар чанд ҷойи дастхат зада шудааст, бармеояд, ки он қаблан аз мавқуфоти аъзои Маҷлиси

молияи Усмониён марҳум Ҳоҷӣ Ориф Афандӣ ба китобхонаи умумӣ будааст. Дастхат шомили қасида (1 адад), ғазал (711 адад), қитъа (66 адад), рубоӣ (12 адад), муаммо (9 адад) ва маснавӣ (1 адад) аст.

2. Дастхати шумораи № 5679. Дастхат комил ва музаҳҳаб аст. Матн бо хатти настаълиқи хафии рез хушнависӣ гардидааст. Матн дар 251 барг (1б-251а) навишта шудааст. Матн дар ҳар сафҳа дар ду сутуни маъмулан 14-сатрӣ китобат ёфтааст. Тартиби ашъор назми ягона надорад. Муаммоҳо унвонгузорӣ шудаанд. Бо таваҷҷуҳ ба рикоба метавон дарёфт, ки пас аз ғазали охир варақе афтодааст. Аз заҳрия ва муҳрҳо бармеояд, ки нусха ба салотини усмонӣ тааллуқ доштааст ва соли 1266/1850 аз ҷониби волидаи султон Абдулмаҷидхон вақф гардидааст. Нусха охирҳои моҳи раҷаби соли 884/октябри 1479 навишта шудааст. Чунончи дар тарқима омада: "Тамма дивану алтафи-ш-шуаро Шайх Камолиддин ал-Хуҷандӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, ало яди ақалли-л-ибоди ва аҳваҷиҳим Шайх Ҳусайн ал-Котиб (?) фӣ авохири шаҳри раҷаби-л-мураҷҷаби саната 884. Ва-л-ҳамду лиллоҳи ало итмомиҳи ва-с-салоту ало Муҳаммадин ва олиҳи" (Яъне, (Китобати) девони хушгӯтарини шуаро Камолиддини Хуҷандӣ, раҳмати Худо бар ӯ бод, дар охири моҳи раҷаби мураҷҷаби соли 884 бо дасти камтарини бандагон ва ниёзмандтарини онҳо Шайх Ҳусайни Котиб (? – номи котибро то ҷое сутурдаанд, зоҳиран чунин буда) итмом пазируфт. Сипос Худовандро, ки бар итмоми ин девон иноят фармуд ва дуруд бар Муҳаммад (с) ва хонадонаш бод). Нусха шомили қасида (4 адад), ғазал (879 адад), қитъа (71 адад), рубоӣ (17 адад), муаммо (11 адад) ва фард (1 адад) мебошад. Таъкид намудан бамаврид аст, ки дастхатҳои "Китобхонаи Боязид" дар такмил ва тасҳеҳи девони Камоли Хуҷандӣ манбаъҳои арзишманд мебошанд. Дар дастхатҳои "Китобхонаи Боязид" намунаҳои нав ва то ҳол ноошнои ашъори Камоли Хуҷандӣ маҳфуз монда, ки метавон бо истифода аз онҳо бар такмили девони шоир кӯшид. Намуна:

Эй аз ҳаёи накҳати хулқи ту омада
Гулро ба саҳни боғ арақ аз ҷабин фурӯ.
Аз ҳиммати баланди ту омад аҷаб маро,
К-оварда сар ба тӯлаи андӯҳгин фурӯ.
Месуд ҳамчу оҳи манат сар бар осмон,
Чун ашки хуниям зи чӣ рафтӣ замин фурӯ?

Ин қитъа дар ҳар ду нусхаи "Китобхонаи Боязид" мастур аст (3, қитъаи 26; 4, қитъаи 57). Қитъаи мазкур дар ҳеч нашри девони Камоли Хуҷандӣ дида намешавад. Ин қитъа, афзун бар ду нусхаи "Китобхонаи Боязид", дар чанд дастхати куҳани девони Камоли Хуҷандӣ низ ба назар мерасад. Ба мисли нусхаи шумораи 339/3 аз китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллӣ, нусхаи шумораи 10139 аз музейи Кохи Гулистон, нусхаи шумораи 4200 аз китобхонаи Нурусмония, нусхаи шумораи 3962 аз китобхонаи Аёсӯфия. Ин нукта асолати қитъаи мазкурро таъйид менамояд.

Ҷиҳати тасҳеҳи ғалатҳои ҷойдошта ва бозхонии дурусти порае аз матлабҳои девони Камоли Хуҷандӣ бояд ба нусхаҳои куҳан муроҷиат намуд. Дар чунин нусхаҳо забтҳои асил маҳфузанд. Дар ин замина нусхаҳои "Китобхонаи Боязид" аз аҳамияти хосса бархӯрдоранд. Барои таъйиди назар ба мисолҳои зерин менигарем.

1. Бе хандаи ту кони намак хони заҳмат аст,
Ҷон аз наими ҳар ду ҷаҳон лаззате наёфт.

Аксари нашрҳо ин байтро ба ҳамин сурат интишор додаанд. Дар ин хониш рабти мисраъҳо аз байн меравад. Равшан аст, дар шеър ҳар ду мисраъ бо ҳам байту хонаи маънавӣ месозанд ва дар пайванд бо ҳамдигар маънии матлуб эҷод мекунанд.

Ин ҷо ҳарфи "зо"-и калимаи "заҳмат" мусаҳҳеҳонро ба ғалат андохтааст. Бояд гуфт, ки дар он аҳд ҳарфи "ро"-ро бо нуқта навиштан ҳанӯз ҷараён дошт. Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, чун ҳарфи "зо"-и калимаи "заҳмат"-ро ҳарфи "ро" хонем, калимаи мазкур сурати "раҳмат" ба худ мегирад. Вақте ки забти дурусти калима ба даст меояд, ғалатҳои дигар низ тасҳеҳ мепазиранд ва байт чунин хониш пайдо менамояд:

Бе хандаи ту, к-он намаки хони раҳмат аст,
Ҷон аз наими ҳар ду ҷаҳон лаззате наёфт.

Дигар маънӣ ва рабти мисроайн комилан барқарор мегардад, ки шоир гуфтанист:

Эй ёр, хандаи ту, ки он намаки хони раҳмат аст ва бе он хони раҳмат лаззате надорад, ҷони мо низ бидуни он аз ҳар ду ҷаҳон лаззате намеёбад. Хоҷа Камол, афзун бар ин ҷо, борҳо дар девони хеш аз ҷонбахшии хандаи ёр ва нуқли ҳаётбахши лабони ӯ сухан гуфта, ки хониши дурусти байти мавриди баҳсро таъйид менамоянд. Аз ҷумла:

Ёр дар зери лаб чу ханда кунад,
Ҳар киро кушт, боз зинда кунад.

Лаби ту нуқли ҳаётам ба коми ҷон андохт,
Ба хандаи намакин шӯр дар ҷаҳон андохт.

Ҷони муҳиб ба ханда намеояд аз нишот,
То зери лаб ҳабиб табассум намекунад.

Тасҳеҳи ин байт аз нусхаи 16263 аз "Китобхонаи Боязид" (3, ғазали 70) ва чанд нусхаи муътабари дигар, ки ҳама забтро ба сурати возеҳ овардаанд, ба даст меояд.

2. Аз зоҳидӣ ба риндӣ кардӣ, Камол, тавба,
Ҷуз покбози форид тарки даго кӣ гӯяд?!

Байти мазкур забти нусхаҳои "Китобхонаи Боязид" аст (3, ғазали 279; 4, ғазали 329). Дар чанд нашри суратгирифта таъбири "покбози форид" ба сурати "покбози қодир" (7, 548; 9, 127; 10, 151) ё "покбози нодир" (8, 1, 344) хонда шудааст. Ин ҷо ҳар ду хониш камранг ва ғалатанд. Бешак, шабоҳати навишти "форид" бо "қодир" ва "нодир", яъне монандии китобати ҳарфи "фо" бо "қоф" ва "нун" дар оғози калима ва навишти ҳамгуни "дол" ва "ро" мусаҳҳеҳонро ба иштибоҳ андохтааст. Тааммуле бар маънӣ ва тааммуқе дар ҷойгоҳи мафҳуми мазкур дар шеъри Камол кофӣ буд, ки сурати дурусти матлаб дарёфта шавад.

3. Дар паси оина чист? Қобили ин ҳарф кист,
К-оина бо худ надошт он чӣ ба тӯтӣ намуд?

Анбуҳе аз ғалати нусхаҳои нашрӣ ба хатохонии нуқтаҳо алоқаманд аст. Дар ин байт, ки забти ҳамаи нашрҳои ватанӣ ва чанде аз нашрҳои хориҷӣ аст, дар калимаи "қобил" ҳамин навъ ғалат рух додааст. Шакли дурусти калима "қоил" аст. Чун дар назди қудамо навишти калимаи мазкур бо ҳарфи "ё" маъмул буд ва он танҳо бо як нуқта аз "қобил" фарқ дошт, иддае аз котибон ва аксари мусаҳҳеҳон дар сабт ва хониши он ба ғалат рафтаанд.

Дар нусхаи шумораи 16263 аз "Китобхонаи Боязид" ин калима возеҳ ба сурати "қоил" (яъне, гӯянда) омада, ки забти саҳеҳ ва дуруст ҳамин аст (3, ғазали 328). Ин ҷо огоҳӣ аз шеваи маъруфи суханомӯзӣ ба тӯтӣ, ба хониши дурусти забт кумак менамояд. Маъруф аст, ки чун бихоҳанд, то ба тӯтӣ сухангӯӣ омӯзанд, рӯ ба рӯйи он оина мегузоштанд ва касе аз паси он сухан мегуфт. Тӯтӣ бо пиндори он ки акси ӯ тӯтии дигарест, ки бо ӯ сухан мегӯяд, андак-андак сухангӯӣ меомӯхт. Ба ин тариқ, зоҳиран тӯтӣ аз оина сухангӯӣ меомӯхт, аммо дар асл оина ин ҳунарро надошт. Каси дигаре буд, ки аз паси он сухан мекард. Қоилу гӯянда ӯ буд, на оинаву тӯтии мунъакис дар он. Шайх Камол низ ҳаминро гуфтанист, ки дар паси оина чист, қоилу гӯяндаи ин ҳарф кист? Зеро ман медонам, ки оина худ ҳунари гуфторро надорад ва он чи ба тӯтӣ менамояд, аз худи ӯ нест. Маъруфияти ин матлаб дар шеъри форсӣ ниёзе ба тавзеҳ надорад. Камоли Хуҷандӣ низ, илова бар ин ҷо, борҳо аз ин матлаб баҳра бурдааст. Шавоҳид:

Рӯи ту дидам, суханам рӯй дод,
З-оина тӯтӣ ба сухан дарфитод.

Хати сабзат зи рух дилбурдан омӯхт,
Ки тӯтӣ гирад аз оина талқин.

Камол рӯи ту диду зи шавқ дар сухан омад,
Шавад ҳароина тӯтӣ зи акси оина нотиқ.

Дар ин замина мисолҳо зиёд аст, аммо аз ҳамин чанд намуна низ метавон дарёфт, ки дар дастхатҳои "Китобхонаи Боязид" асолати сухани Камоли Хуҷандӣ маҳфуз мебошад. Ба ин муҷиб, бояд дар тасҳеҳи минбаъдаи девони шоир аз онҳо истифода намуд. Натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши дастхатҳои ашъори Камоли Хуҷандӣ аз "Китобхонаи Боязид" дар чунин нуктаҳо ҷамъ меояд:

а) Дастхатҳои ашъори Камоли Хуҷандӣ, ки дар Осиёи Сағир нигаҳдорӣ мешаванд, ҳанӯз дар тасҳеҳ ва нашри ашъори Камоли Хуҷандӣ истифода нагардидаанд;

б) Дастхатҳои девони Камоли Хуҷандӣ, ки дар "Китобхонаи Боязид" нигаҳдорӣ мешаванд, аз ҷумлаи куҳантарин нусхаҳои хаттии ашъори шоир мебошанд. Дар ин дастхатҳо асолати шеъри Шайх Камол ва намунаҳои нави ашъори ӯ маҳфуз мондааст;

в) Бо асноде, ки аз омӯзиши дастхатҳои девони Камоли Хуҷандӣ аз "Китобхонаи Боязид" ба даст меояд, метавон дар матншиносии ашъори шоир қадами устуворе пеш гузошт;

г) Бозшиносие, ки ин ҷо аз дастхатҳои ашъори Камоли Хуҷандӣ сурат гирифт, дар нусхашиносии осори шоир кӯшиши тоза мебошад. Ин амр метавонад дар нусхашиносии минбаъдаи ашъори Шайх Камол мусоидат намояд;

ғ) Бояд аз дастхатҳои девони Камоли Хуҷандӣ, ки дар "Китобхонаи Боязид" маҳфузанд, дар такмил ва тасҳеҳи нави ашъори шоир кумак гирифт.

А Д А Б И Ё Т

1. Дастхати шумораи 3/339 аз китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллӣ. Таърихи китобат соли 821/1418.
2. Дастхати шумораи 10139 аз Кохи Гулистон. Таърихи китобат соли 835/1431-1432.
3. Дастхати шумораи 16263 аз китобхонаи Боязид. Таърихи китобат соли 847/1443.

4. Дастхати шумораи 5679 аз китобхонаи Боязид. Таърихи китобат охирҳои моҳи рачаби соли 884/октябри 1479.
5. Дастхати шумораи 4200 аз китобхонаи Нуруусмония. Таърихи китобат моҳи сафари соли 887/апрели 1482.
6. Дастхати шумораи 3962 аз китобхонаи Аясофя (асри XV).
7. Девони Камоли Хуҷандӣ / Тасҳеҳи Азизи Давлатободӣ. - Теҳрон: Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1375.
8. Девони Камоли Хуҷандӣ. Матни интиқодӣ ва муқаддимаи Шарифҷон Ҳусейнзода ва Саъдулло Асадуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1986.
9. Девони Камоли Хуҷандӣ / Тасҳеҳ ва муқобалаи Аҳмади Карамӣ. - Теҳрон: Нашриёти "МО", 1372.
10. Девони Камоли Хуҷандӣ /Тасҳеҳ ва муқаддимаи Маҷиди Шафақ. - Теҳрон: Саноӣ, 1389.

ДАСТХАТҲОИ ДЕВОНИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ АЗ "КИТОБХОНАИ БОЯЗИД"

Мақола дар муаррифии он дастхатҳои ашъори Камоли Хуҷандӣ, ки дар "Китобхонаи Боязид" (Истамбул) маҳфуз мебошанд, ба қалам омадааст. Муаллиф таҳқиқ намуда, ки дар ганҷинаи мазкур ду дастхати девони Камоли Хуҷандӣ таҳти рақамҳои 16263 ва 5679 нигаҳдорӣ мешаванд. Муаллиф мавзӯъро дар ду қисмат баррасӣ намудааст. Дар қисмати аввал нусхашиносии ду дастхати мазкур сурат гирифтааст. Дар қисмати дуюм масъалаи аҳаммияти ин дастхатҳо дар тасҳеҳу такмили девони Камоли Хуҷандӣ баррасӣ гардидааст. Дар маҷмӯъ, тавассути ин мақола бори аввал дар камолшиносӣ ду дастхати то ҳол ношинохтаи девони Камоли Хуҷандӣ, ки дар "Китобхонаи Боязид" маҳфуз мебошанд, бозшиносӣ шуда, бар ҷойгоҳи онҳо дар нашри интиқодии девони шоир таъкид гардидааст.

Калидвожаҳо: Камоли Хуҷандӣ, китобхонаи Боязид, дастхат, тасҳеҳ, ашъор, девон, нусха, нусхашиносӣ, забт байт, мисраъ.

РУКОПИСИ ДИВАНА КАМОЛИ ХУДЖАНДИ ИЗ «БИБЛИОТЕКИ БОЯЗИДОВ»

В статье рассматриваются рукописи поэзии Камоли Худжанди, хранящиеся в «Библиотеке Боязидов» в Стамбуле. В ходе исследования, автор выясняет, что в соответствующей сокровищнице хранятся две рукописи дивана Камола Худжанди под номерами 16263 и 5679. В своей статье автор подвергает рассмотрению исследуемую тему в двух частях, то есть, первая часть представляет собой кодикологию этих двух рукописей, а вторая часть касается вопроса, связанного с важностью соответствующих рукописей, направленных на исправление и дополнение дивана Камоли Худжанди. Приводя результаты анализа первого из них, автор статьи рассматривает две ранее неизвестные рукописи дивана Камола Худжанди в «Библиотеке Боязидов».

Ключевые слова: Камол Худжанди, Библиотека Боязидов, рукопись, исправление, поэзия, диван, копия, кодикология, захват, байт, мисра..

MANUSCRIPTS OF KAMOLI KHUJANDI'S DIVAN FROM "BOYAZID LIBRARY"

The article under consideration dwells on the manuscripts of Kamoli Khujandi's poetry which are preserved in the Boyazid Library, in Istanbul. In the course of the research beset with the corpus of the study, the author canvasses that in the relevant treasury are kept two manuscripts of Kamoli Khujandi's divan under the numbers 16263 and 5679. In his article the author carries out the theme explored in two parts. That is, the first part lies a codicology of these two manuscripts and the second part deals with the issue concerned with the importance of the relevant manuscripts aimed at the correction and complementation of Kamoli Khujandi's divan. Adducing the results of the analysis concerned with the former in question, the author of the article reviews two previously unknown manuscripts of Kamoli Khujandi's divan preserving in "The Boyazid Library" and lays an emphasis upon the idea of their place in the critical edition of the poet's divan in the field of Kamol studies, for the first time.

Key-words: Kamoli Khujandi, Boyazid Library, manuscript, correction, poetry, divan, copy, codicology, capture, bayt, misra`.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Насриддинов Фахриддин Абдуманонович*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбекова, 1 E-mail: **fahr79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-29-15-03**

Сведения об авторе: ***Насриддинов Фахриддин Абдуманонович*** -Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **fahr79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-29-15-03**

Information about the author: ***Nasriddinov Fakhriddin Abdumanonovich*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, Dr. of Philology, Professor of the department of language and literature. **Address:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **fahr79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-29-15-03**

УДК:891.550

ИСТИФОДАИ САНЪАТИ САҶЪ ДАР “ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ”-И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ

Анварова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

“Латоиф-ул-амсол”-и Рашидуддини Ватвот бар асоси ин, ки, пеш аз ҳама, дар тарҷумаи амсоли арабӣ ба қалам омадааст, аз вежагиҳои хоссаи сабки нигориш бархӯрдор мебошад. Дар навбати аввал ҳарчанд ин асар бо шеваи марсум дар нигориши фарҳангнависии амсоли арабӣ ба қалам омадааст, аммо ҷой гирифтани тарҷумаи амсол дар забони форсӣ муҳимтарин шеваи кори муаллифи он ба шумор меравад, ки асари мазкурро аз ҳар ҷиҳат имтиёз мебахшад.

Корбурди шеваи насри мусаҷҷаъ низ дар саросари ин асар ба чашм мерасад, ки, албатта, баҳри такмили вежагиҳои сабкии он таъсиргузор омадааст. Дар аксари ҳикоёти овардашуда, ки бевосита тарҷумаҳои худи муаллифи асар маҳсуб мешаванд, аз аносири сачъ ба хотири мавзун гардидани каломи худ Ватвот моҳирона истифода намудааст. Дар порчаи қаблӣ вожагони «таҳриз» ва ташхиз» ба ҳамдигар саҷъ шудаанд, ки воқеан, яке аз намунаҳои нодири насри мусаҷҷаъ ба шумор меравад. Зимни мутолиаи ҳикояти зерин низ мо ба ин вежагии хосси сабки таълифи асари ӯ мувоҷеҳ мегардем:

Ҳикоят: “Дар аҳди мо подшоҳе будааст золим, мар порсоеро илзом кард то бар маҳзаре, ки дар баст муддату нашри мукарамаи хеш акд карда буд ва бар вачҳи таклифу ташдиду тариқи таънифу таҳдид, хутути мардони сутуда гувоҳӣ нависад. Он порсои улум бинавишт, ки зоҳир аз ҳоли ҳар мусулмон хосса аз ҳолату киро аёну ибод ва ҳомиён болиданд, он аст, ки чун либоси намат пӯшанд дар изҳори шукри мунъим кушанд ва ба сӯи адлу сулҳ гироянд ва аз мавоқифи зулм ва фасод таҷниб намояд ва «Мо шахиту алимта...». Акнун ин ҷумла суханоне, ки барҳам нишонда ва ба тариқи таъриз ронда, рост аст ва агар ... бинавиштӣ, ки ин подшоҳ ба адл ва некукорӣ мавсум аст ва аз зулму бадкирдори маъсум, дурӯғ будӣ ва дар шаръу мурувату дайну футут нашойисти он ва ҳар чӣ мононди ин бошад, аз тарйизот гузида ва ихтиолоти писандида аст» [11, масали 4, с.43].

Бо таваҷҷуҳ ба ин ҳикоят равшан мегардад, ки саросари он бо насри мусаҷҷаъ ороста шудааст, ончунонки вожагони «пӯшанд бо кӯшанд», «гироянд» ва «намоянд», «нишонда» ва «ронда», «мавсум» ва «маъсум», «гузида» ва «писандида» ба ҳам қофия шуда, таркиби матнро бо корбурди моҳиронаи насри мусаҷҷаъ ороста гардонидаанд. Дар ин гуна ҳикоёт низ ҳамоно шеваи истифодаи вожагони арабӣ ба сурати такрор ба чашм мерасад, ки аз ҷамлуи онҳо «мураввату дайну футут» бад-ин сурат дар таркиби ҷумлаҳо истифода шудаанд. Дар баробари ин, таъкиди нуктаи дигари ҷолиб, ки ба сабки нигориши Ватвот бетаъсир намонад, амри муҳим ба шумор меравад, зеро такрори вожагоне, ки ба ҳарфи ягона шурӯъ мешавад ва канори ҳам омадани онҳо дар баён навъе шеваи навиштории нависандаи асарро оҳангнокӣ бахшидаанд. Аз ҷумла, дар матни болоӣ калимаҳои «таклифу ташдид, тариқи таънифу таҳдид» ҳамин вежагиии муҳимми сабкиро дар худ таҷассум намудаанд.

Истифодаи санъати саҷъ дар аксари мутуни тарҷумаҳои Ватвот ба мушоҳида мерасад, ки ба зикри чанд намунаи дигар бо таъкид бар вожагони мусаҷҷаъ ручӯъ мешавад:“Бипарид гунҷишкакони сари ӯ”. Асли ин масал он аст, ки чун касе сокин бошад, мурғ бар сари ӯ нишинад ва қарор гирад, аммо чун мустариб шавад мурғ аз сари ӯ бипарад ва дур гардад. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе бесабру мустариб шавад аз тарсе ё андешае ба ӯ расад [11, с.121]. Дар ин порча низ тавре маълум мегардад, феълҳои «нишинад» ва «гирад», «бипарад» ва «гардад», «шавад» ва «расад» гунае қофиянокӣ эҷод намуда, насри шоиронаи Ватвотро обуранги бадеӣ бахшидаанд.Дар порчаи баъдӣ бошад, вожагони «зуфон» ва «синон» мусаҷҷаъ шудаанд ва вожаи зуфон ҳам ба сурати роич дар насри асрҳои қадим ба маънии забон истифода шуда, ба ҳифозати аносири нодири забонӣ дар сабки нигориши Ватвот таъкид менамояд:[11, масали 157, 122] طَعْنُ اللِّسَانِ كَوَخْزِ السِّنانِ

Тарҷума:Таъна задан ба зуфон ҳамчун халидан аст ба синон. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро аз бад гуфтани мардумон манъ кунӣ ва ба неку гуфтан таҳриз фармоӣ [11, с.122].Дар шарҳи масали мазкур, ки муфассал сурат гирифтааст, шеваи ҷолиби истифодаи санъати саҷъ ба мушоҳида мерасад, ки ин ҷо танҳо ҳамон маворидиро зарурӣ ва ҷумалоти дорои саҷъ зикр мешаванд:[11, масали 6, с.45] آفة الجمَالِ الخُيَلاءُ

Тарҷума:Офати некуӣ хиромиш ва уҷб аст.

“...ва ин Абудуҷона сахт далер ва мардона будааст ва аз одоти маъруф ва хисоли маълуфи ӯ яке он аст, ки дар ҳарбгоҳ бихиромидӣ ва табахтуркунон пеши хасм боз шудӣ ва душманонро бо касрати адад ва вуфури иддати эшон ба кас надоштӣ ва аломати ӯ рӯзи ҷанг асобае сурх будааст ва ӯро бад-он шинохтандӣ ва ҳар гоҳ, ки дар мавтани кору

маъдани корзор асобаи сурх барбастӣ, мардумон бидонистандӣ, ки дар ҷанг муболиғат хоҳад кард ва димори аъдо бар хоҳад омад...” [11, с.45].

Дар ин порча ба мушоҳида мерасад, ки ибороти “одоти маъруф ва хисоли маълуф”, “мавтани кору маъдани корзор” ба ҳам қофиянокӣ эҷод намуда, ҷилваи саҷъро назокате махсус кардааст. Дар идомаи ин нигориши низ ҳамин равиш давом ёфтааст ва зимнан чанд мавриди дигар таҷассуми саҷъ рӯнамо мешавад:“...ва аммо он хуялоъ, ки Худои таъоло онро душман дорад, нозидан аст ва ба корҳое накуҳида ва амалҳое нописандида ва хиромидан аст аз сари уҷб ва ғуруру кибр ва фухур [11, с.45].Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе ба ҷамолу камоли хеш бинозад ва аз хештанбинӣ ва хиромиш ба муроъот ва риъояти ҷониби дӯстон ва ёрони худ напардозад...”. Дар ин ҷо низ ба мушоҳида мерасад, ки таркибҳои “нозидан аст” ва “хиромидан аст”, “корҳое накуҳида ва амалҳои нописандида”, “аз ҷамолу камоли худ бинозад” “ва ёрони худ пардозад” саҷъ шуда омада, сабки нигориши ин ҳикоятро шоиронаву равон гардонидаанд, ки ин нукта ба ҳунари нависандагии Ватвот таъкид дорад.Дар шарҳи масали дигар бошад, баробари ин, ки вожагони «бағоят» ва «ниҳоят, «мувосат» ва «музоиқат» мусаҷҷаъ шудаанд, аносири ҷаззоби сабки гуфтории мардумӣ барои боз ҳам обуранги бадеӣ касб намудани шеваи иншои асар таъсир гузоштааст. Ин ҷо ибораи «сахт хурд», ки бештар дар фарҳанги мардумӣ барои ифодаи миқдори зиёд ба кор меравад, ин вежагии услубии асарро муҷассам намуда, ба забони нигориши фарҳанг ҷаззобияти хоссае ато кардааст:[11, масали 156, с.121] أطْعِم أخَاكَ مِنْ كُلْيةِ الأرْنَب

Тарҷума:“Бихӯрон бародару дӯстатро аз гурдаи харгӯш”. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро бар мувосот ва мувофиқату муроот ва мусоидат таҳриз кунӣ аз баҳри он, ки гурдаи харгӯш сахт хурд бошад ва чун мард аз ин қадар чизи муҳаққар бо бародарону дӯстон мувосат кунад ва музоиқат раво надорад, донанд, ки дар иттиҳод бағоят ва дар сидқу дод ба ниҳоят аст ва мисли ин масал он аст, ки гӯянд: “Ақанқал-уз-забби” – Карш, яъне дураи ӯ бошад. Дар қитъаи боло равиши хоссаи кори Ватвот дар ворид намудани аносири шарҳнависӣ дар шеваи баёни фарҳангномаи худ ба мушоҳида мерасад, ки қаблан дар фасли аввали ин боб низ ба чанд нуктаи марбут ба ин дар ин маврид ишорат шуд. Ин ҷо низ Ватвот ба шарҳи вожаи «Карш» зимнан ишорат намуда, айни маънии он будани шарҳи мафҳумро таъкид мекунад. Яъне, ба ишорати вай ин ҷо карас номи дара будааст. Вобаста ба ин, нуктаи муҳимми дигаре, ки бояд таъкид шавад, истифодаи номи ашхос, асмои ҷуғрофӣ дар равиши таълифи фарҳанг ба чашм мерасад, ки аксари онҳоро Ватвот дар ҷараёни таълифи китоби хеш тавзеҳ додааст ва аз ин лиҳоз, бо истифода аз усулҳои гуногун таъмин намудааст.

Дар маҷмӯъ, аз ин баррасиҳо равшан мегардад, ки «Латоиф-ул-амсол»-и Рашидуддини Ватвот бо сабки соддаву равон ба қалам омада, ҳарчанд таъсир ва нуфузи забони арабӣ бар асоси зарурати кори тарҷума бештар ба назар мерасад, аммо мо ҳам метавонем ба ақидаи мусаҳҳеҳи он Ҳабибаи Донишомӯз мувофиқат изҳор намоем, ки воқеан дар ҷараёни тарҷума Ватвот навъе истиқлолро пеш кардааст ва ин амр дар навбати аввал зимни истифодаи муодилҳои форсии вожагони арабӣ ба мушоҳида мерасад, ки ба чанде аз онҳо ишорат рафт. Ҳамзамон, дар ҷараёни тарҷума Ватвот кӯшидааст, ки дар ҳикоёт ва амсол ба хотири таъмини ҷаззобият ва балоғати усули баёни хеш саноеи зиёди бадеиро мавриди истифода қарор бидиҳад, ки муҳимтарини онҳо ташбеҳ, истиора, маҷоз, талмеҳ, тавсиф ва сифатчинӣ, киноя, такрор, суолу ҷавоб, нидо ва монанди ин мебошанд. Нуфузи саноеи бадеӣ дар сабки баёни асар дар баробари таъмини назокати сухани адиб Ватвотро ба унвони нависандаи сохибҳунар ва дорои шеваи хосси нигориш дар таълифоти мансур муаррифӣ намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ватвот, Рашидуддин. Латоифу-л-амсол / Рашидуддини Ватвот; таҳия ва тавзеҳи М.Анварова ва О.Оқилов. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 265 с.
2. Дурдонаҳои наср / Мураттибон А. Афсаҳзод, А. Алимардонов, Додалишоев. - Душанбе: Ирфон, 1987. – 560 с.
3. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 395 с.
4. Салимов Н.Ю. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) / Н.Ю. Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 398 с.
5. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.1. Бахши аввал / Забеҳуллоҳ Сафо; Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор. – Душанбе, 2001. -160 с.
6. Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок / Б.Тилавов. - Душанбе: Дониш, 1967. – 225 с.
7. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ / М.Фозилов. Ҷилди 1, 2, 3. – Душанбе: Ирфон, 1977.

8 .ابوالفضل الميداني، مجمع الامثال/ تصحيح و تقديم نعيم حسين زرزور، بيروت: دار الكتب العلمية، ج 1–2– 1408/1236ص.

9 .ابوعبيده قاسم ابن سلام، كتاب الامثال/ تصحيح عبدالمجيد قتاميش، دار المأمون لتراث: چاپ اوّل، ج. 1، 1980.

دحخدا، امثال و حكم/ دحخدا.تهران: انتشارات اميركبير، 1338 هـ.

10.الزمخشري ، المستقصى فى الامثال العرب /جار الله محمود بن عمر الزمخشري. دار الكتب العلمية. بيروت: 1408هـ–1987م.
11. وطواط رشيد الدين، لطائف الامثال و طرائف الاقوال/ به كوشش حبيبه دانش‌آموز.تهران:مؤسسه انتشارات ميراث مكتوب1391/ 290 ص.

ИСТИФОДАИ САНЪАТИ САҶЪ ДАР “ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ”-И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ

Мақолаи мазкур ба корбурди санъати саҷъ дар фарҳанги амсолу ҳиками адиби бориз Рашидуддини Ватвот бахшида шудааст. Корбурди шеваи насри мусаҷҷаъ низ дар саросари китоби “Латоиф-ул-амсол” ба чашм мерасад, ки, албатта, баҳри такмили вежагиҳои сабкии он таъсиргузор омадааст. Дар аксари ҳикоёти овардашуда, ки бевосита тарҷумаҳои худи муаллифи асар маҳсуб мешаванд, аз аносири саҷъ ба хотири мавзун гардидани каломи худ Рашидуддини Ватвот моҳирона истифода намудааст. Ҳамзамон, дар ҷараёни тарҷумаи Ватвот ба хотири таъмини ҷаззобият ва балоғати усули баёни хеш аз саноеи зиёди бадеӣ истифода кардааст. Дар маҷмӯъ, аз ин баррасиҳо равшан мегардад, ки «Латоиф-ул-амсол»-и Рашидуддини Ватвот бо сабки соддаву равон ба қалам омада, ҳарчанд таъсир ва нуфузи забони арабӣ бар асоси зарурати кори тарҷума бештар ба назар мерасад, аммо мо ҳам метавонем ба ақидаи мусаҳҳеҳи он Ҳабибаи Донишомӯз мувофиқат изҳор намоем, ки воқеан дар ҷараёни тарҷума Ватвот навъе истиқлолро пеш кардааст ва ин амр дар навбати аввал зимни истифодаи муодилҳои форсии вожагони арабӣ ба мушоҳида мерасад, ки ба чанде аз онҳо ишорат рафт. Ҳамзамон, дар ҷараёни тарҷума Ватвот кӯшидааст, ки дар ҳикоёт ва амсол ба хотири таъмини ҷаззобият ва балоғати усули баёни хеш саноеи зиёди бадеиро мавриди истифода қарор бидиҳад, ки муҳимтарини онҳо ташбеҳ, истиора, маҷоз, талмеҳ, тавсиф ва сифатчинӣ, киноя, такрор, суолу ҷавоб, нидо ва монанди ин мебошанд. Нуфузи саноеи бадеӣ дар сабки баёни асар дар баробари таъмини назокати сухани адиб Ватвотро ба унвони нависандаи соҳибҳунар ва дорои шеваи хосси нигориш дар таълифоти мансур муаррифӣ намудаанд.

Калидвожаҳо: Рашидуддини Ватвот, Латоиф-ул-амсол, саноеи бадеӣ, санъати саҷъ, усули баён, амсолу ҳикам, ҳикоёт.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРОЗЫ МУСАДЖА’ (РИФМОВАННОЙ ПРОЗЫ) В «ЛАТАИФ АЛ-АМСАЛ» РАШИДУДДИНА ВАТВАТА

Труд Ватвата «Латаиф ал-амсал» основывается, прежде всего, на переводе арабских пословиц на персидский язык, что обуславливает стилевую и художественную ценность книги. Хотя книга написана в соответствии с арабской паремиологической традицией, включение в неё персидского перевода пословиц считается важнейшей особенностью манеры изложения автора. В целом, в стиле изложения Ватвата наблюдается смешение арабских и персидских составов и предложений. Составитель сначала приводит арабский вариант пословицы, затем дает её персидский перевод и примеры использования. Использование художественных средств изображения оказало заметное влияние на стиль изложения «Латаиф ал-амсал» Ватвата, особенно на притягательность и благозвучность его прозы. В использовании художественных средств изображения Ватват проявляет высокое мастерство. Для подтверждения своего утверждения приведём примеры использования основных поэтических фигур в книге Ватвата. В книге наблюдается обильное использование прозы мусаджа’ (рифмованной прозы), что естественно оказывает влияние на стиль произведения. В большинстве рассказов, приведенных в переводе самого Ватвата, фигура садж’ используется для обеспечения плавности и легкости текста. Как было отмечено выше, фигура садж’ практически используется во всех текстах Ватвата. Приведенные выше примеры свидетельствуют, что изложение Ватвата в «Латаиф ал-амсал» отличается плавностью и простотой, что делает его текст доступным для читателя. Очень ярко художественный аспект прозы Ватвата проявляется в ходе комментирования. И хотя книга «Латаиф ал-амсал» охватывает персидские переводы пословиц и их толкование, автор использует все выразительные средства изображения для усиления притягательности и изящности языка произведения. Поэтические обороты и составы, редкие слова придают тексту книги «Латаиф ал-амсал» особую свежесть и блеск.

Ключевые слова: Рашидуддин Ватват, Латаиф ал-амсал, художественные средства, фигура садж’, стиль произведения, пословицы и поговорки, предание.

THE USE OF PROSE MUSAJ'A (RHYMED PROSE) IN THE "LATAIF AL-AMSAL" RASHIDUDDIN VATVAT

Vatvat's work "Lataif al-amsal" is based primarily on the translation of Arabic Proverbs into Persian, which determines the stylistic and artistic value of the book. Although the book is written in accordance with the Arabic paremiological tradition, the inclusion of a Persian translation of Proverbs is considered an important feature of the author's style of presentation. In General, there is a mixture of Arabic and Persian compositions and sentences in the style of Vatvat. The compiler first gives the Arabic version of the proverb, then gives its Persian translation and case of use. The use of artistic means of representation has had a noticeable impact on the style of presentation of "Lataif al-amsal" Vatvat, especially on the attractiveness and euphony of his prose. In the use of artistic means of image, Vatvat shows high skill. To confirm this point, we will give examples of the use of the main poetic figures in the book of Vatvat. In the book, there is an abundant use of prose musaj’a (rhymed prose), which naturally affects the style of the work. In most of the stories given in Vatvat's own translation, the saj ' figure is used to ensure the smoothness and lightness of the text. As noted above, the saj ' figure is practically used in all Vatvat texts. The above examples show that the presentation of Vatvat in "Lataif al-amsal" is smooth and simple, which makes it very accessible to the reader. The artistic aspect of Vatvat's prose is very clearly shown in the course of commentary. Although the book "Lataif al-amsal" covers Persian translations of Proverbs and their interpretation, the author uses all the expressive means of image to enhance the attractiveness and elegance of the language of the work. Poetic turns and compositions, rare words give the text of the book "Lataif al-amsal" a special freshness and brilliance.

Key words: Rashiduddin Vatvat, Lataif al-amsal, artistic means, saj' figure, style of work, provebs and sayings, legend.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбекова, 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-67-36-63**

Сведения об авторе: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** – Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-67-36-63**

Information about the author: ***Anvarova Marifat Narzulloevna*** – Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidate of philological science, associated professor of the department Arabic philology. **Address:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-67-36-63**

УДК: 891.550:82.09

ЗИНДАГИНОМА ВА ТАКОМУЛИ ШАХСИЯТИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Маҳмудзода О.Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Назирии Нишопурӣ яке аз суханварони номвар ва соҳибзавқи қаламрави адабиёти тоҷикзабони Ҳиндустон ба шумор меравад, ки бар асоси маълумоти сарчашмаҳо дар нимаи дуюми асри XVI ва ибтидои қарни XVII умр ба сар бурдааст. Чанд нуктаи муҳим, ки ба шарҳи ҳол ва зиндагиномаи ӯ вобаста аст, дар сарчашмаҳо ва осори таҳқиқӣ бо равишҳои мухталиф баён гардидааст. Нахустин матлабе, ки ба шарҳи зиндагиномаи ӯ вобаста мебошад, таъйин намудани номи аслии шоир ба шумор меравад. Бар асоси иттилои манобеъ, хосса тазкираҳо, муқаррар мешавад, ки номи аслии ӯ Муҳаммадҳусайн буда, тахаллуси шоириаш Назирӣ ба шумор меравад. Дар робита ба ин мавзӯъ Фахруззамони Қазвинӣ дар тазкираи «Майхона» ба таври равшан ишора намудааст: «барои ақидакушои арбоби басират пӯшида намонад, ки исми Мавлоно Назирӣ, Муҳаммадҳусайн…аст» [4, с.782]. Сироҷиддин Алихони Орзу номи пурраи шоирро чунин зикр намудааст: «Мавлоно Муҳаммад Ҳусайн Назирии Нишопурӣ» [9, с.1640]. Ин ҷо маълум мешавад, ки дар бархе сарчашмаҳо бар асоси ҷойгоҳи хоссаи ӯ дар ирфон кунияи Мавлоно ва дар бархеи дигар Мулло ва баъзеи дигар Мирзо афзуда шудааст, ки баъдан ишорае бар ин мавзӯъ хоҳад рафт. Аз ҷумла, муаллифи тазкираи «Рӯзи Рӯшан» низ аз ӯ ҳамчун Мирзо Муҳаммадҳусайни Нишопурӣ ном бурдааст [10, с.837]. Дар тазкираи «Наштари ишқ» низ танҳо номи шоир бо тахаллусу макони таваллуди ӯ омадааст: «Назирӣ Муҳаммадҳусайни Нишопурӣ» [1, с.1570]. Тавфиқ Субҳонӣ дар китоби «Нигоҳе ба адабиёти форсизабони Ҳинд» навиштааст, ки Муҳаммадҳусайн, мутахаллис ба Назирӣ... [13, с.449]. Нависандаи китоби «Урафои Нишопур» низ изҳор доштааст, ки «Исмаш Муҳаммадҳусайн... » [5, с.78].

Ҳамин тавр, дар сарчашмаҳое дигар Назирӣ ба унвони Мулло Назирӣ, Мавло [4, с.782], Мирзо Муҳаммадҳусайн [12, с.898] низ ёдовар гардидааст. Тавре таъкид гардид, аз ишорот равшан бармеояд, ки ин лақабҳои ифтихориро муаллифони тазкираҳо аз рӯйи эҳтиром ва ихлос ба шоир, ба номи аслии вай ҳамроҳ кардаанд, чун маълум аст, ки лақабҳои Мулло, Мавлоно ва ҳатто Мирзо дар асл унвонҳои ифтихорие мебошанд, ки на танҳо нисбати Назирӣ, балки нисбати шоирони зиёде дар адабиёти гузаштаи мо дар тазкираҳо истифода шудааст. Ҳатто аз рӯйи эҳтиром Соиби Табрезӣ ҳангоми тазмин кардани мисраъҳое аз Назирӣ дар чанд байти хеш ӯро бо унвони ифтихории Хоҷа ёд кардаву чун ҳатто Булбули Нишопур ҳам хондааст. Барои намуна ин ҷо байте, ки он ҷо мисрае аз Назириро тазмин кардааст, зикр мешавад:

Ин он ғазали Хоҷа Назирист, ки фармуд,
«Ашкам зи тамошои чаман ранг баровард» [14, с.578].

Ҳаройина метавон бар ин нуқтаи назар ҳам расид, ки мақоми маънавии Назирии Нишопурӣ шояд омил бар ин гардида бошад, ки ба ӯ унвонҳои ифтихории Мавло, Мулло, Мирзо ва ҳатто Хоҷаро нисбат дода бошанд. Нуктаи дигаре ҳам метавонад бар ин андеша санаде гардад, ки Муҳаммади Қосимободӣ дар китоби «Урафои Нишопур» Назириро дар сафи шахсиятҳои соҳибмақоми ирфоние шомил донистааст, ки аз ин шаҳр бархостаанд. Волаи Доғистонӣ низ бо ишорат ба мақоми маънавии Назирӣ дар қаламрави ирфон таъкид доштааст, ки «Ба сабаби тавассулу эътиқод ба хидмати дарвешону орифони замон суханонаш аксар ба мазоқи ин тоифа воқеъ шуда» [3, с.348].

Баробари ин, дар ҳеҷ яке аз тазкираҳо ва сарчашмаҳои дигар роҷеъ ба сабаби интихоби тахаллуси Назирӣ изҳори назар нашудааст. Муҳаққиқони осори шоир низ дар ин бора мулоҳизоте баён надоштаанд. Танҳо як баҳси ҷолиби таваҷҷуҳ, ки онро тазкиранависон баён доштаанд, ин аст, ки дар замони зиндагонии ӯ Назирии Машҳадӣ ном шоири дигаре мезистааст, ки бо хоҳиши Назирии Нишопурӣ ва бар ивази чанд ҳазор рупия тахаллуси хешро иваз мекунад. Ин матлабро Сархуш дар тазкираи хеш чунин нақл кардааст: «Дар ҳамон аср як Назирии дигар ба ҳам расид. Ҳар ду барои тахаллус даровехтанд. Ин гуфт: Ту тахаллуси дигар ихтиёр кун ва он мегуфт: Ту тахаллуси дигар

пайдо кун. Охир бар ин қарор ёфт, ки Назирии Нишопурӣ соҳиби мол аст, дах ҳазор рупия мувофиқи адади «ё» ба ин Назирии муфлис бидиҳад, ки ӯ «ё»-ро дур карда, Назир барои худ нигаҳ дорад. Ва ҳамчунон кард [11, с.183].

Баҳси дувуми марбут ба зиндагиномаи шоир, ки миёни тазкиранависон ва муҳаққиқон ҷараён гирифтааст, гуногунрангии тайъини соли таваллуди шоир мебошад. Муҳаммадризо Тоҳирӣ, ки Девони Назирии Нишопуриро таҳсеҳ ва нашр намудааст, дар муқаддимаи девони шоир таъкид бар он намудааст, ки «дар сартосари девони вай низ ишорае, ки… (дар ин маврид) ба даст диҳад, дида намешавад ва дар тазкираҳо ҳам сухане дар ин бобат гуфта нашудааст» [7, шин]. Шиблии Нуъмонӣ бо истинод бар сарчашмаҳои дигар дар «Шеър-ул-аҷам» дар бораи мулоқот намудани Назирӣ бо подшоҳи аъзам Абдурраҳим Хонихонон, ки дар шаҳри агар ба вӯқуъ пайваста аст, хабар медиҳад ва бар он андеша аст, ки мулоқот бояд дар соли 992ҳ./1584м. бошад, зеро дар ҳамин сол «Хонихонон аз Гуҷарот агар рафтааст ва дар подоши шикаст додани Музаффари Гуҷаротӣ ба Хонихонон лақаб ёфтааст» [8, с.112]. Ҳамин ишора имконият медиҳад, ки то ҷое барои муайян кардани соли таваллуди шоир иқдом намоем. Шиблии Нуъмонӣ дар ҷойи дигари мақолаи хеш зикр мекунад: «ӯ аз ибтидо (айёми ҷавонӣ) ба шеъру шоирӣ шавқ дошт ва аз ҳамон овон шурӯъ ба кор ҳам овоза пайдо кард. Вақте ки шоирии ӯ дар Хуросон масаллам гардид ба Кошон омад» [8, с.112]. Аз ин санад метавон ҳарф зад, ки Назирӣ дар айёми ҷавонӣ, тахминан дар ҳудуди бисту панҷ ё сисолагӣ аввал ба Кошон ва баъд аз як ё ду соли иқомат дар ин шаҳр ба дидори Абдурраҳимхони Хонихонон дар шаҳри Гуҷарот маваффақ шуд. Пас, агар дар синни 25 ва 30 солагӣ ба мулоқоти Абдурраҳимхон даст ёфтани шоирро, Шиблӣ дар соли 992ҳ.\1584м. қаламдод намояд, маълум мегардад, ки Назирӣ дар байни солҳои 1536-1541 мелодӣ ба дунё омадааст. Агар ин андеша созгор бошад, пас аввалин сафари шоир дар овони ҷавонӣ зоҳиран дар ҳудуди солҳои 1561-1565 мелодӣ ба ҷониби шаҳри Кошон ҷараён ёфтааст.

Аммо аксари муҳаққиқон танҳо ба замони зиндагии вай ишора ва иктифо кардаанд. Масалан, Забеҳулло Сафо навиштааст, ки Мирзо Муҳаммадҳусайни Нишопурӣ аз шоирони баландовозаи садаи нуҳум ва аввали садаи ёздаҳуми ҳичрӣ ва ба ҳақ аз бозмондагони номовар устодонест, ки дар поёни қарни нуҳум ва оғози қарни даҳум дар Хуросон мезист [12, с.897-898].

Баҳси дигаре, ки байни тазкиранависон ва донишмандон арзи вуҷуд дорад, ин муайян намудани зодгоҳи аслии шоир ба шумор меравад. Муаллифони тазкираҳо ва дигар муҳаққиқон, ки зиндагинома ва мероси адабии шоирро таҳқиқ кардаанд, андешаҳои мухталиф баён намудаанд. Аз он ҷумла, муаллифи «Хулосат-ул-ашъор» Тақиюддини Кошонӣ асли ӯро аз Ҷувайн медонад [12, с.898]. Баъдан ин андеша дар таҳқиқоти анҷомдодаи гурӯҳи олимон низ ҷой гирифт. Аз ҷумла, Муҳаммади Қосимободӣ дар китоби «Урафои Нишопур» навиштааст, ки «аслан аз Ҷувайн ва сабаби таваттан дар Нишопур аз аҳли Нишопур машҳур [5, с.78]. Аммо то чӣ андоза ин сухан ҳақиқат дорад, маълум нест, чун аксари тазкиранависон аз ҷумла, Абдунабии Қазвинӣ дар тазкираи «Майхона» зодгоҳи аҷдоди ӯ, аз ҷумла падару модарашро Нишопур дониста менависад: «мувлидаш аз балдаи Нишопур аст» [4, с.796]. Дар тазкираи «Наштари ишқ» [1, с.1580] низ дар бораи дар Нишопур таваллуд гардидани Назирӣ зикри маълумот рафт. Худи Назирӣ низ ҷое дар ашъори хеш ба макони дигар, аз ҷумла Ҷувайн будани асли зодгоҳаш ишорае надорад ва агар ин гуна буд, ба назари мо ҳатман бар он таъкид мефармуд.

Ҳамин тавр, мутолеаи тазкираҳо ва осори таҳқиқӣ муқаррар месозад, ки замони кӯдакии шоир дар Нишопур гузашта, таҳсилоти ибтидоиро ӯ низ дар ҳамин макон ба даст овардааст. Бар асоси ин ки аксари муаллифони тазкираҳо ба сипарӣ шудани айёми кӯдакии шоир дар Нишопур ишорат намудаанд, таъкид метавон намуд, ки зодгоҳи шоир ҳам ҳамин Нишопур бошад. Нуқтаи дигар, ки ин санадро таъкид мекунад, ҳамоно бо насаби Нишопурӣ ёд шудани шоир маҳсуб меёбад. Назирӣ аз замони хурдсолӣ ба адабиёт ва фунуни махталифи замони хеш алоқаи фаровон дошта, оҳиста-оҳиста ба камоли эҷодӣ мерасад. Ӯ ҳамчун шоир дар Хуросон шуҳрати беандоза пайдо мекунад. Аз маълумоти Муҳаммадризои Тоҳирӣ - мусаҳҳеҳи девони Назирӣ бармеояд, ки ӯ ба навиштани шеър хеле барвақт оғоз кардааст: «Назирӣ аз ҳамон кӯдакӣ дил ба ишқи шеъру шоирӣ супурдаву истеъдоди шигарфи ӯ дар ин ҳунар муҷиб шуд, ки дар синни ҷавонӣ дар Хуросон …шуҳрате дархур биёбад» [7, шин].

Идомаи шарҳи зиндагонии Назирӣ ба масъалаи мусофирати вай аз Хуросон ба манотиқи дигар пайванд мегирад. Бархе аз муҳаққиқон сабаби мусофирати Назириро ба он вобаста медонанд, ки шуҳрати эҳсонкорӣ ва бахшандагиҳои Абдурраҳими Хонихонон чун бурун аз қаламрави Ҳиндустон интишор ёфтааст, овозаи онро шунида ӯ низ ба қасди хидмат дар асл ба мақсади Ҳиндустон азми сафар кардааст. Ин нуктаро бархе муҳаққиқон низ таъкид доштаанд. Аз ҷумла, Шиблии Нуъмонӣ дар робита ба ин мавзӯъ назаре чунин баён доштааст: «Чун овозаи диҳиш ва бахшандагии Абдурраҳими Хонихонон дар он замон ҳатто ба билоди дурдаст рафта буд, Назирӣ ба қасди дастгоҳи ӯ ҳаракат ба он диёр

намуд» [8, с.112]. Маълум аст, ки ин тамоюл дар он рӯзгор ривоҷи тамом пайдо кард ва шоирони зиёде аз манотиқи мухталиф ба самти Ҳинд рахти сафар бастанд. Ба назари мо, на танҳо эҳсонкории Абдурраҳими Хонихонон, балки дар умум иноятҳои тамоми амирони хонадони Темуриёни Ҳинд яке аз сабабҳои аслии ҳиҷрати шуаро ба ин сарзамин мешуд. Ба ин хотир, назари муҳаққиқонро метавон дар ду гурӯҳ тасниф ва баррасӣ намуд:

1. Назари гурӯҳи аввал ба ҳамин матлаб пайванд меёбад, ки ҳамин ҳаракати маъруф ба ҳиҷрати шуаро ба Ҳинд ва омилҳои марбут ба он ба Назирӣ ҳам чун шоири муқими Эрон дар қатори дигар суханварон бетаъсир намонда буд. Адабиётшиноси тоҷик Замира Ғаффорова дар китоби «Тазкираҳои Сархуш ва Хушгӯ ҳамчун сарчашмаи нақду сухансанҷӣ» бо эътимоди қавӣ мефармояд: «… ҳангомаи шеъру адаби форсӣ дар асрҳои XVI-XVIII дар Ҳиндустон ба дараҷае гарм буд, ки диққати донишмандону адибони тамоми ҷаҳони форсизабонро ба худ кашид. Афроди зиёде аз намояндагони илму адаб аз нуқоти мухталифи ҷаҳон рӯ ба Ҳиндустон оварда дар якҷоягӣ бо суханварони маҳаллӣ атрофи шоҳону умарои номбурда парвонавор гирд омаданд…, ба монанди Абулфайзи Файзӣ, Назирии Нишопурӣ, Урфии Шерозӣ, Зуҳурии Туршезӣ, Қосими Коҳӣ, Толиби Омулӣ… ва дигарон» [2, с.5]. Бар асоси ин мулоҳизот мо метавонем назари муҳаққиқонро роҷеъ ба сабабҳои сафари шоир дар чанд нукта тавзеҳ диҳем.

2. Гурӯҳи дувуми муҳаққиқон бар ин назар ҳастанд, ки Назирӣ аз пайи касби тиҷорат зодгоҳашро тарк кард ва ба ҷониби Кошон рӯ овард. Масалан, Забеҳулло Сафо бо такя бар маълумоти «Хулосат-ул-ашъор»-и Тақиюддини Кошӣ менависад, ки «ҳамчунон ки Тақиюддин Кошӣ навиштааст ва дигарон аз ӯ нақл кардаанд, дар ибтидои ҷавонӣ ба расми тиҷорат аз Хуросон берун рафт» [12, с.898]. Нисбатан боэътимод будани ин назар ба он пайванд мегирад, ки Тақиюддини Кошӣ аз ҳамасрони Назирист, ки бо ӯ мулоқот кардааст ва нукоте дар ин маврид дар тазкираи хеш афзудааст. Аз ҷумла, вай таъкид доштааст, ки Назирӣ дар соли 992 ҳ./1584м. дар Кошон буд ва чанд байт аз ғазалҳои худро бад- ӯ дод [12, с.898]. Масъалаи дигаре, ки Шиблии Нуъмонӣ сабаби сафари Назириро ба ихтилофи назари вай бо бародарон пас аз марги падар ва тақсими мерос рабт медиҳад, ӯ дар натиҷа тамоми моли падарро ба бародарон месупорад ва аз пайи касби шоириаш ба шаҳри Кошон баҳри иштирок варзидан дар маҳфилҳои шуарои номии ин макон ба сафар мебарояд, то ҷое қобили мулоҳиза аст. Албатта, ин маълумотро Шиблӣ аз тазкираи «Майхона» баргирифтааст, ки дар он муаллиф чунин навиштааст: «Баъд аз фавти падар дар аввали ҷавонӣ ва фасли баҳори зиндагонӣ мерос ба бародарон бозгузошта аз Ватан хуруҷ намуд» [4, с.786]. Дар навбати аввал, агар ба ҳақиқати сухани Тақиюддини Кошӣ такя кунем, ки ҳамсуҳбати шоир гардидааст, шояд сабаби ба тиҷорат машғул шудани суханвар ҳамин баҳс бошад, аммо аз маълумоти муаллифи «Майхона» маълум аст, ки сухан дар бораи ихтилоф бо бародарон намеравад, чун ӯ танҳо таъкид мекунад, ки баъди вафоти падар мерос ба бародарон гузошт. Ин ишорат ҳаргиз маънии сар задани ихтилофро надорад. Шояд ӯ танҳо ба хотири касби тиҷорат ва таъмини маоши зиндагонӣ зодгоҳи хешро тарк карда бошад. Бо он ки Назирии Нишопурӣ зиндагонии хешро бо тиҷорат оғоз намуд ва ба навиштаи Тавфиқ Субҳонӣ пешаи заргарӣ ҳам дошт, тавре таъкид гардид, ҳанӯз аз ҷавонӣ баробари касби илму дониш ба шеър низ муҳаббат пайдо намуда, аз ҳамин овон ба сурудани ашъор шуғл варзида, ҳатто дар зодгоҳи хеш маъруф ҳам будааст. Забеҳулло Сафо бо такя бар маълумоти тазкираҳо ин матлабро чунин тавзеҳ додааст: «ва агарчи зиндагонияш бо иштиғол ба бозаргонӣ оғоз ёфт, ҳам ибтидои ҳаёт ба касби илму адаб пардохт ва забон ба шоирӣ гушуд ва дар диёри хеш ном бароварда» [12, с.898].

Ҳамин тавр, аввалин сафари Назирӣ тахминан ҳудуди солҳои 1536-1541 мелодӣ ба ҷониби шаҳри Кошони Ироқ ба вуқӯъ пайвастааст. Вале ҷолиб менамояд, ки дар ин айём шоир бо истеъдоди фавқулода ба ин шаҳр ворид гардида, дар мушоираи шоирони ин сарзамин ширкат варзидааст. Забеҳулло Сафо бо такя бар матолиби тазкираҳо ин нуктаро чунин тавзеҳ медиҳад, ки «кори Назирӣ дар Ироқ ва Озарбойҷон ба ҷуз бозаргонӣ, муошират ва тамрини шоирӣ ва ҷавоб гуфтан ба ғазалҳое буд, ки дар маҳфилҳои адабӣ матраҳ мешудааст [12, с.898]. Ҳақиқати ин амрро таъкиди Тақиюддини Кошӣ низ ба субут мерасонад, ки аз мулоқоти хеш бо Назирӣ дар Кошон изҳори назар намудааст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки Муҳаммадризо Тоҳирӣ зимни шарҳи ин сафари шоир ба Кошон таъкид мекунад, ки «он ҷо бо шоироне чун Ҳотам, Мақсуд, Хурда, Шуҷоъ, Ризоӣ ва... ба мусоҳибат ва муошрату мушоира пардохта” [7, зод], аммо аз Тақиюддини Кошӣ ёд намекунад, ҳол он ки чунонки таъкид шуд, маҳз робитаи Назирӣ бо ин тазкиранавис қавӣ будаву нусхае аз Девонашро ба вай фиристодааст. Ҳарчанд ба мушоҳида мерасад, ки нусхаи хаттие аз тазкираи Коширо мавриди истифода қарор додааст. Шиблии Нуъмонӣ низ дар заминаи мутолеаи маълумоти тазкираҳои давраи мазкур ин матлабро чунин тавзеҳ додааст: «Дар ин ҷо (шаҳри Кошон-) Ҳотам, Фаҳмӣ, Мақсуди Хурда, Шуҷоъ, Ризоӣ устод шинохта мешуданд. Дар маҷолиси мушоара тарҳҳое, ки мешуда, Назирӣ ҳам

дар он тарҳҳо табъозмоӣ менамудааст. Дар он замон як ғазали қадим тарҳ шуда: “ҷои ту бошад”, “имои ту бошад”, Назирӣ (рӯйи он) ин ғазал гуфт:

Фалак мармузи имои ту бошад,
Навозад ҳар киро рои ту бошад.

Қофияи «ҷои» дар ғазали устодон аз ҷанбае баста шуда буд, ки касе натавонад онро ҷавоб гӯяд. Назирӣ қофияи помолу мубтазилро аз як паҳлуе ба кулли тоза баста гуфт:

Наёзорам зи худ ҳаргиз дилеро,
Ки метарсам дар ӯ ҷои ту бошад» [8, с.112].

Роҷеъ ба муддати иқомати Назирӣ дар шаҳрҳои мазкур маълумоти дақиқ дар ихтиёр нест, вале муаллифони тазкираҳо соли вориди вай ба Гуҷароти Ҳиндро баробар ба соли 992 ҳ./1584м. мелодӣ донистаанд, ки ҳамон сол ба дидори Абдурраҳими Хонихонон машарраф мегардад. Ин ҳамон солест, ки дар Кошон бо Тақиюддини Кошӣ мулоқот намуда буд. Забеҳулло Сафо замони сафари шоир ба Ҳиндро ба таври зайл шарҳу тафсир додааст: «Таърихи сафари Назирӣ ба Ҳинд бинобар баъзе қаринаҳо соли 992ҳ./1584м., ё шояд авоили соли 993 ҳ./1585м. буд [12, с.898].

Муаллифи тазкираи «Маосири Раҳимӣ», ки аз ҳамасрони Назирӣ ба шумор меравад, бар ин назар аст, ки «аввал касе, ки аз мустаъидони Эрон ба шарафи бандагиаш ҳаз ихтисос ёфт, ӯ буд» [4, с.786]. Ба таъкиди тазкиранависон баробари вуруд ба даргоҳи Абдурраҳими Хонихонон Назирӣ қасидае дар мадҳи ӯ суруд, ки матлааш чунин аст:

Ба умр мужда, ки айши абаднисор омад,
Шукуфта рӯйи ҷовидро мадор омад [7, с.379].

Ин қасида ба қавле боис мешавад, ки дар фурсати кӯтоҳ мақоми хоссае дар дарбори Абдурраҳими Хонихонон пайдо кунад ва мавриди таваҷҷуҳи вай қарор бигирад. Аз ин рӯ, маҳз тавассути муаррифии Абдурраҳими Хонихонон Назирӣ ба дарбори Акбар подшоҳи Ҳинд роҳ меёбад. Дар таъкиди ин матлаб Забеҳулло Сафо чунин навиштааст: «Баъд аз ин таърих агарчи Назирӣ ба муаррифии Хонихонон ба дарбори Ҷалолуддини Акбар роҳ ёфт ва он подшоҳ ва фарзандонашро чанд бор мадҳ гуфт, лекини ихтисоси худро ба даргоҳи ҳунарвар ва адабдӯсти Хонихонон ҳамчунон ҳифз намуд» [12, с.899].

Дар мавриди караму саховати Хонихонон нисбати Назирӣ низ дар тазкираҳо нақлҳои мухталиф ҷой дорад, ки ҳамагӣ ба мақоми хоссаи вай дар ин муҳит таъкид меварзанд. Аз ҷумла, муаллифи «Рӯзи Рӯшан» чунин навиштааст: «Рӯзе ҳузури Хонихонон ба забонаш гузашт, ки Лак рупия чӣ миқдор дошта бошад? Хонихонон ҳукм кард, ки лак рупия пеши вай анбор кардаанд. Ба муоинааш гуфт, ки Алҳамдулиллоҳ, ки ба юмни давлати Наввоб Лак рупия дидам. Навоб ҳамааш ба вай бахшид [10, с.838]. Ин нуктаро муаллифи “Баҳористони сухан” низ бо шевае дигар нақл карда ва дар ниҳоят афзудааст, ки Амири файёз ин ҳама зар ба вай бахшид [12, с.899].

Ҳамин тавр, дар тазкираҳо роҷеъ ба ҷониби Ҳиндустон сафар ихтиёр кардани Назирӣ ахбори мухталиф ба қалам омадааст. Аз ҷумла, муаллифи «Майхона» ин масъаларо чунин шарҳу тавзеҳ додааст: «Баъд аз гузашти Ироқу Хуросон ба доруламони Ҳиндустон омада дохили феҳрасти маддоҳони хони фалаккадри хуршедиштиҳор Мирзо Абдурраҳими Хонихонон шуд ва муддатҳо дар хидмати он хони сипаҳсолор ба сар бурдаву қасоиди мамдуҳ ба истеҳқоқ гуфта, силлаҳои лоиқ гирифт [4, с.786]. Ҳусайнқулихони Азимободӣ низ дар «Наштари ишқ» чунин хабар додааст: «… баъд аз чанде ба ҷониби Ҳиндустон мутаваҷҷеҳ шуду дар аҳди Акбар дар ин ҷо расида» [1, с.1572]. Дар ин маврид муҳаққиқи Эронӣ Аҳмад Гулчини Маонӣ дар китоби «Корвони Ҳинд» бо истинод ба маълумоти дигар тазкиранависон оид ба сафари Назирӣ ба Ҳиндустон чунин навиштааст: «… дар он ҷо ба Ҳинд афтода дар хидмати шоҳ Ҷалолуддин Акбару Нуриддин Ҷаҳонгирподшоҳ ва умарои зиқадр, азимушшаън тараққиёт намуд» [6, с.992].

Бар асоси ин баррасӣ ва таҳлилҳои анҷомёфта ҳамоно маълум мешавад, ки дар асл таърихи сафари шоир ба Ҳиндустон ҳамон соли 992ҳ./ 1584м. мебошад, ки қаблан низ ба ин матлаб ишорат шуд. Аммо дар мавриди фаъолияти ӯ дар дарбори Абдурраҳими Хонихон ва замони он маълумоти дақиқе дар ихтиёр аст. Аммо омилҳое мавҷуданд, ки дар асоси мушаххасу муайян намудани онҳо то андозае баъзе мулоҳизоти нисбатан дақиқро метавон баён дошт. Омили нахуст он аст, ки мо бояд нахуст ба таърихи ба дарбори Абдурраҳими Хонихон роҳ ёфтан ва баъдан ба ҷониби Макка ҳаракат намудани Назириро муқаррар созем. Дар ин сурат, тақрибан чанд сол дар дарбор хидмат намудани ӯро дақиқ намудан мумкин аст. Дар муқаддимаи Девони Назирӣ Тоҳирӣ менависад: «пас аз муроҷиат аз сафари ҳаҷ аз Хонихонон рухсат гирифтаву дар Аҳмадободи Гуҷарот иқомат гузид, ки ин иқомат то поёнии умр идома дошт » [7, тои итқӣ].

Аз рӯйи маълумоти тазкираҳо ба хидмати дарбор ҷалб гардидани Назирӣ аз соли 1556 оғоз мешавад. Бар асоси таҳлилҳои анҷомшуда ва дақиқ намудани соли вориди шоир ба Ҳинд ва замони ихтиёр кардани сафари ҳаҷ ба натиҷае метавон расид, ки шоир аз соли 992ҳ./ 1584м..- 1002 ҳ./1594м. дар муддати даҳ сол дар боргоҳи Абдурраҳими Хонихон ҳамчун шоири дарборӣ адои вазифа намудааст.

Баҳси сафари шоир ба зиёрати хонаи Худо низ нукоти муайяне дорад, ки таваҷҷуҳ ба он масоили муҳимми марбут ба зиндагиномаи Назириро муқаррар месозад. Дар навбати аввал бояд афзуд, ки иттилои сарчашмаҳо оид ба сафари Назирӣ ба Макка низ ягона намебошад. Аз ҷумла, Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-аҷам» ба ин андеша аст, ки Назирӣ соли 1002 ҳ./1594м. ба сафари ҳаҷ баромадааст [8, с.114]. Тавфиқ Субҳонӣ низ ҳамин таърихро дар китоби хеш зикр намудааст [13, с.450].

Дар бораи Сафари Назирӣ ба ҳаҷ низ қиссаҳое дар тазкираҳо нақл шудааст, ки боз ҳам ба иноёти Абдурраҳими Хонихонон ва фарзанди Ҷалолуддини Акбар марбут аст. Забеҳулло Сафо ин нақлро ба гунаи зайл овардааст: «Чанд сол баъд (дар ҳудуди 1002ҳ./1594м.), ки хост ба зиёрати ҳарамайн равад, Хонихонон зоди он сафарро дар ихтиёри ӯ ниҳод ва чун дар роҳ дуздону роҳзанони араб тӯшаи ӯро ба ғорат бурданд, ба хони Аъзам Мирзо бародари ҳамшири Ҷалодуддини Акбар, ки ӯ низ дар роҳи зиёрати Каъба буд, паноҳ бурд ва вайро мадҳ гуфт ва бо силлаву инъоме, ки ёфт, сафари худро ба поён расонид» [12, с.899]. Ҳангоме ки зоди сафари Назириро Хонихонон таҳия мекунад, ӯ қасидае ҳам бар мадҳи вай менависад, ки аз ҷумла дар як байти он чунин омадааст:

Ҳама айши инҷаҳонӣ ба инояти ту дидам,
Чӣ аҷаб агар биёбам зи ту зоди онҷаҳонӣ.

Дар девони Назирӣ инчунин қасидаест дар мадҳи Аъзам Мирзо таҳти ин унвон, «ин қасида дар роҳи Маккаи Мукаррама баъд аз ғорати сориқону ҳаромиёни мазил ба мадҳи наввоб? Муҳаммад Азизаъзамхон манзум шуд» ва дар ин қасида ҳолати худро шарҳ дода, зимнан дархости зоди роҳ намуданашро баён доштааст:

Ба гӯшаи назари илтиқот муҳтоҷам,
Ба зорие, ки тавон гаштанам ба ним нигоҳ.
Зи бебизоатии худ чунон ҳаросонам,
Ки баҳри тӯшаи раҳ боз гардам аз даргоҳ…» [7, с.114].

Аҳмад Гулчини Маонӣ бар ин назар аст, ки Назирӣ дар соли 1002 ҳ./1594м. ба сӯйи Макка рӯ овард [6, с.1455]. Танҳо дар ин росто Раҳимӣ ҳамасри Назирии Нишопурӣ сафари мазбури ӯро дар соли 1012ҳ./1604м. зикр намудааст, ки Шиблӣ бо ду асноде, ки мо дар иқтибоси боло ҷой додем, онро инкор менамояд. Аммо ба эҳтимоли зиёд пазируфтани назари Раҳимӣ қобили мулоҳиза аст, чун ӯ аз муосирони шоир мебошад ва метавонад маълумоти дақиқ манзур намояд.

Ҳамин тариқ, Назирӣ пас аз муроҷиат ба сафари ҳаҷ, дар Аҳмадободи Гуҷарот рахти иқомат ихтиёр намуд [7, тои итқӣ] ва ба мадҳу сано, ҳунару истеъдоди шоирӣ, гарм гардидани маҳофили адабӣ ва аз ҳама бештар ба шеваи ятимпарвариву тиҷорат гароиш пайдо намуда, риштаи муносибати хешро бо дарбориёни Абдурраҳимхон ва худи ӯ маҳкаму устувор доштааст. Ба таъбири Забеҳулло Сафо баъд аз бозгашт ба Гуҷарот низ аз мадҳи ҳомии аслии хеш Абдурраҳими Хонихонон ғофил набуд то он ки баъд аз соли 1014ҳ./1605м. Нуриддин Ҷаҳонгир, ки бар ҷойи падар нишаста буд, ӯро ба дарбори худ хонд [12, с.899]. Аз ин ишорат равшан мешавад, ки Назирӣ ба дарбори Ҷаҳонгир низ роҳ ёфтааст ва ҳатто худи Ҷаҳонгир дар китоби «Тузуки Ҷаҳонгирӣ»-и хеш чунин навиштааст: «Назирии Нишопуриро, ки дар фанни шеър ва шоирӣ аз мардум қарор рабуда буд ва дар Гуҷарот ба унвони тиҷорат ба сар мебурд, қабл аз ин талабида будам, дар ин вало омада мулозимат кард [12, с.900]. Чун ин сухан аз забони худи Ҷаҳонгир мазкур аст, ба ҳақиқати он ҷойи шакке боқӣ намемонад. Ҳатто, чунонки Забеҳулло Сафо овардааст, Назирӣ дар ғазале ба ҷиҳати сохтани иморате гуфт, ки матлаъаш ин аст:

Эй хоки дарат, сандали сар гашта саронро,
Бодо мижа ҷоруби раҳат тоҷваронро [12, с.900].

Дар «Баҳористони сухан» омадааст, ки ҷоизаи он қариб се ҳазор бега замин ба тариқи мадад маош гирифт [12, с.900]. Ин миқдор воҳиди ҳисоби замин аст, ки ба андозаи 120 метри мураббаъ баробар аст.

Шиблии Нуъмонӣ замони пайвастани Назириро ба дарбори Нуриддин Ҷаҳонгир соли 1019ҳ./1610м. навиштааст. Аз рӯйи маълумоти марбут ба ин матлаб равшан мегардад, ки шоир муддати зиёде дар дарбори Нуриддин Ҷаҳонгир низ будааст ва аз баракоти саховати ӯ низ баҳраҳои зиёд бардоштааст. Забеҳулло Сафо муътақид аст, ки Назирӣ то охири умр тақрибан ҳеҷ гоҳ аз ду пешаи аслии худ - бозаргонӣ ва мадеҳасароӣ даст боз надошт, магар он ки дар муддати иқомати худ дар Аҳмадободи Гуҷарот ба андешаи омӯхтани забони арабӣ ва донишҳои дигар афзудани иттилооти хеш дар боби онҳо ҳиммат гумошт [12, с.900]. Аз ин нукта маълум мешавад, ки баробари омӯзиши илмҳои ибтидоӣ, ки роҷеъ ба он сухан рафт, муддате Назирӣ ба омӯхтани забони арабӣ ва илмҳои дигар низ шуғл варзидааст. Устоди вай дар фанни забони арабӣ Шайх Ғавсии Миндавӣ будааст, ки ба қалами вай китоби «Гулзори аброр» тааллуқ дорад ва дар ин китоб аз Назирӣ низ ёд кардааст.

Бар асоси зикри тазкиранависон маълум мешавад, ки ҳарчанд тамоми умр аз сурудани мадҳия даст накашид, аммо поёни умр дар гӯшанишинӣ ва инзиво ба сар бурд.

Сафо бо такя бар манобеи таълифи асари хеш менависад, ки «маргаш дар дунболи ҳамин канорагирӣ дар Аҳмадобод иттифоқ афтод» [12, с.900].

Муаллифи тазкираи «Майхона» бошад дар бораи ин даврони зиндагонии шоир назаре дорад, ки бар асоси он Назирӣ ҳатто иморате бар худ дар Аҳмадободи Гуҷарот сохт ва дар он макон аксар авқоти худ ба суҳбати сухансанҷони матин ва нуктапардозони маънигузин мегузаронид ва ҳамеша фусаҳову шуарои мусофир ва муҷовири Ҳиндро риоятҳои бузургона карда ва забони ин тоифа ба мадҳу санои суханварӣ ва мартабаи мавзунпарварии худ гӯё сохта [4, с.788]. Дар бораи таърихи вафоти Назирӣ муаллими фанни сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ андешаҳои мухталиф ироа намудаанд. Бархе аз онҳо муътақиданд, ки Назирии Нишопурӣ соли 1022 ҳ./1613м., аз ин олам реҳлат кард [4, с.793]. Аммо муаллифони маъхазҳои баъзе дигари адабӣ ба он андешаанд, ки Назирӣ соли 1023ҳ./1614м., вафот кардааст [8, с.118]. Ба андешаи мо, маълумоти муаллифи тазкираи «Майхона» ва Шиблии Нуъмонӣ саҳеҳ ба назар намерасад. Забеҳуллоҳ Сафо дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик» ҳангоми овардани назари тазкиранависи ҳамасари шоир Тақиюддини Кошӣ, аз Мирфайёз ном шахсе, ки писархонд ва домоди Назирӣ будааст истинод оварда, муътақид бар он аст, ки вафоти шоир дар соли 1021ҳ./1612м. ба миён омадааст: «Мирфайёз, ки домод ва писархонди ӯст дар таърихи вафоти вай ёфта:

Хусрави назм Назирӣ, ки хурд,
Гар назираш кунад андеша хатост.
Гармҳангома аз ӯ буд калом,
Шуд дилафсурда чу аз ҷо бархост…
Чу шуд аз маркази ҳастӣ берун,
Дар мадоре, ки фано айни бақост.
Чархи саргашта ба торихаш гуфт,
«Маркази доираи базм куҷост» [12, с.901].

Ин моддаи таърихӣ мутобиқи ҳисоби абҷад ба соли 1021ҳ./1612м. мувофиқ меояд. Волаи Доғистонӣ бошад дар тазкираи худ ин ду мисраъро ба унвони моддаи таърихи вафоти Назирӣ овардааст: «Зи дунё рафт Ҳассонулаҷам, оҳ!» / 1021ҳ. // 1612-13. Ва ин мисра низ таърих аст: Маркази доираи базм куҷост? 3/ 1020 // 1311-12 [3, с.386].

Маълум мешавад, ки ин ҷо соли вафоти Назирӣ бар асоси ҳисоби абҷад 1020-и ҳичрӣ/1611м. муқаррар шудааст, вале ин фарқияти чандон зиёд нест. Аз ин ҷо метавон гуфт, ки Назирии Нишопурӣ тахминан дар синни 83-88 солагӣ аз олам чашм пӯшидааст.

Дар маҷмӯъ, баррасии зиндагиномаи Назирии Нишопурӣ ва баёни ҳолу аҳволи ӯ ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки ӯ дар қаламрави адабиёти тоҷику форс мақому манзалати муайянеро соҳиб гардида, ҳам дар қасидасароӣ ва сурудани ғазал ҷойгоҳи хоссаи худро пайдо намуд. Таҳқиқ дар зиндагиномаи шоир чанд нуктаи муҳиммеро равшан мегардонад, ки онҳоро метавон ба ҳукми хулосаҳои хеш аз баррасии ин мавзӯъ баён кард:

1. Назирии Нишопурӣ дар Нишопури Хуросон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Аз овони хурдсолӣ ба омӯзиши илму фан ва сайқали ҳунари шоирии худ машғул гардидааст. Ҳамин таваҷҷуҳи хоссаи вай ба шеъру шоирӣ омил шуд, ки, аллакай, дар овони ҷавонӣ ҳамчун шоир дар муҳити адабии Эрони он рӯзгор шуҳрат пайдо намояд.

2. Ҳарчанд соли таваллуди Назирӣ дақиқ нест, аммо аз рӯйи мулоқотҳои анҷомдодаи вай бо адибони ҳамасраш ва дақиқ зикр шудани соли мусофиратҳояш, ки дар тазкираҳо зикр шудааст, метавон изҳор дошт, ки таваллуди шоир миёни солҳои 1536-1541 иттифоқ афтодааст. Дар аксари осори таҳқиқӣ агарчи соли таваллуди шоир номаълум зикр шудааст, вале ин иттилои тазкираҳо моро ба натиҷае мерасонад, ки бояд давоми солҳои мазкур таваллуди шоир сурат гирифта бошад. Вале бо сабаби мавҷуд будани ду моддаи таърих дар тайъини соли вафоти Назирӣ метавон дақиқан соли таваллуди ӯро дар 1021ҳ.//1612м. муқаррар намуд.

3. Ҳарчанд Назирии Нишопурӣ пешаи заргарӣ ҳам доштаву аз айёми ҷавонӣ ба тиҷорат низ машғул будааст, вале дар ҳама ҳол шеъру шоирӣ барояш аз арзиш ва аҳаммияте хосса бархӯрдор будааст, зеро ӯ баробар ба касби тиҷорат дар шаҳрҳои мухталиф ба ҳар ҷое рафтааст, дар муҳити адабӣ ва маҳфилҳои шеърӣ бо шуарову суханварони он шаҳрҳо ҳамнишину ҳамсуҳбат будааст.

4. Дар мавриди сабабҳои ҳиҷрати Назирӣ накду назарҳои мухталиф ҷой доранд, вале ҳақиқати амр он аст, ки ӯ агарчи ба нияти касби тиҷорат тарки ватани аҷдодӣ намуд, аммо ҳамоно овозаву шуҳрати саховати амирони темуриёни Ҳинд низ омил шуд, ки ба ин сарзамин бирасад ва дар хидмати Абдурраҳими Хонихонон бирасад.

5. Назирӣ бо он ҳунару истеъдоди фитрие, ки дошт тавонист дар кӯтоҳтарин фурсат дар муҳити адабии Ҳинд мақоми хоссае пайдо намуда, ҳамчун шоири соҳибҳунар ва дақиқназар ҷойгоҳи хешро соҳиб шавад. Ҳатто тавфиқ бар он ҳам ёфт, ки бо баргузор намудани маҳфилҳои шеърӣ дар тарбияи маънавии шоирони зиёде саҳм бигирад, ки муаллифони тазкираҳо ба шогирдони ӯ ишороте ҳам кардаанд. Фузун бар ин, бо он

иқтидори моддие, ки соҳиб буд, тавонист барои дастгирии аҳли шеър, хосса шоироне, ки аз манотиқи дигар ба Ҳинд ҳичрат карда буданд, саҳми боризи хешро гузорад.

6. Бо он ки роҷеъ ба зиндагиномаи Назирии Нишопурӣ диду назарҳои мухталиф ҷой дорад ва тазкиранависону муҳаққиқон аз касби тиҷорат, пешаи заргарӣ ва як умр дар мадҳи умаро қасида навиштани ӯ ҳарф задаанд, вале мурур ба рӯзгори шоир маълум менамояд, ки новобаста аз ҳамаи ин вай рӯзгоре ибратомӯз ба поён бурдааст. Аз нигоҳи аввал худ як шахсияти бузургест, ки дар гарму сарди зиндагонӣ такмил ёфта, ҳамчун шоир, инсони ҳимматбаланд барои дастгирии дигарон кӯшишҳои зиёде намудааст. Баробари ин, шахсияти вай ҳамчун шоир низ аз айёми зиндагонӣ дар зодгоҳаш маъруф гардида, ки ин пайванд соҳиби истеъдоди барҷастаи ҳунарӣ буданашро нишон медиҳад. Ҳузури фаъолаш дар маҷлису маҳфилҳои шоирона дар шаҳрҳои мухталиф маҳбубияташро афзун намуд. Баробари ин, дар тарбияи шоирони зиёде саҳм гирифтааст, ки қисмати бештари онҳо хешовандони худи шоир мебошанд. Волаи Доғистонӣ чандин нафар аз шоиронеро дар тазкираи худ ном бурдааст, ки ҳамагӣ аз пайвандони Назирӣ ба шумор мераванд ва бегумон саҳми шоир дар тарбияи онон бузург будааст.

7. Нуктаи муҳимми дигаре, ки аз баррасии зиндагиномаи Назирӣ равшан мешавад, он аст, ки бо он ҳама сарватмандиву давлатдорӣ ва сурудани қасоиди мадҳӣ ӯ шахсияте шикастанафс, порсо, ориф аст, ки гароиши вай ба маслаки дарвешони рӯзгори хеш ва ҳамнишиниву ҳамсуҳбатиаш бо онон ин ҳақиқатро ошкор месозад. Баробари ин, дар Девонаш ашъори зиёде ба мушоҳида мерасанд, ки шарҳи масоили ирфонӣ ва ақоиди фалсафиву маърифатии ӯро бозгӯӣ мекунанд ва ин нукта ҳам метавонад бозгӯи он бошад, ки Назирӣ дар баробари ҳамаи он фазилатҳои дигар аз маслаки ирфонӣ файзҳо бурдааст ва афкору андешаҳои хешро дар ашъораш ба таври возеҳ таҷассум намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Наштари ишқ, ҷилди 5 / Ҳусайнқулихони Азимободӣ. – Душанбе: Дониш, 1988. - 1497-1827 с.
2. Ғаффорова З. Тазкираҳои Сархуш ва Хушгу ҳамчун сарчашмаи нақду сухансанҷӣ / З.Ғаффорова. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 205 с.
3. Доғистонӣ, Вола. Риёз -уш-шуаро / Волаи Доғистонӣ. - Душанбе: Паёми ошно, 2019. – 752 с.
4. Қазвинӣ, Мулло Абдуннабӣ Фахруззамонӣ. Тазкираи Майхона / Мулло Абдуннабӣ Фахруззамони Қазвинӣ. – Теҳрон, ширкати насабии Ҳоҷа Муҳаммад Ҳусайни Иқбол, 1340. – 1107 с.
5. Қосимободӣ, Муҳаммад. Урафои Нишопур / Муҳаммад Қосимободӣ. - Машҳад: Наванд, 1375. - 112 с.
6. Маъонӣ, Аҳмад Гулчин. Корвони Ҳинд. Ҷ.2 / Аҳмад Гулчини Маъонӣ. – Машҳад, муассисаи чоп ва интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1369. - 862 с.
7. Нишопурӣ, Назирӣ. Девон / Назирии Нишопурӣ: тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Тоҳирӣ. - Теҳрон: Нигоҳ, 1389. - 672 с.
8. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеърулаҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷ.3 / Шиблии Нуъмонӣ. - Теҳрон, 1368. - 204 с.
9. Орзу, Сироҷуддин Алихон. Маҷма-ун-нафоис. - Ҷ.3 / Сироҷуддин Алихони Орзу. – Исломобод, 2006. – С.1346-1348.
10. Сабо, Муҳаммадмузаффари Ҳусайн. Тазкираи «Рӯзи равшан» / Муҳаммадмузаффари Ҳусайни Сабо. - Теҳрон, 1343. - 976 с.
11. Сархуш, Муҳаммадафзал. Каламот- уш-шуаро / Муҳаммадафзали Сархуш. – Теҳрон: Китобхона, музей ва маркази асноди исломӣ, 1389. - 313 с.
12. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.5. Бахши дувум / Забеҳуллоҳ Сафо. - Теҳрон: интишороти Фирдавс, 1369. - 807 с.
13. Субҳонӣ, Тавфиқ. Нигоҳе ба таърихи адабиёти форсӣ дар Ҳинд / Тавфиқи Субҳонӣ. - Теҳрон: Интишороти дабирхонаи Шӯрои густариши забон ва адабиёти форсӣ, 1377. - 766 с.
14. Табрезӣ, Соиб. Девон. Мутобиқ ба нусхаи дуҷилдии 1072-и ҳ.қ. бо хати Соиб аз маҷмӯаи шахсӣ. Ҷ.2 / Соиби Табрезӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1374. – 807 с.

ЗИНДАГИНОМА ВА ТАКОМУЛИ ШАХСИЯТИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Дар мақолаи мазкур зиндагинома ва такомули шахсияти яке аз суханварони номвар ва соҳибзавқи қаламрави адабиёти тоҷикзабони Ҳиндустон Назирии Нишопурӣ, ки бар асоси маълумоти сарчашмаҳо дар нимаи дуюми асри XVI ва ибтидои қарни XVII умр ба сар бурдааст мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар ҷараёни баррасии масоили меҳварии мақола кӯшиш шудааст, ки бо истифода аз сарчашмаҳои адабиву таърихӣ замони валодати шоир дақиқ карда шуда, мақоми шоирии вай дар зодгоҳаш, омилҳои шуҳрат ёфтан дар Ҳинд, идомаи зиндагонии шоир дар ин сарзамин ва шуҳрату эътибори вай ба риштаи таҳқиқ кашида шавад. Муаллиф аз баррасии масъалаҳои марбут ба зиндагинома ва такомули шахсияти Назирии Нишопурӣ ба натиҷае расидааст, ки новобаста аз мақоми баланди иҷтимоии шоир ӯ ҳамчун шахсияти шикастанафс, аз маҷмӯи қавонини ирфонӣ огоҳ ба камол расида, дар баробари ин, бо истифода аз нуфузи молӣ ва маънавии хеш барои тарбияи шоирони зиёде аз ҳамасрони хеш саҳми барҷаста гузоштааст.

Калидвожа: Назирӣ, шарҳи ҳол, такомули шахсият, тазкира, ҳамасрон, муҳаққиқон, осор, девон.

ЖИЗНЬ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЛИЧНОСТИ НАЗИРИ НИШОПУРИ

В данной статье предметом исследования стали жизнь и совершенствование личности известного и талантливого поэта таджикоязычной литературы Индии Назири Нишопури, который, согласно данным первоисточников, жил и творил во второй половине XVI и начале XVII вв. В ходе исследования основных проблем в статье предпринята попытка на основе использования литературных и исторических источников уточнить дату рождения поэта, осветить его место как поэта на своей родине, факторы его известности в Индии, жизнь поэта в этой стране, а также его славу в мире поэзии. На основе исследования проблем, связанных с жизнью и

совершенствованием личности Назири Нишопури, автор приходит к выводу, что, несмотря на свое высокое социальное положение, он вырос как скромная личность, посвященная во все мистические законы, и наряду с этим, используя свой экономический и духовный авторитет, он внес большой вклад в воспитание множества поэтов из числа своих современников.
Ключевые слова: Назири Нишопури, биография, развитие личности, тезкире, современники, исследователи, наследие, диван.

LIFE AND PERSONAL IMPROVEMENT OF NAZIRI NISHOPURI

This article is talking about the life and personal development of the famous and talented poet of Tajik-language literature of India Naziri Nishopuri, who, according to primary sources, lived and worked in the second half of the 16th and early 17th centuries. During the research the article makes an attempt, based on the use of literary and historical sources, to clarify the date of birth of the poet, to highlight his place as a poet in his homeland, the factors of his being famous in India, the poet's life in this country, as well as his glory in the world of poetry. Based on the study of the problem associated with the life and personal development of Naziri Nishopuri, the author comes to the conclusion that despite his high social position, he grew up as a modest person, initiated in all mystical laws, and at the same time, using his economic and spiritual authority , he made a great contribution to the education of many poets from among his contemporaries.
Key words: Naziri Nishopuri, biography, personality development, chronicle, contemporaries, researchers, heritage, poetry collection.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмудзода Обидҷони Бекназар*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои филология, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 121. Тел.: **(+992) 985-72-81-01**

Сведения об авторе: ***Махмудзаде Обиджони Бекназар*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры теории и истории литературы таджикского филологического факультета. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. Тел.: **(+992) 985-72-81-01**

Information about the author: ***Mahmudzoda Obidjoni Beknazar*** - Tajik State pedagogical University named after S. Ayni, candidate of philological sciences, lecturer of department of theory and history of literature. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. Tel.: **(+992) 985-72-81-01**

УДК:891.550

ҲОШИЯҲО БАР ТАФСИРИ АДАБИИ «АЛ-КАШШОФ»-И ҶОРУЛЛОҲ МАҲМУДИ ЗАМАХШАРӢ

Очилова М.И., Ғаффорова У.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Замахшарӣ чи гунае, ки мепиндорад, тафсир бахше аз бахшҳои донишҳои олиест, ки аз миёни бузургону донишмандон ҷуз нафарони андаке ба нигориши он намепардозанд. Зеро он худ дар воқеъ илмест, ки ишора ба зебогиҳои сухан, дарки нозукиҳои маонӣ ва кашфе аз асрори ғайри макшуф менамояд. Замахшарӣ авсофи муайянеро барои анҷоми ин вазифа зарурӣ шуморидааст, ки баъзе он сифот ба табиат ва сиришти инсон баргашта, қисми дигараш сифоти касбӣ мебошанд, ки бо саъю талош ва одат қарор додан метавон онҳоро ба даст овард. Аммо, сифоте, ки ба табиат ва сиришти инсон бармегарданд, инҳо: дарки васеъ, малакаи баланд ва ҳушёриву зиракӣ мебошанд. Чуноне ки Замахшарӣ дар муқаддимаи тафсири «ал-Кашшоф» менигорад: «... муфассир набояд шахси мутараддид (дудила) ва дағалу хушктабиат бошад. Бояд, ки ӯ малакаи офариниши сухани воло дошта бошад ва тавонад, ки каломро ба танзим дарорад». Аммо, сифоте, ки бо роҳи саъю талош ва иктисоб ба даст меоянд, инҳо бештар машғул шудан ба омӯзиши улуми забон, адабиёт, фиқҳ ва асрори ин улум мебошад, ки Замахшарӣ дар ин ҷода ба ду илм (илми маонӣ ва баён) бештар таъкид менамояд.

Сипас, шахси тафсирнигорро зарур аст, ки аз ҳар илме, алалхусус улуми фиқҳ, усул, ақида, таърих ба миқдори кофӣ бархӯрдор бошад. Бо ин васила ӯ метавонад доираи фарҳангу маърифати худро вусъат бахшад. Ва бояд ин азбаркунии улуми мазкур дарки дуруст ва мӯшикофона бошад ва донишу маърифаташ маърифати таҳқиқӣ бошад. Бо ин минвол ин донишу маориф ҷузъе аз ақли он муфассир ба ҳисоб мераванд, ки бидуни инҳо бо донишҳои андаку ҷузъӣ наметавон ба ин маҳорат даст ёфт.

Бо ин захираи фарҳангию рӯҳӣ шахси муфассир метавонад, ки гӯшае аз матнро (Қуръони каримро) равшанӣ андохта, ишорае ба зебогиҳои он намояд, ки дар ин ҳол ӯ худро бо ин фарҳанг ва бо ин васоил барои нигориши тафсир муҷаҳҳаз кардааст. Аз ин рӯ, дар ин илм шахсе напардохтааст, магар баъд аз бархӯрдор шудан ба ин мероси бузурге, ки ишора намудем. Пеш аз он, ки Замахшарӣ ин тафсирро ба шакли комил таълиф кунад, як чанд саҳифаеро дар ин боб навишта намудааст, ки онҳоро ҳамчун намунаи ибрат барои нигориши тафсир қарор додааст. Ва ин саҳифаҳо ба манзалаи як донишномаи қуръоние маҳсуб мешуданд, ки дар он фунуни тафсир муайян карда шуда, дар атрофи сураи Фотиҳа

ва қисмате аз сураи Бақара давр мезаданд. Замахшарӣ дар тавсифи ин саҳифаҳо мегӯяд, ки онҳо хело сода, дорои суолоту ҷавобҳои зиёд ва шарҳу тавзеҳи тӯлониянд. Ӯ бо ин васфи содаву тӯлонӣ мехоҳад баён намояд, ки Қуръони карим илму адаби фаровон ва бо арзишро дар бар мегирад, вале ӯ, сипас, дарк менамояд, ки муҳити фикрии замони ӯ ин гуна донишномаро наметавонанд дарк намоянд ва ниёз ба як тафсири мухтасаре доранд, ки тавонанд равиши Қуръони каримро дарк намоянд.

Замахшарӣ дар муқаддимаи тафсираш аҳли замони худро ба аҷзу нотавонӣ дар дарки тафсир муттаҳам менамояд, ки онҳо наметавонанд, тафсири Қуръонро бо ин содагӣ дарк намоянд, пас чӣ гуна онро бо дарбаргирии улуми дақиқ монанди илми маонию баён дарк кунанд? Чунон ба назар мерасад, ки Замахшарӣ тарафдорони худро мавриди ин хитоби танқидӣ қарор додааст, вале дар асл чӣ гунае, ки ишора намуда будем ин гуна нест ва ӯ аз аҳли Хоразм ин воқеаро дар назар дорад. Ӯ аҳли Хоразмро, ки ҳама муътазилӣ буданд мавриди танқиди шадиде қарор додааст, ки қаблан Имом Абдулқоҳир ин муҳитро ба ин нотавонӣ муттаҳам намуда буд, ки онон аз дарки асрори баёни арабӣ мутталеъ нестанд. Ба андешаи ман рушди пажӯҳиши балоғии ин муҳити аҷамӣ ниёзе ба таҳқиқ ва шарҳи наве дорад, ки набояд ба як мақолаи машҳури Ибни Халдун, ки имрӯзҳо муҳаққиқон онро бисёр зикр мекунанд, иктифо намуд. Ва ин ҷо маҷоли баррасии ин баҳс нест [1, с.15]. Нуктаи муҳим дар ин масъала барои мо ин аст, ки мо дарк намудем, ки ҳамасрҳои Замахшарӣ тибқи васфи худи ӯ қобилияти дарки тафсиреро, ки бар асоси илми маонӣ ва илми баён навишта шуда, надоранд ва ӯ ҳама нуктаҳои муҳимми илми тафсир ва балоғати Қуръонро ба он гунае ки метавонист баён накард.

Ҳамин тавр, Замахшарӣ, ки яке аз бузургтарин муҳаққиқони балоғати қуръонист, даъват ба омӯзиши бештари ин илм менамояд ва дари иҷтиҳодро дар ин ҷода кушода ҳукм менамояд. Ӯ ин тафсири худро дар муҳити шиаён ва дар зери риояти амир Шариф Ҳасан писари Ваҳҳос навиштааст, ки ӯ аз пешвоёни шиа буд ва ӯ шахсан дар илму адаб шарик буд ва ба Замахшарӣ ташвиқ намуд, ки ин тафсирро бинависад. Бо ин васила ин тафсир самарае аз самараҳои алоқа байни шиа ва муътазила шуд [3, с.27]. Аммо бояд қайд намуд, ки он тафсири равияи шиӣ ва ҷамоварандаи ақоиди онҳо нест, вале дар худ баъзан даъват ба сӯйи онон ва зиддияти бани Умая ба назар мерасад. Ин ҷо бояд ишора намоем, ки мероси илмии муътазилиҳо пас аз Мутаваккил аз ҳампаймонии шиаён холӣ нест. Муътазилиҳо бо шиаён пас аз ба сари қудрат омадани ӯ дар соли 232 ҳ. ҳампаймон шуданд, дар баъзе гӯшаву канори олами исломӣ ин ду фирқа мавриди озору бадарға қарор мегирифтанд ва гоҳо мазҳабашонро махфӣ нигоҳ медоштанд ва дар ин ҷода аҳли Андалус бештар сахтгир буданд, чуноне ки Мақдисӣ мегӯяд: «Агар андалусиҳо шиа ё муътазилиеро дар диёрашон дарёфт кунанд ӯро то ба қатл мерасонданд».

Воқеан, китоби ал-Кашшоф дар тамоми қаламрави олами ислом паҳн гардид ва аҳли зиё ба он диққати фавқулодае доданд, ки ин гуна таваҷҷуҳ ба ҳеҷ як китоби забону адабиёт ё тафсир зоҳир карда нашуда буд. Бинобар ин, аҳли суннат аз ин таваҷҷуҳ хавф бурданд ва алайҳи ин китоб навиштаҳои зиёде анҷом доданд, ки дар онҳо бар зидди масоили муътазилӣ радияҳо навиштанд ва ҳушдор доданд, ки Замахшарӣ як Муътазилии хатарнокест, ки дар пушти каломи зебояш андешаҳои бидъатиро ворид месозад. Ин зиддиятҳо ба ҷое расид, ки мардумро аз хондани ин китоб манъ намуданд ва онро танҳо барои олимоне, ки дар дину ақидаи аҳли суннат устувор буданд, иҷозат доданд. Аммо барои дигар донишмандон ва умуми муслимин хондани онро нораво донистанд, ки дар кӯҷравии ақидатӣ дучор нагарданд. Ин буд васфи умумӣ аз ин китоб тибқи назари аҳли суннат ва ҷамоат, ки Тоҷиддини Сабкии Ашъарӣ ин гуфтаҳоро ба таври хулоса чунин баён менамояд: «Ба андешаи мо набояд иҷозати назар кардан ба ин тафсир дода шавад, магар ба нафароне, ки дар ақидаи аҳли суннат устувор бошанд, ки ононро шубуҳоти қадариҳо налағжонанд» [1, с.78].

Бо вуҷуди ин ихтилофу зиддият, вале барои Замахшарӣ сифоти тавоноӣ, табаҳҳур дар тамоми улум, нуктасанҷӣ ва суханвариашро қоил буданд. Мунозираи пирӯзмандонае, ки Замахшарӣ бо Аҳмад ибни Мунир дошт, ӯро ба бузургтарин донандаи забону адабиёт муаррифӣ намуд. Ибни Халдун, ки худ душмани сарсахти муътазилиҳо буд, ин тафсирро баҳои баланди адабӣ дод ва даъват бар он намуд, ки касе, ки ба қуллаҳои баланди шариату ақида расидааст, бояд ба ин тафсир муроҷиат намояд ва аз эъҷози волои адабии он баҳра бигирад, вале бояд ҳазар намояд, зеро Замахшарӣ далелҳои ботили муътазилиҳоро оварда аз Қуръон бо далели балоғӣ таъйид менамояд.

Таҳқиқотҳое, ки атрофи китоби «ал-Кашшоф» дар раванди таърих сурат гирифтаанд, ҳадафҳояшон гуногунанд. Баъзеаш татқиқотҳои балоғист, баъзе дигараш ба масъалаҳои эътизол равона карда шудааст, қисмати дигараш ба шарҳу тавзеҳ ва ислоҳот дар он равона шудааст, иддаи дигар ҳадисҳои онро баррасӣ намудааст. Муаллифи «Кашф-уз-зунун» таҳқиқотҳои зиёди донишмандонро дар бораи ин китоб овардааст, ки ин ҷо зикр кардани баъзеи онро бисёр муфид меҳисобем, то бубинем гузаштагони мо дар бораи ин китоби бузург чӣ таваҷҷуҳе доштанд [2, с.136].

Аллома Қутбуддин Маҳмуд ибни Муҳаммади Таҳтонии Розӣ (ваф.766 ҳ.) ҳошияе бар китоби «ал-Кашшоф» навиштааст ва Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Аксароӣ эътирозҳоеро дар он ҳошия ворид намудааст. Ба эътирозоти мазкур Аллома Абдулкарим ибни Абдуҷаббори Васмӣ посух гуфтааст, ки номи онро «Муҳокамот» гузоштааст. Ва Арабзода дар ҳошияи «Шақошиқ» зикр намудааст, ки Ибни Самода ба ин Муҳокамот радия навиштааст. Аллома Имодуддин Яҳё ибни Қосими Улвӣ маъруф бо ал-Фозили Яманӣ як ҳошияе бар ин китоб навишта кардааст, ки онро бо номи «Дурар-ул-асдоф мин ҳавоши ал-Кашшоф» номгузорӣ намудааст (он дар китобхонаи Дор-ул-кутуб то ба имрӯз арзи вуҷуд дорад). Инчунин, ин донишманд ҳошияи дигареро пас аз таълифи ин ҳошия бо номи «Туҳфат-ул-ашроф фи кашфи ғавомизи-л-Кашшоф» навиштааст (ҳошияи мазкур дар китобхонаи Дор-ул-кутуб таҳти №783 мавҷуд аст). Аллома Маҷидуддин Абӯтоҳир Муҳаммад ибни Яқуби Фирӯзободии Шерозӣ (ваф.817 ҳ.) хутбаи «ал-Кашшоф»-ро шарҳ намуда ин шарҳи худро бо номи «Қутбат-ул-хушшоф ли ҳалли хутбатил-Кашшоф» номгузорӣ намудааст. Инчунин, ӯ шарҳи дигаре аз ин хутбаро бо номи «Нуғбатуррашшоф фи шарҳи хутбат-ул-Кашшоф» навишта намудааст [8, с.149].

Аз зумраи нафароне, ки китоби «ал-Кашшоф»-ро талхис намудаанд, Аллома Қутбуддин Маҳмуд ибни Масъуди Шерозӣ мебошад, ки китоби талхис (мухтасар)-и худро бо номи «Тақрибу-т-тафсир» номгузорӣ намудааст, ки ин китобро дар рӯзи нуҳуми шаввол соли 698 ҳ.қ. ба анҷом расондааст. Китоби мазкур дар китобхонаи «Дор-ул-кутуб» (67) мавҷуд аст.Ва шахсе, ки аҳодиси онро баровардааст, ин Имоми Муҳаддис Ҷамолуддин Абдулло ибни Юсуфи Зайъалии Ҳанафӣ (ваф.762 ҳ.) мебошад. Инчунин, як дасхате аз шарҳи абёти муфассал аз «ал-Кашшоф» зери рақами 60 дар «Дор-ул-кутуб» арзи вуҷуд дорад, ки муаллифаш маълум нест.

Ин ҷо ба нафароне ишора менамоем, ки мавзӯоти балоғию наҳвӣ ва эътизолии китоби мазкурро мавриди баҳсу баррасӣ қарор додаанд. Саромади ин зумра донишмандон Аллома Шарафуддин Ҳасан ибни Муҳаммади Тайибӣ (ваф.743ҳ.қ.) мебошад, ки ҳошияе бо номи «Футуҳулғайб фи-л-кашфи ъан қиноъи райб» дар шаш ҷилди бузург навиштааст. Ва дар он гуфтааст: «Қабл аз шурӯъ кардани ин китоб Паёмбар (с)-ро дар хоб дидам, ки қадаҳе шир ба ман дод ва ба он ишора намуд сипас, ӯро ба дасти он Ҳазрат (а) додам ва онро гирифт». Китоби мазкур ба шакли мусаввар дар «Дор-ул-кутуб» (145) мавҷуд аст.

Аллома Саъдуддини Тафтазонӣ ҳошияе бар китоби «ал-Кашшоф» нигошта кардааст, ки он дар китобхонаи ал-Азҳар (рақами 1803) мавҷуд аст. Муаллифи «Кашф-уз-зунун» зикр менамояд, ки ҳошияи Саъдуддин хулосае аз ҳошияи «Тайибӣ» аст, вале дар асл чунин нест, балки он як тасвире аз афкори балоғӣ ва шахсияти мустақили ӯст, ки осори он дар китобҳои дигари он ба монанди «ал-Мутаввал ва ал-мухтасар» ба таври равшан ҳувайдост [12, с.54]. Саидшариф (ваф.816.ҳ.қ.) ҳошияеро дар аввалҳои тафсири «ал-Кашшоф» илова намуд, ки ҳамроҳи китоби «ал-Кашшоф» ба табъ расидааст ва ӯ дар ин ҳошияаш бештари афкори Саъдуддинро мавриди баҳсу баррасӣ қарор додааст. Ва Муҳиддин Муҳаммад ибни Хатиб (ваф. 901ҳ.қ.) ҳошияе бар ҳошияи Саидшариф нигошта намуд, ки он дар китобхонаи «Дору-л-кутуб» зери рақами 502 арзи вуҷуд дорад.

Ҳасани Ҳилмӣ ибни Муҳаммадшоҳи ал-Фаннорӣ (ваф.886ҳ.қ.) ҳошияе бар хошияи Саидшариф навишта намуд. Аз машҳуртарин нафароне, ки китоби «ал-Кашшоф»-ро дар масоили наҳвияш мавриди баҳсу баррасӣ қарор додаанд, ин Абӯҳаён дар «ал-Баҳр-ул-муҳит» мебошад, ки дар бештари баҳсҳояш сарсарӣ ва ғайривоқеӣ амал намудааст. Сипас, баъд аз он ду нафар аз шогирдонаш бо номи Шаҳоб Аҳмад ибни Юсуфи Ҳалабӣ маъруф бо лақаби Самин ва Бурҳон ибни Муҳаммади Сафоқасӣ дар эъроби ин китоб навиштанд. Ва Шайх Тоҷуддин Аҳмад ибни Мактум баҳсҳои Шайх Абӯҳаёнро дар китобе бо номи «Дурараллақит мина-л-Баҳрил муҳит» хулоса намудааст [9, с.78].

Аз машҳуртарин ҳошияҳое, ки масоили эътизолиро дар бар гирифтааст, ин ҳошияи «ал-Интисоф»-и Аллома Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Мансури Ҷаззомии Искандарии Моликӣ Қозии Искандария маъруф бо Абӯлаббос (ваф. 683 ҳ.қ.) мебошад. Ӯ қозии Искандария буда, як шахси зирак ва муҳаққиқи устувор буд. Ӯ дар барои Замахшарӣ устуворӣ дар улуми забону баёнро қоил буд. Имом Аламуддин Абдулкарим ибни Алии Ироқӣ (ваф.704 ҳ.қ.) китоберо бо номи «ал-Инсоф» навишта кард, ки онро довар байни китоби «ал-Интисоф» ва китоби «ал-Кашшоф» қарор дод. Китоби мазкур дар китобхонаи Дору-л-кутуб таҳти №506 мавҷуд аст. Сипас, ҳарду ин китобҳоро («ал-Инсоф» ва «ал-Интисоф»-ро) Имом Ҷамолуддин Абдулло ибни Юсуф Ибни Ҳишом ба шакли мухтасару зебо талхис намуд.

Аллома Шайх Умар ибни Муҳаммад Халили Сукунӣ китоберо навишт, ки онро чунин номгузорӣ намудааст: «Фарҷ байни он афкори эътизолие, ки Замахшарӣ дар китоби Худованд гузоштааст». Ӯ дар муқаддимаи китобаш зикр намудаст, ки Замахшарӣ масоили наҳвию сарфӣ ва балоғию луғавиро бо масоили муътазилӣ омехта намуда, ин афкор мухолифи андешаи аҳли суннат аст. Ва агар касе бидуни устувории ақида ба мутолиаи ин

китоб чанг бизанад, хавфи гумроҳ шудан ӯро таҳдид мекунад. Бинобар ин, ӯ ин китоби мазкурро ба хотири ҳимояи усули дин навиштааст. Ба назар мерасад, ки Шайх Умар (р) аз хонадони донишманд ва дар усули ақида устувор ба воя расидааст, зеро ӯ мегӯяд, ки ин китобро падари марҳумаш оғоз намудааст, ки ӯ кори шурӯъкардаи падарро ба поён расонидааст. Инчунин, ӯ зикр менамояд, ки амакаш вақте, ки сухани Замахшариро дар тафсири сураи ал-Аъроф мутолиа намуд, ки ӯ аҳли суннатро мазаммат мекунад, ин байти шеъриро гуфт:

سَمّيت جهلاً صدرَ أمة أحمد وذوى البصائر بالحمير المؤكّفة

(Магар ту пешсафони уммати Аҳмад (с)-ро, ки ҳама аҳли фазилат буданд ба нодонӣ туҳмат зада ононро бо ҳимориҳо баробар менамоӣ) [14, с.92]. Инчунин, ӯ дар ин бора абёти зиёдеро эҷод намуд, ки ин кор ба шахсияти Шайх Умар таъсири зиёд расонд ва ба мунозираи Замахшарӣ пардохт, ки ӯ хело шахсияти зирак ва нуктасанҷ буд.

Ҳамаи ин баҳсҳо масъалаи эътизолро фаро мегиранд, ки аҳли суннат дар ин масоил ба куллӣ огаҳ буданд ва медонистанд, ки Замахшарӣ афкор ва орои муътазилии худро тавассути масоили наҳвӣ ва балоғии дақиқе ба таври пӯшида ҷо менамояд. Ва аҳли суннат тамоми он масаоилро, ки баъзеаш ба таври талмеҳ гуфта шудааст ва тамоман ба назар наменамояд, равшанӣ андохта баён месозанд. Ва ҳамаи ин ба бедории онон ва ошкор будани масоили хилофӣ ва ҳудуди он ва аз сабаби гумони бадашон нисбат ба Замахшарӣ сарчашма мегирад. Ба унвони мисол дар ояи зерин: «… **Худованд нури ин гурӯҳро дур сохт**...» (Бақара-17) агар он нур ба сабаби осмонӣ монанди шамол ё борон хомӯш шуда бошад ҳам, он аз тарафи Худованд хомӯш шудааст. Ман дар ин масъала ҳеҷ чизе аз андешаҳои эътизолиро пай намебарам ва бовар дорам, ки мисли ман бештари мардум инро пай намебаранд, вале Имом Умар дар китобаш, ки дар боло зикр намудем, зикр менамояд, ки дар ин тафсири оят дасисаи Замахшарӣ нуҳуфтааст, ки ӯ бо ин тафсир гуфтанӣ аст, ки он нуре, ки тавассути шамолу борон хомӯш шуд амали Худованд буд вале онҳо (муътазилиҳо) инро таволуд мегӯянд ва мегӯянд феъли фоъил сабаб аст, аммо агар он оташ тавассути об ё хок хомӯш шавад онро ба Худованд нисбат намедиҳанд, балки ба бандагон нисбат медиҳанд, зеро бандагон сабаби он шуданд, чунки онон бо ҳаракоти гуногун сабаби тавлиди ин кор шуданд. Ва ҳамаи ин тафаккуроти ботил ва ширкист, зеро бандагон ҳеҷкорае нестанд хоҳ сабаб бошанд хоҳ на тибқи далилҳои устувор ҳама амали Парвардигор аст.

Ё ин, ки Замахшарӣ дар шарҳи ин оят**:** « أوْ كصيِّبٍ مِنَ السماء» *(Ё (достони онҳо) монанди борони бузурги омада аз осмон аст)* (Бақара 19) чунин мегӯяд: «Бояд шахси балиғ дар ҷамолу ийҷози ин гуфта дарк намояд, ки бар ӯ воҷиб аст, ки дар зарурати вусъатдиҳӣ ва сер кардан махлуқоташро вусъат бахшад ва сер кунад». Дар ин масъала ҳеҷ масоили эътизолиеро пай намебарем.

Ҳамин тавр, аҳли суннат дар масоили эътизолӣ хело мӯшикофона амал намуда, тамоми андешаҳои онро, ки чи бо талмеҳ, чи бо тасреҳ гуфта буд, мавриди баҳсу баррасӣ қарор додаанд [2, с.134].

Ҳақиқат ин аст, ки Замахшарӣ бештар дар нигориши худ услуби бепоя ва найрангро пеша мекунад, ки матнро тибқи андешаи аҳли ташайюъ равона созад. Ва агар лозим ояд, ки ин андешаро исбот кунем ба ҳошияи Ибни Мунир ва китоби «Тамйиз» назар андозем далелҳои зиёде оварда шудааст.

Дар ин баҳс масоили балоғии китоби ал-Кашшофро ба таври холисона мавриди баҳсу баррасӣ қарор бидиҳем, зеро масоили эътиқодӣ хело зиёд мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтаанд ва дар ин маворид суханони болотаре аз суханони аҳли суннат гуфта наметавонем, зеро аксари онон адибону нуктасанҷони барҷастае будаанд. Дар ин ҷода Аҳмад ибни Мунир, ки афкори балоғии он баёнгари онанд, ки эшон ақли комилу завқи баланд дар ҷодаи суханшиносӣ доштаанд. Ва ӯ афкори балоғии Замахшариро мавриди ситоиш қарор дода, барои ӯ маҳорати баланд дар услуби ин илмро қоил аст.

Пас бояд қайд намоем, ки ин ҷо ҳадаф садо баланд кардан, ё ҷустуҷӯйи иштибоҳи дигаре нест, ва агар дасисаеро ҳам, ки кашф намоем, барои тақозои таҳқиқи балоғӣ ин амалро анҷом медиҳем. Дар баёни сарчашмаи фарҳанги Замахшарӣ ишора намудем, ки ӯ аз устодон дида бештар аз сарчашмаҳо илм касб намудааст.

Ва ин ҷо бояд ба ду нукта ишора намоем, нуктаи якум ин ки таҳқиқ дар атрофи ду китоб сурат мегирад, ки аз якумаш Замахшарӣ хело истифода бурдааст, ки дар дуюмаш гуфтааст, ки азон хело чизҳоро касб намудааст.

Аммо китоби аввал тафсирест, ки ба Зуҷҷоҷ нисбат дода мешавад ва он китоб дар шакли мусаввар дар дастхатҳои арабӣ бо унвони «Маони-л-Қуръон»-и Зуҷоҷ вуҷуд дорад. Алоқаи мустаҳкаме байни ин китоб ва китоби «ал-Кашшоф» вуҷуд дорад, ки он ба тамоми муҳаққиқон равшан аст. Ӯ дар бораи ин сухани Парвардигор ар-Раҳмони-р-Раҳим мефармояд, ки лафзи Раҳмонро ба ғайри Худо гуфтан мумкин нест, он ба вазни «фаълон» омадааст, ки ин қолаб баёнгари муболиға аст. Масалан, агар мо ғазбон гӯем маъноаш

ниҳоят ғазабнок мешавад. Пас Раҳмоне, ки раҳматаш ҳама чизро фаро гирифтааст, набояд ба ғайри Худо итлоқ шавад. Аммо Замахшарӣ мегӯяд, ки дар калимаи Раҳмон чунон муболиғаест, ки дар Раҳим нест, аз ин рӯ, мегӯянд Раҳмони дунё ва охират ва Раҳими дунё ва инчунин, Замахшарӣ мегӯяд, ки бо зиёдатӣ дар сохти калима далолат бар зиёдатӣ дар маъност. Дар мавриди ояи зерин: « **«اشتَروا الضلالة بالهدى فما ربحت تجارتهم»** *(Онҳо он касонанд, ки ба ивази ҳидоят гумроҳиро хариданд; пас тиҷорататашон суд наёфт...)* (Бақара 16). Мегӯяд, ки маънои ин сухан ин аст, ки ҳар касе чизеро раҳо кард ва як чизи дигарро гирифт арабҳо мегӯянд ӯро харид, ки дар ин ҷо ҳеҷ амали тиҷорие аз қабили хариду фурӯш сурат нагирифтааст. Масалан, ин шеърро далел меорад:

أخذتُ بالجمة رأْساً أذعرا وبالثنايا الواضحات الدردرا

وبالطويل العمر عمراً حيدرا كما اشترى المسلمُ اذْ تنصر

(Бо чанд мӯе сари шахси тарсандаро гирифтам ва бо дандонҳои пешам дандонҳои курсияшро. Дар ивази умри дароз умри шерро гирифтам, Он гунае, ки мусулмон насронигиро харид).

Ва ояти: **«فما ربحت تجارتهم»** *(Пас тиҷорататашон суд наёфт)* маъноаш ин аст, ки онон дар тиҷорататашон фоида наёфтанд, зеро аз тиҷорат фоида намегиранд. Ва арабҳо мегӯянд байъат касод шуд ва тиҷоратат даромад кард. Ва бо ин мухтасарбаёнӣ маънои васеъро дар назар доранд. Ба ин сухан монанд шоире мефармояд, ки

كيف نُواصلُ من أصْبحتْ خلالته كأبي مرْحب

(чӣ гуна ба касе робита барқарор менамоем, ки дӯстияш мисли Абӯмарҳаб аст). Дар ин ҷо мурод аз Абӯмарҳаб дӯстии эшон аст на худи ӯ. Ва Худованд мефармояд: «...**балки макри шабу рӯз...**» (Сабоъ 33). Ин ҷо мурод макри шабонарӯзии шумост, на макри шабу рӯз [6, с.295].

Нисбат додани ин тафсир ба Зуҷоҷ боварии комил надорем, зеро соҳиби он дар муқаддимааш китобҳои илми маониро бо санадаш зикр намуда, Маонии Ахфаш, Маонии Фарро ва Маонии Зуҷоҷро зикр менамояд. Ва дар лавҳаи чаҳорум мегӯяд, ки Абӯисҳоқи Зуҷоҷ ва Абӯ-л-Аббоси Мубаррид чунин мегӯянд.

Ва дар лавҳаи панҷум оварда шудааст, ки: «Аммо маънои Раҳмон ва Раҳим тибқи фармудаи Ибни Аббос ду исми дақиқе ҳастанд, ки яке аз дигаре дақиқтаранд». Ва Зуҷоҷ мегӯяд, ки Раҳмон маъноаш раҳмати бисёр доштан аст.

Дар лавҳаи ҳафтум оварда шудааст, ки Зуҷоҷ мегӯяд, ки «лафзи Омин ҳарфи гузошташудае аст, ки бар маънои истиҷобат омадааст ҳамон гунае, ки вожаи «саҳ» ба маънои сукут аст ва ҳаққи ин ду манзалаи садоянд».

Бар иловаи ин гуфтаҳо боз ҳиссиёти ҳар хонанда илова мешавад, ки ҳар касе, ки ба осори риҷол мутолиа дошта бошад, мебинад, ки муҳимтарин сифоти ин осор равиши иҷтиҳод ва истиқлол ва қабули радд мебошанд ва ин тафсир, ки маониро аз Калбӣ, Муҷоҳид ва Заҳҳок ривоят намуда тавзеҳ медиҳад ва инчунин фикри олими забоншиносеро монанди Ахфаш ва Фарро зикр менамояд.

Аз ин рӯ, чуноне ки дар нақди ашъор мегӯянд, ман инро гуфтаниям, ки ин на аз Баҳри Зуҷоҷ аст на аз оби ӯ, зеро дар ин масоил Зуҷоҷ қавитару фаъолтар аз соҳиби ин китоб аст. Ва ин тафсире, ки нисбат доданаш ба Зуҷоҷ шак дорем, он тафсире нест, ки устод Ҷувайнӣ дар баёни масодири тафсири «ал-Кашшоф» *зикр* намудааст, зеро матнҳое, ки устод зикр кардааст, аз қабили оятҳои зер: *(**Ба ростӣ, ки Мо кӯҳҳоро ҳамроҳи ӯ ром сохтем, ба вақти шому субҳ тасбеҳ мегуфтанд**)* (Сод 18)*, **«(Ёд кун) чун вақти бегоҳ ба ӯ аспони тезрав арза карда шуд»*** (Сод 31), ***«Савганд ба рӯзи қиёмат; ва савганд ба нафси маломаткунанда»*** [7, с.435] муқоиса намудем ва дар он тафовути возеҳеро пай бурдем, аммо агар ин навиштаҷот ба Зуҷоҷ нисбат гирифтанаш мавриди шубҳа бошад, пас маънои онро надорад, ки Замахшарӣ аз Зуҷоҷ таъсирпазир нашудааст, зеро зикри ӯ дар «ал-Кашшоф» фаровон ба назар мерасад ва Замахшарӣ истифодаи зиёд намуданашро аз Зуҷоҷ дар масоили зиёд аз қабили калимот, қироот, муайян намудани маонӣ, сохтори калимот ва ғайра иқрор менамояд.

Ва он навиштаҷоте, ки дар бораш ишора шуд, як тафсири комил набуда, балки он як бахшест, ки аз сураи «Ёсин» сар шуда, дар охири сураи «Тин» тамом мешавад. Адади варақҳои он дусаду як варақ мебошад, ки ин ҳама гуфтаҳо дар бораи китоби аввал буд.

Аммо китоби дувум бошад дар бораш устод Ҷувайнӣ зикр намудааст, ки Замахшарӣ аз тафсири «Румонӣ»-е, ки аз он ҷуз як ҷузъи «Амма» чизи дигаре боқӣ намондааст, таъсири зиёде гирифтааст. Ва китоби мазкур дар китобхонаи Темурия таҳти рақами 210 вуҷуд дорад. Инчунин, ишора намудааст, ки ин нусхаро каме таҳриф дучор шудааст ва барои ин гуфта чунин далелҳо бармеояд, ки муаллифи он шахси сунниест, ки гоҳо ба фикр муътақид аст ва инчунин ӯ байни ҷабр ва ирода гоҳо баҳс мекунад. Ва ӯ дар бораи ин гуфтаҳо баъзе далелҳоеро зикр менамояд. Сипас, дар охир мегӯяд, ки мо комилан бовар надорем, ки ин нусхаи таҳриркарда аз соҳибаш бошад. Ба ҳар ҳол мо

ишора менамоем, ки дар муқоиса байни «ал-Кашшоф» ва Румонӣ инро метавон хулосагирӣ намуд, ки яке аз дигаре таъсири шадид гирифта, яке бар равиши дигаре амал намудааст. Сипас, матнҳои зиёди ин дасхатро зикр кардааст, ки айнан худи ҳамон матнҳо дар китоби «ал-Кашшоф» оварда шудаанд ва ин муттаҳидӣ ба он расонидааст, ки ӯ мегӯяд, ки одати донишмандони гузашта ин буд, ки касеро, ки писанд медонистанд суханонашро бидуни иснод дар китобашон ворид месохтанд ва ин ба хотири он буд, ки соҳиби сухан ё шахси шуҳратманд буд, ё ин ки илм моли ҳама аст, на аз як кас.

Аммо ҳақиқат ин аст, ки ин навиштаҷот ҳеҷ робитае ба «Румонӣ» надорад ва аксараш аз «ал-Кашшоф» нақл шудаанд. Барои исботи ин гуфта, ки Замахшарӣ дар бораи илтифот дар ояи «إِيَّاكَ نَعْبُدُ» *(танҳо туро мепарастем)*, бадал, дар ояти « (6) اهْدِنَا الصِّرَاطَ الْمُسْتَقِيمَ صِرَاطَ الَّذِينَ أَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ» *(моро ба роҳи рост раҳнамоӣ бифармо роҳи касоне, ки ба онҳо неъмат додӣ)* тақдими Раҳмон бар Раҳим дар бисмиллоҳ тақдими ибодат бар истионат ва пайвастани он бо лафзи «ийёка наъбуду ва ийёка настаин» ва пеш овардани ҷонишин дар он ва маънои муайян зикр шудани калимаи «حمد» ва маънои савол дар ояти «**ва ийя фарҳабун**» *(танҳо аз ман битарсед)* муроҷиат намо, мебинӣ, ки ҳамаи инро бидуни таҳриф зикр намудааст дар саҳифаҳои [14, 17, 8, 3, 4, 15, 14, 10, 49].

Соҳиби навиштаҷот китоби «ал-Кашшоф» ва китоби «ал-Кашф»-ро дар чандин мавзеъ зикр намудааст. Масалан дар бораи ин оят:«ولسوف يعطيك ربك فترضى» *(Ва Парвардигорат ба ту ато хоҳад кард ва хушнуд хоҳӣ шуд)* (Зуҳо 5). Сипас баён намудааст, ки ин ломи аввали оят ломи ибтидо аст, на ломи қасам, зеро ломи қасам дар феъли музореъ бидуни нуни тавкид дохил намешавад. Ва соҳиби «ал-Кашшоф» ҳам монанди ҳамин гуфтааст. Аммо соҳиби китоби «ал-Кашф» бошад мегӯяд, ки ин лом ломи қасамест, ки дар он нун зикр нашудааст, зеро нун ба хотири он медарояд, ки ломи қасам буданро фаҳмонад ва ин ҷо маълум аст, ки ломи ибтидо нест, зеро ломи ибтидо дар ҳиссачаи ояндасози «савфа» намедарояд.

Ва дар оятҳои зерин: « لايعذب عذابه أحد» *(яъне дар он рӯз ҳеҷ кас мутаваллии азоби Худо намешавад, зеро ҳама кор дар дасти Худованд аст)* « ولايوثق وثاقه أحد» *(ва ҳеҷ касе мисли Худованд занҷирбанд карда наметавонад)*. Замахшарӣ мегӯяд: «Ҳеҷ кас касеро мисли Худованд азоб дода наметавонад ва ҳеҷ касеро мисли бастани Худованд намебандад».

Соҳиби дастхат дар охири он навиштааст, ки: «Ин варақҳо бо тақдири Халлоқ ба анҷом расид худоё ин бандаи гунаҳкоратро биёмурз ва ба ӯ неъмати ризқ инъом кун ва ӯро дохили ҷаннат гардон, ки муштоқ аст. Ин китоб соли ҳазору наваду шаш ба анҷом расид» [13, с.230].Ин дастхат дарбаргирандаи матнҳое аз китобҳои тафсир аст, ки соҳибаш бахше аз матнҳои аҳли суннатро ҳамроҳ бо матнҳои муътазилиҳо ҷамоварӣ намудааст, вале ҳеҷ кадомро мавриди баҳсу баррасӣ қарор надодааст.Исбот шудани ин дастхат ба он ки ҳеҷ робитае ба тафсири «Румония» надорад, маънои онро надорад, ки Замахшарӣ аз он таъсирпазир нашудааст, зеро аз осори балоғии ӯ ба мо ҷуз рисолаи «Эъҷоз» чизи дигаре нарасидааст.

Ва шояд ҳадафи Ибни Тағрӣ Бардӣ, ки гуфта буд: «Замахшарӣ дар тафсираш ба равиши Румонӣ амал намудааст», ин шояд бахшҳои балоғат, иҷтиҳод дар таъвил ва баёни эҳтимолияти онро дар назар доштааст, на ин ки Замахшарӣ тамоман тафсири «Румонӣ»-ро такроран навишт кардааст, чӣ гунае, ки аз баъзе гуфтаҳои боло ин маънӣ бар меояд.

Бояд зикр кард, ҳамин хирадгароии ӯ буд, ки тафсири «Кашшоф»-ро арзишманд кард ва олимон дар пайравии ин тафсири бузурги адабӣ ҳошияҳо ва шарҳнависӣ бар «Кашшоф» карданд, ки аҳаммияти баланд доштани онро нишон медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Боқир, Алӣ Ризо. Фахри Хоразм - мурурe ба зиндагӣ ва осори Ҷоруллоҳ Замахшарӣ / Алӣ Ризо Боқир. - Теҳрон: Ҳамшаҳрӣ, 1388. - 194 с.
2. Довудӣ, Шамсиддин Муҳаммад Алӣ ибни Аҳмад. Табақот-ул-муфассирин / Шамсиддин Муҳаммад Алӣ ибни Аҳмади Довудӣ. - Бейрут: Дорул китоб-ул-оламия, 1988. – 465 с.
3. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил / Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ; тарҷумаи Масъуди Ансорӣ. Ҷ.1. – Теҳрон: Қуқнус, 1389. С. – 854.
4. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил. (Ҳошия: Сайид Шариф Ҷурҷонӣ) / Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ. - Бейрут: Дорул-фикр, 2008. С. – 567.
5. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил / Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ. - Бейрут: Дору-л-китоб ал-арабӣ, 2006. – 1806 с.
6. Қуръони маҷид / Тарҷумаи Абулмуҳаммади Оятӣ (баргардони Мирзо Комрон). - Теҳрон: Воҳидҳои эҳёи ҳунарҳои исломӣ, 1371. - 610 с.
7. Суютӣ, Ҷалолиддин Абдурраҳмон. Табақот-ул-муфассирин. Ҷ.1 / Ҷалолиддин Абдурраҳмони Суютӣ. – Бейрут: Дор ул-кутуб-ул-илмия, 1976. - С.188.
8. Ҷурҷонӣ, Абдул Қоҳир. Асрору-л-балоға (таҳқиқи Аҳмад Мустафо Марағибек) / Абдул Қоҳир Ҷурҷонӣ. - Қоҳира: Матбаи Истиқомат, 1947. – 296 с.

9. حاشية الشيخ عليان على الكشاف– مطبعة الاستقامة على هامش الكشاف
10. حاشية مخطوط على الكشاف بمكتبة الازهر لم يعرف مؤلفها رقم **371** (أباظة) الازهر
11. حاشيه الطيبى على الكشاف على الكشاف , مخطوط, دار الكتاب و الازهر
12. حاشيه اندوسقى على مختصر السعد على هامش شروح التلخيص
13. حاشيه عبد الحكيم السيالكوتى على المطول, ط الاستقامة
14. حاشية الانبابى على الرسالة البيانية – للصبان, طبعة الجولان

ҲОШИЯҲО БАР ТАФСИРИ АДАБИИ «АЛ-КАШШОФ»-И ҶОРУЛЛОҲ МАҲМУДИ ЗАМАХШАРӢ

Дар мақола муаллифон ҳошияҳоро бар тафсири адабии «Ал-кашшоф»-и Ҷоруллоҳ Маҳмуди Замахшарӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд. Воқеан, китоби ал-Кашшоф дар тамоми қаламрави олами ислом паҳн гардид ва аҳли зиё ба он диққати фавқулодае доданд, ки ин гуна таваҷҷуҳ ба ҳеҷ як китоби забону адабиёт ё тафсир зоҳир карда нашуда буд. Замахшарӣ, ки яке аз бузургтарин муҳаққиқони балоғати қуръонист, даъват ба омӯзиши бештари ин илм менамояд ва дари иҷтиҳодро дар ин ҷода кушода ҳукм менамояд. Муаллифон қайд менамоянд, ки китоби ал-Кашшоф дар тамоми қаламрави олами ислом паҳн гардид ва аҳли зиё ба он диққати фавқулодае доданд, ки ин гуна таваҷҷуҳ ба ҳеҷ як китоби забону адабиёт ё тафсир зоҳир карда нашуда буд. Таҳқиқотҳое, ки атрофи китоби «ал-Кашшоф» дар раванди таърих сурат гирифтаанд, ҳадафҳояшон гуногунанд. Баъзеаш татқиқотҳои балоғист, баъзе дигараш ба масъалаҳои эътизол равона карда шудааст, қисмати дигараш ба шарҳу тавзеҳ ва ислоҳот дар он равона шудааст, иддаи дигар ҳадисҳои онро баррасӣ намудааст. Бояд зикр кард, ҳамин хирадгароии ӯ буд, ки тафсири «Кашшоф»-ро арзишманд кард ва олимон дар пайравии ин тафсири бузурги адабӣ ҳошияҳо ва шарҳнависӣ бар «Кашшоф» карданд, ки аҳаммияти баланд доштани онро нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: Ҷоруллоҳ Маҳмуди Замахшарӣ, китоби ал-Кашшоф, тафсири Қуръон, ҷаҳони ислом, тафсири ҳадисҳои ҷудогонаи қуръон.

КОММЕНТАРИИ К ЛИТЕРАТУРНОМУ ТОЛКОВАНИЮ «АЛ-КАШШАФ АН-ХАКАИК АТ-ТАНЗИЛ» («РАСКРЫВАЮЩИЙ ИСТИНЫ ОТКРОВЕНИЯ») ДЖОРУЛЛОХ МАХМУДА ЗАМАХШАРИ

В статье авторами подвергнуты рассмотрению и изучению комментарии к литературному толкованию произведения «Ал-Кашшаф ан-хакаик ат-танзил» («Раскрывающий истины откровения») Джоруллоха Махмуда Замахшари, который являлся одним из ярких представителей великой мутазилитской рационально-философской школы. С именем аз-Замахшари связан переворот в истории всей средневековой философской персидско-таджикской мысли. Его рационалистические комментарии к Корану - «ал-Кашшаф», очень сильно повлияли на других комментаторов и не утратили своего значения и актуальность и по сей день. Авторы отмечают, что его интерпретация священного писания опиралась на глубокий лексико-семантический анализ самого текста, что делает его толкование непревзойденным и сегодня. Аз-Замахшари считал, что некоторые хадисы противоречат Книге Аллаха, некоторые противоречат разуму, а некоторые хадисы, по его мнению, противоречили друг другу. Аль-Кашшоф Замахшари был признан востоковедами и арабскими учеными как наиболее совершенный из комментариев Корана. Именно поэтому это произведение до сих пор используется в качестве учебного пособия в дорилфунах разных стран мира. Также Аз-Замахшари был энциклопедистом с глубокими познаниями в лингвистике, литературе, географии, истории и ряде других наук. Арабские специалисты по грамматике единогласно подтверждают, что «Ал-Кашшаф ан-хакаик ат-танзил» занимает одно из первых мест среди комментариев к Корану, которые были написаны в разные времена.

Ключевые слова: Джоруллох Махмуд Замахшари, книга «Ал-Кашшаф ан-хакаик ат-танзил» («Раскрывающий истины откровения»), комментарии к Корану, мусульманский мир, толкование отдельных стихов Корана.

COMMENTS ON THE LITERARY INTERPRETATION "AL-KASHSHAF AN-HAKAIK AT-TANZIL" ("REVEALING THE TRUTH OF REVELATION") JORULLOH MAHMUD ZAMAHSHARI

In the article, the authors examined and studied comments on the literary interpretation of the work "Al-Kashshaf an-hakaik at-tanzil" ("Revealing the truths of revelation") by Jorulloh Mahmud Zamakhshari, who was one of the brightest representatives of the great Mu'tazili rational-philosophical school. The name of az-Zamakhshari is associated with a revolution in the history of the entire medieval philosophical Persian-Tajik thought. His rationalistic comments on the Qur'an - "al-Kashshaf", greatly influenced other commentators and have not lost their significance and relevance to this day. The authors note that his interpretation of the scripture was based on a deep lexical and semantic analysis of the text itself, which makes his interpretation unsurpassed today. Az-Zamakhshari believed that some hadiths contradict the Book of Allah, some contradict reason, and some hadiths, in his opinion, contradicted each other. Al-Kashshof Zamahshari has been recognized by orientalists and Arab scholars as the most perfect of the Quranic commentaries. That is why this work is still used as a teaching aid in Dorilfuns around the world. Also, Az-Zamakhshari was an encyclopedist with deep knowledge in linguistics, literature, geography, history and a number of other sciences. Arab grammarians unanimously confirm that Al-Kashshaf an-haqaik at-tanzil occupies one of the first places among the commentaries on the Qur'an, which were written at different times. Unlike other commentaries of the Qur'an, in Al-Kashshaf an-hakaik at-tanzil, Zamakhshari pays much attention to the philological analysis of the holy book.

Key words: Jorulloh Mahmud Zamakhshari, the book "Al-Kashshaf an-hakaik at-tanzil" ("Revealing the truth of revelation"), commentaries on the Koran, the Muslim world, interpretation of certain verses of the Koran.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Очилова Мехринисо Илҳомовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои форсӣ ва хитоӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-770-11-65**

Ғаффорова Умеда Абдуллоевна - Институти илмӣ-таҳқиқотии улуми ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои филологӣ, директор. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. E-mail: **umedagafari1 @mail.ru**

Сведения об авторах: ***Очилова Мехринисо Илхомовна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры персидского и китайского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлянбекова, 1. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-770-11-65**
Гафарова Умеда Абдуллоевна - Научно-исследовательский Институт гуманитарных наук Худжандского госуниверситета им. академика Б.Гафурова, доктор филологических наук, директор. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлянбекова, 1.E-mail: **umedagafari1 @mail.ru**

Information about the authors: ***Ochilova Mehriniso Ilkhomovna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurova, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Persian and Chinese Languages. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Avenue, 1. E-mail: **ochilova.86@mail.ru**. Tel **.: (+992) 92-770-11-65**
Gafarova Umeda Abdulloevna - Research Institute of the Humanities of Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Philology, Director. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlyanbekov Avenue, 1.E-mail: **umedagafari1 @ mail.ru**

УДК:891.550:491.155

НАВИШТАНИ ДРАМА БО ЗАБОНИ ФОРСӢ
(шарҳи мухтасар)

Шаҳбоз Амил
Институти забон-адабиёт ва фарҳангшиносии Донишгоҳи Ҷавоҳарлал Неру, (Ҳиндустон)

Калимаи "драма" аз калимаи юнонӣ баромадааст, ки маънояш "амал" ё "кори иҷрошуда" аст. Драма дар ташаккули таърихи иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар нақши муҳим дорад. Донатус, мунаққиди маъруф мегӯяд, ки "драма нусхаи ҳаёт, оинаи урфу одатҳо, инъикоси ҳақиқат аст" [1]. Файласуфи юнонӣ Арасту, драматургияро ба ду шакл ҷудо кардааст: мазҳака ва фоҷиа. Дар фоҷиа, барҳӯрди неруҳои ҷисмонӣ ва тарафайн ё ҳарду рух медиҳад. Аммо дар мазҳака ҳамеша муноқиша байни шахсони алоҳида, байни ҷинсҳо ё байни инсон ва ҷомеа ба амал меояд [2]. Корпуси драмаи пайдоиши форсӣ сохта шудааст. Ҳатто Гёте, ки аз ҳаводорони адабиёти форсӣ аст, пушаймон аст, ки ягон драмаи форсӣ вуҷуд надорад, ки ба ҳамосавии форсӣ ва назми лирикӣ баробар бошад. Таърихи драматургия дар Эрон якранг нест. Драма аз рӯйдодҳои мухталифи таърихи Эрон таъсири зиёд гирифтааст. Драматургияи форсӣ аз замонҳои қадим то имрӯз рӯйдодҳои муҳимми гардишро аз сар гузаронидааст. Аввалан, пас аз забти арабҳои Эрон, сониян, инқилоби конститутсионӣ ва сеюм, инқилоби исломӣ.

Дар Эрон якчанд шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ ва маросимӣ мавҷуд буданд, ки ҳаёти фарҳангии мардуми Эронро ташаккул медиҳанд. Мо дар бораи мавҷудияти масхарабозон, сарояндагон, навозандагон ва раққосон аз давраи Сосониён маълумот дорем. Фирдавсӣ дар эпопеяи Шоҳнома зикр кардааст, ки шоҳ Баҳроми Гӯр фармон додааст, ки ҳазорҳо мусиқинавозон ва сарояндагон аз Ҳиндустон ба Эрон ворид карда шаванд. Баҳром Баёзӣ дар китоби худ "Нумайиш дар Эрон" мегӯяд, ки достонсароӣ пеш аз таъсиси ислом санъати мусиқӣ буд. Ровӣ одатан суруд ва ҳикояҳоро бо ҳамроҳии як асбоби мусиқӣ (одатан барфа) нақл мекард. Ин шакл Каввалӣ [3] ном дошт.

Пас аз истилои арабҳо дар Эрон дар асри VII, Наккалӣ, Ҳамин шаб, Таъзия ё Шабехҳонӣ шуҳрати калон пайдо кард. Наккалӣ яке аз ҷанбаҳои аслӣ ва қавии драмаи форсӣ буд. Он ҳам дар ҳаҷв ва ҳам фоҷиа иҷро мешавад. Ҳамин шаб бозӣ - мазҳака дар иҷрои як нафар. Ин намуди шакли драмавӣ бо театри машҳури Эрон муҷаҳҳаз аст. Номи иҷрокунанда Масхара ё Далкак буд. Дар бораи Ҳамин шаб бозӣ Баёзӣ фикри худро баён мекунад, ки кӯчманчиёни эронӣ, сояҳоеро, ки гулханҳои онҳо дар чодарҳояшон меафтанд, тамошо мекарданд, ташаббускори ин намуди вақтхушӣ буданд. Дар ҷараёни таҳияи ин ғоя, намоишномаҳои соянӣ такмил дода шуда, лӯхтакҳо сохта шуданд, ки бозори Ҳамин шабро [4] ба вуҷуд оварданд. Аммо ин ба санъати куҳнаи лӯхтак дахл дорад, ки шояд таҳти таъсири байналмилалӣ бо таъсири эҳтимолии Ҳиндустон ва Муғулистон инкишоф ёбад [5].

Давраи Сафавӣ марҳилаи муҳим дар таърихи драматургияи форсӣ буд. Онҳо шеър ва адабиётро бо дин маҳдуд мекарданд ва ин ба Тозия ё Шабих Ҳанӣ вазни бештар медод. Таъзияхони (Шавқ)- и эронӣ ягона жанри аслии драма дар ҷаҳони Ислом буд. Пиесаи ҳамосавии эронӣ оммаро барои баррасии драматургияи муосир аз баъзе ҷиҳатҳо омода кардааст, зеро он давраи аввали асрори англисӣ-лотинӣ ва муъҷизаро ифода мекунад, ки драматургияи муосири Ғарб аз он пайдо шудааст. Эҳсон Ёршотир аз се маросими бостонӣ ёдовар шудааст, ки манбаи таъзия мебошанд: Бисёр далелҳои муътамад барои исботи он, ки таъзия дар натиҷаи тағйир ёфтани се маросими бостонӣ ба вуҷуд омадааст. Пеш аз ҳама, тавсифи маросимҳои муҳаррам аз ҷараёнҳои мотами қадимии солона ба ифтихори Таммуз, худои зироат ва рама гирифта шудааст, ки қуввaҳои созандаи баҳорро инъикос

мекунанд. Дувум, он ба эҳтимоли зиёд ба Эрони Шарқӣ дар замони пеш аз ислом бармегардад, ки мо бояд дар он ҷо анъанаеро ҷӯем, ки заминаи омода барои рушди таъзияро фароҳам овард. Ин шакл достони ҳаёт ва марги шоҳзодаи маҳбуб ва ҷасур Сиёвуш аст. Вай, ба монанди Ҳусейн, як сарнавишти тақдир ва марги бераҳмона дошт. Қиёсҳои минбаъдаро бо *таъзия* метавон дар ҳамосаи форсии миёна *якдигари зарир* пайдо кард, ки дар тӯли асрҳо аз ҷониби сарояндагон ва шоирон барои тавсифи боз як шаҳиди ҷавон суруда шудаанд [6].Челковский қайд кард, ки яке аз намунаҳои рушдёфта ва барҷастаи драматургияи форсӣ *таъзия* мебошад: намоишномаи пурғавғои мусалмонони шиа дар Эрон муаррифӣ шудааст, ки дар он фоҷиаи Имом Ҳусейн нақл карда мешавад. Ин ягона драмаи ҷиддиест, ки дар ҷаҳони Ислом сохта шудааст, ба истиснои театри муосир. Таъзия дар миёнаи асри XVIII ба вуҷуд омадааст (гарчанде ки бисёре аз муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ин, аллакай, дар охири асри XVII рух додааст). Мисли намоишномаҳои шаҳвонии Ғарб, таъзия аслан дар кӯчаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ки тамошобинони зиёде ҷамъ меомаданд, дар беруни бино иҷро мешуд, пас намоишҳо дар саҳни меҳмонхонаҳо ва хонаҳои хусусӣ баргузор мешуданд, аммо дар ниҳоят як иншооти беназире бо номи Такиёҳ ё Ҳусейния аз ҷониби шаҳрҳои алоҳида барои намоиш додани намоишҳо сохта шуд [7].

Таъзия ҳамчун як драмаи ҷиддӣ ё динӣ бо номи Шабих Ҳавонӣ низ маъруф аст, ки ба як асари ирфонӣ ё муъҷизавӣ мувофиқ аст. Тазия дар Эрон танҳо аз сабаби шароити махсуси миллӣ ва динӣ пайдо шуда метавонист, ки дар эҷоди он нақши муҳим доштанд. Драмаи форсӣ дар шакли Бозии Шавқовар ба вуҷуд омад, ки дар тӯли даҳ рӯзи аввали Муҳаррам бозӣ карда шуд. Масъуд Ризоӣ менависад, ки «драма дар тӯли дувоздаҳ аср дар давраи ҳукмронии Ислом манъ карда шуда буд. Ҳатто ҳодисаи Карбало марҳилае пеш аз давраи Сафавӣ набуд, аммо Шабих баъдтар намоиш дода шуд. Баъзе аз муҳаққиқон бар онанд, ки шабеҳ дар рӯзҳои аввали режими Қаҷар пайдо шудааст [8].

Профессор Браун дар китоби худ «Таърихи адабии форс» (ҷилди 4) қайд кард, ки Шабих як қисми муҳимми ҳаёти Эрон шудааст ва онҳо бо шавқу завқ ба он ҷалб карда шуданд. Мэтью Арнолд, шоир ва мунаққиди барҷаста, дар мақолаи худ "Бозии ҳаваси форсӣ" дар соли 1871 тавсиф кардааст, ки чӣ гуна драмаи миллии форсӣ аз шаҳидони Карбало дар асри Х1Х дар Эрон сарчашма мегирад. Шавқ ба намоишномаҳои драмавии анъанавӣ, ба монанди Луи Грей дар Энсиклопедияи Дин ва Этикаи Гастинг дар соли 1908, қайд мекунад, ки “Тозия дурахшонтарин намоишномаи ирфонӣ дар тамоми Шарқ аст” [9]. Таъзия як театри маросимист ва шаклу мундариҷаи он аз суннатҳои амиқи решаи динист, гарчанде ки зоҳиран он исломист. Гарчанде ки Эрон дар таърихи худ тағйироти зиёдеро аз сар гузаронидааст, мероси фарҳангӣ ва драмаҳояш ҳамеша василаи баёнро пайдо кардаанд. Тазия Хони дар давраи режимҳои Қоҷар, хусусан дар давраи Насируддиншоҳ, бештар рушд кардааст. Вай барои қатли Тазияи Ҳани Таккияи Давлатро сохт. Тазия ба баландтарин нуқтаи худ расид ва аз ҷониби ҷомеа хуш пазируфта шуд ва фаъолона дастгирӣ карда шуд.

Навиштани драмаи муосири форсӣ замоне оғоз ёфт, ки эрониён таҳсилкарда дар театри Ғарб дар асри Х1Х, вақте ки Дорулфунун бо фармони Насируддиншоҳи Қаҷар дар соли 1266 таъсис ёфт, шинос шуданд. Ҳадафи Дорулфунун тарбияи ҷавонон ва фарҳанги Ғарб буд. Дар ибтидо он барак буд [10]. Он дар аввал танҳо барои подшоҳ ва мардуми шоҳ пешбинӣ шуда буд. Пиесаҳои ғарбӣ ба форсӣ тарҷума ва барои хонаводаҳои шоҳ намоиш дода мешуданд. Ҳукумат як идда донишҷӯёнро барои таҳсил ба Аврупо фиристод. Ин донишҷӯён дар рушди драматургияи форсӣ нақши муҳим доштанд. Эҷоди Дорулфунун ва ҳаракати тарҷумонӣ тақрибан соли 1851 воридшавии адабиёти драмавии Аврупоро ба Эрон суръат бахшид. Дар ин давра тарҷумаи драмаҳои ғарбӣ оғоз ёфт. Қадами аввал ба сӯйи театри Аврупо аз сохтани аввалин толорҳои услуби аврупоӣ аз ҷониби Мирзо Али Акбархон Музайян ад-Давла оғоз ёфт. Ин театр дар Дорулфунун соли 1886 сохта шудааст. Аввалин тарҷумаи "Мисантроп"- и Молер нахустин драмаи аврупоӣ буд, ки онро Мирзо Ҳабиб Исфаҳонӣ бо номи Гозариши Мардуми Горез ба форсӣ тарҷума кардааст, ки дар Константинопол дар матбуоти Тасвирул-Афкар дар солҳои 1869-70 чоп шудааст, бори аввал дар ин театр намоиш дода шуд [11]. Мирзо Ҷаъфар Карач Дагӣ “Зорздандан”- ро ҳамчун “Арӯсу домад” тарҷума кардааст.

Мирзо Фотеҳ Алӣ Охундзода аввалин драматург буд, ки дар Озарбойҷон падари драматургия ҳисобида мешуд [12]. Вай дар давраи солҳои 1850-55 ба забони озарбойҷонӣ-туркӣ шаш мазҳака навиштааст. Ҳама намоишномаҳои ӯро Мирзо Ҷаъфар Карач Дагӣ дар соли 1874 ба форсӣ тарҷума кардааст, ки шаш донааш чунинанд: Мулло Иброҳим Халил Кимиёгар, Ҳикояти Мосузордан Ҳаким-Наботот, Вазир Хон Ленкоран, Ҳарси Кулд-о-Рабасан, Саргузашти марди Хасис ё Ҳоҷӣ Кара, Ҳикояти Оклае Марай дар шаҳри Табриз.

Мирзо Ака Табрезӣ аввалин эрониест, ки дар навиштани намоишномаҳои форсӣ қувваи худро санҷидааст ва ӯ панҷ асар ба форсӣ навиштааст [13]. Чор пиесаи ӯ бо номи

театри Чаҳар (чаҳор дона) дар Табрез нашр шудааст. Онҳо асосан бар зидди коррупсияи ҳукумат ва дигар зуҳуроти иҷтимоии ҷомеа мубориза мебаранд. Монанди: саргузашти Ашраф Хон Ҳаким Арабистон, тариқи Ҳукумати Замон Хон Брузардӣ, ҳикояти Карбало рафтани Шоҳ Кули Мирзо, қиссаи ишқбозии - ака Ҳошим Хаимҷи Мурхали Халхалӣ.

Аввалин театри сабки ғарбӣ дар Эрон пас аз таъсиси Театри Миллӣ дар Теҳрон дар соли 1911 ва инқилоби конститутсионӣ ҷорӣ карда шуд ва як қатор драматургҳо бо назм мазҳакаҳо ва драмаҳои мусиқиро озмоиш карданд. Камол Ал Возра, Мирзода Ишқӣ, Абдулҳай Шамассӣ ва Акбар Родӣ машҳуртарин драматургҳои ин давра буданд.

Ҳаҷви Эрон як дастаи ҳаваскорони театриест, ки соли 1918 бо сарварии Сайид Алӣ Наср таъсис ёфтааст. Театри Миллӣ барои оммавӣ кардани драматургияи форсӣ ва тарғиби маърифати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ корҳои зиёдеро анҷом додааст. Аз ҷумла машҳуртарин Муртуза Кули Фикри (1868-1917) буд, ки панҷ драма навиштааст, аз қабили Куруши Кабир (Куруши Кабир, Теҳрон, 1914), Саргузашти як рӯзнам нигар (Таърихи рӯзноманигор", Теҳрон., 1914), Ишқи Пирӣ (ишқ дар пиронсолӣ, Теҳрон, 1914), Ҳокками Кадим, Ҳокқами Ҷадид (ҳокимони куҳна ва нав, Теҳрон, 1916) ва Серуз дар Молия (се рӯз дар шуъбаи молия, 1916). Ба ӯ асарҳои Акундзода ва Малком Хон таъсир расонидаанд.

Ҳасани Мукқадам драмаи Ҷаффорхон аз Фаранг Амда (Ҷаффорхон аз Аврупо баргашт)- ро соли 1922 ба табъ расонд. Вай дар бораи тағйироти иҷтимоӣ изҳори назар мекунад ва суханронии фасодзадаи баъзе донишҷӯёни форсиро, ки аз Аврупо бармегарданд, таъкид мекунад. Дар давраи режими Паҳлавӣ, драмаҳои таърихӣ ва миллатгаро таблиғ мешуданд ва драмаҳои сиёсӣ рӯҳафтода мешуданд. Ҳукумат намоишномаҳоро, ки режимро танқид мекарданд, шадидан сензура кард. "Аҳрин Яадгари Нодиршоҳ" -и Сайид Нафисӣ ("Ёдгории охирини Нодиршоҳ", Теҳрон-1926), ки дар замони ҷанг бо Русия сурат мегирад ва дар атрофи хислати як сарбози кӯҳансол аз артиши Нодиршоҳ, ки дар хотираҳои гузашта зиндагӣ мекунад, сухан мекунад. Содиқ Ҳидоят, нависандаи маъруф, ду намоишномаи таърихӣ навиштааст: Парвин Духари Сасан ва Мазияр. Ҳосиан Нушин (1901-71) узви фаъоли Ҳизби нигаронидашудаи Тудеҳ буд, ки як қатор ҳунармандони касбиро барои ба саҳна гузоштани драмаҳои ғарбӣ дар Теҳрон ҷамъ оварда ва инчунин соли 1951 театри Саъдиро кушод, ки он намоишномаҳои Ғарбро идома медиҳад. Ин театр соли 1953 сӯзонда шуд ва баъзе аз ҳунармандони он ба зиндон фиристода шуданд. Пас аз Муҳаммад Мосаддик, вазъи ҳарбӣ ва сензураи қатъӣ, драматургони форс ба техника таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Соли 1960 дар театр шуъбаи санъати драмавӣ кушода шуд, ки дар он асосан намоишҳои муосир ба саҳна гузошта мешуданд. Драматурги муосири эронӣ, ба мисли Акбар Родӣ, Палекан, Аз пушти шишаҳо, Сайёдон ва Марг дар Пойизро навиштааст. Баҳром Баёзӣ «Намоиш дар Эрон»-ро навиштааст, ки он яке аз беҳтарин китобҳои драматургияи форсӣ ба ҳисоб меравад. Марде, ки дар рушди драматургияи муосири форсӣ нақши муҳим дошт, Гавҳар Мурод (Голам Ҳусейн Саъдӣ) буд. Эҳтимол, аз он сабаб ӯро реалист меноманд, ки дар ӯ асари худ ҳаёти ҳаррӯзаро ҷой дода, бо масъалаҳои мубрам машғул буд. Вай, махсусан дар муколама моҳир буд ва ҳама паҳлуҳои ҳаёти форсиро инъикос мекард, ки воқеияти эҷодиёти ӯро афзунтар сохт. Вай бо шарҳҳо, бо нишон додани рамзҳои рамзӣ режими деспотии подшоҳро нишон дод. Доҳии Гавҳар Мурод бешак аз ҳаҷв болотар аст, ки ин яке аз хусусиятҳои умумиинсонӣ ва барҷастаи тамоми асарҳои ӯст. Вай ҳамчун як ҳаҷвнигор буд, ки вай дар таърихи адабиёти форсӣ мақоми ҷовидонӣ пайдо кард. Худи аввалин Маҳ-Асал (1970) -и ӯ яке аз бузургтарин асарҳои ҳаҷвӣ, гоҳе мазҳабӣ, гоҳе сиёсӣ ва аксаран иҷтимоӣ мебошад. Ӯ ҳамчун ҳаҷвнигор дар байни насрнависон дар адабиёти форсӣ ҷойгоҳи махсус дорад [14]. Вай бисёр намоишномаҳои дигар, аз қабили "Дикта", "Ҳавво дар бораи барабери-варта", "Беҳтарин Бобои Дунё", "Ҷонишин", "Чӯб ба дастаи варзил" ва "Панҷ Намоиш нома" ва ғайраҳо навиштааст.

Пас аз Инқилоби Исломӣ дар Эрон дар соли 1979 мундариҷаи иҷтимоӣ-сиёсии намоишномаҳо тағйир ёфт. Муносибати расмӣ ба масъалаҳое, аз қабили маҳдудияти либос барои мардон ва занон ва ҳамкории байни иҷрокунандагони марду зан, тағйиротро дар худи навиштаи драма амр мекард. Ин боиси рушди драматургия дар хориҷа гардид. Драматургҳои форс асарҳои худро дар ғурбат идома доданд, алалхусус, дар Аврупо ва ИМА. Машҳуртарин намоишномаи дар ғурбат навишташуда “Пардадарони ойинаафрӯз” аз Гавҳар Мурод (Оина - Достонҳои сайқалёбанда) мебошад. Ин як бозии зиддиҷангӣ мебошад, ки дар он ӯ анъанаи накколиро низ истифода мебурд. Он, инчунин, як паёми ҳаҷвӣ ва зидди ҷанг аст. Драматургҳои дигар, ки низ дар рушди драмаҳои форсӣ нақши муҳим доштанд, ба монанди: Фарзано Агайпур (намоишномаҳои ӯ таърихӣ ҳастанд ва асосан ба вазъи кунунии сиёсии Эрон асос ёфтаанд), Ризохон, Саттории Карадагӣ, Носириан, Мустафо Раҳимӣ, Парвиз Кардан, Саъди Солтанпур, Моҳсин Алфанӣ, Баҳмани Форсӣ, Парвиз Сайид ва ғайра.

Хулоса. Эрониён дар тӯли асрҳо ҳамеша бо қудрати худ рассомони бузург буданд. Онҳо дар рушди бисёр соҳаҳои эстетика, аз ҷумла драматургия саҳми калон гузоштанд. Дар мавриди намоишномаҳои форсӣ бошад, дар ин ҷо низ онҳо бетараф набуданд. Драмаи форсӣ аз даврaҳои қадимтарин то имрӯз чор нуқтаи гардиш дошт. Истилои арабҳо ва омадани ислом, инқилоби конститутсионӣ, инқилоби исломӣ ва ҷанги ҳаштсола. Навиштани драма дар Эрон аз Тазияи Ҳанӣ (Бозии дилчасп) дар давраи Сафавӣ оғоз ёфт, аммо дар замони Қаҷор ва бавижа дар давраи режими Насируддин Шоҳ Қаҷор, вақте ки ба Аврупо ташриф овард, дар он ҷо операеро дид ва амр дод, ки ҳамин гуна як толори калонро дар Теҳрон барои намоиш додани намоишҳо бунёд кунад. Вай, инчунин Дорулфунунро таъсис дод, ки онҳо дар он ҷо ба тарҷумаи намоишномаҳои Ғарб ба форсӣ шурӯъ карданд. Драмаҳои ибтидоӣ асосан бо мундариҷаи иҷтимоию сиёсӣ оғоз мешуданд, аммо баъдтар онҳо мавзӯъҳои зиддимустабил ва мубориза бо режими золимро ба худ гирифтанд. Драматургҳо дар навиштаҳои худ аз мавзӯъҳои рамзӣ истифода мекунанд ва ин то он даме, ки онҳо паёми кушод алайҳи режим надоданд, аз ҷониби ҳукумат манъ карда нашудааст. Дар давраи режими паҳлавӣ, драмаҳои таърихӣ ва миллатгаро таблиғ мешуданд ва драмаҳои сиёсӣ рӯҳафтода мешуданд. Пас аз Инқилоби Исломӣ дар Эрон, намоишнома пеш аз интишор ва намоиш дар Эрон бояд аз ҷониби режими исломӣ тасвиби расмӣ гирад. Пиесаҳое, ки дар Эрон ё дар хориҷи кишвар навишта шудаанд, зери таъсири дидгоҳҳои динӣ ва истилоҳоти режими исломӣ қарор гирифтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Nicoll, Allardyce, Theory of Drama, Doaba House, Nai Sarak. - Delhi-6, 1974. - P.24.
2. Ibid. p.81.
3. Beyzai, Bahram. Numayish dar Iran. - Tehran, 2004. - P. 60.
4. Ibid. p. 83.
5. William Floor. The History of Theater in Iran, Image Publishers. - Washington DC, 2005. - P. 70.
6. Ehsan Yarshater. Development of Persian Drama in the context of cultural confrontation in Iran, continuity and variety. - New York: New York University Press, 1971. - P. 88.
7. Peter Chelkowski. Time Out of Memory: Taziya. - TDR, 49, n. 4, (winter 2005). - P. 17.
8. Adeeb, Syed Masud Rizvi. Iraniyon ka Muqqadas drama, Nasim book depot, Lotus road. - Lucknow, 1966. - P.20-21.
9. Gassner, John and Quinn, Edward. The Reader's Encyclopedia of world Drama, Methew & Co. Ltd. - London, 1970. - P. 647.
10. Aryanpur, Yahya. Az Saba Ta Neema. - Vol. 1, 1382. – P.252.
11. 11.Jannati- Atai. Bunyad –e-Numaish dar Iran. - Tehran, 1955. - P. 59.
12. Aryanpur, Yahya. Az Saba Ta Neema. - Vol. 1, 1382. – P.351.
13. Aryanpur, Yahya. Az Saba Ta Neema. - Vol. 1, 1382. – P.358.
14. Faique, Mohammad. A complete study of Persian Drama (1906-1995), Nice book. - Delhi, 1999. - P.133.

НАВИШТАНИ ДРАМА БО ЗАБОНИ ФОРСӢ
(шарҳи мухтасар)

Навиштани драма бо забони форсӣ таърихи шашқабата дорад. Аммо услуби нигориши он аз услуби замони муосир то андозае фарқ дошт. Корпуси пайдоиши драма дар забони форсӣ вуҷуд дошт. Ҳатто Гёте, ки ҳаводори адабиёти форсӣ буд, аз он пушаймон аст, ки ягон драмаи форсӣ вуҷуд надорад, ки бо ҳамосаҳо ва лирикаи форсӣ мувофиқат кунад. Таъзияхонӣ (бозии шавқовар) ягона жанри драмавии ҷаҳони Ислом буд. Пиесаи ҳамосавии форсӣ оммаро барои баррасии драматургияи муосир аз баъзе ҷиҳатҳо омода кардааст, зеро он давраҳои ибтидоии англисӣ-лотинии «асрор» ва «муъҷизот» -ро, ки драматургияи муосири Ғарб аз он пайдо шудааст, ифода мекунад. Навиштани драмаи муосири форсӣ замоне оғоз ёфт, ки эрони бомаърифат бо театри Ғарб дар асри XIX бо таъсиси Дорулфунун шиносоӣ пайдо кард, ки драмаҳои аврупоӣ ба забони форсӣ тарҷума шуданд. Дар ин самт Мирзо Фотеҳ Алӣ Охундзода ва Мирзо Оқои Табрезӣ нақши муҳим доранд ва ҳамчун пешбарандагони рушди драматургҳо дар Эрон шинохта шудаанд. Дар давраи режими Паҳлавӣ, драмаҳои таърихӣ ва миллатгаро тарғиб карда мешуданд ва драмаҳои сиёсӣ рӯҳафтода шуда буданд. Шахсе, ки дар рушди драматургияи муосири форсӣ нақши назаррас дошт, Гавҳар Мурод (Ғулом Ҳусайн Саъдӣ) буд. Вай, махсусан устоди муколама буд, ки тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти форсиро инъикос мекард ва хусусияти воқеъбинона ва рамзии асарҳои ӯ, ба монанди. дикта, чашм дар баробари чашм, беҳтарин бобои дунё, ҷонишини моҳи асал, чӯби доштаи варзил ва парвариш додан ва ғайраҳо буданд.

Калидвожаҳо: таъзияхонӣ, шаб бозӣ, наққолӣ, Дорулфунун, Театри миллӣ.

НАПИСАНИЕ ДРАМЫ НА ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКЕ
(краткий обзор)

Написание драмы на персидском языке имеет свою историю. Но стиль письма несколько отличался от стиля современности. В персидском языке было множество драматических произведений. Даже Гете, который был поклонником персидской литературы, сожалел, что не было персидской драмы, которая соответствовала бы персидским рифмам и текстам. Соболезнования были единственным жанром драмы в исламском мире. Персидская эпическая пьеса в некотором роде подготавливает публику к рассмотрению современной драмы, поскольку она представляет собой ранний англо-латинский период «мистерий» и «чудес», из которого возникла современная западная драма. Написание современной персидской драмы началось, когда образованные иранцы познакомились с западным театром в 19 веке, с основанием Дар аль-Фанун, когда европейские драмы были переведены на персидский язык. Мирзо Фоте Али Охундзода и Мирзо Ака Табрези сыграли важную роль и известны как пионеры развития драматургов в Иране. Во время режима Пехлеви пропагандировались исторические и

националистические драмы, а политические драмы не поощрялись. Человеком, сыгравшим значительную роль в развитии современной персидской драмы, был Гухар Мурод (Гулам Хуссейн Саади). Он был особенно мастером диалога, отражающего все аспекты персидской жизни, с реалистическим и символическим характером его работ, таких как: диктовка, с глазу на глаз, лучший дедушка в мире, заменитель молодожена, палка со спортом и совершенствованием и так далее.

Ключевые слова: соболезнование, ночной спектакль, рассказ, Дарул Фанун, Национальный театр.

PRESIAN DRAMA WRITING
(short review)

Writing a drama in Persian has a six-story history. But the style of writing was somewhat different from that of our time. There were many dramatic works in Persian. Even Goethe, who was a fan of Persian literature, regretted that there was no Persian drama that matched Persian rhymes and texts. Condolences were the only genre of drama in the Islamic world. The Persian epic play prepares the public in some way for viewing contemporary drama, as it represents the early Anglo-Latin period of "mysteries" and "miracles" from which modern Western drama arose. Writing modern Persian drama began when educated Iranians became familiar with Western theater in the 19th century, with the founding of Dar al-Fanun, when European dramas were translated into Persian. Mirzo Fote Ali Okhundzoda and Mirzo Aka Tabrezi played an important role and are known as pioneers in the development of playwrights in Iran. During the Pahlavi regime, historical and nationalist dramas were promoted, and political dramas were discouraged. The person who played a significant role in the development of modern Persian drama was Guhar Murod (Ghulam Hussein Saadi). He was especially a master of dialogue, reflecting all aspects of Persian life, with a realistic and symbolic character in his works such as; dictation, face to face, best grandfather in the world, newlywed substitute, stick with sports and improvement and so on.

Key words: condolences, night performance, story, Darul Fanun, National Theater.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шаҳбоз Амил*** **-** Институти забон-адабиёт ва фарҳангшиносии Донишгоҳи Ҷавоҳарлал Неру, доктори Маркази омӯзиши забони форсӣ ва Осиёи Марказӣ. **Суроға:** 110067, Деҳлӣ (Ҳиндустон). E-mail: **shahbazamil@mail.jnu.ac.in, shahbazamil018@gmail.com.** Тел.: **9818104159, 8700976993.**

Сведения об авторе: ***Шахбоз Амил*** - Институт языка, литературы и культурологии, Университет Джавахарлала Неру, доктор Центра персидских и центральноазиатских исследований. **Адрес:** 110067, Дели (Индия). E-mail: **shahbazamil@mail.jnu.ac.in, shahbazamil@mail.jnu.ac.in@gmail.com.** Тел.: **9818104159, 8700976993**

Information about the author: ***Shahboz Amil*** - Institute of Language, Literature and Cultural Studies, Jawaharlal Nehru University, Doctor of the Center for Persian and Central Asian Studies. **Address:** 110067, Delhi (India). E-mail: **shahbazamil@mail.jnu.ac.in, shahbazamil@mail.jnu.ac.in@gmail.com.** Tel.: **9818104159, 8700976993**

УДК:891.550

ТАШБЕҲ ВА ТАРЗИ АДОИ ОН ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Абдуманнонзода Муҳаммадсиддиқ
Донишгоҳи давлатии Данғара

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар таърихи адаби форсӣ ҳамчун бузургтарин шоир ва нависанда эътироф гардидааст. Дар ҳақиқат, Шайх Саъдӣ ҳам тавассути осори гаронқадри насрӣ ва ҳам ба василаи анвои гуногуни шеърияш мояи ифтихори тамоми форсизабонони дунё ба ҳисоб меравад. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Шайх Саъдӣ аз зумраи он суханварони воломақом мебошад, ки ҳанӯз аз даврони ҳаёт ва фаъолияташ то ин замон ҳамвора мавриди бузургдошт ва эҳтирому эътирофи аҳли таҳқиқу фазл қарор гирифтааст ва ҳеҷ ҷо аз ҷониби ягон муҳаққиқе нисбат ба вай ва осори гаронқадраш нукоти эътирозиву манфӣ изҳор нагаштааст. Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар тазкираи маъруфаш дар нигоҳ ба мартабаи улвии Шайх Саъдӣ суханонеро сазовор донистааст, ки ҳамсони онро нисбат бар ҳеҷ яке аз суханварони пешин наметавон пайдо намуд: “Хоқони кишвари суханварист ва Сулаймони мулки маънипарварӣ, шаҳаншоҳи иқлими фасоҳат ва молики вилояти балоғат, пайғамбари охируззамони сухан ва фахри суханварони ҳар чаман, тӯтии гулшани хушбаёнӣ ва булбули чаманистони нуктадонӣ. Каломаш намакпоши ҷароҳат ва девонаш намакдони муҳаббат, калимоташ шакаромез ва суханонаш шӯрангез. Ашъори рангинаш шӯрафкани маҳфил ва мазомини ширинаш ҳаловатбахши ҳар дил. “Гулистон”-аш рашки гулистони ҷинон ва “Бӯстон”-аш рангафзои бӯстони ризвон. Назмаш хиҷилсози иқди Парвин ва насраш рӯкаши нусхаи фирдавси барин. Қофиласолори суханварон ва муқаддиматулҷайши фасоҳатгустарон. Моликуссайф ва-л-қалам, фахр-уш-шуарои ал-Араб ва-л-Аҷам. Афзали фузалои мутақаддимин ва афсаҳи фусаҳои мутааххирин... Дигаронро аз суханварӣ эътибор аст ва пояи суханро аз вай ифтихор... Авсофаш хориҷ аз он аст, ки ба таҳрир дарояд ва камолоташ берун аз он ҳад аст, ки ба тақрир гарояд” [2, с.655-656].

Чи гуна ки аз навиштаҷоти Азимободӣ дида мешавад, ӯ дар таърифи Шайх Саъдӣ ва пояи ҳунари суханвариш олитарин суханонро раво дидааст, ки ин суханон дар кулли осори тазкиравӣ нисбати ҳеҷ адибе ба назар намерасад. Муҳаққиқони эронӣ дар маҷмӯаи дастаҷамъие, ки зери унвони “Зиндагӣ ва шеъри шоирони бузурги Эрон” оид ба пояи

сухан дар осори адибони классикӣ таҳқиқот бурдаанд, Саъдиро пас аз Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ситораи дурахшон дар осмони шеъри порсӣ эътироф намудаанд [3, с.363]. Шояд дар кулли осори таърихиву тазкиравӣ ва таҳқиқотие, ки дар онҳо дар хусуси адибони форсизабон сухан ба миён рафтааст, ҷойгоҳу мақоми Саъдӣ алоҳида бошад ва нисбат бар кулли дигарон фарқият дошта бошад. Аммо, бо ин ки Саъдӣ ва мартабаи сухантирозии вай ҳам дар самти наср ва ҳам дар самти назм дар кулли осори қадиму муосир мавриди таърифу тавсифи зиёд қарор гирифтааст, тибқи натиҷагирие, ки мутақаддимон ва муҳаққиқони баъдӣ аз мартабаи эҷодиёти гуногуннавъ ва гуногунжанри Саъдӣ намудаанд, ӯро, пеш аз ҳама, устоди бузург ва беҳамтои жанри ғазал эътироф кардаанд ва мартабаи вайро дар самти ғазалсароӣ болотар аз кулли суханварони қабл ва баъд аз вай нишон додаанд.

Миёни ҷамеи суханварони адабиёти классикии форсу тоҷик маҳз Шайх Саъдӣ сазовори мақоми рафеъу олии “паямбари ғазал” гардидааст, чунончи дар шеъри маъруфе, ки дар баъзе тазкираҳо зикр гардидааст, дар қатори Фирдавсӣ ва Анварӣ Саъдии Шерозӣ ҳам яке аз паямбарони шеъри порсӣ эътироф гардидааст. Фараҳ Ниёзкор дар таҳқиқоте, ки оид ба Шайх Саъдӣ ва эҷодиёти вай кардааст, ӯро “худовандгори ғазали форсӣ” эътироф намудааст [6, ёздаҳ]. Ҳамчунин, муҳаққиқи маъруфи рус М.Л. Рейснер, ки дар иртибот бар рушду таҳаввули ғазали форсӣ дар асрҳои X-XIV таҳқиқоти арзишманде ба анҷом расонидааст, дар ин маврид қайд намудааст, ки жанри ғазал дар эҷодиёти Саъдии Шерозӣ ба дараҷаи дастнаёфтанӣ ва авҷи рушду тараққии худ расида ва ҳеҷ шоире на пеш аз вай ва на баъди ӯ жанри мазкурро чи аз ҳайси шаклу сохтор, чи аз ҷиҳати забону услуб, чи аз ҳайси мазмуну мундариҷа ва чи аз нигоҳи бакоргирии вижаи васоити тасвири бадеӣ бар чунин мақому мартаба нарасонидааст [8, с.164-165]. Он чӣ соҳибони тазкира, аз ҷумла Ҳусайнқулихони Азимободӣ ва муҳаққиони муосир дар иртибот бар ҳунари шоирии Саъдӣ ва махсусан ҳунари ғазлсароии вай навиштаанд, сазовори дастгирӣ аст ва дар нигоҳи амиқ бар кулли ғазалиёти Шайх Саъдӣ арзишгузошти онҳоро метавон тасдиқ намуд.Аммо дар иртибот бар он чӣ адабиётшиноси маъруфи даврони шӯравии тоҷик Холиқ Мирзозода дар қисмати дувуми таърихи адабиёти худ қайд карда ва овардааст, ки “Саъдӣ устоди ғазал аст, вале қуллаи баланди он нест” [5, с.100], аз назари мо дар мавриди пояи ҳунари шоир баҳои сазовор нест, зеро дар ин маврид ҷуз аз эътирофоти қудамо ва муҳаққиқони муосир бузургони шеър ҳам монанди Шайх Камоли Хуҷандӣ, Хоҷа Ҳофиз, Соиби Табрезӣ ва дигарон Шайх Саъдиро устоди барҳақи ғазал эътироф намудаанд.

Ғазал дар девони Шайх Саъдӣ нисбат ба кулли жанрҳояш чи аз ҳайси теъдод ва чи аз ҷиҳати ғановати мазмуну мундариҷа ва латофати сухан бартарии зиёд дорад. Аз ин нигоҳ Саъдиро метавон шоири ғазал эътироф кард. Дар ғазалиёти Шайх Саъдӣ мазмуну маънӣ бо шаклу сохтор таносуби куллӣ дорад ва миёни ботину зоҳири сухани вай ҳамоҳангии қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасад. Устод Холиқ Мирзозода дар робита бар ҳамин ҷиҳати ҳунари шоирии Саъдӣ қайд менамояд: “Дар нуқтаи назари эстетикии Саъдӣ рафтори маҳзи санъат барои санъат нест, ҳамаи каломи бадеии ӯ табиӣ ва зарурист ва дар он санъати таносуб нигоҳ дошта шудааст” [5, с.103].Сабаби ин ҳама қудрати сухан ва неруи баланди тахайюли шоирона дар Шайх Саъдӣ, чунонки аксари муҳаққиқон зикр намудаанд, нуфузи хориқулоддаи вай бар забони форсӣ ва табаҳҳури зиёди вай бар қавоиди забонӣ ва бавижа грамматикиву луғавӣ аст. Забони осори Саъдӣ, чи осори мансур ва чи манзумаш фасеҳтарин ва шевотарин намунаи забони форсӣ-тоҷикӣ аст. Хусусан забони ғазалиёти ӯ, ки баъдан сармашқи кулли шоирони форсизабон гаштааст, беҳтарин намунаи фасоҳату шевоӣ ва латофату ширинӣ дар забони порсӣ шуморида мешавад. Шиблӣ дар ин маврид дуруст қайд менамояд, ки Саъдӣ фитратан шоир ва забону баёни вай худодод аст [7, с.14].

Хидмати Шайх Саъдӣ дар рушду тараққии ҷиҳоти сохтириву дарунии жанри ғазал мутафовиту мутааддид аст. Чи дар тарзи бакоргирии васоити маънавиву лафзии тасвири бадеӣ, чи дар тарзи адо ва бакоргирии санъатҳои бадеӣ, чи дар забону услуб, ки бастагӣ бар сабки вижа ва тарзи баёни пурфасоҳати вай доранд, чи дар аносири мавзӯии ғазал монанди: тарҳрезии матолиби ишқӣ, фалсафиву ҳикамӣ, пандуандарзӣ, фахриявӣ, чи дар тарҳрезиву тасвири эҳсосоти мухталифи инсонӣ ва амсоли инҳо, ғазалиёти Саъдӣ бар тамомии шоирони пешину пасини адаби порсӣ риҷҳону бартарӣ дорад.

Яке аз назаррастарин ва ҷолибтарин хусусиёти сабкии ғазалҳои Саъдӣ – ин тарзи адои махсуси матолиб ва мавзӯъ аст. Ин мавзӯъ дар маҷмӯаи ғазалиёти шоир бастагии қобили таваҷҷуҳ бо васоити тасвир дорад. Иртиботи тарзи адои мазмун ва васоити тасвири бадеӣ худ нишони равшане аз вуҷуди таносуб дар каломи шоир ба ҳисоб меравад, зеро миёни баёни матолиб, ки бо мавзӯву мундариҷа иртибот дорад ва санъатҳои маънавиву лафзӣ муносибати зиче мавҷуд аст. Ин муносибат дар матни ғазалиёти шоир доимо дар таносуби ҳамдигари ботин ва зоҳири сухан қарор дорад. Истифода аз рукнҳои гуногуни сувари сухан, чи маънавиву чи лафзӣ, дар матни ғазалиёти шоир муҷиби тарзи адои махсуси матолиб ва мавзӯот гардидааст. Дар корбурди тамоми анвои санъатҳои

бадеӣ дар ғазалиёти Шайх Саъдӣ, хусусан ташбеҳу истиора, тамсилу талмеҳ, ташхису таҷнис ва тазоду тавсиф, тарзҳои махсуси адои сухан ба чашм мерасанд, ки тавассути онҳо яке аз муҳимтарин хусусиёти ҳунари шоирии вай мушаххас карда мешавад. Сухани Саъдӣ тавассути ин тарзҳои адои матлаб аз дигар шоирон то ҳадди қобили таваҷҷуҳ фосила ва фарқияти нисбӣ пайдо менамояд. Намунаҳое аз ин гуфтаҳоро метавон дар мисоли ташбеҳ – яке аз муҳимтарин рукнҳои суварӣ ё воситаи асосии тасвири бадеӣ дар ғазалҳои шоир собит сохт. Ташбеҳ ҳамчунин воситаи зарурии тасвири бадеӣ иборат аз монанд кардани мафҳумҳо ва ашё бар якдигар аст. Тавассути ташбеҳ аст, ки сухани шоирон аз таъсирбахшоиву завқбахшии махсус таъмин мегардад. Дар матни ғазалиёти Шайх Саъдӣ ҳам ташбеҳ яке аз пояҳои устувори сухани мармузу маҷозӣ ба ҳисоб меравад. Санъати мазкур дар ғазалиёти шоир бо роҳҳои гуногун роҳандозӣ мешавад. Дар матраҳ сохтани ташбеҳ дар матни ғазалиёти Шайх Саъдӣ мо воситаҳои дигари тасвири бадеӣ монанди: талмеҳ, иҷоз ё муҷазбаёнӣ ва ҳамчунин латофати гуфтор дар ғазалҳои шоир ва адоти мушобиҳатро мавриди таҳқиқ қарор додем.

Тарзи адои ташбеҳ тавассути талмеҳ. Дар ғазалҳои Саъдӣ санъати ташбеҳ бо роҳҳои гуногун матраҳ гардидааст. Ин роҳҳо ҳам бо фасоҳати гуфтор ва ширинии тарзи баёни шоир алоқамандӣ доранд, ҳам бо аркони дигари тасвир. Яке аз роҳҳои сермустаъмал дар ташбеҳсозии Саъдӣ – ин ба воситаи талмеҳ сохтани он аст. Аз ҷумла дар байти зерин ин хусусияти ташбеҳ мушоҳида мешавад:

Он кӣ дар чоҳи занахдонаш дили бечорагон
Чун малак маҳбус дар зиндони чоҳи Бобул аст [1, с.206].

Чунонки дида мешавад, дар байти мазкур вожаҳои “малак”, “маҳбус”, “зиндон” ва “Бобул” ишорат бар ривояти марбут бар Юсуф ва зиндонӣ шудани вай менамоянд. Яъне, ин вожагон талмеҳиянд. Саъдӣ дили бечорагон ва гирифторони маъшуқро монанд бар ҳолати малак кардааст, ки дар зиндони Бобул маҳбус гардидааст.

Омезишу баҳамоии чанд санъати талмеҳ дар мисоли як вожа муҷиби иҷозу иҳом ва муассирии сухани шоир гаштаанд:

Саъдиё, наздики ройи ошиқон
Халқ Маҷнунанду маҷнун оқил аст [9, с.206].

Чунонки дида мешавад, дар мисраи дувуми байти мазкур вожаи “маҷнун” дар умум тааллуқ бар се санъати бадеӣ – ташбеҳ, талмеҳ, таҷнис дорад ва дар ин мисраъ умуман чаҳор санъати бадеӣ истифода гардидаанд: се санъати дар боло зикршуда бо иловаи санъати тазод. Шоир халқро дар нигоҳ бар ақидаи ошиқон бар *Маҷнун* монанд мекунад. Ин ҷо санъати ташбеҳи зимнӣ корбаст шудааст. Дар навбати худ *Маҷнун* ишорат бар Қайс – қаҳрамони ривоятии ишқномаҳо аст, яъне ин ҷо санъати талмеҳ истифода шудааст. *Маҷнуни* дувум бошад, ки дар маънои беақл корбурд шуда, бо ҳамтои шаклии қаблии худ, яъне, *Маҷнун* санъати таҷнис ба ҳисоб меравад ва дар баробари он ҷиноси лафзӣ аст. Бар илова, *маҷнуни* дувум бо вожаи оқил санъати тазодро ташкил медиҳад, чун ҳар ду дар маънӣ мухолифи ҳаманд.

Адои ташбеҳ тавассути иҷоз. Яке аз роҳҳои адои ташбеҳ дар ғазалиёти Саъдӣ – ин ба воситаи иҷоз ё муҷазбаёнӣ матраҳ сохтани он аст. Агарчи Саъдӣ дар арзиши куллӣ шоири муҷазбаён нест ва дар сухани вай расоиву шевоӣ ва фасоҳату латофати гуфтор дар мадди аввал меистад ва ин равишҳо – ҳама дар умум дарак аз мушаххасбаёниву муафассалбаёнӣ медиҳанд, то муҷазбаёниву кӯтоҳбаёнӣ, лекин баъзан санъатҳои бадеиро Саъдӣ бо тарзи басо ҳунармандона тавассути иҷоз матраҳ сохтааст. Масалан, дар байти зерин ҳамин хусусият дар корбурди ташбеҳ ба чашм мерасад:

Ту дар миёни халоиқ дар миёни аҳли назар
Чунон ки дар шаби торик пораи нурӣ [10, с.167].

Чунонки дида мешавад, мисраи дувум фикри шоир батамом ба таври муҷаз ифода ёфтааст. Дар мисраи якум ҳамон равиши хосси Саъдӣ, ки иборат аз содабаёниву саҳли мумтанеъ аст бо тарзи басо муфассалу мушаххас, эҳсос мешавад. Аммо дар мисраи дувум тарзи нисбатан дигари адои мазмун, ки аслан бо равиши суханпардозии шоир каме бегонагӣ дорад, мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳамин тарзи матраҳ сохтани мазмун бо тарзи иҷози баён матраҳ гардидааст, вале дар либоси ташбеҳ. Яъне, ин ҷо омезиши ташбеҳу иҷоз муҷиби таъсирбахшии сухани шоир гаштааст. Хонанда қаблан фикр мекунад, ки шоир дар миёни мисраоти байти мазкур чизеро партофтааст ё аз корбурди вожае огоҳонаву ноогоҳона сарфи назар кардааст. Вале чун дар сари дарки маънӣ фурӯ меравад, бар вай аён хоҳад шуд, ки шоир ташбеҳро ба василаи муҷазбаёнӣ адо кардааст. Яъне, чунонки дар шаби торик пораи нур ҷилва медиҳад, ту ҳам дар байни халқ ҳамчунинӣ ва миёни аҳли назар чун пораи нур ҳастӣ.

Ба василаи иҷозу кӯтоҳбаёнӣ Саъдӣ ташбеҳоти худро дар маҳдудаи як мисраъ матраҳ менамояд. Аз ҷумла дар мисраи якуми байти зер ҳамин хусусият ба назар мерасад:

Мисоли ошиқу маъшуқ шамъу парвона-ст,
Сари ҳалок надорӣ, магард пиромун! [10, с.221].

Яъне, ошиқу маъшуқ ба шамъу парвона монанданд. Шоир ин шабоҳатро ба тарзи муҷаз баён кардааст ва онро тафсил надодааст, ки барои чӣ миёни ошиқу парвона ва маъшуқу шамъ чунин монандӣ дида мешавад. Ин тафсилот танҳо дар мисраи дувум, ки ба ташбеҳ алоқамандие надорад ва фақат аз вуҷӯҳоти он ба ҳисоб меравад, мушоҳида мешавад. Аз мазмуни мисраи дувум метавон мазмуни муфассалтари мисраи якумро фаҳм кард, яъне маъшуқ бояд мисли шамъе, ки парвонаро месӯзад ва нест мегардонад, дар пайи куштани ошиқ бошад.

Ташбеҳсозӣ тавассути латофат ва зарофати гуфтор. Ташбеҳоти бакоргирифтаи Саъдӣ дар бисёр маворид тавассути латофату балоғати сухан ба вуҷуд меоянд. Дар онҳо бо он ки баъзан адоти ташбеҳ истифода намегардад, тарзи адои латифу марғуби шоир ба ҳайси василаи шабеҳ кардани мафҳумҳову ашё хидмат менамояд. Чунончи дар байти мазкур шоир ташбеҳро басо нозукона адо кардааст ва на ҳар хонанда пай мебарад, ки дар он мушобиҳату монандкунӣ мавҷуд аст:

В-он кӣ бинад бараҳна андомат,
Гӯяд, ин пургул аст пираҳане [10, с.176].

Шоир андоми бараҳнаи маъшуқро ба таври пӯшида бар пираҳани пургул монанд кардааст.

Дар байти зерин ҳам дар тарзи адои ташбеҳ лутфу хушсухание ба чашм мерасад:

Гарчи бетоқатам, чу мӯри зариф
Мекушам нафсу мекашам борат [9, с.185].

Дар ташбеҳи мазкур ҷуз аз латофати гуфтор санъатҳои таҷнису тазод ҳам истифода гардидааст. Воситаи тазоди фикр васла ё пайвандаки “гарчи” мебошад. Санъати ҷинос бошад, дар феълҳои “мекушам” ва “мекашам” дида мешавад ва он ба навъи ҷиноси лафзӣ ё хаттӣ тааллуқ дорад.

Ташбеҳ тавассути адоти монандкунӣ. Аммо дар қисмати аъзами ташбеҳоти ашъори Саъдӣ адоти ташбеҳ ба ҳайси воситаҳои равшани шабоҳату қиёси мафҳумҳо истифода гардидаанд. Саъдӣ дар корбурди адоти ташбеҳ анқариб тамоми васоити мушобиҳатро аз қабили: мисли, мисоли чун, ҳамчун, ба сони, чунонки, ҳамчунонки, ҳамсони, пиндорӣ, гӯйӣ, монӣ ва амсоли инҳоро мавриди истифода қарор додааст. Ташбеҳоти равшан ё сареҳ, ки ба василаи яке аз ин адот ба вуҷуд меоянд, дар ғазалиёти Саъдӣ дар қиёс бо ташбеҳоти беадот, ки пӯшидааш мехонанд, бештар истифода шудаанд ва аз нигоҳи арзишгузории оморӣ мақоми болотарро соҳиб мебошанд. Баъзан ҳарчанд ки Саъдӣ дар истифодаи ташбеҳоти боадот ё равшан зиёдаравӣ низ мекунад ва ҳадди эътидолро рахна менамояд, аммо тарзи адои пурлатофати шоирона ва вижагии тасвир ин зиёдаравии шоирро ҷуброн менамоянд ва онро дар назари ҳар хонанда ноаён мегардонад. Чунончи дар байти зерин, бо ин ки намунае аз ин зиёдаравӣ дар корбурди ташбеҳ якбора дар ду мисраи як байт мушоҳида мешавад, вале марғубият ва латофати гуфтор бар он метозад ва онро мағлуб мегардонад:

Корам чу зулфи ёр парешону дарҳам аст,
Пуштам ба сони абрӯи дилдор пурхам аст [10, с.208].

Дар мисраи якум Саъдӣ тавассути адоти ташбеҳ – “чу” кори худро ба зулфи парешону дарҳами ёр ва дар мисраи дувум ба воситаи адоти “ба сони” пушт, яъне қомати худро ба абрӯи пурхами дилдор шабеҳ кардааст.

Дар байти зер бошад, ба воситаи адоти “пиндорӣ” насими боди наврӯзиро ба дами Исо, ки мурдаро зинда мекард, монанд кардааст:

Дами Исост, пиндорӣ, насими боди наврӯзӣ,
Ки хоки мурда боз ояд дар ӯ рӯҳеву райҳое [10, с.177].

Таъсирбахшии ташбеҳи мазкур боз дар он аст, ки он дар навбати худ тавассути санъати талмеҳ сохта шудааст.

Ташбеҳоти ба воситаи адот сохташуда дар ғазалиёти Саъдӣ дар аксари мавридҳо бо омезиши иҷоз ва латофати баён матраҳ мегарданд. Чунончи дар байти зер намунае аз ин гуфтаҳо мушоҳида мешавад:

Сармаст даромад аз дарам дӯст,
Лабхандзанон чу ғунча дар пӯст [10, с.191].

Дар байти мазкур ташбеҳ танҳо дар мисраи дувум истифода шудааст ва адоти он “чу” мебошад. Мисраи дувум дорои латофат ва зарофати баён аст ва зебогиву марғубияте дар худ дорад. Бар илова, дар ҳамин мисраъ иҷозу кӯтоҳбаёнӣ дида мешавад ва ин иҷоз бар ташбеҳ тааллуқ дорад.

Ташбеҳ тавассути тамсил. Дар ташбеҳсозии Саъдӣ ба воситаи санъати тамсил ё ирсолулмасал матраҳ намудани он ҳам мушоҳида мешавад. Ҳарчанд ки вазифаи тамсил бо ташбеҳ дар бисёр маворид ҳамоҳангӣ дорад ва тамсил мантиқан монанд кардани мафҳумҳову ашё бо якдигар мебошад, вале вазифаи аслии тамсил дар матни осори шоирон – ин ирсоли амсолу суханон мебошад ҷиҳати ҳамоҳангии мазомин, на сирф шабеҳ

кардани як ашёву мафҳумҳо бо якдигар. Ин хусусияти фарққунандаи тамсилу ташбеҳ дар байти зерини Саъдӣ равшантар аён мегардад:

Аз пеши ту роҳи рафтанам нест,
Чун моҳии уфтода дар шаст [10, с.189].

Чунонки дида мешавад, шоир аз гирифтории маъшуқ чораи халосӣ надоштанашро ба моҳии дар шастафтода монанд кардааст. Ин ҷо мазмуни мисраи якум бар мазмуни мисраи дувум монанд карда шудааст, аз ин ҳайс мисраи якум ташбеҳшаванда ва дуюм ташбеҳкунанда ба ҳисоб меравад. Агар адоти ташбеҳ, ки дар мисраи дувум истифода гардидааст, гирифта шавад, боқии мисраи мазкур дар алоҳидагӣ тамсил аст, аз навъи амсолу мақол, ки дар забони мардум то ба ҳол истифода мешавад.

Дар байти зерин ҳам ба василаи тамсил матраҳ гардидани ташбеҳ дида мешавад:

Мадеҳ ба дасти фироқам пас аз висол чу чанг,
Ки мутрибаш бизанад, баъд аз он ки бинвозад [9, с.252].

Тамсили байт аз охири мисраи якум, аз вожаи “чанг” оғоз ёфта, то интиҳои мисраи дувум идома меёбад. Яъне, шоир пас аз висоли маъшуқ гирифтори фироқ шуданашро ба ҳолати чанг монанд мекунад, ки мутриб онро пас аз навохтан мезанад. *Задан* ин ҷо киноят низ ҳаст, зеро дар маънои аслияш истифода нашудааст ва манзури аз он тор задан аст.

Ташбеҳ тавассути далелҳои воқеӣ. Яке аз вижагиҳои ташбеҳ дар ғазалиёти Саъдӣ ба воситаи далелҳои воқеӣ мебошад, ки маншаи худро аз ҷузъиёти ҳаёт мегиранд. Дар чунин ташбеҳҳо ҷузъи шабеҳкунанда ҷанбаи ҳаётӣ дорад ва маншаи худро аз ҷузъиёти зиндагонии рӯзмарра мегирад. Масалан, дар байти зер шоир аз дилаш набаромадани нафасро ба нолаи шахсе монанд кардааст, ки андаруни чоҳ фурӯ мондааст:

Барменаёяд аз дили тангам нафас тамом
Чу нолаи касе, ки ба чоҳе фурӯ бувад [9, с.284].

Чунонки аз ташбеҳи байти фавқ дида мешавад, ҷузъи асосии он, яъне шабеҳкунанда чошнӣ аз воқеият аст ва чоҳе, ки шоир аз он сухан мегӯяд, рамзиву маҷозӣ нест ва ишорати талмеҳие ба чоҳи ривоятӣ, ки маншаи худро аз “чоҳи Юсуф” гирифтааст, ба ҳисоб намеравад. Дар ташбеҳи байти дигар низ маншаи воқеии он эҳсос мешавад:

Хокат дар устухон равад, эй нафси шӯхчашм,
Монанди сурмадон, ки дар ӯ тӯтиё равад [9, с.285].

Дар ҷузъи шабеҳкунанда ашёи воқеӣ – сурмадон ва тӯтиё, ки ҳар ду дар зиндагонии рӯзмарраи шоир аз лавозимоти ҳаётӣ ба ҳисоб мерафтанд, истифода гардидаанд.

Дар ташбеҳи байти зерин бошад, Саъдӣ дар ҷузъи шабеҳкунанда омили маъзулро ба ҳайси василаи монанд кардан овардааст, ки он ҳам маншаи худро аз воқеияти ҳаёт гирифтааст:

Ҳадиси ақл дар айёми подшоҳии ишқ
Чунон шудаст, ки фармони омили маъзул [9, с.334].

Дар ҳақиқат, омил ё ҳокиме, ки аз вазифаи худ маъзулу сабукдӯш гардидааст, амру фармони вай дигар қурбу таъсире надорад. Дар нигоҳ бар ҳамин беасарии фармони омили маъзул, Саъдӣ амри ақлро дар баробари ишқ ночизу беасар мешуморад ва онро монанд бар ҳамон фармони омил менамояд.

Нақши ташбеҳ дар сохта шудани дигар санъатҳои бадеӣ. Дар ашъори Шайх Саъдӣ ҷуз он ки нақши дигар васоити тасвир дар тарҳрезии ташбеҳот ба назар мерасад, ҳамчунин нақши ташбеҳ низ дар матраҳ гардидани дигар санъатҳои бадеӣ мушоҳида мешаванд. Ҳатто, метавон гуфт, ки дар ин маврид ташбеҳоти ашъори Саъдӣ дар тарҳрезии дигар анвои васоити тасвири бадеӣ нақши муассире мегузоранд. Ин ҷиҳатро низ метавон яке аз хусусиятҳои ташбеҳоти ашъори шоир ҳисоб намуд. Чунончи дар байти зер ба василаи ташбеҳ санъати таҷнис ё ҷинос сохта шудааст:

Чу ақраб душманон дориву ман бо ту чу мизонам,
Марои маслиҳат, моҳо, зи ақраб сӯйи мизон ой [10, с.225].

Бояд қайд кард, ки агарчи ҷинос дар дохили ташбеҳ истифода нагардидааст, аммо омили вуҷуди он дар байти мазкур, бешак, ташбеҳ аст, зеро танҳо дар сурати ба инобат гирифтани вожаҳои таркиби ташбеҳ ҷиносро дар мисраи дувум метавон муайян кард. Як хусусияти ҷинос тавассути матн ташхис додани он аст. Ҳамин хусусият дар байти мазкури Саъдӣ собит мегардад, зеро агар матни байт, хусусан қисмати ташбеҳии он пурра ба инобат гирифта нашавад, муайян кардани ҷинос ғайри имкон хоҳад буд.

Дар интиҳо метавон гуфт, ки асоситарин тарзҳои адо дар иртибот бар санъати ташбеҳ дар ғазалиёти Шайх Саъдӣ тавассути дигар воситаҳои тасвири бадеӣ монанди: талмеҳ, ҷинос, тамсил, иҷоз ва дигар роҳҳо, аз ҷумла лутфу зарофати сухан, далелҳои мантиқӣ ва мисолҳо аз ҳаёти воқеӣ ба ҳисоб мераванд. Албатта, дар дақиқтар фурӯ рафтан дар умқи ашъори шоир боз метавон дигар воситаҳоро дар эҷод ва тарҳрезии ташбеҳ пайдо кард, аммо ҷилваи онҳо дар қиёс бо роҳҳои дарёфтшуда ба маротиб камтаранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Очеркҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик. Қ.1 / Муҳаррири масъул: Расул Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1976. - 345 с.
2. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Наштари ишқ / Ҳусайнқулихони Азимободӣ / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. - Душанбе: Дониш, 1982. - Ҷ. II. - С.387-782.
3. Зиндагӣ ва шеъри шоирони бузурги Эрон. Гурӯҳи нависандагон. - Теҳрон: Тиргон, 1386. - Ҷилди дувум. - 622 с.
4. Қандил, Асъод Абдулҳодӣ. Фунуни шеъри форсӣ / Асъод Абдулҳодии Қандил; тарҷумаи Фотима Сӯҳонфикр. - Теҳрон: Андешаи ҷавон, 1369. - 302 с.
5. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XIII-XV) / Холиқ Мирзозода. - Душанбе: Маориф, 1977. – К.2. - 399 са.
6. Ниёзкор, Фараҳ. Шарҳи ғазалиёти Саъдӣ / Фараҳ Ниёзкор. - Теҳрон: Ҳурмус, 1396 ҳ. - 1488 с.
7. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър- ул- Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон / Шиблии Нуъмонӣ; тарҷумаи Сайид Муҳаммад Фахр Доии Гелонӣ.- Ҷилди савум. - Теҳрон: Дунёи китоб, 1334. - 204 саҳ.
8. Рейснер, М.Л. Эволюция классической классической газели на фарси (X-XIV века) / М.Л. Рейснер. - М.: Наука, 1989. - 221 с.
9. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт / Саъдии Шерозӣ; мураттиб ва муаллифи сарсухан: Саҳобиддин Сиддиқов. - Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.I. - 430 с.
10. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт / Саъдии Шерозӣ; мураттибон: Саҳобиддин Сиддиқов, Назира Қаххорова. - Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.II. - 414 с.

ТАШБЕҲ ВА ТАРЗИ АДОИ ОН ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ аз зумраи бузургтарин суханварони адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, дар таърихи адаб тавассути осори гаронбаҳои насриву назмии хеш шуҳрати ҷаҳониро касб кардааст. Ҳарчанд ки Шайх Саъдӣ дар наср ҳам асарҳои мондагоре аз хеш ба ёдгор мондааст, аммо ҳанӯз чанд аср қабл ӯ аз ҷониби шоирону фозилони классик ба мақоми олии “паямбари жанри ғазал” эътироф гашта буд. Жанри ғазал дар эҷодиёти шоир аз мақоми басо баланд бархӯрдор аст. Саъдӣ дар таърихи пайдоиш ва рушду инкишофи жанри мазкур нахустин шоирест, ки мавзӯву мундариҷаро дар он банду баст дода, муҳтавои онро аз ҳайси мавзӯъ ғанӣ гардонид. Махсусан, рушду инкишофи ғазалҳои ошиқона ва пандомӯз бештар аз ҳама тавассути ҷаҳду талоши Шайх Саъдӣ ба вуҷуд оварда шуд. Тибқи суханони муаллиф, дар ғазалҳои Саъдӣ тамоми воситаҳои маъруфи тасвири бадеӣ монанди: тамсил, ташбеҳ, истиора, ташхис, таҷнис, тазод, талмеҳ истифода шудаанд. Аз миёни ҷамеи санъатҳои бадеӣ дар матни ғазалҳои шоир ташбеҳро метавон ном гирифт, ки дар тасвирҳои шоиронаи Саъдӣ нақши назаррасеро бар ҷой гузоштааст. Девони ғазалиёти Саъдиро дар иртибот бар истифодаи зиёд аз санъати мазкур метавон маҷмӯаи бузурги ташбеҳ ном гузошт. Яке аз хусусиятҳои назаррас дар иртибот бар истифодаи анвои ташбеҳ дар ғазалиёти Саъдӣ, қайд менамояд муаллиф, ин тарзи адои онҳо ба ҳисоб меравад. Санъати ташбеҳ дар матни ғазалҳои шоир ба наҳве махсус мавриди баён ифода ёфтааст ва маҳз тавассути ин тарзи адо аст, ки зебоиву латофат ва таъсирбахшии хос дар ғазалҳои шоир таъмин карда мешаванд. Ҷаззобият дар маъниву мазмун, равониву ҷанбаи мусиқӣ дар шаклу сохтори ғазал маҳз ба василаи корбурди ҳунармандонаи Шайх Саъдӣ аз воситаҳои тасвири бадеӣ ва аз ҷумла ташбеҳ фароҳам оварда мешавад.

Калидвожаҳо: Шайх Саъдӣ, ғазал, санъати бадеӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, тарзи адо, тамсил, ташбеҳ, истиора, таҷнис, талмеҳ, тазод, далелҳои воқеӣ, латофат ва зарофати сухан.

СРАВНЕНИЕ И ЕГО СПОСОБЫ ОПИСАНИЯ В ГАЗЕЛЯХ САДИ ШИРАЗИ

Автор статьи отмечает, что Шейх Муслехаддин Саади Ширази, являясь одним из величайших мастеров слова в таджикско-персидской литературе, своими прозаическими и поэтическими произведениями приобрел мировую знаменитость. Несмотря на то, что Шейх Саади оставил богатое прозаическое наследство, но классическими литераторами и учёными он прежде всего признан как несравненный поэт и даже ему было присвоено звание пророк-предводитель жанра персидской газели. Жанр газели в творчестве поэта занимает особое место. В истории становления и развития газели Саади является первым поэтом, благодаря которому упомянутый жанр с тематической и структурно-форменной точки зрения достиг недоступного совершенства. Особенно развитие лирическо-любовных и назидательно-дидактических персидских газелей достигло своего совершенства через усердное стремление и поэтическое дарование Саади. По словам автора, в газелях Саади использованы почти все знаменитые средства художественного изображения, к числу которых относятся такие поэтические фигуры, как притча, сравнение, метафора, персонификация, омонимия, противопоставление, указание. Среди всех вышеупомянутых художественно-изобразительных приёмов, использованных в газелях поэта, особо можно отметить сравнение, которое играет важнейшую роль в поэтических описаниях Саади. Диван газелей Саади по причине обильного использования данной фигуры можно признать как большой сборник сравнений. Одна из значительных особенностей применения сравнения в газелях Саади,- отмечает автор,- скрывается в способах выражения данной фигуры. Фигура сравнения в текстах газелей поэта описывается особым образом, в большинстве своём присущим самому поэту. Лишь посредством особых форм выражения данной фигуры в газелях поэта обеспечивается некое изящество и воздействие. Привлекательность в смысле и содержании, лаконичность и музыкальность в форменной оболочке газелей Саади обеспечиваются прежде всего с помощью мастерского применения средств художественного изображения, первым из которых является фигура сравнения.

Ключевые слова: Шейх Саади, газель, художественно-изобразительное искусство, средство поэтического описания, способ выражения, притча, сравнение, метафора, омонимия, указание, противопостовление, действительные аргументы, изящество и красота описания.

COMPARISON AND ITS METHODS OF DESCRIPTION IN SAADI SHIRAZI GAZELS

The author of the article notes that Sheikh Muslihiddin Saadi Sherozi is one of the greatest speakers of classical Persian and Tajik literature, has acquired the world, In the history of literature, he has conquered the world through his valuable works of prose and poetry. although Sheikh Saadi is remembered for centuries in prose, but only a few centuries ago he was hailed by classical poets and poetesses as the "prophet of the ghazel genre." was recognized. the ghazal genre has a very high status in the poet's work. Saadi is the first poet in the history of the origin and development of this genre. was created. enriched the content as a topic. especially the development of romantic and pantomime ghazals was created

mainly through the efforts of Sheikh Saadi. According to the author, in the Saadi ghazals all the well-known means of post-description such as: parable, allegory, allegory, diagnosis, tajnis, contradiction, talmeh are used. Among the collections of works of art in the text of the ghazals of the poet can be named a metaphor, which played a significant role in the images of the poets of the Saadi. the ghazal court in relation to the increased use of art this can be called a giant set of analogies. One of the most notable features in connection with the use of analogies in the Ghazali dialect, the author notes, is the way they are served. The art of analogy is expressed in a special way in the text of the poet's ghazals, and it is through this way of serving that beauty and elegance and a distinctive effect is provided in the poet's ghazals. Attractiveness in the sense of content, mood and aspect of music in the ghazal structure of ghazals is created precisely through the use of Sheikh Saadi artists from the means of post-imagery and including metaphors.

Key words: sheikh saadi, fine arts, means of illustration, manner of rendering, parable, allegory, allegory, tajnis, Talmud, paradox, real facts, subtlety and temperament of speech.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуманнонзода Муҳаммадсиддиқ*** - Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯч. Марказӣ, 25. E-mail: **abdulmanonzoda92.@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-29-74-74**

Сведения об авторе: ***Абдуманнонзода Мухаммадсиддик*** - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази, 25. Тел.: **(+992) 985-29-74-74**

Information about the author: ***Abdumannonzoda Muhammadsdiddik*** - Dangara State University, Senior Lecturer for the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Markazi, Str., 25. E-mail: **abdulmanonzoda92.@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-29-74-74**

УДК:891.550

ТАВОНОИИ ШОИР АБДУЛВОСЕИ ҶАБАЛӢ ДАР ТАСАННУЪ

Собиров Ҳ.Ю.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Аз ибтидои шеъру шоирӣ ба забони шевои порсии дарӣ шоирон ба саноеи бадеӣ, махсусан ба муҳассаноти лафзӣ, мароқи зиёд зоҳир намудаанд. Шоирони тавоно аз воситаҳои тасвири бадеӣ барои ифодаи мазмунҳои баланди шеърӣ ҳам суд ҷустаанд. Дар замони зиндагонии Абдулвосеи Ҷабалӣ шоирон таваҷҷуҳи хешро бештар ба саноеи бадеӣ равона карда, ҷанбаи лафзию зоҳирии шеърро дар ҷойи аввал мегузоштанд. Шоирони зиёде, ба монанди Қатрони Табрезӣ, Рашидии Самарқандӣ, Рашидаддини Ватвот, Азрақии Ҳиравӣ, Асируддини Ахсикатӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ ва дигарон ба ин гуна тарзи тасвир мароқ зоҳир намуда, кӯшидаанд, то ки анвоъ ва ақсоми саноеи бадеии лафзию маънавиро дар эҷодиёти хеш корбаст намоянд. Нуктаи муҳимми дигар он аст, ки мо бояд ба саноеи лафзӣ чунон назар дошта бошем, ки ба санъатҳои маънавӣ дорем, зеро бе надонистани саноеи лафзӣ мо наметавонем ба умқи ашъори гузаштагон, бахусус шоирони асри XII ва зебоии сухани эшон бирасем. Ба гуфтаи муаллифи китоби «Донишномаи адаби форсӣ»: «Аз асри X-XI сар карда, ду равия инкишоф ёфтааст. Равияи қасидаи матбӯъ, ки дар он асосҳои ақлонӣ ва фикрӣ пурқувват аст. Чунин навъи қасида аз ҷониби шоирони бузурге, ба монанди Унсурии Балхӣ, Заҳири Форёбӣ, Манучеҳри Домғонӣ, Амир Муиззӣ, Масъуди Саъди Салмон, Анварии Абевардӣ ва дигарон навишта шудаанд. Равияи дуюмӣ бошад, қасидаи маснӯъ аст, ки ба ду тақсим мешавад: якум, қасидаҳое, ки ҳар байт ё якчанд байт дар ин ё он навъ навишта мешаванд. Оғози ин гуна қасидаҳо аз асри XII сар шуда, намунаи онро мо дар ашъори Рашидаддини Ватвот ва Абдулвосеи Ҷабалӣ бармало мушоҳида менамоем. Дуюм, қасидаҳои маснӯъ, ки дар асоси ҳунар ва санъат навишта шудани шеър мебошад. Нахустин касе, ки ба ин равия шеър гуфтааст, Қатрони Табрезӣ мебошад, ки дар асри XI зиндагӣ мекард» [7, с.232].

Дар «Донишномаи адаби форсӣ» шакли маснуии қасоид ба унвони бадеия омадааст. Ба андешаи Шикебо, «бадеияҳо бештар ҷанбаи омӯзишӣ доранд ва арзиши ҳунарии чандоне надоранд, чаро ки дар онҳо бештар ба санъатгарӣ таваҷҷуҳ мешавад» [17, с.232]. Аммо ин ақида дуруст нест. Чунонки аз пажӯҳишҳои А. Авғонов огоҳӣ дорем [5, с.44], бадеияҳо танҳо ҷанбаи омӯзишӣ надоранд, балки чунин навъи ашъор майдони ба намоиш гузоштани қудрат ва тавоноии шоирони санъатгаро ба ҳисоб меоянд.

Ҳамин алоқамандии шоирон ба саноеи бадеӣ буд, ки дар адабиётамон шеъри маснӯъ арзи ҳастӣ кард. Баъдан истифодаи беш аз ҳадди эътидол дар истифодаи саноеи бадеӣ шеърро ба сӯйи такаллуф гароиш дод. Шоирони мутасаннеъ анвои гуногуни саноеи бадеиро дар ашъори хеш моҳирона ва огоҳона ба кор бурдаанд, ки зимни мутолиаи девонҳои онҳо хеле зиёд ба чашм мерасад. Дар ҳамаи қолабҳои шеърӣ шеъри маснӯъ дида мешавад, аммо қолаби асосии он қасида маҳсуб меёбад. О.Ф. Акимушкин се навъи қасидаро дар назми ин давра муайян кардааст: 1.Қасидаи мадҳӣ. 2. Қасидаи фалсафӣ. 3. Қасидаи маснӯъ [6, с.158]. Донишмандони зиёде, ба монанди Абдулҳусайни Зарринкӯб,

Зайнулобидини Муътаман, Забеҳуллоҳи Сафо, Тоиров Урватулло, Искандар Икромов ба таври маҳдуд ба ин масъала ишораҳо доранд ва то кунун китоби алоҳидае дар ин мавзӯъ дастрас нест. Искандар Икромов чунин овардаанд, ки «аз ҷиҳати сабки сухану бадеиёт дар асри XII ду навъи қасида мавҷуд буд: Қасидаи матбӯъ (Анварӣ, Хоқонӣ ва диг.) ва қасидаи маснӯъ (Абдулвосеи Ҷабалӣ, Рашиди Ватвот, Қивомии Мутарризӣ ва ғ.)» [10, с.5]. Шоирони мутасаннеъ бештар дар баёни хеш аз санъатҳои лафзӣ суд ҷустаанд, ки амре табиӣ аст, зеро саноеи лафзӣ ба ҳусни зоҳирии калом ва аз ороишоте маҳсуб меёбанд, ки ба ороиши сухан сару кор доранд. Барои фораму дилнишин баён намудани марому мақосиди хеш, барои зебоӣ ва таъсирбахшӣ ва хушоҳангии калом аз саноеи мавриди назар корбаст намудаанд. Зимни мутолиаи девони Абдулвосеи Ҷабалӣ маълум мешавад, ки шоир, пеш аз ҳама, саноеи лафзие, ки маъмулианд ва барои зуд дарк намудани он хонанда омодаасту диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунанд, мавриди истифода қарор медиҳад. Абдулвосеи Ҷабалӣ бинобар шоири дарборӣ будан ин ҳунари хешро дар қолаби жанри қасида ба намоиш гузоштааст. Ба қавли У. Тоиров: «Қасидаи маснӯъ - ҳар байти он бо ягон санъати шеърӣ гуфта шудааст. Сурудани ин навъ қасида, ки тазоҳуроти шаклпарастӣ буд, дар асри XII ривоҷ ёфтааст. Қивомии Мутарризӣ ихтироъкунандаи ин навъи қасида ба шумор меравад» [14, с.291-292].

Қасидаи мазкур «Бадоеъ-ул-асрор фӣ саноеъ-ул-ашъор» унвонгузорӣ шуда, дорои сад байт мебошад ва дар он 85 навъи саноеи шеърӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Матни комили қасидаи мазкурро адабиётшинос Алишер Авғонов ба хатти кириллии тоҷикӣ омода ва чоп кардааст, ки дастрас мебошад [5].

Дар девони шоир қасоиде ҳам ба назар расид, ки асосан то ба охир дар як санъати бадеӣ иншо гардидаанд ва дар навбати худ, дигар санъатҳои бадеӣ низ дар ин гуна қасидаҳо ба назар мерасад. Тавоноии Абдулвосеи Ҷабалӣ дар овардани шеъри ба истилоҳ «маснӯъ» хеле назаррас аст, ба ҳадде ки аз санъати тақсим низ барои зеби сухани хеш ва барои маонии хубу писандида гуфтан кӯшиш намудааст. Барои намуна порчаи зеринро аз яке аз қасоиди Ҷабалӣ меоварем:

Кӣ дорад чун ту маъшуқе нигору чобуку дилбар,
Бунафшазулфу наргисчашму лоларӯю насринбар?
Набошад чун ҷабину зулфу рухсору лабат ҳаргиз
Маҳи равшан, шаби тира, гули сурӣ, майи аҳмар.
Зи дарду ҳасрату андешаву тимори ту дорам
Ҷигар гарму, нафас сарду, лабон хушку, ду дида тар.
Ба кирдору дилу айшу сиришку шахси ман дорӣ
Даҳон тангу сухан талху лабон лаълу миён лоғар.
Нишон дорад маро дар ишқу ҷавру ҳаҷру меҳри ту
Сиришк аз дурру чашм аз лаълу мӯй аз симу рӯй аз зар.
Надорам дар ғаму ранҷу ҷафову ҷаври ту холӣ
Лаб аз боду сар аз хоку рух аз обу дил аз озар.
Ба ҳусну рангу бӯю таъм дар олам туро дидам
Қад аз сарву бар аз оҷу хат аз мушку лаб аз шаккар [4, с.191-192].

Дар панҷ байти ин қасида «зиёда аз бисту чор узв ва хусусияти маъшуқа дар санъати ҷамъу тақсим баён ёфта ва бо предметҳои табиат муқоисаю эзоҳ шудааст» [13, с.123].

Таҷнис аз зеботарин воситаҳои тасвир буда, каломро шинам ва гӯшнавоз мегардонад. Тамоми донишмандони улуми балоғӣ аз ин санъат ёд намуда, ҷойгоҳи онро дар шеър басо муҳим донистаанд. Аз ҷумла, Шамси Қайси Розӣ чунин овардааст: «…ҳама писандида ва мустаҳсан бошад дар назму наср ва равнақи сухан биафзояд ва онро далели фасоҳату иқтидори мард шуморанд» [3, с.271].Абдулвосеи Ҷабалӣ бо истифода аз ин санъати таҷнис бо тамоми анвоаш сухани хешро равнақ дода, далели фасоҳат ва тавоноии хешро нишон додааст. Чунончи, дар намунаҳои зерин:

Бе фарри талъати ту билоди Ҳарӣ кунун
Бурҷест бе ситораву дурҷест бе гуҳар [4, с.189].

Ва:

Онӣ, ки сипоҳи малики олими одил
Аз рояту ройи ту пур аз зиннату фар шуд [4, с.78].

Ба андешаи муаллифи китоби «Шеъри форсӣ дар аҳди Шоҳрух ё оғози инҳитот дар шеъри форсӣ», «ин навъ саноеъ, хосса, вақте ки такаллуфе дар овардани онҳо машҳуд набошад, муҷиби эъҷоб ва таҳсини хонанда аст. Ва пӯшида нест, ки яке аз мазоҳири лаззатие, ки инсон аз осори ҳунарӣ ва аз ҷумла, шеър мебарад, ҳамин ҳусни таҳсин ва эъҷоб аст» [8, с.126].Ин санъат дар ашъори Ҷабалӣ вижагии хосро касб намудааст.

Доктор Абдулҳусаййни Зарринкӯб дар китоби «Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб» аз қавли Шиблии Нуъмонӣ овардааст, ки «таҷнис далели фасоҳат аст, аммо ба шарти он ки на зиёд бошад, на кам» [9, с.87].

Санъати мазкур аз вижагиҳои хосси услуби Абдулвосеи Ҷабалӣ буда, метавон ин санъатро аз вижагиҳои сабкии ӯ донист. Намунаҳои таҷнис аз девони Абдулвосеи Ҷабалӣ:

Бод пайваста ба фармони ту гардун гардон,
Қади бадхоҳи ту хамидатар аз гардун бод [4, с.94].

Ва:

Шавад зи ҳайбати эшон заиф кӯҳ чу коҳ,
Агар ба вақти сиёсат ба кӯҳ дарнигаранд [4, с.105].

Ва ё:

Гоҳи он омад, ки мутриб чанг дар захм оварад,
Вақти он омад, ки соқӣ чанг дар соғар занад [4, с.114].

Ё худ:

Чун чанги ту дар чанги ту фарёдкунон шуд,
Фарёд баровард дили ман, ки нарастам [4, с.561].

Дар ду байти охир, ки таҷниси том истифода гардидааст, калимаҳои ҳамҷинс «чанг»-у «чанг» мебошанд, ки чанги аввалӣ ба маънии асбоби мусиқӣ ва чанги дувумӣ ба маънии чанголи ту, ба дасти ту омадааст, ки басо гӯшнавоз аст. Чунончи:

Зиҳӣ офоқро султон, зиҳӣ айёмро мавло,
Зиҳӣ гардун туро чокар, зиҳӣ гетӣ туро мавло [4, с.17].

Дар намунаи мазкур ду лафзи мухталифулмаъно мушоҳида мешавад, ки байни «мавло»–и мисраи аввал ва «мавло»–и мисраи дувум.

Ё худ, дар намунаҳои зерин:

Зи дасти чангнавозат шудам чу нолон уд,
Зи зулфи мушкфишонат шудам чу сӯзон уд.
Ба ҷуз ман аз ҳама дилдодагон надорад кас,
Диле чу сӯхта уду тане чу сохта уд [4, с.87].

Аз гуфтаҳои боло чунин натиҷа ба даст меояд, ки мувофиқи назарияҳои мавҷуд дар масъалаи мавриди назар бояд нависанда ва ё шоир дар сухани хеш калимаҳои ҳамҷинсро биёварад, ки дар зоҳир ба якдигар шабеҳ бошанд, аммо дар маънӣ мухталиф. Ҳамин тариқа, онро таҷнис ё ҷинос ҳам мегӯянд. Ин санъат аз санъатҳои бадеӣ буда, дар луғат ба маънии «ҳамҷинс овардан» ва ё «бо чизе монанд шудан» аст. Дар истилоҳ ду калимаи якранг дар лафз бо ихтилофи онҳо дар маънӣ аст.

Ё худ, дар байти зерин таҷниси том ба сурати возеҳ шинохта мешавад:

Дар ошиқию дилбарӣ, эй луъбати ширин,
Ман ранҷа чу Фарҳодаму ту турфа чу Ширин [4, с.325].

Дар байти мазкур калимаҳои «ширин» ва «Ширин» муҷонисанд. «Ширин» дар мисраи якум маҷозан ба маънии «маҳбуба ё маъшуқа» омада, дар мисраи дуюм «Ширин» исми хос, маъшуқаи Хусрав, ки хеле машҳур аст.

Ашъори ба ин шева сурудаи шоир ба чунин тарзест, ки шоир ду калимаро тавре меорад, ки бо овардани он гӯё моро фиреб медиҳад, то он даме ки маънии ҷудогонаи ҳар як лафзро дар зеҳни хеш таҳлил намоем. Дар натиҷа, пай мебарем, ки Абдулвосеи Ҷабалӣ маъниҳои хуб ва рӯшанро арза кардааст. Чунончи, дар байти зерин:

Ало, эй гавҳари покиза чун ҷон,
Зи дида зоти ту пӯшида чун ҷон [4, с.394].

Дар байти мазкур лафзи «ҷон» ба ду маънӣ омада, дар мисраи якум маънии «рӯҳ»-ро дорад, вале дар мисраи дуюм лафзи «ҷон» ба муқобили «инс» омадааст.Ин гуна мисолҳо хеле фаровон дар девони Абдулвосеи Ҷабалӣ ба чашм мерасад, ки, воқеан, бо ин равиш овардан ва ҷо ба ҷо гузоштани калимаҳою ба замми ин, дур нашудан аз маънӣ танҳо ҳунари зотии шоир аст ва мисли табъи Ҷабалӣ табъи баланд доштан лозим аст, то ки андешаву завқи шоирро эҳсос намоӣ ва ба дарку фаҳми он бирасӣ. Чунончи, дар намунаҳои зерин:

Афрохта чу рояти маймуни подшоҳ,
Афрӯхта чу ройи ҳумоюни шаҳриёр [4, с.252].

Зиҳӣ қадру зиҳӣ қудрат, зиҳӣ рою зиҳӣ роят,
Зиҳӣ ҳукму зиҳӣ ҳукмат, зиҳӣ тамкин, зиҳӣ имкон [4, с.365].

Эй гашта алам ҷоҳи ту бар ҷомаи давлат
В-эй карда рақам номи ту бар номаи имон [4, с.384].

В-агарчи мадҳхонӣ пеша дорам,
Наёям пеш хидмат, то нахонӣ [4, с.438].

Аз миёни анвои ҳафтгонаи санъати таҷнис танҳо таҷниси мукаррар басомади зиёд надорад. Боқии онҳо намунаҳои фаровон доранд.

Санъати таҷнис дар ашъори Абдулвосеи Ҷабалӣ ба таври фаровон корбаст гардида, бо басомади зиёди худ аз ҷумлаи мухтассоти муҳимми сабки ашъори шоир маҳсуб мегардад. Дар ашъори Ҷабалӣ ҳамчун таҷнис корбаст гардидани вожаҳо хеле зиёд мушоҳида мешавад, лек ҳамаи онҳоро овардан аз имкон берун аст, бо ҳамин қадар иктифо менамоем.Абдулвосеи Ҷабалӣ дар истифодаи санъати таҷнис ва анвои он маҳорати махсусу ситуданӣ зоҳир карда, бо корбасти санъати мазкур ҷанбаи ҳунарии каломашро таъмин кардааст. Соҳиби табъи фавқулода будани шоир танҳо дар истифодаи шеваҳои ҳунарибунёди ҳамин санъат ҳам қобили мушоҳида аст.

Яке аз саноеи дигаре, ки аз бунёдҳои аслии шеъри маснӯъ ба ҳисоб меравад, санъати тарсеъ мебошад, ки аз ҷиҳати басомад ва вижагии хосси худ аз дигар санъатҳои бадеӣ ҷойи махсусро дорост. Муҳаммад Умари Родуёнӣ ба санъати тарсеъ чунин назар дорад, ки «ин қисмро (тарсеъро) андар балоғат дараҷоте баланд аст ва манзалате шариф, азеро ки ба доми ҳар хотире андар насояд ва дасти ҳар фарде бар вай нарасад» [2, с.20].

Чунонки ба назар мерасад, шоирони ҳамасри Абдулвосеи Ҷабалӣ, ба монанди Масъуди Саъди Салмон, Рашидаддини Ватвот, Хоқонии Шарвонӣ низ чун Ҷабалӣ аз ин санъат баҳрабардорӣ намудаанд. Абдулвосеи Ҷабалӣ аз ин санъат ба дараҷае суд ҷустааст, ки метавон аз ҷумлаи муҳассаноти писандидаи ин шоир донист, зеро бағоят корбасти фаровон дорад. Мир Ҷалолиддини Каззозӣ дар «Дурри дарёи дарӣ» ба ин нукта чунин ишора намудааст: «Дар чомаҳои баланди хеш, нек ба орояҳои сухангароён аст. Ӯ (Ҷабалӣ – С. Ҳ.) аз он миён, мумосала ва тарсеу лаффу нашрро фузунтар ба кор мебарад» [11, с.75]. Намунаи тарсеъ аз Ҷабалӣ:

Гар чун паланг пой ниҳӣ бар сари ҷибол,
В-ар чун наҳанг ҷой кунӣ, дар буни баҳор [4, с.184].

Дар байти мазкур ҳамаи калимоти овардашуда ҳамвазн ва дар ҳуруфи охир муштараканд.Ҳамасри Ҷабалӣ – Рашидаддини Ватвот дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» порае аз қасидаи худро оварда, иброз доштааст, ки «ин қасида то охир чунин аст» [1, с.84].

Санъати мазкур ҷанбаи мусиқоии каломи Абдулвосеи Ҷабалиро таъмин намудааст, ки ҳамагӣ ҳамвазну ҳамқофияанд. Беҳуда муаллифи «Шеър ва шоирӣ дар Эрон» мусиқӣ, наққошӣ ва шеърро аз як асл надонистааст. Чунонки ӯ оварда: «Дар ҳақиқат, ҳунарҳои зебо ҳама аз як асл ношӣ шуда ва шеъру мусиқӣ ва наққошӣ аз як сарчашма бархостаанд, то ҷое ки метавон гуфт, наққошӣ шеърест сомит ва мусиқӣ наққошист нотиқ, ҳамчунон ки шеър наққошии нотиқ ба шумор меравад. Он ҷо ки қалами наққошӣ аз кор боз мемонад, шеър ва мусиқӣ даст ба кор мешаванд» [15, с.19]. Санъати тарсеъ чун саноеи дигари лафзӣ дар ашъори баъзе аз шуаро ҳамчун воситаи суханбозии ҳушку холӣ аст, лек дар эҷодиёти Абдулвосеи Ҷабалӣ василаи муҳимми тасвири бадеист. Яъне, дар Ҷабалӣ интихоби сунъӣ ва зӯракӣ набуда, балки маҳсули табъи равон буда, ҳунармандии шоирро бозгӯ намудааст. Истифодаи ин санъат ба ҳаддест, ки як байти шоир дар девонаш берун аз имконоти ин перояи адабӣ намондааст. Чунончи, дар байти зерин бо истифода аз ин санъат ба сурати зайл лутфи сухани хешро боло бардоштааст:

Кабоб шуд дили ман з-ин фироқи нокомат,
Хароб шуд дили ман з-ин вафоти ногоҳат [4, с.455].

Ва:

Ҳимати ту чун дами Исо ҳаёти халқ гашт,
Талъати ту чун кафи Мӯсо ҷаҳон пурнур кард [4, с.98].

Ва ё:

Фаррош нестию кунӣ боғ пур зи гул,
Наққош нестию кунӣ роғ пурсувар [4, с.186].

Ё худ:

Ороиш аст аз ҳаракоти ту дар билод
В-осоиш аст аз баракоти ту даргузар [4, с.187].

Бояд қайд кард, ки санъати тарсеъ ба гурӯҳи санъатҳои лафзӣ шомил буда, дар шинохти он, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба лафз муҳим аст. Аз ин нуқтаи назар, лафз, бино ба ҳукми муқаддимоти шоирӣ, ҳамон эътибореро дорад, ки соири вожагон доро ҳастанд. Гузашта аз ин, лафз дар қолаби тарсеъ баробариеро эҷод мекунад, ки андешаро ба самти қолабҳои мутавозӣ мекашад. Агар сохтори мутавозии алфоз беш аз ду вожаро ба ҳам биёварад, дар ин сурат имкони ҳунарнамоии шоир бештар аён мегардад. Дар навбати худ, дараҷаи маснӯъ будани каломи шоир аз натиҷаи кайфияти истифодаи санъати тарсеъ ва ҷилваҳои ҳунарибунёди он шинохта мешавад.

Намунаи ҳунарибунёди корбасти санъати тарсеъро дар қисмати мадҳии қасидаи аввали девони шоир, ки дар мадҳи Абулмузаффар Шаҳобулмулк Зиёуддин Ғолиб ибни Туғлаби Шайбонӣ суруда шудааст, мушоҳида менамоем:

Аз ғубори он замину аз бухори ин сипеҳр,
Аз шарори он ҷаҳиму аз насими ин ҳаво.

Бар дари майдони ӯ гар гӯр ёбад мустақар,
Бар сари айвони ӯ гар мӯр созад мултаҷо [4, с.7].

Калима ва таркибҳои лозима дар ин абёт бо кашидани хатти рост дар зерашон мушаххас шудаанд, ки ҳамаи онҳо мухтассоти тарсеъро доро мебошанд.

Дар воқеъ, санъатҳои лафзӣ аз бозиҳои қолабии калимаҳо иборат буда, шоирон ҳар чӣ қудрати табъ доранд, калимаҳои ҳамвазну ҳамоҳангро дар шеъри хеш оварда ва ба ин васила диққати хонандаро ба хеш ҷалб менамоянд. Чунончи, калимаҳои тарсеъ моҳиятан ҳунарибунёд буда, ба маънии хоссе далолат кунанд, дар ин ҳолат шеъри маснӯъ дуруст шуда, илова бар сохтори маснӯии калом, ҷанбаи маъноии он низ шинохта мешавад. Бинобар ин, набояд ба шеъри маснӯъ танҳо аз нигоҳи сохтор таваҷҷуҳ кард ва ҷиҳати маъноии онро нодида гирифт. Аз мутолиаи девони Ҷабалӣ мушоҳида намудем, ки дар ҳар қисмати қасоиди шоир санъати тарсеъ ба хубӣ корбаст гардидааст. Дар воқеъ, Абдулвосеи Ҷабалиро бояд ҳамчун шоири санъатпардози замони хеш ба шумор оварем. Дар ин масъала назарҳои дигар ҳам мавҷуданд, вале мо набояд таҳти таъсири онҳо қарор бигирем. Диди замонӣ ба ҳунари бадеӣ тақозо дорад, ки перомуни ҳунари шоирӣ, аз ҷумла, шинохти каломи маснӯъ, ба дидаи дигар бояд нигарист. Дар ғазали дигари шоир низ намунаи ин санъат ба кор рафтааст, ки намунаи комилтарини санъати тарсеъ дар девони Ҷабалӣ ба шумор меравад:

Умрам бишуд зи бас, ки кашидам ҷафои ту,
Сабрам бишуд зи бас, ки шунидам итоби ту [4, с.569].

Чунонки аз ин байт бармеояд, он мурассаъ буда, аз табъи баланд ва нозукбаёнии шоир гувоҳӣ медиҳад ва, дар навбати худ, баёнгари ҳолати рӯҳии шоир ва маъшуқаи лирикиаш мебошад. Сабаби таваҷҷуҳи зиёди Ҷабалӣ дар истифодаи санъати тарсеъ дар он аст, ки ӯ бо овардани санъати мазкур ба навъе табъи равон доштани хешро ба намоиш гузоштааст. Истифодаи ин ороям лафзӣ ба ҳадде ҳунарист, ки ба маънӣ халале ворид насохтааст. Дар ашъори Ҷабалӣ танҳо қолаб ва шакли маъмулии тарсеъ ба инобат гирифта нашудааст, балки шоир кӯшидааст, ба воситаи корбасти ҷилваҳои ҳунарии ин санъат хуштарин маониро дар ваҷҳи писандида ба намоиш гузорад.

Бархе аз донишмандон роҳ ёфтани саноеи лафзиро дар қасида аз комил шудани шеър донистаанд. Муаллифи «Сабки Хуросонӣ дар шеъри форсӣ» Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб ба ин маънӣ чунин овардааст: «Дигар аз нишонаҳои комили шеъри форсӣ, хосса қасида, роҳ ёфтани саноеи лафзӣ ва такаллуфҳои гуногун аст» [12, с.152]. Андешаи устод Худоӣ Шарифов оид ба саноеи бадеии лафзӣ ба сурати возеҳ ироа шудааст: «Санъатҳои бадеии лафзӣ воситаҳои ҳусни сухан мебошанд, чунонки санъатҳои бадеии маънавӣ воситаҳои маърифатанд» [16, с.140]. Ҳамин тавр, аз баррасиҳои мазкур бармеояд, ки Ҷабалӣ дар гуфтани шеъри маснӯъ қудрати тавоное доштааст. Барои ба сурати ҳунарӣ перостани сухан шоир аз имконоти санъатҳои бадеии ҷамъу тақсим, таҷнис ва тарсеъ ба хубӣ суд ҷустааст. Махсусан аз саноеи лафзӣ, санъати таҷнис бо тамоми анвоаш мавриди истеъмол қарор гирифтааст.

Ҷабалӣ шоири тавоно буда, баёнаш аз оғоз то анҷом бо мувозана ва муқобала, лаффу нашр ва ибҳом тавзеҳ шуда, ба перояҳои маҷозӣ ороиш ёфтааст. Агарчи баъзе муҳаққиқон ба ин тарзи нигориш, яъне аз саноеи лафзӣ фузун истифода кардани шоир назари нек надоранд, дар воқеъ, монанди Ҷабалӣ табъи қавӣ лозим аст, то чунин шеъре бо чунин амре эҷод шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ватвот, Рашидаддин. Девон / Рашидаддини Ватвот; бо муқаддима ва муқобала ва тасҳеҳи Саъид Нафисӣ. – Теҳрон: Рангин, 1339. – 737 с.
2. Родуёнӣ, Муҳаммад Умар. Тарҷумон-ул-балоға / Муҳаммад Умари Родуёнӣ; бо эҳтимоми Аҳмади Оташ. Чопи 2. – Теҳрон: Асотир, 1362 ҳ. ш. – 263 с.
3. Розӣ, Шамси Қайс. ал-Муъҷам фӣ маойир-ил-ашъор-ил-Аҷам / Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ; бо тасҳеҳи Муҳаммад Абдулваҳҳоби Қазвинӣ. – Теҳрон: Кудси Разавӣ, 1367 (1909 м.). – 497 с.
4. Ҷабалӣ, Абдулвосеъ. Девон / Абдулвосеи Ҷабалӣ; ба эҳтимом ва тасҳеҳу таълиқи доктор Забеҳуллоҳи Сафо. Чопи дуввум. – Теҳрон: Амири Кабир, 2536. – 707 с.
5. Авғонов, А. Матни комили қасидаи маснӯи Қавомии Мутарразӣ / А. Авғонов // Сафинаи умед. – Душанбе: Муаттар, 2012. – № 3. – С.38-40.
6. Акимушкин, О.Ф. К вопросу о традиции жанра искусственной касыды в персидской поэзии / О.Ф. Акимушкин // Иран. Сборник статей. – Москва: Наука, 1971. – С.158-168.
7. Анӯша, Ҳасан. Донишномаи адаби форсӣ / Ҳасани Анӯша. – Теҳрон, 1376. – 1537 с.
8. Ёршотир, Эҳсон. Шеъри форсӣ дар аҳди Шоҳрух ё оғози инҳитот дар шеъри форсӣ / Эҳсони Ёршотир. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳ, 1334. – 250 с.
9. Зарринкӯб, А. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб / А. Зарринкӯб. Чопи 7. – Теҳрон: Маҳорат, 1372. – 337 с.
10. Икромов, И. Масъалаҳои филологияи тоҷик / И. Икромов, М. Раҳмонов, А. Абдуллоев. – Кӯлоб: Сада, 1995. – 134 с.
11. Каззозӣ, М.Ҷ. Дурри дарёи дарӣ / М.Ҷ. Каззозӣ. – Теҳрон: Пангуан, 1368. – 337 с.
12. Маҳҷуб, М.Ҷ. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ / М.Ҷ. Маҳҷуб. – Теҳрон: Донишсарои олӣ, 1345. – 750 с.
13. Насриддинов, А. Тамоюлоти халқӣ дар назми асрҳои XI-XII / А. Насриддинов. – Душанбе: Дониш, 1970. – 222 с.

14. Тоиров, У. Қасида / У. Тоиров // Энсиклопедияи Советии тоҷик. – Ҷ.8. – Душанбе, 1988. – 590 с.
15. Тӯсӣ, Адиб. Шеър ва шоирӣ дар Эрон / Адиби Тӯсӣ // Нашрияи Донишкадаи адабиёти Табрез. – № 1-2. – С.18-21.
16. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 276 с.
17. Шикебо, Парвин. Шеъри форсӣ аз оғоз то имрӯз (Таърихи ҳазорсолаи шеъри форсӣ / Парвин Шикебо. – Техрон: Ҳерманд, 1373. – 462 с.

ТАВОНОИИ ШОИР АБДУЛВОСЕИ ҶАБАЛӢ ДАР ТАСАННУЪ

Абдулвосеи Ҷабалӣ шоири санъатгарост ва ба назар мерасад, ки бо ин амр такаллуфоти хешро дар қолаби каломи манзум ба намоиш гузоштааст. Вай аз ҷумлаи саноеи бадеӣ, махсусан, ба ороиҳои лафзӣ таваҷҷуҳ карда ва дар эҷодиёти хеш аз шеваи ҳунарии корбасти онҳо суд ҷустааст. Барои ироаи мазмунҳои баланди шеърӣ, инчунин, аз воситаҳои гуногуни бадеӣ ҳам ба таври фаровон истифода бурдааст. Дар замони Ҷабалӣ диққат ба саноеи бадеӣ, бахусус, саноеи лафзӣ аз тарафи ҳамасронаш ва аз ҷониби худи шоир ба авҷи камол расида буд. Қудрати табъи шоирии Абдулвосеи Ҷабалӣ қобили ситоиш аст. Вай аз шуарои забардасти асри хеш маҳсуб меёбад ва истеъдоди фитриаш боис гардида, ки ба дарбори Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ва баъдан ба Султон Санҷар роҳ ёбаду унвонҳои Имом, Фаридаддин, Бадеуззамон ва Аъҷубаи замонро гирад. Шоирони мутасаннеъ бештар дар баёни хеш аз санъатҳои лафзӣ суд ҷустаанд, ки амре табиӣ аст, зеро саноеи лафзӣ ба ҳусни зоҳирии калом ва аз ороишоте маҳсуб меёбанд, ки ба ороиши сухан сару кор доранд. Барои фораму дилнишин баён намудани марому мақосиди хеш, барои зебоӣ ва таъсирбахшӣ ва хушоҳангии калом аз саноеи мавриди назар корбаст намудаанд. Аз ин рӯ, ҳузури ҳунарии ороиҳои адабиро дар шеъри ин шоири мушкилписанд наметавон нодида гирифт. Истифода аз санъатҳои бадеӣ барои ҳар шоир ногузир аст, зеро ин абзорҳо ба каломи шоир ҳусн ва таровати иловагӣ мебахшанд. Ба шарти он ки ин коргирӣ ба ҳадде бошад, ки ба ифрот нарасад. Маҳз ҳамин ҷиҳати эҷоди шоир, пеш аз ҳама, диққати донишмандон ва хонандаи ашъорашро ҷалб менамояд. Зеро ба ҳадде ҳунарист, ки дар истифодаи чунин абзорҳо устоди моҳир ва дар миёни шоирони ҳамзамонаш бо доштани тарзи хосси шеърофаринӣ, бо истифода аз соири абзорҳои ҳунарӣ дар шеър мақоми махсус дорад.

Калидвожаҳо: Абдулвосеи Ҷабалӣ, қасидаи матбӯъ, қасидаи маснӯъ, бадеия, шеъри маснӯъ, қасида, ороиҳои адабӣ, тарсеъ, таҷнис, ҷамъу тақсим.

МОГУШЕСТВО ПОЭТА АБДУЛВАСИ ДЖАБАЛИ В СОЗДАНИИ ИСКУСТВЕННОЙ ПОЭЗИИ

Абдулваси Джабали принадлежал к числу самых плодовитых поэтов и изучение его жизни и литературного творчества дает возможность воссоздать более полную картину развития литературных жанров персидско-таджикской литературы времени его жизни. Абдулваси Джабали всю жизнь находился на службе у различных правителей, большая часть его творчества посвящена восхвалению шахов и правителей того периода. Поэты - его современники и последующие поколения поэтов подражали его стилю, и многое заимствовали у него. Он внес достойный вклад в развитие и совершенствование всех литературных жанров, в том числе касыды и газели, а также в становление нового стиля того периода, получившего название «иракский стиль», у него был свой особый стиль при сочинении, художественный стиль, особенности жанров, использованных поэтом, его поэтическая манера сочинения свидетельствуют об этом, его сочинения также отличаются простотой смысла, мелодичностью звучания и в то же время выразительно и эмоционально раскрывают духовное состояние его героев. Незаурядный талант и поэтическое мастерство Абдулваси Джабали отмечали авторы средневековых антологий и исследователи многих стран. Вклад Абдулваси' Джабали в создание жанра искусственной касыды огромен, и его специфический стиль сыграл заметную роль в литературе первой половины XII в. В своем творчестве поэт умело использует труднопонятные арабские слова и выражения, адаптируя их при этом к грамматическим требованиям персидско-таджикского языка. По этой причине многие составители антологий и исследователи истории литературы высоко ценили и проявляли большой интерес к его своеобразному стилю

Ключевые слова: Абдулваси Джабали, изданная касыда, искусственная касыда, художественность, искусственный стих, касыда, литературные приёмы, риторика, уподобление, приумножение и разделение.

THE POWER OF THE POET ABDULWASI JABALI IN CREATING ARTIFICIAL POETRY

Abdulvasi Jabali was one of the most prolific poets and the study of his life and literary creativity makes it possible to recreate a more complete picture of the development of the literary genres of Persian-Tajik literature during his life. Abdulvasi Jabali was in the service of various rulers all his life, most of his work is devoted to the praise of the shahs and rulers of that period. Poets - his contemporaries and subsequent generations of poets imitated his style, and borrowed a lot from him. He made a worthy contribution to the development and improvement of all literary genres, including qasid and gazelle, as well as to the formation of a new style of that period, called the "Iraqi style", he had his own special style in writing, artistic style, genre features, used by the poet, his poetic manner of writing testifies to this, his works are also distinguished by the simplicity of meaning, melodic sound and at the same time expressively and emotionally reveal the spiritual state of his heroes. Authors of medieval anthologies and researchers from many countries noted the extraordinary talent and poetic skill of Abdulvasi Jabali. The contribution of Abdulwasi 'Jabali to the creation of the genre of artificial qasida is enormous, and his specific style played a significant role in the literature of the first half of the 12th century. In his work, the poet skillfully uses hard-to-understand Arabic words and expressions, while adapting them to the grammatical requirements of the Persian-Tajik language. For this reason, many anthology writers and literary history scholars have greatly appreciated and shown great interest in his distinctive style.

Key words: Abdulvasi Jabali, published qasida, artificial qasida, artistry, artificial verse, qasida, literary techniques, rhetoric, assimilation, multiplication and division. љamu taќsim.љamъu taќsим.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Собиров Ҳамза Юсупович*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, омӯзгори кафедраи назария ва таърихи адабиёт. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Ф. Муҳаммадиев, 17/6

Сведения об авторе: ***Собиров Хамза Юсупович*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, преподаватель кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Ф. Мухаммадиева, 17/6

Information about the author*: Sobirov Khamza Yusupovich* - Tajik State Institute of Languages. S. Ulugzoda, lecturer at the Department of Theory and History of Literature. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, F. Mukhammadiev, 17/6

УДК:891.550

“ИСКАДАРНОМА” - И НИЗОМӢ ВА ДОСТОНИ “ПОДШОҲИИ СИКАНДАР” ДАР “ШОҲНОМА”- И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ
(масъалаи таъсири байноматнӣ)

Ашурова Н.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Яке аз образҳои барҷастаи адабӣ, ки дар асоси он метавон оид ба қаробати эҷодии Низомии Ганҷавӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ сухан ба миён овард, симои Искандар мебошад. Образи Искандарро Фирдавсӣ дар достони“Подшоҳии Сикандар” дар “Шоҳнома” ва Низомӣ дар достони “Искандарнома” тасвир кардаанд. Дар пайравӣ ба шоирони мазкур адибони дигар ҳам ба образи Искандар таваҷҷуҳ карда, дар ин мавзӯъ достонҳо офарида, инчунин, аз роҳи талмеҳ ва тавсиф дар ашъори хурди ғаноӣ аз ӯ ёдоварӣ кардаанд. Дар таърихи адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик адибони намоёне, чун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва достонсароёни дигар ба ин чеҳраи зидду нақизи таърихӣ достонҳо бахшида, аксаран ӯро ҳамчун чеҳраи нексиришт тасвир кардаанд. Абдурраҳмони Ҷомӣ асари худро “Хирадномаи Искандарӣ” ва Амир Хусрави Деҳлавӣ “Оинаи Искандарӣ” номидаанд.

Дар атрофи саргузашти Искандар дар адабиёти ҷаҳонӣ ҳам асарҳои зиёде офарида шудаанд, вале образи офаридаи адибони форсу тоҷик аз онҳо фарқ дорад. Адибону донишмандони ҷаҳон оид ба чеҳраи ҳақиқӣ ва бадеии Искандар ақидаҳои гуногун доранд, аз ин рӯ, дар таҳқиқи адабӣ ҳам нуқтаи назарҳои гуногун ироа шудаанд. Бисёре аз пажӯҳишгарон мехоҳанд, ягонагии намоди Искандар ё Сикандарро бо шахсияти таърихӣ, лашкаркаши вайронгари Эрон, Искандари Мақдунӣ (Александри Македонӣ, даврaи ҳукмрониаш 336-323 то милод) дарёбанд. Як идда аз онҳо намоди Искандарро бо Искандари дар китоби муқаддаси мусалмонон, яъне Қуръон ҷой дошта яке донистаанд. Бархе амалиёти Искандари Мақдуниро бар зидди барбарони шарқӣ ба сурати тасхиргари фарҳанговар ба намоиш гузошта, ба ин васила бартарии юнониёнро бар эрониён намоён сохтанӣ шудаанд [10, с.83].

Дар муқобили чунин ақидаҳо назарҳои дигар ҳам матраҳ шудаанд. Масалан, Ғуломҳусайн Бегдилӣ дар иртибот ба ин мавзӯъ бо дақиқназарӣ гуфтааст, ки Искандар бо кирдори ноҷавонмардонаи худ чунон ба таъриху фарҳанг ва ҳайсияти миллии Эрон ва сарвати маънавии кишвар зарба мезанад, ки таъсири токатфарсои он то ҳанӯз идома дорад: “...агар ин таҷовузи ваҳшиёна ба ҳарими фарҳангу забон ва истиқлоли Эрон набуд, заминаи шикастҳои баъдии эрониён дар баробари ҳуҷуми аъроб, истилои салҷуқ, юриши муғул ва темуру афғону ғайра ҳам фароҳам намешуд” [1, с.67].

Аммо бархӯрди мо ба ин масъала, қабл аз ҳама, аз назари ҳақиқати адабӣ аст, на ҳақиқати таърихӣ. Дар ин масъала дар китоби “Таърихи адабиёти тоҷик”-и Худоӣ Шарифзода ва Мисбоҳиддини Нарзиқул андешаи ҷолиб оварда шудааст: “Адабиёт бо ёрии нақшҳои ҳунарӣ (образҳо) як олами воқеӣ ба вуҷуд меорад, ки аксаран монанди зиндагӣ намудор аз таърих ва рӯзгор дар замону маконҳои гуногун мебошад. Масалан, чандин адибон, аз қабили Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон ба мавзӯи Искандари Мақдунӣ, ки шахсияти таърихӣ ва подшоҳи кишваркушои қадим буд, муроҷиат кардаанд. Ҳар кадоми онҳо рӯзгори Искандарро ба таври худ дида ва тасвир кардаанд, то ки бо ёрии дигаргунӣ ва тағйироти он нақши ҳунарии бо мақсадҳои ормонии худ мувофиқро ба вуҷуд оварда бошанд” [14, с.12].

Дар мавриди кӣ будани Искандари Мақдунӣ он қадар китоб навиштаанд, ки шояд чун ӯ чеҳраи дигари таърихӣ ба дараҷаи зиёд дархӯури таваҷҷуҳи таърихнигорону адибони замонаҳо нагашта бошад. Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки бахшида ба Искандари Мақдунӣ беш аз 30 000 китоб таълиф шудааст. Бавижа, таърихнигорон, адибону синамогарони Аврупо ҷузъиёти зиндагии Искандари Мақдуниро бозтоб намуда, намоди неруи созандаву фарҳангпарвари аврупоиеро дар муқобили тамаддуни Шарқ, бавижа Эрони Бузург, барсохтаанд. Ба қавли доктор Кайвонӣ, “Искандар ва саргузашти ӯ аз дер боз мавзӯи бисёре китобҳои таърихӣ ва адабии миллатҳои мухталиф будааст ва ривоятҳову афсонаҳое ба забонҳои гуногун, аз ҷумла юнонӣ, лотинӣ, паҳлавӣ, арабӣ, порсӣ ва дигар забонҳо сурат гирифтааст, ки ҳар як бо нигариши хоссе ба шарҳи зиндагӣ ва аҳволи ӯ пардохтаанд. Саргузашти таърихии вайро метавон дар порае аз манобеи аврупоӣ ба равшанӣ дарёфт. Аммо шахсияти таърихии Искандар дар манобеи эронӣ-

исломӣ дастхуши тағйиру табдилҳои бисёр шудааст, ба гунае ки унсури афсона бар ҳақиқати таърихӣ ғалаба ёфтааст” [7, с.349].Дар адабиёт ва пиндоштҳои мардуми эронинажод, минҷумла тоҷикон, оид ба чеҳраи Искандар ақидаи ғолиб чунин андеша аст, ки онҳо дар симои Александр Македонскии золиму қотилу ғоратгару харобсоз Искандари Зулқарнайни додгустару башардӯсту растагору раиятпарвар, мубориз бо ситамгаронро офаридаанд. Искандаре, ки сарвати бебаҳои Истахр, хазоини бепоёни Суғду Бохтарро аз роҳи ғорат ба Юнон мебарад, тахти Ҷамшедро бо китоби муқаддаси Авасто, ки ёдгори беҳамтои фарҳанги ҷаҳонӣ буд, туъмаи оташ мекунад, бо симое дигар ва аксар мусбат муаррифӣ мешавад. Албатта, чунин шакл гирифтани ин масъала берун аз сабабҳо нест, ки яке аз онҳо ба ҷанбаи гуманистии адабиёти классикии форсу тоҷик иртибот пайдо мекунад.

Албатта, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон гуфт, ки образҳои офаридаи адибони замонаҳои гуногун дар бозтоби симои Искандар бардошт аз якдигар мебошанд. Ин ҷо масъалаи таъсиргузорӣ ва таъсирпазирӣ пеш меояд, ки дар муқоиса баҳс ба миён овардан мумкин аст.

Равшан аст, ки Низомии Ганҷавӣ то нигориши “Искадарнома” “Шоҳнома”-ро мутолиа карда, аз он илҳом гирифтааст. Дар таҳлили қиёсии образи Искандар бояд дар назар дошт, ки достони “Подшоҳии Сикандар”-и Ҳаким Фирдавсӣ 2511 байт аст, дар сурате ки “Искандарнома”-и Низомӣ 10500 байт мебошад. Бо тафовут ба ин шумораи байтҳо ҳаҷми чашмраси асари Низомиро дар қиёс бо матни Ҳаким Фирдавсӣ мебояд мушоҳида кард. Худи Низомӣ Ҳаким Фирдавсиро устод дониста, ки ин маънӣ дар арсаи эҷоди адабӣ маъмул аст. Баҳси аслӣ масъалаи тақлид, суннат ва навоварӣ мебошад.

Баррасиҳо нишон медиҳанд, ки матнҳои бисёре дар шаклгирии “Искандарнома”-ҳои манзуму мансур дар адаби форсӣ таъсир доштаанд ва ин мавзӯъ вуҷуди иртиботи байноматнӣ (транстекстуалӣ)-и ошкореро дар ин ду асар тасдиқ мекунад. Дар ин маврид ҳанӯз назарияпардозони бостон қайд кардаанд, ки “тақлиди як образ, талабгори ин ё он образи пештар офаридашуда аст” [8, с.34]. Дар ҳақиқат, офариниши образҳои ҳамсони бадеӣ метавонанд, дар як замон ва ё дар замонҳои гуногун, бидуни бардошт аз таълифоти адиби дигаре офарида шуда бошанд.

Ҳаким Фирдавсӣ дар ибтидои достони ба Искандар бахшидааш хостааст, ки вайро хушбин нишон бидиҳад. Он нобиғаи нотакрори меҳри Меҳан чун намехост, ба хаёли худ роҳ бидиҳад, ки маҳди ниёкон, Эрони Бузургро бегонагон шикаст дода, бар тахти каёнӣ такя задаанд, Искандарро аз нажоди каён, фарзанди Дороб (бародари Доро), аз зани румиаш ба исми Ноҳид (номи аслии модари Искандар Олимпиада мебошад) бозтоб намудааст. Назар ба тасвири Ҳакими Тӯс, пас аз тасхири Юнон, Дороб духтари қайсари Рум, Ноҳидро ба занӣ мегирад. Вале чун аз даҳони шоҳдухтари Рум бӯйи бад ба димоғ мерасид, шоҳаншоҳ ӯро ба хонаи падар пас мегардонад. Пизишкҳо тадбири аз байн бурдани бӯйи нохуши даҳони Ноҳидро пайдо карда наметавонанд. Пизишке ба шоҳдухтар тавсия медиҳад, ки гиёҳеро бо номи “искандар” истеъмол намояд. Ноҳид аз нутфаи Дороб обистан буданашро аз шавҳару дигарон пинҳон медорад ва чун писар таваллуд мешавад, ба хотири гиёҳи рабояндаи бӯйи нохуш Искандар ном мениҳад. Дар “Бурҳони қотеъ” омадааст, ки он гиёҳ ба румӣ “искандарус” ном дошта, ба забони форсӣ “сир” гӯяндаш. Яъне, дар тасвири Ҳаким Фирдавсӣ Искандари Мақдунӣ аз нажоди падарӣ ҳахоманишӣ ва аз модар юнонӣ аст. Ин қисса ба ҷуз аз “Шоҳнома” дар “Осор-ул-боқия” низ зикр шудааст [9, с.85-86].

Бо назардошти Искандарро аз нажоди шоҳони Эрон донистан Ҳаким Фирдавсӣ дар ибтидои достон ӯро додхоҳ ва некманиш намоён месозад:

Сикандар чу бар тахт биншаст, гуфт,
Ки бо ҷони шоҳон хирад бод ҷуфт [13, с.121].

Сикандари Фирдавсӣ ба он сон додгар будааст, ки мардумро аз пардохти боҷ то 5 сол озод мекунад:

Нахоҳем бож аз ҷаҳон панҷ сол,
Ҷуз он кас, ки гӯяд, ки ҳастам ҳамол [13, с.121].

Аз таърих медонем, ки Искандари Мақдунии таърихӣ ба кишварҳои эронитаборон зарарҳои зиёд меовард ва бо тамаддуну фарҳанг, забону расму одоби мардуми Эрони Бузург муносибати ғаразнок дошта, ба куштору тороҷ даст мебарад.

Новобаста аз он ки бузургвори нангу номуси эрониаслон Искандарро аз дудаи Ҳахоманишиён бозгӯ кардааст, зимни баёни воқеот чеҳраи ӯро кареҳу зишт, золиму шаҳватпараст нишон дода, аз рафтору кирдораш изҳори нафрат кардааст. Дар ин ҷо ба хотири исботи фикри худ чанд порча аз “Шоҳнома”-ро пешниҳод менамоем:

Зану кӯдаку пирмардон ба роҳ,
Бирафтанд гирён ба наздики шоҳ...
Сикандар бар эшон наёвард меҳр,
Бар он хастагон ҳеҷ нанмуд чеҳр.

Гирифтанд аз эшон фаровон асир,
Зану кӯдаки хурду барнову пир [13, с.255-256].

Чуноне дар боло гуфта шуд, мавзӯи таърихии Искандар дар достони “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ ҳам мавриди таҳлилу тавсиф қарор дода шудааст. Иддае аз адабиётшиносон, чун доктор Ғуломҳусайни Бегдилӣ бар онанд, ки Низомӣ нисбат ба Ҳаким Фирдавсӣ намоди Искандарро равшану гӯё ба тасвир овардааст. Гурӯҳи дигар, чун Бадеуззамони Фурӯзонфар, Ризозода Шафақ, Алиакбар Дайҳимӣ, Ҷалолиддин Ҳумоӣ ва дигарон кӯшиш намудаанд, ки устоди Ганҷа дунболарав ва муқаллиди Фирдавсӣ дониста шавад [1, с.67].

Дар партави чунин маоҳис масъалаи намоён сохтани тасвири чеҳраи таърихӣ ва ё ҳамосавии Искандари Мақдунӣ муҳим аст. Пас аз омӯзишу таҳлилҳо метавон ба ин натиҷа расид, ки чеҳраи офаридаи Низомии Ганҷавӣ дар қиёс бо симои Сикандари Ҳаким Фирдавсӣ тамоман дигаргун аст. Муаллифи “Искадарнома”кӯшидааст, ки сабаби ба номи Искандар афзудани Зулқарнайнро дар бахши алоҳидаи достон ба унвони “Дар ин ки чаро Искандарро Зулқарнайн гӯянд”, шарҳ диҳад. Ҳаким Фирдавсӣ ба ин вижагии исми қаҳрамони достонаш аҳаммият надодааст. Бисёре аз пажӯҳишгарони аврупоӣ ва муҳаққиқони таърихи адабиёти форсу тоҷик ба тахаллуси мазкур назари гуногун дошта, иддае аз онҳо ба кулоҳи мисини Искандар ва иддаи дигар ба кулоҳи хӯди Куруши Кабир низ ишора доранд.

Низомӣ, дар маҷмӯъ, образи шахсияти идеалиеро офаридааст, ки ҳам фармонраво, ҳам бунёдгаро, фотеҳ, донишвар, роҳнамо ва низ пайғамбар мебошад. Дар ин бора Ғуломҳусайни Бегдилӣ пурсише ба миён мегузорад, ки чаро Низомӣ як фарди бегона, ғосиб, мутаҷовизу манфурро қаҳрамони асари худ кардааст. Дар посух рӯ ба чунин гуфтаи ховаршиноси машҳури Ҳинд Шиблии Нуъмонӣ оварда, онро дар дараҷаи аввал қонеъкунанда дарёфтааст: “Ба назари донишманди Ҳинд, сабаби баргузидани Низомӣ Искандарро ба қаҳрамонии достони худ аз ин лиҳоз аст, ки ӯ мехоҳад, номи қаҳрамонеро ҷовидон созад, ки ҳам дар бораи ӯ дар адабиёти араб ва форсиву туркон он қадар қаламфарсоӣ нашуда бошад ва ҳам, машҳури таъриху ҷаҳон бошад”. Ин посухи Шиблии Нуъмонӣ он қадар қонеъкунанда нест, зеро Низомӣ метавонист, яке аз сару саркардагони Шарқро интихоб кунад ва номи ӯро ҷовидонӣ созад” [1, с.110].

Сабаби бознамоёнсозии чеҳраи Искандар, ҳамчун намоди мусбат, дар “Искандарнома”-и Низомӣ, ба назари мо, вобаста ба он аст, ки номи Искандар дар китоби Қуръон омадааст ва Низомии Ганҷавӣ як шахсияти муътақиди дини ислом буд. Низомӣ ба се вижагии Искандар: подшоҳӣ, паёмбарӣ ва ҳакимиаш эътиқод дорад ва ин нигариши ӯ баргирифта аз манбаъҳои исломӣ аст, ки дар пайванд бо ормони ахлоқии Низомӣ чеҳраи вижае ба Искандар бахшида ва ӯро ба Зулқарнайни паёмбари додгар, паҳнкунандаи оини некӣ, дӯстдори дониш ва доду адолат мубаддал кардааст. Барои ҳамин ҳам Низомии Ганҷавӣ ба зиёнҳои сангини ба мардумони Эрон овардаи Искандар бетафовут буда, кӯшидааст, ки дар намоди ӯ бештар Искандари Зулқарнайнро тавсиф намояд.Ин нуктаро низ набояд фаромӯш кард, ки баъзе донишмандон бар чунин ақида мебошанд, ки Искандари дар Қуръон зикр гардида лашкаркаши юнонӣ набуда, Фаридун - шоҳаншоҳи Эрон дар назар аст [6, с.430].

Дар бораи чигунагии симои Искандар андешаи дигар ин аст, ки баъзе қиёскунандагони нукоти қуръонӣ ва осори адибони классикии форсу тоҷик ҳамсониҳоеро ҳатто дар саргузашти Куруши Бузург ва Искандари Қуръон низ мебинанд. Баъзеи дигар бар онанд, ки Куруши Кабир ҳамон Искандари дар Қуръони маҷид ишора шудааст. Абӯрайҳони Берунӣ бо ишора ба гуногунии андешаҳо, дар мавриди Искандари “Қуръон”, аз аҳли араб буданашро низ эҳтимол задааст: “Қисме гуфтаанд, ки Зулқарнайн Саъб ибни Ҳаммоли Ҳимярӣ аст” [2, с.57].Вале чунин пиндорро ин гуфтаи Низомии Ганҷавӣ, ки Искандар фарзанди Файлақуси румӣ аст, инкор мекунад:

Дуруст он шуд аз гуфтаи ҳар диёр,
Ки аз Филқус омад он шаҳрёр [3, с.43].

Тафовути аз ҳама чашмрас дар “Искандарнома”-и Низомӣ ва “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ мавзӯи муқаддас донистани оташ ва боварӣ ба оини Зардушт мебошад. Дар ин мавриди як қатор донишмандони фирдавсишинос бар он пиндоранд, ки Ҳаким Фирдавсӣ меҳанпарасте мебошад, ки пойбанди сахти гузашта ва расму оини миллии худ буда, таассуб дар паҳн кардани андешаҳои арҷгузорӣ ба сарзамини ниёкон дорад. Дар сурате ки Низомии Ганҷавӣ дар тамоми “Хамса” таассуби сахте нисбат ба дини ислом ва ситезиданҳои равшан ба оини Зардушт дорад.Таҳлилу баррасии чеҳраи Искандар дар маснавии “Искандарнома”-и Низомӣ ва “Достони подшоҳии Сикандар”-и Ҳаким Фирдавсӣ саҳифаҳои зиёдеро метавонад дар бар гирад ва мо пеши худ ҳадаф нагузоштаем, ки ҳама паҳлуҳои саргузашти Искандари Мақдуниро дар бозтоби ин ду нобиғаи адабиёти форсу тоҷик нишон диҳем. Масъалаи барои мо муҳим дар ин замина чигунагии ҷойгоҳи зан дар замони фармонравоии Искандари Мақдунӣ, аз диди Фирдавсӣ ва Низомӣ

мебошад.Ба пиндори мо, намоди зани аз ҳама намоён дар “Искандарнома”-ҳо чеҳраи духтари Доро ва зани Искандар – Равшанак мебошад, ки ҷойгоҳи ӯ дар зиндагии ояндаи шавҳар муҳим дониста шудааст. Бавижа, дар он сурате ки баъзе пажӯҳишгарон ҷусторҳои худро дар атрофи воқеаҳои таърихӣ сарсарӣ бурда, сабаби марги Искандари Мақдуниро дар заҳр хӯрондани Равшанак намоён кардаанд. Ба ин мавзӯъ Зафар Мирзоён таҳқиқот гузаронида, бо омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои муътамад пиндорҳои таърихшиносони ноогоҳро бепоя арзёбӣ намуда, ба чунин натиҷагирии дуруст расидааст: “Муддатҳо ақидаи аврупоиён бар он буд, ки марги Искандари Мақдунӣ бо гирифтории марази домана ва ё варача (малария) рух додааст. Чунин ақида низ вуҷуд дорад, ки вай ба айшу нӯш дода шуда, бинобар хуфту хобу майпарастии зиёд бо ошиқону маъшуқаҳо гирифтори саратони ҷигар (цирроз печени) шуда, фавтидааст. Аммо авқоти ахир пажӯҳишгарони навини фарангӣ иллати марги Искандарро ба Равшанак (Роксана) иртибот додаанд. Чунончи таърихнависи машҳур Грехем Филипс дар китоби худ унвонии “Искандари Бузург. Куштор дар Бобулистон” (“Александр Великий. Убийство в Вавилоне”), кӯшиш мекунад тасбит кунад, ки вай на бо дасти рақибони хеш, балки тавассути ҳамхобааш Роксана бо заҳри “стрихнин” масмум шудааст. Филипс тахмин мезанад, ки дар Аврупо аз мавҷуд будани заҳри “стрихнин” дар он замон огаҳӣ надоштанд ва шояд Роксана, ки ду сол пеш аз марги шавҳар сафари Ҳинд карда буд, аз он ҷо бо худ он заҳрро оварда бошад. Заҳршиносон (токсикологҳо) аз донишгоҳи Калифорниё (Амрико) Филипсро огаҳ карданд, ки нишонаҳои марги Искандар бо заҳролудшавӣ аз заҳри “стрихнин” монанд аст. Таърихшиносони навини аврупоӣ ҳатто сабаби марги маъшуқи Искандар – Гефистионро низ ба рашки Роксана нисбат додаанд (Ба ақидаи онҳо, Роксана аз рашк бар баччабозии Искандар дар ҷоми май заҳр омехтааст). Аммо таърихнигороне низ ҳастанд, ки ба андешаи онҳо, Искандар муддати даҳ рӯз дар рӯйи дастони Роксанаи ҳомилаву гирёну мӯягар беморӣ ба сар бурда, ниҳоят ҷон додааст. Роксана чашмони ӯро пӯшида, ба бори охир аз лабонаш бӯсидааст, ки ин амал дар дини румиҳо маънӣ бар умеди дидор пас аз маргро доштааст” [9, с.90-91].

“Роксана” (Roksana) – гӯйиши юнонии исми Равшанаки форсӣ-тоҷикӣ аст. Донишпажӯҳони мо ба ном ва саргузашти Равшанак сарсарӣ нигариста, дар навбати худ,“Роксана”- ро Рухшона пиндоштаанд ва ин гумони ғалатро дар навиштаҳои худ мутааллиқ ба маъшуқаи Искандари Мақдунӣ бозгӯ кардаанд. Чуноне ки мулоҳиза мешавад, дар сарчашмаҳои миллӣ, аз ҷумла дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ, “Искандарнома”-и Низомӣ, “Хирадномаи Искандарӣ”-и Ҷомӣ, дар фарҳангҳои “Ғиёс-ул-луғот”, “Бурҳони қотеъ”, “Кашф” ва ғайра исми маъшуқаи Искандар Равшанак зикр гардида, духтари подшоҳи Эрон, Доро дониста шудааст. Ба гуфтаи Зафар Мирзоён, аксари ховаршиносони русиву шӯравӣ пиндоштанд, ки Равшанак (Роксана) духтари ҳокими суғдӣ ё бохтарӣ ба исми “Оксиарт” будааст. (“Оксиарт” вожаи юнонӣ, баргирифта аз вожаи “Вахш” буда, ба гумони он ховаршиносон, аз забони бохтарӣ иқтибос шудааст). Барои исботи андешаи худ нигоштаи академики Академияи улуми Ӯзбекистон Эдвард Ртвеладзеро пеши рӯ овардааст, ки дар таълифоташ зери унвони “Искандари Мақдунӣ дар Бохтар ва Суғд. Очеркҳои таърихиву ҷуғрофиёӣ” (“Александр Македонский в Бактрии и Согдиане. Историко-географические очерки”. – Ташкент, 2007, с.32) номи Равшанакро ба гунаи “Р-окс-она”, яъне “зебои Вахш”, “соҳиби Вахш” (дар назар аст рӯди Ому) таъбир кардааст [11, с.32].

Ба назар чунин мерасад, ки ин исботи ғайриилмиву ғайримантиқӣ мебошад. Нахуст ғалат будани назари он академикро исми фариштаи обҳо будани вожаи “Вахш”метавонад далеле бошад. Зеро марди ҳисобӣ, ҳомии дини ниёкон, ҳаргиз исми духтарашро “соҳиби фариштa” ва ё “худовандагори обҳо” намегузошт. Сониян, чуноне ки дар пеш ишора шуд, Роксана (мисли рӯди Окс) гунаи юнонии исми Равшанак мебошад.

Дар мавриди исми Равшанак ва номгузории занона дар Эрони қадим ховаршиноси фаронсавӣ Филип Гюиз дар асари худ “Форси қадим” андешаҳои ҷолиб овардааст: “Дар баъзе маврид дар асоси намуди зоҳирӣ ва ё аз ҷиҳати хислат муайян кардани он, ки оё сухан дар атрофи исми зан меравад ё на, душвор аст, масалан, дар мисоли номи шаҳбонувон ва шоҳдухтарон, аз ҷумла Артистон (авестоии миёна, “бо синаҳои *саҳту барҷаста)*, Роксана (Равшанак) (форсии қадим, рахшанда, фурӯзанда) ё Ширин (форсии миёна, зебосанам, ширин, нозпарвар)” [4, с.272].

Филип Гюиз Равшанак (Роксана)-ро на духтари Доро, охирин шоҳаншоҳи Эрон аз сулолаи Ҳахоманишиён, чунонки Ҳаким Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” ва Низомии Ганҷавӣ дар “Искандарнома” овардаанд, донистааст, балки ӯро духтари шоҳи Бохтар мешуморад ва сабаби хонадор шудани император Искандар бо Равшанакро чунин баён мекунад: “Дар ҳоле ки аъёну ашрофи форсҳо ӯро (Искандарро – А. Н.) сарвари худ меҳисобиданд, аъёну ашрофи бохтарию суғдӣ то муддати муайян, то замони хонадоршавии шоҳдухтари Бохтар бо Искандар зидди ӯ муқобилият нишон медоданд” [4, с.25].

Дар“Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров низ оварда шудааст, ки барои ба сӯйи худ ҷалб намудани аъёну ашрофи маҳаллӣ Искандар Равшанак – духтари Уксортро ба занӣ мегирад. Ӯ менависад: “Искандар бо табақаи фавқонии Суғд алоқаи хешутаборӣ ҳам пайдо мекунад. Вай духтари Уксорт Руксона (Рухшонак)-ро, ки асир афтода буд, ба занӣ гирифта, ақрабои ӯро ба тарафи худ ҷалб менамояд. Дар натиҷаи ин гуна сиёсати Искандар аъёну ашрофи Суғд боварӣ ҳосил мекунанд, ки ӯ на ба муқобили онҳо, балки фақат бо халқ мубориза мебарад. Аз ин сабаб, онҳо бо вай ҳамдастӣ намуда, манфиати мамлакати худро ба душман мефурӯшанд” [5, с.131].

Дар бораи тақдири минбаъдаи Равшанак пас аз марги Искандар, ки соли 323 дар Бобул рух медиҳад, нақли аҷоибе боқӣ мондааст, ки ба далелҳои таърихӣ ва кашфиёти илмӣ дар бораи марги Искандар шабоҳати том дорад. Пас аз хонадорӣ бо Искандар аз Рухшона як писар ба дунё меояд. Пас аз марги Искандар ҳам писар ва ҳам ҳамсари Искандар Рухшона аз саҳнаи таърих ғайб заданд. Атрофиёнаш (Искандар дар назар аст – А. Н.) Рухшонаро ба қатл мерасонанд [12, с.367-368].

Ҳаким Фирдавсӣ дар ибтидои сароиши достони “Подшоҳии Сикандар” аз майли Искандар барои ба занӣ гирифтани духтари шоҳи мағлуб ва кушташуда, Рухшона сухансароӣ мекунад. Рухшона чун як духтари падараздастдода ва ба сарнавишти талхи худ тан дода, барои завҷаи Искандар шудан ба насиҳатҳои модар гӯш медиҳад. Табиист, ки Дилорой – модари зори шавҳармурда барои нигаҳ доштани номуси духтари бакамолрасидаи худ, бо гирифтани номаи Искандар барои ҷуфт шудан бо Равшанак хушнуд мешавад, зеро аз нома мехонад, ки Доро дар ҳолати ҷон додан аз ӯ хоҳиш кардааст, ки духтарашро ба занӣ бипазирад:

Ҷаҳон яксар акнун ба пеши шумост,
Бар андарзи Доро фаровон гувост,
Ки ӯ Равшанакро ба ман доду гуфт,
Ки чун ӯ набошад туро дар нуҳуфт.
Кунун бо парастандаву доягон,
Аз Эрон бузургону пурмоягон,
Фиристед зудаш ба наздики ман,
Зудояд магар ҷони торики ман [13, с.122-123].

Дилорой дар посухи номаи Сикандар менависад, ки ӯву духтараш аз ин тасмими подшоҳ шод аст, зеро Сикандар “ба ҷойи шаҳаншаҳ Дорост”:

Ба ҷои шаҳаншоҳ Доро туӣ,
Чу хуршед шуд, моҳ моро туӣ.
Дигар он ки аз Равшанак ёд кард,
Дили мо бад-он орзу шод кард [13, с.126].

Дар “Шоҳнома” оварда шудааст, ки ин пайвандро ҳама мардуми Эронзамин бо шодию хурсандӣ истиқбол гирифтанд:

Бишуд модари шоҳ бо тарҷумон,
Даҳ аз файласуфони ширинзабон.
Чу омад ба наздики шаҳр Исфаҳон
Пазира шудандаш фаровон меҳон...
Ҳама шаҳри Эрону Тӯрону Чин
Ба шоҳӣ бар ӯ хонданд офарин.
Ҳама рӯи гетӣ пур аз дод шуд,
Ба ҳар ҷой вайронӣ обод шуд [13, с.128-130].

Дар фарҷоми хостгориҳои Сикандар ва бурдани Равшанак боҷу ҷиҳизи фаровон ба Рум Ҳаким Фирдавсӣ аз ризояту шодии мардумони Эрону Турону Чин суханронӣ кардааст, ки як шахси ба таърихи воқеии ҷангҳои Эрону Рум ворид бударо шакку шубҳа фарогир мешавад ва ба биниши як идда аз шоҳномашиносон бори дигар нигариста, ба он бовар меояд, ки Фирдавсии ҷондаргарави ватанбохта гуфтаҳои болоро дар ҳақиқат худ сароида бошад.

Ҳаким Фирдавсӣ аз забони Ардашери ҷавон – шоҳаншоҳи ояндаи Эрон, бо ишора ба ҳарисиву шаҳватпарастӣ ва бераҳмиву хуношомии Искандар, ки ҷаҳонеро ба хоку хун кашид ва кишварҳоро ба вайрона табдил дод, мегӯяд:

Ки нашнид, к-Искандар андар ҷаҳон
Чӣ кард аз фурӯмоягони меҳон.
Ниёкони моро якояк бикушт,
Ба бедодӣ оварда гетӣ ба мушт [13, с.303].

Мебояд ба ин нукта таваҷҷуҳи вижа дошт, ки хушбинии Низомии Ганҷавӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки аз чеҳраи Искандари воқеӣ Искандари афсонавӣ бозтоб намудаанд, оҳангҳои динӣ доштааст, зеро Искандар бунёди фарҳанги тоисломии форсиён, ба шумули китоби Авасто ва маъбадҳои зартуштиёнро дарҳам рехта буд. Ба пиндори З. Мирзоён, ин андеша шояд аз он ҷо сарчашма гирифтааст, ки дар Қуръон аз Искандари

Зулқарнайн ҳамчун давлатмарди созандаи садди оҳанини маъруф ёдрас шудааст: “Дар назар набудани Александр Македонскийро дар Қуръон ин нукта низ шояд битавонад баёнгар бошад, ки исм аз Искандари Зулқарнайн на дар сураи “ар-Рум”, ки ба румиён ихтисос дорад, омада, балки дар сураи “ал-Каҳф” ба зикр расидааст” [9, с.83].

Дар ҳақиқат, агар мо ба ин сатрҳои дар “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ сабтшуда бингарем, ба андешаи нохушоянд будани Низомӣ ба оини Зардушт ва хостҳои исломиро таблиғ намудани ӯ бовар хоҳем кард:

Ба ҷуз расми Зардушти оташпараст
Надод он дигар расмҳоро зи даст.
Басе ҳуҷҷат ангехт бар дини пок,
Иморат кард басе бар рӯи хок [3, с.37].

Ҳатто ба хушнуд будани Искандари румӣ аз шикасти Эрон ба таъкид ишора мекунад:

Бурун ояд аз Рум гарданкаше,
Занад дар ҳар оташкада оташе.
Ҳама мулки Эрон ба даст оварад,
Ба тахти каён-бар нишаст оварад [3, с.90-91].

Гузашта аз ин, Низомии Ганҷавӣ пеш аз хостгории Равшанак дар ситезиданҳои пайравони оини Зардушт ва сӯхтани оташкадаҳо фасли калоне аз достони “Искандарнома”-ро зери унвони “Вайрон кардани Искандар оташкадаҳои Аҷамро” мебахшад ва кирдоре аз бадкориҳои ӯро тавсиф мекунад, ки далели ҳамсонӣ надоштани Искандар бо Куруши Бузургро тасдиқ мекунад. Яъне, Куруш ба ҳама динҳои кишварҳои тасхиркардааш эҳтиром меовард, вале Искандар бовармандони динҳои дигарро таъқибу таҳқир мекунад:

Чунон дод фармон шаҳи некрой,
Ки расми муғон кас наёрад ба ҷой [3, с.128].

Ва:

Ҷаҳонро зи динҳои олуда шуст,
Нигаҳ дошт бар халқ дини дуруст.
Ба Эронзамин аз чунон пуштие
Намонд оташи ҳеҷ зардуштие [3, с.128].

Дар мавриди ташвиқи дину оини “пок” Низомӣ аз бозтоби ҳақиқати таърихӣ ниҳоят ба канор рафта, Искандарро мунодии “дини ҳанифӣ” ва зоири Каъба намоён месозад:

Бифармуд, то мардуми рӯзгор
Ҷуз эзадпарастӣ надоранд кор.
Ба дини ҳанифӣ паноҳ оваранд,
Ҳама пушт бар меҳру моҳ оваранд [3, с.128].

Искандари писари Филқус ба зиёрати Каъба рафта, пеш аз ҳама, дари Каъбаро мебӯсад:

Нахустин, дари Каъбаро бӯса дод,
Паноҳандаи хешро кард ёд.
Бар он остон зад сари хешро,
Хазина басе дод дарвешро [3, с.149].

Яке аз намодҳои дигари занони вобаста ба саргузашти Искандари Мақдунӣ тасвиршуда, дар қиссаи занони силаҳшӯри дар шаҳри алоҳида будубошдошта инъикос гардидааст. Ҳаким Фирдавсӣ он шаҳрро Ҳарум номидааст, ки дар шимоли шарқии қораи Африқо ҷой дошта, Искандар ба ҳангоми фатҳи Ҳабашистон ба он шаҳр меравад. Вале Низомии Ганҷавӣ онро номи қадимии шаҳри Бардаъ, воқеъ дар марзҳои шимолии Озарбойҷон (Эрон) донистааст. Чунин пиндор низ ҷой дорад, ки шаҳри Ҳаруми Фирдавсӣ аз Бардаъи зикркардаи Низомӣ тафовут доранд:

Ҳарумаш лақаб буда з-оғози кор,
Қунун Бардаъаш хонад омӯзгор [3, с.152].

Сарчашмаи ин қисса баргирифта аз устураи [мифологияи] Юнон аст, ки мутобиқи он, шаҳре будааст зистгоҳи амазонзанони ҷанговар. Онҳо ба шаҳри худ мардонро роҳ надода, дар синни балоғат барои дар тирандозӣ халал наовардан синаи чапи худро мебуридаанд. Занони разманда дар муддати муайян марди дилхоҳашонро пайдо карда, ишқварзии кӯтоҳе мекардаанд ва пас аз ба дунё овардани фарзанд, агар духтар бошад, бо худ нигоҳ дошта, парвариш мекарданд ва агар писар мебуд, ба падараш месупоридаанд.

Ҳаким Фирдавсӣ ба достони занони Ҳарум ҳамагӣ 85 байт бахшидааст, вале Низомӣ ин боби “Искандарнома”-ро “Достони Нӯшоба – подшоҳи Бардаъ” унвон карда, ба тавсифи он беш аз 210 байт бахшидааст.

Тасвири намоди занон дар ҳар ду достон тафовутҳои зиёд доранд. Пеш аз ҳама, сифати занони шаҳри Ҳарум дар бозтоби Ҳаким Фирдавсӣ талошу кӯшишҳои худфидоӣ

намудани занони разманда барои нигаҳбонии марзу бумашон мебошад. Барои ин онҳо ҳамвора машқу тамрин карда, худро ба ҷанги ишғолгарон омода мекарданд:

Сӯи рост пистон чунон чун занон,
Чу рафтӣ давон нор бар парниён.
Сӯи чап ба кирдори ҷӯяндамард,
Ки ҷавшан бипӯшад ба рӯзи набард [13, 222].

Искандари нисфи ҷаҳонро тасхирнамуда, бидуни миёнҷигарии фиристодаи хирадманд, ҷуръат намекунад, ба шаҳри диловарзанон ворид гардад. Ин ҳолатро суханвари бузург дар бахши достон, зери унвони “Дидани Сикандар шигифтиҳо ба шаҳри Ҳарум” намоён сохтааст.

Сикандари Фирдавсӣ барои дидани шаҳри Ҳарум ба сарвари занон нома навишта, бо дасти файласуфе аз Рум мефиристад. Сарвари занони разманда фиристодаро ба некӣ мепазирад ва барои навиштани посух раҳнамо мешавад. Вале чун дар номаи Сикандар оҳанги таҳдид низ пай мебарад, чунин таъкид мекунад:

Агар лашкар орӣ ба шаҳри Ҳарум,
Набинӣ зи наълу зи пай хоку бум.
Беандоза дар шаҳри мо барзан аст,
Ба ҳар барзане даҳ ҳазорон зан аст.
Ҳама шаб ба хафтони ҷанг андарем,
Зи шаҳри фузунӣ ба танг андарем [13, с.224].

Номаи дувуми шаҳрбонуи Ҳарум ба Искандар мерасад ва ӯ донишу хирад ва растагориву далерии ононро таҳсин мекунад ва тайи номаи дигар дубора манзури худро, ки фақат дидани шаҳри занон аст, бозгӯ мекунад ва бо арҷгузориву эҳтиёт аз онҳо мехоҳад, ки ӯро ба шаҳрашон роҳ диҳанд.

Шаҳрбонуи шаҳри занон ба ростии гуфтаи Искандар бовар мекунад, ба ӯ иҷоза медиҳад, ки шаҳрро бо чашми худ бубинад ва пас аз фаҳмидани рози занони силаҳшӯр ва дидани ободии марзу буми Ҳарум ба назди лашкариёни худ бармегардад. Аммо Низомии Ганҷавӣ бошандагони шаҳри Бардаъи пештар Ҳарумхондаро аз симинсоқони баландболои фариштасо, бо сарварии Нӯшоба – зани зебою донову хирадманд, вале аз мардон чолоктар намоёндааст.

Сикандар аз огаҳон ҳоли ин шаҳрро пурсид:

Бипурсид, к-ин буми фаррух кирост?
Кадомин таҳамтан бад-ӯ подшост?
Намуданд, ки ин марзи ороста
Занерост бо ин ҳама хоста.
Зане аз басе мард чолоктар,
Ба гавҳар зи дарё басе поктар...
Занони сумансинаи симсоқ
Ба ҳар кор бо ӯ кунанд иттифоқ [3, с.153].

Тафовути дигари роҳёбии Искандар ба шаҳри занони разманда дар он аст, ки Искандари Фирдавсӣ аз ҳисоби файласуфони хирадманд ду бор фиристодаеро бо мактуб ба назди сарвари занон раҳнамун месозад. Аммо чун дар номаи аввал шаҳбонуи Ҳарум оҳангҳои таҳдиду худситоиро пай мебарад, фиристодаро бо номаи ҷавобии сазовор пас мегардонад:

Шунид он, ки мо дар замин кардаем,
Сари меҳтарӣ бар куҷо бурдаем?
Касе к-ӯ зи фармони мо сар битофт,
Ниҳонӣ ба ҷуз хоки тира наёфт [13, 222].

Чун Сикандар аз сарвари занони Ҳарум посухе ба ин мазмун мегирад, шеваи муносибаташро бо онҳо дигар месозад:

Агар лашкар орӣ ба шаҳри Ҳарум,
Набинӣ зи наълу зи пай хоку бум.
Беандоза дар шаҳри мо барзан аст,
Ба ҳар барзане даҳ ҳазор зан аст...
Чу бо ростӣ бошиву мардумӣ,
Набинӣ ҷуз аз хубиву хуррамӣ.
В-агар ҷуз бар ин бошӣ, эй шаҳрёр,
Бупечӣ зи мо дар сафи корзор.
Ба пеши ту орем чандон сипоҳ,
Ки тира шавад рӯйи хуршеду моҳ [13, с.224-225].

Искандар чун аз далериву хирадмандии занони Ҳарум бохабар шуд, ҷуръати ворид шудан ба шаҳр накарда, бо дасти файласуф пайғоми дуюм мефиристад, бар маънии азми ҷанг надоштану танҳо орзуи дидани шаҳри онҳоро доштан:

Маро рой дидори шаҳри шумост,

Гироед наздики ман ҳам, равост,
Чу дидор ёбам, бironам сипоҳ,
Набошам фаровон бад-ин ҷойгоҳ.
Бубинем, то чист оину фар,
Сабориву зебоиву пову пар.
Зи кору зи раҳтон бипурсам ниҳон,
Ки бемард зан чун бувад дар ҷаҳон? [13, с.226].

Сикандар ба шаҳри занон рафта, аз усули шаҳрдориву истеҳкомсозӣ ва омодагиҳои занон барои набард дар шигифт монда, ба сӯйи Мағриб меравад.

Ба қавли З. Мирзоён, "Ҳакими Тӯс дар ин қисмати достони бахшида ба Искандари силаҳшӯру ҷаҳонгир, хостааст, бифаҳмонад, ки кореро мебояд мардон барои дифои марзу бум ва зану фарзанди худ анҷом диҳанд, на ҳама вақт онро уҳда карда тавонистаанд, аммо занон аз роҳи бунёди кишвари вижаи бидуни мард, барои аз теғи хуношоми Искандари кишваркушо наҷот додани мардум, тавоноии хешро нишон додаанд. Гузашта аз ин, Искандари худкома, чун иттиҳод ва нерӯи ватанпарварии занонро эҳсос мекунад, ҷуръату тавон намеёбад, то ба шаҳри занони ҷанговар, Ҳарум бо зӯру силоҳ ворид шавад" [10, с.199].

Низомии Ганҷавӣ дар достони "Искандарнома" роҳ ёфтани Сикандарро ба шаҳри Бардаъ ва вохӯриашро бо сарвари занон – Нӯшоба дигаргуна инъикос намудааст. Сикандари Низомӣ ба назди Нӯшоба худ дар либоси фиристода дохил мешавад, вале шоҳи Бардаъ, ки зани донову ҳушёру закӣ буд, ба зудӣ пай мебарад, ки дар суҳбати ӯ лашкаркаши номӣ Искандар қарор дорад. Дар ибтидои суханронӣ зани зирак, Нӯшоба чун пай мебарад, ки бо шахсе, ки расми хидмати расулиро риоя накарда, далерона бар тахт менишинад, то андозае ба сутӯҳ омада, мегӯяд:

Миёнҷӣ наӣ, шоҳи озодаӣ,
Фиристандаӣ, на фиристодаӣ [3, с.157].

Нӯшоба бо як оҳанги хосса ишора ба он мекунад, ки дар айни ҳол ӯ ба хомкорӣ роҳ дода, гирифтори доми занони Бардаъ мебошад:

Зи теғи Сикандар чӣ ронӣ сухун,
Сикандар туӣ, чораи хеш кун.
Маро хондию худ ба дом омадӣ,
Назар пухтатар кун, ки хом омадӣ [3, с.157].

Нӯшобаи зирак ба дурӯғбофиҳои ӯ бо нишон додани сурати шоҳ Сикандар, ки рӯйи ҳарир тарсим шуда буд, хотима мебахшад. Дар зимн Нӯшоба таъкид мекунад, ки рӯйи ҳарирҳо пайкари хусравонро сурат кашидааст ва аз ин рӯ, онҳоро мешиносад ва изҳор медорад:

Манам шерзан, гар туӣ шермард,
Чи мода, чи нар шер вақти набард.
Чу барҷӯшам аз хашм чун тундмеғ,
Дар об оташ ангезам аз дуди теғ [3, с.159].

Нӯшоба ин суханҳоро гуфта, аз тахти шоҳӣ поён мешавад ва арза медорад, ки нишастани ду шоҳ дар як тахт норавост, бинобар ин, тахтро ба Сикандар зебанда медонад. Сикандар дар дил андешароние мекунад, ки баёнгари дар шигифт буданаш аз оини мардӣ ва кордонии зан буда, ҳамзамон меандешад, ки "зан набояд далер бошаду бепарда":

Ба дил гуфт, к-ин кордон гар зан аст,
Ба фарҳанги мардӣ дилаш равшан аст.
Зане, к-ӯ чунин карду инҳо кунад,
Фаришта бар ӯ офаринҳо кунад.
Вале зан набояд, ки бошад далер,
Ки муҳкам бувад кинаи модашер.
Занонро тарозу бувад сангзан,
Бувад санги мардон тарозушикан.
Зан он беҳ, ки дар парда пинҳон бувад,
Ки оҳанги бепарда афғон бувад [3, с.160].

Пас аз он Нӯшоба ва парипайкарон, ки чун чокарони Сикандар гашта буданд, ба айшу нӯш мепардозанд.

Баъд аз ин Низомӣ аз силаҳшӯриву размандагии занони Бардаъ сухане нагуфта, ин достон бо базму айшу нӯши Сикандар бо Нӯшоба ба поён мерасад.

Бинобар он ки муқоисаи "Искадарнома"-и Низомӣ ва достони "Подшоҳии Сикандар" дар "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ бар пояи таҳлили намоди занон қарор дорад, ёдовар нашудан аз симои Қайдофа номумкин аст. Бавижа, дар сурате ки Қайдофа дар бозтоби Ҳаким Фирдавсӣ шаҳбонуи бохираду иродатманд ва ҷасуру чорасоз бозтоб гардидааст. Ҳаким Фирдавсӣ ягон бонуи тахтнишини дигарро чун Қайдофа чунин

тавсифи баланд накардааст, ки ба симои маликаҳои фиръавннажод, чун Нефертити ва чанде дигарон, ҳамсон мебошад:

Яке тахт будаш ба ҳафтод лахт,
Бубастӣ кушояндаи некбахт...
Сари пояҳо чун сари аждаҳо,
Надонист кас гавҳарашро баҳо.
Дар ӯ чорсад гавҳари шоҳвор,
Ҳамон сурхёқут, ҳам з-ин шумор [13, с.203].

Қайдофа, ки шаҳбонуи Андалус аст, аз кордонон мехоҳад, то ба Сикандар наздик омада, рӯйи ҳарир симои ӯро сураткашӣ кунанд ва оварда ба ӯ бисупоранд ва ин сирро махфӣ нигоҳ доранд:

Зи лашкар савори мусаввир бичуст,
Ки монанд сурат нигорад дуруст [13, с.177].

Ба ҳангоме ки чеҳраи дар рӯйи ҳарир тарсимшудаи қайсарро мебинад, Қайдофа ғамгин мешавад, ки ин мард гетиро ба ҷанг хоҳад кашид. Қайдофа ба номаи Искандар, ки оҳангҳои таҳдидӣ дошт, посухи шоиста медиҳад. Искандар нафарони худро пинҳонӣ мефиристад, то қудрати лашкардории Қайдофаро биомӯзанд ва чун дармеравад, ки ӯ сипоҳи бузурге дорад, даст ба ҳилаву найранг бурда, ба шорсоне ҳамла меоварад, ки домоди сарвари он писари Қайдофа – Қайдруш буд. Сикандар он марзро тасхир мекунад ва чун Қайдруш бо арӯсаш он ҷо қарор дошт, бо дасти марде бо номи Шаҳргир асир мешавад. Дар ин ҷо Искандар ҳилае месозад, ки аз рӯйи он саҳнаи буридани гардани Қайдруш ва арӯсашро меороянд ва дар ҳамон лаҳза хирадманде бо исми Битақун пайдо шуда, кушандаро аз амалаш бозмедорад. Искандар дар либоси Битақун – озодкунандаи Қайдруш ва арӯсаш ба назди Қайдофа меояд. Қайдофаи хирадманд ҳангоми ташрифи Искандар ба сарзаминаш – Андалус супориш медиҳад, ки сурати Искандарро наздаш биёранд. Пас аз суҳбат бо шоҳ ва мушоҳида кардани монандии чеҳраи ӯ бо сурати мазкур Қайдофа пай мебарад, ки фиристода Искандар аст, рӯйирост аз ҳилаҳои ноҷояш ёдовар гашта, аз ҳадафи аслии қайсар мепурсад ва ба мазоҳ мегӯяд:

Ба мардӣ ту густох гаштӣ чунин,
Ки меҳтар шудӣ бар замону замин...
Ту гуфтӣ, ки дониш ба гетӣ марост,
Набинам ҳаме гуфтугӯи ту рост...
Чунон дон, ки резандаи хуни шоҳ
Ҷуз оташ набинад ба фарҷом гоҳ...
К-аз ин пас наёӣ ба пайғамбарӣ,
Туро хок донад, ки Искандарӣ [13, с.192].

Фарзанди дигари Қайдофа – Тайнӯш ба Сикандари ҷаҳонгир бо ҷасорати бемисл носазо мегӯяд, ки ба гумони мо, гувоҳ бар оғози заволи лашкаркашиҳои ӯ мебошад:

Чу Тайнӯш гуфти Сикандар шунид,
Ба кирдори боди дамон бардамид.
Бад-ӯ гуфт, к-эй нокаси бехирад,
Туро мардум аз мардумон нашмарад [13, с.195].

Дар фарҷом Сикандар бо гирифтани туҳфаҳои гаронбаҳо аз ҷавоҳирот, “понсад адад дандони фил”, тахти забарҷаду дигар дуру гавҳари ноёб бо Қайдофа паймон баста, бо “салиби Масеҳо” савганд хӯрда, сарзамини Қайдофаро тарк мегӯяд.

Чунонки дар боло оварда шуд, дар “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ низ Нӯшоба чеҳраи Искандарро аз рӯйи сурат мешиносад ва лаҳзаи ташрифи Искандар ба сарзаминҳои Андалус ва шаҳри занон – Бардаъ ва суҳбати шоҳи Рум бо маликаҳои кишварҳои мазкур: Қайдофа ва Нӯшоба ба ҳам шабоҳат доранд.

Образи Нӯшоба ба симои маликаи кишвари Андалус – Қайдофа аз бисёр ҷиҳат монанд мебошад, аз ҷумла, хирадмандӣ, дурандешӣ, сулҳҷӯӣ, адолатхоҳӣ, нармсуханӣ, сареҳбаёнӣ ва ғайра. Муносибати онҳо нисбат ба шоҳи Рум – Искандар низ ҳамсон аст.

Ҳаким Фирдавсӣ ду таслими Сикандари ҷаҳонгирро бо дасти занони разманда ва хирадманд, дар симои Қайдофа, занони размандаи шаҳри Ҳарум дар “Шоҳнома” ва Низомӣ симои Нӯшобаро дар “Искандарнома” бознамоёндааст, ки гувоҳи дар ҷойгоҳи баланд қарор доштани намоди занони офаридаи Ҳаким Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ мебошанд.

Дар достонҳои “Подшоҳии Сикандар”-и Фирдавсӣ ва “Искандарнома”-и Низомӣ нақши модари Искандар – Ноҳид низ, новобаста аз нақши дуюмдараҷа будан, чашмрас аст. Нақши модарро дар достонҳои мавриди назар дар бахшҳои хотимавии сужети достонҳо метавон ба мушоҳида гирифт. Назди фарзандон низ қадру манзалати модар баланд аст. Ҳам дар достони “Подшоҳии Сикандар”-и Ҳаким Фирдавсӣ ва ҳам дар “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ оварда шудааст, ки қабл аз марг Искандари тавоно

назди марг ночору музтар монда, қариб шудани онро эҳсос мекунад ва ба модараш бо дасти дабир нома менависад.

Дар фасли “Номаи Искандар ба назди модар ва андарз кардан” номаи Искандар ба модараш – Ноҳид оварда шудааст. Дар ин нома Искандар аз модараш хоҳиш мекунад, ки аз марги фарзандаш ғам нахӯрад, чунки марг барои ҳама ногузир аст:

Ту аз марги ман ҳеҷ ғамгин машав,
Ки андар замон ин сухан нест нав.
Ҳар он кас, ки зояд, бибояд-ш мурд,
Агар шаҳрёр аст, агар марди хурд [13, с.264].

Дар номаи Искандар ба модар оварда шудааст, ки пас аз марги шоҳ бузургон ҷуз аз рою фармони шаҳбону набароянд (Наҷӯянд ҷуз рою фармони ту, / Касе барнагардад зи паймони ту) ва Равшанакро бо писараш нигоҳубин намуда, ба тахти шоҳӣ нишонад ва духтари Кайди Ҳиндиро бегазанд “бо бадраву бардаву афсару гавҳару симу зар” ба Ҳиндустон фиристад:

Гар ояд яке Равшанакро писар,
Шавад, бегумон, зинда номи падар.
Набояд, ки бошад ҷуз ӯ шоҳи Рум,
Ки ӯ тоза гардонад он марзу бум.
В-агар духтар ояд, ба ҳангоми бӯс,
Бипайванд бо кӯдаки Файлақус.
Ту фарзанд хонаш, на домоди ман,
Бад-ӯ тоза кун дар ҷаҳон ёди ман.
Дигар духтари Кайдро бегазанд
Фиристед назди падар арҷманд...
Ҳамон афсару гавҳару симу зар,
Ки оварда буд ӯ зи назди падар,
Ба рафтан чун ӯ гашт ҳамдостон,
Фиристед бо ӯ ба Ҳиндустон [13, с.264-265].

Сужети достонҳои мавриди назар дар фаслҳои “Шеван кардани модар ва зани Искандар бар ӯ” дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ва “Расидани номаи Искандар ба модараш” дар “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ ба таври фоҷиавӣ, бо марги Искандари оламгир хотима меёбанд ва ин фарҷоми ғамангезро шевани модари Искандар дар марги ӯ дар ҳар ду достон боз ҳам муассиртар мегардонад. Дар онҳо ғаму кулфати бепоёни модари фарзандгумкарда нишон дода шудааст:

В-аз он пас биёмад дамон модараш,
Фаровон бимолид рух бар бараш.
Ҳаме гуфт, к-эй номвар подшо,
Ҷаҳондору некахтару порсо,
Ба наздикӣ - андар ту дурӣ зи ман,
Ҳам аз кишвару лашкару анҷуман.
Равонам равони туро банда бод,
Дили ҳар к-аз ин шод шуд, канда бод! [13, с.273].

Низомии Ганҷавӣ низ лаҳзаҳои ғамангезро дар достон оварда, ашк аз чашмони хонанда бурун меорад:

Ҳамон номае шаҳ, ки бинвишт пеш,
Ба модар супурданд бар муҳри хеш.
Чу модар фурӯ хонд ғамномаро,
Сияҳ кард ҳам ҷому ҳам ҷомаро.
Зи тӯмори он номаи дилшикан
Чу тӯмор печид бар хештан [3, с.449].

Қайд кардан лозим аст, ки номаи Искандар ба модараш бо унвони “Савгандномаи Искандар ба сӯи модар” дар “Искандарнома” яке аз беҳтарин намунаи номаҳо дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ ба шумор меравад, ки бо маҳорати баланду нотакрори шоирӣ эҷод шудааст. Нома фарогири 70 байт мебошад:

Чу аз меҳри модар ба ёд омадаш,
Парешонӣ андар ниҳод омадаш.
Бифармуд, к-аз румиён як дабир,
Ки бошад хирадманду бедору пир,
Ба дуди сияҳ даркашад хомаро,
Нависад сӯи модараш номаро [3, с.442].

Искандар монанди Исфандёр пеш аз марг ба модараш нома менависад ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки дар марги ӯ ғам нахӯрад. Дар ин нома шоир ақида ва андешаҳои худро роҷеъ ба зиндагӣ, марг ва дигар масоили ҳаётӣ баён доштааст. Низомӣ дар бораи нопойдории

ҷаҳон ва намондани он ба касе, аз ин рӯ, дар сӯги ӯ ғам нахӯрдани модарро хоҳиш кардааст:

Агар монданӣ шуд ҷаҳон бар касе,
Бимон дар ғаму сӯгворӣ басе,
В-ар эдун, ки бар кас намонад ҷаҳон,
Ту низ ошно бош бо ҳамраҳон.
Гарат рағбат ояд, ки андуҳ х[в]арӣ,
Кунӣ сӯгворию мотамгарӣ,
Аз он пеш, к-андуҳ хурӣ зинҳор,
Бароро меҳмоние шоҳвор.
Бихон халқро ҷумла меҳмони хеш,
Мунодӣ барангез бар хони хеш...
Ғами ман махӯр, к-они ман даргузашт,
Ба кори ғами хеш кун бозгашт [3, с.444-445].

Модари Искандар пас аз гирифтани номаи фарзанд мисли Катоюн ҳарчанд аз марги ҷигарбандаш андуҳи бепоён дорад, аммо ба “савганду паймон”-и додаи худ назди фарзанд меистад:

Зи тӯмори он номаи дилшикан
Чу тӯмор печид бар хештан,
Вале гарчи шуд рӯз бар вай сиёҳ,
Сари худ напечид аз андарзи шоҳ.
Ба уммеди хушнудии ҷони ӯ
Нигаҳ дошт савганду паймони ӯ.
Паси шоҳ низ ӯ фаровон назист,
Ҳамасола хун хӯрду хун мегирист.
Чу шуд кори ӯ низ ҳам сохта,
Аз ӯ низ шуд кор пардохта [3, с.449].

Ҳамин тавр, бо муқоисаи гузарои тасвири намоди Искандар дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ва “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ метавон ба натиҷае расид, ки ҳар ду нобиғаи сухани адабиёти форсу тоҷик дар миёни гуфторҳои худ ёдовар шудаанд, ки андешаву кирдорҳои Искандарҳо баду палид аст. Онҳо дар пайи ҷаҳонгирии худ аз кушторҳову хунрезиҳо танҳо мехоҳанд сарватҳои ҷаҳонро гирд оварда, ба зодгоҳи худ – Юнон бифиристанд.

Ҳаким Фирдавсӣ аз номи Арастуи файласуф ба искандарҳо мегӯяд, ки бояд пирӯзгари дилҳои мардум буд, бо хунрезиву бардагирии мардумони бегуноҳ ба комёбиҳо натавон ноил гашт. Сарнавишти мардумони кишварҳоро бояд ба дасти худашон дод, ҳарчанд далелҳои таърихӣ дар бораи ин файласуфи дунёи қадим баръакси ин андешаҳоро тасдиқ менамоянд.

Аз таърих маълум аст, ки маҳз бо ҳидояту роҳнамоӣ ва талқини Арасту шогирди бистсолааш – Искандар пас аз омадан ба сари қудрат ба фатҳ ва мустамлика намудани қисми зиёди мамлакатҳои дунё ва ташкил намудани империяи худ даст мезанад. Неруи бузурги ҳидояткунанда ҳаким Арасту буд. Ин донишманд зидди баробарии нажодҳо ва ҷинсҳо буда, нажоди Юнонро беҳтарини нажодҳо ва ҷинси мардро ҳоким бар ҷинси зан медонист. Ҳамин ақидаи Арасту буд, ки ҳисси оламгирии Искандарро мағлубнопазир гардонид. Ба нажоди олӣ бардоштани юнониён халқҳову нажодҳои дигарро ба ғуломӣ ва мустамликаҳо табдил дода, халқҳои Шарқро, ки тамаддунро, аз ҷумла, ба Юнон интиқол дода буданд, акнун “барбарӣ” (варвары) меномиданд. Ин ғояро Арасту ба воситаи пайравонаш ва маҳз ба воситаи шогирди норасидааш – Искандари Мақдунӣ ҷомаи амал пӯшонид [12, с.356].

Ҳамин тавр, аз баррасии достонҳои “Подшоҳии Сикандар”-и Ҳаким Фирдавсӣ ва “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ ва нақши занон дар ин достонҳо бармеояд, ки Ҳаким Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ ҳамчун шоирони хирадгаро бо суханони расову баҷо, бо овардани намунаҳои гӯёи таърихӣ ба мардумон мефаҳмонанд, ки кореро занони хушрою ҳушманд анҷом медиҳанд, қайсарони фотеҳи кишварҳо карда наметавонанд. Ҳакими бузургвор ва Низомии тавоно дар ҳамон замонаҳои дур шеваи дурусти ҷомеасозиро дар ҳамсозии мардони меҳанпараст бо занони хирадманду баномус бозтоб намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бегдилӣ, Ғуломҳусайн. Чеҳраи Искандар дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Искандарнома”-и Низомӣ / Ғуломҳусайни Бегдилӣ. – Теҳрон, 1369. – 295 с.
2. Берунӣ, Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия / Абӯрайҳони Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 432 с.
3. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Искандарнома / Низомӣ Ганҷавӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
4. Гюиз, Филип. Древняя Персия / Филип Гюиз. – М.: Вечер, 2007. – 336 с.

5. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 700 с.
6. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1 / Муҳаммад Ғиёсуддин. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
7. Кайвонӣ. Искандар ва саргузашти ӯ. – Теҳрон, 1377. - 320 с.
8. Минералов, Ю.И. Сравнительное литературоведение (Компаративистика) / Ю.И. Минералов. – Москва: Юрайт, 2019. – 328 с.
9. Мирзоён, З. Худовандагори сухани порсӣ / З. Мирзоён. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2015. – 360 с.
10. Мирзоён, З. Офаридгори сухан / З. Мирзоён. – Душанбе : ТоРус, 2018. – 272 с.
11. Ртвеладзе, Эдвард. Александр Македонский в Бактрии и Согдиане. Историко-географические очерки / Эдвард Ртвеладзе. – Ташкент, 2007. – 93 с.
12. Умарзода, Иброҳим. Таърихи тамаддуни Ориён / Иброҳим Умарзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2006. – 558 с.
13. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 7. – 480 с.
14. Шарифзода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Х. Шарифзода, М. Нарзиқул. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 416 с.

“ИСКАДАРНОМА” - И НИЗОМӢ ВА ДОСТОНИ “ПОДШОҲИИ СИКАНДАР”ДАР “ШОҲНОМА” - И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ

(масъалаи таъсири байноматнӣ)

Дар контексти осори адабии асримиёнагӣ бозтоби чеҳраҳои таърихӣ заминаи таҳаввули асолати фарҳангӣ буда, дар иртибот ба ҳунару маҳорати эҷодии ҳар як адиб сурат мегирад. Аз ин рӯ, чигунагии тасвири шахсиятҳои таърихӣ дар шинохти ҷаҳони андешаи шоир аз ҷанбаҳои муҳимми эҷодиёти ӯ ба шумор меравад. Яке аз барҷастатарин симоҳои намоёни адабиёти классикии форсу тоҷик Искандари ҷаҳонгушой мебошад, ки қариб дар ҳар як марҳилаи таърихӣ вобаста ба диди адабӣ ба он таваҷҷуҳ шуда, ваҷҳи пайдоиши “Искандарнома”- ҳо дар ҷаҳон гардидааст. Дар ин пажӯҳиш татбиқи шахсияти таърихии Искандар дар муносибат ва диди адабии ду шоири тавонои тоҷик: Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ва Ҳаким Низомии Ганҷавӣ сурат гирифтааст. Бо таваҷҷуҳ ба “Достони подшоҳии Сикандар” дар “Шоҳнома” дар симои офаридаи Ҳакими Тӯс то дараҷае ба факту далелҳои таърихӣ рӯйкард шудааст, дар ҳоле ки дар тасвири образи Искандар дар “Искандарнома”-и Низомӣ симои Искандар вобаста ба ҷаҳони андешаи шоир комилан мутафовит офарида шудааст. Искандари офаридаи Низомӣ шоҳи ормонӣ буда, дар муносибати адиб ба ин чеҳраи таърихӣ диди адабии шоир нуҳуфтааст, ки шомили масъалаҳои зиёд мебошад. Дар умум, яке аз образҳои барҷастаи адабӣ, ки дар асоси он метавон оид ба қаробати эҷодии Низомии Ганҷавӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ сухан ба миён овард, симои Искандар мебошад. Образи Искандарро Фирдавсӣ дар достони “Подшоҳии Сикандар” дар “Шоҳнома” ва Низомӣ дар достони “Искадарнома” тасвир кардаанд. Дар пайравӣ ба шоирони мазкур адибони дигар ҳам ба образи Искандар таваҷҷуҳ карда, дар ин мавзӯъ достонҳо офарида, инчунин, аз роҳи талмеҳ ва тавсиф дар ашъори хурди ғаноӣ аз ӯ ёдоварӣ кардаанд. Дар таърихи адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик адибони намоёне, чун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва достонсароёни дигар ба ин чеҳраи зидду нақизи таърихӣ достонҳо бахшида, аксаран ӯро ҳамчун чеҳраи нексиришт тасвир кардаанд.

Калидвожаҳо: “Искандарнома”, Сикандар, Фирдавсӣ, Низомӣ, “Шоҳнома”, “Хамса”, симои таърихӣ, диди адабӣ, муносибати эҷодӣ, таҳлили байноматнӣ.

“ИСКАДАРНАМЕ” НИЗАМИ И ПОЭМА “ЦАРСТВОВАНИЕ СИКАНДАРА” В “ШАХНАМЕ” ФИРДОУСИ

(вопрос интертекстуального влияния)

В контексте средневековых литературных произведений изображение исторических личностей было основой эволюции культурной подлинности, которая происходила в зависимости от таланта и творческого мастерства каждого литератора. В этой связи, характер изображения исторических личностей является важным аспектом раскрытия мира размышлений в творчестве поэта. Одним из выдающихся образов персидско-таджикской классической литературы является образ Александра Македонского (Искандар, Сикандар), на который обращалось внимание почти в каждой литературной эпохе, что стало причиной появления множества “Искандарнаме” в мире. В этой статье осуществлено сравнительное исследование Александра как исторической личности с точки зрения двух выдающихся мастеров слова Фирдоуси и Низами Гянджави. В поэме “Царствование Сикандара” в “Шахнаме” в определённой степени отражены исторические факты и события. В этом плане в “Искандарнаме” Низами изображение образа Искандара совершенно отличается, что было связано с миром мыслей поэта. Искандар, созданный Низами – это идеальный царь. В отношении поэта к этому образу кроются литературные воззрения поэта, затрагивающие множество вопросов. В целом, одним из ярких литературных образов, на основе которого представляется возможным судить о творческой связи Низами с Фирдоуси, был образ Александра Македонского. Образ Искандара создан Фирдоуси в поэме “О царствовании Сикандара”, а Низами в поэме “Искандарнаме”. Вслед за этими поэтами и другие поэты обращали внимание на образ Искандара, путём сочинения поэм и использования художественной фигуры намек *(талмех)* в малых лирических жанрах. В средневековой персидско-таджикской литературе такие выдающиеся поэты, как Амир Хусрав Дехлави, Абдаррахман Джами и другие авторы поэм, посвящали этому противоречивому образу свои произведения, в целом, изображая его как положительный образ.

Ключевые слова: “Искандарнаме”, Сикандар, Фирдоуси, Низами, “Шахнаме”, “Хамса”, историческое лицо, литературный взгляд, творческое отношение, интертекстуальный анализ.

"ISKADARNAME" NIZAMI AND THE POEM "REIGN OF SIKANDAR" IN "SHAHNAM" FIRDOUSI

(question of intertextual influence)

In the context of medieval literary works, the portrayal of historical figures was the basis for the evolution of cultural authenticity, which took place depending on the talent and creative skill of each writer. In this regard, the nature of the depiction of historical figures is an important aspect of the disclosure of the world of reflections in the poet's work. One of the outstanding images of Persian-Tajik classical literature is the image of Alexander the Great (Iskandar, Sikandar), which attracted attention in almost every literary era, which caused the appearance of many Iskandarnames in the world. In this article, a comparative study of Alexander as a historical person is carried out from the point of view of two outstanding masters of the word, Ferdowsi and Nizami Ganjavi. In the poem "The Reign of Sikandar" in the "Shahnama" to a certain

extent, historical facts and events are reflected. In this regard, in Iskandarnam by Nizami, the image of Iskandar is completely different, which was associated with the world of the poet's thoughts. Iskandar, created by Nizami, is an ideal king. The poet's attitude to this image is covered by the poet's literary outlook, touching upon many issues. In general, one of the brightest literary images on the basis of which it seems possible to judge the creative connection of Nizami with Ferdowsi is the image of Alexander the Great. The image of Iskandar was created by Ferdowsi in the poem "On the reign of Sikandar", and Nizami in the poem Iskandarnam. Following these poets, other poets also paid attention to the image of Iskandar by composing poems and using the artistic figure of a hint (talmeh) in small lyric genres. In medieval Persian-Tajik literature, such outstanding poets as Amir Khusrav Dehlavi, Abdarrahman Dazhami and other authors of poems dedicated their works to this contradictory image, generally portraying it as a positive image.

Key words: “Iskandarname”, Sikandar, Ferdowsi, Nizami, “Shahname”, “Hamsa”, historical person, literary view, creative attitude, intertextual analysis.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашурова Нодира Ҷумаевна*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика факултаи филология. **Суроға:** 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафарова 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Ашурова Нодира Джумаевна*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы и журналистики филологического факультета. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Information about the author: ***Ashurova Nodira Jumaevna*** - Kulvab State University named after A. Rudaki, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Literature of the Philological Faculty. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, Str.S. Safarov 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

УДК:891.550

ИСТИФОДАИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР “САВОНЕҲ”-И АҲМАДИ ҒАЗЗОЛӢ

Саидғанизода Саидсултонхон
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Адабиёт дар ҳар шаклу қолабе, ки бошад, ифодагари арзишҳо ва меъёрҳое аст, ки зиндагии фардиву ҷамъиятиро тасвир менамояд. Нақду баррасӣ ва арзёбии адабиёти бадеӣ низ барои худ қонунҳо, арзишҳову қолабҳоро офаридааст. Баҳодиҳӣ ба асари бадеӣ ва таҳлили шеъру сухан, баррасӣ ва таҳлилу таҳзиби зиндагии шахсии моро мемонад, зеро мо дар ойинаи адабиёти бадеӣ акси худро мебинем. Адабиёти форсу тоҷик яке аз меросбарони бузурги фарҳангу тамаддуни форсӣ буда, аз он даврaҳо осори адабии зиёде то мо расида омдааст. Яке аз олими барҷастаи замони худ, донандаи фиқҳи исломӣ, олим, ҳаким Аҳмади Ғаззолӣ буд. Ин олим аз худ мероси гаронбаҳое гузошта аст.

“Савонеҳ-ул-ушшоқ” аз ҷумлаи осори муҳимми Аҳмади Ғаззолӣ маҳсуб мешавад, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҷойгоҳи хосса дорад. Дар китоби Аҳмади Ғаззолӣ ҳикоётеро аз қиссаҳои Лайливу Маҷнун ва Маҳмуду Аёз нақл кардааст. Аҳмади Ғаззолӣ китоби мазкурро бо хоҳиши яке аз дӯстонаш “... дар маониву аҳвол ва асрори ишқ” [3, Ҷ.2, с.934] таълиф кард, ки он 67 фаслро дар бар дорад [2, Ҷ.7, с.505]. Китоб ба тариқи насри байнобайн таълиф шуда, бо манзумаҳо пероиш ёфта, дар он асрору маонии ишқ дар фаслҳои мухталиф мавриди баҳс қарор мегирад. Ҳар яке аз фаслҳо бо ҳикоёт, гуфтор, ашъор ва рубоиёту ғазалҳои арабиву форсӣ мунъакис шудааст.

Дар зимни таҳлили андешаҳои ирфонии рисолаи “Савонеҳ-ул-ушшоқ” мо хостем оид ба истифодаи саноеи бадеии он низ андешаҳои худро баён кунем.

Санъати ташбеҳ дар асари мавриди баҳс яке аз сермаҳсултарин санъат мебошад. Ташбеҳ ҳамчунин ба монанди дигар санъатҳо ба таври бисёр содда сохта шудааст. Гоҳо як ташбеҳшаванда барои ташбеҳкунандаҳои гуногун ба кор меравад. Ғаззолӣ ташбеҳро дар мавридҳои зарурӣ ба кор мебарад, то ба воситаи он битавонад ташбеҳкунандаро ба маънӣ дарорад ва хонандаро ба умқи маънии сухани худ роҳ диҳад. Баъзе аз ташбеҳҳои Ғаззолӣ ба таври ташбеҳҳои пӯшида омадааст, ки хонанда метавонад онро тавассути тасвири хаёлӣ дарёфт намояд: “Гоҳ ишқ осмон буд ва рӯҳ замин, то вақт чи иқтизо кунад, ки чӣ борад, гоҳ ишқ тухм буд ва рӯҳ замин, то худ чӣ бирӯяд, гоҳ ишқ гавҳари коне буд ва рӯҳ кон, то худ чӣ гавҳар ояд ва чӣ кон, гоҳ офтоб буд дар осмон рӯҳ то худ чун тобад, гоҳ шиҳоб (шуъла) буд дар ҳавои рӯҳ то худ чӣ сӯзад, гоҳ зин буд бар маркаби рӯҳ, то худ кӣ барнишинад, гоҳ лаҷом буд бар сари саркаши рӯҳ, то худ ба кадом ҷониб гардонад” [4, с.54].

Дар порчаи мазкур муаллиф калимаи “чӣ”-ро ташбеҳкунанда қарор дода, бо адоти ташбеҳ якҷоя меоварад. Ҳамчунин, Ғаззолӣ аз овардани чунин ташбеҳ қаноатманд намешавад ва ба ин васила ташбеҳоти боз ҳам возеҳтар мекунад:

“Висол бояд, ки ҳезуми оташи шавқ ояд, то зиёдат шавад” [4, с.23].

“Ошиқ ҳама замини мазаллат буд ва маъшуқ ҳама осмони тааззур ва такаббур буд” [4, с.30].

“Дида дар самини дилу ҷон аст” [4, с.31].

“Ишқ аҷаб оинаест ҳам ошиқро ва ҳам маъшукро” [4, с.51].

“Гоҳ буд, ки бало ва ҷафои маъшуқ тухме буд, ки аз дасти маъият, кифоят, риоят ва иноятиишқ дар замини муроди ошиқ афкананд, то ӯ гули узрхоҳе барояд” [4, с.54].

Асосан ташбеҳҳо дар “Савонеҳ” ба сурати изофаи ташбеҳӣ аст ва гоҳ ин изофаҳои ташбеҳӣ дар матн такрор мешавад:

“Агарчи моро кор он аст, ки <u>абкори маъониро</u> ба <u>зукури ҳуруф</u> диҳем дар халавот-ил калом” [4, с.1].

“Он рӯй, ки дар хулқ дорад, <u>симсоми ғайрат</u> маъшуқ аст, то ба ағёр боз нанигарад ва он рӯй, ки дар ошиқ дорад, <u>симсоми ғайрат</u> вақт аст, то ба худ вонангарад ва он рӯй, ки дар маъшуқ дорад, <u>симсоми ғайрат</u> ишқ аст, то қут ҳам аз ишқ хӯраду бастаи тамъа нагардад ва аз берун ҳеҷ чизаш дарнабояд ҷуст” [4, с.7].

“Дилу ҷон ва ӯ донад, ки <u>наҳанги ишқ</u>, ки дар ниҳоди ошиқ аст, аз ӯ чӣ мекашад ба дам ё ба ӯ чӣ мефиристад” [4, с.25].

Дар андак мавориде ташбеҳи мураккаб ва ташбеҳи тамсил низ ба чашм мерасад.

Санъати истиора дар балоғат корбурди вожае ба алоқаи мушобиҳат ба ҷойи вожаи дигар аст. Ин таъриф танҳо як навъ аз истиора аст, истиора ҳунартарин навъи санъати бадеӣ ба шумор меояд, зеро зеҳни хонандаро ба ҷустуҷӯ барои кашфи ташбеҳшаванда вомедорад. Дар адабиёт ҳар гоҳ вожаи истиора ба танҳоӣ ба кор меравад, ки мақсад ҳамон навъи истиора аст. Навъи дигари истиора, истиораи тахайюлӣ, ки дар он ҳам ташбеҳшаванда ва ҳам ташбеҳкунанда дар як маънӣ оварда мешавад. Ба ҳамин далел, таърифи истиораро ин гуна оро медиҳанд: “Ташбеҳе аст, ки аз он фақат яке аз тарафайн ба ҷо монда бошад”.

Истиора дар “Савонеҳ” камтар аз ташбеҳ ва бештар аз киноя ву маҷоз ба кор гирифта шудааст:“Ҳақиқати ӯ (ишқ) аз ҷиҳот муназзаҳ аст, ки ӯро рӯй дар ҷиҳате намебояд дошт, то ишқ бувад, аммо надонам, то дасти касби вақт об ба кадом <u>замин</u> барад” [4, с.3]. “Замин” истиора буда, дар он ҳар вуҷуде, ки қобилияти ишқро дошта бошад, ба воситаи “об”, яъне муҳибб оварда шудааст.

“Ошиқро бисоти маҳраи қаҳри ӯ мебояд буд, то ӯ чӣ занад ва чӣ нақш ниҳад” [4, с.53].

“Нақш” истиора аст ва амали ишқ дар бораи ошиқ.

“Ин ҷо рӯй ба дидаи ҳадсон нанамояд, ки на ҳар хона ошёни ӯро шояд” [4, с.12].

“Хона” истиора аз дил аст.

Дар байни навъҳои истиора, истиораи макния бештарин мизони корбурдро дорад, чи ба сурати ғайриизофӣ:

“Як бори дигар салтанати ғайрати ишқ битобад, маломати бонг бар саломат занад” [4, с.9].

“Маърифатро як ҳад бо харобӣ аст, на чун илм, ки ҳудуди ӯ ҳама иморат аст” [4, с.10].

ва чӣ ба сурати изофӣ:

“Ин ҳама намоиши вақт буд, дар тобиши илм, ки ҳадди ӯ соҳил аст” [4, с.6].

“Ниҳояти илм соҳили ишқ аст” [4, с.7].

Истиораи тамсилӣ низ ҳамчун ташбеҳи тамсил дар мавориди андак ба кор рафта ва он замоне аст, ки калом ба ишорате мунҳасир шавад:“Он нафс, ки рикобдорӣ бар маркаби султон нишинад, на маркаби ӯ буд, аммо зиён надорад” [4, с.3].

Санъати киноя ҷумла ё таркибе аст, ки муроди гӯянда маънои зоҳирии он набошад, аммо порчаҳои сорифае ҳам, ки моро аз маънои зоҳирӣ мутаваҷҷеҳи маънои ботинӣ кунад, вуҷуд надошта бошад. Киноя ба се гуна, киноя аз мавсуф, киноя аз сифат ва киноя аз феъл тақсим мешавад.Кинояҳои ба кор рафта, дар “Савонеҳ” қобили мулоҳиза аст, ки аз навъи кинояҳои феълии маъмул дар забон буда ва гоҳ низ дар матн такрор мешавад:

“Ва барои ин аст, ки онҳо, ки дам аз фақр зананд, ҷону дил дарбозанд” [4, с.37].

“Дам задан” киноя аз сухан гуфтан.

“Гуфт: Эй гадо ту кӣ бошӣ, ки бо Маҳмуд даст дар як коса кунӣ” [4, с.33].

“Даст дар як коса кардан” киноя аз саҳим шудан.

“Аҳкоми фироқу висол ин ҷо чӣ кунад? Радду қабул ӯро доман кай гирад?” [4, с.9].

“Доман гирифтан” киноя аз мутавассил шудан.

Саҷъ дар “Савонеҳ” баробари санъати такрор дар худ асари бисёр камранг аст, аммо ҳамин таъсири болое дар барҷаста кардани сухан дорад, ба вижаи он ки навъи саҷъи мутавозӣ дар он бисёр бештар аз навъҳои дигар, яъне мутавозӣ ва мутарраф аст ва чунин оҳанги калом қавитар аст.

Саҷъ (калимаи арабӣ буда, маъноияш *овози мурғони хушилҳон, монанди булбул, ҷӯр, қумрӣ)* – дар охири ҷумлаҳои кӯтоҳи ҷудогона ё ибораҳои алоҳида овардани калимаҳое, ки ё тамоман ё бо чандин ҳарфу ҳиҷоҳо ҳамшакл ва ҳамоҳанг ҳастанд. Аз ин ҷиҳат, саҷъ ба қофия монанд аст, аммо фарқ дар ин аст, ки қофия дар назм ва саҷъ дар наср кор

фармуда мешавад. Дар илми бадеъ се навъи саҷъро нишон додаанд: саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутарраф, саҷъи мутавозин. Намунаҳои навъҳои саҷъро аз “Савонеҳ”-и Аҳмади Ғаззолӣ дида мебароем:

Саҷъи мутавозӣ – дар охири ҷумла ё ибораҳо овардани калимаҳое, ки ҳам аз ҷиҳати оҳанг ва ҳам аз ҷиҳати шакл (адади ҳиҷо ва ҳарфҳои он) ба якдигар монанд ҳастанд, аз қабили шакар-назар, маҳҷурӣ-махмурӣ, гул-мул.

“Чун дасти талаби ӯ ба домани васл нарасид ба ин фусул тааллул кунад ва ба маъонии ин абёт тамассул созад” [4, с.2].

“Ошиқӣ ҳаме асирӣ аст ва маъшуқӣ ҳаме амирӣ” [4, с.46].

“Тамъа ҳама туҳмат аст, туҳмат ҳама иллат, иллат ҳама зиллат ва зиллат ҳама хиҷлат” [4, с.49].

Саҷъи мутавозин - дар охири ҷумла ва ибораҳо овардани калимаҳои ҳамоҳанги гуногуншакл. Чунончи: маротиб-маросим, таҳрир-таҳдид.

“Висол мартабаи тааззуз ва кибриёии маъшуқ аст ва фироқ мартабаи тазаллулу ифтиқори ошиқ аст” [4, с.33].

Саҷъи мутарраф - дар охири ҷумла ё ибораҳо овардани калимаҳое, ки аз ҷиҳати шакл (адади ҳарфҳо) гуногунанд, аммо аз ҷиҳати оҳанг монанд ҳастанд. Масалан: ёр-агёр, буд-вуҷуд.

“Исми маъшуқ дар ишқ орият аст ва исми ошиқ дар ишқ ҳақиқат аст. Иштиқоқи маъшуқ аз ишқи маҷоз ва туҳмат аст” [4, с.48].

“Ва хиҷлат ҳама зидди яқин, маърифат ва айни нукрат” [4, с.50].

Дар маҷмӯъ, “Савонеҳ-ул-ушшоқ”-и Аҳмади Ғаззолӣ аз барҷастатарин ба бонуфузтарин матни ирфонӣ маҳсуб мешавад, ки аз аҳаммияти фаровон ва арзиши адабии гарон бархӯрдор аст. Аввалин касе, ки мавзӯи ишқи ирфониро тадвини ҷомеъ намуд ва дар қолаби адабӣ дар ихтиёри умуми адибон, шоирон, орифон ва форсизабонон гузошт, Аҳмади Ғаззолӣ буд. Муҳимтарин ҷиҳати арзишмандии “Савонеҳ”-и Аҳмади Ғаззолӣ дар корбурди муҳимтарин унсурҳои фасоҳатбахши забони наср, истифодаи санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла, ташбеҳ, истиора, киноя, саҷъ, ҷинос ва ғайра аст. Истифода аз санъатҳои бадеӣ аз ҷониби Аҳмади Ғаззолӣ қудрати волои ӯро дар ороиш ва таълифи насри ҷаззоб таҷассум мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бертельс Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература / Е.Э. Бертельс. - Москва, 1960. – 555 с.
2. Ғаззолӣ, Абӯҳомид Муҳаммад. Кимиёи саодат / Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. - Теҳрон, 1371.
3. Ғаззолӣ, Имом Аҳмад. Маҷмӯаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ / Имом Аҳмади Ғаззолӣ; ба эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид. - Теҳрон, 1370. – 721 с.
4. Ғаззолӣ, Имом Аҳмад. Савонеҳ-ул-ушшоқ / Имом Аҳмади Ғаззолӣ; тасҳеҳи Насруллоҳи Пурҷаводӣ. - Теҳрон, 1359. – 226 с.
5. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 156 с.
6. Пурҷаводӣ, Насруллоҳ. Султони тариқат. Зиндагӣ ва шарҳи осори Аҳмади Ғаззолӣ / Насруллоҳи Пурҷаводӣ. - Теҳрон, 1358. – 295 с.
7. دکتر محمد رضا صوفی .اصطلاحات صوفیه.//نشریه دانشگاه ادبیات و علوم اسلامی کرمان، شماره 3، سال 1477
8. فرهنگ اصطلاحات و تعبیرات عرفانی. دکتر سیدجعفر سجادی. انتشارات طهوری.1370.
9. نظام الدین ترینی قندهاری پوشنجی. قواعد العرفاء و آداب الشعراء. به اهتمام احمد مجاهد. تهران، سروش،1376.
10. نفیسی، سعید. تاریخ نظم و نثر در إیران و در زبان فارسی.ج. ۱- ۲. تهران ، ۱۳۴۴. - ۱۱۷۲ ص.

ИСТИФОДАИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР “САВОНЕҲ”-И АҲМАДИ ҒАЗЗОЛӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи истифодаи санъатҳои бадеии ташбеҳ, таҷнис, истиора ва саҷъ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Роҷеъ ба рӯзгору мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ ва асари арзишманди ӯ “Савонеҳ-ул-ушшоқ”, ки дар ҳавсалаи имкони ин рисола ба қалами таҳрир даромад, ба унвони кушоишномаест, ки дари ҷодаи таҳқиқи амиқи осори ӯро боз менамояд ва умед аст, ки минбаъд дар ин ҷода барои таҳқиқу баррасии бештари афкору андеша ва ҷанбаи мухталифи дигари ин орифи бузург таваҷҷуҳи зиёдтаре зоҳир хоҳад гардид. Дар мавриди истифодаи санъати ташбеҳ ва анвои он Аҳмади Ғаззолӣ дар рисолаи “Савонеҳ”-и худ маҳорати беандозаи корбурди санъати мазкурро муаррифӣ кардааст. Мисолҳо дар рисола хеле зиёд мавҷуд буда, намунаҳои ташбеҳкунанда ва ташбеҳшаванда низ бо тасвирҳои хаёлӣ ва пӯшида муайян карда шуд. Дар мавриди истифодаи санъати истиора низ мо бисёр намунаҳои хубу ҷаззобро дида метавонем, ки дар мақола якчанд намунаҳои он таҳлил карда шуд ва истора низ бо навъҳои худаш корбаст карда шудааст. Санъати киноя дар рисолаи “Савонеҳ”-и Аҳмади Ғаззолӣ ба касрат истифода шудааст, ки мавриди киноятҳояш бошад ба афроди махсус равона карда шуда буд, ба ин васила мехост вай андешаҳояшро нисбати онҳо баён намояд. Санъати саҷъ бошад дар замони Аҳмади Ғаззолӣ густарда истифода мешуд. Саҷъҳои вай ҳам аз рӯйи навъҳои гуногун дар рисолаҳо оварда шудааст. Истифодаи Аҳмади Ғаззолӣ аз маҷмӯи санъатҳои бадеӣ ба қудрати волои ӯ дар ороиш ва офаридани насри ҷаззоб таҷассум мекунад, ки дар маҷмӯъ “Савонеҳ”-и ӯро ба унвони намунаи барҷастаи насри ин давра ва ҳунари шоистаи нависандагони эронӣ муаррифӣ менамояд.

Калидвожаҳо: Аҳмади Ғаззолӣ, санъати бадеӣ, таҷнис, ташбеҳ, истиора, саҷъ, Савонеҳ-ул-ушшоқ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПРОИЗВЕДЕНИЙ В “САВОНЕХ " АХМАДА АЛЬ-ГАЗАЛИ

Эта статья анализирует использование изобразительных средств, таких как сравнение, таджнис, аллегория и саджъ. Что касается жизни и литературного наследия Ахмада аль-Газали и его ценных иследований, то произведения Савонех-уль-Ушшак открывают глубокое содержание его работ. Большое внимание уделено

дальнейшему изучению различных идей и аспектов этого великого мудреца.Что касается использования изобразительного искусства сравнения и его вариантов, то Ахмади Газали в своем трактате «Савонех» представил большое количество примеров использования этого искусства. В трактате имеется множество примеров и образцов сравнения, которые также были идентифицированы с воображаемыми и неясными изображениями. Мы также можем увидеть много интересные примеры, аллегории в статье. Искусство сатиры использовалось в трактате Газали «Савонех» и его сатира была нацелена на конкретных людей. Искусство саджъ широко использовалось во времена правления Ахмада Газали. Его саджи также упоминаются в различных формах в трактатах. Искусство поклонения было широко использовано в эпоху Густонаселения. В связи с чем вышло немало новинок, в которых наряду с другими видами попала женщина. Саваних ал-ушшак небольшая книга, состоящая из пролога и 77 глав. Форма изложения идей была новацией, поскольку в то время персидские суфийские авторы использовали только прозу, а Газали иллюстрировал свои идеи стихотворениями, чтобы придать им метафорическую глубину. Использование Ахмади Газзали коллекции произведений искусства воплощает его богатую мысль в разработке и создании захватывающей прозы, которая в целом представляет его Савонию как выдающийся пример прозы этого периода и достойную работу иранских писателей.

Ключевые слова: Ахмад Газзоли, изобразительное искусство, таджнис, сравнение, аллегория, саджъ, Савонех-уль-Ушшок.

THE USE OF ARTISTIC WORKS IN THE "SAVONEH" AHMADI GHAZALI

This article analyzes the use of visual arts like comparisons, tajnis, allegories and saj. As for the life and literary heritage of Ahmad al-Ghazali and his valuable research, based on the works of Savoneh-ul-Ushshak, which opens up a deeper study of his work. Much attention is paid to the further study of various ideas and aspects of this great sage. Regarding the use of the fine art of comparison and its variants, Ahmadi Ghazali in his treatise "Savoneh" presented a huge skill in using this art. There are many examples in the treatise, and comparison patterns have also been identified with imaginary and obscure images. Regarding the use of the art of allegory, we can also see many good and interesting examples, the article analyzes several examples, allegory is also used in its own way.The art of satire was used in the Ghazali treatise "Savoneh" and its satires were aimed at specific people, so he wanted to express his views on them. Sajj art was widely used during the reign of Ahmad Ghazali. His saji are also mentioned in various forms in treatises. The art of worship was widely used in the era of Dense Population. In this connection, many new products came out, in which, along with other species, a woman got. Savanikh al-ushshak is a small book consisting of a prologue and 77 chapters. The presentation of ideas was an innovation, since at that time Persian Sufi authors used only prose, and Ghazali illustrated his ideas with poems to give them a metaphorical depth. The use of Ahmadi Ghazzali's collection of works of art embodies his richness in designing and creating fascinating prose, which in general presents his Savonia as an outstanding example of prose of this period and worthy work of Iranian writers.

Key words: Ahmad Gazzoli, art, tajnis, comparison, allegory, saj, Savoneh-ul-Ushshok.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидганизода Саидсултонхон*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи филологияи араб. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, . Мавлонбекова, 1. E-mail: **mistersaidsultonkhon_91-03@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-34-76-00**

Сведения об авторе: ***Саидганизода Саидсултонхон*** – Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, соискатель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **mistersaidsultonkhon_91-03@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-34-76-00**

Information about the author: ***Saidganizoda Saidsultonkhon*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, candidate of the Department of Arabic Philology. **Address:** Republik of Tajikistan, 735700, 735700, Таджикистан, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **mistersaidsultonkhon_91-03@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-34-76-00**

УДК:891.550(03)

НАҚШИ ТАРҶУМА ДАР ҒАНОМАНДИИ ДУ ФАРҲАНГ (форсӣ ва арабӣ)

Шоҳвалиюллоҳ Адиб
Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Аз рӯзгоре, ки гурӯҳҳои инсонӣ ва қабоил бо ҳам робитаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, корӣ ва ҳамсоягӣ пайдо карданд, ногузир шуданд, ки забони якдигарро биомӯзанд, то битавонанд манзури худро ба дигарон бифаҳмонанд ва бар ғаномандии фарҳанги якдигар биафзоянд. Ҳамин амри нахустин пояҳои тарҷумаро бунёд ниҳод. Тарҷума ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи гӯйишварони забони форсӣ ва арабӣ ба унвони яке аз абзорҳои иртиботӣ миёни онон будааст. Агар тарҷума вуҷуд намедошт, огоҳӣ аз фарҳанг ва тамаддуни якдигар ҳаргиз муяссар намешуд. Ниёзмандии якдигар ба улум ва фунун ва ихтилофи забонҳои форсӣ ва арабӣ, ки гӯяндаҳои ин ду забон қодир ба иртиботи мустақим бо он набуданд, чораи дигаре ҷуз рӯй овардан ба тарҷума вуҷуд надошт ва ин амр сабаб гардид, то тарҷума ба унвони абзори доду ситади фарҳангӣ мавриди истифода қарор гирад.

Оғози тарҷума дар миёни арабҳо ва форсҳо ба даврони паёмбари ислом – ҳазрати Муҳаммад (с) бармегардад. Зеро, ҳузури Салмони Форс ва дигар мусулмонони ғайриараб, тиҷорати арабҳо бо сарзаминҳои Форс ва ирсоли суфаро ва намояндагон аз ҷониби Паёмбар (с) ниёз ба тарҷумаро заруритар мекард. Баъд аз густариши ислом дар асри Уммавиён ва Аббосиён дар сарзаминҳои Форс, тарҷума оғоз шуд. Холид ибни Язид дар

соли 85 ҳичрии қамарӣ нахустин касе буд, ки ба тарҷума ҳиммат гумошт ва ҳикмати Уммавиён фаъолиятҳоеро дар заминаи тарҷумаи осори форсӣ ба арабӣ анҷом дод, ки муқаддимаи хубе барои идомаи тарҷума дар асри Аббосӣ шуд. Тарҷума дар асри Аббосиён фаъолтар гардид ва ба авҷи худ расид ва аз сӯйи хулафои Аббосӣ мавриди ҳимоя қарор гирифт. Аз миёни хулафои Аббосӣ Мансур, Ҳорунаррашид ва Маъмун ба тарҷумаи осори форсӣ ва юнонӣ таваҷҷуҳ карданд ва бо ҳимояти онон тарҷума равнақи зиёде пайдо намуд ва китобҳои зиёде аз форсӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, лотинӣ ба арабӣ тарҷума гардиданд.

Даст ёфтани арабҳо ба фарҳанг ва тамаддуни форсӣ, ҳиндӣ ва юнонӣ тавассути мутарҷимоне сурат гирифт, ки ба ҳамаи абвоби илм вуқуф доштанд ва аз фарҳангҳои маъруфи замони худ, бахусус форсӣ баҳра ҷустанд.

Тарҷума ва интиқоли осор ва афкор миёни ду забон – арабӣ ва форсӣ дар эҷоди равобит миёни арабҳо ва форсҳо нақши бориз дошт ва василаи муҳимме дар табодули фарҳангӣ ва интиқоли дониш будааст. Тарҷумаи китобҳо аз забони форсӣ ба забони арабӣ сабаб шудааст, ки арабҳо аз таърих, фарҳанг, тамаддун ва сирати ҳукмравоёни форс огоҳӣ ҳосил намоянд ва аз ҳаводиси таърихӣ, ки дар сарзаминҳои форсзабонон ба вуқӯъ пайвастааст, бохабар гарданд. Оғози тарҷума аз забони форсӣ ба забони арабӣ ба давраи Сосониён бармегардад, ки дар ин давра тарҷума аз забони паҳлавӣ, ки забони расмии сарзамини Форс будааст, ба забони арабӣ сурат гирифтааст. Баъд аз тасаллути арабҳо бар сарзаминҳои Форс китоби «Ҳуруфтоиномак» навиштаи Донишвар, ки дар давраи Яздигирди сеюм мезистааст, ба дасти мусулмонон афтод, Умар (р) дувумин Халифаи мусулмонҳо дастури тарҷумаи бахше аз китобро дод. Сипас, китоб ба Ҳабаш ва Ҳинд интиқол ёфт ва баъд ба Эрон баргардонида шуд. Дар он китоб таърихи подшоҳон ва ҳукмронони сарзамини Форс то давраи Хисрави Парвиз нигориш ёфтааст. Китоби дигаре ба номи «Гоҳнома» ба амри Ҳишом ибни Абдулмалик аз забони форсӣ ба забони арабӣ тарҷума гардид. Ин китоб, ки бахше аз китоби «Оиннома» аст, дар он исмҳои шашсад тан аз бузургони Форс ба асоси рутбаи мақомашон дастабандӣ гардидаанд. Дар ин китоб тасвири панҷоҳу ҳафт тан аз подшоҳони сосонӣ ва ду маликаи зан низ вуҷуд дорад [15]. Китоби «Оиннома» аз китобҳои муҳим ва бузурги давраи сосонӣ аст ва аз ҷумлаи манобеъ ва маохизи муҳимми таърихӣ ба шумор меравад. Дар ин китоб русум ва одоти зимомдорон ва мардум, одоб, ахбор ва исмҳои подшоҳони форсӣ зикр гардидааст, ки бисёре аз таърихнависони машҳур ва нависандагони мусулмон ба унвони манбаи муҳим дар шинохти таърихи сарзаминҳои форсӣ аз он истифода намудаанд. Аз ҷумла, Саолибӣ ва Ибни Қутайба аз тарҷумаи арабии он истифода намудаанд.

Машҳуртарин мутарҷим, ки осору кутуби паҳлавиро аз забони паҳлавӣ (форсӣ) ба забони арабӣ тарҷума намудааст, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аст. Вай нахустин бор китоби «Худойнома»-ро ба арабӣ тарҷума намудааст, ки аз муҳимтарин асари таърихӣ ва афсонавии даврони Сосониён ба шумор мерафт. Тарҷумаи китоби «Калила ва Димна» аз пураҳаммияттарин китобест, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ онро ба арабӣ тарҷума намудааст. Вай дар соли 133 ҳичрӣ ин китобро тарҷума намуд, ки ҳовии матолибе аз забони ҳайвонот ва парандагон дар таолими ахлоқӣ, ки пеш аз ҳар чиз дар он рӯйи сухан бо ҳукком аст. Ин китоби тарҷумашуда, ки асли он ба забони паҳлавӣ аз миён рафтааст, асоси тарҷума ба забонҳои зиндаи ҷаҳонро ташкил додаст [5].

Тарҷумаҳои Ибни Муқаффаъ дорои баёни равону дилнишин буда ва сармашқи мутарҷимон ва нависандагони арабинавис ва арабизабонон будааст. Тарҷумаҳои ӯ аз беҳтарин осори адабӣ ва ахлоқии забони арабӣ шумурда мешаванд. Ошноии комили ӯ ба таърих, одобу забони бостонии худ (форсӣ) ва забони арабӣ, сабаб гардид аз тариқи тарҷума аз забони паҳлавӣ (форсӣ) ба арабӣ мусулмонони ғайриарабро ба ҳашамату шавкати сарзаминҳои Форс ошно кунад. Бо тарҷумаи кутуби мантиқии Арасту аз паҳлавӣ ба забони арабӣ фанни истидлолро ба мусулмонони арабизабон омӯхт. Ин донишманди форсизабон дар муддати умри кӯтоҳ вале пурбораш (36 сол) бузургтарин ва арзандатарин хизматро барои наҳзати илмӣ ва фарҳангӣ анҷом додааст. Ӯ арзишҳои илмӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва иқтсодии сарзамини Форсро аз тариқи тарҷума шиносонд. Ибни муқаффаъ дар тарҷумаи худ ду ҳадафро дунбол мекард: эҳёи таърих, сиёсат ва одоби сарзаминҳои Форс ва ислоҳи ҷомеа ва сиёсат.Мутарҷими дигар Навбахт Аҳвозӣ мебошад. Вай аз мутарҷимони садаи дувуми ҳичрӣ ва аз мунаҷҷимони Абӯҷаъфар Мансур – дувумин халифаи Аббосӣ аст, ки бо фарзандаш Хуршозмоҳ китобҳои риёзиро ба арабӣ тарҷума намудаанд. Аз мутарҷимони дигар Мӯсо ибни Холид мебошад, ки вай аз мутарҷимони китобҳо аз форсӣ ва юнонӣ ба забони арабӣ будааст. Алӣ ибни Зиёд Тамимӣ аз мутарҷимони дигар аст, ки китоби «Зичи шаҳриёр»-ро аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума намудааст. Ин китоб дар аҳди Сосониён вуҷуд доштааст, ки дар садаи дувуми ҳичрӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шудааст. Асли ин китоб аз байн рафтааст, аммо тарҷумаи он ба забони арабӣ дар даст аст.Ҷабала ибни Аслам китоби «Рустам ва Исфандиёр» ва қиссаи

«Баҳроми Чӯбина»-ро ба арабӣ тарҷума намудааст. Умар ал-Фаррухон китоби «ал-Маҳосин»-ро аввалин бор ба арабӣ тарҷума намуд [14, с.81].

Китобҳои дигар низ аз забони паҳлавӣ (форсӣ) ба забони арабӣ тарҷума гардидааст, ки мутарҷимони онҳо маълум нестанд, монанди китоби «Ҳазор афсона», ки асли тарҷумаи арабии « الف ليلة وليلة» аст, Намруд – подшоҳи Бобул « النمرود ملک بابل», Рӯзбеҳи ятим « روز به اليتيم», Баҳром ва Наргис «بهرام ونرسی», Хирс ва рӯбоҳ, Васиятҳои Ардашер. Китобҳое, ки ба забони паҳлавӣ навишта шудаанд ва сипас ба забони арабӣ тарҷума гардидаанд, аксари онҳо китобҳои илмиву ахлоқианд, ки ба шакли забони ҳайвон, саволу ҷавоб, мунозира ва насиҳати падар ба фарзанд таълиф гардидаанд ва дар давраи Аббосиён мардум ба чунин китобҳо алоқаманд буданд.

Халифаи Аббосӣ ал-Маъмун Ҳасан ибни Саҳлро ба тарҷумаи китоби «Ҷовидон хирад» (الحكمة الخالدة)аз забони форсӣ ба забони арабӣ амр намуд. Ҳасан ибни Саҳл писари Навбахт, ки китобдори Ҳорунаррашид ва аз мунаҷҷимони мусулмон буд, бар иловаи тарҷумаи китоби «Ҷовидон хирад», осори дигареро низ аз форсӣ ба арабӣ тарҷума намудааст. Ҳасан ибни Саҳл китоби «Ҷовидон хирад»-ро ба шакли ихтисор тарҷума намуда, ки Ибни Мискавайҳ дар китоби машҳури худ « ادب العرب والفرس» аз он истифода намудааст.

Тарҷума аз забони форсии ҷадид (на забони форсии паҳлавии қадим) ба забони арабӣ, бавижа баъд аз густариши ислом дар сарзаминҳои форсизабонон ба шакли густардае сурат нагирифтааст. Китоби Ғазолӣ «Насиҳат-ул-мулук»-ро Алӣ ибни Муборак, ки дар соли 595 ҳичрӣ дар Мосул (Ироқ) вафот намудааст, ба забони арабӣ тарҷума намудааст, ки тарҷумаи он бо чандин унвон « التبر المسبوک فی نصيحة الملوک» ва « خريدة السلوک فی نصيحة الملوک» ба забони арабӣ сурат гирифтааст [5, с.319].

Қадимитарин тарҷумаи «Гулистон»-и Саъдӣ танҳо ду қитъа байте аст, ки тавассути Фазлуллоҳи Шерозӣ, ки дар қарни ҳафтуми ҳичрӣ мезистааст, ба забони арабӣ сурат гирифтааст. Қитъаи байти аввал, ки онро ба арабӣ тарҷума намудаанд, чунин аст:

Гили хӯшбӯй дар ҳаммом рӯзе,
Расид аз дасти маҳбубе ба дастам…

Китоби дигари Саъдӣ «Бӯстон»-ро Мӯсои Ҳиндувӣ дар соли 1961 мелодӣ ба забони арабӣ тарҷума намудааст.

Бахшҳое аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ тавассути Абулфатҳ ибни Алии Биндорӣ дар соли 621 ҳичрӣ тарҷума шудаанд [2, с.10].

Китоби «Ҳудуд-ул-олам» дар соли 372 ҳичрии қамарӣ ба риштаи таҳрир даромадааст, ки нахустин асари забони форсӣ дар ҳавзаи ҷуғрофиёи таърихӣ аст. Нависандаи ин китоб маълум нест. Ин китоб дар соли 1991 мелодӣ тавассути Юсуф ал-Ҳодӣ аз забони форсӣ ба забони арабӣ тарҷума гардидааст [11, с.5].

Аввалин китобе, ки аз забони арабӣ ба забони форсӣ тарҷума шудааст, китоби «Таърих-ал-мулук» маъруф ба «Таърихи Табарӣ» китобе аст, ки тавассути Муҳаммад ибни Ҷарир Табарӣ таърихнигору пажӯҳшгари мусулмон дар авохири садаи сеюми ҳичрии қамарӣ таълиф гардидааст, ки амир Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ дар соли 350 ҳичрӣ ба вазири худ Балъамӣ ҳидоят дод онро ба арабӣ тарҷума намояд. Балъамӣ «Таърихи Табарӣ»-ро ба форсӣ тарҷума ва талхис кардааст, чун дар бисёре аз мавоқеъ Балъамӣ матолиберо ба тарҷума афзудааст ё бахшҳоеро ислоҳ намуда ва матолиби дигаре аз худ афзудааст. Ислоҳот ва афзудаҳои худро дар тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» мушаххас намудааст. Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» аввалин намунаи насри форсӣ ба шумор меравад, ки ба равиши хуб, ибораҳои осон ва ҷумлаҳои кӯтоҳ тарҷума гардидааст. Ин китоб аз қадимитарин китобҳои форсӣ ва аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ қидмати бештар дорад ва алфоз ва калимоти асили забони сомӣ дар он истеъмол шудааст [13, с.281].

Абулқосим Поянда дар соли 1352 «Таърихи Табарӣ»-ро дар 13 ҷилд тарҷума намудааст, ки бо ин кори худ ба ғаномандии фарҳанги забони форсӣ афзудааст.

Китоби « الأبينة عن حقائق الأدوية» таълифи Абӯмансур Муваффақ Ҳиравӣ табиб ва дорушинос дар садаи чаҳорум ва панҷуми ҳичрӣ-қамарӣ мебошад. Нахустин касест, ки дар аҳди Мансури якуми Сомонӣ дар Ҳирот дар садади таълифи китоби дорушиносӣ мебарояд. Ин китоб ба забони арабӣ буд ва аз забони арабӣ ба забони форсӣ тарҷума гардидааст.Китоби «Аҷоиб-ул-булдон» таълифи Абӯмуайяди Балхӣ аст. Асли китоб ба забони арабӣ буда, дар қарни панҷуми ҳичрӣ онро ба форсӣ тарҷума кардаанд.

Китоби «Калила ва Димна» низ чандин бор аз забони арабӣ ба забони форсӣ тарҷума гардидааст. Аввалин шахсе, ки «Калила ва Димна»-ро ба забони форсӣ тарҷума намудааст, Абулфазл Балъамӣ аст [9, с.98].Давлатшоҳи Самарқандӣ (842-900 ҳ.қ) тазкиранавис ва шоири қарни нуҳуми ҳичрӣ-қамарӣ аст. Давлатшоҳи Самарқандӣ китоби тазкираи худро дар шарҳи ҳоли шуаро аз оғози шеъри форсӣ то аҳди замони худ ба номи султон Мирзо Бойқаро таълиф кард. Дар китоби худ «Тазкират-уш-шуаро» дар мавриди

ин ки Рӯдакӣ китоби «Калила ва Димна»-ро ба шакли назм даровардааст, гуфтааст [8, с.18].

Бо гузашти се қарн аз манзумаи китоби «Калила ва Димна» тавассути Рӯдакӣ, амир Баҳоуддин Аҳмад ибни Маҳд Қонеӣ, ки мулаққаб ба маликушшуаро аст, дар соли 655ҳ. ш. китоби «Калила ва Димна»-ро ба назм дароварда, ба яке аз умарои Осиёи Сағир ба номи Кайковус эҳдо намудааст [1, с.18].Ҳамчунон, Абӯмузаффар Баҳромшоҳи Султон Масъуд аз фарзандони султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба Абулмаоли Насруллоҳ ибни Муҳаммад ибни Ҳамид амр намуд, ки китоби «Калила ва Димна»-ро аз нусхаи арабии Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ба забони форсӣ тарҷума намояд. Абулмаоли Насруллоҳ дар қарни шашуми ҳичрӣ «Калила ва Димна»-ро аз забони арабӣ ба забони форсӣ тарҷума намудааст. Насруллоҳ дар тарҷумаи худ насоеҳ ва амсоли арабиро шомил сохтааст ва аз оёти Қуръони карим, аҳодиси шариф ва ашъори форсӣ ва арабӣ ба унвони далел истифода намудааст. Тарҷума ва нахустин китоби форсӣ аст, ки дар он насри мусаҷҷаъ ба кор бурда шудааст, ки бо ин кори худ аз забони арабӣ тақлид намудааст. Дар тарҷумаи Абулмаоли Насруллоҳ алфоз ва калимаҳои арабӣ ба касрат ба кор рафта ва масодири форсиро ба гунаи масодири забони арабӣ низ ба кор бурдааст. Дар қарни даҳуми ҳичрӣ Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Калила ва Димна»-ро, ки Абулмаоли Насруллоҳ онро тарҷума намуда буд, дубора мавриди таҷдид қарор дод ва онро ба амир Суҳайлӣ аз наводагони амир Темур нисбат дод ва номи китоби тарҷумашударо «Анвори Суҳайлӣ» номид.

Ҳадафи Кошифӣ аз тарҷумаи дубора он буд, ки ибораҳои тарҷумаи китоби Абулмаоли Насруллоҳро мухтасар ва сода созад, то ин ки фаҳми он осон гардад. Алфоз ва калимаҳои сахти онро ба алфоз ва калимаҳои осон ва шинохташуда тағйир додааст. Ӯ ашъори арабиро, ки фаҳми он барои хонанда мушкил буд, ба ашъори форсӣ табдил намудааст. Кошифӣ баъзе абвоби китобро ҳазф намуда, баъзе ҳикоятҳоро, ки дар тарҷумаи Абулмаоли Насруллоҳ вуҷуд надоштааст, изофа намудааст.

«Анвори Суҳайлӣ» машҳуртарин тарҷумаи китоби «Калила ва Димна» ба форсӣ дар миёни форсизабонони ҳинд ва яке аз машҳуртарин китобҳои насри форсӣ дар он диёр буд.

Ба назм даровардани китоби «Калила ва Димна» мавриди таваҷҷуҳи шуарои асри ҷадиди форсизабонон низ қарор гирифтааст. Мирзо Абдулваҳҳоб Эронипур аз шоирон, муаррихон ва рӯзноманигорони эронӣ аст. Эронипур бисту ду сол ранҷ бурдааст, то китоби «Анвори Суҳайлӣ»-ро дар соли 1347 ш. ба поён расонид ва номи асари худро «Гулшани оро» гузошт ва онро ба Ризошоҳи Паҳлавӣ шоҳаншоҳи Эрон эҳдо кард.

Дар соли 1360 ш. Хусрави Дороӣ низ тарҷумаи китоби «Анвори Суҳайлӣ»-ро ба назм даровард ва номи онро «Шукристон» гузошт.Охирин шоири форсизабон, ки худ китоби «Калила ва Димна»-ро ба назм даровардааст, Ҷумҳурӣ мебошад, ки номи манзумаро «Роӣ ва барҳамӣ» гузоштааст [10, с.303].

Тарҷумаи китоби «Калила ва Димна», ки тавассути Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ сурат гирифтааст, модари ҳамаи тарҷумаҳое аст, ки аз ин китоб ба забонҳои дигар шудааст. Бинобар ин, аксари тарҷумаҳо аз тарҷумаи Ибни Муқаффаъ ба забонҳои ҷаҳонӣ сурат гирифтааст, ки имрӯз яке аз намунаҳои насри адабиёти забони арабӣ шумурда мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулнаим Ҳисонин. Калила ва Димна байналфорсиа вал арабия / Ҳисонин, Абдулнаим. – Ал-Қоҳира: Ҷомеаи айни шамсӣ, 1959. - Ҷ.5.
2. Абдулваҳҳоб Аъзам. Ал-Шоҳнома / Аъзам, Абдулваҳҳоб. – Қоҳира, 1932.
3. Абдулваҳҳоб Аъзам. Калила ва Димна / Аъзам, Абдулваҳҳоб. – Қоҳира, 1941.
4. Абдураҳмон ад-Давӣ. Муаллифоти ал-Ғазолӣ / ад-Давӣ, Абдураҳмон. – ал-Қоҳира, 1961.
5. Амин Абдулҳамид Бадавӣ. Ал-қиса фил адаб ал-форсӣ / Бадавӣ, Амин Абдулҳамид. – ал-Қоҳира, 1964.
6. Асадӣ. Луғати Фурс. – Теҳрон, 1339 ҳ.ш.
7. Абулқосим Фирдавсӣ. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бар асоси нусхаи Маскав / Фирдавсӣ, Абулқосим. – Теҳрон: Ҷоҷармӣ, 1381.
8. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазакират-уш-шуаро / Самарқандӣ, Давлатшоҳ. – Бомбай, 1318.
9. Мударрисӣ Фотима. Нақши Сомониён дар эҳёи фарҳангу адаби форсӣ / Фотима, Мударрисӣ. – Теҳрон: Фарҳангистон.
10. Муҳамадғуфрони Хуросонӣ. Абдуллоҳ ибн ал-Муқаффаъ / Хуросонӣ, Муҳамадғуфрон. – 1965.
11. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Анвори Суҳайлӣ / Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. – Бомбай, 1279.
12. Ҳино ал-Фохӯрӣ. Торих ал-адаб ал-арабӣ / ал-Фохӯрӣ, Ҳино. – Теҳрон: Тӯсӣ, 1368.
13. Field. Persian Literature. – London, 1958.
14. Inistrantsev, Nariman. Iranian Influence on Muslem Literature. – Bomy, 1918.
15. Nariman. Iranian influence on moslem literature. – Bomby, 1918.

НАҚШИ ТАРҶУМА ДАР ҒАНОМАНДИИ ДУ ФАРҲАНГ
(форсӣ ва арабӣ)

Дар мақолаи мазкур ба нақши тарҷума дар ғаномандии ду фарҳанг – форсӣ ва арабӣ дар даврaҳои мухталиф ишорае шуда, ба шарҳи ҳоли мутарҷиме, ки аз забони форсӣ ба забони арабӣ ва баръакси он тарҷума намудаанд, пардохта ва намунаҳое аз китобҳои тарҷумашуда ба ин ду забон дар даврaҳои мухталиф низ зикр гардидаанд. Таърихи тарҷума аз забони форсӣ ба забони арабӣ ба давраи Сосонӣ бармегардад. Баъд аз тасаллути арабҳо бар сарзаминҳои Форс қисматҳое аз китоби «Ҳуруфтоиномак» ба амри Умар ибни

Хаттоб – халифаи дувумӣ, китоби «Гоҳнома» ба амри Ҳишом ибни Абдулмалик ва китоби «Оиннома», ки аз манобеи муҳимми давраи Сосонӣ ба шумор мерафтанд, тавассути Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аз забони форсӣ ба забони арабӣ тарҷума гардид. Мутарҷимони дигаре, ки тарҷумаи китобҳои забони паҳлавӣ (форсӣ)-ро ба забони арабӣ ба уҳда доштанд, метавон аз хонадони Оли Навбахт, Мӯсо ибни Холид, Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ, Ҷабала ибни Солим Умар ибни Фаррухонӣ ном бурд. Китобҳои дигар низ аз забони паҳлавӣ (форсӣ) ба забони арабӣ тарҷума шуда, ки мутарҷимони онҳо маълум нестанд. Тарҷумаи китобҳои зиёде аз забони форсии ҷадид ба забони арабӣ низ сурат гирифтааст, ки метавон аз тарҷумаи китоби «Насиҳат-ал-мулук», «Кимиёи саодат», «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки тавассути форсизабонон ба забони арабӣ тарҷума шудаанд, ном бурд. Китобҳое аз забони арабӣ ба забони форсӣ низ тарҷума шудаанд, аз ҷумла тарҷумаи китоби «Ҳудуд-ул-олам» ва «Таърих-ул-мулук», «Калила ва Димна» ва «Аҷоиб-ул-булдон».

Калидвожаҳо: тарҷумаи китобҳо, мутарҷимон, фарҳанг, форсӣ, забони паҳлавӣ, сосонӣ, забони арабӣ, Уммавиён, Аббосиён.

РОЛЬ ПЕРЕВОДА В ОБОГАЩЕНИИ ДВУХ КУЛЬТУР
(персидская и арабская)

В данной статье указывается на роль перевода в обогащении двух культур- персидско и арабского – в различные исторические периоды и на жизнеописание переводчиков, которые переводиди с персидского на арабский и наоборот, также рассматриваются примеры переводческой деятельности на рабском и персидском языках. История перевода с персидского языка на арабский берет свое начало со времени . управления династии Сасанидов. После нашествия арабов на персидские земли, некоторые части книг «Хуруфтоиномак» по приказу Умара ибн Хаттаба – второго халифа, книга «Гахнаме» по указу Хишама ибн Абдулмалика и книга «Оиннаме», которые считались важными источниками периода правления Сасанидов, были переведены Абдуллох ибн Мукаффаъом с персидского языка на арабский язык. Другие переводчики, которые занимались переводом книг с языка пехлеви (персидский) на рабский язык, также были из знатного рода - Оли Навбахт, Мусо ибн Холид, Али ибн Зиёд Тамими, Джабала ибн Солим Умар ибни Фаррухани. Было переведено очень много книг с персидского языка на арбский язык, переводчики которых оставлись неизвестными. Также было переведено очень много книг с современного персидского языка на арабский язык, в том числе «Насихат-ал-мулук», «Кимиёи саодат», «Гулистон» и «Бустон» Сааади и «Шахнаме» Фирдоуси, которые были переведены персоязычными переводчиками на арабский язык. Книги переведенные с арабского языка на персидский язык: «Худуд-ул-олам» ва «Таърих-ул-мулук», «Калила и Димна» и «Аджоиб-ул-булдон».

Ключевые слова: перевод книг, переводчики, культура, персидский, язык пехлеви, сасанидский, арабский язык, Уммавиды, Аббасиды.

THE ROLE OF TRANSLATION IN THE ENRICHMENT OF TWO CROPS
(Persian and Arabic)

This article points to the role of translation in the enrichment of two cultures - Persian and Arabic - in different historical periods and to the biography of translators who translate from Persian into Arabic and vice versa; examples of translation activities in the Slave and Persian languages are also considered. The history of translation from Persian into Arabic dates back to time. management of the Sassanid dynasty. After the Arab invasion of the Persian lands, some parts of the books "Huruftoinomak" by order of Umar ibn Khattab - the second caliph, the book "Gahname" by the order of Hisham ibn Abdulmalik and the book "Oinname", which were considered important sources of the Sassanid period, were translated by Abdulloh ibnom from Persian to Arabic. Other translators who translated books from the Pahlavi (Persian) language into the slave language were also from a noble family - Oli Navbakht, Muso ibn Kholid, Ali ibn Ziyod Tamimi, Jabala ibn Solim Umar ibni Farrukhani. A lot of books were translated from Persian into the Arbian language, the translators of which remained unknown. Many books have also been translated from modern Persian into Arabic, including Nasihat al-Muluk, Kimiyoi Saodat, Guliston and Buston by Saaadi and Shahnameh by Ferdowsi, which were translated by Persian translators into Arabic language. Books translated from Arabic into Persian: "Hudud-ul-olam" va "Tarikh-ul-muluk", "Kalila and Dimna" and "Ajoib-ul-buldon".

Key words: book translation, translators, culture, Persian, Pahlavi language, Sassanian, Arabic language, Ummavids, Abbasids.».

.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шоҳвалиюллоҳ Адиб*** - Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, устоди донишкадаи забон ва адабиёт. Суроға: Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, шаҳри Кобул, ноҳияи 3-юми пойтахти Кобул.

Сведения об авторе: ***Шохкалиюллох Адиб*** – Университет Кабул Исламской Республики Афганистан, преподаватель факультета языка и литературы. **Адрес:** Исламская Республика Афганистан, город Кабул, 3-ий район столицы Кабула.

Information about the author*: Shohkhaliyulloh Adib* - University of Kabul, Islamic Republic of Afghanistan, lecturer at the Faculty of Language and Literature. **Address:** Islamic Republic of Afghanistan, Kabul city, 3rd district of the capital of Kabul.

УДК: 82+89+891.550

МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ ВА САБКИ НИГОРИШИ Ӯ
(дар мисоли ҳикояҳои «Шинохти хеш», «Модари Кашмир» ва «Садбарги сурх»)

Латифов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як асари бадеӣ чи ҳикояву ривояту қиссаву роман ба таври умум як матни комили адабӣ ба шумор меравад. Аз ин сабаб, ҳангоми тадқиқу баррасии ҳар асаре дар маҷмӯъ мо ба як матни адабӣ сару кор дорем, матне, ки фазои хосси маъноӣ дорад, дар даруни он неруи бузурги маъноӣ ҷойгир аст ва аз маҳдудаи макону замон хориҷ аст.

Бо туфайли ин хусусият аст, ки осори адабӣ ҳаргиз қимату арзиши худро гум намекунад, балки дар замоне бо сару сурати нав, маъниҳои тоза аз худ дарак медиҳад. Ҳангоми тадқиқ бояд, қабл аз ҳама, ба заминаҳои зуҳури ин фазоҳои маъносоз таваҷҷуҳ кард.Аз сӯйи дигар, матни адабӣ аз нигоҳи сохторӣ, дорои аҷзои пуршумор аст, ки то ба имрӯз ба таври шоиста, амиқу ҳамаҷониба омӯхта нашудаанд. Вале миёни тамоми аҷзо муҳимтаринашон сохтори маъноии он аст, ки дар шаклгирии он нақши ҷаҳоннигарии нависанда ниҳоят арзишманд аст. Зеро тавассути зеҳнияти ӯ, ҷаҳони андешаи вай воқеияти ҷаҳони айнӣ дар матни асар инъикоси бадеӣ пайдо мекунад. Вижагии муҳимтарини як асари бадеӣ иборат аз он аст, ки нависанда зимни воқеияти ҷаҳон худро мешиносад, ба дигар сухан бо инъикоси ҷаҳони воқеӣ, дунёи ботинии худро мунъакис месозад.Ҳар як матни бадеӣ ҷанбаи дугона дорад ва ин дугонагиро иртиботе ба вуҷуд меорад, ки миёни нависанда – холиқи асар ва мухотаб – хонанда мавҷуд аст. Гуфтугӯву муколамаҳо, баёни андешаҳои фардӣ дар натиҷа фазои матлуби маъноиро барои як асари бадеӣ фароҳам месозад.Дар сохтмони ин фазои маъноӣ бояд ба се рукни аслӣ «инсон, макон ва замон» таваҷҷуҳ дошт. Зеро ҳар мавзӯъ, ҳар масъалае, ки ҳадафи асари бадеӣ қарор мегирад, тавассути нависанда, шахси муайян ва дар макону замони хос сурат мегирад.

Мавзӯи матни бадеӣ бар асоси пайванди аҷзои дигаре ба вуҷуд меояд. Тафсиру тасвири ҷаҳон аз ҷониби нависанда маҷмӯи тасаввуроту шинохти ӯст, ки ба мухотабон мунтақил мегардад. Дар ин донишандӯхтаҳои нависанда ба ҷуз аз донишҳои умумибашарӣ андешаву дарки нодиру хос ва гоҳо мутаззоди ӯ мавҷуд аст. Ҳамин тариқ, тасвири ҷаҳон дар осори бадеӣ аз як сӯ инъикосгари қонунмандиҳои умумии ҷаҳонсозист, аз ҷониби дигар баёнгари тасаввуроти хоссу нодир.

Бо назардошти ин ҷанбаҳо таҳқиқ метавонад дар заминаи шеваҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ сурат бигирад. Бо такя ба гуфтаҳои болоӣ нахуст ҳикояи «Шинохти хеш» - и нависанда Меҳруннисо Парвизро мавриди арзёбӣ қарор медиҳем.Ҳикоя бо тасвири калтакалос дар сақфи хона шурӯъ мешавад: «Калтакалос аз сақфи хона таппӣ ба поён пеши пояш афтод ва гурехт. Ба тани девор часпида боло рафт. Вай аз тарс шах шуд. Калтакалос замони ба замин афтодан лаҳзае дар ҷояш шах шуд ва пасон тавонист гурехта ба девор барояд. Пойҳои ӯ бошанд дир-дир меларзиданд. Ин чунин маъно дорад, ки калтакалос низ мисли ӯ безобита шуда буд. Ӯро хандааш омад, ки одам ҳам ба ҳар гуна гапу кори хубу нохуб фикр мекунад, оё ҷонварон низ фикр мекунанд? Оё онҳо одамро Худои марги худ Кала намешуморида бошанд?» [3, с.62].

Вожаи «калтакалос», ки оғозгари ҳикоя аст ва бо ном бурдан вориди фазои асар мешавад, ҳар чанд аз нақшу мақсади ҳузури он дар аввал чизе маълум нест, вале як навъ ҷунбишу такони махсус бо дигар аҷзои сохтор барояш шурӯъ мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқони адабиёт шояд зуҳури як предмет дар матни асар мақсади аслӣ ё нақши коргар надошта бошад, вале бо эҳтиёҷоти пинҳон дар манзари умумии асар пайванд дорад. Дар ҳамин ҳикояти фавқ нависанда шояд мехоҳад қаҳрамонро ба майдони амал бикашад, ӯро ба андешаву тафаккур водор созад. Ин мақсад метавонад ба тасвир ва сару сурати он дар асар ё ҷанбаҳои дигари баён бо назардошти унсурҳои зебошинохтӣ иртибот дошта бошад. Бо дигар сухан нависанда замони офариниши қисса ё ҳикояи худ сайъ месозад маҷрои ҳодисаву падидаҳоро, ашёи мавҷуд дар фазои вуқӯи падидаҳоро тавсиф намояд. Мусаллам аст, ки дараҷаи инъикосу таҷассуми ҷузъиёт ба хонанда имкон медиҳад, ки вориди майдони асари адабӣ гардад.

Дар ҳикояи мавриди назар тасвири афтодани калтакалос ва таваққуфи лаҳзавиву ҳаракоти дубораи он дар девор худ бозтоби як вазъиятест, ки барангезандаи зеҳни қаҳрамони достон аст.Саҳнаи афтодани як хазандаи назарногир, ки дар конуни ҳастии башарӣ дар ҳар гӯшае аз дунё метавонад иттифоқ афтад, имкон дорад мавзӯи баҳси амиқ қарор гирад. Бархӯрди ду мавҷуд инсону хазанда нахуст бедорсози эҳсоси ягона аст: тарс, тарсе, ки табиӣ нест, ғаризӣ аст. Вале эҷоди тарс, дидани шабоҳати эҳсос, қаҳрамонро ба олами хаёл мекашонад. Мехоҳад бидонад, ки сарчашмаи ин тарс аз куҷост? Нуктаи

дигаре, ки ӯро ором намегузорад донистани ин суол аст, оё ҷонварон низ мисли ӯ дар атрофи чунин шароите андеша мекунанд?

Ин вазъият, ки бар асари дидор бо калтакалос бо тасвири кӯтоҳе дар домани зеҳнаш эҷод гардид, набарди нобаҳангомои андешаҳоро сабаб мегардад, ки дар адабиётшиносӣ ин вазъро «низоъ» меноманд. «Низоъ» тибқи шарҳу тавзеҳи фарҳангномаҳои адабӣ иборат аз бархӯрди саъю талошҳо дар осори мансур мебошад.

Дидор бо калтакалос ба ёди ӯ эътиқоду боварҳои мардумиро дар хусуси фоли нек надоштани чунин дидоре меорад. Аз сӯйи дигар, пурсише дар зеҳнаш хурӯҷ мекунад, ки оё дидори инсон низ ба хонаи калтакалос бадбахтиовар аст?Таъсири ин эътиқодоти хурофотӣ оҳиста - оҳиста қаҳрамонро зери фишор қарор медиҳад. Рӯзе, ки чунин иттифоқ афтод, қарор буд маросими ақди никоҳи писараш Рачан сурат бигирад. Рост омадани дидор бо калтакалосу санаи ақди никоҳ ба ҳолати равонии ӯ таъсири зиёд мекунад. Метарсад, ки ин дидори шум боиси марги ӯ шавад, чун хосияти бад дорад. Саҳнаи дигаре пеши назараш зинда мешавад: Панҷ сол пеш «Сари роҳи амалдореро мори азимҷуссае банд карда буд. Ӯ коса дар дасташ аз тарс дар ҷояш шах шуда монда буд. Ба хона баргашта назру ниёз дод, аммо ҳарчӣ шуданӣ буд, шуд. Як рӯз ҳам зинда намонд. Ана аз ҳамон рӯз ӯ фоли неку бад буданро қабул кардан гирифта буд» [3, с.62].

Хатти андешаи қаҳрамон шаклу сурати дигар мегирад. Тарс дар вуҷудаш решадор мешавад. Метарсад, ки ин дидори шум, ки фоли нек надорад, барои ӯ ҳам оқибати нохушоянд дошта бошад, боиси марги ӯ шавад.Ҳарчанд аз ҷузъиёти зиндагии ин қаҳрамон, ки зан аст, чизе барои хонанда маълум нест, вале як нукта равшан аст, ки зиндагии хубе надорад. Омода аст маргро пазиро шавад: «Мурд, пас чӣ хуб мешавад. Аз ташвиши зиндагӣ халос, агар худи ҳозир бимирад чӣ? Маъракаи ақди никоҳи фарзандаш қатъ мегардад чӣ?» [3, с.63].Мақсади аслӣ дар ҳикоя аз ёдовар шудани эътиқоду боварҳои мардумӣ бидуни мутолиаи комили асар норавшану зери парда мемонад, вале дар ҳар сурат мухотабро бармеангезад, то дар атрофи он аз ҳамон оғоз ба таҳқиқу тааммул бипардозад.

Аслан ривоятгарӣ ё овардани тасвире дар ҳошияи як асар имкон дорад бо иқтизои дарунмояи асосии он тағйири макон кунад, вале пайванди зотӣ дар байни онҳо бояд гусаста нашавад, балки ба ҳар тағйиру дигаргуниe масофаи умумиро барои амалӣ гаштани мақсад кӯтоҳ намояд.Рӯ овардан ба як тасвирро дар як қисса ё ҳикоя ба осонӣ метавон пай бурд. Дар қиссаву ҳикояе, ки бо ривоят ё нақле шурӯъ мешаванд, ғайриинтизорӣ сурати нақл оҳиста – оҳиста суст мегардад. Нависанда аз чизе ё мавзӯе ном мебарад ва сипас бо барчидани сифатҳои он шурӯъ мекунад.

Дар ҳикояи «Шинохти хеш» ба воситаи шеваҳои равоншиносона, сайр дар дунёи даруни қаҳрамон, маърифати ҷаҳони андеша ва вокунишҳои ӯ нисбати аъмоли атрофиён сурат гирифтааст.Дар пайванд бо таҳлили мавзӯи воқеият дар ҳикоят бояд таъкид намуд, ки ҳузури нависанда ё муаллиф дар фазои умумии достон қобили баррасист. Дар раванди эҷодгарӣ, нависанда ҳузури пинҳону ошкор дорад. Ҳарчанд нависанда офарандаи асар аст, вале созандагии ӯ дар асар ба шеваҳои гуногун сурат мегирад. Яъне, мавқеияти ӯ дар тамоми сохтори бадеии асар тақсим мегардад, ки ниҳоят асарро ба сарҳади камол мерасонад.

Ҳикояи «Модари Кашмир» ҳикояи дигаре аз Меҳруннисо Парвиз аст, ки чи аз нигоҳи дарунмояҳо, сохтор ва сабки баён ҷалби назар мекунад. Аз шурӯи ҳикояҳои нависанда равшан мешавад, ки дар сохтмони ҳикояҳо аносире ҳаст, ки миёни онҳо пайванду иртибот, шабоҳату ҳамсониҳо эҷод менамояд. Маърифати ин шохисҳо имкон медиҳад ҷанбаҳои сабкиву зебошинохтӣ ва истеъдоди офарандагии нависанда таъйин гардад. Агар ба мавзӯи сохтор ва чӣ гунагии зуҳури он дақиқ шавем, такрори чанд нуктае зарурат эҷод менамояд. Рӯзгори инсонӣ, тавре ки маълум аст, аз анбуҳи асбобу абзори гуногуну дарҳаму барҳам ба ҳам печида иборат аст, ки ҳар адибу ҳунарманд ё нависандае маҷмӯи онҳоро дар шакли муайяне меофаринад. Ба дигар сухан, бар асоси сохтори хоссе мубаддал ба ҳикоя мекунад. Ҳар ҳикоёт ё достоне аз нигоҳи сохторӣ дорои бахши оғозин ва бахши поёнӣ аст. Миёни ин ду бахш бахши дигаре мавҷуд аст, ки бахши асосӣ ё бунёдии ҳикояро ташкил медиҳад. Шинохту пайдо кардани ин бахш ба маърифати гирехҳое вобаста мебошад, ки оғозу поёни достонро ба ҳам пайванд медиҳанд.

Ҳикоя бо нақли ровии аввалшахс оғоз мегардад ва ҷанбаи хабарӣ дорад. Ровӣ аз як мусофирати кӯтоҳе, ки ба хотири зиёрати ҳазрати Бал бо дӯстонаш анҷом медиҳад, хабар медиҳад. Ҷараёни ривоят гувоҳ бар ин аст, ки даргоҳи Бал маконест, ки канори он паём ё ҳадафи нависанда бояд он ҷо амалӣ шавад. Ровӣ мегӯяд: «Даргоҳи ҳазрати Балро Мадинаи дуюм низ мегӯянд. Дар ин ҷо мӯйи мубораки Паямбар Муҳаммад гузошта шудааст. Мегӯянд, ки дар ин ҷо муроди талабида низ қабул мешавад» [6, с.147].

Дар осори адабӣ қисматҳое ҳаст, ки хонанда зимни қироат ва расидан ба марзи онҳо бо шакку шубҳа ё муҳити пурсишзо дучор мешавад. Шахси нависанда мисли ин ки бо эҳсоси ин ҳолат ва табъи нигарони мухотаб ба гунае латиф бо тасвиру шарҳи кӯтоҳ вазъро

ислоҳ месозад ва хонандаро аз ин ҳолати ногувор раҳо месозад. Ҷумлаҳои нақлшуда ба таври ғайримустақим ба муқаддасу пураҳаммият будани даргоҳи Бал (Даргоҳи ҳазрати Бал макони муқаддасест дар шаҳри Шринагари музофоти Ҷамму ва Кашмири Ҳиндустон, ки он ҷо як тори риши Паёмбари ислом Муҳаммад (с.) маҳфуз аст - Л.А.) ишорат менамояд.Он чи ки зикр гардид, қисми ибтидоии сохтори ҳикоя аст, ки бо таъкид ба аҳаммияту арҷи даргоҳи Бал ба поён мерасад. Қасди зиёрат кардан дар идомаи ҳикоят бо иллати падид омадани рухдодҳои дигар камранг мегардад. Ба назар чунин мерасад, ҳатто худи зиёратгарон фаромӯш месозанд, ки чӣ пешомаде онҳоро зоири даргоҳ намудааст. Албатта, ин худ як шеваи кори ҳунарист, хосса дар адабиёти мансур. Яъне, ҷалби таваҷҷуҳи мухотаб ба мавзӯе, ки аз он метавон ҳамчун «доми назар» ном бурд. Дар асл пушти чунин як мавзӯъ ҳадаф тарҳи масъалаи дигар ё паёми аслӣ аст, ки бояд он тасвиру тавсиф шавад.Вуруд ба даргоҳи Бал низоми маъмули зист, барномаҳои якнавохти рӯзгорро барои қаҳрамонони асар дигаргун месозад. Зимни иллати тағйири куллӣ шунидани гиря, садои оҳу нола шеваи занест, ки ба таъбири ровӣ «аз садои гиряи он даргоҳи боҳашамату барҳаво меларзид». Вақте ки гиря воқеиву самимӣ аст ва аз умқи эҳсосу авотиф фаввора мезанад, ба неруе муассиру такондиҳанда табдил мегардад.

Бояд изҳор дошт, ки эҳсосоти нависанда дар асари адабӣ ҳамчун омили асосии барангезанда дар фаъолияти адабии ӯ аҳаммият касб мекунад. Ба дигар сухан, ин эҳсос нест, ки дар матни бадеӣ дар либоси вожагон чеҳраи худро боз мекунад, балки матни адабӣ, калимаҳо ҳастанд, ки ба эҳсос мубаддал мегарданд.Дар чунин вазъияте дигар барои дарку фаҳмиши ин эҳсосот тарҷумоне, шарҳу баёне лозим нест. Дар ҳикояи «Модари Кашмир» ба таври умум ғами инсон мунъакис шудааст. Ғаме, ки фардӣ, хусусӣ нест. Ин ғами бузурги инсонӣ аст. Ин ғам дар ҳама гӯшаву канори олам якнавъу якнавохт аст. Ҳар касе, ки онро бубинад чун ғами худӣ қабулаш мекунад. Қаҳрамони ҳикоя, ки худ назоратгари чунин ғамест, чунин натиҷа мегирад: «Ҳарфҳои ӯ мисли парандаи ғамгин дар фазои зиёратгоҳ болу пар мезанад. Ҳар сухани ӯ шабеҳи табар ба дил мезад. Вай бо забони кашмирӣ сухан мегӯяду гиря мекунад, аммо чунин ба назар мерасид, ки мо гуфтаҳои ӯро мефаҳмем. Бори аввал эҳсос намудам, ки байни забонҳо монеае набудааст. Забони шодиву нишот чанд ранг мешавад, аммо забони ғам дар ҳама ҷо якранг аст…. Мо ӯро намешинохтем, ҳатто рангу рӯяшро надида будем, аммо мо дар ғами ӯ шарик будем. Ман чунин эҳсос мекардам, ки гӯё барои бо ғами ӯ шарик шудан омадаем» [6, с.149].

Дар ҳикояи мавриди назари мо нависанда Меҳруннисо Парвиз зери таъсири эҳсосоту ниёзҳои отифӣ ғами фардиро бараҳна, бузург, типӣ, ҳамагонӣ месозад. Рукни корсози ҷомеаи инсонӣ буданашро ошкор менамояд. Дар осори ҳунарӣ барои бозтоби ҳолатҳои гуногуну равонӣ, саҳнаҳои зиндагӣ аз шеваҳои мухталифи марсум, санъатҳои бадеӣ, ороишҳои адабӣ ва ғайра истифода мекунанд, то матлаб дилчаспу муаассир, зеҳннишин қарор гирад. Вале дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз, махсусан дар ҳикояи «Модари Кашмир» корбурди ин шеваҳо камтар ба назар мерасад.

Нависанда мекӯшад бо мантиқи калом, рехту чиниши калимаву иборот манзараи мавриди назарро мунъакис созад. Ин амр дар ҳикояи номбурда ниҳоят барҷаста ифода шудааст. Дарку тасаввури ровӣ аз мушоҳидаи ғами он зани гирён чунин аст, ки Худоро низ ғамгин сохтааст. Гӯё қиёмат қоим шудааст. Нависанда дар чунин ҳолатҳо ишорати кӯтоҳе ба қиссаву ривояҳои мазҳабӣ мекунад ва ба ин восита шиддати таъсири эҳсосотро рӯйи мухотабон фузунӣ мебахшад: «… гӯё Худо рӯ ба рӯ дида мешуд ва фарёди он авратро мешунид, худаш низ ғамгин буд…. Худо ин қадар наздик, ин қадар рӯ ба рӯ буд, ки маълум буд ҳамон рӯзи қиёмат аст. Худо сархам гирифтори ғам нишаста буд ва зан бошад ҳисоби худро дошт, фарёд мекашид. Захми ғамҳои худро нишон дода истода буд, ки аз онҳо хун мечакид» [6, с.149].

Дар боло зикр намуда будем, ки нависанда барои муаассиру қобили пазириш сохтани ҳадафи аслӣ ба қиссаҳои мазҳабӣ, махсусан ба мафҳумҳое таъкид меварзад, ки дар зеҳнияти мардум ҷойгоҳи шинохташуда дорад. Перомуни ҳолату ҷузъиёти онҳо мардум тасаввури густурда доранд. Беҳуда нест, ки дар ҳикоя нависанда аз мафҳуми шинохташудаи қиёмат кор мегирад. Мафҳуме, ки бо ба забон оварданаш донистаҳоро дар зеҳн падидор месозад: «Ин қадар хомӯшӣ, ин қадар ором ва ин қадар муҳити даҳшатнок маҳз аз қиёмат буда метавонад. Мо муадабона нафас дар сина банд карда будем. Мо аз нафас кашидан метарсидем, ки мабодо хомӯшӣ халалдор нашавад. Мо дар зиндагии худ боре ҳам ин қадар манзараи дарднок ва даҳшатнокро надида будем» [6, с.149].

Садои гиря, ғами зан ба гунаест, ки ровиро комилан мутеъу побанди хеш месозад. Тамоми иртиботи берунаро аз ӯ бар мегирад, фаромӯш месозад, бо чӣ мақсаде ба ин даргоҳ омадааст. Ровӣ саропо маҷзуби шунидани ғамномаи зан аст ва бо гузашти ҳар лаҳзае бори ин ғам сангинтар мешавад. Барои назорагарони он саҳнаи андуҳбор чунин тасаввуре падид меояд, ки одитарин ҷунбиш, ҳатто андешаҳои ботинӣ шояд дар раванди ибрози ғам халал ворид созанд: «Дар назди ғами он зан гӯё ман шах шуда монда будам. Ман чаро омадаам, кӣ ҳастам. Гӯё ҳамаро фаромӯш карда будам. Бо он гиряи пурдард гӯё

ҳамаро фурӯ бурда буд. Чунин менамуд, ки “агар дар дил ягон чизе гӯем, он овоз низ оромиро барои он зан халалдор хоҳад сохт» [6, с.149].

То ин ҷо мо ба бахшҳое аз ҳикояи «Модари Кашмир» ошно шудем, вале дар ин ҳикоя низ мисли ҳар асари ҳунарӣ мақтае аст, ки бояд асар зода шавад. Ба дигар сухан, асар бо ҳама расонандагии паёмҳову дарунмояҳо ба поёни матлуби худ бирасад. Зикр гардид, ки ҳадафи умда дар ин ҷо тасвири мафҳуми ғам аст, ки ҷанбаи ҳамагонӣ дорад, вале чизе ки ноаён монда, таносуби миёни унвони асар ва ғами мунъакисшуда аст. Ба андешаи яке аз муҳаққиқони адабиёт «асари адабӣ ҳам мисли як мошин аз маҷмӯае қатаот сохта шуда, ки дар канори ҳам кор мекунанд, на ҷудо-ҷудо. Кори ҳар қитъа дар канори қитъаҳои дигар маънӣ пайдо мекунад. Асари адабӣ низ чунин аст ва аз қатаоти муртабит ба ҳам ташкил ёфта ва бояд битавонем коркарди қитъаеро, ки интихобу баррасӣ кардем, дар кулли асар нишон диҳем» [4, с.208].

Агар аз ин зовия ба ҳикоя нигоҳ кунем мебинем, ки чӣ гуна симои зани кашмирӣ, ки соҳиби ин ғами бузург аст, чеҳра мекушояд. Нависанда онро ба модари Кашмир пайванд мекунад. Дар образи ин зани ғамгин нависанда вазъи куллии Кашмиру модари онро, ки ҳар яке писаре, фарзанде қурбон кардааст, мебинад.Бузургии модар ва, гузашта аз ин, ғами биловасфи ӯ ровиро маҷбур месозад, ки аз ичрои маросими мазҳабӣ, дуову фотиҳа даст кашад ва пеши мақому манзалати модар сари таъзим фуруд орад.

Танҳо ҳикояи «Модари Кашмир» нест, ки фарогири мавзӯи ғаму андуҳи инсонӣ аст. Ин матлаб дар аксари ҳикояҳои нависанда дучор меояд. Муҳити инсонӣ, майдони буду боши инсон аст, ки таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб мекунад ва беҳтарин намунаҳоро зеҳни ӯ бармегузинад. Аз ин нигоҳ ҳикояи «Садбарги сурх» мисоли матлубест.

Муҳтавои мухтасари ҳикоя аз он иборат аст, ки модаре, ки писари ҷавонашро аз даст додааст, як субҳи баҳор нияти гулгузории сари қабри писарро дорад. Ӯ бояд рӯйи мазори писар дастагули садбарги сурх гузорад. Гуле, ки писараш ниҳоят дӯст медошт. Аммо замоне ки сари манзил мерасанд, рӯйи қабр гулҳои тару тозаро мебинанд. Тамоми дарунмояҳо ва ҷузъиёти мавзӯъ бар рӯйи андешаву ёдовариҳои нависанда сурат мегирад.

Бояд зикр намуд, ки «Садбарги сурх» асоси воқеӣ дорад. Нависанда онро ба писари ҷавонмаргаш Самар бахшидааст. Бисёре аз муҳаққиқони осораш аз ин мусибати дардноки нависанда ва таъсири нохушоянди он дар зиндагии фардии ӯ зиёд навиштаанд. Ин зарбаи сангине буд, ки нависандаро муддате аз кору фаъолияти эҷодӣ дур намуда буд.

Ҳикоя бо тасвири субҳи зуде, ки пас аз қатъи ҳавои боронӣ фаро расидааст, оғоз мегардад. Тааммул дар атрофи ҳикоя касро ба ин натиҷа мерасонад, ки шурӯи он бо тасвири субҳ ва бархе аз ҷузъиёти табиат танҳо ба хотири оғоз ё муқаддимае барои вуруд ба мавзӯи аслӣ нест. «Субҳ» як мақтаи замонист, ки тамоми падидаҳову рухдодҳои созандаи сохтмони асар ба он вобастаанд. Дар тӯли ҳикоя ровӣ, ки шахси сеюм аст, чанд дафъа ба мавзӯи субҳ бармегардад ва дар ҳар баргаште, як гӯшаи тозае аз зиндагии қаҳрамон равшан аст.Вале дар оғоз хабари кӯтоҳи «субҳ, ки аз хоб бедор шуд…» ҳамчун муқаддимаи ҳикоя вориди майдон мешавад ва хеле зуд зеҳну ҳуши хонандаро ба худ ҷалб месозад ва ӯро ба тамошои дунёи эҳсосу авотифи худ мебарад. Аслан ҳар муқаддимае дар асори адабӣ бояд чанд вазифаеро аз қабили бедорсозии рағбати хонанда, шурӯи амал дар достон, воридсозии қаҳрамонҳои ҳикоя ба майдон, сохтори муҳити ҳикоя ва ғайраро ичро намояд.

Дар адабиёти аксар қавму миллатҳо зимни ёддоварӣ аз «субҳ» ҳамчун бахше аз замон, «вақт» ба таври ҳатмӣ аз нисбату иртиботи он бо табиату аносири он ишорате сурат мегирад. Дар ҳикояи «Садбарги сурх» ҳангоми шурӯи аввал аз борону шамол ва таъсири он ба дарахтони атроф зикри ном шудааст. Дар ин қисмат замон мушаххас, маълум нест.

Танҳо замоне ки бори дуюм ровӣ ба «субҳ» бармегардад замон ва пайвандҳои рухдодҳои марбут ба он ошкор мегардад: «Субҳи бисту ҳаштуми август буд. Баъди ду се сол моҳи гармӣ як ҳафта беист борони сел борид» [3, с.11].Бояд гуфт, ки ҳикоя аз нигоҳи сохторӣ ҷалби назар мекунад. Ҳикоя банду басти занҷирвор дорад, дорои сужаҳои мухталиф аст, вале миёни онҳо як алоқаву пайванди ниҳонӣ мавҷуд аст. Ҳар чанд ҳикоя аз тариқи шахси сеюм ривоят мешавад, вале рӯҳу вазъияти равонии қаҳрамон, ҷаҳони андешааш, бархӯрдаш ба муҳити перомун, ҳамзистии инсонҳо бо падидаҳои табиӣ нишон дода мешавад.

Дар идомати ҳикоя «субҳ» ёди қаҳрамонро ба ҳаждаҳ соли пеш мекашонад, замоне ки писараш дар чунин субҳ ба дунё омада буд. Қиёси миёни зиндагии дирӯзу имрӯзаш сурат мегирад.Воқеияти ногузири ҳастӣ, зуҳури шодиву ғам дар раванди умумии зист пеши назараш ҷилвагар мегардад. Зуҳури фарзанд нишотангезтарин рухдоди ҳаёти ӯ буд, ки хеле зуд поён ёфт. Ғам ҷойгузини он гардид. Ӯ ин ҳолатро бо табиати атроф шабоҳат медод. Яъне, танҳо ӯ нест, ки зери бори сагини ғам шона хам карда, балки дарахтони тӯфонзада, баргҳои захмзада шабеҳи ӯ буданд: «Тӯфони дирӯза ӯро аз по мисли дарахтон

ба замин афтонда буд. Орзуҳояш гӯё мисли барги дарахтони аз борону тӯфон осебдида, ба ҳар тараф пош хӯрда буданд» [3, с.12].

Дар ҳикоя пас аз «субҳ» бештар такяи нависанда рӯйи калимаи «борон» ва муҳити боронӣ мебошад. Дар бахшҳои аввал зимни ёдовар шудан аз борон танҳо ба ҷанбаҳои манфии бориши борон таъкид шудааст. Вале замони ба қабристон расидан ва дидани дастагули садбарг болои қабри писар ровиро ба сӯйи андешаҳои дигар тела медиҳад.

Дар тасаввури ӯ гули боронхӯрда ҳам гиря кардааст: «Гули аз оби борон таршуда гӯё гиря мекард. Бӯйи зебояш ба атроф паҳн гашта буд. Гулро гирифта зери манаҳ молида онро бӯсид, гӯё аз он гул қалбаш ором гирифт. Нооромию беқарориаш кам гашт. Гашта онро ба ҷояш гузошт» [3, с.15].Дар ин порча тавре ки дида мешавад, нависанда ба гул шахсияти инсонӣ мебахшад. Дар адабиётштносӣ аз ин шеваи корбурд ҳамчун ҷондорангорӣ ё ташхис ёд мекунанд. Вале суоле пеш меояд, ки чӣ шабоҳату ҳамсониҳое сабаб шуда, то нависандаро ба ёди амали инсонӣ «гиря кардан» биандозад? Барои ҷавоб ёфтан ба ин суол танҳо лозим аст зеҳнан гули боронзада, ё болояш обрехта ба ёд оварда шавад. Барги гулҳо хосияте доранд, ки дар замини худ оби рӯяшон расидаро намеҷабанд, балки дар шакли қатраҳо ҷамъ месозанд. Ин таҷаммуъ монандии зиёде ба ашк доранд. Ҳамин ҳамсонӣ сабаб мегардад, то нависанда гулро дар ҳоли гиря кардан тасаввур кунад.

Бояд хотиррасон намуд, ки ҳикоя дорои сужаҳои занҷирвор аст, ки ҳар яке аз марҳилаи зиндагии қаҳрамони асар маълумот медиҳад.

Нишон додани иртиботи танготанги инсон бо табиат ва ҷилваҳои рангоранги он, таъсири аносири табиат ба вазъи равонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии инсон яке аз шеваҳои махсуси услуби нависандагии Меҳруннисо Парвиз маҳсуб мешавад.

Зиёрат аз қабристон ва гулгузорӣ аз амалест, ки аз нигоҳи замон муддати зиёдеро талаб намекунад, вале дар давоми он ровӣ ҳастии қаҳрамонро, масири ҳаёти зистаашро муфассал баррасӣ мекунад. Дар раванди ин бознигарии роҳи тайшуда барои лаҳзаҳои хубу давронҳои нохушоянд, сабабу натиҷаҳо, хатоҳои рафта, макону ҷойи хоссе ҷудо мекунад.Дар фазои умумии ҳикояи «Садбарги сурх» чанд нуктае ҳаст, ки ишорат ба онҳо зарур аст. Қаҳрамони ҳикоя ба хилофи аҳкоми шариати исломӣ, ки рафтани зан ба қабристонро раво намедонад, вориди қабристон мешавад. Меҳри модариро ҳеҷ садде, тарсу биме наметавонад коста гардонад. Масъулини қабристон аввалҳо бо фикри гуноҳ будан, оқибати азобовар доштани ин амал мехостанд монеи ӯ шаванд: «аммо ӯ дигар аз кадом азоби Худо метарсид. Оё риштаи писари фавтида ва модарро канда метавон» [3, с.28].

Дар ҳикоя мадду ҷазри рӯҳӣ, ғалаёни равонии табиати инсон ниҳоят бориз инъикос шудааст. Қаҳрамони достон гоҳо асири ноумедӣ, ғаму андуҳи амиқест, ба назар ҳеҷ поёнаш нест: «Ба тақдири хеш тан дода буд. Шикасти худро қабул намуда буд. Худо дигар назди худ ягон хушие надошт, ки ба ӯ диҳад» [3, с.28].

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи ҳунари нависандагии Меҳруннисо Парвиз иборат аз он аст, ки ҳамчун нависандаи воқеиятнигор ба сохтору шаклҳои аз пеш таъйиншуда маҳдуд нашуда, дар интихоби воситаҳои тасвири бадеӣ, падидаҳои матлубу хости хеш озод аст.

Нависанда дар аксари ҳикояҳои худ саъй мекунад то мазомини милливу суннатӣ ва хоссаро бо падидаҳои зоҳирии табиат ва нишонаҳои зоҳирии мазҳари зиндагии мардум омезиш диҳад. Миёни табиат, рӯҳу равони мардум як қиёсу тадбиқе анҷом диҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бахтин М.М. Проблемы поэтики Достоевского / М.М. Бахтин. - Киев: «Next», 1994. - 511 с.
2. Жирмунский В.М. Теория стиха / В.М. Жирмунский. - Л.: Советский писатель, 1975. – 664 с.
3. Меҳруннисо Парвиз. Садбарги сурх / Парвиз, Меҳруннисо. – Деҳлӣ: Прабҳат Пракашан, 2006. – 167.с.
4. Мушарраф, Марям. Шеваномаи нақди адабӣ / Марям Мушарраф. - Теҳрон, 1387. - С.204.
5. Нурова М. Сравнительное изучение современной таджикской прозы и прозы хинди / М. Нурова. – Душанбе: Дониш, 2017. – 245 с.
6. Пунашча (мач). (шумораи махсус). – Деҳлӣ, 01. 2004. – № 14. – 192 с.
7. Раҷабов, Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав (нашри дуюм) / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: ЭР-граф, 2018.– 540 с.
8. Тамарченко Н.Д. Теоретическая Поэтика: понятие и определение (хрестоматия) / Н.Д. Тамарченко. - Москва: РГГУ, 1999 – 286 с.

МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ ВА САБКИ НИГОРИШИ Ӯ

(дар мисоли ҳикояҳои «Шинохти хеш», «Модари Кашмир» ва «Садбарги сурх»)

Дар мақола ҷанбаҳои сабкиву ҳунарии ҳикояҳои адибаи адабиёти муосири ҳиндӣ Меҳруннисо ба таври мушаххас мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Меҳруннисо Парвиз дар тӯли фаъолияти эҷодии худ зиёда аз 17 маҷмӯаи ҳикояҳо таълиф намудааст, ки онҳо фарогири беш аз 86 ҳикоя мебошанд. Дар мақолаи мазкур се ҳикояи адиба барои таҳлилу баррасӣ интихоб гаштааст, ки инҳо: «Шинохти хеш», «Модари Кашмир» ва «Садбарги сурх» мебошанд. Дар асоси ҳикояҳои мазкур хусусиятҳои барҷастаи ҳунари нависандагии Меҳруннисо Парвиз дида, омӯхта шуда, муайян мегардад, ки ҳамчун нависандаи воқеиятнигор ба сохтору шаклҳои аз пеш таъйиншуда маҳдуд нашуда, дар интихоби воситаҳои тасвири бадеӣ, падидаҳои матлубу хости хеш озод аст. Дар ҳикояҳои номбурда саъю талоши Меҳруннисо Парвиз дар роҳи омезиш додани мазомини милливу суннатӣ ва хосса бо падидаҳои зоҳирии табиат ва нишонаҳои зоҳирии мазҳари зиндагии мардум ба назар мерасад. Миёни табиат, рӯҳу равони мардум як қиёсу тадбиқе

анҷом додан мехоҳад. Нишон додани иртиботи қавии инсон бо табиат ва ҷилваҳои рангоранги он, таъсири аносири табиат ба вазъи равонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии инсон яке аз шеваҳои махсуси услуби нависандагии Меҳруннисо Парвиз маҳсуб мешавад. Нависанда мекӯшад бо мантиқи калом, рехту чиниши калимаву иборот манзараи мавриди назарро мунъакис созад. Ин амр дар ҳикояҳои номбурда ниҳоят барҷаста ифода шудааст. Дар офаридани осори ҳунарӣ Меҳруннисо Парвиз барои бозтоби ҳолатҳои гуногуну равонӣ, саҳнаҳои зиндагӣ аз шеваҳои мухталифи марсум, санъатҳои бадеӣ, ороишҳои адабӣ ва ғайра истифода мекунад, то матлаб дилчаспу муаассир, зеҳннишин қарор гирад.

Калидвожаҳо: сабк, санъат, бадеӣ, иҷтимоӣ, Ҳинд, ҳунар, воқеият, осор, равонӣ.

МЕХРУНИССО ПАРВИЗ И ЕЕ СТИЛЬ ОПИСАНИЯ
(на примере рассказов «Собственное познание», «Мать Кашмира» и «Красная роза»)

В данной статье рассматриваются стилистические и творческие особенности рассказов Мехруниссо Парвиз - писательницы современной литературы хинди. Мехруниссо Парвиз написала более 86 рассказов, которые входят в 17 сборников. В статье для анализа выбраны три рассказа писательницы: «Собственное познание», «Мать Кашмира» и «Красная роза». На примере данных рассказов исследуется литературное мастерство Мехруниссо Парвиз, как писательницы реалиста с особенным стилем и способами выражения. Она свободна в выборе тем для своих рассказов. В вышеназванных рассказах становится особенно заметным, как Мехруниссо Парвиз обращается к способам соединения национальных и традиционных характерных черт людей и жизненных событий народа. Автор обращает внимание на психологическое состояние героев своих рассказов. Показать тесную связь человеческой природы, ее красочности, влияния характера человека на психологическое, социальное и нравственное состояние человека. Это является одной из особенностей литературного стиля Мехруниссо Парвиз. Мехруниссо Парвиз старается описать моменты и обстоятельства логично, соответствующей лексикой и фразеологическими оборотами. В своих произведениях Мехруниссо Парвиз для описания психологического состояния, жизненных сцен использует различные способы выражения, художественные и литературные традиции и т.д., чтобы тема была привлекательной, воздействующей и важной.

Ключевые слова: Стиль, искусство, художественный, социальный, Индия, мастерство, реальность, творчество, психический.

MEHRUNNISA PARVEZ AND HER WRITING STYLE
(on an example of stories «Knowing your own», «The mother of Kashmir» and «The red rose»)

The article explicitly analyzes the style and blemishes stories of Mehrunnisa contemporary Indian literature. Though out her creative work, Mehrunnisa Parvez has written more than 17 collection stories containing more than 86 stories. In this article, three literary stories have been selected for analyzing, including «Knowing your own», «The mother of Kashmir» and «The red rose». On the basis of these stories, Mehrunnisa Parvez early features are explored and she does not concentrated on predetermined structures or forms as a writer. She`s free to choose in her own means of artistic description and desirable phenomena. In the above - mentioned stories. Mehrunnisa Parvez`s efforts are seen as a way to combine national and traditional ideas with the outward manifestations of human life. She wants to make some arrangements between the natural and the spirit of the people. Having shown of short narrow relationship of nature with its colorful nature, the pervasive influence of natural on the spiritual, social and moral conditions of the humanbeing is one of the special techniques of Mehrunnisa Parvez writing style. The writer strives to reflect with logical of the word, the pouring of words and phrases. This command is very dearly expressed in this story. In her creative works Mehrunnisa Parvez uses different scenes, artistic designs and more appeal to different mental states, to make the subject appealing and effecting. The novels, short stories and narratives wich were written by Mehrunnisa Parvez considered ever written books worth to read, among reader.

Key words: style, art, fiction, social, India, mastery, reality, creation, mental.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Латифов Алихон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинд, факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: (+992) **98-519-28-06**

Сведения об авторе: ***Латифов Алихон*** - Таджикский национальний университет, старший преподаватель кафедры индийской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: (+992) **98-519-28-06**

Information about the author: ***Latifov Alikhon*** – Tajik National University, Teacher of the Department of Indian Philology of the Faculty of languages Asia and Europa. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 98-519-28-06**

УДК: 81'362

НАҚШИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ ДАР ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

Турсунова М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Санъати ороишии амалӣ падидаи ҷолиб ва мураккабе дар фарҳанги бисёрҷабҳаи ҳар як халқу миллат аст. Он падидаи гуногунпаҳлу буда, навъҳои мухталифро фаро мегирад, бо баробари пайдо шудани халқу миллатҳо ба миён омада, бо решаҳои фарҳангии куҳанаш имрӯз ҳам дар инкишоф мебошад. Санъати амалии халқӣ ва навъҳои гуногуни он дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи хосса дошта, як падидаи муҳимми фарҳанги миллии тоҷикон мебошад. Бо вуҷуди он ки имрӯз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриамон ҳунармандони зиёде машғули эҷоди асарҳои ҷолиби бадеӣ ҳастанд, инкишофи навъҳои гуногуни санъати

халқии тоҷикон дар сатҳи қаноатбахш қарор надорад. Дар роҳи инкишофи ҳунарҳои санъати дастӣ муаммоҳои гуногун вуҷуд доранд, ҳатто бархе аз онҳо дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон қариб аз байн рафтаанд. Бинобар ин, ҳоло зарурати ҳалли масъалаҳои марбут ба рушди ин намуди санъат ба миён омадааст. Пеш аз ҳама, санъати амалии халқӣ ба дастгирии ҳамаҷониба ниёз дорад. Дар доираи татбиқи Иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ то имрӯз даҳҳо мактаби ҳунармандон дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ташкил шуда, ба фаъолият оғоз намуданд. Дар ин мактабҳо аз рӯйи усули анъанавии миллии "устод-шогирд" шогирдон тарбия меёбанд. Ин усул яке аз анъанаҳои қадимаи миллии тоҷикон буда, муҳаққиқ П.А. Гончарова онро дар радифи дигар усулҳои шогирдтайёркунӣ баррасӣ намудааст. Тадқиқоти ӯ ба зардӯзӣ – яке аз ҳунарҳое, ки густариши васеъ дорад, бахшида шудааст. Муҳаққиқ нуктаи ҷолиберо қайд мекунад, ки зардӯзӣ дар қадим аслан ҳунари мардон буд, зеро дар рӯйи матоъҳои дурушту ғафс, ба монанди бахмал, сӯзан задан лозим меомад. Дар бораи яке аз мардони соҳибҳунари Ҳирот – Ҳасани Зардӯз Зайниддин Восифӣ дар ёддоштҳои худ сухан меронад. Дар аморати Бухоро дарбори амир фармоишгари асосии маҳсулоти зардӯзӣ буд, ки ин зарурати ташкили устохонаҳоро дар назди дарбор ба миён овард. П.А. Гончарова дар бораи ташкили устохонаҳои зардӯзӣ, тарзи қабул ва хатми шогирдон, ки дар ин замина як қатор маросим роиҷ буд, маълумот медиҳад [3, с.6]. Дар он давра садҳо нафар зардӯзи моҳир ба дӯхтани либосҳои қиматбаҳои дарбориён машғул буданд ва фақат як қисми ночизи маҳсулоти онҳо ба бозор бароварда мешуд. Либосҳои бо зардӯзӣ ороёда – ҷомаҳои мардона, камзӯлҳо, шалворҳо, пойафзол, тасма, каллапӯшҳо, ҷиҳози аспҳо танҳо бо фармоиши амир ва пайвандони ӯ омода мешуданд. Дигар ҳеҷ кас, ҳатто шахсони воломақом ба чунин фармоиш ҳуқуқ надоштанд. Танҳо дар вақтҳои муайян ин гуна либосҳо аз тарафи худи амир туҳфа мешуданд. Бо мурури замон берун аз дарбор низ устохонаҳо ташкил шуданд, ки дар онҳо ба ҳунармандон оқсақол, яъне сардори зардӯзон роҳбарӣ мекард. Тамоми корҳо, аз ҷумла, хариду фурӯши маҳсулот, қабули шогирдон танҳо бо иҷозати оқсақол иҷро мешуданд. Барои дар вақти таъйингардида иҷро шудани фармоишҳои ҳатмӣ оқсақол ба ҳамаи устохонаҳои гирду атроф корро тақсим мекард. Оқсақол барои меҳнаташ музд намегирифт, ба ӯ фақат туҳфа аз тарафи дарбор супорида мешуд. Аъзои ташкилоти сеҳҳои зардӯзӣ шахсе шуда метавонист, ки курси дарозмуддат ва душвори ин ҳунарро аз усто омӯхта, барои фаъолияти мустақилона аз устодаш ризоият гирифта бошад. П.А.Гончарова қайд мекунад, санъати зардӯзии бухороӣ ҳунари меросӣ буд, он аз бобо ба падар, аз падар ба писар мегузашт. Агар дар оила писар набошад, ин ҳунар ба ягон хеши наздик, масалан ҷиян омӯзонида мешуд [3, с.14]. Ба омӯзиши ин ҳунар писарбачаҳои 10-12 сола ва баъзан калонтарро ҷалб мекарданд. Ба шогирдӣ додани писар як рӯйдоди муҳим ба шумор рафта, дар ин замина як қатор маросим иҷро мешуд. Падар ё хеши наздики писарбача бо як табақ хӯроки махсус ва ҳалвои тар ба назди усто рафта, розигии ӯро барои қабул мегирифт. Баъди он ки усто ризоият дод, ҳузурдоштагон хӯрокро истеъмол мекарданд, ки рамзи кушоиши кор ба ҳисоб мерафт. Усто на танҳо омӯхтани ҳунар, балки хӯрондану пӯшонидани писарбачаро низ ба уҳда мегирифт. Байни тарафайн ягон шартномаи хаттӣ баста намешуд, таълим бепул сурат мегирифт. Усто ба шогирд ҳунари худро зуд ёд намедод. Соли якуми таҳсил писарбача ба корҳои хона ёрӣ медод, аз ҷумла рӯбучин мекард, об мекашонд, ба бозор мерафт ва танҳо дар вақти бекор монданаш ӯ ҳақ дошт, ки кори дӯзандагонро мушоҳида намояд. Баъди гузаштани як сол ба шогирд иҷозат дода мешуд, ки сари дӯкони зардӯзӣ нишинад. Барои иҷрои кор ба шогирд музд дода намешуд, муҳлати таълим муқаррар набуд ва метавонист аз 4 то 7 сол идома ёбад. Ҳолатҳое ҳам мешуд, ки усто барои гум накардани шогирди болаёқат ӯро 8-10 сол назди худ нигоҳ медошт. Вақте ки шогирд майлу хоҳиши мустақилона кор карданро зоҳир менамуд, ба сифати миёнарав оқсақол даъват мешуд, то ки устоҳо барои озод гаштани шогирдон ризоӣ диҳанд. Маросими устоталбон дар хонаи шогирд гузаронида шуда, усто ба арвоҳи пири миёнбандон дуо хонда, миёни шогирдро бо рӯймол баста, “Ба номи Шоҳи мардон бастам” мегуфт. Дар ин маросим, ки шогирд номи "усто"-ро мегирифт, ба муаллим "сарупо" туҳфа мешуд, яъне волидайни шогирд аз сар то по ба ӯ либоси нав мепӯшониданд. Ҳамчунин ба оқсақол ва ёвари ӯ низ туҳфаҳо дода мешуд. Дар баъзе мавридҳо устодон ба шогирди камбизоат барои оғози кори мустақилона асбобҳои зарурӣро медоданд. Дар замони муосир ба хотири эҳёи ҳунарҳои халқӣ мактабҳо, сеҳҳо, коргоҳҳои ҳунармандон ташкил мешаванд. Ин марказҳои ҳунармандӣ таҳти роҳнамоии устоҳои машҳуру боистеъдод фаъолият мебаранд. Ҳунарҳои дастӣ дар инсон завқи бадеиро ташаккул дода, таҳаммулу тозакориро тарбия менамояд ва дунёи ботинии шахсро ғанӣ мегардонад. Дар замони мо ҳунарҳое, ки замоне фаромӯш шуда буданд, эҳё гардида, арзиши маҳсулоти дастӣ нисбат ба молҳои оммавӣ меафзояд. Ҳунарҳои халқӣ беҳтарин ва холистарин анвои санъат буда, ҳамеша ба ҳаёти инсон алоқаманданд. Онҳо ҳисси зебоипарастии халқро таҷассум мекунанд. Гузашта аз ин, на фақат эҷоди асарҳои

санъат, балки дастгирии ҳунармандони халқ, ки эҷодкорони зебоӣ ҳастанд, нишони камолот ва олиҳиммат̄ мебошад. Дар ин самт то ҳол масъалаву муаммоҳое ҳастанд, ки аҳаммияти махсусро тақозо доранд. Татбиқи дастовардҳои илмию амалӣ, идомаи анъанаҳои миллӣ, назардошти урфу одатҳо, омӯзиши таъсири равияҳои гуногуни санъат ба тарзи ороиши маснуот, вазъи тарбияи меҳнат̄ ва ҳунаромӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олии кишвар беҳбудиро мехоҳад. Инкишофи ҳисси зебоипарастии инсонро дар бозёфтҳои бостоншиносон, ба монанди китобу дастхатҳои нодир ва мусаввараҳо, ки дар онҳо фарҳанг, ҳунари меъморӣ ва рассомӣ, ҳамчунин хусусияти рӯзгори маишии мардуми даврaҳои қадим инъикос ёфтаанд, пайгирӣ метавон кард. Ҷомеаи даврaҳои гуногун равияҳои хосро дар соҳаҳои мухталифи санъату ҳунар ба мерос гузошт, ки дар ҳар яке тарзи зиндагии мардум таҷассум ёфтааст. Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки дар вақти ҳукмронии ягон ҷараён таъсири он дар ороиши ашё, намунаҳои ҳунари меъморӣ, сару либос, ҷиҳози манзил амри воқеист. Дар замони мо тадқиқоти илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон бо назардошти таълими ҳунарҳои мардумӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Ҳадафи олимон баҳодиҳ̄ ва таҳлили рушди ҳунармандӣ ва таъсири он, ба ҷавонон омӯзонидани ҳунарҳои аҷдодӣ, бо такя ба онҳо ташаккул додани ҳунарҳои наву муосир мебошад. Санъати ороишӣ, ки бо зиндагии мо робитаи зич дорад, тариқи офаридани ашёи гуногун ва ороиши меъморӣ амалӣ мешавад. Дар намунаҳои санъати ороишӣ нақшу нигор дар шакли холис вуҷуд дошта наметавонад, он таҷассуми ҳамбастагии зебоӣ ва фоидаву зарурат мебошад. Инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ ва кашидадӯзӣ ба рушди наққошӣ низ мусоидат кардааст. Намунаҳои нодири нақшу нигоре, ки бостоншиносон дар Тирмиз, Панҷакенти қадима ва дигар маҳалҳо дарёфтаанд, бозгӯи фарҳанги бою рангини гузаштагон ҳастанд. Нақшофариро такмил додаанд. Имрӯз анъанаҳои ҳунари наққошӣ ҳангоми бунёду ороиши биноҳои фарҳангию маърифат̄ (тарабхона, чойхона, масҷид, қасри фарҳанг ва ғ.) корбаст мешаванд. Устоҳои халқӣ, аз ҷумла нақшу нигор, кулолгарон, мисгарону зардӯзон ва қолинбофону косибон дар офаридаҳояшон нақшу нигорро чун воситаи асосии ороиши бадеӣ корбаст менамуданд. Ҳар як нақшу нигор маънои хос дошта, аз ҷониби халқ номгузорӣ мешуд ва аксари онҳо нишони эътиқоду бовар ба урфу одате буданд. Масалан, соли 1960 санъатшиносон Н.Юнусова ва М. Рӯзиев дар қишлоқи Сино тадқиқот гузаронида, нақши камзӯлчаи бачагонаро, ки тасвири ду мор ва моҳро дошт, таҳлил карданд. Маълум шуд, ки тибқи бовари мардуми ин маҳал ду мори ба шакли чиллик тасвиршуда бачаро аз иблис эмин медорад, моҳ бошад ӯро чун моҳи нав зебо мекунад. Нақшҳои тоҷиконро, ҳамчун нақшҳои дигар халқҳои Осиёи Миёна ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: якум – нақшҳои классикӣ, ки дар асрҳои миёна шакл гирифта, дар кишварҳои Шарқи мусулмонӣ, аз Мавритания, Миср, Туркия, Эрон сар карда то Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ паҳн шудаанд. Онҳо дар ҳар кишвар сифатҳои хосси маҳаллӣ, обуранг ва тафсири махсус пайдо карда бошанд ҳам, асоси онҳо дар ҳама ҷо як хел аст. Ин нақшҳо мукаммал буда, аз гиреҳ – шаклҳои мухталифи ҳандасавӣ, ислимӣ – расми ба шакли муайян даровардаи навдаҳо, баргу гулҳо иборат мебошанд. Нақшу нигори гурӯҳи якум аз офарандагони худ – устоҳои наққош донистани фанҳои махсус, аз он ҷумла, илми ҳандасаро, ки дастраси ҳар кас набуд ва ба омӯхтани он солҳои дароз сарф мешуд, талаб мекард. Қисми асосии онҳоро мардон ташкил медоданд. Ин навъи нақшу нигор бештар дар биноҳои пуршукӯҳ, дар кандакории рӯйи филизот, дар маснуоти аълосифати заргарӣ, дар ороиши дастнависҳо, ҷузгирҳо ва дигар соҳаҳои санъати амалӣ корбаст мешуд. Нақшу нигори гурӯҳи дуюм асосан анъанаҳои халқии маҳаллиро инъикос менамояд. Асоси унсурҳои ин нақшҳоро аксаран тасвири ашё ташкил медиҳад, ки аз сабаби сода гардидан ва хусусияти орнаменталӣ пайдо кардан дар бештари мавридҳо шакли воқеии худро гум мекунанд. Яке аз нусхаҳои маҳбуби устодони тоҷик «таҳафтод» ё «ишкелбанд» ном нақш ба ҳисоб мерафт. Он аз ду хатти бо давраю гулҳо гиреҳхӯрда иборат буда, дар хиштмонӣ (асрҳои X-XII), кошинкорӣ, гаҷкорӣ, наҷҷорӣ ва наққошӣ корбаст мешуд. Дар санъати тоҷики давраи пеш аз ислом таҳафтод ба мушоҳида намерасад. Он фақат дар ёдгориҳои меъмории асри X ба назар мерасад. Ба андешаи муҳаққиқон, пайдоиши он эҳтимол бо истифодаи хишти пухта ба сифати маводи сохтмон ва ороишдиҳӣ ё ин ки ташаккули хатти «кӯфӣ» вобаста мебошад. Бо ин нақш пештоқ, дару дарвоза, меҳроб, шифт ва як навъи маснуоти косибӣ ҳошиябандӣ мешуданд. Қисми зиёди нақшу нигори мақбараи чӯбини қишлоқи Чоркӯҳ бар шаклҳои ҳалқагардон (яъне «3» шакл) асос ёфтааст. Аз байни онҳо нусхаҳои бодому қаламфурмонанд хеле паҳн гардидаанд. Роҷеъ ба маънои ин навъи нақшу нигор як зумра муҳаққиқон фикру мулоҳизаҳо баён кардаанд. Ба андешаи олими машҳури соҳа Г. А. Чепелеветская нусхаи бодому қаламфур воқеан дар эҷодиёти халқ инъикос ёфта метавонист. Аммо нусхаҳои хурди иловагӣ дар нақшҳои бодом барои каллапӯшҳои тоҷикӣ ба нақшҳои аз Тирмиз ёфтшудаи (асрҳои I-II) пару болҳои ҳайвоноти афсонавӣ, нақши қанотҳои мусича ва

нусхаи шутур ба наққошии девори қасри Варахша (асрҳои V-VIII) ва сари архар ба нақши қасри Киш (асрҳои V-VIII), матоъҳо, маснуоти нақкошӣ, кулолгарӣ ва оҳангарии қадимаи машриқзамин монандӣ доранд. Бо такя ба фикри муҳаққиқ Г. Григорев гуфтан мумкин аст, ки нусхаи бодом на дар заминаи расми мурғи даштӣ, хурӯсу товус, балки дар асоси тасвири шакли қанотҳои онҳо пайдо шудаанд. Ҳангоми ба даруни давра нақши ҳалқагардон дохил кардан нақши бодом ҳосил мешавад, лекин маънои он аз мазмуни нақши гули бодом фарқ дорад. Л. И. Ремпел чунин мешуморад, ки ин нақш аз нусхаи ду моҳ – сафеду сиёҳ ё ки ду қаноти даруни давра (яъне осмон) таркиб ёфта, падидаҳои ба ҳам муқобили табиат, яъне торикию равшанӣ, гармию сардӣ, ҳаёту маргро ифода мекунад. Ба андешаи В. Алексеев ин нақши дугона Ин ва Ян ном дорад ва рамзи ҷодугарист. Дар фарҳанги муғулҳо рамзи ҳушёрӣ, ягонагии марду зан аст. Таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, ҷиҳози хона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан, барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихие, ки зиндагии маишии мардум ва фарҳанги даврaҳои гузаштаро инъикос месозанд, сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Шакл ва хусусияти сару либос дар ҳама давру замон фарҳанги маънавии халқ, урфу одат ва муносибати мардумро ба ин ё он падидаву ҳодиса нишон медиҳад. Тағйири шаклу намуди ҳамаи навъҳои либоси миллӣ ба хусусияти ин ё он минтақа вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиши либоси миллӣ ва тағйири шаклҳои он робитаи либосро бо таърихи этникии миллӣ ошкор месозад. Ба вижагиҳои либоси осиёимиёнагӣ дар Аврупо ҳанӯз дар асрҳои миёна таваҷҷуҳ зоҳир гардид ва шахсоне, ки аввалин шуда ба таснифи либоси халқҳои Осиёи Миёна таваҷҷуҳ зоҳир карданд, сайёҳон Марко Поло, Гилом Рубрук, Клавихо Рюи Гонзалес буданд. Бо вуҷуди он ки дар навиштаҳои онҳо аксаран таснифи мухтасари сару либоси ин ё он халқ оварда шудааст, ин маълумот барои муҳаққиқон аҳаммият дорад. Чунончи, Марко Поло дар китоби хеш либоси мардуми кӯҳистони Помирро тасниф намуда, чунин қайд кардааст: “Дар ин ҷо одамон камонварони олидараҷаанд, бисёртар либосҳои аз пӯсту пашми ҳайвонот омодашударо, ки арзиши баланд доранд, ба бар мекунанд” [4, с.12]. Дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX як зумра сайёҳони русу хориҷӣ, аз ҷумла Ф. Ефремов, Ф. Назаров, Н. Неболсин дар бораи матоъҳои маҳаллӣ, сару либос ва шуғли мардум маълумоти ҷолиби диққатро ҷамъ оварданд. Чунончи, дар навиштаҳои Ф. Ефремов дар баробари таснифи либоси он давра роҷеъ ба кирмакпарварӣ маълумот фароҳам омада, технологияи истеҳсоли нахи абрешим барои матоъҳои шоҳӣ маънидод гардидааст. Сайёҳ мушоҳидаҳояшро дар бораи вижагиҳои хосси сару либоси осиёимиёнагӣ, ки ба шаклгирии он муҳити зист, иқлим, дин таъсир гузоштаанд, баён месозад. Масалан, оид ба тарроҳии куртаи занона ӯ чунин менависад: “Пеш аз ҳама ба қулай будани курта ва сипас ба риояи одоб аҳаммият дода мешавад”. Бароҳат будани либос, фарохии он, чинҳои зиёд доштани он ба ҳисоб гирифта шудааст, ки барои озодона нишастан монеа пеш намеорад, ҳаракатро маҳдуд намекунад, дар ҳавои гарм ба нафаскашии бадан халал намерасонад [4, с.7]. Дар асрҳои XIX ва XX дар Хуҷанди бостонӣ дӯзандагӣ яке аз шохаҳои асосии касбу ҳунар ба шумор мерафт.

Тибқи маълумоти таърихӣ соли 1895 дар бозори Панҷшанбе ва атрофи он 23 дӯкони дӯзандагӣ мавҷуд буд. Дар ин дӯконҳо мардон дӯзанда буданд, занони чевар дар хона кор мекарданд. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX соҳаи истеҳсоли сару либоси анъанавӣ ҳунари асосии занон гардид. Либоси анъанавии мардуми одӣ аз либоси намояндагони табақаҳои боло ва шахсони маъруф фарқ дошт. Тафовути сару либос на дар тарҳи он, балки дар навъи матоъ буд. Ин фарқ на танҳо дар сифати матоъ ва тарзи ороиши либос, балки маҷмӯи либос зоҳир мешуд. Табаддулоте, ки дар даврaҳои муайяни таърихӣ дар ҳаёти халқҳо рӯй медиҳанд, ба ҳастии моддӣ ва маънавии мардум дигаргуниҳо ворид мекунад ва бешак, ба либосҳои миллӣ низ таъсир мерасонад. Санъати ороиши либос бо зардӯзию кашидадӯзӣ, гулдӯзии куртаҳои чакани халқҳои Осиёи Миёна ҳар яке бо сабки хос инкишоф ёфтаанд, зеро дар тӯли асрҳо ороиши сару либос (бештар дар кӯҳистон), ҷиҳози хона ва ашёи рӯзгор (дар водиҳо), хуллас, аз бисоти тифл то ҷиҳози арӯс, дар худи хонадон ба ҷо оварда мешуд. Омӯхтани таърихи сару либос, ҷиҳози хонаводаи миллии ҳар як халқ, барои онҳое, ки бо таърих ва фарҳанги он халқ шинос шудан мехоҳанд, аз ҷумла, санъатшиносон, кормандони театр ва кинематография, рассомон ва намояндагони соҳаҳои дигари фарҳанг муҳим аст. Аз тарафи дигар, дар ҷараёни шиносоӣ бо таърихи либоси миллӣ то андозае аз вижагиҳои либоси миллии халқҳои дигари ҳамсоя низ огоҳ шуда, монандӣ ё тафовут, иртибот ва таъсири этникию фарҳангии онҳоро ба ҳамдигар дармеёбем, ки ин ба муайян кардани этногенезиси халқҳои Осиёи Миёна мусоидат мекунад. Шиносоӣ бо тадқиқоти олимони маъруф Р. Масов, Н. Нурҷонов, Ю. Якубовский, М. Рӯзиев ва дигарон ба хулосае меорад, ки ҳунару ҳунармандӣ дар асоси анъанаҳои миллӣ ташаккул ва ривоҷу равнақ ёфтаанд. Инро дар мисоли тӯи арӯсию домодӣ, ки бидуни сӯзаниву рӯйҷое, ки ҳам кашидадӯзӣ ва ҳам қурқдӯзӣ шудаанд, дастурхону ҷойнамоз ва дигар намунаҳои ҳунарҳои дастӣ барпо

намешаванд, дидан мумкин аст. Ҳунари кандакорону чӯбтарошонро дар сохтани табақу коса, кати миллӣ, сутунҳои зебо, маснуоти армуғонӣ, гаҳвораҳо мушоҳида мекунем. Ҳунармандони тоҷик дар баробари фаъолияти пурсамар дар тарбияи шогирдони боистеъдод низ саҳм гузоштаанд.

Дар тайёрии касбии ҳунармандон ва омӯзгорони оянда машғулияти санъати ороиши амалӣ нақши асосӣ доранд, зеро онҳо аз донишҷӯён фаъолии хотираи биноӣ, хаёлоти рангин, маҷмӯи дониш ва малакаву маҳоратро талаб мекунад. Таҷрибаи чандинсолаи тадрис дар донишгоҳ собит менамояд, ки дар ҷараёни машғулияти ҳунарӣ дар донишҷӯён малакаи шинохтани зебоӣ ва дарки арзиши бадеии асарҳои санъати ороиши амалӣ инкишоф меёбад. Дар замони мо як қатор амалҳое, ки пештар дастӣ иҷро мешуданд, тавассути компутерҳо тарҳрезӣ мешаванд. Бешубҳа, хуб аст, ки донишҷӯён аз дастовардҳои ҷаҳони муосир бархӯрдор мегарданд, аммо фаромӯш набояд кард, ки ҳунари анъанавии тоҷикон аз куҷо сарчашма гирифтааст ва корҳои эҷодии ҳунармандон бо кадом технология офарида мешаванд. Гузашта аз ин, донишҷӯён бояд аз анъанаҳои ҳунармандии халқи тоҷик огоҳ бошанд. Зарур аст, ки дар таълими фанҳои тахассусӣ – кандакорӣ, гаҷкорӣ, наққошӣ, кашидадӯзӣ, кундалрезӣ, армуғонсозӣ ва ғайра анъанаҳои миллии халқамон самаранок истифода шаванд. Инъикоси анъанаҳои миллӣ дар офаридани осори ҳунарҳои мардумӣ ба инкишофи ҳисси худшиносӣ, ватандориву ифтихори миллӣ, инчунин такмили маҳорат мусоидат менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Болдырев А.Н. Тезкире Хасана Насори как новый источник для изучения культурной жизни Средней Азии XVI в. Тр. Отдела истории культур и искусства Востока. Гл. 3 / А.Н. Болдырев. - Л., 1940. - 299 с.
2. Воронина, В.Л. Архитектура древнего Пенджикента (Результаты раскопок 1954-1959 гг.). Мат-лы и исследования по археологии СССР, № 124 / В.Л. Воронина. - М. - Л., 1964. - 85 с.
3. Гончарова П.А. Санъати зардӯзии Бухоро / П.А. Гончарова. – Тошканд: Нашриёти ‘Адабиёт ва Санъат’ ба номи Ғ. Ғулом, 1986. - 110 с.
4. Исаев, А.Б. Таджикский костюм в контексте народной художественной культуры / А.Б. Исаев: дисс. на соискан. ученой степени канд. искусствоведения. – М., 1992.
5. Муродов М.Р. Устодони санъати амалӣ-халқӣ (мактаби ‘Устод-шогирд’) / М.Р.Муродов. - Душанбе, 2005. - 154 с.
6. Марко Поло. - М., 1955. - С.75.
7. Рӯзиев М. Ёдгории кандакории Чоркуҳ / М.Рӯзиев. – Душанбе: Дониш,1975. - 68 с.
8. Пугаченкова Г.А. Очерки искусства Средн. Азии. Древность и средневековье / Г.А. Пугаченкова, Л.И. Рempель. – Москва, 1982. – С.3.
9. Сухарева О.А. Опыт анализа покроев традиционной «туникообразной» среднеазиатской одежды в плане их истории и эволюции / О.А. Сухарева // Костюм народов Средней Азии. – М.: Наука, 1979. – 79 с.

НАҚШИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ ДАР ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

Дар мақола ба масъалаи ҳунару ҳунармандӣ, таърихи инкишофи он, санъати амалии халқӣ диққати махсус дода шуда, нақши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ муфассал баррасӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки санъати амалии халқӣ ва навъҳои гуногуни он дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи хосса дошта, як падидаи муҳимми фарҳанги миллии тоҷикон мебошад. Шиносоӣ бо тадқиқоти олимони маъруф Р. Масов, Н. Нурҷонов, Ю. Якубовский, М. Рӯзиев ва дигарон ба хулосае меорад, ки ҳунару ҳунармандӣ дар асоси анъанаҳои миллӣ ташаккул ва ривоҷу равнақ ёфтаанд. Инро дар мисоли тӯйи арӯсию домодӣ, ки бидуни сӯзаниву рӯйчое, ки ҳам кашидадӯзӣ ва ҳам қурокдӯзӣ шудаанд, дастурхону ҷойнамоз ва дигар намунаҳои ҳунарҳои дастӣ барпо намешаванд, дидан мумкин аст. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки таҷассуми ҳунари кандакорону чӯбтарошонро дар сохтани табақу коса, кати миллӣ, сутунҳои зебо, маснуоти армуғонӣ, гаҳвораҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: ҳунармандӣ, анъанаҳо, мерос, гулдӯзӣ, кандакорӣ, ҷиҳоз, абрешим, дӯкон, адабиёт, фарҳанг.

РОЛЬ НАРОДНЫХ ТРАДИЦИЙ В ВОЗРОЖДЕНИИ НАРОДНЫХ ПРОМЫСЛОВ

В статье уделено огромное внимание проблеме народных промыслов, истории и развитию народного творчества, а также отмечается важная роль национальных традиций в возрождении этих промыслов. Следует подчеркнуть, что народное творчество и разнообразные его традиции занимают особое место в жизни народа и являются главным явлением в национальной культуре таджиков. В ходе знакомства с исследованиями таких видных учёных, как Р. Масов, Н.Нурджанов, Ю. Якубовский, М.Рузиев и других можно прийти к выводу о том, что творчество, основанное на национальных традициях, развивается. Примерами могут служить свадебные сюзане, простыни, коврики для молитвы, скатерти, расшитые вручную, а также сшитые из лоскутков. Также автор подчёркивает, что возрождение и развитие такого промысла, как резьба по дереву, можно увидеть в изготовлении блюд, косы, национальных топчанов, красивых колонн, подарочных изделий и колыбели.

Ключевые слова: ремесленничество, традиции, наследство, вышивка, резьба по дереву, утварь, шёлк, ларёк, литература, культура.

THE ROLE OF NATIONAL TRADITIONS IN NATIONAL CRAFTS REVIVAL

In her article the author pays particular attention to the problem dealing with national crafts, history and development of folk creation and concerned with an important role of national traditions targeted at a revival of these crafts as well. One should mention that folk creation and diversity of its traditions occupy an especial place beset with the life of people and are considered as the main phenomena in national culture of Tajiks. In the course of acquaintance with the researches of such prominent scientists as R. Masov, N. Nurdzhanov, Yu. Yakubovsky, M. Ruziyev and others she comes to the

conclusion that creativity develops being grounded on national traditions. Wedding syuzanes, sheets, rugs for prayers, clothes embroidered dastarkhans are swen manually from shreds. The author lays an emphasis upon the idea that both the revival and development of such trade as woodcarving can be seen in the production of dishes, cash desks, national trestle beds, beautiful columns, presents wares and cradles as well.

Key words: craftsmanship, traditions, heritage, embroidery, woodcarving, utensils, silk, stall, literature, culture.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турсунова М.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 937-93-71-21**

Сведения об авторе: ***Турсунова М.*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 937-93-71-21**

Information about the author: ***Tursunova M.*** - Tajik National University, senior lecturer at the university-wide department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 937-93-71-21**

УДК: 42/43

АБДУЛ БИСМИЛЛОҲ ВА РОМАНИ Ӯ «ЧЕҲРА ЧИРО БИНАД» («Mukhara kya dekhe»)

Нурова М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти достонии Ҳиндустон дар рушди дарози домани таърихӣ нишеб ва фарозиҳои равонеро ба худ дида ва дар баробари тамоми рӯйдодҳо ва ногувориҳо ва номулоимоти таърихӣ, сиёсӣ ва устуворӣ худро ҳифз кардааст, ҳарчанд ки дар ҳамаи гузаргоҳҳо ва гирехҳои таърихӣ ба як сон набуд. «Бо гузашти қарнҳо унсурҳои роман вобаста ба тағйироту такомули зиндагии иҷтимоии ҷомеа, гардишҳои сиёсию фарҳангӣ ва тағйири низоми рӯзгори инсоният тадриҷан фароҳам омада, то ба шакли имрӯза расид. Ба ҳам наздик шудани рӯзгори шахсии фард бо зиндагии ҷомеа барои тасвири ҳақиқат дар адабиёт замина гузошт» [2, с.132].

Асарҳои бузургҳаҷми насрӣ, чун роман дар паҳнои адабиёти ҳиндӣ ҳаст, ки аз диди таърихӣ ва омӯзаҳои ҳакимӣ ва маърифатӣ арзишманданд. Ин бахш худ пуробрӯтарин ва пуршукӯҳтарин бахшҳои адабиёти ҳиндӣ ба шумор меравад. Пас аз озодӣ (1947) нависандагон кӯшидаанд масоили иҷтимоии даврро дар асарҳои калонҳаҷм, чун роман дар мувофиқат бо авзои иҷтимоии Ҳинд падид оварданд.

«Проблемаи роман ва нақши он дар фазои адабии аср, махсусан дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта вусъату доманаи зиёде пайдо намуд. Дар саросари ҷаҳон мақолаву китобҳои зиёде дар атрофи нақшу ҷойгоҳи роман ва идомати вуҷудии он ба нашр расиданд. Дар ин миён гурӯҳе аз муҳаққиқон бар ин назар буданд, ки умри роман ҳамчун жанри адабӣ ба поён расида ва тамоми имконоту зарфиятҳои хешро истифода намудааст. Бар хилофи ин назар, гурӯҳе дигар ба ҷойгоҳу нақши роман хушбинона назар менамуданд ва ояндаи онро дар бозтобу инъикоси зиндагии башарӣ дурахшону корсоз медиданд» [3, с.7].Ҳоло вақте сухан роҷеъ ба романи ҳиндӣ меравад, муҳаққиқони соҳа чун далели исботшудаву бебаҳс романофарии адабиёти ҳиндиро бо назардошти мақоми асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти муосири ҳиндӣ Премчанд ба чунин даврахо тақсимбандӣ менамоянд: а) Романи ҳиндӣ то Премчанд («Premcandpurv-yug»); б) Романи ҳиндӣ дар давраи Премчанд («Premchand-yug»); в) Романи ҳиндӣ пас аз Премчанд («Premchandyottar-yug») [4, с.1]. Ҳамин тақсимбандӣ дар жанри романи адабиёти ҳиндӣ таъкид бар он аст, ки Премчанд дар эҷоди роман дар асри гузашта аз пешсафон дониста шудааст.

Муҳаққиқи ҳиндӣ Рамчанд Тиварӣ дар сафи романнависони иҷтимоӣ, ки онро дар адабиёти муосири ҳиндӣ чун सामाजिक यर्थाथवादी (प्रगतिवादी) [4, с.70] ном мебарад, чунин нобиғаҳои адабиёти муосири ҳиндро чун Яшпал («Ҷҳутҳа сач», 1958), Нагарҷун (1910-1998, «Ратинатҳ кӣ чачӣ», 1948), Манматҳанатҳ Гупта, Рангей Рагҳав (1923-1963, («Каб так пукарун», 1957), Бҳайравпрасад Гупта (1918-1995, («Аша», 1963), Амритрай (1821-1996, («Нагафанӣ деш», 1953) ва дигаронро ҷой додааст. Ин анъанаи романнависиро насрнависони ҷавонтар чун Бҳишма Саҳнӣ (1915-2003), Амаркант (1925-), Вишвамбҳарнатҳ Упадҳяй (1925-), Ҷагдиш Чандра (1930-1996), Роҳӣ Маъсум Раза (1927-1992), Маркандей (1932-), Кашинатҳ Синҳ (1936-), Ҷагдамбарпрасад Дикшит (1934-), Ҳридаеш (1930-), Абдул Бисмиллоҳ (1949), Бадӣ Уззама (1928-1986), Мудраракшас (1933-), Санҷив (1947-) ва дигарон ҳунари романнависии пешгузаштагони худро давом дода бо асарҳои пурмуҳтавои худ адабиёти ҳиндиро бою ғанӣ гардондаанд.

Ба тасвири ҳақиқати ҳаёти иҷтимоии даври муайяни таърихи Ҳиндустон Абдул Бисмиллоҳ якчанд роман бахшидааст: «Муҳориба идома дорад» («Samar shesh he» (1980), «Матои нафис бофташуда» («Jhini-jhinu bini cadariyan» (1986), «Заҳрбод» («Zahrbad», (1987), «Ривоят» («Dantkatha», 1990), «Чеҳра чиро бинад» («Mukhara kya dekhe» (1996), «Ривояти касиф» («Apavirta akhayan», 2008), «Равӣ менависад» («Ravi likhta he», 2010). Хусусияти эҷодии аз ҳама бузурги Абдул Бисмиллоҳ ин аст, ки дар кадом мавзӯе, ки нависад, онро чуқур ва дақиқ меомӯзад. Мавод ва далелҳое, ки дар саҳифаҳои асарҳояш ҷой мекунад, асоси реалӣ доранд. Аз ин рӯ, асарҳои Абдул Бисмоллоҳро чун асарҳои таърихӣ низ этироф кардан мумкин аст.

Абдул Бисмиллоҳ дар романи «Чеҳра чиро бинад» («Mukhara kya dekhe» (1996) атрофи ҳодисаҳои Ҳиндустони охири солҳои мустамлика то даврони соҳибистиқлол шудан, сухан меронад. Дар саҳифаҳои асари мазкур дар бораи солҳои роҳбарии Гандҳӣ ҷӣ (Кармачанд Маҳатма Гандҳӣ), ҳуҷуми давлати Чин, ҷанги байни Ҳиндустону Покистон дар давраи ҳукмронии Шастрӣ ҷӣ, тақсимоти Конгреси Ҳиндустон дар замони Индира ҷӣ (Индира Гандҳӣ), пайдоиши Бангладеш, ҳодисаҳои замони муосир, авҷи ҳаракатҳои ҷамъиятии нажодпарастӣ ва дигар ҳодисаҳое, ки ҷомеаи озоди Ҳиндустонро ба таъхир меандозанд, қисса мекунад. Аммо гуфтан лозим аст, ки масъалаи марказӣ ва асосии роман атрофи ҳаёти деҳот ва бо проблемаҳои ҳаёти деҳотиён вобаста ва беътиноӣ ва хунукназарӣ нисбат ба аҳолии русто мебошад.Дар ҳаёти халқҳои Ҳиндустон ва, умуман, тамоми дунё қариб ҳамаи он воқеаҳое, ки рӯй медиҳанд, зуд дар ҳикояҳои нависандаи адабиёти муосири ҳиндӣ Камлешвар низ акси худро меёбанд. Ин тариқи коргузорӣ имконият медиҳад, ки аз дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии дар Ҳиндустон ва берун аз он рӯйдода хабардор шавем. Чунончи, Камлешвар дар ҳикояи «Шабҳо» ба воя расидани се насли фоҳишаҳоро тасвир намуда, ҳодисаҳои таърихӣ ва сиёсию иҷтимоии дар мамлакат ва берун аз он ба амал омадаро низ ба қалам додааст, ки аз ин бармеояд, то гузашти солҳо ва замонро мушоҳида намоем: «Ин ҳамон замоне буд, ки байни Америка ва Россия низоъ давом меёфт. Бомбаҳои атомиро месанҷиданд. Дар Ҳиндустон нақшаи тараққиёти мамлакат ба амал дароварда шуд. Ҷаласаи Болдунг шуда гузашт. Дар дунё мамлакатҳои нейтралӣ ҷудо шуданд. Тибет харобазор гашт. Ба Кашмир боз ҳуҷум намуданд ва дар Тошканд Лал Баҳодур вафот кард. Индира Гандӣ сарвазир интихоб шуд. Дар якчанд музофотҳо гурӯҳҳои эътирозбардоштаро пахш намуданд. Дар Биҳор ва Роҷастҳан ҳосил нарӯид. Дар Гуҷарат аҳолӣ боз ҳам зиёд шуд.

То он дам духтари Тарабай Гитабай ба балоғат расид...» [1, с.152].

Чунин услуби нигоришро дар романи «Чеҳра чиро бинад»-и Абдул Бисмиллоҳ низ назора кардем.Дар деҳаи Балапур одамони гуногунмазҳаб ва табақаҳои мухталифи Ҳинд зиндагӣ мекунанд. Он ҷо кастаҳои браҳманҳо, каястҳа-хаттотон, бания-тоҷирон, ҳалвай-қаннодон, аҳир-подабонҳо, лоҳар-оҳангарон, коҳар, сумаҳар, чамар-чармгарон, пасӣ-сайёдон, качҳӣ-обчакорон, мусулмонҳо ва дигар даҳҳо кастаҳо зиндагӣ мекунанд. Миёни браҳманҳо шахсе бо номи Рамврикша Панде ва байни мусулмонҳои деҳа ҷаноби Ҷаббор Мавлавӣ - шахсони муътабар ҳастанд. Бар хилофи дигар қабилаҳо ва табақаҳои хурд, ҳинду ва мусулмонҳо ҳарду баробарҳуқуқанд, яъне иззату эҳтиром нисбат ба ин аҳолии деҳот баробар мебошад. Бо вуҷуди он ки Рамврикша аз авлоди роҷаҳо нест, аммо ҳукмронии деҳа дар дасти ӯ буд. Ӯ вазифаи худро иҷро мекард ва ҳаққашро ба пуррагӣ мегирифт. Дар тӯйи духтараш ҳамаи аҳли деҳа ҳозир буд, аммо ба хурсандии Рамврикша шахсе аз деҳааш ҳамроҳ нашуд. Бо сабаби дину мазҳабпарастӣ Алӣ Аҳмад Чуриҳар ном ҷавони мусалмон ба тӯйи духтари Рамврикша наомад. Рамврикша инро нисбат ба худ таҳқир шуморида аз ҷаҳлаш поён намешуд. Ӯ худ ба худ фикр кард ва қасам хӯрд, ки «इस अल्ली चुड़िहार को दर-दर का बिखारी न बना दिया तो मेरा नाम रामवृक्षा पाण्डे नहीं» - «Is Ali curihar ko dar-dar ka bikhara na bana diya to mera nam Ramvriksha Pande nahin» - «Ин Алӣ Аҳмад Чуриҳарро то муфлис накунам, номи ман Раврикша Панде нест» [5, с.156]. Ба фикри Рамврикша пас аз ташкил шудани Покистон димоғи мусулмонон чоқ шудааст ва муносибаташон дигаргун гашт.

Ба ғайр аз муносибати Рамврикша Панде бо Алӣ Аҳмад Чуриҳар дар маркази асар муаллиф инчунин як қатор масоили иҷтимоиро чун дар мамлакати озод пурзӯр намудани ақоиди фарҳанги миллӣ, аз байн бурдани мухолифати динӣ-мазҳабӣ, шикастани занҷири анъанаҳои зарароварии куҳан, ба роҳ мондани рӯзгори беҳтари бомуваффақ, бо сабаби бесаводӣ ғӯта задан ба ақоиди куҳан ва фанатизми динӣ, бо интихоби панчаятҳо (узви ҳукмрон дар деҳа) худро побанд намудан, ба халқиятҳо ва қабилаҳои хурд барқарор намудани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва шуури синфӣ, дар деҳа ҷорӣ намудани имтиёзҳои шаҳр, бартараф кардани ақоиди ба худ мувофиқи ҷорӣ намудани ҳизбҳои сиёсӣ, шуурнокии сиёсиро боло бардоштан ва даҳҳо масоили бо русто вобастаро хеле боварибахш, реалӣ ва ҳақиқӣ тасвир кардааст.

Хусусияти муҳимми роман ин аст, ки муаллиф дар баробари инъикоси анбуҳи мушкилоти русто ва побандии чуқури расму русум ойини деҳотро омӯхта, тадқиқу таҳлил намуда, манзараи деҳотро дар тасовир додааст, яъне манзараи умумии онро ба қалами наср кашидааст. Аз ин нуқтаи назар, Абдул Бисмиллоҳ анъанаи романнависии Премчандро давом дода тавонист.Дар романи «Говсадақакунӣ» («Годан»)-и Премчанд деҳаи Беларӣ тасвир шудааст, ки мушкилоти хосси як деҳа ва ё маҳалли хос нест. Чунин ҳолат ва вазъи деҳот дар ҳар гӯшаю канори Ҳиндустон ҷой дошта метавонад. Бар ивази деҳоти Беларии романи «Говсадақакунӣ»-и Премчанд ягон деҳаи мамлакати Ҳиндро интихоб кардан имкон дорад. Мушкилоти деҳқонони деҳаи Беларӣ ё ҳолати сиёсӣ-иҷтимоии онро қариб дар ҳамаи рустои Ҳиндустон дида мумкин буд. Он аз мушкилоти дигар деҳаҳо фарқе надорад. Дар тасвири вазъи зиндагӣ ва мушкилоти ҳаёти деҳот ва сокинони деҳ, пеш аз ҳама, проблемаи иҷтимоии аҳолӣ дар мадди аввал оварда мешавад. Маҳз ҳамин мавзӯъро романи «Говсадақакунӣ»-и Премчанд инъикос кардааст.

Лекин деҳаи Мериганҷи романи «Кампали ифлос» («Майла анчал») ва Паранпури романи «Заминҳои нокорам» («Парти-парикатҳа»)-и Пҳанишварнатҳ Рену бо хусусиятҳои хосси деҳотии худ чунин махсус гардонида шудаанд, ки қиссаи ин деҳа ё маҳалла танҳо мансуби он ҷо ҳаст. Онро на дар ягон деҳа ва ё маҳалле дида наметавонем. Пҳарнишварнатҳ Рену ва намояндагони ҷараёни адабии «Романи деҳотӣ» («Майла анчал») ин рангорангии маҳаллиро дақиқ, возеҳу равшан нишон дода тавонистанд. Деҳаи Премчанд чун дигар деҳаҳои Ҳиндустон ё камаш ҳар деҳаи музофоти Уттар Прадеш шуда тавонист, аммо бо вуҷуди якрангӣ ва монандиҳои зиндагӣ ва масоили деҳотӣ романи рустои муосир аз ҳам дар тафовутанд. Чун гуфтор, зебу зинат ва ороишот, анъанаҳои миллӣ, даромаду баромад ва расму ойин чун рақсу суруд аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд [4, с.162].

Инак, Абдул Бисмиллоҳ дар романи худ «Чеҳра чиро бинад» («Mukhara kya dekhe») чун давомдиҳандаи кори эҷодии Премчанд ба ҳифзи деҳа ва сокинони деҳот дар даврони муосир гом бардоштааст. Ӯ мекӯшад, ки сарварони имрӯзаи Ҳиндустони бузург боз ҳам рӯй ба русто оваранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Нурова, М. Ҳикояҳои Камлешвар чун намунаи насри муосири ҳиндӣ / М. Нурова. – Душанбе, 2007. – 160 с.
2. Нурова, М. Хусусиятҳои романи рустоӣ дар адабиёти муосири ҳиндӣ / М. Нурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. - Душанбе: Сино, 2015. - № 4/2 (163). – С.132-136.
3. Нурова, М. Сравнительное изучение современной таджикской прозы и прозы хинд (на примере романов современной таджикской литературы и литературы хинди) / М. Нурова. – Душанбе, 2017. – 245 с.
4. Рамчанд, Тиварӣ. Романи ҳиндӣ (Ҳиндӣ упаняс) / Тиварӣ Рамчанд. – Варанасӣ, 2006. – 204 с.
5. Раҷабов, Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар даврои нав / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе, 2018.– 540 с.
6. Синҳ, Шивапрасад. Атрофи русто ва замони муосир (Анчалик аур адҳуник паривеш) / Шивапрасад Синҳ. – С.162-185.

АБДУЛ БИСМИЛЛОҲ ВА РОМАНИ Ӯ «ЧЕҲРА ЧИРО БИНАД» («Mukhara kya dekhe»

Дар мақолаи мазкур ҳунари адабии Абдул Бисмиллоҳ дар мисоли романи ӯ «Чеҳра чиро бинад» («Mukhara kya dekhe», 1996) таҳқиқ шудааст. Абдул Бисмиллоҳ дар адабиёти муосири ҳиндӣ бо асарҳои мансури худ мавқеи хосро ишғол мекунд. Яке аз романҳои Абдул Бисмиллоҳ, ки масоили доғи ҷомеаи Ҳиндустони озодро инъикос мекунад, романи «Чеҳра чиро бинад» («Mukhara kya dekhe») номгузорӣ шудааст. Дар асари мазкур атрофи ҳодисаҳои Ҳиндустони охири солҳои мустамлика будан то даврони соҳибистиқлол шудан, сухан меравад. Аммо қайд намудан бамаврид аст, ки мавзӯи асосии роман атрофи деҳот ва бо проблемаҳои ҳаёти деҳотиён вобаста буда, дар баробари ин, беътиноӣ нисбат ба аҳолии деҳ мебошад. Хусусияти муҳимми роман ин аст, ки муаллиф дар баробари инъикоси анбуҳи мушкилоти деҳа ва побанди чуқури расму русум ва ойини деҳотро омӯхтан, манзараи деҳотро дар тасовир овардааст. Аз ин нуқтаи назар, Абдул Бисмиллоҳ анъанаи муҳимми романнависии Премчандро давом дода тавонист.

Калидвожаҳо: Абдул Бисмиллоҳ, роман, чеҳра, адабиёти муосир, асарҳои мансур, Премчанд.

АБДУЛ БИСМИЛЛО И ЕГО РАМАН «ЧТО УВИДЕТЬ» («Mukhara kya dekhe»)

В данной статье исследуется литературное творчество Абдулла Бисмилло на примере его роман «Что увидеть» («Mukhara kya dekhe», 1996). Абдул Бисмилло как прозаик занимает особое место в современной литературе хинди. Его роман «Что увидеть» («Mukhara kya dekhe») описывает злободневные проблемы свободной Индии. В данном романе автор описывает события конца колониальной и начало суверенной Индии. Однако главная тема романа - это проблемы деревни и безразличие к ее жителям. Автор в своем романе, обращая внимание на множество проблем деревни и скованность селян традициями, нравами и обычаями, рисует общую картину современной деревни. С этой точки зрения, Абдул Бисмилло смог продолжить традицию романного творчества Премчанда.

Ключевые слова: Абдул Бисмилло, роман, современная литература, прозаические произведения, автор, Премчанд.

ABDUL BISMILLOH AND HIS NOVEL “WHAT DOES HIS FACE SEE” (“Kashidakari”)

In this article have been researched literary art of Abdul Bismilloh in his novel **“**What does his face see” (“Kashidakari”, 1996). Abdul Bismilloh in Modern Hindi literature has a crucial feature with his outstanding works. One of his novels that reflects the actual issues of free society of Hindustan is named **“**What does his face see”. In this novel word is going on the discussed the last events of end of colonial year of Hindustan till becoming independent. But it should be

noted that the main teems of novel connected to rural area and life problems of voyagers, although it is about inefficiency against to rural population. Main features of roman is that the author described scenery of village in order to reflection of crowded issues of village and deeply related to tradition and custom and learning custom of village. From this pointed of view Abdul Bismilloh could continue the vital tradition of novel-writer Premchand.

Key words: Abdul Bismilloh, novel, (face) Figure, modern literature, prosy works, Premchand.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нурова Майрамбӣ Абдулхаировна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, кафедраи филологияи Ҳинд. **Суроға:** 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mairam65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-519-28-06**

Сведения об авторе: ***Нурова Майрамби Абдулхаировна*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, кафедра индийской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mairam65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-519-28-06**

Information about the author: ***Nurova Mairambi Abdulkhairovna*** **–** Tajik National University, Candidate of Philology, associate professor of chair of Indian philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mairam65@mail.ru.** Tel.: **(+992) 98-519-28-06**

УДК: 892.7

АНДЕШАҲОИ НОЗИК АЛ-МАЛОИКА ПЕРОМУНИ АБЗОРҲОИ ШЕЪР

Шарипова Г.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нозик ал-Малоика яке аз бунёдгузорони шеъри нави арабӣ маҳсуб мешавад. Хидмати ӯ дар рушду камоли шеъри муосир танҳо бо арза намудани ашъори нав маҳдуд намешавад.Мавсуф ба хотири он ки мухотабон бидъату шеваи навпардозонаи эҷоди вайро бишносанд, дар осори назарияш ба нишонаҳову аломатҳои таҷаддуд дар шеър ишорат намудааст.Масалан, дар нақди имрӯзин аксар ноқидон миёни мазмуну тасвир фарқи қобили мулоҳизае қоил намешаванд. Бар хилофи ин назар, Нозик ал-Малоика муътақид аст, ки зимни арзёбии ин масъала ҳамзамон бояд ба тафовутҳо ва шохисҳои миёни тасвиру вазну мусиқии байтҳо таваҷҷуҳ дошт. Шинохти ин ҷанбаҳо дар дарку маърифати комили шеър ниҳоят муҳим аст, зеро мавзӯъ дар навбати аввал маводи хомест, ки шеър онро манзур мегардонад. Сохт ё шакли шеър бошад, сабке аст, ки шоир барои бозтоби мавзӯъ интихоб менамояд. Ҷузъиёт ҳамон шеваҳои баёнӣ ҳастанд, ки шоир ба воситаи онҳо рахнаҳои баданаи сохтро пур мекунад. Ҷолиб ин аст, ки шоира вазнро шакли мусиқие медонад, ки шоир онро барои инъикоси мавзӯъ бармегузинад.

Ҷанбаи дигаре, ки зимни тарҳи масъалаи мазкур ба он таъкиди хос шуда ба мавзӯъ ва шеваҳои баёну муҳимияти он иртибот мегирад. Зикр гардида, ки дар қаламрави шеър тарҳи андешаву биниш, мавзӯъ ё маъно муҳим нест. Масъала асли баёни андеша аст. Яъне, замони офариниши шеър мақсади мо мавзӯи илмӣ, фалсафӣ ё чизи дигаре нест, балки шеваи тарҳу бозтоби андеша аст. Чунки шинохту маърифати шеърӣ аз дигар навъҳои маърифат тафовут дорад. Шеър майдону қаламрави хосседро барои андешаварзӣ фароҳам месозад, ки аз дигар донишҳо фарқ мекунад. Ба ин маънӣ, ки шеър фарогири андешаи беэътиноиву зоҳирӣ аст, ки миёнашон бояд фарқ гузошт. Мавзӯи як шеър новобаста аз он ки сиёсӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, психологӣ ё чизи дигарест, фароҳамсози шеър нест, балки ҷузъе аз шеър аст.

Аҳаммияти мавзӯъ ба андозаи илҳомбахшии мазмун аст. Нозик ал-Малоика перомуни мавзӯъ ва ҷойгоҳи он чунин ибрози назар менамояд: «Мавзӯъ аз ҳамон лаҳзае муҳимму шоистаи иноят аст, ки шоир онро барои шеъри худ интихоб мекунад ва он гоҳ ба сохтор ҷиҳат медиҳад ва бо он ҳаракат мекунад. Пас аввалин шарт дар мавзӯъ он аст, ки равшан ва мушаххас бошад» [3, с.206].Нозик ал-Малоика мавзӯи сохтору таъсири амиқи онро дар танаввуъи шеър дар бисёре аз таълифоти худ бо пешниҳоди шавоҳиди фаровон аз ашъори шоирони муосир матраҳ месозад. Аз ҷумла, дар китоби «Ҷомеашинохтии шеър» зимни арзёбии ҷанбаҳои гуногуни сохтор миёни ду навъ шеър фарқ мегузорад, навъи нахуст ашъори шоироне мебошад, ки миёни сохтору мавзӯи шеърашон метавон тафовуту фарқиятҳоеро қоил шуд ва навъи дуюм ашъоре, ки дар он сохтору мавзӯъ ба ҳам омезиш ёфтааст. Ба қавли шоира: «агар шеъреро дар расоъ суруда бошанд дар офариниши як чорчӯби ҳунарӣ, ки мавзӯъро дар он сохтаву пардохтаанд, намекӯшанд, балки ба дарки ҷузъии паёме басанда мекунанд, то муқаддам намудани байте ба байти дигар, ё мақтае бар мақтаи дигар. Гӯйӣ мавзӯъ аз назари онҳо барои ваҳдат бахшидан ба шеър кофӣ аст ва бидуни таваҷҷуҳ ба мавзӯъ ва нигоҳи шоирона ба он ба манзалаи моддаҳои, ки бояд дар фазои ҳунарӣ сохт ва пардохт шавад, фикр мекунанд, ки мавзӯъ муҷиби шеър шудан мегардад» [4, с.484].

Бояд арз дошт, ки шеъри нави араб дар имтидоди замон аз ҷониби шоира бо назардошти хасоиси мавзӯӣ гурӯҳбандӣ шудааст. Масалан, ашъори Сулаймон Алайсиро

шеъри миллигароёна ё натсионалистӣ мехонад ва шеъри Низор Қаболиро шеъри ошиқона медонад. Бар хилофи ин ду шеъри Али Маҳмуд Тоҳоро шеъри сиёсиву ошиқона мешуморад. Гузашта аз ин, дар сурудаҳои мазкур ҷанбаи отифӣ ва сатҳи фикриву андешагиро бисёр неруманд мебинад.Рӯиҳамрафта аз дидгоҳи ӯ мавзӯъро наметавон хусусияти ҳунарии хос пиндошт. Мавзӯъ қодир нест шеърияти шеърро таъйин намояд. Муҳаққиқи дигар Адунис низ дар ин масъала бо ӯ ҳамақида аст. Ба гуфтаи вай «мавзӯъ дар шеър ҷойгоҳе надорад балки муҳим баёну шеваи баён аст. Ҳақоиқе мустақим вуҷуд надорад, балки ҳарчӣ ҳаст, нигариш ва дидгоҳ аст» [3, с.109].

Ногуфта намонад, ки донишманди мазкур зимни таҳлили модернизм ё таҷаддуд ва асбобу абзори падидоварандаи он нахуст миёни мундариҷа ва сохтор ҷудоӣ ё фарқият қоил мешавад. Аз нигоҳи вай таҷаддуд, навгароӣ танҳо дар шаклпазирии баён чеҳра боз мекунад, на дар мавзӯъ. Зимни офариниш бартарӣ додан ба мавзӯъ маънии инкор намудани шеър аст. Ҳангоми бархӯрд бо шеър зарур аст ба ҳузури шеър дар баробари хеш таваҷҷуҳ дошт, на ба мавзӯъ. Ниҳоятан, дар шинохти шеър набояд дунболи он гашт, ки шеър чӣ маъно дорад, балки дарк бояд намуд, ки шеър чӣ уфуқҳоеро дар баробари мо мекушояд. Мусаллам аст, ки сохтори шеър ба сари худ хусусиятҳои хоссе дорад. Гап дар ин аст, ки замоне, ки сухан аз мавзӯъ дар миён меафтад, худ ба худ масъалаи сохтор ба миён меояд.Ҳарчанд мундариҷа ва сохтори шеър аз ҳам ҷудо нестанд, вале муайянсозии нуқтаи оғози сохтор ва нуқтаи жанрии он бисёр мушкил аст. Ба андешаи Велак Рене «муҳтаво дарбардорандаи бархе аз ҷанбаҳои сохту ҳаводисе аст, ки ровӣ онро ривоят мекунад ва лизо бахше аз муҳтаво аст. Ҳоло он ки шеваи тартиби он сохт ё бофт номида мешавад. Агар ин шеваи тартиб аз байн равад, тамоми асари ҳунарӣ аз байн меравад» [7, с.46].

Нозик ал-Малоика бошад муътақид аст, ки коркарда сохтор ба шеър ваҳдату ягона чӣ мебахшад ва гусасту парокандагии онро монеъ мешавад. Зимнан шоира барои сохтори шеър вижагиҳои хоссеро муайян менамояд, ки зикрашон ба таври улум бемаврид нахоҳад буд. Хусусияти умдаи як сохтор доштани пайвастагӣ аст. Ба ин маънӣ, ки таносуби миёни арзишҳои отифӣ ва фикрӣ низоманд бошад, яъне тамоми бахшҳои шеър ба мизони муносибу муназам баён гарданд. Набояд бахше муфассал бошад ва қисми дигар кӯтоҳ. Устуворӣ хусусияти дигари сохтор аст. Лозим аст, сохтори куллии шеър аз ҷузъиёте, ки шоирон барои гуногунии отифиву таҷаллии фикрӣ ба кор мебаранд, фарқ накунад. Вижагии муҳимми сохтор ҳамчунин таносуби он аст. Ба ин маънӣ, ки сохтор дарбардорандаи тамоми он чизҳое бошад, ки барои шаклгирии ваҳдату ягонагӣ ба он эҳтиёҷ дорад. Нозик ал-Малоика ҳамчунини таъкид мекунад, ки забони шеър дар таносуби сохтор унсури асосӣ аст. Ба ин маънӣ, ки забон бояд қобили фаҳму дарк бошад. Санъатҳои бадеӣ аз қабили ташбеҳу истиораҳо, тасвирҳо дар чаҳорчӯби шеър бояд равшану возеҳ бошанд.

Матлаби дигаре, ки дар пайванд бо боқии сохтор Нозик ал-Малоика ба он таъкид варзида, ваҳдати сохторӣ ё органикӣ мебошад. Дар адабиётшиносӣ аз он бо истилоҳи сохторгароӣ ёд мешавад. Маълум аст, ки сохторгароӣ равиши илмиест, ки ба таҳқиқу баррасии муносиботи дарунии унсурҳои созандаи як шакл мепардозад. Сохторгароиро ҳамзамон дар адабиётшиносӣ дар бахши «нақди сохторӣ» мавриди омӯзишу баррасӣ қарор медиҳанд. Ин бахш дар навбати худ дорои хусусиятҳои хос аст, ки дар зер ба бархе аз аз онҳо ишорат хоҳад шуд.Муҳаққиқ Аҳмадӣ Б. перомуни нақди сохторӣ ва вижагиҳои он изҳор дошта, ки як матни адабӣ танҳо метавонад дар чаҳорчӯби мавзӯъҳои забоншиносӣ қобили баррасӣ бошад. Аз ин гузашта, матни адабӣ матнест, дар маҳдудаи замону макони хоссе сурат мегирад. Тамоми муколамаву гуфтугузорҳо дар ҳамин маҳдуда оғозу анҷом меёбад ва иртиботе ба дунёи хориҷи худ надорад. Матни адабӣ мутаалиқ ба дунёи худ, яъне ба дунёи забони худ аст [1, с.181].

Масъалаи ваҳдати сохторӣ нахустин бор аз ҷониби Арасту дар иртибот бо намоишнома тарҳ гардида буд, вале дар шеър ваҳдати сохторӣ ба ин маъно аст, ки «ваҳдати мавзӯъ, ваҳдати эҳсосот ва авотифе аст, ки мавзӯъ онро бармеангезад ва натиҷаи он тартиби тасвирҳо ва андешаҳост, ки ба тадриҷ пеш мераванд, то ин ки ба поён мерасанд, ки боз лозимаи он тартибу назми андешаҳо ва тасвирҳост то ҷое, ки ачзои як қитъаи шеърӣ ба як сохти зинда бадал мешавад ва ҳар ҷузъ дорои коркарде аст ва аз тариқи занҷираи андешаварзиву эҳсосот нақши худро ифо менамоянд» [6, с.379].

Тавре ки маълум аст, шеъри классик бар истиқлоли байт такявар буд ва ваҳдати сохтории онро низ байт фароҳам месохт. Нозик ал-Малоика бошад бар ин назар аст, ки шеъри навпардозона низ бояд ваҳдати сохтории худро дошта бошад. Мавсуф пас аз арзёбии масъалаи сохтору мавзӯъ навъҳои сохторро гурӯҳбандӣ мекунад.

Хотирнишон месозад, ки пас аз баррасии садҳо қасидаи классикӣ ба ин натиҷа расида, ки сохтори қасида ба се навъи куллӣ асос ёфтааст. Навъи якум сохтори мусаттаҳ аст, ки ҳаракату замон барои он бегона аст. Бар хилофи он навъи дуюм, яъне сохтори ҳермӣ, ки ба ҳаракату замон такявар аст ва ниҳоят навъи сеюм, ки фарогири ҳаракат аст,

вале замон надорад [5, с.211].Масъалаи дигари қобили мулоҳиза, ки дар осори назарии Нозик-ал-Малоика мавриди баррасӣ қарор гирифта, пайванди шеър бо зиндагӣ ва конуни инсонист. Дар адабиётшиносии Эрон низ назарияпардозони шеър ва шоирони алоҳида борҳо атрофи масоили мазбур изҳори назар намудаанд, ки зикрашон баъдан хоҳад омад. Аммо Нозик ал-Малоика дар назарияи худ дар пайванд ба ҷомеа ва махсусан масъалаи шеърро ифода тарҳрезӣ месозад. Иллати пайванди мустақили шеър бо иҷтимоъ дар иҷтимоӣ будани мабнои шеър ва дар ҳидмати иҷтимоъ қарор гирифтани он аст.

Нозик ал-Малоика бо ин ки ба рисолату нақши корсози шеър дар беҳбуду рафъи мушкилоти иҷтимоӣ боварӣ дорад, барои шеър чаҳор замина ё ҷанбаро муҳим медонад. Ба андешаи вай ҷанбаи аввал ҷанбаи ҳунарии шеър аст. Замоне, ки сухан аз шеъри иҷтимоӣ дар миён аст, манзур танҳо мавзӯи шеър аст, ки бояд дарунмоя ё ҳадафу мақсади муайянеро дунбол кунад. Дар ин маврид дигар хусусиятҳои шеър аз қабили сохтору тасвиру таъсирпазирӣ, мусиқӣ, идея ва ғ. ба назар гирифта намешавад. Дар нақди адабӣ дар ҳоле, ки мавзӯъ аз камарзиштарин ҷанбаи шеър шуморида мешавад, зеро ҳар мавзӯе метавонад шеър бошад, чи фарогири масоили иҷтимоӣ бошад ё дар бораи чизи дигаре навишта шуда бошад.Ҷанбаи дигар дар шеър ҷанбаи инсонияти он маҳсуб мешавад. Таъкид бояд намуд, ки иҷтимоӣ намудани шеър онро аз авотифи инсонӣ дур месозад. Бар асоси ин назария эҳсоси як инсони маъмулӣ мавзӯи шеър қарор намегирад. Аммо агар эҳсоси инсонӣ мавзӯи шеър гардад, бояд инсони барҷаста бошад, ки эҳсос надорад. Яъне, чунин инсоне, ки муҳити перомун барои ӯ бетафовут аст, тамошои гулзор, дидани ғуруби хуршед ӯро мутааҷҷиб намесозад. Ҷонибдорони ин назария шеъри ғайрииҷтимоиро эҳсосоти фардӣ, гурез аз воқеият ва фардгароёна медонанд, дар сурате, ки худ дар амал аз воқеият гурезонанд.

Шоира дар радифи ин аз заминаи миллии шеър зикри ном мекунад. Ҷанбаи миллии шеър, дар ҳақиқат, бардошти тангу маҳдуд ва бастае аз миллигароӣ аст. Тарафдорони ин назария таъкид менамояд, ки шоирони муосир бештар ба авотифу эҳсосоти фардии худ побанданд ва ин нуқси бузурги онҳо дар иртибот бо эҳсоси миллигароёнаи онҳо маҳсуб мешавад. Ҷанбаи миллии шеър бояд се хусусияти умда дошта бошад. Нахуст вуҷуди ҷудоӣ байни шаҳрванду инсон. Онҳо бар ин назаранд, ки шаҳрванди хубро лозим аст инсонияти худро ҳифз намояд, аз тамоми зебоиҳои ҳаёт, тамошои манозиру саҳнаҳои шодизои зиндагӣ дурӣ гузинад.

Хусусияти дуюм вуҷуди эҳсоси ватандӯстӣ мебошад, ки муродифи муборизаи сиёсӣ аст, аммо ин аз маънои асосии миллигароӣ фарқ дорад. Ба ин маънӣ, ки муборизаи сиёсӣ вазифаи ашрофияту равшанфикрон ва роҳбарон аст. Ниҳоят хусусияти сеюм талқини ин андеша аст, ки муборизаи сиёсӣ вазифаи ашрофияту равшанфикрон ва роҳбарон аст.

Ниҳоят хусусияти дигар талқини ин андеша аст, ки шеър дар ҷомеа арзиши зотӣ надорад, балки василаест барои ҳадафу мақсадҳои дигар.Ҷанбаи чоруми шеър ҷанбаи зебошинохтии шеър мебошад. Ба андешаи ҷонибдорони ин назария дидани манзараҳои мухталиф ба инсон лаззати отифӣ медиҳад, ки дар такомули ҳисси зебошинохтии одамӣ ёрӣ мерасонад.

Миёни назариёту дидгоҳҳои Нозик ал-Малоика, махсусан ақидаҳои вай перомуни шеъру ҷузъиёти мухталифи ин қобили мулоҳизаанд. Масъалаи аввал, ки дар иртибот бо шеър дар осори назарияи вай барҷаста аст, бозтобу баррасии мавзӯи макони зуҳур ё хостангоҳи шеър аст. Аслан донишмандону ноқидони шеъри муосири араб барои эҷоду падид овардани шеър се хостангоҳи аслиро қабул доранд: иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангӣ ва равонӣ. Танҳо лозим ба таъкид аст, ки конуни иҷтимоӣ-сиёсӣ хестангоҳи муҳимтарини шеър мебошад.

Нозик ал-Малоика ҳам бар ин бовар аст, ки шоир дар инзивову узлат ба сар намебарад. Вай ин пурсишро матраҳ менамояд, ки оё ақлонӣ аст, ки насле аз шоирон ба рӯйкарде рӯй оварад, бе он ки сабабҳои муҳитӣ ва таърихӣ дошта бошад. «Адабиёт ба сони себе нест, ки дар ҳаво бирӯяд, балки мевае аст, дар дарахте, ки ба хоку ҳаво вобаста аст» [5, с.254].Бояд таъкид намуд, ки Нозик ал-Малоика мисли Адунис шеъру адабиётро танҳо ҳосили муносиботи таърихӣ намешуморад, балки ба ақидаи ӯ танҳо таваҷҷуҳ ба иҷтимоӣ будани шеър ба маънии «нодида гирифтани дигар ҷанбаҳои шаклгирии осори ҳунарӣ, абзори шеър мисли сохт, тасвир, таъсирпазирӣ, мусиқӣ, андеша ва маънии ошкору пинҳон мебошад» [5, с.252].

Ба ақидаи Нозик ал-Малоика ҳангоми арзёбии ин масъалаҳо амри муҳим шеваи баррасиву таҳлили масъалаҳо ба шумор меравад, зеро иҷтимоӣ будани шеър, ҷанбаи иҷтимоӣ доштани он, дар асл арзиши муштарак миёни доштаҳо ва ҳунарҳост, зеро ҳар мавзӯъ метавонад мавзӯи шеър бошад. Бояд гуфт, ки Нозик ал-Малоика дар бораи хестангоҳи фарҳангии шеър андешаи ҷудогонае изҳор надошта аст, вале перомуни бунёни зеҳнии шеър назари хос дорад. Ақидаи ӯ аслан дар атрофи ин пурсиш шакл мегирад, ки заминаи шеър илҳом аст, ё чизи дигаре? Ӯ ин масъаларо дар номае, ки ба як шоири ҷавон унвон шуда, равшан месозад. Дар номаи шоира чунин омадааст: «баъдан эй шоири ҷавон!

Шеър талотуми рӯҳе аст, ки шоир ба хештани хеш аст ва барои рӯйиши гулу интишори атри он ба хилват ниёз дорӣ, ки дар он ба тааммулу андешаварзӣ ва ҳузури эҳсос бипардозӣ. Дар чунин фазое аст, ки ногаҳон авомили ҷодуӣ дар ҷонат сар бармеоваранд ва бедиранг ҷомаи латиф аз хайру зебоӣ ва мусиқиву ранг бар вуҷуд мебахшӣ» [5, с.401].

Бояд гуфт, ки шоира ин масъаларо дар осори дигараш низ мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки баррасиаш замону ҷойгоҳи дигарро мехоҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. احمدی ، بابك، ساختار و تأویل متن، نشر مرکز چاب اول 1373
2. أدونیس، زمان الشعر، دار العوده، بیروت،1978
3. أدونیس، احمد علی سعید، زمن الشعر، دارالفکر، بیروت، چاب پنجم.1986
4. الملائکه، نازك، سایکولوجیه الشعر، المجلس الاعلی للثقافه، 2002.
5. الملائکه، نازك، قضایا الشعر المعاصر، المجلس الاعلی للثقافه، 200
6. غنیمی ه لال، محمد، النقد الأدبی الحدیث، مطابع الشعب، قاهره، چاب سوم، 1964
7. ولك، رنه ، تاریخ نقد جدید، ترجمه سعید ارباب شیرانی، نیلوفر، 1371.
8. Кляшторина В.Б. «Новая поэзия» в Иране / В.Б. Кляшторина. - М.: Наука, 1975. - С.22.
9. Мэри Кулигез. Дарсномаи назарияи адабӣ (тарҷумаи Ҷалол Суханвар) / Кулигез Мэри. - Нашри Ахтарон. Чопи аввал, 1388. - С.130.
10. Метс А. Тенденция развития свободного стиха: Вопросы литературы / А.Метс. – 1972. - №2. - С.124-130.

АНДЕШАҲОИ НОЗИК АЛ-МАЛОИКА ПЕРОМУНИ АБЗОРҲОИ ШЕЪР

Мақолаи мазкур ба таҳлилу арзёбии андешаҳои адабӣ – назарии Нозик ал-Малоика дар атрофи абзорҳои шеър ихтисос дорад. Тавре ки маълум аст, Нозик ал-Малоика дар адабиётшиносии ҷаҳон яке аз асосгузорони шеъри нави арабӣ шинохта шудааст. Шоира дар осори назарии худ мисли «Қазоёи шеъри муосир», «Ҷомеашинохтии шеър» андешаҳо ва назариёташро дар бораи таҳаввули масоили адабӣ, гироишҳои навини адабиёти муосир ва ҷойгоҳи абзорҳои шеърӣ дар адабиёт баён доштааст. Дар осори назарии ӯ масъалае, ки, пеш аз ҳама, ҷалби назар мекунад андешаҳояш дар бораи таъсири сохтор дар танаввуи шеър аст. Зимни таҳлили ҷанбаҳои сохтор шоира миёни анвои шеър фарқ мегузорад. Навъи якум шеърҳои шоироне мебошанд, ки байни сохтору муҳтавои онҳо метавон тавфир гузошт. Навъи дуюми шеърҳо иборатанд аз омезаи сохтору муҳтаво. Бар мабнои қазовати Нозик ал-Малоика мунтакидони шеъри муосир шаклу сохторро барои шеър муҳим намедонанд, вале ҳангоми шинохти аркони шеър бояд ба ин ду ҷанба муттако буд. Нахуст дар бунёди сохтмони шеър, дувум дар бофту баёни муҳтавои дилпазиру муассири он. Гузашта аз ин, набояд ба ритми шеър дар матн беэътино буд. Ритм дар шеър яке аз муҳимтарин абзорҳо маҳсуб мешавад. Ҳар як шоири боқариҳа бояд дар коргирӣ аз ритм моҳир бошад, дар акси ҳол наметавонад шоири ҳақиқӣ бошад. Нозик ал-Малоика шеъри нави арабиро таҳлил намуда ба вижагиҳои мавзӯии он таваҷҷуҳи хосса мабзул медорад. Ба андешаи ӯ мавзӯъ наметавонад нишони вижагиҳои бадеӣ бошад. Мавзӯъ муайянкунандаи бадеияти шеър нест. Нозик ал-Малоика чунин мешуморад, ки таъсири сохтор ба шеър ваҳдат бахшида онро аз парокандагиву парешонӣ ҳифз мекунад.

Калидвожаҳо: адабиёт, шеър, гироиш, абзор, шоира, ҷомеашинохтӣ, таҳаввул, ритм, нақд, маҳорат.

ВОЗЗРЕНИЯ НАЗИК АЛЬ-МАЛАИКА НА ПОЭТИЧЕСКИЕ ИНСТРУМЕНТЫ

Статья посвящена анализу литературно-теоретических воззрении Назик аль-Малаике относительно поэтических инструментов. Как известно, Назик аль-Малаика в мировом литературоведении признана одной из основателей новой арабской поэзии. Поэтесса в своих теоретических трудах, таких как «Проблемы современной поэзии», «Социология поэзии» выразила свои мысли и теоретические воззрения о трансформации литературных догм, новых течениях в современной арабской поэзии и месте поэтических фигур в поэзии. В трудах Назик аль-Малаика прежде всего обращают на себя внимание ее мысли о влиянии структуры на разнообразие стиха. При анализе аспектов структуры поэтесса проводит границу между видами поэзии. Первый вид – это стихи поэтов, между структурой и содержанием которых представляется возможным найти личие. Второй вид стихов, которые представляют собой смесь структуры и содержания. Судя по размышлениям Назик аль-Малаика, критики современного стиха не считают форму и структуру важным для стиха. Однако при установлении основ стиха, следует опираться на эти два аспекта. Во-первых, на строение структуры стиха, во-вторых, на красивое и воодушевляющее его содержание. Кроме этого недопустимо пренебрежение к ритму в тексте стиха. Ритм в стихе является одним из важных инструментов. Каждый искусный поэт должен быть мастером ритма, в противном случае он не может считаться истинным поэтом. Анализируя новый арабский стих, Назик аль-Малаика уделяет особое внимание тематическим особенностям поэзии. На её взгляд, тема не относится художественным особенностям. Тема не может определить поэтичность стиха. Назик аль-Малаика считает, что влияние структуры на стих придаёт ему единство и предотвращает его расчленение и разбросанность.

Ключевые слова: литература, поэзия, течения, инструмент, поэтесса, социология, трансформация, ритм, критика, искусный.

NAZIK AL-MALAIK 'S OPINION ON POETRY INSTRUMENTS

The article is devoted to the analysis of the literary and theoretical opinion of Nazik al-Malaike regarding poetry instruments. As is known, Nazik al-Malaika in world literature is recognized as one of the founders of new Arabic poetry. The poet of her theoretical works as "Problems of Modern Poetry," Sociology of Poetry "expressed her thoughts and theoretical views on the transformation of literary dogmas, new currents in modern Arabic poetry and the place of poetry figures in poetry. In Nazik al-Malaik 's writings, what is first and foremost striking is her thoughts on the effect of structure, on the diversity of verse. When analyzing aspects of the structure, the poet gives the difference between types of poetry. The first kind are poems of poets, between the structure and content of which it is possible to draw a difference. The second kind of verses, which are a mixture of structure and content. The reflection judge Nazik al-Malaik, critics of the modern verse do not consider form and structure important for the verse. However, in establishing the foundations of the verse, two aspects should be borne in mind. First, on the structure of structure of the verse, secondly, on the beautiful and inspiring him contents. In addition, disregard for rhythm in the text of the verse is unacceptable. Rhythm in verse is one of the important instruments. Every skilled poet must be a master of rhythm, otherwise he cannot be considered a true poet. In analyzing the new Arabic verse, Nazik al-Malaik pays special attention to the thematic features of poetry. In her opinion,

the topic is not a specific artistic feature. The theme cannot determine the poetry of the verse. Nazik al-Malaika believes that the influence of the structure on the verse gives it unity and prevents it from being dismembered and scattered.

Key words: literature, poetry, currents, instrument, poet, sociology, transformation, rhythm, criticism, spark.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипова Гулноз Бахтиёровна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **farzod-2013@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-40-00-95**

Сведения об авторе: ***Шарипова Гулноз Бахтиёровна*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **farzod-2013@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-40-00-95**

Information about the author: ***Sharipova Gulnoz Bakhtiyorovna*** - Tajik National University, postgraduate of department of arabic philology of Asia and Europe languages faculty. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **farzod-2013@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-40-00-95**

УДК:398 (575.3)

ВАЗНИ СУРУДҲОИ АРӮСИИ ХАЛҚӢ ДАР НОҲИЯИ МАСТЧОҲ

Шарифова Муслима
Колеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ

Адабиёти шифоҳии мардуми тоҷик аз ғанитарин осори маъруфи адабӣ ба шумор меравад ва он дорои таърихи куҳан мебошад. Дар воқеъ матнҳои фолклорӣ дар тӯли ҳазорон сол пас аз соҳиби нутқ шудани инсон дар шакли шифоҳӣ роиҷ гардид. Фолклори тоҷик дорои анвои гуногуни осори адабӣ мебошад. Сурудҳо ҳам аз осори манзуми серистеъмоли мардумӣ буда, ба навъҳои гуногун ҷудо карда мешаванд, ки яке аз он анвоъ сурудҳои марбут ба ҷашни арӯсӣ мебошад. Ин ҷо мехоҳем доир ба вазни баъзе аз сурудҳои халқии арӯсӣ дар ноҳияи Мастчоҳ мулоҳизаронӣ намоем. Тавре маълум аст, сурудҳои халқӣ метавонанд дар жанрҳои рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, қитъа ва байтҳои алоҳидаи мавзӯи баҳам омада иборат бошанд. Авзони назми шифоҳӣ, мутаассифона, то ба ҳол пурра омӯхта нашудааст. Дар ин миёна то ҷое вазни рубоӣ, дубайтӣ ва фардиёти адабиёти шифоҳӣ ба сарҳадди ҳол расидааст, ки ин роҳкушои корҳои оянда дониста мешавад. Оид ба вазни асарҳои манзум донишмандону арӯзшиносони гузаштаву имрӯзаи адабиёти форсу тоҷик андешаҳои ҷолибе баён намудаанд. Мо ин масъалаи нозуки осори манзумро дар асари Шамс Қайси Розӣ «Ал-мӯъҷам», дар китоби Баҳром Сирус «Арӯзи тоҷик», дар китоби Урбатулло Тоҳиров «Фарҳанги истилоҳоти арузи Аҷам» ва дигарон дида метавонем. Вазни шеърро шеършиносони пешина чунин ба қалам додаанд: «Вазн иборат аз ҳайатест, ки аз тартибу ҳаракату саканот ва таносуби он дар адад ва миқдор ҳосил мешавад, чунонки нафс аз идроки он лазати махсус ёбад ва он лазатро завқ гӯянд. Агар ба ҷойи ҳайат, ки аз ҳаракату саканот ва таносуби он иборат мебошад, ҳайате ояд, ки аз тартиботи ҳарфҳо ва таносуби онҳо ҳосил шуда бошад, шеър ном мегирад» [5, 154]. Аз рӯи гуфти Т.Зеҳнӣ «вазн ченак ва андозаи як навъ ашъори гуногунсохт мебошад» [2, 241].

Сурудҳои арӯсии халқӣ низ аз вазни арӯзи китобӣ баҳраҳо бардоштаанд ва халқ аксар вақт сурудҳои эҷод кардаи хешро дар асос ва заминаи вазни арӯз тараннум намудааст. Ин ҷо танҳо вазни он сурудҳои арӯсии халқие муайян карда шудааст, ки ба завқи мардум наздиканд. Албатта ин иқдоми аввал аст шояд аз норасиҳо холӣ набошад. Ба ҳарҳол кӯшише дар ин роҳ ба харҷ рафтааст.Масалан, ба суруди машҳури «Гул буро» таваҷҷуҳ менамоем:

Буро, буро аз хуна,
Эй гул, буро хуна.
Гул буро аз хуна,
Булбул буро аз хуна [10, 25].

Ин мисол бо вазни ҳиҷоӣ эҷод шудааст. Аз рӯи ин шумор ҳар мисраи ин суруд ҳафт ҳиҷоро дар бар мегирад ва аз сурудҳои ба вазни ҳиҷоӣ навишташуда дохил мешавад. Зарур ба таъкид аст, ки мисраи севуми абёти болоӣ аз шаш ҳиҷо иборат аст ва дар вақти сурудан кашиши нозуки калимаи «гул» ин норасоиро то ҷое мепӯшонад. Бандҳои ин суруд бошад аз рубоӣ ташкил ёфтаанд, ки онҳо дар вазни арӯз сароида шудаанд. Бинобар ин дар як навбат ин суруд ҳам ба вазни ҳиҷоӣ тааллуқ дорад ва ҳам ба вазни арӯз. Рубоиҳое, ки баъд аз такрори ин нақарот хонда мешаванд, ба қарори зайланд:

Ман мераваму нигори ман мемунад,
Сабри дили беқарори ман мемунад.
Чуғзе ба сари кулбаи мо омаду рафт,
Ин кулбаи вайрона ба мо мемунад [10, 32].

Ин рубоӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаммани шаҷараи ахраби макфуфи солими абтар сароида шудааст. Рукнҳои он:

МафъУлу/ мафоъИлу/ мафоъИлун/ фаъ
МафъУлу/ мафоъИлу/ мафоъИлун/ фаъ
- - у / у- -у / у- - - / -
- - у / у - - у / у - - - / -

Ин тақсимбандии зиҳофҳо маънои онро надорад, ки ҳар чаҳор мисраъ дар рубоӣ бо як хел вазни қотеъ ояд. Рубоӣ худ дар шаҷараҳои ахраб ва ахрами баҳри ҳазаҷ асту дар дохили мисраъ зиҳофҳои он метавонад тағйир ёбад. Суруди машҳури «Дугонаи ҷун» низ дар ҳамин қатор буда, дар байни мардуми ноҳияи Мастчоҳ, дар тӯйҳо хеле зиёд сароида мешавад. Яъне, нақароти ин суруд ҳам дар вазни ҳиҷоӣ буда, рубоиҳои ба он марбут дар вазни арӯз омадаанд:

Дугонаҷон, дугона,
Ту меравӣ аз хуна,
Зулфота занем шуна,
Чашмота кашем сурма [10, 36].

Ҳар мисраи нақароти суруди ёд шуда низ аз ҳафт ҳиҷо иборат мебошад. Ба рубоии таркиби ин суруди тӯй таваҷҷуҳ менамоем.

Чашмони ту оҳубараро мемунад,
Рӯят гули шабнамзадаро мемунад.
Ҳар кас, ки ба болини ту сар мемунад,
Дар нозу карашмаи ту дар мемунад [10, 28].

Вазни рубоӣ чунин аст:

МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ
МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ
- - у / у- -у / у - - - / -
- - у / у - - у / у - - - / -

Рубоии мазкур дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи солими абтар эҷод шудааст.Суруди «Шаҳ муборак боде» низ аз ҳамин зумра сурудҳо дониста шудааст:

Шаҳ муборак боде,
Арӯс муродашдоде.
Хонааш ободе,
Зи ғусса дил озоде! [10, 44].

Дар ин нақароти суруд мисраҳои якум ва севум шашҳиҷоӣ буда, мисраҳои дувум ва чаҳорум ҳафт ҳиҷоӣ мебошанд, яъне дар вақти замзамаву сурудан мисраҳои якум ва севум кашиши нозукеро тақозо менамоянд. Рубоии ин суруд чунин аст:

Бигзор, ки мо табл занем аз шодӣ,
Бигзор дар ин хона бувад ободӣ.
Домоду арӯси мо ба ҳам хуш бошанд,
Мо омадаем бар муборакбодӣ! [10, 47].

Ин рубоӣ дар вазни арӯз чунин қолаб ё вазн дорад:

МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ
МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ
- - у / у- -у / у - - - / -
- - у / у - - у / у - - - / -

Ин рубоӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаммани шаҷараи ахраб бо зиҳофҳои макфуфи абтар сароида шудааст. Рубоии зер низ аз сурудҳои тӯйи мардуми Мастчоҳ буда, хеле зиёд истифода мегардад ва он дар баҳри ҳазаҷи мусаммани шаҷараи ахраби мақбузи абтар эҷод гардидааст. Матни рубоӣ:

Танбур занам дилбар ба арғушт ояд,
Рӯмолчаи пурсилсила дар мушт ояд.
Ҳар лаҳза ба савти қарсаки ангушташ,
Ҷон бар тани ман ба нуги ангушт ояд [10, 51].

Аркони он чунин бошад:

МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун/ фаъ
МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун/ фаъ
- - у / у- -у / у - - - / -
- - у / у - - у / у - - - / -

Боз як мисоли дигар аз рубоиҳое, ки тӯйҳои мардуми Мастчоҳро гарм медорад:

Ҷононаи ман аз деҳи Ярмай оча,
Зебосухану малеҳу нармай оча,
Ман мегирамаш хунукрӯӣ накунед,
Билло ба Худо ситорагармаи оча [10, 55].

Ин рубоӣ низ дар вазни рубоии болоӣ буда, аз ҳар нигоҳ, ҳам аз нигоҳи маънӣ ва ҳам аз нигоҳи зарби мусиқӣ ҳамоҳанги сурудҳои ҳаловатбахши тӯй дониста мешавад.

Ё ба ин рубоӣ таваҷҷуҳ намоед:

Аз роҳаки дур дойра ба даст овардам,
Дар тӯйи шумо наргиси маст овардам.
Дар тӯйи шумо наргиси маст ҳоҷат нест,
Як ҷон дорам дар кафи даст овардам [10, 40].

Аркони рубоӣ:

МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ
МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ
- - у / у- -у / у - - - / -
- - у / у - - у / у - - - / -

Рубоии болоӣ ҳамчунон дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар эҷод шудааст. Гузашта аз ин мо дар сурудҳои арӯсии халқии ноҳияи Мастчоҳ бо байтҳое дучор омада, сабт намудем, ки дар вазни рубоҳои маъмулӣ гуфта шудаанд. Масалан:

Эй, янгаи ҷун аз ҳама боло шиштӣ,
Мӯи сарата ба оби тилло шуштӣ [10, 20].

Ин байт дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахбари макфуфи абтар буда, аркони он таври зайл аст:

МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ
МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ
- - у / у- -у / у - - - / -
- - у / у - - у / у - - - / -

Байти зер бошад бо илова шудани зиҳофи «мақбуз» дар вазн аз байти болоӣ тафовут дорад:

Сангча чинамо сари мазор туда кунам,
Атлас харамо барии аком ҷума кунам [10, 18].

Яъне, ин байт дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи абтар аст бо аркони зайл:

МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ
МафъУлу / мафоъИлу / мафоъИлун / фаъ

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки вазни сурудҳои арӯсии халқӣ дар ноҳияи Мастчоҳ асосан бар вазни баҳри ҳазаҷ дар шаҷараи ахраби он буда, бештар дар шакли шеърии рубоӣ ва байтҳои мутантан эҷод шудаанду мавриди истифодаи умум қарор гирифтаанд. Омӯзиш ва пажӯҳиши чунин суруду тарона, рубоиву байтҳои алоҳида аз аҳаммияти илмиву назарӣ холӣ нест, зеро осори гуфтории мардум аз лиҳози мазмуну муҳтаво дорои ҷанбаҳои тарбиявию ахлоқӣ мебошад. Истифодаи ин сурудаҳои омиёна ҳамеша дар байни халқ, махсусан, дар гуфтори мардуми Мастчоҳ аз замони қадим то имрӯз серистеъмол мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Амонов Раҷаб. Лирикаи халқи тоҷик / Р. Амонов. - Душанбе: Дониш, 1968. 264 с.
2. Зеҳнӣ, Тӯракул. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. 304 с.
3. Зеҳниева Фарруха. Маросимҳои тӯи арӯсии тоҷикон / Ф. Зеҳниева. - Душанбе: Дониш, 1978. 224 с.
4. Обидов Додоҷон. Сурудҳои мавсимии тоҷикони Афғонистон / Д. Обидов. - Душанбе: Дониш, 2000. 189 с.
5. Тоиров У. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам / У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 1994. 346 с.
6. Фолклори Роғун / Гирдоварӣ, тадвин ва пажӯҳиши Рӯзии Аҳмад ва Салоҳиддин Фатҳуллоев. – Душанбе: Эр-граф, 2017. –508 с.
7. Фолклори Бухоро / Мураттибон Д. Обидов, Ҷ. Рабиев, Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.
8. Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон / Тартибдиҳанда: Р. Амонов. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1960, – 414 с.

9. Фолклори Помир. Ҷилди 2 (асотир, ривоят ва нақлҳо) / Мураттиб, муаллифи муқаддима ва тавзеҳот Нисормамад Шакармамадов. –Душанбе: Империал-групп, 2005. – 431 с.
10. Шарифова М. Маросимҳои тӯйи арӯсии мардуми ноҳияи Мастчоҳ / М. Шарифова. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг. 2005, 63 с.

ВАЗНИ СУРУДҲОИ АРӮСИИ ХАЛҚӢ ДАР НОҲИЯИ МАСТЧОҲ

Дар ин мақола ба таҳқиқи мавқеи суруд дар баргузории ҷашни арӯсии мардуми тоҷик таваҷҷӯҳи махсус мабзул мегардад, нишон дода шудааст, ки аз ҷиҳати вазну оҳанг чӣ гунаанд. Хусусан сурудҳое, ки дар тӯйи арӯсии мардуми ноҳияи Мастчоҳ сароида мешаванд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бештари сурудҳоро байту рубоиҳое ташкил медиҳанд, ки ба завқи мардум наздик буда, бо оҳанги махсус сароида мешаванд. Аксари сурудҳои мазкур дар заминаи вазни арӯз эҷод шудаанд. Ин ҷо вазну аркони онҳо муайян шудааст, ки аксари онҳо дар баҳри ҳазаҷи мусаммани шаҷараи ахраб сароида шудаанд. Тавре ки ба аҳли илму адаб ва махсусан фолклоршиносон маълум аст, сурудҳои марбут ба ҷашни арӯсии тоҷикон аз лиҳози мавзӯву мухтаво мухталиф мебошанд ва дар тамоми манотиқи кишвар бо қаринаҳои гуногун густариш ёфтаанд. Метавон гуфт, ки ин қабил сурудҳо аз банди асосӣ, нақарот ва байту рубоиҳои алоҳида ба ҳам алоқаманд шуда, як матни суруди халқиро ташкил додаанд. Бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқи чунин осори мардумӣ аз паҳлуҳои гуногуни илми фолклоршиносиву адабиётшиносӣ аз аҳаммият холӣ нест. Зеро ҳамаи ормону орзуи халқ дар ин осори омиёна бозтоб ёфтааст. Бархе аз сурудҳои халқӣ низ дорои ҷанбаи ахлоқиву тарбиявӣ мебошанд, ки барои манфиати маънавии хонандагон кӯмак мерасонанд.

Вожаҳои калидӣ: фолклор, суруд, рубоӣ, вазн, тӯй, маросим, Мастчоҳ, байт, ҷашни арӯсӣ.

СИСТЕМА НАРОДНЫХ СВАДЕБНЫХ ПЕСЕН В МАСТЧОХСКОМ РАЙОНЕ

Народные песни пользуются у таджикского народа особой любовью и популярностью. В особенности, это касается обрядовых, в частности, свадебных песен. В настоящей статье исследуются поэтические размеры народных свадебных песен таджиков Матчинского района Республика Таджикистан. Ритмы и метры этих самобытных песен весма оргинальны и своеобразны и впервые подвергаются научному анализу.Как известно ученым и литературным деятелям, особенно фольклористам, песни, связанные с таджикской свадьбой, разнообразны по тематике и содержанию распространяются во всех регионах страны с разным происхождением. Можно сказать, что такие песни связаны из основного стиха, припева и стихов рубаи и образуют текст народной песни. Поэтому изучение такого народного творчества с разных сторон фольклора и литературной критики не лишено смысла. Потому что все мечты и чаяния людей отражены в этом светском наследии. Некоторые народные песни также имеют нравственный и воспитательный аспект, который способствует духовным интересам читателей.

Ключевые слова: фольклор, песня, рубаи, стихотворная система, свадьба, обряд, Мастчох, бейт, свадебный обряд.

THE WEIGHT OF FOLK WEDDING SONGS IN MASTCHOH DISTRICT

Tajik people use folk music with special love and popularity . In particular, it touch ceremonial especially wedding songs. The article examines the size of the singing of wedding songs in the region of Mastchoh of the Republic of Tajikistan. The identity of this rhythms and metre of this songs are quite original and special. And for the first time have a scientific analysis. As it is known to scientists and literary figures, and especially to folklorists, the songs related to the Tajik wedding are diverse in terms of themes and content, and are spread in all regions of the country in different contexts. It can be said that such songs are connected from the main verse, refrain and verses of the rubai and form a single text of the folk song. Therefore, the study and research of such folk art from various aspects of folklore and literary criticism is not without significance. Because all the dreams and aspirations of the people are reflected in this secular heritage. Some folk songs also have a moral and educational aspect that helps the spiritual interests of readers.

Key words: folklore, song, ruboi, versification, wedding, rite, Mastchoh, bait, hymeneal.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифова Муслима*** – Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ, директор, номзади илмҳои филологӣ. Телефон:: **(+992) 93 402 62 44.**

Сведения об авторе: ***Шарифова Муслима*** - Педагогический коледж Мастчинского района, директор, кандидат филологических наук. Телефон.: **(+992) 93 402 62 44.**

About the author: ***Sharifova Muslima*** – the director of pedagogical college Mastchoh district, candidate of philological sciences, phone: **(+992) 93 402 62 44.**

УДК: 891.550-1

ТАҶАЛЛИИ ҲИССИ МУҲАББАТУ ИФТИХОР БА МЕҲАН ДАР ОСОРИ НУЪМОН РОЗИҚ

Шаробова М.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Солҳои панҷоҳум ва шастуми қарни ХХ-ро дар адабиёти бачагонаи тоҷик давраи сифатан нав метавон номид. Дар ин хусус дар таҳқиқотҳои донишмандони ин соҳа Р.Амонов, Ҷ.Бобокалонова, Н.Файзуллоев, Ф.Ҳусейнзода, А.Абдусаттор ва дигарон маъхазҳои хондании илмӣ мавҷуд аст. Нуъмон Розиқ (1927-1982) низ парвардаи ин мактаби бузург мебошад. Адабиётшинос Н.Файзуллоев ба мавриди зикр кардааст: “Табиист, ки адабиёти кӯдак назар ба адабиёти расмӣ тафовути зиёд дорад ва муҳимтарини ин фарқият мувофиқати ибрози андеша ба синну солу махсусияти биниш ва

фаҳму дарки он аст. Яъне, адабиёти кӯдак бояд ба тарзе нигошта шавад, ки хонандаи хурдсол беихтиёр бо майли дили худ, биловосита ба он таваҷҷуҳ зоҳир кунад ва бо як ё ду бор шунидани ин асарро аз бар карда, онро ёвар ё ҳиссае аз фаъолияту зиндагии хеш донад" [1, с.169].

Дар адабиёти имрӯзаи бачагонаи тоҷик ҳар як адиб вобаста ба лаёқат ва истеъдоди худ кӯшиш кардааст, ки тараннумгари дастовардҳои Тоҷикистони азиз бошад. Аз ҷумла, Нуъмон Розиқ аз зумраи нафаронест, ки андеша ва хаёлоти рангини кӯдакона, воқеияти ҳастии зиндагиро дар шеърҳои бо услуби содаву равон, барҷаставу зебо навиштааш барои хонандагон рӯйи саҳфа овардааст. Нуъмон Розиқ шоири маъруфи кӯдакона аст, ки миёни мардум соҳиби обрӯву маҳбубият хосса гашта буд. Ин марди наҷиб дар деҳаи Симиганҷи ноҳияи Ваҳдат, дар оилаи кишоварз чашм ба олами ҳастӣ кушод. Омӯзишгоҳи омӯзгории зодгоҳаш ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанберо соли (1958) хатм кардааст. Муаллими мактаб, муовини раиси кумитаи иҷроияи ноҳия, раиси колхоз, сардабири рӯзномаи ноҳиявӣ, раиси Иттифоқи касабаи ноҳия, раиси деҳшӯрои Симиганҷ ва вакили Шӯрои олии Тоҷикистон буд. Асосан аз солҳои донишҷӯӣ барои кӯдакону наврасон эҷод мекард.Нуъмон Розиқ 9- майи соли 1927, ки баъдтар рӯзи фаромӯшнашавандаи Ғалаба бар фашизм гашта буд, ба дунё омадааст.

Китобҳои навиштаи Нуъмон Розиқ, ки асосан барои кӯдакону наврасон эҷод мекард, ин "Телефони чумчуқ" (1968), "Гулмоҳӣ" (1977), "Бузғола" (1974), "Лона" (1977) ва чанде дигар маҷмӯаҳо, гулчини назму наср ва тарҷумаҳояш дар китоби "Чилчашма дар Чорчинор" (1989) фароҳам омадаанд. Навиштаҳои Нуъмон Розиқ диққати устодони адабиёт, хусусан диққати Мирзо Турсунзодаро ба худ ҷалб карда буд. "Шоири хуб аст, Нуъмон Розиқ - гуфтаанд устод Мирзо Турсунзода, шеърҳояш пухта ва тасвирҳояш зебоянд". Ӯ инчунин, бо Боқӣ Раҳимзода, Убайд Раҷаб, Муҳиддин Фарҳат дӯстӣ ва ҳамкории зич доштанд.Бояд гуфт, ки шоир Нуъмон Розиқ дар ибтидои фаъолияти эҷодии худ Меҳри ватан, инчунин эҳсоси ватанхоҳӣ ва хештаншиносӣ, зебопарастиву зебогӯйии худро дар симои қаҳрамонони шеърҳояш "Меҳри ватан", "Душанбе", "Истиқбол", "Тоҷикистони ман" эҷодкорона истифода кардааст ва ба ин васила хонандагонро ба ватандӯстӣ, ободкорӣ ҷалб намуда, дар дили хонанда нисбат ба ватани хеш ҳисси муҳаббату ифтихор ва эҳтиромро парвариш додааст. Дар шеъри "Меҳри ватан" омадааст:

Вақте ба дунё омадам	Аз рӯи гарми дӯстон,
Шодии дилҳо омадам.	Аз хандаи пиру ҷавон,
Аз рӯи дастони падар,	Аз файзи боғи пурсамар,
Рӯи ватанро дидаам.	Меҳри сухан варзидаам.
Аз бӯи шири модарам,	Меҳри Ватан монанди ҷон,
Аз болини зери сарам,	Дар синаам дорад макон,
Аз боди шӯхи раҳгузар,	Озодахӯ содиқписар,
Бӯи чаман бишнидаам.	Баҳри Ватан гардидаам [2, с.14]

Чуноне ки шоир мегӯяд: Вақте, ки ман ба дунё омадам ватанам ором, мардумаш хушбахт ва барои ободӣ заҳмат мекашиданд. Ман дар рӯйи дастони падар ва аз бӯйи шири модарам меҳри ватанро дидаам, ки одамон пиру ҷавон бо ханда ва бо як рӯйи гарм дӯстона зиндагӣ ба сар мебурданд. Ватанам саросар аз боғу бӯстон пурсамар буд. Ман меҳри суханро аз зебоии ватанам, хушбахт будани халқам омӯхтаам. Шоир ватанашро аз ҷони худ ҳам зиёд дӯст медорад ва ин меҳр доимо дар дили ӯ макон гирифтааст.

Ё, ки дар шеъри дигараш Душанбе, ки пойтахти Ҷумҳурии азизамон Тоҷикистон мебошад, шоир зебогии онро чунин тасвир кардааст.

Ҳасти Душанбе чун баҳор,	Ҳусни ту мафтун мекунад,
Шаҳри базебу беғубор.	Қалби маро дар мағзи ҷон.
Аз шуҳрату аз кори ту,	Хуррам гулу гулзори ту,
Дорам ҳамеша ифтихор.	Ҳама дару девори ту,
Шаҳри ҷавони тоҷикон,	Ҳар як ниҳоли сабзи боғ,
Гулбоғи сабзи бехазон.	Ҳам кӯчаю бозори ту... [3, с.22].

Боду ҳавои Душанбе аз ибтидо фараҳафзо, чун баҳори нозанин аст. Шоир Душанберо шаҳри ҷавонон, шаҳри гулбоғ, шаҳри дилкаш, ки ҳуснаш ҳамагонро мафтун ва қалби инсонро осуда мегардонад, тасвир намудааст. Албатта, дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ қисм-қисм ҷойҳои намоёни шаҳри Душанбе гулпӯш буданд. Агар гуфтаҳои Нуъмон Розиқро ба инобат гирифта ба айёми соҳибистиқлолии шаҳри Душанбе нигоҳ кунем симои он тамоман шинохтанашаванда гаштааст. Ҳатто сайёҳоне, ки аз кишварҳои хориҷ ба ин шаҳри зебову хушманзар меоянд аз зебоии ин шаҳр дар ҳайрат мемонанд. Дар ҳақиқат, ҳамин тавр ҳам ҳаст, ки Нуъмон Розиқ дар васфи пойтахти Тоҷикистон пешгӯии оқилона ва олимона кардааст. Аз ҳар тарафи кӯчаҳои шаҳр иморатҳои сарбафалак, ҳар гӯшаи Душанберо сарсабз гулпӯш диданро шоир аз қудрати дасти халқ тавсиф кардааст. Ҳамин гуфтаҳои Нуъмон Розиқро дар давраи соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси шаҳрдори

Душанбе Рустамӣ Эмомалӣ баръало дидан мумкин аст. Дар шеъри дигари Нуъмон Розиқ, ки “ Истиқбол” ном дорад омадааст:

Сар то сари диёри мо, Нуру сафо баридааст. Гулгашти боғу кӯчаҳо, Хуррам ба дилу дида аст. Имрӯз ба мулки тоҷикон, Меҳмон зи Арман омадаст. Аз Кавкази овозадор, Аз назди севан омадаст.	Во мешавад беихтиёр, Оғӯши мо бар рӯи дӯст. Арман ба мо додар бувад, Дил дар хумори рӯи дӯст. Гулдаста пояндоз шуд, Дар пеши пои дӯстон. Арғушти шодӣ меравем, Тӯй аст дар ҳар хонадон [4, с12].

Шоир дар ин шеъраш ҳаматарафа давраи Иттиҳоди Шӯравиро, ки ҳамчун як давлати абарқудрат дар ҷаҳон шуҳратманд буд ва ба ҳайати он 15-ҷумҳурӣ дохил буданд, ки дар байни ин давлатҳо дӯстию рафоқат, ҳамкорӣ, сулҳу ваҳдат хело ҳам мустаҳкам буд, тавсиф намудааст. Дар байни ин ҷумҳуриҳо рафтуомад ва намоиши фарҳангӣ, ҳамкориҳо дар риштаи санъату маданият ҳамвора амал мекарданд. Он ҷумҳуриҳое, ки ба Тоҷикистон аз доираи илму адаб, санъат, маданият, маориф меомаданд, онҳоро халқи шарафманди тоҷик, аз ҷумла сокинони шаҳри Душанбе хуш истиқбол мегирифтанд. Масалан, дар ин шеър гуфта шудааст, ки ба мулки Тоҷикистон меҳмонон аз Арманистон ва мамлакатҳои овозадори Кавказ омада буданд ва мардуми меҳмондӯсти тоҷик бо як оғӯши гарм ин дӯстонро қабул карданд. Дар пеши пойи ин дӯстон гулпошӣ намуда, рақсҳои шодиёна мекарданд, шахс фикр мекард, ки гӯё тӯй бошад.Нуъмон Розиқ ҷое чунин ибрози андеша намудааст:

Тоҷикистон, ҷони ман ҷонони ман, Васфи ҳуснат рӯи дунёро гирифт. Гарди хокат сурмаи чашмони ман Меҳри покат дар дилам маъво гирифт. Бӯ кунам гулҳои гулзори туро Ман зи бӯи хуш ҳаловат мебарам, Гар бинӯшам оби ҷӯбори туро Таъми он чун таъми шири модарам. Хурдакак будам, калонам кардаӣ Меҳри беандоза дорам ман ба ту,	Меҳрубониҳо ба ҷонам кардаӣ Лозим ояд ҷон супорам ман ба ту! Ноз кардам, нозбардорам шудӣ Дода бар дастам китоби зиндагӣ, Модарӣ кардӣ, мададгорам шудӣ То бигирам обу тоби зиндигӣ. Рӯи гармат, рӯи гарми навбаҳор Менамоям фахру менозам ба ту, То ки ёби равнақу авҷу барор Ҷону дилро садқа месозам ба ту [5, с.21].

Нуъмон Розиқ Тоҷикистонро аз ҷонаш ҳам бештар дӯст медошт, то он дараҷа, ки гарди хокатро сурмаи чашмонам мекунам, гуфтааст. Ҳар гоҳ, ки ба кӯчаҳои ту равон шавам дар пеши назарам гулҳои гулзори туро мебинам ва бӯй мекашам аз он ҳаловат мебарам. Агар аз обҳои ҷӯйбори ту каме ҳам бинӯшам лаззати ин об ба монанди шири модарам аст, мегӯяд шоир. Тавре ки бо тамоми ҳисиёташ ватанаш Тоҷикистонро бениҳоят дӯст медошт, мегӯяд, ки писараки хурд будам ба ватанам бисёр меҳри беандоза доштам. Нуъмон Розиқ дар шеърҳояш Тоҷикистонро азизу муътабар медонист ва имрӯз дар давраи соҳибистиқлоли низ ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бештару беҳтар ватани соҳибистиқлоли худро дӯст медоранд ва дар пайи созандагию бунёдкории он мебошанд.

Дар ин ҷода сарвари муаззами тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Ҳукумати шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ саҳми калоне гузоштанд ва гузошта истодаанд. “Ҳоло Тоҷикистон – Тоҷикистони давраи Иттиҳоди Шӯравӣ нест. Ӯ ҳоло соҳибистиқлол аст. Тоҷикистон дар ҷаҳон шуҳратманд гардидааст, ки ӯро 184 –мамлакати рӯйи ҷаҳон мешиносанд, медонанд ва дар байни якдигар ҳамкорӣ, дӯстӣ ва рафоқат дида мешавад.

Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе басо дилнишин ҷоест серодам ва пурсадо. Дар баробари азнавсозии боғҳои бузурги шаҳр дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-ноябри соли 2017 қарори раиси шаҳри Душанбе ба тасвиб расид, ки дар давоми соли 2018 сохтану аз нав бунёд кардани боғу гулгаштҳо ба нақша гирифта шуд ва тибқи он ҳамаи ин боғҳо мавриди истифода қарор гирифтанд.

“Боғи ҷавонон”, ки воқеъ дар шаҳраки донишҷӯён аст, баҳри аз гирудори зиндагӣ берун омадану дар иҳотаи гулу сабзавор фароғат кардан ниҳоят мувофиқ аст. Паҳноияш на он қадар бузург, вале зиёд тӯл мекашад, ки дар масоҳати 13 гектар майдон доман густурдааст, ки ба дидан наметавон аз он чашм канд; замини он махмали сабзпӯш асту то ба охир гулпӯш. Гулгашти дигар аз майдони устод Айнӣ то ба саристгоҳи Роҳи оҳани Тоҷикистон тӯл мекашад, воқеан ҳам ба ҷойи тамошобобу истироҳатӣ табдил ёфта, роҳравҳои он бо сангҳои ороишӣ музайян гардидаву атрофаш сабзу гулпӯш мебошад. Сари ҳар қадам нишастгоҳҳо мавҷуданд, ки одамони зиёд –занону кӯдакон, пиру барно зери сояи дарахтон нишаста, аз гирди фаввораҳо фараҳ мебаранду хастагӣ мебароранд. Гулгашти дигар бо номи Мироненко, ки дар ноҳияи Синои пойтахт воқеъ аст, дар чорроҳи

кӯчаи Маяковский ва хиёбони Абӯалӣ ибни Сино ҷойгир буда, атрофи гулгаштҳоро биноҳои истиқоматӣ печондаанд, ки сокинини он ҳар субҳу шом бо кӯдакони аробачасавор ба ин ҷо меоянду аз таровати кабудизору гулҳои рангин баҳравар мегарданд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо, ки Душанбе пойтахти азизамон мебошад, ба қадри ободонию ободкорӣ, заҳматҳои Пешвои муаззами миллат ва талошҳои бевоситаи раиси шаҳр Рустами Эмомалӣ бирасем, зеро ҳар кучо, ки менигарем, тозаву озода ва гулпӯш асту Душанбе сазовор аст, то унвони пойтахти зебое дар ҷаҳонро ба худ касб намояд [6, с.36-37].

Боиси ифтихор ва шараф аст, ки ном ва асарҳои ҷовидонаи фарзандони баномуси Ватан дар тарбияи насли наврас чун С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, А.Деҳотӣ, П.Толис, М.Миршакар, М.Турсунзода ва дигарон, пеш аз ҳама, шеърҳои дӯстдоштаниро дар тарбияи ватандӯстӣ, меҳри зиёд доштан нисбат ба Тоҷикистон барои фардою имрӯзиёни тоҷик боқӣ гузоштаанд. Шоир Нуъмон Розиқ дар замони худ бо таваҷҷуҳ ба фазои иҷтимоии он даврaҳо, дарди он ҷомеа шеър сурудааст. Ниҳоят, дар охир дар яке аз шеърҳои дигараш васфи зебоии шаҳри Душанберо тараннум карда гуфтааст. “Душанбе шаҳри хубон аст” мо аз ӯ ифтихор дорем, фикр мекунам, ки гӯё Нуъмон Розиқ дар замони соҳибистиқлолӣ ин қадар зебоиҳоиҳову гулбоғу хиёбонҳои Душанберо дида бошад. Вале шоир ояндаи Душанберо бо хаёлоти рангини худ нишон додааст. Тасвири ин шеър басо пурқувват ва ҷолиб аст.

Шаҳри Душанбе
Шаҳри ҷавонӣ
Сарсабзу хуррам
Чун зиндагонӣ ... [7, с.2].

Яке аз адабиётшиносон Ф.Ҳусейнзода чунин зикр намудааст: “Шукри истиқлоли Меҳан, сулҳу ваҳдат, ки ба чунин рӯзҳо расидем. Аз ҷабри таърих сабақ омӯхта, дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ бо сиёсати дарҳои кушода ва инсондӯстонаи Президенти маҳбуби мардумӣ Эмомалӣ Раҳмон маҳбубият пайдо карда истодаем” [8].

А Д А Б И Ё Т

1. Н.Файзуллоев. Назми кӯдакон / Файзуллоев Н. – Хуҷанд, 2010. – 633 с.
2. Нуъмон Розиқ. Гулбоғ / Розиқ, Нуъмон. – Душанбе, 1980. – 14 с.
3. Нуъмон Розиқ. Файзи баҳор / Розиқ, Нуъмон. – Душанбе: Ирфон, 1977. - 22 с.
4. Нуъмон Розиқ. Файзи баҳор / Розиқ, Нуъмон. - Душанбе, 1977. – 12 с.
5. Нуъмон Розиқ. Симиганҷ / Розиқ, Нуъмон. - Душанбе: Маориф, 1984. – 21 с.
6. Омина Хоҷаева. Дар оғӯши сабзи Душанбе / Хоҷаева Омина // Бонувони Тоҷикистон. – 2018, сентябр. – С.36-37.
7. Нуъмон Розиқ. Гулбоғ / Розиқ, Нуъмон. - Душанбе, 1980. – 24 с.
8. Ҳусейнзода, Ф. Ҷумҳурият. - 19.02.2019. - №36 (23639).

ТАҶАЛЛИИ ҲИССИ МУҲАББАТУ ИФТИХОР БА МЕҲАН ДАР ОСОРИ НУЪМОН РОЗИҚ

Дар мақола зикр шудааст, ки дар адабиёти бачагонаи тоҷик ҳар як адиб вобаста ба лаёқат ва истеъдоди худ кӯшиш кардааст, ки тараннумгари дастовардҳои Тоҷикистони азиз бошад. Аз ҷумла Нуъмон Розиқ аз зумраи нафаронест, ки шеърҳои навиштааш андеша ва хаёлоти рангини кӯдакона, воқеияти ҳастии зиндагиро бо услуби содаву равон, барҷаставу зебо барои хонандагон рӯйи саҳфа овардааст. Марди наҷиб дар деҳаи Симиганҷи ноҳияи Ваҳдат, дар оилаи кишоварз таваллуд шудааст. Омӯзишгоҳи омӯзгории зодгоҳаш ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанберо соли (1958) хатм кардааст. Муаллими мактаб, муовини раиси кумитаи иҷроияи ноҳия, раиси колхоз, сардабири рӯзномаи ноҳиявӣ, раиси Иттифоқи касабаи ноҳия, раиси деҳшӯрои Симиганҷ ва вакили Шӯрои олии Тоҷикистон буд. Асосан аз солҳои донишҷӯӣ барои кӯдакону наврасон эҷод мекард. Муҳақиқ зикр кардааст, ки шоир 9-майи соли, 1945, ки баъдтар рӯзи фаромӯшнашавандаи Ғалаба бар фашизм гашта буд, ба дунё омадааст. Дар осори ӯ ҳисси меҳанпарастӣ ва ватандӯстӣ боло гирифтааст. Навиштаҳои Нуъмон Розиқ, ки барои кӯдакону наврасон эҷод шудаанд, дар маҷмӯаҳои “Телефони чумчуқ” (1968), “Гулмоҳӣ” (1977), “Бузғола” (1974), “Лона” (1977), “Чилчашма дар Чорчинор” (1989) фароҳам омадаанд. Навиштаҳои Нуъмон Розиқ диққати устодони адабиёт, хусусан диққати Мирзо Турсунзодаро ба худ ҷалб карда буд. “Шоири хуб аст, Нуъмон Розиқ гуфтаанд, - устод Мирзо Турсунзода, шеърҳояш пухта ва тасвирҳояш зебоянд” ва инчунин бо Боқӣ Раҳимзода, Убайд Раҷаб, Муҳиддин Фарҳат ва дигар қаламкашон дӯстӣ ва ҳамкорӣ дошт, ки дар таҳқиқот ин масъала махсус зикр шудааст.

Калидвожаҳо: адабиёти бачагонаи тоҷик, Нуъмон Розиқ, мавзӯи муҳаббат ба Ватан, таҷалли ҳисси муҳаббат ба Ватан, услуби содаву равон.

ПРОЯВЛЕНИЕ ЧУВСТВА ЛЮБВИ К РОДИНЕ В ПОЭЗИИ НУЪМОНА РОЗИКА

В статье отмечается, что в таджикской детской литературе каждый литератор, в зависимости от своей одаренности и поэтического таланта, старался отображать достижения Таджикистана и таким образом признать свою любовь к Родине. В том числе, Нуъмон Розик, который своим простым и плавным стилем изложения привлекает своего читателя. Он родился в деревне Симигандж Вахдатского района в семье колхозника. Закончил педагогическое училище своего района, а затем окончил Государственный педагогический институт города Душанбе (1958). Работал учителем в школе, заместителем председателя испольнительного комитета района, председателем колхоза, главным редактором раййоной газеты, председателем Профсоюза района, председателем поселкового совета Симигандж и депутатом Верховного совета Таджикистана. В основном сочинял свои стихи для детей и юношества в студенческие годы. Автор статьи отмечает, что поэт родился 9-майя 1945 года, который стал

незабываемым днем Победы над фашизмом. В его поэзии преобладает чувство лбюви к родине и отчизне. Его сочинения, которые написаны в основном для детей, собраны в сборниках “Телефон воробея” (1968), “Форель” (1977), “Козлёночек” (1974), “Гнездо” (1977), “Сорок четыре родника в Чорчиноре” (1989). Его сочинения привлекали внимание корифеев литературы, таких как Мирзо Турсунзаде. “Нуъмон Розик хороший поэт, его стихотверения обдуманные и изображения очень красивые” - сказал Мирзо Турсунзаде, а Боки Рахим-заде, Убайд Раджаб и Мухиддин Фархат и другие поэты и писатели дружили с ним, о чем пишется в данной статье

Ключевые слова: таджикская детская литература, Нуъмон Розик, тема любви к Родине, проявление темы любви к Родине, простой и плавный стиль изложения.

EXPRESSION OF FEELING OF LOVE FOR THE MOTHERLAND IN THE POETRY OF NOOMON ROSIK

The article notes that in Tajik children's literature, each writer, depending on his giftedness and poetic talent, tried to reflect the achievements of Tajikistan and thus recognize his love for the Motherland. Including Nu'mon Rozik, who, with his simple and fluid style of presentation, attracts his reader. He was born in the village of Simigandzh, Vakhdat region, in the family of a collective farmer. He graduated from the pedagogical school of his region, and then graduated from the State Pedagogical Institute of the city of Dushanbe (1958). He worked as a school teacher, deputy chairman of the district executive committee, chairman of a collective farm, editor-in-chief of a district newspaper, chairman of the district trade union, chairman of the village council of Simigand and a deputy of the Supreme Council of Tajikistan. Basically, he wrote his poems for children and youth in his student years. The author of the article notes that the poet was born on May 9, 1945, which became an unforgettable day of Victory over fascism. In his poetry, a feeling of love for the motherland and fatherland prevails. His works, which are written mainly for children, are collected in the collections "Telephone of a Sparrow" (1968), "Trout" (1977), "Goat" (1974), "Nest" (1977), "Forty-four springs in Chorchinor" (1989). His writings attracted the attention of leading figures of literature such as Mirzo Tursunzade. “Nu'mon Rozik is a good poet, his poems are deliberate and the images are very beautiful” - said Mirzo Tursunzade, and Boki Rahim-zade, Ubayd Rajab and Muhiddin Farhat and other poets and writers were friends with him, which is written about in this article

Key words: Tajik children's literature, Nu'mon Rozik, the theme of love for the Motherland, manifestation of the theme of love for the Motherland, simple and smooth presentation style.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шаробова Маҳбуба*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, аспиранти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯч. Марказӣ, 25.
Телефон: **(+992) 905-80-60-54**

Сведения об авторе: ***Шаробова Махбуба*** - Дангаринский государственный университет, аспирант кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази, 25.
Телефон: **(+992) 905-80-60-54**

Information about the author: ***Sharobova Makhbuba*** - Dangara State University, post-graduate student of the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, st. Markazi, 25.
Tel .: **(+992) 905-80-60-544**

УДК:811.21/22

СУВАРИ ХАЁЛ ДАР ШЕЪРИ МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӣ

Ҳайдарова Б.У.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Ба ашъори Шӯхии Хуҷандӣ ва ҳамасрони ӯ таъсири суханварони сабки ҳиндӣ калон аст. Яке аз хусусиятҳои ин сабк аз он иборат аст, ки шоир дар асоси калимот ва таркиботи ҷадид суханпардозӣ, маъниофаринӣ, тасвирҳои мураккаб месозад, ки дар натиҷа дарку маърифати каломи бадеъ душвор мегардад. Маҳз ҳамин хусусияти сабк, ки аз дигар сабкҳо тафовут дошт суханваронро ба худ ҷалб кард ва силсилаи зиёди онҳо дар майдони адабиёт бад-ин тариқ гӯйи сабқат заданд. Вале ба қавли суханшинос Н.Пригарина [1] суханварони Мовароуннаҳр нисбат ба ин сабк муносибати дигар доштанд ва вобаста ба муҳити адабӣ, забон, урфу одат ва монанди инҳо осори эшон низ дар баробари бардошт аз сабки ҳиндӣ шомили хусусиятҳои хоси худ буд. Ба иборати дигар сабки ҳиндии Мовароуннаҳр тавонист раванди тозаеро дар адабиёт рӯи кор орад. Аз ҷумла, яке аз хусусиятҳои

ҷадиди ин сабк дар осори суханварони Мовароуннаҳр такрори калима дар мисраъ мебошад.

Шӯхии Хуҷандӣ ҳамчун суханвари мумтоз, дақиқназар ва нозукбин ҳаргиз ин падидаи адабиро сарфи назар намекард. Аз ин рӯ, ҷо-ҷо хаёлпардозиҳо дар шеъри Шӯхӣ ба назар мерасад. Дар ифодаи ин гуна ашъор Шӯхӣ низ аз истилоҳҳои адибони сабки ҳиндӣ истифода кардааст чунончи, дар ғазале бо матлаи:

То маро аз ҷаъбаи дил гашт берун тири оҳ,
Осмон ҳамчун ҳадаф гардид домангири оҳ [2,151б-152а; 3,276].

байтҳое ба назар мерасанд, ки онҳо аз хаёлпардозӣ ва аносири хаёлии шоир шаҳодат медиҳанд. Чунончи, “канда нашудани занҷири оҳ аз гардан” дар байти зерин ба маънии аз дарду ғам озод набудани шоирро ифода мекунад, ки он дар сувари хаёли шоир ин қадар зебо ифода ёфтааст:

Бар тасарруф гар барорад дасти худ устоди ишқ,
Нагсалад аз гарданаш девонаам занҷири оҳ [2,151б-152а; 3,276].

Умуман, дар ғазали мазкур дар перомуни вожаи “оҳ” шоир тавонистааст хаёлангезиҳои шигифтоварро ба қалам диҳад. Чунончи: дар мақтаи ҳамин ғазал дар тасаввурхонаи шоир “шабгири оҳ” шоирона ба кор рафтааст:

Шӯхӣ, натвон гуфт золимро зи мазлум эмин аст,
Мулки бедодӣ хатар меорад аз шабгири оҳ [2,151б-152а; 3,276].

Дар доираи мафҳумҳои ирфонӣ, истилоҳоти тасаввуфӣ, вожаҳои мазҳабӣ ва динӣ дар зовияи диди Шӯхӣ маъниҳои ҷолибе тазоҳур мекунанд, ки онҳо дар коргоҳи хаёли шоир коркард мешаванд. Чунончи, дар абёти зерин “хонаи оғӯш холӣ кардан” бозёфти шоиронаест, ки он аз диди хаёлангези шоир сарачашма гирифтааст.

Ҳар шаб аз худ хонаи оғӯш холӣ мекунам,
Дар хаёл омад магар шӯхи биҳиштизодае [2,151б; 3,272].

Муҳаққиқон дар хаёлпардозӣ ва андешагарӣ Абдулқодири Бедилро соҳиби мактаб медонанд ва камтар суханвареро метавон дарёфт, ки дар ин мактаб хешро наозмуда бошад. Муҳаққиқи бедилшинос Бахтиёри Ҳамдам яке аз пештозони ин мактабро Туғрали Аҳрорӣ медонад ва бо мисолҳои зиёд аз пайравии ӯ ба Абулмаонӣ ёд мекунад.

Адабиётшиноси тоҷик Нуралии Нурзод низ дар китоби худ “Султони авранги сухан”[4] перомуни мактаби пайравони Бедил ва намояндагони барҷастаи он, Бедил – тимсоли инсони комил дар ҷаҳони фикрии Туғрали Аҳрорӣ ва масоили дигар изҳори назар намуда, аз таъсирпазирии шеъри Абулмаонӣ сухан кардааст. Қариб баъди якуним аср Бедил ва осори ӯ, махсусан, хаёлпардозиву андешаороии суханвар ба ашъори Шӯхии Хуҷандӣ дар баробари ба кор гирифтани падидаҳои маҳсуси ашъори Бедил мазмунҳои шеъри суханварро низ ба ҳайси мавод мавриди истифода қарор додааст.

Шӯхии Хуҷандӣ дар ашъораш ифодаҳои зебо, мазмунҳои баланд, таъбирҳои шоирона ва хаёлпардозиҳои ҷолибе дорад, ки онҳо зодаи тахайюли баланди суханвар маҳсуб мешаванд. Ин хаёлпардозиҳо, ки ҷаҳони тасаввуроти бемонанди Шӯхиро ифода мекунад, аз табъи баланди шоир хабар медиҳад. Чунончи, дар ғазали зер хобро ба мавҷ монанд кардан, хонаи гирдобро роҳатгоҳи моҳӣ шуморидан ҳамагӣ бозёфтҳои фардии суханвар маҳсуб мешаванд. Махсусан, мисраи мақтаи ғазал:

Бар сари худ чодари маҳтоб кашидан аз хаёли орази ёр – шоирона ифода ёфтааст:

Боз имшаб то кӣ дорад кокули пуртобро?!
Дидаам чун мавҷ дар чашми парешон хобро?!
Рухсати осоишам дар айни саргардонӣ аст,
Карда роҳатгоҳ моҳӣ хонаи гирдобро.[2,61б; 3,65].

Шӯхии Хуҷандӣ дар ғазалҳояш шодиву нишот, хушиву хуррамӣ ва дилрабоиву дилкашии олами ишқро васф мекунад ва дар баробари ин хомаи шоир ҳусну ҷамоли зебои маъшуқа ва лаҳзаҳои висолро ин қадар зебо ба қалам медиҳад:

Эй шоҳбози гулшани қудрат, хуш омадӣ,
Товуси бӯстони ҳақиқат, хуш омадӣ.
Оҳуи хушхироми биёбони дилбарӣ,
Шоҳини ошёни назокат, хуш омадӣ... [2,160б; 3,293].

Дар ғазали мазкур, ки андар таъсири сабки ҳиндӣ эҷод шудааст, шоир дараҷаи олии суханвариву сухандонии худро нишон дода, балоғату фасоҳати суханро дар сатҳи олӣ таҷассум кардааст. Тавсифҳои шоир дар ғазали мазкур дар ҳадди камоланд. Тавсифҳои шоир ҳар яке ифодагари як хислат, як хусусият ва як сифати маъшуқ аст, ки аз қудрати суханварии Шӯхӣ гувоҳӣ медиҳад. Тавсифҳои шоир якчандтаркиба буда, ба шеър ҳам маънӣ, ҳам мазмун ва ҳам нерӯ бахшидааст. Чунин тавсифи “шоҳбози гулшани қудрат”, “товуси бӯстони ҳақиқат”, “оҳуи хушхироми биёбони дилбарӣ”, “шоҳини ошёни назокат”, “булбулнавои гулшани идроки фаҳму ҳуш”, “тӯтибаёни боғи фасоҳат”, “офтоби хубӣ”, “мумтозкори хонаи қудрат”, “рангинхаёли Юсуфи шаҳри сухан”, “Маснаднишини Мисри балоғат” ва дар маҷмуъ, дар як ғазал 24 тавсифи шоирона ифода ёфтааст, ки зимни ҳар яке чун ашъори суханварони сабки ҳиндӣ маъниҳо нуҳуфтааст. Чунончи, зимни ибороти “маснаднишини Мисри балоғат” шоир ҳусни комили маъшуқро тавсиф мекунад. Дар тасаввурхонаи шоир маъшуқаи ӯ дар шаҳри зебоӣ шаҳаншаҳ аст ва он ҷо ишорат ба Юсуфи Мисрӣ ҳам меравад, ки дар ҳусну ҷамол ҳамто надошт. Ё худ зимни ибороти “хилватнишини пардаи исмат” шоир покиву покроӣ ва покдомании ёрро мехоҳад ифода намояд.

Дар меҳвари ғазалҳои Шӯхии Хуҷандӣ образи маъшуқа ҳамчун мазҳари зебоиву малоҳат қарор гирифта, шоир дар васфи ӯ таъбиру вожаҳои хушоянд ва дилнишинро

интихоб менамояд. Дар ин гуна ашъор табъи баланд, завқи салим ва истеъдоди суханварии Шӯхӣ зоҳир гардидааст. Вожаҳои бисёртаркибаи Шӯхӣ на танҳо аз лиҳози лафзӣ гӯшнавоз ҳастанд, балки дорои маъниҳои бикр низ мебошанд, зеро ин гуна таркибот ҳар яке дар ифодаи равшани образи маъшуқа хидмат мекунанд:

Кабобам карда ёди ҷилваи он шӯхболое,
Ки дар иқлими раъноӣ бувад маъшуқи яктое.
Қабогулгун паризоде, ба раҳ товусрафторе,
Баландоинатаркибе, сафотахмираъзое.[2,160а; 3,291].

Дар ашъори Шӯхии Хуҷандӣ дар баробари инъикоси ҳусну ҷамоли маъшуқа хислатҳои дигари ӯ, ки дар адабиёти классикии мо фаровон ба назар мерасад, аз қабили бевафоӣ, мағрурӣ, бераҳмӣ ва монанди инҳо ифода ёфтааст. Вале шоир ҳамин хислатҳои нохушоянди маъшуқаро мепазирад ва онро қобили қабул медонад. Чунончи, хешро ба бевафоии маъшуқа мафтун медонад:

Дар иқлими муҳаббат бевафое карда мафтунам,
Ки кори чашми ҷодуяш бувад пайваста ғаммозӣ [2,157б; 3,290].

Образи дигаре, ки дар ин маврид Шӯхии Хуҷандӣ бештар худро дар назар дорад, ошиқ аст. Ошиқе, ки дар роҳи муҳаббат содиқу вафодор мебошад. Устувору матин аст, аз душвориҳои раҳ намеҳаросад ва мутаассифона, чун ҳамаи ошиқони олам аз маъшуқа бевафоӣ мебинад:

Сафо рабуда зи ҷаннат узори рангинат,
Намак фишурда ба Кавсар лаби раёҳинат...
Асири ишқи ту гаштам ба найсавории ту,
Ҷу ман касе набувад мубталои деринат.
Гузар ба кулбаи Шӯхӣ намекунӣ ту равост,
Ки хона-хона шикоят кунам зи тамкинат [2,89а; 3,164].

Образи ошиқ дар девони Шӯхӣ инсонест, ки аз гулшани орзуву ҳавас гуле начидааст. Ӯ субҳи васлро надидаасту шароби васлро начашидааст. Аз маъшуқа, ки ба раҳаш сад бор ҷони худро фидо намудааст, ба ҷуз дашном чизе нашунидааст ва ҷигархуну дидагирён мебошад. Ҷолиб он аст, ки ин гуна намунаҳои ашъори шоир содаву равон буда, дарку маърифати онҳо мушкиле эҷод намекунад. Ғазали зер, ки дар радифи “манам” эҷод шудааст, ҳолати шоирро, ки воқеан, ошиқи дилсӯхта аст, равшан ифода мекунад:

Дар ҷаҳон он ки ба коре нарасидаст, манам,
Гуле аз гулшани омол начидаст, манам.
Тирарӯзе, ки дар айёми ҳаёташ ба ҷаҳон
Ҳеч субҳе зи шаби ӯ надамидаст, манам. [2,126а; 3,222].

Ҳамин тариқ, Шӯхии Хуҷандӣ ҳамчун суханвари соҳибқалам ва нозукбин тавонистааст дар зери таъсири хаёлпардозиҳои Бедил сувари хаёли хешро дар девонаш инъикос намояд.

Дар мавриди офариниши таркиботу таъбироти шоирона, мазмунсозиву маъниофарии Шӯхии Хуҷандӣ омӯзиши батаании осораш маводи фаровони илмиро эҳдо менамояд. Бемуҳобо, Шӯхии Хуҷандӣ дорои маҳорати баланди эҷодӣ ва суханофаринӣ мебошад. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои шеъри ӯ баррасии мавзӯъҳои анъанавии адабиёт дар робита бо воқеаҳои ҳаётӣ мебошад. Ин хусусият арзиши адабӣ ва таърихии осорашро афзун намуда, образҳои қадимӣ ва анъанавии шеъри тоҷик тобишҳои нави маънӣ пайдо намудаанд. Ба иборати дигар, Шӯхӣ дар маъниофарӣ соҳиби ибтикор аст, образҳои маъмулии адабиёт аз ҷониби ӯ тавсиа ёфтааст, мазмунсозии шоир гоҳе ғайриоддӣ ва ғариб ба назар мерасад ва таркибҳои ҷолиби шоиронаро Шӯхӣ худаш эҷод кардааст.

Воқеан, Шӯхӣ аз зумраи он шоиронест, ки ба ашёи мавриди тасвир метавонад аз чанд дидгоҳ нигариста, маънӣ ба зуҳур оварад. Ин чиз аз маҳорати шоирӣ ва ҳунари нуктасанҷона аз ашё маънӣ овардани шоир гувоҳӣ медиҳад. Чунончи, дар абёти зер дар заминаи вожаи “шакар” ва “қадаҳишир”ва“оина”маъниҳои ғарибро эҷод кардааст.

Субҳдам ёди лабат лаззати дигар дорад,
Ин шакар беҳ, ки равон дар қадаҳи шир кунам.
Соликам, дил ба дари аҳли сафо меорам,
Равшан ин оинаро то ба дами пир кунам [2,132б; 3,239].

Дар тасаввурхонаи шоир гоҳе образҳои маъмулӣ ба маънии дигар ё мазмуни ғайриодӣ ба қалам омадааст. Чунончи, аслан булбул дар осори суханварон ҳамчун рамзи доноӣ ва ширинсуханӣ ва гоҳо ба маънии “шоир” ифода меёбад. Зери ифодаи “булбули хушилҳон”, “булбули ширинзабон”, ”булбули гӯё”, ”булбули ширинадо”, ”булбули хушгӯ”, ”булбули хушнағма”, ”булбули маст”дар осори суханварони тоҷик фаровон ба

назар мерасад. Аммо Шӯхӣ бошад, ба хотири ифодаи матлаби хеш таркиби “булбули нодон”-ро ба кор бурдааст:

Бас бувад, эй булбули нодон, макун бисёр баҳс,
Табъи гул ошуфта месозад дар ин гулзор баҳс.
Дар ҳузури бузрукон бисёргӯӣ офат аст,
Кабк бечо мекунад дар қуллаи куҳсор баҳс. [2,97а; 3,169].

Дар ғазалиёти Шӯхии Хуҷандӣ мафҳумҳои «ашк», «ашки ғам»,«ашки хун», «оби чашм», «шӯриғам», «чашми тар» ва ғайра фаровон ба кор рафтааст ва дар аксари мавридҳо барои тақвият бахшидани афкори мазҳабии шоир ва андешаҳои иҷтимоии ӯ ба кор рафтааст:

Ашки хун дар дида дорам баҳр-баҳр,
Шӯри ғам дар сина маҳшар-маҳшарам [2,130а; 3,232].

Дар девони Шӯхии Хуҷандӣ хонанда бо теъдоди зиёди вожаву ибороти шоир бархӯрд менамояд, ки онҳо ифодагари махсусияти фардӣ ва услуби хоси баёни шоир мебошад.

Ин таркиботу ибороти Шӯхӣ заминаи муҳкаме дар ибрози ақида, ифодаи фикр ва тасвироти шоиронаи суханвар мебошад. Гузашта аз ин, мафҳумоти мазкур ҳамчун таркибҳои калидӣ ба олами тафаккур ва тахайюлоти шоир истифода мешавад, ки дар натиҷа маърифати ашъораш осон мегардад.

Як зумра ашъори шоир ниҳоят содаву равон ва дилнишину бетакаллуф эҷод шудааст ва хонанда мазмуну маъниҳои баёнкардаи шоирро бе душворӣ дарк мекунад. Ин гуна ашъор наздик ба сабки хуросонист, ки аз таъсири шеъри асри Х ба назми Шӯхӣ гувоҳӣ медиҳад.

То дуртар зи суҳбати аҳли ҷаҳон шудам,
Афсонатар миёнаи пиру ҷавон шудам.
Гуфтам шавам сафои табиат ба рӯзгор,
Гарди малоли оинаи дӯстон шудам. [2,132а; 3,236].

Шӯхии Хуҷандӣ дар ин гуна ашъор баробари ифодаи осони фикр дар риояи таносуби калом шартҳои муҳими фасоҳату балоғати сухан низ эътибори ҷиддӣ додааст. Чунончи, дар ғазали зер дар баробари мазмуну матлаби содаи ҳаёти одамӣ, қофияву радиф, калимаву ибораҳо ниҳоят ба ҳам созгор омадааст:

Посдори хоҳише бошу забонхоӣ макун,
То муяссар бо ту нодонист, доноӣ макун.
Дар ҳузури синасофоне, ки зоҳирбин наянд,
Чашми ботин гар надорӣ, арзи биноӣ макун. [2,143а; 3,255].

Ҳамин тариқ, метавон дар мавриди ҳунари шоирии Шӯхӣ ба хулосаҳои зер расид:

1.Шӯхӣ идомадиҳандаи сабку услуб ва равиши анъанавии ғазалсароии асри XVIII мебошад ва дар ин ҷода мақому манзилати шоистаро сазовор аст.

2.Дар ашъори шоир бештарини вазнҳои шеърӣ мавҷуд аст ва дар аксари мавридҳо вазнҳои маъмули шеъри форсӣ – ҳазаҷ ва рамалро, мавриди корбурди хеш қарор додааст.

3.Шӯхии Хуҷандӣ дар мазмунсозиву маъниофарӣ моҳир аст ва образҳои шоиронаи ӯ дар сабки махсуси худаш эҷод шудааст.

АДАБИЁТ

1. Пригарина Н.И. Индийский стиль и его место в персидской литературе. / Н.И.Пригарина. - Москва: Восточная литература. 1999.- 326с.
2. Шӯхии Хуҷандӣ. Девон. Девони Шӯхии Хуҷандӣ, шумораи 2313 махфуз дар захираи дастнависҳои ИШ АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Шӯхии Хуҷандӣ. Девон. Девони Шӯхии Хуҷандӣ, шумораи 863-II Маркази мероси хаттии АМИТ.
4. Нурзод Нуралӣ. Султони авранги сухан. /Н.Нуров. – Хуҷанд: Ношир. 2015.- 295с.
5. Раҳматов Баҳром. Шӯхии Хуҷандӣ –шоири ғазалсаро/ Баҳром Раҳматов. Шӯхии Хуҷандӣ. Мунтахаби ғазалиёт.Таҳия ва тавзеҳи Баҳром Раҳматов –Хуҷанд: Ношир,2016. 600саҳ. саҳ.3-20.
6. Раҳматова Дилрабо. Дурри носуфта. Камоли Хуҷандӣ. Д.Раҳматова. - Фаслномаи илмӣ-адабӣ № 1/13,2018, с.28-34
7. Раҷаб Асозода, Ҳотам Асозода. Саҳар бархезу кӯҳи Бесутунро об ҷорӣ кун!/ Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ. Авроди фатҳия ва дуои риқоб. –Душанбе: Ирфон, 2013,64саҳ. саҳ.3-8.
8. Ризоев З. Т. Индийский стиль в поэзии на форси конца XVI-XVII вв. / З.Ризоев. - Ташкент: Фан. 1971.- 219с.

9. Сайфиев, Наҷмиддин. Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI, XVII, XVIII ва нимаи асри XIX. / Н.Сайфиев. - Душанбе: Ҳумо, 2004.- 360с.
10. Саъдиев Садрӣ. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. / С.Саъдиев. - Душанбе: Дониш, 1985.- 268с.
11. Семёнов В. Ф. История средних веков. /В.Ф.Семёнов. - Москва. 1956.-551с.
12. Собрание Восточных рукописей. Академия Наук Республики Узбекистан. Ташкент. 1952. Т.1.
13. Стори Ч. А. Персидская литература. / Ч.Стори. - Москва, 1972.-Т. 2. 1187с.
14. Султон, Саидумар. Таърихи доираи адабии Истаравшан дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX. / С.Султон. –Душанбе: Сурушан, 2002.–232с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.–Москва: Советская энциклопедия, 1969.–951с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2.–Москва: Советская энциклопедия, 1969.–949с.
17. Федченко А. П. В Кокандском ханстве. / А.П.Федченко. - СТП- Москва, 1875.
18. Худоӣ Шарифов. Маънавият ва ҷаҳонизоҳирӣ. / Х.Шарифов. - Душанбе: Адиб, 2012. 352с.
19. Шавкати Бухороӣ. Нури аср. / Ш.Бухороӣ . - Душанбе: Ирфон. 1986.-286с.

СУВАРИ ХАЁЛ ДАР ШЕЪРИ МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӢ

Ба ашъори Шӯхии Хуҷандӣ ва ҳамасрони ӯ таъсири суханварони сабки ҳиндӣ калон аст. Яке аз хусусиятҳои ин сабк аз он иборат аст, ки шоир дар асоси калимот ва таркиботи ҷадид суханпардозӣ, маъниофаринӣ, тасвирҳои мураккаб месозад, ки дар натиҷа дарку маърифати каломи бадеъ душвор мегардад. Маҳз ҳамин хусусияти сабк, ки аз дигар сабкҳо тафовут дошт суханваронро ба худ ҷалб кард ва силсилаи зиёди онҳо дар майдони адабиёт бад-ин тариқ гӯйи сабқат заданд. Суханварони Мовароуннаҳр нисбат ба ин сабк муносибати дигар доштанд ва вобаста ба муҳити адабӣ, забон, урфу одат ва монанди инҳо осори эшон низ дар баробари бардошт аз сабки ҳиндӣ шомили хусусиятҳои хоси худ буд. Ба иборати дигар сабки ҳиндии Мовароуннаҳр тавонист раванди тозаеро дар адабиёт рӯи кор орад. Аз ҷумла, яке аз хусусиятҳои ҷадиди ин сабк дар осори суханварони Мовароуннаҳр такрори калима дар мисраъ мебошад.

Калидвожаҳо:суханварон, суханпардозӣ, маъниофаринӣ, хусусият, сабк, услуб, падидаҳо, мафҳумҳо, ирфон, истилоҳот, тасаввуф, вожаҳо, мазҳабҳо.

ОБРАЗЫ В ПОЭЗИИ МИРЗО ШУХИ ХУДЖАНДЇ

Очень велико влияние поэтов индийского стиля на творчество Шухи Худжанди и его современников. Одним из свойств данного стиля является то, что поэт на основе слов и новых композиций создаёт сложные композиционные осмысленные выражения, которые очень трудно постичь при чтении произведения. Именно такое свойство данного стиля отличает его от других поэтических стилей и привлекает внимание поэтов во все времена и тем самым призывая их к сотворению поэзии в данном стиле, так как данный стиль своим превосходством над другими стилями, придаёт необычайную выразительность, увлекательность интеллектуальной игры и позволяет подняться до высоких прозрений о жизни, и имея сумму стилистических предпочтений, и как способ познания действительности делает поэзию особой и привлекательной. Литераторы Мавераннахра имели к данному стилю особое отношение и в зависимости от литературного круга, языка, традиций и обычаев их тпоэзия, сочиненная под воздействием данного стиля, имела особые свойства. Можно отметить, что индийский стиль в творчества поэтов Мавераннахра смог привнести новое веяние в литературу. В том числе, одним из новых свойств данного стиля в наследии литераторов Мавераннахра было повторение слова в стихотворной строке.

Ключевые слова:поэты, красноречие, выразительность, свойство, стиль, метод, явление, мафњумњо, ирфан, терминология, мистик, слова, религиозные направления.

IMAGES IN POETRY BY MIRZO SHUHI KHUJANDA

The influence of poets of the Indian style on the work of Shukhi Khujandi and his contemporaries is very great. One of the properties of this style is that the poet, based on words and new compositions, creates complex compositional meaningful expressions that are very difficult to comprehend when reading a work. It is this property of this style that distinguishes it from other poetic styles and attracts the attention of poets at all times and thereby urging them to create poetry in this style, since this style, with its superiority over other styles, gives extraordinary expressiveness, fascination of intellectual play and allows you to rise to high insights about life, and having a sum of stylistic preferences, and as a way of knowing reality, makes poetry special and attractive. The writers of Maverranachr had a special relationship to this style and, depending on the literary circle, language, traditions and customs, their poetry, composed under the influence of this style, had special properties. It can be noted that the Indian style in the works of the poets of Maverranahra was able to bring a new trend to literature. In particular, one of the new properties of this style in the heritage of the writers of Maverranachr was the repetition of a word in a line of poetry.

Key words: poets, eloquence, expressiveness, property, style, method, phenomenon, mafњumњo, irfan, terminology, mystic, words, religious trends.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳайдарова Бисаноат Умаровна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, муаллими калони кафедраи адабиёти классикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Телефон: **92-822-77-47**

Сведения об авторе: ***Хайдарова Бисаноат Умаровна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. Телефон: **92-822-77-47**

Information about the author: ***Khaidarova Bisanoat Umarovna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Senior Lecturer of the Department of Classical Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave. 1. Phone: **92-822-77-47**

УДК:891.550

ПОЭТИКА ПЕРЕВОДА: СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ДВУХ ВАРИАНТОВ ПЕРЕВОДА РОМАНА «ОВОД» СОТИМОМ УЛУГЗОДА

Мурувватиён Дж.Дж.
Институт языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ

Сотим Улугзода имеет свой особый переводческий стиль, где главной особенностью является творческий подход, целью которого желание передавать не только слово, но и образ, в чем легко угадывается «почерк» писателя - переводчика. Эти качества можно обнаружить при сравнительном анализе его переводов с оригиналами. Сравнивая два варианта перевода одного романа Сотимом Улугзода – «Замбӯр» [2] и «Ғурмагас» [3], можно выделить большое количество отступлений, слов-реалий, представляющих для нас особый интерес с точки зрения специфики их перевода на таджикский язык.

Сравнение двух текстов на таджикском языке («Замбӯр» и «Ғурмагас») показало, что при редактировании Улугзода решительно меняет ритмико-образно-стилистический строй первого перевода. Однако, несмотря на столь большую переводческую работу, писатель не только не достигает явных преимуществ над дословно точным переводом «Замбӯр», но даже, пожалуй, иногда художественно уступает ему в «Ғурмагас»-е. Возможно это звучит парадоксально, но первая версия перевода («Замбӯр»), несмотря на все его недостатки, возможно в силу того, что роман был переведен молодым переводчиком, полным сил, энергии, борьбы, был более насыщенным и реалистичным, чем отредактированный и уточненный «Ғурмагас». Но, как показывают переводы С. Улугзода в целом, главной его особенностью является то, что писателю свойственно вольное обращение с подлинниками, хотя в более позднем переводе – в романе «Дон Кихот» он сделал достаточно точный перевод. Причин этому может быть несколько: быстрое развитие таджикской художественной литературы в период 30-х годов XX века, которое, в свою очередь, вызвало изменения в дальнейших его переводческих решениях, индивидуальный подход к тексту оригинала, свое видение и т.д. Так, если первые переводы Улугзода, как, например, роман «Овод» [4], были далеки от внешней точности, то в дальнейшем в переводах Улугзода начинает появляться особая *поэтика перевода*. Появляется стремление как можно точнее передать ключевые моменты оригинала, воссоздать местный и исторический колорит разных стран и эпох («Овод» – первая половина XIX века; «Дон Кихот» - период рыцарских времен; «Слуга двух господ» — комедия Карло Гольдони, написанная в 1749 г. и т.д.).

Можно утверждать, что, начав свою деятельность в качестве преемника С. Айни, Улугзода позднее оказывает заметное влияние на развитие реалистического направления в таджикской литературе в целом. Соответственно, в таджикской переводческой литературе эпоха реализма берет начало с творчества Улугзода. Конечно, в нашу задачу не входит выявить и описать весь объем правки, внесенной Сотимом Улугзода, мы приведем лишь некоторые яркие примеры, которые могут служить ценным материалом о С. Улугзода, как о редакторе. Сличение первой и второй версии перевода подтверждает, что общий объем, внесенный Улугзода правок довольно большой, где в глаза бросается также тщательная орфографическая работа. Во второй редакции Улугзода приводит в порядок строй языка, который больше соответствует языку оригинала: более тщательно отобрана лексика, порядок слов, а главное - целостность восприятия, воздействие на душу читателя. К примеру, в следующем отрывке писатель не только меняет некоторые слова, выражения, в зависимости от эволюции языка, но и усиливает точность:

Овод:«Артур сидел в библиотеке духовной семинарии в Пизе и просматривал стопку рукописных проповедей. Стоял жаркий июньский вечер. Окна были распахнуты настежь, ставни наполовину притворены. Отец ректор, каноник Монтанели, перестал писать и с любовью взглянул на черную голову, склонившуюся над листами бумаги» [4, с.9].

Замбӯр:«Артур дар китобхонаи семинарияи динии шаҳри Пиза нишаста, як ***тӯда*** дастнависи ваъзҳои диниро аз назар мегузаронд. ***Шаби гарми моҳи июнӣ*** буд, тирезаҳо ***ба ду тараф боз***, ***аммо пардаҳо пӯшидагӣ буданд***. ***Мудири*** семинария Монтанелли каме аз навиштан боз истода ***бо муҳаббат*** ба мӯй***ҳои*** сиёҳи саре, ки болои варақҳои коғаз ҳам буд, ***назар андохт***» [2, с.3].

Ғурмагас:«Артур дар китобхонаи семинарияи динии шаҳри Пиза нишаста як ***қабза*** дастнависи вазъҳои диниро аз назар мегузаронд. ***Шомгоҳи гарми июнӣ*** буд, ***тирезаҳо калон кушода***, ***бодгонаҳо нимрог пӯшидагӣ буданд***. ***Ректори*** семинария Монтанелли ***як дам*** аз навиштан бозистода, ***мехромез*** ба мӯи сиеҳи саре, ки болои варақҳои қоғаз***ҳо*** хам буд, ***нигарист***» [3, с.10].

Мы видим, как С.Улугзода устраняет явные фактические ошибки, текст действительно подвергнут редактированию, например, русское слово «*притворены»* в «Замбӯр»-е переведено как *«пӯшидагӣ буданд*», т.е. – «*закрыты*». В «Ғурмагас»-е писатель меняет это слово на правильный вариант - *«нимрог пӯшидагӣ буданд*», что означает, ставни были «*наполовину притворены»*, хотя, по смыслу можно было пропустить слово *«пӯшидагї»,* оставив *«нимрог буданд*».В тексте перевода наблюдается огромное количество вставок и изменений на уровне как отдельных лексем, так и целых предложений:

Овод:«- Не можешь найти, carino? Оставь. Придется написать заново. Я, вероятно, сам разорвал эту страничку, и ты напрасно задержался здесь. Голос Монтанелли был тихий, но очень глубокий и звучный. Серебристая чистота тона придавала его речи особенное обаяние. Это был голос прирожденного оратора, гибкий, богатый оттенками, и в нем слышалась ласка всякий раз, когда отец ректор обращался к Артуру.

-Нет, padre, я найду. Я уверен, что она здесь. Если вы будете писать заново, вам никогда не удастся восстановить, все как было.

Монтанелли продолжал прерванную работу. Где-то за окном однотонно жужжал майский жук, а с улицы доносился протяжный, заунывный крик торговца фруктами: «Fragola! Fragola!»

- «Об исцелении прокаженного» - вот она!» [4, с.10].

Замбӯр:«- ***Ҳанӯз*** пайдо накардай, азизам? Ҳеҷ гап нест, ***ман ҳамон ҷояшро*** аз нав навишта мемонам. Шояд ягон варақаш афтода монда бошад, ту барои ҷустҷӯи он беҳуда ин қадар вақт сарф кардӣ.

Овози Монтанелли паст, лекин пур ва оҳангдор буд. Софии симини ***оҳанги сухан*** ба гуфтори ***ӯ форамии махсусе*** мебахшид. Ин овози як нотиқи модарзоде буд, ки ***зеру бамҳои зиёде дошт; дар ҳангоми гуфтугӯ бо Артур ин овоз боз ҳам форамтар ва малеҳтар мегашт***.

- Не, падре, ман меёбам, ман яқин дорам, ки вай ҳаст***. Шумо мехоҳед аз нав нависед, вале ин дафъа монанди худаш навиштан ба шумо муяссар намешавад.***

Монтанелли боз ***ба кораш давом намуд***. Дар пушти тиреза ***гамбуски хоболуди баҳорӣ дилу-бедилон гӯнгас мезад*** ва аз тарафи кӯча овози думболадор ва ҳазини мевафурӯше ба гӯш мерасид, **ки мегуфт**: «Фр***а***гола! Фр***а***гола!».

Дар ин дам садои хуррамонаи Артур баланд шуд:

-***Хо***, ёфтам... «Дар бораи шифо ёфтани махав» [2, с.3-4].

«Ғурмагас»:

«- Пайдо накардӣ, азизам? ***Мон, накоб***. ***Аз нав навишта мондан лозим меояд.*** Шояд худам он ***як варақро дарронда партофта бошам***: ту барои ёфтани он беҳуда ин қадар вақт сарф кардӣ.

Овози Монтанелли паст, лекин пур ва оҳангдор буд. Софии симини ***овозаш*** ба гуфтори ӯ ***як дилрабоӣ ва малоҳате*** мебахшид. Он як овози нотиқи модарзоде буд, дар ***он овоз мехру навозиши садо медод***.

-Не, падре, ман меёбам. ***Яқин дорам, ки он варақ дар ҳамин ҷост***. ***Агар шумо аз нав нависед, монанди аввала намебарояд.***

Монтанелли кори ***қатъ кардаашро давом дод***. Дар паси тиреза, ***дар ҷое гамбуски хоболуди баҳорӣ якнавохт гунгос мезад,*** аз тарафи кӯча овози думболадор ва ҳазини мевафурӯше ба гӯш мерасид, ки «Фр***и***гола! Фр***и***гола!» ***гӯён фарьёд мекашид***.

Дар ин дам садои хуррамонаи Артур баланд шуд:

-***Мана***, ёфтам! «Дар бораи шифо ёфтани махав» [3, с.10-11].

Однако эти изменения нисколько не навредили тому, как передает Сотим Улугзода настроение героев, психологию, индивидуальный характер. Отчетливо чувствуется отцовская забота и любовь Монтанелли к Артуру. Несмотря на то, что первая редакция перевода сильно отличается от второй, Улугзода в ней смог правильно показать духовные аспекты бытия личности, глубоко проникнуть в сферу неопределенных душевных переживаний героев, раскрыть их стремление к другой жизни, мечте, надеждам, рассказать читателю о предчувствиях героев.Что касается передачи ощущений в переводе, то в следующем отрывке Улугзода очень точно передает такие тонкие ощущения, как противоречивость характера Артура и намек на таинственность его происхождения. Но одинаково ли передается этот факт в двух редакциях перевода Улугзода? Чтобы ответить на этот вопрос мы сравнили два отрывка из двух редакций - Замбўр» и «Ґурмагас и обнаружилось, что в отдельных случаях С. Улугзода дополняет вторую редакцию перевода, стремясь к большей выразительности образов героев:

Овод:«Артур подошел к Монтанелли мягкими, неслышными шагами, которые всегда так раздражали его домашних. Небольшого роста, хрупкий, он скорее походил на итальянца с портрета XVI века, чем на юношу 30-х годов из английской буржуазной семьи. Слишком уж все в нем было изящно, словно выточено: длинные стрелки бровей, тонкие губы, маленькие ручки, ноги. Когда он сидел спокойно, его можно было принять за хорошенькую девушку,

переодетую в мужское платье; но гибкими движениями он напоминал приручeнную пантеру – правда, без ногтей» [4, с.10].

Замбӯр:«Артур бо қадам***гузории*** нарми бесадо, ки он ба аҳли ҳонаводаи ӯ намефорид ва доим ҷаҳли онҳоро меовард, ба наздики Монтанелли омад. Ӯ қади миёна ва ***ҷисми*** латифе дошт ва назар ба ҷавони солҳои сиюми асри нуздаҳӯм, ки аз оилаи ***миёнаҳоли англисӣ*** бошад, ба ***одами*** итал***ья***нии асри шонздаҳӯм монанд***тар*** буд. Аз абрувони дароз ***гирифта то даҳони пурноз***, ***лабони асабиёнаи серҳаракат, то даст у пойҳо ҳама дар ҷисми ӯ «тарошида» ва латиф буд***. Вақте ки ӯ ором менишаст, имкон дошт, ки ӯро як духтари ***хубе*** дар либоси мардона гумон кунанд. Аммо ҳангоме ки бармехост ва роҳ мерафт, сабукӣ ва чолокии ӯ паланги ***дастомӯзеро,*** ки одати ***даррандагиаш барҳам хӯрда бошад***, ба хотир меовард» [2, с.4].

Ғурмагас:«Артур бо қадам***ҳои*** нарми бесадо, ки он ба ***хонагиҳои ӯ*** намефорид ва доим ҷаҳли онҳоро меовард, ба ***назди*** Монтанелли омад. Ӯ қади миёна ва ***ҷуссаи*** латифе дошт ва назар ба ҷавони солҳои сиюми асри нуздаҳум, ки аз оилаи ***давлатманди шаҳрии англисӣ*** бошад, ***бештар*** ба итал***иё***нии асри шонздаҳуми ***тасвиркардаи рассомон*** монан***дӣ*** дошт. Аз абрувони дарози ***шабеҳи тири камон гирифта то лабони борик ва даст у пои хурдтараки ӯ ҳама рехтаву латиф буд***. Вақте ки ӯ ором менишаст, имкон дошт, ки ӯро духтари ***хушсурате*** дар либоси мардона гумон кунанд. Аммо ҳангоме, ки бармехост ва роҳ мерафт, ***ҳаракати*** сабуки ***чобуконааш*** паланги **ромшуда,** аммо ***ромшудаи бедандону ҷанголро*** ба хотир меовард» [3, с.11].

В данном отрывке наблюдаются неточности, такие как: в первой редакции перевода Улугзода главный герой романа - Артур является выходцем из ***«оилаи миёнаҳоли англисӣ» - «из английской семьи среднего положения»***, после правки 1982 года — это место звучит близко к русскому тексту ***«богатой городской английской семьи» - «давлатманди шаҳрии англисӣ»***. Но в каждой редакции, что в первой, что во второй писатель добавляет слова «***солҳои сиюми асри нуздаҳум» - «30-х годов девятнадцатого века».***

В целом, как показывает анализ, первый вариант - «Замбур» содержит большое количество кальки, к примеру: «Овод»: ***приручeнная пантера***

«Замбӯр»: – ***паланги дастомуз,*** «Гурмагас» - ***паланги ромшуда.***

Несмотря на то, что Улугзода в первой редакции заметно снижает стилистические особенности подлинника, меняет характер главного героя, однако сохранил, не исказил описание изящной внешности юноши из английской буржуазной семьи. Здесь мы можем выделить большое количество слов-реалий, представляющих для нас особый интерес с точки зрения специфики его перевода на таджикский язык. Обычно, при переводе реалий переводчик сталкивается с довольно важной проблемой передачи национального и исторического своеобразия. Само понятие «перевод реалий» является довольно условным, так как к большинству реалий невозможно подобрать абсолютный словарный эквивалент из другого языка и, как правило, реалии передаются в тексте не путем перевода. На сегодняшний день в переводоведении существуют различные определения термина «реалия». Одни ученые высказывают мнение о том, что к реалиям, кроме явлений, обладающих национальным характером и находящих свое воплощение в безэквивалентной лексике, также можно отнести явления, свойственные определенной культуре, явления, которые «не нашли своего отражения в специальных словах и «закрепились» в словах самых обычных», тем не менее, связанные с ними ассоциации носят культурно-специфический характер [5, с.88]. Другие считают, что реалии создают культурный фон произведения [15, с.20].

В «Словаре лингвистических терминов» О.С. Ахмановой термин «реалия» рассматривается в следующем порядке: «реалия (лат. «realia» - вещественный, действительный) как 1. разнообразные факторы, изучаемые внешней лингвистикой, такие как государственное устройство данной страны, история и культура данного народа, языковые контакты носителей данного языка и т.п. с точки зрения их отражения в данном языке; 2. предметы материальной культуры» [1, с.381].

В романе Э. Войнич «Овод» автором использовано большое количество слов-реалий самых различных видов: бытовые реалии, ономастические реалии, общественно-политические реалии.Анализируя перевод С. Улугзода, нами была сделана попытка вкратце описать использованные приемы передачи культурных реалий с русского языка на таджикский.

Замбӯр:«Онҳо ба боғи ***хомӯш*** ва пурсояи ***монастирь*** даромаданд. Семинария як бинои хеле қадимии ***монастырьеро*** ишғол карда буд. Дусад сол пеш аз ин ҳам саҳни мураббаи он ***дар интизоми сахте нигоҳ дошта мешуд***. ***Дар гулзорҳои хуб оросташудааш гулҳои бобрия ва гайра расида буданд.*** Роҳибони сафедпӯше ки ***замоне*** ин *растаниҳоро нигаҳбонӣ* ва парвариш ***менамуданд,*** кайҳо ***аз дунъё гузашта*** ва фаромӯш шудаанд. ***Вале сабзаҳои*** хушбӯй дар ин шабҳои ***форами*** тобистон ҳанӯз ҳам ***мешукуфтанд***, ***онҳоро акнун ҳеҷ кас монанди роҳибони пештара барои доруворӣ ҷамъ намекард. Алафҳои ёбоӣ сӯроҳҳои панҷараи оҳанинро пур карда ва болои ҷоҳи дар миёнаҷои саҳн бударо пӯшонида буданд.***

Гулҳои сурх ба гиёҳҳои ёбоӣ мубаддал шуда, танаҳои дарози ба ҳам печидаи онҳо дар роҳҳои борик ба ҳар сӯ хобида монда буданд. Дар ҷӯякҳои роҳе ки дар миёни гулҳо буд, лолаҳои дароз-дарози сурх расида буданд. Гулҳои калон-калони гуногун ба болои алафои бетартиб ва бенизом хамида ва токи ангури хеле қадимӣ ва кӯҳнае ки ба дарахти ёбоӣ табдил шуда ва аз мева бозмонда буд аз миёнаи шохаҳои дарахти бузурге овезон буд, ва он дарахт ҳам нӯгҳои сербарги худро ҳазин ва оҳиста-оҳиста меҷунбонид» [2, с.4-5].

Ғурмагас:«Онҳо ба боғи ***сокиту*** пурсояи ***савмиа*** даромаданд. Семинария бинои хеле қадимии ***савмиаи доминиканиро*** ишғол карда буд. Дусад сол пеш аз ин ҳам саҳни мураббаи ***он озодаву ботартиб нигоҳ дошта мешуд***. ***Гулбунҳои руморану ҳузомо бо қайчии бог хеле сара ва тахт карда шуда, дар ҳошияҳояшон шамшодҳо ҳамчун зеҳ ба якрдаи муназзам саф кашида буданд.*** Роҳибон ***(монаххо) – и*** сафедпӯш, ки ***як вақтҳо*** ин растаниҳову шукуфаҳоро парвариш ***мекарданд***, кайҳо ***ба хок рафта аз хотирҳо*** фаромӯш шуда буданд, ***лекин шукуфаҳои*** хушбӯй дар ин ҷо шомгоҳи ***серуни*** баҳоронро ҳанӯз ***атрафшон*** менамуданд, ***гарчанде ки дигар ҳеҷ кас онҳоро барои доруворӣ намечид.*** Акнун аз ***чоки хиштсангҳои пайраҳаҳо кокули ҷаъфарӣ ва тоҷимулуки ёбои неш зада мебаромад***. ***Даҳони чоҳи дар миёнҷои саҳни семинария бударо гиёҳи сархас пӯшонда буд. Садбаргҳои аз парвариишмонда ҳам ёбоӣ гашта, шохаҳои дарози ба ҳам печидаашон ба саросари пайраҳаҳо ёзида буданд. Навдаҳои баланди панҷагул ба болои алафҳо ҳамида, токҳои бебор аз шохҳои дӯлона, ки нӯги баргпӯшаш якзайл коҳилона хаму рост мешуд, овезон буданд, маҳзунонаву оҳиста меҷунбонид»*** [3, с.11].

Для примера из данного отрывка мы выберем последнее предложение:«Высокие побеги наперстянки склонялись над травой, а бесплодные виноградные лозы, покачиваясь, свисали с ветвей боярышника, уныло кивавшего своей покрытой листьями верхушкой» («Овод»)

تو آن امیری، که از روزگار آدم باز،
همی بخواست زمانه ترا به جهد و دوا [10, c.37]

Ты тот эмир, которого со времён Адама,
Время просило и требовало тебя.

Праотец человечества – Адам гордится тем, что одним из его потомков является восхваляемый Мас’уда Са’да:

می‌بینازد روان آدم از آنک
چون تویی خواست از بنی آدم [10, c.300]

Гордится душа Адама от того,
Что хотел такого как ты, Адама род.

Восхваляемый поэта на поле боя как Али, его меч остр и его враги, как иудеи крепости Хайбар, как племя Фараона, племя Ода, его копьё, как драконы Моися, его конь – пронизивающий ветер и от него нет спасения врагам:

به هیجا دشمنت گر شیر زور است،
علاجش زخم گرز گاوسار است.
به تندی گر حصارش هست خیبر،
به تیزی خنجر تو ذوالفقار است.
وگرچ هست فرعونی‌طبیعت،
چو شد رمه تو صعبانی شکار است.
وگر هست او به خلقت آدپیکر،
چو آید رخش تو سرسردیمار است [10, c.66]

Если в сражении твой враг – сильный лев,
Твой двузубый жезл – охотник на дракона.
Если его крепость – подобно Хайбару
И остр твой меч подобно Зулфикару (мечу Али - Ш. С.).
И если твой враг – племя Фараона,
Твоё копьё – подобно дракону.
А если он из Ода племя
Твой конь быстр как резкий пронизывающий ветер (сарсар).

Меч восхваляемого как посох Моисея и враг его – Фараон, а колдовство врага не подействует на его острый меч:

سحر دشمن همه باطل کنی از تیغ مگر،
دشمن و تیغ ترا قصّة فرعون و اساست [10, c.84]

Чары врага не действуют на твоего меча,
Твой враг и твой меч – напоминает предания о Фараоне и посохе Моисея.

Меч и копьё восхваляемого всегда приносят победу и завоевания, а кольчуга из перьев Рухуламина, т.е. ангела гласа Божьего – Джабреиля:

فتح و ظفر بنهاده سر بو ناچخ و شمشیر تو،
روحولمین پوشیده پر بر جوشن و خفتان تو [10, c.387]

Победу и завоеваний приносят твой меч и копьё,
Из перьев Рухуламина твоя кольчуга и твой хафтон.

Восхваляемому при сражениях с врагом вода, огонь и ветер не создадут пряпятствий. Он без труда проходит огонь как Ибрагим, а воду – как Моисей.

خلیلی تو، که هر آتش ترا همسان بود با گل،
کلمی تو، که هر دریا ترا آسان دهد معبر [10, c.139]

Ты подобен Халилу (Ибрагиму пророку) и тебе огонь кажется как роза,
Ты Калим (Моисей), и ты легко минуешь каждого моря.

Во время путешествия корабль восхваляемого на воде подобен кораблю Ноя, а его острый меч подобен сути тайфуна на земле:

بر آب کشتی خسرو روان چو کشتی نه،
زمین گرفته ز شمشیر تیز او طوفان [10, c.311]

На воде корабль царя как корабль Ноя плывёт,
А на земле его острый меч тайфуну подобен.

Величие и сила восхваляемого достигли такого уровня, что ему подчиняется ветер, а его конь – ветер, который подчинил восхваляемый:

اگر نه مرکب میمون-ش هست بادبزان،
چرا به رفتن با باد عهد و پیمان کرد.
مگر نگین سلیمان به دست خسرو ماست،
که چون سلیمان مر باد را به فرمان کرد [10,c. 99]

Если его конь – не прерывыстый ветер,
То почему тогда заключил союз с ветром.,

Разве перстень Соломона в руках царя,
Что подчинил он себе ветер как Соломон.

Своим мужеством и отвагой и по воле Бога восхваляемой восстановил мир и спокойствие в крае, создал преграду перед врагом, которую не строил даже Искандар против племени Я'джуджа и Маджуджа:

دیوار بست امنش اندر سرای ملک،
پایندتر ز سدّ سیکندر هزار بار [10, c.133]

Стену построил он для всего края
В тысячу раз крепче вала Искандара.

Восхваляемый в отваге – Хайдар Каррар и Рустам Дастан, Ну'ман ибн Мунзир и Бежан, а в щедрости – Хотам Тай, который известен во всех городах и районах. Такие качества восхваляемого Мас'уд Са'д приводит в следующих бейтах:

ای نام تو چون نام سخی حاتم تایی،
گسترده به هر شهر در امثال و در اشعار [10, c.145]

Прославлен ты щедростью, как Хатам Тай,
В каждом городе в стихах и пословицах о тебе говорят.

ای غزاکار حیدر کرّار،
وی سخاپیشه حاتم سرور [10, c.199]

О вершитель газавата, как Хайдар Каррар,
О великодушный, как Хотам предводитель.

مثل زد نباید ز نوعمان و حاتم،
که نوعمانّبردی و حاتمسخای [10, c.314]

Не стоит говорить о Ну'мане и Хотаме,
Так как в сражениях ты Ну'ман, а в щедрости – Хотам.

Таким образом, поэт изображает учёность и праведность, военное мастерство, месть и гнев и другие качества восхваляемого в сравнении с Али, Омаром, Сахибом ибн Аббадом, Нушырваном, Иисусом, Моисеем, Ка'бой, Кавсаром, Тубо, и другими лицами и событиями из арабо-исламских сказаний, преданий, легенд и мифов. Так, восхвляемый изображается в мудрости, как Сахиб Аббад, и в щедрости, как Хатам:

فضلورزی چو صاحب ابّاد،
مالبخشی چو صاحب مکرم [10, c.301]

В мудрости – ты Сахиб Аббад
В щедрости ты как Хотам.

Мас'уд Са'д своего восхваляемого в отваге сравнивает с Али ибн Абуталибом, а в праведности – с Омаром ибн Хаттабом:

امیر غازی محمود سیف دولت، کو
شجاعت الی و سیرت عمر دارد [10, c.97]

Эмир газавата Махмуд Сайфуддавла,
В отваге – он Али, в праведности – Омар.

Пламя битвы восхваляемого ярче огня ада, величие и красота его пира кроме райского сада Ирам:

رزمش افروختتر از سقر است،
بزمش آراستتر از ارم است [10,c. 69]

Пламя битвы его – ярче огня ада,
Пир его наряднее Ирама.

Щедрость восхваляемого дарит жизнь как вздох Иисуса и месть его забирает жизнь, как ладонь Моисея:

نمایی به جد آن چه عیسی به دم،
نمایی به رای آن چه موسی به کف [10,c. 256]

Щедростью совершаешь то, что совершил Иисус вздохом,
Волей делаешь то, что делал Моисей ладонью.

Как было упомянуто нами ранее, в некоторых касыдах Мас'уда Са'да, содержание которых связано с его биографией и имеет социальные мотивы, поэт выражает мысли, связанные с его положением в тюрьме, жалобами на несчастливую жизнь. Так, в следующих бейтах поэта с указанием на сказание о Моисее тучу, появляющуюся утром у горы Ноя, сравнивает со встречами Моисея с Богом, а гору Тур и грозу, появляющуюся на небе – с яркой ладонью Моисея:

هر روز بامداد در این کوهسار تند
ابری به سان تور زیارت کند مرا.
برقی چو دست موسی عمران به فعل و نور،
آرد همی پدید ز جیب صبا هوا [10, c.31]

И каждым рассветом у этой высокой горы

Туча как горы Тур встречает меня,
И гроза как яркая Моисея ладонь
Явится мне из глубины воздуха.

В другом месте Мас’уд Са’д своё тяжелое состояние на высокой горе сравнивает с горой Тур и сожалеет о том, что сияние божьей красоты, явившееся у горы Тур Моисею, не явилось ему:

از تجلّی چرا نصیبم نیست،
که همه عمر جای من تور است [10,c. 63]

Почему сияние божественное не явилось мне,
Ведь всю жизнь я проведу в горе Тур.

Поэт свою жизнь в тюрьме, горе и печали, стоны и крики, глаза полных слёз, печальное сердце сравнивает с переходом Мусы Калима через реку Нил и преодолением огня Намруда Ибрагимом Халилуллахом:

گه بگذرد ز آب دو چشمم کیلم وار،
گه درشود در آتش دلم راست چون خلیل [10, c. 272]

Мои очи, полные слёз, иногда переходят воду как Калим,
И жгучее сердце моё исправляется в огне как Халил.

В следующих бейтах Мас’уд Са’д своих завистников, врагов и недоброжелателей сравнивает с фараонами и подчёркивает, что из-за их интриг он потерял свою семью и все своё состояние:

نه سعد سلمان پنجاه سال خدمت کرد،
به دست کرد به رنج این همه زیا و ایقار.
به من سپرد و ز من بیستدند فرعونان،
شدم به اجز و ضرورت ز خانمان آوار [10,c. 227]

Пятдесят лет служил Са’д Салман,
Всё имущество с трудом приобрёл,
Мне передал, но из-за фараоновых интриг,
Слабым и беспомощным стал, лишился семьи.

Поэт подчёркивает, что его без всякой вины заключили в тюрьму и его положение схоже с волком, которого братья Иосифа обвинили перед Я’кубом в том, что он будто съел Иосифа:

ولّه، که چو گرگ یوسفم، ولّه،
که بر خیره همی‌نیهند بوهتانم [10, c.296]

Я на волка Иосифа, клянусь Богом, похож,
Как и он, я в вине какой-то оклеветён.

Следует отметить, что в диване Мас’уда Са’да есть немало стихов с использованием арабо-исламских, сказаний, легенд и мифов, приведение большинства из которых требует много места и времени. Поэтому, в заключении отметим, что в поэзии Мас’уда Са’да элементы исламских сказаний, преданий и мифов, если в большинстве случаев заимствованы для создания всех деталей, связанных с личностью восхваляемого, начиная с его мужества, смелости щедрости и великодушия до снаряжний и предметов, относящихся к нему, таких как меч, конь, рука, ладонь, сердце, гнев, любовь, пир, бой, войско, его подчинённых и близких, с другой стороны, поэт испоьзует их с целью изложения своего состояния в тюрьмах Газневидских правителей, а также показа боли и мучений, трудностей и лишений из-за интриг завистников. Также нужно сказать, что широкое использование арабо-исламских сказаний, преданий и мифов в поэзии Мас’уда Са’да, с одной стороны, является требованием традиции сочинения касыд в эпоху жизни поэта, с другой стороны, считается свидельством внимания и связи поэта с арабским языком и литературой, биографией пророков и религиозных личностей, арабской историей и мифологией.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абдусаттор, А. Фарҳанги арабӣ ва адабиёти аҳди Ғазнавиён / А. Абдусаттор.–Душанбе: Бухоро, 1915.– 430 с.
2. Абдуллаев, И Взаимосвязь поэтической литературы на арабском и таджикском языках при Саманидах: научные работы и сообщения АН Уз ССР. ООН. Кн. 2 / И.Абдуллаев. - Ташкент, 1961 - С 155-168.
3. Абуалӣ, ибни Сино, Авчи Зухал (пер. араб. стихов на рус. Я Козловского / Абуалй, ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 1980 - С. 80-109.
4. Брагинский, И. С. Из истории таджикской и персидской литератур / И. С. Брагинский. – М.: Наука, 1972. – 254 с.
5. Ватвот, Рашид ад-Дин. Сады волшебства в тонкостях поэзии (Хадаик ас-сихр фи дакоик аш-ши’р); пер. с перс., исслед. и коммент. Н. Ю. Чалисовой / Ватвот Рашид ад-Дин. – М.: Наука, ГРВЛ, 1985. – 324 с.
6. Веселовский, А. Н. Историческая поэтика / А. Н. Веселовский. – Л., 1929.
7. Мардони, Т. Н. Влияние арабской поэзии на творчество персидско-таджикских поэтов XI-XII вв.: дисс, д-ра. филол наук / Мардони Таджиддин Нуриддин. – Душанбе, 2006. – 344 с.
8. Махмудов, М. Р. Арабоязычные поэты и литераторы Азербайджана (VII-XII вв.). автореф. дисс. канд. филол. наук / М. Р. Махмудов. – Баку, 1975. – 82
9. محمّدی، محمّد. فرهنگ ایران و تأثیر آن در تمد اسلام و

عرب. - تهران، 1322 ه.ش
مستوفی حمدالله. تاریخ گزیده/به اهتمام دکتر عبدالحسین. - تهران، 1339 ه.ش. 10.

ИҚТИБОСИ РИВОЯТУ ДОСТОНҲОИ АРАБӢ-ИСЛОМӢ

Дар мақола муаллиф раванди иқтибосоти ривояту афсонаҳои арабӣ-исломиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик, ки қисмати ҷудонопазири фарҳанги ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, дар алоқаи зичи мутақобила бо адабиёти дигар халққо ташаккул ва рушд ёфтааст, ки байниионҳо адабиёти араб ҷойгоҳи махсусро касб менамояд. Муаллифи мақола қайд менамояд, ки дар девони Масъуд Саъди Салмон шеърҳои бо истифодабарии афсонаву, ривояту достонҳои арабӣ-исломӣ ҷой доранд, ки дар як мақола номбар намудани онҳо ҷой ва вақти зиёдеро талаб менамояд. Аз ин рӯ, бояд қайд намуд, ки дар назми Масъуд Саъди Салмон унсурҳои афсонаву, ривояту достонҳои исломӣ, агар аксаран барои инъикоси тамоми ҷузъиёти бо шахсияти ситоишшаванда аз мардонагӣ, саховатмандӣ, олиҳиммат ӣ ва ашёи ба ӯ дахлдошта ба монанди шамшер, асп, даст, панҷа, дил, хашм , ишқ, қӯшун, наздикони ӯ алоқаманд бошанд, аз тарафи дигар шоир онҳоро бо мақсади шарҳи ваъи худ дар зиндонҳои ҳокимони Ғазнавӣ, инчунин нишон додани дарду ранҷ, мушкилот аз рӯи макру ҳилаи ҳасадхӯрони худ истифода мебарад. Инчунин бояд қайд намуд, ки истифодаи васеи ривояту афсонаҳои арабӣ-исломӣ дар назми Масъуд Саъди Салмон, агар аз як тараф, талаби анъаноти таълиф қасида дар даврони ҳаёти шоир является требованием традиции сочинения касыд в эпоху жизни поэта, с другой стороны, считается свидельством внимания и связи поэта с арабским языком и литературой, биографией пророков и религиозных личностей, арабской историей и мифологией.

Калидвожаҳо: раванди исломикунонии қаламрави Эрон ва Осиёи Марказӣ, таъсири фарҳанги араб ба адабиёт ва фарҳанги халққои тобеи хилофат, даврони исломии рушди адабиёти форсӣ-тоҷикӣ.

ЗАИМСТВОВАНИЕ АРАБО-ИСЛАМСКИХ ПРЕДАНИЙ И ЛЕГЕНД

В статье автором рассматривается процесс заимствования арабо-исламских преданий и легенд. История классической персидско-таджикской литературы, являющейся неотъемлемой частью мировой культуры, формировалась и развивалась в тесной взаимосвязи с литературами других народов, среди которых особое место занимает арабская литература. Автор отмечает, что диване Мас’уда Са’да есть немало стихов с использованием арабо-исламских, сказаний, легенд и мифов, приведение большинства из которых требует много места и времени. Поэтому, нужно отметить, что в поэзии Мас’уда Са’да элементы исламских сказаний, преданий и мифов, если в большинстве случаев заимствованы для создания всех деталей, связанных с личностью восхваляемого, начиная с его мужества, смелости щедрости и великодушия до снаряжний и предметов, относящихся к нему, таких как меч, конь, рука, ладонь, сердце, гнев, любовь, пир, бой, войско, его подчинённых и близких, с другой стороны, поэт испоьзует их с целью изложения своего состояния в тюрьмах Газневидских правителей, а также показа боли и мучений, трудностей и лишений из-за интриг завистников. Также нужно сказать, что широкое использование арабо-исламских сказаний, преданий и мифов в поэзии Мас’уда Са’да, с одной стороны, является требованием традиции сочинения касыд в эпоху жизни поэта, с другой стороны, считается свидельством внимания и связи поэта с арабским языком и литературой, биографией пророков и религиозных личностей, арабской историей и мифологией.

Ключевые слова: процесс исламизации территорий Ирана и Центральной Азии, влияние арабской культуры на литературу и культуру подвластных народов, исламский период развития персидско-таджикской литературы.

BORROWING ARABO-ISLAMIC TRADITIONS AND LEGENDS

In the article, the author examines the process of borrowing Arab-Islamic traditions and legends. The history of classical Persian-Tajik literature, which is an integral part of world culture, was formed and developed in close relationship with the literatures of other peoples, among which Arab literature occupies a special place. The author notes that Mas'ud Sada's divan contains many verses with the use of Arab-Islamic, legends, legends and myths, most of which require a lot of space and time. Therefore, it should be noted that in the poetry of Mas'ud Sa'd, elements of Islamic legends, legends and myths, if in most cases are borrowed to create all the details related to the personality of the person being praised, from his courage, courage, generosity and magnanimity to equipment and objects related to him, such as sword, horse, hand, palm, heart, anger, love, feast, battle, army, his subordinates and loved ones, on the other hand, the poet uses them to describe his condition in the prisons of the Ghaznavid rulers, and also showing the pain and anguish, difficulties and hardships due to the intrigues of envious people. It should also be said that the widespread use of Arab-Islamic legends, legends and myths in the poetry of Mas'ud Sa'd, on the one hand, is a requirement of the tradition of composing qasid in the era of the poet's life, on the other hand, it is considered a testimony of the poet's attention and connection with Arabic language and literature, biography of prophets and religious figures, Arab history and mythology.

Key words: the process of Islamization of the territories of Iran and Central Asia, the influence of Arab culture on the literature and culture of the subordinate peoples, the Islamic period of the development of Persian-Tajik literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сайидализода Шодмон Абдувоҳид*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-85-00-30**

Сведения об авторе: ***Сайидализода Шодмон Абдувохид*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-85-00-30**

Information about the author: Sayidalizoda Shodmon Abduvohid - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Arabic Philology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17 Tel .: (+992) 918-85-00-30

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК:07-057.68

БОЗТОБИ ҲАЁТИ ХОРИҶӢ ДАР САФАРНОМА

Нуриддин Бозорзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сафарномаҳои замони шӯравиро, ки аз тарзи ҳаёти хориҷиён, давлатҳои хориҷаи дуру наздик, урфу одат ва маданияти моддию маънавии онҳо маълумот ироа медоранд ва дар матбуоти тоҷик ба табъ расидаанд, шартан ба ду бахш ҷудо кардан мумкин аст: 1) таассуроти муаллифони тоҷик аз сафарҳои хориҷа ва 2) нигоштаҳои муаллифони русу хориҷӣ ва сафарномаҳои тарҷумагардида.

Бояд гуфт, ки муаллифони тоҷик бо ҳар роҳу восита ба мамлакатҳои хориҷа сафар намуда, натиҷаи таассуроташонро рӯйи сафҳа овардаанд. Теъдоди сафарномаҳое, ки то замони истиқлолият мавзӯи хориҷиро инъикос намудаанд, беш аз 70 адад аст. Сафарномаҳои “Дар кишвари дӯстон”-и Ф. Ниёзӣ (Шарқи Сурх. – 1954. - № 8. – С. 80-86), “Ҳаждаҳ рӯз дар Япония”-и А. Деҳотӣ (Садои Шарқ. – 1959. - №11. – С. 19-21), “Сафари Австралия”-и А. Қаҳҳоров (Шарқи сурх. - 1960. - № 8. - С. 64-71), “Таассурот аз сафари Англия”-и А. Сайфуллоев (Шарқи Сурх. – 1964. - № 1. – С. 24-42), “Сафар дар шаҳрҳои шеъру ҳунар”-и Р. Ҳошим (Садои Шарқ. – 1966. - № 3. – С. 56-63), “Дар диёри шоир”-и М. Миршакар (Садои Шарқ. – 1966. - № 6. – С. 47-49), “Чанд рӯз дар Ҳиндустон”-и Т. Умаров (Тоҷикистони советӣ. – 1970. – 17 феврал), “Аз диёри Рӯдакӣ то манзили Ҳофиз”-и И. Файзуллоев (Маориф ва маданият. - 1972. – 4 ноябр), «Ғизоли болдори Теҳрон»-и М. Муллоҷонов (Садои Шарқ. - 1972. - №12. – С. 126-131), “Тӯшаи роҳ”-и М. Саъдуллоев (Садои Шарқ. – 1978. - №1. – С. 101-113), “Дили бедор”-и М. Шукуров (Садои Шарқ. – 1981. - № 7. – С. 92-105), “Кишвари сапедаи Чосон”-и Х. Шарифов (Садои Шарқ. – 1988. - №6. – С. 96-106), «Хотироти сафари Ҳиндустон”-и М. Осимӣ (Садои Шарқ. – 1989. - №4. – С. 72-81), “Оҳ, Бухенвалд!..”-и М. Мирзошоев (Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989. – 19 апрел), “Сафаре, ки интизор набуданд”-и М. Ҳусейн (Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 9 август), “Ба Ландан бо роҳи худшиносӣ”-и М. Шаҳидӣ (Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 25 июл), “Тавоноӣ аз дӯстист”-и Д. Икромӣ, М. Шукуров (Адабиёт ва санъат. – 1990. – 2 август), “Ин халқро дӯст надоштан гуноҳ аст”-и Л. Кенҷаева (Паёми Душанбе. – 1990. – 14 апрел), “Сафар кардан олам дидан аст”-и М. Олим (Паёми Душанбе. – 1990. – 28 апрел), “Теҳрону Душанбе бародаршаҳр мешаванд”-и М. Олимпур (Адабиёт ва санъат. – 1990. – 30 август), “Дусад соат дар Яман»-и Д. Нодир (Паёми Душанбе. – 1990. – 16 август. – 18 август), «Кушода даре ба ҷаҳони Фаранг»-и П. Ҷамшедов (Садои Шарқ. - 1991. - № 12. - С. 103-112) ва ғайра мавзӯъҳои хориҷиро мунъакис сохтаанд.

Сафарномаи «Ғизоли болдори Теҳрон»-и Масъуд Муллоҷонов аз рафт ва натиҷаи Кинофестивали нахустини байналмилалӣ дар Теҳрон, ки аз 16 то 26-уми апрели соли 1972 давом ёфтааст, нақл мекунад. Дар сафарнома муаллиф асосан бурду бохти филмҳо ва сазовори ҷоиза гардидани онҳоро инъикос намуда, чандеашонро таҳлил ҳам кардааст. Бояд хотиррасон намуд, ки дар ин ҷашнвора вакилони санъати шӯравӣ сазовори ҷоизаи асосии фестивал - ғизоли тилло гардидаанд. Муаллиф ҳамчунин се мусоҳибаи хешро бо одамони гуногункасб – омӯзгор - Аҳмад Муҳсинӣ, ронанда - Абдураҳмон Касирӣ ва тарҷумони тоҷик, собиқ устоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон Карим Раҳимов, ки дар ширкати фулузгудозии Эрон тарҷумонӣ мекардааст, овардааст [5, с.126-131].

Дар чанде аз сафарномаҳо муаллифон мавзӯи Афғонистонро ба риштаи тасвир кашидаанд. “Баҳори гарми Кобул”-и М. Ҳусейн (Адабиёт ва санъат. – 1990. – 19 май), “Аз сафарномаи Афғонистон”-и М. Ҳусейн (Адабиёт ва санъат. – 1990. – 12 июл), «Шонздаҳ рӯз дар Афғонистон»-и Сотим Улуғзода (Шарқи сурх. – 1959. - №11. – С. 28-41), «Аз пайи таърихи куҳан»-и А. Мухторов (Садои Шарқ. - 1973. - №8. - С. 98-125) маҳсули сафари адибон ба Ҷумҳурии исломии Афғонистон мебошад.

Сотим Улуғзода бо нависандаи забардасти туркман Бердӣ Карбобоев бо тайёраи «ТУ-104», ки бори аввал ба ин кишвар парвоз намудааст, сафар карда, дар ҷашни 41-умин соли истиқлоли он ширкат меварзанд. Муаллиф аз оғози сафар - парвоз тавассути Маскаву Тошканд ба Кобулро тасвир намудааст. Дар тайёрагоҳ барои дидани тайёраи нави шӯравӣ даҳ-понздаҳ мошин одамон ташриф овардаанд. Сипас, мусофирони мо ҳайати санъаткорони тоҷику туркманро, ки бо тайёраи дигар ба Кобул парвоз намуда буданд, ҳамроҳи дӯстони афғонистонӣ пешвоз мегиранд. Муаллиф инчунин оид ба шаҳри Кобул, таърихи баъзе шаҳрҳову мавзеъҳо, зебоиҳои онҳо, осори атиқӣ, дар бораи оромгоҳи Бобур ва ҳукмронии ӯ, оид ба муҷассамаи 35 ва 53-метраи Буддо ва умуман буддизм, оид ба паради ҳарбӣ, ки ба муносибати ҷашни истиқлол баргузор гардидааст, фаранҷипартоии баъзе занҳо, пуҳантуни Кобул ва мударрисҳои хориҷӣ, ки маоши хеле

калон (700-1000 доллар) мегирифтаанд, китобхонаи умумии Кобул, шуарои афғон, чун Абдулҳақ Бетоб ва ду тани дигар, ки дидорашон муяссар нагардидааст (Халилуллохон Халилӣ ва Мирпоччо Улфат), ҳамчунин оид ба санъаткорон, ки таҳти роҳбарии собиқ ҷонишини вазири маданияти Тоҷикистон Меҳрубон Назаров, ки филми «Қисмати шоир»-ро ба намоиш бурдааст, бо як самимият ва диди нав ҳарф задааст [12, с.126-131].

Академик Аҳрор Мухторов ҳам баҳори соли 1972 ба Афғонистон сафар намуда, бо номи «Аз пайи таърихи куҳан» сафарнома навиштааст. Вай барои ошно шудан бо маъхазҳои таърихӣ ва адабии халқҳои Мовароуннаҳр дар Афғонистон аввали баҳори соли 1972 ба ин кишвар сафар карда, дар бадали ду моҳ бисёр ганҷинаҳои дастхатҳои шаҳрҳои Кобул, Мазори Шариф, Ҳирот, Ғазнӣ, Қандаҳор, бозорҳои китобфурӯшии шаҳрҳои Балху Ҷалолобод ва қисман музофоти онҳоро аз назар гузаронидааст. Дар сафарнома доир ба шахсиятҳои бузурги дар ин сарзамин зиставу мадфунгардида, чун Бобур Мирзо, Амир Олимхон, Восифӣ, Ҳилолӣ, Фахриддин Алии Сафӣ, Абдуллои Ансорӣ, Ҷомӣ, Султон Ҳусайни Бойқаро, Ҳусайн Мирзо, Навоӣ, Беҳзод, Амирхованд (Мирхонд), Улуғбек, Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, Фирдавсӣ, Берунӣ, Унсурӣ, Робиаи Балхӣ ва бисёр-бисёр дигарон маълумотҳои ҷолиб ироа гардидааст, ки аҳаммияти калони илмӣ доранд. Бо кӯшиши муаллиф аксҳои баъзе оромгоҳҳои бузургони номбурда низ дар сафарнома ҷой дода шудаанд, ки ин яке аз имкониятҳои жанри сафарнома ба шумор меравад [6, с.126-131].

Дар ду сафарномаи охире, ки аз назар гузаронидем ва ҳар ду ҳам аз сафари Афғонистон навишта шудаанд, ҳам дар шаклу услуб ва ҳам дар фарогирии ҳодисоту воқеот ва далелҳо фарқият ба чашм мерасад.

Сафарномаи С. Улуғзода, ки аз ҷашнвора навишта шудааст, воқеаву ҳодисаи ба ҷашни истиқлол марбутро акс кардааст ва хусусияти рӯзмаррагии тасвир бештар аст. Дар сафарномаи А. Мухторов ҳангоми мутолиа мақолаи илмӣ пеши назар меояд. Ҳамчунин сафарнома ба қисмҳо (бо номи шаҳрҳо) ҷудо карда шуда, шарҳ ёфтааст.

Сафарномаи С. Улуғзода бошад, бо хатти рост ба қисмҳои шартӣ бахш гардидааст. Дар сафарнома тасвир аёнӣ, воқеӣ ва гуфтан мумкин рӯзмарра аст. Дар навиштаи А. Мухторов ҳикоят ё нақл аз таърих ба мушоҳида мерасад. Муаллиф барои тасдиқи фикр ва ё исботи ҳодиса, воқеа, фактҳо ё шахсиятҳои таърихӣ ва ҳоказо ба гузашта ва катибаҳо рӯй меорад.

Дар сафарномаи С. Улуғзода ҳодиса, воқеа ва манзараҳои асосан Кобул ва атрофи он акс ёфта бошад, дар маводи А. Мухторов доираи амалиёт хеле васеъ буда, дар якчанд мавзеъҳо мегузарад. Вале, новобаста ба фарқиятҳо, ҳар ду навишта ба хонанда дар бораи Афғонистони ҳамсоя, ки бо мо, тоҷикон, ҳаммарзу ҳамзабон ва ҳаммаданияту ҳамтаърих аст, маълумотҳои зиёди пуразриш медиҳанд.

Ҳамин хусусиятҳоро сафарномаи афғонистонии Мақсудҷон Ҳусейнов “Сафаре, ки интизор набуданд” [13] низ доро мебошад.

Се сафарномаи дигар маҳсули сафари Ҳиндустони афсонавӣ мебошанд. Яке, «Тӯшаи роҳ»-и Муллокомил Саъдуллоев [10, с.101-113] аст, ки таассуроти сафари муаллифро аз шаҳрҳои Деҳлӣ, Ҷамму, Агра, Банорас, Лакнау, оромгоҳи Тоҷмаҳал, Қалъаи Муқаддас, аз мулоқоти шахсони барӯманду меҳмоннавози ҳинду ва ҳоказо дар бар гирифтааст. Диду боздидҳо ба муаллиф таассуроти зиёд мегузорад. Аз ин сабаб, ӯ дидаҳои хешро бо як самимият акс кардааст ва дар шарҳу нақли ҳодисоту воқеот фаъол мебошад.

Сафарномаи дигаре, ки аз ин кишвари зебову дилрабо эҷод гардидааст, «Хотироти сафари Ҳиндустон»-и М. Осимӣ мебошад. Муаллиф дар оғоз мақсади сафарашро чунин арза медорад: «Моҳи ноябри соли 1981 дар Ҳиндустон ду маъракаи муҳимми илмӣ баргузор гардид. Яке, семинари байналхалқӣ бахшида ба ҷашни ҳазораи Абӯалӣ Ибни Сино, дигаре, семинари ҳинду советӣ роҷеъ ба робитаҳои илмию техникии Осиёи Миёна ва Ҳиндустон дар асрҳои миёна буд. Ба ман муяссар шуд, ки ҳамроҳи гурӯҳи олимон аз Москва, Тошканд ва Душанбе ба кори ин семинарҳо иштирок намоям» [7, с.72].

Муҳаммад Осимӣ навиштаи худро ба қисмҳои «Семинари Ибни Сино», «Семинари ҳинду советӣ» ва «Саёҳати Кашмир» ҷудо кардааст. Муаллиф дар ин қисмҳо рафти кори семинарҳоро хеле хуб, бо далелҳову мисолҳо тасвир намуда, дӯстиву ҳамкориҳои илмиву эҷодӣ ва маданиро аз номи иштирокдорони семинар ҷонибдорӣ ва инъикос кардааст.

Сафарномаи Муҳаммад Осимӣ азбаски чанд лавҳаи сафарро фаро гирифтааст, онро ба яке аз навъҳои сафарнома - *лавҳаи сафар* шомил намудан мумкин аст.

Дар сафарномаи Осимӣ алорағми сафарномаи қаблӣ санаи сафару рафти он аниқ буда, мавод ба қисмҳо низ тақсим шудааст. Баробари ин, муаллиф ҳам фаъол асту хонандаро ҳамсафари худ сохта метавонад.

Холмурод Шарифов сафарномаи хешро «Кишвари сапедаи Чосон» номидааст. Он аз кишвари зебои Чосон (Республикаи Демократии Халқии Кореяи собиқ) ҳикоят мекунад. Муаллиф дар ибтидо аз дидаҳои хеш, мусоҳибаҳои гуногунаш, мушкилоти зиндагии халқи Корея ва ба ду қисм ҷудо шудани он, худсариҳои таҷовузкорони япониву амрикоӣ дар ин

сарзамин, ҳамчунин ҷойҳои ҷолиби диққати ин ҷумҳурӣ, шаҳрҳои дилфиребу мунаққаш ва ғайра нақл намудааст. Чуноне муаллиф иброз медорад, бошандагони Корея Кореяи Шимолиро Чосон меномидаанд, ки маъноаш «кишвари партави саҳаргоҳон», «анвори сапедадам», «тулӯъгоҳи хуршед» ва «таровати бомдодӣ» будааст [14, с.96-106].

Сафарномаи Абдулаҳад Қаҳҳоров «Сафари Австралия» дар се шумораи маҷаллаи «Шарқи сурх» [4, с.64-71] нашр гардида, рубрикааш «Аз дафтари хотирот» мебошад. Ин мавод ба қисмҳои зерин ҷудо шудааст, ки номҳои онҳо ифодагари муҳтавои сафарнома ҳам мебошанд: «Хабар», «Ба Деҳлӣ», «Як чанд рӯз дар шаҳри Бангкок», «Ба Австралия», «Фермаҳо шикаст мехӯранд», «Қӯраи гӯсфандон», «Дурафтода», «Бурди тарафайн». Муаллиф сафари худро ба Деҳлӣ тасвир намуда, оид ба шаҳрҳои Мадрас, Банғола, Калкатта, Бангкок маълумотҳои ҷолиб медиҳад, дар бораи Ҳиндустон, набототу ҳайвонот, маданият ва ғайра бо далелҳо ҳарф мезанад. Баъдан, дар бораи қитъаи Австралия, аҳолӣ, табиат, саноат, чорводорӣ, аҷоиботи фаслҳои сол ва ҳоказо бо ҳарорат сухан меронад.

Мақсад аз ин сафар ширкат намудан дар сессияи тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои дунё (он 9-уми марти соли 1959 ифтитоҳ гардидааст) буд, ки хеле хуш гузаштааст.

То ин вақт мо сафарномаҳоеро, ки муаллифони худӣ аз давлатҳои Осиё, яъне Шарқ, эҷод кардаанд, ба риштаи таҳқиқ кашидем. Дар матбуоти замони шӯравии тоҷик ҳамчунин сафарномаҳое интишор ёфтаанд, ки муаллифони худӣ аз сафари давлатҳои Ғарб навиштаанд. Масалан, сафарномаҳои «Оҳ, Бухенвалд!..»-и М. Мирзошоев (Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989. – 19 апрел), “Сафаре, ки интизор набуданд”-и М. Ҳусейн (Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 9 август), «Ба Ландан бо роҳи худшиносӣ»-и М. Шаҳидӣ (Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 25 июл), «Кушода даре ба ҷаҳони Фаранг»-и П. Ҷамшедов (Садои Шарқ. - 1991. - № 12. - С. 103-112) ва ғайра.

Ин гурӯҳи сафарномаҳо бештар аз комёбиҳову нокомиҳои маданию фарҳангӣ, маишӣ ва истеҳсолии кишварҳои Ғарб ҳикоят кардаанд.

Ибод Файзулло яке аз публитсистони сермаҳсул аст, ки дар инкишофи жанри сафарнома саҳми арзанда дорад. Сафарномаҳои хориҷии вай «Баҳори Будапешт» (Тоҷикистони советӣ. - 1967. – 22 октябр, 24 ноябр, 3 декабр), «Дар соҳили Дунай» (Комсомоли Тоҷикистон, 1968. – 9, 28 феврал; 1 март), «Аз диёри Рӯдакӣ то манзили Ҳофиз» (Маориф ва маданият. - 1972. – 4 ноябр), «Садои зангӯлаҳо» (Маданияти Тоҷикистон. - 1982. – 15 октябр), «Тобистони гарми Португалия» (Садои Шарқ. – 1983. - №12. – С. 67) ва ғайра дар ташаккули сафарнома дар матбуоти тоҷик хидмат кардаанд.

Дар ҳамаи сафарномаҳои хориҷии Ибод Файзулло муносибати хосса ба мавзеъҳои ноошно, мардуми меҳнатқарину дилсоф, маданияту фарҳанг, адабиёту санъати кишварҳои гуногуни хориҷӣ ҳис карда мешавад. Вай халқи азизашро бо рушду нумуи кишварҳои ноошно, тараққиёти илму техникаи он ошно месозад, бо ҷумҳуриамон муқоиса мекунад ва дар навбати худ, илму адабу фарҳангамонро ба хориҷиён муаррифӣ месозад.

Абдулмалик Баҳорӣ ҳам ба Олмон, вале федералӣ, сафар намуда, таассуроти сафарашро бо номи «Тамошои се шаҳр» – шаҳрҳои Ҳамбург, Мунхен ва Франкфурт рӯйи коғаз меорад [1, с.89-98]. Азбаски Олмон давлати сармоядорӣ аст, ҳаёти он, зиндагии сокинони он дар муқоиса бо зисти собиқ шӯравӣ оварда мешавад, ки дар сафарнома чунин муқоисакуниҳо равост. Муаллиф, чуноне менигорад, ба тамошои чанде аз намоишномаҳои фестивали байналмилалӣ дар шаҳри Ҳамбург иштирок намуда, чанде аз филмҳои ба намоиш гузоштаро шарҳ додааст.

Баҳорӣ ба Мунхен сафар карда, дар бораи шаҳр, аҳолӣ ва ҷойҳои таърихии он маълумотҳои басо ҷолиб медиҳад. Сайёҳон, сипас, ба Франкфурти соҳили Майн бармегарданд. Дар ин ҷо онҳо хона-музеи классики адабиёти ҷаҳон – Ҳутеро зиёрат мекунанд, ки диққатангез будааст.

Дар охир, муаллиф қайд мекунад, ки аз сафари Олмони Федеролӣ бо таассуроти пурихтилоф баргаштааст, ки ин табиист, зеро сохти идораю зиндагонии мардуми олмон аз тарзи зисту зиндагонии собиқ шӯравӣ фарқи куллӣ дошт.

Сафарномаи дигари Абдумалик Баҳорӣ «Аз соҳили Варзоб то халиҷи Бискай» [2, с.22-44], саёҳати муаллифро ба Фаронса таҷассум намудааст. Ин навбат 32 нафар сайёҳон ба тамошои Фаронсаи бузург мераванд. Баҳорӣ дар навиштаи худ асосан сайру сафари ҳамроҳонро дар кӯчаву хиёбонҳо, ҷойҳои хушманзараю лаби баҳр ва уқёнуси Атлантик тасвир сохтааст. Сафарнома ҳамчунин тарзи ҳаётгузаронии халқи дорою қашшоқи шаҳри Парижро низ инъикос кардааст.

Як идда сафарномаҳоро, ки дар матбуоти тоҷик интишор ёфтаанд, *навиштаҳои муаллифони русу хориҷӣ ва тарҷумаҳо* ташкил медиҳанд. Аксари ин мавод аз давлатҳои Шарқ эҷод шудаанду аз ҳаёти мамолики хориҷӣ ҳикоят мекунанд. Масалан, сафарномаи Борис Кринитский «Дар Хитой» унвон дорад. Он ба қисмҳо ҷудо карда шудааст ва ҳар қисм дар шумораҳои гуногуни маҷаллаи «Шарқи сурх» интишор ёфтааст. Қисмҳои мавод «Порт-Артур», «Бандари Далний», «Мукден», «Дар бораи театри Хитой» буда,

рубрикаҳояшон ҳам шаклан фарқ мекунанд: «Таъсири роҳ», «Таассуроти роҳ», «Хотираҳои сафар», «Таассуротҳои сафар», вале онҳо моҳиятан сафарномаанд. Ҳамаи қисмҳои сафарнома хеле ҷолиб шарҳу тавзеҳ ёфтаанд [3].

Навиштаи «Сафари Покистон»-и Анатолий Сафронов ҳам хеле ҷолиб аст ва тарҷумаи онро маҷаллаи «Шарқи сурх» [8, с.104-107] дастраси хонандагон гардонидааст.

Муаллиф рафти сафарро, ки тавассути Афғонистон мегузаштааст, инъикос намудааст. Дар мавод дар бораи Покистон умуман гап намеравад. Дар ин сафар ҳамроҳи Сафронов Мирзо Турсунзода ва Ойбек (адиби ӯзбек) низ будаанд, ки марзи афғонро гузашта, гоҳ аспсавору гоҳ мошинсавор ба Мазори Шариф ва баъд ба Тирмиз меоянд.

Сафарнома хеле муъҷаз буда, хатти сафар ва мақсади он аниқ нест. Мақсади ин сафар аз навиштаи дигари ҳамин муаллиф бо номи «Роҳи ҳиндукуш», ки баъди беш аз сӣ сол ба муносибати 70-солагии Мирзо Турсунзода навишта шудааст, равшан мегардад. Дар он аз ҷумла омадааст: «Дар ин шаҳр (Покистон. – Н.Б.) бояд Конгресси якуми нависандагони пешқадаму озодфикри ин мамлакат баргузор мегардид. Ҳайати вакилони мо аз Николай Тихонов, Ойбек, Мирзо Турсунзода ва ман иборат буд» [9, с.93].

Аз матни боло чизи дигар ҳам аён мегардад, ки Николай Тихонов ҳам ба Покистон сафар намуда будааст. Ин муаллиф ҳам аз ҳаёти Покистон ҳикоят мекунад, вале дар навиштааш аз ҳамсафарон ёд намеорад, гарчанде бештар аз номи кулл сухан меронад. Сафарномаи Николай Тихонов «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» унвон дорад. «Соли гузашта, - нигоштааст Н. Тихонов, - ман ба Покистон сафар карда будам. Аз гузаргоҳи ағбайи Хайбар дар шимол, то ба Қарочӣ дар ҷануб, ба таври дигар гӯем, аз кӯҳҳои Сулаймон то ба соҳилҳои баҳри Араб тай намудаам» [11, с.17].

Бояд гуфт, ки муаллиф дар пешгуфтор ба воқеӣ будани ҳикояҳояш ишора карда мегӯяд: «Ҳикояҳои майдаи Покистон – қайдҳои мухтасари лавҳа ва картинаҳои ҳаётӣ мебошад, ки онҳоро ман бо чашми худ дидаам» [11, с.17]. Сипас, ҳикояҳо меоянд, ки шумораашон ба 17 мерасад. Дар онҳо аз ҳаёти халқи мазлуму қашшоқи ҳамондавраинаи покистонӣ ва зулму худсариҳои мустамликадорони инглису амрикоӣ нақл карда шудаанд. Ин ҳикояҳо хонандаро бо ҷабҳаҳои гуногуни тарзи зисту зиндагонии мардуми одии Покистон ва мардумфиребии аҷнабиён ошно месозанд.

Омӯзиши маводи матбуоти даврӣ, хоссатан маҷаллаи “Садои Шарқ” ва рӯзномаҳои кишвар, моро ба чунин хулоса овард, ки сафарномаҳои ба мавзӯъҳои хориҷӣ бахшидашуда имкониятҳои бештар доранд, зеро доираи амалиётҳои муаллифон васеъ буда, ҳодиса, воқеа ва ҳолатҳои гуногун пеши назари онҳо ҷилва мекунанд. Ҳамин хусусияти манзараҳои рангини зиндагиро инъикос намудани сафарнома низ, ҳамчун жанри публитсистика, дар чунин ҳолатҳо ба амал татбиқ мегардад.

Ҳамин тариқ, сафарномаҳое, ки таассуроти сафари хориҷаро бозгӯ намудаанд, якчанд хусусиятҳои хосро доро мебошанд:

1. Сафарномаҳое, ки муаллифони худӣ, яъне ҳамватанони мо, аз сафари хориҷӣ таълиф намудаанд, бо як ҳисси баланд, бо диди нав ва ҷӯяндаву омӯзанда ба риштаи тасвир кашида шудаанд.

2. Чунин таассуроти сафари сайёҳ, ки дидаҳояшро бо тамоми ҳастияш дарк намуда, баъд ба рӯйи коғаз овардааст, ба хонанда доир ба кишварҳо ва ё мавзеъҳои ноошно маълумотҳои тоза медиҳад.

3. Бисёр сафарномаҳое офарида шудаанд, ки дар онҳо усули муқоиса истифода гардидааст. Сайёҳ баҳри он ки харобӣ, қашшоқӣ, нодории мулке ё халқи сарзамини дидаашро возеҳтар нишон диҳад, диққати хонандаро ба зисту зиндагӣ ва ҳаёти осоиштаи собиқ шӯравӣ ҷалб сохтааст.

4. Навиштаҳои муаллифони рус ё сафарномаҳои тарҷумашуда аз мамолики шарқ – Эрон, Афғонистон, Покистон, Хитой ва ғайра иншо гардидааст. Хонанда аз мутолиаи онҳо иттилооти наву маърифат мегирад ва бо ҳаёти мардуми кишварҳои хориҷӣ ошно мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳорӣ, А. Тамошои се шаҳр / А.Баҳорӣ // Садои Шарқ. - 1980. - №1. - С.89-98.
2. Баҳорӣ, А. Аз соҳили Варзоб то халиҷи Бискай / А.Баҳорӣ // Садои Шарқ. - 1983. - №6. - С.22-44.
3. Криницкий Б. Дар Хитой / Б. Криницкий // Шарқи сурх. - 1947. - № 4. - С.25-28; - № 5. - С.23-25; - № 8. - С.30-33; - № 10. - С.36-38.
4. Қаҳҳоров А. Сафари Австралия / А. Қаҳҳоров // Шарқи сурх. - 1960. - № 8. - С.64-71.
5. Муллоҷонов М. Ғизоли болдори Теҳрон / М. Муллоҷонов // Садои Шарқ. - 1972. - №12. – С.126-131.
6. Мухторов А. Аз пайи таърихи куҳан» / А. Мухторов // Садои Шарқ. - 1973. - №8. - С.98-125.
7. Осимӣ, М. Хотироти сафари Ҳиндустон / М. Осимӣ // Садои Шарқ. – 1989. - №4. – С.72-81.
8. Сафронов А. Сафари Покистон / А.Сафронов // Шарқи сурх. - 1950. - №7. – С.104-107.
9. Сафронов А. Роҳи Ҳиндукуш / А.Сафронов // Садои Шарқ. – 1981. - №8. – С.92-95.
10. Саъдуллоев М. Тӯшаи роҳ / М. Саъдуллоев // Садои Шарқ. – 1978. - №1. – С.101-113.
11. Тихонов Н. Ҳикояҳо дар бораи Покистон / Н. Тихонов // Шарқи сурх. - 1951. - №1. – С.17-32; - №2. – С.76-92.

12. Улуғзода, С. Шонздаҳ рӯз дар Афғонистон / С. Улуғзода // Шарқи сурх. – 1959. - №11. – С.28-41.
13. Ҳусейнов М. Сафаре, ки интизор набуданд / М. Ҳусейнов // Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 9 август.
14. Шарифов Х. Кишвари сапедаи Чосон / Х. Шарифов // Садои Шарқ. – 1988. - №6. – С.96-106.

БОЗТОБИ ҲАЁТИ ХОРИҶӢ ДАР САФАРНОМА

Дар матбуоти тоҷик сафарномаҳое нашр гардидаанд, ки аз тарзи ҳаёти хориҷиён, давлатҳои хориҷаи дуру наздик, урфу одат ва маданияти моддию маънавии онҳо нақл кардаанд. Чунин сафарномаҳо дар мақола шартан ба ду бахш ҷудо карда шудаанд: 1. Таассуроти сафари муаллифони тоҷик аз сафарҳои хориҷа ва 2. Нигоштаҳои муаллифони русу хориҷӣ ва сафарномаҳои тарҷумагардида. Дар матбуоти замони шӯравии тоҷик сафарномаҳое интишор ёфтаанд, ки муаллифони худӣ аз сафари давлатҳои хориҷа навиштаанд. Муаллифони тоҷик бо ҳар роҳу восита ба мамлакатҳои хориҷа сафар намуда, натиҷаи таассуроташонро рӯйи сафҳа овардаанд. Теъдоди ин гуна сафарномаҳо хеле зиёд аст. Дар баробари ин, як идда сафарномаҳоро навиштаҳои муаллифони русу хориҷӣ ва тарҷумаҳо ташкил медиҳанд, ки онҳо аз мамолики шарқ – Эрон, Афғонистон, Покистон, Хитой ва ғайра иншо гардидаанд. Хонанда аз мутолиаи онҳо иттилооти нову маърифат мегирад ва бо ҳаёти мардуми кишварҳои хориҷӣ ошно мегардад. Намунаи он сафарномаҳои Борис Кринитский «Дар Хитой», Анатолий Сафронов «Сафари Покистон» ва «Роҳи ҳиндукуш», Николай Тихонов «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» ва ғайра мебошанд. Дар мақола намунаҳои зиёди сафарномаҳои хориҷӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Калидвожаҳо: сафарнома, таассуроти сафар, мавзӯи хориҷӣ, мамолики хориҷӣ, муаллифони тоҷик, муаллифони рус, муаллифони хориҷӣ, сафарномаҳои тарҷумашуда.

ОСВЕЩЕНИЕ ЖИЗНИ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ В ПУТЕВЫХ ЗАМЕТКАХ

В таджикской пеиодической печати опубликованы ряд путевых заметок, рассказывающих об особенностях жизни иностранцев, ближних и дальних зарубежных стран, их традиций, материальной и духовной культуры. Эти путевые заметки условно разделены на две части: 1. Впечатления таджикских авторов от путешествий за рубежом. 2. Путевые заметки русских и иностранных авторов и переводных путешествий. В таджикской советской периодической печати опубликованы путевые заметки ряда отечественных авторов по впечатлениям поездок в зарубежные страны. Таджикские авторы любыми путями выезжали за границу и результаты своих впечатлений опубликовывали. Количество таких поездок очень много. Наряду с этим, ряд путешествий написаны русскими и иностранными авторами, переведенными на таджикский язык, которые написаны по результатам Восток в Иран, Афганистан, Пакистан, Китай и другие страны. Из их чтения читатель получает новую информацию и знания, а также знакомится с жизнью людей в зарубежных странах. Примером таких путевых заметок считаются творения Бориса Кринитского “В Китае”, Анатолия Сафронова “Путешествие в Пакистан” и “Путь в Гиндукуш”, Николая Тихонова “Рассказы о Пакистане”. В статье анализу подвергнуто большое количество образцов иностранных путевых заметок.

Ключевые слова: путешествие, впечатление от путешествия, иностранная тема, зарубежные страны, таджикские авторы, русские авторы, иностранные авторы, переводные путешествия.

COVERAGE OF LIFE IN FOREIGN COUNTRIES IN TRAVEL NOTES

A number of travel notes have been published in the Tajik periodical press telling about the peculiarities of the life of foreigners, neighboring and distant foreign countries, their traditions, material and spiritual culture. These travel notes are conventionally divided into two parts: 1. Impressions of Tajik authors from traveling abroad. 2. Travel notes of Russian and foreign authors and translated travels. The Tajik Soviet periodicals published travel notes of a number of domestic authors on the impressions of trips to foreign countries. Tajik authors traveled abroad by any means and published the results of their impressions. There are a lot of such trips. Along with this, a number of trips were written by Russian and foreign authors translated into Tajik, which were written from the East - Iran, Afghanistan, Pakistan, China and others. From their reading the reader receives new information and knowledge, as well as gets acquainted with the life of people in foreign countries. An example of such travel notes is the creation of Boris Krinitsky "In China", Anatoly Safronov's "Travel to Pakistan" and "The Way to the Hindu Kush", Nikolai Tikhonov "Stories about Pakistan". The article analyzes a large number of samples of foreign travel notes.

Key words: travel experience, travel impression, foreign topic, foreign countries, Tajik authors, translated travel.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуриддин Бозорзода*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **bozorov62@mail.ru.** Тел.: **(+992) 909-15-15-16**

Сведения об авторе: ***Нуриддин Бозорзода*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **bozorov62@mail.ru.** Тел.: **(+992) 909-15-15-16**

Information about the author: Nuriddin Bozorzoda - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **bozorov62@mail.ru.** Tel .: **(+992) 909-15-15-16**

УДК:07.347

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ЯК НАШРИЯИ МАҲАЛЛӢ
(дар мисоли нашрияи “Набзи Файзобод”)

Кутбиддинов А.Ҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таъсиси аввали нашрия ва таъсиси ноҳия Файзобод қариб ки ба як давра рост оянд ҳам, вале дар ин байн ду соли расо тафовут дида мешавад. Танҳо дар арафаи дусолагии таъсисёбии ноҳия рӯзномаи он низ ба майдон меояд. Нашрияи имрӯзаи “Набзи Файзобод” бо Қарори Маҷлиси Бюрои Иҷроияи Комитети Марказии Партияи Коммунистии (болшевикии) Тоҷикистон дар соли 1933 ҳамчун органи Кумитаи ноҳиявии ҲК Тоҷикистон ва Шӯрои вакилони халқи ноҳия бо номи «Меҳнати сотсиалистӣ» таъсис ёфтааст: “Нахустшумораи “Набзи Файзобод” бо қарори маҷлиси бюрои иҷроияи КМПК (Б) Тоҷикистон аз 14 июни соли 1933, №43 бо номи “Меҳнати сотсиалистӣ” дар ҳаҷми ду саҳифа аз чоп баромад” [5, с.136].

Ин рухдод аз ҳамон солҳо ҳамчун як падидаи умедбахш барои бунёди ҷомеаи нав ба ҳисоб мерафт ва ба он қариб ҳама бовар доштанд. Бо он ки дар ҳаёти маънавию фарҳангӣ як чизи тамоман нав буд, нахустин намунаву дастовард ва далели возеҳи зиндагии нав ба шумор мерафт. Рӯҳияи баланди иҷтимоӣ доштани рӯзнома, аллакай, дар солҳои аввали фаъолияти он ба назар мерасид. Дар солҳои душвори бунёдкориву созандагиҳо ҳамчун оинаи диёр авзои ҷомеаро ифода карда тавонистааст. «…“Меҳнати сотсиалистӣ” 80 сол қабл ба оинаи диёр табдил ёфта, дар мавҷудияти худ пайваста ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, умуман бурду бохти хоҷагии халқи ноҳияро инъикос менамуд” [11, с.5-7].

Дар он солҳо ҳамагӣ 2-3 фоизи аҳолӣ соҳибсавод буд ва оммаи васеи мардум ҷаҳонбинии ниҳоят маҳдуд дошт. Ягона манбаи пайдо кардани маълумот рӯзнома ба ҳисоб мерафт ва ҳамзамон мардумро ба омӯзишу таҳсил даъват мекард. Рӯзнома барои ташаккули тафаккур нақш дошт. Он ба сифати як такондиҳандаи афкори мардум шинохта мешавад, ки бо ин таҳрикбахшӣ дар вақдати афкор мусоидат мекард: «... нимаҳои соли 1933 ҷаридае бо номи “Меҳнати сотсиалистӣ” рӯйи чоп омад. Ин нашрияе буд, ки бедорфикрии мардумро ривоҷ дод ва афкори тозаро ба ҳам гирд оварда» [8, с.10-16]. Дар ҳаҷми ду саҳифа нашр гардидан ва он солҳо дар як ҳуҷраи хурд ҷойгир шудани редаксия бо матбаа талабот ва шароити рӯз буд. Ба кори нашри рӯзнома эҷодкорони ҳудиву берунӣ ҷалб гардида буданд ва онҳо дар аввалин рӯзҳои таъсис ҳамкориро бо “активони маҳаллӣ” ба роҳ мегузоштанд. Мақсади асосии рӯзнома мубориза барои ҳаёти нав ба шумор мерафт. Мавзӯъ ва мундариҷаи онро баъди 24 соли фаъолият худи рӯзнома чунин ташхис кардааст: “Газетаи райони “Меҳнати сотсиалистӣ”, ки ба вай номи пурбаҳо – меҳнати сотсиалистӣ ном дода шудааст, аз шумораи аввалини худ, ки дар он вақтҳо муллоҳо, бою кулакҳо ҳанӯз ҷой дошта, аҳолиро аз роҳи рост баровардан мешуданд, онҳоро бераҳмона фош мекард, оммаи меҳнаткашонро ба хоҷагиҳои коллективӣ муттаҳид намудан даъват мекард, онҳоро ба меҳнати осоиштаи сотсиалистӣ сафарбар менамуд” [3].

Рӯзнома то соли 1940 бо ҳуруфи лотинӣ ба нашр мерасад. Шиори рӯзнома «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед! КМ РК (в) Тоҷикистон» буда, дар зери унвони рӯзнома нишондоди муассис чунин аст: “Органи комитети партия, комитайи иҷроия ва совпрофи райони Файзобод мебошад”. Ин нишондоди шиносномавии рӯзнома то солҳои чилум идома ёфта, шиори он ба шакли «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!» ихтисор мегардад. Дар номи муассис низ тағйирот ворид гаштааст: “Комитети районии ПК (б) Тоҷикистон ва совети депутатҳои меҳнаткашони райони Файзобод”. Рӯзнома дар давоми фаъолияти худ се маротиба табдили ном кардааст. Аз соли 1933 то соли 1959 бо номи «Меҳнати сотсиалистӣ» нашр гаштааст. Аз соли 1960 то соли 1969 бо сабаби он ки Файзобод бо ноҳияи собиқ Орҷоникидзеобод (имрӯза ноҳияи Ваҳдат) якҷоя карда мешавад, нашри рӯзнома қатъ мегардад. Қатъ ёфтани фаъолияти рӯзнома дар пароканда гардидани ҳайати эҷодии рӯзнома сабаб гардид ва як муддат онҳо ба корҳои дигар машғул гаштанд: «Аз январи соли 1960 нашри рӯзнома баста шуд. Комитети партиявӣ маро ҳамчун коммунист ба кори таълиму тарбияи наврасон ба хонаи бачагони деҳаи Дубеда фиристод. То соли 1970 ба кори муаллимӣ машғулӣ доштам. Ҳамон сол рӯзномаи ноҳия ба номи «Меҳнати коммунистӣ» аз нав таъсис ёфт. Ман боз ба кори матбуот даъват шудам» [4, с.64-67]. То соли 1960 рӯзнома фаъолияти босамар ва бетаваққуф доштааст. Танҳо дар давоми солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ дар солҳои 1943-1944 нашри рӯзнома тира ба назар мерасад. Аз рӯйи маълумотҳои саҳифаҳои худи нашрия бармеояд, ки 3-июли соли 1957 дар ҳаёти рӯзнома тағйироти нисбатан куллӣ ба вуҷуд меояд ва кормандони рӯзнома худро боифтихор ҳамқадами рӯзномаи «Правда» меноманд. Ин тағйироту рухдод ба таври расмӣ зиёд кардани миқдори саҳифаҳои рӯзнома мебошад: «Имрӯз дар ҳаёти газетаи мо «Меҳнати социалистӣ» воқеаи муҳим ба амал омад. Вай аз

ҳамин шумора сар карда, бо ҳаҷми аз ду як қисмати газетаи «Правда», яъне чор саҳифа мебарояд» [3].

Соли 1970 аз нав ноҳияи Файзобод ташкил карда мешавад ва рӯзнома бо номи «Меҳнати коммунистӣ» ба нашр мерасад. Тақрибан кормандони собиқи он ҳайати эҷодии нашрияро аз нав пур месозанд. Кормандони нав ба идораи рӯзнома ҷалб карда мешаванд. Соли 1990 нашрия номи «Набзи Файзобод»-ро мегирад ва шиори маъмулии «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!» ба шиори «Барои ҷомеаи инсонпарвар» табдил меёбад. Ин даврaҳо як навъ раванди хосси худшиносӣ бошанд ҳам, аммо дар таҷрибаи кори журналистӣ тағйири ном кардани рӯзнома аз як ҷиҳат падидаи мусбат нест. Ин маънии мавқеи устувор надоштан ва дурнамоpo дида натавонистани ташкилкунандагони рӯзномаро нишон медиҳад. Дар баъзе кишварҳои ҷаҳон (ИМА, Фаронса, Олмон ва Англия) нашрияҳое ҳастанд, ки давоми 200-300 соли фаъолият номи худро тағйир надодаанд. Албатта, ин омил ба фазо, муҳити иттилоотӣ ва равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ вобаста аст. Тағйирпазирии номи нашрияро дар талабот, дигаргунӣ ва ивазшавии сохтҳо дидан мумкин аст: «Идораи рӯзнома тайи солҳои фаъолият вобаста ба талаботи замон се маротиба табдили ном карда, ба тавассути заҳмати аҳли эҷоди нашрия аз шумора ба шумора сатҳу сифату мазмуни он беҳтару хубтар гашта, миёни сокинони ноҳия мақоми шоиста касб намуд ва ҳамзамон садҳо қаламкашонро тарбия кард»[11, с.5-7].

Дар пешрафти кори рӯзнома нақши матбааи ноҳия низ мавриди қайд аст. Маълумотҳо бозгӯи онанд, ки нашрияи “Меҳнати сотсиалистӣ” (баъдтар “Меҳнати коммунистӣ”) то соли 1970 бештар дар матбааи ноҳияи Орҷоникидзеобод ба нашр мерасид. Соли 1970 баъди дубора ба фаъолият пардохтани рӯзнома, дар шафати идораи рӯзнома матбааи алоҳидаи ноҳия кушода мешавад. Қурбонов Насриддин аввалин корманди ин матбаа мебошад, ки то соли 1990 дар он ҷо фаъолият намудааст. Чанд нафар мутахассисони рус низ солҳои гуногун дар ин коргоҳ фаъолият намудаанд. Дар тӯли 50 соли фаъолияти матбаа номи Хоралиев Исо, Қурбонов Ҷамолиддин, Петрохов Валерий Александрович, Худойназаров Қудратулло, Каримова Нозанин, Салимов Саъдулло, Ятимов Саъдулло, Калдишкин Вячеслав Матвеевич, Давлатшоев Тоҳир, Солехов Нусрат, Рафиев Исмат, Насриддинов Ислом, Эвсиева Людмила Игнатовна, Наимов Сафаралӣ, Карасёв, Фузайлов А.Н, Сангов Карим, Насриддинова Зебо, Саидов Нуриддин, Бобиев Ятим, Раҳмонбердиева М, Самадов Мирзо, Гадоев Сафаралӣ, Зоиров Миралӣ, Ризоев Тағой, Нозимов Бадриддин, Ашӯров Ғуломалӣ ва дигарон дар саҳифаҳо сабт ёфтаанд.

Дар солҳои аввал рӯзнома дар ҳаҷми ду саҳифа дар як ҳафта ва баъдан ҳафтае се маротиба бо теъдоди 1000 нусха чоп мешуд. Баъдтар саҳифаҳои он ба 4 ва теъдодаш ба 5150 (1981) нусха расидааст. Дар солҳои 2001-2005 теъдоди нашраш 1000 нусха буд. Алҳол рӯзнома моҳе як-ду маротиба бо теъдоди 1200 нусха дар ҳаҷми чор саҳифаи формати А 3 чоп мешавад. Акнун чун солҳои шӯравӣ нашрияи мазкур ҳизбӣ нест ва муассисони имрӯзаи нашрия Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод ва ҳайати эҷодии рӯзнома ба ҳисоб мераванд. Шиори рӯзнома дар замони истиқлол низ тағйир ёфта, хосияти фалсафию адабӣ дорад. Байти мазкур шиори рӯзнома мебошад:

Дар номаи мо ҳарфи носанҷида набошад,
Аз ҷайби садаф суфта барояд гавҳари мо.

11 майи соли 2011 дар Вазорати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 0081/рз аз нав номнавис шудааст.

Дар оғози фаъолияти нашрия мавзӯоти интиқодӣ бар зидди душманони идеологӣ дар мадди аввал қарор дошт. Кормандони рӯзнома ташвиқу тарғиби ғояҳои нави сохти сотсиалистиро садоқатмандонаву дар сатҳи баланд қарор медоданд, ки бештар масъалаҳои маънавию сиёсиро дарбар мегирифт. Р.Дадабаев, Т.Юсупов, Н.Сафаров, Шамсов, Д.Олимӣ, Шарипов, А.Муҳсинзода, Бозоров, С. Раҳматов, М.Сайфиддинов ва дигарон дар ин давра мухбирони худи газета ва ҷамоатие буданд, ки дар бораи муҳимтарин проблемаҳои рӯз бо ҷуръати баланд менавиштанд. Шояд бо иллати таҳдиду хатарҳо бошад, ки дар шумораҳои соли 1937 зери имзоҳои мустаори “Хабардеҳ” ва “Роҳгузар” матолиби ҷиддии ҳаҷвию танқидӣ ба назар мерасанд. Масалан, навиштаи хурди фелетонмонанд бо номи “Бадкирдории табелчӣ” [6] дар бораи қаллобии табелчиҳо Саид Тавар ва Сафар Эмомов нақл мекунад, ки ба бозори Орҷоникидзеобод рафта, 4-5 рӯз бедарак мешаванд. Баъди омадан табели кохозчиҳоро тахминан пур мекардаанд. Аз ин аҳвол раиси кохози “Озодии занон” Қодир Давлат хабардор бошад ҳам, “гӯшашро ба карӣ мезанад”. Ба ин монанд бо имзои Хабардеҳ навиштаи дигари танқидӣ зери унвони “Лоиқи ҷазо аст” [10] нашр гардидааст, ки кирдорҳои манфии сардори бригадаи колхозро фош мекунад, ки чӣ гуна ғаллаи колхозро дуздида ба хонаи худ бурдааст. Дар навишта ҳама чиз воқеӣ аст ва дар он адрес мушаххасу возеҳ мебошад: “Яккабед. Сардори бригадаи № 1 колхози ба номи Крупския Теша Гулзода аз мансаб истифода бурда, дар ҳаққи колхозчиён хиёнат карда истодааст” [10]. Рӯзнома дар ҳаёти маҳал дар солҳои сиюм

нақши бориз дошт. Аз танқиду маҳкум кардани афроди алоҳида худдорӣ намекард ва мардумро ба қонуниятҳои ҳаёти нав одат мекунонид. Афзалиятҳои сохти нави иҷтимоиро нишон дода метавонист ва ба таври пайваста оммаи меҳнаткашонро дар рӯҳияи меҳнатдӯстиву ватанпарастӣ тарбия мекард. Мардуми бесаводу дур аз маънавиётро ба илму саводомӯзӣ даъват карда, дар бораи кушодани мактабҳову кори хуби муаллимони алоҳида хабару мақолаҳоро ба нашр мерасонид. Ба истиснои маводе, ки аз саҳифаҳои матбуоти ҷумҳуриявӣ ва марказӣ таҳия мегардид, ҳар як навишта муъҷазу мушаххас буд. Пургӯиву ҳаррофӣ ба назар намерасад ва ҳар як навишта бо мақсади хос дар саҳифаҳои нашрия чоп мегардид. Ҳамовозии мардум низ нисбат ба рӯзнома ба таври равшан эҳсос мегардид: «Сокинони Файзобод, ки панҷсолаи якуми тараққиёти хоҷагии халқи мамлакатро аз сар гузаронда, дар ҷараёни босуботи пешравии истеҳсолоту маънавиёти панҷсолаи дуюм қарор доштанд, таҳти шиори ғояҳои нави ҳаёти иҷтимоӣ аввал гурӯҳҳои сарҷамъи хурд, баъдтар колхоз (хоҷагиҳои ҷомеавӣ) ташкил карда, барои пурра ворид гардидан ба маҷрои сохти сотсиалистӣ ҷаҳду талош менамуданд. Ҳамаи ин бояд ба оммаи васеъ дастрас мешуд, тарғибу ташвиқ мегардид” [11, с.5-7].

Албатта, чун дигар рӯзномаҳои маҳаллӣ нахустин кормандони нашрия рӯзноманигорони соҳибмаълумоту касбӣ набуданд. Шояд дар он солҳо маълумоту ҷаҳонбиниҳои амиқи эҷодкорон сарфи назар мегашт ва ин андеша ба он ваҷҳ аст, ки замони пеш аз инқилоб ва баъд аз он дар рӯзномаҳои миллӣ равшанфикрони маърифатманд фаъолият доштанд. Яке аз сабабҳои харобии мазмуну муҳтавои рӯзномаҳои маҳаллии солҳои сиюм ин боз ҳам кам будани шумораи ашхоси бомаърифату соҳибқалам аз миёни мардумони таҳҷоӣ буд. Бо ин сабаб, шахси андак хату саводдошта ба кори рӯзнома даъват мегардид. Онҳо дар навбати аввал уҳдадорӣ ва вазифаҳои тарғибу ташвиқро нисбат ба сохти нав ба роҳ мегузоштанд ва зина ба зина малакаву таҷрибаи худро ғанӣ мегардониданд: “Ҷаридаи нав, яъне “Меҳнати сотсиалистӣ” ин вазифаи пурмасъулиятро ба зимма гирифт. Кормандони он ки ҳеҷ кадомаш мутахассиси матбуот набуда, аз ҷумлаи аввалин коммунистону комсомолон, ба ифодае, зиёиёни нав интихоб гардида буданд, вазифаи худро содиқонаю суботкорона ба ҷо меоварданд» [11, с.5-7].

Матбуот ҳамчун як рукни устувори таблиғу ташвиқ дар ҷомеа аз давраи пайдоиш то ба имрӯз муассир аст. Ҳокимияти чорум маънидод кардани он низ ба ҳамин ваҷҳ аст ва таблиғоти давлату ҳукумат ба воситаи матбуот анъанаи қадимӣ мебошад. Дар баробари моҳияти амиқи сиёсӣ доштан матбуот ба таври ҳамеша аз рисолати маънавии худ дур намебошад, ки инро дар мисоли фаъолияти нашрияи “Меҳнати сотсиалистӣ” дар солҳои сиюму чилуми асри гузашта мушоҳида намудан мумкин аст. Собиқадорони нашрияи мазкур бо омӯзишу огаҳӣ аз таърихи нашрия рӯзгори мураккаби он солҳоро баён намуда, бо вуҷуди нодориву маоши ночиз нақши оинаи рӯзгорро иҷро кардани рӯзномаашонро таъкид менамоянд, ки ба заҳмати содиқонаи онҳо иртибот дошт. Кори душвори он солҳо кормандони нашрияро ҳаросон намегардонид: «…Дар редаксия панҷ нафар – муҳаррир, ходими адабӣ, мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқ, котиби масъул, мудири шуъбаи мактубҳо кор мекарданд. Газетаи «Меҳнати сотсиалистӣ» дар ҳаҷми ду саҳифа дар як ҳафта се бор бо тиражи 1000 нусха чоп мешуд. Дар он солҳо газета дар шароити хеле душвор мебаромад. Бинои редаксия ва полиграф як буд. Мо, ходимони газета, аспсавор дар хоҷагиву бригадаҳо гашта материал ҷамъ мекардем. Баъд то як поси шаб дар назди шамъчароғ кор мекардем» [2].

Дар солҳои аввали фаъолият рӯзнома аз нигоҳи сатҳу сифат ва мазмуну сабку услуб ноқисиҳои зиёд дошт. Махсусан, то замони ба ҳуруфи криллӣ гузаштан ин вазъ нигаронкунанда буд. Аммо бо гузашти вақт рӯзнома камол ёфт ва даргоҳу доираи адибону қаламкашони ноҳия гардид. Соли 1983 дар ҷашни 50-солагии нашрия яке аз муҳаррирони фаъол дар солҳои ҶБВ Сафар Боев, ки аз соли 1937 дар рӯзнома фаъолияташро оғоз намудааст, чунин менависад: « Газетаи дӯстдоштаи мо «Меҳнати коммунистӣ» 50- сола шуд. Гӯё ин дирӯзакак буд, ки ман дар ин ҷо кор мекардам. Ҳамеша газетаи дӯстдоштаи худро саҳифа ба саҳифа мехонам ва мебинам, ки аз рӯзҳои пайдоишаш то имрӯз ба куллӣ фарқ мекунад» [2]. Давраи душвортарини фаъолияти рӯзнома солҳои ҶБВ ба ҳисоб меравад. Дар он солҳо нақши тарғиботии рӯзнома баландтар гардид ва баланд бардоштани рӯҳияи мардуми ақибгоҳ вазифаи ҷонии рӯзнома ба ҳисоб мерафт. Авзои иқтисодӣ бад буд, аммо ҳукумати онвақта намегузошт, ки манбаи ахбори иттилоъ ва таблиғу ташвиқ аз байн равад. Душворӣ ва шароити бади корӣ барои мубаллиғон сарфи назар буд. Муҳаррири дигари нашрия дар солҳои ҷанг С.Бобишо рисолати рӯзномаро дар давраҳои мураккаб чунин таъкид кардааст: « Соли 1937 бо таклифи комитети партиявии район ман ба кори газета гузаштам ва аз соли 1938 то соли 1947 муҳаррири газетаи райониии «Меҳнати сотсиалистӣ» будам. Редаксия ва матбаа дар як хоначаи хурду фарсуда ҷой гирифта буданд. Се кас дар редаксия; му,ҳаррир котиби масъул, мудири шуъбаи мактабҳо, ду кас дар матбаа; саҳифабанд ва чопкунанда кор

мекардем. Газета дар ҳаҷми ду саҳифа моҳе чор маротиба чоп шуда, ҳамаи корҳо дастӣ ичро карда мешуданд» [7].

Аз рӯйи хотироти Б.Саъдуллоев бармеояд, ки рӯзномаи «Меҳнати сотсиалистӣ» дар навбати худ дар нашри рӯзномаҳои дигар низ мусоидат мекардааст. Ин ҷиҳат шояд бо сабаби имкони маҳдудтар доштани ноҳияҳои дурдасттар сурат мегирифт. Аз мазмуни баъзе ҷумлаҳо бармеояд, ки он солҳо на дар ҳама нашрияҳо доираи касбияти кормандони матбуоти маҳаллӣ дар сатҳи қаноатмандкунанда қарор дорад. Неруи эҷодии баъзе нашрияҳои маҳаллӣ аз ҳамдигар тафовут дошт: «Ба замми мушкилиҳои худамон, мо газетаҳои «Ситораи сурх»-и райони Норак, «Роҳи Ленин»-и сохтмони азим – роҳи Душанбе-Помирро таҳриру чоп мекардем» [7]. Давраи шукуфоиву пешрафти рӯзнома солҳои ҳаштодуми асри гузашта ба шумор рафта метавонад. Оғози ин рушд аслан аз соли 1970 оғоз мешавад, ки баъди таваққуфи ҳафтсола, "Меҳнати коммунистӣ" аз нав эҳё мегардад. То ин замон мардуми ноҳия аз рӯзномаи "Коммуна" истифода мекард, ки дар ноҳияи собиқ Орҷоникидзеобод ба табъ мерасид. Дар ин давра муҳаррири рӯзнома Р.Аҳмад буд: «Мо зиёдтар аз ҳама ба охири садаи ХХ, хусусан солҳои ҳафтодуму навадум дида дӯхта метавонем, ки дар ин асно ҳайати бузурги эҷодӣ рӯйи кор омаданд ва ин замон, аллакай, нашрия номи "Меҳнати коммунистӣ"-ро дошт. Замоне роҳбарии рӯзномаро Раҷабалӣ Аҳмадов, Талабшо Шарифов, Тоҳир Раҳмонов, Фирдавсӣ Қурбонов ва Ҷӯрабек Муминов ба дӯш доштанд...» [8, с.10-16]. Дар ҳақиқат, рӯзнома дар тӯли фаъолияти худ танҳо 20-30 соли ҳаёти босамар дошт, ки он солҳои 1970-1990 мебошад. Дар ин давра як саҳифаи махсус бо забони русӣ низ амал мекард, ки бахшида ба НОБ-и Роғун барои мутахассисону коргарони рус ва дигар халқиятҳои собиқи шӯравӣ нигаронида шуда буд. Онҳо дар он солҳо дар Файзободу Роғун зиндагии муқимӣ ҳам доштанд ва дар пешрафти кори сохтмон ҳисса мегузоштанд. Масъули ин саҳифа журналисти русзабон Олга Чистопрудова буд. Хабару мақолаҳо ва репортажу очерку лавҳаҳо аз рафти корҳои сохтмон дар ин саҳифа ба табъ мерасид. То соли 1986 ин саҳифа амал мекард. Мавзӯъ ва мундариҷаи нашрия сифатан ва мазмунан такмил ёфта, рӯзнома ба минбари ҳақиқии мардуми маҳал табдил меёбад. Дар баробари зиёд гардидани мухбирони штатии газета, теъдоди мухбирони ҷамоатӣ низ дар ин давра ба маротиб афзудааст. Иртиботи хонанда ба рӯзнома, махсусан мухбирони ҷамоатӣ як омили возеҳи ғанӣ гаштани мавзӯоти нашрия мебошад. Мактубҳои хонандагон гуногунмавзӯиро таъмин намуда, дар ёфтани мавзӯоти нав роҳ мекушод. Мухбирон аз пайи мактубҳои танқидӣ рафта, дар замони худ тадқиқоти журналистӣ анҷом медоданд. Аз ҷониби дигар, мухбирони ҷамоатӣ, аллакай, қолаби жанрҳоро мустақиман азбар карда буданд. Дар ин самт рӯзнома ба онҳо такя мекард ва лавҳаву очеркҳои онҳоро интизорӣ мекашид: "Газета дар деҳот мухбир дошт, ки онҳо аз ҳаёти мактабу сохтмон менавиштанд. Очерку ҳикоя, шеъру лавҳаҳояшон ба чоп мерасид" [4, с.64-67]. Дар давоми фаъолияти қариб навадсолаи нашрия солҳои 80-90-уми асри гузашта, авҷи қуллаи камолоти он ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи андешаи кормандони нашрия он солҳо нашрияи "Меҳнати коммунистӣ" сад мухбири ҷамоатӣ дошта, ҳамасола ҳазорҳо номаи онҳоро дастрас мекардааст: "Солҳои 80-90-уми асри ХХ нашрия ҳамасола аз 100 мухбири ҷамоатӣ то 2500-3000 мактуб мегирифт" [5, с.137]. Яъне, ба ҳисоби миёна нашрия аз хонандагонаш ҳар моҳ 250 ва ҳар ҳафта 35 мактуб дастрас мекард, ки ба ҳар як шумораи рӯзнома 11 мактуб рост меояд. Ин маънои онро дорад, ки нашрия дар масъалаи захираи мавод танқисие надошт. Дар миёни мухбирони ҷамоатӣ дар баробари чорводору ҳунарманд, талабаву собиқадор, деҳқону кишоварз ва коргару муаллими қаторӣ шахсиятҳои маъруф низ бо рӯзнома ҳамкорӣ мекарданд, ки ин дараҷаи баланди нуфузи рӯзномаро нишон медиҳад. Аз ҷумла, моҳи декабри соли 1973 дар шаҳри Душанбе слёти мухбирони коргару деҳқони ноҳияҳои тобеи республика баргузор гардид. Дар он сокини ноҳияи Файзобод, қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Пӯлод Абдураҳмонов чунин қайд карда буд: «... ман дар матбуот аввалин бор 26 сол пеш аз ин мақола навишта будам. Аз ҳамон вақт ман бо газетаҳои районӣ ва республикавӣ ҳамкорӣ карданро вазифаи худ медонам. Хабару мақолаҳо навишта аз таҷрибаи картошкакорони пешқадам нақл мекунам» [9, с.85].

Роҳнамо ва баландбардорандаи нуфузу эътибори нашрия дар ҳама давру замонҳо муҳаррирону сармуҳаррирон ба ҳисоб мераванд. Қонунияти "як сару гардан боло будани муҳаррир дар байни кормандон" аз он таъкид менамояд, ки муҳаррир бояд дар навбати аввали худ эҷодкори намуна бошад. Ҷаҳонбиниву донишҳои фарох дошта бошад ва тамоми равандҳои иҷтимоиро аз нигоҳи равониву фаросат дарк намуда тавонад. Дар таърихи нашрияи "Набзи Файзобод" низ дар солҳои мухталиф онҳое сармуҳаррир буданд, ки аксарашон тавонистанд қуллаҳои баланди эҷодиро фатҳ намоянд. Соҳибкитоб гардиданд ва ҳамчун адибу публитсист дар миқёси ҷумҳурӣ нуфузу шуҳрат пайдо кардаанд. Дар солҳои гуногун Давлатов Наҷот (1937-1939), Боев Сафар (1940-1941), Саъдулоев Бобишо (миёнаи соли 1941), Шокиров Р. (охири солҳои 1941-1942), Очилзода Абдусамеъ (1945-1949), Раупов Абдураҳим (1949-1951), Ашуров Сафаралӣ (1951),

Маҳмадҷонов Раҳмат (1951-1953), Саидов Шамсиддин (1952-1953), Ашуров Авғон (1953-1957), Ахмедов Муҳаммад (1957-1960), Аҳмадов Раҷабалӣ (1969-1974), Раҳмонов Тоҳир (1975-1978), Шарифов Талабшоҳ (1978-1980), Қурбонов Фирдавсӣ (1980-1989), Муминов Ҷурабек (1989-2011), Тағоева Мунаввара (2011-2015) сармуҳаррири нашрия будаанд. Аз соли 2015 инҷониб ин вазифа ба дӯши Низомиддин Шамсиён аст.

Дар нашрия то ба имрӯз аз аввалин рӯзҳои таъсис зиёда аз 200 нафар кормандони эҷодиву техникӣ фаъолият кардаанд. Мирзоев Асо, Шоазизов Худойбердӣ, Юсуфов Ғулом, Довудов Мироб, Давлатов Саид, Қурбонов Шомирзо, Баротов Гулмаҳмад, Мирзоев Искандар, Соҳибназаров Тилло, Раҷабов Теша, Абудуллоев Абдуҷаббор, Мирзохоҷаева Зӯҳро, Гадоев Неъматулло, Бойко Л, Жуковский Д, Воҳидов Шарофиддин, Толибов Маҳмадсиддиқ, Хоркашев Савлатшоҳ, Аминов Файзалӣ, Ҳакимов Рустам, Қурбонов Фирдавсӣ, Муминов Ҷурабек, Тағоева Мунаввара, Саид Ашур ва даҳҳои дигар аз ҷумлаи қаламкашоне мебошанд, ки кори рӯзномаро пеш бурдаанд.

Рӯзнома даргоҳи тарбияи кадрҳо ва мактаби сайқали қалами адибон ҳисобида мешавад. Як давраи муайян дар идораи нашрия гурӯҳе фаъолият кардаанд, ки бо савияи баланди дониши худ бо таъбири он замон ҳамчун “шарқшинос” маъруф буданд ва дар мамолики гуногуни хориҷи кишвар кору фаъолият дошта, соҳиби ҷаҳонбиниву донишҳои мукаммал буданд. Қалами бурро доштани онҳоро дар аксар навиштаҳо тасдиқ кардаанд ва баъди муддате фаъолият дар нашрия ба корҳои муҳимми дигар пардохтаанд: «Мавриди зикр аст, ки дар ин солҳои инкишофи рӯзномаи маҳаллӣ, як гурӯҳи бузурги соҳибқаламон ҳайати эҷодии кории моро ташкил медод, ки қисме аз онҳо дар мамолики шарқ таҷрибаи корӣ андӯхта буданд. Инҳо Маҳмадсидиқ Толибов, Маҳмадалӣ Ҷалилов, Саъдӣ Мирзоев, Савлатшоҳ Хоркашов, Файзалӣ Аминов, Рустам Ҳакимов, шодравонҳо Мизробшоҳ Ҳакимов, Исо Назиров ва даҳҳои дигар мебошанд, ки баъд аз мактаби “Набзи Файзобод”-ро гузаштан, алъон дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ, вазоратхонаҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ифои вазифа доранд» [8, с.10-16].

Алҳол муҳаррири нашрия рӯзноманигори боистеъдоду соҳибтаҷриба Низомиддини Шамсиён мебошад. Ҷ.Муъминов, М.Тағоева, Т.Соҳибназар аз кормандони фаъолу собиқадори нашрия мебошанд, ки дар инъикоси ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия нақш мегузоранд. Журналистони ҷавон низ ба кори рӯзнома ҷалб гардидаанд. Мазмуну муҳтавои имрӯзаи нашрия дар маҷмӯъ боз ҳам нишон додани авзои маҳал ба шумор меравад. Рӯзнома гоҳо дар арафаи иду ҷашнҳои миллӣ дар шакли мусаввар ба нашр мерасад. Дар ҳаҷми чор ва гоҳо ҳашт саҳифаи ФА-3 ба табъ расида, тиражи он 1800 нусхаро ташкил медиҳад. Рӯзнома сомонаи худро надорад ва суроғаи эектронии он nabzi-f@mail.ru мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки нашрияи мазкур зинаҳои пурпечутоби чанд давраи таърихиро гузашта, бо вуҷуди ҳолати начандон бади имрӯзаи худ, ҳамчун мактаби тарбияи қаламкашони ноҳия ва минбари муқаддаси афкор эътироф мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Матбуот ва маҳви бесаводӣ (1928-1940) / А.Азимов. – Душанбе, 2013. – 83 с.
2. Боев С. Кори таъхирнопазир / С.Боев // Меҳнати коммунистӣ. – 1983. – 11 июн. - №69-70 (3735).
3. Воқеаи муҳим дар ҳаёти газетаи мо // Меҳнати сотсиалистӣ. – 1957. – 3 июл. - №54 (1349).
4. Гулов Х. Заҳмати майна / Х.Гулов // Набзи қалам, набзи Файзобод. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – С.64-67.
5. Наҷмиддинов Ф. Файзобод (Вашгирд)-ёдгори Ориё / Ф.Наҷмиддинов. – Душанбе, 2014. – 235 с.
6. Роҳгузар. Бадкирдории табелчӣ // Меҳнати сотсиалистӣ. – 1937. – 7 июл. - №26 (137).
7. Саъдуллоев Б. Тафовути солҳо / Б.Саъдуллоев // Меҳнати коммунистӣ, 1983. – 11 июн. - №69-70 (3735).
8. Тағоева М. Пире, ки зи нав шавад ҷавон / М.Тағоева // Набзи қалам, набзи Файзобод. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 294 с.
9. Усмонов Ҷ. Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон / Ҷ. Усмонов, У.Ғаффоров. – Душабе: Ирфон, 1975. – 96 с.
10. Хабардеҳ. Лоиқи ҷазо аст // Меҳнати сотсиалистӣ. – 1937. – 7 июл. - №26(137).
11. Ҳакимов А.А. Ҳамақадами ҳаёт / А.А. Ҳакимов // Набзи қалам, набзи Файзобод . – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 294 с.

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ЯК НАШРИЯ МАҲАЛЛӢ
(дар мисоли нашрияи “Набзи Файзобод”)

Дар мақолаи мазкур дар бораи таъсиси нашрияи “Набзи Файзобод” сухан меравад. Таъсиси аввали нашрия ва таъсиси ноҳия Файзобод қариб ки ба як давра рост оянд ҳам, вале дар ин байн ду соли расо тафовут дида мешавад. Нашрияи имрӯзаи “Набзи Файзобод” бо Қарори Маҷлиси Бюрои Иҷроияи Комитети Марказии Партияи Коммунистии (болшевикии) Тоҷикистон 14 июни соли 1933 ҳамчун органи Кумитаи ноҳиявии ҲК Тоҷикистон ва Шӯрои вакилони халқи ноҳия бо номи «Меҳнати сотсиалистӣ» таъсис ёфтааст. Аз рӯйи баъзе тахминҳо аввалин муҳаррири нашрия Наҷот Давлатов ба ҳисоб меравад. То имрӯз 18 нафар муҳаррирон кори рӯзномаро пеш бурдаанд. Дар оғоз дар редаксия панҷ нафар – муҳаррир, ходими адабӣ, мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқ, котиби масъул, мудири шуъбаи мактубҳо кор мекарданд. Газетаи «Меҳнати сотсиалистӣ» дар ҳаҷми ду саҳифа дар як ҳафта се бор бо тиражи 1000 нусха чоп мешуд. Дар он солҳо газета дар шароити хеле душвор мебаромад. Ходимони газета, аспсавор дар хоҷагиву бригадаҳо гашта материал ҷамъ мекарданд. Рӯзнома дар давоми фаъолияти худ се маротиба табдили ном кардааст. Аз соли 1933 то соли 1959 бо номи «Меҳнати сотсиалистӣ» нашр гаштааст. Аз соли 1960 то соли 1969 бо сабаби

он ки Файзобод бо ноҳияи собиқ Орҷоникидзеобод (имрӯза ноҳияи Ваҳдат) якҷоя карда мешавад, нашри рӯзнома қатъ мегардад. Соли 1970 аз нав ноҳияи Файзобод ташкил карда мешавад ва рӯзнома бо номи «Меҳнати коммунистӣ» ба нашр мерасад. Соли 1990 нашрия номи «Набзи Файзобод»-ро мегирад ва шиори маъмулии «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!» ба шиори «Барои ҷомеаи инсонпарвар» табдил меёбад. Дар солҳои аввал рӯзнома дар ҳаҷми ду саҳифа дар як ҳафта ва баъдан ҳафтае се маротиба бо теъдоди 1000 нусха чоп мешуд. Баъдтар саҳифаҳои он ба 4 ва теъдодаш ба 5150 (1981) нусха расидааст. Дар солҳои 2001-2005 теъдоди нашраш 1000 нусха буд. Алҳол рӯзнома моҳе як-ду маротиба бо теъдоди 1200 нусха дар ҳаҷми чор саҳифаи формати А 3 чоп мешавад.

Калидвожаҳо: “Набзи Файзобод”, муколама, сиёсат, нашр, матбуот, аудитория, мундариҷа, омма, фаврият, даъват, муҳаррир.

РАЗВИТИЕ И ФУНКЦИОНИРОВАНИЕ МЕСТНОЙ ПРЕССЫ
(на примере газеты “Пульс Файзабада”)

В статье рассматриваются основные задачи и функции местной прессы в социальной и политической жизни общества на примере газеты “Пульс Файзабада”. Особое внимание уделяется развитию данной газеты, ее функционированию, как в рамках коммунистической идеологии, так и в период независимости страны. Автор выделяет два периода в развитии газеты. Первый период берет свое начало с 14 июня 1933 года - с момента появления газеты по приказу КПСС Таджикской ССР как органа печати Областного комитета КП в городе Файзабаде и Совета народных депутатов города под названием «Мехнати сотсиалисти». Функционирование газеты в рамках коммунистического строя было ориентировано на поддержку идеологии власти, как на республиканском, так и на областном уровне. Отмечается, что развитию газеты в этот период способствовали известные журналисты, работавшие на посту главного редактора. Второй период начинается после распада Советского Союза и приобретения страной независимости. Появление многочисленных политизированных газет в начале 1990-х годов в стране не повиляло на функционирование газеты “Пульс Файзабада”. Анализ деятельности газеты позволяет автору выявить две особенности: во-первых, газета охватывает практически все стороны жизни общества, о чем свидетельствует содержание материалов, имеющих аналитический характер, во-вторых, газета находится в поиске новой идеологии, отражающей интересы областной и центральной власти. Отличительной чертой газеты “Пульс Файзабада” является то, что она дает возможность различным слоям общества высказать и опубликовать свое мнение.

Ключевые слова. «Набзи Файзобод», диалог, политика, издание, пресса, аудитория, содержание, публика, оперативность, призыв, редактор

THE HISTORY OF THE FORMATION OF A LOCAL PUBLICATION
(on the example of the newspaper "Pulse Faizabad")

This article talks about the creation of the Faizabad newspaper. The initial publication of the district's Faizabad district, which coincided with the establishment of the district, is almost two years old. The current edition of the "Nabzi Faizobod" was established by the decision of the Central Executive Committee of the Bolshevik Communist Party Committee of Tajikistan on June 14, 1933 as a body of the district committee of the Republic of Tajikistan and the Council of People's Deputies. According to some estimates, the first editor of the magazine is Najot Davlatov. So far, 18 editors have done the newspaper work. Initially, there were five people working in the editorial office - the editor, the literary worker, the head of the agriculture department, the executive secretary, and the head of the letters. The Socialist Labor newspaper published two copies of 1000 pages three times a week with a circulation of 1,000 copies. In those years, the newspaper had an extremely difficult time. Newspaper employees, horse riders and brigades would gather material. The newspaper has changed three times during its career. It was published from 1933 to 1959 under the name Socialist Labor. From 1960 to 1969, the newspaper was discontinued because Faizabad was merged with the former Ordzhonikidzeabad district (today Vahdat District). In 1970 the Faizabad district was reorganized and the newspaper "Communist Labor" was published. In 1990, the publication received the name of "Faizabad Pulse" and changed a slogan of "Humane Society of All Countries" to a motto “For the humane society”. In the first years, the newspaper had to print two pages a week, and then three times a week with a circulation of 1,000 copies. Later, he had four pages and a total of 5150 copies (1981). From 2001 to 2005 the circulation was 1000 copies. Currently, the newspaper is published once a month with the circulation of 1200 copies in four pages of A3 format.

Key words: “Nabzi-Faizabad”, dialog, politics, publication, press, audience, content, mass, expression, modern, editor.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Information about the author: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik national University, Cand.Phil.Sci., the associate professor of the International Journalism department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

УДК: 070 (575.3)

МУҲТАВОИ ПУБЛИТСИСТИКАИ МАТБУОТӢ
(дар мисоли маҷаллаи «Садои Шарқ», соли 2018)

Кӯчарова Н.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Соли 2018 дар дувоздаҳ шумораи нашрияи миллии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон – «Садои Шарқ» дар қатори осори бадеӣ, пажӯҳиш, тақризу китобиёт оид ба назму наср, робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар рубрикаи «Иҷтимоиёт» 13 очерк ва мақолаи публитсистӣ дарҷ гардидааст. Ин очерку мақолаҳо ба муҳимтарин мавзӯъҳои рӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кулли сайёра бахшида шуда, муаллифон таваҷҷуҳи хонандаи имрӯзро ба масъалаҳои асосии иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи мо ва ҷаҳони муосир ҷалб мекунанд.

Бузургтарин воқеае, ки соли 2018 дар ҷумҳурии азизи мо рӯй дод, ба кор даромадани чархи аввали Неругоҳи барқии обии Роғун мебошад, ки ба ин муносибат дар саҳифаи матбуоти тоҷик ва берун аз он, аз ҷумла дар маҷаллаи «Садои Шарқ», матолиби зиёде ба табъ расидаанд. Дар мақола ва очеркҳои Камол Насрулло («Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст», №9), Шералӣ Мӯсо («Достони Роғун», №11), Бахтиёр Муртазо («Аз осиёб то неругоҳ», №11) сухан дар атрофи ин сохтмони бузурги аср ва қаҳрамонони арсаи меҳнат меравад. Бояд гуфт, ки вақте ки оид ба ин неругоҳи азим сухан ба миён меояд, пеш аз ҳама, симои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши назар меояд, зеро маҳз талошҳои пайгиронаи Сарвари тоҷикони ҷаҳон ба ин сохтмони азим арзи ҳастӣ ва неруи тоза бахшид. Камол Насрулло очерки худро бо ҳамин матлаб ҳусни оғоз мебахшад: «Бале, Роғун рамзи ҷасоратҳо, рамзи далерие гардид, ки дар шахсияти Пешвои миллати мо падид омада буд. Ҷоннисориҳои Пешвои миллати мо Роғунро ҳимоят кард ва то ба ин рӯзҳо расонд, ки ягон ихтилоф ва ягон шубҳа нисбат ба бунёди Роғун намонд ва акнун тамоми дунё онро эътироф мекунад» (5, с.90).

Баъд, дар ин асар арзишҳои маънавии ин неругоҳ басо амиқу дақиқ баён гардидааст. Ин иншооти аср ба мардуми кишвар имконият дод, ки иродаи матини халқро баръало эҳсос кунад, ба ваҳдату ягонагии одамон арҷ гузорад ва моҳияти озодӣ ва истиқлолиятро ҳамчун муҳимтарин рукни давлати миллӣ ошкор созад. Ин падидаро Камол Насрулло чунин арзёбӣ мекунад: «Сохтмони Роғун сохтмони танҳо як истгоҳи баркӣ нест. Ин сохтмон зуҳуротест, ки бузургии миллати мо, ягонагии миллати моро аз имтиҳони воқеӣ ва бегузашти худ гузаронидааст… Баъдан, Роғун сохтмонест, ки ҷоннисорӣ ва худофариниву ҷасорати баланди миллиро дар рӯ ба рӯ бо саддҳои табииву сунъӣ тақозо дошт» (5, с.90).

Мунаққид Соҳиб Табаров очеркро жанри оперативии замон номида, иброз доштааст, ки: «Дар очерк аксаран ҳамон лавҳаҳои зиндагӣ асоси мавзӯъро ташкил мекунанд, ки онҳоро худи нависанда бевосита дида, мушоҳида карда, дар бораи онҳо тасаввуроти муайян дорад ва ба онҳо дуруст баҳо дода метавонад» (6, с.219). Ва вақте ки ба очерки Шералӣ Мӯсо «Достони Роғун» мутаваҷҷеҳ мешавем, мебинем, ки тамоми мундариҷаи асар аз рӯйи мушоҳидаҳои бевоситаи муаллиф корбаст шудааст. Аз ҷумла, муаллиф ба образҳои «Достони Роғун» бевосита шиносоӣ дорад ва медонад, ки Симоҳои асосии асараш – Файзалӣ, Николай Малтсев, Сармад, Ҳомид Оев ҳама баҳодурони майдони меҳнатанд, ки ҳаёт ва қуввaву ҳунари худро ба сохтмони азими аср – Неругоҳи Роғун бахшидаанд.

Шералӣ Мӯсо асари худро қисса номгузорӣ кардааст, вале он дар рубрикаи «Иҷтимоиёт»-и маҷалла омадааст ва маълум мешавад, ки ҳар кадоме аз ин симоҳо ҳаёти худро ба ободӣ ва рушду нумуи иҷтимоии мамлакат бахшида, дар неругоҳи Роғун низ ҷойи худ ва мавқеи худро доранд. Масалан, дар фасли «Санг ҳам диле дорад» хонанда ба Сангалӣ ном коргари неругоҳ шинос мешавад, ки санг реза мекунад ва ба ин корхона меҳри беандоза дорад. Нависанда хосият ва аҳаммияти сангро дар сохтмон, инчунин масъулияти баланди коргаронро ба таври зайл ба қалам медиҳад: «Бӯйи санг! Гӯйӣ ҳамаро санг мисли оҳанрабо ҷалб кардааст. Воқеан ҳам онҳо ба санг чун Фарҳоди кӯҳкан дил додаанд. Ва дар ҳоле, ки чеҳраашонро ҳавас пӯшонида, ба қавле «дил ба ёру даст ба кор», шод буданд.

Эҳсос кардам, ки кор низом, сару сомон дорад. Бар дӯши ҳар кас мушаххас вазифае бор аст ва онро аз сидқи дил иҷро мекунад.

Бӯйи санг аз осиёб бадар меояд.

Беихтиёр сӯйи осиёб қадам бардоштам. Сангалӣ пеши роҳамро баст.

– Истед, гӯш кунед!

Қиёфааш ваҳшатнок ба назарам расид.

– Ягон воқеа рӯй дод?

Сангалӣ тез-тез нафас кашида, гуфт:

– Шумо магар огоҳ нестед, ки ба назди осиёб рафтан мумкин нест?

– О, о… бале, огоҳ ҳастам» (4, с.103).

Шералӣ Мӯсо барои диққатҷалбкунанда баромадани асар ва дурусттар дарк намудани фаъолияти бунёдкоронаи мардони кор ба матн рӯҳи бадеӣ мебахшад. Аз ҷумла, дар порчаи зерин санг ва коргарон чунин васф карда мешавад: «Ва иқрор кардам, ки онҳо ба санги беҷон ҷон мебахшанд. Ин амал корест сангин, ба қавле баробари ҷон кандан аст.

Сангалӣ ба нигоҳи самимона ба ман нигаристу бо табассуми ҳалим гуфт:

– Наранҷидед?

– Не-е! – гуфтам. – Чаро ранҷам? Вале коратон азоби алим будааст.

– Азоби алим мегӯед? – Лабаш гӯё ба табассум моил шуд ва дандонҳояш дар шуълаи офтоб дурахшиданд. – Ку, гӯед, кадом кор осон аст? Бале, осон нест, ранҷи сахт аст. Вале росташро гӯям, ана ҳамин ранҷ месӯзонад, аммо чӣ қадар ҳаловат мебахшад. Ростӣ, қиёс надорад.

– Офарин ба ин ҷавоби пухта! – ситоиш кардам ӯро.

Сангалӣ каме хиҷолат кашид. Ман афзудам:

– Охир: «То насӯзӣ - насозӣ», гуфтаанд» (4, с.104).

Ин қиссаи ҳуҷҷатӣ дар шумораи №9 «Садои Шарқ» соли 2015 чоп шудааст, лекин азбаски як қатор масъалаҳои неругоҳи Роғунро басо возеҳу равшан дар бар кардааст, онро маҷалла бори дигар ба муносибати ба истифода додани чархи аввали ин неругоҳи азим ба табъ мерасонад. Махсусан, он лаҳзаҳои таҳлуканоки тобистони соли 2012, ки оид ба бастани Неругоҳи Роғун ва ихтисори панҷ ҳазор коргари ин иншоот ҳар гуна хабарҳои иғвоангез паҳн мешуд, басо муассир ва риққатовар ба қалам омадааст. Муаллиф ба Роғун меравад ва ҳама ҷоро дар сукути сангин мебинад ва ҳолати рӯҳии Аҳмад ном коргари иншоотро чунин меорад: «Аҳмад ба ҳама чизи атроф ба хотири афсурда менигарист.

– Хаёл мекунам, ки чизеро аз даст додам, ки бисёр бебаҳо аст. Охир, Роғун ҳама дарҳоро ба рӯям боз карда буд. Дилам мисли навбаҳор буд. Акнун мурғи синаам беболу пар шуд.

Ман боз ҳам чизе гуфта натавонистам.

– Аҳд карда будам, ки то Роғунро насозам, аз талош даст намегирам. Ин аҳд ҳамеша ба ман ҷон мебахшид.

Аз фарти дард лаҳзае хомӯшу ноҷунбон монд.

– Роғун даҳ фарзанди маро мехӯронд. Ман падар ҳастам, бояд ғами даҳ фарзандамро хӯрам…

Аҳмад ба азияти ботинии хеш тоб наовард, дар чашмонаш ашк ҳалқа зад» (4, с.130).

Хушбахтона, тири душман хок хӯрд ва ҷаҳду талоши сокинони Тоҷикистон бо роҳбарии Сарвари дилогоҳи худ натиҷаи матлуб дод ва Шералӣ Мӯсо асари худро бо як хабари хуш, ба андешаи мо, басо ҷолиб натиҷагирӣ мекунад: «Инак Бонки ҷаҳонӣ 1-уми сентябри соли 2014 хулосаи ниҳоияшро нашр кард: Роғун комилан бехатар аст! Ва ин лоиҳаро камхарҷтарин роҳи таъмини Тоҷикистон ба неруи барқ арзёбӣ кард…

Дилашон (дили сохтмончиёни Роғун – Н.К.) аз фараҳу шодии беинтиҳо гум мезад. Дар чашмонашон чӣ қадар меҳру муҳаббат нисбат ба Роғун ҷой дошт.

Ҳама чиз ба мадори худ баргашт.

Сӯхтан бо сохтан бипайваст» (4, с.131).

Родмардони асарҳои «Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст» ва «Аз осиёб то неругоҳ» низ тақдири худро ба тақдири неругоҳҳои Тоҷикистон, махсусан НБО- и Роғун, пайвастаанд. Очерки портретии «Аз осиёб то неругоҳ»-и Б.Муртазоев оид ба фаъолияти ҷоннисоронаи марди қавииродаву масъулиятшинос Камол Ҳамсариев бахшида шудааст. Қаҳрамони очерк ҷавони деҳотие мебошад, ки фаъолияти меҳнатиашро дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз кор дар осиёб сар карда, баъди таҷрибаи зиёд андӯхтан дар неругоҳҳои Сарбанду Норак ба Роғун омада хизмат мекунад ва дар ҷараёни меҳнати фидокорона бо медали Меҳнати Шуҷоатнок ва орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат ва Ленин сарфароз мегардад. Камол дар неругоҳи Роғун сардори бригада аст, вале ҳеҷ гоҳ аз аъзои дастааш худро канор намегирад, ҳамроҳи онҳо меҳнат мекунад ва ин хислати ӯ боиси некномӣ ва обрӯю эътибораш мешавад: «Гумон накунед, ки шуморо баъд аз кор дар ин ҷо нигоҳ дошта, худам ба минбар мебарояму бароятон панду насиҳати бисёр мехонам, - гуфт Камол оромона, - не, ин хел не. Мо аъзои як бригада гӯё фарзандони як падару модарем, бо ҳамдигар бародар ҳастем. Бинобар ин, бо маслиҳати якдигар кор карданамон зарур аст. Чунки ба зиммаи бригадаи мо вазифаи ҳаҷман ниҳоят калон гузошта шудааст. Тамоми роҳҳои гирду атрофро бояд бетонпӯш намоем. Ҳамчунин баъзе қисматҳои сарбандро низ бетонрезӣ карданамон даркор аст» (3, с.95).

Асарҳои публитсистӣ, аз ҷумла очерк, вобаста ба шароити иҷтимоӣ ва вақту фазо аз нигоҳи сохт ва мазмуну мундариҷа тағйир меёбанд, шаклан низ дигар мешаванд ва, ҳатто, аз байн мераванд. Дар ин хусус адиби литвонӣ Э.Межелайтис мулоҳизаи ҷолиб баён

кардааст: «Шаклҳои бадеии ифода жанрҳо ва услубҳо, тарзу усули эҷод тавлид мешаванд ва нобуд мегарданд, аз якдигар месабзанд, баъзан, бо ҳам пайванд мешаванд, дар ҳамбастагӣ бо ҳам мусобиқа мекунанд, нест мешаванд, ё аз нав дар шакли синтез тавлид мегарданд. Замонҳои ивазшаванда ранг, овоз, оҳанг ва принсипҳои эстетикии худро интихоб мекунанд» (2, с.151). Замони Истиқлолияти Тоҷикистон низ тақозо дорад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ ифтихори амиқи миллӣ дошта бошанд ва ба сарватҳои табиӣ ва фарҳангии кишвари худ бо масъулияти баланди ватандорӣ муносибат намоянд, то дар шароити ҷаҳонишавӣ симои миллии худро аз даст надиҳанд. Ин ҳолат боиси дигар шудани мавзӯъҳои осори публитсистӣ ва бадеӣ мегардад. Мақолаҳои публитсистии «Садои Шарқ» ба мазмуну муҳтавои фарҳангии худ ба хонанда рӯҳи озодандешӣ ва ҷуръати мамлакатдорӣ адо менамояд. Дар мақолаҳои «Об ва муаммоҳои онҳо» (Х. Абороров), «Об ва кишоварзӣ» (Ҳасан Асоев), «Тағйири иқлими сайёра» (Даврони Шариф) мақоми байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи об мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масалан, дар мақолаи «Об ва кишоварзӣ» масъалаи истифодаи сарфакоронаи об ба заминҳои корам бардошта шудааст ва ҳар як андешаву фикр бо мисолҳои мушаххас асоснок гардида, ҳам таваҷҷуҳи хонандаи мутахассис ва ҳам хонандаи умумро ҷиддан ба худ ҷалб менамояд. Яке аз масъалаҳое, ки сари он ҷиддан андеша кардани ҷомеа тақозо дорад, сол то сол кам шудани заминҳои корам мебошад. Муаллиф масъала мегузорад, ки ҳар чӣ тезтар роҳи ин амали номуносиб гирифта шавад: «Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ баъзе сарварони ноҳияҳо заминҳои корами соҳаи кишоварзиро барои бунёди манзили зист ҷудо намуданд. Ин амал аз тариқи садою симо ва матбуоти даврӣ пайваста мавриди танқид қарор ёфта бошад ҳам, он то кунун ҳалли ниҳоии худро наёфтааст… Дар давоми солҳои истиқлолият мо бештар аз 200 ҳазор гектар заминҳои обёришудаи кишварамонро аз даст додем. Барои рафъи ин мушкилот зарурати қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин соҳа ба миён омад, то ин ки дар кишварамон минбаъд ин худсарӣ боздошта шавад» (1, с.101).

Ҳамин тариқ, очеркҳо ва мақолаҳои публитсистии соли 2018 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расида, ҷанбаи амиқи илмӣ ва тарғиботӣ дошта, муаллифон тавассути роҳбарии оқилонаи Пешвои миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кору пайкори содиқонаи сокинони кишвар рӯз то рӯз дар арсаи байналхалқӣ нуфуз пайдо кардани Тоҷикистонро басо равшан таъкид намудаанд. Дар айни ҳол, осори публитсистии дар маҷалла чоп гардида сокинони мамлакатро ҳушдор медиҳад, ки аз сарватҳои табиии он оқилона ва дилсӯзона истифода карда, ба муҳити зисти мамлакат беэътибор набошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асоев Ҳ. Об ва кишоварзӣ / Ҳ.Асоев // Садои Шарқ. – 2018. – № 10. – С.100-103.
2. Межелайтис Э. Лирические этюды / Э.Межелайтис // Знамя. – 1965. – № 10. – С.150-159.
3. Муртазо Б. Аз осиёб то неругоҳ / Б. Муртазо // Садои Шарқ. – 2018. – № 11.С.89-98.
4. Мӯсо Ш. Достони Роғун / Ш. Мӯсо // Садои Шарқ. – 2018. – № 11. – С.99-131.
5. Насрулло, К. Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст / К. Насрулло // Садои Шарқ. – 2018. – № 9. - С.89-93.
6. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 324 с.

МУҲТАВОИ ОСОРИ ПУБЛИТСИСТИИ МАТБУОТӢ
(дар мисоли маҷаллаи «Садои Шарқ» соли 2018)

Соли 2018 дар дувоздаҳ шумораи нашрияи миллии адабии ИттифоқинависандагониТоҷикистон – «Садои Шарқ» дар қатори осори бадеӣ, пажӯҳиш, тақризу китобиёт оид ба назму наср, робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар рубрикаи «Иҷтимоиёт» 13 очерк ва мақолаи публитсистӣ дарҷ гардидааст. Ин очерку мақолаҳо ба муҳимтарин мавзӯъҳои доғи рӯз дар ҶумҳурииТоҷикистон ва кулли сайёра бахшида шуда, муаллифон таваҷҷуҳи хонандаи имрӯзро ба масъалаҳои асосии иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир ҷалб мекунанд. Бузургтарин воқеае, ки соли 2018 дар ҷумҳурии азизи мо рӯй дод, ба кор даромадани чархи аввалини Неругоҳи барқии обии Роғун мебошад, ки ба ин муносибат дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик ва берун аз он, аз ҷумла дар маҷаллаи «Садои Шарқ» матолиби зиёде ба табъ расидаанд. Дар мақолаҳои Камол Насрулло («Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст» -№9), Шералӣ Мӯсо («Достони Роғун» - №11), Бахтиёр Муртазо («Аз осиёб то неругоҳ» - №11) сухан дар атрофи ин сохтмони бузурги аср ва қаҳрамонони арсаи меҳнат меравад. Симоҳои асосии очерки Шералӣ Мӯсо – Файзалӣ, Николай Малтсев, Сармад, Ҳомид Ойев ҳама баҳодурони майдони меҳнатанд ва ҳаёти худро, қуввааву ҳунари худро ба сохтмони азими Роғун бахшидаанд. Танқиди симоҳои асарҳои «Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст» ва «Аз осиёб то неругоҳ» низ тақдири худро ба тақдири неругоҳҳои Тоҷикистон, махсусан НБО-и Роғун пайвастаанд. Замони Истиқлолияти Тоҷикистон тақозо дорад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ ифтихори амиқи миллӣ дошта бошанд ва ба сарватҳои табиӣ ва фарҳангии кишвари худ бо масъулияти баланди ватандорӣ муносибат намоянд, то дар шароити ҷаҳонишавӣ симои миллии худро аз даст надиҳанд. Мақолаҳои публитсистии «Садои Шарқ» ба мазмуну муҳтавои фарҳангии худ ба хонанда рӯҳи озодандешӣ ва ҷуръати мамлакатдорӣ илҳо менамояд. Дар мақолаҳои «Об ва муаммоҳои он» (Х. Абороров), «Об ва кишоварзӣ» (Х. Асоев), «Тағйири иқлими сайёра» (Д. Шариф) мақоми байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи об мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамин тариқ, очеркҳо ва мақолаҳои публитсистии соли 2018 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расида, ҷанбаи амиқи илмӣ ва тарғиботӣ дошта, тавассути роҳбарии оқилонаи Пешвои миллат – асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кору пайкори содиқонаи сокинони кишвар дар арсаи байналхалқӣ рӯз то рӯз нуфуз пайдо кардани Точикистонро басо равшан таъкид намудаанд.

Калидвожаҳо: очерк, мақолаи публитсистӣ, НБО-и Роғун, оби ошомиданӣ, муҳити зист, иқлими сайёра, Тоҷикистон, меҳнати ҳалол.

СОДЕРЖАНИЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ
(на примере журнала «Голос Востока» 2018 года)

В данной публицистической статье изучены очерки художественное произведения, а также рецензии библиографии, относящейся к прозы и поэзии за 2018 год в двенадцати журналах «Голос Востока» издания национальной литературы Союз писателей Таджикистана. В разделе литературы и культуры в рубрике «Социальность» публиковались 13 очерков и публицистических статей. Данные очерки и статьи посвящены самым важным темам Республики Таджикистана, автор публикации заинтересовал всех читателей основными современными проблемами социальной культуры общество. В годы независимости Таджикистана народ страны имеет большую возможность гордиться своими национальным богатством, высоким уровнем патриотизма и культуры нашей страны. Публицистические статьи «Голос Востока», касающиеся культуры, способствуют повишению в читателях уровня духовности. В статьях «Водные проблемы» (Х. Абороров), «Вода и земледелец» (Х. Асоев), «Изменение климата на планете» (Д. Шариф) отражен тот факт, что РеспубликаТаджикистан получила международное признание по вопросам «Вода - это источник жизни». Сложно представить нашу жизнь без потребления пресной воды. Таким образом, публицистические статьи очерки в 2018 годы, опубликованные в журнале «Голос Востока», показывают, как страна с помощью Основателя мира и национального единства, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона завоевала авторитет на международном арене.

Ключевые слова: очерк, публицистические статьи, окружающая среда, питьевая вода, климат планеты, Таджикистан, честный труд.

CONTENT WORK OF PRINT
(on the example of the magazine "Voice of the East" in 2018)

In this journalistic article and essays for 2018, the edition of national literature of the Union of Writers of Tajikistan “Voice of the East” is twelve times the number of works of art studied, as well as reviews of the bibliography related to prose and poetry. Communication with literature and culture under the heading “Sociality” published 13 essays and journalistic articles. This essay and article is devoted to the most important topic of the day in the Republic of Tajikistan, the author of the publication has interested all readers about the main contemporary problems and social culture of society. During the years of independence of Tajikistan, the people of the country have a great opportunity to be proud of their national wealth of honor with a high level of patriotism and the culture of our country and not to lose interest in the face of their nationalities. The journalistic article “Voice of the East” refers to the meaning of culture and leads readers to resolve spirituality. In the articles “Water Problems” (H. Abrorov), “Water and the Farmer” (H. Asoev), “Climate Change in the Planet” (D. Sharif). In the Republican international place, Tajikistan received an award on the issue "Water is the source of life." It is difficult to imagine our life without consuming fresh water. Thus, journalistic articles essays in 2018 were published in the journal “Voice of the East”, in which, in terms of science, with the wave of Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon emphasized the need for Tajikistan to enter the international arena.

Key words: essay, journalistic articles, environment, drinking water, planet's climate, Tajikistan, honest work.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кӯчарова Насиба Аламхоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи матбуот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-49-80-80**

Сведения об авторе: ***Кучарова Насиба Аламхоновна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-49-80-80**

Information about the author: ***Kucharova Nasiba Alamkhonovna*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Printing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel .: **(+992) 988-49-80-80**

УДК: 621.397.62 (575.3)

РАНГОРАНГИИ ЖАНРИИ БАРНОМАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР МАВЗӮИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Саидзода Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Жанрҳои журналистика дар телевизион ба хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ ҷудо мешаванд. Метавон гуфт, ки журналистикаи телевизион берун аз системаи жанрӣ вуҷуд дошта наметавонад. Фаҳмиши ҷиддии жанрҳо аз касбияти журналист дарак медиҳад. Ин андешаро муҳаққиқони соҳа низ ҷонибдорӣ кардаанд [5, с.12].

Гузашти вақт дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо, махсусан ҷавонон навгониву воқеаҳои нав ба навро ба бор меоварад. Дар ин миён падида ва тамоюлҳои инъикоси рӯзгори ҷавонон дар телевизион бо матнҳои гуногун ва баҳсҳои мухталиф инъикос мегардад, ки таҳлили он мувофиқи мақсад аст. Ҳадафи барномаҳо дар бештари маврид як чиз бошад ҳам, тарзи баррасӣ, пешниҳод ва масъалагузории гуногун ба чашм мерасад ва ин ба шаклгирии гуногунжанрӣ дар телевизион мусоидат менамояд.

Телевизиони «Тоҷикистон» дар самти бозомӯзии рӯзгори ҷавонон ва истифодаи жанрҳои таҳлилӣ барои мавқеъ ва нуфузи барнома ва бештар аз ин, ҷиҳати ба талаботи бинанда ҷавобгӯ шудани намоишҳо, фаъолияти нисбатан беҳтарро ба роҳ мондааст, ки аз тамошои барномаҳои он бешубҳа эҳсос мегардад. Тавре муҳаққиқ Аъзамҷон Азимов менависад: «Ҷараёни инкишоф, ки сарчашмаи асосии жанрҳои телевизион гаштааст, ба ҳама маълум аст. Барномаҳо тез-тез якдигарро иваз мекунанд. Лоиҳаи нав ба нав пешниҳод мешавад. Муҳиту вақт нақши худро дар телевизион мегузорад. Доираҳои нав ба нав ба вуҷуд меояд. Телевизион бо суръати баланд тараққӣ мекунад» [1, с.10].

Тафсири телевизионӣ, нигориши телевизионӣ, суҳбати телевизионӣ, мубоҳисаи телевизионӣ, таҳқиқоти журналистии телевизионӣ, ток-шоу, конфронси матбуотии телевизионӣ, намоиш (мухбирнома)-и телевизионӣ жанрҳои таҳлилие мебошанд, ки истифодаи онҳо дар телевизиони «Тоҷикистон» бо тасвиру наворҳо ороиш ёфта, вазифаҳои худро иҷро мекунанд ва тамошобинро бо рӯйдоду воқеаҳои муҳим ошно месозанд. Гурӯҳҳои эҷодии ин шабака мунтазам пайи сайқали мундариҷавию ғоявии барномаҳо кӯшиш менамоянд ва усулҳои нави таҳияи барномаҳоро ба роҳ мемонанд. Дар ин замима, сархатеро ба ёд меоварем, ки ба муҳаққиқон Асадулло Саъдуллоев ва Маҳмудхон Шоев тааллуқ дорад: «Жанрро хотираи санъат, гоҳо хотираи фарҳанг ҳам мегӯянд. Ин ташбеҳ замина дорад. Ҳар журналист аз усул, тарзи баён, шакли дилхоҳи ифода истифода мебарад… Жанр гӯё хишт-масолеҳест, ки аз он биноҳои гуногунҳаҷму гуногунмавзӯи журналистика бунёд мегардад. Устувории ин бино ба ҳунари бинокор-журналист вобаста аст» [4, с.12-13].

Бо дониста истифода бурдани жанр ва риояи талаботи жанрӣ барномаи телевизионӣ ранги дигар мегирад ва журналист ҳам ба суоли худ ва ҳам ба суоли тамошобин ҷавоб гардонида метавонад, яъне истифодаи дурусти жанр дар телевизион ба манфиати кори журналист буда, аз ӯ дониш ва маҳорати баланд талаб менамояду барномаро боварибахш месозад.

Дар истифодаи жанрҳои таҳлилӣ дар телевизиони «Тоҷикистон» ҷой доштани норасоиҳо ба чашм мерасад. Махсусан, жанрҳои ток-шоу, шарҳи телевизионӣ, нигориши телевизионӣ, суҳбати телевизионӣ, мубоҳисаи телевизионӣ ва таҳқиқоти журналистии телевизионӣ бештар истифода мешаванд, ки бо инъикоси матолиби мухталиф рӯйи навор омадаанд ва дар таҳлилу пешниҳоди масъалаҳои ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсидошта саҳм гузоштаанд.

Дар мисоли мушаххас, ки ба мавзӯи «Ҷавонон ва варзиш» бахшида шудааст, нигориши телевизиониро баррасӣ мекунем.

«Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо боварии бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан ояндаи неки Ватан ва идомадиҳандаи кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд».

Ин сархатест, ки пеш аз шурӯъ шудани барнома бо муаллифии Муҳаммадсафои Ҳасан аз идораи ҷавонӣ, варзиш ва сайёҳии телевизиони «Тоҷикистон» омода гаштааст, дар экран намудор мегардад ва аз дидани он тамошобин, аллакай, аз муҳтавои мавзӯи барнома хулоса мекунад.

Ин барномаро мо бо доштани мавзӯи аҳаммияти ҷамъиятидошта, ки ҳам аз нигоҳи мутахассисон ва ҳам аз нигоҳи журналист бо силсилабандии фактҳои аз рӯйи мақсад ба гурӯҳҳо ҷудошуда, вале вобастаи ҳамдигар омода шудааст, ба жанри нигориши телевизионӣ мансуб донистем.

Муҳаққиқ Зулфиддин Муъминҷонов низ таъкид мекунад, ки «… асоси ин жанр воқеаҳои ҷамъиятӣ буда, мақсадаш ба бинандагон фаҳмонидани сабабҳову алоқаву вобастагиҳои ин воқеаҳо ва ошкоркунии аҳаммияту тамоюли инкишофи минбаъдаи он мебошад» [5, с.60].

Ҳанӯз аз марҳалаҳои душвори таърихӣ сар карда, то ба ҳол ҳукумати мамлакат нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла бехдошти вазъи таълиму тарбия, соҳиби ихтисос, касбу ҳунар ва ҷойи кор гардонидани онҳо, инчунин мавқеи хосса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Яъне, дар марҳилаи нави таърихӣ дар байни кишварҳои аъзои иттиҳоди давлатҳои мустақил яке аз аввалинҳо шуда, ин иқдомро ба роҳ мондани Тоҷикистон, ки ҳадафи асосии он фароҳам овардани шароити мусоид барои насли ҷавон буда, муваффақияту пешравии ҷавонон дар даврони истиқлолият мавзӯи матраҳшавандаи барнома мебошад.

Ин мавзӯъ дар барномаи Муҳаммадсафои Ҳасан дар доираи 46 дақиқаву 32 сония бо иштироки 13 нафар мутахассисони соҳаи ба мавзӯъ дахлдор ва истифодаи зиёда аз 50 факт баррасӣ шудааст, ки аз корбурди жанри нигориш дарак медиҳад.

Тавре муҳаққиқон А.Саъдуллоев ва М.Шоев таъкид кардаанд: «Муҳаққиқони ҳамаи соҳаҳои журналистика (телевизион, радио, матбуот, интернет) таъкид мекунанд, ки соҳаи таҳқиқи ин жанрафкорӣ омма буда, мақсади муаррифии робитаи сабабу натиҷаи амал ошкор намудани моҳият ва анъанаҳои инкишоф мебошад» [4, с.70].

Бояд ёдовар шуд, ки барнома аз телевизиони «Тоҷикистон» пахш гардида, бе иштироки журналист ҷараён гирифтааст. Дар он Қиёмиддин Миралиён - вакили Маҷлиси намояндагон, Мирзошорух Асрорӣ - раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Абдуллозода Аҳтам Рустам - раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муҳаммадиқбол Атоев - сардори шуъбаи матбуоти даврии Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Икромҷон Донахонов - сардори раёсати иқтисод ва банақшагирӣ дар соҳаи илм ва иқтисоди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фаридун Давлатов - роҳбари Шӯрои олимони ҷавони Тоҷикистон, Маҳмуди Абдулло - сардори шуъбаи варзиши Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, Носир Бозоров - сардори Раёсати варзиши Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шодӣ Сафаров - ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нуралӣ Хоркашев - мутахассиси пешбари шуъбаи иттилоотии ФФТ, Ёрзода Фозил Самӣ - сардори Раёсати тайёр кардани кадрҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва чанде аз ҷавонони варзишгару магистр ва хонандагони болаёқати гирандаи стипендияи президентӣ ҳамчун мусоҳиб иштирок доштанд ва бо 19 мусоҳибае, ки 15-тои он дорои факт буд рӯйи навор омаданд.

Иштироки ин нафарон ба таҳлили амиқтари мавзӯи интихобнамуда мусоидат намуда, дақиқ будани фактҳои дар барнома зикршударо маълум намудааст. Дар барнома бозгӯи паҳлуҳои мавзӯъ дар баъзе маврид аввал аз ҷониби журналист сурат гирифта, мусоҳибаҳои мутахассисон барои тақвият ва исботи матлаб пешкаши бинанда гардидааст ва дар баъзан маврид баръакс.

Дар барнома асосан оид ба таваҷҷуҳи Президенти кишвар ба ҷавонон ва боварӣ ба онҳо ҳамчун насли ояндасоз, рушди ҷавонони Тоҷикистон, нақши қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» дар ҳаёти онҳо, фаъолияти кумита дар ин самт, дастовардҳои варзишию сайёҳии ҷавонон, рушди соҳаи маориф ва илм, фаъолияти олимони ҷавон, истифодаи ҳадафмандонаи техникаву технология аз ҷониби ҷавонон, тарзи ҳёти солим, дастгирии оилаҳои ҷавон ҷиҳати таъмин намудан бо манзил бо факту рақамҳои мушаххас рӯйи кор омадааст.

Аз рӯйи мушоҳида, мо ин барномаро ба нигориши мавзӯӣ мувофиқ донистем, чунки мавзӯъҳо аз нигоҳи аввал ба як самт равона бошанд ҳам, вале вақти ба амал омаданашон ҷудогона аст ва зери як рубрика қарор гирифтаанд.

«Мутобиқи индекси рушди ҷавонон Тоҷикистон аз 100 хол дар ҳадди 52,8 хол қарор дорад. Дар миёни 200 давлати ҷаҳон Тоҷикистон вобаста ба татбиқи сиёсати ҷавонон ҳудудан ҷойи 70-умро ишғол менамояд. Барои як кишваре, ки ҳамагӣ истиқлолияти 25-сола дорад, ин бисёр муҳим арзёбӣ мешавад».

Ин маълумот дар барнома аз ҷониби Қиёмиддин Миралиён [3, с.171] дақиқан иброз шуда, андешаи муаллифро, ки нисбат ба рушди ҳаёти ҷавонон баъди пазируфтани қонуни сиёсати онҳо ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми онҳо эълон шудани самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии кишвар, баён гардид, асоснок намуда ба бозгӯ намудани чанд маълумоти дигар кумак намудааст.

Бояд гӯем, ки нигориш жанри ҷамъбастӣ аст. Дар он воқеаҳои ҳафта, моҳ, семоҳа ва ғайра рӯйдода мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Муаллифи нигориш ҳодисаҳоро аз чанд паҳлу таҳлил карда, аз онҳо хулоса мебарорад. Барои тақвияту исботи фикр ва хулосаи баровардааш муаллиф аз фактҳои мавҷуда истифода мекунад. Яъне, мақоми аввалро таҳлил ва фикри муаллиф соҳиб буда, мақоми дуюм ба факт вогузошта мешавад.

Барномаи Муҳаммадсафои Ҳасан вазъи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҷавононро асосан дар панҷсолаи 2010-2015 таҳлил намуда, аз таърихи қабули қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ва муқоисаи вазъият нисбат ба солҳои пеш аз Истиқлолият ва баъди нав ба даст овардани он низ ёдовар шудааст.

Наворҳои барномаро муаллиф бо матни паси кадрӣ пурра мувофиқ намуда, ҳар кадомеро дар мавридаш истифода бурдааст. Ҳамчунин, истифодаи кадрҳо аз хазина низ ба чашм мерасанд (вохӯрии президент бо варзишгарон, мулоқоти аввалин бо ҷавонон, мусобиқаҳои варзишгарон дар дигар давлатҳо ва ғайра), ки ин ба мақсади журналист, ҷиҳати боварибахш будани барнома хеле мувофиқ аст.

Ҳар мавзӯъ ҷиҳати манфию мусбатро дорост. Барномае, ки мо дар доираи жанри нигориш таҳлил кардем, ҷиҳати мусбати масъалаи интихобнамудаи журналистро ба қадри имкон таҳлил намудааст. Ҳол он ки муаллиф метавонист аз 46 дақиқаи барномаи омоданамудааш ҳадди имкон 20 дақиқаашро ба норасоиву камбудиҳои соҳа сарф намояд ё барномаро дар ду бахш омода созад.

Манзури мо шумораи ҷавонони муҳоҷир, толибилмони душвортарбия, ҷиноятҳои аз ҷониби ҷавонон содиршуда, хориҷ шудани донишҷӯён аз муассисаҳои олии касбӣ, шумораи ҷавонони бекор ва дигар масъалаҳо.

Ба ақидаи мо, ин мавзӯъҳо дар якҷоягӣ бо матлаби таҳлил ва омодакардаи журналист метавонист маводро комилтар ва эътимоди тамошобинро пурратар созад.

Зеро, яке аз мақсадҳои асосии нигориш ба қадри имкон ошно сохтани шунаванда бо ҷузъиёти соҳаҳои гуногуни ҷомеа аст. Кӯшиши муаллиф барои ҷалб кардани шунаванда ба он рӯйдод, кӯмак расондан ба шунаванда барои боварӣ ҳосил намудани ӯ равона карда мешавад.

Аз ин рӯ, бояд мавзӯи интихобкардаи муаллифи нигоришро ҳама донад, донандаи комили соҳа ё касби худу дорандаи ҳунари воло бошад, то ӯ натанҳо шунавандаро бо ҷолибияти мавзӯи нигориш, боварӣ ҳосил намудану майлу рағбат пайдо кардан, муносибаташ ба сухан, ақида ва ғояи тарғибкунандаи худ шинос намояд, инчунин возеҳу равшан, бошавқ тавонад нигоришро то ба охир расонад».

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион (воситаи таълимӣ) / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – С.90.
2. Раҳмон, Э. Ҷавонон – созандагони Тоҷикистони оянда / Э.Раҳмон. – Душанбе, 2008. – 150 с.
3. Миралиев Қ. Ҷавонон ва 20 соли истиқлолият / Қ.Миралиев. - – Душанбе, 2012. – 272 с.
4. Саъдуллоев А., Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион / А.Саъдуллоев, М.Шоев. – Душанбе, 2010. – 96 с.
5. Муъминҷонов З. Махсусияти жанрҳои иттилоотию таҳлилии телевизион / З.Муъминҷонов. – Душанбе, 2015. – 80 с.
6. Неъматов М. Ҷавонон – созандагони ҷамъияти оянда / М. Неъматов, Н. Муродов. – Душанбе, 2008. – 200 с.
7. Буриев Н. Понятие, сущность и задачи молодежной политики / Н. Буриев // Вестник Таджикского национального университета. – 2011. – №9 (73). – С. 335-340.
8. Ходибоев Ф.А. Место и роль молодежи в социальной структуре таджикского общества: дис. ... канд. филос. наук: 09.00.11 / Ф.А. Ходибоев. – Душанбе, 2015. – 156 с.
9. Набиев В.М. Исторический опыт участия молодежи в укреплении социально-экономических и культурных связей Таджикистана с союзными республиками (1961-1991гг): автореф. дис. … док. ист. наук: 07.00.02 / В.М. Набиев. – Душанбе, 1997. – 335 с.
10. Ҳасанов Ш.Қ. Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатии ҷавонон / Ш.Қ. Ҳасанов, А.А. Ашурова. – Душанбе, 2015. – 224 с.
11. Ҳамидов И. Имиджмейкинг ва нақши телевизион дар шаклгирии он / И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4/5. – С.280-283.
12. Хонзода А. Эмомалӣ Раҳмон ҳомӣ ва раҳнамои ҷавонон / А. Хонзода, Б. Ҳамдам. – Душанбе, 2018. – 136 с

РАНГОРАНГИИ ЖАНРИИ БАРНОМАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР МАВЗӮИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Жанрҳои журналистика дар телевизион ба хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ ҷудо мешаванд. Метавон гуфт, ки журналистикаи телевизион берун аз системаи жанрӣ вуҷуд дошта наметавонад. Фаҳмиши ҷиддии жанрҳо аз касбияти журналист дарак медиҳад. Гузашти вақт дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо, махсусан ҷавонон, навгониву воқеаҳои нав ба навро ба бор меоварад. Дар ин миён падида ва тамоюлҳои инъикоси рӯзгори ҷавонон дар телевизион бо матнҳои гуногун ва баҳсҳои мухталиф инъикос мегардад, ки таҳлили он мувофиқи мақсад аст. Ҳадафи барномаҳо дар бештари маврид як чиз бошад ҳам, тарзи баррасӣ, пешниҳод ва масъалагузории гуногун ба чашм мерасад ва ин ба шаклгирии гуногунжанрӣ дар телевизион мусоидат менамояд. Телевизиони «Тоҷикистон» дар самти бозомӯзии рӯзгори ҷавонон ва истифодаи жанрҳои таҳлилӣ барои мавқеъ ва нуфузи барнома ва бештар аз ин, ҷиҳати ба талаботи бинанда ҷавобгӯ шудани намоишҳо, фаъолияти нисбатан беҳтарро ба роҳ мондааст, ки аз тамошои барномаҳои он бешубҳа эҳсос мегардад. Тавре муҳаққиқ Аъзамҷон Азимов менависад: «Ҷараёни инкишоф, ки сарчашмаи асосии жанрҳои телевизион гаштааст, ба ҳама маълум аст. Барномаҳо тез-тез якдигарро иваз мекунанд. Лоиҳаи нав ба нав пешниҳод мешавад. Муҳиту вақт нақши худро дар телевизион мегузорад. Доираҳои нав ба нав ба вуҷуд меояд. Телевизион бо суръати баланд тараққӣ мекунад». Тафсири телевизионӣ, нигориши телевизионӣ, суҳбати телевизионӣ, мубоҳисаи телевизионӣ, таҳқиқоти журналистии телевизионӣ, ток-шоу, конфронси матбуотии телевизионӣ, намоиш (мухбирнома)-и телевизионӣ жанрҳои таҳлилие мебошанд, ки истифодаи онҳо дар телевизиони «Тоҷикистон» бо тасвиру наворҳо ороиш ёфта, вазифаҳои худро ичро мекунанд ва тамошобинро бо рӯйдоду воқеаҳои муҳим ошно месозанд. Гурӯҳҳои эҷодии ин шабака мунтазам пайи сайқали мундариҷавию ғоявии барномаҳо кӯшиш менамоянд ва усулҳои нави таҳияи барномаҳоро ба роҳ мемонанд.

Калидвожаҳо: жанрҳо, телевизиони «Тоҷикистон», сиёсати ҷавонон, барномаҳо, таҳқиқ, таҳлил, моҳият, рушд.

ЖАНРОВОЕ МНОГООБРАЗИЕ ТЕЛЕВИЗИОННЫХ ПЕРЕДАЧ НА ТЕМУ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ

Жанр – это исторически определившийся тип отображения реальной действительности, обладающий набором относительно устойчивых признаков. Понятие того или иного жанра формировалось многие годы, менялась жизнь, какие-то явления ее исчезали, становились достоянием истории, возникали новые, однако, каждое новое явление, будучи принципиально иным по содержанию, сохраняло прежнюю форму. Это же относится и к жанровым формам, основанным на общности функций каждой из них, независимо от конкретного наполнения. Телевидение восприняло в основном функции, методы и формы своих предшественников по массовой коммуникации – печати и радио. И точно так же, как печать и радио, телевидение во всем богатстве и разнообразии его продукции, можно классифицировать по ряду устоявшихся формальных признаков, разделить по принадлежности к тому или иному жанру. Теория жанров постоянно находится в развитии, видоизменяясь, происходит становление, развитие новых и отмирание старых жанров, впрочем, это не означает, что жанровое деление творчества тележурналиста есть бессмысленное теоретизирование. В адекватном понимании природы того или иного жанра заложен потенциал реализации творческого развития. Понимание же неразрывно связано со

знанием. Жанр – категория общественно-историческая. Поэтому, например, в ситуации ограничения свободы слова и печати происходит всплеск в развитии жанров аналитических и даже дидактических, напротив, расширение информационных свобод влечет за собой развитие информационных жанров, потребитель информации уже не нуждается в назиданиях, а стремится сам оценивать и анализировать факты. При всей динамике и диалектичности понятия жанра, существует, тем не менее, ряд довольно-таки устоявшихся форм, в развитии которых на протяжении продолжительного времени сохраняются сущностные признаки. В рамках информационных и аналитических жанров телевизионной журналистики автор пытается оценить жанровую палитру телевизионных передач телеканалов «Таджикистан» на тему государственной молодежной политики.

Ключевые слова: жанры, телевидение «Таджикистан», молодежная политика, программы, исследование, анализ, сущность, развитие.

THE VARIETY OF GENRES OF TELEVISION PROGRAMS ON THE SUBJECT OF THE STATE YOUTH POLICY

A genre is a historically determined type of representation of reality, which has a set of relatively stable features. The concept of this or that genre was formed for many years, life changed, some of its phenomena disappeared, became the property of history, there were new, however, each new phenomenon, being fundamentally different in content, retained its former form. The same applies to genre forms based on the common functions of each of them, regardless of the specific content. Television has adopted mainly the functions, methods and forms of its predecessors in mass communication – the press and radio. And just as the press and radio, television in all the richness and diversity of its products, can be classified by a number of established formal features, divided by belonging to a particular genre. The theory of genres is constantly in development, changing, there is a formation, development of new and dying of old genres, however, this does not mean that the genre division of the creativity of the journalist is meaningless theorizing. In an adequate understanding of the nature of a genre lies the potential for creative development. Understanding is inextricably linked to knowledge. Genre – the category of the socio-historical. Therefore, for example, in a situation of restriction of freedom of speech and press there is a surge in the development of analytical and even didactic genres, on the contrary, the expansion of information freedoms entails the development of information genres, the consumer of information no longer needs edification, and seeks to evaluate and analyze the facts. For all the dynamics and dialectics of the concept of the genre, there is, however, a number of fairly well-established forms, in the development of which for a long time remain essential features. As part of the information and analytical genres of television journalism, the author tries to assess the genre palette of TV programs of TV channels "Tajikistan" on the theme of the state youth policy.

Key words: genres, TV "Tajikistan", youth policy, programs, research, analysis, essence, development.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодона Саидзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ, факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Шодона Саидзода*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры ТВ и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

Information about the author: ***Shodona Saidzoda*** - Tajik National University, post-graduate student Department of TV and broadcasting journalism faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

УДК: 07+659 (575.3)

ЭЪТИМОД БА ВАО - ЗАМИНАИ ПАЙДОИШИ АФКОРИ УМУМ

Мавлонов Х.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бе ҳузури хонанда, шунаванда ва бинанда, ё ба истилоҳ аудитория фаъолияти дилхоҳ воситаи ахбори оммаро тасаввур кардан ғайриимкон аст. ВАО замоне метавонад фаъолият дошта бошад, ки барои гурӯҳе аз аҳолӣ матолибаш муҳимму даркорист. Дилхоҳ ВАО қабл аз он ки ташкил шаваду ба фаъолият пардозад, бояд доираи хонандаву шунаванда ва бинандаашро омӯзад ва донад. Яъне, аз ҷузъҳои асосӣ дар созмон ва фаъолияти ВАО ин донистани дақиқи аудиторияи фарогир ба ҳисоб меравад. Ё дар раванди фаъолият ҳатман пайдо кардани он мебошад.

Муҳимтар аз ҳама барои пайдо кардани аудитория ва нигоҳ доштани он боварӣ мебошад. Хонанда, шунаванда ва бинанда танҳо замоне матолиби расонаеро пайгирӣ мекунад, ки ба он бовар дорад. Гузашта аз ин, ВАО низ дар ҳамин ҷабҳа бояд кӯшиш намояд, ки боварии аудиторияашро ба даст орад ва онро нигоҳ дорад. Дар матлаби мазкур низ, мо чанде аз назари худро доир ба ҳамин масъала, эътимод ва аҳаммияти он дар фаъолияти ВАО, бо истифода аз фикру андешаҳои муҳаққиқон баррасӣ менамоем.

“Албатта, воситаҳои ахбор дар ҳама ҷо як мақсад доранд – ба афкори иҷтимоӣ таъсир расонидан, барои он аз воситаҳои шабеҳ истифода мебаранд – воситаҳои шабеҳ ба он маъно, ки вобаста ба шароити рушд, имкониятҳои моддӣ ва тахассусӣ, ҳатто вобаста ба сохтори иҷтимоӣ ва ҳадафи иҷтимоию сиёсии воситаҳои ахбори умум ва таблиғи онҳо ҳамсон намешаванд,” - таъкид мекунад муҳақиқ И.К. Усмонов [11, с.34]. Эътимод ба ВАО эътимод аз матолиби он аст. Он чӣ дарҷу пахш мешавад, агар хонандаву шунаванда ва

бинандаи худро ёбад, пас ба ҳадаф расидааст. Эътимоде, ки ба ВАО пайдо мешавад, заминаи асосии таъсир расонидан ба афкори умумро падид меорад. Чун вақте бинанда, шунаванда ва хонанда ба ахбори гирифтааш бовар мекунад, сари он андеша карда, мазмуну моҳияти онро баррасӣ менамояд ва дар бораи он фикр мекунад.

Гоҳо расонаҳо барои ба эътимоди мардум даромадан бо роҳҳои алоҳида шууру фаҳмиши онро ғасб мекунанд. Дар андешаи онҳо ахбори пахшнамудаи худро ҷо мекунанд. Метавон ба назари муҳаққиқ Ҷовид Муқим такя кард, ки чунин мегӯяд: “Меъёри сатҳи камолоти маънавии ҷомеа донистани васоити ахбор, ба назари мо дуруст аст, зеро васоити ахбор муайянкунандаи сатҳи маънавиёти ҷомеа мебошанд ва ба рӯҳияи инсонҳо таъсири амиқ доранд” [5, с.5].

На дар ҳама ҳолат ВАО-ро “меъёри маънавии ҷомеа” шуморидан дуруст аст. Меъёри маънавӣ чуноне таъкид намудем, барои гурӯҳҳои алоҳида расонаҳои мухталиф шуда метавонад. Расонаҳое, ки гурӯҳҳои алоҳида ба онҳо эътимод доранд ва бо иттилооте, ки тавонистаанд афкори онҳоро дар самте савқ бахшанд. Чуноне дар идома муҳаққиқ таъкид мекунад: “Ин нукта собит шудааст: “Тафаккури инсон чунин сохта шудааст, ки иттилоъро қабул карда, бо таъсири он дар баъзе ҳолатҳо худ куллан тағйир меёбад” [5, с.4]. Вақте ба иттилои паҳншуда боварӣ ҳосил гардад, аудиторияи он ҳатман зери таъсир мемонад. Дар нигоҳи аввал агар ин раванд як чизи оддӣ намояд, вале таъсири махсуси ВАО дар соҳаи дилхоҳ вобаста ба пешниҳодаш зоҳир мешавад. Масалан мо метавонем, таъсири ВАО- ро дар самти сиёсат арзёбӣ кунем. Аввалан, ВАО вазифаи иттилоотӣ ва назоратиро иҷро мекунад ва ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки фаъолияти мақомоти маҳаллиро арзёбӣ кунанд. Дуюм, ВАО мушкилоти муҳимтарини ҳаёти сиёсиро ба мардум мерасонад. Инчунин, ВАО қодир аст, ки симои мусбат ва ё манфии ин ё он шахсияти сиёсӣ ё ҳизбиро ба омма пешниҳод намояд. Инро метавонем дар давраи интихобот мушоҳида намоем. Ин замон ВАО мардумро даъват мекунад, ки ба сиёсатмадори муайян овоз диҳанд ва ин ҳам шаҳрвандонро ташвиқ мекунад, ки дар ҳаёти сиёсии давлати худ ширкат варзанд. Аммо дар хотир бояд дошт, ки афзалияти ВАО дар навбати аввал манфиати худи он мебошад ва баъдан адолат. Дар мисоли вазифаҳо метавон таъсири ВАО- ро ба рушди демократия, иштироки шаҳрвандон дар рушди сиёсии кишварашон мушоҳида кард. Вале паҳлуҳои манфии таъсири ВАО- ро ба ҷомеа бо роҳҳои манипулятсияи сиёсӣ набояд фаромӯш кард. Мо метавонем ин гуфтаҳоро дар партави андешаҳои муҳаққиқ И. Усмонов тақвият диҳем: “Яъне, воситаҳои ахбор шахсони алоҳидаро муттаҳид менамоянд, андешаҳои парокандаро савқ мебахшанд ва ба самте равона менамоянд, то онҳо бор оранд, маҳсул диҳанд” [11, с.38].

Дар пахшу пешниҳоди мавод аз ҷониби ВАО дар ҷойи аввал ҳадафи пешбинишуда мебошад. “Хусусияти идеологии вазифаҳои ташвиқ натанҳо дар он зоҳир мешавад, ки кадом фактҳо ва воқеаҳо гуфта мешаванд, балки дар он ҳам зоҳир мешаванд, ки чӣ гуна гуфта мешаванд ва оё гуфта мешаванд ва ё не” [11, с.38]. Ҳамин тавр, на ҳама он чизе ба аудитория иттилоъ дода мешавад, ки асли воқеии масъала аст. Дар маркази ҳама иттилооту матолибе, ки аз ҷониби ВАО пешниҳод мегардад, боварии аудитория меистад. Чун ВАО бо ин боварӣ метавонад, ки ҳатто нафарони алоҳидаро чун намуна ва ё баръакс муаррифӣ кунад: “Ҳар яке аз дидгоҳи худ ва, пеш аз ҳама, вобаста ба сиёсати давлатии худ ба ин қазия баҳо хоҳанд дод. Ба тавассути иттилоъ ва сухан метавон ҷомеаро идора кард. Ҳамин аст, ки иттилоъ дар ҳамаи давраҳои рушди ҷомеа мавқеи муҳим дошт ва он объекти мубориза буд. Беҳуда намегӯянд, ки касе иттилои бештар дорад, ҷаҳонро идора мекунад,” [5, с.5] - мегӯяд муҳаққиқ Ҷ. Муқим.

Гузашта аз ин, ВАО бо он эътимоде, ки ба даст овардаасту аудитория сохтааст, ба воситаи иттилоот имкониятҳои фарохро соҳиб шудааст. Ин имкониятҳо дар амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳои бузург низ ба кор бурда мешаванд: “Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, дар асри иттилоот, ки нақши васоити ахбори оммаро боло бурдааст, дар ҳоле ки имкониятҳои нави дастрасӣ ба иттилоот ягон марзро намешиносад, воситаҳои ахбор ҳамчун неруи пуриқтидор барои амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикӣ истифода шуда истодаанд ва ҳар замон имкони сар задани таркиши иттилоотӣ ҳаст,” [8, с.4]. - таъкид мекунад Раҳимҷонов Х.У.

Дар айни замон имкониятҳои бештари паҳни матолиб ба воситаҳои гуногун ба ВАО имкон медиҳад, ки дар самтгирии афкори умум талоши бештар дошта бошанд: “Дар амалӣ кардани ҳадафҳои геополитикӣ нақши васоити ахбори омма зиёд аст. Зеро ба тавассути ВАО таъсири иттилоот ба ташаккули инсон ва тафаккури он самараноктар сурат мегирад. Зеро инсон тӯли ҳаёти худ бо таъсири иттилои ба ӯ расида ташаккул меёбад. Тафаккури инсон чунин сохта шуда аст, ки иттилоъро қабул карда, бо таъсири вай дар баъзе ҳолатҳо худ куллан тағйир меёбад. Ин дар ҳолест, ки як иттилоъ созанда асту иттилои дигар сӯзанда. Иттилои созанда неруи пешбаранда дорад. Иттилои дурӯғ ва барои тахрибкорӣ истифодашаванда метавонад ҷомеаро аз раванди табиии пешрафта берун бикунад. Иттилоъ дар бораи инсон, ҷомеа ва ягон рӯйдод метавонад тасаввури

мусбат ё манфиро ба вуҷуд орад” [5, с.6]. Ҳолатҳои гоногуни пешниҳоди мавод низ, маҳз дар ҳолати дар боварии аудитория будани ВАО қаробат мегирад. Дар сурати ғайр иттилоот ба ҳеҷ ҳадафу мақсаде намерасад.

ВАО дар раванди фаъолияти худ бовар кунонидани аудиорияро дар зумраи вазифаҳои аввалиндараҷа мегузорад. Ҳар матолибе, ки пешниҳод мегардад, маҳаки асосии онро нуктаҳое ташкил медиҳанд, ки барои бовар кунонидани аудитория равона карда шудаанд. Бахусус ин вазифаи ВАО замоне тақвият меёбад, ки он барои худ аҳаммияти махсус касб кунад. Мисли маъракаҳои муҳим, иттилооти муҳим ва ё муаррифии шахсҳои алоҳида. Муҳаққиқ И. Усмонов перомуни ин вазифаи ВАО чунин андеша дорад, ки: “Таблиғотчии дастаҷамъӣ будани воситаи ахбор (пропагандист) ба он маъно аст, ки вазифаи асосии воситаҳои ахбор бо дурустӣ ё нодурустии ақидае гирандагони худро бовар кунонидан мехоҳад. Гебелс ақида дошт, ки як чизи дурӯғро сад бор гӯй мардум гумон мекунанд, ки рост аст” [11, с.36]. Ин муҳаққиқ дар идома барои боз ҳам возеҳ фаҳмонидани андешаи худ ҳикояеро мисол меорад, ки шогирдон забон як карда мехоҳанд аз устоди сахтгирашон қасос гиранд. Вақте муаллим ба дарс меомад, шогирде дар кӯча ӯро дида гуфт, мисле ки имрӯз муаллим тобатон нест, муаллим аҳаммият надод. Вақте ин гапро аз дувум шунид, асабӣ шуд. Аз сеюм шунид, шубҳа ба вуҷуд омад ва ниҳоят ба бистари беморӣ рафт. “Яъне, ҳадафи ниҳоии таблиғ бовар кунонидан аст,” [11, с.37] - таъкид мекунад, дар охир муҳаққиқ.

Имрӯзҳо ба назар чунин мерасад, ки ВАО миёни аудиторияи худ эътимодро аз даст дода истодааст. Инро метавон аз он хулоса кард, ки аудитория ба матолибе, ки аз ҷониби ВАО, бахусус радио ва матбуот, пешниҳод мегардад, чандон таваҷҷуҳ намекунад. Ҳамчунин чизи дигаре, ки онро бояд таъкид намуд, “Имрӯз бо рушди техникаву технологияи муосир, алоқаи маснӯӣ, Интернет иттилоъро ҳамон лаҳза метавон ба тамоми олам паҳн кард. Ҳамин аст, ки як рӯйдодро дар як вақт қариб ҳамаи расонаҳои иттилоотии бузурги олам хабар медиҳанд. Вале бо вуҷуди ин, тафсир ба ин рӯйдод аз ҳар як ин расонаҳо гуногун хоҳад буд” [5, с.5]. Ин имконият бовариро ба расонаҳо коҳонидааст. Муҳаққиқ Ҷ.Муқим мегӯяд: “Як фактро метавон чанд хел тафсир кард ва афкори ҷомеаро ба вуҷуд оварда” [5, с.23]. Албатта, чуноне гуфтем, пешниҳоди дилхоҳ мавод танҳо ба хотирест, ки афкори умумро ба вуҷуд орад. Иттилоот низ замоне қимату бартарӣ пайдо мекунад, ки фикру андеша нисбати он зиёд бошад, таваҷҷуҳ ба он бештар равона гардад. Вале дар аксар маврид чунин ба назар мерасад, ки ин ҳолат, тавсифи факт дар чанд намуд, ба беэтимодии ҷомеа нисбати ВАО оварда мерасонад.

Имрӯзҳо ба мушоҳида мерасад, ки ВАО барои таҳрифи тафаккури мардум аз воситахои мухталиф истифода менамоянд. Ба монанди:

- паҳн кардани иттилооти бардурӯғ;
- ҷамъоварии маълумоти ғайривоқеӣ;
- гузоштани андешаҳои носаҳеҳ;
- иттилооти дурӯғи сиёсӣ, ки барои сиёҳ кардани кишвари дигару сар задани ҷанг интишор мекунанд.

Бо ин тарз рушд кардани ВАО эътимоду боварии мардумро ба худ кам кардааст.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 93 ташкилоти телевизиониву радиоӣ ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ фаъолият менамоянд. Аз ин шумора 13 телевизиони давлатӣ, 10 радиои давлатӣ, 20 телевизиони хусусӣ, 23 радиои хусусӣ, 13 телевизиони ноқилӣ, 1 телевизиони АйПи (IP) ва 13 студияи истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ фаъолият мекунанд [7]. Наметавон гуфт, ки фаъолияти ин 93 ташкилот бо маҳсули эҷоди худ ба афкори умум дар кишвар таъсири худро ба пуррагӣ мерасонанд. Тадқиқоти густурдае мавҷуд нест, ки эътимоднокиро нисбати расонаҳо дар Тоҷикистон дақиқ кунад. Табиист, ки аксарият ба расонаҳои беруна тавуҷҷуҳ доранд. Шояд ғалат намешавад гӯем, қисме аз шаҳрвандон аудиторияи доимии расонаҳои берун, аз ҷумла Русия мебошанд. Вобаста ба ҳамин масъала “Маркази омӯзиши афкори умум дар тамоми Русия” миёни мардум пурсиш мегузаронад ва дар натиҷаи он маълумотеро пешниҳод менамояд, ки кадом ВАО то ҳол диққат ва боварии мардумро аз даст надодааст ва мардум аз кадом ВАО маълумоти заруриашонро мегиранд ва ба кадомаш эътимод надоранду ба навиштаҳои онҳо назар намекунанд. Тибқи натиҷаҳои ин назарсанҷӣ эътимод ба расонаҳои марказии Русия дар сатҳи хеле баланд боқӣ мондааст ва сатҳи эътимод ба расонаҳои хориҷӣ коҳиш ёфта истодааст. 75% -и русҳо ба телевизион, 54% ба матбуот ва 52% ба радио эътимод доранд. Дар муқоиса ба соли 2007, шумораи одамоне, ки ба расонаҳои хориҷӣ шубҳа доранд, қариб 7 маротиба афзудааст (7% дар соли 2007 ва 50% дар соли 2015). Шумораи шаҳрвандоне, ки мавқеи васоити ахбори ғарбиро дастгирӣ мекунанд, коҳиш ёфтааст ва фоизи онҳое, ки ба ин манбаъ эътимод надоранд, нисбатан муътадил боқӣ мондааст [1]. Ҳарчанд ин маълумот чандон сареҳият надорад, аммо абзорҳои нави иттилоърасонӣ дар айни ҳол метавонад, ки мушкилиҳоеро барои кам

кардани аудитория ва коҳонидани боварии ҷомеа ва камтаъсир намудани иттилоотро ба афкори умум сабаб шавад. Аз ҷумла, дар ВАО-и мо низ ин раванд метавонад доман паҳн кунад. Аз ин рӯ, ВАО-и мо ба инобат гирад, ки рейтинги эътимоднокӣ ба он бояд паст нашавад ва барои ин ҳамаи чорабиниҳои имконпазирро бояд андешад. Паст шудани эътимод нисбати ВАО ба фазои интернетӣ зиёдтар рост меояд, чун дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ё сомонаҳо аксар вақт маълумоти бардурӯғ аз манбаъҳои дувум ба манфиати шахсӣ нашр мешаванд. Ҳар як манбаи иттилоотӣ бояд тафтиш карда шавад ва ба хатоҳо роҳ надиҳад.

Дар хулоса ҳаминро бояд таъкид намуд, ки ҷорӣ кардани як системаи касбии этникии худтанзимкунии ҷомеаи журналистӣ барои муътадил нигоҳ доштани эътимоднокӣ нисбати ВАО мувофиқи мақсад аст. Дар фаъолияти журналистӣ, бояд афзалиятҳо барои ҷалби аудитория ва қонеъ кардани ниёзҳо ва манфиатҳои онҳо бошад. Ташкили як бахши ягонаи ВАО, яъне созмоне, ки тамоми иттилоотро назорат мекунад, ба мавриди аст. Агар ин муносибати манфӣ ба ВАО роҳи халли худро наёбад, он метавонад ба оқибатҳои ҷиддӣ оварда расонад. Дуруст аст, ВАО метавонад моро идора намояд, аммо бояд ба назар гирифт, ки одамони дигаре пайдо мешаванд, ки мехоҳанд ба ҷомеа таъсири манфӣ расонанд ва онро идора кунанд. Дар ин ҳол ВАО ҷойгоҳи худро аз даст меҳидад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авченко В. Теория и практика политических манипуляций в современной России / В. Авченко / Информационный портал «Пси-фактор» [манбаи электронӣ]. URL: http://psyfactor.org/ (санаи истифодабарӣ: 27.07.2020)
2. Владимирова М. Б. Трансформация массового сознания под воздействием СМИ (на примере российского телевидения): монография / М.Б. Владимирова. - М.: Флинта, 2011. - 137 с.
3. Доктрина информационной безопасности Российской Федерации (утв. Указом Президента РФ от 5 декабря 2016 г. № 646) / Информационно-правовой портал ГАРАНТ.РУ [манбаи электронӣ]. URL: http://www.garant.ru (санаи истифодабарӣ: 24.02.2020)
4. Кара-Мурза С.Г. Манипуляция сознанием / С.Г. Кара-Мурза. - М.: Алгоритм, 2004. - 528 с.
5. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ / Ҷ. Муқим. - Душанбе, 2006. - 71 с.
6. Муқим Ҷ. Радиои Би-Би-СИ: дирӯз ва имрӯз / Ҷ. Муқим. - Душанбе, 2006. - 69 с.
7. Муродбекова Н. Фаъолияти 93 ташкилоти телевизиониву радиоӣ дар Тоҷикистон [манбаи электронӣ] / Н.Муродбекова. URL: http://www.javonon.tj/news/culture/faoliyati-93-tashkiloti-televizionivu-radio-dar-to-ikiston/ (санаи истифодабарӣ: 24.02.2020)
8. Раҳимҷонов Х.У. Меъёрҳои этикаи касбӣ ва журналистикаи тоҷик (монография). / Х.У. Раҳимҷонов. - Душанбе: Ирфон, 2018. - 184 с.
9. СМИ в России: потребление и доверие / Еженедельный опрос «Омнибус ВЦИОМ». 2015. — Пресс-выпуск № 2829 / Сайт «ВЦИОМ» [манбаи электронӣ]. URL: https://wciom.ru/index.php?id=236&uid=115248 (санаи истифодабарӣ: 24.02.2020)
10. Уровень доверия к СМИ во всех регионах выше 50%, показало исследование / Сетевое издание РИА Новости (19.12.2016) [манбаи электронӣ]. URL: https://ria.ru/society/20161219/1483949246.html (санаи истифодабарӣ: 15.02.2020)
11. Усмонов И.К. Журналистика. Ҷ.4. / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2011. - 474 с.
12. Электронный научный журнал «Наука. Общество. Государство» 2017. Т. 5, № 2 (18) [манбаи электронӣ]. URL: http://esj.pnzgu.ru ru (санаи истифодабарӣ: 24.02.2020)

ЭЪТИМОД БА ВАО-И ЗАМИНАИ ПАЙДОИШИ АФКОРИ УМУМ

Дар ин мақола сухан дар бораи эътимоди аудитория ба воситаҳои ахбори омма меравад. Муаллиф мушкилоти беэътимодӣ ба ВАО-ро дар солҳои охир баррасӣ намуда, сабабҳои онро нишон додааст. Чунон ки маълум аст, муҳимтар аз ҳама барои ВАО пайдо кардани аудитория ва нигоҳ доштани боварии он мебошад. Хонанда, шунаванда ва бинанда танҳо замоне матолиби расонаеро пайгирӣ мекунад, ки ба он бовар дорад. Дар матлаби мазкур низ, муаллиф назари худро доир ба ҳамин масъала, эътимод ва аҳаммияти онро дар фаъолияти ВАО бо истифода аз фикру андешаҳои муҳаққиқон баррасӣ намудааст. Эътимод ба ВАО эътимод аз матолиби он аст. Он чи дарҷу пахш мешавад, агар хонандаву шунаванда ва бинандаи худро ёбад, пас ба ҳадаф расидааст. Эътимоде, ки ба ВАО пайдо мешавад, заминаи асосии таъсир расонидан ба афкори умумро падид меорад. Чун вақте бинанда, шунаванда ва хонанда ба ахбори гирифтааш бовар мекунад, сари он андеша карда, мазмуну моҳияти онро баррасӣ менамояд ва дар бораи он фикр мекунад. Муаллиф дар хулосаи мақолаи худ пешниҳод мекунад, ки ҷорӣ кардани як системаи касбии этникии худтанзимкунии ҷомеаи журналистӣ барои муътадил нигоҳ доштани эътимоднокӣ нисбати ВАО мувофиқи мақсад аст. Дуруст аст, ВАО метавонад моро идора намояд, аммо бояд ба назар гирифт, ки одамони дигаре пайдо мешаванд, ки мехоҳанд ба ҷомеа таъсири манфӣ расонанд ва онро идора кунанд. Дар ин ҳол ВАО ҷойгоҳи худро аз даст меҳидад.

Калидвожа: ВАО, афкори умум, таъсир, этимод, радио, телевизион, интернет, технологияи иттилоотӣ, аудитория, манипулятсия, шуур.

ДОВЕРИЕ АУДИТОРИИ К СМИ - ЭТО ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ

В этой статье обсуждается доверие аудитории к СМИ. Автор обратился к проблеме недоверия к СМИ в последние годы и показал причины. Так как для СМИ самое главное - найти аудиторию и сохранить ее авторитет. Аудитория следит только за материалом, в который они верят. В настоящей статье автор также рассматривает свои взгляды на проблему, ее авторитет и важность в средствах массовой информации, используя мнения исследователей. Уверенность в СМИ — это доверие к материалу. То, что передается, должно достигнуть своей цели, если это находит свою аудиторию. Доверие к СМИ закладывает основу для воздействия на общественное мнение. Когда слушатель или зритель верит в то, что он или она получает, он может изучить его содержание и подумать об этом. В заключении автор предполагает, что целесообразно ввести этнически профессиональную систему саморегулирования для журналистского сообщества, чтобы поддерживать доверие к СМИ. Это правда,

что СМИ могут контролировать нас, но необходимо учитывать, что есть другие люди, которые хотят влиять на общество и управлять им. В данной случае СМИ теряют свое место.

Ключевые слова: СМИ, общественное мнение, влияние, доверия, радио, телевизион, интернет, информационные технологии, аудитория, манипуляция, сознание.

THE AUDIENCE'S TRUST TO MEDIA IS A FACTOR OF SHAPING PUBLIC OPINION

This article discusses audience trust on media. The author addressed the problem of mistrust in the media in recent years and showed the reasons. Since the most important thing for the media is to find an audience and maintain its credibility. The audience only watches the material in which they believe. In this article, the author also considers his views on the problem, its authority and importance in the media, using the opinions of researchers. Confidence in the media is trust in the material. What is being transmitted should achieve its goal if it finds its audience. Confidence in the media lays the foundation for influencing public opinion. When a listener or viewer believes in what he or she is receiving, he can think about it, study its contents and think about it. In conclusion, the author suggests that it is advisable to introduce an ethnically professional self-regulatory system for the journalistic community in order to maintain confidence in the media. It is true that the media can control us, but it must be borne in mind that there are other people who want to influence and manage society. In this case, the media are losing their place.

Key words: Media, public opinion, influence, trust, radio, television, the Internet, information technology, audience, manipulation, consciousness.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мавлонов Хуршед Давлаталиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **hurshed.0001@mail.ru.** Тел.: (**+992) 988-68-76-08**

Сведения об авторе: ***Мавлонов Хуршед Давлаталиевич*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **hurshed.0001@mail.ru.** Тел.: (**+992) 988-68-76-08**

Information about the author: ***Mavlonov Khurshed Davlatalievich*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D. of Chair of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **hurshed.0001@mail.ru.** Tel.: (**+992) 988-68-76-08**

УДК: 05/07 (575.3) (09)

МАВҚЕИ ЖАНРҲОИ ХАБАРӢ ДАР РӮЗНОМАҲОИ «ҶУМҲУРИЯТ» ВА «ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН» СОЛИ 2014-2015

Олимиён С.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асоси иттилооти журналистиро ба ҳам алоқамандии шакл ва мазмун ташкил медиҳад. Мазмун аз тариқи шакли муайян ифода мегардад. Барои гирандаи иттилоъ мазмун муҳим аст, ӯ ба жанри мавод кор надорад, вале журналист барои фаҳмо ва дастрас гардидани маводаш, албатта, аз қолаби муайян истифода мебарад. Бинобар ин, журналистикаро бе жанр тасаввур кардан имконнопазир мебошад, зеро эҷоди журналистӣ аз донистани қолабҳои жанрӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо оғоз меёбад. Чунонки Э. Полетаев жанрро *«восита ва шакли ба вуҷуд овардани асари чопии рӯзноманигор» меҳисобад* [5, с.34].

Самараи эҷод ду ҷанба дорад – шакл ва мазмун. Албатта, мазмуни онро масъалаҳое ташкил медиҳанд, ки журналистон баррасӣ мекунанд, аммо ҳамин мазмун ва мундариҷа дар қолаби муайян баён карда мешавад. Ҳамин қолабҳо жанрҳои журналистианд.

Муҳаққиқи тоҷик И.К. Усмонов менигорад: «*Жанр матнест, ки аз матни дигари ҳамон ё ҳамҷинс бо воҳидҳо, воситаҳои дохилии худ фарқ мекунад. Воситаҳои дохилӣ, яъне имкон ё заруратҳое, ки ҳар кадом жанр дорад, мебошад. Яъне тарзи баён, имкони истифодаи воситаҳои муассиркунандаи баён, василаи зебокунандаи баён, кӯтоҳ ё дароз будани шакли баён, имконияти шахсияти муаллиф дар матн ва гайраҳо. Пас жанр қолабест, ки дар он фикр, факт рехта мешаванд ва ҳар кадом қолаби ҳамон жанреро дода метавонад, ки ба он мувофиқат мекунад*» [12, с.5].

Умуман, масъалаи жанр дар журналистика яке аз масъалаҳои хеле мубрам буда, баҳсҳои зиёде атрофи он вуҷуд доранд. Дар мавриди жанр агарчи тадқиқотҳои зиёде ҷой доранд, бештари муҳаққиқон ба гуфтаҳои В.Ученова, Тертичний, М.Черепахов такя мекунанд. Аммо, ба назар чунин мерасад, ки муҳаққиқон ҳангоми тавсифи жанр бештар паҳлуҳои гуногуни онро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд. Чунончи ба андешаи назариячии машҳур М. Черепахов жанр "василаи тасвири воқеият" [14, с.24] мебошад. Муҳаққиқи дигар В. Смирнов бошад:*"жанр маҳсули фаъолияти эҷодист, пас вай категорияи эҷодист"* мегӯяд [9, с.13].

С. Гулов, оид ба жанр, дар мақолаи худ "Жанр: назария ва амалия" чунин баён доштааст: "Маҳорат, ҷаҳонбинӣ ва муносибати журналист ба иҷрои вазифаҳои касбиаш низ ба инкишофу такмили жанр мусоидат мекунанд" [1, с.264].

Дар “Энсиклопедияи Советии Тоҷик” таърифи жанр мукаммалтар шудааст: *“Жанр, жанри бадеӣ (франс. gonre- ҷинс, намуд), ба гурӯҳҳо тақсимшавӣ ва таснифи дохилии ҳамаи намудҳои санъат, ки таърихан сурат гирифтааст. Жанр дар адабиёт номи гурӯҳи асарҳост, ки бо хусусиятҳои маълум ба ягон ҷинси адабӣ тааллуқ доранд” [11, с.4].*

Дар шинохти алоҳидаи жанрҳо муҳаққиқон фикру ақидаҳои гуногун дошта бошанд ҳам, аммо дар тақсимбандии он эътироф намудаанд, ки жанрҳои журналистика ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд. Ин назар аз мактаби журналистикаи Шӯравӣ оғоз гардида, то ҳанӯз тақвият меёбад: “Дар назарияи журналистикаи Шӯравӣ бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва усулҳои инъикос жанрҳои публитсистикаро ба се гурӯҳ ҷудо карданд:

1. ***Жанрҳои хабарӣ****, ки мақсади асосиашон доир ба воқеаву рӯйдоди нав ба таври фаврӣ дарак додан аст. Ба ин гурӯҳ хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж дохил мешуд.*
2. ***Жанрҳои таҳлилӣ****. Дар ин гурӯҳ ҳадафи асосӣ баёни фикр буда, факту рақам хислати пуркунандагиро мегирад. Ин гурӯҳро жанрҳои мухбирнома, мақола, нигориш, тақриз, хулосаи матбуот ва мактуб ташкил мededоанд.*
3. ***Жанрҳои публитсистию бадеӣ****. Хусусияти хоссаи ин гурӯҳ дар он буд, ки воқеаҳои ҳаётӣ дар қолаби бадеӣ, вале типишуда тасвир меёфтанд. Очерк, лавҳа, фелетон, памфлет, пародия, луқма ва эпиграмма жанрҳои маъмули ин гурӯҳ маҳсуб меёфтанд” [3, с.92].*

Дар мақолаи мазкур мо маводеро, ки дар матбуоти даврӣ ба масъалаи фарҳанг бахшида шудааст, мавриди таҳлил қарор дода, маводро мутобиқан ба анвои жанрҳои хабарӣ дида мебароем. Дар мавриди инъикоси масъалаҳои фарҳангӣ дар ҳар се гурӯҳи жанрҳо маводро дучор омадан мумкин аст:

а) Жанрҳои ахборӣ.

Маълум аст, ки махсусияти асосии жанрҳои ахборӣ расонидани иттилоъ мебошад. Муҳаққиқ И.К. Усмонов дар умум жанрҳои хабариро чунин шарҳ додааст: *“Жанрҳое, ки сареъанд ва сабаби ба вуҷуд омаданашон навигарӣ аст. Ин навигарӣ бояд арзиши иҷтимоӣ дошта бошад ва ба таври ҳаддалимкон сода гуфта шавад” [11, с.13].*

Фаврият, факту далел дар жанрҳои хабарӣ нақши асосиро мебозад. Албатта, ҳар як навгоние, ки пайдо мешавад, бо факту далел асос меёбад. Яъне, ҷавҳари асосии ҳамагуна навгонӣ факт мебошад. Аз ин лиҳоз, дар навиштани жанрҳои хабарӣ рӯзноманигоронро лозим меояд, ки мулоҳизакор бошанд.

Муҳаққиқи риштаи журналистика М. Муродов менигорад: *“Дар жанрҳои хабарӣ факт бо риояи чунин талаботи муҳим инъикос мегардад:*

1. *фаврият, яъне саривақт ба мардум расонидан;*
2. *ба завқи аудитория мувофиқ будан;*
3. *аниқ будани факт;*
4. *фаҳмо будани моҳияти иттилоот;*
5. *мухтасарбаёнӣ”* [3, с.95].

Ба жанрҳои хабарӣ – хабар, мухбирнома, репортаж, ҳисобот, мусоҳиба дохил мешаванд, ки ҳар яке аз онҳо новобаста аз як гурӯҳ будан аз ҳамдигар фарқият доранд. Воқеа, факту далел, таҳлили амиқ, фаврият хосси ин гурӯҳ жанрҳо мебошад. Муҳаққиқи рус М.Н. Ким нигоштааст: *“Ҳамаи жанрҳои ахборӣ аз воқеа шурӯъ мешаванд. Воқеа мафҳуми асосист, ки ба василаи он муносибат ба жанрро муайян мекунанд”* [2, с.205].

Фаъолияти журналистӣ саривақт ба омма расонидани навтарин воқеаи иҷтимоӣ буда, бештар дар қолаби ин жанр иҷро мешавад. Зеро асоси жанри хабарро навигарӣ, фаврият, факту далел ташкил менамояд, ба шарте ки навигарии рухдода аҳаммияти иҷтимоӣ дошта бошад. “*Ҷовид Муқим дар пайравӣ бо донишмандони дигар, аз ҷумла Ю.А. Летунов, В. Мироченко, Ю.Д. Бараневич, А. Саъдуллоев, С. Гулов ва дигарон ба он фикр аст, ки хабар маълумоти кӯтоҳест, ки аз ҷузъиёти нав саршор аст ва моҳиятан барои ҳама ё қисми муайяни ҷомеа ҷолиб мебошад” [11, с.13].*

Барои навиштан ё донистани жанри хабар тарзи қолабрезии онро хуб омӯхтан лозим меояд: “*Ҳамаи муҳаққиқон бар онанд, ки хабар ба се саволи зерин ҷавоб медиҳад: Кӣ? (чӣ)? Кай? Дар куҷо? Саволи даруни қавс аз он далолат медиҳад, ки дар хабар аз ду яке бояд бошад: кӣ ё чӣ” [11, с.18].*

Муҳаққиқи дигар М. Муродов бошад, ҷузъиёти дигареро низ дар хабар муҳим медонад ва онҳоро аз махсусияти иттилоъ берун меорад: *“Хабар, асосан, ба саволҳои чӣ?, кай? ва дар куҷо? ҷавоб медиҳад. Баъзан барои шарҳи паҳлуҳои дигари воқеа саволҳои барои чӣ?, дар кадом шароит?, натиҷааш чӣ?- ро низ қабул мекунад”* [3, с.98].

Матни журналистӣ, аз ҷумла жанрҳои хабарӣ аз навигарӣ ё воқеаи рухдодаистода оғоз меёбад. Албатта, навигарие, ки хусусияти рӯзмара ва аҳаммияти иҷтимоӣ дошта бошад: *“Навигарӣ маҳаки публисистика ва жанрҳои иттилоотии он аст”* [4, с.12].

Дар жанрҳо факт низ нақши муҳим бозида, бе ягон факт ин жанр тарҳрезӣ нахоҳад шуд. Унсурҳои созандаи жанрҳои журналистикаро факт ташкил медиҳад.

Муҳаққиқон жанри хабарро ба се навъ ҷудо кардаанд. Аз ҷумла муҳаққиқон Усмонов, И.К, Муродов, М дар китобҳои худ навъҳои хабарро ба тафсил зикр намудаанд: "*Вобаста ба шакл хабарро ба се навъ: хроника, хабари кӯтоҳ ва хабари васеъ ҷудо мекунанд.*

1. ***Хроника*** *кӯтоҳтарин шакли хабар аст, ки баъзан онро маълумот, анонс, хронология, факту воқеот ва хабари расмӣ низ мегӯянд.*

2. ***Хабари кӯтоҳ*** *шакли нисбатан маъмули хабар аст. Вай маълумоти хурди фарогирандаи ҷузъиёти наве мебошад, ки моҳиятан барои ҳама ва ё қисми муайяни ҷомеа ҷолиб аст.*

3. ***Хабари васеъ*** *навъест, ки дар он вақоеъ ва рӯйдод дар шакли пурра ва бо шарҳу тавзеҳ баён карда мешавад. Дар ин навъи хабар на танҳо фактҳои алоҳида, балки силсилаи фактҳои ба ҳам алоқаманд низ метавонанд бо шарҳу тавзеҳ бозгӯ шаванд" [3, с.100-101].*

Жанри хабар аз хабарнигор масъулияти бештарро талаб менамояд. Аз қабили чусту чолокӣ, кӯтоҳбаёнӣ, амиқияти факту далел, таҳлили чуқур. Хусусиятҳои гуногуни жанри хабарро дар рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Ҷавонони Тоҷикистон" дида мебароем.

"Ҷумҳурият" рӯзномаест, ки иттилои нав аз тамоми гӯшаву канори кишвар ва ахбори зиёде аз хориҷи кишвар дар он нашр мешаванд. Аз ҷумла, қисмати зиёди чунин иттилоотро хабарҳои кӯтоҳу васеъ ташкил медиҳанд**:**

Хабари кӯтоҳ: Намоиши ҳунарҳои мардумӣ 2014, Ярмаркаи маҳсулоти ҳунармандӣ. – 10.05.2014, Ҷашнвораи "Боми Ҷаҳон" дар Хоруғ. – 25.10.2014, Озмуни бонувони соҳибҳунар. – 12.12.2014, Хандаи ҳусн. – 28.03.2015.

Хабари васеъ: Ҳунар – Кони зар. – 3.05.2014, Атласи тоҷикӣ эҳё мешавад. – 23.04.2015.

Ҷавонони Тоҷикистон: Хабари кӯтоҳ: Намоиши ҳунарҳои дастӣ дар «Подарки» – 19.03.2015, Эҳёи қолинбофӣ дар Суғд – 6.03.2014, Намоиши ҳунарҳои миллӣ – 2014, "Хандаи ҳусн" дар Суғд – 9.09.2015.

Хабари васеъ: Маҳсулоти ҳунарҳои дастии Тоҷикистон дар Франкфурт муаррифӣ мешавад – 6.08.2015.

Хабари аввалро аз сомона ё рӯзномаи **Ҷумҳурият** таҳлил намудем, ки зери сарлавҳаи **Намоиши ҳунарҳои мардумӣ** соли 2014 аз чоп баромадааст. Мавод аз намоиши ҳунарҳои дастии занони хонашини Панҷакент хабар мерасонад.

Мавод дар жанри хабари кӯтоҳ омода шуда, ҷузъиётҳои асосии чорабиниро дар бар гирифтааст. ***Хабари кӯтоҳ*** *шакли нисбатан маъмули хабар аст. Вай маълумоти хурди фарогирандаи ҷузъиёти наве мебошад, ки моҳиятан барои ҳама ва ё қисми муайяни ҷомеа ҷолиб аст [3, с.101].*

Хабари мазкур дар қолаби анъанавии хабарнависӣ оварда шудааст. Дар хабар хонанда ҷаззобиятро намебинад, зеро он гӯё ба таври нақли як ҳодисаи ғайримуҳим оварда шудааст.

Баръакси хабари дар боло буда, дар рӯзномаи **Ҷавонони Тоҷикистон** зери сарлавҳаи **Намоиши ҳунарҳои дастӣ дар "Подарки",** 19.03.2015, хабари кӯтоҳ нашр шуда бошад ҳам, бо пирамидаи чаппа қолабрезӣ шудааст. Ин намуди хабар бештар барои ҷалби аудитория истифода бурда мешавад. Дар хабар матлаби асосии воқеа, дар аввал оварда шуда, пасон боқимондаи маълумот ҷойгир карда мешавад. Оиди пирамидаи чаппа муҳаққиқ Д. Поттер нигоштааст: "*Дар маводе, ки аз рӯйи усули "аҳроми сарозер" сохта шудааст, иттилои муҳимтарин аз ҳама боло ҷой дода мешавад ва баъд аз он маълумоти боқимонда ба тартиби камшавии аҳаммият меоянд* [6, с.58-59].

Сохтори ин қолаби аҳроми воруна чунин аст:

1.Дар ин қолаб зерсарлавҳа низ муҳим мебошад, ки дар хабари мазкур истифода шудааст. Агар истифода нашуда бошад, моҳияти асосии мавод оварда нашудааст.	лид
2.Баъди зерсарлавҳа ҳатман ҷумлаҳое ҷойгир карда мешаванд, ки навигарии асосиро барои хонанда мекушоянд.	Иттилои муҳим
3.Хабар бо ҳамин тарз аввал маълумотҳои асосиро дар бар гирифта, пасон бо тартиби камшавии аҳаммият қолабрезӣ мешавад.	Иттилои дуюмдараҷа
4.Дигар хубии ин намуд қолаб дар он мебошад, ки дар ҳолати зарурӣ ё нарасидани ҷойи саҳифа метавонанд хабарро кӯтоҳ намоянд.	Иттилои сеюмдараҷа (ихтисор намудан)

Қолаби мазкурро дар мисоли хабари зерин аз ҳафтаномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" (19.03.2015) равшантар дидан мумкин аст:

1. *Ҷавоҳирот, сӯзаниҳо, кифҳо, ҷӯробҳо ва маҳсулоти дигари дастии миллии Тоҷикистон бори нахуст дар бузургтарин намоишгоҳи ҳунар ва ҳадяҳо дар ИДМ – “Подарки”, ки аз имрӯз оғоз гардида, то 19 марти соли ҷорӣ дар шаҳри Маскав идома меёбад, ба намоиш гузошта мешавад.*	лид
2.Маҳсули ҳунарҳои дастии аъзои Иттиҳоди ҳунармандони Тоҷикистон ва чаҳор ширкати тоҷик “Умед”, “Суман”, “Де Памири ҳендикрафт” ва бренди “Озара”-и Иттиҳодияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон дар намоишгоҳи “Подарки”, ки бузургтарин намоишгоҳи тахассусӣ дар қаламрави Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ (ИДМ) ба шумор меравад, ба маъраз гузошта хоҳад шуд.	Иттилои муҳим
